ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ
ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ

ҶОЙГОҲИ СОСОНИЁН ДАР ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ УМУМИҶАҲОНӢ

(Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён, Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024)



МЕСТО САСАНИДОВ В МИРОВОЙ ИСТОРИИ И ЦИВИЛИЗАЦИИ

(Материалы международной научно-теоретической конференции по теме «Место Сасанидов в мировой истории и цивилизации», посвященное 1800 - летию со дня основания государства Сасанидов, Душанбе: ТГПУ имени С. Айни, 26 апреля 2024 г.)

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ

КАФЕДРАИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

ҶОЙГОҲИ СОСОНИЁН ДАР ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ УМУМИҶАҲОНӢ

(Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён, Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024)

МЕСТО САСАНИДОВ В МИРОВОЙ ИСТОРИИ И ЦИВИЛИЗАЦИИ

(Материалы международной научно-теоретической конференции по теме «Место Сасанидов в мировой истории и цивилизации», посвященное 1800-летию со дня основания государства Сасанидов, Душанбе: ТГПУ имени С. Айни, 26 апреля 2024 г.)

ДУШАНБЕ – 2024

ТДУ 9+008 (575.3) (100) (063.3)
ТКБ 63.3+71 (0)
Ҷ – 66

Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ / Место Сасанидов в мировой истории и цивилизации. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024. 360 с.

Мураттиб:
номзади илмҳои таърих, дотсент
Сайнак Парпишоевич Сайнаков

Ҳайати таҳририя:
Сангинзод Д. Ш., Каримзода М. Б., Ҳусайнов А. Қ.,
Қозиён Ш. Қ., Маҳмудов Д., Раҳимзода Д. М.

Муқарризон:
доктори илмҳои таърих, профессор Абдуназар Ҳақназаров,
доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович,
доктори илмҳои таърих, профессор Элбон Ҳоҷибеков

Муҳаррири ороиш:
Мардонов Суҳроб Ҳасанович

ISBN 978-99985-808-5-5

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ. 2024

МАҚОМИ СОСОНИЁН ДАР ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ НИЁГОН

(ба ҷои пешгуфтор)

Руҷуъ ба таърих дар ҳама давру замон ниёзи ҷомеа буда, маҳз таърих метавонад дар заминаи таҷрибаи гузшата имрӯзаро бунёд ва роҳи навро барои оянда кушояд. Зимни омӯзши таърихи халқҳои дунё борҳо ин нукта исботи худро пайдо намуд ва имрӯз низ халқҳои мутамаддину давлатҳои рушдкарда ҳамеша аз ин шева истифода мебаранд.

Ҷаҳони мо торафт пуртазод мешавад. Неруҳои муайяне бо дастгирии абарқудратҳо дар пайи тадбиқи ҳадафҳои мақсадноки хеш гӯшаҳое аз дунёро ба маконҳои носубот мубаддал намудаанд. Дар ин раванд эҳсос мешавад, ки чун васила қарор додани таърих ва бо ин тариқ расидан ба ҳадафҳо бештар гардидааст. Ин омил сабаби он шудааст, ки имрӯз давлатҳои алоҳида бо далелҳои таърихии сохтаю бофта даъвои марзу буми бештар намуда, дар минтақа ва ё ҷаҳон мехоҳанд яккатоз бошанд. Ин нуктаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело нозукона мавриди таҳлил қарор дода, чунин менависанд: «...дар кураи замин на танҳо марзбандии ҳавзаҳои геополитикӣ ва иқтисодиву стратегӣ низому шакли тоза мегирад, балки ҳудуди тамаддунҳои қадиму ҷадид аз нав марзбандӣ гардида, миллатҳои хурду бузург доираи фарҳангу тамаддуни хешро аз ҳисоби ба ҳамдигар наздик гардонидани тамаддунҳои ҳамҷавор тавсеа мебахшанд. Давлатҳои тозаистиқлол аз фишори низомҳои худкомаи сиёсӣ раҳида, дар талоши таҳкими истиқлолият, тақвият бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ёфтани мақому манзалати муносиб дар ҷомеаи муосир ҳастанд ва эҳёи ҳайратангези давлату миллати хешро аз сар мегузаронанд».[1]

Дақиқ аст, ки тоҷикон яке аз қадимтарин халқҳои тамаддунофари дунё ба шумор рафта, дар масири таърих ҳамеша бунёду созандагиҳои зиёде намудаанд. Аммо, чунин тарзи муносибат ба таърих дар шароити муосир моро водор ба ин мекунад, ки нисбати таърихи бой ва ғании хеш ягон лаҳза бетаваҷҷуҳ набошем. Ҳанӯз ҳам дар атрофи таърихи миллати мо ва дастовардҳои фарҳангии онҳо дар минтақа ва ҷаҳон қуввахое ҳастанд, ки чашм ало мекунанд. Аз ин рӯ, хирадмандона омӯзиши таърих ва боадолатона ҳукм намудан дар асоси он тақозои замон ва хислати миллати хирадсолор мебшад.

Бо мақсади шинохти бештаре аз таърихи миллат дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтикороти зиёде сурат гирифтааст. Гиромидошти мероси бузурги шоҳаншоҳии Сосониён низ идомаи чунин иқдомҳо мебошад. Ба ин муносибат имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конфронси байналмилалӣ таҳти унвони ***«Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ»*** баргузор мегардад. Дар кори конференсия олимону коршиносон аз дохил ва хориҷи кишвар тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок ва суханронӣ мекунанд. Бо истифода аз фурсат ба ҳамаи ширкаткунандагони ин ҳамоиши илмӣ ва махсусан меҳмононе, ки аз кишварҳои Ӯзбекистон, Гурҷистон, ИМА, Қазоқистон, Қирғизистон ва Осетияи Ҷанубӣ иштироки ҳузурӣ ва маҷозӣ доранд, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Зарур аст қайд намоем, ки дар қаламрави Эронзамин пас аз шоҳаншоҳии Ашкониён дуюмин дудмоне, ки тавонистанд дар эҳёи руҳи ориёиҳо пас аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ нақши калидиро гузоранд, ин бешак хонадони Сосониён ба шумор меравад.

Сосониён охирин сулолаи бузурги форсу тоҷики тоисломӣ ба ҳисоб рафта, давоми солҳои 224 – 651-уми мелодӣ ҳукмронӣ кардаанд. Онҳо худро ворисони бевоситаи Ҳахоманишиҳо медонистанд.

Сарсилсилаи ин хонадон Сосон, як нафар аз мардони донишманди замони худ ва сарвари маъбади Анаҳито (Ноҳид), воқеъ дар шаҳри Истахр буд. Номи шоҳаншоҳӣ низ

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 273.

баргирифта аз исми ӯст. Дар бунёди шоҳаншоҳӣ набераи ӯ Ардашер фарзанди Бобак, нақши асосӣ гузоштааст.

Ардашер аз бенизомиҳои дарбори Ашкониён, ки дар аҳди Артабони V (209 – 224) ба вуҷуд омада буд, истифода бурда, пас аз се ҷанг оқибат санаи 28 апрели соли 224 Артабони V-ро ба ҳалокат расонд ва қудрати сиёсиро ба даст гирифт.

Ардашер дар маъбади Анаҳито маросими тоҷгузорӣ доир кард ва худро «шоҳаншоҳи Эрон» эълон намуд. Ҳамзамон ба мақсади таъмини қудрат дар ҳудуди собиқ шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо талош намуда, қисмати шимолии Байнаннаҳрайн, Каппадокия, Сурия, Арманистон, Сакистон ва қисман Хуросонро тасхир карда, то соли 241 саросари сарзамини Эрони Ғарбиро ба ҳайати шоҳаншоҳии навташкили Сосониён дохил намуд.

Дар аҳди Шопури I (241-272) артиши Сосониён дар Шарқ бо Кушониён ҷангида ҳудуди шоҳаншоҳии Сосониёнро васеъ гардид. Инчунин, Сосониён, барои пурра аз худ кардани ҳудудҳои Ҳахоманишиҳо, ки акнун ба қаламрави империяи Рим тааллуқ доштанд бо ин давлат ҷангҳои доманадор доштанд. Дар ин давра пирӯзӣ бештар насиби Сосониён мегардид. Соли 260 дар яке аз ҷангҳо дар назди Эдесса императори Рим Валериан (253-260) бо аҳли оилааш ва як ҳайати бузурги низомиён ба асорат афтиданд.

Дар аҳди Шопур ҷараёни монавия чун ҳаракати ислоҳотхоҳон ба вуҷуд омад. Дар ибтидо Шопур аз Монӣ ҷонибдорӣ карду таълимоти ӯро ба ҷойи зардуштия дини расмии давлатӣ эълон намуд.[1] Баъдан аз райъаш гашту Мониро аз мамлкат хориҷ кард. Ҳамин тавр, пас аз вафоти ӯ бо нуфуз гирифтани монавия то ҷое дар дарбор вазъ ноором гардид. Дар замони Ҳурмузди I (271—272) Монӣ боз ба дарбор наздик шуду дар аҳди Баҳроми I (272—275) бошад дубора мавриди таъқиб қарор мегирад.[2]

Соли 309 шоҳи Сосониён Ҳурмузди II (301 – 309) дар ҷанги зидди арабҳои Баҳрайн, ки марзҳои Сосониёнро убур карда буданд, кушта шуд. Пас аз ӯ Озарнасрӣ, ки хело марди тундхӯю бадкирдор буд ба тахт нишаст, аммо аз сабаби чунин аъмоли зишташ ҳамон сол аз ҷониби афроди алоҳида кушта мешавад. Дигар аз дудмони шоҳаншоҳ нафари лоиқ намонд.Тифли ноболиғеро бо исми Шопур (маъруф ба Шопури II) шоҳ эълон карданд. Аммо то замони балоғат модараш идораи давлатро ба дӯш дошт.

Шопури II дар рафти муборизаҳои дуру дарози солҳои 40-60-уми асри IV ҳокимони вилоятҳои марказгурезро зери итоат дароварда, аввал ба арабҳои Баҳрайн зарба зада, амнияти марзҳои ҷанубии давлатро таъмин намуд; дуюм, ба Хуросон ҳамла намуда, ҳуҷуми Хиёниёнро боз пас гардонида, бо онҳо созиш намуд; сеюм, дар набардҳо бо империяи Рим ғолиб омада, дар асоси шартномаи соли 363 бисёр вилоятҳои аздастрафтаи Байнаннаҳрайн, аз се чор қисми Арманистон ва минтақаҳои назди Қафқозро ба Эрон шомил карда, ҳудуди пештараи шоҳаншоҳии Сосониёнро барқарор кард. Бо ҳамин қаламрави давлати Сосониён хело васеъ ва ҳокимият мустаҳкам гардид.

Замони ҳукмронии Хусрави Анӯшервон (531-579) давраи авҷи тараққиёти Сосониён ба ҳисоб меравад. Дар рафти муборизаҳои худ Хусрав тавонист ба ҳадафҳои зиёди худ бирасад. Дар ҷараёни ин муборизаҳо, ҳатто мулки Яманро дар нимҷазираи Арабистон тасхир намуд.

Бо мақсади таҳкими сиёсати давлатӣ як силсила ислоҳот гузаронида, сохтори ҳудудию идорӣ, низоми ҳарбӣ, системаи молиявӣ ва андоз, инчунин вазъи динии ҷомеаи Сосониро ба тартиб оварда, мақоми ҳокимияти марказиро ниҳоят баланд бардошт.

Дар замони ҳукмронии Ҳурмузди IV (579—590) ҳамлаи туркон сурат гирифт. Ин ҳуҷум солҳои 588 – 590 сурат гирифт ва бо ғалабаи Эрон анҷом ёфт. Чун сарлашкари

[1] Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. – Душанбе, 1966. – С. 209.
[2] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе, 2023. – С. 112.

эронӣ Баҳроми Чӯбина дар ин муҳорибаҳо корнамоӣ нишон дод, баъди ин нияти қудратро намуда, даст ба муборизаҳои зиддидарборӣ зад. Аъёну ашроф ва рӯҳониён аз мавҷи шӯриш ба ҳарос афтида, Ҳурмузди IV–ро сарнагун сохта, Хусрави Парвизро (591-628) ба тахт нишонданд. Баҳроми Чӯбина ҳам ба пойтахти шоҳаншоҳӣ – Тайсафун лашкар кашида, ҳокимиятро ғасб намуда, як сол (590-591) ҳукмронӣ кард. Аммо пасон Хусрав бо ёрии румиҳо тахтро соҳиб шуда, то соли 628 ҳукронӣ мекунад.

Дар солҳои охири ҳукмронии Хусрави Парвиз давлат дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ бо румиҳо то ҷое заиф шуд. Бо вафоти Хусрав ин буҳрон якбора авҷ мегирад. Ҳамин буд, ки давоми солҳои 628-632, яъне дар муддати чор сол, бештар аз 11 нафар подшоҳ ба тахти шоҳаншоҳии Сосониён нишастанд. Ахиран, Яздигурди III (632-651) кӯшиш намуд, ки нуфузи қувваҳои марказгурезро суст карда, мамлакатро аз хавфи парокандагӣ раҳо намояд, вале ҷангҳои дуру дароз ба румиҳо ва иттифоқчиёни онҳо, туркҳо ва хазарҳо, инчунин бархӯрдҳо бо арабҳои бадавӣ, муқовимати табақавию сулолавӣ барои соҳиб шудан ба ҳокимият, зулму ситами иҷтимоию динӣ иқтидори мудофиавию сиёсӣ ва иқтисодии Сосониёнро суст гардонида, шоҳаншоҳиро ба ҳолати таназулёбӣ оварда расониданд. Аз ин сабаб, эрониён ҳамлаҳои муташаккилонаи арабҳоро боздошта натавонистанд ва дар натиҷа шоҳаншоҳии Сосониён аз байн рафт.

Агарчӣ дар натиҷаи ҳамлаи араб ин шоҳаншоҳӣ сукут кард, аммо суннати давлатдории онҳо барои арабҳое, ки пасон ҳокимятро ба даст гирифтанд мавриди истифода қарор гирифт.

Сосониён дар ҳама самтҳои давлатдорӣ муваффақ буданд. Муҳити созмондодаи Сосониён сабаби рушду нумӯи илму маърифат ва иқтисодиёту иҷтимоиёти замон гардид.

Омӯзиши амиқи ҳамаҷонибаи паҳлӯҳои гуногуни муддати ҳукмронии Сосониён барои насли замони мо аз ҳар ҷиҳат дорои аҳамияти баланди давлатдорӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Конфронси имрӯзаи мо низ бо ҳамин мақсад баргузор мегардад. Дар фарҷом ба кори конфронс барору комёбӣ таманно намуда, ҳамаи меҳмононро бори дигар хушомадед мегӯям.

Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло,
доктори илмҳои таърих, профессор,
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

ҶАШНҲОИ БОСТОНӢ ДАР ЗАМОНИ СОСОНӢ

Равшан Раҳмонӣ *– профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Таърихи пайдоиши инсоният дар рӯи замин дуру дароз буда, миллионҳо солро дар бар мегирад. Вале шакли имрӯзаи одамон, ки пажуҳандагон «Ҳомо сапейнс» (Homo sapiens) номидаанд, ҳудудан 300 ҳазор пеш ба вуҷуд омадааст. Аммо инсоният каму беш 12 ҳазор сол мешавад, ки дар баъзе гӯшаҳои замин ба зиндагии муқимӣ гузаштааст.

Баъдҳо бо гузашти чанд ҳазор соли дигар дар минтақаҳои гуногуни олам давлатҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Ҳар кадоме аз ин давлатҳо барои рушди ҳаёти моддӣ ва маънавии инсоният нақше доштанд, ки яке камтар, яке бештар. Нахустин давлатҳо, ҳудудан 5-6 ҳазор сол пеш аз мелод дар Месопотомия, Мисри қадим, Ҳинди қадим пайдо шуданд. Дар асри 6-и пеш аз мелод давлати абарқудрати Ҳахоманишиён ба вуҷуд омад, ки баъдҳо он аз ҷониби Искандари Мақдунӣ ишғол гашта, Империяи Македонӣ ташкил шуд. Пас аз он боз давлатҳои зиёди ниёгони мо пайдо шуданду аз байн рафтанд, ки яке аз онҳо давлати пуриқтидори Сосониён (солҳои 224-651 мелодӣ) буд, ки дар сарчашмаҳо онро Эроншаҳр низ гуфтаанд.

Тибқи ишораи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Сосониён дар давоми 425 соли мавҷудияти худ як тамаддуни гуногунсоҳа, инкишоёфта ва хосса офариданд. Ин тамаддун идомаи мантиқии тамаддунҳои қадимаи халқҳои ориёӣ, алалхусус Ҳахоманишиён ва Портиён буд» [Раҳмонов 2006, с. 260].

Дар воқеъ ҳамин тавр аст, ки дар бораи азамати ин давлати мутамаддин таърихшиносон асарҳои зиёд навиштаанд ва ҷойгоҳи онро дар тамаддуни башарӣ нишон додаанд. Аз ҷумла, Абдулазим Ризоӣ гуфтааст: «Сосониён аз Порс барҳоста, азамат ва шукуҳи даврони Ҳахоманиширо тачдид карданд. Эшон худро вориси подшоҳони Ҳахоманишӣ медонистанд. Ҳукумате, ки ба василаи дудмони Сосонӣ барпо шуд ба ду поя – дин ва марказият устувор буд. Ашкониён дорои як системаи ҳукумати мулукултавоифе буданд. Аммо Сосониён бар хилофи дудмони мазбур ваҳдати саросарии кишварро таъмин карда, давлате ташкил доданд, ки қудурати кишварро дар худ мутамарказ сохта, бо иқтидори тамом бар ҳамаи манотиқи кишвар назорат дошт. Дар давраи азамат ва иқтидори Сосониён шаъну ҳайсияти сиёсии Эрон то бад-он поя боло рафт, ки ба назар мерасид, дунёи мутамаддини он рӯз ду қутб дорад: Эрон ва Рум» [Ризоӣ 1373, ҷилди дувум, с. 15].

Дар ин бора шарқшиноси машҳури даниягӣ Артур Кристенсен (1875-1945) низ ҳақбинона ёдрас шудааст: «Панҷ қарну ним сол пас аз суқути давлати Ҳахоманишӣ, порсиён ҳама ақвоми эрониро мучаддадан дар таҳти қудурати хеш оварда, шоҳаншоҳии ҷадиде дар Шарқ таъсис карданд, ки бо импературии Рум паҳлу мезад. Тамаддуни Сосонӣ агарчи дунболаи Ашконӣ буд, вале мучаддад ва мукаммали он маҳсуб мешуд. Бақои русуми аҳди Ашконӣ аз осоре намоён аст, ки дар забони давраи Сосонӣ боқӣ гузоштааст, зеро ки лаҳҷаи иёлоти Порс, яъне эронии ҷанубӣ-ғарбӣ, ки забони расмии давлати шаҳаншоҳии ҷадид гардид ва мақоми забони эронии шимоли ғарбиро, ки дар дарбори Ашконӣ мутадовил буд, эҳроз кард, миқдори касире аз луғот ва истилоҳоти мухталифа аз салафи худ ория намуд. Ба илова подшоҳони Сосонӣ дар қарни севуми мелодӣ ҳанӯз дар катибаҳои худ забони паҳлавии Ашкониро бо забони паҳлавии Сосонӣ тавъаман ба кор мебурданд» [Кристенсен 1373, с. 65].

Дар мавҷудияти давлати шоҳаншоҳи Сосониён шоҳоне ба монанди Сосон, Бобак, Шопури аввал, Ардешери Бобакон, Ҳурмузди аввал, Баҳроми аввал, Баҳроми дувум, Баҳроми севум, Ҳурмузди дувум, Озарнарс, Шопури дувум, Баҳроми чаҳорум (Вараҳрон), Яздигурди аввал, Баҳроми панҷум (ё Баҳроми Гӯр), Яздигурди дувум, Ҳурмузди севум, Фирӯз, Балош, Қуболи аввал, Хусрави аввал, Ҳурмузди чаҳорум, Хусрави Парвиз, Қубод (Ширӯя), Ардашери севум, Шаҳрвароз, Яздгурди севум мувофиқи неруи худ ҳисса гузоштанд. Албатта, дар ин ҷо на ҳамаи шоҳонро номбар кардем. Тибқи ишораи Б.Ғафуров дар даврони Сосониён дар ҳамаи соҳаҳои давлатдорӣ як тартиботи хосае вуҷуд дошт [ниг.: Ғафуров 1998, с. 257-258].

Сосониён ба забон, оинҳои дини зардуштӣ, таърих ва фарҳанги суннатии ниёгон аҳаммияти ҷиддӣ медоданд. «Авесто», ки баъди чандин садсолаҳо аз даҳоне ба даҳоне ва сина ба сина ба наслҳои оянда расид, маҳз дар даврони Сосониён аз шакли гуфторӣ ва шакли навишторӣ сабт гардид. Ҳамчунин, дар ин замон осори зиёди динӣ, таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ

эҷод шуд, ки мутаассифона зери моҷароҳи таърихӣ бахши зиёди он аз байн рафт. Ба гуфти донишманди фарзона Аҳмади Тафаззулӣ ҳамин осори бозмондаи даврони Сосониён низ фарҳанги имрӯзи мардуми эронитаборо ба гузаштагон пайванд медиҳад [ниг.: Тафаззулӣ 1377, с. 81-367; Мутуни паҳлавӣ 1371].

Дар воқеъ, дар замони шаҳаншоҳии Сосониён ба фарҳанги суннатии пешиниён, ба вижа ҷашнҳои бостонӣ, ки пур аз шодиву нишот буд, таваҷҷуҳ бештар гашт, ки пажуҳандагони зиёд бар он ишора намудаанд. Аз ҷумла, ба гуфти А.Ризоӣ: «Эрониёни қадим аз гиря ва зорӣ ва андӯҳ худдорӣ ва баръакс барои оромиши тан ва шодии равон ҷашнҳои зиёд барпо мекарданд» [Ризоӣ 1373, ҷилди аввал, с. 81].

Онҳо ҷашнҳои Наврӯз, шашуми фарвардин, Тиргон, гоҳанборҳо, Меҳргон, Сада, Исфандорҷашн ва ғайраро таҷлил менамуданд. Дар даврони Сосониён аз гоҳшумории ниёгон ва рӯзҳои онҳо истифода мегашт, ки аз аввали сол то охир ҷашнҳои вижае барпо мешуд. Барои дарки бештари ин идҳо номи моҳҳо ва рӯзҳоро аз назар мегузаронем. Тибқи гоҳшморӣ ҳар рӯзи моҳ ном дошт, ки дар дохили онҳо номи ҳамон 12 моҳ низ вуҷуд дошт. Ба гуфти Абурайҳон Берунӣ (973-1048) дар аксари сарчашмаҳое, ки дастраси ӯ буд, нисбат ба номи моҳҳо ва рӯзҳои эронӣ тафовути ҷиддие нест. Ӯ бештар ба сарчашмаҳои замони Сосониён ва ё тарҷумаҳои осори онон ба забони арабӣ такя намудааст. Тибқи аксари манобеи мавҷуд шоҳони Сосонӣ гоҳшумории ниёгони худро дар асоси дини зардуштӣ ба таври шоиста риоят мекардаанд. Барои хубтар фаҳмидани фарҳанги суннатии он замон лозим медонем, ки моҳҳо ва рӯзҳои гоҳшумории онҳоро ном барем. Ба ин васила номи моҳҳо ва рӯзҳои замони Сосониёнро аз китоби Берунӣ меорем, ки сарчашмаи ба он даврон наздик аст. Моҳҳо: 1. Фарвардинмоҳ; 2. Урдибиҳиштмоҳ; 3. Хурдодмоҳ; 4. Тирмоҳ; 5. Мурдодмоҳ; 6. Шаҳривармоҳ; 7. Меҳрмоҳ; 8. Обонмоҳ; 9. Озармоҳ; 10. Даймоҳ; 11. Баҳманмоҳ; 12. Исфандормузмоҳ [ниг: Берунӣ 1990, с. 64].

Берунӣ дар идомаи шарҳи боло ба як шунидаи худ ишора мекунад, ки дар баъзе минтақаҳо номи ҳамин моҳҳоро бо гӯиши маҳаллӣ ба шакли дигар ном мебурдаанд: «Аз Абӯсаид Аҳмад бинни Абдулҷалил Сиҷистонӣ **шунидам**, ки **аз гузаштагони** Сиҷистон **ин тавр нақл меорад**, ки эшон ҳамин моҳҳоро ба номҳои дигаре мехондаанд. Ва аз фарвардинмоҳ оғоз мекарданд. Ва моҳҳои эшон бад-ин тартиб аст: 1. Кавоз; 2. Раҳу; 3. Усол; 4. Тиркиёнво; 5. Саризво; 6. Маризво; 7. Тувзар; 8. Ҳаронво; 9. Оркбозво; 10. Кӯжпушт; 11. Кажшин; 12. Сорво» (таъкид аз мост – Р.Р.) [ниг: Берунӣ 1990, с. 64].

Бар асоси гуфтаи Берунӣ номи он рӯзҳоро низ меорем, ки ҳар моҳ аз 30 рӯз ибрат буда, рӯзҳо чунин ном доштанд: 1. Ҳурмуз; 2. Баҳман; 3. Урдубиҳишт; 4. Шаҳривар; 5. Исфандормуз; 6. Хурдод; 7. Мурдод; 8. Дайбаозар; 9. Озар; 10. Обон; 11. Хур; 12. Моҳ; 13. Тир; 14. Ҷӯш; 15. Дайбамеҳр; 16. Меҳр; 17. Суруш; 18. Рашн; 19. Фарвардин; 20. Баҳром; 21. Ром; 22. Боз; 23. Дайбадин; 24. Дин; 25. Ард; 26. Аштоз; 27. Осмон; 28. Зомиёз; 29. Марасфанд; 30. Анирон [ниг: Берунӣ 1990, с. 65].

Баъдан Берунӣ ёдовар шудааст: «Ва миқдори маҷмуи ин айёми моҳҳои форсӣ сесаду шаст рӯз мешавад. Дар пеш гуфтем, ки соли ҳақиқӣ сесаду шасту панҷ рӯз ва чоряки рӯз аст. Порсиён панҷ рӯзи дигари солро «панҷӣ» ва «андаргоҳ» гӯянд. Сипас, ин ном арабӣ шуд ва «андарҷоҳ» гуфта шуд. Ва низ ин панҷ рӯзи дигарро айёми «масруқа» ва ё «мустариқа» (дуздидашуда) меноманд, зеро ки дар шумори ҳеҷ як аз моҳҳо ҳисоб намешавад. Порсиён ин «панҷӣ»-и дуздидашударо миёни обонмоҳ ва озармоҳ қарор доданд. Ва номҳое, ки аз барои панҷ рӯз гузоштаанд, ғайр аз номҳое аст, ки аз барои айёми ҳар моҳ ниҳодаанд. Ва ман ин номҳоро аз ду китоб ва ду нафар яксон нашунидаам. Ва он номҳо ин аст: 1. Аҳндгон; 2. Аштадгоҳ; 3. Исфандгоҳ; 4. Исфандмузгоҳ; 5. Биҳиштгоҳ. Ва дар китоби дигар бо ин номҳо ёфтам: 1. Аҳнӯз; 2. Аштӯз; 3. Исфандмуз; 4. Ахуштир; 5. Вҳиствишт.

Собити Омулӣ-нависандаи «Китоби ғурра» чунин мегӯяд: 1. Хавнӯз; 2. Истваз; 3. Исфандмуз; 4. Вҳухуштар; 5. Вҳиштбиҳишт.

Ва Зодвайҳ бинни Шоҳвайҳ дар китоби худ «Дар иллати идҳои форсӣ» ин тавр баён кардааст: 1. Панҷаануҳуфта; 2. Панҷаандаранда; 3. Панҷааҳҷаста; 4. Панҷааврурдиён; 5. Панҷаандаргоҳон.

Ва аз Абулфарач Иброҳим бинни Аҳмад бнни Халафи Занҷонӣ шунидам, ки ӯ мегуфт: «Мубади Шероз бар ӯ ин тавр имло кард»: 1. Аҳнузгоҳ; 2. Аштӯзгоҳ; 3. Асбатмузгоҳ; 4. Вҳухушпаргоҳ; 5. Вҳуштвишгоҳ.

Ва аз Абулҳасан Озархурои Яздонбахши муҳандис ин тавр шунидам: 1. Аҳнӯз; 2. Аштӯз; 3. Асбатлан; 4. Ҳахиштар; 5. Вҳуствишт. Пас миқдори айёми солҳои Эрон сесаду шасту панҷ рӯз шуд. Ва аммо чаҳоряки рӯзро бекор мекарданд, то ин ки аз ин чаҳорякҳо як моҳи тамом ташкил шавад. Ва ин кор дар саду бист сол анҷом меёфт. Сипас, он солро сездаҳ моҳ медонистанд ва номи онро «кабиса» мегузориданд. Ва номҳои рӯзҳои он моҳи зоидро ба ҳамон номҳои дигар моҳҳо мехонданд.

Форсиён пайваста ҳамин тавр рафтор мекарданд, то он ки подшоҳӣ аз эшон берун рафт ва динашон нест шуд. Ва ин чаҳорякҳо бекора монд, дигар солҳоро кабиса накарданд, ки то ба ҳоли пешини худ баргардад ва вақтҳои маҳдуд зиёд пас наяфтад, барои ин ки бояд ин корро подшоҳон дар маҳзари ҳисобу асҳоби китоб ва ноқилини ахбор ва ровиён ва ҷамъи муъбадону қозиён анҷом диҳанд. Ва бояд пас аз он ки ин табақоти мазкур аз атрофи пойтахт ҷамъ шуданд ва бо ҳам мушовара мекарданд, бар сиҳати ҳисоб ба як фикр меомаданд. Сипас, дар чунин соле молҳои зиёд иттифоқ мекарданд, ҳатто ин ки Муқил дар «Китоби тақдир» мегӯяд, ки ҳазор-ҳазор динор иттифоқ мекарданд ва он рӯзро **бузургтарин идҳо мегирифтанд**. Ва дар чунин сол подшоҳ аз раиятҳои хеш хироҷ намеситонд» (таъкид аз мост – Р.Р.) [ниг: Берунӣ 1990, с. 64-67].

Аз ин рӯ, дар даврони Сосониён ҷашнҳои шодиву нишот зиёд буд. Ба ин пайваста номи ҳар моҳе, ки аз гузаштаҳо, бо номи рӯз ҳамном буд, он рӯзро ҷашн мегирифтанд. Барои он ки ба ин масъала равшанӣ андозем, нахуст аз он ёдовар мешавем, ки дар замони Сосониён ҷашнҳо чӣ гуна сурат мегирифтанд.

Артур Кристенсен, ки тамоми умр бо омӯзиши забон, таърих ва фарҳанги то исломии эронӣ машғул буд, вобаста ба ҷашнҳои Сосониён чунин гуфтааст: «Ҷашнҳои солиёнаи аҳди Сосониён умуман дорои сурати деҳқонӣ ва рустоӣ буда ва дар асл бо умури кишоварзӣ бастагӣ доштааст. Чун дини расмии Сосониён ин аёдро пазируфта буд, ҳангоми иҷрои ҷашн аз як тараф маросими мазҳабӣ сурат мегирифт ва аз тарафи дигар ташрифот ва аъмоли хосе анҷом мешуд. Мабдаъи ин аъмоли ахир эътиқод ба сеҳру ҷоду буда. Аммо рафта-рафта мубаддал ба маросими одӣ гашта, тафреҳоти омиёна низ ҳар қабил дар он ворида шуда буд. Чунонки расми авомуннос аст ва муҳаққиқони расми омиёнаи милал ба хубӣ аз он иттилоъ доранд, аксари ин ҷашнҳои солиёнаро мардумон бо яке аз ҳаводиси таърихии достонӣ марбут мекардаанд. Масалан, фалон идро ёдгори фалон воқеъа медонистанд, ки дар аҳди Ҷамшед ё Фаридун ё паҳлавони достонӣ рух додааст» [Кристенсан 1385, 122-123].

Ба идомаи ин гуфтаи худ донишманди гиромӣ моҳҳои Сосониро номбар карда, ба пайвастагӣ аз ҷашнҳои он замон ёдовар мешавад. Ба гуфти эшон номи ҷашнҳои солро гоҳанбор мегуфтанд, ки адади онҳо шашто буда, ҳар кадоме дар моҳи муайяне баргузор мешуд: 1. Майзиви-заремая (дар моҳи урдубиҳишт); 2.Майзиви-шам (дар моҳи тир); 3. Пайтиш-ҳаҳйа (дар моҳи шаҳривар); 4. Айосрима (дар моҳи меҳр); 5. Маизйоирйа (дар моҳи дай); 6. Ҳамаспасмайедайа (дар панҷ рӯзи андаргоҳ). Вале гоҳанбори шашум «Ҳамаспасмайедайа» даҳ шабонарӯз идома дошт. Дар «Фарвардин-яшт»-и «Авесто» (бандҳои 49-52) ёдоварӣ шудааст, ки фаравашиҳо (руҳҳо) ба муддати 10 шаб ба маскани мардум меоянд ва тақозои садақа ва қурбонӣ менамоянд, ба ин сабаб ин рӯзро «фаравардигон» ё иди «фаравашӣ»-ҳо меномиданд [ниг.: Кристенсен 1385, с.124; Авесто 2001, с. 292].

Агар мо бо диққат ба сарчашмаҳо назар андозем, мушоҳида менамоем, ки дар даврони пеш аз мелод солшумории эрониён аз моҳи меҳр оғоз мешудааст. Аз ин рӯ, дар он замон нисбат ба дигар ҷашнҳо ҷашни Меҳргон муҳимтар буда, дар ин бора Артур Кристенсен дар асоси пажуҳишҳо ва сарчашмаҳои гузашта гуфтааст: «Зоҳиран дар аҳди қадими пеш аз Сосониён, сол аз меҳрмоҳ шурӯъ мешуда ва иди Меҳргон, ки ҷашни поизӣ аст, дар он авқот аввали сол ба шумор мерафтааст, аммо аз алоиме, ки дар тавфиқ ҳаст, метавон ҳадс зад, ки дар рӯзгори баъд, вақте ки оғози солро дар ибтидои фасли баҳор қарор доданд, сол бо моҳи дай (моҳи урмузд) шурӯъ шудааст» [Кристенсан 1385, с.124].

Маъмулан, таҷлили ин ё он ҷашн ба гоҳшуморӣ пайвастагӣ дорад. Дар даврони Сосониён се навъ гоҳшуморӣ вуҷуд доштааст: 1. Гоҳшумории қамарӣ; 2. Гоҳшумории шамсӣ; 3. Гоҳшумории динӣ. Аз ин рӯ, гоҳшумории ҷашнҳои Сосонӣ бо ҳодисаҳои фаслҳои табиӣ пайвастагӣ дошт, ки дар ин бора Берунӣ ва дигарон ишора намудаанд [ниг.: Берунӣ 1990; Nyberg 1934; Кристенсан 1385, с. 125-126].

Аз омӯзишҳо маълум мешавад, ки чанд гуна гоҳшуморӣ вуҷуд доштааст, вале дар ин бора баҳс нахоҳем кард. Вале маъмултарин ҷашне, ки дар замони Сосониён ҳам дар байни мардум ва ҳам давлат бо шаъну шукуҳ таҷлил мешудааст, ин Наврӯз буд. Бо ишора ба «Динкард» А.Кристенсен гуфта: «Ҳар подшоҳе дар ин рӯзи фархунда раияти мамолики хешро қарини шодӣ ва хуррамӣ мекард ва дар ин ид касоне, ки кор мекардаанд, даст аз кор кашида, ба истироҳат ва шодмонӣ мепардохтанд» [Кристенсан 1385, с. 125].

Тибқи ишораи сарчашмаҳои паҳлавӣ дар он рӯз барои шоҳ ҳадяҳо мебурданд, дар рӯзҳои Наврӯз сиккаи нав мезаданд, оташкадаҳоро пок мекарданд. Наврӯз шаш рӯз идома меёфт. Дар ин шаш рӯз шоҳони Сосонӣ бори ом, яъне ҳадяҳо, медоданд. Бузургони давлат, наҷибзодагон аҳли хонаводаи хешро бо як тартиби муназзам мепазируфтанд ва ба ҳозирин ҳадяҳои идӣ тақдим менамуданд. Рӯзи шашуми идро аҳли дарбор барои худ ва маҳрамонашон ҷашн мегирифтанд. Дар ин рӯзҳо ҳар гуна маросимҳои миллӣ ичро мегардид. Аз ҷумла, рӯзи аввал мардум субҳи барвақт бархоста, ба канори рӯдҳо, наҳрҳо рафта, ба шустушӯ мепардохтанд. Байни худ бо обпошӣ шодмонӣ мекарданд ва ба ҳамдигар шириниҳои ҷашнӣ ҳадя медоданд. Субҳ пеш аз он ки гапе зананд, аввал шакар мехӯрданд ва ё се бор асал мелесиданд. Барои ҳифзи бадани худ аз нохушиҳо ба тани хеш рӯған мемолиданд. Худро бо се пора мум дуд медоданд [ниг.: Берунӣ 1990, с. 232-257; Иностранцев 1904, с. 20-45; Кристенсен 1385, с. 126].

Бояд ёдовар шуд, ки дар замони Сосониён дар тули сол ҷашнҳои зиёде вуҷуд дошт. Тавре ки дар боло номи моххо ва рӯзҳои гоҳшумории он давронро ба ёд овардем, ҳар моҳ ҷашне дошт. Моҳе, ки номи он бо номи рӯзе якест, ҳатман таҷлил менамуданд. Масалан, дар фарвардинмоҳ, он рӯзеро, ки номаш фарвардингон аст, онро ҷашн мегирифтанд. Ё рӯзи тир, ки дар 13 тирмоҳ буд, ҷашни Тиргон гирифта мешуд. Дар он рӯз обтанӣ мекарданд, рӯзи шаҳривар дар шаҳривармоҳ ё дар ҳафтуми ин моҳ рӯзи озарҷашни аввал доштанд. Озарҷашн ҷашни оташхона ба ҳисоб мерафт, ки дар дохили хонаҳо оташҳои бузург меафрӯхтанд ва дар ситоиши Худо мепардохтанд, мардум гирди ҳам омада, хӯрокҳои гуногун мепухтанду шодмонӣ мекарданд. Ё дар 16-уми моҳи меҳр Меҳргонро ҷашн мегирифтанд. Ба ин тартиб ҳар 12 моҳ ҷашн доштанд. Ҷашни Меҳргон пеш аз мелод рӯзи аввали сол буд. Иди Меҳргон низ ба мисли Наврӯз ба ёдгори ҳодисаи оғози офариниши ҷаҳон рух медод. Ба ёди ин рӯз шоҳони Сосонӣ тоҷе бар сар мениҳоданд, ки сурати офтоб дар миёни чархе гардон бар он мунаққаш буд. Дар ин лаҳзаҳои гуворо ҳангоми тулуи офтоб яке аз сипоҳиён дар ҳавлии қасри салтанатӣ истод шуда, фарёд зада, мегуфт: «Фариштагон, ба олам фуруд ойед ва шаётин ва бадкоронро бизанед ва аз дунё бironед!» [Кристенсен 1385, с. 126-127].

Ҳамаи ҷашнҳое, ки дар тули сол баргузор мешуд ва реша ба таърихи гузаштагон дошт дар замони Сосониён бо обу ранги хоса баргузор мешуд. Моҳе набуд, ки дар он ҷашне ва шодмоние набошад. Аз ҷумла, дар аввали моҳи озар иде буд, ки онро «Ваҳорҷашн» (Баҳорҷашн, Иди баҳор) мегуфтанд. Дар аҳди хусравон солшуморӣ дигар шуда буд ва аввали озармоҳ бо фасли баҳор мусодиф мешуд. Баъди истилои араб ин идро «Хуручул кӯсаҷ» мегуфтанд. Абурайҳон Берунӣ дар асари худ «Китоб-ут-тафҳим» таҳти унвони «Барнишастани кӯса чист?» ин оини намоиширо, ки ба пешвози Наврӯз баргузор мешуд, чунин шарҳ додааст: «Озармоҳ ба рӯзгори хусравон аввали баҳор будааст. Ва ба нахустин рӯз аз вай аз баҳри фол, марде биёмадӣ кӯса, барнишаста бар харе ва ба даст калоғе гирифта ва ба бодбезан хештан бод ҳамезадӣ ва зимистонро видоъ ҳамекардӣ в-аз мардумон бад-он чизе ёфтӣ. Ва ба замонаи мо дар Шероз ҳамин кардаанд ва зарибат пазируфта аз омил, то ҳар-ч ситонад аз бомдод, то нимрӯз ба зарибат диҳад. Ва то намози дигар аз баҳри хештанро биситонад. Ва агар аз паси намози дигар биёбандаш, силӣ хӯрад аз ҳар кас» [Берунӣ 1973, с.144].

Ӯ ҳамчунин, дар «Осор-ул-боқия» низ аз ин оини намоишӣ ёдовар шудааст. Мувофиқи ишораи Берунӣ ин оини намоишӣ аз замони хусравон, яъне шоҳони қадим ҳангоми ҳисоб накардани кабиса, тавре ёдовар шудем, аввали солшуморӣ дар озармоҳ баргузор мешудаст. Ин оини ҷашнӣ дар рӯзи Ҳурмуз, дар аввали озармоҳ, яъне дар оғози баҳор будааст: «Марде кӯса ва хандаовар дар ин рӯз ба хар савор шавад ва ин суннат мунҳасир ба мардуми Форс аст ва чун ин рӯз ба иллати аҳмоли (гаронӣ) кабиса иштидоди (шиддати) сармост ин кӯса порчаҳое бар худ печида ва ҷомаҳли кӯҳна мепӯшад то барои шинохта шудан аз ҷамъи мардум аломате бошад ва ғизоҳои гарм ва мусаххан (гарм) хӯрда ва ошомиданиҳои тасхиновар (гармкунанда) менӯшад ва тани хешро бо равғанҳое, ки ҷилави сарморо бигирад, чарб карда, сипас бодбизане ба даст

мегирад ва худро бод мезанад ва мардум ба ӯ механданд ва бар ӯ об мепошанд ва барфу ях ба сӯи ӯ партоб мекунанд ва ӯ аз аъён ва ашроф атоёйе дарёфт мекунад ва дар асри мо ин расм дар Шероз ва бархе дигар аз шаҳрҳои Форс маъмул аст ва ӯ барои ин кор боче ҳам ба ҳукумат месупорад» [Берунӣ 1386, с.342].

Бо ин амали ширинкорию шодибахши худ кӯсабарнишин зимистонро видоъ мекард. Одамон барояш чизҳое ҳадя медоданд. Аз дӯкондорону ашрофон ҳадяҳо дарёфт мекард. Агар касе чизе барояш намедод, ба дасташ оби гилолуд, гоҳе оби олудаи сиёҳӣ ва монанди ин дошт, ки онро ба сӯи вай пош медод. Ин аҳволи вайро дида, мардум ӯро масхара менамуданд ва ба сӯяш ҳар чиз партоб мекарданд. Агар ҳаво сард бошад, ба сӯяш барфу ях мепартофтанд. Ҳошим Разӣ ишора намудааст, ки кӯсабарнишин ашъоре месароид, ки мазмуни он видоъ бо зимистону сармо буд ва аз мардум сикка ва чизҳое мегирифт. Дар сарчашмаҳо омадааст: «то панҷоҳ мард аз ғуломони подшоҳ тобеи ӯ буданд ва агар бозориён бар додан тааллул (сустӣ) мекарданд, ҳукм ба ғорати эшон медод. Аз субҳ то шом ҳар чӣ гирд меоврад, ба подшоҳ тааллуқ меёфт ва аз зуҳр то аср ба худи ӯву ғуломон мерасид» [Ёҳақӣ 2014, с.274; Разӣ 1371, с.375-276].

Рӯзи нуҳуми озармоҳи даврони Сосониён озар ном дошт. Дар ин рӯз ҷашни озарҷашни дуюм баргузор мешуд. Дар он ҷашн оташ ҷойгоҳе вижае дошт, мардум дар гиди гулханҳо шодмонӣ карда, худро бо оташ гарм мекарданд, чунки озармоҳ дар он даврон моҳи охири зимистон буд.

Яке аз ҷашнҳои ҷолиби даврони Сосониён ин «Хуррамрӯз» буд, ки аз қадим ба ёдгор монда, он дар рӯзи аввали даймоҳ баргузор мешуд. Рӯзи Хуррамрӯз шоҳаншоҳи Сосонӣ либоси сафед пӯшида, аз тахт ба поён меомад ва дар чамане ба рӯйи фаршҳои сафед менишаст ва бори ом (ҳадяҳо) медод. Ҳар кас метавонист ба ҳузури ӯ дарояд. Шоҳаншоҳи Сосонӣ бо кишоварзон, ба вижа деҳқонон, суҳбат мекард ва бо онҳо дар сари як дастархон нишаста, мехӯрду меошомид. Ба гуфти Берунӣ он рӯз шоҳ мегуфт: «Ман имрӯз чун яке аз шумо ҳастам бо шумо бародар ҳастам, зеро қивоми дунё ба корҳоест, ки ба дасти шумо мешавад ва қивоми иморати он ҳам ба подшоҳ аст ва на подшоҳро аз раият гурезе аст ва на раиятро аз подшоҳ. Ва чун ҳақиқати амр чунин шуд, пас ман подшоҳ ҳастам, бо шумо барзгарон бародар хоҳам буд. Ва монанди ду бародари меҳрубон хоҳам буд, ба хусус, ки бародарони Ҳушангу Викард чунин буданд» [Берунӣ 1990, с. 246-247].

Дар даймоҳи давраи Сосониён чанд ҷашн буд. Яке дар рӯзи 14-ум баргузор мешуд, ки онро «Ҷашни сирсур» мегуфтанд. Дар раванди он мардум бо хӯрдани сир, ошомидани шароб мепардохтанд, сабзаҷотро бо гӯшт мепухтанд, то дафъи ҳолати шайтонӣ кунад ва маризиҳоро, ки аз девҳо меояд, бартараф намояд. Ҳамин тавр, дар рӯзҳои 15-16-уми даймоҳ низ идҳое буд, ки Берунӣ ба онҳо ишора намуда, баъзе ривоятҳои аз мардум шунидаашро овардааст [Берунӣ 1990, с. 247-248].

Дар рӯзгори Сосониён ҷашни Сада низ шукуҳи хоссае дошт. Берунӣ устура ва ривоятҳои барояш маълумро шарҳ медиҳад, ки аксари онҳо аз даврони Сосониён ба сарчашмаҳои баъдӣ интиқол ёфтаанд. Таваҷҷуҳи зиёд нисбат ба Сада дар замони Сосониён боиси он гардид, ки он дар садаҳои 9-12 низ ҳамон азамати худро гум накарда, мавриди ситоиши шоирони форус тоҷик гардид. Ҳамин тавр, дар замони Сосониён ҷашнҳои обрезгон, дар рӯзи сиюми баҳманмоҳ; ҷашни исфандормад (испандормад, исфандормаз, исфандорҷашн) чун иди занон, дар рӯзи 19-уми испандормад, баъд «Иди обҳо ва наҳрҳо» ва амсоли ин буд, ки дар бораи онҳо иттилооте то замони мо расидааст. Ба хусус дар он осоре, ки аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шудааст, маълумоти зиёд бозмондаст. Аз ҷумла, аз тарҷумаи «Худойнома»-и Мӯсо ибни Исои Кисравӣ ва таълифтои Ҷоҳиз «ал-Маҳосин в-ал-аздод» (Зебоиҳо ва тазодҳо), «Тоҷ» роҷеъ ба ҷашнҳои даврони Сосониён иттилооти муҳим ба назар мерасад. Тибқи ишораи худи Ҷоҳиз, ӯ бо такя ба гуфтаҳои Кисравӣ дар бораи Наврӯзу Меҳргон дар асарҳои худ сухан гуфтааст. Дар ин бора донишмнди нозукбин Н.Зоҳидов низ ишора карда, ёдовар шудааст, ки Кисравӣ низ китобе бо «Найрӯз ва Меҳрачон» доштааст [муфассал ниг.: Берунӣ 1990; Иностранцев 1904, с. 20-45; ал-Ҷоҳиз 1343 ва 1419 (1999); Кристенсен 1385, с. 127-130; Разӣ 1371; Зоҳидов 2014, с. 185-186; Nyberg 1934].

Дар ин ҷо оид ба яке аз оинҳои ҷолиби замони Сосониён сухан гуфтанро лозим медонем, ки онро К.А.Иностранцев (1876-1941) аз арабӣ ва баъдҳо Мирбобо Миррахим аз русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ин воқеаро бо такя ба гуфтаи Мӯсо ибни Исо ал-Кисравӣ, муҳаққиқи

араб Ҷоҳиз дар китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод» низ овардааст. Шояд Ҷоҳиз онро аз китоби «Найрӯз ва Меҳрағон»-и Кисравӣ иқтибос кардааст, ки он то замони мо нарасидааст. Вале китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод»-и Ҷоҳиз ба забони арабӣ мавҷуд аст [ниг.: Ҷоҳиз 1999; Зоҳидов 2014, с.185-186].

Асли воқеа ин аст, ки шоҳаншоҳони Сосониён ба ҷашни Наврӯз аҳаммияти ҷиддӣ медодаанд ва онро бо оинҳои вижаи худ ҷашн мегирифтаанд. Инак, он матн, ки М.Миррахим аз асари К.А.Иностранцев тарҷума кардааст:

«*Ва ду рӯзи аввали Наврӯз вақте ки шоҳ тоҷро ба сар мегузошт ва қабулгоҳи хешро меорост шахси писандида, лоиқи номи ӯ ҳозирҷавоб, хушзабон ва хушбахт бо чеҳраи кушод ба назди ӯ медаромад. Ӯ муқобили шоҳ меистоду мегуфт:*

– Иҷозат фармо, ман дароям?

Ва шоҳ ӯро мепурсид, ки:

– Ту кистӣ? Аз куҷо меоӣ? Ба куҷо равонӣ? Бо ту кӣ меояд? Ту бо кӣ ҳастӣ? Ва бо худ чӣ меорӣ?

Ва ӯ ҷавоб медод, ки:

– Ман аз ду фархунда меоям ва бо ду баракат равонам ва бо ман ҳама музаффар меояд ва номи ман ҳуҷаста аст ва бо худ Соли нав овардаам, подшоҳо, мужда ва дуруд дорам.

Ва подшоҳ мегуфт:

– Ӯро иҷозат диҳед – ва илова мекард – бифармо!

Ва он шахс медаромаду ба назди шоҳ мизи нуқрагин мегузошт, ки дар канори он нонҳои гуногун гузошта шуда буданд, ки аз галладонаҳои гуногун – гандум, ҷав, арзан, нахӯд, наск, биринҷ, куҷид, боқило, лӯбиё мепухтанд. Ва аз галладонаи ин неъматҳо ҳафт донагӣ тухмӣ гирифта, дар гӯшаҳои хон мегузоштанд. Ва дар мобайни хон ҳафт шохчаи (навдаи) як, ду, се бугума буридашудаи он дарахтоне гузошта мешуданд, ки бо номи онҳо некиро пешгӯӣ мекарданд ва аломати хубӣ дониста мешуд, чун бед, зайтун, биҳӣ, анор. Ва ҳар як шохча ба номи як вилоят гузоштандӣ. Ва бо орзуи нек дар ҳар ҷойи миз «афзуд», «афзоянда», «афзун», «боровар», «фарохӣ» менавиштанд. Ва боз ҳафт паймон ва ҳафт дирҳами сафеди сиккаи ҳамон сол ва динори нав ва як бандча сипанд мегузоштанд. Ва бо қулли ин ба шоҳ умри ҷовидонӣ ва саломатии бардавом ва бахту шуҳрат орзу мекарданд.

Ва шоҳ дар ин рӯз ҳеҷ маҷлис намеорост аз бими он ки аз ӯ ягон қасди бад назанад ва то охири соли идома ёбад.

Ва пеш аз ҳама ба шоҳ дар табақи тиллоӣ ё нуқрагин шакари сафед ва норҷини (ҷавзи ҳиндӣ) тоза карда ва ҷоми нуқрагин ё тиллогини ширдор пешкаш карда мешуд. Ва он рӯзро ӯ бо чошнӣ аз шири навҷӯши хурмодор огоз намуда, баъд аз норинҷ, каме хурмо ва дигар ширавориҳо истеъмол мекард» [Миррахим 1992, с.67-68; Иностранцев 1904, с. 20-45].

Пажуҳандагоне низ дар асарҳои хеш ин лаҳзаро ба тарзҳои гуногун овардаанд, вале мазмунан ба ҳамдигар монанд аст. Баъзеҳо гуфтаанд, ки он шахсе, ки ба назди шоҳ ворид шуд, рамзи Соли нав аст.

Тибқи маъхазҳо воқеан, дар замони Сосониён оинҳои ҷашнҳои ниёгон ба таровати хеле писандида ва мутантан барпо мегашт. Аммо дар байни ин ҷашнҳо ба Наврӯз, ки ҷашни бостонӣ буда, аз гузаштагон ба мерос мондааст, таваҷҷуҳи бештар мешудааст. Ҳамаи шоҳони Сосонӣ дар рӯзҳои наврӯзӣ ҳамроҳи мардуми хеш шодмонӣ мекарданд ва Наврӯзи фархундаро дар тули ин қарнҳо бо суннатҳои вижаи худ ҷашн мегирифтанд. Аз ҷумла, Умари Хайём (1048-1131) аз қадимӣ будани яке аз оинҳо ёд менамояд, ки то замони Яздигурд охирин шоҳи Сосонӣ идома доштааст: «Оини мулуки Аҷам аз гоҳи Кайхусрав то ба рӯзгори Яздиҷурди Шаҳриёр, ки охири мулуки Аҷам буд, чунон будааст, ки рӯзи Наврӯз нахуст касе аз мардумони бегона, мубади мубадон пеши малик омадӣ бо ҷоми заррини пурмай ва ангуштарӣ ва тиру камон ва давот ва қалам ва астар ва бозе ва ғуломе хубрӯй ва ситоиш намудӣ ва ниёиш кардӣ ӯро ба забони порсӣ, ба иборати эшон. Чун мубади мубадон аз офарин бипардохтӣ пас бузургони давлат даромадандӣ ва хидматҳо пеш овардандӣ.

Офаридани мубади мубадон ба иборати эшон: Шаҳо, ба ҷашни фарвардин ба моҳи фарвардин озодӣ гузин Яздон ва дини Каён, Суруш оварда, туро доноӣ ва биноӣ ба кордонӣ ва дер зӣ ва бо хӯйи ҳажир ва шодбош бар тахти заррин ва анӯша хӯр ба ҷоми Ҷамшед ва расми ниёкон дар ҳиммати баланд ва некӯкорӣ ва варзиши доду ростӣ нигоҳ дор, сарат сабз бод ва

ҷавонии чу хавед, аспат – комкору пирӯз ва теғат – равшану корӣ ба душман ва бозат – гирову хуҷаста ба шикор ва корат – рост чун тир ва ҳам кишваре бигир нав, бар тахт бо дираму динор, пешат ҳунарӣ ва доно – гиромӣ ва дирамҳоро ва сароят – обод ва зиндагонӣ – бисёр!

Чун ин бигуфтӣ чошнӣ кардӣ ва ҷом ба малик додӣ ва хвед дар дасти дигар ниҳодӣ ва динору дирам дар пеши тахти ӯ бинҳодӣ ва бад-ин он хостӣ, ки Рӯзи нав ва Соли нав ҳар чӣ бузургони аввал дидори чашм бар он афгананд, то соли дигар шодмонӣ ва хуррам бо он чизҳо дар комронӣ бимонанд ва он барояшон муборак гардад, ки хуррамӣ ва ободонии ҷаҳон дар ин чизҳо, ки пеши малик овардандӣ…» [Хайём 1379, с. 37-38].

Оини дигаре, ки дар замони Сосониён, хеле пуршукӯҳ мегузашт ин маросими «бор» буд, ки вижагии худро дошт. Ҳоло ба таври мухтасар роҷеъ ба он сухан хоҳем гуфт. Маросими "бор" дар тули сол ҳангоми баргузории ҷашнҳо сурат мегирифт. "Бор" чист? "Бор" оини пазирофӣ дар дарбори шоҳони ориёӣ, аз ҷумла Сосониён буд, ки дар ин маросими ҷашнӣ ҳадяҳо ва пешниҳоду дархости хосу ом аз ҷониби шоҳ пазируфта мешуд ва ҳамчунин ба шахсони борёб, яъне аз ҷониби шоҳ пазируфташуда ҳадяҳо тақдим мегардид. Тарзи баргузории маросими "бор" чунин буд. Шоҳи Сосонӣ дар рӯи тахти заррин менишаст ва тоҷи салтанатии пайваста ба занҷире дар болои сари ӯ овезон буд. Тоҷ чунин ба назар мерасид, ки гӯё бар сари шоҳ қарор дорад. Ҳангоми баргузории маросими "бор" дар даробари Сосониён пардае миёни шоҳ ва борёб овезон буд. Пас аз он ки борёб ба маҳали таини шоҳ мерасид, шахси масъул пардаро канор мезад. Борёб вазифадор буд, ки ба маҳзи дидани рӯйи подшоҳ бояд заминро бибӯсад. Дар даврaҳои баъд бӯсидани тахти шоҳӣ ё дасту ангуштарии ӯ одат шуд. Пас аз заминро бӯсидани борёб шоҳ ба борёбанда дастури аз ҷой бархостан медод ва он вақт ӯ мунтазир мемонд, то шоҳ ба ӯ савол диҳад. Дар давраи Сосониён посухи борёб бо ин калимот оғоз мешуд: «анушк бавид» (ҷовидон бошед!) ва гоҳе мегуфтанд: «у комаг расид» (ва комёб бошед!). Дар замонҳои баъд низ зикри дуое чун «зиндагонии Худованд дароз бод!» маъмул буд [ниг: Холиқи Мутлақ 1375, с. 193-198; Раҳмонӣ 2018].

Ҳангоми баргузории маросими бордиҳӣ, бахусус дар рӯзҳои ҷашнҳо толори дарбор, қаср ва кохи подшоҳ бо пардаҳои рангоранг, бо тасвирҳои размию базмӣ, бо гулу чароғҳо, бо дарахтҳои маснӯӣ, бо баргҳои мевадор, бо паррандаҳо ва монанди ин ороиш дода мешуд. Дар раванди баргузории маросими "бор" муҳофизони мусаллаҳ ва сарбозони махсуси шоҳ бо либосҳои зебо дар дарун ва беруни толор саф меистоданд. Гоҳе чунин мешуд, ки шер, паланг, бабр, асп, шутур, фил ва паррандаҳоро бо асбобу анҷоми заррин дар беруни қаср ба намоиш мегузоштанд. Агар дар замони Ҳахоманишиён борёб ҳангоми бо шоҳ сухан гуфтан дасти худро бар даҳонаш мегирифт, дар давраи Сосониён даҳонашро бо дастмоле мепӯшид. Ҳамчунин вазифадор буд, ки дар вақти бо подшоҳ сухан гуфтан даст бар сина гузошта бошад. Чун одат, касе бояд бидуни иҷозати шоҳ сухан нагӯяд ва агар сухан мегуфт, гапҳои гуфтаашро такрор набояд кунад. Сухани шоҳро набояд ислоҳ намуд, ки ин фоли бад буд. Дар ҳузури шоҳ ба зиёдагӯӣ, бадгӯӣ, газофагӯӣ, хандидан, оби даҳон андохтан, бинӣ боло кашидан иҷозат набуд. Хомӯшӣ бояд риоят мешуд ва аз атса задан худдорӣ менамуданд. Касоне, ки ба шоҳ наздик мешуданд, дандонҳои худро бояд тоза мекарданд, то даҳонашон хушбӯй бошад, вале истифода аз атре, ки бӯи тез дошта бошад, иҷозат набуд. Дар даврони пеш аз истилои араб занҳо низ ҳаққи борхоҳӣ ва борёбӣ доштанд. Дар тасвири рӯи он зарфҳое, ки марбути замони Сосониён аст, малика низ дар канори шоҳ истод аст. Расму оини он замон чунин буд, ки борёб ҳангоми тарки толор бояд масофаеро паснокӣ қафо равад, то ба шоҳ пушти худро нагардонад. Барои бор ёфтан ба ҳузури шоҳ, талабгорон аз ҳар минтақа, аз ҳар мартаба ва ҳар ҷинсе буданд. Тибқи таомул борёб бояд аввал аз раиси ташрифот иҷозат мегирифт. Соҳиби мансаби ташрифотӣ маъмулан аз мақомоти лашкарӣ ё аз табақаи ашроф ва ё аз хешовандони онон буданд. Агар дар давраи Ҳахоманишиён ин вазифаро фаромондеҳи муҳофизони шоҳӣ, ки онро *ҳазорапатӣ* (hazārapati) мегуфтанд, уҳдадор буд. Дар замони Сосониён онро «ҳандемонгарон солор» (hadēmāngarān sālār) меномиданд. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ин мақомро «Солори бор» ва «Пардадор» гуфтааст [ниг: Холиқи Мутлақ 1375, с. 193-198].

Агар бордиҳанда (ҳадядиҳанда) шахси муҳиме буд, он гоҳ ҳадяҳоро дар рӯзи борёбӣ дар ҳузури бороваранда барои боздиди ҳамагон қарор медоданд, баъдан онро ба толори пазирофӣ назди шоҳ мебурданд. Иҷрои ин лаҳзаи ҳадя додан дар тасвири барҷастаи сангини зинаҳои маҳали Оподонои Тахти Ҷамшед, ки дар надикии шаҳри Шероз аст, нишон дода шудаст.

Маросими “бор” маъмулан дар толори кохе баргузор мешуд, вале дар баҳору тобистон, гоҳе дар кохи боғи салтанатӣ баргузор мегардид. Дар ин ҳолат тоҷу тахтро ба боғ мебурданд ва соябоне барпо мекарданд. Барои маросими “бор” дар даврони Ҳахоманишиён аз толори Оподоно ва дар охирҳои давраи Сосониён аз толорҳои кохи Хусрав истифода мегашт. Борҳои хос, ки дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон баргузор мешуд, ҳангоми борёфти фиристодагони кишварҳои хориҷӣ, бо шукӯҳу шаҳомати махсус барпо мегардид ва он хеле боҳашамату мутантан мегузашт. Сафироне, ки аз кишварҳои хориҷӣ меомаданд, маъмулан чанд рӯзи худро дар пойтахт мегузарониданд, то аз ҷониби шоҳ пазируфта шаванд. Тибқи иттилои манобеи таърихӣ бори шоҳӣ ду навъ: яке «бори хос» ном дошт, ки барои аз ҷониби шоҳ пазируфтани кормандони давлатии кишварҳо, амирону сафирони хориҷӣ ва ё баррасии масоили давлатӣ баргузор мешуд; дигаре «бори ом» ном дошт, ки барои ба ҳузур пазируфтани мардум буд. Аз ин рӯ, дар рӯзҳои Наврӯз ва Меҳргон ҷашнҳое барпо мешуд, ки яке боре барои «хоса» буд ва дигаре барои «омма». Шоҳ панҷ рӯзи аввали ин ҷашнро ба омма медод ва баъдан дар рӯзи шашум ба таври ҷудогона бори кормандони хоси давлатӣ, ашроф ва аъзои хонадони салтанатӣ сурат мегирифт. Тавре ки Абурайҳон Берунӣ ёдовар шудааст, ашроф ҳаққи ширкат дар «бори ом» надоштанд.

Дар замони Сосониён бори шоҳӣ бахши муҳиме аз низоми ҳукуматӣ буд ва бор додан аз подшоҳӣ ҷудо набуд, агар бор мавқуф гузошта шавад, подшоҳӣ низ мавқуф мемонд. Аз ин рӯ, тибқи қонун ва қоидаҳои махсус ҷараёни маросими бор як навъ таълим ва тарбияти шоҳзодагон буд. Яке аз вазифаҳои асосии шоҳ дар маросими борҳои “ом” ва “хос” гӯш додани ӯ ба шикоят буд. Чунки мардум шоҳро охирин марҳалаи қонунии ба доди хеш ҷавобдиҳанда медонистанд. Зеро шоҳ метавонист, ҳуқуқеро, ки маъмурон ва дарбориён поймол карда буданд, барқарор намояд. Агар муҷриме дар маросими бордиҳӣ роҳ меёфт, ин ба он маъно буд, ки шояд авф мешуд. Аз ин ҷиҳат дар назари мардум омодагии подшоҳ барои додани «бори ом» меъёри адли ӯ буд. Подшоҳе, ки зиёдтар бори ом медод, фармонравои одил буд. Барои эҳтиёт подшоҳ метавонист, кормандонашро, ки аз болои онҳо шикоят мешуд, барканор кунад. Ё эълон мекард, ки додхоҳон либоси қирмиз ба тан кунанд, то таваҷҷуҳи шоҳ ба сӯи онон ҷалб шавад ва он гоҳ дар майдони беруни кох худи шоҳ “бори ом” бидиҳад. Ин оинҳо дар замони нахустини сулолаҳое пас аз истилои араб низ идома дошт, ки салтанати Сосониёнро сармашқи кори худ қарор медоданд. Дар дарбори халифаҳои араб, ки ин оини бордиҳиро аз Сосониён пазируфтаанд, бӯсидани замин иҷборӣ набуд ва кофӣ буд, ки борёб бигӯяд: «Ассалому алайка ё амиралмуъминин ва раҳматуллоҳи ва баракоту». Баъдҳо бӯсидани замин одат шуд. Ин оин дар дарбори халифаҳои Умавӣ ва Аббосӣ низ ба тақлид аз замони Сосониён иҷро мегардид. Дар бораи тарзи баргузор намудани маросими «бор» мо ба таври муфассал маълумот додаем [ниг.: Раҳмонӣ 2018, с. 667-669].

Тавре ки дар боло ишора доштем, яке аз пажуҳандагони пуркори араб Ҷоиз, ки дар асри нуҳ зиндагӣ кардааст, дар китобҳои худ «ал-Маҳосин ва-л-аздод» (Зебоиҳо ва тазодҳо) ва «Тоҷ» ҳангоми тасвири воқеаҳои гуногуни замони худ ва пеш аз он, оид ба ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргони замони Сосониён низ иттилоъ додааст. Ин маълумоти ӯ баъдҳо аз ҷониби баъзе пажуҳандагон низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Инак, дар охири ин мақола аз китоби «Тоҷ» бахши **«Ҳадоёи Наврӯз ва Меҳргон»**, ки марбут ба оини бордиҳии даврони Сосониён буда, вобаста ба ин ҷашнҳо аст, ҳамчун санади муҳими илмии садаи нуҳ меорем:

«*Яке аз ҳуқуқи подшоҳ ин аст, ки дар Наврӯз ва Меҳргон ҳадоёе тақдим шавад ва иллат ин аст, ки ду фасли сол аст.*

Меҳргон иборат аз фаро расидани фасли зимистон ва сармо аст ва Наврӯз нишонаи фаро расидани фасли гармо аст, аммо дар Наврӯз мазоёе аст, ки дар Меҳргон нест. Аз ҷумла, фаро расидани Соли нав ва оғози фасли мавсими боҷу хироҷ ва коштану иваз кардани омилон ва мутасаддиён ва сикка заданиш дирам ва динор ва пок кардани оташкадаҳо ва обрезон ва қурбонӣ намудан ва ободӣ ва иморот ва ғайра аст.

Пас бартарии Наврӯз бар Меҳргон ҳамин мазоё мебошад. Ва дар чунин мавоқеъ аз ҳуқуқи подшоҳ ин аст, ки хосон ва афроди хонадони шоҳ ҳадоёе тақдим кунанд. Ва расму оини эрониён ин буд, ки ҳар кас он чиро дӯст дорад, ба шоҳ ҳадя кунад. Масалан, агар аз табақаи олии кишвар ва дарбор бошад ва мушкро дӯст бидорад, бояд ҳадяи ӯ ба шоҳ ҷуз мушк чизи дигаре набошад ва агар анбарро дӯст дошта бошад, бояд ҳамонро ҳадя кунад ва агар ба ҷома ва либос таваҷҷуҳ дошта

бошад, ҳадяаш бояд ҷома ва порча бошад ва агар аз далерон, ҷангҷӯён ва саворкорон бошад, одат ва расм ин аст, ки аспе бо найзае ё шамшере ҳадя кунад ва агар аз тирандозон бошад, расм он буд, ки тир ҳадя бифиристад. Ва агар тавонгар ва молдор бошад, расм чунон аст, ки зарру сим пешкаш намояд ва агар аз омилон ва мутасаддиён бошад ва молиёт ва хироҷи мондае аз соли пеш бар ӯ бошад, бояд молиёт гирд оварад ва дар кисаҳои абрешимбофтаи Чин гузорад ва бо наворҳои симин ва нахҳои абрешимин бубандад ва бо анбар онҳоро муҳр кунад ва пас ба даргоҳи шоҳ фиристад.

Ва ҳар кас аз омилон ва мутасаддиён, ки моил буданд аз пасандози худ ва ё боқимонда аз ҳаққуламали худ пешкаше диҳад ва амонат ва дурусткории худро намоён созад, чунин мекарданд.

Аммо шоирон шеър, хатибон хутба ҳадя мекаданд ва надимон туҳфа ё чизи турфаи зебо ва кимёӣ ва ё навбарӣ (меваи тоза расида) ҳадя менамуданд.

Аммо бар занон ва бардагиён ва канизакони хоси шоҳ лозим аст ҳар чиро азиз ва гиромӣ медоранд ва аз чизҳои дигар тарҷеҳ медиҳанд яъне ҳамон тавре ки дар бораи мардон гуфта шуд ба шоҳ ҳадя кунанд ва бар ҳар як аз занон ва ҳамсарони шоҳ лозим аст, ки агар канизаке дошта бошад ва бидонад, ки шоҳ ӯро дӯст дорад ва аз дидораш хурсанд мешавад, бояд ӯро бо беҳтарин вазъ ва ороиш ҳадя кунад, пас агар яке аз ҳамсарони шоҳ чунин кунад, бар шоҳ ҳақ дорад, ки бар соири занон ӯро бартар дорад ва қурби манзилаш биафзояд ва бидонад, ки он зан шоҳро бар худ тарҷеҳ дода ва муқаддам дошта ва ба ӯ ҳадяе намуда, ки доданаш барои ӯ фидокорӣ буда ва чизеро махсуси ӯ гардонида, ки камтар зане метавонад иқдом ба он кунад ва чунин ҳадяе тақдим намояд.

Ва аз ҳуқуқи хоси мулозимон ин аст, ки ҳадоёи онҳо бар шоҳ арза шуд ва таври одилона арзёбӣ шавад.

Ҳар гоҳ ҳадя даҳ ҳазор (дирам) арзиш дошта бошад, дар девони хос сабт мешавад ва ҳар гоҳ соҳиби он ҳадя аз касоне бошад, ки толиби фузунӣ ва суд бошад ва бар асари пешомаде гирифтори мусибате шавад ва ё бихоҳад иморате бисозад ва ё барои меҳмонон хоне бигустарад ва ё сури арӯсӣ дошта бошад, ки писари худро домод кунад ва ё ба духтари худ ҷиҳезе диҳад ва равонаи хонаи шӯй кунад ва ба ҳар ҳол ниёзе ба мусоидат дошта бошад, дар ин сурат он чӣ дар девон дорад менигаристанд ва шахсеро баргумошта буданд, ки мутасаддии ин гуна корҳо буд ва ба онҳо расидагӣ менамуд, пас ба ҳадяи он шахс расидагӣ мекард ва ҳар гоҳ арзиши он ба даҳ ҳазор мерасид, ду баробари баҳои онро ба ӯ медоданд то дар ниёзе, ки дорад ба кор барад.

Ва агар он шахс аз касоне бошад тир ё дирам ё себ ё турунҷӣ ҳадя кардаанд, ба ҳар ҳол барои он ҳадя шудааст, ки дар девон сабт шавад ва агар газанде ва ё пешомаде барояш биёшавад, бояд ба шоҳ иттилоъ диҳанд ва бар шоҳ аст, ки ба ӯ кӯмак намояд, хусусан агар аз саворкорон ва мулозимон ва ҳамсуҳбатони шоҳ бошад, пас чун ба шоҳ иттилоъ дода мешуд, ки он мард дар девон тире ё дираме ё турунҷе ё себе дорад, шоҳ дастур медод себе ё турунҷе баргиранд ва онро ба назм ва тартиб аз динори зар оканда намоянд ва барои он шахс бифиристанд, аммо рафтори онҳо нисбат ба касе, ки тире ҳадя карда буд, ин буд, ки тирро аз хона берун меовардаанд ва дар ҳоле, ки номи он шахс бар он навишта шуда буд дар ҷойе насб менамуданд ва дар баробари он аз ҷомаҳои хоси шоҳӣ ва соири ҷомаҳо ба қадре мениҳоданд, ки бо иртифои тир баробар шавад ва чун баробар мешуд, соҳиби тирро мехостанд ва он ҷомаҳоро ба ӯ медоданд (то ҳар тавре ки хоҳад дар ҳавоиҷи худ ба кор барад).

Ҳар гоҳ касе дар Наврӯз ва Меҳргон ҳадяи ҳақир ё гаронбаҳо, кам ё зиёд тақдим карда бошад ва он гоҳ дар ҳангоми гирифтории пешомаде ба ӯ сила ё инъоме аз тарафи шоҳ дода нашуда бошад, бар ӯ лозим аст, ки ба девони шоҳӣ биравад ва худро ёдоварӣ кунад ва бар ӯ аст, ки аз эҳёи сунан ва одот ва пайравӣ аз қавонин гафлат наварзад, магар ин ки гафлати ӯ бар асаре пеш омад ё монеъ бошад. Аммо агар аз рӯи амд, яъне дониста гафлат кунад ва аз ёдоварӣ худдорӣ намояд, пас онро кишвардорӣ ба шоҳ ҳақ медиҳад, ки ӯро то шаш моҳ аз мавоҷиб ва муқаррарӣ маҳрум созад ва агар он шахс душмане дошта бошад, муқаррарии ӯро ба душманаш бидиҳад, зеро рафторе кардааст, ки барои мақоми шоҳӣ нописанд ва муҷиби хуфту хӯри кишвар будааст.

Ардашер писари Бобак ва Баҳроми Гӯр ва Анӯшервон фармон медиҳанд, ки дар Наврӯз ва Меҳргон он чӣ дар хазона ҷома ва пироҳан буд, дароваранд ва бар мулозимони хоси шоҳ ва баъд аз онҳо бар мулозимон ва наздикони он гурӯҳ, сипас бар соири табақоти мардум бар ҳасби мартаба ва мақом ва дараҷа ва аҳаммият қисмат кунанд.

Ин подшоҳон мегуфтанд, шоҳ дар зимистон аз ҷомаҳои тобистонӣ ва ҳамчунин дар тобистон аз ҷомаҳои зимистонӣ бениёз аст ва аз хӯю одати подшоҳон нест ва ба онҳо намесазад,

ки ҷомаҳои худро дар хазона пинҳон доранд ва дар ин равиш ва кирдор худро бо афроди миллат мусовӣ бисозад.

Пас одаташон ба ин буд, ки дар Меҳргон ҷомаҳои нав аз хаз ва ҷомаҳое бо нигор ва малҳам (торашон аз нах ва пудашон аз абрешим бофта шуда) мепӯшиданд ва мефармуданд, то ҷомаҳои тобистонӣ он тавр ки гуфта шуд, ба мардум дода шавад.

Ва чун иди Наврӯз фаро мерасид, ҷомаҳои сабук ва нозук бар тан мекарданд ва дастур медоданд, то ҷомаҳои зимистонӣ қисмат шавад.

Пас аз онҳо касеро намешиносем, ки аз онҳо пайравӣ карда бошад, чун Абдуллоҳ бинни Тоҳир, ки ман аз Муҳаммад Ҳасан бини Масъуб шунидам, ки гуфт: Абдуллоҳ дар Наврӯз ва Меҳргон чунон мекард ва ҳарчӣ ҷома дар хазона дошт мебахшид ва як ҷома ба ҷой намегузошт ва ин сифат аз беҳтарин сифот ва фазоиле аст, ки аз ӯ барои мо ҳикоят шудааст» [Ҷоиз 1343, с. 201-204].

Дар ин ҷо ёдрас шудани боз як нуктаи муҳимро зарур медонам, ки дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ (934 – 1021 ё 1026) аз ҷашнҳои бостонии Наврӯзу Меҳргону Сада, бештар дар бахши таърихии он, ба вижа «**Подшоҳии Сосониён**» борҳо ёд шудааст. Ин ҳам далели муҳиме мебошад, ки дар замон Сосониён ба ҷашнҳои чандҳазорсолаи ниёгони мо – Наврӯзу Меҳргону Сада таваҷҷуҳ дар сатҳи баланд будааст. Мо дар рисолаи хеш зери унвони «Фирдавсӣ дар бораи Наврӯз, Меҳргон ва Сада, андар «Шоҳнома» дар ин бора муфассал сухан гуфтем, ки хонанда метавонд, ҳангоми зарурат ба он мурочиат намояд [ниг.: Раҳмонӣ 2018].

Ҳамин тавр, дар замони Сосониён, ки беш аз 400 сол салтанат доштанд, ҷашнҳои бостонӣ – Наврӯз, Меҳргон ва Сада бо шукуҳу шаҳомат барпо мешуданд. Ҳамчунин, дар осори гуфторӣ ва навиштории он замон низ дар бораи онҳо устураҳо, ривоятҳо ва оинҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки нишонаҳои он аз тариқи осори навишторӣ то имрӯз расидааст. Баъдҳо ҳам мардум ва ҳам равшанфикрон ин мероси арзишмандро ба наслҳои оянда интиқол доданд, ки ҳоло мо аз он баҳра мебарем.

Адабиёт:

1. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва Пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ / Таҳияи М.Диловар. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 794 с.
2. Берунӣ Абурайҳон. Китоб-ут-тафҳим. Душанбе: Ирфон, 1973. – 286 с.
3. Берунӣ Абурайҳон. Осор-ул-боқия. Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
4. Берунӣ, Абурайҳон Муҳаммад бини Аҳмад. Осор-ул-боқия (Осор-ул-боқия мин-ал-қурун ал-холия) / Тарҷумаи А. Доносиришт. Чопи панҷум. Теҳрон: Амири Кабир, 1386 (2007). – 38 + 611 с.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давраи нав. Китоби 1, 2. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Китоби 1. – 704 с. – Китоби 2. – 416 с.
6. Ёҳақӣ М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ. Таҳия бо шарҳу тавзеҳот ва таълиқот Р.Ваҳҳоб. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.
7. Зоҳидов Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабон). – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.
8. Иностранцев А.К. Древнейшие арабские известия о праздновании Науруза в Сасанидской Персии // Зап. восточ. отд. императ. рус. геогр. общества. Т.16. Выпуск 1. СПб., 1904. – С. 20-45.
9. Кристенсен А. Нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр // Тарҷумаи Ж.Омӯзгор, А.Тафаззулӣ. – Теҳрон: Нашри чашма, 1377. – 31+558=589 с.
10. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён / Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. – Теҳрон: Садои муосир, 1385. – 440 с.
11. Миррахим М. Ҷашни Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 240 с.
12. Мутуни паҳлавӣ (Тарҷума ва овонависӣ) / Гузориш: Саид Урён. – Теҳрон: Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1371. – 393+180=573 с.
13. Разӣ Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Эрони бостон. Теҳрон: Беҳҷут, 1371. – 734 с.
14. Раҳмонов Э. (Раҳмон Э.) Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
15. Раҳмонӣ Р. «Бор» // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷилди 3. Наврӯз ва ҷашнҳои дигар / Сармуҳаррир Н.Амиршоҳӣ. – Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2018. – С. 667-669.
16. Раҳмонӣ Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ. Душанбе: МДМТ, 2021. – 544 с.
17. Раҳмонӣ Р. Фирдавсӣ дар бораи Наврӯз, Меҳргон ва Сада андар «Шоҳнома». Душанбе: МДМТ, 2023. – 112 с.
18. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Ҷилди аввал. Аз пайдоиши ориёҳо то инқирози Портҳо. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 360 с.
19. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Ҷилди дувум. Аз Сосониён то инқирози Олизиёр. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 360 с.
20. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Ҷилди севум. Аз силсилаи Ғазнавиён то инқирози Сафавия. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 416 с.
21. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Ҷилди чорум. Аз силсилаи Афшория то инқирози Қочория. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 294 с.

22. Тафаззулӣ А. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом / Бу кӯшиши Ж.Омӯзгор. – Теҳрон: Чопхонаи маҳорат, 1377. – 452 с.
23. Хайём Умар. Наврӯзнома / Ба кӯшиши Алӣ Ҳусурӣ. – Теҳрон: Нашри чашма, 1379. – 103 с.
24. Холиқи Мутлақ. Бор // Донишномаи ҷаҳони ислом. Ҷилди аввал / Зери назари С.Мирсалим. – 1375. – 660 с.
25. ал-Ҷоҳиз Абу Усмон Умар бинни Баҳр. Тоҷ / Тарҷумаи М.Халилӣ. – Теҳрон: Китобхонаи Сино, 1343. – 248 с.
26. ал-Ҷоҳиз Абу Усмон Умар бинни Баҳр. ал-Маҳосин в-ал-аздод. Бейрут: Дорул эҳё-ул-улум, 1419 (1999).
27. Nyberg H.S. Text zum Mazdayasnishcen Kalender. Uppsala: Universitets Ārsskrift, 1934.
28. Nyberg H.S. Sassanid Mazdaism according to Moslem Sources // Journal of the K.R.Cama Oriental Institute. 1958. – N39. – pp. 3-68.

МУЗЫКАЛЬНО-ЭСТЕТИЧЕСКАЯ МЫСЛЬ ЭПОХИ БОРБАДА В КОНТЕКСТЕ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКОВ (VI -VII вв.)

Аскарали Раджабов – *доктор исторических наук, профессор, завотделом Истории искусств Института истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша*

Музыкально-эстетическая мысль таджиков (иранских народов) нашла свое отражение не только в историко-литературных, философско-дидактических источниках V1-VII вв., но и в музыкально-теоретической литературе, которой принадлежит значительное место в древней таджикско- иранской письменности. Важно таджикско-иранских музыкантов-поэтов (huniyakaran) не был сосредоточен только непосредственно на искусстве, он опирался необходимостью создания собственной музыкально-исполнительской традиции. Особенно этому способствовало несомненно высокое развитие согдийско- бактрийского искусства, а также по праву стяжавшие себе славу первые музыкально-исполнительские школы. Музыканты-поэты (huniyakaran-i ustad) эпохи Сасанидов (224-651гг.), подобно своим предшественникам - первым профессиональным музыкантам (huniyakaran, gavasan, vuzurg huniyakaran), несколько творческо-исполнительских традиций, систематизацию музыкально-поэтических жанров, форм, языка художественных, поэтических творений своей эпохи. Поэтому музыканты-поэты рассматривались в самой тесной связи с художественно-исполнительской традицией V1- VII вв**.**

Особое место в историко-литературных произведениях, разделах о музыке V1-VII вв. занимали музыкальные сюжеты, которым отводилась особая аналогичные сюжеты встречаются в письменных источниках последующих веков (VII-X111 вв.). В литературно-исторической литературе VI-VII вв. музыкальные сведения, как правило, были подчинены событиям, которые происходили в художественной культуре этого периода.

Музыкально-творческая культура эпохи Борбада Марвази (590-628гг), одного из самых выдающихся музыкантов Востока (Ближнего и Среднего), была итогом многовекового созидательного процесса в истории таджикского(иранских) народа. В этом процессе участвовал целый ряд талантливых музыкантов(gavasan, marvisray, huniyakar).Особое влияние на развитие музыкально- исполнительской культуры оказало формирование крупных централизованных государств иранских народов, позволившее осознать им единство и региональное многообразие музыкального искусства, достигшего в эпоху Сасанидов (224-651 гг.) высочайшего уровня развития (asri-tilloi musiqi).В письменных источниках об этом говорится довольно подробно, но в исследованиях современных отечественных и зарубежных ученых процесс формирования и накопления знаний о музыке, ее «золотом веке» (asri zarrin), когда музыкальная мысль становится основой развития музыкальной науки на Ближнем и Среднем Востоке, почти в отдельности не рассматривается (в академическом аспекте)[1.21-23].

В письменных источниках досасанидской эпохи упоминается об уровне музыкальной культуры иранских народов, особенно ахеменидского периода, но, к сожалению, до нашего времени почти не сохранились письменные источники, которые непосредственно были посвящены музыкальной мысли. Надо отметить, что именно в эпоху Борбада, наряду с высоким уровнем развития музыкально-поэтических жанров, форм, исполнительских стилей (sraishon), формированием крупных монументально-циклических профессиональных произведений (srut, srud, chikomak, ustadan),циклических систем, на новую ступень поднялась и музыкально-теоретическая мысль.

Дошедшие до нас пехлевийские источники (Frahang-i pahlavik, Daruk-i xvarsandih и др.) говорят об уровне музыкальной мысли иранских народов в эпоху основоположника классической системы таджикско-персидской музыки, поэта-мелода (gavasan, ustad hunqaykar, xyniyakar, ramishgar, marvisray) Борбада. Кроме глав, разделов о музыке, имеющихся в историко-литературных и философско-дидактических произведениях, были написаны и такие специальные теоретические труды о музыке и о художественно-эстетическом воззрении иранцев, как «Darik-i xvarsandih» («Книга о теоретических и практических правилах искусства»), «Traniknamak» («Книга песен») и др [2.13,14].

Определяющими чертами музыкально-теоретических письменных памятников эпохи Борбада являются: достижение высокого профессионализма; толкование и комментирование различных вопросов музыкально-теоретической науки; создание особой унифицированной классической музыкальной системы; взаимосвязь и взаимовлияние музыки и поэзии (srudsray, gavasan, gasangoft, chikomak-i xuniyakih); рассмотрение музыки как вида искусства и науки; анализ развитой раннеперсидской музыкальной эстетики (dastan xuniya ud zibavashin) как самостоятельной системы взглядов (damastin xradmanishin) [3.149,152].

Для эпохи Сасанидов, как и для других древних цивилизаций, характерна неразрывная связь музыкально-исполнительской и музыкально-теоретической мысли с художественно-эстетическими воззрениями. При изучении письменных памятников этого периода порой бывает трудно провести четкую грань между этими двумя областями художественной традиции.

Богатство музыкально-исполнительской традиции, расцвет художественной культуры определяли гибкость музыкально-поэтических средств выражения эпохи Борбада. Разнообразие и богатство музыкально-поэтических жанров, новые художественные формы, созданные такими мастерами (ustadan-i xuniya), как Борбад (Pahlapat, Fahlbaz, Fahlbad),Саркаш (Sargis),Накисо (Nakisa), Озодвар Чанги (Azadvar), Касван Навагар (Kasvan Navakar), Бомшод (Bamshd) подняли на высокий уровень музыкальную мысль эпохи Сасанидов. Существенные достижения в художественной культуре иранских народов и, в первую очередь, создание высокоразвитого философского, литературного и научного наследия, достигла та культурная эволюция, которая свидетельствовала о духовной зрелости и профессиональном уровне музыкальной мысли эпохи, способствовала появлению фундаментальных теоретических трудов, глав и разделов по музыке в историко-литературных трудах (Daruk-i xvarsandih,Traniknamak)[4. 114-115].

Музыкально-теоретическая мысль эпохи Сасанидов изучена очень мало. Дошедшие до нас разделы, главы о музыке, сведения о выдающихся (ustadan-i xyniya) профессиональных музыкантах (ustadan-i ramish)-лучшие свидетельства широкого распространения музыки в быту народов, в культурных центрах того периода Ктессифоне (Tisfun), Вараруде (Мерве, Бухаре, Самарканде, Балхе). Многочисленные сведения о процессе музыкальной мысли той эпохи находятся в музыкально-теоретических, историко-литературных произведениях классиков персидско-таджикской литературы. Высокразвитая музыкально-творческая жизнь эпохи Сасанидов обеспечила прочное и заметное место Борбада в музыкальной истории. Кроме того, этому способствует историко-эпическая музыкально-поэтическая поэма «Хусравани» -свидетель высокого процесса развития профессиональной музыки.Сила таланта Борбада бесспорна в его королевской поэме «Хусравани»(Srud-I shahanah,tarig-ul-mulukiya).В данном плане познавательное значение монументального цикла «Хусравани» (Xusravain, Xusrub srud,Tarig-ul- mulukiya) Борбада не подлежит сомнению. Надо отметить, что интерес к Борбаду и его циклическая система «Хусравани» проявился не только при Сасанидах, он сохранился и в дальнейшем.

Достоинствами письменных источников этого периода являются: подчеркивание единства творческого и исполнительского (sraish) процесса (gahan), их тесная и органическая взаимосвязь с музыкально-поэтическими жанрами; раскрытие художественно-эстетических канонов; устойчивость и оригинальность художественного образа мышления; интерпретаторская функция исполнителя; строжайший исполнительский и эстетический регламент; постепенная реализация идеи и стабильность художественных норм у подлинно творческих талантов в процессе исполнения (vuzurg xuniyakaran) крупных и сложных циклических произведений - «Xusravain», «Karkuki», «Loskavi», «Uramani»; классификация инструментов (guruhband-i sazho) и разнообразие их звучания (saznivag, звуковые особенности); создание специального музыкального календаря; специфика певческих и

женских (nardvan, zananik) голосов; акустика, сила эмоционального воздействия музыки на слушателя и др.Ярким примером может служить история демонстрации виртуозного исполнительского искусства Борбада на придворном празднике Хосрова Парвиза. В подобном виртуозном исполнительском искусстве можно обнаружить немало выразительных особенностей музыкально-творческой традиции 1V-V11вв.Эти и другие вопросы музыки рассматриваются в письменных памятниках «Xosrav Kavatan i ridak» («Хосрав Каватан и его паж»), «Antarz Buzurgmehr» («Назидание Бузургмехра»), «Daruk-i xvarsandih («Книга о весельях») и др. Музыкальные воззрения эпохи Сасанидов стали особой музыкально-теоретической мыслью последующих периодов развития Ближнего и Среднего Востока. Музыкальная культура эпохи Сасанидов стала мостом между Востоком и Западом[5.13-15].

Говоря о процессе развития исторической традиции музыкальной мысли эпохи Борбада (Сасанидов), в частности, исполнительского мастерства, многие отечественные и зарубежные исследователи считают, что музыкальные воззрения V1-VII вв. сыграли огромную роль не только в развитии музыкальной культуры иранских народов, но и в истории музыкально-теоретической мысли народов Ближнего и Среднего Востока. Например, под влиянием Борбада в VII веке произошла дифференциация музыкантов. Среди них отчетливо сформировался слой профессионалов-исполнителей (ustadan sraishnih, xuniyakaran-i ustad) и первых теоретиков. Теоретические основы музыки иранских народов начали закладываться именно в эту пору. Многие профессиональные музыкально-исполнительские стили, классические традиции формировались именно в эпоху Сасанидов (Борбада)[6. 59,62].

В письменных источниках V-V1вв. мы находим сведения, свидетельствующие о глубоком понимании роли музыки (ramish, ramishgar, srudsray, nivag, nivagar) и поэзии (saxun), музыкальных инструментов, природы и истоков музыкального искусства. Особенно в «Daruk-i xvarsandih» говорится о формах выразительности и канонах музыки исполнителя, достигшего мастерства. Подобные высказывания мы находим не только в диалогах Хосрова Каватана и пажа(Xusrav Kavatan u Ruzak), но и в историко-литературных, лингвистических (словари) источниках. При различном отношении к вопросу о роли музыки и ее месте в музыкально-творческом процессе и ту, и другую сторону объединяло понимание связующей функции музыки в масштабе поколения музыкантов эпохи Борбада (Сасанидов в целом), исполнительские стили, музыкально-поэтические жанры и формы, значение музыкально-исполнительского канона как начала, соединяющего музыканта и традиции, как свидетельство приобщения мастера (ustad huniya,vuzurg hanzdarbed huniya) к традиции и выражение подлинности, достоверности его мастерства (Борбад, Саркаш,Накиса и др.)[7.21,34].

В самих источниках V1-V11вв., так же, как, впрочем, в музыкально- теоретических трактатах 1X-XV11вв.,можно без труда подметить идентичность в оценках толкования общих канонов музыки и подверждения приверженности традиции. Вопросам истории и процессам развития музыкально-эстетической мысли, соответствующим музыкально-творческой жизни (V1-V11вв.), в письменных источниках эпохи Борбада тоже уделяется особое место [8.9,10].

Значительная часть глав и разделов первоисточников VI-VII вв. посвящена вопросам исполнительства (dastur-i sraish).Особенно важные сведения имеются о таких профессиональных музыкально-поэтических жанрах и формах(srud, trana,tranak, chikama, chikamak,patvaja, patvajak) которые заложили основы классической системы профессиональной музыки (xuniyakih ustadan) иранских народов в виде «tranak» (песнь), «patvoja» (песнь более совершенной формы), «chama» (песнь, двустишие), «srud» (песнь торжественного мотива), «fahlavi, pahlavi»(народные четверостишья-tranaki), «Xosravain voch» («песнь Хосравони») и др[9.41,43].

Следует отметить, что, поскольку музыкально-теоретическая мысль в VI-VII вв. эпохи Сасанидов (в Хорасане, Вараруде) уже существовала, разносторонняя деятельность профессиональных музыкантов во главе с Борбадом естественно стимулировала дальнейшее развитие теоретических основ музыкальной культуры. Существенным толчком для этого послужили музыкальное традиции эпохи Ахеменидов и переводы трудов по музыке Древней Греции и Индии.

Широта интересов музыкальных деятелей проявилась не только в стремлении исследовать музыкальные произведения и содержание специальных работ теоретического характера. В главах, разделах о музыке большое внимание уделялось дальнейшей теоретической разработке песен и

мелодий, расширению использования выразительных средств в инструментальной и вокальной музыке. Особое значение придавалось выработке индивидуальной исполнительской манеры (aiin-i ekgah sraish), отличающейся от исполнительской манеры (sheva-i xuniyakih) музыкантов других регионов.

В этих источников особое значение имеют разделы о музыке «Daruk-i xvarsandih», «Xosrav Kavatan и rizak», «Traniknamak», «Frahang-i pahlavik» описание различных компонентов музыки. Весьма глубоки и оригинальны некоторые диалоги Хосрава Каватана и его пажа о созвучии инструментов, гармонии, применившего этот термин в смысле музыкально-интонационной структуры, где различаются, с одной стороны, вокальная и инструментальная музыка, а с другой - интонационная и ритмическая сторона мелодий.

В диалоге Хосрава и его пажа о вопросах гармонии (namahona avahang) привлекает внимание прежде всего то, что разговор идет на уровне разработки специальной терминологии. Оба термина являются производными от слова «ohang»[10. 115,118].

Особое внимание уделено характеристике различных инструментов (sazha), красочным эффектам музыкального звучания и благоприятному художественно-эстетическому воздействию на слушателя. В диалоге между Хосравом и пажем подробно охарактеризованы музыкальные инструменты и человеческий голос. Примечательно, что паж гововорит: инструмент и человеческий голос хорошо и полно выражают человеческие эмоции, душевные движения человека- печаль(sug), радость (shadih), ласковость (mehranih),нежность (nazukih), властность (shahih). Человеческий голос (avach), всевысший (abardar),чистый голос (abezag avach),неповторимый голос (aber avach),чистый инструмент(aber saz)способен выразить грусть и радость,это значит, что он облекает их выражение в конкретную тему. Слушая выразительный человеческий голос, мы будем свидетелями,что через голос можно изобразить внутренние чувства. Следовательно, человеческий голос всегда изображает и выражает внутренние чувства. Нам скажут, что человеческий голос очень выразителен,но он не может непосредственно выразить человеческое лицо, тело, жесты[11.64,67,].

О категориях звука ценные данные содержатся в «Daruk-i xvarsandih», «Frahang-ipahlavik».В этих источниках разделение звуков музыкальных инструментов и человеческих голосов на отдельные категории имеет свое логическое толкование. Реально существующие звуки разделяются в основном на три группы или категории по признакам их звучания. Отношение ученых-теоретиков эпохи Сасанидов (Борбада) к человеческому голосу, особенно в диалоге Хосрава и пажа, проявляется достаточно ясно. Наиболее эффективными,с точки зрения силы акустического и эмоционального воздействия(afrinsazih, afrinsraysh, afrinsrud, afrinhuniya), являются струнные и духовые инструменты, аккомпанирующие человеческому голосу и способные вызывать особенно глубокие художественно-эстетические и эмоциональные (afrin sitavashih, beshoman srud, beshomand nivag, afrin ramish, afrin guvandeh, axtar ramish, axtar huniya, azarmig huniyakar) чувства у слушателей [12.39,47].

В «Daruk-i xvarsandih» дается характеристика певческих голосов, при этом женские и мужские голоса выделены особо. Этот вопрос тоже анализируется в диалоге Хосрава и пажа. По мнению пажа, наиболее эмоционально окрашенные женские голоса очень трогательны и музыкальны, особенно голоса молодых певиц, высокая тесситура которых возникает от носовой манеры исполнения. Человеческие голоса анализируются с точки зрения дифференциации элементов звуковой речи, их взаимосвязи и сочетания.

Этот вопрос анализируется в диалоге Хосрава и пажа о женском голосе «zananik avach». Из всех певческих стилей(srayish) Хосрав особенно выделяет этот женский голос, с помощью которого можно наилучшим образам выявить все качества и оттенки исполняемой мелодии. По мнению Хосрава, свойства женского голоса приближаются к звучанию четырехструнного чанга (chang) и благозвучного двухструнного танбура (tanbor).

Для Кавата материалом (moyai honar) музыкального произведения должны являться мотивы (avahang). Смысл музыкального (huniya) произведения создает его содержание (moya). По его представлению, задача (datastur) музыканта-исполнителя (mustaksrai, xuniyakar) сводилась к тому, чтобы в процессе создания (soxtannivag) и исполнения особым образам установить данное требование.

По мнению Кавата и пажа, содержание музыкального произведения дополняет музыкальное украшение (hunavag), это дает не только новую форму, но и содержание (gilmoyaniwag). Смысл

музыкального произведения полностью определяется конструкцией творческо-исполнительского (hunawaksazan) элемента, и новый исполнитель-импровизатор (patwojasrai) соответствует новому импровизационно-художественному смыслу. Поэтому музыкально-поэтические мотивы имеют практически неограниченное музыкально-эстетическое воздействие.

В диалоге Хосрова Каватана и его пажа дается интересный ретроспективный обзор музыкально-эстетических воззрений иранцев. В ходе диалога они обосновали существенно модифицированную интерпретацию, предшествующую музыкально-исполнительским традициям. Новые разъяснения Каватана и пажа более широких вопросов музыкально-творческого искусства дают возможность объяснения динамики развития музыкально-эстетических воззрений иранцев V1-VII вв.

Кратко, но глубоко рассматриваются в диалоге Каватана и пажа проблемы формы и содержания в музыкально-исполнительском творчестве музыкальной культуры эпохи Борбада Марвази (Сасанидов).

Кават и паж в ходе вопросов и ответов, опираясь на музыкально-эстетические воззрения предшественников, корректировали и перерабатывали многие моменты их взглядов, особенно полемизировали с древнегреческими теоретиками. Жизнеспособность многих вопросов в диалоге Кавата и пажа объясняется не только глубинной оригинальностью и практико-теоретическим осмыслением ведущих исполнительских манер, стилей профессиональной музыкальной культуры эпохи ахеменидов, но и тем, что эти творческо-исполнительские принципы в эпоху великого менестреля Борбада обогатились значительными новшествами.

Музыкант-исполнитель (xuniyakar, gasanik), по мнению Кавата и пажа, должен не только соблюдать нормативные требования (datastur huniya), но и уметь правильно импровизировать (patwojaxwon) наиболее подходящие для исполняемого произведения мелодии, посредством которых он (xuniyakar-музыкант) должен стараться адекватно выразить свое мастерство (ustad xuniya minag xuniya) и тончайшие нюансы музыки (huniya). Данную аналогию исполнительских принципов мы позднее встречаем более подробно в трудах Маусили (Ибрахима, 742-809гг.), Исхака Маусили (767-850гг.), Залзала Рози (721-779гг.), Фараби (856-950гг.), Ибн Сино (980-1037гг.), Ибн Зейла (ум.в 1048г.) и др[13,20,29].

В диалоге Кават. и пажа в процессе создания и исполнения музыкального произведения все музыканты-сочинители(xuniyakaran, gasanik), за исключением мастера (ustad xuniyakar), совершают ошибку. Как утверждает паж, музыканты отделяли содержание от формы (nimag manig moya xuniya), тогда как они связаны между собой в неразрывном единстве. Кават говорит о музыкальном произведении следующее: по его мнению, результатом копирования (niwagnimag) не может быть создание музыкально-поэтического произведения, а лицо, копирующее, не может считаться музыкантом-профессионалом (ustad xuniya); копирование есть повторение оригинала, иначе говоря, его исполнение (sraishan), а копирующий (nimagxvananda) есть не создатель (gasanik sazandagan) музыки (huniya, gas), а лишь ее передатчик (guvandagah) [14.27,34, 77]..

В соответствии с правилами индивидуально-авторского (xvashxuniya) творчества, знание которых подчеркивается в диалоге Кавата и пажа, есть мотив и исполнение. Вся его реализация или часть из них должна обладать неповторимым исполнительско-творческим почерком, особенностью (nimad), свойством (nimagviza), добавлением, обладать различными обликами (nishanxuniya) и многообразием (ramisham).

По мнению Кавата и пажа, материал музыкального творчества и исполнительства (xvanandagan, sraishan) обладает свойствами, создающими творчески неограниченное для произведения индивидуально-авторское начало (xwash avaz xuniya). Этим принципиальным суждением Кават оценивает назначение выразительных средств музыкального произведения.

Каватан был хорошо осведомлен об античных и иранских музыкально-эстетических воззрениях. Говоря о художественно-эстетическом воздействии музыки на слушателя, он восторгается божественным искусством певицы с сопровождением инструмента барбата («shunidan-i avaz-i zananak ba dardat gavoratarin boshad»), голос которого волнует сердца (Ravanro tavan avarad). Голос может увлечь слушателя и излечить его от безумия (avaz-i zananik daraman-i ravan va badgamani ast). Паж в ответ Каватану говорит, что «awazi zananik ata'sh andar rawan ast» -голос молодой певицы (женщины) способен зажечь любовь в сердце слушателя[15.78,91].

Звучания инструмента (особенно струнно-плекторные-sazhoi zaxmai) и голоса (музыка-awazxwani) на слушателя, о котором Каватан спрашивает у своего пажа, сохраняют в слушателе отголоски идей Ахурамазды. По выражению Каватана и пажа, песню (tranak, srud, chikamak) любит Ахурамазда, она потрясает глубокую бездну Ахримана. В музыке песней музыканты-поэты (gavasan, xuniyakaran) воспевают деяния героев, и песни сопровождают праздники и молитвы (niyaishan).

Взаимосвязи поэзии (soxan) и музыки (niwag) Каватан и паж рассматривают в своих вопросах и ответах. «Голос соединят стих (soxan), они являются сестрами гармонии (nivagxvani)».Паж говорит, что смысловое могущество слова(saxun) занимает в музыке особое место. В диалоге не раз подчеркивается, что слова придают музыке(nivag) определенность, которой она не обладает сама по себе. Возражать против этого не приходится, поскольку слово, оперирующее понятиями, крайне способствует определенности образов не только музыки (nivag),но и любого другого вида искусства. По выражению пажа, в patvajak, surud, tarana слово ярче освещает музыкальные образы, делает их особенно отчетливыми.

Надо отметить, что,паж довольно четко резюмирует музыку в двух аспектах – как чувственное (Ravansaxun) отражение красоты звуков и как продукт высокого исполнительского мастерства музыканта. Теснейшая связь музыки (nivag) и стиха (soxan) прослеживается там, где Кават и паж дискутируют о музыке как практически выработанной системе познания музыки и поэзии, многократно проверенной в исполнительской (srayshan) практике. Паж, устанавливая связь между музыкой и словом, подчеркивает, что «исполнитель (мастер-ustad (huniyakar) хорошо знает, что музыка и слово по природе своей являются братьями- близнецами (dugonikan)».

Проблема взаимодействие музыки и стиха (голос стиха) - одна из главных тем диалогов Каватана и его пажа. Эта проблема занимает особое место в музыкально-эстетических воззрениях VI-VII вв. По выражению пажа, эти два вида искусства (soxan, niwag) представляют единую природу. В музыкально-поэтических жанрах и формах «tranak», «srud», «chakamak», «patvoja», «rawashin», слова и музыка воздействовали на слушателей как единое искусство. В музыкально-исполнительских традициях эпохи Сасанидов поэзия и музыка (голос и стихи) способствовали развитию и многообразию музыкально-поэтических жанров, форм, сохраняли тесное взаимодействие музыки с текстом, и это было делом одного человека – поэта-музыканта (gawasan, xyniyakar, niwagar).

Музыкально-эстетические воззрения в V1-VII вв. формировались на основе философско-художественных систем иранских и других народов Востока. Плеяда выдающихся музыкантов (xuniyakaran), исполнителей (sraishwaran) VI-VII вв. в равной степени воздействовала на развитие музыкально-эстетической культуры не только эпохи Сасанидов, но и последующих веков. С одной стороны, высокоразвитое творческо-исполнительское искусство, а с другой - появление отдельных музыкально-теоретических трудов («Traniknamak», «Daruk-i xvarsadih»), глав, разделов историко-литературных, этико-философских произведений («Antarz-i Xosrov Kavatan», «Xosrov Kavatan и rizak», «Karnamak Artashir Babakan») непосредственно оказало большое влияние на развитие музыкально-эстетических воззрений эпохи Борбада Марвази[16.172,174,177].

Поэты-музыканты (gavasan, xuniyakaran) выступали в общественно-политической жизни IV-VII вв. как высокопрофессиональные деятели культуры и внесли особую заслугу в развитие и многообразие музыкально-эстетической мысли. Эти происходило в то время, когда сасанидские правители выступали как покровители культуры и искусства. Таким именно был «золотой век музыки» (asr-i zarrini xuniya). Согласно сведений первоисточников, музыка и поэзия («she'r-i xuniyai) находились в единой гармонии, во главе нового процесса музыкально-исполнительского творчества стояли великие музыканты-поэты (xuniyakaran, gavasan), сочинители монументально-циклических, музыкально-поэтических жанров и форм Борбад (Pahlapat), Саркаш (Sargis), Накисо (Nakisa), Озодва р(Azadvar), Рамтин (Ramtin) и другие, которые создали единые и целостные художественно-эстетические принципы в музыкально-исполнительской культуре.

Высшая знать Сасанидов была озабочена не только созданием разных музыкальных ансамблей, но и высших образовательных институтов, таких, как Рамишсаро **(**Ramishsray), который представлял собой музыкальный институт при империи, сочетавший в себе многочисленные творческо-исполнительские труппы; именно он являлся профессиональной школой для музыкантов-поэтов (xuniyakaran-isrudsrai, gavasanustad-iwuzurg – мастеров- песенников, виртуозов). При академии

искусств (Ramishsray) были сосредоточены лучшие инструменталисты, певцы-песенники (xuniyawih), создатели крупных монументально-циклических произведений, благодаря творчеству которых определялся уровень развития музыкально-исполнительского процесса в разное время в сасанидской империи. Руководителей (xvarambash) и секретарей (namaknabisht) академии (Ramishsray) назначал царь особым распоряжением, поэтому они имели особый статус и под их руководством шел весь музыкально-исполнительский (navagsrayan), творческий процесс.

Профессионализм, строжайшая канонизация, церемониальность закрепили за каждой музыкальной группой (dastakertxuniyakaran- гильдией) ее место в общественной иерархии, и подобная значимость музыкантов-поэтов являлась одновременно общественно-культурным явлением. Покровительство музыкальному искусству было свойственно сасанидским правителям [Бахрам Гур(421-438гг.), Хосров Ануширван(531-579гг.), Хосрав Парвиз(590-628 гг.)], эти и другие цари были знатоками музыки и поэзии, их влияние простиралось и на культуру других стран.

Сасанидские правители позволяли (xwarambash) руководителям придворных корпораций музыкантов (huniyakaran) воплощать высоко-интеллектуальные идеи, творческие направления эпохи в реальность, как было в древности. Все творческие группы должны были обращаться к зороастрийскому (behindinik) вероучению (как основной религии), имевшему свою философию, художественно-эстетические ценности империи. Все это очень гармонично и красочно изображено в историко-литературных фолиантах, произведениях изобразительного искусства рассматриваемого периода (IV-VII вв.н.э.). Деятели музыки активно участвовали в развитии и пропаганде всех достижений государства, отражали в своем творчестве важнейшую тематику современности. Бескрайне богатые мифологическая, эпическая, музыкально-поэтическая традиции Мерва предстают в открытых археологическими раскопками материальных свидетельствах и многочисленными сведениями письменных источников. Музыкально-поэтическая традиция Мерва составляет неотъемлемую особенность его музыкально-творческих традиций. Во многих из них дается характеристика мастерства мервских гавасанов-музыкантов-поэтов, особенно выделяется мастерство Борбада. В подавляющем большинстве сведения источников, видимо, понятных и близких эпохе Борбада, для нас остаются закрытыми. Подробностей о жизни и творчестве Борбада в Мерве немного, но есть некие новые факты, позволяющие вносить штрихи и уточнения в сущность творчества мастера.

Если не считать сцен, в которых нарисован Борбад на пирах сасанидских царей (а они дошли до наших дней), они еще раз говорят о высоком искусстве музыканта-поэта и его высоком месте в музыкальной культуре иранских народов.А между тем письменные источники эпохи арабского халифата и последуюших веков сообщают многочисленные факты о Борбаде, его творчестве, о придворных приемах и пиршествах, на которых присутствовал музыкант,позднее воплощенные в изумительные картины «Шахнаме» Дакики, «Шахнаме» Фирдоуси, «Гаршоспнаме» Асади(1005-1073 гг.), «Вис и Ромин» Гургони, «Варка и Гулшод» Аюки и др. Особенно проникновенно соприкосновение с «Шахнаме» Фирдоуси в яштах, оно ощущается на каждом шагу, причем иногда мы видим в них зачаток того художественного образа, который позднее дан в более развернутом виде. Вопрос о разнообразии стиля пения гаты в музыкальной традиции V1-VII вв. также является одной из важных проблем. Тем более, что оно имеет точки соприкосновения с аршакидской, парфянско-согдийской музыкально-исполнительской традицией. Музыкально-поэтическое творчество эпохи Борбада освоило почти все жанровые формы, свойственные музыке и поэзии.

Наиболее популярным в творческо-исполнительской традиции Варарудана и богатым в музыкально-эстетическом отношении представляется «marvi, marvisrayi». «Марви» в образно-эмоциональных проявлениях очень тесно связана с музыкально-поэтическими традициями в культурных центрах Мерва, Бухары, Самарканда. Борбад в своем цикле вводил многие темы, и они связаны с жизненной достоверностью. Многими внутренними музыкально-поэтическими нитями «марви» связана с древними музыкально- исполнительскими традициями таджиков. Формы функционирования «марви» и «марвисараи» характерны только для музыкально- исполнительской культуры Мерва, Бухары и Самарканда.

Персидско-таджикские литераторы и теоретики (Абухафе Согди, Рудаки, Фараби, Абулаббас Бахтияр, Ибн Сина, Ибн Зейла, Фирдоуси) понимали выдающуюся роль и

значение авестийского, парфяно-сасанидского наследия в формировании музыкально-поэтических жанров и форм, многообразии художественно-эстетических образов и нравов,и широко применяли их всвоём творчестве. В условиях дворцовой (dardar shahan) церемониальной жизни в полной мере раскрылись многие художественно-эстетические, исполнительско-творческие особенности музыканта-сочинителя (xuniyakar, sazniwagih). Придворная и музыкальная практика была строго регламентирована и координировалась царскими главами корпораций музыкантов (xwaramdash) и академией искусств (Ramishsray).

Эпоха Борбада Марвази (Сасанидов) сыграла особую роль в формировании классических традиций музыкально-эстетического мышления не только иранских народов, но и народов Ближнего и Среднего Востока. Благодаря целеустремленности сасанидских деятелей культуры было собрано ахеменидское, бактрийское, аршакидское, парфянское и согдийское музыкально-поэтическое наследие. В общественной и культурной жизни иранских народов со II века нашей эры происходят существенные социально-политические изменения.Сасанидский период стал новым историческим этапом в истории художественно-эстетической культуры иранских народов. При Сасанидах усиливается взаимодействие прошлых музыкальных систем с новым. Профессиональная сасанидская музыкально-исполнительская традиция воспитала слушателей на высоком интеллектуально-исполнительском музыкальном искусстве (xuniyakaran - i ustad, ramishxwran-i ustad), порожденном новыми художественно-эстетическими канонами[[17.123,129].

Процесс художественной эволюции изменил систему художественно-эстетического мышления. При Сасанидах, наряду с формированием основ социально-политической структуры, видоизменяются формы, структуры, принципы и средства музыкально-поэтической, художественно-эстетической выразительности (sazfrahat, niwagfrahat ramishsrayan-ishah hamharzan niwagkarend, padtanbur, rubab ud barbat tranak srayend). С этой точки зрения музыкально-исполнительская, творческо-теоретическая культура этого периода по своему характеру и масштабности обладала высоким уровнем профессионализма (ustad honar). Для нее была характерна органичная преемственная связь с художественными традициями прошлых эпох (ахемениды, аршакиды, парфяне, кушаны).Для музыкально-исполнительской культуры V1-VI - началаVII вв. характерен также постоянный динамический рост художественных средств выразительности(xwash payrast), профессионализма (ustad hunarih). В этом заключается особенность и историческая значимость художественно-эстетической культуры эпохи Сасанидов (эпохи Борбада) в истории мировой цивилизации[17.184,186].

Богатство музыкально-исполнительской традиции, расцвет и многообразие художественно-исполнительской культуры V1-VII вв. определяли гибкость музыкально-поэтических средств выражения. Разнообразие, богатство тематики музыкально-поэтических жанров, художественно-выразительных средств, форм, особый дар и стиль ее создателей подняли на высокий уровень музыкально-эстетическую культуру. Именно существенные достижения в исполнительско-художественной культуре иранцев и, в первую очередь, создание высокоразвитого историко-научного, литературного наследия, культурная эволюция, которая свидетельствовала о духовной зрелости и профессиональном уровне музыкально-творческой культуры V1- VI1вв., способствовали появлению великого музыканта, менестреля (frazanagxuniyakaran,ustadan xuniyakaran) Борбада.

Таким образом, говоря о высоком уровне развития музыкально-эстетической мысли эпохи Борбада,можно с уверенностью констатировать, что формирование циклической системы профессиональной музыки таджиков(иранских народов),широкое распространение разновидных музыкально-поэтических жанров и форм способствовали также становлению музыкально-теоретических воззрений. Более того, они играли важную роль и в развитии самой классической системы таджикско-персидской профессиональной музыки.

В целом, сведения письменных источников эпохи Борбада имеют важное научно-историческое значение и для развития таджикско-персидской средневековой музыкально-эстетической мысли. В памятниках этого периода затрагиваются и такие важные вопросы, как влияние музыкальных форм, средств и приемов на художественное мышление, рассматриваются вопросы формирования

классических норм таджикско-персидской музыкальной культуры, взаимосвязи музыкально-поэтических жанров и форм, эволюция музыкально-эстетической мысли иранских народов.

Указанный круг вопросов, рассмотренных представителями музыкальной мысли эпохи Борбада, является весьма актуальным и для современного музыкального востоковедения, и он представляет несомненный интерес для дальнейшего изучения богатейшего пласта музыкального наследия таджиков и иранских народов.

Литература:

1.Аскарали Раджабов. Традиции классической музыкальной культуры эпохи Сасанидов. Душанбе: «Контраст», 2005.108 с.
2.Barkashly M. Musiqi-dar dawre-i Sosoni. - Tehron, 1929.78 s.
3. Носири Канъонӣ, Ромиш ва ромишгарӣ дар аҳди Баҳроми Гӯр //Аз Борбад то Сабо. Душанбе: «Деваштич», 2003. 253 с.
4.Рачабзода А. Борбад ва замони ӯ. Душанбе: Аржанг, 2004.200 с.
5. Маҳдӣ Баркашлӣ. Шарҳи радифи мусиқии Эрон. Теҳрон, 1348. 457 с.
6.Рачабов А. Эҷод ва иҷрои мусиқӣ дар садаҳои 1V-V11. Душанбе: «Контраст», 2011, 256 с.
7. Талъат Бассор, Дастгоҳҳо ва оҳагнгҳои мусиқӣ...Теҳрон, 1346. 230 с.
8.Азиз Шаъбонӣ, Шиносоии мусиқии Эрон. Теҳрон, 1350. 211 с.
9.Раджабов А. Борбад и Рудаки: преемственность и общность традиций. Душанбе: «Дониш», 2013. 278 с.
10. Ҷунайдӣ Фаридун,Заминаи шинохти мусиқии эронӣ, , Теҳрон: «Порт», 1341. 280 с.
11.Раджабов А. Борбад: эпоха, традиции и новаторство «Контраст», 2010, 230 с.
12.Мэри Боус, Гусанҳои портӣ ва суннати хуниёгарии эронӣ. Теҳрон: «Огоҳ», 1368. 99 с.
13. Виноградов В. Классические традиции иранской музыки. М., 1982.183 с.
14. Баҳром Фараҳвашӣ, Фарҳанги паҳлавӣ. Теҳрон,1346, 250 с.
15. Тагмизян Н. Теория музыки в древней Армении. Ереван, 1977. 475 с.
16. Раджабов А. Борбад и Рудаки: преемственность и общность традиций. Душанбе: «Дониш», 2013. 278 с.
17. Раджабов А. Борбад: эпоха, традиции и новаторство. Душанбе: «Контраст», 2010. 230 с.

ВОҚЕЪИЯТИ ТАВЛИДИ ТАМАДДУНИ ТАВҲИДИИ ОЗОДАГӢ ВА МАҚОМИ ФОРСҲО ДАР ОН

Ҳақназаров Абдуназар *– д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик, факултети таърих ва ҳуқуқ, Донишгоҳи давлатӣ омузгории Тоҷикистон, ба номи С. Айнӣ*

Таърихи Одам оғоз ёфтааст бо тартиби оиндорӣ ва бо ҳикмати озодагӣ. Хирадмандони олами Шарқ хабар додаанд, Одам, ки тавлид ёфт ӯро фарзандон пайдо шуд ва аз онҳо ду тан Каюмарсу Шисро ба корҳои оиндорӣ баргузид. Шисро ба таълимоти ахлоқӣ – диндорӣ ва Каюмарсро ба корҳои сиёсию маъмурӣ – подшоҳӣ. Ҳар ду бо як мақсад - низомонок гардонидани ҳаёти фарзандони худ ба иҷрои вазифаи худ машғул гашт. Дар натиҷа, тадриҷан ду шохаи идорӣ: аз фарзандони Каюмарс симоҳои сиёсӣ - подшоҳон ва аз фарзандони Шис пайғамбарон - пешвоёни рӯҳонӣ, ба вуҷуд омаду ҷараён гирифт.

Дар заминаи фаъолияти тавҳидди хонадони Пешдодиён ва Каёниён дар аҳди шоҳи Каёнӣ – Луҳросб, дар охири ҳазораи 11 п. аз м. оинӣ яктопарастии Зардушт (парастиши Худоии Ягона) зуҳур кард ва бо унвони “Авесто” китобат карда шуд. Ин китоб аввалин ҳуҷҷати таълимотие маҳсуб гашт, ки дифои Ҳуқуқи инсонро ба миён гузошт. Моҳияти он ба таври муштарак, дар таълиму тарбияи наслҳои ояндаи инсон дар рӯҳияи риояи адолату, додгустарӣ, раиятгарӣ яктаниву ҳаммаромӣ, бунёди давлати марказиятнок ва башардӯстӣ акс ёфт.

Аз нигоҳи ҷаҳонбинии тавҳидӣ, Зардушт аввалин пайғамбар, васлкунандаи рӯҳи малакутиву инсон маҳсуб гаштааст ва зодаи Бохтар, маркази кишваре, ки аз ҷониби Фаридун Эрон – мамлакати ориёзодагон (фариштаҳо) номида шуда буд. Маҳз бо ҳамин хотир Зардушт бо рисолати пайғамбари ориёиҳо шинохта шудааст ва сазовори арҷгузорӣ таърифу тавсиф, мояи ибрату миллионҳо гаштааст ва ҳамзамон, ба туҳмату таҳқир, ғайбату сарзаниш, таҳқибу таҳдиди рақибонаш дучор омадааст.

Дар ин маврид алакай миқдори давлатҳои аз тоифаҳои гуногуни ориёӣ, яҳудӣ, туронӣ ва ғайра омезиш ёфта, хело зиёд гашта буд. Бархурдҳои гуногуни бар хилофи таълимоти Зардуштӣ, дар миёни онҳо ба вуҷуд омада, нишонае буд, ки ба ин таълимот итоат надоранд. Бештар аз ҳазор сол баъд, дар нимаи дуюми ҳазорсолаи 1 п. м., (сс. 550-331) Круши Кабир шоҳигарии қадимаи Модро ба давлити Форс табдил дод, вале оини худро надошт. Баромади

авлоди худро аз шоҳони Пешдодиву Каёнӣ эълон карду футуҳоти худро бо ҳарбҳои шадид ба номи Худои эрониҳо Аҳура Маздо, пайваст намуд. Кишварҳои бисёреро ба итоати худ овард. Вале дар мавриди муҳорибаҳо барои истилои музофоти сукуноти қавмҳои ориёӣ сакоӣ-массагетии ҳавзаҳои баҳрҳои Аралу Ҳазари ҳозира, ки ба давлати Каёниён тааллуқ доштанд, ба ҳалокат расид.

Шоҳи дигари Форс Дорои 1 бо ҷангҳои қасосгирона шикасти давлати Каёниёнро анҷом дод ва қаноатмандона изҳор намуд, ки ӯро ба ғалаба Аҳура Маздо мушараф гардонд. Вале дар ҳарбҳо нисбат ба мардуме, ки ӯро парастиш доштанд, заррае раҳму шафқат накард, муқовиматчиёнро беҳисоб қатл намуд ва асиронро барда (ғулом) гардонд. Ин гуна рафтору гуфтори Доро ба қавмҳое, ки Аҳру Маздоро чун Худои бохираду доно номидаву пазироӣ мекарданд ва худро наслҳои асилзода, наҷиб ва озодагон, медонистанд, писанд намеомад ба иродаи ӯ итоат намекарданд.

Ин ҳолатро Доро дар Катибае, ки дар назди деҳаи “Беҳистун” навишта какрда буд чунин тасвир кардааст: “Дорошоҳ гӯяд ман бо лашкар ба Скифия (макони зисти қавмҳои ориёӣ Ҳ. А.) рафтам. Пас аз сакҳое, ки (сакоиҳо Ҳ. А.) кулоҳои нӯгтез мепӯшанд, аз назди ман гурехтанд. Чун ман ба дарё (Ому) расидам, бо лашкар ба он тараф гузаштам сакҳоро бисёр куштам, қисми дигарашонро асир гирифтам... Бо ҳукми Аҳура Маздо, ки мароми ман (қасди Крушро ситонидан) буд, ба онҳо ончунон кардам.”

Дар сутуни дигари Катиба мазмунан қайд шудааст: вақте, ки ман (Доро Ҳ.А.) дар Бобул будам, вилиятҳои Порт, Марғиён ва якчанди дигар ошӯб бардоштанд. Бо мадади Аҳру Маздо дар давоми як сол 19 бор задухурд кардам ва душманонро шикаст дода, 9 шоҳро асир гирифта ҷазо додам [5, с.50-60].

Ин феъли Дорову шоҳони пешинаи худро муаллифони форс ниҳоят бо ҳаловати баланди рӯҳӣ ба қалам додаанд. Аз ҷумла, Авестошиноси номии онҳо, Мехрдоди Баҳор дар асари хеш - “Асотири Эрон” нигоштааст: “Гушуда шудани Осиёи Миёна ба дасти Ҳахоманишиён, шикаст барои Осиёи Миёна набуд, балки имкони тозаю васе фароҳам оварда, то сели фарҳанги ориёии Осиёи Миёна ба наҷди Эрон ҷорӣ шавад” [2, с.186]. Вале, чи тавре мебинем, дар оинаи тарих манзараи фоҷиавӣ сабт гаштааст. Ҳахоманишиён ва ҷонишинони онҳо Юнониву Макдуниҳо “сели фарҳанги ориёӣ”-ро то таҳсиси давлати Ашкониён, дар тӯли се аср (сс. 550-250), комилан ба нести расонидаанд.

Ин ду империяи муҳташами дар остонаи ҳазораи яки милодӣ зуҳур карда, тамаддуни худро аз ҳисоби дастовардҳои фарҳангии ҷаҳонтоби мардуми ориёӣ таҳким бахшиданд. Ҳанӯз донишманди Юнони Атиқа Ҳомер иброз дошта буд, ки дини юнониҳо, навъи бисёрхудоии ориёӣ мебошад. Вале дар доираи ҷаҳонбинии худ, шеваи яктопарастии ориёиҳоро бо арҷгузорӣ ба ҷирмҳои муқаддасӣ Кайҳониву Заминӣ ғунҷонида натавонистта онро бисёрхудогӣ фаҳмида буд.

Ё, ки лашкариёни Искандари Макдунӣ дар мавриди фатҳи давлати Форс як нусхаи Авесторо сӯзонданд, вале Искандар нусхаи дигарашро аз нести наҷод дод ва чун осори таърихӣ ба кишвари худ фиристод. Донишмандони дарборбораш ба ғояҳои ахлоқиву маърифатии вай чунон чуқур фурӯ рафтанд, ки ба Искандар таъқид намуданд: “агар хоҳи, ки бар душмани худ комилан ғолиб ойӣ, аввал фарҳангашро барҳам деҳ.”

Искандар давлати истибдодии Форсро дар муҳлати кутоҳ, шаш моҳи соли 331 ба шикаст расонид, вале барои зарбаҳои ҷонкоҳи қавмҳои ориёӣ бохтариён, сакоиён ва суғдиёнро бартараф кардан, 10 соли дигар сарф намуд. Дар набардҳо бо мардуми ориёӣ, бештари дастаҳои собиқадори ҷангиаш талаф ёфта буданд, ки соли 321 аз Бохтар ба Ҳиндустон озими сафари ҳарбӣ кардан хост, маҷбур шуд, ки аз кишварҳои мусаххар кардааш сафарбаркунии саросари ҳарбӣ ташкил намояд. Мардуми бо орӯ номус, иродаи қавӣ, саршори садоқат ба Ватан, дину мазҳаб ва оздӣ, ки наслҳои ориёӣ, дар муҳорибаҳои бар ғосибони бартарӣ дошта, бо шуҷоъату далерӣ, ҷон месупориданд.

Вале, таҳлукаҳои мудҳиши се асраи хонумонсӯз, азобу уқубати дар асорати ачнабиён аз сар гузаронидаи мардуми ориёӣ, акси фоҷиавии худро дар ҳаёти онҳо гузоштанд. Таърих, ахлоқ, фарҳанг ва маърифатӣ аз таълимоти Зардушт бардошта, аз ёду хаёли онҳо ба фаромӯшӣ расид. Бархе аз шарқшиносони бурунмарзии асри Х1Х бо пажӯҳишҳои худ тасдиқ кардаанд, ки мардуми Шарқ истисно аз яҳудиҳо, як чанд бор динҳои худро дигар карда бошанд ҳам,

гузаштаи худро тамоман дар ёд надоранд. Ба хусус: “Форсҳои бузург аз замонҳои то Сосониҳо сипари шуда, ғайр аз номи Дорои 1 чизи дигареро намедонанд” [4,с.10].

Ин назария мантиқи воқеъӣ дорад. Форсҳо таърихи худро аз ҳисоби таъриху фарҳангӣ гузаштаи мардуми ҳамҷавор, ба хусус наслҳои ориёӣ, муккамал гардонидаву худро ба онҳо ҳамқавм мешуморанд. Мазҳабу фарҳангашонро низ форсӣ шуморидаанд. Ин феълро дар замони шоҳаншоҳии Ашкониён (сс. 250 то м.-224 м.) бисёртар истифода кардаанд. Барои тасдиқи ин таззод фишурдаҳои зерин, шоҳид гаштаанд: Решаи генеологии хонадони Ашкониёнро пурра ба хонадонҳои форс алоқаманд гардондаанд. Доир ба ин масъала, се ақида ба вуҷуд омадаст. Бобоҷон Ғафуров аз ахбори муаллифони юнонии замони пайдоиши сулолаи Ашкониён истифода карда, нигоштааст: Аршак аз мардуми Бохтар: “шахси бе зот, вале шуҷоъ буд” [3, с.140].

Олими ҷавони тоҷик С. П. Сайнаков, дар пажӯҳиши таърихи шоҳаншоҳии Ашкониён аз осори муътамид замони портҳо ва муҳаққиқони ҳозиразамон якчанд шохаҳои генеологии аршакиёнро аниқ кардааст[7, с.72-73].

Рӯзноманигори тоҷик Иброҳим Умарзода бошад ба манфиати форсҳо суханрони кардааст. Ӯ, қавмҳои дар музофоти ташаккули давлати ашкониён сокин бударо кӯчиҳои ёбои “варвар”, яъне барои ташкили давлат ақл надошта тавсиф кардаасту авлоди Ашкониёнро аз хонадони Паҳлавиён шуморидааст, ки гӯё барои таҳсиси тамаддун омода буданд. Бо ақидаи И. Умарзода, паҳлавиҳо аз қавми форсҳои дар асри 1V т. м. Хуросон сукунат дошта буданд [4, с.393]. Вале ин ақида ба воқеият рост намеояд.

Аз ин лиҳоз, ҳақ бар ҷониби Б. Ғафуров мебошад, ки Ашкониён ва қабилаҳои дар ташаккули давлати онҳо саҳмгузор, агар чӣ дар мавридҳои гуногун кӯманчӣ буданд, макони зист ва номҳои худро иваз карданд, бо вуҷуд сокинони бумии қаламрави Паҳнои ориёӣ ва аз шохаҳои генеологии қабилаҳои қадимаи сакоию массагетҳо буданд.

Ғайр аз ин бӯҳрони қотеъи дигаре вуҷуд дорад, ки пирӯзии Ашк (Аршак) бар Селевкиҳо дар соли 250 дар вилояти Нисо ва дараи Атрак ба вуқуъ омад. Доираи футуҳоти босуръати ӯ бо озодгардонии қавмҳои худ аз асорати Селевкиён дар шимолу шарқии Эрони қаблӣ суръат гирифт ва давлати худро дар Порт (вилояти Парт) асос гузошт.

Минбаъд, паҳноии салтанати Ашкониён вилоятҳои Мод, Элам, Порс, Бодули ҳавзаи дарёи Даҷла, Сурия, Фаластин ва як қисми Кавказу Осиёи Хурдро низ фаро гирифт. Марзи ҷуғрофии он дар шарқ то кӯҳҳои Ҳиндукушу Панҷоб, дар шимол - дарёи Хазар ва кӯҳҳои Кавказ, дар ҷануб - баҳри Уммон ва халиҷи Форс, дар ғарб - дарёи Фурот густариш ёфт. Фарохии Порти Ашкониро дар қиёс ба давлати Форси Ҳахоманишӣ, 32 давлат ва вилоёти парокадашудаи аз асорати юнону макдуниҳо озодгашта ташкил дода буд. Вале давлати Форс 20 шоҳигарии истилогардидаро фаро мегирифт. [9, с. 120]

Шеваи идории шоҳони Порт дар зинаи наву хело баланди пешрафти таърихӣ ба роҳ баромада буду аз лиҳози адлӣ ва ҳашамати идорӣ аз давлати қаблии форс ва юнону рум замонавӣ бартарии калон дошт. Ҷомеадории шоҳони Ашконӣ бо эҳёгардонии русумҳои Эронӣ ва шоҳони Каёнӣ шакл гирифт. Ҳукумати онҳо бо қонунгузории Шӯрои Олӣ бо номи «Маҳистон» фаъолият мекард, ки аз ду ҷабҳа (палата) иборат буд. Ҷабҳаи аввалро ашрофони давлатӣ ва ҷабҳаи дуюмро ҷомеачиён ва мубадони Зардуштӣ ташкил медоданд.

Дар аҳди шоҳони Порт иззати мубадони Зардуштӣ хело баланд гардид, вале берун аз дахолат ба фаъолияти шоҳон, чуноне дар ибтидо ба таври твҳидӣ расмият дошт. На мисли оини Доро, ки Аҳрура Маздою таълимоти тавҳидии ӯро ба иродаи худ таслим карда бошад.

Шоҳони охири Ашконӣ дар асри I м. тасмим гирифтанд, ки матнҳои дар хотироти мубадон ва порчаҳои дар дасти раият боқимондаи авестоиро гирдоварӣ намоянд. Осорҳои аз ҳафриёти «Нисо» дарёфта, тасдиқ кардаанд, ки дар солҳои охир Авестои хаттӣ воқеан барқарор гашта будааст ва шоҳони Порт бо иртибот бо он бисёр русумҳои юнонию румиро бекор карда будаанд. Ва номгузориҳои авестоиро ҷорӣ намудаву, алифбои ниёгӣ, баъзеҳо оромӣ мегӯянд, вале бояд суриёнии қадимаи авестоиро барқарор карда бошанд, ки забони бохтарии ҳамонзамонаи мубоширавии дарбориёну мардум буд [2,с. 66].

Бо вуҷуд, русумҳои зиёди бидъатонаи аз таърихи гузашта интиқол ёфта: расму русум, рӯҳу равон ва феъли ҷомеъавии аз гурӯҳои бешумори этникиро бартараф кардан мумкин набуд. Ба

замми ин бархе аз роҳибонӣ Зардуштӣ ва ашрофони давлатӣ ва ба хусус хешовандони шоҳҳон иҷрои оинҳои таъинкардаи худро риоя намекарданд. Дар ин радиф, боз давлати Кушониён, ки ҳамқадами давлати Порт баҳисоб мерафт, баракси он дар умури чомеа бо тақлид бо шоҳи Чин таълимоти Будоияро ҷорӣ кард. Ин шеваи дупӯстаи давлатдорӣ, бо фарҳанги Будоӣ ва забон Портӣ боз як таззоди хосӣ иҷтиморо ба вуҷуд овард. Мақоми роҳибони Зардуштӣ дар сатҳи давлатӣ паст фуромад ва низоъи онҳо нисбат пармакҳо (коҳинон)-и Буддоия тезу-тунд гашт. Ҷангҳои шаддиди тӯлонӣ бо Рум бошанд, аҳволи мардумро тоқатнопазир карда буданд.

Ин аҳвол дар оғози ҳазораи 1 м., сокинони зиёди Марв, Нишопур, Ҳирот, Кобул, Суғд, Кешу Бухоро таълимотҳои Будоӣ, Масеҳӣ ва Насрониро пазируфта буданд. Ҳанӯз пеш аз бунёди давлати Сосониҳо мардуми Марву Ҳирот ва Нишопур Мониявиён барои баргашт ба асосҳои адлии пешинӣ Зардуштия омоагӣ доштанд. Дар маҷмуъ тахти давлати Ашкониён ба ларзиши сахте даромада буд, ки боандак талкон дидан фурӯ мерафт.

Тибқи ахбори сарчашмаҳои паҳлавӣ[1] дар ин маврид авлоди Дорои 111 Бобак ном нафаре ҳокими вилояти қадимаи Форс буд ва Сосон ном нафари дигаре маъбади Аноҳит коҳини мекард. Сосон духтарашро ба Бобак дод ва аз ин издивоҷ Ардашер ба дунё омад. Ҳангоме, ки бо балоғат расид, шоҳ Артабони (Ардавон) V (сс.216-224) ӯро ба дарбор ба хизмат талаб кард. Ардашер дар дарбор бо худсарӣ ғазаби шоҳро ба вуҷуд оварду зинонии хонагӣ шуд ва дарбор гурехта, ба вилояти падараш – Форс омада, умури вилоятро аз дасти падараш, ки гумоштаи Ардавон буд, бо дастгири коҳинон ва лашкариёни ба шоҳ мухолиф ситонид. Соли 224 бо қуввахои ба шоҳ манқуртгашта, ба лашкари Ардавон ба ҷанг дароамад ва дар ҳарби тан ба тан пири куҳансолро кушт ва ба тахти ӯ нишаст.

Ин ваҳшоният, ҳодисаи расмии ивазшавии шоҳони “ориётабор” набуд, балки бо воқеият тариқи саркӯб кардан ва ба тасарруфи худ даровардани Эрони аз нав эҳёкардаи Ашкониён аз ҷониби ворисонии Дорошоҳи 111 содир шуд. Ва фарҳанги серсоҳаи бунёдкардаи Ашкониён бо унвони қавми “Паҳлавиён”-и форс мансуб дониста шуд. Ардашер ба ғалаба дар мавриде муваффақ гашт, ки Ардавон ба ҷанги румиҳо барои ҳимояи шарафу номуси наслҳои ориёӣ банд буд. Ӯ бошад, барои ба тасарруфи худ даровардани вилати падараш, ки гумоштаи шоҳ буд, талош мекард. Вилояти Форсро ба тасарруфи худ даровард давлатро бе шоҳ гардонд, бо тариқи куштори ҷонибдорони шоҳ ва сухторӣ тамоми музофотҳои 32 кишварӣ дар зери Диравши Ашкониён муттаҳид гаштаро мусаххар гардонд. Дини Зардуштияро “пояи тахт”, тахтро “пояи мехроб” эълон намуда, ба давлат якҷоя кард ва ба силоҳи идории раият табдил дод.

Ин амал, бар хилофи қонуни аз ибтидои таърих, бо русуми ҷудогии дин аз давлат зуҳур карда, баъди шоҳони Ҳахоманишиён аз ҷониби Ардашер аз нав, ҷорӣ карда шуд ва мутлақияти подшоҳро қонуни гардонд. Дар ин парванда, шоҳи бузурги Сосониён Анӯшервон (сс.531-579), бо тақлид ба шоҳони Каёнӣ худро Хусравӣ –Шоҳаншоҳ эълон кард.

Муносибати шоҳони Сосонӣ низ нисбат ба мардуми ориёинажод бо феъли шоҳони Ҳахоманишиён бо тафриқаи мазҳабӣ оштинопазирона буд. Ашкониёну Кушониёнро сарнагун карданд ва бо Ҳайтолиён доимо дар пайроҳаи ҷанг қарор гирифтанд. Дар мавридҳои душвор румиҳою туркҳоро ба худ ёвар мегирифтанд. Чуноне, ки Хусрави 1 ба муқобили шоҳи Ҳаётолиён бо Ҳоқони турк (сс.563-567) иттифоқ баст ва онро аз тахт сарнагун кард. Дар паёмад давлати ҷагҷӯӣ истибдодии Сосонӣ аз дастгириии раият маҳрум монд ва ба як зарбаи арабҳо аз ҳаёт маҳрум гашт. Мардуми қашшоқгаштаву аз ҳимояи давлат ва маърифати Зардуштия маҳрум монда, ҳама яксар бо ихтиёри худ Исломро қабул карданд.

Ин ҳолатро баъд Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, Сайид Муҳамад Ҳотамӣ ориётаборони дар мазҳаби суннӣ бударо бо фахр чунин таъна зад: “Онҳое, ки худро фарзандони Хусрав ва Ҷам (Ҷамшед Ҳ.А.) мешуморанд, аз тасдиқи русуми баробарӣ дар назди Худо, дур рафтанд” [8,с. 24]. Ин гуфтаи Муҳаммад Ҳотамӣ эътирофи ошкорое буд, ки форсҳо ба Ҷамшед ва наслҳои он ҳеҷгуна муталиқотӣ этникиву мазҳабӣ надоранд.

Воқеан мардуми Хуросон аз ин ғаразҳои форсҳо огоҳӣ доштанд, ки бо сарвари коҳини маъруфи Зардуштӣ Монӣ (сс. 216-277) барои ҳимояю нигоҳ доштани ниҳодҳои Шариати

[1] «Худойнома», «Пандномаи Ардашервон”, «Ардавирофнома», «Дарахти Асурик», «Ёдгории Зарирон», «Панднома», «Симбоднома», «Оиннома», «Китоби Маздак» «Китоби сирати Анӯшервон» ва якчанд китоби дигаре, ки дар дарбори шоҳони Сосонӣ хатнавишт гаштаанд ва осори замони “Паҳлавии миёна” шуморида мешаванд

Зардуштия, бо онҳое, ки маърифати онро бе асолат гардондаанд мубориз гашта буданд. Пайравони Монӣ бо забони маҳалии хуросонӣ бо унвони “Китоби Кован” ба Хуросон (дар аҳди Ҷамшед) бахшиданд [6, с. 137]. Ин гуфта инчунин радияи қотеъе гаштааст барои гуфтаҳои боло, ки гуё шоҳони Сосонӣ ба хусус Хусрави1 барои гирдоварии матнҳои Авесто ва тартиб додани хатту алифбоӣ он заҳмат кашида бошанд. Аз ҷумла, дар тавзеҳоти М. Баҳор ба дасхатҳои қадима: “Таърихи Систон”, “Таърихи ғурар ус – ус сияр маъруф ба “Шоҳномаи Саолибӣ” ва бархе дигар, вожаи матни “паҳлавӣ” бисёр истифода шудааст.

Тахти Қубодшоҳро (сс.486-531), ҷунбиши бузрги дигар, неҳзати маърифатии Маздакия ба ларзиш оварду ба он воқеан соҳиб ҳам шуд. Сарвари ин неҳзат Маздак ном файласуфи замона аз шаҳри Нисо буд. Ӯ, масъалаи ҷомеавикунонии мулкро ба миён гузошт ва далел овард ки: «Худойи ҷаҳон миёни халқ ростию баробарӣ ниҳодааст...” [1,с.530-532]. Бо такя ин саховати Худо камбизоатонро ба ҳимояи модиву иҷтимоӣ бояд фаро гирифт. Маздак Қубодро бо ғояҳои худ таслим намуд ва зиндонӣ кард. Дарбоиёнаш ӯро озод карда боз ба тахташ шинонданд. Қубод, ки вафот кард писараш Хурави 1, Маздаку пайравонашро саросар қатл фармуд.

Чи тавре, ки дар оинаи таърих дида мешавад, дар ду мавриде, ки шоҳони форс (Ҳахоманишиён ва Сосониён) ҷаҳондорӣ карданд, бо хислатҳои хуби ҷомеъадорӣ мушараф нагаштаанд. Симои сиёсии онҳо бо лашкаркашӣ, ҷангҳои доимии фоҷиавӣ, сарватғундорӣ, ситамгарӣ ба раият, намоиш ёфтааст. Сели ғазаб, хусумат, душманоии бе маусолиҳаи онҳо бештар бар сари мардуми ориёинажод рехтааст. Вале дар ин замони ҷаҳондории пешгӯинашаванда, умед аст, ки ду миллати дорои фарҳангӣ қадима, ҳамзабон, аз маърифати ду таълимоти ҷаҳонӣ баҳра гирифта, мақому манзалати худро бо ҳурмату эъҷози якдигар ва ҳамфикрӣ қарор медиҳанд

Адабиёт:

1. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ дар ду ҷилд. Ҷ.1.-Теҳрон, 1380/2001..-824 с.
2. Баҳор М. Асотири Эрон.- Теҳрон, 1347/ 1948
3.Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. (Иборат аз ду китоб). Китоби якум. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. –Душанбе; Ирфон, 1998-704 с.
4. Ибрагим У. История цивилизации арийцев 1.- Душанбе, 2006 – 573 с.
5. Катибаи Доро дар Беҳистун // Маҷалаи “Садои Шарқ”, 1982 №7.-С. 86-92. Тарҷумаи Саймиддинов Д.
6. Мери Бойс. Зороастрийцы: верования и обичаи. 2-е изд.-М:, 1988 -320 с.
7. Сайнаков С.П. Масъалаҳои мубрами таърихи шоҳаншоҳии Ашкониён. Маҷмуаи мақолаҳо.-Душанбе, 2024 -156 с.
8. Хотам С.М. Традиция и мысль о власти авторитаризма.- М: Изд. Московского Универистета, 2001- 420 с.
9. Ҳақназаров А. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик (аз оғоз то оғози асри XV-и милодӣ). Нашри дуюм, бо тағйироту иловаҳо.- Душанбе; “Нашри Мубориз”, 2021-408 с.

САБАБҲОИ ШИКАСТИ СОСОНИЁН АЗ ҶОНИБИ АРАБҲО

Расулиён Қаҳҳор Расул *– д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ*
Умаров Абдуллохоҷа Қурбонхоҷаевич *– н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии ДМТ*

Ҳанӯз дар охирҳои хилофати Абубакр (632–634) ва пас аз пахши исёнҳои зидди исломии қабилаҳои араб сиёсати забткориҳои мулкҳои империяи Сосониён аз ҷониби хилофати Араб оғоз гардид. Лашкари арабҳо баҳори соли 633 бо сарварии Холид ибни Валид ба сӯи ироқ ҳаракат карда, мебоист дар ҳадастӣ бо ҷанговарони дастаҳои пешвои қабилаҳои бакриҳо Мусанно ибни Ҳорис ба муқобили лашкари дастнишондаи Сосониён аз сулолаи ан – Нуъмон биҷангад. Нахустин задухӯрди арабҳои мусалмон бо лашкари Сосониён охирҳои моҳи апрели соли 633 ба вуқуъ пайваст. Дар ҷанги тан ба тан марзбони Сосониён Ҳурмузд аз ҷониби Холид ибни Валид кушта шуд ва арабҳо пирӯз шуданд. Ҷанги мазкур дар таърих бо номи «Ҷанги занҷир» ёд мешавад. Пас аз чанд рӯз дар шимоли шаҳри Убулла миёни арабҳо ва неруҳои Сосониён задухӯрди шадид ба амал меояд, ки дар ин даргирӣ сарварони сипоҳи Сосониён Карон, Қубо, Анушҷон ва ҳудуди 13 ҳазор сарбози онҳо ба ҳалокат расиданд [12. 704]. Моҳи

майи соли 633 дар наздики маҳали Валаҷи шаҳри Ҳира низ артиши Сосониён аз ҷониби арабҳо шикаст мехӯрад.

Баъди ба хилофат расидани Умар ибни Хаттоб (634–644) Холид ибни Валидро аз сарлашкарӣ озод намуда, ба ҷабҳаи зидди империяи Рум мефиристанд. Аз набудани лашкаркаши қавие чун Холи ибни Валид истифода намуда, дар минтақаҳои забтнамудаи ӯ – Мазор, Анбор, Уллайс, Довматулҷандал, Валаҷ ва ғайра шӯришҳои зиддиарабӣ сар заданд. Ситоди лашкари арабҳо ба шаҳри Ҳира паноҳ бурд. Ин вазъ тули ду сол идома ёфт, то арабҳо битавонанд ин қисмати ишғолнамудаашонро аз нав ба зери итоати худ дароранд.

Пас аз ишғоли як қисми империяи Сосониён аз ҷониби арабҳо лашкари ду ҷониб дар ду сӯи дарёи Фурот камин гирифтанд. Лашкари Сосониён бо сарварии Баҳмани Ҷозуя ва сипоҳи арабҳо бо роҳбарии Абуубайди Сақафӣ. Чун пули дарёи Фурот хароб шуда буд, бо дастури Абуубайди Сақафӣ сарбозони араб аз тариқи ба ҳам пайвастани қаиқҳо ва таъмири пул тавонистанд аз дарё гузаранд. Дар ин ҷо миёни артиши ду ҷониб моҳҳои октябр - ноябри соли 634 муҳорибаи шадид рух дод,ки дар он ҷо ҷониби Сосониён ба пирӯзӣ даст ёфт. Абуубайди Сақафӣ кушта шуд ва боқимондаи лашкари арабҳо бо сардории Мусанно ибни Ҳарис ба сӯи Бобул ақибнишинӣ кард. Ин муҳориба дар таърих бо номи «Ҷанги пул» шӯҳрат дорад.

Дар соли 636 Яздигурди III ба сарфармондеҳи умумии сипоҳони Рустами Фаррухзод ва лашкаркашонаш Фирӯзон, Баҳмани Ҷозуя, Ҷолинус ва дигарон фармон медиҳад, ки барои ҳифзи шаҳри Қодисия аз ҳуҷуми арабҳо омода шаванд. Онҳо дар муқобили душман бо 40 ҳазор сарбози савораву пиёда ва 30 фили ҷангӣ омода мешаванд. Лашкари арабҳо 35 ҳазор нафарро ташкил медод. Сарлашкари араб Саъд ибни Вақққос 14 тан аз намояндагони худро бо роҳбарии Нуъмон ибни Мухрин ба назди Яздигурди 3 ба пойтахти Сосониён шаҳри Тайсафун (Мадина) фиристод. Саъд ибни Ваққос ба подшоҳии Сосониён гуфт, ки агар ба дини мо бигаравӣ ва ислом оварӣ, аз мамлакати ту даст боздорем. Агар ба дини мо нагаравӣ, ҷизя бидеҳ. Ва агар ин ҳардуро напазирӣ, омода ба ҷанг шав. Яздигурди III ба вай чунин ҷавоб медиҳад: «Ин чандид халқро, ки андар ҷаҳонанд, бидидам аз турку дайламу сақлобу ҳинду синд ва Қарчӣ андар ҷаҳон халқ аст, бадбахтар аз шумо нест, ки шумо ҳама муш хӯраду мор ва аз бечорагӣ ҷомаи шумо пашми шутур буваду пашми гӯсфанд... Акнун бозгардед ва боз ҷои хеш равед, то бифармоем, ку шуморо таом диҳанд, ки басанда бувад ва ҳам аз шумо бар шумо амир кунам» [1:824]. Пас аз ин сафорати нобарор миёни лашкари Сосониёну арабҳо дар наздики шаҳри Қодисия, ки дар 15-километрии шаҳри Куфа буд, муҳорибаи шадид сар мезанад, ки он 2-юми декабри соли 636 оғоз ёфта, 4-рӯз давом мекунад, ки дар он арабҳо ғалаба мекунанд. Сарфармондеҳи артиши Сосониён Рустами Ҳурмуз кушта мешавад ва «Дирафши ковиён» ба дасти душман меафтад. Тафсири кушта шудани Рустами Ҳурмуз дар «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар бораи «Дирафши ковиён» устод Саид Нафисӣ менависад, ки он ба дасти Зирор ибни Заҳоб ном ҷанговари араб меафтад ва ӯ ин парчамро, ки як миллону 200 ҳазор дирҳам арзиш дошт, бо 30 ҳазор дирҳам мефурӯшад . Арабҳо «Дирафши ковиён»-ро ба пойтахти хилофат шаҳри Мадина ба назди халифа Умар ибни Хаттоб мебаранд. Вай дастур медиҳад, ки онро пора-пора карда, бо дурру гавҳараш дар миёни пешвоёни хилофат тақсим кунанд [9, 99].

Аз кушта шудани сарони лашкараш Яздигурди III огоҳ гашта, ба Саъди Ваққос пешниҳоди сулҳоро мекунад. Аммо сарлашкари арабҳо онро намепазирад. Яздигурди III маҷбур мешавад, ки пойтахташро тарк кунад. Моҳи марти соли 637 лашкари араб шаҳри Тайсафун (Мадоин) – ро бе ҷанг ишғол менамояд.

Пас аз ишғоли пойтахти Сосониён шаҳри Тайсафун дар соли 637 то кушта шудани охирон подшоҳи ин хонадон Яздигурди III дар соли 651, яъне дар тӯли 14 сол байни лашкари Сосониён ва арабҳо чандин задухӯрдҳои дигар мегардад, ки аз миёни онҳо ҷангҳои Ҷалуло, Ҳулвон ва Наҳованд хеле шадид буда, лашкари арабҳо ҳамеша дар ҳоли пешравӣ қарор дошт. Ҷанги Ҷалуло дар соли 637 дар ҳудуди 25-километри шаҳри Тайсафун рух дода, дар он фармондеҳони лашкари Сосониён Хурразоди бародари Рустам, Пирӯзу Ҳурмузон ва лашкари арабҳо Саъди Ваққос буда, арабҳо пирӯз шуданд. Ҷанги Навоҳанд соли 642 рух дода, фармондеҳии сипоҳи

Сосониёнро Фирӯзон ва лашкари арабҳоро Нуъмон ибни Муҳрин бар дӯш доштанд. Дар ин муҳориба низ арабҳо тавонистанд бо ба кор бурдани ҳиллаи ҷангӣ дастболо шаванд.

Дар тӯли солҳои 642–645 арабҳо тавонистанд сарзаминҳои Ҳамадон, Рай, Исфаҳон, Кошон, Қум, Қазвин, Кирмон ва ғайраро ишғол кунанд.

Дар тӯли 14 соли оворагиҳо Яздигурди III баъд аз фирор аз пойтахти кишвар ба шаҳрҳои Ҳулвон, Рай, Наҳованд, Исфаҳон, Кирмон, Систон, Нишопур, Марв ва ғайра рафта, ба умеди аз Эронзамин пеш кардани арабҳои ғосибу тороҷгар роҳу усулҳои гуногунро ҷустуҷӯ менамуд. Аммо ин шоҳаншоҳи бахтбаргашта рӯзи 22 июл соли 651 бо хиёнати ҳокими Марв Моҳуй кушта мешавад ва бо ҳамин империяи абарқудрати Сосониён аз байн меравад.

Чаро империяи абарқудрати Сосониён аз ҷониби арабҳо, ки аз лиҳози тамаддуну фарҳанг, давлату давлатдорӣ, сарвату боигарӣ, артиши муназзаму корозмуда нисбат ба Сосонёин дар дараҷаи хеле паст қарор доштанд, шикаст хӯрд ва пароканда гардид? Мо сайъ намудем дар мақолаи мазкур ба бархе аз сабабҳои аслии ин қазия равшанӣ андозем.

Бархе аз сабабҳои шикасти Сосониён инҳо буданд: Дар давраи салтанати Сосониён низоми сохти табақавӣ вуҷуд дошт. Яъне ҳамаи инсонҳо дар ҷомеа ба таври расмӣ баробар набуданд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ асосан чаҳор табақаи аслӣ нишон дода шудаанд, ки инҳо мебошанд:

1. Рӯҳониён (Asravan), ки ба се дараҷа тақсим шудаанд: мубадон, ҳирбадон ва озарбадон.
2. Ҷангиён (Arteshtaran).
3. Дабирон (Dabiran).
4. Тудаи мардум (кишоварзон, ҳунармандон ва ғайра).

Ин табақаҳои иҷтимоиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Табақаҳои судхӯр ва судовар. Ба гурӯҳи аввал хонадони Сосониён ва шаш хонадони ашрофи дигар, яъне хонадонҳои Коран, Паҳлав, Суран Паҳлав, Испоҳбаз Паҳлав, Испандиёр Паҳлав, Меҳрон Вазик ба иловаи рӯҳониёни бузург, соҳибони замин ва ҷангиён, ки соҳиби мансабҳои олирутбаи давлатӣ буданд, дохил мешуданд [6;255]. Ба гурӯҳи дуюм, табақаи чаҳорум, яъне кишоварзон, ҳунармандон, савдогарон ва ҳамаи онҳое, ки бори вазнини хироҷсупорӣ ва андозсупориро бар душ доштанд, шомил мешуданд. Дар он давра илова бар хироҷ, ки аз замини корам гирифта мешуд, ҳар марду зани аз 20 то 50-сола бояд андози сарона месупорид. Аммо ашроф, рӯҳониён, кормандони давлатӣ, яъне табақаҳои якум, дуюм ва сеюм аз пардохти хироҷу андоз озод буданд.

Яке аз хусусиятҳои хосси низоми табақотии давраи Сосониён аз он иборат буд, ки табақаи иҷтимоӣ табақаҳои баста буданд. Яъне рафтан ё гузаштан аз як табақа ба табақаҳои дигар иҷозат набуд. Албатта мавридҳои истисноӣ буданд, ки танҳо бо иҷозати шоҳаншоҳ ин кор анҷом мегирифт. Аммо чунин мавридҳо хеле ва хеле кам рух медоданд.

Байни империяи Сосониён ва империяи Рим ва пас аз пароканда шудани империяи Рим аз соли 395 бо давлати Византия барои ишғоли сарзаминҳои Арманистон, Сурия, Миср ва Байнаннаҳрайн ҷангҳои зиёде ба амал омадааст, ки метавон аз муҳорибаҳои солҳои 230, 243–244, 253, 259, 296–298, 348, 359, 363 бо империяи Рим ва ҷангҳои солҳои 420–422, 502–506, 526–532, 542–562, 572–591, 602–628 бо Византия ном бурд. Танҳо ҷангҳои Сосониён бо Византия дар тӯли 233 сол муддати 71 солро дар бар мегиранд. Бояд афзуд, ки Сосониён бо Ҳайтолиён ва туркҳо низ борҳо ҷангидаанд. Ҳамаи ин ҷангҳо иқтисоди империяи Сосониёнро хеле заиф карданд. Ҳатто дар тӯли як аср Сосониён хироҷгузори Ҳайтолиён буданд. Пас аз кушта шудани Хусрави Парвиз дар соли 628 тамоми умури империяи Сосониёнро ошуфтагӣ ва фасод фаро гирифт. Аз ҷумла, дар миёни бархе аз ҳокимони иёлот ва вилоёт кайфияти ҷудоихоҳӣ ва марказгурезӣ сар зад. Подшоҳони сарзаминҳои Арманистон, Гурҷистон, Осиёи Хурд, Бобул, Миср, Яман худро мухтор эълон карда, ба хазинаи марказӣ андоз намесупориданд. Ҳатто дар замони Пирӯзи аввал (459–483) ҳокимони бархе аз вилоятҳои гуногун, аз ҷумла шарқи қаламрави империяи Сосониён худро мустақил шумориданд, бо лақабҳои гуногун ҳукмронӣ мекарданд. Аз ҷумла, ҳокимони Ниссо-Вароз, Абавард-Ваҳмана, Хоразм-Хусрави Хоразм, Бухоро-Бухорхудот, Самарқанд-Тархон, Уструшана-Афшин, Суғд-Ихшид, Хутал-Хатлоншоҳ ё Шери Хатлон, Тирмиз-Тирмизшоҳ, Фарғона-Ихшид, Ҳирот-Варазон, Систон-Занбил, Кобул-

Кобулшоҳ, Варзана-Варзаншоҳ номида мешуданд. Дар арафаи ҳуҷуми арабҳо ҳокимони (марзбонони) Марв, Марврӯд, Саракс, Кӯҳистон тақрибан мустақил буданд.

Авҷи қудрати империяи Сосониён давраи ҳукмронии Хусрави II Парвиз (531-579) буд. Пас аз шикасти артиши бузурги Сосониён аз ҷониби румиҳо Хусрави Парвиз нисбат ба сарбозону афсарон, бахусус роҳбарони артиш хашмона гардид ва ба қавли Абуалии Балъамӣ ба онҳо мегуфт, ки «Ман шуморо сӣ сол бипарваридам, вале шумо ба ман вафо накардед ва ба душмани ман таслим шудед ва хуни шумо барои ман ҳалол аст» [1; 640]. Ин буд, ки саронии лашкар дар фикри сарнагунии Хусрави Парвиз шуданд. Маҳз дар зери фишори онҳо писари калонии Хусрав бо номи Шерӯя, ки модараш духтари қайсар (император)-и Рум буд, падарро кушт ва ба тахти шоҳаншоҳӣ нишаст. Ба хотири он, ки каси дигаре аз хонадони Сосониён даъвои тоҷу тахтро надошта бошад, ба навиштаи муаррихи арманӣ Себиос 40 нафар ва тибқи навиштаи Фирдавсию Диноварӣ камтар аз 15 нафар бародаронашро ба қатл мерасонад, ки ин зарбаи шадиде буд ба давлати Сосониён. Агар Шеруя ин шоҳзодагонро намекушт, шояд аз байни онҳо шахсе пайдо мешуд мисли падар, ки дар муқобили арабҳо истодагарӣ карда ва давлати Сосониёнро побарҷо мегузашт.

Бояд гуфт, ки тахту тоҷи шоҳаншоҳӣ ба Шеруя, ки ба исми Ҳурмузи IV ба салтанат расида буд, вафо накард. Баъди 6 моҳи подшоҳӣ аз бемории тоун даргузашт. Пас аз Шеруя дар тӯли чаҳор сол беш аз 10 нафар аз қабили Ардашери III, Пурондӯхт, Ҷавоншер, Гуштосб, Озармидӯхт, Ҳурмузи V, Хусрави IV, Пирӯзи II, Хусрави V ҳукмрони карданд, то навбат ба охирин подшоҳи Сосониён Яздигурди бахтбаргашта расид, ки бо дасти арабҳо сарнагун гардид.

Дар давраи охири ҳукмронии Сосониён бар асари фасоди руҳониёни зардуштӣ дини поки зардушти ба таназзули ахлоқӣ дучор гардида буд. Мубадони зардуштӣ таълимоти воқеии Зардуштро, ки дар Готҳо инъикос ёфтаас, ба куллӣ зери по гузошта ва аз нав ба парастиши эзадони ориёии қаблӣ рӯ оварданд. Оташпарастӣ ва ришваӯрӣ он қадар дар байни онҳо ривоҷ ёфта буд, ки танҳо барои гирдоварии сарват ва ба даст овардани мансаб мекӯшиданд. Мартабаи оташро он қадар боло бурда буданд, ки иҷозати сохтани гармоба (ҳамом)-ро намедоданд ва ин корро бар хилофи шаръи дин медонистанд. Ҳатто шоҳаншоҳ Балошро барои он ки иҷозат дода буд, ки гармобаҳои қадимро таъмир карда, гармобаҳои нав созанд, мубадон кофир эълон карда ва аз тахти шоҳаншоҳӣ ронданд. Ҳатто касби оҳангариро макрӯҳ эълон карданд. Аз ин ҷост, ки асбобу олоти ҷангӣ аз ҷумла шамшер аз кишварҳои Рум, Яман ва Ҳинд харидорӣ мешуд. Бо баҳонаи муқаддас будани чаҳор унсур: оташ, бод, об ва хок мардумро аз шустушӯй дар об манъ мекарданд. Ин дар ҳоле буд, ки ҳазрати Зардушт покизагиро пояи дин медонист ва ба шустушӯи бадан аҳаммияти зиёд медод.

Ҳамзамон, таассуби динӣ миёни руҳониёни зардуштӣ то ба ҷое расида буд, ки ба пайравони дигар динҳо бархурди шадид намуда, ба пайравони онҳо иҷозати таблиғи динӣ ва иҷозати амалро намедоданд.

Дар арафаи ҳуҷуми арабҳо дар қаламрави Сосониён дину мазҳабҳои зиёде аз қабили масеҳӣ, монавӣ, маздакӣ, яҳудӣ, зурвонӣ, буддоӣ, собеъин пайдо шуда буданд, ки пайравони ҳар кадоми онҳо ақидаҳои мухталиф доштанд ва онҳо наметавонистонд, ки мухолифати байниҳамдигарии худро ба куллӣ аз байн бурда, дар муқобили душманони бегона истанд.

Дар муқобили парокандагии динию мазҳабӣ, ки дар қаламрави империяи Сосониён вуҷуд дошт, арабҳои мусалмон аз дини ягона пайравӣ мекарданд ва ин дин ҳамаро баробар эълон карда буд. Арабҳо, ки аз фақру нордорӣ ранҷ мебурданд, ба умеди молу сарват ва биҳишти ҷовидон меҷангиданд ва бо гуфтани «Аллоҳу акбар», ки ба онҳо неруи махсус мебахшид, аз чизе намеҳаросиданд, пайкор мекарданд ва пируз мешуданд. Аз назари онҳо агар кушта шаванд, ба биҳишт мераванд, агар зинда бимонадсоҳиби сарват мешавад.

Бояд гуфт, ки тарғибу ташвиқи соҳиби молу сарват гардидан ҷавонони зиёдеро ҷалб намуда буд, ки ба хотири аз гуруснагиву тангдастӣ раҳидан ва соҳиби хонаву дар, молу ҳол, зану каниз шудан бо тамоми неру меҷангиданд ва пас аз ишғоли деҳа ва ё шаҳре даст ба ғорат мезаданд.

Чунончи, Сайид Абдураҳими Хатиб менависад, ки арабҳо дар ҷанги Қодисия илова бар «Дирафши ковиёнӣ», ки як миллиону дусад ҳазор дирҳам ба пули он замон арзиш дошт ва илова бар тахт ва боргоҳ ва асбобу аслиҳа ва либосаи ҷангии гаронбаҳои Рустам, ки хеле муҳим ва қимати зиёд дошт, амвол, захираи хӯрока, аслиҳа ва пули нақде, ки дар ин ҷанг ба ғанимат ба дасти мусалмонон афтод ба қадре зиёд буд, ки аз тасаввурашон берун ва то он рӯз чашми араб чунин чизҳоеро надида буд. Саъд ибни Абиваққос тибқи қонуни ислом аз панҷ як ҳиссаи кулли ғаниматҳоро ба Мадина назди ҳазрати Умар фиристод ва бақияро байни мусалмонон тақсим кард, вале ба тавре, ки дар таърихҳо омада Умар пас аз машварат бо мусалмонон ва касби мувофиқати онҳо он чиро, ки Саъд ба Мадина фиристода буд бозгардонд, то барои ташвиқи лашкариён байни онҳо тақсим кунад»[15, 240].

Мегӯянд: Саъд дар хазинаи ин қаср (Мадоин) як ҳазору сесад миллиард динор сиккаи тилло ёфт. Аз ҷавоҳир ва зинатолот зарфҳои тилло ва нуқра, либос ва порчаҳои ҳарир ва зарбофт ва фаршҳои гаронбоҳо ба қадри зиёд дар ин қаср ёфт, ки наметавон барои онҳо қимате тахмин зад. Дар байни ин ашё, фарши (қолин) машҳур ба фарши «Баҳористон» буд ин фарши зарбофт ва зиннатёфта ба анвои ҷавоҳири гаронқиммат сад зироъ[1] тул ва ҳафтод зироъ арз дошт, ки тамоми масоҳати сатҳи айвони қасри Кисроро мепӯшонидааст. Муаррихони давраи аввалияи ислом навиштаанд, ки ҳошияҳои ин фарши зарбофт бо зумурадҳои камназир ва миёнаи он бо ҷавоҳири гаронбаҳои рангоранг зиннат ёфта буд. Ҳамчунин, тоҷ, либос, шамшер ва камарбанди ороёфтаи Яздигурд, ки дар онҳо навъҳои ҷавоҳири қимате ба кор рафта буд, аз дасти марде, ки аз шаҳр хориҷ мешуд, ба дасти мусалмонон афтод.

Зайни Дехлон дар «Футуҳоти Макка» ва доктор Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал дар китоби «Форуқи аъзам» мегӯянд: «Мусулмонон миқдори зиёде сабади сарбаста дар Мадоин «Тайсафун» ёфтанд, ки бо сурб муҳр шуда буд. Тасаввур карданд, ки дар онҳо хӯрокӣ ва ашёи хӯрданӣ вуҷуд дорад, вале маълум шуд, ки дар онҳо зарфҳои зебое аз тилло ва нуқра мебошад» (албатта, онҳоро барои интиқол ба ҷои дигар омода кардаанд).

Яке аз мусалмонон ба номи Исмат Заббӣ ду адад бастаро аз марде дар хориҷи шаҳр гирифт, ки дар яке аз онҳо муҷассамаи тиллойи як асп буд, ки бо ёқут ва зумуррад ва дар яке дигар муҷассамаи шутуре буд аз нуқра, ки бо анвои ҷавоҳир зиннат ёфта буд.

Қаъқоъ ибни Амр аз марде сандуқе гирифт, ки дар он ёздаҳ шамшери меросии беназир буд ва тамоми онҳоро дар назди Саъд гузошт. Саъд ӯро мухайяр намуд, то ҳар кадом аз онҳоро, ки бихоҳад барои худаш, бардорад. Қаъқоъ низ яке аз онҳоро, ки ба назараш беҳтар буд, писандид.

Мусалмонон дар хонаҳои Мадоин ба қадре ашёи нафис ва васоили муҳими зиндагонӣ ёфтанд, ки нишон медод мардум дар айш ва неъмате зиндагӣ мекардаанд, ки касе ҷуз онҳо дар ҳеҷ ҷои ҷаҳон надошт [11, 159].

Дар баъзе таърихномаҳо омада, ки зиннатолоти тиллоии зиёде ба дасти мусалмонон афтод, ки баъзе аз онҳо тилло ба даст мегирифтанд ва тақозо мекарданд, то онро сар басар бо нуқра иваз кунанд.

Саъд чаҳор панҷум аз кулли ин ғаниматҳоро тибқи дастури ҳукумати ислом байни фармондеҳон ва неруҳои лашкар тақсим кард, вале, фарши «Баҳористон»-ро даст нахурда ва тоҷ, шамшер, камарбанд ва либоси фохири Яздигурд ҳамроҳи як панҷуми ғаноим иборат аз зарфҳои тилло, нуқра ва зиннатолоти тилло ва нуқра ва либосҳо тавассути марде бо томи Башир ибни Ҳасосия ба Мидина назди Умар (р) фиристод.

Тибқи ахбори Саид Хотомӣ сарлашкари араб Саъд ибни Абиваққос аз ғаниматҳои аз шаҳрҳои Мадоину Ҳулвон ба даст овардааш ғайри лавозимоти бешумори тиллоӣ, матоъҳою либос, камону шаршеру сипарҳои қиматбаҳо, боз қариб 1,5 миллиард дирҳами тиллоӣ ва зиёда аз 100 000 аспҳои парваришёфтаи зотӣ ба Мадина фиристод. Дар миёни ғаниматҳо қолине низ мавҷуд буд, ки аз ришташои тиллою зарҳалӣ бофта шуда, андозааш дар ҳаҷми 75 бар 35 метр дар фарши толори маҷлисгоҳи кохи шоҳнишин густурда шуда буд. Дар Мадина, ки ҳоло чунин биноҳои боҳашамати толордор мавҷуд тақсим намуданд[11, 160].

[1] Як зироъ= ба 107 см

Бояд афзуд, ки нобасомониҳо дар гирифтани андоз аз мардум, таҷаммулгарони подшоҳони сосонӣ, обхезии шадиди дарёҳои Даҷла ва Фурот, паҳн гардидани бемории тоун, ки ин аввалин ва омилҳои дигар сабаби норизоятии омма аз ҳукумати марказӣ, пайдо шудани киннаю адоват дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа шуданд, хароб гардидани иқтисодиёти кишвар бар асари ҳаводиси табиӣ аз дигар сабабҳои фурупошии империяи абарқудрати Сосониён ва ба ҳаёти арабҳои биёбонгард афтидани Эронзамин гардид.

Адабиёт:

1. Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ. Ҷ. 2. – Теҳрон, 2001. – 824с.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе, 2020.- 976с.
3. История таджикского народа. Ч. 2.- Душанбе, 1999. – 790 с.
4. Каласников А. И. Иран в начале VII века. – Л ., Теҳрон, 2000. – 711 с.
5. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. – Теҳрон, 2000. – 711 с.
6. Маҳдиниё Ҷ. Ҳафт бор ишғоли Эрон дар бисту се қарн. Ҷ. 2. – Теҳрон, 1998. – 544с.
7. Найрнурӣ А. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон. Ҷ. 2.-Теҳрон, 1998. – 1031с.
8. Нафисӣ С. Таърихи тамаддуни Эрони Сосонӣ. – Теҳрон, 2004.
9. Пагукевская Н.В.,Якубовский А.Ю., Пордушевский И.П., Схроева Л.В., Боленитский А.М. История Ирана с древнойших времён до конца XVIII века.- Л., 1958.
10. Парпетси Л. Ариянские источники о Средней Азии. – М, 1979. – С. 55-56.
11. Расулиён Қ. Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе, 2016. – 344с.
12. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён.-Душанбе, 2016 – 704 с.
13. Ризоӣ А. Ганҷинаи таърихи Эрон. Ҷ. 9. – Теҳрон, 1378 (1999). – 664 с.
14. Табарӣ М. Таъриху – р – русули ва – л – мулук. Китоби 5. – Душанбе, 2014.
15. Ҳабиб С. Таърихи ислом. Китоби 1. – Душанбе, 2005.
16. Ҳақназаров А. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик. – Душанбе, 2021. – 408 с.

ЮРИШИ ФЛАВИЙ КЛАВДИЙ ЮЛИАН БА ЭРОНИ СОСОНӢ
(солҳои 361-363)

Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *– доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Ҳазорсолаҳо боз зиддияти давлатҳо идома доранд, ки дар ин миён асри пуршуру пуртуғёни IV-ро фаромуш кардан ғайриимкон аст. Муборизаҳои шадид махсусан, дар байни Рим ва Эрони Сосонӣ (Эроншаҳр) барои соҳиб шудан ва назорат кардани роҳҳои тиҷоратӣ ба амал омада буд. Рақобати байни ду империя боиси сар задани як қатор ҷангҳо гардиданд, ки нуқтаи баланди ин лашаркашии императори Рим Флавий Клавдий Юлиан (солҳои 361-363) ба Эрони Сосонӣ буд.

Маркази низоъ Байнаннаҳрайн буд [3, 272] ва маҳз аз ҳамин ҷо роҳҳои асосии корвонҳои тиҷоратӣ ба самти Чин ва Ҳиндустон мегузаштанд, ки ин минтақа барои империяи Рим аҳамияти стратегӣ дошт.

Сарчашмаҳои асосӣ оид ба шароити омодагӣ, рафт ва натиҷаи муборизаи римиҳо ва форсҳо дар солҳои 363 осори Аммиан Марселин, Зосима, Либания ва Филосторгий мебошанд. Аврелий Виктор дар бораи шахсият ва сифатҳои лашкаркашии императаор Юлиан ба таври муфассал хабар додааст. Маълумоти муҳимро дар бораи омодагии ҳарбӣ-дипломатӣ ва марҳилаи аввали юриш ба Эронро аз мактубҳои шахсии Юлиан ба подшоҳи Арманистон Аршаки II (солҳои 350-367), ва дигар шахсиятҳои наздики он дарёфт кардан мумкин аст.[8]

Сарчашмаҳои аз ҳама пуразриш оид ба муборизаи римиҳо ва Эрони Сосонӣ (Эроншаҳр) дар соли 363 асари Аммиан Марселин, Зосима ва суханрониҳои Либаний мебошанд. Аммиан Марселин сарлашкари румӣ буда, иштирокчии бевоситаи лашкаркашиҳо дар асри IV ба Шарқ буд. Аммо ӯ шоҳиди тамоми ҳаводиси лашакаркашиҳо ба Форс набуда, дастрасӣ ба қароргоҳи император Юлиан надоштааст. Ӯ асосан маълумотро аз афсарони рутбаҳои миёна ва поёнӣ мегирифтааст. Ҳамчунин, иқтибосҳо аз «Таърих»-и Евнапий Сардиса, ки бо духтур ва дӯсти император Юлиан Орибасии Пергамонӣ нағз шиносоӣ дошт, овардан мумкин аст. Евнапий асари худро дар асоси хотираҳои Пергамонӣ навиштааст.

Сарчашмаи аз ҳама арзишманд ва муътамад «Таъриху-р-расули ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ мебошад, ки муборизаи эрониёнро бар зидди румиён ба таври муфассал баён кардааст.[1] Дар таърихнигории муосир муҳаққиқон В.М. Дмитриев,[2] Д.В. Кареев,[3] Р.У. Ибаттулина[4], А Лактионов[5], Б.Ғафуров[6], Эмомалӣ Раҳмон[7], К. Фаррук,[8] Г. Карамян и К. Максимюк,[9] И. Сюване,[10] Д. Тейлор[11] ва дигарон масъалаи ҷанги римиҳо бо форсҳоро дар асрҳои III – IV мавриди таҳқиқ ва омӯзиши худ қарор додаанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар маҷмуъ юриши соли 363 дар Байнаннаҳрайни боло ҳануз ҳам кам омухта шудааст. Худи макон ва таърихи ин муҳориба баҳснок буда, маълумоти дар сарчашмаҳои гуногун омада ба ҳамдигар мухолифат мекунанд. Оид ба ин муҳориба маълумоти баҳснок аз ҷумла, худсарии Юлиан дар бораи оғози ҷанг, сарфи назар аз пешниҳоди сулҳи Шопури II шароити муҳорибаи охирин дар 26-уми июни соли 363, ки дар он император шахсан иштирок намудааст, боқӣ мондаанд.

Албатта, дар бораи маҳалли муҳорибаи охирини римиҳо бо форсҳо фикру ақидаҳои олимон гуногун мебошад: як гурӯҳи онҳо бар он ақидаанд, ки 26-уми июни соли 363 римиҳо бо форсҳо то охирин лаҳзаҳо дар маҳалли Маранга ҷанг кардаанд, дигарон бошанд макони муҳорибаи охиринро қалъаи Самарра медонанд. Ба ақидаи К. Максимюк муборизаи ҳалкунанда дар деҳаи Туммара руй додааст. Тадқиқотчии англис Д. Тейлор бар он ақида аст, ки ҷанг 22-июни соли 363 дар маҳалли Маранг; 26-27-уми июни соли 363 римиҳо бо форсҳо дар маҳалли Сумарра ва дар рӯзҳои охири моҳи июни соли 363 қушунҳои савораи Шопур ба қушунҳои Рим, ки ба қалъаи Сумара ақибнишинӣ мекарданд, зарбаи сахт мезанад.

11-уми декабри соли 361 Юлиан вориди Константинопол мешавад. Дар ин ҷо ӯ ба корҳои давлатӣ машғул шуда, бандари нав месозад ва китобхона ташкил мекунад. Дар соҳаи хизмати алоқа ислоҳот намуда, кормандони дарборро ихтисор мекунад. Аммо дар назди Юлиан аз ҳама масъалаи асосӣ ин ҷанг бо форсҳо буд. Аз рӯйи гуфтаҳои худи Юлиан «Ҷанг ин хушбахтии шоҳ аст». Форсҳо аз даргузашти Констансий II огаҳӣ ёфта, ба сарҳадҳои Байнаннаҳрайн пайдарҳам ҳуҷум мекарданд. Баҳори соли 362 Юлиан ба таёрии ҷанги ҳалкунанда бо Шопур шурӯъ мекунад.

Мақсад ва вазифаҳои ҷангро Юлиан дар мактуби худ ба пресвитер Кесарии Каπедокийский чунин иброз медорад: «Ман бояд ҳар чӣ зудтар Форсро забт кунам ва Шопури Бузургро, ки аз авлоди Дориюш аст ба гурез гузорам, то он даме, ки ӯ ба ман хироҷ диҳад ва мунтазам андоз пардохт намояд. Пас аз он ман бояд маҳалҳои аҳолинишини ҳиндуҳо ва саросенҳоро ғорат кунам, то он даме, ки онҳо низ ба салтанати ман итоат кунанд ва ба пардохти хироҷ ва андоз розӣ шаванд». [3, 279]

---

[1] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. «Таъриху-р-расули ва-л-мулук».- Душанбе, 2014. Китоби 1. – С.534-708; Ал - Табарӣ. Таърихи Ал-Табарӣ ҷилди V. Сосониён, Византия, Лакмидиҳо ва Яман. (Маркази эроншиносии Донишгоҳи Колумбия). - Босфорд,1999.

[2]Дмитриев В.А. Юлиан Отступник: человек и император. Метаморфозы истории. - 2003. - С.246-258; «Всадники в сверкающей броне»: Военное дело сасанидского Ирана и история римско-персидских войн. Санкт-Петербург: Петербургское Востоковедение (Militaria Antiqua XII).- 2008; Воины Ахурамазды: Военное дело сасанидского Ирана и история римско-персидских войн. Санкт-Петербург: Евразия. - 2018.

[3]Кареев Д.В. Сражения у крепости Сингара и римско-персидские войны Констанция II: к вопросу охронологии и последовательности событий. ПИФК. – 2018. – С. 135-152.

[4]Ибатуллин Р.У. 2007. Из истории персидской кампании Юлиана (рейд Себастиана и Прокопия). Antiquitas aeterna. - 2007. – С. 182-85.

[5] Лактионов А. История дипломатии. – Москва, 2006. –С. 85-95.

[6] Гафуров Б. Точикон. – Душанбе, 2020. – С.223-332.

[7] Раҳмон Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён – Душанбе, 2002.

[8] Farrokh K.Sassanian Elite Cavalry AD 224—642. Oxford: Osprey Publishing. - 2005; Farrokh K., Karamian G., Maksymiuk A Synopsis of Sasanian Military Organization and Combat Units.Siedlce: Siedlce University; Tehran: Tehran Azad University. - 2018.

[9] Maksymiuk, K. Geography of Roman-Iranian wars: Military operations of Rome and Sasanian Iran. Siedlce: “Uniwersytet Przyrodniczo-Humanistyczny w Siedlcach".- 2015.

[10] Syvänne, I. 2015. La campaña de Juliano en Persia (363 d.c.). Un análisis critico. Desperta Ferro: Antigua y Medieval. - 2015 29, 40—47; Syvänne, I., Maksymiuk, K.The Military History of the Third Century Iran. Siedlce: “Siedlce University”.- 2018.

[11] Taylor, D.Roman Empire at War. A Compendium of Battles from 31 BC to AD 565. Barnsley: “Pen & Sword Military” Publ.-2016.

Дар бораи нақшаҳои император барои расидан «аз Гиркания то ба дарёҳои Ҳиндустон» яке аз дӯстони наздики император Либаний низ хабар медиҳад. Тавре ки мо мебинем, нақшаҳои Юлиан аз нақшаҳои Шопур камтар набуданд. Вай мехост, ки ҷангро дар сарҳадҳои шарқии Эрон, ки дар он ҷо ногузир ба империяи Гуптҳо бархурд мекунад, хотима диҳад.

10-уми июни соли 362 Юлиан бо артиши худ ба Антиохия рафт. Ӯ аз шумораи зиёди қушуни форсҳо огаҳӣ дошт ва барои мустаҳкам намудани артиши худ дар ҷустуҷӯи иттифоқчиён шуд. Чунин иттифоқчии Рим Арманистон ва қабилаҳои араб шуда метавонистанд. Аз ҳама пеш мавқеъгирии шоҳи Арманистон Аршаки II аҳаммияти хоса дошт.

Моҳи феврали соли 363 Юлиан ба Аршаки II мактуб ирсол намуда, дар он таъкид мекунад, ки дар ҳолати хиёнат аввалан, аз дасти форсҳо худ ва оилааш ва баъдан, тамоми халқи арман ва ҳокимияти онҳо зиён мебинад. Баъдан, чунин мактубро ба сардорони қабилаҳои араб ирсол мекунад. Маҳз дар ҳамин нақшаи стратегии Юлиан асос ёфта буд – иттифоқи ҳарбии онҳо якҷоя амал карда, пурра артиши форсҳоро торумор намуда, Шопурро ба зону шинонанд. Император нақша дошт, ки дар як ҷанг форсҳоро шикаст диҳад.

Шопури II аз нақшаҳои римиҳо бохабар буд, лекин дар ҳамин вақт бо шоҳигарии Кушониён дар шимолу шарқи мамлакати худ дар ҷанг банд буд ва намехост дар ду ҷабҳа ҷанг кунад. [6, 229-230] Шоҳаншоҳ ба Юлиан нома менависад ва хоҳиш мекунад, ки сафораташро қабул намояд ва гуфтушунидҳоро оғоз намоянд. Форсҳо сулҳ пешниҳод карданд ва бо шарти қабули ҳама талабот розӣ буданд, аммо Юлиан пешниҳоди онҳоро рад кард.

Дар аввали моҳи март Юлиан сарлашкарони қушунҳои худ: магистри қушунҳои пиёдагард Виктор ва магистри қушунҳои савора Ҳурмузро (писари шоҳаншоҳ Ҳурмузи II ва бародари угайи Шопури II буд ва ӯ соли 323 ба Константинопол мегурезад, ки дар он ҷо Константини I Бузург дарбори «Буколеон» дар соҳили баҳри Мармарро ба ӯ медиҳад) ва Аринфейро таъйин мекунад. Аз сабаби он, ки дар нақшаи амалиёт кори бузург ба зиммаи флот гузошта шуда буд, дар он ду адмирал (наварх) таъйин карда шуд – комит Лутсилиан ва трибун[1] Констансиан. Ба қавли император «онҳо ҳама роҳбарони ботаҷриба» ва «мутахассисони кори ҳарбӣ» буданд.

5-уми марти соли 363 қувваҳои асосии римиҳо Антиохияро тарк карданд. Дар ҳамин вақт қушунҳое, ки дар соҳили дарёи Фурот ҷойгир буданд, дарёро убур намуданд. 10-уми марти соли 363 қушуни римиҳо ба Сурия ворид мешаванд. Аз ҳамин ҷо Юлиан ба кучманчиёни араб мактуб барои иштирок дар ҷанги муқобили форсҳо мефиристад. Аз рӯйи нақли Табарӣ пешвоёни онҳо «аз ин фурсат истифода бурда, аз Шопур барои куштори арабҳо қассос гирифтан мехостанд». [1, 59] 19-уми март ба Карр расида, лашкари 16 ҳазор нафараи худро бо роҳбарии Прокопий ва Себастиан гузошта, худаш бо қушуни боқимонда ба сӯи ғарб ба Фурот, ки дар он ҷо киштиҳои ҳарбӣ меистоданд, шитобкорона ҳаракат мекунад.

Артиши Юлиан 27-уми марти соли 363 дар Калиникос (ҳозира ш. Эр-Раққа дар Сурия) ба Фурот расид. 28-уми март ҳангоми дар Калиникос қарор доштан ба назди Юлиан пешвоёни қабилаҳои араб -иттифоқчиёни нав меоянд. Онҳо ҳамроҳи худ 17 000 аскару афсаронро бо ҳам оварда буданд. [1, 59] Қуввои баҳрии римиҳо хеле бузург буд, ки он аз 1 100 киштии нақлётӣ ва 50 киштии бодбондори ҷангӣ ва қаиқронӣ иборат буд. [5, 92]

3-юми апрели соли 363 қад-қади дарёи Фурот 90 мил (166,68 км)-ро роҳро тай карда, ба қалъаи Киркесиум ба он ҷое, ки дарёи Абора ба Фурот мерезад, мерасанд. Ин ҷо сарҳади ду ҷаҳон ва ду тамаддун буд: Империяи Рим ва Эрони Сосонӣ

6-уми апрел артиши римиҳо аз дарё мегузарад ва дар назди қушунҳои худ Юлиан суханронӣ мекунад. Ӯ аскарону афсарони худро бовар мекунонд, ки мо ғалаба мекунем ва «ғалаба ҳамеша тарафдори ҳақиқат аст».

Амалиёти торумор кардани Эроншаҳр субҳи 8-уми апрели соли 363 оғоз гардид. Қуввaҳои асосии зарбазани Эроншаҳр аз саворaҳои вазнин, филони ҷангӣ ва аскарони пиёдагард иборат буд. Шумораи умумии аскарони Эроншаҳр аз 120 000 то 150 000 мерасид. Баҳори соли 363 қисмати артишии форсҳо дар шимолу шарқ ба муқобили салтанати Кушониён меҷангид ва аз ҳамин хотир ҳам дар оғози ҷанг ба муқобили римиҳо норасоии афсарони таҷрибадор мушоҳида мегардид.

[1] Комит ва трибун - вазифаҳои фармондеҳӣ дар артиши Рими Қадим

10-уми апрели соли 363 қушуни римиҳо аз наздикии харобаҳои шаҳри Дура – Эвропос гузашта, дере нагузашта қалъаи форсҳо Анатаро дар ҷазирае дар миёни дарёи Фурот муҳосира намуданд. Дар роҳи худ римиҳо ба бераҳмӣ даст зада, сокинони маҳаллиро ғорат карда, киштзор ва кулбаҳои онҳоро оташ мезаданд.

Субҳи 22-юми апрели соли 363 қушунҳои пешгарди римиҳо мароитабаи аввал рақиби худро дар кулоҳи дурахшанда ва зиреҳҳои мустаҳкам диданд. [2, Книга XXIV. 4-5] Ҳамин тариқ, Юлиан рӯз то рӯз ба пеш ҳаракат намуда, барои амалӣ намудани мақсади худ, яъне ғасби шаҳри Тайсафун наздик мешуд.

25-уми апрел Юлиан бо қувваи асосии худ аз шохоби дарёи Фурот гузашта ба деҳаи Матсепракта мерасад. Артиши Юлиан 9-уми майи соли 363 қалъаи Маозамалха, ки ба пойтахти форсҳо наздик буд аз худ мекунанд. Дар наздикии ин қалъа Юлиан ба муҳосира меафтад ва форсҳо ба император ҳангоми назорати дарвозаҳои қалъа ҳуҷум мекунанд. Пас аз расидани муҳофизон форсҳо рӯ ба гурез меоранд.

Вақте ки римиҳо ба муҳосира омодагӣ медиданд, форсҳо ба онҳо тез-тез ҳуҷум мекарданд, вале ин ба қалъаи муҳосирашуда ёрӣ нарасонд. Муҳосираи Маозамалха чор рӯз идома ёфт. Саҳарии 14-уми май дар қалъа бесарусомонӣ ва куштор оғоз шуда, римиҳо ба занону кӯдакон ҳам раҳм накарда, қалъаро хароб ва оташ мезананд.

Куштору ваҳшоният ва харобкориҳое, ки римиҳо анҷом медоданд, аҳолӣ ва элитаи ҳукмрони Эроншаҳрро натарсонданд. Дар ҳоле ки гарнизонҳои ду ҷониб дар соҳилҳои дарёи Фурот меҷангиданд, Шопур ба музофотҳои дурдастарини давлати худ нома фиристода, аз сатрапҳои маҳаллӣ даъват мекард, ки барои ҷанг бар зидии Юлиан ва арабҳо лашкар ҷамъ кунанд. [1, 61]

Аллакай 19-уми май форсҳо дар наздикии Селевкияи соҳили Даҷла (Верх-Ардашир) ба отрядҳои мусаллаҳи римӣ зарбаи ҳалокатовар заданд. Дар ҳамин вақт отряди дигар аз Даҷла гузашта, ба корвони римиҳо ҳамла намуданд ва аспҳою хурокаро гирифта, аскаронро қатл намуданд. Ҳамин тариқ, бори аввал қушунҳои Юлиан дар ин муҳорибаҳо шикаст хӯрд. Юлиан, ки бисёр дар хашм омада буд, тасмим гирифт, ки 20-уми майи соли 363 ба шаҳри Вех-Ардашир (яке аз шаҳрҳои бостонии сосониён, ки дар канори пойтахти империяи Сосониён Тайсофун ҷой гирифта буд) ҳуҷум кунад. Дар ин муҳориба қариб буд, ки Юлиан кушта шавад. Дар нимашаб аскарони форс дарвозаи шаҳрро кушода, яку якбора ба қушунҳои пешгарди римиҳо зарбаи вазнин заданд. Дар ҳамин вақт гарнизони Вех-Ардашир дарёро убур карда, ба ақибгоҳи римиҳо зарбаи ҳалокатовар заданд ва бештари аскарони онҳоро асир гирифтанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда рӯзи дигар Юлиан Верх-Ардаширро ба итоати худ медарорад.

Юлиан кӯшиш мекард, ҳар чи тезтар пойтахти Эрони Сосонӣ Тайофунро забт намояд. Барои ин амалиёт як отряди иборат аз 400 нафар, аз ҳисоби ҷанговарони пуртаҷриба ва таълимдида ҷамъ намуда, ҳаракат менамояд, ки ин ҳодиса 27-28-уми майи соли 363 ба амал меояд. Дар ҳамин ҳол Шопур бо қушунҳои асосии худ аз ин маҳалҳо хеле дур қарор дошт ва сатрапҳо маҷбур буданд бо қувваи худӣ ба муқобили римиҳо истодагарӣ намоянд.

1-уми июни соли 363 артиши римиҳо дар соҳилҳои Даҷла, дар рӯ ба рӯи Тайсофун мавқеъ гирифтанд. Эрониҳо ба муқобили артиши римиҳо қушуни 30 000 нафараи худро гузоштанд. Дар назди деворaҳои Тайсофун римиҳо ва готҳо бошишгоҳҳои ҳарбии форсҳоро валангор намуданд.

Юлиан дар назди худ ду нақша мегузорад: якум бо қушунҳои худ ба тарафи шимол, ба назди иттифоқчии худ шоҳи Арманистон равад; дуюм давлати Форсро тасарруф намуда, то ба Гиркания ва дарёҳои Ҳиндустон барояд. Ҳамин тавр Юлиан нақшаи дуюмро қабул мекунад. 7-уми июни соли 363 Юлиан дар назди афсарну аскарони худ баромад намуда, мақсадашро ба онҳо мефаҳмонад ва супориш медиҳад, ки киштиҳоро оташ зада, ба ҳуҷуми қатъӣ гузаранд. Рӯзи дигар аскарони римӣ киштиҳои худро оташ заданд ва дар натиҷа қушуни 60 000 нафараи римиҳо ҷамъ карда шуд. Юлиан қушунҳои худро зуд ва бо роҳи аз ҳама кӯтоҳ «Роҳи шоҳӣ» (234 км) ба шаҳри Суз раҳсипор мекунад.[3, 278] Римиҳо дар муҳорибаҳо талафоти зиёд медоданд ва фикр мекарданд, ки бо қушунҳои асосии Шопур ва худи он ҷанг карда истодаанд. Ҳамзамон, норасоии хӯрока ва об эҳсос мегардид. Аҳолии маҳаллӣ пеш аз рафтани худ алафзор ва гандумзорҳоро оташ мезаданд. Ҳамин тариқ, қушунҳои Прокопий ва Себестиян барои ёрии қувваҳои асосии Юлиан наомаданд.

Дар ҳамин ҳол, Юлиан шурои ҳарбиро даъват мекунад ва дар он фақат як масъала – роҳи бехатари баргаштанро ба миён мегузорад. Аз пешниҳодҳои кардашуда Юлиан танҳои ду тои он: ба шимол ба воситаи Ошур ба Арманистон равад ё оҳиста-оҳиста ба домани куҳҳо пеш рафта, ба таври ғайричашмдошт ба Хилиоком дар наздикии Кордуэна ба форсҳо зарба занад.

Субҳи 13-уми июни соли 363 артиши римиҳо бошишгоҳи худро тарк карда, ба сӯи шимолу ғарб ба резишгоҳи Дачла дарёи Дурос (ҳозира Дияла) мерасанд. Афсарону аскарҳо хӯроки 20 рӯзаи роҳро бо ҳам гирифтанд, аммо дар роҳ арабҳои тарафдори Шопур ба корвони онҳо ҳамла оварда, ба онҳо зарари калон расониданд.

Юлиан аз дарёи Дурос гузашта, ба деҳаи Ноорда мерасад ва мебинад, ки тамоми хуроки чорво ва деҳаҳо оташ зада шудаанд. Ӯ аз ин роҳ баргашта, ба воситаи ҳамон «Роҳи шоҳӣ» ҳаракати худро идома медиҳад. Мақсади онҳо баромадан ба Арманистон буд. 23-юми июни соли 363 римиҳо бошишгоҳи худро оташ зада, ҳаракати худро идома медиҳанд.

Аввалин ҷанги бузург миёни римиҳо ва форсҳо 24-уми июни соли 363 ба вуқуъ пайваст. Форсҳо ба отрядҳое, ки аз паси қушуни асосӣ меомаданд ва отрядҳои савора зарба заданд. Дар ин муҳориба собиқ сафири Шопур дар дарбори император Констансия Адак иштирок дошт. Дар рафти ин муҳориба панҷ сарварони отрядҳои савора рӯ ба гурез ниходанд ва баъдан онҳо аз тарафи Юлиан дастгир шуда, унвонҳо ҳарбии онҳо бекор карда шуд.

Субҳи барвақти 25-уми июни соли 363 артиши Юлиан ба соҳилҳои Дачла 13 км роҳро тай карда, ба деҳаи Маранг ворид мешаванд.[2, Книга XXV. 1-10] Дар ин ҷо Юлианро артиши форсҳо бо сарварии Мерена ва ду писари Шопури II интизор буданд. Муҳориба бениҳоят вазнин гузашта, артиши Эроншаҳр қисман нобуд карда шуд. Пас аз ҷанг дар Маранг легионҳо ба деҳаи Туммара соҳили Дачла расиданд ва танҳо дар ин ҷо фаҳмиданд, ки 12 киштии хурди боқимонда аз ҷониби форсҳо сӯзонда шудааст ва император Юлиан иҷозат медиҳад, ки дар ин деҳа таваққуф кунанд.

26-уми июни соли 363 Юлиан аз ҳуҷуми форсҳо бохабар шуда, бо муҳофизони худ ба ҷанг медарояд. Дар авҷу хуруши ҷанг муҳофизон императори худро гум мекунанд. Дар ҳамон лаҳзае, ки Юлиан дасташро боло карда, ба қушунҳои пиёдагарди худ фаҳмониданӣ мешавад, ки душман ақибнишинӣ дорад ва ҳуҷумро оғоз кунед, як араби савора аз қабилаи Бани Тайӣ пайдо мешавад ва бо найза ӯро аз по меафтонад. Муҳофизон ӯро меёбанд ва яке аз муҳофизон араби императорро захмӣ намуда, сарашро аз тан ҷудо мекунад. Ӯро зуд ба хайма мебаранд ва дар он ҷо духтури шахсиаш Орибасий Пергамский табобатро оғоз мекунад. Орибский барои император, ки дӯсти наздикаш буд, тамоми корҳои табобатиро ба анҷом мерасонад. Пас аз се рӯзи мубориза барои ҳаёт дар нимашаби 29-уми июни соли 363 ӯ дунёи фониро падруд мегӯяд. Аз гуфтаи шоҳидони воқеа, суханони охирини Юлиан чунин будааст: «Эй, Офтоб шумо Юлианро аз даст додед» (худое, ки Юлиан парастиш мекард, худои офтоб - Гелиос ном дошт, ки коинотро идора мекард).

Мувофиқи маълумоти Филосторгиус, танҳо 1/10 қисми артиши римиҳо аз ин юриш баргаштанд, яъне аз 65 ҳазор, ки бо Юлиан ба ҷанг рафта буданд, танҳо 7 ҳазор нафарашон зинда баргаштанд.

27-уми июни соли 363 сарлашкарони рим аз форсҳо оташбаси серӯза талаб мекунанд. Пас аз баҳсу мунозираҳои зиёд Иовиан император эълон карда мешавад. Ӯ боқимонда қушунҳои худро ҷамъ карда, бо «Роҳи шоҳӣ» ҳаракатро ба сӯи шимол идома медиҳад. Рӯзи дигар онҳо Самарруро гузашта дар доманаи кӯҳ дар миёни ин шаҳр ва қалъаи Кархой ҷой мегиранд. Дар ин ҷо Шопур ба онҳо ҳуҷум карда, онҳоро шикаст медиҳад. 1-уми июли соли 363 қушуни римиҳо бо душвории зиёд боз 5,3 км роҳро тай карда, дар қалъаи Дураи соҳили Дачла меистанд. Артиши Рим дар худ як манзараи аламовареро менамуд. Чунон аламовар, ки 7-уми июли соли 363 Шопур, ки ҳеҷ чиз барои несту нобуд кардани душмани пеши роҳашро намегирифт, як олиҳиммати «ҳисси инсондӯстӣ»-и худро нишон дод. Ӯ ба Иован мактуб навишта, ӯро ба гуфтушунид таклиф мекунад ва мегӯяд, ки: «агар ба он розӣ нашавад, ҳамаи онҳо кушта мешаванд, на аз шамшер балки аз гуруснагӣ».

Иован бо 80 нафар ба хаймаи Шопур меояд. Дар ин ҷо Шопур римиҳоро дар қатли аҳолии осоишта, хароб ва оташ задани деҳаҳо гунаҳкор мекунад.[1, 62] Баъдан, форсҳо шартномаи сулҳро пешниҳод мекунанд, ки барои империяи Рим хеле вазнин буд.

Шопур розӣ мешавад, ки аскарон ва афсаронро озод кунанд, дурустараш аскарону афсарони зиндаро ба музофотҳое, ки соли 299 аз Эрон гирифта буданд (Арзатсен, Моксоэну, Забдитсена, Регимона. Кордуэну), 15 қалъа ва се шаҳри муҳими стратегӣ – Нисибис, Сингара ва Кастра Маврорум иваз наомояд. [2, Книга XXV. 5-9] Инчунин, римиҳо вазифадор карда шуданд, ки ба иттифоқчии худ Арманистон хиёнат кунанд: онҳо ваъда доданд, ки «бар зидди форсҳо…. ба дӯсти вафодорашон Аршак кӯмак нахоҳанд кард», ҳатто агар ӯ сахт хоҳиш ҳам намояд.[2, Книга XXV. 7-12]

11-уми июли соли 363 Иовани шартномаи сулҳро «шармандавор» имзо мекунад. Ҷасади императори кушташударо ба Киликия мерасонад ва дар ҳамон ҷо гӯронида мешавад.[3, 293] Бо ҳамин юриши Флавий Клавдий Юлиан ба Форс ба анҷом мерасад.

Ҳамин тариқ, лашкаркашии Юлиан ба Форс бенатиҷа анҷом ёфта, римиҳо як қатор ҳудудҳои стратегии худ ва махсусан ба иттифоқчии содиқтарини шарқии худ Арманистон хиёнат карданд. Дар асоси шартҳои шартнома империяи Рим маҷбур шуд, ки яке аз ҳудудҳои Байнаннаҳрайни шимолӣ Нисибисро, ки ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ ва ҳам иқтисодӣ мустаҳкам буд, ба форсҳо диҳад. Форсҳо ба аҳолии ин шаҳр се рӯз муҳлат медиҳанд, ки хонаҳои худро тарк намоянд. Чи тавре ки Табарӣ хабар медиҳад, бо фармони Шопур 12 000 аҳолии шаҳрҳои Исфаҳон, Истахра ва дигар ҳудуди Империя Форс ба Нисибис кӯчонида мешаванд.[7, 743]

Он мақсадҳое, ки Юлиан пеш аз юриш ба Форс дар назди худ гузошта буд, амалӣ карда натавонист. Бараъкс мақеи Эрони Сосонӣ дар Осиёи Пеш боз ҳам мустаҳкам гардид.

Адабиёт:

1. Ал-Табарӣ. Таърихи Ал-Табарӣ. Ҷилди V. Сосониён. Византия. Лакмидиҳо ва Яман (Маркази эроншиносии Донишгоҳи Колумбия). – Босфорд, 1999. – С. 62.
2. Аммиан Марцелин. Римская история. – Санк-Петербург, 1978. Книги XXI, XXIV, XXV.
3. Вус О.В. Персидский поход и загадка битву у Туммара. 26 июня 363 г.//МАИАСП. – №11, 2019. – С. 271-299.
4. Караев Д. Сражения у крепости Сингара и римско-персидские войны Констанция II: к вопросу о хронологии и последовательности событий. – ПИФК, 2018. – С.139-143.
5. Лактионов А. История дипломатии. – Москва, 2006. – С. 85-93.
6. Луконин В.Г. Древний и раннесредневековый Иран. Очерки истории культуры. – Москва, 1987.
7. Мухаммад ибниҶарири Табарӣ. Таъриху-р-расули ва-л-мулук. – Душанбе, 2014. – С. 743.
8. Jul. Император Юлиан.; Сидаш Т.Г., Фурман Д.Е. Полное собрание творений. – Санкт – Петербург, 2016. Ep., 57, 58 (49), 81.

К ИСТОРИИ ВООРУЖЕНИЯ САСАНИДСКОЙ АРМИИ: ЛУК И СТРЕЛЫ

Косимова М.С., *к.и.н., доцент кафедры общефизических дисциплин ХГУ имени академика Б.Г.Гафурова, Тел.: +992 92 721 22 23; E-mail: maniza@mail.ru*

Рахимов Н.Т., *д.и.н., профессор кафедры археологии, этнографии и религиоведения ХГУ имени академика Б.Г.Гафурова. Тел.: +992 92 730 51 94; E-mail: nabir@mail.ru*

В истории иранской государственности Империя Сасанидов – одна из высокоразвитых и сильных государств в первой половине 1 тыс.н.э., в которой продолжались традиции Ахеменидского и Парфянского государств. Возникшее в 224 году н.э. государство Сасанидов сумело за сравнительно короткий срок завоевать и включить в состав государства огромные территории и превратилось в крупнейшую региональную державу. Одной из опор такого взлёта и развития была сильная, хорошо подготовленная и оснащённая вооружением, армия.

Одним из видов вооружения Сасанидов был лук. Лук и стрелы сасанидских воинов стали для того отрезка истории самым грозным оружием, а слава иранских лучников распространилась во всём Востоке настолько, что словосочетание «сасанидский лук», как обозначение качественного и передового вооружения, вошли во все исторические анналы, широко используются и в современной научной литературе, посвященной истории вооружения. И это имело исторические основания: по своим конструктивным особенностям этот вид лука являлся продолжением парфянского и

кушанского луков, но был значительно усовершенствован в сасанидский период и поэтому называется сасанидским (иногда, кушано-сасанидским луком).

Современные научные знания о вооружении сасанидских воинов в целом, и о луке и стрелах в частности, основаны на исторических источниках, основными из которых являются археологические данные и сведения письменных источников. Очень интересную и полноценную информацию о луках представляют памятники сасанидской торевтики с изображениями сцен боевых поединков или охоты и на которых чётко видны вооружение и доспехи воинов. Особенно хорошо просматриваются лук и стрелы. И вполне понятно, что лук и стрелы давно стали объектом исследования специалистов. Во многих научных работах, посвященных истории вооружения народов в древности и средневековье есть главы и разделы, посвященные лукам [1, с.17-26; 2, с.34-48; 3, с.156 с.; 5, 349 с; 10, 64-72; 11, 180 с.; 12, с.12-24; 13, 142 с.; 14, 176 с.].

В связи с большим количеством публикаций по вооружению в короткой статье историографический обзор научных работ по истории лука не совсем уместен. Но, среди исследований в области военного искусства и вооружения народов Средней Азии следует отметить работу академика Б.А.Литвинского «Сложносоставной лук в древней Средней Азии (К проблеме эволюции лука на Востоке)», которая несомненно заслуживает пристального внимания своим глубоким анализом и широким охватом информации по истории лука и стрел [9, с.51-69].

Лук, изобретённый ещё в каменном веке, быстро превратился в популярный вид оружия, был распространён среди всех народов Древнего мира. Это в первую очередь касается иранских племён и народностей, создавших свою, уникальную военную традицию, прослеживающую через всю историю иранцев со времён правления династии Ахеменидов. Ещё основатель этой династии – Кир (Куруш) II Великий определил умение владеть луком как одно из основных качеств арийцев: “Скакать на коне, стрелять из лука и всегда говорить правду”. По словам Геродота этим трём качествам придавали основное внимание при воспитании мальчиков в Древнем Иране. Поэтому лук и стрелы всегда пользовались успехом среди воинов и постонно включались в число вооружения древнеиранских воинов. Постоянные тренировки владение луком позволяли стрелкам из лука доминировать во время боевых действий и, даже не приходя в соприкосновение с противником, наносить существенный урон армии противника. Об этом есть прямые указания письменных источников. Так, именно лучники обеспечили победу парфян над римлянамив битве при Каррах.

Лук сасанидских воинов, как было сказано выше, называемый сасанидским, сложился к IV-V вв. н.э. В связи с этим, иногда к нему применяется определение “кушано-сасанидский”. К сожалению, подлинные экземпляры луков до нашего времени не дошли. При археологических раскопках находят лишь отдельные фрагменты лука, в основном, костяные элементы и наконечники стрел (медные, бронзовые, железные или сделанные из кости). Но есть краткие упоминаия (описания без дерализации конструкции лука) в письменных источниках и многочисленные изображения на разных изделиях (предметах торевтики). На сценах охоты или боевых поединков сасанидские воины в большинстве случаях вооружены луком [6, с.13-19; 7, с.23-31; 8, с.240-250]. Даже если поединок ведётся с применением копья или меча, на изобрежениях видны луки или колчаны со стрелами. Изображения лука и стрел имеются на настенных росписях (Древний Пенджикент) и каменных рельефах (Так-е Бостан и др.). В письменных источниках есть и описания сасанидского лука. Особенно подробное описание такого лука имеется у Аммиана Марцеллина. Он пишет, что сасанидские луки имели широкие, выступающие с обоих концов «рога». Эти рога делали процесс стягивания концов лука медленным, но зато придавала огромную силу стреле. Пущенная тетивой стрела пронзала насквозь врага. Надо отметить, что такого боевого качества сасанидские достигли в процессе длительной эволюции этого вида оружия. Ранние по времени возникновения луки были очень просты и представляли собой согнутую палку, тетива которой при распрямлении выбрасывала стрелу на определённую дистанцию. Но, со временем, дальность и мощность стрельбы из таких простых луков перестала удовлетворять воинов. Поэтому, постепенно, технология изготовления лука среди иранских народов прогрессирует. Экпериментируются способы, проверяются качества разных элементов. Кочевые ираноязычные племена и народности – скифы, саки, массагеты, продвинулись далеко в изготовлении мощных луков, используя при их конструировании различные материалы. Этот опыт быстро распространялся. Это привело к появлению у иранских народностей сложных луков,

складываемых из разных материалов и частей. По мнению археолога Б.А.Литвинского, родиной лука «сасанидского» типа является Средняя Азии. Вначале эти луки несколько проще, но под влиянием скифо-сакских образцов начали меняться в сторону большей усложнённости и усиления выброса стрелы. Поэтому считается, что сасанидские луки по происхождению восходят к лукам скифского типа. Но свои классически завершённые формы

сасанидский лук получает в начале 1 тыс. н.э. Кроме того, в сасанидском луке заметны и определённые индийские влияния [9, с.51-69], что позволило некоторым учёным называть такой тип луков «персидско-индийским» [15, с.98-102].

По своим конструктивным особенностям сасанидский лук относится к сложно-составным, то есть состоял из нескольких компонентов. Как правило, для создания сложного лука использовались разные элементы, среди которых были как деревянные, так и костяные части, то есть широко использовалась роговица, гибкая и в тоже время очень твёрдая. Применение костянных элементов при создании сложных луков позволило создать мощное оружие, позволяющее поражать цель на большом удалении. В целом, при изготовлении сасанидского лука его части готовились из различных пород древесины, сухожилий и роговых накладок. Сочетание накладок на деревянную основу жёстких (рога и рукоять) и гибкие (плечи) частей лука, позволяло достигать прекрасных результатов в лучной стрельбе.

По своей форме сасанидский лук имел типичную для Азии конструкцию. Упругая основа лука («кибить») была деревянной, но укреплённой дополнительными элементами: вдоль деревянной основы наклеивались сухожилия животных (чаще всего козы), а с верхняя часть укреплялась костяными накладками. Особенностью сасанидского лука были очень длинные костяные "рога" - прямые наконечники, крепившиеся на концах "плеч" лука. Без тетивы, то есть в небоевом (рекурсивном) состоянии, длина сасанидского лука достигала 1,5 м. В таком состоянии, плечи лука выгибались в обратную сторону.

Таким образом, основным элементом лука была деревянная основа, которую вымачивали в воде, размягчали и придавали форму с помощью деревянных лекал. К высушенной и получившей свою форму деревянной основе прикреплялись концы лука, укреплённых костяными накладками. Затем, внутренняя сторона деревянной основы укреплялась роговицей, которая позволяла луку быстро восстанавливать форму. Исследователи отмечают, что при изготовлении лука чаще всего использовали рога буйвола, длиннорогого быка или горного козла. В общем, изготовление лука было не простым и дорогостоящим делом. Поэтому, лук и стрелы очень почитались древними иранцами; с луком связаны многие ритуалы и обрядовые действия зороастризма – государственной религии в Сасанидском Иране. Владелец лука должен был всегда соблюдать правила его использования, следить за его состоянием и заботиться о нём. Для того, чтобы лук не потерял свою упругость, тетива лука снималась, а лук содержался в особом кожаном футляре - налучье. По время похода лук находился в футляре-горите. А стрелы помещались в колчан. Иногда, лук могли носить и закинув через плечо. Запас стрел во время сражения находился в колчане, висевшем на поясе воина с правой стороны. Луки и их элементы различались по своим качествам. Многие знатные персы заказывали для себя качественные и богато отделанные луки, чем не только выделялись среди остальных воинов, но делали такое оружеие предметом особой гордости. Прекрасно отделанные луки видны на многих серебрянных изделиях с охотничьими и батальными сценами, в которых принимают участие сасанидские шахиншахи.

Еще одним вкладом персов сасанидского периода в развитии стрельбы из лука считает особый вид техники стрельбы: способа охвата пальцами лучника конец стрелы при натягивании тетивы. Стрелок зажимал конец стрелы между средним и безымянным пальцами, натягивал до упора тетиву и резко разжимал пальцы. При таком способе стрела получала сильное ускорение и точно попадала в намеченную цель.

Как указывают письменные источники, лук был наступательным оружием сасанидской армии и на нём строилась вся персидская военная доктрина [5, с. 123]. Сравнительно небольшой размер лука и его форма позволяли эффективно использовать сасанидский лук как пешему, так и конному воину. При каждом лучнике был колчан со стрелами. Ещё в Авесте перечислен набор боевого снаряжения

персидских (древнеиранских) воинов, в котором указаны лук, колчан и тридцать стрел с медными наконечниками.

Сасанидская армия достигала своих побед, во многом, благодаря мастерству и умению своих лучников. В всех битвах первыми в бой вступали лучники, которые издалека начинали обстрел противника. Это предпринималось для нанесения упреждающего удара с целью вывести из строя как можно большее число воинов вражеской армии. В начале 1 тысячелетия, основными противниками сасанидов были римляне, чьим базовым вооружением были копья. Поэтому, лук со стрелами в руках сасанидских воинов был грозным для римской армии оружием.

Мощность сасанидского лука (дальность полёта стрелы и поражения облачённого в доспехи противника) позволяли успешно выполнить такой манёвр в начале боя. Успешности этому способствовали и боевые навыки сасанидских лучников. Характеристика сасанидских воинов хорошо отражена в письменных источниках. Так, Маврикий Стратег отмечает, что персы «превосходят все воинственные народы в стрельбе из лука – скоростной, но не сильной». На мастерство сасанидских лучников указывает и Феофилакт Симокатта: «этот народ умеет обращаться с луками, и главная сила его заключается в оперенных стрелах». Для подтверждения своих слов он указывает как персы, спешившись в начале битвы, метким обстрелом расстроили ряды римских войск [5, с.176].

Таким образом, главным видом вооружения сасанидской армии был сложносоставной лук, выделяющимся от других типов лука своими боевыми качествами. Появление сасанидского лука стало возможным при синтезе опыта кочевых ираноязычных племён (саков, массагетов, дахов и др.) и оседлых земледельцев Ираншахра – бактрийцев, согдийцев. В связи с этим, родиной зарождения такого типа лука является Восточный Иран, т.е. районы современной Средней Азии. Особые конструктивные качества лука, называемого в литературе «сасанидским» были получены в ходе длительной эволюции и богатого опыта использования лука в среде иранских народов. Как указывают письменные источники именно сасанидские лучники были гарантами побед сасанидской армии в войнах с соседними государствами. Исходя из этого можно говорить, что сасанидский лук стал большим достижением в истории вооружения иранских народов в период древности и раннего средневековья.

Литература:

1. Акишев К.А. Саки азиатские и скифы европейские (общее и особенное в культуре) //Археологические исследования в Казахстане. - Алма-Ата, 1973. – С.17-26.
2. Васильев В.Н. Стрелы сарматов Южного Урала. Вопросы баллистики и производства //Военное дело древнего и средневекового населения Северной и Центральной Азии. – Новосибирск, 1990. – С.34-48.
3. Васильев В. Н. Вооружение и военное дело кочевников Южного Урала в VI - II вв. до нашей эры. – Уфа, 2001. – 156 с.;
4. Горелик М. В. Оружие Древнего Востока (IV тыс. до н.э. – IV в. до н.э.). - М.: Наука, 1993. – 349 с.;
5. Дмитриев В.А. Всадники в сверкающей броне: Военное дело сасанидского Ирана и история римско-персидских войн. - СПб.: Петербургское Востоковедение, 2008. — 372 с.
6. Косимова М.С. Лук и стрелы в визуальных источниках культуры иранских народов / М.С.Косимова // Вестник ТГУПБП (Отделение гуманитарных наук). – 2015. - №4 (65). – С. 13-19.
7. Косимова М.С. Из истории лучного спорта в Таджикистане/ М.С.Косимова // Вестник ТГУПБП (Отделение гуманитарных наук). – 2016. - №4 (69). – С.23-31.
8. Косимова М.С. Изображения лука и стрел в петроглифах Таджикистана /М.С.Косимова, А. Хайруллозода // Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд (Известия Исторического музея Согдийской области). – Худжанд. – 2017. - №4. - С.240-250.
9. Литвинский Б.А. Сложносоставной лук в древней Средней Азии (К проблеме эволюции лука на Востоке) // Советская археология. - 1966. №4. - С. 51-69.
10. Литвинский Б.А., Пьянков И.В. Военное дело у народов Средней Азии в VI-V вв. до н.э. //Вестник древней истории. - №3. – 1966. – С.64-72.
11. Медведев А.Ф. Ручное метательное оружие (лук, стрелы и самострел) XIII-XIV вв. - М. 1966. – 180 с.;
12. Худяков Ю.С. Оружие как исторический источник //Военное дело древнего и средневекового населения Северной и Центральной Азии. – Новосибирск, 1990. – С.12-24.
13. Черненко Е.В. Скифские лучники. – Киев, 1981. – 142 с.
14. Шокарев Ю. В. История оружия: Луки и арбалеты. – М.: АСТ, 2006. – 176с.
15. Saracen Archery. An English version and exposition of a Mameluke work on archery. – London. The Holland Press. 1970. – P.98-102

АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ СОСОНИЁН ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ

Собирова Қурбонбегим *– доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Ҷавҳар ва бунёди ин фарҳанг бар пояи андеша ва ахлоқи башардӯстӣ ва мақоми волои инсон устувор гардидааст. Се усули ахлоқ ва ё андешаи тарбияи инсон, ки бо шиори пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек аз номи паёмбари оини ориёӣ гуфта шудааст, дар бунёди худ дар ҳеҷ тамаддуни дигар ҳамто надорад. Китоби муқаддаси мардумони ориёӣ - Авесто, ки маҳсули андеша ва ҷаҳонбинии фалсафию динӣ ва ахлоқии ин мардумон аст, дар радифи осори арзишманди ҷаҳонӣ қарор дорад ва ин асар ифтихори тамоми мардумони ориёинажод ва башар мебошад. Фарҳанги воло ва хиради тавонои мардумони ориёӣ ва ворисони он буд, ки чунин асар аз ҳазорсолаҳои қабл аз милод то замони китобати он дар аҳди Сосониён аз роҳи ҳифз кардан дар зеҳну ҳуши донишмандон ва фарҳангиён аз насл ба насл интиқол ёфтааст.

Империяи Сосониён (224-651) яке аз бузургтарин давлатҳои ҷаҳон дар ибтидои асрҳои миёна ба шумор мерафт. Шоҳони ин хонадон дудмони худро аз авлоди Ҳахоманишиҳо (550-130 п аз м) муаррифи менамуданд, ки дар рушди илму фарханг мавқеи хоса доштад. Оғози донишангезии Сосоиён аз марҳилаи ба сари қудрат омаданни Сосониён, ба хусус аз чонибои бунёдгузори ин давлат Ардашери БобакониСосонӣ (224-248м) оғоз ёфта, баъдан идома айдо намуд.

Ибни Надим дар китоби «Ал-феҳрист»-аш менависад, ки Ардашери Бобакон ба ангезиши дониш тавоҷӯҳи зиёде намуда, мардумонеро ба Ҳинд ва Чин фиристод то аз китобҳои онон нусхабардорӣ намоянд ва китобҳои пароканда дар Эронро ҷамъоварӣ намуда ва ихтилоф ва парокандагии онҳоро рафъ намоянд. Хирад ва илму дониш дар Эрони бостон аҳамияти бузуге доштаст. Дар Авесто низ дониш мавқеи муҳим дошта, шонздаҳумин йашт аз «Йашт»- ҳои Авесто, ки «Дин йашт» ном дорад, ба изадбону Чиста, ки изадбонуи донишу фарзонагӣ аст, мавриди ситоиш қарор гирифта ва яшти мазкур ба эҷоди илму дониш, яъне Чисто тааллуқ дорад. Дар банди чоруми«Дин йашт» чунин омадааст: «… ки росттарин дониши маздоофаридаи ашаван, ӯро нерӯ дар поҳо, шунавоӣ дар гӯшҳо, тавон дар бозувон ва тандурустиву пойдории тан бахшад ва ончунон неруи биноӣ, ки каркаси зарринтавқ дорост, ки пораи гӯште ҳамчанди муштеро аз дурии нуҳ кишвар бозтавонад шинохт; агарчи дар бузургӣ чун тобиши сари сӯзане дурахшон бинамояд. Дониши маздофаридаро меситоем, ки заурниёзкунанда, ашаван, ҳунарманд, номдор, тезкуниш, расонидан ба саранҷоми нек ва бахшандаи гушоиши нек- дини неки маздоӣ аст».

Муаррихи Юнони қадим Ҳерадот менависад, ки эрониён ба фарзандонашон аз 5-солагӣ, вале Афлотун, «Динкард» ва «Шоҳнома» аз 7 солагӣ дар домани модар парвариш меёфт. Ва аз ин баъд ба муаллим супорида мешуд ва то 15 солагӣ ба таҳсил мепардохт. Синни бузург 15 буд ва ҳар зардуштӣ мувазаф буд аз он баъд расму русуми мазҳабиро анҷом диҳанд. Барои шоҳзодагон ва писарон синни таҳсилро Ҳерадот то 20- солагӣ ва Страбон то 24- солагӣ навиштаанд.

Замони Сосониён давраи шукуфоӣ ва симои хосаи миллӣ пайдо кардани фарҳанги Эроншаҳр аст. Тадриҷан тарвиҷ ёфтани ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, дигаргун шудани афкору ҷаҳоншиносии мардум, инкишофи дин ва неҳзатҳои динӣ, муколамаю мубодилаи байниҳамдигарии халқҳо дар дохили шоҳаншоҳӣ ва қад-қади «Роҳи бузурги абрешим», инчунин барҳӯрд бо тамаддуни Риму Ҳинд, Варазрӯд ва Эрон боиси рушди фарҳанг ва маънавиёти ҷомеаи Сосонӣ гардиданд ва ҳама ҷабҳаҳои фарҳанг: маорифу маърифат, илму адабиёт, санъати меъморию мусаввирӣ, кандакорию ороишӣ, шарҳрсозӣ ва мусиқӣ вусъат ёфта, рӯҳияи созанда касб карданд.

Як қатор шаҳрҳои замони Сосониён – Антокия, Беҳ - Ардашер, Рухо, Нисибин, Ҳаррон, Эдесса, Аҳвоз, Марв, Истахр ва албатта, тахтгоҳи шоҳаншоҳӣ - Ктесифон марказҳои бузурги илму фарҳанг маҳсуб мешуданд. Шоҳаншоҳони Сосонӣ аз кишварҳои тасхиршуда ҳунармандону табибон ва донишмандони маъруфро ҳамроҳ гирифта оварда, дар ин шаҳрҳо фавқузикр ҷой медоданд. Донишмандони руми ву юнонӣ, суриёниву ҳиндӣ, дар муҳиту ҳавзаҳои

илмию фарҳангии Эроншаҳр нуфузи беандоза бузург доштанд. Дар шаҳри Аҳвоз бо фармони Шопури II аввалин мактаби олӣ-Фарҳангистони Гунди Шопур кушода шуда буд, ки он баъдтар ба Донишгоҳи бузурги тиббӣ табдил ёфт. Дар он донишмандону табибон ва дорусозони эронӣ бо ҳамкории пайваста бо олимони суриёнӣ, румиву юнонӣ ва ҳиндӣ корҳои таълимию илмӣ ва пизишкӣ мебурданд.

Дар давраи Сосониён таълимгоҳҳои зиёде фаъолият намуданд, ки яке аз бузургтарин маркази илмию омӯзишӣ Донишгоҳи Гунди Шопур ки ба давраи Шопури I (241-272) нисбат додаанд. Гунди Шопур яке аз нахустин ва бузургтарин маркази илмӣ дар Машриқзамин буда, ки дар наздикии шаҳри Аҳвози кунунӣ бунёд гардидааст. Дар замони ҳукмронии Шопури II ин донишгоҳ дорои чандин пажуҳишгоҳҳои илмию донишкадаҳои таълимӣ буда, дар бахшҳои тиб, нуҷум, риёзиёт, фалсафа, адабиёт, санъат ва ғайра олимон пажуҳиши илму устодон ба таълиму тадриси донишҷӯён машғул буданд. Бинобар навиштаи ховаршиноси машҳури англис Э.Браун Донишгоҳи Гунди Шопур аз бузургтарин ҷамъияти ҳунарӣ ва илмӣ буда, дар ҳеҷ як марҳилаиӣ таърихӣ чунин коргоҳи ҳунарӣ дар Шарқ ба миён наомадааст. Дар 529 утоқи китобхонаи он китобҳои мусиқӣ, фалсафӣ, тиббӣ, ҳисобу ҳандаса, физика, механика, фалакиёт ахтаршиносӣ, ахлоқ, санъат шеър ва гуяндагиро бо забони паҳлавӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва ғайра маҳфуз буд.

Бахусус пажуҳиш ва таълиму тадрис дар риштаи тиб дар сатҳи баланд буд. Донишгоҳ дорои пажуҳишгоҳи тиббӣ, донишкадаи тиббӣ ва шифохона буда, шомилшавандагони донишгоҳи тиббӣ мебоист дар назди панҷ устод аз донишу маърифати табибиашон имтиҳон супоранд. Пас онҳо дар шӯбаҳои алоҳидаи терапия (амрози дарунӣ), бемориҳои пӯст, чашм ва ғайра ба омӯзиш мепардохтанд. Пизишкони оянда тибби назариро пайваста бо таҷрибаи амалӣ аз бар мекарданд. Донишҷӯён бо идрор ва китобхона таъмин буда, ҳаққи устодонро низ давлат мепардохт. Таълим ба забонҳои паҳлавӣ ва суриёнию юнонӣ дар заминаи такя ба тибби маҳалӣ ва ҷамъбасти дастовардҳои тибби мардумони кишварҳои Ҳинду Юнон сурат гирифта, дарҳои донишкада ба рӯи донишҷӯён аз кишварҳои гуногун боз буд. Шӯҳрати Гунди Шопур то ба дараҷае буд, ки дар он ҷамъомаду машваратҳои дохилию байналмилалӣ доир мегардид.

Шоҳаншоҳ Хусрави I Анӯшервон бо мақсади такмили илм аз Искандарияи Миср хафт нафар олимонро даъват карда, ба кори Гунди Шопур ҷалб намуд. Онҳо ба тарҷумаи паҳлавии осори фалсафӣ ва тиббии Юнони қадим, аз ҷумла офаридаҳои Афлотуну Арасту ва Букрот пардохтанд. Ҳатто баъзе қисмҳои «Авесто», ки аз тиббу табобат баҳс мекард, бо дастурҳои мундариҷаи пизишкӣ доштаи Букрот тарҷума карда шуданд. Вазири Сосониён Бузургмеҳр аз забони ҳиндӣ китоби «Калила ва Димна»-ро ба паҳлавӣ баргардон намуд. Дар асрҳои V-VI донишҳои тиббӣ, ҷуғрофӣ, риёзӣ ва ахтаршиносии эрониён хеле тарвиҷ ёфт. Афкори илмию фарҳангии ғарбӣ дар Эроншаҳр нуфуз карда, ба афкоре, ки аз Ҳинд интиқол мешуд, омехта гардид, ки ин диду ҷаҳоншиносии равшанфикрону донишмандони эрониро мукаммал кард. Метавон достони Барзуяи табибро ёдовар шуд. Вай дар навиштаҳои худ аз ахлоқ, дин ва табобат дар ҷомеа баҳс мекунад. Китобҳо дар боби тарвиҷи маънавиёти ҷомеа, дар шакли андарзу насиҳатномаҳо таълиф гардидаанд, ки аҳли кишварро ба эҳсону хирадмандӣ, саховату фазилатпешагӣ, адолату додгустарӣ, шарофатмандиву фуқаропарварӣ ва сулҳҷӯӣ даъват мекарданд. Ҳамзамон, китоби муқаддаси «Авесто» муҷаддадан таҳриру тадвин шуда, он бо хати динидабира, ки аз 52 ҳарф иборат буд, китобат карда шуда, луғат ва тафсири вижаи «Авесто» ба миён омад. Ва боз як қатор асарҳои паҳлавизабон: «Дарахти Ассурик», «Ёдгори Зарирон», «Дадестони Менӯи хирад», «Тоҷномак», «Гоҳномак», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Ростсухан», «Хусрави Кавотон ва писари ӯ», «Мотикони ҳазор додестон», «Шаҳристонҳои Эрон» ва «Худойномак» таълиф шудаанд, ки аз тамаддуни фарҳангосори Сосонӣ ҷилвагарӣ мекунанд. Ин раванд ба ахлоқу маърифат ва маорифи ҷомеа таъсири амиқ гузошт. Ду зинаи мактаб-дабистон, яъне мактаби ибтидоӣ, таълимгоҳи оташкадаҳо ва дабиристон, яъне мактаби олӣ амал мекарданд, ки намунаи беҳтарини мактаби олӣ ҳамоно фарҳангистони Гунди Шопур буд. Дар дабистонҳо наврасон аз 7 то 15-солагӣ таҳсил карда, аз русумоти ҳарбӣ: аспсаворӣ, камонкашӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, ва аз фанҳои амалӣ: ҷуғрофия, риёзиёт, навиштану хондан, русумоти давлатдорӣ, ҷаҳонгардиву бозургонӣ ва аз дарси

одобу ибодати динӣ таълим мегирифтанд. Пос доштану эҳтиром кардани суннатҳои динӣ, покизагии ахлоқ, одобу оиладорӣ, одати камарбанд бастан ва парастиши ҳамешагии Аҳура-Маздо ва ба ҷо овардани таълимоти Зардушт вазифаҳои муқаддаси инсонҳо шуморида мешуданд.

Дар рушди маънавиёти ҷомеа одату ҷашнҳои суннатӣ: Сада, Наврӯз ва Меҳргон, ки мувофиқи тақвими эронӣ баргузор мешуданд, нақши муассир доштанд. Ҷашнҳои мазкур рӯзгори ҳамешагӣ, фалсафаи ҳаёт, афкору ҷаҳонбинӣ, ҷаҳоншиносӣ ва хислатҳои равонии ҷомеаи Эрони Сосониро таҷассум карда, ҳар яке дар мавсимҳои дигаргуншавии табиат, ки бо зиндагии созандаи кишоварзон иртибот дорад, ҷашн гирифта мешуд. Наврӯз- рӯзи нав, яъне фарорасии соли нав, ки дар рӯзи якуми моҳи фарвардин, (мутобиқ ба 21-22-уми март); Меҳргон- мавсими ҷамъоварии ҳосил, ки дар рӯзҳои 16-21-уми Меҳрмоҳ, (мутобиқ ба рӯзҳои 23-уми сентябр – 25-уми октябр) ва ниҳоят, Сада мавсими омодагӣ ба кишту кор, ки дар рӯзи даҳуми Баҳманмоҳ, (мутобиқ ба 30-31-уми январ) доир шуда, бо хусусиятҳои аз ҳамфарққунанда, бо суруру нишот ва шодмонӣ ҷашн гирифта мешуданд.

Дар зиндагии ҳамарӯзаи қавмҳои эронӣ, мусиқӣ мақоми махсус дошт. Дар ҷашну маросимҳо тӯю сӯгвориҳо ромишгарону оҳангсозон ва ҳофизон сурудҳо мехонданд. Ривояти таърихӣ ҳаст, ки шоҳаншоҳон Ардашери I (224-241), Баҳроми V (421-439) ва Хусрави Парвиз (591-628) созмонбандии иҷтимоиро тағйир дода, ромишгаронро ба мартабаи мобайнии ҷомеа баровардаанд. Ҳатто Баҳроми V мақоми сарвари ромишгаронро ба мубадон мубад ва эронсипаҳбад баробар кард. Ҳунари мусиқӣ асосан дар асрҳои V-VII такомул ёфта, дар ҷамъият нуфуз пайдо кард. Махсусан, дар охири асри VI- ибтидои асри VII тамоми чорабиниҳои ҳарбию сиёсӣ ва фарҳангии Сосониён бо ширкати ромишгарону ҳофизон ва раққосон мегузашт. Саҳнаву манзараҳои дилангези мусиқӣ бо иштироки аҳли дарбор дар деворнигораҳо ва тасвираҳои Тоқи Кисро (айвони Мадоин), Тоқи Бӯстон, Қасри Ширин ва Қасри Бишопур ба таври бисёр ороста таҷассум ёфтаанд. Масалан, дар девонигораҳои Тоқи Бӯстон ду маҷлиси базми Хусрави Парвиз, ки дар он ромишгарон атрофи шоҳаншоҳро ҳалқа задаанд, нақш шудааст. Асосгузори мактаби мусиқии форсу тоҷик – Борбади Марвазӣ (585- 630), ки соли 1990 аҳли Тоҷикистон 1400-солагии зодрӯзашро ҷашн гирифтанд, дар дарбори Хусрави Парвиз зиндагию эҷод кардааст. Борбад ба ҳар рӯзи моҳ як мақоме меофарид, аз ин рӯ ба ӯ офаридани 365 лаҳн, яъне оҳанг - таронаро нисбат медиҳанд. Як силсила оҳангҳои Борбад ба санаю маросимҳои таърихӣ, лаҳзаҳои диловариву шуҷоатмандӣ, корномаи шоҳаншоҳ Хусрави Парвиз ва ба мавсимҳои сол марбутанд.

Мактаби мусиқии Сосонӣ ба ғайр аз Борбад боз номҳои мутрибону дигар: Бомшод, Гесӯи Навогар, Накисои Чангӣ, Саркаб, Саркаш, Ромтин ва Фитна, ҳамзамон асбоби олотҳои мусиқӣ – тор, уд, чанг, арғун, карнай, даф, бук, қӯшнай, най, ғижжак, камонча, танбӯр, дутор, доира, нақора, таблак ва ғайраро медонад. Ниёиши оини зардуштӣ, покизагии ахлоқ, шуҷоатмандию адолатпешагӣ ва сулҳоварӣ, тараннуми ишқи пок ва ошаи бахтовар аз мавзӯъҳои асосии оҳанг ва матни таронаҳои ромишгарон буданд.

Эрони Сосонӣ, ки решаҳои худро дар фарҳанги қадимаи Эрони Шарқӣ устувор карда буд, ниҳодҳои сиёсию низомии хешро дар Ғарб зидди румиён ва дар Шарқ алайҳи Кӯшониёну Ҳайтолиён ва туркон равона карда, бори дигар дарвозаҳои худро ба мавҷи нави фарҳангҳои кишварҳои ҳамҷавор боз намуд, аз ҷумла аз маданияти баркамоли румӣ, ҳиндӣ, бохтарӣ ва суғдӣ фарҳанги эронӣ нерӯи тозаву боровар гирифта, ба онҳо пайванд ҳам шуд. Ин ҳампайвандии фарҳангӣ бо рӯҳи созандаи эроният ба ҳама халқҳои Шарқи Наздику Миёна таъсири амиқ гузошт.

Таърихномаҳое ки ба забони паҳлавӣ таълиф шудаанд, метавон аз «Худойнома», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Корномаи Анушервон», «Шаҳристонҳои Эрон», « Ардавирофнома», «Тоҷнома», «Ойиннома», «Гоҳнома», «Кеҳнома», «Ёдгории Заррирон», ва ғайраҳо.

Дар аҳди Сосониён дар баробари асарҳои таърихӣ инчунин асарҳои энциклопедӣ низ вуҷуд дошт анд. «Номаи Тансар», «Динкард», Бундаҳиш мебошанд.

Дар аҳди Сосониён низ чун Ҳахоманишиён барои сабти воқеаҳои муҳими таърихӣ дабирони махсус дар дарбори шоҳон вуҷуд доштанд. Ва яке аз мансабҳои муҳими аҳди Сосониён ин нигаҳбонии солномаҳои салтанатӣ буд.

Дарбаробари ин дар давлати Сосониён адабиёти паҳлавии китобӣ умдатарин бахши осори форсии миёна маҳсуб мегардад. Ин осор шомили рисолаҳову матнҳои бузургу кӯчак буда, дар онҳо матолиби гуногуни диниву фалсафӣ, ҳуқуқиву ахлоқӣ, таърихиву адабӣ ва мавзӯоти ҷудогона дар мавриди заминшиносиву кайҳоншиносӣ, ҳандасаву тиб, ҷонваршиносиву гиёҳшиносӣ ва дигар мазмунҳои марбут ба фарҳангу адаб ва суннатҳои Эрони аҳди Сосониён ва даврони бостон баён гардидааст. Дар осори паҳлавӣ бештар мазомини таърихиву асотирӣ, ки дар онҳо аз гузаштаҳои дури зиндагии мардумони эронӣ нақл меравад, гирдоварӣ шудааст. Аз ин рӯ навиштаҳои паҳлавӣ дар ин боб ягона манбаъ дониста мешаванд. Бештари рисолаҳову матнҳои паҳлавӣ дар даврони Сосониён ва иддаи дигар пас аз замони Сосониён дар қарнҳои аввали ислом таълиф гардидаанд. Қобил ба ёдоварист, ки чанде аз китобҳои бузург ва арзишманд, аз қабили «Динкард», «Бундаҳшн», «Додистон-и дениг», «Шиканд гумониг-визор», ки шомили бисёр матолиби ҷолибанд, дар асри IX-и м. навишта шудаанд. Бинобар он танзими осор пас аз мансух гардидани забони форсии миёна ва қатъ гардидани суннати навиштории паҳлавӣ низ аз ҷониби донандагони хат ва забони форсии миёна замоне чанд идома кардааст. Ин нуктаро низ бояд тазаккур дод, ки дар ин давра ба хотири наҷоти чунин як осори бузурги дабиронро лозим буд, то бархе аз рисолаҳоро ихтисор намуда, матолиби дилхоҳашонро дар нусхаҳои нав рӯйнавис кунанд. Дар натиҷаи чунин бархурд бахшҳо ва пораҳову бандҳои ҷудогонаи чанде аз китобҳои паҳлавӣ аз байн рафтаанд. Бо иллати кутоҳ сохтани оғози матнҳо ва ё ба тамом аз байн рафтани онҳо бисёр матолиби муқаддамотӣ, ки муҳтавои китобро дарҷ менамоянд, норавшан ва печида мемонад. Чунин костагиҳо дар бархе аз рисолаҳову матнҳо мушоҳида мешавад. Осори паҳлавӣ ҳанӯз аз нимаи дувуми асри XVIII мавриди таваҷҷуҳи донишмандони Ғарб қарор гирифта буд, ки нахустин бунёдгузор дар ин роҳ Анкетил Дюперрон дониста мешавад. Вай якҷо бо китоби Авесто, матни Бундаҳишн ва чанд намунаи дигарро аз осори паҳлавӣ тарҷума намуда ва онро соли 1771 дар Порис дар ду ҷилд нашр кардааст [A.Duperron 1771]. А.Дюперрон ҳам дар тарҷумаи Авесто ва ҳам матнҳои паҳлавӣ, аз ҷумла Бундаҳишн (с. 343-432-и китоби А.Дюперрон) таҳти таъсири дастурони зардуштии Ҳинд қарор дорад. Вай вожаҳои паҳлавиро низ тибқи усули хониши дастурону мубадони зардуштӣ овонавишт кардааст. Ногуфта намонад, ки А.Дюперрон тарҷумаи Авесторо на аз рӯи матни асл ва ё матни холис, балки дар асоси тарҷумаҳои паҳлавӣ (Занд) ва ташреҳу тафсилоти шифоҳии ин дастурон анҷом додааст. Бинобар он кори А.Дюперронро метавон ҳамчун такрор ва идомаи усули хониш ва ташреҳи суннатии дастурони зардуштии Ҳинд маънӣ кард. Замоне чанд пас аз ин, аз нимаи дувуми асри XIX гирдоварӣ ва таъбу нашри матнҳои паҳлавӣ аз рӯи дастнависҳо оғоз мегардад. Ин давра яке аз марҳалаҳои бисёр самарбахш дар чопи осори паҳлавӣ дар Ҳинд ва Аврупо маҳсуб мешавад. Донишмандон аз марказҳои эроншиносии Аврупо дар ҳамкорӣ бо донишмандони зардуштии Ҳинд ба чоп ва тарҷумаи рисолаҳову матнҳои ҷудогона оғоз намуда, то аввали асри XX бештари ин осорро аз ин роҳ нашр ва ба дастраси мутахассисон қарор додаанд. Аз ин рӯ пешрафтҳои баъдии эроншиносӣ дар омӯзиши адабиёти паҳлавӣ дар бештар маврид ба дастовардҳои ин донишмандон, ба вижа донишмандони порс, ки бештари онҳо дастурону мубадон будаанд, иртибот дорад. Яке аз корҳои судманд пас аз нашри осор танзими вожаномаи матнҳои ҷудогона мебошад. Таҳияи чунин вожаномаҳо дар ташхиси луғоту истилоҳоти вижаи матнҳо ва чигунагии сабки нигориши нависандагони рисолаҳои паҳлавӣ арзиши хос дорад. Ҳама вожаномаҳои матнҳо новобаста ба иштибоҳоти бархе аз таҳиягарон дар хонишу ташреҳи вожаҳо яке аз манобеи асосӣ дар танзими фарҳанги осори паҳлавӣ маҳсуб мегарданд. Омӯзишу баррасии адабиёти паҳлавӣ, яке аз мавзӯъҳоест, ки маротибае чанд мавриди таваҷҷуҳи эроншиносон қарор гирифтааст. Э.Уэст [West 1896-1904, 75-129] нахустин муҳаққиқест, ки дар оғози асри XX дар асоси дастнависҳо ва манобеи чопшуда дар мавриди адабиёти паҳлавӣ пажӯҳишеро анҷом додааст. Пас аз ним асри нашри мақолаи Э.Уэст ин матлаб бо истифода аз манобеи баъдан ба табъ расида мавриди омӯзиши Ҷ.Тавадиа [Tavadia 1956] қарор мегирад. Аз охири солҳои шаст то ба оғози солҳои ҳаштод адабиёти паҳлавӣ бо дарназардошти пажӯҳишҳои анҷомгирифта дар эроншиносӣ аз ҷониби М.Бойс [Boyce 1968, 31-66], Я.Рипка

[Рипка 1970, 48-89Тафсилоти арзишмандеро дар мавриди адабиёти паҳлавӣ аз китоби Аҳмади Тафаззулӣ «Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом» метавон ба даст овард [Tafazzoli 1376]. Бо вуҷуди пажӯҳишҳои анҷомгирифта, на ҳама рисолаҳову матнҳои паҳлавӣ ҳамчунон ки мебояд, ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бештари ин осор аз нигоҳи дастовардҳои эроншиносии муосир ниёз ба ташреҳу тавзеҳи тозаи забоншиносӣ ва таърихӣ доранд, ки чанд пажӯҳиши охир пиромуни китобҳову матнҳои ҷудогона шоҳиди ин даъво буда метавонад. Дар пажӯҳишҳои пиромуни адабиёти паҳлавӣ анҷомёфта на ҳама он матнҳое ки аз рӯи каталоги дастнависҳо маълуманд, шомил гардидаанд.

Ба таври мисол, агар Э.Уэст дар бораи 93 рисолаву матнҳои бузургу кӯчак маълумот фароҳам оварда бошад, М. Бойс 30 рисолвау матнро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин таърихи дастнависҳои матнҳо ҷуз мақолаи Э. Уэст дигар дар ҳеч кадом аз пажӯҳишҳои ба осори паҳлавӣ иртиботдошта арзёбӣ нашудааст. Дар робита бо ин бояд ёдовар шуд, ки чанде аз нишонаҳои ихтисории дастнависҳо, ки Э.Уэст аз рӯи коллексиюнҳои шахсии дастурони зардуштии Ҳинд овардааст, бо иллати аз байн рафтани чунин китобхонаҳои шахсӣ имрӯз бо нишонаҳои дигар ёд мешаванд. Тамоми адабиёти паҳлавӣ тибқи осори то ба мо расида, ҳам аз ҷониби донишмандони зардуштӣ ва ҳам хориҷӣ ба се гурӯҳ бахш гардидааст. Ин гурӯҳбандӣ, бинобар нахустин пажӯҳишҳо,чунин аст: 1. тарҷумаҳои паҳлавии Авесто; 2. китобҳо ва матнҳои динӣ; 3. матнҳои паҳлавии ғайридинӣ. Э.Уэст теъдоди ин осорро бо басомади вожаҳо дар ҳар кадом аз ин бахшҳо ин тавр овардааст: тарҷумаҳои паҳлавии Авесто – 27 рисолаву матн (141 000 вожа); китобҳо ва матнҳои динӣ – 55 рисолвау матн (446 000 вожа); матнҳои паҳлавии ғайридинӣ – 11 рисолаву матн (41 000 вожа). Бархе аз эроншиносон ин адабиётро ба таври умум ба осори - 9 - динӣ ва ғайридинӣ тақсим кардаанд. Яке аз осоре, ки онро ба қатъият наметавон динӣ ва ғайридинӣ номид, андарзномаҳо мебошанд. Дар бештари андарзномаҳо мавзӯоти диниву ғайридинӣ аз роҳи интихоби пораҳои ҷудогона аз гуфтор ва ҳикматҳои бузургони дин ва шоҳону фарзонагони замони Сосониён нақл гардидаанд. Ҳамчунин адабиёти ғайридинӣ низ аз нигоҳи мавзӯъ дорои чандин бахши мустақил мебошад. Бо дарназардошти ин вижагиҳо адабиёти паҳлавиро метавон ба чунин бахшҳо шомил сохт: осори паҳлавии зардуштӣ (аз ҷумлаи донишномаҳо ва матнҳои диниву фалсафӣ); адабиёти ғайридинӣ (осори таърихиву адабӣ ва ҳамосӣ, матнҳои ҷуғрофиёӣ, рисолаҳои ҳуқуқӣ), андарзномаҳои паҳлавӣ; фарҳангномаҳо; тарҷумаҳои паҳлавии матни Авесто. Ҳама ин осор дар маҷмӯъ аз манобеъи арзишманди забони форсии миёна ва луғоту истилоҳоти он маҳсуб мегардад. Бештари масоили вожашиносиву вожасозӣ ва таркиботу истилоҳоти форсии миёна аз ҳамин адабиёт гирдоварӣ шудааст.

Дар манобеи давраи исломӣ забони форсии миёна ва осори замони Сосониён (солҳои 224-551 м.) дар расмулхати паҳлавӣ таҳти номи паҳлавӣ (дар осори форсии миёна Pahlawig) ё паҳлавонӣ (дар осори форсии миёнаи монавӣ Pahlawānig) ёд мешавад. Чун дар даврони пас аз Сосониён истилоҳи порсӣ (аз форсии миёна pārsg) ва ё гунаи муарраби он форсӣ барои забони форсии нав ё форсии дарӣ дар расмулхати арабӣ истифода шуд, онгоҳ барои тафовути забон ва осори ин ду давраи гуногун барои забони форсии миёна номи паҳлавӣ татбиқ гардид. Аз ин рӯ забон ва осори давраи Сосониён ба номи паҳлавӣ хонда шуд. Адабиёти ғайридинии паҳлавӣ дар муқобили адабиёти динӣ камтар маҳфуз мондааст, ки иллати онро бештар дар суннати шифоҳӣ ҳифз гардидани достонҳову ривоятҳои асотириву таърихӣ мебошад. Пас аз замони Сосониён ва матрук гардидани забони форсии миёна ва қатъи суннати навиштории паҳлавӣ таваҷҷуҳи бештар ба ҳифзи осори динӣ сурат гирифта, бештари - 10 - достонҳову ривоятҳои ғайридинӣ ба дасти фаромӯшӣ супурда шуданд, ки зикри номи чанде аз китобҳои паҳлавӣ дар манобеи арабиву форсӣ ва ҳамчунин тарҷумаҳои осори ҷудогонаи паҳлавӣ ба ин забонҳо далели гуфтаҳои боло мебошад. Ҳамчунин аз он достонҳову ривоятҳо ва қиссаҳое, ки дар замони Хусрави Анӯшервон - шоҳи сосонӣ аз гуфтори доноёну пешиниён гирдоварӣ ва танзим гардида будаанд, низ огоҳии камтар дорем. Мазмун ва муҳтавои чанде аз рисолаҳои паҳлавии то ба замони мо расида, аз қабили «Корномаи Ардашери Бобакон», «Ёдгори зарирон», «Шатранҷнома», «Ёдгори Бузургмеҳр» ва ғ. аз тариқи худойномаҳо ба «Шоҳномаи»-и Фирдавсӣ ворид шудаанд. Мисли ин осор манбаи дигар достонҳои «Шоҳнома» бар асоси худойномаҳо низ адабиёти суннатии шифоҳӣ ва осори паҳлавӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Абдулмуҳаммади Эронӣ. Пайдоиши хатт ва хаттотон. Теҳрон, «Хирад», 1376
2. Афсаҳов А., Қаҳҳоров Ҳ. Хат ва пайдоиши он.- Душанбе: Нашриёти маориф, 1979
3. Бартольд В.В Сочинения Т.7 Работа по источниковедению.-М., 1973
4. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. Пер. с английского И. М. Стеблин - Каменского. М.: Наука, 1987. 303 с.. с ил.
5. Грантовский Э.А Раняя история иранских пелемен Передней Азии. Издание второе.- М.,2007
6. Расулиён К Осори мунтахаб. Ҷ.4.- Душанбе,2022
7. Назри Яздонӣ., Ҳуриннисо Ализода Мероси хаттии бостон Китоби якум. Ҷ.1 //Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. -Душанбе «Бухоро», 2013.
8. Мирбобоев Азиз Мероси хаттии бостон Китоби якум. Ҷ.2 //Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. -Душанбе ,2016
9. Назри Яздонӣ Авасто// Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. -Душанбе «Бухоро», 2016
10. Исоматов М.М.»Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ (пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён).-Душанбе:Сино,1996.-135 с.
11. Луконин В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов: Очерки по истории культуры. – Л., 1961
12. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана в III-V вв. /Очерки по истории и культуры. – М.1969. – С.34-37.
13. Луконин В.Г. Сасанидская держава в III-V вв. // История древнего мира. – М., 1989.
14. Собирова Қ.Д., Асрориён Ҷ., Набиев Я Таърихи халқи тоҷик (аз аҳди бостон то истилои араб).- Душанбе,2023.- 307с
15. Тафаззулӣ А «Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом».- Эрон, 1376
16. Назаров Х Нақши эрониён- тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон.- Душанбе, 2005
17. Пигулевская Н.В. , Якубовский А.Ю и др. История Ирана с древнейших времён до конца XVIII века.-Л., 1958

АВЗОИ МАЗҲАБИИ РӮЗГОРИ СОСОНИЁН АЗ ХИЛОЛИ ЯК ҲИКОЯТИ БАЙҲАҚӢ

Сайфуллоҳи Муллоҷон – *докторилмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Академик Бобоҷон Ғафуров дар таҳқиқоти бунёдии худ роҷеъ ба Сосониён таъкид карда буданд, ки Сосониён се вижагӣ доштанд, ки ин салтанатро аз пешиниёну салтанатҳои баъдӣ мушаххас мекард, ки муҳимтарини онҳо то ба сатҳи ойини расмӣ баромадани кеши зардуштӣ буд (3, 223). Ин ҳолат аз рӯзи нахусти ба қудрат расидани Ардашери Бобакон ниҳодина шуду дар давраҳои дигар ба фарозу нишебҳое рӯ ба рӯ гардид. Ба иборати дигар, Сосониён як давлати динмеҳвару динсолор ё теокросиро бунёд ниҳоданд. Давлате ки дар он асолат ба қавонини динӣ дода мешавад. Масъудии муаррих навиштааст, ки Ардашер ба фарзандаш васият кард, ки «бидон ки дину мулк ду бародаранд, ки яке яке бе дигаре натавонад буд, чун дин асоси подшоҳист ва подшоҳӣ ҳомии дин. Ҳарчӣ бар асосе қарор надорад, маъдум мешавад ва ончӣ нигоҳдор надорад, зоеъ мегардад» (8, 162) Ба қавли А. Кристенсен аз аввали кори худ Сосониён «бо руҳониёни зардуштӣ муттаҳид шуданд ва ин робитаи муҳаббат дар миёни дину давлат то охири аҳди онон истеҳком дошт» (6, 100). Дар тамоми сарчашмаҳои таърихӣ ба ин воқеияти бебаҳс рӯ ба рӯ мегардем, ки ҳеч маҷлису базму маҳфили Сосониён бе ҳузури ин табақа доир намегашт. Мубадони зардуштӣ миёни ҷомеъа, ба хусус миёни авом, таъсири зиёд доштанд, зеро ҳама асноди расмии замон, аз издивоҷ то таваллуд ва меросу қурбониву дигар садақот ба таъйиди онҳо мерасиду табақаи руҳониёнро мисли як давлат дар дохили давлат қудратманд сохта буд (6, 71.)

Шоҳаншоҳ агарчӣ нафари аввалу тасмимгиранда дар масоили дохилию хориҷӣ буд, аммо дар ҳамаи корҳо назари сарвари динро, ки эрониён онро мубадон мубад мегуфтанд, мегирифт. Гоҳе ҳамин мубад вазифаи вазирӣ ва мушовири ҳамакораро дошт. Чунонки Фирдасӣ даргоҳи Хусрави Анушервонро тавсия мекунад:

Ба як даст мубад, ки будаш вазир,
Ба дасти дигар Яздгирди дабир (13, 1330).

Нақши ойини зардуштӣ дар Эрон аз замони Ҳахоманишҳо афзуда, тадриҷан ҷойгоҳи дигар ойинҳои куҳани ориёӣ, аз қабили меҳрпарастиву зурвониву маздопарастиро танг кард (7, 55-59). Аммо зардуштия бо пуштивонаи давлат низ ҳеч гоҳ натавонист тамоми мардуми таҳти нуфузашро ба як ойин дароваранд. Ба ҳамин хотир аст, ки мебинем дар замони Сосониён аз

самти ғарб ойини масеҳӣ ва аз шарқ кеши буддоӣ дар гӯшаву канори Эрон нуфуз пайдо карда, яккатозии зардуштияро зери суол бурданд. Коҳинони бонуфузи зардуштӣ низ ҳеч рақиберо наметавонистанд дар марзҳои Эрон таҳаммул кунанд ва ӯро шадидан саркуб кардаву маҳв мекарданд. Саравништи Монӣ, ки дар қарни III-и милодӣ ҷомеаи Эронро дастхуши таҳаввулу обистани рухдодҳои азим кард, намунаи боризи нохушнудии иддае аз мардуми қаламрави Эрон аз яккатозии як ойин бо ҳимояти ҳукумати ин кишвар мебошад.

Ҷунбиши Маздак низ дар асрҳои V-VI-и милодӣ ҷомеаи Эронро ларзонд ва чунон таъсире дар шоҳаншоҳӣ гузошт, ки садсолаҳо идома ёфту шоҳаншоҳиро нотавону осебпазир кард. Теъдоди кушташудагони ин моҷароро сарчашмаҳо ба таври гуногун ироа карда бошанд ҳам, он нишонгари як изтиробу ваҳшати зиёд дар ҷомеаи сосонӣ мебошад. Ҳамин тавр, то сатҳи идеологияи давлатӣ баровардани як ойин дар Эрон паёмадҳои ногувор барои мардум ва давлатдории онро ба армуғон овард.

Яке аз воқеиятҳои динии ин даврон он буд, ки масеҳият ба шиддат дар тамоми минтақаи Шарқи Наздик ва Миёна, инчунин ҳудуди Байнаннаҳрайну Қавқоз дар ҳоли густариш буд. Таъқиботи пай дар пайи масеҳиён дар ҳудудҳои империтурии Рум дар асрҳои III-IV натиҷае надод ва соли 313 масеҳият ҳамчун ойини расмӣ дар қаламрави Рум пазируфта шуд (2, 128-136). Дар ҳамин замон масеҳиён дар дохили Эрон низ пайдо мешаванд. Роҳҳои нуфузи онҳо дар қаламрави Эрон аз се тариқ буд. Яке он асирони масеҳие буданд, ки дар ҷараёни ҷангҳои Эрону Рум ба дохили марзҳои Эрон оварда мешуданд ва андешаву оройи худро дар Эрон нашр мекарданд. Дигар он даста аз пайравони ин ойин буданд, ки дар ҷараёни таъқиботи оммавии масеҳиён (асрҳои II-IV) ба Эрон паноҳ меоварданд, чун худро ин ҷо озодтар эҳсос мекарданд. Дастаи саввум низ тоҷирону бозаргонҳо ва иддае ки маҳз барои таблиғи андешаҳои масеҳӣ роҳии Эрон мегаштанду нахустин ҷамоаҳои масеҳиёни Эронро таъсис медоданд. Агар то расмӣ шудани ойини масеҳӣ дар Рум онҳо дар Эрон аз озодии ақида баҳраманд бошанд, пас аз ин аҳволи масеҳиён ру ба вахомат гузошт. Шопури II (309-379) дар бархурди худ бо давлати Рум омили диниро дахил дониста, тамоми масеҳиёни қаламрави Эронро ҳамдасту ҳампаймони Рум эълон кард. Яъне, дигар танҳо руҳониёни зардуштӣ набуданд, ки бо масеҳият душманӣ меварзиданд ва давлати марказӣ низ ба ин сиёсат ҳамроҳ шуд. Шопур баъзе масеҳиёнро аз нуктаҳои марзӣ бо Рум кӯч дода, молиёти онҳоро ду баробар кард. Теъдоди шаҳидони масеҳӣ дар аҳди Шопури II хеле афзуд (5, 449).

Шоҳаншоҳ Яздигурди I (399-420) муносибати ҳасана бо масеҳиёнро роҳандозӣ кард. Ӯ ба таъқиби масеҳиён хотима доду робита бо Румро низ беҳбуд бахшид. Масеҳиён ҳуқуқ пайдо карданд, ки соли 410 дар пойтахти Эрон анҷумани худро таъсис диҳанд. Дар баъзе қисматҳо нуфузи масеҳиён афзуда, ҳатто гурӯҳе аз ашрофу риҷоли давлатӣ низ ба масеҳият гаравиданд. Ин ҳолат муҷиби нигаронии руҳониёни зардуштӣ гардид. Бесабаб нест, ки дар таърихнигории расмии сосонӣ, ки дар тадвину таҳияи он нақши мубадон зиёд аст, Яздигурдро бо лақаби «базаҳкор» ёд кардаанд. Ҳатто Фирдавсӣ низ, ки асарашро бар пояи худойномакҳо навишта, ин шоҳро ба зиштӣ ёд мекунаду аз забони яке аз дарбориён Яздигурдро чунин мазаммат мекунад:

Аз ин шоҳ нопоктар кас надид,
На аз номдорони пешин шунид (13, 1157)

Вориси Яздигурд Баҳроми Гӯр (420-439) нисбати масеҳиён сиёсатҳои сахтгиронаро пеш гирифта, касони зиёдеро кушту мардуми зиёдеро овора кард. Дар асри V масеҳиёни Эрон ба хулосае расиданд, ки ҷамъияти худро аз калисои расмии Рум ҷудо карда, бо ин роҳ худро аз таъсирпазирии равобити ду кишвар эмин гардонанд. Ҳамин тавр, дар аҳди шоҳони баъдии сосонӣ Яздигурди II (439-457) Фирӯз (459-484) ва Қубод (488-531) низ вазъи динии кишвар рӯ ба беҳбуд наёварда ва ақалиятҳои диниву мазҳабӣ зери фишори давлат ва руҳониёни зардуштӣ боқӣ монданд.

Мо ба матлаби асосӣ ва замони он расидем, ки марбут ба аҳди Хусрави Анушервон (531-579) ва вазири маъруфу ботадбири он Бузургмеҳри донишманд марбут аст. Бештари муаррихони давраи исломӣ аз ин шахсияти маъруф ёдоварӣ кардаанд. Хоссу омми форсизабон то кунун Бузургмеҳрро ҳамчун саромади илму ҳикмати замонааш мешиносанд. Номи дигари вай Бузургмеҳри Бухтакон зикр шудааст, ки ишора ба номи падараи вай дорад, аммо бар асоси иттилои дигар падари Бузургмеҳр Сухаро ном дошту падарбузурги вай Бухтак ё Бухтакон

будааст. Сухароро аз аъёни дарбори Қубод низ гуфтаанд, ки бо дастури Қубод ба қатл мерасад ва фарзандаш Бузурмеҳрро барои ҷуброни хато ба мақоми вазорат мерасонад (4, 85-89). Баъзе донишмандон (аз ҷумла А. Кристенсен) шахсияти Бузурмеҳрро омехта бо ривояту афсона медонад, ки дар давраи исломӣ номи Барзмеҳри табибро чунин навиштаанд. Набудани асаре аз номи ӯ дар осори муътабаре чун Табарӣ, Диноварӣ ва Мисковайҳро яке аз далелҳои бофта будани ин шахсият медонад (6, 690), ки мантиқӣ нест. Зеро дар осори зикршуда бисёре аз воқеиятҳои мусаллами замони Сосониён сабт нашудааст. Дигар ин ки маъхази ин осори арабӣ тарҷумаҳои арабии осори паҳлавӣ мебошад, ки теъдодашон андак аст. Ниҳоят, гумон намеравад касе ки ин қадр мояи сухани донишмандон дар ҳазор соли охир шудааст, бар пояи хаёлу гумон зуҳур карда бошад.

Фирдавсӣ, ки навиштаҳояш бар пояи достонҳои куҳани хаттӣ устувор шудаанд, дар «Шоҳнома» чунин меоварад, ки Бузургмеҳр аз Марви Хуросон буд ва дар ҷавонӣ, ҳангоме ки назди мубаде Занду Авасто мехонд, дар таъбири хоб гуфтану маънии хобҳоро баровардан устоди чира буд (13, 1317). Ҳамдуллоҳи Муставфӣ низ дар китоби «Нузҳату-л-қулуб» зимни тавсифи шаҳри Марв ва харобии он ёдовар мешавад, ки аз ин шаҳр шахсиятҳои маъруфе чун «Барзуяи табиб ва Бузурҷмеҳри Бухтакон ва Борбади мутриб» бархостаанд (9, 222) Аммо касе аз рози таъбири хоб донистани Бузургмеҳр огоҳ набуд, то вақте ки Хусрави Анушервон хобе диду муаббирони даргоҳ аз баёни таъбири он оҷиз монданд. Ин ҷо як шабоҳате миёни достони Бузургмеҳр ва Юсуфи набӣ, ки дар дар Таврот ва Қуръон зикр мешавад, ба мушоҳида мерасад. Озодсарв ном шахс, ки аз акобири даргоҳи Хусрав буд, Бузургмеҳри ҷавонро пайдо карда, ба даргоҳ меоварад:

Зи фарҳангиён кӯдаке ёфтам,
Биёвардаму тез биштофтам (, 1317)

Дар идомаи гуфтори Фирдавсӣ, Бузургмеҳрро аз забони шоҳаншоҳи Эрон «марди пурдонишу некхоҳ», «бедормард», «рахшандагавҳар» мехонад. Донишу хирад ва басирату огоҳии Бузургмеҳр, Анушервону даргоҳи ӯро шигифтзада мекунад. Ҳар ҳарфта ӯро ба дарбор даъват ва донишмандону мубадон пурсиш оғоз мекарданд. Дар ҳар маҳфил Бузургмеҳр Анушервонро ба парастидани Офаридагор ва фурӯтанӣ, донишандӯзӣ ва гиромӣ доштани илму хирад, далерӣ ва мардумдӯстиву додгарӣ фаро мехонд. Дар поёни яке аз ин маҳфилҳо:

Нигаҳ кард Касро ба кирдори ӯй,
Дилаш гашт хуррам ба дидори ӯй (13, 1434).

Анушервон инъоми шоҳонае ба Бузургмеҳр ато мекунад, зеро шоҳаншоҳро ба доду хирадварзӣ ва бовари ростин ба Офаридагор фаро мехонад. Нишонаҳои марди яздонпарастро Бузургмеҳр дар назди Анушервон чунин баршумурдааст:

Дигар дин Яздонпараст асту бас,
Ба ранҷу ба ганҷу ба озарми кас.
Зи фармони Яздон нагардад сараш,
Сиришти бадӣ нест ҳамгавҳараш.
Бар ин ҳам нишон асту парҳез низ,
Ки нафрӯшад ӯ роҳи Яздон ба чиз (13, 1364).

Фирдавсӣ аз дину бовари Бузургмеҳр чизе намегӯяд. Танҳо як бор ҳангоми пурсишу посух навиштааст, ки Хусрав аз Бузургмеҳр пурсид, ки «кадом дин беҳтар аст барои пайравӣ». Ҷавоби Бузургмеҳри ҳаким ин аст, ки ҳамон дин, ки туро ба ёди Офаридагор бараду аз ӯ ғофил насозад ва пайваста дар итоати ӯ бошӣ.

Ба қавли муаллифи «Шоҳома» бузургтарин хидмати Бузурмеҳр дар дарбори Хусрав кушодани роҳи бозии шатранҷ буд, ки ҳакимони дарбори Ҳинд барои шоҳаншоҳи Эрон фиристода буданд. Шарти роҳ ҳам сиёсӣ буд. Агар рози ин бозӣ кушода намешуд, Ҳинд худро мустақил аз Эрон ҳисобида, эълон карданд, ки минбаъд «нахоҳанд з-ин бум бар божу сов». Ба навиштаи муаррих Ровандӣ Бузургмеҳр ҳатто боби тозае дар шатранҷи фиристодаи ҳиндуҳо боз кард (11, 410). Заковати Бузургмеҳри ҳаким боз дар он хулоса мешавад, ки вай дар ҷавоби бозии шатранҷ нардро ихтиро карда, ба дарбори Ҳинд мефиристад, вале хирадмандони Ҳинд аз ёфтани рози ин бозӣ оҷиз мемонанд. Инчунин рози дигари фиристодаи императури Румро низ

Бузургмеҳр кашф карда, мушкили дарбори Сосониёнро осон мекунад. Метавон тахмин кард, ки ин мавзӯъҳо бештар тамсилӣ буда, ҳикоят аз қудрати болои донишманду ҳакими рӯзгор ва нақши ӯ дар сиёсатгузориҳои давлати Эронро дорад.

Аммо, дар охир, робитаи Анушервону Бузургмеҳр ба тирагӣ мегарояд ва сабаби зиндонӣ шудани вазир мегардад. Ин ҷо мехоҳам як иқтибос аз қисматҳои гумшудаи асари Байҳақӣ, ки дар китоби «Осору-л-вузаро»-и Уқайлӣ омадааст оварам, ки хеле дақиқу баҷост. Уқайлӣ навиштааст, ки Амир Маҳмуд ба раиси девони рисолат Мушкон мегӯяд: «Вазирон душманони подшоҳ бошанд, ту инро дар ҳеч китоб хондаӣ? Бунаср гуфт: бар ин ҷумла нахондаам, аммо хондаам, ки аҳмақу аблаҳ касе бошад, ки вазорати подшоҳон чӯяд. Аз баҳри он ки подшоҳон дар мулки худ шарике натавонанд дид, ки фармон диҳад. Касеро, ки вазорат додаанд, агарчи он кас сахт азиз бошад ва ӯро дӯст доранд, як ҳафта барояд, ӯро душман гиранду хор доранд» (12, 158-160).

Иллати сардии муносибати шоҳу вазирро Фирдавсӣ, Масъудӣ, Байҳақӣ ва боз манобеи дигар низ гуфтаанд. Агар Фирдавсӣ гум шудани гавҳари бозуи шоҳро иллати бадгумонии вай ва зиндонӣ шудани Анушервон донад, Масъудӣ ва Байҳақӣ тағйири мазҳаб кардани Бузургмеҳрро иллати дурии вай аз дарбор медонанд. Фарзияе ки Фирдавсӣ овардааст, ба афсона бештар шабоҳат дошта, шояд Ҳакими Тусӣ, ки ба Сосониён, хосса ба Хусрави Анушервон алоқаи зиёд дорад, хоста ин ҳодисаро камранг ҷилва диҳад, то мояи бадномии некномтарин шоҳаншоҳи сосонӣ нагардад. Аммо Фирдавсӣ низ зиндонӣ шудану дар се марҳила мавриди озору азият қарор гирифтани Бузургмеҳрро тазаккур додааст. Пас аз зиндонӣ шудани Бузургмеҳр яке аз наздикони вай, ки дар хидмати шоҳ қарор дошт, воситаи иртиботи Анушервону Бузургмеҳр қарор мегирад. Анушервон, ки аз иртиботи хешовандии вазиру ходим (парастанда)-и даргоҳ огоҳ буд, вайро ба назди вазири зиндонӣ мефиристад, ки чиро ҷойгоҳи баланд (вазорат)-ро ба ҷойгоҳи паст (зиндон) иваз кардӣ?

Парастанда омад пур аз об чеҳр,
Бигуфт он суханҳо ба Бузарҷмеҳр,
Ҷунин дод посух бад-ӯ некхоҳ
Ки рӯзи ман осонтар аз рӯзи шоҳ (13, 1446).

Ин ҷавоб, ки «рӯзи ман беҳтар аст аз рӯзи шоҳ», намоёнгари андешаи Бузургмеҳр аст. Аз ин гуфтор метавон натиҷа гирифт, ки дар воқеъ Бузургмеҳр андешае, фикре ё ойине ғайр аз ойини расмии шоҳу дарбори ӯ дошта, ки чунин ҷавоби қотеъ ба шоҳаншоҳ медиҳад. Ҷавоби Анушервон низ қотеъ буду бераҳмона. Дастур дод, дар бадтарин ҳол Бузургмеҳрро нигаҳдорӣ кунанд, ки натиҷааш аз биноӣ маҳрум шудани вай буд.

Масъудӣ навиштааст, ки Бузургмеҳр ба кеши монавӣ гаравид (8, 265). Аз асри III-и милодӣ сар карда, мазҳаби Монӣ дар Эрону Осиёи Миёна ва Ҳиндустону Чин густариш ёфта, ҳатто садсолаҳо пас аз интишору пирӯзии куллии ислом низ пайравони он дар ҳудуди Мовароуннаҳру Чин ҳузур доштаанд. Ҷуғрофиянависони қарни X Истахрӣ ва Мақдисӣ дар ин бора гузориш додаанд.

Дар қисматҳои боқимондаи асари Байҳақӣ як ҳикояти ниҳоят зебо ва дар фасоҳату балоғати тамом аз рӯзгори Бузурмеҳр (ё тавре Байҳақӣ менависад, Бузурҷмеҳр) оварда шудааст. Равиши ҳикоят овардани Байҳақӣ дар таърихаш чунин аст, ки вақте ҳаводиси дарбори Ғазнавиёнро бозгӯ мекунад, барои таъйиди сухани хеш аз рӯзгори силсилаҳои пешин ҳикояти ба он монандро қисса мекунад. Вақте достони ба ҳабс гирифтани Абусаҳли Завзанӣ – яке аз муқаррабони дарбори Масъудро ба хотири дахолатҳои нораво дар умури давлатдорӣ ва бисоти тавтеаву фасод чидааш баён карда, менависад, ки «Чун ҳадиси ин маҳбус Бусаҳли Завзанӣ охир омад, фариза доштам қиссаи маҳбусе кардан». Сипас чунин идома медиҳад, ки Бузугмеҳри ҳаким аз ойини зардуштӣ («дини габракон») даст кашида, ба ойини Исо мегаравад. Сипас Байҳақӣ ҳамчун як мусулмон воқеаро баррасӣ карда, менависад, ки Бузургмеҳр ба фарзандонаш васият кард, ки пас аз Исо пайғамбаре дигар меояд бо номи Муҳаммад, ки агар то он замон зинда бошам, ҳатман ба кеши ӯ мегаравам (1, 376). Байҳақӣ идома додааст, ки чун хабар ба даргоҳи Анушервон расид, дастури боздошт ва ҳабси Бузургмеҳрро содир кард. Чун аз ойини расмӣ даст кашидан ҷурм ва ҳамчун беэътиноӣ шумурда мешуд.

Тавре мушоҳида мешавад, дар таърихи асрҳои миёна дигар кардани дину мазҳабро ҷомеа, хусусан кишваре ки дину ойини расмӣ дорад, хеле бо ҳассосият қабул карда, онро ҳамчун

иртидод ба ашадди муҷозот – марг маҳкум мекард, агарчӣ нафари тағйири мазҳаб карда аз хонадони шоҳӣ бошад. Ойини зардуштӣ низ аз ин руйхат мустасно набуд. Дар яке аз дастурҳои ин дин чунин омадааст: «Касе ки аз дине ки бад-он муқарр аст, ба дине дигаре равад, маргарзон (шоистаи марг) аст, зеро дини беҳдинӣ (яъне зардуштӣ)-ро ҳаме раҳо бикунад, то дини бадтар ҳамегирад. Ба сабаби гирифтани дини бадтар, маргарзон ҳаме шаванд. Чӣ он динест, ки аз роҳи ирс бад-ӯ расидааст, пас худ бад-он гунаҳкор нест. Ва имрӯз ки яке дигар гирад, бад-он гунаҳкор бошад. Ва аз маргарзонон касе, ки ба дини беҳдинон ояд, фавран растагор шавад» (10, 4).

Ба навиштаи Байҳақӣ овозаи тағйири кеши Бузурмеҳр ва зиндонӣ шудани он зуд дар шаҳр паҳн гашт. «Ҳукамову уламо наздики вай меомаданду мегуфтанд, ки моро аз илми хеш баҳра додӣ ва ҳеч чиз дареғ надоштӣ, то доно шудем; ситораи равшани мо будӣ, ки моро роҳи рост намудӣ ва оби хуши мо будӣ, ки сероб аз ту шудем ва марғзори пурмеваи мо будӣ, ки гуна-гуна аз ту ёфтем. Подшоҳ бар ту хашм гирифт ва туро мебаранд ва ту низ аз он ҳакимон нестӣ, ки аз роҳи рост боз гардӣ. Моро ёдгоре деҳ аз илми хеш» (1, 377). Анушервон дар посух ба ин пурсиши ҳакимону донишмандон, бисту се панди маъруфи хешро ироа мекунад, ки дар китобҳои зиёди ахлоқӣ дарҷ гардидааст.

Байҳақӣ сипас ҷараёни гуфтугӯи Хусрави Анушервону Бузургмеҳрро овардааст. Хусрав вазир шудану ба маснади баланд расидани вайро миннат мегузорад. Сипас аз Бузургмеҳр даъват мекунад, ки аз масеҳият даст кашаду ба ойини қаблии худ, яъне ойини зардуштӣ баргардад, то ҳам дубора мақом пайдо кунаду ҳам аз марг эмин монад. Ҷавоби Бузургмеҳр мантиқӣ ва ҷасурона аст. Ӯ ба шоҳанҳоҳи сосонӣ мегӯяд, ки «маро мардумон ҳакиму донову хирадманди рӯзгор мегӯянд, пас, чун ман аз торикӣ ба равшаноӣ омадам, ба торикӣ боз наравам, ки нодони бехирад бошам» (1, 378). Хусрави Анушервон Бузургмеҳрро ба шиканҷаву азиятҳои шадид таҳдид карда, дар тангтарин ҳолат ва маҳрумият ин ҳакими фарзонаро нигоҳ медорад. Пас аз ду сол азияту ранҷ мулоқоти шоҳу вазир баргузор мешавад ва ҳама аз сабру шакебоии ин донишманд дар баробари ранҷу маҳрумиятҳо тааҷҷуб мекунанд.

Ба навиштаи Байҳақӣ пас аз ҳар мулоқот бо Бузургмеҳр, Хусрав ба худ мегуфт, ки ҳайф аст чунин фарзонаеро табоҳ кардану аз байн бурдан, вале боз такаббуру нихвати шоҳаншоҳӣ, ки дар аҳди сосонӣ ба авҷи худ расида буд, вайро водор ба тадбирҳои шадид дар нисбати як дигарандеш месохт. Саранҷоми ин вазири исёнгарро Байҳақӣ чунин ҷамъбаст мекунад: «Охир бифармуд, то ӯро куштанду мусла карданд ва вай ба биҳишт рафту Кисро ба дӯзах» (1, 378).

Аз Бузургмеҳр маҷмуаи гуфтору суханони ҳакимона барҷой мондааст, ки онро мо дар осори пандуахлоқии шоиру нависандагони форсу тоҷик метавонем пайдо кунем. Ин ки ҳатто дар замони зиндонӣ будан, Бузургмеҳр ба манфиати кишвари худ фаъолият карда, мушкили дарбори сосониро ҳалл мекунад ҳикоят аз ватандӯстии ин вазири фарзона мекунад.

Агар ин навиштаро хоҳем натиҷагирӣ кунем, метавонем чанд хулосаро ҳамчун ҷамъбаст ироа кунем:

1. Низоми давлатдории Сосониён низоми динмеҳвар буд, ки мубадони зардуштӣ дар он нақши калидӣ доштанд ва ин тоифа озодандешиву дигарандеширо дар бештари марҳилаҳои ин давлатдорӣ маҳдуд карданд, ки он дар дарозмуддат боиси буҳрони иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шуда, сабаби қиёмҳои Монӣ ва Маздак гардид;

2. Ба сатҳи ойини расмӣ расонидани зардуштия дар Эрон ва масеҳият дар Рум муҷиби сардии равобити Эрону Рум ва бурузи чандин ҷангҳои мустақим ва ниёбатии ду кишвар дар қарнҳои IV-VII гардид, ки дар натиҷа ду империтурии қудратманди рӯзро дар асри VII дар баробари арабҳо нотавон сохт;

3. Нақши шахсиятҳои донишманду хубра (амсоли Бузургмеҳри донишманд) дар идораи шоҳаншоҳии Сосониё муассир буда, шоҳаншоҳ дар ҳалли масоили дохилӣ ва хориҷӣ аз нубуғу дониши онҳо истифода мекард. Аммо камтарин хато метавонист ин ҳама заҳматро барбод диҳад ва соҳиби ин ҳама фазлу хидматро аз арши маснад то ҷоҳи зиллат фурӯ кашонад.

4. Тағйири мазҳаб кардани Бузургмеҳр нишонаи буҳрони ҷиддӣ дар ҷомеаи сосонӣ буда, дар рафтори дигар намояндаи эронитабори ин давра Салмони Форсӣ низ каме баъд мушоҳида

мешавад. Салмон низ монанди Бузургмеҳр ба ойини масеҳӣ ва сипас ба ислом гаравида, дар ҳаводиси нимаи якуми асри VII иштироки фаъолона доштааст.

5. Қатли бераҳмонаи баландтарин коргузори давлат дар замони Сосониён нишонаи истибдоди мақоми шоҳаншоҳӣ буда, ин ҳолат дар давраи таърихи асримиёнагии Эрону Хуросону Мовароуннаҳр (асрҳои X-XV) борҳо такрор шуда, садҳо вазиру дабир сари худро барбод додаанд.

6. Ҳаводиси Эрони асрҳои VI-VII-и милодӣ нишон медиҳад, ки қабл аз ҳамлаи арабҳо ва оғози раванди мусулмоншавии ҷомеа, Эронро фазои ноорому пурмоҷаро фаро гирифта, яке аз сабабҳои шикастҳои паёпай ва суқути хонадони сосонӣ гардидааст.

Адабиёт:

1. Байҳақӣ Абулфазл. Таҳияи матн, муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. –Душанбе, 2014.
2. Бейкер Дж. Константин Великий. Первый христианский император. –М., 2004.
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. –Душанбе, 2020.
4. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. Ҷилди 12 (Бармакиён-Буснавӣ). Теҳрон, 1383.
5. Зарринкӯб А. Таърихи мардуми Эрон пеш аз ислом. Теҳрон, 1364.
6. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. Виростор Ҳ. Боғбедбӣ. – Теҳрон, 1385.
7. Кристесен А. Маздопарастӣ дар Эрони бостон. Тарҷумаи З. Сафо. Теҳрон, 1345.
8. Масъудӣ Алӣ ибни Ҳусайн. Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавҳар. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. – Теҳрон, 1374.
9. Муставфӣ Ҳамдуллоҳ. Нузҳату-л-қулуб. Таҳияи Дабири Сиёқӣ. –Қазвин, 1381.
10. Ривояти паҳлавӣ. Матни форсии миёна – паҳлавии сосонӣ. Мутарҷим Маҳшеди Мирфахроӣ. – Теҳрон, 1367.
11. Рондӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур. Тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол. -Теҳрон: Амири Кабир, 1364. -576 с.
12. Уқайлӣ, Сайфуддин Ҳоҷӣ ибни Низом. Осор-ул-вузаро. Ба тасҳеҳ ва таълиқи Мирҷалолуддин Ҳусайнии Урмавии Муҳаддис. -Теҳрон: Иттилоот, 1364. -368 с.
13. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ба кӯшиши Маҳдии Қариб. –Теҳрон, интишороти Дӯстон, 1386.

СОХТОРИ ИДОРИИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН

Каримов Мусо Бобишоевич *– н.и.п., профессори кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи, факултети таърих ва ҳуқуқ*

Дар аввалҳои асри III милодӣ дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонии зидди римиҳо давлати Порт хеле суст шуда буд. Аз ин заифии онҳо истифода бурда, ҳокими вилояти Истахр Ардашери I Бобакони Сосонӣ ба муқобили шоҳи Порт-Артабони V(213-224) ҷангҳои қудрат талабона бурд ва аз соли 221 то 224 як қатор шаҳру вилоят ва маҳалҳои ҳавзаи Форс-Истахар, Исфаҳон, Кирмон ва Аҳвозро ишғол намуд.[1] Ниҳоят, дар маҳалли Ҳурмузгони Хузистон байни аскарони V ва Ардашери I ҷанги хунине руй дод, ки дар он, рӯзи 28 апрели соли 224 қувваи ҳарбии портҳо шикаст хурда, Артабони V кушта шуд.[2] Ардашери I Бобакон бо духтари Артабони V издивоҷ намуда, аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳокимияти хешро қонунӣ гардонид.

Сохтори идории шоҳаншоҳии Сосониён ба зиндагии муназзами табақавии эроний-тоҷикон иртибот дошт. Эроний-тоҷикон аз замонҳои қадим ба се табақаи суннатии иҷтимоӣ: рӯҳониён, сипоҳиён ва кишоварзон тақсим мешуданд. Дар замони Сосониён бо назардошти рушди иқтисод, ин табақабандӣ вусъат ёфта, ба он боз табақаи иҷтимоии «дабирон» илова гардид, ки он котибону ходимони дарбор, ашрофону мансабдорони давлатӣ, табибону олимон ва ромишгаронро дар бар мегирифт.

Ҳар яке аз ин табақаҳо дар навбати худ ба зертабақа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷудо гардида, сарвари доимии хешро ҳам дошт. Сарварии ташкилоти марказӣ, яъне мақомоти олии иҷроияи шоҳаншоҳиро **вузург - фрамодор**, яъне сарвазир ба ӯҳда дошт. Ӯ баъд аз шоҳаншоҳ симои

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.-Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.-С. 223.

[2]Неъматов Н, Носирова Ф, Бобомуллоев С, Довутов Д, Исоматов М. Таърихи халқи тохик.- Душанбе, «Ирфон». 2003. – С. 183

дуюми давлатӣ маҳсуб шуда, амалан зимоми қудратро дар даст дошт. Вузург-фрамодор дар набудани шоҳаншоҳ иҷрокунандаи вазифаи ӯ буд. Дар давлати Сосониён низоми навшаклгирифтаи девонсолорӣ амал мекард. Пас аз вузург-фрамодор дар сохтори ҳокимият шахси сеюм сарвари рӯҳониён, яъне мубадон-мубад буд. Ҳалли масъалаҳои мушкилоти динӣ, идораи мазҳабӣ, ҷараёнҳои сиёсию динӣ, вазъи оташкадаҳо, маърифатнокии мардум, вазъи додгустарӣ, ҷорӣ намудани адолат дар кишвар бар ӯҳдаи ӯ буд. Теъдоди сершумори рӯҳониён ба умури рӯзгордории мардум дахолат намуда, зиндагии ҳамарӯзаи онҳоро назорат мекарданд.[1]

Иқтисоди шоҳаншоҳии Сосониён бештар ба кишоварзӣ ва бозаргонӣ асос ёфта буд. Дар ин давра, ки худ ба айёми ташаккули муносибатҳои феодалӣ рост меояд, халқҳои форс дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муваффақиятҳои беназире ба даст оварданд.[2]

Аз миёнаҳои асри III сар карда, раванди тақсимшавии фонди замин вусъат ёфт. Заминҳои подшоҳ, хонадони шоҳаншоҳӣ, ки баъдтар қисмати азими давлатро фаро гирифт, аз ҳисоби забт намудани амволу заминҳои намояндагони сулолаи Ашкониён ва дигар хонадонҳои ҳукуматгари эронӣ, ки бо Сосониён дар мухолифат буданд, хеле афзуд.

Давлати Сосониён дар замони шоҳигарии Хусрави I Анушервон (531-579) ба авҷи баланди тараққиёти худ расида буд. Хусрави I бар зидди мамлакатҳои ҳамсоя муборизаи бурда, Яманро тобеъи худ намуд. Хусрави I барои мустаҳкам намудани давлат як қатор ислоҳотҳо гузаронид. Махсусан ислоҳоти соҳаи андоз, ҳарбӣ ва маъмурӣ дорои аҳамияти бузург буданд. Ин ислоҳотҳо дар мустаҳкам гардидани ҳокимияти марказӣ нақши бузург бозид.

Дар нимаи дуюми асри VI ва ибтидои асри VII Сосониён барои тобеъ намудани ноҳияҳои ҷанубию шарқии Осиёи Миёна кушишҳои зиёде ба харҷ доданд. Аммо кӯшишҳои онҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд. Танҳо ноҳияҳое, ки ба Туркманистони ҷанубии имрӯза мансубанд зери итоати онҳо гузашт. Давлати Сосониён дар миёнаи асри VII ба ҳуҷуми арабҳо дучор гардид ва аз байн рафт.[3]

Шопури I (241-272) бо Кӯшониён ҷангида ҳудуди шоҳаншоҳии Сосониёнро васеъ намуд. Махсусан, ҷангҳои Шопури I бо римиҳо ҷолиб аст, зеро сиёсати забткоронаи ӯ дар Ғарб боиси ҷангҳои дуру дароз бо империяи Рим гардид. Соли 260 дар яке аз ҷангҳо дар назди Эдесса император Валериан (253-260) бо аҳли оилааш, якчанд нафар сенатору донишмандон ва 70 ҳазор нафар аскарони римӣ ба асорат афтиданд, инчунин ислоҳоти мубад Картирро бо мақсади таҳияву талқини дини расмии зардуштӣ ҷонибдорӣ карда, дар сарзаминҳои тасарруфшуда онро маҷбуран ҷорӣ кард. Шопури I дар маросими тоҷгузорӣ худро «шоҳаншоҳи Эрон ва ан-Эрон», яъне «шоҳаншоҳи Эрон ва ғайри Эрон» эълон кард, подшоҳони пасини Сосонӣ ҳам то ба охир ҳамин унвонро қабул намуданд.[4]

Сохтори давлатии Сосониҳо анъанаҳои маҳалии давлатдорӣ ва унсурҳои беруна (таъсири давлатҳои ҳамсоя: Бобулистон, Мод) ташаккул меёфт ва давраи тӯлонии ташаккулёбиро аз сар гузаронид. Дар давраи ҳокимони аввалини сосонӣ сардорони давлат худро шоҳ мехонданд. Ин анъанаи унвонгузорӣ ба шоҳигарии Порт (Аршакиён) мансуб буд. Вале аз замони ҳукмронии Шопури I онҳо худро шоҳаншоҳи Эрон ва ғайри Эрон меномидагӣ шуданд. Баъзан "Шоҳаншоҳи ориён ва ғайри ориён" ҳам номида мешуданд. Вале аз ибтидои асри IV сар карда, то охир унвони шоҳаншоҳӣ қарор гирифт. Шоҳаншоҳӣ характери меросӣ дошта, анъанаҳои эронӣ ва қонуни сосониён, расму русум, урфу одат ва қоидаҳои меросгузорию ба тахти шоҳаншоҳи нишастанро бисёр хуб ба расмият дароварда буданд. Шоҳаншоҳ маъмулан вориси тахтро (шоҳзода, шоҳи ояндаро) эълон мекард. Агар шоҳаншоҳ ин корро накарда, вафот мекард, писари калонии завҷаи калониаш вориси тахт мешуд. Ин анъана ба давраи оромӣ дахл дошт. Баъзан валиаҳд (ворис) нею, ашхоси дигар ба тахт менишаст. Вале асосан ба тахт валиаҳдҳо нишастаанд. Ворисон ва шоҳзодагон ҳамчун шоҳони потенсиалӣ тарбияи махсус мегирифтанд. Онҳоро бо нозукиҳои хулқу одоби дарбор ва шоҳаншоҳӣ шинос мекарданд ва аз давлатдорӣ дарс мегуфтанд. Яъне, онҳо таълими махсус мегирифтанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки аксарияти бузургони ҷаҳон (Гегел, Энгелс) Эрони Сосониро аввалин давлати ботартиб дар масъалаи меросгузории тахт - ҳокимият эътироф кардаанд.[5]

---

[1] Достонҳои «Шоҳнома». Нигоранда С.Улуғзода. Душанбе, 1986. - С. 397.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. - С. 174-175.
[3] Низомулмулк. Сиёсатнома. - С. 184-185.
[4] Низомулмулк. Сиёсатнома. - С. 186.
[5] Гумилев Л.Н. Древние тюрки. М., 2004. - С. 13.

Дастгоҳи давлатии Сосониҳо асосан дар асри IV-V пурра ташаккул ёфт. Аз идораҳои марказӣ номи девонҳо маълуманд. Дивонҳо органҳои идораи марказӣ буда, дар маҳалаҳои маъмурӣ ҳам органҳои худро доштанд. Яъне, ҳокимияти марказӣ ва маҳаллии идораи давлатӣ бо номи дивонҳо амал мекарданд. Роҷеъ ба амалиётҳои дивонҳои солор, молия ва хӯрокворӣ санаду далелҳо ҳастанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ вазирони Сосонӣ Ибри Сом, Меҳр Гарсе ва Паҳлав ёдовар шудаанд. Такягоҳи асосии давлати Сосониҳо артиш (қушун) ки асосан қушуни зархарид буд ба шумор мерафт. Дар натиҷаи ислоҳотҳои нимаи аввали асри VII сохтору тартиби он тағйир ёфт. Баробари қушунҳои савораи табақаи ҳарбиёну феодалон, инчунин қушунҳои савораи деҳқонон ҳам таъсис ёфтанд. Дар таркиби қушунҳои пиёдагард ҳам тағйирот ба амал омад. Дар қатори қушунҳои зархариди пиёдагард, инчунин пиёдагардони деҳқонону ҳунармадон ҳам таъсис ёфтанд.[1]

Дар муассисаҳои судӣ ду намуди судяҳо (ҳакамҳо) - хурд ва калон (додасари кас ва додасари мас), парешван, ки бештар муфатиши судӣ буд ва мирзоён вуҷуд доштанд. Ин судҳо дар ҳама вилоятҳо буданд. Инчунин мансаби додасариҳо - сардори табақаҳои ҳакимҳо ҳам амал мекарданд.[2]

Корҳои ҷиноиро судҳои дунявӣ - датаборҳо ва судҳои рӯҳонӣ дида метавонистанд. Мақоми магупатҳо нисбат ба датаборҳо баландтар буд. Магупатҳо бештар аз китоби "Китоб дар бораи фаъолияти магупатҳо" истифода мекарданд. Ҳам датаборҳо ва ҳам магупатҳо қарорҳои худро хаттӣ мебаровардаанд ва мӯҳри худро мегузоштанд. Дар таҷрибаи мурофиаи судии Сосониён мансабдорони судии остондор ва амаркор низ номбар шудаанд, вале онҳо асосан ҳамчун амалдорони судӣ амал мекарданд на барандаи мурофиаи судӣ. Мурофиа пулакӣ буд. Пули аз мурофиа ба даст омада барои тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиа сарф мегардид. Агар ягон тараф ба ҳукм ё қарори суд розӣ набошад, мурофиаи ҳаҷашманд (контуматсия) гузаронида мешуд. Музди ин мурофиа ба музди пешина баробар буд. Дар ин сурат суд арзиши мурофиаро аз ҳар ду тараф меситонд, касе гунаҳкори ҳаҷашманд дониста мешуд (яъне, ба такрори он меоварду мурофиаро мебохт), аз ӯ 12 драхм товон ситонида мешуд. Агар яке аз тарафҳо (ё товонгар ё ҷавобгӯ) ба суд ҳозир намешуд, ҳукм ба фоидаи ҷониби ҳозиршуда бароварда мешуд.

Адабиёт:

1. Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена.Том I. М.-.Л., 1950. – С. 209.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.-Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.-С. 223.
3. Гумилев Л.Н. Древние тюрки. М., 2004.
4. Достонҳои «Шоҳнома». Нигоранда С.Улуғзода. Душанбе, 1986. - С. 397.
5. Неъматов Н, Носирова Ф, Бобомуллоев С, Довутов Д, Исоматов М. Таърихи халқи тоҳик.- Душанбе, «Ирфон». 2003. – С. 183
6. Низомулмулк. Сиёсатнома. - С. 174-175.

КРАТКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ПИСЬМЕННЫХ ИСТОЧНИКОВ ПО ИСТОРИИ САСАНИДОВ

Ходжаева Наргис Джомиевна – *доктор исторических наук, ведущий научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии Национальной Академии наук Таджикистана*

Среди источников по истории, культуре и религии Сасанидов самыми главными являются зороастрийские источники. Самым важным из них является *«Авеста»*[3] – собрание священных текстов зороастризма. Старейшая из сохранившихся рукописей «Авесты» датируется 1288 годом. Существуют две редакции «Авесты», отличающиеся порядком расположения глав. Первая

[1] Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена. Том I. М.-.Л., 1950. – С. 209.
[2] Гумилев Л.Н. Ҳамон асар. - С. 16.
[3] Avesta. Режим доступа: http://titus.uni-frankfurt.de/texte/etsc/iran/airan/ avesta/avest.htm (Дата доступа: 14.03.24); Авеста в русских переводах (1861-1996). Сост., общ. ред., прим., справочный раздел И.В. Рака. Спб.: «Журнал “Нева”», «Летний Сад», 1998. 480 с.

предназначалась для чтения вслух (используется парсами) при богослужениях, вторая – для систематического изучения. Авестийский текст этой редакции разделен на книги, главы и строфы и сопровождается среднеперсидским переводом с комментариями. Перевод «Авесты» с комментариями называется «Зенд».

Следующим по значимости письменным источником является *«Бундахишн»*, который содержит изложение множества мифов, передающих как зороастрийские, так и дозороастрийские представления о сотворении мира, естествознании и эсхатологии. В источнике имеются важные сведения по географии, легендарной истории, а также и о сооружениях, приписываемых представителям кеянидской династии. В нем перечислены мифические и исторические цари древнего Ирана. «Бундахишн» содержит подробную классификацию гор, водоемов, рас и народов, растений, животных и т. д. Этот письменный источник представляет собой изложение утраченного авестийского Дамдад-наска, о чем свидетельствует краткий пересказ наска (т.е. раздела) в «Денкарде»[1]. Сочинение написано в III-V вв,, за исключением некоторых позднейших вставок. «Бундахишн» дошел до нас в двух версиях: полной («иранской) – так называемый «Большой Бундахишн», и краткой («индийской»)[2]. Существуют переводы «Бундахишна» на английский, французский, немецкий, персидский и русский языки[3].

«Дадистан-и Дениг» – произведение IX в., написанное в форме религиозного диспута о «правильности» зороастризма, сокровенном смысле обрядов, ритуалов и др. – с детальным разбором различных космологических, мировоззренческих и моральных положений[4].

«Дадестан-и Меног-и храд» – «Рассуждения Духа Разума» – позднее религиозно-этическое сочинение в форме диалога. Значительное внимание в нем уделено разъяснению того, что есть «хорошее управление государством». Книга также содержит множество мифологических сведений и список царей – Кейев и Пишдадидов. Последовательность царствований этих династий почти такая же, как в «Шахнаме»[5].

«Денкард» («Dēnkard» – «Деяние веры») – свод догматических сочинений IX в., утверждающих о превосходстве в Иране зороастризма над другими религиями. Это своего рода проповедь единства светской и духовной власти, источник по истории создания «Авесты», космологии. «Денкард» содержит изложение и перевод авестийских текстов, в том числе не сохранившихся. Сочинение состояло из девяти книг, до настоящего времени сохранилось семь. В источнике говорится об истории царствования легендарных династий – Пишдадидов и Кейанидов, а также дается мифологизированное жизнеописание Заратуштры. Составление «Денкарда» было начато зороастрийским богословом Адурфарнбаг-и Фаррахзаданом в начале IX в. и завершено Адурбад-и Эмеданом в конце IX в.[6].

«Задспрам» («Vizīdagīhā-i Zād-Spram» Juvan-jaman – «Избранные писания Задспрама Джуван-Джамана») – сочинение IX в., названо по имени автора – мобеда Задспрама. Состоит из четырех частей, одна из которых посвящена биографии Заратуштры. Г. Виденгрен считает, что в это произведение включены прямые переводы текстов «Авесты»[7]. Для нас интерес представляет биография Заратуштры, в которой упоминаются географические названия[8].

---

[1] Haug M. Essays on the sacred languages, writings, and religions of the Parsis. London: Kegan Paul, 1907. P. 127-128.

[2] Зороастрийские тексты. Суждения Духа Разума (Дадестан-и меног-и храд). Сотворение Основы (Бундахишн) и другие тексты. Издание подготовлено О.М. Чунаковой. М.: Изд. фирма «Восточная литература» РАН, 1997. С. 148.

[3] The Bundahis, Bahman-Yasht [Pahlavi], and Shâyast [and: Appendix to the Bundahis: Selections of Zâdspram, brother of dastûr Pârs and Kirmân, A.D. 881. Oxford, University Press, 1880, 434 p. Part I. Chapters I-IX (Paraphrase of Bundahis, I-XVII)]. Transl. by E. W. West. P. 1–151. (SBE, vol. 5); Зороастрийские тексты. Суждения Духа разума (Дадестан-и Меног-и храд). Сотворение основы (Бундахишн) и другие тексты. М., 1997. С. 155-312.

[4] Dâdistân-î Dînîk and the epistles of Mânûs*k*îhar. Oxford, Univ. Press, 1882. 480 p. Part II: Dâdistân-î Dînîk. Transl. by E.W. West. P. 1–276. (SBE, vol. 18).

[5] Dînâ-î Maînôg-î Khira*d*, Sikand-gûmânîk Vigâr, and the Sad Dar. Oxford, Univ. Press, 1885. 372 p. Part III: Dînâ-î Maînôg-ī Khira*d*. Transl. by E.W. West. P. 1–133 (SBE, vol. 24); Зороастрийские тексты. Суждения Духа разума (Дадестан-и Меног-и храд). Сотворение основы (Бундахишн) и другие тексты. М., 1997. С. 10-138.

[6] Pahlavi texts. Pt. V: Marvels of Zoroastrianism. Dînkard. Books V, VII; Selections of Zâd-Sparam. Transl. by E.W.West. Oxf.: Clarendon Press,1897. 182 p. Dînkard. P. 3-130 (SBE, vol. XLVII).

[7] Widengren G. Die Religionen Irans. Stuttgart: Kohlhammer, 1965. S. 100.

[8] Pahlavi Texts. Pt. I: Selections of Zâd-Sparam. Chapters I-XI. Transl. by E.W.West. Oxf.: Oxford University Press, 1880. P. 153-187 (SBE, vol. V.); Pt. V: Marvels of Zoroastrianism. Selections of Zâd-Sparam. Chapters XII-XXIV. Transl. by E.W.West. Oxf.: Clarendon Press,1897. P. 133-171 (SBE, vol. XLVII).

«Арда-Вираз Намаг» («Ardā Vīrāz Namāg» – «Книга о праведном Виразе») – религиозное сочинение IX в., в котором подробно описываются представления зороастрийцев о загробном мире, об аде и рае[1].

Новоперсидская зороастрийская литература представляет собой в основном предписания мобедов, а также переписку между разрозненными общинами, так называемые риваяты, в которых Зороастрийские авторитеты отвечают на вопросы веры и повседневной жизни зороастрийцев. Среди этих текстов:

«Риваят» («Rivōyat» – «Предание») – сочинение, написанное, как и «Меног-и Храд», в форме диалога. В нем зафиксированы истолкования и трактовки некоторых авестийских мифов и их сюжетные подробности, которых нет ни в каких других источниках[2].

«Заратуштнома» («Zarātushtnāma» – «Книга о Зардуште») или «Зардуштнома» – единственное сохранившееся произведение на новоперсидском языке о биографии Заратуштры. Поэма написана Зардуштом Бахрамом ибн Пажду в 1278 г. в г. Рее. Ценность «Зардуштнома» заключается в том, что в нем излагается древняя версия о жизнедеятельности Зороастра, скорее всего составленная на основе не дошедших до нас источников[3].

В целом в вышеупомянутых источниках содержатся сведения необходимые для изучения истории и культуры иранских народов, особенно в период правления Сасанидской династии в Иране.

Литература:

1. Авеста в русских переводах (1861-1996). Сост., общ. ред., прим., справочный раздел И.В. Рака. Спб.: «Журнал “Нева”», «Летний Сад», 1998. 480 с.
2. Зороастрийские тексты. Суждения Духа Разума (Дадестан-и меног-и храд). Сотворение Основы (Бундахишн) и другие тексты. Издание подготовлено О.М. Чунаковой. М.: Изд. фирма «Восточная литература» РАН, 1997. С. 148.
3. Пехлевийская «Божественная комедия»: Книга о праведном Виразе (Арда Вираз Немаг) и другие тексты. Введение, транслит. пехл. текстов, Пер. и коммент. О. М. Чунаковой. М.: Изд-во Восточная литература РАН, 2001. 208 с.
4. Avesta. Режим доступа: http://titus.uni-frankfurt.de/texte/etsc/iran/airan/ avesta/avest.htm (Дата доступа: 14.03.24).
5. Dâdistân-î Dînîk and the epistles of Mânûs*k*îhar. Oxford, Univ. Press, 1882. 480 p. Part II: Dâdistân-î Dînîk. Transl. by E.W. West. P. 1–276. (SBE, vol. 18).
6. Dînâ-î Maînôg-î Khira*d*, *S*ikand-gûmânîk Vigâr, and the Sad Dar. Oxford, Univ. Press, 1885. 372 p. Part III: Dînâ-î Maînôg-ī Khira*d*. Transl. by E.W. West. P. 1–133 (SBE, vol. 24); Зороастрийские тексты. Суждения Духа разума (Дадестан-и Меног-и храд). Сотворение основы (Бундахишн) и другие тексты. М., 1997. С. 10-138.
7. Haug M. Essays on the sacred languages, writings, and religions of the Parsis. London: Kegan Paul, 1907. P. 127-128.
8. Le livre de Zoroastre (Zarātusht nāma) de Zardusht-i Bahrâm ben Pajdú. Publ. et trad. par F. Rosenberg. St.-Pétersburg: Commisionaires de l’Académie Impériale des Sciences, 1904. 106 p.
9. Pahlavi Rivōyat accomponying the Dādestān ī Dēnīg // Part I: Transliteration, Transcription and Glossary by A. V. Williams. Copenhagen, Munksgaard, 1990. 357 p.; Part II: Translation. Commentary and Pahlavi Text by A. V. Williams, Copenhagen, 1990, 381 p.
10. Pahlavi Texts. Pt. I: Selections of Zâd-Sparam. Chapters I-XI. Transl. by E.W.West. Oxf.: Oxford University Press, 1880. P. 153-187 (SBE, vol. V.); Pt. V: Marvels of Zoroastrianism. Selections of Zâd-Sparam. Chapters XII-XXIV. Transl. by E.W.West. Oxf.: Clarendon Press,1897. P. 133-171 (SBE, vol. XLVII).
11. Pahlavi texts. Pt. V: Marvels of Zoroastrianism. Dînkard. Books V, VII; Selections of Zâd-Sparam. Transl. by E.W.West. Oxf.: Clarendon Press,1897. 182 p. Dînkard. P. 3-130 (SBE, vol. XLVII).
12. The Bundahis, Bahman-Yasht [Pahlavi], and Shâyast [and: Appendix to the Bundahis: Selections of Zâdspram, brother of dastûr Pârs and Kirmân, A.D. 881. Oxford, University Press, 1880, 434 p. Part I. Chapters I-IX (Paraphrase of Bundahis, I-XVII)]. Transl. by E. W. West. P. 1–151. (SBE, vol. 5); Зороастрийские тексты. Суждения Духа разума (Дадестан-и Меног-и храд). Сотворение основы (Бундахишн) и другие тексты. М., 1997. С. 155-312.
13. Widengren G. Die Religionen Irans. Stuttgart: Kohlhammer, 1965. S. 100.

[1] Пехлевийская «Божественная комедия»: Книга о праведном Виразе (Арда Вираз Немаг) и другие тексты. Введение, транслит. пехл. текстов, Пер. и коммент. О. М. Чунаковой. М.: Изд-во Восточная литература РАН, 2001. 208 с.

[2] Pahlavi Rivōyat accomponying the Dādestān ī Dēnīg // Part I: Transliteration, Transcription and Glossary by A. V. Williams. Copenhagen, Munksgaard, 1990. 357 p.; Part II: Translation. Commentary and Pahlavi Text by A. V. Williams, Copenhagen, 1990, 381 p.

[3] Le livre de Zoroastre (Zarātusht nāma) de Zardusht-i Bahrâm ben Pajdú. Publ. et trad. par F. Rosenberg. St.-Pétersburg: Commisionaires de l’Académie Impériale des Sciences, 1904. 106 p.

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ИМПЕРИЯИ БУЗУРГИ СОСОНИЁН

Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад *– д.и.т., дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ташаккули давлат ва давлатдорӣ дар Хуросону Вароруд давраи тӯлонии раванди таърихиро дар бар мегирад. Ташаккул ва рушди низоми идоракуни давлати овозадори Сосониён дар замони қадим мавзуи хеле доманадори шеваи давлатдории ниёгон мебошад ва дар доираи як мақола наметавон онро пурра баррасӣ кард. Аз ин хотир, дар ин мақола танҳо масъалаҳои муҳимми анъанаи давлатдории Сосониён (224-651) мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Баъд аз шикасти давлати овозадори Ҳахоманишиён (332 – 330 пеш аз м.) тамоми сарзамини он ба ҳайати империяи Искандари Мақдунӣ (336-323 то м.) гузашт. Аз ҳамин давра дар сарзамини «Тоҷикистони таърихӣ» низоми идоракунии давлатии юнониҳо ҷорӣ карда шуд ва ин анъана дар дар замони Селевкиҳо (с. 311-250 то м.) ва давлати Юнону Бохтар (с. 250-140 то м.), ки сарзаминҳои Бохтару Суғд, Хоразм, Порт ва дигар вилоятҳоро дар бар мегирифтанд, идома ёфт.

Аммо дар қисмати ғарбии Осиёи Марказӣ (ҳудуди имрӯзаи Туркманистон) давлати нави маҳаллии ориёӣ ба вуҷуд омад, ки дар таърих бо номи давлати бузурги Порт (Парфия) ё Ашкониҳо машҳур аст. Асосгузори ин давлат Аршак сардори қабилаи парнҳо ё аслан бохтарӣ будааст [5,с.88], ки аҷдодони бевоситаи мардуми тоҷик ба ҳисоб мераванд. Дар замони ҳукмронии тӯлонии Ашкониён (250 пеш аз м.-226 м.) анъанаи давлатдории миллии ориёӣ эҳё гардид ва нақши сардори давлат-шоҳ дар идоракунӣ асосӣ буд, инчунин дар низоми идораи давлатӣ Шӯрои олӣ амал мекард, аз Шӯрои ашроф ва Шӯрои коҳинон иборат буд. Дар низоми идоракунии давллатӣ ва дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои ҷомеа ин ду Шӯро нақши муҳим доштанд. Баъд аз инқирози давлати Ашкониён низоми нисбатан мукаммали давлатдории онҳо барои давлатдории сулолаи дигари ориёӣ – Сосониён замина ба вуҷуд оварда.

Давлати бузурги Сосониён (226-651м.) баъд аз шикасти давлати Ашкониён дар заминаи он ба вуҷуд омад. Асосгузори он Ардашери Бобакон худро вориси тахти Ашкониҳо эълон карда, сарзамини онро забт намуда, ба давлати нав асос гузошт, ки давлати намунавии то исломии мо ба ҳисоб меравад. Дар замони Ардашери I (224 - 242) ва писараш Шопури I (242 – 272) давлати Сосониён ҳудуди худро хеле васеъ карда, низоми идоракунии давлат ташаккул ёфт ва мукаммал гардид.

Дар замони Сосониён идеяи пайдоиши илоҳии ҳокимияти шоҳ ки аз замони Ҳахоманишиён ибтидо гирифта буд, тақвият ёфт. Дар ёдгориҳои «Нақши Рустам» чи тавр аз худо гирифтани тоҷи ҳокимияти Ардашери Бобакон тасвир ёфтааст[1,с.59]. Ба муносибати тоҷгузории шоҳаншоҳ маъбади оташ бунёд мешуд ва аз ҳамон лаҳза солшумории шоҳигарӣ оғоз мегардид. Хонадони Сосониён мисли Ашкониён худро аз авлоди Ҳахоманишиён меҳисобиданд, аммо Сосониҳои баъдӣ (дар асрҳои V– VII) худро ба авлоди Кави (Каёниёни Бузурги дар Авесто сабт гардида) нисбат медоданд.

Сохтори идорию ҳудудии шоҳаншоҳии Сосониён чандин маротиба дигаргун шуда, охири асри V- ибтидои асри VI чунин шаклро гирифтааст: Дастгоҳи давлатӣ аз идораҳои мақомоти марказӣ бо номи девонҳо ибоат буданд, ки дар сатҳи мақомоти маҳаллӣ низ зерсохторҳои маъмурӣ худро доштанд. Яъне, мақомоти ҳокимияти марказӣ ва маҳаллии идораи давлатӣ бо номи дивонҳо амал мекарданд.

Масоҳати умумии шоҳаншоҳии Сосониён 2,9 млн км^2 -ро ташкил намуда, дар он тақрибан 30 млн. нафар аҳолӣ зиндагонӣ мекарданд. Тамоми марзи давлат, ки Эроншаҳр ном гирифта буд, ба чаҳор воҳиди бениҳоят калони идорию ҳудудӣ, яъне кост, аз ҷумла костҳои Хуросон, Озорбойгон (Атурапатакон), Нимрӯз ва Хорабарон тақсим шуда буд.

Дар низоми идоракунии давлатӣ Сосониён асосан ба анъанаи давлатдории Ашкониён такя карда, онро боз ҳам такмил доданд. Дар дарбори Сосониён баъди шоҳаншоҳ вазир (вазург, фрамадор), меистод. Вазифаи вазург ё фрамадор (вазири аввал) сардори ҳукумат ба ҳисоб

мерафт. Баъзан мақоми мӯбади мӯбадон (козӣ, суд) аз мақоми вазург ё фрамадор баланд мешуд. Масалан, дар давраи Шопури I ва Бахроми 2, Картир ном шахс, аввал унвони мӯбади мубадон ва баъд қозикалони сосониёнро гирифта, баъди шоҳаншоҳ шахси дуюми давлатӣ гардида буд. Дар мақоми сеюм бошад, вазифаи эронспаҳбад (сарфармондеҳ, сарлашкар) меистод. Ин вазифа аксаран ба ихтиёри яке аз хонаводаи шоҳаншоҳ қарор мегирифт. Вале баъзан, онро шахси бегона ҳам иҷро мекард[6, с.179].

Давлат аз ҷониби шоҳаншоҳ, ки аз намояндагони хонадони ҳукуматдори Сосониён дар асоси васияти подшоҳи марҳум ва ё тавсияи Шӯрои шоҳаншоҳӣ ба тахт баргузида шуда, идора карда мешуд. шоҳаншоҳ роҳбари олии дин ва давлати Эроншаҳр маҳсуб гардида, ҳуқуқу масъулият ва имтиёзҳои зиёд дошт. Дар навбати худ шоҳаншоҳ бузургтарин қозӣ ҳам буд ва аз ахли раият шахсоне, ки ҳуқуқҳояшон поймол мегардид, ҳақ доштанд, ки барои тантанаи ҳақиқату адолат ба ӯ мурочиат намоянд.

Сарварии ташкилоти марказӣ, яъне мақомоти олии ҳокимияти иҷроияи шоҳаншоҳиро вузург-фрамондор, яъне сарвазир ба уҳда дошт. У баъд аз шоҳаншоҳ симои дуюми давлат маҳсуб шуда, амалан зимоми қудратро дар даст дошт. Вузург-фрамондор дар набудани шоҳаншоҳ иҷрокунандаи вазифаи ӯ буд. Дар давлати Сосониён низоми навташкилгирифтаи девонсолори амал мекард. Сарвазир ба кори тамоми девонҳо, яъне вазоратҳо, ки онҳо тавассути намояндагони табақаи дабирон идора карда мешуданд, роҳбарӣ менамуд. Дабирон дар умури идорӣ, таҳияи мактубу фармонҳо, муоҳидаҳои сиёсию низомӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо истеъдоди хуб доштанд. Мавҷудияти девонҳои молиёт, муросилот, адлия, умури низомӣ ва интисоб дар шоҳаншоҳии Сосониён дар сарчашмаҳо қайд шудааст.

Пас аз вузург-фрамондор дар созмонбандии ҳокимият шахси сеюм сарвари рӯҳониён, яъне мубади мубадон буд. Ҳалли масъалаҳои мушкилоти динӣ, идораи мазҳабӣ, ҷараёнҳои сиёсию динӣ, вазъи оташкадаҳо, маърифатнокии мардум, вазъи додгустарӣ, ҷорӣ намудани адолат дар кишвар бар уҳдаи ӯ буд. Теъдоди бешумори рӯҳониён ба умури рӯзгордории мардум дахолат намуда, зиндагии ҳаррӯзаи онҳоро назорат мекарданд. Рӯҳониён ба ин роҳ сарвати бепоёне ба даст оварда, қудрати сиёсии хешро мустаҳкам намуда, амалан ба давлати мустақиле дар дохили давлат табдил ёфта буданд. Давлат маъмулан аз дастгоҳи динии зардуштӣ пуштибонӣ мекард. Рӯҳониён низ дар масъалаҳои сарнавиштсоз, махсусан, ҳангоми заиф шудани нерӯи шоҳаншоҳ ба корҳои сиёсӣ дахолат намуда, аз ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дастгирӣ менамуданд.

Дар давраи Сосониён ҳам ба мисли Ашкониён ба ғайр аз ҳокимияти олии шоҳаншоҳ дар низоми идоракунии давлатӣ ду Шӯро вуҷуд дошт: Шӯрои якум асосан ба Шурои замони Ашконихо шабоҳат дошт ва аз хонадон ва авлоди шоҳаншоҳ иборат буд. Шӯрои дуюм низ дар заминаи низоми идоракунии давлати Порт ба вуҷуд омада буд, аммо нисбат ба он мушаххастар буд. Масалан дар замони ҳукмронии Сосониёни охир ҳайати Шӯрои дуюм чунин тасвир шудааст: шоҳаншоҳ Ардашер, шоҳи Арабон Ардашер, шоҳи Кирмон, Амозасп, шоҳи Иберия Шопур, Попак сардори қушуни Фирӯз, Ардашер аз авлоди Варазҳо, Ардашер аз авлоди Сурен, Нарсе, Ардашер аз авлоди Каренҳо, фармондор, Вахуман, сатрапҳо (сардорони вилоятҳои бузург) ва мағупат дохил мушуданд. Яъне ба Шурои дуюм шоҳони минтақаҳои бузург ва ашрофони бонуфузи мақомоти ҳокимитяти давлатӣ дохил мешуданд.

Ҳангоми набудани шоҳаншоҳ Шӯрои ашрофон масъалаи вориси тахтро муҳокима мекард. Вазифаҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ бештар меросӣ буданд. Аз рӯйи анъана ашрофон нишонаҳои худ: гоҳ (тахт), сарбанд, миёнбанд доштанд. Шахсе, ки миёнбанд мебаст, ҳуқуқи иштирок дар суҳбати шоҳ, овоздиҳӣ ва маслиҳатдиҳӣ ба шоҳро дошт.

Такягоҳи асосии давлати Сосониҳо артиш (қушун) ки асосан қушуни зархарид буд ба шумор мерафт. Дар натиҷаи ислоҳотҳои нимаи аввали асри VII сохтору тартиби он тағйир ёфт. Баробари қушунҳои савораи табақаи ҳарбиёну феодалон, инчунин қушунҳои савораи деҳқонон ҳам таъсис ёфтанд. Дар таркиби қушунҳои пиёдагард ҳам тағйирот ба амал омад. Дар қатори қушунҳои зархариди пиёдагард, инчунин пиёдагардони деҳқонону ҳунармадон ҳам таъсис ёфтанд [3,с.209].

Дар ҳар як воҳиди идорию ҳудудӣ-дастгоҳи давлатӣ ва дастгоҳи динӣ дар алоҳидагӣ фаъолият мекарданд. Масалан, дар вилоят-девони остондор бо сарвари остондор-корфармон, идораи динӣ бо роҳбарии мағупат; дар шаҳру русто дастгоҳи давлатӣ таҳти васояти шаҳробу ҳамаркор; дастгоҳи динӣ бошад, чавассути коҳину ратҳои зардуштӣ ва ғайра амал мекарданд.

Дар аксари вилояту шаҳрҳое, ки пайравони динҳои масеҳӣ, яҳудӣ, монавӣ маскан доштанд, масъулияти ҷамъоварии хироҷи солона ва дигар масъалаҳои молиявӣ ба зиммаи ходимону роҳибони динӣ вогузошта шуда буд. Воҳидҳои низомии дар кост, шаҳру кӯраҳо ҷойгиршуда, аввал, аз тарафи эронсипаҳбад ва бо супориши ӯ ба василаи сипаҳбад ва ё марзбони маҳал идора карда мешуд.

Дар замони Сосониён ҳуҷҷати махсуси идоракунии мақомоти давлатӣ, масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва судӣ вуҷуд дошт, ки «Мотикони ҳазор додастон» ном дашт, олимон онро мухтасаран «Қонунномаи Сосониён» меноманд. Дар асоси ин Қонуннома масъалаҳои додгоҳӣ, идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешуд. Дар заминаи «Қонуннома» чунин воҳидҳои маъмурӣ вуҷуд доштанд: вилоят - остон номида мешуд ва сарвари онро остондор меномиданд. Сардори динии ҳавзаҳо ва вилоятҳо мағупат буд. Фаъолияти корӣ ва вазифаҳои остондор ва мағупат дар асоси ҳуҷҷати «Хешкорномак» амалӣ мешуд, баъд аз онҳо ҳамаркорҳо дар идоракунии мақомоти маҳаллӣ нақши асосӣ доштанд.

Дар Қонуннома («Матикони ҳазор додастон») вазифаҳои остондор, мағупат, ҳамаркор ва дигар вазифаҳои мақомоти давлатӣ муайян шудаанд. Ҳамаркор ба ғайр аз вазифаҳои идоракунии мақомоти маҳаллӣ ҳуҷҷатҳои вобаста ба андозситониро таҳия мекард ва ҷамъоварии онро назорат мекард.

Дар муассисаҳои судӣ ду намуди судяҳо (ҳакамҳо) - хурд ва калон (додасари кас ва додасари мас), парешван, ки бештар муфатиши судӣ буд ва мирзоён вуҷуд доштанд. Ин судҳо дар ҳама вилоятҳо буданд ва инчунин мансаби додасариҳо - сардори табақаҳои ҳакимҳо ҳам амал мекарданд [3, с.16].

Корҳои ҷиноиро судҳои дунявӣ - датаборҳо ва судҳои рӯҳонӣ - магупатҳо дида метавонистанд. Мақоми магупатҳо нисбат ба датаборҳо баландтар буд. Магупатҳо бештар аз китоби "Китоб дар бораи фаъолияти магупатҳо" истифода мекарданд. Ҳам датаборҳо ва ҳам магупатҳо қарорҳои худро хаттӣ мебаровардаанд ва мӯҳри худро мегузоштанд. Дар таҷрибаи мурофиаи судии Сосониён мансабдорони судии остондор ва ҳамаркор низ номбар шудаанд, вале онҳо на барандаи мурофиаи судӣ, балки асосан ҳамчун амалдорони судӣ фаъолият мекарданд.

Дар Эроншаҳр ба занҳои дарбор завҷаи шоҳаншоҳ, ки унвони машкатан маликати дошт, роҳбарӣ мекард. Занҳои шоҳзодаҳо ва роҳбарони шаҳрҳо унвони бону ё малика доштанд. Занҳои шоҳони минтақаҳо низ унвони бону доштанд.

Дар аҳди Сосониён мансабҳои давлатӣ ва унвонҳои дарбор дар ибтидо ба давраи давлатдории Ашкониён мувофиқат доштанд, аз ҷумла:

- нигупати – сардори дарбор, дариконсар – сардори хидматгорони дарбор, шамшерпати – (шамшердор) – сардори яроқу аслиҳаи ҷангӣ, мадконпат – сардори гвардияи шахсии шоҳ, зндонпат – сардори муҳофизати дарбор ва зиндонҳо, ганҷбар – хазинадор, нахчирпат – сардори шикор ва дабир-котиб, ки фармонҳо, нутқ ва корномаҳои шоҳро ҳар рӯз дар рӯзнома менавишт[1,с.60]. Фармонҳо, супоришҳои шоҳ дар ҳузури шоҳ аз тарафи котиб навишта мешуд ва мансабдорони дигар рӯйнавис мекарданд, бо муҳри шоҳ тасдиқ намуда, як нусхаи онро дар бойгонӣ нигоҳ медоштанд ва нусхаи дигарашро барои иҷро ба мақомоти дахлдор мефиристоданд.

Мақомот олии ҳокимияти давлатии марказӣ ба фаъолияти идоракунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ камтар дахолат мекарданд ва шаҳрҳо ҳуқуқи худидоракунӣ доштанд. Сардори шаҳр – шаҳраб номида мешуд, ки аз истилоҳи сатрапи замони Ҳахоманишиён гирифта шудааст. Аммо дар давраи дертар намояндаи ҳокимияти марказӣ дар шаҳрҳо ҳамаркорҳо буданд, ки дар асоси дастурҳои сардорӣ музофот – остондор амал мекарданд. Ба маъмурияти идоракунии шаҳрӣ ҳавзаҳои рустакҳо (ноҳияҳо) ва деҳаҳо дохил мешуданд.

Дар замони Сосониён пас аз барҳам додани давлати бузурги Кушониён (миёнаи асри VI м.) аз ҷониби Шопури II роҳбарони давлат худро шоҳаншоҳи Ирон ва бидуни Эрон меномиданд, яъне онҳо сарзаминҳои паҳноварро аз Шарқи Наздик то Ҳиндустону сарҳади Чин ба давлати худ ҳамроҳ карда буданд, ки қисмати он берун аз марзи сарзамини таърихии ниёгонамон буданд.

Ба ҳайати давлати бузурги Сосониён баъд аз забткориҳои Шопури II (309-379) ба Шарқ ва шикасти давлати Кушониён вилоятҳои Сакастон (Сиистон), Марв, Туристон (Осиёи Миёна), Ҳинд, Асуристон, Арабистон, Албания (вилоят дар Кавкази ҷанубӣ), Балосокан, (Балосуғун) Ҳирот, ҳамаи Абаршаҳр, Кушоншаҳр то Пашкабура (Пешовари имрӯза), Суғд, Чоч ва то Кошғар (вилояти имрӯзаи Синсзян-Уйғури Чин) дохил мешуданд.

Мансабдорони давлатӣ. Дар дарбори Ардашери I мансабҳои патиахш, ҳазорапат, дабирпат, додбар вуҷуд доштанд. Фрамандар (фармондор), дар аввал сардори хоҷагии шоҳ буд, аммо дар охир ҳамчун вазири якуми давлат фаъолият карда, дар низоми идоракунии давлат мақоми асосӣ дошт.

Аз замони ҳукмронии Йаздигурди I унвони Вузург фрамандар ҷорӣ карда шуд, ки аксари мансабдорони дарбор – дабирон бо сардории дабирпат, ҳамаркорҳо бо сардории шаҳрҳамаркорҳо, харгупат (ҷамъоварандаи андоз), сардори ҳунармандон ва сарвари заминдорон ба ӯ итоат мекарданд.

Дар замони Сосониён низоми муайяни андозситонӣ ва муомилоти пулӣ ҷорӣ шуда буд. Андози замин бож ё уждар номида мешуд ва дар шакли табиӣ ё пул ситонида мешуд. Андози патбажик аз ангур, мева, шароб гирифта мешуд ва ҷамъоварандаи онро дижпат меномиданд. Мардуми ғайриэронӣ (яҳудиҳо, суриягиҳо, арманиҳо ва дигарон) андози сарикасӣ месупориданд, ки аҳолии аз 12 то 65 солаи онҳо ин намуди андозро ба хазинаи давлат пардохт менамуданд. Ғайр аз ин, аз ҳунармандон, аз манзили одамон, аз истифодаи об ва чарогоҳ андози муайян ба хазинаи давлат ситонида мешуд.

Ҳамзамон, дар замони Хусрави Анушервон ислоҳоти андоз гузаронида шуд. Аз деҳқонон андози замин - хироч (хироҷ) ситонида мешуд, ки меъёри он аз 6/1 то 3/1 ҳиссаи ҳосилро ташкил медод. Ин андоз нисбат ба андози пештара, ки асосан сарикасӣ буд, бартарӣ дошт. Баробари хироч (хироҷ) андози гезит (ҷизя) ҳам ба расмият дароварда шуд. Аз андози гезит (ҷизя) амалдорони давлатӣ, ҷанговарон, рӯҳониён ва дабирон озод буданд[6,с.191].

Дар замони давлатдории Сосониён воҳиди пулӣ динор ва дирҳам номида мешуданд, пул аз тилло, нуқра ва биринҷӣ сикка зада мешуд. Аз замони Ардашери I (226 - 241) динорҳои тиллоӣ ба муомилот бароварда шуданд. Дар даврахои баъдина ислоҳоти вазни пулҳои дирҳам гузаронида шуд, аз ҷумла тетрадирҳама 16 грамм ва воҳиди хурдтарини пули «донак» (танга) – 0,6 грамм вазн даштанд[1,с.59]. Дар рӯйи тангаҳо сурати шоҳаншоҳ ва вориси тахти ӯ, баъзан ҳамсари шоҳ сикка зада мешуданд. Дар пушти танга аз замони Шопури I (242 - 272) оташдон (меҳроб) ва сурати худоён: Аҳура Маздо, Митра (Миҳр) ва Аноҳито (Ноҳид) акс меёфтанд.

Низоми давлатдории Сосониён хеле муназзам ва нирӯманд буд, онҳо тавонистанд давлате бунёд созанд, ки барои кишварҳои дигар намуна бошад. Сохтори давлат ва низоми идоракунии давлати бузурги Сосониён ҳамчун беҳтарин дастоварди низоми давлатдории тоисломии мардуми ориёӣ ба ҳисоб меравад, ки баъди шикасти давлати Сосониён (651 м.) низоми давлатдории ниёгони моро арабҳо иқтибос карда дар Хилофати Араб ба роҳ монданд. Баъд аз ба истиқлол расидани давлати Сомониён сохтори давлатӣ ва низоми идоракунӣ аз Хилофати Араб қабул гардид. Сомониён онро такомул доданд ва дар муддати беш аз ҳазор сол дар давлатҳои Осиёи Марказӣ бо баъзе тағиру иловаҳо тарзи давлатдорӣ ва низоми идоракунии ниёгони моро халқҳои дигар дар давлатдории хеш мавриди истифода қарор доданд.

Ҳамин тавр, давстовардҳои идоракунии давлатии империяи бузурги Сосониёнро мвриди баррасӣ қарор дода, метавонем анъанаҳои беҳтарини давлатдории ниёгонамонро дар рушду такомули давлатдории миллиамон дар замони ҳозира истифода барем.

Адабиёт:

1. Ализода Б. П. Аз таърихи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар аҳди бостон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). №8 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.57-61.
2. Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена.Том I. – М.-Л., 1950.
3. Гумилёв Л.Н. Древние тюрки: «Кристалл»; - Москва, 2004.-268с.
4. История таджикского народа. Т.I. (древнейшая и древняя история). Под ред. Б.А. Литвинского и В.А. Ранова. – Душанбе, 1998.-751с.
5. Раҳмонов Э. Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. Монография / Э.Ш. Раҳмонов.- Лондон: 2000.-238с.
6. Ҳакимов Нозим Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 260с.

7. Ҳотамов Намоз, Давлатхоҷа Довудӣ, Сайфулло Муллоҷонов, Маъруф Исоматов. Таърихи халқи тоҷик. / Н. Ҳотамов., Д. Довудӣ., С. Муллоҷонов.–Душанбе: ЭР–граф, 2011.–584 с.

МУНОСИБАТИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН БО ИМПЕРИЯИ РИМ

Аюбов А.Р. *– доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"*

Давлати Порт дар ибтидои асри III аз байн рафт. Тавре М.М. Дяконов менависад, ки «дар задухӯрдҳои зидди Рим суст гашта, дар банди зиддиятҳои мураккаби иҷтимоӣ монда, дар байни Ғарби ғуломдорӣ ва Шарқи ҷамоатию авлодӣ мекалавид, ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ таҳрик дода натавонист. Ин корро давлати Сосониён кард» [4, с.260]. Ҷангҳои дурудароз бар зидди таҷовузкорони римӣ, қабилаҳои йӯҷӣ ва низову харҳашаҳои дохилии сулолаи Аршакиён давлати Портро шикаст доданд. Ардашери I Бобакон, ки ҳокими вилояти Истахр буд, соли 224 намояндаи охири сулола - Артабони V-ро шикаст дода, дар ҳокими Форс гардид. Давлати нав ташкилкардаи ӯ номи давлати Сосониёнро гирифт. Бобои Ардашери I Сосон ном дошта, коҳини маъбади зардуштии Анаҳита буд. Номи сулолаи Сосониён ва давлати Сосониён аз номи бобои Ардашери I пайдо шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими таърихи сиёсати хориҷии давлати Сосониён муносибати он бо империяи Рим ва Византия мебошад, ки тақрибан чаҳор садсоларо аз замони ба сари ҳокимият омадани Ардашери I то шикасти давлат дар давраи ҳукуматдории Яздигудри III дарбар мегирад. Ин давраи рақобати байни онҳо ба ҳисоб меравад. Пайдо шудани сулолаи форсизабонон ҳамчун амали зафаровари ҷомеаи шарқӣ нисбати сиёсати созишҷӯёнаи Аршакиён маънидод мешавад. Ин тафсир ҳам ба тасаввуроти суннатии Сосониён дар бораи худ чун ворисони шоҳони бостонии Эрон ва ҳам ба консепсияи римиҳои ҳамзамони онҳо, ки сулолаи навро ба ҳайси вориси Ҳахоманишиҳо медонистанд, мувофиқат мекунад. Римиён Ҳахоманишиёнро душмани анъанавии ҷаҳони классикӣ – Юнон ва ҳам Рим медонистанд.

Сарфи назар аз зуҳуроти ошкорои душманӣ, ду империя ҳамзистии паҳлӯ ба паҳлӯ доштанд ва рақиби худро эътироф менамуданд. Илми таърихнигории муосир ба ин падида таваҷҷуҳи зиёд додааст. Вақтҳои охир як қатор муаррихон баробари қайди рақобати онҳо дар ҳар ду давлат таъсири байниҳамдигариро дар маросимҳои дарборӣ, санъат, санъати ҳарбӣ, фаъолияти муассисаҳои ҳуқуқӣ ва андоз мушоҳида намудаанд. Мутобиқи маълумоти манобеъи асримиёнагӣ чанде аз ҳокимони Сосониён - Яздигурди I, Хусрави I Анӯширвон ва бахусус Хусрави II Парвиз ба таври пинҳонӣ мазҳабиро насрониро қабул карда, ба сӯи таълимоти монотеистӣ дар Эрон майл доштанд. Ин ба ғалабаи ислом мусоидат кард [3, с.98].

Аз сабаби зиддиятнок ва пурра боэътимод набудани далелҳо дар хусуси ҷиҳатҳои монандӣ ва таъсири мутақобилаи Сосониён ва Рим, бисёр масъалаҳо ҳоло ҳам баҳснок ҳастанд ва ҳанӯз ҳалли худро наёфтаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар муносибати байни Сосониён ва империяи Рим раванди муҳоҷират мебошад. Асирони ҳарбиро дар вақти сулҳи муваққатӣ ва бастани созишномаи сулҳ мавриди мубодила қарор медоданд [8, с.129]. Шумораи зиёди суриягиҳо аз ҷониби Шопури I, Шопури II ва Хусрави I маҷбуран ба шаҳрҳои нави Гундишопур ва Вех-Ардашер кӯчонида шуданд, ки дар онҳо талабот ба шахсони соҳибкасб зиёд буд.

Дар замони ҳукмронии император Юстиниан вақте ки истеҳсоли абрешим монополияи давлатӣ буд, кирмакпарварони римӣ ба Форс барои гирифтани таҷриба меомаданд. Ҳунармандони дигарро худи императори Византия барои кор ба қасри Тайсафун фиристод. Нишони фаъолияти устоҳои хиштчини юнонӣ дар ёдгориҳои қароргоҳи Шопури I дар Бишопур аз мавҷудияти чунин коргарон дарак медиҳад. Дар даврaҳои минбаъда онҳо соҳиби мансабҳои баланд мешуданд [9, с.62].

Бо шарофати сарбозони зархариди форс, ки дар артиши император хизмат мекарданд ва дигар зардуштиёни қаламрави Византия муқаррароти шартномаҳои сулҳ фиристода мешуданд, ки онҳо озодии динро кафолат медоданд. Дар мавриди гурезаҳои насронӣ бошад, онҳо

қурбонии таҳаммулнопазирӣ дар ду тарафи сарҳад - зардуштиён ва дини расмии православии Константинопол буданд.

Равандҳои муҳоҷират на танҳо қишрҳои поёнии ҷомеа, балки доираҳои дарбориро низ фаро гирифта буд, ки онҳо метавонистанд ба сиёсати ҳукумати Форс таъсир расонанд, чун мансабдорон ва сенаторҳои Константинопол бошанд ва ё ба сифати табиби халқии насронӣ новобаста аз манъкуниҳо дар пойтахти Сосониён хизмат намоянд.

Яке нишонаҳои дигари муносибати давлати Сосониён ва империяи Рим ҳузури занони масеҳӣ дар ҳарами шоҳи шоҳон ба ҳисоб меравад. Дигар масъала аз ҷониби Хосрави I додани паноҳгоҳ ба файласуфони Академияи Афлотун баъд аз баста шудани он аз тарафи Юстиниан дар соли 529 мебошад [11, с.157].

Ардашери I на танҳо кӯшиш мекард, ки ноҳияҳои сарҳадии империяи Римро забт кунад, балки инчунин мехост, ки қисмати ҷанубии Байнаннаҳрайн, соҳили ғарбии халиҷи Форс ва шарқи Арабистонро ба худ тобеъ намояд. Вай пеш аз ҳама ба тиҷорат бо Ҳиндустон манфиатдор буд ва аз ин рӯ кӯшиш мекард, ки дар халиҷи Форс назорати худро ба баҳрнавардӣ ҷорӣ намояд [8, с.133]. Эҳтимол, аллакай дар оғози ҳукмронии худ, Ардашер қисми шимолии соҳили шарқии нимҷазираи Арабистонро ба даст оварда буд. Фаъолияти ӯ дар ин самт ба манфиатҳои иқтисодии империяи Рим зарар мерасонд. Ишғоли бандари муҳими Спасину Харакс, ки ба фаъолияти тиҷоратии Палмира таҳдид мекард, муносибатҳои байни ду империяро душвор нагардонда наметавонист.

Ҳарду давлат барои шаҳри тиҷоратии Хатра, ки дар асри II яке аз муҳимтарин марказҳои савдо дар роҳи тиҷоратӣ аз Нисибис то Тайсафун буд, мубориза мебурданд. Геродиан ин шаҳрро ҳамчун қалъаи дастнорас тавсиф карда буд. Шаҳр инчунин яке маркази муҳими зиёрат ба ҳисоб мерафт. Баъди кӯшишҳои бисёр шаҳри Хатра танҳо дар миёнаи соли 240 аз тарафи Ардашер пас аз муҳосираи дусола забт гардид. Ин ғалаба ба форсҳо дар шимоли Байнаннаҳрайн бартарии муҳими стратегӣ дод [2, с.225].

Роҳи дигари ҳамкории осоиштаи байни ду империя тиҷорат буд, ки давра ба давра тавассути созишномаҳо нав мешуд. Муҳимтарин аз ин созишномаҳо ба тиҷорати ашёи хоми абрешимии чинӣ тааллуқ дошт, ки барои ҳашамати шоҳонаи Византия зарур буд. Зарурати истеҳсоли маҳсулоти абрешимӣ ҷустуҷӯи роҳҳои пайдоиши онро талаб мекард, зеро фурӯши ин ашё монополияи Сосониён буд. Сарфи назар аз ҳама кӯшишҳои дипломатӣ, ин масъала соли 552 ҳал карда шуд [12, с.107].

Бояд қайд кард, ки ҳама робитаҳои тиҷоратӣ дар шаҳрҳои наздисарҳадӣ ба роҳ монда мешуданд, ки дар он вақт инҳо Каллиник дар тарафи Рим, Нисибис дар Байнаннаҳрайн ва Арташат дар қисми форсии Арманистон буданд. Ба тоҷирон ба хотири бехатарӣ дар дигар ҷойҳо тиҷорат манъ карда шуд. Бо вуҷуди ин, равобити мутақобилаи тоҷирони ду кишвар ҳам дар сатҳи хусусӣ ва ҳам дар сатҳи давлатӣ ба роҳ монда мешуд. Дар шартномаи сулҳи соли 561 таъсиси комиссияи муштарак оид ба назорати моли қочоқ пешбинӣ шуда буд.

Тавре ки бояд интизорӣ мерафт, дар натиҷаи сиёсати муҳоҷиркунии Сосониён дар Форс ҷамоатҳои калони насронӣ на танҳо дар минтақаҳои наздисарҳадӣ, балки дар аксари шаҳрҳои Эрон низ ба вуҷуд омаданд. Епископҳои Байнаннаҳрайн мунтазам ба сифати намояндагони ваколатдори ҳарду тараф баромад мекарданд, бо ҷамоаҳо робитаро нигоҳ медоштанд. ҳадди аққал дар хориҷа кор мекард. Коҳинони насронӣ аз Форс ба монанди Патриархи ояндаи Селевкия-Тайсафун Мар Абои I, офарандаи алифбои арманӣ Месроп Маштотс ё олими арманӣ Анания Ширакатси ба шаҳрҳои Византия бо мақсади омӯзиши забони юнонӣ ва такмили дониши худ мерафтанд. Дар баробари ин, православиҳо, несторианҳо, монофизитҳо пайваста сарҳадҳо убур карда, таълимоти худро паҳн менамуданд [10, с.59].

Ақаллиятҳои динӣ дар марзи давлати муқобил паноҳ меҷустанд. Ин амал баъди баста шудани мактаби теологии воқеъ дар Эдесса дар соли 489 аз ҷониби император Зенон вусъат ёфт. Пас аз интишори фармони императорӣ бар зидди несторианҳо маркази фаъолияти онҳо ба шаҳри Нисибиси форсӣ кӯчид.

Олимони бадарғашуда кӯшиш мекарданд, ки на танҳо муассисаи таълимии худро барои тарҷумаи матнҳои адабӣ ва фалсафӣ ба забонҳои юнонӣ барқарор кунанд, балки дар саросари

минтақа мактабҳои худро таъсис медоданд [5, с.77]. Мактаби калони тиббӣ, ки аз тарафи несторианҳо дар Гундишапур таъсис дода шуда буд, аҳамияти калон дошт.

Равобити байни ҷамоаҳои насронӣ ба ҳадде наздик буд, ки ҳукумати Сосониён онҳоро чун лонаҳои ҷосусӣ медонистанд ва шояд бесабаб набуд. Калисои расмии Шарқ борҳо кӯшиши дур кардани худро аз Византия ва таъкид кардани ихтилофи худро бо доктринаи Константинопол кардааст. Новобаста аз ин ҳама изҳорот онҳоро бо сабаби пайрави мазҳаби дигар будан тарафдори империяи Византия меҳисобиданд. Таъқибот амалиёти низомии байни ду империяро аз нав эҳё мекард [1, с.44].

Дар сатҳи олии расмӣ робитаҳои мутақобила бо ёрии тадбирҳои махсуси протоколи дипломатӣ таъмин карда мешуданд. Сафирон пайваста ҳаракат карда, масъалаҳои сулҳ, ба тахт нишастани шоҳро новобаста аз шароити ҷанг ё осоишта муҳокима мекарданд. Онҳо ба қоидаҳои мураккаби хушмуомилагӣ тобеъ буданд ва ичро накардани он беэҳтиётӣ ҳисоб меёфт. Гуфтушунидҳо аксар вақт дар сарҳад ба амал меомаданд. Аммо пас аз имзои Созишномаи сулҳ дар соли 562, ки ҷанги Лазро ба итмом расонд, пешбинӣ карда шуд, ки сафирон метавонистанд аз нақлиёти босуръат истифода баранд. Онро хизмати почтаи ҳарду давлат дастгирӣ мекард.

Низоми сиёсии бунёдкардаи Хусрави I номустаҳкам буд ва дар натиҷаи исёни Баҳроми Чӯбина писари Хусрав Ҳурмузи IV сарнагун карда, писари ӯ Хусрави II шоҳ эълон карда шуд. Баҳром аз натиҷаи кораш қаноат накарда, бар зидди ҳокими нав баромад кард ва дар натиҷа Хусрав маҷбур шуд, ки аз кишвар фирор кунад. Шоҳ ва ҳамроҳони ӯ аз таъқиб танҳо дар сарзамини Византия раҳо шуданд [7, с.211].

Дар маъхазҳои асримиёнагии араб оиди ворид шудани Хусрав ба сарзамини насрониҳо ва анҷом ёфтани он дар Эдесса маълумот омадааст. Аз он ҷо ӯ ба Константинопол бо дархости кӯмаки ҳарбӣ сафир фиристод. Баррасии ин дархост ба ихтиёри сенат гузошта шуд.

Барои ба даст овардани он чизе, ки ба ӯ лозим буд, ба Хусрав лозим омад, ки ба як қатор гузаштҳои ҳудудию сиёсӣ равад. Ба гуфтаи Феофилакта Симокатта, вай ваъда дода буд, ки Мартиропол ва Дараро ба римиён бармегардонад, аз Арманистон даст мекашад, амалиёти ҳарбиро бас мекунад ва сулҳ мебандад. Вай инчунин маҷбур шуд, ки аз гирифтани хироҷе, ки Византия ба аҷдодони худ пардохт мекард, даст кашад. Дар натиҷа ба Хусрав лашкари 40 ҳазорнафара дода шуд, ки барои нигоҳубини он 40 кентинрий тилло ҷудо гардид. Якҷоя бо аскарони арманӣ ва форсӣ, ки дар ин роҳпаймоӣ ҳамроҳ шуданд, шумораи умумии онҳо ба 60 ҳазор нафар расид. Дар чанд набард Баҳром шикаст хӯрда, ба сӯи туркҳо фирор кард [7, с.222].

Ғанимати ба даст гирифташуда барои саховатмандона мукофотонидани артиш, ду баробар зиёд қарзро баргардонидан ва ба императори Маврикий тӯҳфаҳои саховатманд фиристодан кофӣ буд. Бахори соли 591 сулҳнома баста шуд, ки мутобиқи он Хусрав бояд тамоми ӯҳдадориҳои пештар гирифташударо ичро кунад. Пас аз баргардонидани артиши асосӣ, Хусрав аз Маврикий ҳазор сарбозро барои муҳофизати шахсӣ дархост кард ва онҳо ба ӯ дода шуданд.

Масъалаи моликияти Нисибис яке аз масъалаҳои калидӣ дар муносибатҳои Сосониён ва Византия буд. Дар соли 297 шаҳр аз ҷониби римиён забт карда шуд ва 65 сол дар ихтиёри онҳо буд. Бо марги Юлиан дар моҳи июни соли 363 фишори Рим дар шарқ заиф шуд ва Иовиан шитобкорона бо форсҳо созишномаи сулҳ баст ва Нисибисро ба онҳо дод. Мувофиқи хроникаи Сурия ин интиқоли муваққатии шаҳр ба муддати 120 сол буд. Воқеан маълум нест, ки чунин созишнома воқеан баста шудааст ё на, аммо вақте ки ин мӯҳлат дар замони Зенон ба поён расид, форсҳо шаҳрро барнагардонданд. Вақте ки Зенон дар моҳи декабри соли 491 даргузашт, Анастасий вориси ӯ шуд. Шоҳ Қубод тавассути сафири худ дар шакли ултиматум пардохтҳои муқаррариро талаб кард. Ҷавоби Анастасия ба ин талабот манфӣ буд. Сабаби рад шудан барнагардонидани Нисибис ва он буд, ки Византия дар он вақт бо мардуми варвар ҷанг мекард [3, с.206].

Масеҳият дар давлати Сосониён дини ақаллият аст. Дар бораи оғози паҳншавии масеҳият берун аз сарҳади шарқии империяи Рим маълумоти боэътимод мавҷуд нест. То соли 224 давлат дар шарқи Рим шоҳигии Порт буд, ки ҷои онро давлати Сосониён гирифт. Дар замони Сосониёни нахустин, дар замони шоҳаншоҳи Баҳроми II ва фаъолияти рӯҳонӣ Картир дини

зардуштӣ бори нахуст дар таърихи Эрон ба дини давлатӣ табдил ёфт. Дар баробари ин аввалин таъқиби насрониҳо ба амал омад, роҳбари таълимоти монавия - Монӣ ба қатл расонида шуд.

Ҳангоми юришҳои ҳарбӣ аз асрҳои III то VI шоҳони Сосониён Шопури I, Шопури II, Хусрави I шумораи зиёди насрониёнро аз ҳудуди империи Рим ба Хузистон ва вилояти Тайсафун кӯчонданд. Ба ин муносибат дар Эрон дини насронии зидди халкедонӣ пахн шудан гирифт.

Вазъияти насрониҳо дар Форс бо ба сари ҳокимият омадани император Константини Бузург ва аз тарафи ӯ рӯ овардан ба дини насронӣ ба таври назаррас бадтар шуд. Шох Шопури II гумон овард, ки тобеони масеҳии ӯ дар ғарб бо ҳаммазҳаби худ ҳамфикрӣ доранд ва ин боиси таъқиби ҷиддии калисо гардид. Дар охири давраи подшоҳии Яздигурди I ва ибтидои салтанати Баҳроми V тақрибан соли 420, инчунин дар замони Яздигурди II дар солҳои 446-448 таъқиботҳои назаррас ба вуқӯъ пайваст [6, с.49]. Аммо новобаста аз ин дини насронӣ дар тамоми сарзамини давлати Сосониён пахн шуд ва дар ҳамаи шаҳрҳои калон епископҳо мавҷуд буданд. Муҳимтарин нишони муттаҳидшавии ҷамоатҳои насронӣ Калисои Шарқ буд, ки онро шоҳ Яздигурди I эътироф кардааст. Дар замони Хусрави II аксарияти аҳолӣ насрониёни калисои несториёни Шарқ ва калисоҳои монофизитҳои Сурия ва Арманистон буданд.

Ҳамин тариқ, дар муносибати байни ду давлати бузург – империяҳои Сосониён ва Рим ду тамоюл мавҷуд буданд. Аз як тараф муносибати байни онҳо хусусияти зиддиятнок дошта бошад, аз тарафи дигар дар ин масъала оромӣ ба назар мерасид, ки ин махсусан ба соҳаи тиҷорат алоқамандӣ дошт.

Адабиёт:

1. Брок С. Христология Церкви Востока // Вестник древней истории. — 1995. — № 2 (213). - P. 39-53.
2. Геродиан. История императорской власти после Марка. Комм. М. Ф. Высокого. Отв. ред. Л. П. Маринович. (Серия «Классики античности и средневековья»). - М., Росспэн, 1996. - 272 с.
3. Дашков С.Б. Цари царей – Сасаниды. – М.: СМИ-АЗИЯ, 2008. – 352 с.
4. Дьяконов М.М. Очерк истории древнего Ирана. - М.: Изд-во вост. лит, 1961. – 234 с.
5. Заболотный Е. А. Сирийское христианство между Византией и Ираном. — СПб.: Наука, 2020. — 406 с.
6. Колесников А.И. Гонения на христиан в доисламском Иране // Православная энциклопедия. - М., 2006. - Т. XII: «Гомельская и Жлобинская епархия — Григорий Пакуриан». - С. 49-50. - 752 с.
7. Колесников А. И. Иран в начале VII века // Палестинский сборник— Л.: Наука. Ленингр. отд-ние, 1970. - Т. 22 (85). - 144 с.
8. Луконин В. Г. Иран в эпоху первых сасанидов. - Л., 1961.
9. Пигулевская Н.В. Византия и Иран на рубеже VI-VII вв. / Отв. редактор акад. В.В. Струве. - Труды института востоковедения. - М.-Л.: Издательство Академии наук СССР, 1946. - Т. XLVI. — 291 с.
10. Пигулевская Н.В. Месопотамия на рубеже V-VI вв. н. э. Сирийская хроника Иешу Стилита как исторический источник / Отв. редактор акад. И.Ю. Крачковский. - Труды института востоковедения. - М.– Л.: Издательство Академии наук СССР, 1940. - Т. XXXI. - 176 с.
11. Прокопий Кесарийский. Тайная история. Война с персами / Пер., ст., комм. А. А. Чекаловой. Отв. ред. Г. Г. Литаврин. - М.: Наука, 1993. — 570 с.
12. Успенский Ф.И. История Византийской империи. – М.: Мысль, 1996.

SASSANIAN ARTIFACTS DISCOVERED AT THE FORT OF PETRA-TSIKHISDZIRI

Dr. Emzar Kakhidze *– Professor of the Batumi State University, Head of the Batumi Archaeological Museum – Ajara Museums*

Petra-Tsikhisdziri, one of the prominent monuments of the tangible culture of the eastern Black Sea coast, located in Kobuleti Municipality, close to city of Batumi. This fort was erected by order of Emperor Justinian (527-565) in 30^{s} of the 6th century AD on the southern frontier of the kingdom of Egrisi, Byzantine Lazica, modern western Georgia.

On the territory of this fort archeological constructions of various periods have been traced. One of the interesting of archaeological evidence found there is related to events of the Lazica War or Great War of Egrisi (541-562) which can be said to be one of the crucial strategic areas of the civilizational confrontation of the world at that time.

On the first stage of the war, Lazi, offended by the Byzantines, supported Persians which gained Petra in AD 542. The Byzantines made his return only with the help of the reconciled Lazi and their

ethnically related people, Tzani (the ancestors of the Lazians living in presentday Turkey, who took this name because of certain political insinuations since the 10th century AD), after bloody battles in AD 551, and in order to prevent the enemy from capturing this extremely important fort, its walls were thoroughly demolished.

In this ruined fortification, to be exact to the southern part, on the area of the 5th tower coins and iron artifacts, mostly weapons and equipment were found in 2018.

Traces of significant destruction and fire indicate that during military operations the southern wall of the tower was broke away from the fortification and sloped to the south. The guards died as a result of destruction and fire.

The most important role in dating and determining the belonging of this hoard is assigned to the coins found here. Totally the 98 silver Sasanian coins were found in this tower. Earliest ones are minted by Peroz I (458-488), and the latest specimens are issued under the name of Khosrow I (531-579).

The list of other found items are: helmet, plates of cuirass, chain mails, umbo of shield, spearhead, three-bladed arrowheads, cores, knife, base lard and three swords. Six local iron axes also have been found in the tower. A large number of iron sickles attract the attention. Sickle was a necessary and indispensable tool, because during long sieges, horses needed to be fed.

ПРАЗДНИК НАВРУЗ В СОВРЕМЕННОЙ КУЛЬТУРЕ КАРАКАЛПАКОВ

Курбанова З.И. *– Каракалпакский научно-исследовательский институт гуманитарных наук Каракалпакского отделения Академии наук Республики Узбекистан (г. Нукус). Заведующий отделом этнографии, доктор исторических наук, старший научный сотрудник. Тел.: 9989747477124 e-mail: sapphire71@mail.ru*

Взаимодействие между различными этническими группами с древнейших времен до наших дней сыграло большое значение в формировании уникальной культуры каракалпаков. Особую роль в нем отводилось контактам с казахским, ногайским, туркменским и узбекским этносами, оказавшими существенное влияние на развитие традиций и обрядов каракалпаков. Разнообразные культурные влияния как индоевропейских и восточноиранских, а затем древнетюркских племен, так и более поздних сообществ, привели к смешению и частичному объединению культурных практик, что отразилось в сфере духовной жизни, включая праздники. Особое значение для народов Центральной Азии имеет древний иранский праздник Навруз, который синтезировал в себе культурное наследие нескольких цивилизаций.

У тюркоязычных мусульман Передней и Средней Азии этот праздник возник благодаря их предкам, особенно, огузским племенам, подвергшимся сильному влиянию иранской культуры. Вместе с элементами иранского языка и культуры они также восприняли празднование Нового года - Навруз.

Различные народы отмечали Навруз по-разному, однако, все видели его как праздник возрождения природы, праздник жизни и надежды на щедрый на урожаи год. Для народов Средней Азии начало нового года по солнечному календарю совпадает с днем весеннего равноденствия. В этот день отмечается праздник Навруз. Средневековый автор Наршахий утверждал, что со времени появления этого праздника «минуло более трех тысяч лет» (6, с. 140). Современные исследования, основанные на археологических находках, указывают на то, что истоки этого праздника уходят в период неолита (8, с. 14-17). Великий мыслитель Востока Абу Райхан Беруни писал, что Навруз в древние века возник среди ираноязычного населения, но в дальнейшем получил широкое распространение на всей территории Передней и Средней Азии. В его работе мы находим очень интересные сведения о подготовке к празднованию Навруз. Например, что за 25 дней до Навруза в каждом доме возводили 7 невысоких колон из сырого кирпича, на которых выращивались 7 видов зерновых. Считалось, что семена той культуры, которые проросли быстрее других, обещали богатый урожай в новом году. И большая часть полей засевалась именно этими зерновыми (3, с. 212).

Существуют интересные факты о дате проведения празднования Навруза. Так, исследователь Диваев отмечал, что у казахов с празднованием Навруза связаны три даты: 1 марта- древний общеказахский, 9 марта – персидский и 12-13 марта – Казыбек Наурыз, по имени казахского астронома, который по-новому исчислил приход нового года. Чаще всего Наурыз отмечали в день весеннего равноденствия 21-22 марта (7, с. 478). У туркмен последним днем зимы считается 22 февраля. Этот день отмечают как шаруалар Наурызы – Навруз скотоводов. Между 17-22 мартом отмечают Навруз земледельческий (5, с. 354-355). Каракалпаки и узбеки проводят Навруз 21-22 марта. Начиная с этого времени проводятся земледельческие работы. У каракалпаков, Навруз также рассматривается как праздник начала нового года (4, с. 6).

В Каракалпакстане к Наврузу тщательно готовятся и празднуют его в течение месяца. Обычно перед праздником приводятся в порядок дворы, улицы, свои дома, хозяйственные постройки, а также заготавливали продукты питания для ритуальных блюд. Накануне праздника в обществе царит приподнятая доброжелательная атмосфера, и люди стремятся быть благородными и щедрыми.

В семьях расстилается дастурхан, символизирующий изобилие и достаток. Разнообразие пищи на этом столе, согласно древним поверьям, должно было обеспечить благоприятный и плодородный год.

В преддверии Навруза обязательно готовится ритуальное праздничное блюдо - сумаляк. Это слово происходит от древнетюркского «сума», что означает пророщенную пшеницу или просо (1, с. 447). Сумаляк считался в народе обрядовой, священной и лечебной пищей, способствовавшей умножению рода. Так, Г.П. Снесарев, касаясь данного обряда среди узбеков Хорезма, пишет: «Основная цель обряда - достижение плодородия и благосостояния в текущем году - четко прослеживается во всех материалах. Поев сумаляка, будешь многодетной; детей будет столько, сколько крупинок в сумаляке; будет во всем обилие и богатство, все участницы сумаляка достигнут долголетия. Следует обратить особое внимание на то, что приготовленным сумаляком, как правило, оделяют бесплодных женщин» (9, с. 212).

У каракалпаков также принято готовить в преддверии праздника сумелек. Считали, что особенно отличающимся по качеству сулемек делают в Чимбайском, Ходжейлийском, Кунградском районах. Сумелек готовят из осенней пшеницы, поскольку при использовании летнего урожая пшеницы его вкус не будет таким насыщенным. Обычно заранее выбирают дом, в котором будет приготовлен сумелек, и начинают готовиться к процессу. Семьи, участвующие в приготовлении сумелек, должны предоставить пшеницу, сахар, масло, дрова и другие необходимые предметы, каждый вносит свой вклад.

Приготовлением сумелек руководила опытная и уважаемая женщина, которой помогали еще шесть участниц. Для подготовки сумелек использовали 25-30 кг пшеницы, которую заранее проращивали. Пшеницу очищали, веяли и промывали в теплой воде, затем помещали в мешок и дважды в день обрызгивали водой. Когда начинали появляться ростки, пророщенную пшеницу раскладывали на фанеру. Для успешного процесса проращивания помещение должно было быть теплым. При соблюдении всех этих условий пшеница прорастала за 7 дней, в некоторых случаях максимум за 12-14 дней. (4, с. 11).

Перед началом приготовления сумелек, солод промывали и мололи в ступе. Появившуюся при этом сок пшеницы разводили водой, затем отправляли в смазанный маслом казан. После чего добавляли муку смешанную с перемолотым просом, для того, чтобы сумелек загустел и приобрел коричневый цвет. Чтобы сумелек не пригорал в него кладут несколько грецких орехов или гладких камней. Тот, кому при разливе сумаляк попадет камень будет счастливым по поверьям каракалпаков. Готовится сумелек сутки.

Приготовление сумелек сопровождалось целым рядом магических приемов. Так, женщины участвовавшие в его варке перед началом процесса приводили себя в порядок, купались, причесывали волосы, одевали праздничные наряды. Перед началом варки в доме готовили и

жарили ритуальные лепешки ийис. Этот обряд называется ийис шыгарыу. Проводился для поминовения усопших и в честь покровительницы, святой Биби Фатимы (4, с. 12).

После приготовления сумелек его равномерно распределяют между участвующими семьями, которые угощают соседей и родственников. При этом те, кто принимал угощение, произносят слова благодарности: «Бахарден бахарге аман-есен шыкканымызга шукир, ендиги бахарлерге де аманлыкта жетискеймиз» (Благодарим что благополучно прожили этот год, пусть и наступающим год будет мирным и благополучным) и обмениваются добрыми пожеланиями друг с другом.

Обычно у каракалпаков, семьи, испытавшие несчастье, горе в приготовлении сумелек не участвовали. Возможно это связано с тем, что семьи, где произошло несчастье не могут принести в процесс приготовления позитивную энергию и благополучие.

Кроме сумаляк, каракалпаки традиционно готовят новогоднее блюдо - наурызлык гоже. При приготовлении этого блюда использовали семь видов круп: джугара, рис, пшеница, пшено, ячмень, маш, фасоль. Добавляют соль и сливочное масло. В состав наурызлык гоже всегда обязательно входили семь видов продуктов. Джугару, рис и маш принято было для гоже варить в цельном виде, их не дробили и не мололи; возможно, это связано с реликтами древних верований, связанными с культом плодородия (2, с.138).

Каждая семья стремилась приготовить как можно больше гоже, и старалась угостить возможно большее количество людей, так как существовало поверье, что от этого зависит хороший урожай и изобилие всех продуктов в наступающем году. Было принято угощать гоже и случайных путников. Только после того, как человек испробует наурыз гоже человек вступает в следующий год.

После этого празднование приобретало характер народных гуляний, проводимых в специально отведенных местах. Здесь организовывались разнообразные развлекательные мероприятия, такие как конские скачки ат шабыс и бараньи бои кошкар жарысы в сельских районах. В городах же проводились состязания по национальной борьбе - кураш, выступления канатаходцев и катание на качелях. Эти мероприятия придавали празднику Навруз особый колорит и радость, отражая богатое культурное наследие и традиции этого праздника.

В период с 1950-х по 1980-е годы в Каракалпакстане празднование Навруза проходило без значительной публичности. Со временем, начиная с 1960-х годов, в некоторых районах начали отмечать этот праздник скрытно из-за того, что он был признан религиозным и запрещенным. С начала 1991 года Навруз получил статус государственного праздника и стал широко и официально отмечаться в регионе.

В соответствии с Конвенцией об охране нематериального культурного наследия 2003 года, праздник Навруз был включен в Репрезентативный список нематериального культурного наследия человечества в 2009 году. Этот элемент был дополнен и расширен в 2016 году по совместной инициативе таких стран, как Афганистан, Азербайджан, Индия, Исламская Республика Иран, Ирак, Казахстан, Кыргызстан, Пакистан, Таджикистан, Турция, Туркменистан и Узбекистан.

Праздник Навруз имеет глубокое культурное и историческое значение для народов Средней Азии. И ныне этот праздник символизирует приход весны, обновление природы и начало нового года по астрономическому календарю. Навруз также отмечает единство семьи, дружбу, мир и процветание. Для народов Средней Азии Навруз является важным праздником, который отражает их культурные традиции, обычаи и историю.

Литература:

1. Аширов А., Зунунова Г., Саримсаков А. Календарные праздники, обычаи и обряды // Узбеки. Народы и культуры. М., 2011. С. 438-460.
2. Бекмуратова А.Т. Пища. Этнография каракалпаков XIX – начало XX века (материалы и исследования). Ташкент, 1980. С. 112-143.
3. Беруний Абу Райхон. Қадимги халқлардан колган ёдгорликлар. Танланган асарлар. Ж. 1. Тошкент, 1968.
4. Есбергенов Х., Есбергенова Т., Сейтмуратова Г. Наўрыз халқымыздың миллий байрамы. Нөкис, 1998.
5. Мурадов Р.Г. Особенности счета времени у туркмен // Туркмены. Народы и культуры. М., 2016. С. 348-355.

6. Наршахий Абу Бакр Мухаммад ибн Жаъфар. Бухоро тарихи. Тошкент, 1966.
7. Наумова О.Б., Сураганова З.К. Календарь и календарные праздники // Казахи. Народы и культуры. М., 2021. С. 473-489.
8. Ртвеладзе Э.В. Навруз- праздник счастья и благоденствия // Эхо истории. 2003. № 1. С. 14-17.
9. Снесарев Г.П. Реликты домусульманских верований и обрядов у узбеков Хорезма. М., 1969.

НИГОҲЕ БА БАЪЗЕ РАСМУ ОИНҲОИ ДАВРОНИ СОСОНӢ

Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *– доктор илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

Агар ба таърихи гузаштаи ҷомеа ва давлатҳо назар андозем мебинем, ки ҳар сулола ва ё давлат бо сохтори худ барои тамаддуни башарӣ кор ва амалҳоеро анҷом додаанд, ки бархе аз онҳо ёдоварданист. Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулолаи давлатдории Сосониён яке аз давлатҳое мебошад, ки он «аз тачрибаи Ҳахоманишиён ва Ашкониён» баҳра бурда, расму оини Зардуштиро дини ягонаи худ мешумориданд. Пешвои миллат, аз ҷумла роҷеъ ба давлатдории Сосониён чунин изҳори назар намудаанд: «Сосониён дар сиёсати давлатдории худ аз тачрибаи Ҳахоманишиён ва Ашкониён такя намоянд ҳам, аз ҳимояи динҳои мухталиф даст кашида, ба пуштибонии дини ягонаи зардуштӣ ва обод кардани оташкадаҳо рӯй меоранд. Зеро дар қаламрави Байнаннаҳрайн ва Осиёи Хурд ғайр аз дини зардуштӣ боз дину оинҳои мухталифи давр, аз ҷумла мазҳаби масеҳӣ, пайравони дини яҳудӣ, муътақидони оини бобулӣ, пайравони худоёни асотирии Юнону Рим нуфузи зиёд доштанд» [Раҳмонов 2006, с.72].

Тавре ки аз сарчашмаҳо маълум аст, дар ин давра таваҷҷуҳ ба забон, адабиёт ва фарҳанги анъанавии мардум зиёд ба чашм мерасид. Худи ҳамон осори бозмондаи он замон ба мисли тарҷума ва тафсири «Авесто» ба забони паҳлавӣ, «Динкард», «Бундаҳишн», «Ардовирофнома», «Ҷомосбнома», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Додистони Минуи хирад» ва даҳҳо рисолаҳо - чун андарзномаҳо, рисолаҳои динӣ, устураву афсонаву ривояту фарҳангҳо ва ғайра бар он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин даврон илму маърифат хеле рушд ёфта будаст [ниг.: Тафаззулӣ 1377; Исрофилниё 2019; Раҳмонӣ 2021].

Агар мо ҳамин осори боқимондаи даврони мазкурро аз назар гузаронем, оид ба расму оинҳои мардумию динии он замон маводи хеле арзишманди илмию адабӣ пайдо менамоем. Бунёди аслии баъзе аз ин расму оин ва маросиму ҷашнҳо ба мисли Наврӯз, Меҳргон, Сада ва ғайра моро ба гузаштаи дури Пешдодиён васл менамояд. Аз ин маълум мешавад, ки шоҳони Сосонӣ ба фарҳанги анъанавии аждодони гузаштаи худ арҷ мегузоштаанд.

Ногуфта намонад, ки сулолаи Сосониён маҳз дини зардуштиро дар тамоми қаламрави худ дини ягона эълон дошта, аз ин тариқ мардумро бо эътиқоду боварии мазҳабии зардуштӣ ба роҳи нек ҳидоят намуда, расму оинҳои дини зардуштиро густариш медоданд. Дар ин давра бахусус ба оташкадаҳо аҳаммияти ҷиддӣ медоданд ва бештари расму оинҳо ва маросиму ҷашнҳо дар атрофи ҳамин оташкадаҳо баргузор мешуд. Яке хислатҳои дигари шоҳони Сосонӣ ин буд, ки дар рӯзи ҷашнҳои миллии худ, ки ҳар моҳе иде доштанд, ба табақаи мухталифи ҷомеа ҳадяҳо медоданд. Шоҳони Сосонӣ, аз ҷумла Шопури 1 (241-272) дар ҳамаи самтҳои ҳаёти моддӣ ва маънавии давлатдории худ машғули ободкорию созандагӣ буданд, ки яке аз онҳо шаҳрсозӣ буд.

Аз сарчашмаҳо маълум аст, ки дар замони шаҳоншоҳии Шопури 1 инчунин, неруи низомии давлат баланд бурда шуда, сарбозони ин давлат ҳаматарафа обутоб ёфта, барои дифои кишвари худ ва ба душман зарба задан ҷони худро дареғ намедоштанд. Дар тули 20 сол байни давлатҳои Сосониён ва Румиён ҷангҳои шаддид сурат мегирифт, ки дар ин ҷангҳои шадид Сосониён пирӯз мешуданд, вале румиҳо низ ба бохти худ тан додан намехостанд. Дар натиҷаи ин ҷангҳои шадид румиҳо маблуғ шуда, Сосониён сарбозону сардорону ашрофони зиёди румиро асир гирифтанд. Бояд ёдовар шуд, ки асирон барои корҳои шаҳрсозӣ истифода мешуданд. Аз ҷумла, асирони румӣ дар сохтани шаҳри Гунди Шопур саҳм гузоштанд, ки то имрӯз ҳамчун сарчашаи нодири бостоншиносӣ нишонаҳои ин шаҳр боқӣ мондааст. Инро аз катибаҳои ин шаҳр низ метавон дид, аз ҷумла, дар катибаи «Нақши Рустам» ба он набардҳо ишора шудааст [муфассал ниг: Кристенсен 1385].

Бо вуҷуди боло рафтани мавқеи дини зардуштӣ барои он ки мардум дар ҳамбастагӣ зиндагонӣ намоянд, ба расму оин ва бовару эътиқодҳо монеъ намешуданд. Дар натиҷа дар даврони Шопури 1 шахсе бо номи Монӣ зуҳур кард, ки андешаи мутараққӣ дошт. Монӣ ба таблиғи дини худ «Дини монавия» машғул шуд. Дар бораи Монӣ ва дини ӯ ишораҳои сарчашмаю маъхазҳои таърихию адабӣ зиёданд ва агар мо бодиққат ба онҳо назар намоем, дармеёбем, ки ин шахсияти замони худ ба кайҳон ва мардум бо назари хос менигаристааст, ки ин ҳолат пайванд ба фарҳанги суннатии мардумӣ дорад. Дар натиҷа Монӣ ба дили ҳазорон одамон роҳ ёфта, асарҳои зиёд иншо намудааст, ки дар онҳо дар партави расму оинҳо аз панду андарзҳои мардумӣ хуб истифода шудааст. Вале мутаассифона фаъолияти Монӣ зиёд давом накард ва ӯ бо андешаҳои ҷолиби худ, ки оламро аз муборизаи равшанӣ ва торикӣ иборат медонист, аз дасти бадхоҳонаш ночор тарки диёр кард ва баъди баргаштанаш бо азият кушта шуд. Дар мероси бозмондаи Монӣ унсурҳои фарҳани анъанавии он замон ба назар мерасад, ки метавон дар оянда ба таври алоҳида омӯхт [ниг: Берунӣ 1990, с. 222-225; Рашшод 1990].

Ба гуфти устод Р.Раҳмонӣ дар даврони Сосониён низ ба расму оин ва маросиму ҷашнҳои бостонии мо ба мисли Наврӯз, гоҳанборҳо, Меҳргон, Сада, Исфандорҷашн ва ғайра тавақуҳи зиёд мешуд. Ин ҷашнҳои аз гузаштагони дури мо бозмонда баъдҳо низ ҳам дар осори навишторӣ ва ҳам дар байни мардум то имрӯз боқӣ монд, ки ҳама аз ҷониби Пешвои миллат ба таври хос эҳё гардид [ниг: Раҳмонӣ 2023].

Сулолаи Сосониён ба ҷашнҳои аз гузаштагон бозмонда аҳаммияти махсус медоданд. Онҳо тамоми сол идҳое доштанд, ки дар баробари созандагии кишвар ба русуму оинҳои аз пешиниён меросгирифтаи худ таваҷҷуҳ менамуданд. Муҳим он буд, ки таҷлили маросим ва идҳои анъанавиии онон бештар ба кишту кор алоқаманд буд. Ин шодиву хурсандии мардум бо кишту кору расму оинҳои мазҳабии зардуштӣ ва ташрифоти ашрофон дар якҷоягӣ сурат мегирифт. Шарқшиноси машҳур Артур Кристенсен дар ин бора ба таври зерин ёд намудааст: «Ҷашнҳои солиёнаи аҳди Сосониён умуман дорои сурати деҳқонӣ ва рустоӣ буда ва дар асл бо умури кишоварзӣ бастагӣ доштааст. Чун дини расмии Сосониён ин аёдро пазируфта буд, ҳангоми ичрои ҷашн аз як тараф маросими мазҳабӣ сурат мегирифт ва аз тарафи дигар ташрифот ва аъмоли хосе анҷом мешуд» [Кристенсен 1385, с. 122].

Яке аз маросимҳои хеле густурда ва ҷолиби даврони Сосониён ин барпо намудани маросими “бор” мебошад. Ҳарчанд ин маросим аз даврони Пешдодиён бозмондааст, вале Сосониён ба тарзи хоси худ барпо менамуданд. Дар айни замон ногуфта намонад, ки фолклоршинос Р.Раҳмонӣ дар мақолаи худ зери унвони «Бор», ки дар «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик» чоп шудааст, дар ин бора ба таври муфассал сухан гуфтаанд. Аз ҷумла, мавсуф менигорад: «Дар даврони Сосониён шоҳ дар рӯи тахти заррин қарор дошт ва тоҷи салтанатӣ аз занҷире ба болои сари шоҳ овезон буд. Тоҷ чунин ба назар мерасид, ки гӯё бар сари шоҳ қарор дорад. Ин оинҳо дар даврони нахустини сулолаҳои пас аз истилои араб низ, ки салтанати Сосониёнро сармашқи кори худ қарор медоданд, идома дошт. Ҳангоми баргузории маросими “бор” дар даробари Сосониён пардае миёни шоҳ ва борёб овезон буд. Пас аз он ки борёб ба маҳали таъини шоҳ мерасид, пардаро канор мезаданд» [ниг: Раҳмонӣ 2018, с. 668].

Ба гуфти профессор Р.Раҳмонӣ, ки дар асоси сарчашмаҳо ишора гардидааст, дар охирҳои давраи Сосониён ҳангоми таҷлили маросими мазкур аз толорҳои кохи Хусрав низ истифода мешудааст. Ёдовар шуданро лозим медонем, ки ин маросими ҷолиб ба тақлид ба Сосониён дар дарбори халифаҳои Умавӣ ва Аббосӣ низ ичро мешуд [муфассал ниг.: Раҳмонӣ 2018, с. 667-669].

Тавре медонем, Абулқосим Фирдавсӣ низ дар бораи расму оинҳои даврони Сосонӣ, бахусус ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргону Сада суханҳои нек гуфтааст, ки дар асоси таҷлили ин ҷашнҳо дар «Шоҳнома» устод Р.Раҳмонӣ зери унвони «Фирдавсӣ дар бораи Наврӯз, Меҳргон ва Сада андар «Шоҳнома» рисолае таълиф намудааст, ки дар бораи ин ҷашнҳо дар бахши «**Подшоҳии Сосониён»** нисбат ба қисмҳои аввал «Шоҳнома» бешар ишора шудааст. Р.Раҳмонӣ аз ҷумла чунин менависад:

«*Аз сабаби он ки дину оини Яздигурду Баҳром зардуштӣ буд ва барои онҳо оташ муқаддас ба ҳисоб мерафт; ҳамчунин ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргону Сада низ дар он рӯзгорон аҳаммияти вежае дошт; аз тасвирҳои Фирдавсӣ маълум мешавад, ки дар он замонҳо «айвон» кохи махсус (ҷашнгоҳ) будааст. Маҳз дар ҳамин «айвон» ҷашнҳои бостонии Наврӯзу Садаву Меҳргон баргузор мегаштааст. Фирдавсӣ ба ин нукта борҳо ишора мекунад.*

*Дар достони «**Подшоҳи Баҳроми Гӯр**», дар гуфтори «**Бозгашти Баҳроми Гӯр ба Эронзамин**» дорои аҳаммияти вежае будани ин ҷашнгоҳро, ки дар он ҷо оташкада низ вуҷуд дошт, шоир таъкид менамояд. Ҷашнҳо низ дар назди ҳамин оташкада баргузор мешуд. Мубадон ва дигар номдорони кишвар Баҳромро маҳз дар ҳамон ҷашнгоҳ «даст бар бар шуда» пешвоз мегиранд:*

*Чу шуд сохта кори **оташкада**,*
*Ҳамон ҷои **Наврӯзу ҷашни Сада**.*
Биёмад сӯи Озарободагон,
Худу номдорону озодагон.
***Парстишқунон пеши озар** шуданд,*
*Ҳама мубадон **даст бар бар** шуданд.*
Парсатандагонро бубахшид чиз,
***В-аз оташкада** рӯй бинҳод низ*» [Раҳмонӣ 2023, с. 33-34].

Хулоса, чуноне ки маълум гашт, сулолаи Сосониён ба расму оин, одату анъана, суннату маросим ва ҷашну идҳои миллию диннӣ таваҷҷуҳи хосае дошта, онҳоро дар ҳолатҳои даркорӣ бо шукӯҳу шаҳомати зиёде таҷлил мекарданд, ки маъмултарин онҳо Наврӯзу Мехргон ва Садаю Тиргон буд. Ҳар қадар, ки сарчашмаю маъхаз ва асарҳои таърихию адабии даврони Сосониёнрон бештар омӯзем, ҳамон қадар дар пеши назараи мо лаҳзаҳои ҷолиби фарҳанги миллию диннии мардумии мо шоистатар намоён мешавад, ки дар оянда метавон дар ин бора ба таври алоҳида рисолаю тадқиқотҳои илмӣ таълифу интишор кард.

Адабиёт:

1.Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва Пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ / Таҳияи М.Диловар. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 794 с.
2.Берунӣ Абурайҳон. Осор-ул-боқия. Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
3.Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давраи нав. Китоби 1, 2. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Китоби 1. – 704 с. – Китоби 2. – 416 с.
4.Иностранцев А.К. Древнейшие арабские известия о праздновании Науруза в Сасанидской Персии // Зап. восточ. отд. императ. рус. геогр. общества. Т.16. Выпуск 1. СПб., 1904. – С. 20-45.
5.Исрофилниё Ш. Адабиёти бостон. – Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – 352 с.
6.Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён / Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. – Теҳрон: Садои муосир, 1385. – 440 с.
7.Қосимӣ С. Наврӯзномаи Саъдӣ. –Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. -193 с.
8.Разӣ Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Эрони бостон. Теҳрон: Беҳҷут, 1371. – 734 с.
9.Раҳмонов Э. (Раҳмон Э.) Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
10.Раҳмонӣ Р. «Бор» // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷилди 3. Наврӯз ва ҷашнҳои дигар / Сармуҳаррир Н.Амиршоҳӣ. – Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2018. – С. 667-669.
11.Раҳмонӣ Р. Ҷашнҳои бостонии тоҷикон. Душанбе: Орбита, 2020. – 60 с.
12.Раҳмонӣ Р. Фирдавсӣ дар бораи Наврӯз, Мехргон ва Сада андар «Шоҳнома». Душанбе: МДМТ, 2023. – 112 с.
13.Рашшод М. Фалсафа ва таърих. Душанбе, 1990.
14.Тафаззулӣ А. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом / Бу кӯшиши Ж.Омӯзгор. – Теҳрон: Чопхонаи маҳорат, 1377. – 452 с.
15.Ҳазратқулов М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол. Душанбе: ЭР-Граф, 2012. – 484 с.

STUDY OF THE HISTORY OF SEMIRECHYE IN PRE-REVOLUTIONARY RUSSIAN HISTORIOGRAPHY

***Suteeva Kh.A.** – Doctor of Historical Sciences, Professor at Abai Kazakh National Pedagogical University, Almaty, Kazakhstan*
***Muratkazin M.M.** – Candidate of Historical Sciences, Associate Professor*

The Semirechye (Jetisu) is located in the southeastern part of Kazakhstan in the territory of the Almaty region, which is enclosed between Lake Balkhash and the Zailiysky Alatau mountain range. Among all the regions of Kazakhstan, Semirechye is the richest in natural attractions. In the plain part of Semirechye, there are wormwood fields, sands, and forests on the slopes. The name Jetisu comes from the seven main rivers of this region: Ili, Karatal, Bienen, Aksu, Lepsy, Bakan, and Sarkand.

It is one of the oldest centers of Central Asian civilizations. In the VI-XIII centuries, the territory was home to the Turkic Kaganate, the states of the Turgesh, Karluks, Karakhanids, and Karakitays. In the XIII

century, it was conquered by the Mongol-Tatars. Since the XVI century, the territory has been inhabited by the Elder zhuz of Kazakhs. From the mid-nineteenth century, it was part of Russia, and then (until 1991) - part of the USSR.

After the forced recognition of the Junior zhuz of Kazakhs' submission to the Russian Empire in 1730, the Russian government began a careful study of the newly annexed lands: the occupied territory, geography, distribution of zhuzes, numerical and tribal composition of the population, the peculiarities of their economic, socio-political development, and other issues related to the history of the Kazakh people.

The territories occupied by the 3 zhuzes of Kazakhs in the first half of the 18th century and their borders were first outlined by I.K. Kirilov - a prominent statesman, Russian geographer, and cartographer of the first quarter of the 18th century, initiator and first leader of the Orenburg expedition.

According to his data, the majority of the Kazakh population at that time was concentrated in the Southern, Central, and Northeastern regions of Kazakhstan.

He described it as follows: "... The winter pastures of the Elder zhuz are located on the sands of the southern coast of Balkhash, in Moyynkum, on the plains of the Talas, Shu, and Ili rivers, and the summer pastures are in the Tien Shan mountains and the Karatau mountain range. The borders of the Elder zhuz's summer pastures to the south, along the Chirchik and Aris rivers, reach the northeast of the Fergana Valley, bordering with the city of Tashkent, and along the Syr Darya river, they border with the neighboring cities of the Bukhara Khanate. The northern borders of the summer pastures, passing through the lands of Jetysu, border with the lands occupied by the Middle zhuz" [1, 234 p.].

The exploration of the Kazakh country, aimed at clearly identifying the potential opportunities that could be utilized by the Russian Empire economically, began in the second half of the 18th century. In the last quarter of the 18th century, the characteristics of the habitats of the 3 zhuzes of Kazakhs were described in the works of travelers such as I.G. Georgi, I.P. Falk, P.S. Pallas, members of the Second Academic Expedition of 1768-1774, which was sent by the Russian government to explore Kazakhstan, and in the works of the geographer, historian, local historian, and official of the Orenburg colonial administration P.I. Rychkov, who collected and published a large amount of information on the history of Kazakhstan at that time. The territory occupied by the Kazakhs, their borders, and geography were described in more detail among these travelers by I.G. Georgi - Johann Gottlieb Georgi, who in Russia was known as Ivan Ivanovich Georgi - a Russian and German medic, chemist, naturalist, ethnographer, traveler, professor of mineralogy, and academician of the Imperial Academy of Sciences and Arts.

According to I.G. Georgi: "The Kazakh steppes in the west stretch to the Ural River (in Kyrgyz - Zhayik); in the north to the line of Uy and Novaya Sibir or Esil and further from Tobol to Irtysh; in the east to the Surazy River, Khiva, further to Turkestan; in the southeast and south to the Syr Darya River, the Aral, and Caspian Seas. This vast steppe consists of open and dry plains, mostly sandy, occupied by the Little Horde in the west and southwest and the Middle Horde in the east and north; here are fewer fertile agricultural lands and even fewer forest lands. There is also a shortage of clean drinking water. In many rivers, the water is scarce or very salty, and there are few rivers with clean drinking water. Apart from the border rivers, the famous rivers are: Tobyl and Esil, flowing into the Irtysh, as well as Emba, Irgyz, and Torgay, the first one flowing into the Caspian Sea, and the others into the Aksakal River..." [2, 93 p.].

Regarding the territories occupied by separate Kazakh zhuzes, I.G. Georgi described it as follows: "Long ago, the Senior Horde was located to the south of other hordes in the Altai Mountains,... hence these Kyrgyz were called Altai Kyrgyz. Now this Horde migrates in the valley of rivers in the vicinity of Turkestan, a little further from Tashkent" [2, 95 p.].

According to Johann Peter Falk - a physician, naturalist, and director of the botanical garden at the Saint Petersburg Academy of Sciences: "The Buruts or Kyrgyz of the Great Horde live along the Tobol River, flowing opposite the Chu River. Here, hordes are often encountered, but since the discovery of the Jungar steppes, the Middle Horde rarely ventured into the Chu" [3, 50 p.].

Among the Russian explorers of the second half of the 18th century, Pavel Ivanovich Rychkov was the one who provided the most detailed description of the lands occupied by the 3 zhuzes of Kazakhs, their internal and external borders, settlements, and pastures. Years of studying the geography of the Southern Urals and Kazakhstan allowed him to write a work titled "Topography of the Orenburg Governorate" in 1752. In the appendix to this work, he included a map of the Orenburg Governorate, which also indicated the Kazakh lands. In

the same work, he described the location of the three zhuzes of Kazakhs as follows: "The people of the Elder Horde live beyond the other two hordes, the Little and Middle Hordes, which have submitted to the Russian Empire, namely near Tashkent on both sides of Turkestan along the Chirchik, Aris, and Kalyas rivers" [4, 51 p.].

The main reasons for the special and comprehensive study of Kazakhstan from a geographical point of view in the first half of the 19th century were:

1. The necessity to review and correct the factual material and information about Kazakh lands collected by Russian researchers in the preceding period.
2. The increasing interest of official institutions of the Russian state in this region for the purpose of its colonization.

The subordination of Kazakhstan to Russia was carried out by the government, primarily by the Ministry of War. Therefore, it is quite obvious that this ministry took direct participation in the geographical study of Kazakhstan, geodetic, topographic, and geological surveys of its individual regions, as well as in statistical descriptions of this region. Moreover, it is evident that summaries of military topographic service were published in military periodicals.

In the late 1830s, the Ministry of War initiated a large-scale statistical study of the country. The results of these studies were published in the collection "Materials for the Geography, Ethnography, and Statistics of Russia, Collected by Officers of the General Staff".

The establishment of the Russian Geographic Society (RGS) in Russia in 1845 gave a new impetus to geographical research in Kazakhstan. This organization made a significant contribution to the comprehensive geographical study of Kazakhstan alongside the official bodies of Russia.

Already in the second year of its activity, the RGS paid serious attention to the geographical study of the Kazakh steppe. In 1846, the RGS decided to study the materials on the geography of Central Asia and Kazakhstan preserved in the archives of St. Petersburg and Orenburg, and also requested manuscripts from them for the publication of works by several authors.

In the same year, at the initiative of geographer Y.V. Khanykov, the RGS Department of General Geography decided to create a new map of the Kazakh steppe with "alphabetical explanations" and began collecting the necessary materials for it [5].

In the late 1850s and early 1860s, Russia's policy in Central Asia underwent significant changes. If in 1856-1857 the tsarist government tried not to exacerbate the situation with the Central Asian khanates and even prohibited its scientists and travelers from crossing the borders of the Central Asian states, then in 1859 it merged its Syr Darya military line with the fortress of Verny (now the city of Almaty) and began to conquer the territory of Southern Kazakhstan, which was part of the Kokand Khanate. In the 1860s-1870s, it achieved its goal. In 1867, the Turkestan Governorate-General was formed with its center in Tashkent, which included the Syr Darya and Semirechye regions.

The conquest of Turkestan and the consolidation of tsarist dominance therein necessitated a profound and urgent study of this territory from a natural-geographical perspective. Firstly, the main goal was to determine the location of several geographical points in Central Asia and Kazakh lands; to take into account natural resources; to conduct geodetic measurements; and to compile geographical maps. Secondly, it involved defining the borders with neighboring states of Central Asia. Military-scientific expeditions organized by the Turkestan Governorate-General, the Ministry of War, and the Ministry of Foreign Affairs played a significant role in addressing these tasks.

In the 1860s, Russian officers A.F. Golubev, M.I. Venyukov, A.P. Protsenko (1863), M. Putinsev (1865), and V.A. Poltoratsky (1867) traveled along the Zhetysu region [6, 150 p.].

By the 1860s, Kazakhstan's subordination to Russia was completed, and Kazakh land became an internal colony of the Russian Empire. After the leading edge of colonization reached the borders of the Middle Horde, the Russian government aimed to strengthen its power in the region. Hence, there arose a need for comprehensive geographical studies of these areas and the determination of their natural resources. This marked the beginning of a new functional period of studying Kazakhstan in Russian historical science.

From 1860 to 1917, Russian historiography collected extensive material on the geography, fauna, and flora of Kazakh land. The scale and depth of the study of these issues varied.

In the 1960s-1970s, works by M.I. Mikhailov [7], N.I. Krasovsky [8], and G. Konarzhevsky [9] dedicated to the study of Kazakhstan were published.

Among other military-statistical and geographical surveys considering various regions of Kazakhstan, N.I. Krasovsky's review "The Area of Siberian Kyrgyz" stands out. In this three-volume complex work consisting of 1156 pages, N.I. Krasovsky compiled over 30 tables, 5 maps, and introduced many new data into scientific circulation.

During this time, fundamental research on the geographical study of Kazakhstan also began to be published. M.I. Venyukov (1832-1901), a renowned researcher of Kazakhstan and Central Asia, and the scientific secretary of the Russian Geographic Society, Colonel of the Russian General Staff, made a significant contribution. His valuable articles such as "Notes on Steppe Campaigns in Central Asia" [10] and "Materials for a Military Survey of Russian Borders in Asia," [11] as well as his fundamental monographs like "Experience of a Military Survey of Russian Borders in Asia" [12] and "Outline of the Political Ethnography of Countries between Russia and India" [13] published in the second half of the 19th century in the Russian military press, were dedicated to the problems of Kazakhstan's history.

The research conducted by M.I. Venyukov on many regions of Kazakhstan was part of the state program of the Russian Ministry of War for the statistical description of colonial outskirts. Venyukov differed from his predecessors, such as G.F. Gens, V.M. Vasilyev, I.F. Blaramberg, L. Meyer, and N.I. Krasovsky, in that his studies covered a larger part of the territory of Kazakhstan, not just individual regions. His surveys were not limited to the administrative division of Kazakhstan into regions; he conducted statistical studies of the region by individual border areas, including the territories of neighboring states.

Venyukov began his research after administrative reforms in Kazakhstan in 1868 when the boundaries of the regions were defined. His reviews included physico-geographical sketches with descriptions of topographic features, economy, ethnographic composition of the population, and administrative-political structure. He used materials from previous researchers, verifying their information and comparing it with the latest data.

According to his research, the 8th Jungar District included "a part of the Semipalatinsk region east of the road from Semipalatinsk to Sergiopol and a part of Semirechye adjacent to the Sergiopol district - Kopaly and Verny, that is, a large territory from the beginning of the Bukhtarma to the headwaters of the Tekes River. The description of the 9th Gorno-Turan District included the southern regions of Kazakhstan, the Pamirs, and the Tien Shan" [11, 230 p.].

The structure of the review was largely uniform for all districts. It included a physical-geographical overview with a complete description of the topographic features of the land and mountains, valleys, rivers, weather, animals, and plants of the district. Communication routes, the economy of the region, the ethnographic composition of the population, and the administrative-political structure were also shown, thus corresponding to the general structure of statistical descriptions of governorates and regions of Russia.

The military-statistical descriptions of individual regions of Kazakhstan, compiled by M. I. Venyukov, were primarily necessary for the needs of the Ministry of Defense, which naturally required the author to provide the most accurate representation of the information. Therefore, all available materials on Kazakhstan were used by him to the fullest extent possible.

In the bibliography of the review, M. I. Venyukov mentioned more than 60 authors who wrote about Kazakhstan and Central Asia, which formed the basis of his research. These include Yakinf, K. Ritter, Sh. Sh. Ualikhanov, A. I. Levshin, A. Vambery, G. N. Potanin, and other researchers. In writing this study, he also utilized reports from reconnaissance expeditions conducted up to that time.

Alongside M.I. Venyukov, the Turkestan region was also studied during this time by the Russian scientist and geographer A.I. Maksheyev. In his works "Geographical Data of the 'Big Map' about the Kyrgyz Steppes and the Turkestan Region," "Journey through the Kyrgyz Steppes and the Turkestan Region," and "Geographical, Ethnographic, and Statistical Materials about the Turkestan Region," published in the 1870s and 1890s, he provided a comprehensive geographical description of the entire Turkestan region and the Kazakh steppe.

Towards the end of the 19th century and the beginning of the 20th century, the description of the general territory occupied by the Kazakhs was provided in the works of N.A. Aristov and K.K. Abazy. The renowned pre-revolutionary ethnographer N.A. Aristov, in his book "Notes on the Ethnic Composition of Turkic Tribes and Peoples and Information on Their Population," published in 1897, wrote about the lands inhabited by the Kazakhs: "This people (i.e., the Kazakhs) is second in population among Turkic peoples (the

first place belongs to the Ottoman Turks), and in terms of land area, it ranks first, since their lands stretch from the Mongolian Altai to the mouth of the Amu Darya and the Caspian Sea, and from the Western Tien Shan to the Ural Mountains" [14, 21 p.].

In 1902, the military historian K.K. Abaza defined the boundaries of Kazakh lands as follows: "An area equal to half of European Russia, vast valley lands from the banks of the lower Volga to the Tarim River, and from the mouth of the Syr Darya to the Irtysh River are occupied by Kyrgyz settlements, which have lived here since ancient times" [15, 24 p.].

At the beginning of the 20th century, targeted geographical research in Kazakhstan continued. V.I. Lipsky studied the rugged areas of Russian Turkestan, including the vast Tian Shan region and its forest vegetation [16].

Among the regions of Kazakhstan, Semirechye emerged as the most geographically studied in Russia. "The area of Semirechye is 346,960 square versts, which is equal to the combined area of Romania, Bulgaria, and Serbia (their total area is 329,320 square versts). It borders the core regions of Turkestan to the south and west, the steppe regions of Siberia to the north, and Mongolia and China to the east. It is a country with great prospects, where cultural life has only begun to flourish, transportation routes are very poor and sparse, and it is predominantly inhabited by nomadic peoples," described the geographical indicators of Semirechye in the work "Semirechye Region as a Colony and the Role of the Chu Valley in it," authored by V.V. Vasiliev, an engineer from the Semipalatinsk district involved in the project to irrigate the steppe with water from the Chu River [17, 35 p.].

In the same book, he provides an excellent description of the nature of the Semirechye region: "mountain ranges covered with snow and forests; in the foothills, vast, boundless yellow-gray desert expanses with sparse vegetation, scorched by the heat of the southern sun; large rivers flowing in the desert under the scorching sun; small rivers in the mountain ranges; ...the largest lakes in the world; severe seismic phenomena - such unexpected extremes characterize the Zhetysu" [17, 36 p.].

In the early 20th century, scientific articles by N.Ya. Konshin [18], A.P. Kuplas [19], A.N. Kuropatkina [20], and M. Lovitsky [21] were published, along with fundamental works by V.I. Lipsky [16] and V. Mazurenkov [22], dedicated to the study of the geography, minerals, weather, flora, and fauna of Semirechye.

Summarizing the study of Semirechye in Russia from the 18th to the early 20th centuries, it can be confidently stated that pre-revolutionary Russian historiography achieved many successes in the geographical exploration of Kazakh lands. Certainly, these studies are crucial for gathering information about Kazakhstan in Russia. However, it is important to note that these investigations were primarily conducted with the aim of utilizing this region as a colony.

References

1. I.K. Kirilov The Blossoming State of the All-Russian State. - Moscow, 1977. - 300 p.
2. J.G. Georgi A Description of all Peoples Living in the Russian State: Their Everyday Rites, Customs, Clothes, Dwellings, Exercises, Fun, Religion, and Other Consistent/ [Johann Gottlieb, Georgi]. - St. Petersburg, 1799. - 4 vol. - Vol. 3. - 160 p.
3. Reports of Academician J.P.Falk about the Kirghiz and Jungar Steppe // A Complete Collection of Scientists Traveling in Russia. - St. Petersburg, 1825. - Vol. 7. - P. 30-80.
4. P.I. Rychkov Topography of Orenburg Province. - St. Petersburg, 1862. - 120 p.
5. Y.V. Khanykov An Explanatory Note to the Map of the Aral Sea and the Khanate of Khiva with Its Surroundings. - St. Petersburg, 1840.
6. V.S. Tolochko Issues of the History of Kazakhstan in the "Materials for the Military Review of Russian Borders in Asia" by M.I. Venyukov. History (Kazakh University: Collection of Articles - Alma-Ata, 1973. - Iss.6. - P. 148-154.
7. M.I. Mikhailov Areas of the Siberian Kirghiz and Semipalatinsk // Literary Library. - 1867. - No. 1. - P. 36-50.
8. N.I. Krasovsky Area of the Siberian Kirghiz. - 3 vol. - St. Petersburg, 1868.
9. G. Konarzhevsky Essays on the Semirechensk Territory. - Kazan, 1901.
10. M.I. Venyukov Notes on Steppe Campaigns in Central Asia // Military Collection. 1860, No. 12. - P. 120-150.
11. M.I. Venyukov Experience of Military Review of Russian borders in Asia // Military Collection. St. Petersburg, 1871. Vol. 86. Part 1. - P. 215-241.
12. M.I. Venyukov Experience of Military review of Russian borders in Asia. - St. Petersburg, 1873–1876. Issues 1–2.
13. M.I. Venyukov Outline of the Political Ethnography of Countries between Russia and India. - St. Petersburg, 1877.
14. N.A. Aristov Notes on the Ethnic Composition of the Turkic Tribes and Information on their Numbers. - Saint Petersburg: Lan, 2014. - 178 p.

15. K.K. Abaza The Conquest of Turkestan. Stories from the Military. - Moscow: Publisher "Centrpoligraf", 2023; Series "History of Russia."
16. V.I. Lipsky In the Mountainous Regions of the Russian Turkestan (Tian Shan): (With 5 Plates of Phototyp. Drawings). - St. Petersburg: M. Stasyulevich's Printing House, 1906.
17. V.V. Vasilyev The Irrigation project of the Chi River Valley in the Semirechensk region. - Petrograd: Antique Books, 1915.
18. N.Y. Konshin Materials for the History of the Steppe Region // Memorial Book of the Semipalatinsk Region. - Semipalatinsk, 1900. - 54 p.
19. Kuplast A.P. Semirechensk Region. - Poltava, 1912. - 70 p.
20. A.N. Kuropatkin Semirechye // Military Thought. - Tashkent, 1912. - No. 1. - P. 250-270.
21. M. Lovitsky Mineral Waters of the Semirechensk Region. - Kazan, 1901.
22. Mazurenkov V. A Climatic Outline of the Semirechensk Region. Report on Meteorological Observations from 1906 to 1914. - Verny, 1915.

Аннотация:

Данная статья посвящена рассмотрению изучения русской дореволюционной историографией истории Семиречья с 1730 по 1917 годы. Показаны успехи, достигнутые русской дореволюционной историографией в изучении этого края, а также показана колониальная направленность этих исследований.

Ключевые слова: *русская дореволюционная историография, Семиречье, жузы, статистические, топографические, геодезические, геологические исследования.*

ҶАШНҲОИ СУННАТӢ - ҶАШНИ “САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА”

Эркаева Нигора Сафаровна *– профессори Донишгоҳи Шарқии Мичиган (ИМА), доктори илмҳои фалсафа (Иёлоти Мичиган, ш.Упсиланти, ИМА)*
Эркаев Сафар Абдулхайрович *– дотсенти кафедраи Археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», номзади илмҳои таърих, широкчии Иҷлосияи тақдирсози миллат ХУ1, 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. (93) 9222253;*
E-mail: safar.erkaev@mail.ru

«*Ҷашнҳои миллӣ, забони модарӣ, таърих ва фарҳангу тамаддуни бостонии худро гиромӣ дорем, онҳоро чун азизтарин сарвати миллӣ хифз кунем ва дар шароити ниҳоят мураккабу буҳрониш ҷаҳони муосир неъмати бузургтарини зиндагиамон – истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ҳимоя намоем”.* ***Эмомалӣ Раҳмон***[1,с.3].

Ҷашнҳои суннатӣ Наврӯзу Меҳргон, **Сайри гули лола,** Тиргону Сада ва идҳои Рамазону Қурбонро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳё карда, онҳоро бо иштироки озодонаи хурду бузурги мамлакат ва бо ифтихор аз таърихи беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик тақлил менамоем. Дар тӯли ҳазорсолаҳо ба мардуми шарқ чун омили иттиҳоду самҷамъӣ хизмат кардааст. Ин ҷашни фархунда ба қалби хурду бузурги ҷомеа умеду орзуи зиндагӣ, хушҳоливу сурур ва рӯҳияи ҳамзистиву осоиш бахшида, мардумро ба дӯстиву симимият ва муҳаббату садоқати инсонӣ нисбат ба ҳамдигар ҳидоят мекунад. Маҳз ба ҳамин сабаб ин падидаи асили табиӣ ва фарҳангӣ ҳаргиз куҳна намегардад ва дар ҳама давру замонҳо ҳамқадаму ҳамқисмати инсоният боқӣ мемонад. Дар таърихи мардуми ҷаҳон воқеа, ҷашн, маросимҳо, анъана, ҳодисаҳои таърихӣ бисёр аст. Яке аз онҳо ҷашнҳои мардумию давлатӣ, миллӣ ҳисобида мешаванд.

Пешвои миллат оиди ин масъалаҳо қад карданд: «Қабули зикр аст, ки тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардидаанд» [2,с.4]. Дар олам миллат ва халққое ҳастанд, ки бо тамаддуни пуршукӯҳи худ дар рангингардии фарҳанги башарият саҳми мондагор гузоштаанд. Дар қатори онҳо халқи тоҷик дар сархати ин миллатҳо ҷой дорад. Тамаддуни пуршукӯҳи тоҷикон давоми ҳазорсолаҳо дар рушду нумӯъ мебошад. Яке аз муҳимтарин бахшҳои тамаддуни гузаштаи марбут ба мардуми ориёиасл ҷашнҳои куҳан ва сурурбахшу рӯҳафзуни он ба мисли Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сайри гули лола, Нон, Асал, Картошка, Ангур, Харбузу Тарбуз, Каду ва Сада ба ҳисоб мераванд. Ҳар яке онҳо дар таърихи халққои Шарқ аз ҷиҳати мазмун ва моҳият таърих ва мавқеи худро доранд[3].

Яке аз ҷашнҳои суннатӣ "Сайри гули лола" мебошанд. Тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як шукӯҳу шаҳомати хоса доир намудани "Сайри гули лола" нишонаи арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихию фарҳанги халқи тоҷик буда мардумро бо корҳои ободонию сабзкорӣ ҳидоят мекунад. Лола зиёда аз 140 намуд дошта ,дар мамлакатҳои назди Баҳри Миёназамин,Осиёи хурд,қисми ҷанубиву аврупоии Федератсияи Россия як қисми камашон дар Олтой ва Япония паҳн шудаанд. Дар Осиёи Миёна 63 намуди лола парвариш меёбад, ки аз 48 намудаш дар ягон ҷойи дигар вонамехӯрад. Дар Тоҷикистон 24 намуди лола ҳамчун гули худрӯй вомехӯрад, ки 19 намуди он дар рӯйхати рустаниҳои нобудшуда истода ба "Китоби Сурхи Тоҷикистон" дохил шудааст. Аз ин миқдор 25 намудаш дар водиҳо ва кӯҳҳои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамоатҳои типи набототи биёбонӣ, ҷагалзорҳои мезофилӣ ва ксеорофилӣ, арчазорҳо ва даштҳои баландкӯҳ дар аз баландиҳои аз 400 то 3000 метр аз сатҳи баҳр мерӯянд. Ҳафт намуди онҳо ба гурӯҳи рустаниҳои эндимикӣ мансуб буда, танҳо дар қаламрави Тоҷикистон мерӯянд. Яъне, кишвари моро ба маънои томаш кишвари лолаҳо гуфтан лозим аст. Имрӯз сокинони Тоҷикистон бо эҳёи боз як анъанаҳои гузаштагони худ ба ҷаҳониён паём фиристода мегӯянд. "Тоҷикистон кишвари сулҳ, кишвари лолаҳо, кишвари ҳамаи гулҳост". "Сайри гули лола" ҷашнест, пур аз ифтихори миллӣ. Гузашта аз ин, баргузор намудани он дар баробари бедор намудани ҳофизаи таърихи, боз моро водор менамояд, ки нисбат ба сарсабзу шукуфон намудани ҳар ваҷаб хоки Ватан саъю талош варзем.

Гули лола рамзи саодат аст ва сайри гули лола эҳсоси фараҳу сурурро ба кас арзони медорад. Шукуфон намудани кӯчаю хиёбонҳо бо гулҳои зебои лола барои борои ҷалби сайёҳон низ ба домони Тоҷикистони азиз мусоидат менамояд[4]. Яке аз ин ҷашнҳо “Сайри гули лола”- ҷашне, ки зиндагиро ранги тоза мебахшад. Дар таърихи замони истиқлолияти кишвар хурсандиовар аст, ки дар ҳамин радиф бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, эҳёгари соҳибистиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни «Сайри гули лола» низ аз нав эҳё гардид ва боз мавқеву ҷойгоҳи хешро дарёфт. Гули лола - ифодаги меҳру муҳаббат, хурсандӣ, хурмату эҳтиром, зебогӣ, меҳрубонӣ, дилбардорӣ байни мардумон мебошад. Албатта, дар замони муосир тарғиби чунин оини пурғановат ва зебо зиндагии инсониятро рангину муаттар месозад. Гузашта аз ин, ташкил намудани иди “Сайри гули лола” барои худшиносии миллии мо такони ҷиддӣ мебахшад.

Он як навъ мероси бузурги гузаштагонамонро аз нав эҳёву тарғиб кардан ва ба наслҳои дигар ба мерос гузоштан аст. Ҳақиқатан ҳам таърих ҳаками бузургтарини замон аст, бо гузашта замонҳо ҳар як ҷашн, маросим, намудаҳои ҳаёт ва фаъолияти халқҳои қадим, саҳифаҳои санъати халқи тоҷик аз нав барқарор шуда, бо як тайёрии махсус ва бошукӯҳ ҷашн гирифта шуда истодааси. Ба таърихи ҷашнҳои мардумӣ эътибор диҳем, “Сайри гули лола”, дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, яке аз оинҳои бостонӣ ва хеле маъмули тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Он дар сарзамини Суғди бостон, водии Фарғона, Бадахшон, Бохтари қадим ва баъзе манотиқи дигар бо номи ҷашни "Гули сурх" баргузор мегардид.

Хушбахтона, бар асари ҳаводиси таърих ҷашни "Гули лола" ҳамчун ҷашни расмӣ аз байн нарафт, аммо дар байни мардум ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ вақт аз байн нарафтааст ва то ҳол дар қисмате аз навоҳии вилоятҳои Суғд, Хатлон ва қаламрави Афғонистон побарҷо боқӣ мондааст. Мо (муаллиф) аз солҳои мактабхони то ҳозира дар сайл иштирок карда меоянд[5,с.4]. Дар таърихи халқи тоҷик ҷашни "Гули сурх" - ро бори аввал донишманд, мардумшинос ва мутафаккири рус Элена Пешерева солҳои 20 – уми саддаи ХХ омӯхта, дастраси аҳли илм гардондааст. Мувофиқи таҳқиқи мавсуф, ҷашни "Гули сурх" маросими басо куҳан будааст ва тақрибан 4 - 5 ҳазор сол пеш дар қаламрави кишварҳои Осиё баргузор мегардид. Дар асоси маълумоти бадастомада дар даҳаи сеюми Фарвардинмоҳ мувофиқи анъана бо фарорасии шароити мусоид сарварони деҳу шаҳрҳо машварат ороста, рӯзи баргузории ҷашнро муайян мекарданд. Субҳи барвақт ҷавонон ба лолачинӣ мерафтанд, гурӯҳи дигар шохаҳои муносиби дарахти сафедорро мебуриданд, нисфирӯзӣ ҷавонон бо бастаҳои калони гули лола баргашта, гулҳоро ба шохаҳоибурида мебастанд. Дар натиҷа дастагулҳои азим ба вуҷуд меомад. Пас, ҷавонон дар ҳавои мусиқию тарона шохаҳои дарахтони пургулро ба базмгоҳ мебурданд. Дар базмгоҳ мардум ба пешвози лоладарахтон аз ҷой бархоста, то ғуруби офтоб суруду таронахонӣ менамуданд. Қабл аз ғуруби

офтоб иштирокдорон химчаҳои сабз дар дасту лолаҳои арғувонӣ бар сару бар, ба хонаҳои худ бармегаштанд. Бо фарорасии шаб мардум боз ба базмгоҳ рафта, машъал меафрӯхтанд ва дар атрофи шохаҳои дарахтони бо гули лола ороёфта базми бошукӯҳе барпо мекарданд.

Мо ҳар сол баъд аз хатми тълим дар мактабҳои № 15 (55) ва № 24 деҳаҳои Абдусамад ва Чиларчаи ҷамоати Саразми шаҳри Панҷакент 25 май бо роҳбари устодони мактаб аҳли мактаб ба кӯҳи Зарафшон лолачинӣ мерафтем. Дарҳақиқат, дар санадҳои таърихӣ, инчунин, омадааст,ки ҷашни "Гули лола" се рӯз давом мекард. Ҷавонон барои чидани лола рафта, рӯзи дигар занҳо яке аз сафедорҳои сершоху сербаргро интихоб мекарданд ва тамоми лолаи овардашударо бар тани он сафедороро медоданд ва баъдан рӯзи сеюм тамоми мардум бо ҳам ҷамъ меомаданд, сурудхонӣ ва рақсу бозӣ намуда, шодӣ мекарданд. Талабагони мактаб дар давоми як рӯз лола чида, баъд аз он ҷамъ омада, мусобиқаи варзиша, волейбол, шеърхонӣ, сурудхонӣ ва рақсу бозӣ намуда, шодӣ мекардем[6,с.181]. Ҳақикатан ҳам, ҳафриётҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки ниёгони мо ҳамасола ин ҷашни бузургро таҷлил мекарданд. Он бо номи "Антахтун" маъруф будааст. Тибқи боварҳои ниёгони мо, гули сурхи зебо, яъне гули лола *рамзи фариштаи рустанӣ* ва ҳомии тамоми набототу бахшояндаи рисқу рӯзии инсонҳост.

Маълумоти таърихию ҳафриётӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳанӯз аз қадимулайём мардуми шарқ, Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла тоҷикон ин ҷашнро - Сайри гули лола бо номҳои гуногун гиромӣ медоштанд ва он бо асолату ҳастӣ ва пиндору гуфтори неки тоҷикон якҷоя шуда, то ба замони мо расидааст. Таърих гувоҳ аст, ки таҷлили ин ҷашн бо гузашти вақт дар аксар кишварҳои қитъаи Осиёву Аврупо роиҷ мегардад. Дар кишварҳо ва минтақаҳое, ки гулҳои сурху зебо намерӯид, дар чунин маросим ҷойи онҳоро шохчаҳои сабзи арча, бед ва дигар дарахтон иваз мекарданд. Масалан, дар Британияи Кабир ҷавонон ба бешазор рафта, шохчаҳои дарахтонро шикаста, онҳоро бо гулу гиёҳҳо оро дода, ба деҳаи хеш меоварданд ва ҳамин тавр, ҷашн оғоз меёфт.

Бо гузашти вақт ва ҳаводиси таърих мардум ҷашни "Сайри гули лола" - ро фаромӯш карданд, аммо мардуми деҳаҳои водии Зарафшон мунтазам қайд карда меоянд. Аммо ҷавҳари асосии ин ҷашн ҷовидон боқӣ монд[6,с.179]. Агар таърихи кишвар эътибор диҳем, тибқи сарчашмаҳои бостонӣ, ҷашни "Сайри гули лола" тӯли ҳазорсолаҳо дар байни суғдиёну бохтариён ва балхиҳо вуҷуд доштааст, ки имрӯз он дар Тоҷикистон “Сайри гули лола”, дар байни ӯзбекон «Лола сайри» ва миёни тоҷикони Афғонистон ҷашни "Гули сурх" номида мешавад. Ҳоло иззат ва эҳтироми гули лола ва ҷашнҳои марбут ба онро дар байни мардуми шимолу ғарби Чин, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик мушоҳида менамоем. Бояд гуфт, ки ин гули зебо дар фарҳанги бостонии мо мавқеи намоён дошт. Ҳамин аст, ки аз устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда, қариб ҳама адибону таърихнигорони мо дар васфи ин рустанӣ-лола ва нақши он дар рӯзгори мардуми тоҷику ӯзбек шеъру нигоришҳои гуногун доранд.

Гули лола аз ҷумлаи аввалин гулҳои баҳорист, ки бо оғози фасли баҳор, соли нави миллии тоҷикон, дигаргуншавии табиат ва эҳёи зиндагӣ бар дашту даман мерӯяд. Лола рамзи ҳурмату эҳтиром, дӯстию рафоқат, меҳру муҳаббат, зебоӣ ва зебоипарастист. Хулоса, гашта-боргашта дубора эҳё гардидани ҷашни "Сайри гули лола", воқеан, ифтихори мардуми тоҷику ӯзбек аст. Ҷашнест пур аз ифтихори миллӣ ва ба ҳамдигар наздик шавӣ, дӯстии вакилони мардуми миллатҳои кишвар. Гузашта аз ин, баргузор намудани чорабинии “Сайри гули лола” дар баробари бедор намудани ҳофизаи таърихӣ, боз моро водор менамояд, ки нисбат ба сарсабзу шукуфон намудани ҳар вақаб хоки Ватан саъю талош варзем. Гули лола рамзи саодат аст ва сайри гули лола эҳсоси фараҳу сурурро ба кас арзонӣ медорад. Шукуфон намудани кӯчаю хиёбонҳо бо гулҳои зебои лола барои ҷалби сайёҳон низ ба домони Тоҷикистони азиз мусоидат намудааст.

Мо бояд ин ҷашнҳои суннатӣ ва ойину арзишҳоро ҳамарӯза риоя намоем, муҳити зист, яъне кӯчаву хиёбон, деҳаву маҳалли зист, шаҳру ноҳия, инчунин, роҳҳои кишварамонро ҳамеша тозаву озода нигоҳ дорем ва сарзамини аҷдодиамонро боз ҳам сарсабзу хуррам ва дилкашу хушнамо ардонем. Чунки ин корҳо нишондиҳанда ва баёнгари тамаддуни деринаи халқи тоҷик ҳамчун миллати ободгару созанда мебошанд.

Ин ҷашни фархунда ба қалби хурду бузурги ҷомеа умеду орзуи зиндагӣ, хушҳоливу суру рва рӯҳияи ҳамзистиву осоиш бахшида, маврдумро ба дӯстиву самимият ва муҳаббату садоқати инсонӣ нисбат ба ҳамдигар ҳидоят мекунад. Маҳз ба ҳамин сабаб ин падидаи асили табиӣ ва фарҳангӣ ҳаргиз куҳна намегардад ва дар ҳама давру замонҳо ҳамқадаму ҳамқисмати инсоният боқӣ мемонад.

Дар солҳои истиқлолият ҷашнҳои суннатӣ Наврӯзу Меҳргон, Сайри гули лола, Тиргону Сада ва идҳои Рамазону Қурбонро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳё карда, онҳоро бо иштироки озодонаи хурду бузурги мамлакат, меҳмонони хориҷӣ ва бо ифтихор миллати тоҷик таҷлил менамоем. Мо Ватани худро обод мекунем, боз бунёд мекунем, месозем ва ба наслҳои оянда як мулки обод мерос мегузорем. Мо бояд сидқан, фақат бо забон не, сидқан Ватанамонро дӯст дорем. Забону фарҳанги худро, ҷашнҳои суннатӣ, анъанаҳои миллии худро дӯст дорем. Ҳар сол дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз гузаронидани озмун ва фестивали гули лола ба анъана табдил ёфтааст. Аз тарафи мақомотҳои ҳокимияти давлати ва созмонҳои ҷамъияти ташкили кор. Муайян намудани ғолибон, ҳавасмандкунии онҳо боз ҳам инкишофи сайри гули лола меоранд. Барои ҳамин ҳам ҷашни “Сайри гули лола” яке аз қадимтарин ҷашни мардуми шарқ, аз он ҷумла тоҷикон ба ҳисоб мерафт.

Мо, мардуми шарафманду тамаддунсози халқи тоҷик дар қатори баргузории ҷашнҳои суннатӣ барои ҷавонони имрӯза, падарони муҳтарам, модарони азиз, шароит муҳайё кунем ба насли нав, ба наврасон, ба кӯдакон, ба наврасону ҷавонон шароит ва имконият диҳем, ки хонанд, илм омӯзанд, касб омӯзанд, ба ҳаёти мустақил тайёр шаванд, ҳунар омӯзанд, ки оянда ин Ватани биҳишосоро соҳибӣ карда тавонанд.

Адабиёт:

1. «Боҷу хироҷ» № 14 (1421) 4 апрели соли 2024.
2. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики»,(28.12.2023 года, город Душанбе). «Народная газета» № 1 (20438) 3 января 2024 года.
3.Суҳбат бо этнограф профессор У.Ҷаҳонов(30.01.2024).
4.Мулоқот бо дотсент И. Тӯрақулов(10.05.2023.).
5.Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.
6. Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.
7. Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.

ЛАШКАРДОРӢ ВА МАРЗБОНӢ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Ҷонибеки Асрориён *– дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дар сарчашмаҳо бо унвони Эроншаҳр ва бо номи сарсулола Сосон – мӯбади оташкадаи Аноҳита дар Истахр, зикр мешавад. Бунёдгузори давлат набераи Сосон - Ардашери Бобакон соли 224 охирин намояндаи Ашкониён Ардавони V- ро шикаст дода, ба тадриҷ сарзаминҳои Порт, Мод, Озарбойҷон, Арманистон, Сиистон ва Хуросонро забт намуд. Тавоноии давлати Сосониён ба замони Шопури I ва ворисонаш рост меояд. Дар аҳди Шопури I (242-272) марзҳои Сосониён паҳновартар гардида, то болооби дарёи Ҳинд (Синд) ва поёноби рӯди Ому (Хоразм) мерасад. Дар муқовимат бо Империяи Рим Сосониён сарзаминҳои Байнаннаҳрайн, Шом ва Қафқозро соҳиб шуданд. Ҳудуди давлат беш аз 4 млн. 600 ҳазор км. мураббаъро ташкил дода, бештар аз 55 миллион аҳолӣ дошт, ки тақрибан 18 фисади аҳолии кураи заминро ташкил мекард. Пойтахташ то забти араб шаҳри Тайсафун буд. Шоҳонаш худро аз дудмони Ҳахоманишӣ меҳисобиданд ва бо лашкаркашиҳои муваффақ марзҳои ононро дубора барқарор намуданд. Мисли империяи Ҳахоманишӣ дорои нишон буд ва парчамро Дирафши Ковиёнӣ ном мебурданд. Дирафш ҳамчун рамзи давлатдории ориёӣ аз даврони Ҳахоманишӣ, Ашконӣ ва Сосонӣ гузашта, ба дасти араб афтод ва пора шуд. [1]

[1] Онро аз замони Кова мешумаранд. Дирафш ба андозаи 5 м. ба 5,8м., аз пӯсти паланг ва ё шер будааст. Онро парчами се Империя медонанд ва дар ҷанги Қодисия ба дасти араб афтод ва ҷавоҳири онро ғорат карданд. Дар ҳама набардҳо чун рамзи озодихоҳӣ ва тавоноии давлат истифода мешуд.

Империяи Сосонӣ аз давлатҳои муқтадир ҷаҳони асримиёна ба шумор мерафт ва мувозинати қуввaҳоро бо империяи Рум нигоҳ медошт. Ва дар ҳудуди тақрибан 400 сол ба тавоноӣ ва бузургиаш ном дарёфта буд. Дар таърихи қадим муқовимати ду империя: Эроншаҳр ва Рум дар маркази диққат тулонӣ боқӣ мемонад. Сиёсати ду давлат сарнавишти ду қитъаро муайян мекард. Барои мисол, дар ду муҳорибаи бузург, дар нахуст Сосониён лашкари Румро торумор намуда буданд, ки император кушта шуд. Инчунин соли 260 шикасти Румиҳо ва асир афтодани император Валериан барои Сосониҳо аҳаммияти бузурги сиёсӣ ва равонӣ дошт. Ин падида дар ёдгории «Накши Рустам» ҳак шуда: Валериан дар назди Шопури I зонузада тасвир гардидааст. Дар асрҳои баъдина Шопури II (309-379) сарҳадди давлаташро васеътар мекунад. Дар натиҷаи бастани шарномаҳои соли 363 вилоятҳои Байнаннаҳрайн, қисматҳои асосии Арманистон ва соли 387 Арманистони Ғарбӣ, Гурҷистони Ғарбӣ, Картли (Гурҷистони Шарқӣ) ва Албанияву Иберия ба Эрон гузашта, волиёнаш аз амалдорони Сосонӣ таъин мешаванд.

Авҷи тараққиёт ва шукуфоии давлати Сосониён ба замони Хусрави 1 Анушервон (531-579) рост меояд. Дар даврони ӯ сарҳади мамлакат боз ҳам васеътар гардида, Яман низ тасхир мешавад. Дар ҳоле, ки муқовимати Сосониён бо Шоҳаншоҳии Кушонӣ, ҷомеаи Ҳайтолӣ ва дигар қабилаҳои Осиёи Миёна хомӯш нашуда буд. Хусрави 1 барои таҳкими давлат ва лашкардорӣ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронд, ки манфиатовар буданд. Аз низоми дурусти идорот ва адлу дод буд, ки номи ӯ ва вазири донояш Бузургмеҳр ба адабиёт роҳ ёфт. Анушервон бо тафаккури солим сари қудрат менишаст. Ба андешаи ӯ раъиятро бо сиёсат, лашкарро бо солор ва райъи савобро бо машварат метавон ба ростӣ ва дурустӣ анҷом дод.

Аммо авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба як аҳвол набуд. Дар замони Пирӯз моҷароҳои дарборӣ ва ҳаракатҳои мазҳабӣ боиси нооромиҳо мегардиданд. Дар аҳди Пирӯз (459-484) муқовимати Сосониён бо Ҳайтолиён боло гирифт. Дар ду муҳориба Сосониён шикаст хӯрданд. Дар набарди сеюм Пирӯз кушта шуд, ки воҳимаро миёни мардум ба вуҷуд овард. Дар замони пасин эътибори давлатдорӣ афзуда бошад ҳам, мубориза бо ҳамсоягон ва зуҳури туркон дар минтақа аз як тараф пояҳои давлатдориро сусту заъиф гардонду аз тарафи дигар моҷароҳои дарборӣ ва нуфӯзи хеле баланди диндорон омили аз миён рафтани империяи муқтадир гардид. Дар аҳди Сосониён дини Зардуштӣ ва мӯбадони он мақоми олиро дар ҷомеа ба даст оварда, соҳибсарват шуданд ва дар сиёсат нақши муҳим мебозиданд. Аз ҷумла муғпат Картир афзалиятҳои зиёд дошт. Бо истифода аз он мавқеи динро мустаҳакамтар кард ва шумораи маъбадҳои оташро зиёд афзуд. Маблағу маросими қурбониҳо дар итоати ӯ буданд. Дар замони шоҳаншоҳии Шопури 1 Картир маъбади бузурги оташро бино намуд ва дар аҳди Ҳурмузд Ардашер соҳиби "кулоҳу камар" шуд, ки нишонаи балантар гардидани мартабаи ӯ буд. Мӯбадон дар сиёсати давлатдорони Сосонӣ таъсири ҷиддӣ мегузоштанд. Бино ба навиштаи В.Г. Луконин, дар мағзи Шопур андешаи ғалатӣ давр мезад, ки барои тамоми Ғарб дини ягонае бисозад. Ин идеяро Картир пешво буд. "Мувофиқи маълумоти муаррихи бобулӣ Беросс Ардашери 11 муҷассамаи илоҳа Аноҳитаро барои эҳтиром дар Бобул, Шуш, Экбатон, Истахр, Бохтар, Димишқ ва Сардаҳ гузошт."[1] Бино ба пажуҳиши В.Г. Луконин, бо дастовардҳои пай дар пайи ҷангӣ нақша ва ғояи тоза: эроникунонии сарзаминҳои забткарда, ба ҷойи аввал баромад. Барои тезтар амали кардани ҳадафҳояш дар ҳар ҳаракаташ ба сӯйи марзҳои дигар Шопур мӯбадонро бо худ мебурд.

Дар муддати 400 сол бо сабабҳои ҷангу забткориҳо марзҳо борҳо тағйир хӯрданд. Ҳарчанд дар мубориза бо хиониҳо, кидориҳо ва гуннҳо ҳокимони сосонӣ сиёсати дурандешона мебурданд, вале шикасти Пирӯз дар пайкор бо ҳайтолиён боиси аз даст рафтани вилоятҳои Шарқии Марв гардид. Дар охири салтанати Сосониён, ибтидои асри VII 12 шоҳаншоҳ иваз гардида, Яздигурди V пеши роҳи истилои арабро гирифта натавонист ва соли 651 милодӣ давлати Сосониён аз байн рафт.

ЛАШКАРДОРӢ ВА МАРЗБОНӢ. Анӯшервон аз таҳдиди ҳамсоягон, бавежа Ҳоқони турк сарҳадди давлаташро, бино ба навиштаи Табарӣ, бо деворҳои паҳну мустаҳкаму баланди сангӣ ва қалъаҳои зиёда устувор карда буд. Ин имкон медод бо 5 ҳазор ҷанговари пиёдаю савора мамлакатро аз ҳамлаи лашкари азим ҳифз кунад. Дар осори арзишманди «Шаҳристонҳои Эрон», ки бо навиштаҳои Мусои Хуриёнӣ мувофиқат мекунад, аз хусуси бунёди шаҳрҳои истеҳкомдор маълумот меравад. Аз шахсияти ҳокимоне (sar-xvatad), ки шаҳрҳо сохтаанд, санад фаровон дорад. Тибқи он Эроншаҳр ба чор қисмат шудааст. Ин гуна тақсимот ҷавобгӯи талаботи қисмбандии ҳарбӣ буд ва ҳар самт

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон... –С. 110.

сипаҳбуди худро дошт. Чунин ислоҳот дар аҳди Хусрави I Анушервон ба вуқуъ пайваст. То ӯ тамоми Эрон як эронсипаҳбад дошт, ки аз назари ҳарбӣ тамоми кишвар итоаташ мекарданд. Аз ҷумла, дар ин манбаъ аз хусуси 5 манораи шаҳри Кумис сухан меравад. Кумис дижи бузурге буд, ки Яздигурди I бунёдаш намуд ва ба сифати истеҳкоми лашкари Эрон дар марзҳои шимолӣ истифода мешуд.

То ҳукмронии Анӯшервон, дар замони шаклгирии давлатдории Сосониён, дар Тахористон ва сарзаминҳои паҳновари атрофии он Кушониён ҳукумат доштанд. Ва ба андешаи В. Г. Луконин, шояд пас аз қарне онҳо ба Сосониён боҷ мепардохтанд. Ин нуктаро дар манбаъҳои дигар дармеёбем. Аз замони Шопур (243 – 273) катибае пайдо шудааст, мутааллиқ ба соли 262 мебошад. Дар он омадааст: «…Ман сарвари Эроншаҳрам ва соҳиби шаҳри зерин мебошам: Парфия, Хузистон,… Марв, Ҳирот ва тамоми Апаршаҳр, Кирмон, Сакистон, Тӯристон, Мукрон, Параден, Ҳиндустон, Кушоншаҳр то Пашкибур ва дуртар то Кеш, Суғд ва (кӯҳҳои) Чоч…».

Тавоноӣ ва сиёсати берунаи Шоҳаншоҳони Сосонӣ дар заминаи лашкари разманда побарҷо буд. Сипоҳи Эроншаҳр расман Артиши Рустам (Rostam Spahe) номида мешуд ва дар заминаи эҳёи лашкардории Ҳахоманишӣ ва бардошт аз низоми ҳарбии Ашкониён ба вуҷуд омад. Таърихи артиш ба ду давра қисмат мешавад: То ислоҳоти ҳарбӣ (аз Ардашер то Хусрави Анушервон) ва пас аз ислоҳот (аз ҳукумронии Анушервон то шикасти давлат). Дар аҳди Ардашер артиш аз қисмҳои алоҳидаи амалдорону волиён иборат буд, ки дар мавриди ҷанг гирд меомаданд. Яъне лашкари доимӣ вуҷуд надошт. Дар аҳди Нушервон сипоҳи доимӣ таъсис ёфт, ки натанҳо аз паҳлавонон, амалдорон, балки аз озодон ва деҳқонони хурди кишоварз ҳайати худро комил мекард. Ва либосу нигаҳдорӣ, афзори ҷангӣ, ғизо ва маош аз хазинаи шоҳ пардохта мешуд. Ба корҳои ҳарби аз наврасӣ ҷалб мешуданд. Баъди ислоҳот **Эронсипаҳбад** - фармондеҳи кулли лашкар худи шоҳ буд ва Сипаҳбадон - фармондеҳон аз тарафи шоҳ таъин мешуданд**.**

Мувофиқи маълумоте, ки дар даст дорем марзбонон - ходимони олимақоми давлатро сатрапҳо меномиданд.[1] Дар баробари ин Марзбон ё Каноранг-волиёни вилоятҳои хурд - Марзбандон пайдо шуданд, ки аз ҳисоби амалдорони оддӣ ва ҳарбиён буданд. Пуштибонсолор, сардори гурдони шоҳ – Гурдони Ҷовидон буд. Агар қаблан пиёданизомон буданд, акнун ба саворанизомон бадал шуданд. Артиш аз **radag (**радаг) – 10 сарбоз, **таҳм** (tahm) 100 сарбоз, **вашт** (wash) 500 сарбоз, **дирафш** («dirfs») ҳазор сарбоз, **гунд** («gund») 5 ҳазор сарбоз радабандӣ шуда, мутаносибан фармондеҳашонро **радабон, таҳмдор, ваштсолор, дирафшсолор** ва **гундсолор** мехонданд. Сарфармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳро **Артишдорон-солор** меномиданд.

Дар даврaҳои баъд саворагон (асворон) дар низоми ҳарбӣ нақши муҳим доштанд. Дар артиш филҳои ҷангӣ низ истифода мешуданд, ки пасон бо чанд иллат аз баҳраш гузаштанд.[2] Акнун нерӯҳои зарбазан вазнинборон – саворон (асворон) шуҳрат пайдо карданд. Дар амалиётҳои ҷангӣ Сосониҳо киштиҳоро низ истифода мекарданд. Муҳандисон дар бунёди иншоотҳо ва пулҳои муввақатӣ аз рӯдхонаҳо амалҳои солеҳ доштанд. Киштиҳо дар кашондани афзору аслиҳа, таъмини ғизо ва аз соҳил ба соҳил дигар бурдани сарбозон нақши муҳим мебозиданд. Ба навъе артиши дарёгард низ ба вуҷуд омад.

Дар замони Сосониён, дар баробари он чӣ гуфта шуд, дар тақсимоти кишвар 4 иёлати сарҳаддӣ мавҷуд буд. Ва барои ҳар як иёлате фармонравое мегумоштанд, ки **марзбон** унвон доштанд. Дар навиштаҷоти Шопури Саканшоҳ, яъне Шоҳи сакҳо, дар банди 8, дар Персепол ба тасдиқи сухани қаблӣ омадааст: «Фиристода аз ҳар тараф», ки чор иёлати сарҳаддӣ аст. Он ҷо истилоҳи **Patikos** вомехӯрад, ки аз музофот паҳновартар буда, чор самти Эронро мефаҳмонад. Ин чаҳор марзбон дар мартаба қарини хонаводаи салтанатӣ буданд ва мисли онон лақабу унвони шоҳӣ доштанд. Ва дар ҷойи дигари «Донишномаи Маздаясно» **Оргабаз** низ омадаву ба тариқи зайл маънидод мешавад: «**Ҳаргабаз**. Дар асл маънии як фармондеҳи қалъаи (Арг) мустаҳакамро дошта ва баъд унвони як мансаби муҳимми лашкарӣ шудааст. Ардашери Бобакон дорои ин мансаб буд. Ва чун ба подшоҳӣ расид, Аргабад лақаби махсуси хонаводаи салтанатӣ гардид ва олитарин мансаби лашкарӣ ба шумор рафт. «Муъарраби он Арҷбад шудааст». Навиштаи Фирдавсӣ аз посухи Тажов далели боътимоде хоҳад буд:

[1] Қадиёнӣ А. Фарҳанги тавсифии таърихи Эрон. – Ҷ.3. – С.1409.

[2] Дар ҳолати тир хурдан аз чашм ё хартум пилҳо ба ҷониби лашкари худ мегаштанд ва онҳоро поймол мекарданд.

Кунун марзбонам бад-ин ҷойгоҳ,
Гузини бузургону домоди шоҳ.

Дар радифи онон марзбонони қаторӣ ва фурӯтар аз он низ буданд, ки бар вилояти тобеъ, фармонравоӣ мекарданд. Ин нуктаро солномаи суриёнӣ, ки аз хусуси шикасти портиён ахбор дорад ва қудрати Ардашери Бобакон, аз ҷумла дар он тасдиқ мешавад, ки: «Ҳине ки форсҳо дар шаҳр ҳукмрон шуданд…ба ҷумлаи шоҳони шарқ пирӯз шуда, ба ҷояшон волиён ва марзбонҳоро таъин карданд».[121] Ёдгории паҳлави «Корномаи Ардашери Бобакон» аз хусуси се оташи муқаддас – Оташи Фароб, оташи дин ва хизматгоронаш, яъне коҳинон; Оташи Гушасп – оташи ҳарбиён, оташи артишгарон ва сипаҳбудон, «ғардун – аспворон ва лашкариён» ва оташи Бургин – Митҳри, ки барои вастриошан («варз кардан», «коркард, кишт» ва шудгори замин), яъне кишоварзу зироаткорон аст, маълумот медиҳад.

Дар баробари мӯбадон ашрофони ҳарбӣ низ мақоми худро дар низоми давлатдорӣ мустаҳкам карда буданд. Ҳарчанд, ки қисмати ҳарбиён аз табақаҳои миёна ва лашкари ёрирасон аз ҳисоби деҳқонон буданд.

Дар ин овон «…ҳукмронону фармонравоёни навоҳии мухталифи Эрон, бавежа салотини мамолике, ки муҷовири сарҳаддоти шарқӣ ва шимолӣ буданд, аҷаб лақабҳое ҳамроҳ бо номи **вароз** доштанд, монанди ҳукмравони Насо бо лақаби **Вароз**, ҳукмрони Ғарҷистон бо лақаби **Варозбандак,** ҳукмрони Ҳирот бо лақаби **Варозон.** Вароз ҳамон гуроз аст, ки дар аҳди қадим аломати зӯрӣ ва нерӯ будааст. Дар адабиёти пешин исми номдорон бо вароз дар робита будааст. Монои Варозбанда, Вароздот, Вароздухт, Варозпирӯз, Варозмеҳр, Варознарси ва ғ.”

Аз рӯйи маълумоти «Таърихи Табарӣ» ва дигар солномаҳои арабию форсӣ (ат-Табарӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Диноварӣ ва ҳаким Фирдавсӣ) пас аз муҳорибаи Сосониён бо ҳафталиҳо Баҳроми Гӯр (421 – 428) сарҳадро муқаррар карда, бародари худ Нарсиро ба Балх, бо унвони «Марзбони Кушон» фиристод, ки валиаҳди Балх буд. Бино ба навиштаи ҳаким Фирдавсӣ бурҷи сангин – ҳамчун аломати сарҳад дар соҳили рости рӯди Ому, наздикиҳои шаҳри Фороб гузошта шуд. Балъамӣ дар ин маврид менависад: «Ва Нарсии – бародарро ба расулӣ ба Хуросон бифиристод бо сипоҳ ва бифармуд, ки ба Балх бинишинад ва ҳадди турк донанд, то турк аз Ҷайҳун аз он сӯй, нарасад».

Вале пасон аз рӯйи маълумоти таърихнигорон Сосониён дар муҳориба бо Ҳафталиҳо шикаст хӯрданд. Ин падида дар солҳои ҳукмронии Пирӯз (453 – 454 милодӣ) рӯх дод. Дар ин набард ҳафталиҳо бисёр шаҳристонҳо, аз қабили Тирмизу Висагирдро баргардонда, ба сарзамини Сосониён ворид шуданд. Аз рӯйи навиштаҳои Б. Ғафуров дар такя бо манбаъҳои хаттӣ, дар солҳои 459 – 484 муқовимати Сосониён бо Ҳафталиҳо ба авҷи аълои худ мерасад. Дар ин муддат шоҳаншоҳи сосонӣ Пирӯз ду маротиба ба шарқ ҳуҷум оварда, шикаст мехӯрад. Дар ин даврон сарҳаддҳо ба дараҷаи зарурӣ посбонӣ мешуданд. Мувофиқи маълумоти Балъамӣ (тарҷумони «Таърихи Табарӣ»), соли 487 милодӣ миёни давлатҳо хатти сарҳад муайян карда мешавад. Манораи бузург аломати асосии марз буд. Ба қавли таърихнигорон дар муҳорибаи дуввум Пирӯз асир афтода, паймон ба шоҳи ҳафталиҳо Хушнавоз (Ахшунвар) баставу савганд хӯрда буд, ки то зинда аст, аз бурҷ намегузарад. Пас аз чанде, бино ба ахбори Табарӣ Пирӯз барои он, ки паймоншикан нашавад, амр медиҳад, ки бурҷро ба 50 пилу 300 сарбоз бибанданд. Онҳо бурҷро мекашиданду Пирӯз аз қафо бо лашкараш мерафт. Аз ин амали Пирӯз огоҳ шуда, Хушнавоз чора меандешад. Як қисмати лашкар бо ҳамроҳии Пирӯз ба чоҳи бузург афтида, кушта мешаванд.

Чуноне маълум аст, ҳандақ яке аз намунаҳои сарҳад аст. Дар ҳамин муҳориба сарбозони Эрон бо шоҳаншоҳ Пирӯз ба ҳандақҳои амиқи рӯпӯшида афтоданд. Дар бораи ин ҳандақи пуроби рӯпӯшида Прокопи Кесарӣ (Византия) низ маълумот медиҳад. Ин корнома барои шоҳони дигар сабақи муҳимми таърихӣ гардид. Ба қавли Прииски Понӣ ва Феофани Византӣ аз ин шикасти Пирӯз таассуроти амиқе дар аҳолии Эрон боқӣ монд. Ҳатто дар замони осоишта ягон нафаре наметавонист бо шуҷоат, бе тарсу ларз ба ҳафталӣ назар андозад ва ҳатто аз шунидани номи онҳо ба даҳшат меафтоданд.

Дар аҳди Шопур ва ворисонаш яке аз вазифаҳои муҳимми давлат бунёди иморатҳои истехкомдор: Диж, қалъа ва шаҳр-қалъаҳо ба шумор мерафт, ки қудрати ҳарбии сосониёнро намоиш медод. Ин дижҳо нуктаҳои ба ҳам омадани лашкари Сосониён буда, юришҳо аз ин ҷо ибтидо мегирифтанд. Чунончи Шопур I ба Хоразм ҳамла оварда, Гелон, Дайлам ва Гургонро забт кард. Ва он

ҷо низ дижҳо бунёд кард. Писараш Варахран бо унвони Гелоншаҳ, волии Гелон ва вилоятҳои назди баҳри Мозандарон (Каспий) буд.

Аз рӯи маълумоти солномаҳои суриёнӣ Шопури I дар сарҳадди шарқӣ бар Пахлечаки туронӣ пирӯз шуд ва дар он ҷо Навшоҳпурро бино кард. Пасон яке аз шаҳристонҳои зебое гардид, ки бо номи Нишопур шуҳрат ёфт. Маркази онро дижи истеҳкомдор, намунаи шаъну шуҳрати Шопур ва қудрати нерӯмандии Сосониён ташкил медод. Дар ин ҷанг Пахлечаки тӯр кушта шуд ва иқтидори давлати Шопур афзуд.

Пас аз устувор намудани сарҳадҳои шарқӣ Шопур ҳуҷумҳоро ба Рум оғоз кард. Ӯ дар юришҳо нахуст лашкари Валерианро шикаст дод. Дар ҷанг бо Император Валериан лашкари 70 ҳазора торумор ва ҳамаи фармондеҳон бо ҳамроҳии Валериан асир афтоданд. Дар юриши қаблиаш соли 244, ки тибқи ахбори солномаҳо нахустин буд, император Гордиан кушта шуд. Ин рӯхдод, ки дар адабиёти таърихӣ «бохти шармандавори румиён» унвон шудааст, обрӯ ва шуҳрати Шопуру Сосониёнро афзуд ва марзҳои давлат устувор гардиданд.

Муқовимати тулонӣ бо империяи Византӣ, моҷароҳои дарбор ва неҳзатҳои мазҳабӣ иқтисоди кишварро хароб кард. Гурӯҳҳои марказгурез нерӯи тоза пайдо карданд. Дар овони ҳамлаи араб ба сарзаминҳои ориёӣ бо вожаҳои **марзбонон** ва **асворон** вомехӯрем. Дар муҳре, ки дар Эрмитажи давлатии Руссия маҳфуз аст, В. Б. Ҳеннинг вожаеро бо унвони «асбаропат» хонд. Қисми авали калима, ба андешаи ӯ аз форсии миёна «асбар», яъне «савор» мебошад. Қисми дуюми калима аз «пат»-и форсии кӯҳан, ба маънои «соҳиб» омадааст. Саранҷом «асбаропат» на ном, балки унвон буда, «сардори саворон» маънидод мешавад.[125] (Дар адабиёти таҳлилӣ омадааст, ки асп аз решаи «Ас» ба маънии даванда ё тезтак мебошад. «Аспаборӣ» дар фурси бостон ба маънии нишаста бар асп аст, ки вожаҳои «асвор», «асворон», ва «савор» аз он реша аст».)

Дар яке аз геммаҳои кушонӣ номи соҳиб «харбалан» (яъне «харсавор») сабт шудааст. В. И. Лившитс таъкид мекунад, ки ин ном дар ду катибаи ҳиндӣ, ки аз Сарнатҳа (қарибии Банорас) ёфт шудаанд, вомехӯрад. Яке аз ин катибаҳо маълумот аз иморати ибодатгоҳи буддоӣ медиҳад. Дар байни донаторҳо ду сатрап **wanaspara** ва **khara-pallano** зикр мешавад. Шахси дуюм талаффузи номи ҳиндии касест, ки дар гемма сабт гардидааст, **vanaspara** бошад аз **wanaspar-** и бохтарӣ бар меояд, ки маънояш «зафардод» аст. Дар дуюмин катибаи **kharapallano** «Сатрапи аъзам» номида шудааст. Нек бингарем ҳар ду ҳам як сифату унвонанд, вале аз мавқеъ, мақом ва шуҳрату шони ҳарду далелу дастак ба марзбонӣ мебошанд.

РУСТАМИ ФАРРУХЗОД. Пас аз номи шоҳон аз ҷумлаи марзбонон аст, ки номаш дар таърих сабт шудааст – Фаррух писари Ҳурмӯз аз ватанпарастони давраи аввал буд, ки аз номаш Румиён дар таҳлука меафтоданду дар бисёр муҳорибаҳо пирӯз шуда буд. Бисёр ҷасур, огоҳ ва бохирад буд. Ва сипаҳсолории Хуросону Озарбойҷонро ба уҳда дошт. Ҳаводиси ғалатие дар муддати кутоҳ рӯх зад, ки ба суди давлатдории эрониён набуд. Пас аз кашмакашиҳои зиёди дарборӣ бо талоши Ҳурмӯз (падари Рустам) Озармидӯхт ба тахти эрон нишаст. Барои мустаҳакам кардани эътибори шаҳбону Ҳурмуз ӯро ба издивоҷаш хост. Вале Озармидӯхт ин амалро бо як низомӣ таҳқир дониста, ба қатлаш пинҳонӣ амр дод. Рустам ба хотири шони падар бо хашм ба пойтахт омад, Озармидухтро кӯр карду аз тахт биандохт ва ба ҷояш Пурондӯхт (хоҳари шаҳбону)- ро нишонд. Чун Рустами Дастони "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ Рустами Фаррухзод низ имконияти ба тахт нишастанро дошт, вале парҳез кард. Дере нагузашта дар моҷарои навбатӣ Пӯрондухт кушта шуд. Рустам пас аз ҷустуҷӯ яке аз набераҳои Хусрави Парвиз – Яздигурдро пайдо намуд ва ба тахт оварда. Дар ҳамин авзои ногувор лашкари араб ба марз наздик мешуд ва Рустам бо эҳсоси хатар аз ҳамлаи араб ба сарҳад омад. Ал-Яъқубӣ дар «Китобу-л-булдон» ҳикоя мекунад, ки чун араб ба марз наздик омад, сипаҳсолори сосонӣ «…Рустам кас назди Саъд фиристод ва аз вай хост яке аз ашхосеро назди ӯ гусел дорад. Саъд Муғира ибни Шаъбро бифиристод ва ӯ сӯи тахти Рустам рафт, то канори вай бинишинад. Асворон ӯро аз ин кор боздоштанд…» Бештари маъхазҳо менависанд, ки Рустам медонист, ки Эрон ба ҷанги бузург омода нест ва хоста буд бо арабҳо сулҳ кунанд. Вале шоҳ ба ин розӣ нашуд ва низ арабҳои хунхоҳу қудратталабу ғаниматҷӯ талош ба сарзамини сарватманд доштанд.

Дар ахбори таърихӣ сабт шудааст Рустами Фаррухзод ҳангоми ҳамлаи араб дар маҳалле қарор дошт, ки аз Куфа 15 фарсанг дур ва бо Қодасия машҳур буд. Дар аҳди Яздгурди савум дар соли 14 ҳичрӣ (635-636 милодӣ) муҳориба миёни эрониён бо сарварии Рустами Фаррухзод ва арабҳо бо

сарварии Саъд ибни Ваққос дар гирифт. Дар рӯзи нахуст эрониён ғалаба ба даст оварданд. Дар муҳориба пилҳои ҷангӣ ба кор рафтанд. Вале дар рӯзҳои пасин хиёнат содир шуд ва қисмате аз лашкар ба тарафи араб гузашт. Сипаҳбади эронӣ Баҳман дар рӯзи дувум кушта шуд ва ба араб аз самти Шом нирӯҳои тоза ворид шуданд. Дар ҳамон гирудорҳо хоинони эронӣ ба арабҳо асрори муборизаро бо пилҳо фош карданд, ки ба хартуми пилҳо тир биандозанд. Пилҳои захмин ба самти лашкари сосонӣ ҳаракат карда, қисмати зиёдро зери по карданд. Пас аз панҷ рӯз муҳориба бо шикасти эрониён анҷомид. Рустами Фаррухзод низ кушта шуд. Дирафши Ковиён, ки намоди шавкату шони эрониён буд ба дасти араб афтод. Ва бо ҳамин марзи Эрон шикаста шуд. Он замон халифа Умар буд. Дар Шоҳнома омадааст, ки пеш аз набард Рустам ба бародараш нома навишт ва оқибати ҳамлаи арабро пешгӯйи кард. Нахуст аз моаҷарои дарбор ва набудани шоҳи сазовор гуфт ва аз он ки таърихи бисёрсола ва шону шавкат аз даст меравад:

Ки ин хона аз подшоҳӣ тиҳист,
На ҳангоми фирӯзию фараҳист...
Дареғ он сару тоҷу ин тахту дод,
Дареғ он бузургиву фарру нажод.

Ҳам аз он мегӯяд: бар шоҳ сипар бошеду ҷавшан, ки чарх аз мо рӯй тофт ва тозиён бар лашкари мо пирӯз мешаванд:

К- аз ин пас шикаст ояд аз тозиён,
Ситора нагардад, магар бар зиён.
Бикушему мардӣ ба кор оварем,
Бар эшон ҷаҳон тангу тор оварем.

Ва низ аз бародар хоҳиш мекунад, ки ҳар чӣ гуфтам ба модар бирасон, ки дигар ба дидорам муяссар намешавад:

Сухан ҳар чӣ гуфтам ба модар бигӯй,
Набинад ҳамоно маро низ рӯй...
Ки ин Қодасӣ гӯргоҳи ман аст.
Кафан ҷавшану хун кулоҳи ман аст.

Ва сипас аз баду бадгуҳарии қавми тозӣ ва аз даст рафтани фарру тахту тоҷ хотиррасон мекунад:

Дареғ ин сари тоҷу ин меҳру дод
Ки хоҳад шудан тухми шоҳӣ ба бод
Ҷу бо тахт минбар баробар шавад
Ҳама ном Бубакру Умар шавад.

Мавриди баҳс аст, ки марзбонон бо чӣ афзоре мусаллаҳ буданд. Яқин аст бо силоҳе, ки хосси давронҳо буд. Тибқи нишондоди сарчашмаҳо ва ковишҳои бостоншиносон ҳар овон намунаи афзори ҷангии маъмӯлро дошт. Чуноне қаблан зикр шуд, ҳатто аспҳо низ бо зиреҳи хосса ҳимоя мешуданд. Дар Осиёи Миёна, дар асрҳои аввали милодӣ шамшери дарозу (то 1,2м), калони дудамаи оҳанин дар муомила буданд, ки дастаи дарози миёнхамидаашон гулӯбанд надошт. Аз дигар навъҳои аслиҳа найза, табарзин, фалахмон ва ғайра машҳур буд.

Вобаста ба давронҳо дар корхонаҳои аслиҳасозӣ афзорҳои гуно-гуннавъ ба роҳ монда мешуд. Аслиҳаи дурзан – камон дар ҳамин давра такмил ёфт. Камони махсусу мураккабсохте маъмул гардид, ки аз панҷ қисм иборат буд ва бо пулакчаҳои устухонӣ ё шохӣ хотамкорӣ меёфтанд. Аз рӯи пажӯҳишҳо ватани ин навъ камон Осиёи Миёна буда, пасон дар тамоми Эронзамин паҳн шуд. Аз асли воқеият ноогоҳ дар адабиёти ғарб «камони сосонӣ» унвон гирифтааст, ки саҳеҳ нест. Пешниҳоди дурустро олимони Шӯравӣ карданд, ки «камони кушону сосонӣ», мебошад. Мувофиқ ба нигоштаҳои Б. А. Литвинский ин навъ камон аз Осиёи Миёна баромада, ба василаи сарматҳо то Ғарб, то Шотландия расид. Дар ҷануб дар Эрону Ҳиндустон ва дар шарқ дар Чин низ расм шуд. Тири ин камон аз чӯб ё аз най ва пайкони он аз оҳан буду чанд намуд дошт. Маъмултаринаш пайкони оҳанин буд бо се қираи барҷаста. Дар охирҳои ин давра пайконҳои оҳанини мураккабсохт низ пайдо шуданд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо дар Варорӯд камони чочӣ, камони кутоҳхонаи хоразмӣ ва дарозгӯша маъмул буд. Ва тирро баробари филиз аз хаданг низ месохтанд. Дар кӯҳистон камон аз шохи нахчиру бузи кӯҳӣ соз карда мешуд. Ва зиреҳро аз пӯсти асп кунанд ва нотофта гиреҳ зананд.[1]

[1] Муборакшоҳ. Одобу-л- ҳарб... – С.273.

Таърихи Сосониён ибратбахш аст. Дастовардҳои ин занҷираро наметавон ба миқдор баршумурд. Хосса дар сиёсат ва банду басти лашкардорӣ. Низоми идорот пасон ба давлатдорони пасин гузашт. Низоми ҳарбӣ ва марздорӣ хеле қавӣ буд, ки дар устувории Империя нақши муҳим дошт. Пас аз шикасти давлатдории Сосонӣ тағйироти сифатӣ дар сиёсату бовар, тасаввуру тафаккур ба вуҷуд омад, ки бо ҳамлаи араб дар алоқамандӣ буд. Бо гузашти беш аз ду қарн давлатмардоне ба арсаи сиёсат омаданд, ки идомабахши анъанаҳои куҳани мардумони ориёӣ буданд. Онҳо давлатҳоеро таъсис доданд, ки дар бунёд аз анъанаҳои араб фарқ мекард. Мисли давлати Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғӯриён ва Ғазнавиён.

Адабиёт:

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – дар 10 ҷилд. -Душанбе:"Адиб",2006-21-013.
2. Абурайҳон Берунӣ. Осору-л-Боқия.
3. Асрориён Ҷ., Асрориён А. Марз ва марзбонӣ. – Душанбе,2017. – 124 с.
4. Ғафуров Б.Ғ.Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе:"Нашриёти муосир",2020. – 976с.
5. Егише. О Вардане и войне армянской// пер с др. арм.яз. акад. И.О. Орбели. – Ереван, Изд-во АН Арм. ССР,1971.
6. История Фавтоса Бузанда.// Пер. с др. арм. яз и коммент. М.А.Георгяна. – Ереван, 1953.
7. История епископа Себеоса// пер. с арм. яз. и комм. С.Т. Малахяна. – Ереван,1939.
8. Муборакшоҳ. Одобу-л-ҳарбу-аш- шуҷоъа".- Иқбол, 1364
9. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих.: Аз Ориён то Сомониён. – Лондон.
10. Пигулевская Н. Города Ирана в раннем средневекове. – М.-Л., "Изд-во АН СССР,1956.- 364с.
11. Пьянков И.В. Бактрия в античной традиции/ Общие данные о стране: Название и территория. – Душанбе: «Дониш», 1982. – 64с.
12. Табарӣ Абуҷаъфар Муҳаммад. Таъриху-л-расул-ва-л-мулук./Таҳия ва тарҷумаи А.Поянда. – Теҳрон,1334;
13. Хоренаци М. История Армении// Пер с др.арм.яз. и прим.Г.Саркисяна. – Ереван,1990.;

САСАНИДСКИЙ СЛЕД В ЮЖНОЙ ОСЕТИИ

Гассиева М.А. – Юго-Осетинский научно-исследовательский институт им. З.Н. Ванеева при Президенте Республики Южная Осетия, старший научный сотрудник, к.ф.н., г. Цхинвал, Республика Южная Осетия; e-mail: madinakoritina@ yandex.ru 8-929-8071583; 8-909475-5824(ватсап)

Республика Южная Осетия расположена на южном склоне Главного Кавказского хребта. С востока, запада и юга она граничит с Грузией, на севере с РФ, Республикой Северной Осетией-Аланией. Она состоит из на пяти административно-территориальных единиц: Цхинвальский район (административный центр в г. Цхинвал), Знаурский (поселок Знаур), Ленингорский (поселок Ленингор), Дзауский (поселок Дзау) и столица республики г. Цхинвал. Регион расположения Республики Южная Осетия характеризуется высокогорным и средней высоты рельефом. Речную систему территории образуют реки Большая и Малая Лиахва, Ксани, Медзда, Проне.

В регионе были обнаружены следы обитания первобытного человека, что является свидетельством раннего заселения местности. Здесь с древнейших времен различные политические акторы решали судьбы народов, боролись здесь за гегемонию, воевали и сотрудничали, а через территорию Южной Осетии проходили торговые пути. В археологических находках встречаются наравне с местными артефактами также и привозные: греческого, римского, парфянского, сасанидского и пр. происхождения.

III - VII вв. отмечены мировым господством Сасанидов на Кавказе. "Соседние с Сасанидским Ираном территории, в том числе и Закавказье, были втянуты в орбиту политических и военных событий. Как отмечает известный американский ученый Ричард Фрай, иранские культурные традиции были сильны в среде армян, грузин и других народов Кавказа, многие районы не раз попадали под власть персидских завоевателей. Безусловно, народы Кавказа вели непримиримую борьбу с захватчиками, но это не мешало распространению элементов материальной и духовной культуры иранского мира"[6, с.108-109].

В рамках данной статьи мы обозначим наличие сасанидских артефактов и элементы влияния на культуру осетин. Следует отметить, что вопрос исследования сасанидского периода в науке Южной

Осетии остается открытым, и пока ни один археолог не ставил перед собой научно-исследовательских задач в данном направлении.

Сасанидские находки на территории Южной Осетии были обнаружены В.И. Долбежевым, П.С. Уваровой, Е. Г. Пчелиной, Б.В. Теховым, Р.Х. Гаглойты, Р.Г. Дзаттиаты и др. Предметы инородной культуры подвергались сбору, фиксации и описанию. Первым удалось обнаружить предметы сасанидского происхождения П.С. Уваровой. В 1891 году она "посетила южные склоны Главного Кавказского хребта и провела небольшие раскопки ... Добытые Уваровой материалы опубликованы в VIII выпуске "Материалов по археологии Кавказа" [7, с.12].

При раскопках в разные года исследователи находили монеты, геммы (бусы-печати, перстни), предметы домашнего обихода (блюда) сасанидского происхождения. "В государственном музее Юго-Осетии есть перстень с врезанным знаком на щитке, а в государственном историческом музее – ГИМе (Москва) среди материалов В. И. Долбежева мы обнаружили еще один перстень с вырезанным знаком. Оба перстня происходят из с. Едыс"[6, с.108] Южной Осетии. Предметы сасанидской глиптики найдены в селах Сба, Едыс Стырфаз, Монастер, Сохта, Аркнет и др.

К сожалению, только работы Р.Г. Дзаттиаты на сегодняшний день являются единичными в области рассмотрения сасанидского искусства на территории Южной Осетии. Археолог подробно описывает найденные геммы из сел Сба и Едыса. На предметах глиптики встречаются профильное изображение мужской головы, образы оленя, утки и различные знаки. Р.Г. Дзаттиаты пытается определить предназначение гемм, которые являются привозными предметами в горском социуме: "Трудно сказать, какую конкретно функцию выполняли геммы из Едыс, т. е. были ли они знаками собственности или служили амулетами, а то и просто украшениями? Ни одна из этих возможностей не исключена" [6,с.113].

Нумизматический материал сасанидского мира, найденный на территории Южной Осетии, представляет большую ценность, так как при помощи монет производится датировка погребений, выясняются торговые связи народа с другими странами и др.

Всего на территории Южной Осетии археологического характера было найдено 5 монет, это драхма Фраата III, Готарза, Орода I. В середине 50-х годов в с. Монастер жителем села во время вспашки был обнаружен горшок с сасанидскими монетами с изображением аташтана - алтаря огня. Известно, что у зороастрийцев огонь священен. Обнаруженный клад разошелся по рукам местных жителей. Подобные случайные находки, как правило, вызывали интерес и расхищались. Монеты, участвовали в торговом обороте и со временем превращались в клады.

Исследователи Б.В. Техов, Р.Г. Дзаттиаты, Р.Х. Гаглойти связывают распространение иноземных монет с торговым путем, проходящим через территорию Армении (г. Арташата), Грузию (Мцхета, Гори) и далее в бассейн рек Б. и М. Лиахвы. Причем Восточная Грузия и территория современной Южной Осетии (от Цхинвала до города Квайса) находилась под гегемонией сасанидского Ирана. Многие населенные пункты Закавказья связаны с Сасанидами, их топонимика также указывает на иранское происхождение.

По сообщениям древних источников (грузинской летописи «Картлис Цховреба», то есть «Жизнь Грузии») история города Цхинвал (столица Южной Осетии) уходит в III в. н.э. и связана с царем Аспагуром из сасанидской династии Аршакидов. Этого мнения придерживаются исследователи М.И. Броссе, П.И. Иосселиани, С.В. Безсонов, Р.Х. Гаглойти, Р.Г. Дзаттиаты. Город Цхинвал основан "царем Асфагуром, в половине III века Христианской эры" [4,с.73]. В эту эпоху территория современной Грузии находилась под властью Ирана. Царь Аспагур (262-265 г н.э.) в ходе борьбы с другой ветвью аршакидской династии обратился за военной помощью к горцам - осетинам. Исторические данные свидетельствуют, что он потерпел поражение и "умер от какой-то болезни в Цхинвалах" [1, с.229]. По некоторым данным, Аспагур похоронен где-то в окрестностях Цхинвала. Город формировался веками, он неоднократно разрушался и восстанавливался. Однако со временем выгодное торговое положение Цхинвала способствовало тому, что он становится «деловым двором», посредником между горной Осетией, Гори и Тифлисом. Не случайно у осетин Цхинвал стал именоваться «Чъреба» – «место сбора», то есть, где встречались с целью общественных отношений, которые возникали в процессе производства и реализации товаров.

В топонимике Южной Осетии также можно встретить параллели с иранским языком. У трассы Цхинвал - Ленингор расположился один из древних храмов Южной Осетии - Армазская церковь Святого Георгия, 864 года постройки (илл. 1).



Илл. 1 - Армазская церковь Святого Георгия, вид общий и интерьера

Снаружи это квадратное здание, покрытое двускатной крышей. Изнутри напоминает постройку купольного храма, хотя внутри она имеет сводное перекрытие, но барабан и купол не были построены. Интерьер его поражает каменной алтарной перегородкой, имеющей пять арочных пролетов. Все указывает на то, что в прошлом этот храм был ярким выражением расцвета резьбы в камне. Вызывает интерес название храма: "Армази, что может истолковываться как грузинская форма имени Ахура-Мазда – Ормузд 1. Во всяком случае, иранское происхождение этого имени вряд ли подлежит сомнению. Тем более что в грузинских источниках («Картлис цховреба», Леонтия Мровели) указывается, что Фарнаваз по-иранski (персидски) будет Армаз. Ибо отец его был грузином, а мать персиянкой, т. е. Армази около Мцхета был культовым центром зороастризма в Грузии. Не исключено, что кроме Армази и Никози были и другие места, связанные с зороастрийской религией. Потому близость к Алании культовых мест зороастрийской религии с классом служителей и последователей не должна была сбрасываться со счета"[5,с.139].

Некоторые элементы обрядовой культуры осетин (алан) указывают на зороастризм, они подробно проанализированы в работе Р.Г. Дзаттиаты. Так, например, С.А. Токарев также считает, что "погребальные склепы осетин не что иное, как следы влияния маздаизма" [8, с.3], в основе которой вера в загробную жизнь и переселение душ, а значит забота о трупе и его возможная мумификация.

Р.Г. Дзаттиаты также сравнивает пантеон богов алан-осетин и персов и приходит к выводу, что семибожье и интересные параллели можно провести между пантеоном двух культур. "Божеству огня соответствует в осетинском пантеоне сам огонь или его образ в виде надочажной цепи" [5,с.140]. Огонь в Осетии почитали и почитают по сей день. В прошлом с огнем было связано множество обрядовых действий. Так, к огню приносили новорожденного, обводили вокруг огня (очага) новобрачную и др.

Парфянское, Сасанидское царство проводили политику имперской религии, насаждая зороастризм, преследуя христианство на Кавказе. "Христиане всячески преследовались, а перешедшим в зороастризм предоставлялись значительные социально-политические и экономические привилегии" [8,с.89]. Распространение зороастризма было частью стратегического комплексного плана, направленного на усиление сасанидского влияния в регионе.

Следовательно, 20-х годах III века, а именно в 224 году, вместо государства Аршакидов на историческую арену выходит более сильное и организованное государство Сасанидов, чья политическая и культурная экспансия была настолько велика, что способствовала развитию торгово-экономических и культурных связей населения Закавказья. Границы державы Сасанидов в разные времена доходили до южных склонов Главного Кавказского хребта. Археологические, нумизматические находки, обряды, топонимия Южной Осетии свидетельствуют о контактах с

сасанидским миром, благодаря чему происходит культурное влияние, выстраиваются древние города, торговые пути, что приводит к социокультурному развитию населения бассейна р. Большой Лиахвы.

К сожалению, мы не располагаем сведениями из письменных источников, они могли бы дать решение сложных вопросов культурных связей и взаимодействий, "приходится апеллировать археологическими данными, результатами раскопочных работ на могильниках ... Южной Осетии - Стырфаз, Монастер, Сохта, Аркнет, Паткнет, Жриа, Морго, Велура"[3,с.4]. Монеты с характерными надписями и профилями иранских царей, предметы культуры эпохи Сасанидов, найденные на территории Южной Осетии, свидетельствуют о влиянии Сасанидской культуры на местные кавказские народы.

Литература:

1. Безсонов С.В. Крепостные сооружения в бассейне Большой Лиахвы. Материалы по истории феодализма Южной Осетии, собранные в экспедиции 1931 года // Известия Юго-Осетинского Научно-исследовательского Краеведения. - Сталинир, 1933. - Вып. I. - С. 229- 263.
2. Гаджимурадов М.Т. Утверждение власти Сасанидов на Восточном Кавказе в раннем Средневековье // Вестник Дагестанского государственного университета. - 2013. Вып. 4. - С. 85-91.
3. Гаглойти Р.Х. Античный мир и Южная Осетия (I-IV вв. н.э.): к вопросу торгово-экономических связей. - Республика, Цхинвал, 2017. - 146 с.
4. Иосселиани П. И. Города существовавшие и существующие в Грузии - Тифлис. 1850, 85 с.
5. Дзаттиаты Р. Г. К вопросу об элементах зороастризма в склеповом обряде погребения // Избранное. Археология, этнография, история Осетии. Сборник научных трудов – Владикавказ : СОИГСИ ВНЦ РАН, 2018. - С. 136-143.
6. Дзаттиаты Р. Г. Предметы Сасанидской глиптики из Сел Сба и Едыс // Избранное. Археология, этнография, история Осетии. Сборник научных трудов – Владикавказ : СОИГСИ ВНЦ РАН, 2018. - С. 108-114
7. Техов Б. В. Археология Южной части Осетии. - Владикавказ : Издательство Ир, 2006. - 540 с.
8. Токарев С.А. Религия в истории народов мира. М., 1986. - 576 с.

ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Исамитдинов Жорабек Бобобекович *– номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"*

Наврӯз, ба ибораи дигар, маънои "рӯзи нав" - ро дорад. Ин рӯзи нав, ки бо он соли нав оғоз меёбад, ба таври анъанавӣ оғози дақиқи астрономии баҳор аст. Тоҷикон ва эрониҳо инро оғози сол медонанд. Сонияи дақиқ "Saal Tahvil"ном дорад. Наврӯз бо" хусусиятҳои беназири худ " на камтар аз 3000 сол қайд карда мешавад ва дар расму оинҳо ва анъанаҳои зардуштиён низ решаҳои амиқ дорад (ин дини форсиёни қадим то пайдоиши ислом дар асри VII хеле густариш ёфта буд).

Наврӯз дар аҳди Сосониён (солҳои 220-651) бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешуд. Аз ҷониби шоҳаншоҳони сосонӣ Наврӯз ҷашни расмии солинавӣ эълон карда шуд ба тағлили он эътибори хоса зоҳир мегашт. Рӯзҳои ид бо шукӯҳу шаҳомати махсус аз ҷониби мардум ташкил карда мешуданд.

Маъхазҳои беҳтарини маълумот дар бораи ҷашни Наврӯз дар асарҳои муаллифони асримиёнагии Осиёи Миёна мебошанд. Муҳимтарини онҳо аз ҷониби Берунӣ, Умари Хайём, Наршахӣ, Табарӣ, Гардезӣ, Фирдавсӣ ва дигарон навишта шудаанд. Маълумоти муътамадро роҷеъ ба ҷашни Наврӯз Абу – Райҳон Муҳаммад-ибни Аҳмад-Ал-Бирунӣ дар асари худ "Осор-ул боқия" пешниҳод кардааст, ки ин асар ба низоми тақвими халқҳои қадим бахшида шудааст. Ин асар соли 1000-ум навишта шудааст. Асари мазкур ба қавли профессор Э. Захау, ки онро ба забони англисӣ нашр ва тарҷума кардааст, хусусияти сарчашмаи ибтидоӣ дорад ва махсусан дар он қисмате муҳим аст, ки сухан дар бораи тақвим ва ҷашнҳои тақвимии сокинони қадимии Осиёи Миёна меравад [5,с.23-24].

Аз ҳамаи ҷашнҳои миллии тоҷикиву форсӣ ҷашни Соли Нав - Наврӯз муҳимтарин ва дурахшонтарин аст. Ин ҷашн сарвати расму оинҳои қадимиро дар худ таҷассум мекунад. Он рамзи идомаи фарҳанги қадимаи форсӣ мебошад, ки тӯли таърих аз мушкилот ва душвориҳо наҷот ёфтааст.

Дар ҳамоҳангӣ бо эҳёи табиат, Наврӯз ҳамеша дар рӯзи аввали баҳор, бо баробаршавии шабу рӯзи баҳорӣ таҷлил карда мешавад. Дар ин рӯз, ки ба 20-21 март рост меояд, офтоб экватори осмониро убур мекунад.

Ҳатто пеш аз сабт гаштанаш, Наврӯз, воқеан ҷашни аввали баҳор буд, вақте ки офтоб ба барқароршавӣ ва бартараф кардани сардӣ ва торикии зимистон шурӯъ мекунад ва вақте ки дар табиат эҳёи афзоиш ва қувват ба амал меояд, мардум Наврӯзро бо хушнудӣ истиқбол мегирифтанд. Сосониён дини зардуштиро ба ҳайси динӣ расмии давлатӣ эътироф намуданд. Аз ин лиҳоз зардуштиён ба таври возеҳ Наврӯзро пазируфтанд Барои онҳо ин бозгашти баҳор маънои пирӯзии солонаи рӯҳи офтобро дошт; ва худи Зардушт дар вақташ дар он рамзи пирӯзии боз ҳам шукӯҳмандтарро медид. Ин умеди махсусе буд, ки ӯ ба пайравонаш пешниҳод кард, ки муборизаи кунунӣ байни некӣ ва бадӣ дар ҳама нақшаҳо, ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва рӯҳонӣ бо пирӯзии комил барои некӣ ба анҷом мерасад.

Сабтҳои густурдаи ҷашну маросимҳои Наврӯз пас аз ба қудрат расидани Ардашири I Бобакон-асосгузори Империяи Сосониён (224-242 мелодӣ) пайдо мешаванд. Тибқи навиштаҳои шоҳаншоҳи Сосониён Наврӯз ҳамчун муҳимтарин рӯзи сол қайд шудааст. Аксари суннатҳои шоҳонаи Наврӯз, аз қабили вуруди шоҳона ба назди мардум, тақсими ҳадя ва афви зиндониён дар замони Сосониён эҷод шуда, то имрӯз бетағйир боқӣ мондаанд.

Чанд рӯз пеш аз Соли нав –Наврӯзи ҳучаста,дар ҳар хонадони форсиён дастархони вижаеро рӯи қолин ё миз мегузоранд. Ин суфраи маросимӣ "Ҳафт син" ном дорад, ки иборат аз ҳафт таом аст, ки ҳар кадоме бо ҳарфи форсӣ (Син) оғоз мешавад. Рақами ҳафт дар байни тоҷикону форсҳо аз замонҳои қадим муқаддас буд ва ҳафт табақ ба ҳафт фаришtаи эҳёи зиндагӣ, саломатӣ, хушбахтӣ, шукуфоӣ, шодӣ, сабр ва зебоӣ ишора мекунад. Таомҳои рамзӣ иборатанд аз:

Сабза – сабзаи гандум ё наск ифодагари эҳё аст.

Саману -пудингест, ки аз тухми гандуми заминӣ парвариш ёфтааст ва ҳаёти навро ҳамчун пудинги ширин ва қаймоқ муаррифӣ мекунад ва таомҳои ниҳоии лазизи форсиро муаррифӣ мекунад.

Сиб -маънои себ буда, саломатӣ ва зебоиро ифода мекунад.

Санҷит - меваи ширин ва хушки дарахти махсуси нилуфар буда, муҳаббатро ифода мекунад. Мегуянд, ки дарахти нилуфар вақте мешукуфад, ба таровату меваи он кас ошиқ мегардад ва ҳар чизи дигарро фаромӯш мекунад.

Сир - сир дар тарҷумаи форсӣ, дору аст.

Сумах - ҳануте, ки аз буттамеваҳои хокӣ тайёр карда мешавад, ки ранги тулӯи офтобро ифода мекунад; бо зуҳури хуршед, некӣ бар бадӣ ғалаба мекунад.

Сирко - синну сол ва саброро ифода мекунад.

Зардуштиён дер боз дар ҳаёти ҳаррӯза аз тақвими хуршедӣ истифода мекарданд, ки аз рӯи тақвими шамсии мисрӣ сохта шудааст. Дар бораи замон ва макони офариниши тақвими зардуштӣ маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Мувофики тахмини В.А.Лившиц, солшумории зардуштӣ дар Эрони Шарқӣ ё Осиёи Миёна дар нимаи аввали хазораи I пеш аз милод ба вуҷуд омадааст ва ва дар Эрони Ғарбӣ аз ҷониби Ҳахоманишиҳо қабул карда шуда буд [6,с.320].

Солшумории эронӣ ба 12 моҳ (соли шамсӣ) тақсим шуда, ҳар яки онҳо номи худоеро доштанд. Азбаски тақвими зардуштӣ нисбат ба соли астрономӣ 6 соат кӯтоҳтар буд, ин ба он сабаб шуд, ки дар ҳар чаҳор сол оғози соли нави тақвимӣ гӯё як рӯз ҳаракат мекард. Дар тӯли 120 сол ин тафовут ба як моҳи пурраи зардуштӣ, ки 30 рӯзро ташкил медиҳад, ташкил медод [6,с.321]. Дар замони Сосониён ворид намудани чунин моҳ ҳарчанд номунтазам сурат мегирифт, аммо ин боиси тафовути байни тақвимӣ ва идҳои мавсимӣ, динӣ гардид, ки тибқи дастуроти Авесто бояд дар вақтҳои муайяни сол муқаррар карда мешуданд [6,с.321].

Идҳое, ки форсҳо таҷлил мекарданд, баръало идҳои кишоварзӣ буданд. Бахусус, онҳо соли нав - Наврӯзро гиромӣ медоштанд, ки дар он форсизабонон ба ҳамдигар тӯҳфаҳо медоданд, истироҳат мекарданд ва хурсандӣ мекарданд. Рӯзи аввали соли нав пеш аз гуфтани калимаи аввал ҳама мешитофтанд, ки дар оби равон оббозӣ кунанд. Дар ин рӯз онҳо ширинихо мехӯрданд ва ба ҳамдигар ширинӣ медоданд. Шоҳаншоҳи сосонӣ дар панҷ рӯзи аввали соли нав барои мансабдорони калон ва ашроф зиёфат меорост, мансабдорони навро таъин мекард [8,с.49].

Чи тавре,ки А.Берунӣ қайд мекунад “Ва оини Сосониён дар ин айём чунин буд, ки подшоҳ ба рӯзи Наврӯз шуруъ мекард ва мардумро эълон менамуд, ки барои эшон ба тахт омадааст, ки ба эшон некӣ кунад. Ва рӯзи дуюмро барои деҳқонон, ки қадре мақомашон болотар аз тӯда бувад, бо тантана қайд мекард. Ва хонаводаҳо низ дар ин қисмат дохил буданд. Ва рӯзи сеюмро барои сипоҳиён ва бузургону муъбадон бо тантана қайд мекард. Ва рӯзи чорумро барои аҳли байт ва наздикону хосони худ ҷудо мекард. Ва рғзи панҷум барои хонавода ва ходимони худ ва ҳар кадомро он чи мустаҳаққи рутба ва икром буданд, ҷудо мекард. Ва он чи муставҷибу сазовори эҳсону инъом буданд, мерасонд. Ва чун рӯзи шашум мешуд, аз қазои ҳуқуқи мардумон фориғу осуда шуда буд ва барои худ Наврӯз мегирифт. Ва ҷуз аҳли унсу ашхосе, ки сазовори хилватанд, каси дигарро намепазируфт. Ва дар ин рӯз он чиро, ки рӯзҳои гузашта барои эшон ҳадя оварда буданд, амр ба ҳозир намуданашон мекард ва он чи мехост, ҷудо мекарду мебахшид. Ва ҳар чи, ки қобили хизона ва захира буд, нигаҳ медошт” [1,с.237-238].

Баргузории ҷашни Наврӯз дар замони Сосониён чанд рӯз (на кам аз шаш рӯз) тӯл мекашид. Ва ба ду давра тақсим мешуд. “Наврӯзи кӯчак” ё “Наврӯзи омма”, ки панҷ рӯз буд ва аз якум то панҷуми моҳи фарвардин гиромӣ дошт мешуд ва рӯзи шашуми Фарвардин (Хурдодрӯз), ҷашни “Наврӯзи бузург” ё “Наврӯзи хосса” барпо мегашт [7,с.61; 4,с.144].

Абурайҳони Берунӣ дар асари дигари худ «Китоб ат-тафҳим ли авоил синат ат-танҷим» тавсифи солшумории қавмҳои гуногунро додааст. Дар китоб ба ҷуз аз тақвими эронӣ, аз идҳои мухталифи юнониён, яҳудиён, арабҳо ва мардумони дигар зикр шудааст. Дар бахши тақвими эронӣ аз Наврӯз, Сада, Тиргон, Меҳргон, шаш рӯзи Гаҳамбара, Фарвардигон, Баҳманҷа, Эсфандурмуз ва чанд идҳои дигар ёдовар шудааст. Ба қавли ӯ, «Ва эътиқоди порсиён андар Наврӯзи нахустин он аст, ки аввал рӯзест аз замона ва бад-ӯ фалак оғозид гаштан» [2,с.144].

Дар айёми Наврӯз шоҳони Сосониён метавонистанд ҳар гуноҳро бибахшанд, ба ҷуз се ҷиноят: фош кардани сиру асрори давлат, таҳқири Худованд ва иҷро накардани фармон [11,с.188].

Дар рӯзҳои Наврӯз сарварон, пешвоён, фармондеҳони ҳарбӣ, намояндагони дигар кишварҳо ва вилоятҳо ба дарбори шоҳаншоҳон омада, ба шоҳ ҳадя тақдим мекарданд. Ҳар як намоянда чизеро ҳадя меовард, ки маҳаллаи ӯ аз он сарватманд буд ва махсусан бо он фарқ мекард [3,с.63]. Дар ин рӯзҳо подшоҳони Сосонӣ маҳбусонро афв мекарданд [10,с.9].

20 рӯз пеш аз оғози Наврӯз дар ҳавлии шоҳона дар 12 сутун гандум, ҷав, биринҷ, лубиё, арзан, ҷуворимакка, нахуд, мош, наск, лубиё, кунҷид кошта мешуд. Ин ниҳолҳо то рӯзи шашуми Наврӯз месабзанд. Дар рӯзи шашуми ид дар қаср дар вазъияти тантанавӣ дар назди шоҳ олимони табиатшинос (зироатшинос) бо суруду мусиқию таронаҳо дар бораи «Наврӯзи бузург» хӯшаҳои ғалладонаро бардошта, аз рӯи он ҳосили соли навро дар асоси нишондодҳо муайян мекарданд.

Як нороҳатии хоса барои зардуштҳои ин давр мавҷуд будани ихтилоф байни тақвим ва ҷашни Наврӯз буд, ки ба рӯзи баробарии баҳорӣ ва ё “ворид шудани Офтоб ба бурҷи Ҳамал” рост омад [6,с.322]. Тақвими Сосонӣ ҳарчанд офтобӣ буд, давраи гузариш буд ва аз ин рӯ, оғози давлатии сол на ҳамеша бо рӯзи баробаршавии баҳор, Наврӯзи мардумӣ рост меомад, аммо ин ҷашнро аз хусусияти тақвимии худ маҳрум намекард. Номукаммалии низоми тақвимӣ ба меъёри асосии муқарраршуда таъсир нарасонд. Моҳи аввали фарвардин метавонист аз рӯзи баробаршавии баҳор хеле дур бошад, вале падидаҳои ҳаётӣ марбут ба ин низом як тартиби идеалиро пешбинӣ мекарданд, ки дар воқеъ бо гузоштани як моҳи иловагӣ пас аз чанд сол ба даст омадааст. Наврӯз, чунон ки баъдан мебинем, дар дарбори шоҳони Сосониён бо тантана таҷлил мешавад, ки дар тақвими мардумии форс оғози кишоварзӣ ҳамчун ҷашни навсозии баҳори табиат аҳаммияти аввалиндараҷа дошт.

Абӯрайҳони Берунӣ дар ин маврид навиштааст, ки соли форсӣ 365 рӯз буд ва чаҳоряки рӯзро “дар назар нагирифтанд, то дар ин семоҳаҳо рӯзҳои як моҳ ҷамъ шаванд, ки дар 120 сол як бор мешавад” [6,с.322]. Аммо зардуштиён чунин шумориданд, ки рӯзҳои изофӣ бояд моҳи комил бошад, на рӯзҳои алоҳида, зеро зиёд шудани шумори рӯзҳо дар моҳҳо хондани намози лозимиро дар рӯзҳои мувофиқ ғайримумкин мегардонад, чунки тибқи оини дини зардуштӣ, намоз бояд ба таври дақиқ ба фариштаи сарпарасти рӯзе, ки дар он хонда мешуд мувофиқат мекард ва дар як моҳ 30 адад чунин фариштагон (аз рӯи шумораи рӯзҳо) мавҷуд буданд. «Аммо агар шумораи рӯзҳо дар як моҳ як рӯз зиёд шавад, замзама (ибодат, намоз) дуруст нест»[6,с.322].

Вақте ки ба соли тақвимӣ як моҳи иловагӣ (кабиса) ворид карда шуд, панҷ рӯзи охир, ки ба охири сол рост омад ва бо яке аз идҳои динии бостонии зардуштӣ - гиромидошти арвоҳи мурдагон

алоқаманд буд, пас на ба охири моҳи 12-уми сол, балки ба моҳи кабиса риоя мекарданд. Ин душвориҳои иловагиро ба вуҷуд овард, зеро панҷ рӯзи охир ғеҷонида мешуд.

Бар асоси гузоришҳои Абурайҳони Берунӣ яке аз охирин ҳисобҳои тақвимӣ дар замони Яздугирд, писари Шопур, ду моҳи кабиса пас аз моҳи ҳаштум (Обон) изофа мешавад, сурат гирифта, оғози корбурди расмии тақвими зардуштӣ дар Эрон шуморида шуд, ки он ба соли 441 милодӣ рост меояд. Аммо баъзе олимон, аз ҷумла Э.Бикерман ба эътимоднокии ин сана шубҳа доранд [6,с.322].

Аз замони поёни салтанати Сосониён ҳеҷ як моҳи кабиса изофа нашудааст ва аз он замон то кунун дар тақвими зардуштии бостон ҳеҷ моҳе моҳи кабиса набудааст. Ба моҳи охири сол панҷ рӯзи иловагӣ ва дар чор сол як рӯз илова карда мешуд. Ҳамин тариқ, тақвими зардуштӣ 360 рӯз дорад, ки ба 12 моҳ ва ҳар яки он ба 30 рӯз тақсим мешавад. Ба моҳи охир, яъне 12-ум, ки остонаи Наврӯз ҳисобида мешавад, ҳамеша панҷ рӯз илова карда мешавад ва дар ҳар чор сол як рӯзи дигар илова мешавад.

Яке аз оинҳои бостонии ҷашни зардуштӣ, ки зардуштиён ба он эҳтиром мегузоранд, парастиши худои Митро, ҷашни марбут ба Меҳргон аст, ки дар замони подшоҳони сулолаи Сосониён аҳамияти муҳим дошт ва мисли Наврӯз бошукӯҳ таҷлил мешуд. Ин ҷашн дар моҳҳои сентябр-октябр сурат мегирифт, ки ҳаво ҳанӯз гарм аст, аммо наздик шудани тирамоҳро эҳсос мекунед. Парастиши Митро равшании беохир, некӣ, шодмонӣ ва ҳамоҳангиро ифода мекунад. Боз як ҷашни хеле қадимӣ - Сада буд, ки ба рӯзи 10-уми баҳман рост меомад ва ба садумин рӯзи «Зимистони бузург» (охири моҳи январ) таҷлил карда мешуд.

Дар аҳди Сосониён идҳо бо мусиқиву суруд барпо мегаштанд. Тавре муаррих А.Рачабов қайд мекунад, дар ҷашни Наврӯз оҳангҳои табрикии наврӯзӣ паҳн шуда, аз корҳои нек ва орзуву ниятҳои нек хонда мешуданд [9,с.136]. А.Рачабов ҳамчунин қайд мекунад, ки даврахое, ки дар он мусиқинавоз-шоир ба қиёсҳои аз даврахои гуногун гирифташуда ва ишора ба рӯйдодҳои таърихии гузашта ва ғайра истифода кардааст, махсусан арзишманд дониста шудаанд. Аз ин рӯ, пеш аз кӯшиши эҷоди сурудҳои наврӯзӣ навозандагон ва шоиронро лозим меомад, ки таҳсилоти густурдаи касбӣ дошта бошанд, бо таърихи худи Наврӯз ошноӣ пайдо кунанд [9,с.138].

Умуман, идҳои кишоварзӣ дар аҳди Сосониён хислатҳои умумӣ — шодиву хурсандӣ, умед ба дастархони фаровон, рӯзгори нек, ҳосили фаровонро доштанд. Дар замони Сосониён Наврӯз, Меҳргон ва дигар идҳо дар сатҳи давлатӣ, бо риояи эътиқод, расму ойин ва маросимҳои қадимӣ таҷлил мешуданд. Яке аз сабабҳои ботантана баргузор намудани ҷашни Наврӯз дар дарбори Сосониён ин буд, ки маҳз дар замони ҳамин сулола дини зардуштӣ ба дини давлатии Эрон табдил ёфт. Аз он вақт инҷониб Наврӯз ба таври оммавӣ таҷлил мешуд ва тобиши мардумӣ пайдо кард. Сабаби дигари чунин таҷлили бошукӯҳи Наврӯз дар Эрон таҳкими қудрати иқтисодии давлат буд.

Адабиёт:

1. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул боқия. –Душанбе: Ирфон, 1990. -432 с.
2. Абӯрайҳони Берунӣ. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим. –Душанбе: Дониш, 1973 -287 с.
3. Алиасгар Шердуст. Навруз и источник творения в мифологии и религиях // Навруз как явление мировой культуры. - Душанбе, 2012. – С. 63-89.
4. Асадуллоева З.Р. Наврӯз ҷашни бостонӣ ва худшиносии миллӣ // Ҷашни Наврӯз ва нақши он дар ташаккули худшиносии миллӣ (маводи конференсияиилмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба иди байналмилалии Наврӯз)(12-уми марти соли 2024). –Душанбе, 2024. -С.143-147.
5. Древнейшие арабские известия о праздновании Науруза в Сасанидской Персии / Пер. К. Иностранцева// Записки Русского Императорского археологического общества, Том 16. 1904-1905. Вып. II-III. СПб. 1906. –С.23-24.
6. Лившиц В.А. Зороастрийский календарь //Бикерман. Хронология Древнего мира. -М., 1975. -С.320-332
7. Негмати, А. Земледельческие календарные праздники древних таджиков и их предков / А. Негмати. - Душанбе: Дониш, 1989. –128 с.
8. Пигулевская И.В., Якубовский А.Ю., Петрушевский И.П., Строева Л.В., Беленицкий А.М. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII века. –Л.: Издательство Ленинградского университета, 1958. –392 с.
9. Раджабов, А. Навруз как феномен музыкальной культуры // Навруз как явление мировой культуры. -Душанбе, 2012. –С. 133-177.
10. Шаъбонӣ Р. Одоб ва русуми Навруз / Р. Шаъбонӣ. -Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2011. –259 с.
11. Якубов Ю. Навруз в источниках и мифах // Навруз как явление мировой культуры. -Душанбе, 2012. –С. 182-192.

ВОЗРОЖДЁННЫЙ ПРАЗДНИК САДА

Ахматова Айнура Найматовна *– Директор ДОЦ г. Сулюкты аспирант КГУ им. И. Арабаева*
+996 770 16 84 78, axmatovaainura78@gmail.com
Илебаев Арстанбек Касенович, *ОшГУ, к.и.н., доцент +996 700 03 40 06;*
+996 995 03 40 06; ilebaev@yandex.ru
Торокельди кызы Азиза *– преподаватель Института Конфуция, при Ошском Государственном Университете +996-776-157-318 azizatorokeldieva@gmail.com*

С зарождением человечества, который развивается по своим определённым законам, зависимые от природно-климатических условий, формы хозяйства и быта, влияющие на её мировоззрение, появляется непроизводственная деятельность, которая именуется праздником. И своё начало они берут, казалось бы, с не совсем праздничных явлений, как «погребальный культ».

Следующей ступенью становления праздников, можно считать половозрастные инициации членов общества, которые проходили по своим определённым, стихийно появившимся правилам. Они впоследствии дополнялись, усложнялись и приобретали характер обычая и традиционности.

Со становлением древнейших земледельческих цивилизаций на берегах великих рек планеты – Нил, Тигр и Евфрат, Инд и Ганг, Янцзы и Хуанхэ, появляются праздники, связанные с разливом рек и посевом урожая, созреванием и сбором урожая. Так же различные праздники, связанные со сменой времён года – пробуждением природы, с её разгаром и засыпанием.

В процессе общественных развитий, для упорядочения быта и жизни, цикличные повторяющиеся природные явления способствовали появлению календарей – лунных, солнечных. По определению польского социолога Казимеж Жигульского: «Счёт времени, одно из величайших достижений человеческой культуры, – календарь – везде в своих истоках выступает как форма упорядочения, закрепления, заблаговременного исчисления праздничных дней и периодов» [1, с. 58]. Голландский культуролог Й. Хёйзинга дополнял: «В системе сакрального гарантирования блага большое место занимают различные календарные праздники». [2, с. 114].

В историографии изучения понятия праздника, праздности даются различные понятия. В толковом словаре В.И. Даля, праздник это:

- «праздность» в контексте «незанятый», «свободный», «пустой» [3, с. 380];
- «день, установленный в память какого-то события» [4, с. 381].

В толковом словаре С.И. Ожегова, праздник определяется как:

- праздник, день торжества, установленный в честь или в память кого-чего-нибудь;
- праздник, день радости и торжества;
- праздник, день игр и развлечений. [5, с. 1444].

В толкование Я.П. Белоусова, праздник происходит от древнеславянского понятия «праздь», означающее «отдых» или «безделье» [6, с. 6].

Отечественный исследователь И.М. Снегирев, согласно поддерживаемой им концепции изучения феномена праздника, утверждал, что «праздник есть антитеза будней с их трудом и заботами» [7, с. 5], тем самым характеризуя само праздничное действие как способ психологической разгрузки присоединении сакрального и мирского.

Праздники издревле и в настоящее время играют огромную роль в истории государственного развития, как общественное событие «изъятое из повседневности», и проводимое в минуты досуга и отдыха. Праздники есть отражение повседневной непроизводственной деятельности, которые напрямую зависят от уровня развития производительных сил, от уровня общественного и индивидуального сознания, установленных традиций и обрядов.

Таджикский народ, который прошёл длительный исторический путь развития, в своём культурном становление впитал в себя многие элементы различных цивилизаций. Границы государственных образований, как известно, вещь относительная они меняются исторически. Современные территории Таджикистана были заселены ещё с I тысячелетия до н.э., когда возникли древнейшие рабовладельческие государства Бактрия и Согд, которые, несомненно, оказали своё влияние на его культурное и духовное развитие.

Рассматривая древние календарно-обрядовые праздники, связанные также с различными религиозными мировоззрениями (зороастризм, манихейство), и в настоящее время воплощённые в различные фестивали и праздники: шаби ялдо, сада, навруз, мехргон, тиргон, сайри гули сух, сайри гули лола, бойчечакхони, карвони сурх, иди хосилот, иди пахта, иди ангур и т.д., следует указать, что они являются отражением земледельческой цивилизации, демонстрирующие её расцвет и связь с природой, сменой времён года.

Среди различных праздников выделяется *сада*, древний праздник ариев возрождённый республике, но, о которых мало знают даже дружественные и побратимые соседние государства.

Праздник *сада* истоками из представлений мировоззрения первобытных людей, пройдя тысячелетний путь, до сих живёт в памяти таджикского народа. Извечная борьба между добром и злом, между светом и тьмой, теплом и холодом, способствовали зарождению этого праздника. И не случайно, что разжигание огня один из символов *сада*. Фирдоуси в своём произведение «Шахнаме», о сотворении мира писал: «четыре их: пламя, что светит всегда; И воздух, под ними – земля и вода; Вначале движенье огонь родило; И сушу затем породило тепло». Непосредственно зарождающемуся празднику посвящены следующие строки: «И брызнул огонь из осколков камней; Стал темный гранит багряницы красней; Тот праздник как память Хушанга мы чтим; Властителю быть подобает таким!; Он благами землю насытил сполна; За то ему миром хвала воздана!». [8, с. 9].

Рассматривая празднества и увеселения, невозможно пройти мимо работ Абу Рейхана Бируни. Как автор пишет в своих работах «образованные» люди стали причиной обращения к данной теме, они спросили: «какие существуют значительные праздники и памятные дни, (приуроченные) к определённым периодам и работам, а также другие (обряды), которые одни народы исполняют в отличие от прочих». [9, с. 25].

Праздники и памятные дни являются основой не только культурного, но, и общего сближения людей, тем более связанных исторически, которого не хватает в наши дни. На разных его этапах, будь это близкородственные, соседские, межэтнические. Налаживание взаимосвязей и контактов на уровне села, города, государства.

В своих произведениях Бируни выделяет «почитаемые» дни, и дни которые не в особом почёте. Одни дни считает счастливыми, другие не счастливыми. Абу Рейхан Беруни, в произведение «Ат-Тафхим», связывает два праздник *сада* и *навруз* числительным *сад* – 100. По его исчислению, от первого праздника, который проходит 30 января, ровно в разгар зимы, до второго упомянутого праздника, который начинается во время весеннего равноденствия, проходит ровно 50 суток, или 50 дней и 50 ночей. В книге Авесты появление света и тепла означают словом *санд*, исходя из которого, предполагается, что возможно это является предтечей самого названия праздника.

Как известно, главные критерии праздника *сада*, это уважение к наступающему теплу и свету, которое несёт изменение в природе, после долгого холода и тьмы. Элементы данной культуры можно увидеть во многих других культурах. Рождённая в славянской мифологии и связанная с днём весеннего солнцеворота древний языческий праздник, как и праздник *сада*, посвящён прощанию с зимой и встрече долгожданной весны. Называемый в настоящее время *масленицей*, он также отражает вековые традиции, бережно хранимые и передаваемые из поколения в поколение.

В приведённых культурах, разожжённый огонь является символом – света, тепла и предстоящей весны. Одной из составных частей празднования считается подготовка к земледельческим работам. В дни праздника просеивали семена будущего урожая, просматривали сельскохозяйственной орудия труда, и по возможности удобряли землю. В настоящее время, к древним традициям добавились озеленение и благоустройство парков, скверов и улиц. Очищение и содержание в чистоте личных жилищ и общественных мест. Различные виды работы по охране природы и её богатств.

Непосредственно сам праздник *сада* отмечался торжественно и пышно. С близкими родственниками и друзьями, в чистой и красивой одежде, за богатыми и любимыми яствами за достарханом. Одной из важных продуктов за праздничным столом отводится пшенице и её продуктам, которая представлена в разнообразных выпечках и изделиях. Непременно присутствует традиционное блюдо *далда*, которую готовят из перетолчённой пшеницы и заливают водой. Потом добавляют баранью голову и ноги, а также фасоль.

Праздник *сада* символ победы света над тьмой, добра над злом, тепла над холодом, сопровождалось музыкой, песнями и театральными представлениями, где разыгрывались сцены борьбы света и тьма. Во время празднования читались отрывки из Авесты. Так же следует подчеркнуть, что в мировоззрение первобытных людей, этот праздник был связан с первыми шагами укрощения огня, методов его разжигания и использования для своего блага. По древним поверьям считалось, чем сильнее и жарче пламя огня, тем плодородней будет земля в наступающем году, и обильный урожай осенью. В дальнейшем мифология связывает добычу огня с мифологическим героем Хушангом, который во время охоты увидел секрет добычи огня и преподнёс в дар своему народу.

В настоящее время Республика Таджикистан является единственной страной, где возродили древнейший праздник *сада.* Организация Объединённых Наций по вопросам образования, науки и культуры (ЮНЕСКО), учитывая большой вклад таджикского народа в сокровищницу человеческой цивилизации, включила древний праздник *сада* в список нематериального культурного наследия человечества. Данное решение было принято 6 декабря, 2023 г., на заседании 18-й сессии ЮНЕСКО, в столице африканского государства Ботсваны, в г. Габороне. Учитывая древние исторические корни, Республика Таджикистан и Исламская Республика Иран, совместными усилиями номинировали эту древнюю земледельческую культуру.

Думается, что праздник *сада* должен выйти за пределы одной республики, и стать объединяющим фактором и упрочением мира и процветания, в регионе, где издревле развивался тюрко-согдийский синтез – Средняя Азия. В регионе, где формировался очаг человеческой цивилизации – Паркана. И дружественные, побратимые народы – Узбекистана, Таджикистана и Кыргызстана, продолжая славные традиции прошлого, должны выйти на новый уровень культурного и межнационального общения.

Подводя итог данной статье, следует сказать, человечество в процессе его развития, помимо жизненно необходимой производственной деятельности, с самого зарождения сопровождает непроизводственная деятельность в форме различных празднеств.

Среди разнообразных праздников таджикского народа, издревле бытует праздник *сада***.** Праздник, который олицетворяет собой победу света над тьмой, тепла над холодом, добра над злом. В ходе исторических коллизий древнеземледельческий праздник был забыт, и вот в XXI в. вновь возрождён, и включён в список нематериального наследия человечества.

В эпоху глобализации и новых вызовов, возрождённый праздник *сада* должен сыграть свою роль консолидации, упрочения и много векторного культурного развития не только на региональном уровне, но, и в мировом масштабе.

Литература:

1. Жигульский К. Праздник и культура. – М.: Прогресс, 1985. – 336 с.
2. Хёйзинг Й. Homo ludens. Человек играющий / Сост., предисл. Х 35 и пер. с нидерл. Д.В. Сильвестрова; Комент., указатель Д.Э. Харитоновича. – СПб.: Изд-во Ивана Лимбаха, 2001. – 416 с.
3. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. В 4-х тт.– М.: Терра, 1995.– Т.1.– 669с.; Т.2.– 779 с.; Т.3.– 555 с.; Т.4.– 683 с.
4. Там же. С. 381.
5. Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: Рус. яз., 1991.– 915 с.
6. Белоусов Я.П. Праздники старые и новые: некоторые филос. аспекты проблемы празднования / Я.П.Белоусов. - Алма-Ата : Казахстан, 1974. - 220 с.
7. Снегирёв И.М. Русские простонародные праздники и суеверные обряды, в 4 т. – М., 1837-1839.
8. Фирдоуси. Шахнаме. [В 6 т.] Т. 1. От начала поэмы до сказания о Сохрабе / Изд. подгот. Ц.Б. Бану, А. Лахути, А.А. Стариков – М.: Изд-во АН СССР. –1957. – 675 с.
9. Бируни Абу Рейхан. Пер. А. Халидова, Ю. Завадовского. Индия. – М.: Научно-издательский центр «ЛАДОМИР». – 1995. – 730 с.

НАҚШИ ОЛИМОНИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ТАЪСИС ВА РУШДИ АКАДЕМИЯИ БАЙТУЛҲИКМА

Зарифов Насимҷон Ҳакимҷонович *– н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Бузургтарин маркази илмӣ дар Хилофати Араб Академияи Байтулҳикма ё худ "Хонаи ҳикмат" буд, ки дар пойтахти хилофат шаҳри Бағдод мустақар буд. Бо бовари метавон гуфт, ки таъсис ва фаъолияти Байтулҳикмаи Бағдод давоми мантиқии донишгоҳи Гундишопур[1] буд. Маҳз олимон-табибони ин ниҳоди илмӣ ва дигар донишмандони Мовароуннаҳру Хуросон бунёдгузорон ва равнақдиҳандаи ин маркази илмӣ ба ҳисоб мераванд[2].

Пеш аз оне, ки ба баррасии фаъолияти Байтулҳикма пардозем, зарур медонем дар бораи авзои сиёсии давр маълумоти фишурдае биёрем, зеро дар баъзе аз таҳқиқотҳои муосир, хосатан олимони Ғарб, таъсис ва фаъолияти марказу ниҳодҳои илмӣ ба донишмандони араб рабт дода шуда, барои ифодаи донишмандони миллату халқҳои дигар, хосатан тоҷику форс, мафҳуми "**олимони мусулмон**" кор бурда мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки фарҳанги оламшумули исломӣ моли араб аст ва дар ташаккулу рушди он миллатҳои дигар аҳамияти 2-юм ва 3-юмдараҷа доранд[3].

Тавре ки дар сарчашмаҳои илмии асримиёнагӣ таъкид мешавад, арабҳо то зуҳури ислом ҳаёти кӯчӣ ва нимкӯчӣ доштанд. Аз лиҳози тараққиёти фарҳангу маънавиёт аз Византияи насронӣ ва Сосониёни Эрон хеле ақиб монда буданд. Ҳатто аввалин халифаҳои Рошиддин низ ба мероси илмию фарҳангии халқҳои тобеъ чандон аҳамият намедоданд. Барои тасдиқи ин матлаб меҳоҳем чанд мисоле биёрем.

Дар робита ба ин Ибни Халдун нигоштааст: "**Кучо шуд илму дониши Эрон, ки Умар дар ҳангоми фатҳ ба нобуд кардани онҳо фармон дод?!**"[4] ё баъди забти қисмати бузурги давлати Сосониёни Эрон китобҳои зиёде ба дасти истилогарони араб афтод ва сарлашкари араб Саъд ибни Ваққос ба халифа Умар нома навишта, амри ӯро пурсид. Умар дар ҷавоб менависад: "**Китобҳоро дар об афканед, зеро агар онҳо боиси раҳнамои бошанд, мусулмононро роҳнамое беҳ аз Қуръон нест ва агар далели гумроҳӣ бошанд мо аз онҳо бениёзем**"[5].

Чунин муносибати истилогарони араб натанҳо нисбати давлати Сосониён, балки ба дигар минтақаҳои зери ишғолашон низ марбут аст. Дар забти шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуронсон ҳам дар баробари осори маънавӣ олимону донишмандонро низ қатли ом карданд. Дар ин хусус Абурайҳони Берунӣ дар "Осор-ул-боқия" овардааст: "... вақте Қутайба ибни Муслим ба мардуми Хоразм даст ёфт, нависандагони эшонро ба қатл расонид, хирбадонро бикушт, китобу рисолаҳои онҳоро ба оташ афканд"[6].

Ҳамин буд дар ибтидо муносибати аъроб ба китобу қалам ва илму уламо. Чун истилои юнону мақдуниҳо дар забткории арабҳо садҳо марказҳои илмиву фарҳангӣ, оташкадаву ибодатгоҳҳо ва китобхонаҳо нобуд карда шуданд. Маҳз барои ҳамин имрӯз мо дар бораи фарҳангу адабиёт ва чеҳраҳои фарҳангию сиёсии тоисломии худ маълумоти тираву ночизе дорем.

Чунин сиёсати фарҳангситезии арабҳо то даме давом кард, ки хонадонҳои маҳаллӣ ба идораи хилофат роҳ ёфтанд ва арабҳо дар назди фарҳанги оламгири халқҳои ориёитабор таслим шуданд. Ин ба даврае рост меояд, ки зимоми идории хилофатро Аббосиён (750-1258) бар дӯш гирифтанд. Дар давраи ҳукмронии Аббосиён, қудрати олӣ моҳияти худро якбора тағйир дод: халифа дигар роҳбари лашкари мусалмон, балки пешвои тамоми ҷомеаи мусалмонон шуд, ки **дар он эътиқоди динӣ нисбат ба пайдоиши қавмии шахс афзалият пайдо кард**. Маҳз дар ин давра бисёр мусулмононе, ки аслан араб набуданд, тавонистанд дар хилофат мансабҳои

[1] Дар сарчашмаҳои дасти аввал бо номи Ҷунди Шопур ёд шудааст.
[2] Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750-1517гг.) – М.: Восток-Запад, 2001. – С.83.
[3] Ланда Л.Г. История арабских стран. – М.: Восточный университет, 2005. – С.67-94.
[4] Ибни Халдун. Муқаддима. –Бейрут, 1997. – С. 112.
[5] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Ҷ.1. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С.167.
[6] Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе, 1990. – С.63.

баландро ишғол кунанд, ки ин барои шукуфоӣ ва эҳёи фарҳангҳои миллии саросари хилофати Аббосиён мусоидат намуд[1].

Бешак, ҳукумати Абосиён аз ибтидо бо дастгирию пуштибонии халқҳои эронитабор бунёд ёфта нақши онҳо дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии хилофат хеле калон буд[2]. Дар идораи Хилофат хонадонҳои эронитабори Бармакиён[3], Саҳлиён, Ковусиён (баромадашон аз Истаравшан), Мусоиҳо, Навбахтиҳо, Тоҳириён, Сомониён ва ғайра ҷалб гардида буданд[4]. Ин хонадонҳо натанҳо дар танзиму идораи хилофат, балки дар ташаккул ва рушди фарҳанги исломӣ нақши бориз гузоштанд. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки ҷалби хонадонҳои бонуфузи эрониасл дар идораи хилофат барои ташаккули илму ирфон роҳ кушод.

Аз сарчашмаҳо маълум аст, ки Маъмун аз соли 809 ба ҳайси волии Хуросон дар Марв буд ва баъди аз тахт дур кардани бародараш Амин (соли 913) ба мансаби халифӣ расид. То соли 819 китобу дафтари хилофат дар Марв қарор дошт ва халифа аз ин ҷо давлатро идолра мекард. Дар Марв ӯ Ал-Хоразмӣ ва дигар доираҳои олимони Осиёи Миёнаро дар атрофи худ муттаҳид карда буд. Солҳое, ки ӯ дар Хуросон буд (809-819), бо доираҳои илмии Моварроуннаҳру Хуросон ошноӣ пайдо кард. Ин буд, ки соли 919 вақте ба Бағдод рафт, ин олимонро ҳамроҳи худ ба Бағдод бурд ва маҳз ҳамин олимон нерӯи асоси илмии Байтулҳикмаро ташкил медоданд[5]. Ногуфта намонад, ки хонадони тоҷиктабори Бармакиён низ дар таъсиси Байтулҳикма ва фаъолияти минбаъдаи он нақши муҳим доштанд[6].

Олими аврупоӣ Хю Кеннеди қайд мекунад, ки «Халифа Маъмун бо омаданаш ба Бағдод хост он анъанаи халифаҳои пешинро тағйир диҳад. Ӯ доираҳои навро, ки ба халифаҳои собиқ – Мансур, Маҳдӣ иртиботе надоштанд, ба дарбор ҷалб намуд. Қисми зиёди онҳо араб набуданд ва худро ба арабҳо низ мансуб намедонистанд. Баръакс, аз эронинасаб будани худ ифтихор мекарданд ва ба таъриху фарҳанги тоисломии худ арҷ мегузоштанд»[7].

Халифа Маъмун натанҳо зери таъсири фарҳангу тамаддуни мардуми эронитабор қарор дошт, балки бо ин мардум робитаи хунӣ низ дошт. Ӯ аз никоҳи Ҳоруннарашид бо Мурочил, ки духтари Устоди Сис[8] буд, ба дунё омада буд[9]. Ҳатто дар муборизаҳои дарборӣ маҳз бо муроҷиати модараш Мурочил ӯ бо ашрофони тоҷиктабори Саҳлиён ба Марв меравад. Модар аз он ҳарос дошт, ки писараш аз ҷониби ашрофони араб нобуд карда мешавад[10].

Миёни муҳаққиқон дар хусуси замон ва бо ташаббуси кадом халифа таъсис ёфтани Академияи Байтулҳикма фикрҳои мухталиф ҷой доранд. Баъзеҳо онро ба номи халифа Мансур, дигаре ба номи Ҳоруннаршид ва сеюмин ба номи Маъмун нисбат медиҳанд. Таҳлили адабиёти илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ибтидо он на ҳамчун маркази комплексӣ-илмӣ, балки як китобхонаро (Хизонат-ул-ҳикмат) мемонд, ки табибону олимон кору фаъолият мекарданд. Баъдтар дар замони Ҳоруннарашид ба маркази бузурги тиббию тарҷумонӣ ва ниҳояд дар аҳди Маъмун ба академия (маркази комплексии илмӣ) табдил шуд[11].

Яке аз муаррихони маъруфи таърихи Хилофати Аббосиён И.М. Фильштинский таъсиси Байлулҳикмаро ба номи халифа Маъмун рабт дода, санаи таъсиси онро ба соли 827 мутталлиқ медонад.[12]

Муҳаққиқи тоҷик Юсуф Исҳоқӣ ба мавзуи таъсиси Байтулҳикма дахл намуда, чунин овардааст: “1300 сол муқаддам арабҳо шаҳри Гундишопурро забт карданд ва амволашро ба яғмо бурданду бо ҳамин мавҷудияти 300-солаи ёдгории нодири тамаддуни инсонӣ – донишгоҳи

[1] Р.З. Назариев, Б.Б. Шомуродов ва дигарон. Таърихи дин. – Душанбе, 2022. С.3-5.
[2] Абдушукури Абдусаттор, Таърихи адабиёти араб. – Душанбе, 2010. – С.161-163.
[3] Али-заде А.А. Хроники мусульманских стран I-VII хиджры. –М.: УММА, 2004. – С.152-153.
[4] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 590-594.
[5] Ибн ан-Надим. Ал-Фихрист. – Каир, 1929. – С.397-398.
[6] Али-заде А.А. Хроники мусульманских стран I-VII хиджры. –М.: УММА, 2004. – С.158-159.
[7] Хью Кеннеди. Двор халифов (Перавод с анг. Н. Тартавской). – М.: Хранитель, 2007. – С.318-320.
[8] Яке аз муборизони роҳи истиқлолу озодӣ аз юғи истилогарони араб буд.
[9] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 594-596.
[10] Хью Кеннеди. Двор халифов (Перавод с анг. Н. Тартавской). – М.: Хранитель, 2007. – С.328-330.
[11] بیت الحکمه؛ دانشگاه نخستین اسلامی//https://www.mehrnews.com
[12] Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750-1517гг.) – М.:Восток-Запад, 2001. – С.83.

Гундишопур, хотима ёфт. Китобхонаи калон, бозёфту кашфиётҳои ғуншудаи илмӣ ва қисми муайяни олимон ба пойтахти хилофати Аббосиён шаҳри Бағдод фиристода шуданд.

Дар Бағдод баъдтар тимсоли донишгоҳи Гундишопур бунёд шуд. Дар ин давра алакай дар Бағдод даҳҳо бемористон фаъолият мекард, ки бисёр табибони Гундишопур ба ин ҷо гузаштанд. Дар байни онҳо Абдулло ибни Муқаффаъ, Абу Муслим, Бармакӣ, Рӯзбеҳ барин олимон буданд"[1].

Яке аз хонадонҳои машҳур, ки солиёни зиёд роҳбарии Гундишопурро ба душ дошт, авлоди Бахтишуъ буд. Бештари муҳаққиқон аввалин роҳбари Гундишопурро низ Бахтишуи I ба қалам додаанд. Ин хонадон аз масеҳиёни настурии Эрон буданд ва Ҷурҷис писари Бахтишуъ, ки роҳбари Гундишопур буд, ба дарбори халифа Мансур барои табобати ӯ ҷалб шуда буд. Ӯ бо сабаби беморӣ аз хидмат ба халифа даст кашида, писарашро ба ҷойи худ табиби халифа гузошт. Минбаъд намояндагони ин хонадон, ба монанди Ҷабраил, Убайдуллоҳ, Али ибни Иброҳим ва чанде дигар ба халифаҳои аббосӣ хидмат карданд. Маҳз ин хонадонро метавон заминагузорони воқеии Байтулҳима ном бурд[2].

Бештари донишмандони Эрон низ ин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунанд, ки нахустин бемористон дар Бағдод бо ташаббуси Ҳоруннарашид ва аз ҷониби Ҷабраил ибни Бахтишуи I сохта шуд. Равиши кор дар бемористони Бағдод ба монади Гундишопур ба роҳ монда шуда буд[3].

Аввалин табибон ва осори тиббие, ки дар Байтулҳикма ба вуҷуд оварда шуд, ба донишмандони Гундишопур марбут аст. Аз тарафи дигар, он осори тиббие, ки ба арабӣ баргардон мешуд, ба номи ҳамин олимон марбут аст[4].

Агар гуфтаҳои болоро хулоса кунем, гуфтан мумкин аст, ки бунёди Байтулҳикмаро халифа Мансур ниҳод, аммо ташаккул ва рушди он ба номи халифа Ҳоруннарашид ва писараш Маъмун рост меояд. Маҳз дар замони ҳукмронии халифа Ҳоруннаршид Байтулҳима аз китобхона ба маркази илмӣ табдил шуд. Ибн ал-Китфӣ қайд мекунад, ки ғояи ба маркази илмӣ табдил додани Байтулҳикма ба номи Ҳоруннарашид марбут аст, аммо раванди амалишавии ин ғоя ба замони ҳукмронии писараш Маъмун рост меояд[5].

Ба ҳар навъе набошад, таъсиси Байтулҳикма ба доираҳои илмии тоҷику форс мансуб буда, иқтидори асосии илмии онро маҳз ҳамин олимон ташкил медоданд. Сарварони нахустини он: Саҳл ибни Ҳорун ё Мусоя тоҷиктабор буданд.

Таъсиси китобхона ("Хазинат-ул-ҳикма"), маркази тарҷумонӣ ва ниҳоят Академияи Байтулҳикма рӯйдоди фараҳбахше буд барои халқҳои Ховари Миёна. Дар адабиёти илмӣ он бо номҳои "Китобхонаи Бағдод", "Академияи Бағдод" ва "Хонаи ҳикмат" низ ёд мешавад[6].

Дар назди Байтулҳикма китобхона бо номи "Хазинат-ул-ҳикма" амал мекард, ки аз рӯйи маълумоти баъзе муҳаққиқон, дар он зиёда аз 4 миллион ҷилд китобҳо мавҷуд буд. Таъсиси ин китобхона ба хонадони тоҷиктабори Бармакиён мансуб буда, барвақттар аз худи Байтулҳикма сурат гирифтааст[7]. Барои муқоиса мехостем чанд мисол аз китобхонаҳои Аврупо биёрем. Фонди китобхонаи шаҳри Констант (а. IX) 356 ҷилд, Бамберге (а. XII) 96 ҷил китобро ташкил медод, ки дар муқоиса ба китобхонаи Байтулҳикма ночиз аст. Халифа Маъмун ба кишварҳои гуногуни олам бо мақсади ҷамъоварии китобҳои ҷудогонаи илмӣ, сафорат фиристода буд, ки китобҳои ҷамъовардашуда зиёда аз 100 уштурро дар бар мегирифт. Аз рӯйи маълумоти ал-Фарат дар китобхона китобҳои марбут ба соҳаҳои мухталифи илм (фалсафа, илоҳиёт, математика, нуҷум, мантиқ) ҷамъоварӣ шуда буд, ки толибилмон метавонистанд аз онҳо истифода баранд[8].

---

[1] Исҳоқӣ Ю., Тоҷиев Я. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. – Душанбе: ДДТТ, 1993. С. 34-35.

[2] Абдушукури Абдусаттор, Таърихи адабиёти араб. – Душанбе, 2010. С.200-2001.

[3] **اسلامی دانشگاه نخستین الحکمه؛ بیت**//https://www.mehrnews.com/ Санаи муроҷиат: 15.04.2024

[4] **اسلامی دانشگاه نخستین الحکمه؛ بیت**//https://www.mehrnews.com/ Санаи муроьиат: 15.04.2024

[5] Ҳамон ҷо

[6] Ланда Л.Г. История арабских стран. – М.: Восточный университет, 2005. – С.70-75.

[7] Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750-1517гг.) – М.:Восток-Запад, 2001. – С.83.

[8] Юркина Ю. Дом Мудрости: од переводческого до научного центара//https://cyberleninka.ru/Санаи муроҷиат: 15.04.2024

Бояд тазаккур дод, ки як омили рушди китобу китобдорӣ дар Хилофат ба истеҳсоли қоғази баландсифат марбут аст. Тоҷикон яке аз аввалинҳо шуда аз чиниҳо асрори омода кардани қоғазро омӯхта буданд ва дар асрҳои IX-X тамоми Хилофатро бо қоғази баландсифат таъмин мекарданд. А.А. Семенов чунин мешуморад, ки истеҳсоли қоғаз дар Самарқанд то ба ин ҷо омадани арабҳо маълум буд. Дар асри X қоғази истеҳсоли шаҳри Самарқанд, ки аз ҷиҳати сифат беҳтарин шуморида мешуд, папирусро танг карда баровард1.

Тавре ки таъкид шуд дар Байтулҳикма китобҳои зиёде ҷамъоварӣ шуда, баъдтар муҳимтарини онҳо интихоб ва баргардон мешуданд. Бо таваҷҷуҳ ва иқдоми халифаҳои аббосӣ, бахусус Ҳоруннаришид ва Маъмун, китобҳои фаровоне аз осори юнонӣ, ҳиндӣ, эронӣ, сурёнӣ, портӣ, оромӣ, санскрит ва паҳлавӣ дар Байтулҳикма гирд оварда шуда буданд ва аксари онҳо ба арабӣ баргардон шуданд. Дар Байтулҳикма донишмандони олимақом ва тарҷумонҳои маъруфи давр хидмат мекарданд, ки тариқи мисол метавон аз Саҳл ибни Ҳоруни Форсӣ – нахустин мудир ва раиси Байтулҳикма[2], Саид ибни Ҳорун бародари Саҳл, Абусаҳл Фазл ибни Нав бахти Форсӣ – хозин-ул-китоб (китобдор), Яҳё (Юҳанно) ибни Мосавейҳ, Синд ибни Алии Яҳудӣ – раиси расадхона, Юҳаннои Битриқ файласуф – мутарҷими маъруф, Ҳанин ибни Исҳоқ, писараш Исҳоқ ибни Ҳанин ва садҳо донишманди мумтози дигарро ном бурд[3].

Дар баробари хонадони эрониасли Мусо (Бани Мусо) чандин нафари дигар, ки баромадашон аз Хуросону Мовароуннаҳр буданд, ба тарҷумаи осори юнону румӣ ва санскрит машғул буданд. Собити Ҳарронӣ аз ҷумлаи он тарҷумонҳост, ки дар Байтулҳикма шуҳрати зиёд дошт[4].

Дар Байтулҳикма 8 рисолаи Афлотун, 19 рисолаи Буқрот, 38 рисолаи Ҷолинус, осори Арасту, Уклидус (Евклид), Батлимус (Птолемей) тарҷума шуданд, ки «Ал-Миҷастӣ»-и Батлимус, «Усул»-и Уқлидус, аксари осори Афлотуну Арасту роҷеъ ба фалсафа, риёзиёт, мусиқӣ, асарҳои ҳиндӣ («Сидҳинд» бо номи «Сидҳинди Кабир») ва рисолаҳои дигар аз ҷумлаи онҳоянд. Олимон ва мутафаккирони соҳаҳои марбута барои кушодани гиреҳи осори олимони аҳди қадим ба шарҳу тафсири қисме аз онҳо пардохтанд. Дар муддати кӯтоҳе Яъқуби Киндӣ ба «Манозир»-и Уқлидус, Абулаббоси Найрезӣ ба «Ал-Миҷастӣ»-и Батлимус, Абунасри Форобӣ ба «Органон» ва «Мобаъдуттабиа» («Метафизика»)-и Арасту шарҳ навиштанд, ки ин анъана минбаъд ҳам идома пайдо кард[5].

Бешак метавон гуфт, ки оғози таваҷҷуҳи арабҳо ба илмҳои мухталиф ва интиқоли онҳо ба арабӣ аз тарҷумаи осори халқҳои тобеи хилофат оғоз гардид. Ин раванд аз замони нахустхалифаҳои аббосӣ оғоз гардида, дар замони Ҳоруннарашид ва Маъмун ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасад. Ин халифаҳо дар ҳаққи тарҷумонон ғамхорӣ ва пуштибонӣ мекарданд[6].

Омӯзишу таҳқиқи илму фарҳанги Ҳинд дар Байтулҳикма ба олимони тоҷик марбут аст. Дар ин миён хонадони Бармакиёнро, ки нигаҳдорандаи маъбади Навбаҳори Балх буданд, махсус мебояд таъкид намуд. Устоди марҳум Муҳаммад Осимӣ бомаврид таъкид кардааст, ки "Асосан бо таъсири хонадони Бармакиён дар Бағдод (Байтулҳикма, З.Н.) тарҷумаи асарҳои марбут ба нуҷум, математика, тиб аз забони санскрит (забону хатти Ҳинди Қадим) бо арабӣ ба роҳ монда шуд. Маҳз бо ташаббуси ин хонадон халифа Ҳоруннарашид ва Маъмун, бо мақсади ҷамъоварӣ ва омӯзиши асарҳои марбут ба илми тиб, ба Ҳиндустон экспедитсияҳои илмӣ созмон доданд"7. Чунин экспедитсияҳо ба Константинопол низ созмон дода шуданд[8].

Дар ин марҳала эҳёи илму фарҳанги тоисломиро дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон, аз ҷумла Самарқанд, Бухоро, Ҳирот, Марв, Хоразм ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо маркази хилофат шаҳри Бағдод меҳвари илму ирфон ба ҳисоб мерафт.

---

[1] Зарифов Н. Кишваршиносии таърихӣ (КМТ). Душанбе:ДДОТ, 2021. С. 87.
[2] Хью Кеннеди. Двор халифов (Перавод с анг. Н. Тартавской). – М.: Хранитель, 2007. –С.328.
[3] Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. Душанбе, 2013. С.279-280.
[4] Хью Кеннеди. Двор халифов (Перавод с анг. Н. Тартавской). – М.: Хранитель, 2007. – С.329-332.
[5] Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. Душанбе, 2013. С.279-280.
[6] Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750-1517гг.) – М.: Восток-Запад, 2001. – С. 54-56.
[7] Асимов М.С. Ал-Хоразми и опыт культурно-исторического синтеза// Великий учёный средневековья Ал-Хоразми. – Ташкент: Фан, 1985. С.105-111.
[8] Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750-1517гг.) – М.: Восток-Запад, 2001. – С.84.

Маврид ба зикр аст, ки дар **Байтулҳикма ба ҷуз аз китобхонаи ғанӣ ("Хазинат-ул-ҳикма"), инчунин расадхона, маркази таълиф, тарҷумаву таснифу истинсох ва тадрису таълим ва баҳсу мунозара низ мавҷуд буд**. Илова бар ин, дар Байтулҳикма котибону саҳҳофон ва наққошону музаҳҳибон низ фаъолият доштанд[1].

Бо супориши халифа Маъмун дар назди Байтулҳикма дар Бағдод (828) расадхона бунёд карда шуд, ки баъди чанде чунин расадхона дар Димишқ (831) низ бунёд мегардад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки ин расадхонаҳо ибтидои рушди илми ситорашиносӣ дар Шарқ гардиданд. Роҳбарии ин расадхонаҳоро халифа бар дӯши Муҳаммад Мусо ал-Хоразмӣ вогузор намуд[2]. Бояд қайд кард, ки асосгузори расадхонаи машҳури замон – аш-Шаммасия дар Бағдод Яҳё ибни Абумансури марвӣ буд, ки якчо бо Ал-Хоразмӣ тадқиқот мебурданд. Самараи ин омӯзишҳо чанд рисолаи Ал-Хоразмӣ доир ба астрономия ба ҳисоб меравад[3]. Олимони расадхона асбобҳои бисёри мавриди истифода дар расадхона, аз қабили устурлоб, зовияёб (сектант) ва ғайра созонданд, ки онҳо минбаъд такмил ёфта, дар расадхонаҳои гуногун қариб то замони Галилео Галилей истифода мешуданд. Ҳамин тавр, Расадхонаи Бистомӣ дар Шероз, расадхонаи Ҳамадон, расадхонаи Маликшоҳи Салҷуқӣ, расадхонаҳои Мароға ва Талита ба вуҷуд омаданд, ки онҳоро мутафаккирони номӣ мисли Насируддини Тусӣ, Наҷмуддини Қазвинӣ, Асируддини Абҳарӣ, Кошонӣ сарварӣ мекарданд[4].

Дар Байттулҳикма зери роҳбарии нуҷумшиноси точиктабор Абдуллоҳ ибни Умар ибни Мансур ва Ал-Хоразмӣ олимони намоёни ин соҳаи илм ба монанди Писарони Ибни Шокир – Муҳаммад, Аҳмад ва Ҳасан, ки бо номи Бану Мусо машҳуранд, олимони намоёни соҳаи нуҷум, ҳандаса, математика, ва механика ба камол расиданд.

Аз рӯйи маълумоти баъзе муаррихон гузаштагони Бани Мусо аз Эрони Шарқӣ, яъне точикон буданд ва ҳанӯз дар Марв будани ӯ ба дарбор роҳ ёфтанд. Баъди марги Мусо халифа сарпарастии фарзандони ӯро бар дӯш гирифта, дар соҳибмаълумот шудани онҳо саҳм гирифтааст[5].

Ин се бародар, ҳамроҳ бо Аҳмади Фарғонӣ, бо супориши Маъмун **дарозии умумии буриши қутри Заминро бо роҳи механикӣ дар Саҳрои Санчар бо устурлоб муайян карда, қутри кураи Заминро ёфтанд, ки он тақрибан 8 ҳазор фарсах баромад**. Абдурраҳмони Хозинӣ дар бахши механика (ҷарри исқол) ба санҷиши вазни вета (ё худ вазни хос)-и ҷисмҳо пардохтааст. Ибни Ҳайсам яке аз пурмаҳсултарин олимони табииёти соҳаи физика буд, ки беш аз 200 асар таълиф кардааст. Муҳимтарин асари ӯ «Китоб-ул-манозир» ба лотинӣ тарҷума шуд ва дар Ғарб шуҳрат ёфт. Ин асар ба ташаккули назарияҳои Роҷер Бэкон, Иоганн Кеплер, Леонардо да Винчи нуфуз дошт. Ибни Ҳайсам дар бораи инкисори нур, ҳаракати мустақими нур, шаклҳои гуногуни оина, хусусияти линзаҳои барҷаста ва фурӯхамида, кунҷи (зовияи) инъикоси онҳо, назарияи қонуни шишаҳо ва дигар матолиби физикӣ таҷрибаҳои ҷолибе анҷом дода, ба омӯзиши нури Офтобу Моҳ пардохт ва собит кард, ки дар сурати 19 дараҷаи зери уфуқ расидани Офтоб шафақ аз байн меравад[6].

Ин хонадон натанҳо дар дарбори Маъмун, балки ба дигар халифаҳои аббосӣ низ хизмат карданд. Ҳатто намояндаи ин хонадон Муҳаммад санаи Наврӯзро бо ҳисоби математикӣ ҳисоб карда баромад ва халифа Мутаваккил ин санаро ҳамчун оғози соли нав барои ҷамъоварии андозҳо аз Наврӯз ҳисоб мекард[7].

Дар ин миён математики машҳури Хатлонӣ **Абдулҳамид ибни Восеъро** метавон ном бурд, ки ҳамзамони ал-Хоразмӣ ва яке аз олимони овозадори Байтулҳикма буд. Осори гаронбаҳои ӯ "Роҳнамои ҳисоб (арифметика)" мебошад, ки дар он муаллиф назарияи муодилаҳои квадратиро ба риштаи таҳлил кашидааст[8].

---

[1] Энсиклопедияи миллии точик. Ҷ. 2. Душанбе, 2013. С.279-280.

[2] Великий учёный средневековья Ал-Хоразми. – Ташкент: Фан, 1985. – С.63.

[3] Донишномаи Сомониён. Ҷ.1. – Хуҷанд, 2009. – С.533.

[4] Розенфельд Б.А. Астрономия стран Ислама. Историко-астрономическое исследования. – М. 1984. – С. 67-122.

[5] Хью Кеннеди. Двор халифов (Перавод с анг. Н. Тартавской). – М.: Хранитель, 2007. – С.330.

[6] Энсиклопедияи миллии точик. Ҷ. 2. Душанбе, 2013. С.279-280.

[7] Хью Кеннеди. Двор халифов (Перавод с анг. Н. Тартавской). – М.: Хранитель, 2007. – С.329-330.

[8] П. Г. Булгаков, Научное окружени ал-Хоразмӣ в Багдаде // Великий учёный средневековья Ал-Хоразми. – Ташкент: Фан, 1985. С.63-65.

Баробари илми ҳайатшиносӣ олимон «саноати танҷим»-ро низ инкишоф доданд. То замони истилои араб солшумории яздигурдӣ амал мекард. Тибқи он як сол аз 11 моҳи 30 рӯза ва як моҳи 35 рӯза иборат буд. Солшумории ҳиҷрии қамарӣ – 354 рӯзу 11 соат (10 рӯзу 21 соат камтар аз солшумории ҳиҷрии шамсӣ) буд. Бо дастури Маликшоҳи Салҷуқӣ «Тақвими маликшоҳӣ» бо иштироки Умари Хайём, таҳия гардид, ки он аз соли 1079 ба расмият даромад[1]. Маҳз ҳамин тақвим асри XVI бо ташаббуси Папаи Рум Гигорий XIII дар Аврупо ҷорӣ гардид ва то имрӯз бо номи тақвими григорианӣ амал мекунад.

Баттонӣ ҳамроҳи дигар ҳайатшиносон фарзияҳои худро доир ба ҳаракати ҷирмҳои мунири осмонӣ баён карда, бо ҳашт фалаки низоми батлимусӣ фалаки ситораҳои собита – фалаки нуҳумро илова намуд. Абулҳасани Юнис синуси якдараҷаро ҳисоб карда, тарзи муҳосибаи Батлимусиро саҳеҳтар гардонид.

Илми кимиё дар маркази илмии Гунди Шопур, ҳам дар Байтулҳикма ва марказҳои дигари хилофат мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Аз зумраи маъруфтарини онҳо Ҷобир ибни Ҳайён аст, ки муаллифи беш аз 500 асар мебошад. Дар ин замина ӯ таҷрибаҳои кимиёӣ карда, пайвастагиҳои зиёди кимиёиро кашф намуд. Усулҳои тақтир, табҳир, тақлис, тасъид ва табалвур дар ҳамин давра ба вуҷуд омаданд. Алкул (спирт), қалё (купорос), намакҳои қалёӣ, тезобҳои сӯзанда, баъзе навъҳои намаку равғанҳо ва беш аз 14 моддаи кимиёӣ кашф карда шуданд. Абулвафои Бузҷонӣ дар 20-солагиаш ба маркази илмии Байтулҳикма омада, дар бахши ҳисоб, (арифметика), ҳандаса, (геометрия), мусалласот (тригонометрия) ва нуҷум (астрономия) таҳқиқот анҷом дод. Дар асарҳои Уқлидусу Диофантро шарҳ дода, бино ба маълумоти Ибни Надим, 11 асар таълиф кард, ки ҳоло дар китобхонаҳои Истанбулу Париж маҳфузанд. Дар «Китоб-ул-миҷастӣ» ва «Дар зарурати амали ҳандаса»-и ӯ қоидаҳои ҳисоб барои ҳар гуна доира (радиус)-и дилхоҳ, муайян кардани андозаҳои кунҷии Офтобу Моҳ, фосилаву бузургии сайёраҳо ва ғайра баррасӣ шудаанд. Минбаъд Насируддини Тусӣ дар нуҷум ва риёзиёт ба чандин кашфиёт даст ёфт ва мусалласот (тригонометрия)-ро аз илми нуҷум ҷудо намуд. Абурайҳони Берунӣ дар «Китобу таҳдид ниҳоёти-ил-амокин ли тасҳеҳи масофот-ил-масокин» («Геодезия») навиштааст, ки Абулвафои Бузаҷонӣ соли 977 дар Бағдод ва худаш дар Хоразм падидаи кусуфи Офтобро дидаву санҷида, натиҷаи мушоҳидаҳоро муқоиса кардааст[2].

Ал-Фарғонӣ ва Аббос ибни Ҷавҳарӣ – намояндагони улуми риёзӣ дар Байтулҳикма ба таҳқиқи муодилаҳои дараҷаи ду, ададҳои сода, решаҳо ва ғайра пардохта муодилаҳои дараҷаи ду, се ва ғайраро дарёфтанд. Абдулҷалили Сиҷистонӣ дар бораи қитъаи махрут (сектори конус) ва тақсими кунҷ ба се қисмат аз буриши доира ва ҳуҷлулӣ (ҳипербола)-ҳои баробартараф кашфиёти тозае кард, ки он минбаъд бо муодилаи мукааб ифода гардид. Асари Хоразмӣ «Ал-ҷабр ва-л-муқобала», ки ба пажӯҳишҳову тарҷумаҳои Байтулҳикма робитаи ғайримустақим дошт, ба ҳалли муодилаҳои дараҷаи ду бахшида шудааст[3]. **Китоби мазкур ба забони лотинӣ ва забонҳои дигари Ғарб бо номи «Либер Алгоризм» маълуму машҳур шуд ва номи Хоразмӣ – «Алгоризм» бештар ба маънии ҳисоб ва усули муҳосибаҳои риёзӣ ба забон меомад** (ваҷҳи тасмияи алгоритм аз ин ҷост). Дар инкишофи минбаъдаи илми ҷуғрофиё ҳамчунин «Сурат-ул-арз»-и Муҳаммади Хоразмиро мисол овардан мумкин аст. Дар ин асар роҷеъ ба ҷойи шаҳрҳо, кӯлҳо, чашмаҳо, кӯҳҳо, баҳрҳо, ҷазираҳо ва ғайра маълумоти фаровон оварда шудаанд. Дар он ҳамчунин арзу тӯли 573 шаҳр, 7 иқлими замин, арзу тӯли 209 кӯҳ ёд шудааст[4].

Таъсиси маркази илмӣ, фарҳангӣ ва таълимие чун Байтулҳикма ва Гундишопур дар такомули фарҳанг ва маорифи минбаъдаи исломӣ нақши муассир гузошт. Дар аҳди аввали ислом дар Басраву Куфа ва Димишқ масҷидҳоро чун мадрасаи ибтидоӣ истифода мекарданд. Дар низоми таълим тадриҷан ба ҷуз улуми динӣ сарфу наҳв ва илмҳои дигари

дорои хусусиёти дунявӣ, аз қабили иншо, услуб, ҷуғрофиё, нуҷум, риёзиёт, тиб, дорушиносӣ ва ғ. дохил шуданд. **Вале аввалин мадрасаи олӣ Байтулҳикма ба шумор мераф**т. Хароҷоти он аз Байтулмоли хилофат таъмин мешуд. Дар он тамоми навъҳои улуми замона

[1] Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 279-280.
[2] Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С.279-280.
[3] Великий учёный средневековья Ал-Хоразми. – Ташкент: Фан, 1985. – С.105-111.
[4] Донишномаи Сомониён. Ҷ.1. – Хуҷанд, 2009. – С.533.

омӯхта мешуданд. Дастпарварони ин мактаби олӣ дар шаҳрҳои бузурги хилофат марказҳои худро ташкил медоданд[1]. Барои мисол, соли 1005 халифаи фотимӣ Ҳоким Биамриллоҳ дар як қисмати қалъаи Фотимиён дар Қоҳира марказе ба номи «Дор-улҳикма» таъсис дод[2].

Ақоиди исмоилияи фотимӣ, ки онҳоро аз давраи халифа Муъиз минбаъд ҳикмат ном ниҳода буданд, дар толорҳои ин муассиса таълим дода мешуданд. Доъиён низ дар ҳамин ҷо таълим мегирифтанд. Бисёр фақеҳони суннимазҳаб ҳам дар ҳамин марказ дарс меомӯхтанд. Байтулҳикма заминаи асосии ба вуҷуд омадани «Низомия»-ҳо ҳам гардид. Бо эҳтимоми Низомулмулк мадрасаи олии Бағдод бо сарварии Абуисҳоқи Шерозӣ бо номи «Низомия» таъсис дода шуд ва дар муддати кӯтоҳ мадрасаҳои Мустансирия, Самарқанд, Чорбоғи Исфаҳон ва ғ. ба фаъолият пардохта, инчунин дар Байтулмуқаддас, Ғарнота, Андалус ва шаҳрҳои дигар низ мадрасаҳои олӣ арзи вуҷуд карданд. Барномаи таълимии онҳо аз Байтулҳикма гирифта шуда буд ва бо мурури замон ба онҳо тағйироти зарурӣ ворид карда шуданд[3].

Дастпарварони Байтулҳикма дар бахши маорифи динӣ низ ҷустуҷӯҳо доштанд. Ибни Маъмун таълимоти динӣ ва каломии муътазиларо дини давлатии хилофат эълон карда буд ва чандин ҷамъомади мутакаллимону фақеҳон бо дастури халифа роҷеъ ба муайян кардани усулу аҳкоми дини ислом баргузор гардида буд. Дар илмҳои фалсафа ва тиб низ дастовардҳои назаррасе ба даст омада буданд, ки бештарашон ба қалами олимони тоҷику форс мутааллиқанд.

Тақдири ин маркази илмӣ тариқи фоҷиавӣ анҷом шуд. Аввали соли 1258 вақте, ки хони муғул Ҳулогӯ Бағдодро фатҳ намуд, муддати 40 шабонарӯз шаҳррро ғорат кард. Тамоми масҷиду хонақоҳ, мадрасаву китобхонаҳо сухтаву нобуд карда шуданд. Дар сарчашмаҳо таъкид мегардад, ки тамоми китобҳои Байтулҳикма, аз рӯйи баъзе манбаъҳо ба 2 миллион мерасид, дар дарёи Даҷла партофта ва аз зиёд будани китобҳо пуле ба миён омада, оби дарё сиёҳ гардид. Аз рӯи баъзе сарчашмаҳо дар Бағдод то 1 миллион одам қатл шудд., аз ҷумла зиёда аз ҳазор олимону донишмандонро сар буриданд[4][5]. Инро метавон фоҷиайи умумибашарӣ ном бурд, зеро бо ин ганҷина муғулҳои чодарнишон фарҳангу тамаддуни ғанию пешрафтаро аз миён бурданд.

Аз маълумотҳои болозикр маълум мегардад, ки баъди ба дарбори Хилофат роҳ ёфтани ашрофони тоҷику форс ва зери таъсири фарҳанги эрониён-тоҷикон қарор гирифтани халифаҳои араб сиёсати онҳо ба илму олимон тағйир ёфт. Дар натиҷа донишмандону ашрофони тоҷиктабор дар симои Ҳоруннарашид ва Маъмун пушту паноҳ ёфтанд. Ин омил боиси эҳёи дубораи фарҳанги тоисломии халқҳои ориёитабор гардид.

Маҳз зери таъсири мутафаккирони тоҷику форс нахустин академияи илмӣ дар Хилофат – Байтулҳикма ба вуҷуд омад, ки натанҳо дар ташаккули фарҳанги исломии Шарқ, балки дар рушди илму ирфони Ғарби насронӣ низ нақши бориз гузошт. Маҳз дар заминаи ҳамин Байтулҳикмаи Бағдод дар шаҳрҳои Моваруннаҳру Хуросон даҳҳо китобхонаву академия ва мадрасаҳои исломӣ ба вуҷуд омаданд. Бехуда нест, ки ин марҳала дар таърихи кишварҳои мусулмонии Шарқ “давраи тиллоӣ” ном бурда мешавад.

Адабиёт:

1. Абдушукури Абдусаттор, Таърихи адабиёти араб. – Душанбе, 2010.
2. Абурайҳони Берунӣ, Осор-ул-боқия. – Душанбе, 1990.
3. Али-заде А.А. Хроники мусульманских стран I-VII хиджры. – М.: УММА, 2004.
4. Великий учёный средневековья Ал-Хоразми. – Ташкент: Фан, 1985.
5. Донишномаи Сомониён. Ҷ.1. – Хуҷанд, 2009.
6. Забони миллат – ҳастии миллат. Ҷ.1. – Душанбе:Эр-граф, 2016.
7. Ибн ан-Надим. Ал-Фихрист. – Каир, 1929.
8. Исҳоқӣ Ю., Тоҷиев Я. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. – Душанбе: ДДТТ, 1993.
9. Ланда Л.Г. История арабских стран. – М.: Восточный университет, 2005.
10. П. Г. Булгаков, Научное окружени ал-Хоразмӣ в Багдаде. В кн.: Великий учёный средневековья Ал-Хоразми. – Ташкент: Фан, 1985.

[1] Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С.279-280.
[2] Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С.279-280.
[3] Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С.279-280.
[4] Дом мудрости.//Wikipedia.org
[5] Столяров Б. Библиотеки Арабского халифата// ttps://www.gpntb.ru/Санаи мурочиат: 11.04.2024

11. Р.З. Назариев, Б.Б. Шомуродов ва дигарон. Таърихи дин. – Душанбе, 2022.
12. Розенфельд Б.А. Астрономия стран Ислама. Историко-астрономическое исследования. – М., 1984.
13. Столяров Б. Библиотеки Арабского халифата// ttps://www.gpntb.ru/ Санаи мурочиат: 11.04.2024
14. Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750-1517гг.) – Москва:Восток-Запад, 2001.
15. Хью Кеннеди. Двор халифов (Перавод с анг. Н. Тартавской). – М.: Хранитель, 2007.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2009.
17. Юркина Ю. Дом Мудрости: од переводческого до научного центара//https://cyberleninka.ru/Санаи мурочиат: 15.04.2024
18. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 2. Душанбе, 2013. С. 279-280.
19. الحکمیت //https://fa.wikipedia.org/ Санаи мурочиат: 15.04.2024
20. اسلامی دانشگاه نخستین الحکمه؛ بیت//https://www.mehrnews.com/ Санаи мурочиат: 15.04.2024

РОЛЬ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ УЧЁНЫХ В ОБРАЗОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ АКАДЕМИИ " БАЙТ-УЛ-ХИКМА" (ДОМ МУДРОСТИ)

В статье рассматривается роль таджико-персидских учёных в становление и развитие знаменитого научного центра Востока – Бат-ул-ҳикма. Академия Бат-ул-ҳикма был формировался в период правление трех арабских халифов – Мансур, Хорунаррашид и Маъмун. Ключевую роль в его образование и развитие оказали учёные Хорасана и Мавереннахра, такие как Ал-Хоразми, Ибн Шокир, Ибн Надим, Сахл ибн Форси, Яхя ибн Майсевах и род Бармакидов.

При Доме мудрости существовала библиотека и абсерватория. Одной из важнейших задач академии был перевод на арабский язык индийских и древнегреческих трудов по астрономии, математике, медицине, алхимии, философии.

Ключевые слова: наука, обсерватория, библиотека, халиф, учёный, Багдад, Мавераннахр, Хорасан, Гундшопур, Байт-ул-хикма, ал-Хоразми, Бармакиды.

ROLE OF TAJIK-PERSIAN SCIENTISTS IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE BAIT-UL-HIKMA ACADEMY (HOUSE OF WISDOM)

The article deals with the role of Tajik-Persian scientists in the formation and development of the famous scientific center of the East – «Bat-ul-Hikma». «Bat-ul-Hikma» Academy was formed during the reign of three Arab caliphs - Mansur, Khorunarrashid and Ma'mun. A key role in its formation and development was played by scholars of Khorasan and Mawrennahr, such as Al-Khorazmi, Ibn Shokir, Ibn Nadim, Sahl ibn Forsi, Yahya ibn Maysewah and the Barmakid clan.

There was a library and an observatory attached to the House of Wisdom. One of the most important tasks of the academy was to translate into Arabic Indian and ancient Greek works on astronomy, mathematics, medicine, alchemy, and philosophy.

Keywords: science, observatory, library, caliph, scholar, Baghdad, Maverannahr, Khorasan, Gund Shopur, Bayt-ul-hikma, al-Khorazmi, Barmakids.

Сведения об авторе: *Зарифов Насимджон Ҳакимджонович – кандидат исторических наук, доцент кафедры история таджикского народа ТГПУ им. С. Айни, E- mail: maorif_24@maile.ru*

Information about the author: *Zarifov Nasimjon Hakimjonovich – Candidate of Historical Sciences, the associet professor of the Department of History of the Tajik people of TSPU of S. Ayni,* ***E- mail:*** *maorif_24@maile.ru*

МЕҲРГОНРО ДАР ДАВРАИ СОСОНИЁН БО ТАНТАНА ҶАШН МЕГИРИФТААНД

Эркаев Сафар Абдулхайрович *– иширокчии Иҷлосияи тақдирсози миллат ХУ1, дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», номзади илмҳои таърих, 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. (93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru*

Ҷӯраева Майсара – *муҳаққиқи МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»*

«***Меҳргон,*** *ба монанди Наврӯз, таҷассумгари суннатҳои неки инсонист, ки файзу баракати хони пурнеъмати кишоварзонро инъикос менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳар сол бошукӯҳу шаҳомати хос таҷлил карда шавад. Аз ин хотир, анъанаву расму оини хос ва фарҳанги ғании мардуми тоҷик, ки аз қадимулайём бо замин сарукор доштанд ва соҳиби маданияти баланди заминдорӣ буданд, то имрӯз зинда боқӣ мондааст ва ҳамчун ҷузъи таркибии тамаддуни умумибашарӣ барои инсоният хизмат менамояд*».-**Эмомалӣ Раҳмон**

Бикшод Меҳргон дари иқбол бар ҷаҳон,
Фархунда бод малики Шарқ Меҳргон.

Дар таърихи мардуми эронинажод *Меҳргон* иди ҷамъоварии ҳосили рӯёндаи кишоварзон, деҳқон, фаровонӣ, шодию нишот, дӯстиву рафоқат, ваҳдату ягонагӣ ва меҳру садоқат аст. *Меҳргон* - иди дӯстию меҳру муҳаббат ва ҳосил аст! Дар сарзамини Шарқ дар замонҳои

қадим Меҳргон ба монанди Наврӯз ҷашн гирифта мешуд. Тавре ки Абӯрайҳон Берунӣ, А.Кристенсен, М.Баҳор ва олимони дигар ишорат намудаанд, шоҳон зимни тақлили ҳар ду ҷашн ба назди мардум баромада, маросими ҳадия додан ва ҳадия гирифтанро анҷом медоданд. Марде чун «пайки хуҷаста» вориди дарбори шоҳ мешу два оини хосае баргузор мегашт. Дар ин ҷашнҳо, ки шашрӯзӣ идома меёфтанд, дастурхони зебои пурнозу неъмат меоростанд. Меҳргон низ ба мисли Наврӯз аз «Меҳргони омма» ва «Меҳргони хоса» иборат буд. Меҳргон гӯшаест дар таркиби «Дувоздаҳмақом». Вожаи «*меҳргон*» (митракона, рабиаш, меҳрҷон) аз ду ҷузъ иборат буда, онро дар луғатномаҳо чунин шарҳ додаанд: «*меҳр*» - муҳаббат, самимият, дӯстӣ ва «*гон*» далел бар нисбат, яъне ба чизе мансуб будан аст[2,с.248].

Навруз ба номи Ҷамшед ва Меҳргон ба номи Фаридун вобаста аст. Дар ин бора дар сарчашмаҳо зиёд ишорат шудааст. Дар «Шохнома» омадааст, ки баъд аз Ҷамшед салтанатро Заҳҳоки морон ба даст гирифт, ки дар он замон мардум ба ситом ва азобу азият гирифтор буданд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд карда мешаванд, ки дар замони Сосониён ва баъдҳо дар байни хони меҳргонӣ, ки ба хони наврӯзӣ монанд буд, чун рамзи рӯшноӣ шамъ мегузоштанд. Дар атроф гулу гиёҳҳои хушбуй мепошиданд. Бо дуди испанд неруҳои аҳриманиро дур карда, бо пош додани гулоб муҳитро хушбуй менамуданд. Ба митсли Наврӯз дар ҷашни Меҳргон низ шодиву сурур, рақсу бозӣ, созу мусиқӣ танинандоз мегардид.

Истиқлолият-неъмати бебаҳо буда, дар замони соҳибистиқлолӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷашнҳои бостонӣ, ба монанди Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон, таваҷҷуҳ намуда, барои эҳёи дубораи онҳо шароит муҳайё сохтанд. Таърих гувоҳ аст, ки дар фасли тирамоҳ, чун нишонаи Ҷашни Меҳргон, баргузор гардидани идҳои арбузу харбуза, фестивали картошка, ошу палов, каду, ангур, себ, анор, нок, асал ва намоиши дигар дастовардҳо барои мардум шодию сурур мебахшанд.

Дар ҳақиқат, ҳоло дар кишвари ҷаннатмаконамон Ҷашни Меҳргон ҳар сол моҳи октябр тақлил мегардад. Дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳо мардум маҳсулоти кишоварзиро ба намоиш бароварда, гурӯҳҳои ҳунарӣ даста- даста дар фазои озод таронасарой менамоянд. Ҳамчунин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо намоишҳои махсуси театрӣ бахшида ба Меҳргон баргузор мекунанд. Бешак, бо саъю кӯшиши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷашни Меҳргон дар қатори дигар идҳои миллии мардуми Шарқ, аз он ҷумла, тоҷикон аз нав бо тамоми шукӯҳу манзилаташ эҳё шуд.

Таърих гувоҳ аст, ки бо бовар метавон гуфт, ки мардуми шарифи халқи тоҷик Меҳргонро мисли Наврӯз ҷашн гирифта, бо Роҳбари ватандӯсту маърифатпарвар, фарҳангпарварашон ифтихор мекунанд ва баҳри пешрафти ватани маҳбубамон боз ҳам бештар саъю талош менамоянд. Яке аз қадимтари идҳои фасли сол аст, ки дар байни қавмҳои эронӣ расм шудааст. Баробари инкишофи деҳқонӣ ва ҷорӣ гаштани тақвими деҳқони пайдо шудааст. Меҳргон иди ҳосилот аст, ки рӯзи шонздаҳуми – рӯзи меҳри моҳи ҳафтуми соли шамси – меҳршоҳ, ки эрониёни қадим онро муборак шуморида ид мекарданд ва он рӯзро Меҳргон меномиданд (бино ба достонҳои қадимӣ, гӯё рӯзи ҳабс шудани Заҳҳок дар кӯҳи Дамованд будааст), ба 23 сентябр – 22 октябр тақвими Григорионӣ рост меояд. Деҳқонон дар ҳамин рӯз ҷамъовари ғалла ҷашн гирифта мешуд. Ба қайди М. тайёри медиданд, ҳашарҳо мегузарониданд, Сару либоси нав медӯхтанд, сайлу базмҳо ташкил мекарданд. Баъди ғалабаи Инқилоби состсиалисти Октябри Кабир дар байни деҳқонони колхозу совхозҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, ба ҷои Меҳргон анъанаҳои нав ба мисли Иди ҳосилот ва ғайра пайдо ва пойдор шудаанд[2,с.4].

Абӯрайҳон Берунӣ низ ин гуфтаро таъ-кид намуда, дар «Китоб-ут-тафҳим ли авоили санаот-ит-танҷим» навиштааст: «Меҳргон чист? Шонздаҳум рӯз аст аз меҳрмоҳ ва номаш Меҳр. Ва андар ин рӯз Афридун зафар ёфт бар Биюросби ҷоду, он-ки маъруф ба Заҳҳок. Ва ба кӯҳи Дамо- ванд боз дошт. Ва рӯзҳо, ки сипаси Меҳргон аст, ҳама ҷашнанд бар кирдори он-чи аз паси Навруз бувад. Ва шашуми он Меҳргони бузург бувад ва Ромрӯз ном аст ва бадин донандаш».Берунӣ дар китоби дигари худ «Осор-ул- боқия» низ дар бораи Меҳргон бештар сухан ронда, бар асоси ривоятҳои машҳури мардумӣ, ки дар манобеи дигар низ дар шаклҳои гуногун ба назар мерасанд, «Меҳргони Бузург» - ҷашн, тантанаи бузург, ёки аз сурудҳои мавсимию маросимии қадимии форс – тоҷик, ки онро Борбади Марвӣ эҷод намудааст. «Меҳргони Бузург» дар байни мардумони Моваруннаҳру Хуросон аз ҷумлаи беҳтарин сурудҳои ҷашни Меҳргон ба шумор мерафтааст. «Меҳргони Хурд» - ҷашн, тантанаи хурд, Меҳргони хурдак аз ин қисмҳо иборат: 1. Аз

сурудҳои мавсимию маросимии қадимии форс – тоҷик, ки Борбади Марвӣ барои ҷашнороии Хусрави Парвиз эҷод кардааст.2. Яке аз ғӯшаҳост дар таркиби «Дувоздаҳмақом». 3. Шӯъбаест дар таркиби «Понздаҳмақом», ки онро бештар «меҳргони борбадӣ» ва «меҳргони шоҳӣ» меномидаанд. «Меҳргони» аз оҳангҳои қадим, ки Борбади Марви ба муносибати ҷашни Меҳргон тасниф намудааст[3,с.371].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ: Фирдавсӣ «Шоҳнома», Асадии Тусӣ «Гаршоспнома», Абураҳон Берунӣ «Китоб-ут-тафҳим», «Осор-ул-боқия», Садриддин Айнӣ «Ёддоштҳо», асари Рашид Қодиров «Назаре ба фолклори тоҷикони вилояти Қашқадарё» ва ғайраҳо дар бораи ҷашни Меҳргон маълумотҳои ҷолиб баён карда шудааст. Меҳргон яке аз қадимтарин идҳо, ки миёни қавмҳои эронӣ расм шудааст. Меҳргон рӯзи эътидоли тирамоҳӣ оғоз меёбад, ки он ба 16 – уми меҳрмоҳ (моҳи ҳафтуми солшумории шамсӣ), мутобиқ ба 22 окт. Солшумории Григорианӣ рост меояд. Доир ба пайдоиши ҷашни Меҳргон ривоятҳои гуногун мавҷуданд. Бино ба маълумоти Берунӣ Фаридун ба муносибати маҳв намудани Заҳҳок дар кӯҳи Дамованд базме ороста, ба ҷашни Меҳргон асосгузоштааст. Дар замонҳои қадим чунин одат будааст: Дар ҷашни Меҳргон агар кассе ба Тани худ равғани бон молида, ба наздиконаш гулоб пошад, ҳамеша сиҳату саломат ва сарбаланд мегаштааст[4,с.80]. Меҳргон баробари инкишофи деҳқонӣ пайдо шудааст ва онро баъди ғунучини ҳосил ид мекарданд. Деҳқонон ба пешвози Меҳргон ҳашар мегузарониданд, сарулибоси нав мепӯшиданд, сайру базмҳо меоростанд. Меҳргонро дар давраи Сомониён бо тантана ҷашн мегирифтаанд. Чунончи, Рӯдакӣ яке аз маликони сомониро бо фаро расидани Меҳгон табрик карда гуфтааст:

Малико, ҷашни Меҳргон омад!
Ҷашни шохону хусравон омад!
Хаз ба ҷои мулҳаму хиргоҳ,
Бадали боғу бӯстон омад.
Мӯрд ба ҷои савсан омад боз,
Май ба ҷои арғавон омад.
Ту ҷавонмарду давлати ту ҷавон,
Май ба бахти ту ҷавон омад.

Масъуди Саъди Салмон дар рӯзҳои Меҳргон ҳамеша ба ҳамдигар меҳрубон буданро таъкид мекунад:

Рӯзи Меҳр аст, меҳрубонӣ кун,
К- аз ҳама чиз меҳрубонӣ беҳ.

Дар давраи советӣ ба ҷои Меҳргон иди ҳосилот пойдор гардид. Меҳнаткашон ҳар сол баъди ҷамъоварии зироатҳои хоҷагии қишлоқ иди ҳосил мегузаронанд, ки он қисме аз унсурҳои бостониҷашни Меҳргонро фаро мегирад. Рӯзҳои ҷашн дар шаҳру деҳот бозиҳои спортӣ – бузкашӣ, гӯштингирӣ, камонварӣ ва ғайраҳо барпо мегарданд[4,с.70].

Меҳргон яке аз қадимтари идҳои фасли сол аст, ки дар байни қавмҳои эронию туркӣ расм шудааст. Баробари инкишофи деҳқонӣ ва ҷорӣ гаштани тақвими деҳқони пайдо шудааст. Меҳргон иди ҳосилот аст, ки рӯзи шонздаҳуми – рӯзи меҳри моҳи ҳафтуми соли шамси – меҳршоҳ, ки эрониёни қадим онро муборак шуморида ид мекарданд ва он рӯзро Меҳргон меномиданд (бино ба достонҳои қадимӣ, гӯё рӯзи ҳабс шудани Заҳҳок дар кӯҳи Дамованд будааст), ба 23 сентябр – 22 октябр тақвими Григорионӣ рост меояд. Деҳқонон дар ҳамин рӯз ҷамъовари ғалла ҷашн гирифта мешуд. Ба қайди Меҳргон тайёри медиданд, ҳашарҳо мегузарониданд, Сару либоси нав медӯхтанд, сайлу базмҳо ташкил мекарданд. Дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ дар байни деҳқонони колхозу совхозҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, ба ҷои Меҳргон анъанаҳои нав ба мисли Иди ҳосилот ва ғайра пайдо ва пойдор шудаанд. Меҳргон иди ҳосил ва ҳосилот Буда, дар баъзе мавридҳо дар давоми сол ба муносибати ин ё он ҷамъбасти маҳсулот, ғуну чини ҳосил гузаронида мешавад. Масалан, иди лола, иди сайру арбузу харбуза, иди каду, иди асал ва ғайраҳо. Дар Осиёи Миёна Наврӯз ҳамчун иди соли нав, иди саршави ва бетор шавии тамоми табиат, Сар шавии кишту кори баҳорона бошад, дар таторҳо ба ҳамин мондоқ ид – иди «Сабандӯй»(иди ба охир расидани кишту кор, иди омоч/плуг/ бошукухи шодиёна гузаронида мешавад, ин хил мисолҳоро дар мисоли дигар халқҳои ҷаҳон овардан мумкин. Дар ҳамаи идҳо дар кадом вақти фасли сол нагузаронад, ҳатман дар онҳо меҳру муҳаббат, меҳрибони, меҳргони, дӯстию рафоқат, сулҳу салох, хурсандию хушбахти хукмрони мекунад. Аз ин лиҳоз тамоми идҳо бо меҳргон ҷамъбаст карда мешаваду баъд аз он иди нав сар мешавад. Дар асоси омӯзиши чандин солаи таърихи идҳои қадимаи халқи тоҷик дар байни мардум, дар асоси таҷрибаҳои археологию этнографӣ, осорию омори, бо маълумотҳои ахборотчиён, сарчашмаҳои таърихию адабӣ, ҷуғровию фольклори ба ҳамин хулоса омодан мумкин, ки дар

хоҷагиҳои кишоварзӣ пеш аз гузоронидани иди ҳосил(мехргон)и давлати ҳатман дар хоҷагие, ки накшаи солоноро иҷро намудан иди Мехргон гузаронида мешавад бо навбат. Мо он дар мисоли хоҷагиҳои ноҳияҳои Айни, Панҷакент, Масчоҳ, Зафаробод, Ашт, Конибодом, Спитамен, Ҷаббор Расулов, Истаравшан, Вахш, Қӯрғонтепа, Варзоб, водии Рашт, Бадахшон ва ғайраҳо дидем ва дар онҳо фаъолона ширкат ҳам варзидем. Дар байни корхонаҳои гуногуни саноати ва кишоварзӣ озмунҳо ҳам гузоронида мешавад бахшида ба ҷамъбасти ҳосили сол ва пешқадамон ва ғолибан мукофотида ҳавасманд мегардонад.

Дар давраи советӣ ба ҷои Мехргон иди ҳосилот пойдор гардид. Меҳнаткашон ҳар сол баъди ҷамъоварии зироатҳои хоҷагии қишлоқ иди ҳосил мегузаронанд, ки он қисме аз унсурҳои бостонии ҷашни Мехргон – ро фаро мегирад. Рӯзҳои ҷашн дар шаҳру деҳот бозиҳои спортӣ – бузкашӣ, гӯштингирӣ, аспдавонӣ, дави варзишгорон ва тамоми вакилони табақаҳои гуногуни аҳоли, хӯруз ҷанги, сак ҷанги, ресмон каши, камонварӣ ва ғайраҳо барпо мегарданд. Дар шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳо озмуни беҳтарин гов, гӯсала, гӯсфан, асп, саг ва ғайриҳо ташкил карда мешавад. Ҳақиқатан ҳам иди Мехргон иди ҳосил, ҳосилот буда, ҳатто дар ҳар як оила ҳам гузаронида шуда, ҳосили солона ҷамъбаст мегардад. Зиёда аз 50 сол омӯзиш ва таҷриба ҳаминро нишон доданд, ки иди Мехргон ҷамъбасти идҳои халқи тоҷик мебошад. Вай инкишоф, такмил меёбад, аз таҷрибаҳои бойи халққои ҷаҳон бо бойтар мешавад. Қариб, ки ҳар дар даврони ҳокимияти советӣ ва асосан дар давраи истиқлоли тоҷикон бо танаффусҳо бошад ҳам, озмунҳои гуногун бахшида ба ҷамъбасти фаъолияти ташкилотҳо, шаҳру ноҳияҳо, вилоятию ҷумҳуриявии бахши ба иди истиқлолият, иди Истиқлолият, Рӯзи Конституцияи, иди Мехргон(ҳосил) бо мақсади рушди иқтисодиёт, ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолӣ, иҷрои накшаҳои барномавӣ, густариши корҳои ободонию кабудизоркунӣ дар маҳалҳо, ҳифзи муҳити зист, беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои тиб, маориф, фарҳанг, кишоварзи, ҷиҳати тадбиқи дастуру супоришҳои давлати доир ба густариши минъбадаи ҳаёти ҷамъияти озмуни «Шаҳри(ноҳияи) беҳтарин», бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ваа эътибори касбҳое, ки рушти иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот ва хизматрасонӣ мусоидат мекунанд, дарёфту ҷалби мутахассисони варзида, шахсони соҳибистеъдод ва ҳавасмандию қадршиносии онҳо озмуни «Мутахассиси беҳтарин»(бинокори сол, барномасози компютерии сол, бонкри сол, варзишгари сол, духтури сол, донишҷӯи сол, энергетики сол, иқтисоддони сол, кишоварзи сол, милисаи сол, олими сол, муаллиси сол, тарроҳ-дӯзандаи сол, ронандаи сол, рӯзноманигори сол, соҳибкори сол,ҳуқуқшиноси сол, чӯпони сол, говчӯши сол, механизатори сол, мироби сол, асалпарвари сол, табиби сол, оилаи сол, сиёсатмадори сол ва ғайраҳо) баргузор мегардад. Таҷрибаи бойи даврони ҳокимияти советӣ дар масъалаҳои озмуни, ташкилотчигӣ, ташаббускори, бунёдкорӣ, ташвиқоту тарғиботчигӣ, мустаҳкам намудани дӯстии халққои кишвар, ҳашари ва ғайриҳо дар даврони истиқлолият аз нав эҳъё шуда, дар ишароити нави сиёси ташаккул ёфта истодааст, ки он аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ, таърихию умумҷаҳони дорад ва он сарчашмаи асосии рушти мамлакати азизамон шуда метавонад. Ғайр аз ин дар қисмҳои аввали мақола оиди идҳои гуногуни касби, маҳаллию байналҳалқи ва қадимаи халқи тоҷик Мехргон сухан ронда будем, онҳо ҳам аҳамияти калони инсонпарварию дӯстии халққо дорад.

Дар солҳои истиқлолият бо саъю кӯшиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Мехргон аз нав бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш эҳё шуд ва дар радифи беҳтарин маросими миллӣ ворид гардид. Он имкон медихад, ки мардум бо хушҳолию хушнудӣ ин ҷашнро таҷлил кунанд, аз ҳосили ба дастовардааш дастархони меҳру муҳаббат боз намояд, ҳамдигарро табрик карда, барои фаровонии дастархон, ободии кишвар, вахдати комил дасти дуо бардорад ва нишоти Истиклолиятро бо ҳам бубинад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки мардуми тамаддунсози Тоҷикистон дар тамоми қаламрави кишвар ҷашни Мехргонро мисли Наврӯз ҷашн гирифта, бо Пешвои ватандӯсту фарҳангпарвараш ифтихор намуда, баҳри пешрафти Ватани маҳбубамон боз ҳам бештар саъю талош менамояд. Пешвои миллат махсусан қайд карданд: «*Аз тоҷик будани худ ифтихор дошта бошед, зеро гузаштагони мо – фарзандони фарзонаи миллати тоҷик дар рушди фарҳангу тамаддуни башарият саҳми бузург гузошта, роҳи ҷаҳониёнро ба сӯйи ҳамзистиву ҳамбастагӣ мунаввар сохтанд*».[5,с.3-4].

Ҳар як ҷашн ва ид, аз он ҷумла иди Мехргон ҳам дар он шароит ба иди ҳақиқи мубаддал мегардад, ки дар он вакилони тамоми табақаҳои гуногуни аҳоли ва халққо ширкат варзад ва дар онҳо меҳру муҳаббат, дӯстии халққо, меҳрибони, меҳргони, сулҳу салох, оромию осойиштаги хукмрони мекунад. Дар ҳақиқат, дар солҳои истиқлолият иди қадимаи халқи тоҷик

Меҳргон ба иди дӯстию меҳру муҳаббат, бунёдкорую созандагӣ, ватандӯстию ватандорӣ, хотамтойии табақаҳои гуногуни мардуми кишвари азизамон табдил ёфтааст. Иди ҳосил-Ҷашни Меҳргон дар таърихи халқи тоҷик аҳамияти таърихӣ – умумиҷаҳонӣ дошта, ҷашни муаррифкунондаи тоҷикони тамаддунсоз дар ҷаҳон мебошанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд карда мешаванд, ки аз замони Сосониён бошукӯҳ ҷашни гирифта шуда, бо пасту баландиҳо то замони ҳозира ҷашн гирифта омода истодааст.

Адабиёт:

1. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ 22. Душанбе, 1989.
2. Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.
3. Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Ҷ.4.-Душанбе, 1983.
4. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тожик. Ҷ 23. Душанбе, 2004.
5. Эмомали Рахмон. Достойные сыны таджикского народа внесли вклад в развитие цивилизации. Выступление Президента Республиким Таджикистана Эмомали Рахмона на встрече с активистами, представителями общественности и религиозными деятелями страны.г.Душанбе, 9 марта 2024 года). «Народная газета» №12 (20449) 13 марта 2027 года.

АВЕСТО - САРЧАШМАИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АДОЛАТ ВА ИДЕЯИ БАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ АҲДИ СОСОНИЁН

Бердиев Ш. П. *– н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

Адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ категорияҳои меҳварии ахлоқӣ ва принсипҳои асосии давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, аз аҳди қадим то кунун барои баррасӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ арзиши амалии худро ҳифз медоранд. Дар аҳди қадим файласуфон адолатро ҳамчун тартиби зарурии чизҳо, амалҳои накӯ, ки ифодакунандаи мафҳумҳои “некию хубӣ” ба ҳисоб мерафтанд ва таъминунандаи идеяи баробарии иҷтимоӣ буданд, мефаҳмиданд. Масалан, Суқрот[1] мафҳуми адолатро бо амали хушахлоқӣ ва дониш пайваст намуда, маншаи асосии баробарии иҷтимоӣ мешуморид. Беадолатиро маҳсули гумроҳӣ ва нодонӣ пиндошта, фазилатҳои асосии ахлоқиро адлгустарӣ, хирадмандӣ, дурандешӣ, парҳезкорӣ ва ғайра медонад. Афлотун бошад, менависад, ки “адолат хайри бузург аст, беадолатӣ шарри азим аст, то ҳамон андоза, ки руҳ дар худ фаро гирифта метавонад”.[2] Аз ин ақида маълум мешавад, ки адолат ин иҷрои амалҳои нек, ки подошаш барои инсонҳо дастёбӣ ба саодат, хушбахтӣ, баробарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, дасти мадад расонидан ба якдигар ва ғайра мебошад. Беадолатӣ феъли зишт аст, ки танҳо барои инсонҳо бадбахтӣ, ноумедӣ ва нохушнудӣ эҷод мекунад. Ба андешаи Арасту[3] адолат падидае мебошад, ки дар рафтору кирдори инсонҳо падидор мегардад ва рукни муҳимми ахлоқии он фазилат инсонро ба адолатхоҳӣ ва адолатпешагӣ ҳидоят менамояд. Ё худ адолат ягона фазилат аст, ки тобеи қоидаҳои ҷиддӣ мебошад. Он дар муносибат нисбати дигарон ифода меёбад. Аз ин рӯ, принсипи муҳимми онро баробарӣ ташкил медиҳад.

Дар китоби Авесто, ки ақидаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ-сиёсии таълимоти зардуштия инъикоси пурраи худро ёфтаанд, мафҳуми “адолат” бо мафҳуми “дод”, ки маънои ростӣ, ҳақиқатро ифода менамояд, муродиф меояд ва ҳамчун ҷузъи муҳимми қонунҳои ҳатмии ахлоқӣ эътироф карда мешавад ва Аҳурамаздо таъминкунандаи адолат, некӯкорӣ, рӯшноӣ ва баробарӣ аст.

Ба маънои дигар, “Дар “Авесто” таълимот дар бораи мухолифати некӣ ва бадӣ (адолат ва бедодӣ) ҳамчун идеяи муҳимми созанда эътироф карда мешавад ва аҳамияти бештари амалӣ пайдо мекунад... адолат ҳамчун хосияти аслии Аҳурамаздо бо иродаи ӯ алоқаманд

[1] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ. – Душанбе: “Илм”, 2022.- С.40-41.
[2] Бородай, Т.Ю. Платон//Античная философия: Энциклопед. Словарь. – М.: Прогресс-Традиция, 2008. – С. 565-574.
[3] Аристотель. Политика. Сочинения: В 4-х т. – М.: Мысль, 1983. – Т.4. – С. 128.

буда, шоҳи одил кафили риояшавии адолат дар ҷомеа мебошад. Хушахлоқии инсонҳо пояи таҳкиму нумуъи адолат, неруи татбиқгардонии он дониста шудааст".[1]

Ҳамин тавр, аз таҳлилу муқоисаи андешаҳо баръало маълум мегардад, ки дар фаҳмиши мутафаккирони аҳди қадим адолат муайянкунандаи андозаи баробарӣ ва нобаробарӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Баробарӣ бошад, дар низоми ҷомеадорӣ ба даст овардани як навъ мусовишавӣ ва якрангиро дар миёни кулли аъзои ҷомеа дар назар дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳқиқи осори арзишманди ахлоқӣ ва фалсафии гузаштагони худ, аз ҷумла Зардуштро аз чеҳраҳои мондагори таърих мешуморад ва дар мавриди таълимоти зардуштия андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, қайд мекунад, ки "Зардуштия нахустин динест, ки таҳкурсии мустаҳками ахлоқии динҳои муосири ҷаҳонро гузошта, дорои тамоми рукнҳо, сохтор, аҳком ва назму тартиби мушаххаси ормонӣ мебошад. Чун ин дин дар даврони туфулияти башар по ба арсаи вуҷуд гузошта, аз саргаҳи ирфони инсонӣ баҳраманд гардидааст, бунҳои он низ мусаффою нуронӣ буда, тамоми пайкараш бо торҳои дурахшони зиндагӣ ва зарраҳои асилу равшани офариниш танида шудааст".[2]

Ҳақиқатан, ҷавҳари фалсафаи зардуштияро ахлоқ ташкил медиҳад ва асли ин дини ниёкони мо мазмунан ахлоқмеҳварӣ аст. Зардуштия инсонҳоро барои нойил шудан ба амалҳои нек ва шоиста талқин мекунад. Бадӣ ва амалҳои ба он тавъамро амалҳои нораво ва зишт пиндошта, истифодаи онҳоро боиси ривоҷ ва пайдоиши торикӣ дар вуҷуди инсон медонад. Аз ин рӯ, ҷавҳари ахлоқӣ доштани дини зардуштия сабабгори он гашт, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ динҳои дигари ҷаҳонӣ барои ташаккул ва эътирофи бештар пайдо кардани худ аз фалсафаи амалии он васеъ истифода баранд. Ё худ, дини зардуштия комилан ҷанбаи назариявӣ надошта, балки ҷавҳараш фалсафаи амалӣ мебошад. Инсонро ҳидоят мекунонад, ки ҳамеша фаъол бошад, аъзои бадани ӯ, хусусан ақли ӯ кор кунад ва ҳамеша нек мулоҳиза намояд, ростиро талқин карда, аз гуноҳ кардан худро дур дорад. Ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаи баррасишаванда фикр накардан, дуруст наандешидан, мулоҳиза нанамуданро бузургтарин гуноҳ мешуморад. Чунки роҳ якест ва он роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа мебошанд.

Авестошиноси шинохтаи тоҷик Ҳ.Муъминҷонов дар таҳқиқоти худ оид ба макони назру ниёиш, ситоишу иҷрои намоз дар динҳои гуногун мароқ зоҳир карда, чунин маълумоти воқеӣ медиҳад, ки "Дар ҳар дину мазҳаб ташкилоте, ки оммаи васеи мардумро ба эътиқоду боварӣ ҳидоят мекунад, маҳаллест, ки онҳо дар он ҷо ба худованд назру ниёз карда, ситоишу намоз ба ҷо меоваранд. Чунин ташкилот дар дини насронӣ калисо, буддоӣ - маъбад, дини ислом - масҷид ва яҳудия – синагога аст. Дар дини маздаясна чунин сохтор оташкада ном дорад. Дар оташкадаи зардуштӣ дар мазҳари оташ на оташи муқаррарӣ, балки манбаи энергия ва рӯшноии он, ки рамзи андешаи нахустини Аҳурамаздост, парастида мешавад".[3]

Дар асоси ин маълумот мушаххас мегардад, ки подшоҳони сосонӣ на танҳо ойини маздаясноро мазҳаби ягонаи давлатдорӣ эълон карданд, инчунин барои сарҷамъ кардани мардум ва устувор нигоҳ доштани муттаҳидӣ ба бунёди оташкадаҳо, таъмиру бозсозии онҳо таваҷҷуҳи хосса доданд, ки ин иқдом ваҳдати мардумро мустааҳкам карда, барои густариши арзишҳои ахлоқии гузаштагон мусоидат намуд. Чунки гузаштагони мо зебоипарастӣ ва озодиро афзалтар аз ҳар чизи дигар дониста, амалҳои ношоистаро зуҳроти номатлуб алайҳи ҷомеа ва зиндагии ҷамъиятӣ меҳисобиданд.

Бояд гуфт, ки Худованди Зардушт Аҳурамаздост ва он маънои "сарвари хирад", "Худованди хирад"-ро ифода мекунад. Аз дидгоҳи фалсафаи космологӣ номи дин ва муъминони онро маздаясна – яъне пайравони хирад меноманд. Хирад ваҷҳи муштараки ақл ва таҷриба буда, донишест, ки дар ҷараёни кашфи табиат ба даст меояд. Мухолифини динро бошад, бо номи даеваясна – ситоишкунандагони дев ном мебарад. Ба он хотир, ки шайтон, ҷин, иблис бо девҳо гурӯҳи муштаракро ташкил медиҳанд. Онҳо муқобили ҳамнавъони худ фиребкору зарароваранда мебошанд. Ба ибораи дигар, Зардушт инсони нодонро бо дев

[1] Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ. – С.35-36.
[2] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор.- Душанбе, 2016.-С.70.
[3] Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2004. - С.114.

муқоиса карда, чунин мешуморад, ки вай аз рӯйи нодонӣ ва бетаҷрибагӣ кори ношоиста анҷом медиҳад.[1]

Аз ин андеша бармеояд, ки аз ҷанбаи онтологӣ Зардушт инсонҳоро вобаста ба хулқу хӯй, рафтору амал ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: инсонҳои неку рафтори писандидадошта - маздаясна ва инсонҳои бадрафтору ҷоҳил - данаеваясна. Ё аз ҷанбаи дигар Зардушт инсонҳое, ки таблиғгари ростӣ, дурустӣ, покӣ ва адолат мебошанд, онҳоро ашаван номида, инсонҳое, ки тарафдорӣ аз дурӯғ, фиреб, кина ва ғайра мекунанд, онҳоро дрегван меҳисобад. Умуман, Аҳурамаздо на танҳо мазҳари ситоиш, балки намунаи пайравӣ мебошад.

Мувофиқи таълимоти ахлоқии зардуштия унсурҳои созандагию ободкорӣ аз аҳу – аломатҳои ҷисмонии ирсӣ, бауда – аломатҳои маънавии ирсӣ, тарбия ва касби дониш сарчашма мегиранд. Неруи созандагӣ инсонро ба роҳи нек, обод кардани табиату ҷомеа, ҳидоят мекунад. Баръакс, неруи вайронкунанда инсонро ба нодонию ҷаҳолат, худхоҳию худбинӣ талқин мекунад. Бинобар ин, Зардушт сарчашмаи дар худ нуҳуфта гардонидани сифатҳои ахлоқи писандидаро дар донишандӯзӣ ҷуста, инсонҳоро талқин мекунад, ки ҳамеша дар омӯзиш, камоли ақл ва ташаккули андешаи нек, кӯшиш кунанд. Хашму ғазаб, кинаю хусумат аз амалҳои зишту нораво буда, инсонро ҳамеша ба зиллату пастӣ мебаранд.

Дар Авесто меҳвари фазоишу растагории коинот, ҷисмҳои осмонӣ ва ба таври умум ҳастӣ марбут ба «ашо» аст. Бо тавзеҳи Иброҳими Пури Довуд «Ашо аз ҷумлаи луғотест, ки маънии он бисёр доманадор аст. Ростӣ, дурустӣ, тақво, тақаддус, қонун, ойини эзидӣ ва покӣ аз ҷумлаи маонии он аст”.[2] Инчунин, ашо дорои мазмуни васеи ахлоқӣ дорад. Он рафтору кирдори одамонро раҳнамоӣ мекунад. Инсонҳоро барои интихоби роҳи дуруст, сазовор гаштан ба сифатҳои ҳамида: ҳақиққӯӣ, адолатхоҳӣ, садоқат, вафодорӣ, далерию фарзонагӣ, ростию дурустӣ ва ғайраро талқин мекунад.

Дигар ҷузъи муҳимме, ки дар он дини ахлоқӣ будани зардуштияро инъикос медорад - Даена - яке аз фариштагони марказии он мебошад. Даена, ки онро муҳаққиқони авестошинос, аз ҷумла Х.Бартоломе “мани маънавӣ”, Ломмел “ҷавҳари маънавӣ”, Мейе Б.“шахсияти маънавӣ”, Дюшен “виҷдон” маънидод кардаанд, аввалан рамзи дини зардуштӣ аст ва дуюм, фариштаи муваккили виҷдон мебошад, ки муносибати инсонро ба олами атроф муайян мекунад. Дар таълимоти зардуштия он мақоми категорияи ахлоқии эҳсоси масъулиятро доро мебошад, ки дар низоми давлатдории Сосониён ҷиҳати барқарор доштани адолати иҷтимоӣ шеваи кории подшоҳон қарор гирифт.

Ҳамзамон, кору заҳмат дар «Авесто» яке аз рукнҳои муҳимми дин буда, муайянкунандаи муносибати шахс ба дини маздаясно мебошад. Зеро шахси заҳматкаш, аз ҷумла кишоварз ба касе шабоҳат дода мешавад, ки тухми ростӣ кошта, дини маздаясноро дар ҷаҳон интишор медиҳад. Дар ин маврид, дар «Менуи хирад» чунин нигошта шудааст: «Кӯшиш кун ва миёнарав бош ва ноне бихӯр, ки аз роҳи нек ба даст оварда, бо кору кӯшиши худ ёфта бошӣ ва порае аз он нонро барои худо ва некӯкорон канор бигзор, ин кори ту беҳтарин кирдори нек хоҳад буд. Ҳар касе чизе хӯрад, ки аз кору кӯшиши худ ба даст наомада бошад, мисли он аст, ки сари дигареро ба даст гирифта, мағзи онро мехӯрад».[3]

Густариш ва иқтидори бузурги ҷаҳонӣ пайдо кардани давлати Сосониён бешакк аз он вобастагӣ дошт, ки подшоҳони Сосонӣ низоми ҷомеадориро дар доираи принсипҳои ахлоқӣ ва риояи баробарии иҷтимоӣ, ки бозтоби худро дар таълимоти зардуштия ёфтааст, ба роҳ монданд. Ин аст, ки баъди сӯзонидани китоби арзишманди Авесто аз ҷониби Искандари Мақдунӣ, маҳз бо ҳидояти онҳо матнҳои китоб аз нав ҷамъоварӣ гардида, дар шакли як китоби комил мураттаб карда шуд. Инчунин, дар аҳди давлатдории Ҳахоманишиҳо ва Ашкониён дар баробари динҳои гуногун мавқеи дини маздаясно мустаҳкам буда, мазҳаби асосии мамлакат эътироф шуда буд, аммо дар фарқият аз ҳахоманишиҳову ашкониён

[1] Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2004. - С.252.
[2] Пури Довуд. Яштҳо. - Ҷ.2. - Теҳрон, 1377. - С.91.
[3] Менуи хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - С.215-216.

подшоҳони сосонӣ пояҳои иҷтимоӣ-сиёсии ин оинро бештар қавӣ гардонида, ба дини ягонаи давлатии худ табдил додаанд.

Аз ин рӯ, арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ин ойин барои рушд ва тараққии давлати Сосониён таъсири бағоят бузург расонида, таъминкунандаи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ дар низоми идоракунии кишвар гардиданд. Яъне, мустааҳкам гаштани пояҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ин дин ба шоҳи сосонӣ Ардашери I дахл дорад, ки дар ислоҳоти воридкардаи худ ба мазмуни ин ойин тағйирот дароварда, ба мазҳаби давлатии империяи бузурги сосонӣ мақом дод. Суханони "ваҳдати сиёсат ва дин, ягонагии қудрати сиёсӣ ва мазҳабӣ аст"[1] ба ӯ тааллуқ дорад. Бинобар ин, яке аз тамоилгириҳои муҳим ва фарқкунандаи дини зардуштия аз дигар динҳо он буд, ки моҳияти таълимоти зардуштияро фалсафаи ахлоқу тарбияи зебоипарастӣ ташкил медод ва оташкадаҳо макони таблиғ, танзиму назорати риояи меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби мардум буданд.

Умуман, Сосониён - ворисони империяи Ҳахоманишҳо буда, дар замони давлатдории худ барояшон муяссар шуд, ки сарзаминҳои гузаштагони худро аз римҳо ва қабилаҳои кӯчманчӣ ҳимоя карда, давлати пуриқтидори ҷаҳониро таъсис диҳанд. Идораи мамлакат ба қисмҳои идоравӣ ва маъмурӣ ҷудо мешуд. Давлатро шоҳаншоҳ, ки тибқи анъанаи гузаштагон, дар асоси васияти подшоҳи марҳум ё тавсияи Шурои шоҳаншоҳӣ[2] интихоб менамуданд. Ба ғайр аз Шурои шоҳаншоҳӣ дар дарбори Сосониён Шурои дигар амал мекард, ки ба он модари шоҳаншоҳ, шоҳзодагон, бузург-фрамадор ва мубади мубадон шомил буданд. Мақоми олии иҷроияи шоҳаншоҳро бузург-фрамадор, яъне сарвазир ба уҳда дошт. Инчунин, низоми нави девонсолорӣ амал мекард, ки ба соҳаҳои гуногун роҳбарӣ менамуданд. Вилоятҳои марзиро бошад, марзбонон идора мекарданд ва онҳо сипоҳи муайяни худро доштанд. Сарвазир раванди кори тамоми девонҳо ва вазоратҳоро назорат ва роҳбарӣ менамуд.

То замони Сосониён оини маздаясно дини расмии давлатӣ набуд ва дар давраи Сосониён ба ин мақом расид. Сабаби ба дини давлатӣ Сосониён табдил ёфтани дини зардуштӣ аз он иборат буд, ки форсҳо ҷойгоҳи дини худро нисбат ба динҳои дигар афзал медоштанд. Бо вуҷуди ин, нисбат ба динҳои дигар: насронию яҳудӣ ва буддоӣ эҳтиромро қойил буданд. Зеро дар баробари мардумони тоҷику форс дар минтақаҳои тобеи сулолаи Сосониён масеҳиён, яҳудиён ва буддоиҳои зиёд зиндагӣ мекарданд.

Дар мавриди рушди соҳаҳои таҳсилот, илму фарҳанг Сосониён анъанаи гузаштагони худро идома ва такмил дода, ба дастовардҳои зиёде муваффақ шудаанд. Аз ҷумла, низоми таълим ба таври зайл сурат мегирифт. Кӯдакон аз синни 7-солагӣ ба дабистонҳои назди маъбадҳо шомил гашта, дар он ҷо хондану навиштанро ёд мегирифтанд. Мубадон ба писару духтари давлатмандон дарс гуфта, ба онҳо навиштану хондан ва тарзи ҳисобу китоб, муомилотро ёд медоданд. Дарсҳои ахлоқ ва ибодатҳои динӣ бошанд, мутобиқи бахшҳои "Авесто" ба роҳ монда мешуданд. Инчунин, дар дабистонҳо ба писарон дарсҳои назариявию амалиявии ҳарбӣ: аспсаворӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ ва ғайра омӯзонида мешуд. Ба шоҳзодагон усули давлатдорӣ, тарзи мизбониву меҳмондорӣ ва тартиби либоспӯшӣ, хурокхӯрӣ ва ғайра дарс дода мешуд. Муҳлати таҳсил дар дабистонҳо 8 сол муқаррар карда шуда, муҳассилин баъди хатм маълумоти умумӣ мегирифтанд.

Дар аҳди Сосониён забони расмӣ-давлатӣ, муомилот, иҷрои расму анъанаҳои динӣ забони паҳлавӣ ва забони форсии миёна буд. Новобаста ба он, ки тарҷумаҳои "Авесто" ба забон ва хатҳои хоразмӣ ва суғдӣ вуҷуд доштанд. Мувофиқи катибаҳои аз Ҳиндустон пайдошуда, то соли 1009-и милодӣ мубадони маздаясно бо ин забон сухан мекарданд ва асарҳо таълиф менамуданд.

Навиштани панду андарзномаҳо, солномаҳою катибаҳо дар девору тахтасангҳо ва сафолпораҳо дар аҳди Ҳахоманишиҳо бештар роиҷ буд, вале катибаҳо намунаи беҳтарини тамаддуни Сосониён ба ҳисоб рафта, аз онҳо теъдоди зиёди катибаҳои

[1] Сомӣ, А. Тамаддуни сосонӣ. – Техрон, 1342. - С.71.

[2] Худоиев А.Б., Мунавваров Б.А., Авезов Ҷ.С. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2016. - С.72.

дузабона ва сезабона боқӣ мондааст. Ба мисли, катибае аз давраи Шопури якум ба ду забон - портӣ ва форсии миёна ба тартиб дар 14-16 сатр дар Пулвори наздики шаҳри Истахри Форс[1]; сангнавиштаи муфассалтаре аз Шопури якум бар деворҳои «Каъбаи Зартушт» дар «Нақши Рустам» дар Форс[2]. Ин сангнавишта ба се забон: форсии миёна, портӣ ва юнонӣ ҳаккокӣ шуда, матни тарҷумашуда ба форсии миёна дар 35 сатр, матни портӣ дар 30 сатр ва матни юнонӣ дар 70 сатр ғунҷоиш ёфтааст. Дар сангнавиштаҳо доир ба теъдоди шаҳрҳову устонҳои Эрон, ҷанги Эрону Рум ва сохторҳои идориву мансабҳои муҳимии идораи давлатӣ маълумот дода мешавад.

Мактаби тарҷума заминаи аслӣ ва рушди худро маҳз дар давраи давлатдории Сосониён пайдо карда, баъдан дар дигар марҳилаҳои таърихӣ такмил ёфт. Сабаби асосии ташаккул ва нумуъи онро дар давлати Сосониён дар баробари забони расмии дарбор - забони паҳлавӣ, роиҷ будани истифодаи забонҳои гуногун, аз қабили портӣ, балхӣ, хоразмӣ, суғдӣ, арманӣ, гурҷӣ, арабӣ, юнонӣ, лотинӣ ва ғайра ташкил медиҳад. Ҳамзистии якҷояи қавмҳо ва густариши робитаи гуногунҷанбаи халқиятҳо шоҳони Сосониро водор ба он намуд, ки дар дарбори худ забондонону мутарҷимони моҳиру донишмандро ҷамъ оранд. Ба ин маънӣ тарҷума ва мактаби тарҷумонӣ ташкилдодаи Сосониён дар муҳити илмӣ-фарҳангии Гунди Шопур дар густариши ва пайванд миёни афрод, ақвому ҳукуматҳо хидмати мондагор кард.

Инчунин, шаҳрсозӣ ва одоби шаҳрнишинӣ расми деринаи мардуми тоҷику форс буд, ки он насл ба насл мерос монда, такмилу тадвин меёбад. Шопури I-ро созандаи бисёр шаҳрҳо ва маъбадҳо медонанд. Махсусан, дар замони Шопури II сарҳади шарқии империя то руди Омӯ, шимолу ғарбӣ то гулӯгоҳи Босфор ва ҷанубу ғарбӣ то Яман расида буд. Ҳатто Миср якчанд даҳсола дар итоати форсҳо буд. Сосониён асиронро, ки зимни пирӯзиҳо ба даст меоварданд, ба қатл намерасониданд, балки онҳоро дар сохтани шаҳру қасрҳо ва рушди дигар соҳаҳо истифода мебурданд. Бинобар ин, шаҳрҳо бошукӯҳ бино ёфта, ҷиҳати густариши Роҳи абрешим ҳамчун макрази савдо ва ҳунармандӣ, хизмат карданд. Мувофиқи тадқиқоти бостоншиносон, дар замони Сосониён ду намуди бинои шаҳрҳо вуҷуд дошт. Якум, шаҳрҳое, ки дар асоси анъанаи шаҳрсозии портҳо мудаввар, доирашакл, гирд бино карда мешуданд. Аз ҷумла, шаҳрҳои Ардашергур, Доробгирд, Ваштгирд ва ғайра. Дуюм, шаҳрҳое, ки дар асоси таъсири румин бо тарҳи чоркунча сохта шудаанд. Ба мислӣ: Бишопур ва Нишопур. Дар сохтани биноҳо масолеҳи сохтмонии маҳаллӣ: санг, хишти хом, хиштӣ пӯхта, гач ва ғайра истифода бурда мешуд. Сохтмони аркҳо ва гулкорӣ кардани онҳо аз маҳорати баланди устоҳои сосонӣ гувоҳӣ медод. Қасрҳо бошанд, бо тарҳи зебо сохта шуда, шабистонҳои боҳашамат, толорҳои қабулу ташкили базм, ибодатгоҳҳо ва ғайраро доштанд.

Сосониён дар санъати тасвирӣ, бахусус, ҳунари ҳайкалтарошию нақшу нигор маҳорати вижа доштанд. Катибаҳои замони Сосониён сарчашмаи муҳимме барои омӯзиши тарҳи дӯхтани либос, омода кардани пойафзол, каллапӯш ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Инчунин, дар катибаҳо роҳ ва усулҳои ҷангӣ, силоҳҳ: тирдон, камон, шамшер, найза, шашпар, гурз, сипар, ҷавшан, тоскулоҳ ва ғайра ба дараҷаи олӣ тасвир шудаанд, ки аз рӯи онҳо мо метавонем дар бораи ҷангҳои тан ба тан, гурӯҳӣ, савора маълумоти зарурӣ ба даст оварем.

Бояд зикр дошт, ки имрӯз ин маъхазҳову дастовардҳои моддию маънавии меросмондаи Сосониён барои пажӯҳандагон, аз ҷумла шарқшиносон, муҳаққиқони ҷавон ба сифати сарчашмаи муътамад ҷиҳати омӯхтан ва таҳқиқ кардани арзишҳои фарҳангии мардуми тоҷику форс хизмат карда, равшанкунандаи як саҳифаи дурахшони фарҳанги давлатдории тоҷикон – давлати Сосониён мебошанд.

Адабиёт

1. Аристотель. Политика. Сочинения: В 4-х т. – М.: Мысль, 1983. – Т.4. – С. 128.
2. Бородай, Т.Ю. Платон//Античная философия: Энциклопед. Словарь. – М.: Прогресс-Традиция, 2008. – С. 565-574.
3. Менуи хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - 478с.

[1] Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. Ба кӯшиши дуктур Жола Омӯзгор. - Теҳрон: Сухан, 1377. - С. 29.
[2] Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. Ба кӯшиши дуктур Жола Омӯзгор…- С. 32.

4. Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2004. - 297с.
5. Назар, М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ. – Душанбе: “Илм”, 2022. - 320с.
6. Пури Довуд. Яштҳо. - Ҷ.2. - Теҳрон, 1377. - 287с.
7. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: «ЭР-граф», 2016.-364с.
8. Сомӣ, А. Тамаддуни сосонӣ. – Теҳрон, 1342. – 342с.
9. Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. Ба кӯшиши дуктур Жола Омӯзгор. - Теҳрон: Сухан, 1377. - 392с.
10. Худоиев А.Б., Мунавваров Б.А., Авезов Ҷ.С. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2016. – 340с.

ИНЪИКОСИ ЛАШКАРКАШИҲОИ ТЕМУР БА ХУРОСОН ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИИ АҲДИ ТЕМУРИЁН

Муродзода А. А. *– н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Сарчашмаҳои таърихии аҳди Темуриён дар баробари дигар лашкаркашиҳои Темур ба минтақаҳои мухталиф доир ба ҳуҷуми ӯ ба Хуросон ва ваҳшониятҳои содиркардаи ӯ низ маълумот додаанд.

Темур баъди ба қатл расонидани амир Ҳусайн дар Балх ҳокимияти Мовароуннаҳрро ба зери тасарруфи худ даровард. Дар соли 773/1373 қурултой (анҷуман) баргузор кард, ки дар кори он тамоми умарои минтақаҳо аз Қандаҳор то Чин иштирок доштанд. Аз умаро танҳо Зиндаҳишам амири Шибурғон аз иштирок дар анҷуман даст кашид, ки ин боиси қаҳру ғазаби Темур гардид. Сипас Темур худ бевосита ба самти Шибурғон лашкар кашид ва Зиндаҳишамро дар муҳосира қарор дод. Пас аз муҳосираи тулонӣ Зиндаҳишам аз Темур авф хост, аммо боз аз нав бар зидди Темур исён бардошт. Темур ин дафъа низ ӯро мавриди авф қарор дод, аммо баъдтар фаҳмид, ки Зиндаҳишам бо иддае аз одамони худ сӯйқасд ба ҷони ӯ доранд, ӯро дар Самарқанд ба қатл расонид. Бояд иқрор шуд, ки Зиндаҳишам ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки Темур ҳамчун амир дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон бошад.

Азбаски мулки Ҳирот то ба сари қудрат расидани Темур мустақил буд, Темур мехост, ки бе ҷанг Ҳиротро ба зери тасарруфи худ дарорад. Аз ин рӯ, малик Ғиёсуддин Пиралиро бо намояндаи худ ба Самарқанд ба қурултой даъват кард, вале малик, ки аз ҳолати ногувори вазъ огаҳ гардида буд, аз рафтан ба Самарқанд худдорӣ кард.

Темур қосиде назди малик Ғиёсуддин фиристод, эълом кард, ки нуйинону умаро дар қурултойи (анҷуман)-и бузург ҳозир мешаванд. Мебояд, ки ту низ ҳозир шавӣ. Ғиёсуддин эҳтироми қосид ба ҷой оварда чунин посух дод: «Агар амир Ҳоҷӣ Сайфуддин биояд, дар суҳбати ӯ ҳозир шавам [12, с.28] Сипас Темур қосиде назди малик Ғиёсуддин Алӣ фиристод, то ки ӯ низ дар баробари дигар сипаҳсолорон дар қурултой (анҷуман) иштирок бояд кард. Малик Ғиёсуддин Алӣ ҳурмату эҳтироми қосидро ба ҷойи оварда аз ӯ хоҳиши амир Сайфуддин кард, ки бо ҳам ба анҷуман хоҳем рафт. Темур амир Сайфуддинро ба назди малик фиристода аз боби дӯстӣ ҳарф гуфт. Дар ин вақт малик ба шаҳрбанде, ки ду фарсанг дарозӣ дошт дар гирди Ҳирот воқеъ буд, ба бунёди он машғул буд. Амир Сайфуддинро бо ҳар баҳона назди худ нигоҳ медошт ва дар кори шаҳрбандӣ талошӣ зиёд мекард то ба итмом расид. Амир Сайфуддин чунин ҳолатро дида пайхас кард, ки малик майли рафтан надорад. Малик ӯро боспас фиристод ва ваъда кард, ки баъдтар ба назди Темур хоҳам омад. Баъд аз он ки амир Сайфуддин чигунагии аҳволро ба Темур расонид, ки боиси қаҳру ғазаби Мироншоҳ гардид.

Мироншоҳ (1367-1408) писари сеюми Темур ба ҳисоб мерафт. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Темур писари худ Мироншоҳро ҳанӯз дар синни чаҳордаҳсолагияш ҳокими Хуросон таъйин карда буд. Дар ин хусус муаррихи дарбории аҳди Темуриён Шарафуддин Алии Яздӣ дар «Зафарнома» дар боби «Гуфтор дар фиристодани ҳазрати соҳибқирон амирзода Мироншоҳ (-ро) ба Хуросон» чунин тасвир менамояд: «…Мувофиқи санаи иснайн ва самонин ва сабъамоиа 782 ҳ.қ./1380-81 фарзанди арҷманд

амирзода Мироншоҳро бо он ки ҳанӯз дар синни чаҳордаҳсолагӣ буд, ба ҳукумати Хуросон номзад фармуд…ва дигар умаро бо панҷоҳ қушуни савор…мулозими маркаби ҳумоюн гардонида, ҳамаро хонакӯч ба савби Хуросон равон сохт» [16, с.225; 11, с.316; 13; с.979; 10, с.36]. Бояд гуфт, ки Мироншоҳро дар ҳолате фиристод, ки ҳанӯз Хуросон ба зери тобеияти Темур надаромада буд.

Мироншоҳ тирамоҳу зимистони он солро дар Балху Шибурғон ба айшу ишрат гузаронида сипас, охири зимистон мулки Бодғисро ғорат карда молу амволи бисёр, аспу неъмати бешумор гирифта дар миёни Андхуд ва Мурғоб нузул фармуд. Малик аз нақшаи ин золим ба хубӣ огаҳ буд ва аз рафтан ба назди Темур худдорӣ кард. Инчунин малик медонист, ки иштирок дар анҷуман баҳонае беш набуд, зеро бо ҳамин васила метавонист, ӯро зиндонӣ ва аз ҳукумронии мулки Хуросон бенасиб намояд. Малик Ғиёсуддин аз иштирок дар анҷумани Темур саркашӣ кард.[12, с.82].

Темур, воқеан он некиҳое, ки ҳокими Ҳирот малик Ғиёсуддин нисбаташ карда буд, ба зудӣ фаромӯш кард, ки ҳангоми фирор аз Моваруннаҳр ба Хуросон ӯро паноҳгоҳ дод ва номае барои итоат кардан ба ӯ равон сохт.

Муҳтавои номаро муаррихи араб Ибни Арабшоҳ чунин тасвир кардааст: «…аз ӯ хост, ки гардан ба итоати вай ниҳад ва пешкашҳои шоиста фиристад, вагарна чунон кунад, ки ӯ хостааст кишвараш поймоли сипоҳи кинахоҳ ва мардуми он табоҳ гардад» [7, с.20].Ҳамин муаллиф дар ҷойи дигар чунин нигоштааст: «Ту он фармонбари дерин нестӣ, ки манат ба эҳсони хеш парвардам ва домани неъмат ва сояи иноят бар ту густурдам ва ту ҳаққи неъмат нашинохтӣ ва ба найрангу фусун пардохтӣ, ба қатлу ғорат даст баровардӣ ва кардӣ он чӣ кардӣ ва ин носипосии ту пас аз он буд, ки туро аз марг бираҳондам ва ба ҷойгоҳи иззат нишондам. Пас агар одаме нестӣ, ки ҳаққи эҳсон ба ҷой орӣ, чун саг бош, ки поси неъмат нигоҳ дорӣ».[7, с.2021]. Ғиёсуддини малик дар ҷавоби мактуби таҳдидомези Темур ҷавоби дағалонаеро муносиб донист. Воқеан ин амали Пиралӣ боиси дилранҷии Темур гардид.

Зинман бояд ёдовар шуд, ки муаррихони аҳди Темуриён Низомуддини Шомӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ, Ҳофизи Абрӯ, Абдураззоқи Самарқандӣ лашкаркашиҳои Темурро ба Хуросон бо ҷузъиёташ нисбат ба Ибни Арабшоҳ васеътар инъикос намудаанд, аммо дар бисёр ҳолатҳо ҳақиқати таърихро воқеъбинона тасвир накардаанд. Ибни Арабшоҳ бошад, аз баёни ҷузъиёти воқеаҳои таърихӣ худдорӣ карда, вале ҳодисаҳои таърихиро воқеъбинона инъикос намуда, ба амалҳои даҳшатангези Темур ҳақиқатнигорона баҳо додааст.

Азбаски Темур саргарми ҷанг дар Хоразм буд, имкон надошт, ки дар чунин ҳолат тааҷҷилан рӯ ба ҷониби Хуросон биоварад. Дар мадди аввал ӯ роҳи созишро бо намояндагони хонадони оли Курт қарор дод. Темур бо ҳар роҳу восита кушиш мекард, ки Пиралиро ба ҷониби худ моил созад. Темур дар соли 1376-77 ба назди ҳокими Ҳирот малик Ғиёсуддин бо мақсади барқарор кардани риштаи «дӯстӣ» қосид фиристод. Малик Ғиёсуддин бо суханони пур аз макру фиреби Темур бовар карда дар ҷавоб гуфт, ки агар фарзандаш Пирмуҳаммадро ба домодӣ қабул намояд мо ҳамагон дар хизмати ӯ хоҳем буд. Соли 1376 Темур ба хотири он ки ба осони мулки Хуросонро ба зери тасарруфи худ дарорад, хоҳарзодаи худ Сунаҷ Қитлиғоғоро ба писари Пиралӣ Пирмуҳаммад ба занӣ дод. Тибқи иттилои сарчашмаҳо Темур дар Моваруннаҳр барои Пирмуҳаммад тӯи бошукуҳу шаҳомате баргузор кард ва Сунаҷ Қитлиғоғоро ба Ҳирот фиристод. Малик Ғиёсуддин низ якчанд рӯз дар Ҳирот ҷашни пурдабдабае барпо кард.[1, с.519-520; 10; с.35; 5, с.755-756].

Бояд гуфт, ки ин «созиш»-и Темур бо малик Ғиёсуддин дер давом накард. Тавре ки сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, Темур баъди ба сари қудрат омадан (1370) қариб, ки ҳеҷ вақт дар пойтахти худ Самарқанд орому осуда қарор нагирифт, зеро ҳирси ба даст овардани боигариву сарват ӯро пайваста водор месохт, ки дар пай куштор, вайрону валангор сохтани шаҳрҳо, дуздию ғоратгарӣ бошад. Беҳуда нест, ки ин золим пеш аз марги худ низ ба пирию фартутияш раҳм накарда барои ба даст овардани бойигарию сарват рӯ ба Хитой оварад, ки боиси маргаш (1405) гардид.

Дар чунин вазъият амир Алибек ибн Арғуншоҳ ба назди Темур омада доир ба лашкар кашидан бо ҳам машварат намуда ба хулосае омаданд, ки аввали фасли баҳор

дар якҷоягӣ ба ҷониби Ҳирот ҳуҷум хоҳем кард. Темур охири моҳи марти соли 1377 бо фаро расидани фасли баҳор бо сипоҳи бешумор дарёи Ҷайҳунро убур намуда, юриши Хуросонро оғоз кард. Малик Муҳаммад бародари малик Ғиёсуддин Пиралӣ, ки ҳокими Сарахс буд, ба назди Темур омад ва бо ӯ созиш кард. Темур қосиде ба талаби амир Алибек ибни Арғушоҳ фиристод ва ӯ ба ваъдаи худ вафо накард аз омадан худдорӣ кард ва қосидро бошад бо худ нигоҳ дошта раҳо накард. Сипас, Темур аз оби Мурғоб гузашта ба ҷониби Ҷом ва қасабаи Қусавия равона шуд.

Тибқи ахбори муаррихон Исфизорӣ, Фасеҳи Хавофӣ Темур бо яке аз мутафаккирони бузурги он замон Мавлоно Зайнуддини Абӯбакр барои мулоқот ба ҷониби Тойиобод шуд. Ва шахсеро ба назди вай фиристода то бигӯяд, ки Темур дар ин ҷост ва шуморо ба дидани ӯ мебояд, Мавлоно фармуданд, ки фақиро бо амир ҳеҷ муҳим нест. Сипас, Темур ба зиёрати Мавлоно рафт. Ва дар назди Мавлоно шикоят аз малик кард, ки чаро ӯро насиҳат намекунед, ки хамр мехӯрад. Мавлоно дар ҷавоб гуфтанд, ки ӯро гуфтам нашунид, Ҳақтаъоло шуморо бар вай гумошт шумо ҳам агар нашнавед дигареро бар шумо гуморад.[10, с.37; 13, с.979].

Мулоқоти Темур бо ин шахсияти бузург баҳонае беш набуд, зеро ӯ мехост бо роҳи осоишта бидуни ҷанг ба амсоли дигар минтақаҳо ин навоҳиро низ ба зери тобеияти худ дарорад. Тавре ки муаррих Н.Амиршоҳӣ қайд мекунад: «Дуруст аст, ки ин нузули Темурро ба Тойиобод сарчашмаҳо на лашкаркашӣ, балки ҳамчун дидорбинии Амир бо …Мавлоно Зайнуддини Абӯбакр баррасӣ намудаанд, аммо дар ҳар сурат бо чунин лашкари гарон танҳо ба хотири мулоқот омадан аз мантиқ дур аст. Хулоса, амир бо баҳонаи «мулоқот» навоҳии мазкурро низ аз роҳи осоишта тасарруф намуд».[2, с.114.

Пас аз ин вохӯри бо ин шахсияти бузург Темур пайваста ёд мекард, ки дар замони ҳукумати худ бо ҳар касе аз гӯшанишинон мулоқот кардаам ӯ аз ман тарсид ва ман аз Мавлоно тарсидам. Темур пас аз вохӯрии Мавлоно мутаваҷҷеҳи Ҳирот шуд дар қасабаи Фӯшанҷ расида бо мардуми он ҷо муддати як ҳафта муқовимат намуда оқибат онро ба тасарруфи худ дароварда қалъаро харобу валангор намуд ва ҳар чӣ дар қалъа буд, талаву тороҷ кардаанд. Ва аз он ҷо ба самти Ҳирот раҳсипор шуд. Бояд гуфт, ки Ҳирот ба осонӣ ба зери тасарруфи Темур надаромад. Темур Ҳиротро ба муҳосира гирифта ва майли ҳарчи зудтар онро ба зери тасарруфи худ даровардан дошт, то ки дар дохили лашкариёнаш изҳори норозигӣ ба миён наояд. Ва худ низ бевосита ба назди қалъа омад ва ҷанги шадиде ба вуқуъ пайваст. Мардуми Ҳирот низ ба зудӣ ба душман сар фуруд намеоварданд. Чи тавре ки Мирхонд менигорад, лашкариёни Темур «тиру санги мухолифинро ба сипар, балки ба душу сар гирифта қадам пеш ниҳоданд» [9, с.118; 15, с.526].

Пас аз задухӯрдҳои шадид лашкари Темур ба шаҳр ворид шуда, малик маҷбур гардид, ки дар дохили қалъа паноҳ ёбад. Лашкариёни Темур зиёда аз ду ҳазор ҳиравиёнро асир гирифтанд, аммо Темур мардуми шаҳрро фирефта ба онҳо хилъат тақдим карда бо ваъдаҳои дуруғ, ки хоси табиати ин золим буд, раҳо дод ва фармуд, ки ба мардуми Ҳирот расонанд, ки аз малик дар ҷанг дастгирӣ накунанд. Ин ҳилаю найранги Темур боис шуд ки мардум аз ҷанг худдорӣ намоянд. Муинуддини Натанзӣ шумораи асир афтодагонро даҳ ҳазор нишон додааст.[11, с.310]. Бояд гуфт, ки ин рақам хеле муболиғаомез мебошад, зеро куллӣ сарчашмаҳо асиронро ду ҳазор нишон додаанд.

Дар чунин вазъият гарчанде ки малик Ғиёсуддини Пиралӣ мардумро барои ҳифзи марзу буми хеш аз лашкари Темур даъват мекард, аммо касе ба ӯ итоат накард. Ва амир Искандар шахсе ба малик гуфт, «чанд касеро дар сари маҳалаҳо сиёсат мебояд кард то мардум битарсанд ва шаҳрро нигоҳ доранд. Малик гуфт: ман хуни ноҳақ чун кунам, гуфт: Пас, шаҳр нигоҳ наметавон дошт» [10, с.40-41; 9, с.118]. Сипас, Темур ба ҷониби малик одам мефиристад, то ӯро ба таслим шудан водор созад. Малик Ғиёсуддин Пиралӣ ночор ба хотири кушта нашудани мардуми бегуноҳ ба пешниҳод розӣ мешавад. Малик аввал писари худро ба назди Темур мефиристад ва сипас худаш дар Боғи Зоғони Ҳирот бо Темур дидор анҷом дода худро таслими ӯ мекунад.

Пас аз муҳосираи Ҳирот бо роҳи фиребу найранги Темур, ҳиротиён таслим гардиданд. Бо фармони Темур тамоми биноҳои истеҳкомӣ харобу валангор карда шуданд. Тавре ки сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд «… ярлиғи ҷаҳонмутоъ (Темур) содир шуд, ки ҳисори ҷадид ва қадими Ҳиротро бо замин мусовӣ сохтанд…Ва ҳукм шуд, ки

мавлоно Қутбуддин ибни мавлоно Низомуддинро, ки муқтадои уламои Хуросон дар он замон ӯ буд, бо дувист кадхудои муътабар…аз шаҳру вилоят кучонида ба хиттаи Кеш расониданд. Ва чун бурҷу бораро хароб карданд, дарвозаҳои шаҳрро, ки муғаррақ ба оҳан буд ва асомиву алқоби мулуки Ғӯр бар он сабт намуда буданд, бар ҳасаби фармуда ба Шаҳрисабз расониданд» [9, с.119; 16, с.237; 10, с.41; 14, с.431; 4, с.430; 8, 325; 5, 763].

Пас аз чанд рӯз Темур хазоину дафоини чандинсолаи оли Куртро, ки солҳо ҷамъ оварда буд, ба тасарруфи худ даровард. Ба замми ин ба мардуми бечора товони вазнини ҷангро бор карданд ва дар муддати се рӯз он маблағро аз онҳо ситониданд.

Моҳи апрели соли 1381 шаҳри Ҳирот ба зери тасарруфи Темур даромад. Инчунин охирин ҳукмрони оли Курт-Ғиёсуддини Пиралӣ бо тамоми аҳли хонадонаш асири Темур шуд ва онҳоро ба Самарқанд оварда зиндонӣ карданд.

Исфизорӣ қайд мекунад, ки пас аз фатҳи Ҳирот амакбачаҳои Ғиёсуддини Пиралӣ ба Темур шикоят аз он кардаанд, ки дар вақташ ҳукмронони Ҳирот бо роҳи зулму ситам ҳукуматро аз дасти мо гирифта буданд. Сипас, Темур малик Муҳаммадро ҳокими Ғӯр таъйин мекунад. Темур пас аз забти Ҳирот рӯ ба Мовароуннаҳр овард. Пас аз бозгашти Темур мардуми Хуросон алайҳи намояндагони ӯ муқобилият нишон доданд. Нахустин шуда ҳукмрони Ғӯр малик Муҳаммад аз Ғӯр ба шаҳри Ҳирот лашкар кашида.тамоми муғулонро ба қатл расониданд.

Вақте ки Темур аз ин ҳодиса огаҳ мешавад дар қаҳру ғазаб омада тамоми ҳукмронони оли Куртро, ки бо худ ба Самарқанд оварда буд, ба писари золими худ Мироншоҳ дастур медиҳад, ки онҳоро ба қатл расонад. Тавре ки Мирхонд қайд мекунад: «Мироншоҳро фармон дод, то ба Самарқанд омада, малик Пирмуҳаммад ибни Ғиёсуддин (Куртро) бо ду писараш-Маҳмуд ва Зайналобидин нест гардонид ва аз насли мулуки Курт эътиборе намонд».[9, с.171].

Бояд тазаккур дод, ки дар як вақт мардуми Исфизор низ зери роҳбарии Шайх Довуд ба муқобили Темур исён бардоштанд. Темур ба ин шаҳр низ лашкар кашид ва мардуми зиёдеро аз дами теғ гузаронид. Мирхонд бераҳмию ваҳшониятҳои даҳшатангези Темурро дар асари худ нисбат ба мардуми бегуноҳ чунин тасвир кардааст: «…ду ҳазор касро аз қалъа берун оварда, бар болои як дигар ниҳоданд ва ба гилу хишт устувор намуда, манора сохтанд, то эътибори дигар саркашону мутамарридон бошад».[12, с.91; 16, с.263, 9, с.133; 14, с.435; 15, с.594; 3, с.461].

Вақте ки хабар ба Мироншоҳ писари Темур, ки он вақт дар Мурғоб қарор дошт мерасад бо лашкари зиёде ба Ҳирот омад ва баъд аз задухӯрдҳои шадид ғӯриён ба шикаст дучор шуданд. Бо ҳамин сулолаи оли Курт аз байн рафт. Дар ин вақт писари Темур Мироншоҳ, ки бо лашкариёни худ дар Сарахс буд, ба муқобили ҳиротиён раҳсипор шуд ва шаҳри Ҳиротро ба хок яксон сохт. Чун ошӯби ғӯриёнро пахш карда мардуми зиёдеро ба қатл расонд. Сипас ба мақсади тарсонидани чашми мардум бо амри Амироншоҳ аз сари кушташудагон дар Ҳирот калламанора сохта шуд. Мирхонд дар асари худ «Равзату-с-сафо» чунин қайд мекунад: Шикаст ба ғӯриён афтода, ҷамъе касир аз он тоифа ба қатл омаданд…Ва барои эътибор аз руус (сарҳо)-и кушташгон чанд манора баровардаанд» [9, с.131; 16, с.259; 14, 434; 6, с.72]

Мавриди зикр аст, ки дар «Анонимии Искандарӣ»-и Муинуддини Натанзӣ на Амироншоҳ, балки ду тан аз сарлашкарони Темур аз қабили Оқбуқо баҳодур ва Ҳоҷӣ Сайфиддин, ки дар канори рӯдхонаи Мурғоб қарор доштанд чун хабари ошӯб ба эшон расид мутаваҷҷеҳи Ҳирот шуда онро пахш мекунанд.[11, с.319] Бояд қайд кард, ки ин иттилои Муинуддини Натанзӣ ба воқеият наздикӣ надорад, зеро кулли сарчашмаҳо дар пахш кардани ин ошӯб аз ҷониби Мироншоҳи золим ном бурдаанд, на аз ин ду тан.

Ҳамзамон, Ибни Арабшоҳ дар бораи вайрону валангор кардани Систон аз ҷониби Темур чунин нигоштааст: «Ба ҳар ҷо биное дид, вайрон кард ва ба ҳар гӯша дарахту гиёҳе ёфт, аз реша барандохт. Дар тане тавоне ва аз чизе нишоне бар ҷо нагузошт:

На як нафас, к-аз вай барояд нафас,
На як додхоҳу на як додрас» [7, с.55].

Темур пас аз ин ҳодисаи мудҳиш дар аввали рамазон рӯ ба Ҳирот овард ва дар ин ҷо низ аз қаҳру ғазаб мардуми зиёдеро ба қатл овард. Сипас аз Ҳирот рӯ ба ҷониби Сиҷистон ва Исфизор шуд дар ин шаҳрҳо низ ба амсоли дарандае одамони бегуноҳро аз дами теғ гузаронид. Исфизорӣ дар бораи ин бераҳмию золимии Темур дар Хуросон чунин менигорад: «Дар билоди Хуросон хусусан дар Ҳирот ва Исфизор аз қатлу ғорат вайронии мавозеъ ва парешонии халоиқ дар ҳеҷ замон ва макон аломошола-вуқуъ наёфта бошад».[10, с.44-45] Ё худ дар ҷои дигар менависад, ки «Ва баъд аз ҳудуси ин воқеа то муддате дар гавиҳову бозорҳо мурдаву кушта бар якдигар афтода мунтан гашта буд, ки ҳеҷ касро ёрои он набуд, ки таҷҳизу такфини эшон кунад».[10, с.45; 15, с.595; 9, с.133-134; 4, с.441].

Бояд тазаккур дод, ки Муинуддин Натанзӣ дар асари худ доир ба ваҳшониятҳои Темур дар Ҳирот ва бунёди калламанора аз ҷониби Мироншоҳ иттилоъ надодааст.

Лашкаркашии Темур ба Хуросон ва куштору қатли ом ва инчунин фоҷиаҳои анҷомдодаи ӯ дар шаҳрҳои зикршуда дар рисолаи Ибни Арабшоҳ воқеъбинона зикр шудааст. Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддини Алии Яздӣ бошанд дар асарҳои худ бештари амалҳои зишти Темурро маҳорати кордонии ӯ нишон дода, хостааст бо ин роҳ ваҳшониятҳои содиркардаи Темурро пинҳон намояд.

Ҳамин тавр, дар соли 1383 бинобар қавли Муҳаммад Ғубор «… охирин шамъи ларзони якунимқарнаи ҳукумати Курт дар Афғонистон хомӯш гардид» [4, с.423].

Темур баъд аз бозгашти юриши панҷсолаи худ соли 1396 ба Самарқанд Шоҳрухро ҳокими Хуросон, Систон, Мозандарон, Фирӯзкӯҳ ва Рай таъйин кард.[16, с.573]. Кишвари Эронро бошад ба писари золими худ Мироншоҳ вогузор кард.

Бояд гуфт, ки золимию бераҳмӣ, фиребу найранг хоси ин ҷоҳил яъне Темур буд. Ӯ ҳатто он рӯзҳои душвори ҳаёташро, фаромӯш кард ки ин хонадон ӯро аз марг раҳо бахшида буд. Ба малик Ғиёсуддин носипосӣ карда, ба тариқи ваҳшиёна ӯро ба коми нестӣ бурд, мулкашро ба зери тасарруфи худ даровард.

Аз омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои хаттӣ метавон хулоса кард, ки Темур зимни лашкаркашии худ ба Хуросон на танҳо онро тасарруф кард, балки бисёр шаҳру қалъаҳои онро харобу валангор намуда, молу сарвати зиёде ба ғанимат гирифт ва мардуми бумии бегуноҳро аз дами теғ гузаронид.

Адабиёт:

1.Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн.-Ҷ.1. китоби 2. Ба эҳтимоми Абулҳусайни Навоӣ.-Теҳрон, 1383.-1156 с.

2. Амиршоҳӣ Н. Давлати Куртҳои Ҳирот (1245-1381).-Душанбе, 1996. 152 с.

3.Амиршоҳӣ Н. Таърихи халқи тоҷик/Н.Амиршоҳӣ, Неъматов Н.Н., Мирбобоев А.К., Пирумшоев Ҳ.. Китоби дуюм.-Хуҷанд, 2008.-815 с.

4. Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих.Ҷилди якум.-Теҳрон, 1390.-608 с.

5. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Пораҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. Душанбе: Амри илм, 1999.- 1008 с.

6. Жан Пол Ру. Тамерлан. Москва, Молодая гвардия.-2007.-329 с.

7. Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур). Тарҷума ба форсӣ Муҳаммад Алии Наҷотӣ. Теҳрон, 1381.-289 с.

8. Массон В.М., Ромодин В.А. История Афганистана.-Т.I.С древнейших времён до начала XVI в.-М.: Наука, 1964.-464с.

9.Мирхонд. Равзату-с-сафо. Таҳзиб ва талхиси Аббоси Зарёб. Теҳрон, 1339. Ҷ.6.-886 с.

10.Муъинуддин Муҳаммад Замчии Исфизорӣ. Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот.-Теҳрон, 1338 ҳ.ш..-Ҷ.2.-375 с.

11.Муъинуддини Натанзӣ. Мунтахабу-т-таворих. Теҳрон, (1336) 1958.-435 с.

12. Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Ба сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Феликс Тауэр. Бейрут, 1937.-295 с.

13. Фасеҳи Хавофӣ. Муҷмалу-т-таворих. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Саид Муҳсин Ноҷӣ Насрободӣ.-Теҳрон, 1386.-1472 с.

14. Хондамир. Ҳабибу-с-сияр.-Т.III.-640 с.

15. Ҳофизи Абрӯ. Зубдату-т-таворих. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Сайид Камол Ҳоҷ Сайиди Ҷаводӣ.-Теҳрон, 1380 ҳ.ш.-Ҷ.2,.-1169 с.

16.Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Аббос. Ҷ.II. Теҳрон, 1336.-543 с.

ТОХАРИСТАН - АРЕАЛ СТОЛКНОВЕНИЕ ТРЁХ ДЕРЖАВ: САСАНИДЫ, ЭФТАЛИТЫ И ТЮРКИ В V-VI вв.

Асоев С.У. *– доцент кафедры история древнего мира, средних веков и археологии Таджикского национального университета*

Кризис рабовладельческого общества и окончательный упадок кушанской империи, вызванный вторжениями новых волны кочевых племён - кедеритов, хионитов и эфталитов [45, с.15] (в V-VI вв.), привели к политической раздробленности Средней Азии, к распадению ее на ряд самостоятельных и полу самостоятельных мелких государств[20с.6], в том числе создала благоприятную почву для быстрого политического усиления эфталитов [29, с.36]. Иметь в виду что, V-VIII вв. в истории Средней Азии - это время осложнения и формирования нового социально-экономического строя, время оформления и стабилизации классов и сословий феодального общества, его иерархической структуры и т.п. эти коренные преобразования неизбежно находили отражение (правда не всегда прямое и непосредственное) в памятниках материальной и художественной культуры, исследуемых археологами[18, с.156]. Переход от древности к раннему, средневековью сопровождался, военными действиями и политической борьбой - кратковременной сасанидских оккупацией, нашествием тюрков, внутренними междо-усобицами, которого рассмотрим.

Ряд учёных доказывают, что в 40-х годах V в. Яздигерду II, сасанидского шахиншаха пришлось вновь, завоевывать былые кушанские земли, утраченные Сасанидами задолго до него, например Б.И. Маршак считает, что по нумизматическим данным вытеснение Сасанидов из этих земель (совместными усилиями хионитов и позднекушанских правителей - кидаритов) относится к концу 80-х годов IV в[35, с.65]. В это время к югу от Гиндукуша возникает царство группа хионитских племен, которым принадлежат монеты с надписью, условно читаемой как АЛХОN (имя царя, династии или рода)[48,с.113]. В Тохаристане другая группа хионитских племен создает отдельное владение, чей правитель выпускает монеты с надписью ГОВОZIKO (чтение условно). Тогда, же, вероятно, на востоке Тохаристана возникает княжество эфталитов, а в других районах современного Афганистана ещё какие-то владения, выпускавшие «серии подражательных монет без бактрийских надписей» [9, с.127]. И хотя кидаритам, возможно, удалось в V в. ненадолго овладеть Балхом, история кушан в Бактрии, видимо, может считаться законченной: конец ей положило завоевание области Сасанидами, а последние строки в конце 80-х годов IV в. были дописаны мечами хионитов, уничтоживших псевдокушанское сасанидское наместчество[47, с.140].

Однако правление Сасанидов, особенно в Северной Афганистан-ской части кушанских земель и в некоторых областях Средней Азии и правление кидаритов и хионитов на среднеазиатских землях кушан продолжалось недолго.

В 80-90-е годы IV в. в Восточном Тохаристане и Бадахшане, а затем в Балхе и Гарджистане возникло новое государство – государство Эфталитов, которое позже, в 80-х годах V в подчинило себе весь Тохар-истан[25, с.77]. Вследствие этого Сасаниды в своих северо–восточных областях оказались лицом к лицу с новым могучим государством…

Но в данной проблеме особый интерес вызывают вопросы происхождение самой эфталиты и их место обитания. Существует много мнений о мести происхождения этого племенного объединения, о культуре, антропологии и этносе[25, 33] и т. В научной литературе по этому вопросу выражены различные, иногда взаимоисключающие, точки зрения, но как утверждает академик Б.Г. Гафуров: «Сведений о происхождении и этническом положении эфталитов бесконечно больше, но это, увы, не облегчает положения, ибо сведения эти чрезвычайно противоречивы» [10, с.258] и до сих пор является дискуссионными вопросами [1, с.20].

Большую группу учёных составляют сторонники мнения о гуннском происхождения эфталитов. В качество основного доказательство своей теории они привлекают письменные данные, говорящие о том, что эти племена назывались гуннами, их правители имели тюркские имена и титулы[3,с.270]. К другой группе учёных принадлежат исследователи, которые

считают эфталитов тюрками, ссылаясь в числе других аргументов на то, что, согласно данным китайских хроник, эфталиты составляли ветвь гаогюй и что ряд арабоязычные авторы также относили их к тюркским племенам [30, с.23]. Некоторые учёные опираясь на мнение Сюан-Цзан и Белозури считают эфталитов в раннесредневековые арийцами, но под влияние тюрков [16, с.94].

Наиболее обоснованным является представление о принадлежности эфталитов к восточно-иранским племенам, хотя среди них могли быть и другие этнические группы. Ряд исследователей считает, что основной территорией эфталитов были Тохаристан и Восточный Афганистан. Ядро эфталитского объединения составляли, видимо, воинственные кочевые племена, подвергавшиеся воздействию оседлой городской культуры.

Есть и мнение что, считает эфталитов центрально азиатскими кочевниками, проникшими в Припамирье с северо-востока: и есть мнение что, полагает возможным видеть в эфталитах аборигенов долин Гиндукуша.

Большинство исследователей, выводит эфталитов из Восточных Туркестана и причисляет их к индоевропейцам, говорившим на иранском языке. Японский учёный К. Еноки предлагает считать родиной эфталитов Западный Бадахшан, т.е. Припамирье и согласен, в том, что, эфталиты являются ираноязычными племенами [22, с.7].

По мнение археолога Бабаева А. Д.: «раскопанные в 60-х годах XX в. погребальные сооружения дали очень большой и уникальный археологический материал, датируемый, по нашему предложению, IV-VI вв. н.э. и, вероятно, относящийся к эфталитским племенам, обитавшим на территории древнего Вахана» [3, с.269].

«Известно, что Тохаристан являлся одной из основных областей расселения эфталитов, а Чаганиан, в частности, фигурирует в письменных источниках даже как их последний оплот, после разгрома тюрками в 563 или 567 гг., когда по данным «Шахнаме», чаганианский правитель Фаганиш был избран предводителем эфталитов вместо погибшего Гатифара» [49, с.53].

Несмотря на множество взглядов и мнение о происхождение и этногенеза эфталитов по мнение учёный К. Еноки эту проблемы «невозможно решать» [22, с.7] и лишь новые археологические данные помогут разрешить ряд спорных вопросов в том числе этой проблеме [33, с.21]. Но в данной момент можно предположить, что, в составе эфталитов были в основном восточно-иранские и может быт в каком-то количестве тюркские элементы...

Несмотря на различных взглядов о место обитания эфталитов, можно поддерживать той группы учёных, которое считает эфталитов аборигенами в основном Припамирье, т.е. Тохаристана и не исключено Восточной Туркестан и Северный Афганистан, а в китайских летописях «Бэй Ши» и «Синь Таншу» Тохаристан и Бадахшан также считаются родиной эфталитов[39, 100, 171].

К середине V в. завершается сложение нового мощного государства на территории Средней Азии – Эфталитского [41, с.85], пришедшего на смену Кушанскому царству, имеющего с ним внешнее сходство, но уже существенно отличного от него по своему внутреннему строю. Появление эфталитов в политической арене, существенно повлияло на внешней политику Сасанидов на востоке и остановило их дальнейшее продвижение в Среднеазиатское междуречье. По сведениям источников в этом направление войны Сасанидов начинаются при шаханшаха Бахрама Гура (420-438 гг.). Вождь эфталитов с многочисленной армией прошел Амударьи и расположился в городе Кушмейхан в окрестностях Мерва. На этой войне победили армия сасанидов и они разгромили войск эфталито в[54, с.44]. Шахиншах Сасанидов преследовал остатки разбитых войск противников до Амударьи, а затем пересёк реку, прошёл до Бухары и покорил народов этих стран. По соглашение договору Бахрам определил им границу и по его приказу была построена башня и хорасанский Таликан считался пограничным городом между владениями Сасанидов и эфталитов [35, с.69]. Затем брат Бахрам Гура – Нарсес был назначен наместником Хорасана с титулом «марзбани кушан, т.е. «хранитель границы с кушанами» [10, с.248]. В результате столкновения с Сасанидами эфталиты потерпели поражение, и иранцам удалось значительно расширить своих границы на северо-востоке Ирана. По словам Фирдоуси,

после поражение эфталитов правители Балха, Гарджистана Хуттала Чаганиана и Бухары стали данниками Сасанидов [53, с.299].

Кроме того, можно полагать, что во время сражения Бахрам Гура – Варахрана V с эфталитами последние правили в Гарджистане и Бадахшане, на востоке и частично на севере Тохаристана [2, с.205].

Но, можно считать отныне в течение многих лет эфталиты были серьёзными противниками сасанидов на востоке, и борьба с ними за эти границы была основной задачей преёмников Бахрама - Яздигерда II (438-457 гг.) и Пероза (459-484 гг.).

При Яздигерду II и Пероз сасаниды несколько раз нападали на землях эфталитов и защишали своих границы, но и были поражение. В том числе, по данным Фирдоуси, шахиншах Яздигерд II в 453-454 гг., потерпел поражение от эфталитов и уступил им города Тирмиза и Вишгарда Тохаристана на правом берегу Амударьи.

Яздигерд II в своих войнах с эфталитов в 442-449 гг., 450-451 гг. и 453-454 гг., не добился успехов и не смог остановить продвижение эфталитов на северо-восточных границах Сасанидов. Далее в 457-459 гг. в время борьбы между наследников Сасанидов Хормиздом III и Пероза, за персидский престол после смерти царя Яздигерди II (438 г.) [5, с.515]. при поддержке эфталитского царя Хушнавоза, которому подчинились «Гарджистан, Хутталян, Бадахшан, Висегерд, Чаганиан, Термез и Бухара» [53, с.299].

Пероз, которое несколько времени жил у эфталитов, победил и пришёл к власти. В результате Пероз в знак уважение уступил эфталитам Восточный Тохаристана вместе с культурным и религиозным центром этих земель-городом Балхом [54, с.500].

Новая государство эфталитов в 50-е годы V в. настолько укрепилась, что посылает посольства и поддерживали дружественные отношения с соседними государствами. Так, в Китай прибывает в 456 г. первое посольство от эфталитов [10, с.250], а в период с 507 по 531 г. эфталиты отправили ко двору Тоба-Вей 13 посольств[47с.108].

Борьба сасанидами с эфталитами достигла наивысшей точки при шахиншахе Перозе (459-484 гг.). Опасаясь растущей экспансии со стороны эфталитов, против них выступил сам шахиншах Пероз. С начала V в. эфталиты вели борьбу с Сасанидами, которым пришлось платить им дань, с 460 г. предприняли завоевания в западной части Северной Индии. Пероз трижды воевал с эфталитами. Первая война в 474–475 гг. закончилась тем, что он попал в плен к эфталитам и был освобожден за выкуп, предоставленный византийским императором Зеноном (474–491 гг.). По данным источников, местом первой войны Пероза с эфталитами была Балхская степь [25, с.104].

По данным Прокопий Кесарский, император Зенон потратил на этот выкуп всю свою казну [42, с.3.]. Поступок этот убедительно продемонстрировал политику Византийской империи по отношению к Сасанидам, а она была дипломатичной. В Византии считали, что сасанидский Иран непрочное и слабое государство, но должно отражать удары противников, особенно в восточной границе Византии. Одно-временно Зенон хотел защитить сасанидский Иран от полного разгрома, чтобы сохранить равновесие между сасанидами и эфталитами [13, с.301-302]. Пероз в время пленения обещал больше не переступать границу эфталитов и поражение сасанидов позволило эфталитам овладеть Северным Хорасаном [14, с.96].

Через некоторое время в 479-480 гг. Пероз снова начинает войну и вновь попадает в плен. Тогда он дал обещание не переступать границу эфталитов[44, с.57] и должен был уплатить им громадную контрибуцию: 30 мулов, нагруженных монетами. Находясь еще в плену, он приказал доставить эти сокровища эфталитам, но истощенная казна смогла дать лишь часть. Пероз все же освободился из плена, оставив заложником сына Кавада. К этому моменту Эфталитам удалось захватит восточные владения Сасанидов-Тахаристан, Балх, Чаганиан, Термез, Висагирд, а также Самарканд[25, с.78].

Поводом к третьей войне в 484 г., по сообщению Приска Панийского, явился обман Перозом эфталитов. Он предложил "гуннам" заключить мир и в качестве залога своих мирных намерений отправил "гуннскому" правителю в жены женщину, именуя ее своей сестрой. Прибыв к "гуннам", женщина раскрыла обман - она была не сестрой, а рабыней Пероза. Оскорбленный "гуннский" правитель Кунха, ссылаясь на то, что у него большое войско, но нет опытных

военачальников, попросил прислать ему в качестве военных инструкторов персов. Когда они прибыли (Пероз послал 300 знатных персов), эфталиты часть из них изуродовали, часть убили. Возобновилась война - третья война, приведшая к бесславному концу Пероза (он вместе со своим войском попал в ямы-ловушки и погиб) [10, с.251] и «после третьего неудачного похода Пероза против эфталитов Сасаниды были вынуждены платить дань эфталитам [52,12, с.19].

Поражения Пероза и вторжение эфталитов в пределах Сасанидских земля произвели на население Ирана удручающее впечатление и, по словам армянского историка Лазара Парпеций в Иране «в мирное даже время никто не мог мужественно и без страха смотреть на эфталита или даже слышать о нем, не то что идти на него войной открыто…»[с.55].

Эфталиты, разбив Пероза, наложили на Иран тяжелую дань, Сасаниды с 484 г. до середины 60-х годов VI в. выплачивали эфталитам ежегодную дань[46, с.131]. Скорее всего, поэтому выпускается Сасанидских монет с легендой на языке эфталитов. Поскольку такие монеты выпускались в годы царствования Валаша (484-488 гг.), Кавада (488-531 гг.) и Хосрава Ануширвана (531-537 гг.), то они достаточно в большом количестве были обнаружены в южной части Среднеазиатского междуречья (Северный Тохаристан, особенно в Согде, Устурушане) и даже в Восточном Туркестане[50, с.10-11]. Позже, в 498-499 гг. эфталиты вторглись в Иран, восстановив на престоле ранее свергнутого шахиншаха Кавада. За это им было заплачено золотом. В дальнейшем между персами и эфталитами царило полное согласие, и эфталитские стрелки сражались с византийцами в рядах персидского войска. В 502 г. Кавад в союзе с эфталитами предпринял поход против Византии. Эфталиты участвовали в осаде Харрана (древние Карры) и когда их предводитель попал в плен, то освободили его за богатый выкуп. В 503 г. через Кавказское ущелье напали гунны, - видимо, не без участия Византии; это несколько осложнило и задержало ход войны, но, тем не менее, в 506 г. мир был заключен, и эфталиты получили свою часть византийского золота [28, с.115]. Но к середине VI в. отношения между ними обострились.

Одновременно, продолжая свою экспансию эфталиты захватили Согд между 467- 470 и 480 гг., затем начали подчинение владений Восточного Туркестана: Турфана в 479 г., Урумчи в 490-497 гг., Карашара - между 497 и 507 гг. Если учесть, что Хотан и Кашгар также вышли в состав Эфталитского государства, то можно считать, что в начале VI в. они владели всем Восточным Туркестаном. Эфталиты, кроме того, провели ряд завоеваний на юге. С 460 до 530 г. они захватили сначала Кандахара, потом Синд, Пенджаб, Раджастхан, Мальву, Сиялкать, даже Джамну-Гангскую долину до Гвалияра [11, с.81-84 40, с.204-205]. К началу VI в. эфталитской вожд Тораман занял большую территорию в Северо-Западной Индии[17, с.54] и добрался до Центральной Мальвы. Местные раджи, соглашавшийся выплачивать дань правителям эфталитов, как правило, оставались в своих владениях [27, с.61].

Таким образом, эфталиты создали огромные государственное образование, по своим размерам даже превзошедшее Кушанское, которое включало основную часть Средней Азии, восточный Иран, Афганистан, северную Индию и Восточный Туркестан, причем создается впечатление, что важнейшие частью их владений был Тохаристан. Но определенных данных относительно политического центра Эфталитского государства пока нет. Возможно, это действительно был Тохаристан с Балхом, а может быть, Согд с Пайкендом [28, с.106]. В пик своего могущества границы эфталитского государства простирались с востока на запад: от Хотана (Восточный Туркестан - ныне Синьцзян-Уйгурский автономный район КНР) до границ Ирана и с севера на юг от степей нынешнего Казахстана до северо-западной Индии, то есть большая часть территорий Центральной Азии: Таджикистана, Узбекистана, Туркменистана, Кыргызстана и Казахстана, Афганистана, Пакистана, часть Индии и Китая (ряд оазисов Восточного Туркестана) [33, с.7].

Эфталитское царство не было централизованным государством, и его многочисленные области, признавая верховную власть эфталитского царя, в значительной мере сохраняли политическую самостоятельность и выпускали от своего имени монеты. Но по возможности, эфталитские цари хотели создать централизованные государство и по мнению ряд историков, 510 г. является датой окончательного формирование государства эфталитов [29, с.36]. С этого года практически прекратилась регулярная отправка посольства в Сасанидский Иран, Китайскую и Византийскую империи от отдельных правителей Тохаристана, Согда, Ферганы и

они стали составной частью этой государств. Обосновавшись главным образом в пределах Тохаристана, эфталиты, как выше было сказано, подчинили себе обширную территорию, но создать экономические и политические основы для действительного объединения ее в едином государство несмотря на ряд попыток, они не смогли. Эта империя представляла собой конгломерат различных кочевых и оседлых племён и народов, объединенных только внешними факторами и, прежде всего, силой оружия. Эфталиты, хотя и старались держать в подчинение обширную территорию, но создать централизованное государство им всё же не удалось. Судя по данным письменных источников, все подчинение эфталитам владения в том числе Тохаристан, выплачивал им ежегодную дань; по всей вероятности. В этом главным образом, и выражалась зависимость отдельных владений от главы эфталитского государства. Можно думать, что могла существовать какая-то упорядоченная система взимания дани и определенный контроль за местными владетелями. Но Эфталиты в подчиненных им владениях смену местных правящих династий не производили. Это засвидетельствовано, во всяком случае, для бухарского оазиса тем, что в 627 г. владетели Большого и Малого Ань сообщали Китайскому императору о непрерывном правлении их династий - первый в двадцати двух, а второй в десяти поколениях. Относительно владетеля Канна - Самаркандского Согда, в «Бейши» подчёркивается, что правящая династия по происхождению юечжийская и преемственность здесь не прерывалась со времен династии Хань, со II в. до н. э. По всей вероятности, смена владетелей производилась в тех случаях, когда они оказывали сопротивление при завоевании. Столицей эфталитского государства официально считался город Бадиянь, находившейся на территории Тохаристана. Однако, глава государства обитал здесь только при зимнем месяце, а в остальное время вёл кочевой жизни и это была фактически только его зимовка. Данные некоторых письменных источников свидетельствуют об оседании отдельных групп эфталитов в Среднеазиатском Междуречье. Так, например, Масуди место обитания перешедших в оседлость эфталитов считает территорию, расположенную между Самаркандом и Бухарой.

Наличие эфталитов в долине Заравшана и некоторых других частях Среднеазиатского Междуречья подтверждаются и некоторые другими фактами. Очевидно, имея ввиду этих, перешедших от кочевого образа жизни к оседлому, групп, Прокопий Кесарийский [42, с.3] и Менандр Протектор считают эфталитов земледельцами и жителями городов. На примерах условной перехода в оседлую жизнь других завоевателей кочевников на других территориях Азии можно сказать, что в аналогичном процессе у эфталитов влияние и роль земледельческого населения Средней Азии были решающими.

Исходя из того факта, что начала экономического и культурного подъёма Тохаристана падает на второй половины V и VII вв., можно считать, что при эфталитах развитие производительных сил не было приостановлено. Судя по всему, эфталиты тоже были заинтересованы в лучшем уровне экономической жизни земледельческих областей, дабы сбора с них больше поборов…

После Кубада духовенство и знать Сасанидов утвердили в государственном троне Хусрава Ануширвана (531-579 гг.). Период правления шахиншаха Хусрава I являлся самой яркой страницей Сасанидского государства во времена правления которого было восстановлено величие Сасанидской империи. Опыт государственного управления Хусрава I дал возможность решить многие политические, экономические и социальные проблемы Ирана и создать сильную централизованную власть. В целях укрепления власти шахиншаха была проведен ряд мероприятий, известных под названием реформ Хусрав I. С первых дней царствования он провел земельную реформу и системы налогообложения, которая получила поддержку земельных собственников. Заметные изменения произошли при нем в организации войск, были приняты меры для улучшения положение женщин и детей. Для защиты от внешних врагов было сооружено мощное оборонительное сооружение. При Хусрава I Иранское царство вступило в период раннего феодализма[7, с.22], а в целом реформы Хусрава I закрепили новые феодальные порядки в Иране[43, с.318].

Внешняя политика раннефеодального государства Сасанидов, значительно усилившегося в экономическом и военном отношении при Хусрава I и его преемниках, ставила своей конечной целью распространение сасанидского господства на Средней Азии, Закавказье и азиатские провинции Византии, выход к берегам Черного и Среди-земного морей. Захватив

Сирию и Антохию, Хусрав в 540 году подписал с Византийской империей мирное соглашение сроком на 50 лет. Одновременно Хусраву I удалось заключить союз с Китаем в 555 году и тюркским каганатом в 560 году[15, с.38], который означал совместный союз Ирана, Китая и тюрков в борьбе против мощного врага Сасанидов - эфталитов. В 50-х годах VI прекратилась уплата сасанидский Ирана дани [21, с.309-315] эфталитам, что могло послужить сигналом неизбежности нового столкновения. Ибо эфталиты на северо-востоке была самым опасным и главным противником Ирана до 60-х годов VI в. Шахиншах Хусрав I, прекративший выплату дани эфталитам и готовившийся к войне с ними. Политическая ситуация резко изменилась с проникновение в пределы Средние Азии тюрков. В 50-х гг. VI в. на северной границе эфталитской империи появляются новые кочевые племена - тюрки, на территории Алтая, Центральной Азии и Семиречья образовавшие большое государство, известное под названием Тюркский Каганат. Эфталиты оказались между двумя врагами: с юга - Сасанидами, а с севера тюрками. Тюрки захватили новые территории превратились в могущественной силе. Враждебность, сразу же проявившаяся в тюрко-эфталитских отношениях, в пяти-восьми лет, однако, не проводила к их разрыву. Среди эфталитов не было единомыслии в многие проблемы, в том числе по отношение с тюрков. Вельможа Катульф, утверждая, что в пределах своих владений эфталиты сильнее, чем на других земель, удерживал эфталитского царя Гатифара от войны с тюрками [10, с.271]. А тюрки считали своей главной целью закончить разгром аваров, ушедших за Волгу [32, с.87]. Описанные события обнажают пружины международной политики 60-х годов VI в. Иран и Византия были непримиримыми врагами. Для аваров, как противников Византии, был необходим союз с сасанидами, тогда как тюрки, враги аваров, могли находится с Византией в самых дружеских отношениях, но эту расстановку сил осложняло наличие государство эфталитов, враждебного и тюрком и сасанидам [23, с.125]. Ни тюркский хакан, ни Хусрав не решались в одиночки начать с ними войну. Поэтому тюркам и сасанидам было выгодно против общего врага заключить военно-политический альянс и сокрушить государство эфталитов. Эфталиты, потеряв своих союзников - жужаней, забеспокоились и пытались в 553 г. завязать отношения **с** Китаем, но Юйвынь Тай, правитель империи Западная Вэй, был в союзе с тюркютами, и эфталитские намерения, видимо, не встретили сочувствия [15, с.43]. Положение эфталитского государство ещё больше ухудшилось, когда против него было заключено соглашение о совместных действиях между сасанидским царём и тюркским каганом. В целях закрепления этого союза Сасанидский царь Хосров I даже собирался жениться на дочери кагана. Инициатором этого союза была шахиншах Хусрав I и поэтому послал к тюркскому кагану послом и было готов общий план: удар по эфталитам. Но по другой версии первым сделал шаг навстречу каган, отправивший к шахиншаху Ирана послов с 10-верблюдами, нагруженными подарками. Путь этого каравана лежал через эфталитские владения. Царь эфталитов Гатифар - известен и по титулу «Варз» [12, с.20] следивший за развитие событий, велел перебить послов и разграбить караван. Но это убийство послужило поводом для решительного наступления тюрок. О случившемся кагану сообщил уцелевший всадник, и каган прислал из Туркестан в Балх большое войско, одновременно Хосрав Ануширван собрав армию тоже двинулся в Балх. Тюрки вторглись в Чач и устроили там избиение жителей. Пока эфталитский царь Гатифар спешно собрал большое войска из своих владений, в основном из Тохаристана: Балха, Шугнана, Амуля, Хутталяна, Вишгарда, Термеза и сосредотичил основные свои силы в районе Бухары [53, с.119], тем временем тюрки уже оказались в Бухарском оазисе. Решающее тюркско–эфталитское битве произошло где-то на окраине Бухарского оазиса, и по сообщение Фирдоуси тюркско-эфталитское сражение у Бухары, распространившаяся на значительную часть среднеазитаских земель [53, с.119]. Бой длилась восемь дней и закончилась полным поражением эфталитов. По всей вероятности, в боях был убить и Гатифар, ибо какие-то остатки его войска, отступив в Тохаристан, выбрали там владетеля Саганиана Фаганиша, выходца из семейства Хушнаваза своим новым царём**.** Узнав о победе тюрков, Хусрав выступил с большим войском, достиг Гургана и разбил здесь лагерь. Основной его целью было предотвращение дальнейшего движения тюрков к границе сасанидам. Новый эфталитский царь Фаганиш и местные среднеазиатские владетели отправились к шахиншаху Ирана и изъявили ему покорность, после чего удалился в свои владения. Признав себя побежденными и обязуясь выплачивать дань, эфталиты в северном Тохаристане ещё на некоторое время (примерно до 588

г.) сохранили свою власть над небольшим владением. Но, как бы там не было, Тохаристан в составе государства эфталитов оказались несколько более полустолетия. Данный период для этих и других областей Средней Азии характерен началом нового экономического и культурного подъёма. Несомненно, одним из существенных факторов, способствовавших этому, было объединение их в рамках одного государства. Пусть даже непрочного. Эфталитское государство обеспечивало безопасность земледельческих оазисов Средней Азии от набегов других кочевников и преграждало путь к попыткам Сасанидов расширить свою империю за счёт правобережных областей Амударьи и особенно Тохаристана.

Территории эфталитского государство была поделена между союзниками: тюрками и сасанидами. Все области к югу и западу от Амударьи, в частности территории южных областей Таджикистана, Узбекистана и Туркменистана, северу западную области Афганистана в виде вассальных царств и княжеств были присоединены к сасанидскому Ирану [17, с.57], а земле лежавшие к севере от Амударьи, вошли в сфере политического влияния Тюркского хаканата[10, с.275], что касается линии размежевания между тюрками и сасанидами, то естественной границей служила Амударья[31, с.396]. Таким образом в 60-х годов VI в политической арене больше не было места для эфталитов и Тохаристан была разделена между двух, в будущем врагов, т.е. между тюрками и сасаниды, а в целом Эфталитское объединение распалось под ударами индийских, сасанидских и тюркских правителей: в Индии в 530-х гг., в Средней Азии и Афганистане в 563-567-х годах...

Литература:

1. Адылов Ш. Эфталиты и Западный Согд. Ӯрта Осиё археологияси, тарихи ва маданияти. Арохеология, история и культура Средней Азии. // Тезисы докладов международной научной конференции посвященной 60-летию академика АН РУз, профессора Э.В. Ртвеладзе. Ташкент, 2002.
2. Альбаум Л. П. Балалык-тепе. К истории материальной культуры и искусства Тохаристана. Ташкент, 1960.
3. Бабаев А.Д. Древние земледельцы «Крыши мира». Худжанд:. «Нури маърифат», 2006.
4. Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ. Таҳияи М. Умаров, Ф. Бобоев, Д. Қаноатов. Душанбе. «Паёми ошно». 2001. Ҷ.2.
5. Бартольд В.В. Тохаристан. Соч., М.: Наука, Т.III, 1965.
6. Бобоёров Ғ. Турк хоқонлигининг Моваройуннаҳрдаги бошқарув тизими ҳақида. O'zbekiston tarixi. Toshkent. «Fan». 2000, №4, - С. 71.
7. Беляев Е. А. Арабы, ислам и Арабский халифат в ранее средневековье. Второе издание. М., ГРВЛ. 1966.
8. Бобринский А.А. Горцы верховьев Пянджа: (Ваханцы и ишкашимцы): Очерки быта по путевым заметкам. М., 1908.
9. Вайнберг Б.И. Некоторые вопросы истории Тохаристана в IV-V вв. (В связи с запустением Кара-тепе). //Буддийский культовый центр Кара - тепе в старом Термезе. М., 1972.
10. Гафуров Б.Т. Таджики. Древнейшая. Древняя и средневековая история. Кн.1. Душанбе, 1989.
11. Ганковский Ю. В. Народы Пакистана: (Основные этапы этнической истории). М., 1964.
12. Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644-7-4 гг.). -Душанбе, «Дониш», 1989.
13. Гиршман Р. Эрон аз оғоз то имрӯз. /Тарҷумаи М.Муин. Теҳрон., 1336.
14. Гумилёв Л.Н. Эфталиты - горцы или степняки? ВДИ, 1967, № 3. - С. 93.
15. Гумилёв Л.Н. Древние тюрки. М., 2004.
16. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофияи таърихӣ). Душанбе, 2006.
17. Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих. (ҷилди аввал ва дувум). Кобул, 1426. ҳ.қ.-1384. ҳ.х.
18. Древности Таджикистана (каталог выставки). Душанбе, 1985. - С. 156.
19. Древности южного Узбекистана. ред. Г.А. Пугаченков. Токио - Ташкент.
20. Джалилов А. Из истории культурной жизни таджикского народа. Душанбе, 1973.
21. Дьяконов М.М. Очерки истории древнего Ирана. М., 1961.
22. Enoki R. Oh the nationality of the Ephthalites. – MDTB, N 18. Tokyo. 1959.
23. Исоматов М.М. Ирано–сренеазиатские взаимоотношения по «Таърихи-и Табари» Балъами. Душанбе-Бишкек, «Эҷод», 2006.
24. Ёршотир Э., Бикрмон А.Д.,Бейвор Ҳ.,Родитсо Л., Фрай Р.Н… Таърихи Эрон. Аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. Пажуҳиши донишгоҳи Кембриҷ. Тарҷумаи Ҳ. Ануша. Ҷ. 2. Б. 3. Теҳрон, 1378. (чопи форсӣ).
25. Исоматов М. «Таърихи Табари»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996.
26. Исоматов М.М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии. //Автореферат дисс. на соис. учен. степ. д.и.н. Душанбе, 2009. - С.4.
27. История Афганистана с древнейших времен до наших дней. / Отв. ред. Ганковский. Ю.В. М.: Мысль, 1982.
28. История народов Узбекистана. С древнейших времен до начала XVI века. Т. 1. Под. ред. проф. С . П . Толстов, проф. В. Ю. Захидов и кандидатов исторических наук Я.Г. Гулямова и Р. Н. Набиева. Ташкент, 1963.
29. История таджикского народа. Том II. Книга первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI–XVI вв.). Под. ред. Б.Г. Гафурова и А.М. Беленицкого. М.: «Наука», 1964.

30. Исхаков М., Камолиддин Ш., Бабаяров Г. Заметки по истории нумизматики раннесредневекового Чача (III-VIII вв.) Ташкент, 2007.
31. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён: Таърихи Эрон то ҳамлаи араб ва вазъи давлат ва миллат дар замони Сосониён. /Тарҷумаи Р. Ёсумӣ. Теҳрон., 1332.
32. Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей: древность и средневековье. СПб., 2000.
33. Курбанов А. Эфталиты (Очерки истории). -СПб.: Европейский Дом, 2006.
34. Мандельштам А.М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и припамирских областей с древнейших времен до X в.н.э.//Тр. АН. Тадж ССР. Сталинабад, 1957. Т.53. - С. 3-10.
35. Мандельштам А.М. К вопросу о кидаритах. //КСИЭ АН СССР. М., 1958, вып. 30. – С. 69.
36. Маршак Б.И. Согдийское серебро: Очерки по восточное торевтике. //АН СССР Отделение истории и др. М., 1971.
37. Marquart I. Eransahr der Geographie der Geographie des Ps. Moses Xorenac'i. Berlin-1901.
38. Маршак Б.И. К вопросу о восточных противниках Ирана в V в. - СНВ. 10, 1971. - С. 65.
39. Малявкин Л.Г. Танские хроники о государствах Центральной Азии /тексты и исследования. / Новосибирск, 1989.
40. Массон В. М., Ромодин В.А. История Афганистана (с древнейших времен до начала XVI века). М., 1964. Т.1.
41. Мустафакулов С.И. История формирования население Бактрии– Тохаристана. Самарканд, 1996.
42. Прокопий Кесарийский. Война с персами. Война с вандалами. Тайная история / Пер., статья, комм. А. А. Чекаловой. — СПб.: Алетейя, 1998.
43. Пигулевская Н. Города Ирана в раннем средневековые. М.- Л.: АН СССР, 1956. - С. 318.
44. Пигулевская Н. Сирийские источники по истории народов СССР. М.- Л., АН. СССР. 1941. -С.57.
45. Пугаченкова Г. А. Халчаян. К проблеме художественной культуры северной Бактрии. Ташкент, 1966.
46. Пугаченкова Г.А., Ртвеладзе Э.В. Северная Бактрия-Тохаристан: Очерки истории и культуры (древность и средневековье). Ташкент., 1990.
47. Ставиский Б.Я. Кушанская Бактрия: проблемы истории и культуры. М., ГРВЛ. 1977.
48. Ртвеладзе Э. В. История и нумизматика Чача (вторая половина III- середина VIII в. н.э.). Ташкент, 2006.
49. Ртвеладзе Э.В. Погребальные сооружения и обряд в Северном Тохаристане. //Античные и раннесредневековые древности южного Узбекистана. Отв. ред. акад. АН. Уз. ССР. Пугаченкова Г.А. Ташкент, 1989. - С. 53.
50. Ртвеладзе Э. В. Монеты на Великом Шелковом пути. //Нумизматика Центральной Азии. (сб. статей). Ташкент, 1998, вып. 3. - С. 10-11.
51. Ставиский Б.Я. Кушанская Бактрия: проблемы истории и культуры. М., ГРВЛ. 1977. - С. 140.
52. Тер - Мкртичян Л.Х. Армянские источники о Средней Азии V-VII вв. М., 1979. - С. 37-39
53. Фирдоуси. Шахнаме. //Пер. Ц.Б. Бону-Лахути и В.Г. Берзнев, примеч. В.Г. Луконина. //В 6 т. М.: Наука, 1984.Т. 6.
54. Шмидт А.Э. Материалы по истории Средней Азии и Ирана. //Учён. зап. / ИВ АН СССР. М., 1958. т.16. - С. 44

ТАХОРИСТОН - САҲНАИ БАРХӮРДИ СЕ АБАРҚУДРАТ: СОСОНИҲО, ҲАЙТОЛИҲО ВА ТУРКҲО ДАР АСРҲОИ V-VI.

Дар мақола муаллиф дар бораи чи тавр ба сари қудрат омадани давлати ҳайтолиҳо дар осиёи Миёна, хусусан дар Тахористон маълумот дода, менигорад, ки ба зудӣ ин иттиҳоди сиёсӣ неруманд гашта, рақиби нав барои сосониён а туркҳо гашта, майдони бархӯрди онҳо асосан ҳудудҳои Тахористон гашта, ин минтақаи муҳимми стратегӣ дар асрҳои V-VI борҳо ҷойи рӯбарӯ гаштану набардҳо мешавад. Чанд даҳсола ҳатто ҳайтолиҳо дар Эрони сосонӣ мавқеъ гирифта, ин давлат ҳамасола бочу андози муайян ба ҳайтолиҳо мепардохт. Бо омдани шоҳаншоҳ Хусрави Анӯшервон вазъият дигар гашта, дар иттифоқ бо туркҳо муборизаи муштарак бар зидди ҳайтолиҳо оғоз ёфта, ин давлат дар нимаи дуюми асри VI аз арсаи сиёсӣ дур гашта, ҳудудҳои он, аз ҷумла байни сосониҳо ва туркҳо тақсим мешавад.

Калидвожаҳо: *Тахористон, ҳайтолиён, сосониҳо, туркҳо, бархӯрд, сарҳад, Чагониён, Балх, Вашгирд, андоз, шоҳаншоҳ Фирӯз, Қубод, Хусарави Анӯшервон, тақсими ҳудуд.*

TOKHARISTAN - AREA OF THE COLLISION OF THREE POWERS: SASANIDS, EPHTHALITES AND TURKS IN THE V-VI centuries.

In the article, the author provides information about how the Hephthalites came to power in Central Asia, especially in Tokharistan, and notes that this political union soon became stronger and became a new rival of the Sassanids and the Turks, and the area of their confrontation took place mainly in the territories of Tokharistan. This important strategic region was repeatedly the site of confrontations and battles in the 5th-6th centuries. For several decades, even the Hephthalites occupied an important position in Sasanian Iran, and this state paid certain taxes to the Hephthalites annually. With the arrival of Shah Khosravi Anushervan, the situation changed; in alliance with the Turks, a joint struggle against the Hephthalites began.

Key words*: Tokharistan, Hephthalites, Sasanians, Turks, clash, border, Chaganians, Balkh, Vashgird, tax, Shahinshah Firuz, Qubod, Khosravi Anushervan, division of territory.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Асоев Сабзаалӣ Убайдович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: +992 938 00 62 96. Почтаи электронӣ: aso-zoda@mail.ru

Information about the authors: Asoev Sabzaali Ubaidovich – National University of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Ancient World, the Middle Ages and Archeology. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992 938 00 62 96. E-mail: aso-zoda@mail.ru

ТАШАККУЛИ ИСТЕҲСОЛОТИ СУДӢ ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ СУЛОЛАИ СОСОНИЁН

Абдулхонов Ф.М. – *номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқ ба сарчашмаҳои таърихӣ сулолаи Сосониён охирин сулолаи ориёслӣ то тоисломӣ буда, аз соли 224 то 651-ум дар минтақаҳои Шарқи Наздику Миёна ҳукмронӣ кардаанд. Сосониён худро вориси бевоситаи сулолаи Ҳахоманишиҳо медонистанд, дар идоракунии давлатӣ ва раванди давлатдорӣ бошад аз Ҳахоманишиҳо пайравӣ менамуданд.

Номи сулола ва давлати Сосониён ба номи ҷадди ин хонадон Сосон, ки мубади оташкадаи Анаҳито (Ноҳид) дар Истахр буд алоқаманд буда, асосгузори давлат бошад набераи ӯ Ардашери Бобакон (Ардашери I) маҳсуб меравад.

Вобаста ба бавуҷудоии давлати Сосониён академик, Б. Ғафуров чунин андеша дорад. “Дар ибтидои асри III милодӣ дар натиҷаи ҷангҳои дурударози пуртаҳлукаи зидди римиҳо ва низову хархашаҳои дохилӣ давлати Ашкониён завол ёфт. Барои барпо намудани идораи давлат чунон мубориза авҷ гирифт, ки он тавонист, ҳам истеҳсолкунандагони бевоситаро дар итоат нигоҳ дорад ва ҳам ба афзудани иқтидору сарвати ашроф мусоидат намояд.

Дар китоби худ “Тоҷикон дар оинаи таърих” муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сари қудрат омадани сулолаи Сосониёнро чунин иброз медоранд: “Дар интиҳои даҳсолаи дуюми асри III мелодӣ дар даврае, ки давлати Кӯшониён рӯ ба таназзул ниҳода, дар Осиёи Миёна лаҳзаҳои вопасини умрашро ба сар мебурд, айнан дар ҳамин давра ба пояҳои давлатдории империяи абарқудрати Ашкониёни Порт низ ларза фитода, ҷои худро ба давлати навхези Сосониён медод. Дудмони Сосониён аслан аз қаламрави Ориёнои Ғарбӣ, аниқтараш марзу буми вилояти Истахри Порс ва насаби коҳинони ориёӣ бархеста, худро вориси қонунии Ҳахоманишиён ва Эроншаҳри бостонӣ мешумурданд”.

Муаррих М. М. Дяконов бошад доир ба сари қудрат омадани Сосониён қайд менамояд, ки ба ҷои Портҳо омадани Сосониёнро табдили муқаррарии подшоҳон гуфтан ғалат аст. Портҳо, ки «дар задухӯрдҳои зидди Рим суст гашта, дар банди зиддиятҳои мураккаби иҷтимоӣ монда, дар байни Ғарби ғуломдорӣ ва Шарқи ҷамоатию авлодӣ мекалавид, ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ таҳрик дода натавонист, ки ин корро давлати Сосониён кард».

Ташкилёбии давлати Сосониёнро В.Г.Луконин чунин тасвир менамояд: “Бо марги Артабони V шоҳаншоҳии Ашкониён аз байн рафт ва дар харобаҳои он шаҳаншоҳии Сосониён ташкил ёфт. Ардашери I бо духтари Артабони V издивоҷ намуда, аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳокимияти хешро қонунӣ гардонида, баҳори соли 227 дар маъбади Анаҳито (Ноҳид) дар Истахр маросими тоҷгузорӣ доир кард ва худро «шоҳаншоҳи Эрон» эълон намуд. Ҳамзамон ба мақсади ташкили давлат ва нуфузи қудрат дар ҳудуди шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо ҷаҳду ҷадал намуда, қисмати шимолии Байнаннаҳрайн, Сурия, Арманистон ва қисман Хуросонро тасхир карда, то соли 241 саросари сарзамини Эронро ба ҳайати шоҳаншоҳии навташкили Сосониён дохил намуд”.

Вобаста ба низоми идории давлати Сосониён муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асри таърихии худ “Тоҷикон дар оинаи таърих” иброз медоранд: “Сохтори идории сиёсиву иҷтимоии давлати Сосониён дар даврањои аввали таъсисёбиаш аслан ба равиши усули давлатдории Ашкониён такя мекард. Давлатдории Сосониён дар аҳди Ардашери I ва Шопури I тавассути ду рукни асосии идоракунӣ - яке сохтори ҳукумати марказии шоҳаншоҳӣ ва дигаре сохтори мулуку-т-тавоиф (кадаг-хвадай) ба танзим оварда мешуд. Дар аҳди Сосониён Эрон ба чаҳор минтақа ё бахш тақсим шуда буд, ки онҳоро мутобиқи маълумоти китоби «Номаи Тансар»- Ибни Муқаффаъ чаҳор марзбон - марзбони бахши Хуросон (Машриқ), марзбони бахши Хварбарон (Мағриб), марзбони бахши Нимрӯз (Ҷануб) ва марзбони бахши Абохтар (Шимол) нигаҳбонию сарварӣ мекарданд. Сохтори идории давлати Сосониён дар замони шоҳаншоҳони баъдина тадриҷан тавсеа ёфта, мувофиқи ақидаи В.Г.Луконин (зимни омӯхтани

катибаҳои аҳди сосонӣ) агар дар дарбори Ардашери I сӣ нафар дарбориён ва аъёну ашроф бошад, пас шумораи унвонҳо, рутбаҳо ва фармонравоёни мақомоти дарборӣ дар аҳди Шопури I афзуда, беш аз ҳафтод нафарро ташкил медод".

Давлати Сосониён махсусан дар аҳди Хусрави Парвизи Анӯшервон (солҳои ҳукмрониаш 531-579) такмилу рушд ёфта, ислоҳоти низомию маъмурӣ ва андоз бо номи ӯ алоқаманд аст. Сосониён дар давраи ҳукмронии Хусрави Парвизи Анӯшервон Тахористонро ба худ тобеъ намуданд. Шакли идории кишвар яккаҳокимии номаҳдуд буда, нисбат ба асрҳои пешин Сосониён тавонистанд ҳокимияти мутамарказ бунёд намоянд.

Дар ин маврид муаррихи тоҷик академик Б.Ғафуров чунин андеша баён медорад: "Давлати Сосониён дар аҳди Хусрави I Анешервон (солҳои 531–579) ба авҷи иқтидори худ расид. Хусрави I ҷангу ҷидоли бисёре карда, ҳатто Ямани Арабистонро тасхир намуд ва аз ғайри ин чанд ислоҳоти ҳарбӣ гузаронд, ки онҳо муносибатҳои навбунёди феодалиро мустаҳкам карданд ва ба инкишофи минбаъдаи он мусоидат намуданд. Ислоҳоти соҳаи андоз, ҳарбӣ ва маъмурии Хусрави I аҳамияти калон дошт. Ин ислоҳот ғайр аз ин ҳокимияти марказиро ҳам тақвият бахшид."

Тавре ки аз таҳлилҳои боло бар меояд Сосониён ворисони анъанаҳои ҳуқуқии Ҳахоманишиён буданд, аз ҷумла онҳо барои такмил ва ислоҳоти институтҳои суннатии мурофиаи судӣ махсусан талош мекарданд. Дар давраи Сосониён бо иштироки бевоситаи худи подшоҳон фаъолияти кодификатсия ва инкишофи меъёрҳои ҳуқуқие, ки талаботи ҷамъиятро қонеъ мегардонд, ки аз муносибатҳои ибтидоии ҷамъиятии оилавию қабилаҳо ба муносибатҳои мураккабтари ҷамъиятии феодализм мегузаранд, босуръат инкишоф ёфт.

Сосониён ба тоза кардани дин ва ба низом даровардани қонуни зардуштӣ хеле ҷиддӣ шурӯъ карданд. «Покшавии дин» дар ин давра, ки аз тарафи гурӯҳи зардуштӣ таҳти сарпарастӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи шоҳони Сосонӣ, ба хусус Ардашир, писараш Шопур ва Анӯшервон сурат гирифт, зоҳиран ҳадафи эҷоди як идеологияи тавоно ва фарогир буд, метавонист ба «дуализми махдуди давраи зардуштии Ашкониёни дар боло зикршуда муқовимат кунад.

Вазъияти мурофиаи судӣ, ки дар «Авесто» инъикос ёфтааст, ба андешаи А.Г.Периханян, хоси марҳалаи ибтидоии рушди ҷомеа мебошад, ки дар он мурофиаи судӣ ҳанӯз ҳамчун як соҳаи мустақили дорои дастгоҳи махсус ба вуҷуд наомадааст. Онро ҳокимон ва рӯҳониёни дунявӣ бо иштироки тамоми аъзоёни ҷомеа анҷом медоданд. Пас, азбаски қонун аз як тараф ҳамчун ҷузъи одоби иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар ҳамчун ҷузъи одоби динӣ амал мекард, ҳардуи ин ҷанбаҳо ҳамзамон дар доираи салоҳияти ду «салоҳият» - дунявӣ ва дунявӣ инъикос ёфтанд.

Дар қонуни авестоӣ аввалини ин ду «салоҳият» дар симои суди дунявӣ «ahӣ » таҷассум ёфтааст, ки дар қиёс ва ё мухолифати расмӣ ба «ратав» борҳо зикр шудааст - судя аз табақаи коҳинон тайин мегардид. Аллакай аз мавқеи мурофиаи судӣ ҳангоми санҷиш, ки дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифт, метавон гуфт, ки дар ҷомеаи Сосонӣ мурофиаи судии аъзоёни қобилияти ҳуқуқи ҷамъият одатан дар шакли мурофиаи ошкоро байни тарафҳо сурат мегирифт.

Давлати Сосониён ба мисли давлатҳои Ашокиён ва Ҳахоманишиён дорои аҳолии аз ҷиҳати этникӣ ва мазҳабӣ гуногун буд. Дар муқоиса бо даврони Ҳахоманишиён ва Парфиён аз даврони Сосониён маълумоти бештаре ба мо расидааст , ки он саҳифаҳои барҷастатарини таърихи на танҳо тоисломии Тоҷикистон, балки тамоми таърихи Шарқи қадимро ифода мекунад.

Аз ҷумла, барои таҳлили муфассали динамикаи инкишофи меъёрҳои мурофиавӣ, муайян намудани қонун ва тамоюли инкишофи мурофиаи судӣ дар ин давра мо маводи хеле бой дорем, ки дар ёдгориҳои хаттии ин давра - «Қонунномаи Сосонӣ», яъне «Мотикони ҳазор дотистан», «Маҷмӯаи қонунҳои Ишҳобохт », «Талмуди Бобилӣ» ва ғайра.

«Маҷмӯаи қонуни Сосониён», ки А.Г.Периханян хабар додааст , аз номи Хусрави II Парвиз (591-628 милодӣ) аз ҷониби Фарахвмарт писари Баҳром таълиф шудааст. Ин ёдгорӣ маҷмӯи қоидаҳои ҳуқуқӣ бо истифода аз дастурҳои ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои давраи қаблӣ мебошад.

«Маҷмуаи қонуни Сосониён», ба гуфтаи А.Г.Холиков , далели он аст, ки қонуни судӣ махсусан дар замони Сосониён хеле хуб инкишоф ёфтааст. Ин шояд аввалин муттаҳидшавии прецедентҳои судӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар таърихи ҳуқуқ бошад. Китоби мазкур натиҷаи воридшавии меъёрҳои гуногунҷабҳаи ҳуқуқии Авесто мебошад. Ин ёдгорӣ низоми судии Сосониёнро комилан равшан тавсиф мекунад. Салоҳияти пешбурди мурофиаи судӣ ба дасти Шоҳ, доварони оддӣ ва коҳинон вогузор карда мешуд.

Тибқи китоби Қонунномаи Сосониён, қонуни судӣ ё мурофиавии замони Сосониён оилаҳои динию ҳуқуқиро, ки дар он давра вуҷуд доштанд, на аз ҳам ҷудо, балки бештар муттаҳид мекард. Шакли ҳуқуқии хаттии мурофиаи судӣ дар қонунҳо ифодаи худро меёфтанд.

Аҳолии яҳудиёни империя аз салоҳияти худ бархурдор буданд, ки бар асоси қонуни анъанавии динии яҳудӣ, ки зери таъсири қонунҳои Эрон буд, асос ёфтааст. Ҷамоаҳои насронӣ, аз ҷумла насрониҳои эронитабор низ дар арсаи мурофиаи судӣ мустақилият доштанд. «Маҷмӯаи қонуни Ишҳобохта», ки дар амалияи судии эрониёни насронӣ ҳамчун дастурамале буд, ба мисли «Талмуди Бобулӣ» шумори зиёди мувозинат бо паҳлавӣ, яъне. "Китоби Қонунномаи Сосониён" ва ҳатто истинодҳои мустақим ба амалияи ҳуқуқии зардуштиро доро буданд.

Ҳар як ҷамъияти диние, ки дар ҳудуди давлати Сосониён зиндагӣ мекард, дар ҳаёти иҷтимоии дохилии худ меъёрҳои анъанавии муносибатҳои худро ба роҳ монда буд, вале дар ҳолати иртибот бо муҳити иҷтимоии берунӣ ҳокимияти давлатӣ онҳоро вазифадор мекард, ки аз меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ истифода баранд.

Қабул ва баррасии даъвоҳо дар давлат, инчунин қабули қарорҳо асосан ба салоҳияти судяҳои дунявӣ - маълумотномаҳо дохил шуда, дар муассисаҳои махсуси судӣ, ки дар тамоми шаҳрҳо ва марказҳои маъмурӣ вуҷуд доштанд, сурат мегирифт. Дар давраи ҳукмронии Хусрав Анушервон, дар натиҷаи ислоҳоти судӣ низоми муассисахои судии дунявӣ васеъ гардид. Акнун ҳар як русто суди дунявии маҳаллии худро дошт, ки шумораи онҳо аз чор котиб зиёд набуд. Дар китоби “Мотикони ҳазор дотистан”-и замони Сосониён дар бораи мавҷудияти ниҳоди судҳо дунявии шаҳр - шаҳрдовар маълумот мавҷуд аст, ки вобаста ба он чунин хулоса гирифта мешавад, ки ниҳоди шаҳрдовар мақоми судии поёнӣ маҳсуб рафта дар ҳудуди шаҳр адолати судиро амалӣ менамуд.

Ба ҳайати кормандони муассисаи судӣ ба ҷуз аз доварон ва котибон муфаттиши судӣ - парежвон низ шомил буданд.

Дар баробари суди дунявии Датабарҳо, дар даврaҳои таърихи давлатдории Ашкониён ва Сосониён, судҳои рӯҳониёни Магупатҳо амал мекард. Дар сарчашмаҳои таърихӣ оид ба мавҷудияти «Китоб дар бораи вазифаҳои Магупатҳо», ки то ба замони мо нарасидааст, маълумот мавҷуд аст. Дар он имтиёзҳои Магупатҳо нишон дода шуда буданд. Аз чумла, агар магупат ба дурустии қарори судяи дунявӣ боварӣ надошта бошад, вай ҳақ дошт иҷрои ҳукми судро ба таъхир андозад. Ҳам суди дунявии датабар ва суди магупат дар шакли мурофиаи судӣ сурат гирифт. Датаборҳо ва магупатҳо қарорҳои худро дар шакли хаттӣ сабт намуда, ба ҳуҷҷатҳо муҳри расмиашонро мегузоштанд. Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби суд тартибдодашуда барои нигоҳдорӣ ба бойгонӣ супорида мешуданд.

Сарчашмаи муҳокимаҳои ҳуқуқӣ дар байни доварон ва магупотҳо «Авесто», ақиқтараш наскаҳои ҳуқуқии он бо тафсирҳои худ қарор доштанд. Тавре ки аз Денкарт маълум аст, қисми ҳуқуқии қонунҳои Авесто ҳафт наскаро дар бар мегирифт : панҷ наскаи асосӣ ва ду иловагӣ. Аз панҷ наски асосии ҳуқуқии Авесто, ки дар замони Сосониён таълиф шуда буд, танҳо яктоаш – Видевдат боқӣ монда, то ба мо расидааст.

Дар ин ҷо бояд ба андешае, ки дар адабиёти илмӣ баён шудааст, таваҷҷӯҳ кунем, ки дар замони Сосониён судҳои ҳакамӣ, судҳои фавқулодда ва махсус, аз ҷумла судҳои ҳарбӣ вуҷуд доштанд, вале онҳо ба сохтори умумии судӣ дохил нашудаанд. Ба ғайр аз ин, дар асоси маводҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосонӣ, ки дар бораи шаҳрдовар-суди шаҳрӣ, сухан меравад, ҳамчунин Суди олӣ амал менамудааст. А.Г. Периханян бар ин назар аст, ки мақоми Суди олӣ дар замони Сосониён вуҷуд надошт, зеро додгоҳи таҷдиди назар Сармугупат буд.

Дар нимаи дуюми давраи Сосониён барои ходимони дастгоҳи давлатӣ ва муассисаҳои судӣ маҷмуаҳои махсус - дастурҳо тартиб дода шуданд, ки дар онҳо дар баробари маълумоти умумӣ дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои баъзе идораҳо, рутбаҳо ва мансабдорон, иқтибосҳо аз фармонҳои расмӣ оварда мешудаанд.

Дар баробари маҷмуаҳои махсус оиди мансабҳо дар замони Сосониён барои фаъолияти дурусти судҳо маҷмуаҳои ҳуқуқӣ тартиб дода мешуданд, ки ҳам меъёрҳои қонун ва ҳам масъалаҳои мурофиаи судиро дар бар мегирифтанд. Онҳо бо чаштакҳои наскаҳои ҳуқуқӣ,

номаҳои доиравии магупатҳо, фармонҳои расмӣ асос ёфтаанд ва характерноктарин шакли пешниҳоди масъалаи муайяни ҳодисаи ҳуқуқи буданд.

Сарчашмаҳои дигари мурофиаи судӣ дастурҳои махсус, аз ҷумла дастур оид ба тартиби шикоят ба «Мустабар-намок» - «Муштабарнома», «Нипистак» - «Мактуб» буданд, ки дастурҳоро ҷамъоварӣ мекарданд. Ин далелҳо гувоҳӣ медоданд, ки дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории позитивӣ, тафсирҳои расмию ғайрирасмӣ ва шарҳу эзоҳ дар бораи қоидаҳои мавҷуда низ амал менамуданд. Мавҷудияти тафсирҳои густурда низ аз дараҷаи абстрактии қонунҳои мавҷудаи замони Сосониён далолат мекунад.

Дар замони сулолаи Сосониён мурофиаи суди характери оммави дошта, ҳар кас ҳуқуқи бевосита ё бо ёрии вакилон дар мурофиаи суди иштирок дошт. Мурофиаи судӣ дар ду марҳила сурат мегирифт. Дар марҳилаи аввал судяҳо даъвогар, ҷавобгар ва шоҳидони онҳоро даъват намуда, пурсиш мегузаронид, ки он сабт карда мешуд (протокол пурсиш ном дошт, Намак). Тарафҳо протоколи судиро имзо мекарданд. Судя дар бораи дурустии далелҳо - Бовараknома тафтиш гузаронида, дар рафти он шахсияти даъвогар, ҷавобгар ва шоҳидон муайян карда мешуд. Агар тарафҳо аз ёрии вакил истифода бурда бошанд, онҳо бояд ба суд ваколатнома пешниҳод менамуданд. Баъди ҳамаи ин судя муҳлати аз рӯи моҳият дида баромадани парвандаро муқаррар менамуд. Муҳлати ниҳоии он як сол муайян карда мешуд. Пас аз ин давра марҳилаи дуюм оғоз мегардид, ки суд ҳарду тарафро даъват намуда, мурофиаи судиро идома медод, ки дар варақаҳои махсус сабт мегардидаанд. Дар анҷоми ин марҳила судя ҳукм - Фараманро эълон мекард. Ҳукм аз ҷониби судя ва ҷонибҳо имзо шуда, аз ҷониби гунаҳкор маблағи суд пардохт карда шуд. Агар яке аз тарафҳо бо ҳукм розӣ набошанд, он гоҳ ҳуқуқ доштанд, ки аз болои ҳукм ба тариқи кассатсионӣ ба мақомоти болоӣ шикоят бараданд.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки дар замони ҳукмронии Сосониён дар таърихи давлату ҳуқуқи тоҷикон меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ инкишоф ёфта, шакли мукаммали мурофиаи ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадаанд, ки мутобиқи онҳо адолоти судӣ амалӣ мешуд.

Ҳамин тавр, давраи зардуштии инкишофи мурофиаи судӣ мухимтарин давраи инкишофи ҳуқуқи мурофиавӣ мебошад, ки дар он бисьёр институтҳо ва мақомоти адлия ташаккул ёфта, шакли пухтарасидаи худро пайдо карданд. Таҳлили институтҳои мурофиавии ва дигар сарчашмаҳое, ки то мо расидаанд, нишон медиҳанд, ки дар ин давра соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ ташаккул ёфта, ҳамчун муҳимтарин соҳаи ҳуқуқ дар ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳо таъсир гузор буд.

Адабиёт:

1. Абдулхонов Ф. "Авеста" как древнейший источник процессуального права таджиков //Актуальные проблемы государства и права / Под ред. Ф.Т.Тахирова, И.Б.Буриева. Душанбе,2006. С.25-31.
2. Буриев, И.Б. Судебные институты государственности - Душанбе: Ирфон, 2010. - 188 с.
3. Буризода, Э.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқ Тоҷикистон. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. - 260 с.
4. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1989. Ҷ.1. - 384 с.
5. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана. М. 1969. - С. 66.
6. Периханян А.И. Общество и право Ирана в Парфянской и Сасанидский периоды. М.: Наука, 1983.
7. Холиқов, А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон– Душанбе: Матбуот, 2002. - 301 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. / Эмомалӣ Раҳмон. Иборат аз чаҳор китоб. – Душанбе: «Ирфон», 2009. – 704 с.

ВАЗЪИ СИЁСИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН ВА АВОМИЛИ ТАНАЗЗУЛИ ОН ДАР АРАФАИ ҲУҶУМҲОИ АРАБ

Ғуломов Т. М. *– номзади илми фалсафа, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, (+992-37) 221-77-11 факс: (992-37) 221-77-11 тел (+992) 907827090 E-mail: tojiddini_82@mail.ru*

Чаҳоряки дуввуми ҳазорсолаи аввали милодӣ яке аз даврaҳои ниҳоят пуртаҳаввули сарзамини бузурги ақвоми ориёӣ ба шумор меравад. Дар ин аҳд буд, ки давлатҳои муқтадири ин мардумон – Кӯшониён ва Ашкониён рӯ ба завол оварданд. Давлати Кӯшониён пош хӯрда ба якчанд давлатҳои

мустақил табдил ёфт.[1] Дар ҳудуди давлатҳои мазбур яке аз бузургтарин давлатҳои қадимии аҷдоди тоҷикон – Сосониён (226-651) ба вуҷуд омад.

Ҳангоме, ки Ардашери Бобакон (224-241) қисматҳои шарқии Эроншаҳри бостонӣ, яъне Хуросонро ба тобеъияти шоҳаншоҳии хеш даровард. Мувофиқи маълумоти Табарӣ: «Он гоҳ Ардашер оҳанги Сиистон, Гургон, Абаршаҳр ва Марв кард. Ва аз он ҷо сӯйи Балх ва Хоразм рафт, ки муҷовири Хуросон буд. Ва аз он ҷо сӯйи Марв бозгашт…ва аз Марв сӯйи Форс рафт ва дар шаҳри Гур мақарр гирифт ва фиристодагони шоҳи Кӯшон ва шоҳи Тӯрон ва шоҳи Мукрон ба итоъат пеши вай омаданд»[2]. Маълум мегардад, ки Ардашер империяи абарқудрати Кӯшониёнро аз байн бурда инчунин тӯроniён ва хиёниёну кидориён, ки дар ҳудудҳои Хуросону Мовароуннаҳр сукунат доштанд тобеъ ва боҷу хирочгузори шоҳаншоҳии худ намудааст.

Шопури I (241-272) аввалин кишваркушоиҳои худро аз ҷониби шарқ яъне шоҳаншоҳии Кӯшон, оғоз намуда «Марву Ҳирот, тамоми Абаршаҳр, Сиистону Тӯрон, Мукрону Патрон, Ҳиндустону Кӯшоншаҳр то паҳнои Пешовар ва баъд то Кешу Суғд ва ҳудудҳои Чоч»[3]-ро тасарруф кард.

Дар ғарб низ Шопур вазъияти сиёсии дохилии Румро ба назар гирифта, ба забт намудани мулкҳои Осиёи Хурд, Сурия, Антокия, Раҳо ва Лорин шурӯъ намуд. Дар соли 242 бори нахуст Шопури I рақиби асосии худ Гордиани III -ро шикаст дод. Императорони баъдии Рум Галл ва Валериан ҳар замон ба ҳудудҳои Сосониён лашкар мекашиданд, ки дар соли 257 Шопури I румиёнро бори дигар шикаст дода император Валериан ва 70,000[4] лашкариро бо ашрофону бузургони румӣ асир гирифт.

Раванди кишваркушоиҳои Шопурро Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар асари худ чунин тасвир намудааст: «Шоҳпур дар ибтидо низоми идории дохилии кишварро хуб ба роҳ монда дар соли ёздаҳуми подшоҳӣ ба Насибин лашкар кашид. Дар ин айём якбора ба Хуросон омада, кори ин ҷоро тамом кард ва боз ба Насибин омад ва аз он ҷо ба Шому маркази Рум рафт Киликия (Подокия) ва Антокияро тасхир кард ва император Ҳарқилро асир кард»[5].

Дар замони кишваркушоии Шопури I дар дохили давлат пайравони динҳои буддоӣ, насронӣ ва яҳудӣ барои баланд бардоштани нуфузи динии худ ошӯб ангехтанд, ки Шопур барои онҳо озодиҳои динӣ дод. Дар чунин шароити мураккаб Монӣ зуҳур кард. Монӣ пас аз чанд соли сафар дар Хуросону Мовароуннаҳр бо пайравони худ ба Тайсафун баргашт, ки аз ҷониби Шопури I саркӯб гардида ба Туркистону Чин паноҳ бурданд.

Ҳангоми ба сари қудрат омадани Баҳроми I (273-275) шоҳаншоҳии Сосониёнро ошӯбҳои иҷтимоӣ-мазҳабӣ фаро гирифт. Моние, ки дар замони Шопур ва Ҳурмуз саркӯб шуда ба Чин паноҳ бурда буд, аз шароити мусоид истифода намуда ба Тайсафун омада ифшои дини худ кард ва хост, ки Баҳром дини ӯро қабул намояд.

Ва чун «Баҳром кори ӯро омӯхт, саранҷом бигуфт, то ӯро бикушанд ва пӯст бикананд ва коҳ анбошатанд ва ба дарвозаи Ҷунди Шопур овехтанд, то бар дигарон ибрат шавад».[6]

Агарчи дар сиёсати дохилии мамлакат гоҳ-гоҳ ҳарақу марақҳое рӯй медод, вале дар муносибот бо давлатҳои дигар, билхусус давлатҳои бузурге чун Рум ва Чину Ҳинд фаъолона буд. Сарварони империтурии Сосонӣ аз ибтидои давлатдорӣ бо Чин ва Ҳиндустон муносибатҳои дӯстона доштанд. Оини Зардушт ба қадре дар қаламрави Чин нуфуз ёфта буд, ки ҳатто дар дарбор пайравон ба даст оварда. Императорҳои ду силсилаи кӯчаки Чин бо номҳои «Пай-Чӣ» (550-577) ва «Пай-Чу» (556-581) ба дини зардуштӣ гаравида буданд.[7]

Эрониён барои таблиғи дини масеҳӣ низ ба Чин, Ҳинд ва Сейлон сар даровардаанд, ки тавфиқи бештар ёфтанд ва дар соли 640 дар пойтахти Чин аввалин калисои насрониро таъсис доданд.[8]

Пас аз гузашти Ҳурмузи II, ки давлати Сосониён бе валиаҳд монд (чун ӯро писаре набуд) вазъияти сиёсии дохиливу хориҷии мамлакат зуд тағйир ёфт. Дар дохили давлат аъёну ашрофон ба

---

[1] История таджикского народа. Т.I. Древнейшая и древняя история. – Под ред. Б. А. Литвинского и В.А. Ранова. – Душанбе, 1998. – С. 468.

[2] Табарӣ.Таъриху-р-русул... – Ҷ.II. – С. 584.

[3] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. –С. 61.

[4] Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С. 611.

[5] Табарӣ. Таъриху-р-русул ва-л-мулук. – Ҷ.II тарҷумаи Абдулқосими Поянда. – Теҳрон. «Асотир» 1375ш. – С. 591.

[6] Табарӣ.Таъриху-р-русул... – Ҷ.II. – С. 594.

[7] А. Озарӣ. Таърихи равобити Эрон ва Чин. – Теҳрон, «Амири Кабир»,1367. – С. 35.

[8] А. Озарӣ. Таърихи равобити Эрон ва Чин. – С. 39-40.

корҳои давлатдорӣ мудохила мекардагӣ шуданд. Вазъи хоричии давлат дар ин давра ниҳоят бад гардид, чунонки Табарӣ менависад; «Мамолики муҷовир бидонистанд, ки порсиён подшоҳ надоранд, турк, рум ва диёри арабон, ки ба қаламрави порсиён наздиктар буд тамаъ дар мамлакати эшон бастанд»[1].

Дар ин айём дар ҳудудҳои шарқии Сосониён дақиқан дар Тахористони Шарқӣ ва Бадахшон ва пасон дар Балху Ғарҷистон шоҳигарии наве мавсум ба Ҳайтолиён бунёд ёфт.[2]

Шопури II (315-387) дар шонздаҳсолагӣ умури идории давлатро ба даст гирифта, тадричан лашкар ва иқтидори ҳарбию иқтисодии давлатро барқарор намуда, ба ҷанги арабон, ки то ин дам ба давлати Сосониён ҳамлаҳои ғоратгарона менамуданд, равон шуд.

Табарӣ қайд менамояд, ки дар сафари ҷангӣ арабонро шикаст дода аз дарё гузашт ва ба диёри Баҳрайн ворид шуд. Сипас ба Ҳаҷар расид, ки ҷамъе аз арабони Тамим ва Бакр ибни Воил ва Абдулқайс он ҷо буданд, ба куштани онҳо пардохт.[3]

Пас аз шикасти арабҳо Шопури II асирони зиёде гирифта ба сарзамини Рум ҳамла бурд ва аз онҳо низ асирони бисёре ба кишвари худ овард, ки минбаъд онҳоро барои сохтмони бузургтарин шаҳрҳо аз ҷумла Бузург-Шопур ва Эронхураи Шопур (яъне Шопур ва билоди вай) дар Аҳвоз, Хуни Шопур дар дохили шаҳри Эронхура Шопур ва Нишопурро дар Хуросон бо қувваи онҳо созмон дод.[4]

Шопури II бо императори Рум Константин (306-337) муносибатҳои хуби дӯстона барқарор намуда, дар солҳои баъдина дигар хотири ошуфта дар масоили сиёсати хориҷӣ надошт. Чунки дар муқобили империяи ташкилкардаи худ рақиби бузурге надошт. Дар ин давра муносибатҳои тиҷоратии Эрон ва Чин вусъат ёфта, «дар шаҳри Батна, дар наздики соҳили шарқии Фурот қарор дошт бозори байналмиллалии бузурге ташкил мешуд, ки дар он колоҳои Чин ва Ҳинд мубодала мегардид»[5]. Дар ҳудуди асрҳои чоруму ҳафтум тамоми маҳсулоти Ҳиндустон, Чин, Сейлон, Арабистон ва соҳили шарқии Африқо дар бозори байналмилаллии Эрон ба савдо гузошта мешуд. Дар қисмати шарқии ҳудудҳои Сосониён низ тиҷорат инкишоф меёфт. Аз солҳои 367 то соли 459 дар зарробхонаҳои Марву Ҳирот тангаҳои ба истилоҳ «кӯшону-сосонӣ» ва аз соли 380 то солҳои 430\440-ум дар зарробхонаҳои Балху Кобул аз ҷониби шоҳзодагони Сосонӣ…сика зада мешуданд.[6]

Солҳои 50-уми асри V ҳайтолиён ба хиёниён ҳукмфармо гашта дар Ғарҷистону Тахористон ва Балху Бадахшон тамоман пирӯз гардида, давлати тозаеро созмон доданд ва Сосониёнро аз ҳукмронӣ дар Тахористон ва як қисми Хуросон комилан маҳрум сохтанд.[7]

Дар чунин вазъи ногувор, ки Ҳайтолиён вазъи сиёсии кишварро дигаргун карда буданд, Баҳроми V (420-438) ба сари қудрат омад.

Баҳроми V вазъияти сиёсии дохилии империяро ба инобат гирифта, сараввал ба таъқиби масеҳиён пардохт ва бар он шуд, ки дар соли 421 бо румиён ҳарб намояд ва масеҳиёнро тамоман маҳкум намояд.

Вале нооромиҳои ҳудудҳои шарқии кишвар ӯро водор кард, ки бо Рум дар бобати озодиҳои масеҳиёни Сосониён ва зардуштиёни Рум шартнома бандад, ки ин шартнома бо ҳукумати Рум қарордоди муштарак бар дифоъи якдигар дар муқобили Ҳайтолиҳоро низ дар худ ифода мекард. Ба ақидаи муҳаққиқи муносибатҳои сиёсии Сосониёну Ҳайтолиён Исоматов М. «Ҳарчанд Баҳроми Гӯр дар набард бо «Хоқони Турк» бузургони Балху Ғарҷистон, Хатлону Чағониён ва Бухороро водор сохт, ки эшон ба Сосониён божу совгузор бошанд, вале метавон ба натиҷае расид, ки сари тахти «Туркон» (Ҳайтолиён-Т.Ғ) тамоман сарнагун нашуда буд»[1].

---

[1] Табарӣ.Таъриху-р-русул... – Ҷ.II. – С.597.

[2] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. – С. 58.

[3] Табарӣ.Таъриху-р-русул... – Ҷ.II. – С.600.

[4] Табарӣ.Таъриху-р-русул... – Ҷ.II. – С.601.

[5] А. Озарӣ. Таърихи равобити Эрон ва Чин. – С. 42.

[6] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. – С. 62.

[7] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. – С. 64.

[1] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. –С. 69.

Баъд аз вафоти Баҳроми V дар аҳди Яздигурди II (438-457) байни Сосониён ва Ҳайтолиён зиддиятҳо авҷ мегирад. Яздигурди II тамоми қувваҳои худро барои нобуд сохтани ҳайтолиёне, ки аз ҷониби Ховар сар бардошта буданд равона кард, аммо дар се муҳорибае ки бо Ҳайтолиён дошт дар солҳои 442-459, 450-451,453-454 шикаст хӯрда, нуфузи сиёсии худро дар қаламрави шарқии кишвар аз даст дод. Ҳайтолиён дар ин айём аллакай давлати мустақили худро таъсис дода, худро рақиби пурзӯре дар муқобили Сосониён нишон медоданд.

Дар мавриде, ки Яздигурди II дар шарқ аз Ҳайтолиён шикаст хӯрда буд, дар ғарб масеҳиёни Арманистон бо сарварии Вердена Мамегонӣ[1] бар асари ихтилофҳои мазҳабӣ ошӯб ангехта буданд. Яздигурди II маҷбур шуд барои фурӯнишонии чунин ошӯб лашкари худро ба ғарб равона намояд ва дар муҳорибаи Арваир шӯришгаронро пурра шикаст дода, масеҳиёнро ба гаравидани дини зардуштӣ муваззаф намояд.

Баъд аз Яздигурди II писари кеҳтараш Ҳурмузи III (457-459) ба шоҳӣ расид, ки дар натиҷа Фирӯз аз ӯ бигурехт ва ба Ҳайтолиён паноҳ бурда чанде бо онҳо бимонд. Чун Ҳурмуз бо халқ хулқи нописандида раво дошт мардумони аҷам ба Фирӯз паноҳ бурданд. Ва Ҳайтолиён бо сипоҳе ба кӯмаки Фирӯз омаданд, ки Ҳурмузи III-ро куштанд ва Фирӯз (459-483) ба шоҳӣ расид.[2] Фирӯз мувофиқи қарордоди бо Ҳайтолиён намудааш Толиқонро ба онҳо бахшид.

Дар аҳди шоҳаншоҳии Фирӯз ғайр аз моҷароҳои мазҳабӣ, қаҳтӣ ва камобӣ низ ба харобшавии вазъи иқтисодию сиёсии давлат кӯмак мекарданд. Баъд аз солҳои хушксолӣ Фирӯз вазъи молии давлатро ба инобат нагирифта бо сиёсати сабуксоронаи пешгирифтаи худ нисбат ба Ҳайтолиён носипосӣ намуда, бо онҳо се маротиба лашкар кашид, ки дар ҷанги аввал Фирӯзро шоҳи ҳайтолиён Хушнавоз шикаст дода асир гирифт ва баъд аз пардохти товони ҷанг ӯро бахшид. Баъди чанде Фирӯз лашкари худро қавӣ дида бори дигар ба Ҳайтолиён дар муборизa шуд, ки ин навбат ҳам шикаст хӯрд. Фирӯз аз сабаби напардохтани товони зиёди ҷанг маҷбур шуд писари худ Қубодро ба унвонии гаравгон ба Ҳайтолиён вогузор намояд.[3] Дар ин айём Ҳайтолиён навоҳии шарқии Сосониёнро аз қабили Тахористон, Балх, Чағониён, Тирмиз, Висагирд ҳамчунин Самарқандро тасарруф намуда буданд.[4] Фирӯз ба вазъи сипоҳи худ аҳаммият надода ҳуҷуми сеюми худро бо ҳайтолиён дар соли 484 оғоз намуд, ки мувофиқи маълумоти Б. Ғафуров; «Шоҳи ҳайтолиён аз лашкаркашии Фирӯз бохабар буд ва дар роҳи онҳо хандақҳои чуқур канданд…, ки худи Фирӯз ба ин хандақ афтида банд мешавад, ӯро ба санг зада мекушанд ва тамоми коргоҳи вай, духтараш мӯбади пираш, занҳояш ва сарваташ ба дасти ҳайтолиён меафтад».[5]

Чуноне, Ғ. Ғоибов дар китоби худ қайд мекунад: «Пирӯз се маротиба бар зидди шоҳи Ҳайтолиён Хушнавоз паходи ҳарбӣ ташкил намуд, ки дар натиҷаи паходи сеюм Пирӯз кушта ва Сосониҳо боҷгузори Ҳайтолиён гардиданд».[6]

Лашкаркашиҳои бебарори Фирӯз ба муқобили Ҳайтолиён хазинаи давлатро холӣ намуда, бар дӯши халқ бахусус кишоварзону пешоварон бори гарони андозро афзуда, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии дохиливу хориҷии давлатро ба касодӣ овард ва вилоятҳои дигари шарқии Сосониён Марв, Нисо, Марворуд, Ҳироту вилояти Сиистон то ба Сарахсу Машҳад аз ҷониби Ҳайтолиён забт карда шуданд. Акнун Сосониён аз соли 484 то ба солҳои 60-уми асри VI боҷу хироҷи солиёна месупориданд.[7]

Дар рӯзҳои ба сари қудрат омадани Балош бародари ӯ Қубод, ки солиёни дароз бо Ҳайтолиён муносибати дӯстона дошт, дар кори подшоҳии ӯ мухолифат мекард. Пас Қубод ба Ҳайтолиён паноҳ бурд, ки миёни онҳо муносибатҳои дӯстонаи оилавӣ, (хоҳари Қубод-Фирӯздухтро шоҳи Ҳайтолиён ба занӣ гирифт) ба вуҷуд омад ва бо кӯмаки Ҳайтолиён ӯ Балошро сарнагун кард.

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм…2006. – С. 81.

[2] Табарӣ. Таъриху-р-русул… – Ҷ.II. – С. 626.

[3] Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С. 616.

[4] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). – Душанбе, «Сино», 1996. –С. 78.

[5] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин қадим, асри миёна ва давраи нав К.1. – Душанбе. «Ирфон», 1983, – С.265.

[6] Г. Гоибов. Ранние походы арабов в Среднюю Азию. – Душанбе, «Дониш», 1989. – С.19.

[7] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. –С. 89.

Дар давраи ҳукумати Балош, ки ошӯбҳову исёнҳои мазҳабиву иҷтимоӣ авҷ гирифта буд, Маздак ва пайравони ӯ бо суръат ақидаҳои мазҳабиву иҷтимоии худро таблиғ мекарданд. Дар чунин вазъияти барои Балош муҳим Қубод (487-498) бо ёрии Ҳайтолиён салтанатро ба даст даровард. Заминаҳои ба вуҷудоии маздакия пеш аз ҳама паст шудани сатҳи иқтисодии мардум бар асари хушксолии ҳафтсола ва гаронии андозҳои бар дӯши оммаи халқ бор шуда ба ҳисоб меравад. Мардумони роҳгумзада баробарӣ ва тақсимоти одилонаи молу сарватҳоро аз Маздак шунида, дар симои ӯ наҷотдиҳандаи худро пайдо намуда, ба мазҳаби ӯ мегаравиданд.

Билохира, Маздак ба пайравонаш талқин мекард, ки мо мехоҳем ризқи офаридаи Худовандро дар рӯи замин ба ҳамаи одамон баробар тақсим кунем, дороии тавонгаронро ситонида ба дарвешону бенавоён бидиҳем, то ҳеч кас аз дигаре моли бештар надошта бошад. Бо ҳамин васила нобаробариро аз миён бардошта адолату инсофро пойдор ва зулму ситамро решакан хоҳем намуд.[1]

Баъдан таълимоти мазҳабиву иҷтимоии Маздак оид ба тақсимоти одилонаи сарватҳои моддӣ нуфузи зиёд пайдо намуда, оммаи халқро бар зидди тавонгарону сарватмандон шӯронид. Аз сабабе, ки шумораи маздакиён дар марказ ба 12000[2] расид Қубод аз инқилоби иҷтимоии онҳо ба ҳарос омада маҷбур шуд бо онҳо созиш намуда, маздакиёнро пуштибонӣ намояд.

Пас аз марги Қубод табақаҳои мумтоз ва рӯҳониён Хусрави I (531-579) -ро ба шоҳӣ гумоштанд. Хусрави I дар рӯзҳои аввали шоҳаншоҳӣ ислоҳоти замину хирочро тарҳрезӣ намуд, ки аз ҷониби кишоварзону заминдорон дастгирӣ ёфт. Хусрави I дар созмондиҳии артиш, вазъи занон ва фарзандони онҳо ислоҳотҳо ворид намуд ва барои ҷилавгирии душманон як истеҳкоми бузург ба вуҷуд овард.[3]

Хусрав баъд аз забти Сурия ва Антокия дар соли 540 бо ҳукумати Рум шартномаи сулҳи 50-сола баста[4], Дар баробари ин бо кӯшишҳои Хусрави I байни императори «Чин дар соли 555 ва хоқони турк дар соли 560»[5] созишномаи муҳорибаи муштарак бар зидди душмани тавонои Сосониён – Ҳайтолиён баста шуд.

Мувофиқи маълумоти муҳаққиқи ин давра М. Исоматов дар ин айём Ҳайтолиён аз шимолу шарқи Афғонистон ба сарзаминҳои Ҳинд ҳуҷум оварда, Қандаҳору Синд, Панҷобу Рачастон, Молваю Сиёлкут аксари воҳаҳои Ҳиндустони шимоливу ғарбӣ ва қисман марказиро бо водиҳои Гангу Ҷамна ва Кошғару Турфон, Хутан, қисмати ғарбии Туркистони шарқӣ ва сарзаминҳои ҷанубии Помирро дар ин минтақа забт намуда, ба як давлати бузурге асос гузошта буданд, ки бо шаҳодати пажӯҳандагон тӯли давлати Ҳайтолиён ҳатто аз ҳудудҳои империи Кӯшон низ калонтар будааст»[6].

Дар тӯли солҳои 50-уми асри VI бар асари ҷунбишҳои озодихоҳонаи ҳиндуҳо Ҳайтолиён аз сарзаминҳои шимолу ғарбии худ маҳрум шуданд. Аз ҷониби шимол бошад туркон ба сарҳаддоти онҳо ҳамлавар мешуданд. Хусрав пас аз он, ки муносибатҳои иттифоқчигии худро бо империяҳои Чину Рум ва Хоқони Турк бақарор кард, комилан худро қавӣ дида аз чунин вазъияти ба сари Ҳайтолиён омада истифода намуда, дар соли 545 Тахористонро забт намуд ва аз пардохти хироҷ ба Ҳайтолиён комилан даст кашид.

Дар ин муддат Ғотифар шоҳи Ҳайтолиён аз ҳудудҳои дигари худ – «Зи Балху Шукнону Зам, Хатлону Тирмизу Висагирд сипоҳе гирд оварда дар Бухоро ба муқобили сипоҳи муттаҳидаи турку сосонӣ дар ҷанг шуд. Баъд аз ҳашт рӯзи муқовимат Ҳайтолиён шикаст хӯрда дар солҳои 563-567 комилан аз байн рафт».[7]

Даврони салтанати Хусрави Анӯшервон (531-579) яке аз дурахшонтарин давраҳои ҳукумати Сосониён аст.[1] Тадбиру кордонии Хусрав боиси он гардид, ки бисёре аз мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Эрон камобеш аз байн рафта ҳукумати муқтадири мутамарказ ба вуҷуд ояд.

Табарӣ, Балъамӣ, Низомулмулк, Масъудӣ, Саъолибӣ, Праф Купюс, Теодор Нёлдеке, Локк Ҳорт, Артур Кристинсон ва дигарон дар бораи шахсияти Хусрави Анӯшервон фикру ақидаҳои худро ба

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм…2006. – С. 113.
[2] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм…2006. – С. 120.
[3] Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С. 614.
[4] Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С. 615.
[5] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм…2006. – С. 133.
[6] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. –С. 95-96.
[7] Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. –С. 104-108.
[1] История таджикского народа. Т.I. 1998 – С. 468.

таври гуногун баён доштаанд. Баъди аз байн рафтани Хусрави I шукӯҳу азамати империяи Сосониён коста гардида, дар аҳди Ҳурмузи IV (579-590) аз шимол хунҳо, аз шарқ туркон ва аз ғарб румиҳо ба империяи Сосониён сар даровардан гирифтанд.

Дар солҳои баъдӣ Ҳурмуз бо сардории Баҳроми Чӯбин хунҳову турконро, ки ба давлати Сосониён сар даровардаа буданд, шикаст дод ва дар муҳориба бо румиён Баҳроми Чӯбин шикаст хӯрд, ки ин муносибати шоҳро бо Баҳром дигаргун сохт. Дар айёме, ки аз шоҳаншоҳии Ҳурмузи IV 10 сол сипарӣ шуд, саросари давлати Сосониёнро мухолифатҳо фаро гирифтанд. Баҳроми Чубин чунин вазъиятро ба инобат гирифта бо хоқони турк – Пармуда муносибатҳои дӯстона барқарор намуда, бо ёрии онҳо даъвои салтанат кард ва худро аз дудмони Ашконӣ муаррифӣ намуда, муқобили Ҳурмузи IV ҷанг эълон намуд. Абулқосим Фирдавсӣ моҷарои Баҳроми Чӯбинро бо Ҳурмуз дар Шоҳнома ба таври возеҳу равшан шарҳ додааст:

Чун озармҳо бар замин бар занем,
Ҳама бехи Сосон зи бум барканем.[1]

Нақибзодагон ноӯҳдабароии Ҳурмузро дида ӯро кӯр карданд ва Хусрави Парвизро (590-627) ҷойнишини ӯ карданд. Баҳроми Чубин вазъиятро мусоид ҳисобида, дар соли 590 Тайсафунро муҳосара кард.

Пас аз тасарруфи Тайсафун Баҳроми Чӯбин сипоҳи худро пурра намуда, барои забтнамоии қисматҳои шарқии давлати Сосониён Нишопур, Балх Марв ва Хуросон, лашкари худро равона кард:

Сипаҳро дирам доду аспу раҳӣ,
Ниҳонӣ ҳаме ҷуст ҷои меҳӣ.
Зи лашкар яке паҳлавонон баргузид,
Ки солори марзи Хуросон сазид.
Хуросон бад-ӯ дод бо лашкарӣ,
Нишопур бо Балху Марву Ҳарӣ…[2]

Бисёре аз муҳаққиқин бар онанд, ки Баҳроми Чӯбин дар як муддати ниҳоят кӯтоҳе, ки Тайсафунро идора мекард, аз номи худ сикка зарб кард. Ба гуфтаи муҳаққиқи эронӣ Муртазои Ровандӣ: «Бар тахт нишаст, тоҷ бар сар ниҳод ва аз номи худ сикка зад»[3]. Вале дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо фармони Баҳроми Чӯбин ба номи Хусрав сикка баровардани зарробхонаҳо маълумот мавҷуд аст, ки бар асари ҳақношиносиҳое, ки Ҳурмуз нисбат ба Баҳром раво дид, Баҳром хоҳони он буд, ки Ҳурмузро сарнагун намуда, Хусравро валиаҳди ӯ намояд.

Бисозанду ороиш нав кунанд,
Дирам мӯҳр бар номи Хусрав кунанд.[4]

Вале Хусрави Парвиз бо ёрии императори Рум Маврикиюс, ки муносибатҳои дӯстона барқарор намуда (духтари Маврикиюс, Марямро ба занӣ гирифт)[5], бо ёрии сипоҳи онҳо ба муқобили лашкари Баҳром шӯриданд, ки дар натиҷаи хиёнатҳои сарбозони Баҳром, лашкари ӯ ба нестӣ расид. Худи Баҳроми Чӯбин ба туркони Хуросон паноҳ бурд.

Баъд аз кушта шудани Хусрави Парвиз дар тӯли чаҳор соле, ки байни марги ӯ ва шоҳаншоҳии Яздигурди III – охирин шоҳи Сосонӣ фосила аст, даҳ подшоҳ бар тахти Эрон нишаст.

Ба гуфтаи Табарӣ Ширӯя (627-629) – писари Хусрави Парвиз падари худро кушта ба сари ҳокимият омад. Ҳирси ҷоҳталабӣ дар Ширӯя чунон асар карда буд, ки бо маслаҳати Фирӯзи вазир ва тарғиби омили хироҷи давлат Марзин ҳабдаҳ[6] бародари худро низ бикушт. Ширӯя шахси бемаърифату бедонише буд, ки ба тарзи идорӣ ва сиёсии кишвар аҳаммият намедод ва дар рӯзҳои аввал аз тарафи душманони тарғибгар ба решаи шоҳаншоҳии бузурги Сосониён теша зад ва касоне, ки аз хонадони худ ба даст меовард мекушт. Баъд аз куштори дудмони бузурги Сосонӣ худи Ширӯя низ баъд аз ҳашт моҳи ҳукмронӣ аз олам гузашт.

---

[1] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Ҷ.VIII. – Душанбе, «Адиб», 1990. – С. 592.
[2] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Ҷ.VIII. – С. 590.
[3] Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С. 621.
[4] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. – Ҷ.VIII. – С. 590.
[5] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм… – С. 133.
[6] Табарӣ. Таъриху-р-русул …– Ҷ.II. – С. 779.

Баъди шоҳаншоҳии Ширӯя дигар шахсе набуд, ки вориси тахти салтанат шавад. Аз ин рӯ, Ардашери III-ро (629-631), ки ҳафтсола буд, ба шоҳӣ гумоштанд ва Маҳозари Ҷушнасро, ки солори сипоҳ буд, сарпарасти ӯ таъин карданд. Дар ин муддат Шаҳрбароз, (Шаҳрэрон)[1] ки солори лашкари Хусрав дар сарҳадди Рум буд, даъвои салтанат кард ва ба муқобили Ардашери III лашкар кашид. Шаҳрбароз Тайсафунро ишғол намуда, бо роҳи фиреб онро тасхир карда фармон дод, ки Ардашери III кушта шавад. Пас аз кушта шудани Ардашери III, ки тӯли як солу шаш моҳ шоҳӣ карда буд, Шаҳрбароз худро шоҳаншоҳ эълон намуд.

Дар сарчашмаҳо Шаҳрбароз бо номи Фархонмоҳ низ омадааст, ки ӯ дар баробари соҳиб шудан ба тахти шоҳӣ бо мардумон ранҷи бисёр раво дид ва аз тарафи нигаҳбонони хеш Фасфурӯғ ва бародаронаш, ки аз шоҳии ӯ чил рӯз нагузашта буд, кушта гардид.[2]

Дар сурати бархурдҳои мансабӣ миёни шоҳони Сосонӣ бадбиние дида мешуд ва шоҳони оянда барои шоҳони айёми худ сӯиқасдҳо ташкил менамуданд. Дар ташкил намудани чунин корҳо дабирону рӯҳониён нақши муҳим бозида, гӯё рӯҳониён шоҳаншоҳиро ба валиаҳдҳо тақдим мекарда бошанд. Дар натиҷа кушторҳо чунон зиёд гаштанд, ки дигар барои идоракунии давлат аз дудмони Сосонӣ шоҳ ёфт нашуд.

Ба қавли доктор Гиршман: «Тоҷ бар сар мениҳоданд то чанд моҳ баъд кушта шаванд. Чун мард кам омад занонро бар тахт нишонданд. Чунон, ки духтарони Хусрав – Бӯрондухт (Пурон) ва Озармидухт ба салтанат расиданд».[3]

Озармидухт ба сиёсати дохилии кишвар аҳаммияти ҷиддӣ медод ва ба гуфтаи худи ӯ: «Равиши мо ҳамон аст, ки Хусрав дошт ва ҳар кӣ ба хилофи мо равад, хунаш бирезем»[4].

Дар он замон фармонравои Хуросон Фаррух зебоии Озармидухтро дида хост, ки Озармидухт зани ӯ шавад. Озармидухт ӯро даъват кард ва шабона кушта дар саҳни майдон овехт то бар мардони дигар ибрат шавад.

Пас аз паҳн шудани ин хабар Рустам писари Фаррух хабар ёфт ва бо сипоҳи азиме ба Мадоин омад, «чашмони Озармидухтро мил кашид ва ӯро бикушт, ки аз шоҳии ӯ шаш моҳ гузашта буд»[5].

Баъд аз кушта шудани Озармидухт бузургони қавм Хусрав ва баъд аз ӯ Фирӯзро ба шоҳӣ нишонданд, ки баъди чанд рӯз ин ҳар ду низ кушта гардиданд. Дар ин замон баъд аз кушта шудани шоҳон дигар валиаҳде ёфт нашуд ва ҳар касеро аз насли Хусрав меёфтанд шоҳи худ мехонданд.

Мувофиқи маълумоти «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ: «Яздиҷурд охирини мулуки Аҷам буд ва понздаҳсола буд ва бисту ду рӯз аз хилофати Абӯбакри Сиддиқ гузашта буд, ки ӯ ба подшоҳӣ нишаст».[6]

Яздигурди III, ки шоҳи ҷавон буд аз ӯҳдаи идоракунии як империяи бузург намебаромад. Зодӣ вазири бузург, ки сарпарасти ӯ буд ба сиёсати хориҷии давлат камтар аҳаммият медод. Дар муддати чаҳор соле, ки подшоҳони зиёд ба тахт нишастанд нуфузи сиёсии Сосониёнро дар арсаи байналхалқӣ коста гардониданд. Дар замоне, ки пояи давлати Сосониён сустӣ гирифта буд душманони дохиливу хориҷӣ аз ҳар тараф сар бардоштан гирифтанд. Баъд аз 4 соли подшоҳии Яздигурд арабҳо, ки дар ҷануб дар баробари зуҳури ислом қувват гирифта буданд, ба шоҳаншоҳии Сосониён ҳамлавар шуданд. Яздигурди III дар симои императори Чин ягона наҷотдиҳандаи худро дида, ҳангоми ҳамлаҳои аввалини арабҳо «…амвол ва хазинаи хешро ҳамроҳи гурӯҳе аз шоҳзодагон ба Чин фиристонид»[7]. Баъди фурӯпошии империяи Сосониён ва марги Яздигурди III писари ӯ «Фирӯз, ки ба дарбори фағфур паноҳ бурда буд, бо дастгирии фағфур дар соли 662 ба ҳокими ноҳияи Тахористон ва писари дигари Яздигурд Нарсӣ»[1] ба мансаби сарлашкарии фағфур расида, барои ба даст овардани ҳокимияти аздастрафта кӯшишҳо менамуданд. Вале раисии Фирӯз ва кӯшишҳои онҳо амалӣ нагашта Тахористон низ дар муддати кӯтоҳ аз тарафи арабҳо тасхир карда шуд.

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм… – С. 149.
[2] Табарӣ. Таъриху-р-русул… – Ҷ.II – С. 782.
[3] Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С. 623.
[4] Табарӣ. Таъриху-р-русул…– Ҷ.II. – С. 783.
[5] Табарӣ. Таъриху-р-русул… – Ҷ.II. – С. 784.
[6] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – С.40.
[7] А. Озарӣ. Таърихи равобити Эрон ва Чин. – С. 53.
[1] Ҳамон ҷо. – С. 54.

Ҳамин тавр, бо онҷӣ гуфта шуд, ба хулосае мерасем, ки сабабҳои суқут ва фурӯпошии империяи Сосониён омилҳои зиёде дошт, ки муҳимтарини онҳо ба андешаи мо инҳоянд:

Сабабҳои босуръати парокандагии дохилию сиёсии империяи Сосониён пеш аз ҳама дар бад будани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, баланд гардидани нуфузи мубадон (рӯҳониёни зардуштӣ), бархурдҳои дохилимазҳабӣ, ба хусус миёни зардуштиёну яҳудиёну масеҳиён дар қисматҳои ғарбию марказӣ ва бархурдҳои мазҳабии зардуштиёну буддоиён дар қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ унвон дод. Ин масъаларо муҳақиқи шоҳаншоҳии Сосониён Артур Кристинсен пайгирӣ намуда, ба хулосае меояд, ки масеҳиён дар авохири дудмони Сосонӣ ҷуръат пайдо карда буданд, ки оташкадаҳоро вайрон кунанд ва дар рӯзгори Фирӯз яҳудиён ду тан мӯбадони зардуштиро зинда ба зинда пӯст канданд.[1] Хушунатҳои мазҳабӣ вазъи амниятии кишварро чунон ногувор намуда буданд, ки маъмурони давлатӣ дигар аз дини расмии шоҳаншоҳии зардуштия дифоъ карда наметавонистанд.

Баъд аз ҳукмронии Хусрави Парвиз дар дохили кишвар марказгурезии қуввaҳо ба вуҷуд омад ва ҳарчанд дар замони салтанати Яздигурди III тамоми сарзаминҳои Эрон зоҳиран зери фармони шоҳаншоҳ даромад, вале боз ҳам сарлашкарон, сипоҳиён ва ҳокимони маҳаллӣ аз нигоҳи сиёсӣ дигар ба марказ итоат намекарданд. Бо марги Хусрави Парвиз феодализм дар саросари Эрон соя афканд.

Дар баробари ин дар тӯли 4 соли охири қудрати онҳо ба сари тахт омадани шоҳони зиёд ба шумор мераванд. Ҳасани Пирниё[2] ва А. Ризоӣ[3] дар таҳқиқотҳои хеш шумораи шоҳони охири сосониро бо дигаргуниҳову тағиротҳои номӣ дар муддати чаҳор соли охир ба 12 нафар муқаррар намуданд, ки ин шумора дар бештари сарчашмаҳо аз ҷумла дар «Таърихи Табарӣ»[4], «Таърихи Эрон аз Селевкиён то фурӯпошии Сосониён»[5], «Таърихи иҷтимоии Эрон»[6], «Эрон баъд аз ислом»[7] ва «Тоҷикон дар оинаи таърих»[8] 10 нафар ёдоварӣ шудааст. Ба тахти шоҳаншоҳӣ омадани шоҳони нолоиқу ҷавон аз бӯҳрони бузурги сиёсӣ дарак медод, ки дар оянда ҳама роҳро барои суқути Сосониён фароҳам кард.

Замоне ки дар нимҷазираи Арабистон ислом зуҳур мекард, саросари давлати Сосониёнро парокандагии сиёсӣ фаро гирифта буд. Пас аз марги Шопури III ҳар шахсе, ки зимоми идории кишварро ба даст гирифт лаёқат, сиёсат ва истеъдоди кофии давлатдориро надоштанд.

Дар тӯли 125 соли баъдӣ, шоҳаншоҳон ва бузургону сарварони динӣ дар мавриди ҳукмронӣ бо ҳам дар кашмакаш қарор доштанд. Билохира ашрофону рӯҳониёни бузург даст ба ҳам дода, ба қудрати мутлақаи шоҳаншоҳии Сосониён поён гузоштанд.

Парокандагии низомию сиёсие, ки миёни сипоҳи эрониён ба вуҷуд омад, ғалабаи арабҳоро ба Сосониён дар набарди Қодисия, ки дар соли 636 ба миён омад, таъмин сохт. Дар ин ҷанг Сосониён маркази давлат, Тайсафунро аз даст доданд. Муҳорабаи дуввуми арабҳову Сосониён, ки дар Наҳованд дар соли 642 ба миён омада буд, ғолибияти пурраи арабҳоро бар Сосониён таъмин намуд.

Баъди паноҳ бурдани Яздигурди III дар қисмати шарқии қаламраваш хост, ки аз ҳисоби омилони ин минтақа лашкар ҷамъ намуда, ба муқобили арабҳо бархезанд, лекин волиёни Хуросон, ки аз ҷумлаи аввалинҳо шуда мустақилияти худро ба даст оварда буданд, Язидигудро дастгирӣ накарданд ва ӯ билохира аз дар Марв кушта гардид. Бо ҳамин импреияи абарқудрати Сосониён баъд аз 426 соли ҳукмронӣ аз байн рафт.

Яке аз сабабҳои дигаре, ки империяи Сосониёнро ба суқут овард коррупсия ва фасоди давлатӣ буд. Метавон гуфт, ки ҳанӯз дар арафаи ҳуҷуми арабҳо Эрон худ аз пой даромада буд ва нифоқи байни табақотӣ, ихтилофоту рақобатҳои ашрофони дастгоҳи давлатӣ, тафриқа дар умури динӣ, кишвари шукуфонро ба канори вартаи нестӣ кашониданд. Заъфу фасод дар ҳамаи аркон ин давлати барӯманду кӯҳанро рӯ ба завол оварда, онро ғулому дастнигари арабҳои саҳроӣ кард.

Мӯғон, ки аз хонадонҳои тавонгар ба шумор мерафтанд, ба ҷуз ҳукумати динӣ ҳукумати дунявиро низ ба дасти худ гирифта буданд. Ин қудрату дороиҳо ва худи ҷомеаи табақотии беназорат онҳоро ба

[1] Артур Кристинсон. Эрон дар замони Сосониён. – С.195-96
[2] Ҳасани Пирниё. Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория. -Теҳрон. «Хайём», 1370. – С. 227
[3] А. Ризоӣ. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. -Ҷ. II. – С.76
[4] Табарӣ. Таъриху-р-русул… -Ҷ.II. – С. 769
[5] Таърихи Эрон.Аз Селевкиён то фурӯпошии давлати Сосониён. Ҷ.III. -Теҳрон. «Амири Кабир» 1370. С 267
[6] Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. -Ҷ.I. – С. 628
[7] Аббоси Халилӣ. Эрон баъд аз ислом. -Теҳрон. «Донишгоҳи Теҳрон», -1335 , С 29.
[8] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм... – С. 149

фасод мекашонид ва чунон шуда буд, ки дин хусусияти пурраи дунявӣ гирифта, арзишҳои рӯҳонӣ ва маънавии худро аз даст дода, аз рӯҳоният ҳеҷ чиз назди рӯҳониён боқӣ намонда буд. Аз ин сабаб дини масеҳӣ дар байни табақаҳои поёниву болоии ҷамъият ривоҷ ёфта, дини зардуштиро нолозим ва куҳнашуда меҳисобиданд. Нуфӯзи масеҳиён баъди паноҳанда шудани Хусрави Парвиз ба Рум ва барқарор намудани муносибатҳои оилавӣ бо масеҳиён (Ду завҷаи зебои Хусрави Парвиз яке духтари қайсари Рум аз масеҳиён буданд, ки аз ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар дохил пуштибонӣ мекарданд) даҳчанд гардида буд. Мувофиқи маълумоти Табарӣ "Хусрави Парвиз фармонеро содир кард ва иҷоза дод, ки насоро дар шаҳрҳо калисо бунёд кунанд ва ба ҷуз габрҳо ҳар ки хоҳад ба дини онҳо дар ояд".[1] Дар ҳудудҳои шарқии шоҳаншоҳӣ буддоия ва дар ҳудудҳои ҷанубу ғарбии он масеҳият ва яҳудия бо таъсироти зиёди худ арзишҳои маънавӣ ва рӯҳонии зардуштияро коста карда буданд.

Дар қисмати Шарқии шоҳаншоҳӣ, дар Тахористону Суғд ва Мовароуннаҳру Хуросон аз таъсири костаи нуфузуи сиёсии Сосониён истифода намуда, хонҳои турку Ҳайтолиён ва фағфури Чин барои ба даст овардани минтақа ҳамеша дар набард буда, вазъияти сиёсии минтақаро ниҳоят ноором намуда буданд. Мувофиқи маълумоти муаррихи муосири тоҷик Ҳақназар Назаров "иллати дигаре, ки муқовимати ҳокимони маҳаллии Хуросонро нисбат ба истилои арабҳо хафиф ва заиф сохта буд, иборат аз он буд, ки онҳо мехостанд дар муқобили ҳамла ва ҳуҷумҳои пай дар пайи хонҳои Турк ва Чин, ки боиси харобӣ ва қисман талаю торочи сарзамини Мовароуннаҳру қисмҳои шарқии Хуросон гардида буданд, аз нерӯи қаҳҳор ва тозадами арабҳо истифода намоянд ва чунон ки раванди минбаъдаи таърихи ин давра нишон дод, ин тадбиру сиёсат бечову бемаврид набуд ва натиҷаҳои судманде оварда, онҳо (сокинони бумии Тахристону Суғд ва Мовароуннаҳру Хуросон – Ғ.Т) аз тохтутозҳои доимии туркҳо наҷот ёфтанд".[2]

Яке аз сабабҳои дигари шикасти шоҳаншоҳӣ аз лиҳози сиёсӣ дар он зоҳир меёбад, ки мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар замони Хусрави Анӯшервон мансаби сипаҳбад ё сарлашкарӣ лағв шуда, шоҳаншоҳӣ ва сипоҳ ба чор минтақа аз қабилӣ Шарқ – Сийстон, Хуросон Мовароуннаҳр ва Тахористон; Шимол – Рай, Ҳамадон, Наҳованд ва Исфаҳон; Ғарб – Ироқ ва сарҳадоти марзии Византия ва Яман; Ҷануб – Форс, Кирмон, Аҳвоз ва соҳилҳои Халиҷи Форс[3] тақсим кард шуд, ки дар ояндаи наздик сипаҳсолорони ин минтақаҳо дар марҳилаҳои барои ҳукумати марказӣ душвору ногувор марказгурезӣ намуда, ҳокимияти худро мустақил эълон карданӣ мешуданд. Дар маҷмӯъ ислоҳотҳои Хусрав дар ибтидо барои шукӯҳу шаҳомат ва қудрати ҳукумати марказии шоҳаншоҳӣ хизмати мусбӣ карда бошад ҳам, дар ояндаи наздик боиси бесуботӣ ва ноамнии ҷомеа гардида, механизмҳои суннатии сиёсӣ ва дифоии шоҳаншоҳиро аз байн бурд.

Аз ҷониби дигар дар баробари ба қисмҳои ҷуғрофӣ тақсим намудани ҳудудҳои шоҳаншоҳӣ, хатогии дигари сиёсии Хусрави Анушервон дар он зоҳир мегардад, ки артиши худро аз ҳисоби асирони ҷангӣ ва ёғиҳо созмон медод, ки мувофиқи малумоти Табарӣ сипоҳи ҳирфаӣ пас аз Хусрави I ва II-ум дар ҳарҷу марҷ ва нобудии шоҳаншоҳии муқтадир кӯшиданд ва онро ба завол мувоҷеҳ карданд.[4] Маҳз дар ҳамин давра шоҳон, ки худ аз истилои душманон дар ҳолати суқут қарор доштанд, фармонравоёни сарҳадӣ, ки умеди худро аз бақои давлати марказӣ канда буданд, дигар ба марказ итоат намекарданд.

Ҷангҳои хунини пайдарпайи Хусрави Парвиз нуфузи қудрати давлати Сосониён ва хазинаи давлатро касод намуда, қудрати феодалоне, ки аз ғароматҳои беҳисоб ва бахшишҳои бедареғ баҳра мегирифтанд, рӯ ба афзоиш ниҳода буданд. Баъд аз Хусрави Парвиз Ширӯя хонадони хусравонро аз шоҳзодагони лоиқу тавоно, ки дар рӯзи сахтӣ метавонистанд низоми давлатро ба дасти худ гиранд, холӣ намуд ва аҳли дарбори молу ҷоҳпараст ва заъифи Хусравро бозичаи дасти хеш карда буданд. Чунин заъифӣ ва нотавоние ба дастгоҳи ҳукумат роҳ ёфта буд, ки давлати азими Сосониро аз дарун мехӯрд. Дар салтанати кӯтоҳи Ширӯя тоъуни (бемории вабо -Т.Ғ) сахт падид омад, ки дар натиҷаи он қисме аз халқ ва қисми зиёди сипоҳи азими сосонӣ талаф ёфт.[1] Пайвастагии зичи дину давлат

[1] Табарӣ. Таъриху-р-русул… -Ҷ.II. – С.741

[2] Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. –Душанбе, "Ирфон", 1999. –С.7

[3] Алӣ ибни Мискавейҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам", - С.292, Табарӣ. Таъриху-русули-ва-л-мулук", - С.646, Саолибӣ. Шоҳнома. –С. 293

[4] Табарӣ. Таъриху-р-русул… -Ҷ.II. – С.647

[1] Табарӣ. Таъриху-р-русул… -Ҷ.II. – С.780

мӯбадонро мудохилачӯй ва қудратталаб намуда буд ва баъзе аз бузургу заминдоронро хашмгин ва омодаи қабули оини исавӣ ва ҳар дини дигар карда буд.

Заминдорони калон ғуломонро кори ниҳоят зиёд фармуда, дар ҷангҳо онҳоро аз паси аспсаворони хеш мебурданд, ки гӯё онҳо ҷовидона ба марг маҳкум шуда бошанд. Боҷу хироҷро низ мепардохтанд.

Даврони салтанати подшоҳоне, ки баъд аз Хусрави Парвиз ба қудрат омаданд даврони ба тадриҷи суқути Сосониён ба шумор мерафт. Ҳеҷ як аз шоҳони ин силсила маҷоли онро надоштанд, ки мулки ошуфтаву фарсударо ором намоянд. Язидгурди III низ наметавонист ба ҳукумате, ки дар он 10-12 шоҳе, ки дар муддати чаҳор сол шоҳаншоҳӣ карда кишварро ба нотавонӣ оварда расонида буданд, ҷони тоза бахшад.

Дар ибтидои давлатдории Сосониён то замони Хусрави Анӯшервон ва баъд аз ҳукмронии ӯ ашрофон, дарбориёну рӯҳониён, ки ба сабаби молу мулк ва заминҳои зиёд қудрат ва ҳашамати зиёдро ба даст оварда буданд, ҳар подшоҳеро мехостанд, барканор месохтанд ва шоҳзодагонеро ки бештар мувофиқи табъи хеш медиданд ба тахти салтанат мешинонданд. Хонадони Сосонӣ дигар ҳеҷ қудрате надошт ва ҳар қадар ҳашамати он коста мегардид, мақоми рӯҳониёну дарбориён ва сипоҳиёну заминдорони калон меафзуд. Густохии бузургону сардорони вилоятҳо ба он оварда расонд, ки дигар ҳеҷ касе наметавонист дар он қолаби фарсудаи давлат рӯҳи тозае бидамад.

Бо ин ва дигар сабабҳо ҷанги Қодисия, ки навмедӣ ва заъифии лашкари Эронро ба фоидаи арабҳо хотима дод, дар воқеъ сарнавишти баъдинаи мардуми Байнаннаҳрайнро муайян кард ва пас аз он дарвозаи Тайсафун ва роҳи ҳамаи шаҳрҳои Эронро ба рӯи арабҳо кушода шуд.

Ҳар қавму хонадонҳои бузург, ки суқуту заволи Сосониёнро ногузир мешумурданд, барои нигаҳдории ҳайсият ва қудрати хеш аввалин шуда ба Сосониён хиёнат мекарданд. Ҳамон воқеае, ки ба сари охирин шоҳи Ҳахоманишӣ дар фурӯпошии он ба вуқуъ пайваста буд, дубора дар шикасти Яздигурди III такрор ёфт. Дар ҳамон минтақае, ки Дорои III ба қатл расида буд, охирин шоҳаншоҳи Сосонӣ низ бо дасти марзбонони худ кушта гардид.

Ҳуҷумҳои пайдарпайи арабҳо дар ғарби кишвар ва шикастҳои бебозгашти форсҳо дар набардҳои аввалин, забти Қодисия ва Наҳованд тобеияти пурраи кисмати ғарбии империяи Сосониёнро ба арабҳо таъмин намуд.

Адабиёт:

1. Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам. Тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.
2. Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ. “Шоҳнома”. – Душанбе, 2014. – 441 с.
3. Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор. Бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 934 с.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин қадим, асри миёна ва давраи нав К.1. – Душанбе. «Ирфон», 1983. – 700 с.
5. Ғоибов Ғ. Ранние походы арабов в Среднюю Азию. – Душанбе, «Дониш», 1989. – 143 с.
6. История таджикского народа. Т.I. Древнейшая и древняя история. – Под. ред. Б. А. Литвинского и В.А. Ранова. – Душанбе, 1998. – С. 468.
7. Исоматов М. «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ. (Пажӯҳише андар муносибатҳои Сосониёну Ҳайтолиён). Душанбе, «Сино», 1996. – 136 с.
8. Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 548 с.
9. Муртазои Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Ҷ.I. – С. 611.
10. Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русул ва-л-мулук. – Ҷ.II тарҷумаи Абдулқосими Поянда. – Теҳрон. «Асотир» 1375ш. – С. 591.
11. Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. –Душанбе, “Ирфон”, 1999. – 138 с.
12. Озарӣ А. Таърихи равобити Эрон ва Чин. – Теҳрон, «Амири Кабир»,1367. – 258 с.
13. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм.2006. – 256 с.
14. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – 458 с.
15. Таърихи Эрон. Аз Селевкиён то фурӯпошии давлати Сосониён. Ҷ.III. – Теҳрон. «Амири Кабир» 1370. – 765 с.
16. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. – Ҷ.VIII. – Душанбе, «Адиб», 1990. – С. 592.
17. Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – 864 с.
18. Ҳасани Пирниё, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория. – Теҳрон. «Хайём», 1370. – С. 864.
19. Петрушесвкий И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках. Л., 1966. – С. 32-33.

ИСТОРИЧЕСКОЕ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ВЕЛИКОГО ШЕЛКОВОГО ПУТИ МАВЕРАННАХРА И ХОРАСАНА В XIV-XV ВВ.

Ходжаев М.П. *– к.и.н., доцент, Таджикский национальный университет*

Великий шелковый путь самый известный торговый маршрут в истории человечества, поражающая воображение система караванных путей, буквально соединяющая собой Восток и Запад. На протяжении многих веков торговые караваны везли по нему востребованные в Европе товары из стран Востока, особенно из Китая: шелк, специи и пряности, фарфор, и многое другое. Люди, как на Западе, так и Востоке получали важные сведения о жизни в самых удаленных друг от друга цивилизациях и культурах, осуществлялся культурный обмен, и что самое важное обмен идеями и технологиями.

В XV веке между государством Темуридов и соседними странами, включая Китай, Индию, Тибет, Иран, Русью, Поволжье и Сибирь, были установлены постоянные торговые связи. Из Китая привозились шелк, шелковые ткани, в том числе атлас, чай, фарфор, драгоценные камни и т. д. Из Индии белоснежные и цветные ткани, из Ирана – калик, жемчуг, из России, Татарстана и Сибири – кожа и воск. Среди товаров, привезенных в Самарканд из европейских стран, были французские ткани, черкесские ножи.

Из Самарканда хлопчатобумажные ткани, преимущественно бязь, бархат, шелк, а также бумага, сухофрукты, рис, хлопок и веревки отправлялись в зарубежные страны, главным образом в Русь, Татарстан и Сибирь. Посольства сыграли важную роль в развитии торговых отношений. Шахрух и Улугбек постоянно обменивались послами с Китаем. В 1418 году в Китай прибыло посольство Шахруха во главе с Ардашером, а в 1419 году из Китая в Самарканд и Герат прибыли послы Ли Ди и Чон-Ку. Шахруху и Улугбеку отправили послания с предложением расширения дружеских связей и ценных подарков. В 1420 г. в Китай был отправлен взаимный посольский обоз в составе 530 человек. Темуридские послы пробыли в Китае более двух лет, вернулись они на родину в 1422 г. [16,с.5-11]

Во времена Шахруха и Улугбека были восстановлены добрососедские отношения с Тибетом и Индией. В 1421 году тибетские послы посетили Самарканд и Бухару. Шахрух в 1441-1442 годы отправил свое посольство в Индийский дворец Виджаянагар во главе с персидско-таджикским историком Абдураззаком Самарканди, который затем описал свое путешествие по Индии через Кирман, Ормуз и Персидский залив.[14,с.102]

При Шахрухе (1409—1447) и его преемниках город Герат, насчитывавший несколько сотен тысяч человек, стал крупным городом на Ближнем Востоке и главной столицей Темуридского государства. Ряд условий способствовал экономическому прогрессу и политическому подъему города. Главным образом, его географическое положение было чрезвычайно полезным, поскольку оно располагалось в центре Темуридской государстве и было защищено от внешних нападений. Это способствовало быстрому росту города. Кроме того, Герат находился на пересечении важнейших международных торговых путей, соединяющих страны Азии и Европы, что способствовало экономическому развитию города.

Постоянные завоевательные походы, расширение территориальных владений, насильственный захват и ограбление завоеванных стран способствовали экономической и военной мощи государства Тамерлана и ряда правителей из его потомства, что привело к расширению представительного влияния Хорасана и Мавераннахра. Все это вызвало стимулирующее действие на расширение дипломатических отношений и развитие внешнеторговых связей с другими странами. В конце XIV – начале XV веков, когда Тамерлан находился в апогее своей славы, заметно оживляются торговые и посольские связи Мавераннахра и Хорасана с некоторыми ближними и дальними странами. В 1393 г. для установления дружеских и мирных отношений из Самарканда в Сирию и Египет был отправлен с посланием Саваи. [1,с.689]

Во время похода Тамерлана в Индию 23 февраля 1399 г., когда он находился в местности Паила, недалеко от Джамму, к нему прибыл посол правителя Кашмира Искандар-шаха и преподнес ему ценные подарки, а также три тысячи лошадей и пожелал установить с ним дружеские отношения.

В планы Тамерлана входило установление и укрепление торговых связей с ближними и дальними зарубежными странами. Так, 1 августа 1402 г., он отправил послание французскому королю

Карлу VI, в котором, в частности, говорилось: «А затем следует, чтобы вы послали своих купцов в эту страну, и мы им окажем почет и милости, а наши купцы да направятся в ту сторону, и им также следует оказать почет и уважение. И пусть им никто не причинит насилия и от них не потребуют большего, так как мир, благодаря купцам, благоустраивается». [12,с. 143]

В этот период особую роль для установления торговых и посольских отношений сыграл город Самарканд, который был расположен на важном пути мировой торговли из Китая в страны, прилегавшие к Средиземному морю, и в Индию. В путевых заметках Руи Гонсалеса де Клавихо, где рассказывается о путешествии испанского посольства в Самарканд в 1403-1406 гг., имеются ценные сведения о торговле Тимуридов с зарубежными странами. В частности, этот автор сообщает следующее: «Сюда т.е. в Самарканд сходятся каждый год, особенно в июне, июле и августе месяце, большие караваны верблюдов, привозящие много товаров. А караваны у них означают то же самое, что у нас обоз из вьючных животных. Этот город ведет большую торговлю и приносит большой доход царю. Каждый год сюда приходят купцы из Малой Индии, привозящие много пряностей; их лучшие мелкие сорта, не отправляемые в Сирию, такие, как гвоздика, мускатный орех, манна, скорлупа мускатного ореха и многие другие, очень ценные продукты, которые не везут в Александрию и которые там не встретить. Кроме того, туда привозится большая часть шелка, вырабатываемого в Гиляне, земле, находящейся рядом с морем Баку (Каспийским), где каждый год его выделывается в достаточном количестве. А этот шелк Гиляна идет в Дамаск, в сирийскую землю, в Турцию, в Зафу (Кафу- генуэзская колония в Крыму) и другие места. Еще привозят сюда шелк, выделываемый в земле Хамахи (Шемахи); в этом месте производится много шелку, и туда за ним приезжают купцы, даже венецианские и генуэзские». [9,с. 80]

Китайские купцы были крайне заинтересованы в расширении торговли с Западом. В 1387 г. Тамерлан отправил в Китай свое посольство во главе с Мавлана Хафизом. Посольство представило в виде «дани» 15 коней и двух верблюдов. Кони и верблюды после этого присылались в качестве дани ежегодно. В 1392 г. к обычной дани были добавлены куски материи. В 1394 г. было послано в Китай 200 коней. С одним из посольств было отправлено в Китай около 1000 коней. Китайцы в ответ на эти дары посылали драгоценные камни и бумажные деньги. Посольство Китая во главе с Ань Чжи-дао и Го Цзи было отправлено в Самарканд в 1395 г. Это посольство несколько задержалось и вернулось в Китай только после смерти Тамерлана. [3,с.67]

Между государствами были установлены торгово-дипломатические связи. Каждые два-три года в Самарканд и Герат прибывали китайские послы, а в Китай направлялись послы Мавераннахра и Хорасана. Торговцы из Китая привозили свои товары в Самарканд, где имелся большой спрос на них. По сообщениям Руи Гонсалеса де Клавихо из Китая караваны с китайскими товарами прибывали в Самарканд через Индийский океан и везли много жемчуга, рубинов и пряностей. Затем отсюда развозили их в другие места. [9,с. 81] Во время пребывания испанского посольства в Самарканде из Китая пришло около восьмисот верблюдов, груженных товарами. [9,с. 141]

В расширении международных торговых связей Мавераннахра и Хорасана с Китаем большую роль сыграл регулярный обмен послами между государствами. В 1409 году из Герата и Самарканда были отправлены послы в Китай, а в 1412 г. из Китая в Герат прибыло китайское посольство. Послы привезли с собой письмо китайского императора, где было отмечено, что необходимо содействовать развитию дружеских отношений между странами. [13,с. 559-461; 1,с.158-159]

По сообщениям письменных источников в этот период оживленная торговля осуществлялась в трех направлениях: в Китай, Южную Индию и Египет. Туда отправлялись крупные посольства, в состав которых, кроме представителей гератского правительства, входили также и представители местных властей. В грамотах, которыми обменивались правители, особо подчеркивалось о желательности развития торговли и обмена между странами. Специальные секретари при посольствах вели дневники, в которых подробно описывались дороги, станции, морские гавани, техника отдельных отраслей ремесленного производства. Исторические хроники отмечали как обыденное явление прибытие многих ответных посольств и караванов иностранных купцов в столицы Тимуридских владений.[6,с.344]

В 1439 г. султан Египта аз-Захир Сайфуддин Чакмак-бек отправил в Герат своего посла по имени Джиджкабука, который прибыл туда 15 ноября 1439 г. [10, с. 234]В письме, посланном на имя

Шахруха, он просит об упрочении дипломатических и торговых отношений между странами. [1,с. 483-487]

В 1444 г. в Египет было отправлено ответное посольство Шахруха во главе с Сайидом Шамсуддином Мухаммадом Замзами, которого торжественно встретил сам правитель Египта. [1,с. 531-532]

Через год, в Египет были отправлены в качестве посла две известные и уважаемые в стране личности того периода – шейх Нуруддин Мухаммад ал-Муршиди и мавлана Шамсуддин Мухаммад Абхари. [1,с. 563]

Оживленная торговля была установлена и с Индией. Индийские купцы привозили в Мавераннахр и Хорасан разные пряности, такие как мускатный орех, гвоздику, имбирь, корицу, манну и многое другое. [1,с. 140]

В 1441-1442 г. в Индию ко двору Биджингара было отправлено посольство, во главе которого стоял историк Абдурраззак Самарканди. Он оставил интересные описания своего путешествия в Индию через Кирман, Ормуз и Персидский залив в историческом труде «Матла’ ас-са’дайн ва маджма’ ал-бахрайн» («Место восхода двух счастливых созвездий и место соединения двух морей»). [1] При возвращении посольства Биджингар отправил ответное посольство в Герат. Обмен такими посольствами имел огромное торгово-экономическое и культурное значение, а чтение описаний подобных путешествий расширяло географическое представление людей того времени и содействовало росту среди них уважения к другим народам и их культуре. [7,с. 380]

Таким образом, рассматриваемый период в городах Мавераннахра и Хорасана, произошло прогрессивное развитие городов, возросла производительность труда в различных областях, увеличился объем товарного производства, наблюдалась активизация среднего сословия городов и другие прогрессивные факторы. Однако, высокий уровень эксплуатации трудового населения города, преобладание феодальных форм эксплуатации, концентрация торгово-ремесленных построек в руках отдельных феодалов и феодальные формы управления городом тормозили их развитие.

Литература:

1. Абд ар-Раззак Самарканди. Матла’ ас-са’дайн ва маджма’ ал-бахрайн. – Т. 1.Книга вторая. Подг. к изданию Абд ал-Хусайн Навои. – Тегеран, 1383 г.ш. – С.689.
2. Алишер Навои. // Сборник. – Москва-Ленинград, 1946. – С. 202
3. Бартольд В.В. Улугбек и его время // Сочинения. – Т. II, Ч. 2. – Москва: Наука, 1964. – С. 67.
4. Беленицкий А.М. Из истории участия ремесленников в городских празднествах в Средней Азии в XIV-XV вв. // Труды отдела Востока Государственного Эрмитажа. – Т. 2. – С. 190
5. Захируддин Бабур. Бабур-наме. – Ташкент, 1958. – С. 62.
6. История таджикского народа. – Т. II, книга первая. – С. 344.
7. История народов Узбекистана. С древнейших времен до XVI века. – Т.I. – Ташкент, 1950. – С. 380.
8. Панкратов Б.И. Описание иностранных государств на Западе. Герат/Страны и народы Востока, Вып.26. Кн.1.- М. 1989.- С.101-116
9. Руи Гонсалес де Клавихо. Дневник путешествия Самарканд ко двору Тимура (1403- 1406). Перевод со староиспанского, предисл. и коммент. И.С. Мироковой. – Москва: Наука, 1990. – С. 80
10. Саидов А. Торгово-дипломатические связи Тимуридов с иностранными государствами / А.Саидов// Историк. Душанбе.– С. 232-236
11. Тизенгаузен В. Первое русское посольство в Херате // Запеиски Восточного отделения Русского археологического общества. – Т. I, 1886. – С. 30-31]
12. Умянков И.И. Международные отношения Средней Азии в начале XV в. // Труды узбекского государственного университета. Новая серия., №61, 1956. – С. 143.
13. Хафизи Абру. Зубдат ат-таварих. Подг. к изданию и комм. Сайид Камала Хаджа Сайида Джавади. – Т. 4. – Тегеран, 1380 г.х. – С.817-818
14. Ходжаев М.П. Дипломатические отношения Тимуридского двора с династии Мин/ М.П.Ходжаев, А.Умаров// Вестник Педагогического Университета. 2023.- №3 (104), С.102-106.
15. Bretschneider E. Mediaeval Researches from Eastern Asiatic Sources. Fragfments towards the know ledge of the geography and history of Central and Western Asia from the 13th to the 17th century, vol. II, London, 1910. – P. 285.
16. Khojaev M. Diplomatic relations between the Timurid State and China// Bulletin of the Tajik National University. 2023, No. 9.-C 5-11.

HISTORICAL AND POLITICAL SIGNIFICANCE OF THE GREAT SILK ROAD OF MAVERANNAHR AND KHORASAN IN XIV-XV CENTURIES

This article examines the trade and embassy situation of Khorasan and Maverannahr in the XIV-XV centuries, which is one of the constituent elements of the Temurid economy. The article pays attention to the main issue of what was the trade situation in Khorasan and Maverannahr during the Temurid period. This article shows that the attention to the category of trade from the point of view of the Temurid princes, the special geographical location of these two important regions, the variety of goods and the growth of several large cities in these regions, constitute a complex of effective factors for the flourishing of trade in Khorasan and beyond. Trade in the mentioned areas became dynamic due to the above factors, as well as under the influence of the economic policies of the Temurid princes.

Key words: *The Great Silk Road, Temurids, trade, factor, politics, Khorasan, Maverannahr, shopping centers, trade routes, Samarkand, Bukhara.*

АҲАМИЯТИ ТАЪРИХӢ ВА СИЁСИИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРҲОИ XIV—XV

Дар ин мақола мавқеи тиҷоратии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои XIV-XV, ки яке аз унсурҳои таркибии иқтисодиёти Темуриён ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола ба чунин як саволи асосӣ таваҷҷӯҳ дода шудааст: вазъи тиҷоратӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар замони Темуриён чӣ гуна буд? Ин мақола нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба категорияи тиҷорат аз нигоҳи шоҳзодаҳои Темуриён, мавқеи хоси ҷуғрофии ин ду минтақаи муҳим, омилҳои таъсирбахши рушди савдо дар Хуросон ва берун аз он, гуногунии мол ва афзоиши чанд шаҳрҳои калон дар ин минтақаҳо маҷмааи тиҷоратро ташкил медиҳад. Савдо дар минтақаҳои номбурда ба шарофати омилҳои дар боло зикршуда, инчунин дар зери таъсири сиёсати иқтисодии шоҳзодахои темурӣ вусъат ёфт.

Калидвожаҳо:*Роҳи Бузурги Абрешим, Темуриён, савдо, омил, сиёсат, Хуросон, Мовароуннаҳр, марказҳои савдо, роҳҳои савдо, Самарқанд, Бухоро.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хоҷаев Меҳровар Пардалиевич – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон: (+992)918471167, E-mail: Mehrovar_kh@mail.ru

Information about the author: Khojaev Mehrovar Pardalievich – Candidate of Historical Sciences, docent of the Department of History of the ancient world, middle ages and archeology, Tajik National University. Phone: (+992)918471167, E-mail: Mehrovar_kh@mail.ru

БОЗТОБИ НИЗОМИ ИДОРИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Шарипов Ҷамолиддин Сафолович *– номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Таҳлил ва омӯзиши осори ба таърихи давлатдории аҳди бостони тоҷикон бахшидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки дар меҳвари диққати муаллиф ташаккул ва рушди низоми давлатҳои ориёӣ қарор дорад. Яке аз марҳилаҳои рушди давлатдории ниёкони тоҷикон ба замони шоҳаншоҳии Сосониён рост меояд, ки аз мадди назари Эмомалӣ Раҳмон дур намондааст. Муаллиф дар китоби «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» оид ба махсусияти давраи ҳукумронии Сосониён дар асоси муқоисаи манбаъҳои таърихӣ бо осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба таври муфассал маълумот додааст. Дар радифи дигар масъалаҳои марбут ба шоҳаншоҳии Сосониён диққати асосӣ ба низоми давлатдории онҳо равона шудааст.

Тибқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон дар давлати Сосониён мисли ҳукуматҳои қаблӣ, монанди Ҳахоманишиён, Ашкониён ва Кушониён шоҳаншоҳ ҳокимияти олиро ба даст дошт. Аз сабабе, ки шоҳаншоҳӣ аз лиҳози масоҳат ҳудуди зиёдеро фаро мегирифт, дар баробари ӯ шоҳони дигар вуҷуд доштанд, ки ҳокимони вилоятҳои алоҳида ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, дар катибаи Каъбаи Зардушт Марвшоҳ, Кирмоншоҳ ва Саганшоҳ (шоҳи Сакистон) номбар шудаанд [13, с. 256].

Яке воситаҳои инъикоси унвони шоҳаншоҳ сиккаҳо ва сангкатибаҳои сосонӣ ба шумор мераванд, ки дар онҳо унвони аксар шоҳаншоҳон инъикос гардидааст. Ардашер унвони шоҳаншоҳи Эронро дошт, вале Шопури I ва шоҳони баъди унвони шоҳаншоҳи Эрон ва ғайриэрон ё худ Неронро доштанд [3, с. 168]. Аз ин бармеояд, ки ба ҳайати давлати Сосониён кишварҳои зиёди ғайриэронӣ дохил мешуданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси сарчашмаҳои таърихие, ки аз сохтори идории Сосониён хабар медиҳанд, зикр менамояд, ки шоҳаншоҳ мисли дигарон шахси муқаррарӣ набуда, шаҷараи ӯ ба худои зардуштӣ Аҳуромаздо мерасид, ки ин нукта дар сангнавиштаҳо ва сиккаҳо сабт шудааст. Масалан, дар сиккаҳои Ардашер чунин навиштаҷот сабт шуда: «Маздаясн баги Арташтар малкан малка Эрон, ману чатри мин яздан» - «парастандаи худованд Маздо Ардашер шоҳаншоҳи Эрон, аз авлоди худоҳо» [15, с. 221]. Насаби шоҳони сулолавиро ба Худо бурда расондан дар он замон дар мамолики Шарқ маъмул буд ва бузургию абарқудрат ва мутлақияти ӯро дар назди мардум меафзуд.

Ҳукумати шоҳаншоҳ мутлақ ва дахлнопазир буд. Сосониён чун ниёкони хеш дар зеҳни мардум тасаввуротеро ҷо мекарданд, ки мувофиқи он ҳокимиятро ба онҳо Аҳуромаздо додааст. Ин яке аз василаҳои асосии қонунӣ гардонидани ҳкоимияти худ буда, маънои онро дошт, ки ҳокимияти шоҳро ҳеҷ кас набояд ғасб намояд, чун он аз ҷониби худо туҳфа шудааст.

Яке аз суннатҳое, ки Сосониён идома доданд, усули ба тахт нишастани шоҳон буд. Он маросими муҳимми сиёсӣ буда, ботантана ва бо ширкати дарбориёни олирутба ва мубади мубадон баргузор мегардид. Ҳамаи шоҳони сосниӣ ин маросимро дар оташкадае, ки махсус барои он сохта мешуд, анҷом медод. Дар сангкатибаҳо ибораи атури (яъне оташи) Ардашер, Шопур, Нарсӣ ва дигарон қайд гардидааст.

Бояд гуфт, ки шоҳаншоҳ баъди нишастан ба тахт дар назди шурои ашроф ва мубадон, ки дар идора намудани давлат мақоми хосса доштанд, вориси худро эълон мекард ва шуро бояд онро тасдиқ ё рад менамуд. Ин ба мақсади он буд, ки дар ҳоли марги ногаҳонии шоҳаншоҳ мамлакат як лаҳза ҳам бе шоҳ намонад ва аз тарафи дигар, дар байни фарзандони ӯ барои тахт низоъ барнахезад. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус тазаккур додааст, ки миёни ворисони шоҳ аксаран ҷиҳати соҳиб шудан ба тахт мубориза мерафт ва дар ин муборизаҳо гурӯҳҳои гуногуни манфиатхоҳи дарбор фаъолона ширкат менамуданд.

Аз рӯи мақом дар дарбор пас аз шоҳ вориси тахт қарор дошт, ки баъди ӯ малика ва дигар мансабдорони олимақом меистоданд. Мақоми ҳар як мансабдори давлатӣ дақиқ муайян шуда буд ва дар ҳамаи маросимҳои расмӣ риоя мешуд.

Ҷиҳати самаранок идора намудани давлат дастгоҳи марказии ба якчанд муассисаҳои соҳавӣ тақсим шуда буд, ки онҳоро девон меномиданд. Девонҳои замони Сосониён ба вазоратҳои муосир монандӣ доштанд. Эмомалӣ Раҳмон сохтори девонсолории шоҳаншоҳии Сосониёнро бо тафсил шарҳ дода зикр менамояд, ки сардори ҳамаи девонҳоро фармондори бузург меномиданд. Салоҳиятҳои ӯ ба салоҳиятҳои вазирони давраи исломӣ қариб монанд буд. Ӯ таъкид менамояд, ки мансаби вазир дар хилофати араб дар зери таъсири Сосониён пайдо шуда буд. Омӯзиши таърихи давлатдории Сосониён нишон медиҳад, ки дар аввал дар шоҳаншоҳии Сосониён чунин унвон вуҷуд надошт ва ба ҷои он унвони ҳазорпат, яъне сардори ҳазор сарбози яккачини шоҳӣ амал менамуд. Ҳазорпат вазифаи сарлашкарӣ ва идоракунии дастгоҳи давлатиро ба зима дошт. Сосониён ин мақомоти идориро такмил дода, ҳокимияти идоравии мулкиро аз ҳарбӣ ҷудо намуданд. Фармондори бузург тамоми салоҳиятҳои сарвазирро дар амал татбиқ менамуд. Кулли дастгоҳи идории давлатӣ ба ӯ тобеъ буд. Ба мақоми мазкур намояндаҳои сулолаҳои бузургу бонуфуз таъин мешуданд, ки ин анъана то замони Сомониён ҳам рафта расид. Дар замони ҳукумати Яздигурди I ва Баҳроми V ин мақомро намояндаи сулолаи махсус Меҳр Нарсӣ ишғол мекард.

Аз салоҳияти мақомдорон маълум мегардад, ки фармондорони бузург дар татбиқи сиёсати давлатӣ нақши хосса доштанд. Дар баъзе мавридҳо нақши онҳо хеле афзуда, амалан тақдири шоҳ ва тахт ба дасти онҳо буд. Дар чунин ҳолатҳо ҳар шоҳ ба таври худ амал мекард. Баъзе шоҳон бо чунин ҳолат муросо карда, идораи давлатро қариб пурра ба онҳо месупориданд ва худашон бо маслиҳати онҳо амал менамуданд. Баъзе шоҳони дигар бо чунин вазъият муросо накарда, кӯшиш мекарданд ҳокимиятро ба дасти худ гирифта, доираи фаъолияти фармондори бузургро маҳдуд кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки дар ҳар сурат шоҳон, бо вуҷуди ҳокимияти мутлақ доштан, маҷбур буданд, ки ба ин ва ё он гурӯҳи ашрофу дарбориён такя намоянд ва дар симои онҳо пуштибон дошта бошанд. Дар бисёр маврид дарбориён тақдири тахтро ҳал мекарданд ва номзади дилхоҳашонро ба он мешинонданд. Таърихи Сосониён пур аз иғвогариҳо ва табаддулотҳои дарборӣ буд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки яке аз муассисаҳои муҳимми мулкӣ девони дабирони шоҳӣ ё дабирхонаи шоҳӣ буд. Мувофиқи маълумоти катибаҳо, адабиёти паҳлавӣ ва исломӣ сардори ин

муассиса - дабирпат ё дапирпат ва дабири дабирон номида мешуд. Дар умум ҳамаи мукотибаҳои дохилӣ, хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ дар дабирхона омода карда мешуданд. Баъдҳо мақоми дабирон то дараҷае баланд шуд, ки онҳо табақаи мустақилро ташкил карданд. Дар воқеъ дабирон шахсони босавод буда, бештари олимон аз байни онҳо ба камол мерасиданд.

Шоҳаншоҳии Сосониён, ки давлати муқтадир ва тавоно буд, дастгоҳи идоравии серсоҳа ва ба дараҷаи кофӣ мукаммал дошт. Ҳамаи соҳаҳо маъмурон ва масъулони худро доштанд. Дар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ боз даҳо мансабдорон зикр гардидаанд: датбаран датбар (додвари додварон, яъне додвари олӣ), аҳурпат (охурсолор, яъне сардори аспбонон), нахчирпат (сардори шикор ва шикоргоҳ), муҳрдори дарбор (сардори дарбор), сардори ташрифот, дарбон сардор, пуштигбон солор (сардори посбонони шоҳ), сардори анборҳо, сардори бозорҳо, сардори маҳбас ва ғайра [15, с. 224].

Бояд гуфт, ки аксари ин истилоҳҳо дар забони тоҷикӣ то имрӯз боқӣ мондаанд - додвар (довар), охур, нахчир (бузи кӯҳӣ), муҳр, пуштигбон (пуштибон) ва амсоли инҳо. Санадҳои мазкур дар радифи даҳҳо маълумоти дигар дар бораи умумияти ориёиҳои Осиёи Миёна ва Эрон маълумот медиҳанд.

Шоҳаншоҳии Сосониён аз лиҳози ҷуғрофӣ васеъ буда, ба ҳайати он як қатор кишварҳо дохил мешуданд, ки онҳо воҳидҳои асосии маъмурию ҳудудӣ маҳсуб ёфта, сарҳадҳои таърихан ташаккулёфта доштанд. Ба он Мидия, Форс, Кирмон, Сакистон ва ғайра дохил мешуданд. Дар катибаи Каъбаи Зардушт ин кишварҳо «шаҳр» (хшатра) номида шудаанд [6, с. 128]. Ин калима дар он замон маънои кишвар, мамлакат ва вилоятро дошт. Сардори он шаҳрдор ё шаҳрбон (хшатрапан) номида мешуд. В.Г. Луконин қайд менамояд, ки шаҳрҳо ба патикусҳо - вилоятҳо тақсим мешуданд, сардори онро патикуспан мегуфтанд [3, с. 92]. Ба ақидаи М.М. Дяконов патикус воҳиди аз шаҳр калонтари маъмурӣ буд ва тамоми Эрон ба чор патикус - Шимолӣ, Ҷанубӣ, Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим шуда буд. Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки маълумотҳои дақиқе, ки ин фикрро тасдиқ кунанд дар сарчашмаҳо мавҷуд нестанд.

Бо забони паҳлавӣ, ки забони расмӣ буд шаҳрҳоро «шаҳристон» меномиданд. Унвони сардори он «шаҳриг»-ро дошт. Шаҳристонҳо марказҳои маъмурии патикусҳо буданд.

Дар сарчашмаҳои арабӣ барои замони Сосониён воҳидҳои маъмурии «остон» ва «рустак»-ро номбар шудаанд [15, с. 227]. Рустак ҷузъи кишвар ва вилоят буд. Масалан, дар асри Х ба ҳайати Хатлон рустаки Бик дохил мешуд. Шояд рустак бо патикуси паҳлавӣ ё рустои форсӣ баробар бошад. Мавҷудияти воҳидҳои аз патикус ва рустак хурдтар маълум нест. Хурдтарин воҳиди маъмурӣ деҳ маҳсуб мешуд. Сардори онро деҳиг меномиданд. Дар забони тоҷикӣ (форсӣ) ин мансабдорро деҳхудо ё кадхудои деҳ мегуфтанд.

Дар самаракнокии умумри идорӣ аз тақсимоти дурусти ҳудуди давлат вобастагии зиёд дорад, ки раванди ҷамъоварии андозро ҳам таъмин менамуд.

Масъалаи дигар, ки дар мадди назари Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ҳайати иҷтимоии давлати Сосониён аст. Ӯ дар такя ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ қайд менамояд, ки дар давлати Сосониён чор табақаи асосӣ вуҷуд дошт: рӯҳониён - атраван (мубадон ва муғони зардуштӣ); артишторон (ҳарбиён); дабирон; кишоварзон ва ҳунармандону тоҷирон (востриошан, хутухшан, хвакаран) [2, с. 292].

Аз рӯи мақоми касбкарда се табақаи аввал имтиёздор буданд. Ҳамчунин, табақаҳо боз ба гурӯҳҳо ва мартабаҳои гуногун тақсим мешуданд. Сардори табақаи якум магупатан магупат (мубадони мубад) ба шумор мерафт. Баъди ӯ мақоми дуюмро ҳирбад касб мекард. Ӯ масъули гузарондани маросимҳои динӣ буд. Сардори рӯҳониёни вилоятҳоро магупат меномиданд. Рӯҳониёни боқимондаро муғ мегуфтанд. Муғҳо ҳам вобаста ба мансаб ва вазифаҳояшон ба якчанд гурӯҳ тақсим карда мешуданд. Диндорон зардуштӣ дар раванди амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа нақши намоён доштанд. Мубади мубадон дар дарбори аксар маврид баъди шоҳ мақоми дуюмро касб мекард. Дар ин радиф дар дарбор шурои мубадон вуҷуд дошт, ки дар корҳои давлатӣ фаъолона иштирок менамуд.

Бояд афзуд, ки мақоми баланди мубадон дар ҷомеаи ориёиҳои Эрону Осиёи Миёна то андозае анъанавӣ ва пайванди қадима дошт. Аз ҷониби дигар сулолаи шоҳони сосонӣ бо табақаи рӯҳониён алоқаи ногусастанӣ доштанд, чунки баромади худи онҳо аз ҳамин табақа буд. Саравлоди онҳо Сосон вазифаи мубади оташкадаи Анаҳито дар Истахрро ба ӯҳда дошт. Дар давраи Хусрави Анушервон

байни ӯ ва мубадон ихтилоф ба вуҷуд омад ва ӯ мартабаи онҳоро то ҷое паст намуд. Новобаста ба ин руҳониён мақоми хоссаи худро нигоҳ медоштанд.

Таҳлили ҷомеаи Эрони сосонӣ нишон медиҳад, ки мартаба ва нуфузи баланди мубадон асоси таърихӣ ва иҷтимоӣ дошт. Дин дар ҷомеаи сосониён ва ҳаёти рӯзмараи мардум таъсири бузургро соҳиб буд. Зиндагии ҳар фарди ҷомеа бо маросимҳои сершумор алоқаманд буд, ки онҳо аз таваллуди тифл то ба тахтнишинии шоҳ бо иштирок ва роҳбарии мубадон баргузор карда мешуд. Мубадон ҳамарӯза бо мардум буданд. Онҳо ифодагари маънавиёти ҷомеа ва нигоҳбони анъанаҳои миллӣ ва суннатӣ маҳсуб меёфтанд. Шоҳон ин ҳолатро хуб дарк карда талош менамуданд, ки бо рӯҳониён муносибати муътадил дошта бошанд.

Табақаи дуюм - артиштарон аз замони Авестоӣ боқӣ монда буд. Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд, ки дар асл ба ин табақа на танҳо ҷанговарон, балки тамоми мансабдорони олӣ аз шоҳ ва фармондори бузург сар карда, то сарлашкарону сарбозони қаторӣ шомил мешуданд. Расман артиштар сардори сипоҳиёни Эрон буд. Дар дохил ин табақа ба чандин гурӯҳ - авлоду хонаводаи шоҳ, ашрофони олимақом (виспурҳҳо), бузургон, озодагон тақсим мешуд. Қишри аз ҳама поён ва сершумори ин табақа - озодагон асоси лашкари саворарo ташкил менамуданд. Онҳо заминдорони хурду миёна маҳсуб меёфтанд.

Дабирон дар асрҳои IV-V ба табақаи мустақил табдил ёфтанд. Ин ҳодиса дар натиҷаи инкишофи сохтори умури идории давлатӣ, афзудани соҳаҳои гуногуни идорӣ ба вуқӯъ пайваст. Сардори онҳоро дабирпат ё дабирони дабир (дабири дабирон) меномиданд. Ба ин табақа тамоми хидматчиёни девонҳои давлатӣ, олимон, шоирон ва қишрҳои дигари маърифатнок шомил мешуданд. Бояд гуфт, ки табақаи мазкур яке аз сарчашмаҳои асосии нерӯи ақлонии ҷомеа ба ҳисоб мерафт.

Ниҳоят табақаи чорумро истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ - кишоварзон, ҳунармандон, савдогарон ва аҳли меҳнати ҷисмонӣ ташкил менамуданд. Табақаи мазкур аз ҳамаи табақаҳои дигар сершумор буд. Вазъи иҷтимоии ҷомеа аз ҷумла се табақаи болоӣ пурра аз фаъолияти ин табақаи чорум вобастагии зиёд дошт. Се табақаи болоӣ аз супоридани андоз озод буданд. Танҳо табақаи чорум андоз месупорид ва даромади давлат асосан аз ҳамин ҳисоб буд [9, с.109].

Эмомалӣ Раҳмон тазаккур додааст, ки табақаҳо аз ҳам ҷудо буданд ва гузаштан аз як табақа ба табақаи дигар мумкин набуд. Аммо ин қоида асосан ба табақаҳои поёнӣ дахл дошт. Онҳо ҳақ надоштанд ба табақаи болоӣ гузаранд. Табақаҳои болоӣ дар амал метавонистанд ба табақаҳои дигар гузаранд. Таърихи худи сулолаи Сосониён, ки саравлодашон аз табақаи мубадон буд, инро тасдиқ менамояд. Дар ин хусус мисолҳои дигар низ овардан мумкин аст. Аммо ин гуна ҳодисаҳо хеле кам рух медоданд, чунки монеъаҳои зиёд мавҷуд буданд.

Аксари муаррихон ба сохти табақотӣ чун падидаи иҷтимоӣ баҳо дода ба чунин хулосае омадаанд, ки табақаҳо дар раванди инкишофи ҷомеа пайдо шуда, махсусгардонии соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеаро нишон медоданд. Аз ин ҷиҳат он падидаи мусбат буда, имконияти инкишофу такомули соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро таъмин менамуд.

Масъалаи дигаре, ки махсусияти низоми идории Сосониёнро инъикос менамояду дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлил қарор гирифтааст артиши давлат мебошад. Ӯ зикр менамояд, ки артиши доимоамалкунандаи сосониёнро навкарони яккачини шоҳӣ ташкил мекарданд. Дар аввал сарлашкари сосониёнро ҳазорпат (сардори ҳазор сипоҳ) меномиданд. Ҳамин аст, ки олимон ба хулосае омаданд, ки ин артиши шоҳӣ аз ҳазор сарбоз иборат буд [9, с. 109]. Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, ҳазорпат ин номи анъанавии сардори навкарони шоҳӣ буд. Дар амал шумораи навкорони шоҳӣ метавонист якчанд ҳазорро ташкил кунад, чунки барои як давлати бузург доштани ҳамагӣ 1000 сарбоз хеле кам ба назар мерасад.

Дар аввал сардори артишро ҳазорпат ва дар асрҳои IV-VII Эронспаҳпат (яъне сардори сипоҳи Эрон) меномиданд. Ӯ баъди шоҳ, мубади мубадон ва фармондори бузург дар дарбор дар ҷои чорум меистод. Эронспаҳпат танҳо ба подшоҳ итоат менамуд.

Қисми асосии артиши сосониёнро, мисли артиши Порт, саворагони вазниняроқи ҷавшанпӯш ва сабукяроқи тирандоз ташкил менамуданд. Сардори қисми аввалиро аспипат ва қисми дуюмро тирбад меномиданд. Саворагони ҷавшанпӯш бо шамшер, сипар, найза ва саворагони сабукяроқ бо тиру камон ва сипари сабук мусаллаҳ буданд. Саворагон аз ҳисоби табақаи озодагон ташкил карда мешуданд.

Дар қатор баъди саворагон қисмҳои пиёдагард меистоданд, онҳоро пойгон ва сардори онҳоро пойгонсолор меномиданд. Дар қисмҳои пиёдагард кишоварзон хизмат мекарданд. Дар ин баробар дастаи махсуси сарбозон мавҷуд буд, ки онҳоро ҷонсупорон меномиданд. Вазифаи онҳо то охир ҳифз намудани шоҳ ва парчами давлатӣ буд. Ҳамчунин дастаи посбонони шахсии шоҳ - «пуштигбонон» мавҷуд буданд, ки сардори онҳо пуштигбон солор ном дошт. Пуштигбонон, яъне пуштибонҳо ҳамеша шоҳро ҳамроҳӣ менамуданд.

Дар умум артиш аз қисмҳои таркиби зерин иборат буд: Ганд - ҷузъи аз ҳама калон, Дирафш ҷузъи нисбатан хурд ва Вишта - ҷузъи аз ҳама хурд. Ҳар як қисм сардори худро дошт, ки солор номида мешуд: Ганд-солор, Дирафш-солор ва Вишта-солор.

Шоҳаншоҳии Сосониён парчами давлатӣ дошт, ки бо ҷавоҳирот оро ёфта буд. Дар вақти ҷанг артиш парчамро ҳамроҳаш мегирифт. Мувофиқи ахбори муаррихони исломӣ дар ҷанги назди Қудсия (Қодисия) байрақи Сосониён ба дасти арабҳо афтод. Онҳо барои ҷавоҳироти парчамро гирифтан онро пора-пора карда, дар байни худ тақсим намуданд.

Дар асоси ислоҳоти ҳарбии Хусрави Анушервон мансаби Эронспаҳпат барҳам хурда, қаламрави Эрон ба чор минтақаи ҳарбӣ тақсим карда шуд ва дар ҳар минтақа як сарлашкар (спаҳпат) таъин намуд. Сарлашкарони минтақаҳо бевосита ба шоҳ итоат мекарданд. Ин амалро шоҳ бо мақсади мустаҳкам кардани ҳокимияти худ ва маҳдуд намудан ҳокимияти Эрон иҷро намуда буд. Хусрави Анушервон дарк намуд, ки дар дасти як мансабдори олӣ ҷамъ шудани ҳокимияти калон барои амнияти тахти шоҳӣ то андозае хавфу хатар дорад.

Маҳз аз давраи Хусрави I сар карда, ба ҳайати артиши Сосониён дастаҳои сарбозони саворaи зархариди ҳайтолӣ ва арманӣ дохил карда шуданд [2, с. 290].

Вобаста ба вазъи фавқулодда, махсусан дар давраи ҷанг шоҳ дастаҳои ихтиёриёни саворaро аз ҳисоби табақаҳои озодагон ташкил менамуд. Ба артиши давлатӣ қисмҳои ҳарбии ҳокимони вилоятҳо ва мулкҳои тобеъ илова мешуданд. Ба лашкар шоҳ ва ё яке аз сарлашкарон сардорӣ менамуд. Аксаран дар лашкаркашиҳо ба артиш худи шоҳ робарӣ мекард. Ин амал ҳам хусусияти сиёсӣ ва ҳам амалӣ дошт. Қувваҳои низомӣ ҳамеша бояд дар зери итоат ва назорати шоҳ қарор мегирифт. Дар акси ҳол душманонаш метавонистанд онро барои аз тахт сарнагун кардани шоҳ истифода баранд. Аз тарафи дигар, шоҳ бояд худро дар назди артиш ва раъият ҳамчун ҷанговари ҷасур ва сарлашкари моҳир нишон медод. Лашкар кашидан яке аз вазифаҳои бевоситаи шоҳ ба маҳсуб меёфт.

Омӯзиши муборизаи сосониён бо рақибонашон нишон медиҳад, ки артиши онҳо қабилияти баланди ҷангӣ дошт. Дар баробари амалия назарияи санъати ҷанг низ дар аҳди Сосониён хеле рушд намуда буд. Ба ин мавзуъ рисолаҳои махсус ба мисли «Оинномак» бахшида шудаанд. Дар рисолаи динии «Динкард» низ дар ин бора маълумот дода шудааст. Дар ин ва дигар рисолаҳои паҳлавӣ дар бораи сафбандии артиш, усулҳои гуногуни ҷанг ва фатҳи қалъаҳо маълумот дода шудааст.

Ҳамин тавр, таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки шоҳаншоҳони Сосониён ҷиҳати мутамарказ намудани ҳокимият ва рушди давлат чораҳои зиёдеро дар амал татбиқ намудаанд. Маҳз низоми мукаммалу устувори давлатӣ буд, ки зиёда аз 400 сол империяи паҳновареро созмон дода, дар манотиқи бузурги стратегӣ ҳукумат намуданд. Ин низоми махсуси давлатдорӣ боис шуд, ки тамаддуни ориёӣ ба зинаи олии тараққиёти худ рафта расад. Хидмати бузурги шоҳаншоҳони сосонӣ дар буд, ки минтақаҳои аҷдодии тоҷиконро аз сиёсати забткоронаи Рум ва Чин ҳифз намуда, заминаи рушди тамоми соҳаҳоро гузоштанд.

Адабиёт:

1. Дашков С. Цари царей – Сасаниды. Иран III-VII вв. в легендах, историчеких хрониках и современных исследованиях / С. Дашков. – М.: СМИ-Азия, 2008. – 356 с.
2. Дьяконов М.М. Очерки истории древнего Ирана / М.М. Дьяконов. – М., 1961. – 452 с.
3. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана / В.Г. Луконин. – М., 1969. – 244 с.
4. Луконин В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов / В.Г. Луконин. – Л.: 1961. – 80 с.
5. Луконин В.Г. Древний и раннесредневековый Иран / В.Г. Луконин. – М.: 1987. – 295 с.
6. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён /А. Кристенсен. – Техрон. 2000. – С.128.
7. Иванов М.С. История Ирана / М.С. Иванов. – М.: Изд-во МГУ, 1977. – 497 с.
8. Иванов М.С. Очерк истории Ирана / М.С. Иванов. – М.: Госполитиздат, 1952. – 467 с.
9. История Ирана. – М., 2004. – 648 с.
10. Пьянков И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон / И.В. Пьянков. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 64 с.

11. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
12. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 3 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 504 с.
13. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.
14. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёиҳо / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 132 с.
15. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 375 с.
16. Умарзода И. Таърихи тамаддуни ориён / И. Умарзода. –Душанбе, 2006. – 558 с.

БОЗТОБИ НИЗОМИ ИДОРИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар такя ба осори ба таърихи аҳди бостони халқи тоҷик бахшидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, осори муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ махсусияти низоми идории шоҳаншоҳии Сосониёнро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки шоҳаншоҳии Сосониён яке аз марҳилаҳои муҳимми давлатдории ниёкони тоҷикон маҳсуб ёфта, дар рушди тамаддуни мо нақши бориз гузоштаанд. Сосониён дар такя ба тачрибаи Ҳахоманишиёну Ашконiён низоми хоссаи давлатдориро ташаккул доданд, ки боиси рушди давлатории ниёкони тоҷикон гардид.

Бо мақсади самаранок идора намудани давлат дастгоҳи марказии ба якчанд муассисаҳои соҳавӣ тақсим шуда буд, ки онҳоро девон меномиданд. Девонҳои замони Сосониён ба вазоратҳои муосир монандӣ доштанд. Эмомалӣ Раҳмон сохтори девонсолории шоҳаншоҳии Сосониёнро бо тафсил шарҳ дода қайд менамояд, ки сардори ҳамаи девонҳоро фармондори бузург меномиданд. Салоҳиятҳои ӯ ба салоҳиятҳои вазирони давраи исломӣ қариб монанд буд. Ӯ таъкид менамояд, ки мансаби вазир дар хилофати араб дар зери таъсири Сосониён пайдо шуда буд. Омӯзиши таърихи давлатдории Сосониён нишон медиҳад, ки дар аввал дар шоҳаншоҳии Сосониён чунин унвон вуҷуд надошт ва ба ҷои он унвони ҳазорпат, яъне сардори ҳазор сарбози яккачини шоҳӣ амал менамуд.

Калидвожаҳо: *Шоҳаншоҳии Сосониён, низом, махсусият, девон, шоҳ, мубад, табақа, маросим, анъана, ҳукумат, сатрап, ҳудуд, мақом.*

ОСОБЕННОСТИ АДМИНСТРАТИВНОЙ СИСТЕМЫ САСАНИДСКОЙ ДЕРЖАВЫ В ТРУДАХ ЭМОМАЛИ РАХМОНА

В данной статье автор на основе трудов, посвященных истории древнего таджикского народа, Основатель мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, анализ исторических источников, трудов отечественных и зарубежных историков, проанализированы и рассмотрены особенности административной системы Сасанидов. Из изучения произведений Эмомали Рахмона видно, что династия Сасанидов считается одним из важнейших этапов государственности предков таджиков, и они сыграли значительную роль в развитии нашей цивилизации. Опираясь на опыт Ахеменидов и Ашканов, Сасаниды сформировали особую систему правления, которая привела к развитию правления предков таджиков.

В целях эффективного управления государством центральный аппарат был разделен на несколько отраслевых учреждений, которые назывались деванами. Кабинеты сасанидской эпохи были похожи на современные министерства. Эмомали Рахмон подробно объясняет устройство деванов сасанидской монархии и отмечает, что главой всех деванов назывался великий полководец. Его полномочия были почти такими же, как у министров исламской эпохи. Он подчеркивает, что должность министра в Арабском халифате была создана под влиянием Сасанидов. Изучение истории сасанидской государственности показывает, что поначалу такого титула в Сасанидской династии не было, а вместо него использовался титул хажарпат, то есть глава тысячи одиночных царских воинов.

Ключевые слова: *империя Сасанидов, система, специальность, царь, храм, сословие, ритуал, традиция, правительство, сатрап, территория, статус.*

LIGHTENING OF THE ADMINISTRATIVE SYSTEM OF THE SASANIDS IN THE WORKS OF EMOMALI RAHMON

In this article, the author, on the basis of works devoted to the history of the ancient Tajik people, the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, analyzes historical sources, works of domestic and foreign historians, analyzes and considers the features of the administrative system of the Sassanids. From the study of the works of Emomali Rahmon, it can be seen that the Sassanid dynasty is considered one of the most important stages of the statehood of the ancestors of the Tajiks, and they played a significant role in the development of our civilization. Based on the experience of the Achaemenids and Ashkans, the Sassanids formed a special system of government, which led to the development of the rule of the ancestors of the Tajiks. In order to effectively manage the state, the central apparatus was divided into several branch institutions, which were called devans.

The offices of the Sasanian era were similar to modern ministries. Emomali Rahmon explains in detail the structure of the devans of the Sasanian monarchy and notes that the head of all the devans was called the great commander. His powers were almost the same as those of the ministers of the Islamic era. He emphasizes that the post of minister in the Arab Caliphate was created under the influence of the Sassanids. A study of the history of the Sasanian statehood shows that at first there was no such title in the Sasanian dynasty, and instead the title of hazharpat was used, that is, the head of a thousand single royal warriors.

Key words: *Sassanid Empire, system, specialty, king, temple, estate, ritual, tradition, government, satrap, territory, status.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Шарипов Ҷамолиддин Сафолович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. Телефон: (+992) 943777707, E-mail: Sharipov-26041994@mail.ru

Сведения об авторе: Шарипов Джамолиддин Сафолович – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа. Телефон: (+992) 943777707, E-mail: Sharipov-26041994@mail.ru

Information about the author: Sharipov Jamoliddin Safolovich - Tajik National University, candidate of historical, senior lecturer at the Department of history tajik national. Phone. (+992) 943777707, E-mail: Sharipov-26041994@mail.ru

АКАДЕМИЯИ ГУНДИ ШОПУР ВА РУШДИ ИЛМУ ФАРҲАНГ ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН

Ғуломшоев Сулаймоншо - *номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 93 526 68 52. E-mail: gulomshoev2024@mail.ru.*

Давраи Сосониён (224-651) дар таърихи ташаккули фарҳанги халқиятҳои ориёитабор нақши калон гузошта, дар ин давра Эронзамин ба маркази тамаддуни умумибашарӣ табдил гардид. Академияи Гунди Шопур дар ташаккули илмҳои тиб, риёзиёт, нуҷум ва фалсафаю ҷуғрофия, таъриху адабиёт ва китобдорӣ нақши бузург бозид.

Гунди Шопур шаҳр ва ё урдугоҳи бузурги низомӣ буда, барои нигоҳ доштани зиёда аз ҳафтод ҳазор асирони румӣ бо супориши Шопур I (242-272) ба ҷойи вайронаҳои Ҷанто Шопур (“Боғҳои зебо”) сохта шудааст. Бунёди он дар қисми ҷанубии шаҳри Хузистони муосири Эрон аз рӯи нақшаи шаҳри Антиох ба монанди тахтаи шатранҷ ривоҷ ёфтааст. Баъди ба анҷом расидани сохтмони бо супориши Шопури I дар болои дарвозаи шаҳр чунин суханони ҳикматомез ки “Донишу хирад аз шамшер зӯртар аст” насб карданд [12, с.584-585].

Соли 529 императори Византия Юстиниан (483-565) тамоми академияҳои амалкунандаи Афинаро баст ва донишмандон ба Эрон омаданд ва Шопури I шаҳреро бо номи Академияи "Гунди Шопур" таъсис доданд. Ин маркази илмӣ дар адабиёти таърихӣ бо номҳои: "Гундишопур", "Гандишапур", "Ҷундишапур" ва "Ҷандишапур" тасвир ёфтааст. Азбаски арабҳо бо ҷои ҳарфи "г" гоҳе ҳарфи "ҷ", гоҳе ҳарфи "ғ" менависанд, ин ду калимаи аввал шакли таҳрифшудаи калимаи "Канди Шопур" мебошанд. Калимаи "канд" аслан суғдӣ буда, маънои "ҷой", "шаҳр", “макон” ва "кишвар" -ро дорад. Академияи Канди Шопур аслан маънои "Академияи шаҳри Шопур" -ро дорад. [4, с.229-252].

Мувофиқи баъзе ривоётҳо Шопури I бо духтари императори Рум - Аврелиан (Aurelianus, 214 -275) хонадор шуда, ин румидухтар ҳамроҳи худ ду табиби юнониро ба Гунди Шопур оварда, ки таълимоти онҳо бар пояи тибби Буқрот асос ёфта буд.

Академияи Гунди Шопур нахустин маркази тиббии ҷаҳон буд, ки то андозае дар он ҷо илми тиб аз таъсири дин озод гардида, ба заминаи махсуси муолиҷавӣ ва шуъбаи дорусозӣ табдил гардид. Раванди таълим аз қисмҳои назариявӣ ва амалӣ иборат буда, то панҷ солро дар бар мегирифт. Дар барномаи таълимии табибон ғайр аз омӯзиши фанҳои тиббӣ боз омӯзиши забону адабиёт, таъриху нуҷум, санъати сухан, фалсафа ва ғайра пешбинӣ шуда буд. Донишҷӯёни ин марказ бо забонҳои паҳлавию юнонӣ ва суриёнӣ таҳсил мекарданд. Савияи донишу малакаи донишҷӯён бевосита дар сари бистари бемор санҷида мешуд. Дар замони Сосониён ду гурӯҳ табибон - табибони ҷисм ва табибони рӯҳ амал мекарданд. Якум беморонро бо ёрии дорую ҷарроҳӣ ва дуюм (табибони рӯҳшинос - тимсоли психотерапевти ҳозира) бо ёрии сеҳри сухан, маросиму дуохонӣ ва соирӣ ба рӯҳи бемор таъсир мерасонданд. Ба донишгоҳи тиббӣ фақат ҷавононе пазируфта мешуданд, ки ҳафт ҷузъи муҳимтарини илмро (саҳву наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диалектика, илми маонӣ ва баён, мусиқӣ) омӯхта, дар ин соҳаҳо дониши кофӣ дошта бошанд. Хусусияти фавқулоддаи низоми таълими табибони ояндаи Гунди Шопур дар он буд, ки дар онҳо дар баробари тибби Эрони қадим, нозукиҳои тибби Ҳинду Юнонро низ меомӯхтанд. Мувофиқи талаботи Гунди Шопур табиб бояд сохти узвҳои одамро нағз донад, вазифаҳояшро ба хубӣ ичро кунад, китоби бисёр хонад, дар бораи гиёҳҳои шифобахш дониши ҳаматарафа дошта бошад, асбоби ҷарроҳиро истифода карда тавонад, дар мавриди зарурӣ ба

аёдати беморон ҳозир шавад, дунболи сарвату давлат нагашта, аз рӯи меҳру шафқат ва накӯкорӣ беморонро муолиҷаю парастории намуда, вазифаи худро садоқатмандона ичро кунад ва нисбат ба беморон меҳрубону пуртоқат бошад [8, с.94]. Ба қавли Абӯалӣ Сино табиб бояд ақли мор, чашми уқоб ва дили шер дошта бошад.

Бо дастури Шопури I олимон асарҳои машҳури табибони Юнону Ҳиндро ба забони паҳлавӣ (забони давлатии Сосониён) тарҷума мекарданд. Вай ҳамчунин фармон дода буд, ки матнҳои Авасторо гирд оварда, мураттаб намоянд. Дар давоми мавҷудияти беш аз 400-солаи давлати Сосониён Гунди Шопур ба маркази ҳақиқии илму фарҳанг табдил ёфт. Табибон ба тоифаи махсуси аҳли давлати Сосониён мансуб буда, сазовори ҳурмату эҳтиром ва имтиёзҳои зиёд буда, аз супоридани андозу хироҷ озод буданд [2, с.120].

Академияи Гунди Шопур дар замони Хусрави I (531-579), ки бо номи Хусрави Анушервон маъруф аст, ба маркази бузурги илмӣ табдил ёфта, дар он ҷо табибони эронӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва суриягӣ аз тачрибаи ҳамдигар васеъ истифода мебурданд.

Хусрави I ба донишмандони юнонӣ ва масеҳиёни суриягӣ, ки аз таъқиби империяи Византия фирорӣ буданд, паноҳ дод. Дар навбати худ, шоҳ ба фирориён супориш дода буд, ки ба тарҷумаи матнҳои тиббӣ аз забонҳои юнонию сурёнӣ ба забони паҳлавӣ (порсии миёна) машғул шаванд. [9, с. 96].

Дар замони Хусрави I (531- 579) ва Бузургмеҳр бисёр донишмандон сарфи назар аз ақидаҳои динию нажодӣ ва забон дар Академияи Гунди Шопур фаъолият намуда, ба маъхазҳои гуногуни илмӣ таваҷҷӯҳи калон доштанд. Намунаи барҷастаи он кӯшиши Хусрави I барои аз ҳиндуҳо гирифтани китоби махфии онҳо "Панҷтантра" (“Ҷовидон хирад”) мебошад, ки то кунун бо номи "Калила ва Димна" боқӣ мондааст. Ӯ барои ин кори муҳим донишманди машҳур Барзуйро пинҳонӣ ба Ҳиндустон фиристод.

Барзуй бо шарофати истеъдоди баланди дипломатӣ ин асарро пайдо намуда, нусхаи онро ба Академияи Гунди Шопур оварда. Дар он ҷо "Калила ва Димна"-ро ба паҳлавӣ ва забонҳои дигар тарҷума намуда, асрори тибби Ҳинди қадим дастраси олимони кишварҳои Шарқу Ғарб гардид. [15, с. 177].

Академияи Гунди Шопур маркази ташкили ҷамъомадҳои илмии олимон интихоб мегардад. Масалан, бо амри Хусрави I ҳанӯз соли 561 дар Гунди Шопур аввалин ҳамоиши олимони тибби донишгоҳҳои қариб ҳамаи давлатҳои мутараққиро баргузор намуд, ки он ба инкишофи минбаъдаи илми тиб мусоидат намуд. Дар ҳайати Гунди Шопур ба ғайр аз донишкадаи асосии тиббӣ шуъбаҳои дигар - файласуфу риёзидонон, адибу мунаҷҷимон ва мутахассисони дигари соҳаи илмҳои гуманитарӣ фаъолият мекарданд. Дар замони ҳукмронии сулолаи Сосониён табибони ин марказ ба муваффақиятҳои калонро соҳиб шуданд. Аз ҷониби табибони Гунди Шопур ба таври пурра омӯхтани қисми тиббии китоби «Авасто» ба роҳ монда шуда буд. Онҳо бемории сирояткунанда, рӯҳӣ ва маризҳои дигарро, ки дар тибби «Авасто» зикр ёфтаанд, табобат мекарданд [3, с. 66]. Хизмати шоҳони Сосонӣ ва мутахассисоии тибби форс-тоҷик дар он аст, ки онҳо тибби «Авасто»- ро бо тибби юнонӣ, ҳинд, тибетӣ омезиш намуда, онро аз маҳдудияти чандин асраи динӣ озод карда, зина ба зина баланд бардоштанд. Дар соҳаи тиб усулҳои навтарини муолиҷа кашф ва тавсия кардаанд, ки назар ба усулҳои мактабҳои тиббии юнонию ҳинд самараноктар буданд. Дар он ҷо ихтироъ ва истифодаи доруҳо ривоҷ ёфта, истифодаи васеи омехтаҳои тилло, нуқра, мис, оҳан, ва хлору сулфат оғоз гардид. Маҳз аз ин давра масъалаҳои муҳофизати модару кӯдак, гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ, масъалаҳои одобу ахлоқи таббӣ матраҳ гардид. [7, с. 4-12].

Дар аҳди Сосониён бо ёрии табибон таълимоти Авасто доир ба никоҳ ва бунёди оила боз ҳам инкишоф ёфта, маҷмӯаи махсуси қонунҳо интишор гардиданд, ки чанд фасли он ба масъалаи никоҳ ва оила бахшида шуда буд. Ин қонунҳо манфиати модар ва кӯдакро ҳифз мекарданд. Никоҳи байни хешовандони наздик манъ шуда, духтарони 14-сола ва писарони 16-18 сола ба балоғатрасида дониста мешуданд. Никоҳ фақат дар сурате имконпазир дониста мешуд, ки агар шавҳару ҳамсар ҳамдигарро аз рӯи меҳру муҳаббат интихоб карда бошанд. Амалияи муоҳидаи никоҳ дар ҳузури камаш панҷ шоҳид пеш аз заношӯй тартиб дода шуда ба он домоду арӯс ва шоҳидон имзо мегузоштанду мӯҳр мемонданд. Мувофиқи муоҳидаи никоҳ

шавҳар ва зан ҳар дуяшон баробарҳуқуқ дониста мешуданд ва касе, ки хиёнат мекард, ҷарима месупорид. [9, с. 178-185]. Солҳои сиюми асри XX аз кӯҳи Муғи қаламрави ноҳияи ҳозираи Айнии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои ҷолиби суғдиёни қадим ёфт шуданд, ки дар байни онҳо муоҳидаи никоҳи байни домод Уттеген ва арӯс Чата мавҷуд буд. Дар он Уттеген ба Чата қавл додааст, ки шавҳари поквиҷдону содиқ ва сазовори ҳамсари худ хоҳад шуд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки аҷдодони мо, хусусан табибон аз замонҳои қадим ба масъалаҳои никоҳ ва оила таваҷҷуҳи калон зоҳир менамуданд. Зеро ба хубӣ дарк мекарданд, ки оила сарчашмаи саломатӣ ва посдории маънавии ҷамъият, покизагии авлод ва ояндаи тавоноии давлат мебошад.

Доир ба дорусозӣ аввалин маротиба аз қисмати «Вандедод»-и китоби Авесто истифода бурда шудааст. Дар Авесто зиёда аз сад намуди гиёҳи шифобахш, ба мисли қоқу, хума (бандак), сипанд, зира, кунҷит, сир, пиёз, сабзӣ, турб ва ғайра номбар шудаанд, ки дар байни онҳо «хаома» хеле машҳур буд. Ин растани дар байни мардум бо номи ҳум ё бандак маълум буда, аз вай бо усули махсус шарбати «хаома» тайёр мекарданд [2, с. 90].

Ҷолиби диққат аст, ки сартабиби дармонгоҳ (клиника) дар як вақт вазифаи раиси донишгоҳро низ иҷро мекард. Ба ин мансаб мутахассисони донишманду ботаҷриба Бахтишо таъйин гардид. Дар Академияи Гунди Шопур панҷ ҳазор донишҷӯ таҳсил дошт, ки ба тарбияи онҳо зиёда аз панҷсад устод (омӯзгор) машғул буданд. Гунди Шопур зиёда аз 300 сол фаъолият намуда, дар омӯзиши тиб ва нуҷум аҳамияти калон дошт. Табибони ин марказ дар баробари таълим ба тарҷумаи асарҳо ва тартиб додани маҷмӯаҳои илмӣ ва қомусӣ машғул буданд.

Соли 651 давлати Сосониён таназзул ёфта, баъди завол ёфтани Гунди Шопур бо таъсири он як силсила марказҳои тиббӣ, дар Эрони Ғарбӣ, Марв ва Хоразму Бағдод барпо гардидаанд.

Як қисми табибони ва китобхонаи Гунди Шопур дар замони халифа Ҳорун-ур- рашид (786-809) ба пойтахти хилофати Аббосиён ба "Байт-ул-ҳикма"-и Бағдод интиқол дода шуданд. Дар байни тибибон Абдуллоҳ ибни Мукаффаъ, Бармакӣ, Рӯзбеҳ барин донишмандони намоён низ буданд. Ибни Мукаффаъ ба туфайли китобҳояш "Адаби калон" ва "Адаби хурд", ки доир ба тарбия ва ахлоқу одоб бахшида буданд, шӯҳрати калон пайдо кард [8, с. 87]. Ӯ дар рисолаҳои машҳури худ доир ба фаъолияти нахустин омӯзгорону шогирдони Гунди Шопур маълумот дода, ки яке аз китобҳои Ҳинди қадим «Калила ва Димна»-ро аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷима намудаст. Хушбахтона дар асарҳои Абӯбакри Розӣ ва Абӯалӣ ибни Сино номи баъзе аз омӯзгорону шогирдони Гунди Шопур зикр ёфтааст, ки ба Бағдод кӯчида буданд. Аз ҷумла, доир ба сарсулолаи аввалин сардори донишгоҳи Гунди Шопур Бахтишои I, ки асли насабаш аз Сурияи насронӣ буд ва дар он ҷо як зумра пизишкони оилаи Бахтишо кор мекарданд. Дар хонадони Бахтишо пешаи пизишки аз насл ба насл гузашта, аз нимаи аввали асри VI то асри XI намояндаи машҳуртарини сулолаи Бахтишо Ҷурҷис ба шумор меравад, ки асари калонтарин ӯ "Пандектҳои машҳур" мебошад. Вай соли 755 ба сифати яке аз мудири дармонгоҳи собиқ мактаби тиббии Гунди Шопур бо шогирдонаш Айс ва Иброҳим ба назди халифаи бемори Бағдод ал-Мансур хонда шуда, ӯро муолиҷа кардааст. Ҷурҷис бо хоҳиши халифа чор сол дар Бағдод зиндагӣ намуда, ба тарбияи табибони маҳаллӣ зиндагӣ машғуд гардид. Инчунин дар ин давра якчанд асари тиббиро аз забони юнонӣ ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Писари Ҷурҷис Бахтишои II (соли 801 вафоташ) табиби асосии халифаи Бағдод Рашид буд, ки вай саломатии худро ба ин табиб пурра бовар мекард [3, с. 69]. Сулолаи Бахтишо бештар аз 200 сол сарварии табибони олами исломиро ба ӯҳда дошта, аз муасссисони он маҳсуб мешуданд.

Табиби шинохтаи донишгоҳи Гунди Шопур Барзуи ориётабор дар ҷамъоварии китоби "Калила ва Димна" нақши калон дорад. "Калила ва Димна" баъдтар дар асри VIII аз ҷониби собиқ табиби машҳури Гунди Шопур Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (721-779) аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шуда, дастраси донишмандони ҷаҳон гардид ва баъдан бо 60 забони дигар тарҷума шуда, 200 маротиба нашр шудааст [2, с. 35]. Дар асри XII Абулмаолии Насруллоҳ "Калила ва Димна"-ро аз забони арабӣ аз нав ба забони форсӣ тарҷума намуд, ки он то асри XV шуҳрати дошт ва дар асри XV Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба тарҷумаи Абулмаоллии Насруллоҳ либоси нав пушонида, "Калила ва Димна"-ро аз нав таҳрир намуд. Ӯ ба шарофати

Шайх Аҳмади Суҳайлӣ, ки аз наздикони султон Ҳусайни Бойқаро (1468-1506) буд, ба ин китоб “Анвори Суҳайлӣ” ном гузошт. [15, с.154-155].

Табиби намоёни насронӣ Теодорус солҳои дароз дар Академияи Гунди Шопур аз тибби юнонӣ дарс медод ва табиби шахсии Шопур (310-379) буда, китоби тиббиеро бо номи «Тавлдорус» бо забони паҳлавӣ таълиф намуд. Шопур ба нишони миннатдорӣ дар назди Гунди Шопур барои ӯ калисои насронӣ намуда, бисёр ҳамватани ӯро аз асорати ҳарбӣ озод кардааст. Табиби ҳиндуиасл Манка (Манга) ал-Ҳиндӣ солҳои дароз дар Академияи Гунди Шопур фаъолият дошта, китоби тиббии ҳинди қадим “Шонакака”-ро бо номи «Китоб-ус-самум» аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ тарҷума кард ва онро шогирдони Гунди Шопур ба сифати китоби дарсӣ истифода мебурданд. [5, с. 169]. Намояндагони давраи охирини (асрҳои VIII-IX)-и Гунди Шопур Абӯзакриё ибни Масавайҳ донишманди машҳур (дар баъзе адабиёт Абӯзакариё Яҳё ибни Мосуя - 777-857) сарвари дорусозони Гунди Шопур буд. Ибни Мусавайҳ (Юуҳанно) ин касбро аз табиби машҳур Бахтишои 1 омӯхта, баъдтар дар дарбории халифаҳои Бағдод Ҳорун ар-Рашид ва Мутаваккил фаъолият намудааст. Машғулияти асосии ӯ тарҷумаи асарҳои тиббӣ ва таълимӣ буда, ба қалами ӯ зиёда аз 10 рисола: “Маҷмӯаи ибни Масавайҳ”, “Маҷмӯаи тиб”, “Комил”, “Китоб дар боби махав”, “Китоб дар боби адвияи бадалӣ” мансуб мебошанд. Намояндаи дигари ин мактаб Шопур ибни Саҳл (ваф. с. 869) дар шаҳри Гунди Шопур дар оилаи табиб ба дунё омада, дар заминаи таҷрибаи бойи дорушиносӣ ба камол расида, солҳои 848-850 дар шаҳри Бағдод фаъолият доштааст. Ӯ дар таърихи илми дорусозӣ аввалин китобро бо номи «Китоб алқарабодин-ул- кабир» таълиф намудааст. Ин китоб аз 17 лавҳа иборат буда, доир ба хосияти доруҳои гуногун маълумот додааст, ки ҳоло дастхати ягонаи он дар Китобхонаи Мюнхен мавҷуд мебошад [9, с. 125].

Аз охири асри VII таҷриба ва тадқиқотҳои назариявии табибони Гунди Шопур дар рушду такомули тиб ва дорусозӣ дар Бағдод, Мовароуннаҳру Хуросон ва Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд шароити хеле мусоидро ба вуҷуд овард.

Пас аз нимаи дуюми асри VII бо сабаби бо забони арабӣ тарҷума гардидани китобу рисолаҳои тиббӣ ва осори дорусозӣ дар Шарқу Ғарб тибб бо забони араб паҳн гардидааст.

Сабаби асосии паҳншавии тибби Шарқ ба қисматҳои қитъаи Аврупо асосан Испониё ва ҷазираи Ситсилияи Италиё маҳсуб мешуданд, ки дар ин ҷо динӣ ислом ҳукмрон буд. Дар шаҳри Толедои Испониё Раймунд маҷмае ба номи «Анҷумани мутарҷимон» такшкил намуда, дар он донишмандону адибонро гирд овард. Дар аҳди Фридрихи Барбарос (Сурхриш), тарҷумаи асарҳои зиёд авҷ гирифт. Мутарҷими бузурги испонӣ Жерари Кремонӣ (1114- 1187) солҳои 1170 - 1187 аввалин шуда, китоби «Қонуни тиб»-и Ибни Сино ва баъдтар китоби нодири Закариёи Розӣ «Тибби Мансурӣ»-ро ба лотинӣ тарҷума карда, олами Ғарбро комилан тасхир намуд [5, с.160].

Академияи Гунди Шопур дар давраи Сосониён яке аз нахустин марказиҳои таълимиву тиббии ҷаҳон ба шумор меравад, ки дар баробари табобати маризон, инчунин табибонро барои муолиҷаи онҳо дору низ омода мекарданд. Дар назди ин бемористонҳо инчунин нахустин дорухонаҳо ва китобхонаҳо ба вуҷуд омаданд [8, с.74]. Дар назди китобхона ҳатто барои котибон (мирзоён) ва китобсозон ҳуҷраҳои махсус ҷудо карда шуда буданд ва китобхонаи тиббӣ бо адабиёти зарурӣ, таъмин гардида, табибон аз онҳо истифода менамуданд.

Дар сарзамини Эрон китобхонаи «Гунди Шопур» нахустин китобхонаи назди бемористон буд. Ин анъана пас аз интишори Ислом низ идома ёфта, дар замони хилофати Аббосиён дар назди бемористони Бағдод китобхонаҳо фаъолият мекарданд, ки аз онҳо донишманди бузурги тиб Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ истифода намудааст.

Китобхонаи донишгоҳи Гунди Шопур аз 259 ҳуҷра иборат буда, дар он ҷо маводҳо ба забонҳои паҳлавӣ (ба монанди «Калима ва Димна» аз ҳиндӣ тарҷума шуда), юнонӣ ва санскрит гирд оварда шуда буданд. Ҳар як ҳуҷраи китобхона ба соҳаи муайяни илм вобаста буд ва дар он ҷо китобҳои зарурӣ нигоҳ дошта мешуданд. Мувофиқи маълумоти «Ал -Феҳрист»-и Ибни Надим дар китобхонаи Гунди Шопур зиёда аз 200 номгӯй китобҳои паҳлавию форсӣ мавҷуд буданд, ки 82 номгуйи китобҳои динӣ, 9 номгуй оид ба шикор, 10 номгуй оид ба чорводорӣ ва зиёда аз 70 номгуй оид ба соҳаҳои дигар маълумот медодонд [13, с. 13]

Дар замони Сосониён дар баробари китобхонаи Гунди Шопур китобхонаҳо зиёд фаъолият менамуданд, ки дар натиҷаи лашкаркашии арабҳо набуд гардиданд. Охирин намояндаи Сосониён Яздигурди III (632-651) бо худ дастхату китобҳои нодирро ба Марв овард, ки дар асоси онҳо китобхонаи машҳури Марв ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи маълумоти Адам Метс то замони истилои Марв аз тарафи муғулон дар он ҷо 12 китобхонаи калон мавҷуд будаанд. [6, с. 148]

Ибни Надим дар асараш «Ал -Феҳрист» доир ба китобхонаҳои замони Сосониён чунин менависад, дар миёнаи асри IX дар наздикии Исфаҳон китобхонае ёфт шуд, ки он дар замони Сосониён аз арабҳо пинҳон карда шудааст. Китобҳои пайдошударо ҳеҷ кас хонда наметавонад, чунки ин китобҳо бо забони юнонӣ навишта шуда, доир ба риёзӣ маълумот медоданд [1, с. 29]. Инчунин доир ба мавҷуд будани китобҳои чармин дар «Ал-Феҳрист» чунин маълумот мавҷуд аст: «ман дар соли 324 ҳичрӣ ин китобҳоро дидам, чи тавре дар бораи онҳо нақл менамуданд, онҳо хеле бадбуй буданд ва аз ин сабаб қариб як сол ягон кас ба онҳо наздик шуда натавонист». Хусрави I китобхонаи бузурге оид ба масъалаҳои дину фалсафа гирд оварда, ки аз доираи васеи чаҳонбинӣ ва шавқу рағбати ӯ дарак медод [1, с.27].

Мувофиқи маълумоти Ибни Надим: «Ардашери Бобакон (224 - 242) баъди ба тахт нишастан фармон дод, ки тамоми китобҳои боқимондаи замони гузаштаро аз Ҳинду Чин гирд оварда, дар хазинаи ӯ нигоҳ доранд». Бо даъвати Ардашер бисёр ҳокимон ва донишмандон ҳавлиҳои худро ба китобхона табдил доданд. Дар ин давра китобҳои зиёд баргардон гардида, ороиш дода шуда, муқовабандӣ гардиданд. Дар натиҷа мактаби нави китобсозӣ ва китобдорӣ ба вуҷуд омад. Аксарияти китобдорони китобхонаҳои султон донишмандону адибони машҳур буданд. Баъзан худи султон ё амир масъулияти идораи китобхонаҳоро ба дӯш мегирифт. [15, с.109-115]

Хулоса, академияи Гунди Шопур зиёда аз сесад сол фаъолият дошта, баъдтар соли 832 намояндагони он ба маркази хилофати Аббосиён Академияи “Байт-ул-ҳикма”-и (“Хонаи хирад”) Бағдод гузаштанд.

Қадимтарин маркази илмии дунёи Академияи Афлотун қариб 900 сол фаъолият дошта, дар он асосан фалсафа ва донишҳои табии риёзӣ омӯхта мешудаанд, Академияи Гунди Шопур зиёда аз 300 сол фаъолият дошта, дар он ҷо донишмандони намоёни кишварҳои Миср, Юнон, Ҳиндустон, Рум ба таълиму тадрис ва омӯзиши донишҳои тиббӣ, фалсафӣ, ситорашиносӣ ва ғайра машғул буданд.

Адабиёт

1. Бӯриев Қ. Таърихи библиографияи тоҷик (аз замони қадим то ибтидои асри XX1). – Душанбе, 2017. – 250с.
2.Исҳоқӣ Ю., Тоҷиев Я. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. - Душанбе, 1993.
3.Исҳоқӣ Ю.Б., Тоҷиев Я. Таърихи тиб. – Душанбе, 1997.
4.Комили А. Аз таърих пайдоиш академия ва Академияи илмҳо // Илм, технолгия ва технологияи инноватсонӣ. - Ашқобод, 2014. - С. 229-262.
5.Қурбон И. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. – Душанбе, 2007. – 170 с.
6. Мец А. Мусульманский ренессанс / Пер с нем. Д.Бертельса. – М.: Наука, 1966. - 458 с.
7.Нуралиев Ю.Н., Додалишоев Ҷ. Гиёҳномаи Абӯмансури Муваффақ. - Душанбе: Ирфон, 1989.
8. Нуралиев Ю. Медицина эпохи Авиценны. – Душанбе, 1981. – 192 с.
9. Нуралиев Ю. Медицина эпоху Мухаммада ал-Хоразми // Хоразм и
Мухаммад ал-Хоразми в мировой истории и культуре. – Душанбе: Дониш, 1983. – С. 187-195.
10.Нуралиев Ю. Тибби замони Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе, 1981.
11.Нуров А.Р., Исупов С.Ҷ. Таърихи мухтасари пайдоиш ва инкишофи илми дорусозӣ дар асрҳои VIII -X. – Душанбе, 2012.
12.Расулиён Қ. Гунди Шопур // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Ҷ. 4. – Душане: СИЭМТ, 2015. - С. 584-58.5
13. Сулаймонов С., Нуралиев Н. Аз таърихи китобдории тоҷик. – Душанбе, 1998. - 116 с.
14.Умарзода И. Таърихи тамаддуни ориён. – Душанбе, 2008. - С. 436
15.Шарофзода Р. Таърихи номаҳои Ачам. - Душанбе, 1997. - 239с.

АКАДЕМИЯ ГУНД ШОПУР И РАЗВИТИЯ НАУКИ, КУЛЬТУРЫ В ПЕРИОД САСАНИДОВ

В статье автор рассматривает вопросы деятельности одного из научных центров в период Сасанидов Академии Гунд Шопур. Автор отмечает, что этот центр был построен по приказу Сасанидского царя Шопура I (242-272) в 271 года в ближе Хузистан. Там обучались больше пять тысяч студентов и около пятьсот преподавателей. На воротах Гунди Шапура была надпись «Знания и мудрость сильнее меча» и поблизости находилась большая библиотека с четыреста тысячей книг.

Гунд Шапур действовало больница, аптека и одновременно там проводили лечение больных.

Во время правления Хусрав I Анушервана (531 -579) и его везиря Бузургмехр многие учёные независимо от вероисповедания, расы и языка осуществляли свою научную деятельность в Академии.

Академия Гунд Шапур просуществовала более 300 лет, и имела огромное значение для развитие науки, а именно медицины. Учение Гунд Шапур, впервые начали изучение медицинской части «Авесто» и синтезировали его с греческой, индийской и тибетской медицине. Таким образом, из лечебных растений и примесь золота, серебро, меда, железа началось изготовление лекарство. В Академии Гунд Шапур работали египетские, греческие, индийские и римские учёные который внесли свою лепту в развитие медицинских, математических, астрономических, философских и географических наук.

После падения Сасанидского государства этого центра переселялись в Академии «Байт ул хикма» который функционировал в столице Аббасидского Халифата г. Багдад.

Ключевые слова: *Академияи Гунд Шопур, больница, лечебние растения, поликлиника, знания, формакорлогия, наука, книги, библиотека, Сосониди, исследование, медицина, врач, древний Иран.*

GUND SHAPUR ACADEMY AND DEVELOPMENT OF SCIENCE, CULTURE IN THE SASSANID PERIOD

The article describes about the activity of one of the first medical center in the Sassanid era Gund Shapur Academy which this city or military camp was built on the orders of Shapur I (242-272) in 271 near Khuzistan. More than five thousand students and about five hundred teachers studied there. On the gate of Gundi Shapur there was an inscription "Knowledge and wisdom are stronger than the sword" and nearby there was a large library with four hundred thousand books.

Gund Shapur had a hospital, clinic, a pharmacy and they simultaneously treated the sick and trained future doctors.During the reign of Khusrav I Anusharvan (531-579)and his vizier Buzurgmehr many scientists regardles of religion race and language carried out their scientific activities at the Gundi Shapur Academy. By order of Khusrav 1 in order to get the book "Panchatara" ("Eternal Wisdom") Barzui was secretly sent to India and he got this book called "Kalila and Dimna" which he brought to Gund Shapur.

The Gund Shapur Academy existed for medicine. The teachings of Gund Shapur first began studying the medical part of the book "Avesto" and synthesized with Greek Indian and Tibetan medicine. From medicinal plants and an admixture of gold silver honey iron the manufacture of medicine began. Egyptian, Greek, Indian, Roman scientists worked at the Gund Shapur Academy and contributed to the development of medical, mathematical, astronomical, philosophical and geographical sciences.

After the fall of the Sasanian state representatives of this scientific center moved to the Academy "Bayt-ul-Hikma" in the capital of the Abbasside Caliphate Baghdad.

Key words: *Gund Shopur Academy, hospital, medicinal plants, polyclinic, knowledge, pharmacology, science, book, illness, Sassanids, research, medicine, doctor, treatment, ancient Iran.*

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ШАҲРСОЗИИ ЗАМОНИ СОСОНИЁН

Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна. *– н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Давлати Сосониён дар таърихи асрҳои миёна ягона давлати муттамарказе буд, ки беш аз 400 сол, яъне солҳои 224-651 арзи ҳастӣ намудааст ва шоҳони он бузургтарин фарҳанги тамаддунофари ҷаҳониро офаридаанд. Пеш аз ҳама санъати шаҳрсозии замони Сосониён ҳамто надошта, шаҳрҳоеро бунёд карданд, ки то ҳол аҳамияти таърихии худро аз даст надоданд ва ҳамчун муаррифгари санъати волои меъморию фарҳанги тамаддуни халқҳои ориёӣ маҳсуб меёбанд. Пас маълум мегардад, ки дар ин давра инкишофи фарҳанги моддиву маънавии ориёиҳо ба авҷи аълои худ расида буд. Марказҳои бузурги илмию маърифатӣ таъсис ёфта, фаъолият менамуданд ва дар онҳо бузургтарин донишмандону олимони давр таълим мегирифтанд.

Дар ин хусус адабиёти таърихӣ оид ба фарҳанги тамоми мардуми Эрону Осиёи Миёна дар аҳди салтанати Сосониён маълумот муфассал пешниҳод менамоянд. Бояд таъкид намуд, ки рочеъ ба фарҳанги Сосониёни Эрон дар асари В.Г. Луконин [5, с. 242] ва санъати Сосониён И. Орбели [6, с. 156] маълумоти муфассал дода шудааст. Инчунин оид ба авзои фарҳангии Эрон дар замони ҳукмронии Сосониён дар китоби "Из истории культурных связей народов Средней Азии и Индии" [2, с. 180] ва асари бунёдии дастҷамъонаи замони соҳибистиқлолӣ "Таърихи халқи тоҷик.Ҷ.2." [3, с. 792] ва дигар ҷанбаҳои он маълумоти муфассал оварда шудааст.

Дар хусуси бузургтарин шаҳрҳое, ки Сосониён таъмиру эҳё ва бунёд намудаанд, бояд қайд намуд, ки ин Ктесифон, яъне маҷмӯи Беҳ-Ардашер, Ардашер-Хурра, Бишопур, Апаршаҳр, Доробгирд, Антокия, Истахр, Пирӯзгирд, Ром-Ардашер, Ҳурмуздгирд, Марв ва Гунди Шопур мебошанд. Шумораи чунин шаҳрҳо зиёда ба 250 адад мерасад, ки онҳо бешак аз маданияти

баланди шаҳрсозӣ ва шаҳрдории Сосониён шаҳодат медиҳанд. Дар замони Шопури II сарҳади шарқии империя то руди Ому, шимолу ғарбӣ то гулугоҳи Босфор ва ҷанубу ғарбӣ то Яман расида буд. Дар таърихи давлати Сосониён Шопури I-ро созандаи шаҳрҳо ва маъбадҳо медонанд. Ӯ пеш аз оғози сохтмони шаҳр ё қасре аз муҳандисон талаб мекард, ки нақшаи онро таҳия ва хароҷоти сохтмонро муайян намоянд.

Дар "Таърихи Табарӣ" оварда шудааст, ки Ардашер дар ободонии шаҳрҳои Эрон нақш гузошта, ҳашти шаҳри нав бо номҳои Ардашер-Хурра, Ром-Ардашер, Будо-Ардашер, Ҳурмуз-Ардашер, Устобод Ардашер, Рев-Ардашерро бунёд намудааст, [9, с. 485] ки номи дутоашро муаллиф наовардааст.

Аз рӯи қайди В.Г. Луконин дар Қаъбаи Зардушт аз сохтмони се шаҳри Ардашери Бобакон, ба мисли Ардашер Хшнум, Вех Ардашер, Ардашер Фарр ёдоварӣ гардидааст [5, с. 64].

Дар давраи ҳукмронии Шопури I шаҳрсозӣ низ хеле густариш ёфта буд. Мувофиқи катибаи Каъбаи Зардушт дар замони ӯ 15 шаҳри шоҳӣ мавҷуд буд, аз ҷумла Гунди Шопур, Навшопур, Шопур-хшнум, Ҳурмуз- Ардашер ва ғайра [7, с. 201].

Аммо бештари ёдгориҳои замони Сосониён аз ҷониби бостоншиносон пурра тадқиқ нашудааст ва аз ин сабаб замони сохтани онҳо, нақшҳои меъморӣ ва дигар хусусиятҳои ҳаётии онҳо номаълум мебошад. Шаҳрҳои замони Сосониён дар Роҳи Бузурги Абрешим ҷой доштанд ва аз ҳамин сабаб марказӣ савдою ҳунармандӣ буданд. Бештари шаҳрҳо дар ҳудуди заминҳои шоҳӣ пайдо шуда равнақ ёфтаанд, яъне ободкунандагони онҳо худи шоҳон буданд. Чунин шаҳрҳо такягоҳи давлат ба ҳисоб мерафтанд [13, с. 32].

Аҳолии ин шаҳрҳоро бештар асирони румӣ ва муҳоҷирони маҷбурии маҳаллӣ ташкил медоданд. Сосониён кушиш менамуданд, ки асирони хориҷӣ бо маҳаллиён омезиш ёбанд ва якҷоя зиндагӣ кунанд. Ҳар як шаҳр дорои замини худ буд ва аз ҳисоби он зиндагонӣ менамуд. Як қисми замин дар дасти аъёну ашроф ва як қисми дигар барои истифода ба аҳолӣ иҷора дода мешуд. Аз ин рӯ, шаҳрҳои ин давра бо замин алоқаманд буданд. Шаҳр ба маҳаллаҳои озодагон, савдогарон ва ҳунармандон тақсим мешуд. Шаҳр ва атрофи онро хушатр - сатрап идора мекард. Хушатр муҳофизати шаҳр ва гирдоварии андозро ба уҳда дошт. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо, Ардашер 9 шаҳр сохт ва яке аз онҳо бо номи Ардашерхур дар Порс ҷой гирифта буд [8, с. 69].

Шопури I баъди ғалаба бар императори Рум Валериан ғанимату асирони зиёдеро ба Порс оварда ва шаҳри Бишопурро сохтааст. Дар Хуросон, баъди ғалаба бар Ҳайтолиён шаҳри Нишопурро бино намуд. Шаҳр аз руйи нақшаи пешакӣ сохта шудааст. Мувофиқи тадқиқоти бостоншиносӣ, дар замони Сосониён ду намуди шаҳрҳо вуҷуд доштанд. Якум, шаҳрҳое, ки дар асоси анъанаи шаҳрсозии Портҳо бино ёфтаанд ва нақшаи мудаввар доштанд. Дигаре шаҳрҳое мебошанд, ки бо нақшаи чоркунча сохта шудаанд ва ин анъанаро аз румиҳо гирифтаанд. Масалан, Ардашерхура ва Доробгирд дар заминаи анъанаҳои миллӣ сохта шуда, нақшаи мудаввар доранд. Бишопур ва Нишопур нақшаи чоркунҷа доранд. Ардашерхура чор дарвоза дошт, ки ба сӯи шимол, ҷануб, шарқ ва ғарб кушода мешуданд. Дар маркази шаҳр манораи баланде буд, ки дар болои он оташ месӯхт. Арабҳо ин шаҳри зеборо ба харобазор табдил доданд. Устоҳо вобаста ба масолеҳи маҳаллӣ биноҳо сохтаанд. Дар ҷойҳое, ки санг бештар аст, аз санг, дар ҷойҳои бесанг аз хишти хом ва дар мавридҳои зарурӣ аз хишти пухта истифода менамуданд. Аз сабаби камии чуб дарҳои даромадро бо аркҳо ва пушиши баъзе биноҳоро ба шакли гунбаз сохтаанд ва барои пайвасти сангҳо маҳлули гачро истифода мебурданд [11, с. 228].

Шопури II якчанд шаҳр, аз ҷумла, Эран Хвара Шопур дар харобаҳои Шуш ва Фирӯз-Шопур 40 км дуртар аз шаҳри Байт-Зубда сохта шуда буданд [7, с. 203].

Яке аз машҳуртарин аркҳои он замон Тоқи Хусрав (Тоқи Кисро) мебошад, ки аз хишти пухта сохта шуда, чанбари тоқи нимдоираи он зиёда аз 25 метр мебошад. Сохтмони чунин арки боҳашамат дар он замон маҳорати бузурги меъморӣро талаб мекард, ки арки бузургтарин дар ҷаҳон буд.

Яке аз қасрҳои боҳашамату қадимтарин кохи Ардашер I мебошад, ки дар назди шаҳри Ардашерхура сохта шуда, дорои боғҳою гулгаштҳои хеле зебо будааст. Дар айёми ҷавонӣ дар ин ҷо қасре ҳам сохтааст, ки осори вайронаи вай то ҳол боқӣ мондааст. Бино соли 224 аз санг сохта шуда, бараш 56 ва дарозиаш 104 метр аст, ғафсии деворҳо дар баъзе ҷойҳо то 5 метр

мерасад. Яке аз шаҳрҳои зебо Истахр буд, ки бойтарин шаҳри шоҳони сосонӣ ба ҳисоб мерафт ва дар он маъбади бузургтарин фаъолият мекард. Дар Истахр маросими тоҷгузории шоҳон баргузор мегардид ва Сосониён дар он ҷо қасрҳои бошукӯҳ доштанд. Атрофи шаҳрро девори ҳимоявӣ бо тиркашҳо печонида буд. Шаҳри дигар Бишопур 1500 метр бар ва 900 метр дарозиву паҳноӣ дошт. Баландтарин нуқта дижи шаҳр ҳисобида мешуд. Шаҳр дар асоси нақшаи пешакӣ бино гардида, кӯчаҳояш рост буда, хонаҳо дар ду тарафи кӯчаҳо қомат афрохтаанд. Дар маркази шаҳр ду манораи 7- метра бо ҳайкали Шопури I сохта шудааст [13, с. 36].

Шаҳри Нишопур (дар Хуросон) нақшаи шоҳмотӣ дошт, ки ба 60 бахш тақсим мешуд. Маркази давлати Сосониён Тайсафун буд, ки он дар замони Ашкониён низ маркази давлат ба ҳисоб мерафт. Ардашер низ онро марказ эълон намуда, барои ободонияш кушишҳо ба харҷ медод [10, с. 465]. Дар атрофи Тайсафун маҳаллаҳои бузурге пайдо шудаанд, ки арабҳо онҳоро шаҳр меномиданд. Маркази қадими шаҳр 70 га заминро фаро мегирифт. Масоҳати умумии шаҳр хеле бузург ва кохи шоҳон аз биноҳои 3-4 қабата бо боғу роғҳо, бӯстонсаройҳо иборат буд. Шаҳр ҳангоми ҳуҷуми арабҳо хароб шуд ва танҳо баъзе маҳаллаҳои он то истилои муғул обод буд. Харобаҳои Тайсафун шаҳри бузургтарини дунё ҳисобида мешуд. Атрофи шаҳрро бо девори ҳимоявии дорои бурҷҳои зиёд ва тиркашҳои чандқабата мустаҳкам карда буданд. Дар Хуросон байни кӯҳҳои Албурзу дарёи Гургон (баҳри Каспӣ) дар масофаи 170 км девори ҳимоявӣ сохта буданд, ки кишварро аз бодиянишинон ҳимоя мекард ва яке аз иншоотҳои бузурги замон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳри Гунди Шопур ёдгории таърихии замони Сосониён аст. Ин шаҳр урдугоҳи бузурги низомӣ барои нигоҳ доштани тақрибан 1000 асир, бо супориши шоҳаншоҳ Шопури 1 (241-272 с.) дар вайронаҳои шаҳри Ҷанто Шопур (“Боғҳои зебо”) бунёд ёфт. Бунёди Гунди Шопур бо ёрии асирони румӣ хотима ёфт ва шаҳрро форсҳо “Ҷундишапур”, юнониён бошанд “Гунди Шапур” меномиданд [1, с. 170-172]. Тарҳи сохтмони Гунди Шопур аз рӯи нақшаи шаҳри Антиохия бо кӯчаҳо ва хиёбонҳои амудӣ монанди тахтаи шатранҷ ба ҳам пайваста, бузург ва зебо сохта шудааст. Дар муддати кӯтоҳ Гунди Шопур ривочу равнақ ёфта, ба маркази музофоти Хузистон табдил ёфтааст. Сайёҳи араб Ибни Ҳавқал Гунди Шопур-ро шаҳре фарознеъмат, бузург, дорои нахлистонҳо, киштзорҳо ва обҳои фаровон тасвир кардааст, ки баъдан ба қароргоҳи Яъқуби Лайс табдил ёфтааст [12, с. 584]. Гунди Шопур аз чанд ҷиҳат аҳамият дошт:

1.Аз сабаби мавқеи мусоиди таббии кишти найшакар дар атрофи он ривоҷ дошт.

2.Шаҳр маркази коркарди найшакар, коргоҳи бофандагӣ, бахусус порчаҳои абрешимӣ буд.

Мавҷудияти Академияи Гунди Шопур дар ин шаҳр аҳамияти калон дорад. Дар паҳлуи донишкадаи пизишкии Академияи Гунди Шопур бемористони бузург таъсис шуда буд, ки дар он зимни омӯзиши донишҷӯён беморонро низ табобат мекарданд. Авҷи ободонии шаҳри Гунди Шопур ба аҳди Анушервони Одил (531-579 с.) рост меояд, ки муассисаҳои илмию табобатии он эътибори бештар пайдо карданд. Ҳамчунин ҳакимон, донишмандон ва пизишкон аз Ҳинд дар Гунди Шопур сокин шуданд. Гунди Шопур аз тарафи лашкари саркардаи араб Зар ибни Абдуллоҳ муҳосира шуд, вале ӯ натавонист шаҳрро тасарруф кунад. Саранҷом ошкор гардид, ки як сокини маҳалии асирафтода дар миёни сипоҳиёни араб худсарона амонномае навишта, бо тире ба сӯи шаҳр афкандааст. Ин амонномаро аввал арабҳо қабул накарданд, вале баъдан онро пазируфтанд ва шаҳр бе хунрезӣ ба дасти онҳо гузашт. Шаҳр нобуд гардид, фаъолияти академия, мактаби тиббӣ, бемористон қатъ ёфт. Ғанимати ба даст омада, аз ҷумла, китобҳои нодир ба Бағдод, пойтахти хилофати Араб фиристода шуд. Як зумра олимон, аз ҷумла, пизишкони академияи Гунди Шопур низ ба Бағдод рафтанд.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз талафоти калоне, ки истилогарони араб ба шаҳри Гунди Шопур расонданд, шӯҳрати академияи Гунди Шопур, мактаби тибби бемористонҳои он дар тӯли қарнҳо боқӣ монд. Дар дарбори худ нигоҳ доштани пизишконе, ки ба мактаби Гунди Шопур мансуб буданд, обрӯю эътибор дониста мешуд. Бо таъсири мактаби тиббии академияи Гунди Шопур, ки осори тибби қадим на фақат омӯхта, балки ба илмҳои табии хеле наздик гардид, дорушиносӣ ба соҳаи мустақили илм табдил ёфт, як қатор марказҳои илмию тиббӣ, аз ҷумла академияи Насибӣ дар қисми ғарбии Форс, мактаби тиббӣ дар шаҳри Марв, академияи Бағдод ва Хоразм кушода шуданд [4, с. 65-66].

Давраи тараққиёти шаҳри Гунди Шопур 800-900 сол давом кард, вале тадриҷан дар асрҳои XI-XII ба харобазор табдил ёфтааст [4, с. 65-66]. Сабаби асосии таназзули шаҳр ва пароканда шудани Академияи Гунди Шопур ва баъдан тараққӣ кардани шаҳри Бағдод, боиси таъсис ёфтани маркази илмию таълимии "Байту-л-ҳикма" гардид.

Ҳамин тавр ба хулосае омадан лозим аст, ки фарҳанги шаҳрсозӣ ва меъморӣ дар аҳди Сосониён рӯ ба инкишоф оварда, дар ин самт боқимондаи намунаи шаҳрҳои бостонии он шаҳодат медиҳанд. Нақши шоҳони Сосонӣ дар баланд бардоштани маданияти шаҳрдорӣ назаррас буда, натиҷаи он дар таъсиси марказҳои бузурги илмӣ дар қаламрави давлати Сосониён ба ҳисоб меравад. Чунин раванд аз фарҳанги волои шаҳрдорию шаҳрсозии шоҳонӣ Сосонӣ дарак медиҳад.

Хулоса, то андозае тавассути адабиёти таърихӣ ба маданияти шаҳрсозӣ ва ҳунармандию меъмории замони Сосониён ошно гардида, хулосаи зарурӣ бароварда шуд. Дар маҷмӯъ фарҳанги шаҳрсозию меъмории Сосониён тамаддунеро офарид, ки айни замон нақши онро дар фарҳангсолории мутамаддини ҷаҳон муайян менамояд. Гарчанде, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамлаи душманон ба сарзамини онҳо бадбахтиҳои зиёде ба вуҷуд омада бошад ҳам, аммо намунаи муссавараҳои онҳоро, дар мисоли шаҳрҳои Сосониён натавонистанд аз байн баранд. Намунаи волои санъати меъморию шаҳрсозии Сомониён аз маданияти баланди шоҳони он шаҳодат медиҳанд, ки бештари он бо номи Шопури 1 алоқаманд мебошанд, ки ҳатто натиҷаи мағлубнопазири нерӯи хешро бо душманон дар катибаҳо дарҷ намудааст, маҳфуз мондааст.

Адабиёт:

1. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим.- Душанбе: ЭР-граф,2007.- 479 с.
2. Из истории культурных связей народов Средней Азии и Индии. Ташкент: Фан, 1986.-180 с.
3. История Таджикского народа. Том II. Эпоха формирования таджикского народа. - Душанбе, 1999.- 792с.
4. Исҳокӣ Ю.Б., Тоҷиев Я.Т. Таърихи мухтасари тибби тоҷик.- Душанбе:ДДТТ, 1993.-128 с.
5. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана. – Москва: Наука, 1968. – 242 с.
6. Орбели И. Сосанидское искусство / Восток журнал литературы, науки и искусство. Книга 4. М., Л.: Всемирная литература, 1924. – 156 с.
7. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 372 с.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. К. 3. – Душанбе, 2006. –228 с.
9. Таърихи Табарӣ. Ҷ.1. Теҳрон, 2001. – с.481-482.
10. Умарзода И. Таърихи тамаддуни ориён. – Душанбе, 2008. – 558 с.
11. Энсиклопедияи советии тоҷик. Қисми 1. – Душанбе, 1978. - 666 с.
12. Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2014. – 584 с.
13. Яъқубов Ю. Таърихи халқи тоҷик. Ибтидои асрҳои миёна. - Душанбе 2011. -223 с.

НАҚШИ ЗАБОНИ ПАҲЛАВӢ ДАР НИЗОМИ КОРГУЗОРИИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН

Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич *- доктори фалсафа (PhD), и.в. дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Мардуми тоҷик дар қатори намояндагони қавму миллатҳои дигари фарҳангофаре мисли ҳиндуҳо, юнониҳо, римиҳо ва чиниҳо барои инкишофи илму фарҳанги ҷаҳонӣ хизматҳои мондагоре анҷом додаанд, ки он дар ҳофизаи таърихи ҷаҳонӣ ба таври ҳамешагӣ нақш бастааст. Забон аз ҷумлаи рукнҳои муҳимми фарҳанг буда дар ҳифзи тамаддун нақши муҳим дорад. Чӣ хеле ки Пешвои миллат қайд намудаанд: "Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад" [8].

Барои огоҳии комил пайдо намудан оид ба низоми давлатдории Сосониён хостем бар мабнои осори таърихӣ ва забоншиносии тоҷикӣ нақши забони расмии ин давра (забони паҳлавӣ)-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем. Оид ба ин масъала дар асару мақолоти Б. Ғафуров, Д. Саймиддинов, Э. Раҳмон, А. Мирбобоев, М. Баҳор ибрози андеша гардидааст.

Фарҳанги ҷаҳоншумули тоҷикӣ дар масири таърих аз зовияҳои гуногун бо назару андешаҳои муттафовит таҳқиқ шудаву вобаста ба иртиботи мавзуӣ ва замонӣ ба давраву марҳилаҳо гурӯҳбандӣ шудааст. Забони миллии ин низ дпр баробари аносири дигари

фарҳангӣ омӯхташуда аз рӯйи хусусиятҳои инкишоф ба се давра, бостонӣ, миёна ва нав унвон тасниф шудааст. Давраи дуюми он ба замони ҳукмронии Сосониён марбут аст. Ҳарчанд давраи мазкур аз асрҳои IV-III пеш аз мелод оғоз ёфта то садаҳои VIII-IX мелодӣ идома кардааст, аммо танҳо аз давраи барқароршавии ҳокимияти сиёсии хонадони Сосониён (224 мелодӣ) сарчашмаҳои хаттии нисбатан комил маҳфуз мондаанд. Аз раванди амалкарди забони форсии миёна аён мегардад, ки "таърихи инкишофи забони форсии миёна ба ду давра – давраи ашкониҳо ва давраи сосониҳо, тақсим мешавад. Тағйироти куллӣ асосан ба давраи охири рушди ин забон рост меояд" [8, с. 68].

Ҳарчанд дар давраи ҳукумати Сосониён гуногунзабонӣ роиҷ буд, аммо забони форсии миёна аз забонҳои дигар афзалият дошт. Дар ҳудуди давлати Сосониён "забони форсии миёна дар алифбои оромиасоси паҳлавӣ забони расмӣ ва динии давлати Сосониён буд. Дар замони Сосониён ба ин забон осори фаровони диниву фалсафӣ, ҳуқуқӣ, таърихӣ ва адабӣ ба мерос гузошта шуд, аммо бар асари ҳаводиси таърих бештари он маҳв ва ё хароб гардид" [8, с. 66].

Пас метавон гуфт, ки марҳилаи гулгулшукуфии давраи миёна инкишофи забонҳои эрониасл, аз ҷумла, забони паҳлавӣ ба замони ҳукмронии сулолаи Сосониён рост меояд.

Дар омӯзиши масоили марбут ба таърихи забони тоҷикӣ оид ба истилоҳҳои форсии миёна ва паҳлавӣ андешаҳои мутафовит ҷой доранд. "Чун порсиг ё форсии миёна ҳамчун забони матрук аз истифода хориҷ шуд, истилоҳи порсӣ ва ё форсӣ нисбат ба ин забон дигар ба кор нарафта, балки барои осори Сосониён ва забони он истилоҳи паҳлавӣ муқаррар гардид" [8, с. 66].

Дар масири таърих замони ҳукмронии давлати Сосониён яке аз давраҳое ба ҳисоб меравад, ки "давраи нашву нумувви забони форсии миёна буда, маҳз дар ҳамин замон ин забон паҳлавии сосонӣ номида мешуд" [3, с. 199].

"Ҳамон тавре ки муҳаққиқони забон ва осори аҳди Сосониён тазаккур додаанд, забони ба истилоҳ форсии миёна идомаи бевоситаи шакли навиштории забони катибаҳои мехии даврони Ҳахоманишиён набуда, балки як шакли ташаккулёфтаи забони гуфтории аҳди ҳахоманишӣ мебошад" [8, с. 68].

Маҳз дар аҳди Сосониён имкониятҳои забони расмии давлатӣ васеъ гардида бо ин забон ёдгориҳое мисли "сангнавиштаҳои паҳлавӣ, навиштаҳои рӯйи сиккаҳо, муҳрҳо, сафолнавиштаҳо, пӯстнавиштаҳо, папирусҳо, осори паҳлавии китобӣ, Забури паҳлавӣ навишта шудаанд" [8, с. 67], ки минбаъд аз ҷумлаи далелҳои қавию эътимодбаше барои шинохт ва муаррифии мардуми фарҳангпарвари тоҷику форс дониста шуданд. Дар баробари ёдгориҳои мазкур инчунин бо забони ин давра тарҷумаи осори гузашта оғоз ёфта, имконоти луғавии забон вусъат пайдо мекунад. Муҳаққиқи таърихи забони тоҷикӣ Д. Саймиддинов бар он назар аст, ки "таркиби луғати забони форсии миёна ба ҳайси забони давлатӣ ва забони осори динӣ бо таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва раванди қонунҳои дохилӣ хеле ташаккул намудааст. Аз ин рӯ, дар аҳди Сосониён бори нахуст имкони тарҷумаи китоби Авесто аз забони матруки эронии бостон ба форсии миёна фароҳам омад" [6, с. 6].

Ба андешаи забоншинос А. Мирбобоев "дар давраи ҳокимияти сулолаи Сосониён (224-651) ин забон (забони форсии миёна) ба забони расмии давлатӣ ва ойини зардуштӣ табдил меёбад" [5, с. 175]. Бояд қайд намуд, ки то ҳол оид ба номи расмии забони сулолаи Сосониён назару андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Баъзе муҳаққиқон истилоҳи "паҳлавӣ"-ю "форсии миёна"-ро муродиф медонанд, аммо гурӯҳе бар он назаранд, ки "паҳлавӣ" ва "форсии миёна" ду забони алоҳидаи давраи миёна мебошанд [5, с. 175].

Дар қаламрави давлати Сосониён "тамоми навиштаҳои расмӣ, номаҳои аввалину беҳтарин ба забони паҳлавӣ офарида мешуд. ... Ва ин раванд баъди аз саҳна рафтани сосониҳо низ идома ёфт. Забони паҳлавӣ мақоми давлатӣ дошт ва ин забонро ҳамагон меомӯхтанд. Чунончи, таърихнигори асри V-и арман, Мавес Хоренатси дар дабиристони Вагаршапад дар қатори забонҳои юнонӣ, суриёнӣ забони паҳлавиро низ омӯхта будааст" [7, 95].

Маликушшуаро Баҳор ба он назар аст, ки "забони паҳлавӣ забонест, ки даврае аз татаввурро паймуда ва бо забони форсии дарин ва авастоӣ тафовутҳое дорад, хосса осоре, ки

аз замони Сосониён ва авоили ислом дар даст аст, ба забони дарӣ ва форсии баъд аз ислом наздиктар аст” [4, с. 43].

Қобили зикр аст, ки забони паҳлавӣ дар баробари забони коргузориву муошрати қаламрави Сосониён будан, ҳамчунин дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва равобити сиёсии салтанати Сосонӣ таъсири муҳим дошт, зеро тавассути забони мазкур анвои гуногуни осори хаттӣ (катибаҳо, осори паҳлавии динӣ, андарзномаҳо, фарҳангномаҳо) [6] эҷод гардидааст. Ҳарчанд “забони паҳлавӣ аз аҳди Ашкониён забони илмӣ ва адабии Эрон буд ва юнонмаобии Ашкониён ба қавли муҳаққиқон суварӣ (зоҳирӣ, сатҳӣ) ва бисёр сатҳӣ будааст ва аз ин рӯ дида мешавад, ки аз авоили қарни аввали мелодӣ ба баъд ин равия тағйир карда, сиккаҳо ва катибаҳо ва кутуби илмӣ ва адабӣ ба ин забон навишта шудааст” [4, с. 43].

Адабиёт:

1. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва миёна. Китоби якум. (Муҳаррири масъул аъзо-корр. АФ Тоҷикистон А. Мухторов). – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.
2. Ғафуров Б., Прохров Н. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан. (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон). – Душанбе: Адиб, 2012. – 256 с.
3. Донишномаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: “Сарредаксияи илмии Энсклопедияи Миллии Тоҷик”, 2022. – 680с.
4. Маликушшуаро Б. Сабкшиносӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
5. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2015. – 342 с.
6. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
7. Шарофзода Р. Таърихи номаҳои Ачам. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 216 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе: “Эр-граф”, 2016. – 516 с.

ГӮРОНИДАНИ АСП ДАР УРФИЯТИ САКОИҲОИ ПОМИР

Шоинбеков Ф.Н. *– н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Сакоиҳо қабилаҳои машҳури ориёӣ буда, дар таърих ва тамаддуни ҷаҳонӣ нақши боризро гузоштаанд. Сакоиҳо аз худ осори зиёди модиро ба мерос гузоштаанд, ки он то ҳол аз ҷониби пажӯҳишгарон мавриди таҳқиқ қарор дорад. Осори модӣ аз ҷумла гӯрхонаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки сакоиҳо расму оинҳои хосро иҷро менамуданд, ки баъзе аз онҳо то ҳол дар таърих ва фарҳанги тоҷикон бетағйир боқӣ мондааст.

Яке аз маросимҳое, ки дар урфияти ақвоми ориёӣ зиёд мушоҳида мешавад ин бузргодошти асп ва бо одати махсус гӯронидани он мебошад. Дар Помири Шарқӣ дар гӯристони сакоиҳо бо номи Шаймак ҷасади асп бо абзор ва ашёи гуногун аз ҷониби Б.А.Литвинский пайдо ва таҳқиқ гардидааст. Ин маросим муносибати махсуси сакоиҳоро ба асп таҷассум менамояд.

Урфияти гӯронидани асп бо абзор ва ашё дар бештари ақвоми ориёӣ аз ҷумла кимериҳо, скифҳо, сарматҳо, масагетҳо, сакоиҳо ва ғайраҳо низ зиёд дида мешавад. Масалан: «кимериҳо одамони аспбоз буданд ва ҳамроҳ бо онҳо афзори асп, тиру камон ва зинатвориҳо мегӯрониданд. Инчунин бо давлатмандон аспҳояшонро бо тамоми афзор гӯр мекарданд». Чунин таомул дар скифҳо низ роиҷ будаст. Бостоншиносон дар истгоҳи Кострома қабреро ҳафриёт намуданд, ки он ба монанди хайма аз ғӯлачӯбҳо сохта шуда буд. Маълум гардид, ки дар атрофи он 22 аспро бо зину абзорашон гӯронидаанд. Дар қабрҳои сарматҳо низ гузоштани лаҷом ва дигар афзори асп хеле маъмул буда, дар қабрҳои сарлашкарон боқимондаҳои ҷасади аспҳо ва ғуломон пайдо шудаанд. Илова бар ин, бостоншиносон зимни ҳафриёти қабри давлатмандони асрҳои V-III то м. дар ноҳияи Пазирик ҷасади 10 аспро бо афзорашон пайдо карданд. Мувофиқи ақидаи бостоншиносон, аспҳо ба шахсони фавтида ҳамчун туҳфа оварда шудаанд, зеро зин, лаҷом ва дигар афзори онҳо хеле қиматбаҳо буд [3, 163-165]. Ба ақидаи академик Ю.Яқубов, ром кардани асп ва ихтирои зин ба сакоиҳо мансуб буда, юноиён ва дигар халқҳо чанд аср баъд аз мавҷудияти зин огоҳӣ ёфтанд. Маҳорати афзорсозии ҳунармандони сакоӣ аз санъати баланд ва меҳру муҳаббати онҳо нисбат ба асп гувоҳӣ медиҳад.

Б.А.Литвинский дар асоси сарчашмаҳои юнону румӣ, аз ҷумла «Апокалипсис» ишора менамояд, ки гузаштагони ин қавмҳо дар ҷаҳоншиносии устуравии хеш маргро савори асп

тасавввур мекарданд. Харос -Худои марги юнониҳо ҳам савор бар аспи сиёҳ барои гирифтани ҷони одамон меояд. Инчунин, Б.А.Литвинский парастиш ва гӯронидани аспро дар таомулҳои халқу қабилаҳои Шарқ, монанди ҳиндуҳо, эрониҳо ва ғайраҳо ёдоварӣ менамояд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки аспро ақвоми ориёитабор аз ҷумла сакоиҳо ҳамчун як офариниши муқаддас ҳисоб намуда, баъди мурдан низ онро бо одату маросимҳои хос мегӯрониданд. Асп дар ҳаёти қабоили кӯчӣ, ки ҳаёти хешро дар дашту биёбонҳо аз паси чорво мегузарониданд, нақши бориз дошта, ҳамеша ҳамсафару ҳамдами ин ақвом ба шумор мерафт [5, 143].

То даврaҳои начандон дур, аниқтараш то ибтидои асри XX, дар байни мардуми Помир таомули «sarded»– (забҳи чорво) дар рӯзи дафн маъмул буд. Мувофиқи ин урфият дар Шуғнон пеш-пеши ҷасад асп, барзагов ва ё шутури ӯро то назди гӯр бурда, думи ӯро бурида, ҳамроҳи мурда мегӯрониданд. Сипас, онҳоро «*zori*», «*patfar*» ва «*oshdod*», яъне баду бехосият пиндошта, дигар ба хона намеовардаанд [8, 81]. Мардуми Рӯшон аспи шахси мурдаро раҳо намуда, барзагови ӯро қурбонӣ мекарданд [8, 81]. А.К.Писарчик роҷеъ ба ин одат навиштаст, ки дар Шуғнон аспро пеш-пеши мурда то гӯристон бурда, баъди дафни соҳибаш онро ба ягон бенаво медоданд [4, 292]. Дар Бартанг бошад дар моҳи аввали сафар буз, гӯсфанд ва ё хурӯсеро ба гӯристон бурда, баъд онро озод мекарданд ва дигар ба хона намеовардаанд.

Расму одатҳои зикргардида гувоҳӣ медиҳанд, ки дар қадим ақвоми ориёӣ аз ҷумла сакоиҳо аз гӯшти асп, барзагов, буз, гӯсфанд, хурӯс ва дигар намудҳои чорво хурок пухта, дар зарфҳо ҳамроҳи ҷасад дар гӯр мегузоштанд. Баъдтар дигар хӯрокро дар гӯр намегузоштанд аммо маросимҳои забҳи чорво ва гузаронидани маросимҳои гуногуни азодорӣ то ҳол идома доранд. Аз ҷумла дар Помир чорворо забҳ намуда маросимҳои азодорӣ: «оши худоӣ», «чароғравшан», «насиба» «сол» ва ғайраҳо гузаронида мешуданд. Ба ақидаи мардумшинос А.А.Шоинбеков, гузаронидани сол, ки дар байни бадахшониҳо бо номҳои «zori», «patfar» ва «oshdod», «maraka» маъруф аст, маҳз аз одатҳои таърихии дар боло қайдгардида сарчашма мегирад [8, 81].

Натиҷаи таҳқиқот собит менамояд, ки скифу сакоиҳо дар бештар мавридҳо аспро ба хотири бузургдошти офтоб қурбонӣ мекарданд. Ҳеродот дар бораи масагетҳо навишта, қайд намудааст, ки онҳо барои бузургдошти офтоб аспро қурбонӣ мекарданд [6, 150]. Онҳо офтобро Худои тездави осмонӣ тасаввур намуда, барояшон ҷонвари бодпои заминӣ аспро қурбонӣ мекарданд. Дар оини ҳиндуияи қадим Ҷам, Яма, Има номи худои Офтоб буда, лақаби «хшатра» – соҳиби тоҷи нурпош, фурӯзон, офтоби фурӯғоварро гирифтааст. Аз ин рӯ, шоҳони ориёӣ аҷдод ва шаҷараи худро ба Худои офтоб–Хуршед мепайвастанд. Тибқи гуфтаи Ҳеродот, Худои бузурги сакоиҳову массагетҳо Офтоб – Митро буд ва ба ифтихори ӯ аспи зиёд қурбонӣ мекарданд, зеро асп рамзи офтоб дониста мешуд [9, 12-13]**.** Парастиши офтоб ва ба офтоб алоқаманд будани ҳаёти қабилаҳои скифу сакоиҳо, масагетҳо ва сарматҳо дар бисёр адабиёт исботи худро пайдо намудааст. Аз ҷумла қӯрғонҳои салибшакли сакоиҳои канори Сирдарёро Ю.А.Рапопорт дар таҳқиқоти худ ба офтоб алоқаманд намудааст [6, 150].

Олимони машҳур Г. Виндерген, ки ба таҳқиқи динҳои қадими ақвоми ориёӣ машғул буд, ба хулоса омадаст, ки ориёиҳо аспро бештар барои бузургодошти офтоб қурбонӣ мекарданд [11, 127-130]. Ба ақидаи Б.А.Литвинский урфияти гӯронидани асп дар гӯристони Шаймак низ ба меҳрпарастӣ, яъне офтобпарастӣ (оини митроӣ) алоқамандӣ дорад [6, 152]. А.Ҷ.Бобоев қайд менамояд, ки сакоиҳои Помир ба хотири бузургдошти офтоб на танҳо қурбонӣ мекарданд, балки қӯрғонҳои худро низ дар шакли мудаввар, яъне офтобшакл месохтанд [2, 80]. Бузургдошти офтоб аз ҷониби сакоиҳо дар сангнигораҳо низ инъикос ёфтааст. Сакоиҳо дар сангнигораҳо расмҳои дучархасаворон – худоёни офтобсар ва сайёдон тоҷбарсарро тасвир намудаанд. Чунин сангнигораҳо дар Саймалитоши Ҳафтрӯд (Қирғизистон), Тамағлӣ (Қазоқистон) ва Помир мавҷуданд. Тасвирҳо ба даврaҳои гуногуни нисбат доранд. Қисми қадимтаринашон ба асри биринҷ, оҳан ва ба замони сакоиҳо – асрҳои VI ва IV то м. ва боқимонда ба қарни аввали милодӣ тааллуқ доранд. Ба ақидаи Ю.Яқубов, расмҳои офтобсар, бешубҳа образҳои Худои сакоиёни ориёӣ Митро (Меҳр), (Офтоб) ё Шоҳ Ҷамшед мебошанд [9, 13].

Албатта, нишонаҳои офтобпарастӣ то имрӯз ҳам дар расму оинҳои мардуми Помир ба назар мерасанд. Натиҷаи баррасии решашинохтии вожаи офтоб, ки дар асарҳои олимон, аз ҷумла Б.А.Литвинский низ дарҷ гардидааст, нишон медиҳад, ки дар забонҳои хутаниву сакоӣ «офтоб»-ро urmayzde меноманд. Офтоб дар забонҳои имрӯзаи помирӣ, монанди ишкошимӣ – remuzd, remuz; сангличӣ – ormozd; идғаӣ ва мунҷӣ –ormozd ном бурда мешавад [7, 153].

Мувофиқи маълумоти сайёҳони хориҷӣ аксари тоҷикони бадахшонӣ (помириҳо) худро «писарони офтоб» гуфта, то баромади офтоб аз хоб мехестанд. Онҳо худро аз авлоди Ҷам мешуморанд. Ба ақидаи академик Ю.Яқубов, бархе аз бадахшониён дар гузаштаи начандон дур офтобпараст буданд ва аз ҳамин лиҳоз худро фарзандони офтоб меноманд [9, 14-15].

Бояд қайд намуд, ки ба номи офтоб савганд хӯрдан яке аз маъмултарин ибораи мардуми Помир мебошад. Дар Помир то имрӯз ҳам ба номи офтоб савганд ёд мекунанд, аз ҷумла, дар бар байни шуғониҳо таъбирҳои «Xir mu tfevd», яъне «офтоб маро сӯзонад» ё «mu ріц рі хіг»– «рӯям ба тарафи офтоб» ва ғайраҳо боқӣ мондаанд. М.С.Андреев навиштааст, ки вахониҳо ва ишкошимиҳо офтобро «бузургу муқаддас» меҳисобанд ва ба номи он қасам ёд мекунанд. Аз ҷумла ишкошимиҳо «сарі ремузд» ва вахониҳо «сарі ір» мегӯянд. Ин қасам бисёр «бузург» мебошад ва танҳо дар вақтҳои зарурӣ он ёд мешавад. Касе, ки қасамро шиканад, ӯ гӯё дар «гармии офтоб месӯзад» [1, 35].

Ҳамин тавр, маҳз дар забонҳои сакоиву хутанӣ офтоб Аҳуромаздо ном бурда мешуд, ки дар баъзе забонҳои помирӣ то имрӯз боқӣ мондааст. То пайдоиши оинии зардуштия дар байни ориёиҳо, алакай парастиши Худо (Аҳуро) ва тамоюли ба ҳам муттаҳид гардидани эътиқоди онҳо ба якахудоӣ ба Худои болоӣ (осмонӣ) – «доно, оқил, донишманд», яъне «Маздо» ба вуҷуд омада буд. Ба ақидаи як қатор муаррихон Аҳуромаздо ҳамчун Худо на дар асоси таълимоти зардуштӣ, балки пеш аз он вуҷуд дошт [6, 152; 11, 47]. Дар таълимоти авестоӣ метавон робитаи Аҳуромаздо ва офтоб ё рӯшноиро мушоҳида намуд. Аз ҷумла, дар «Ясно» чандин маротиба дар бораи сифати Аҳуромаздо сухан рафта, ба офтоб ташбеҳ гардида ва гӯё «аз рушноӣ офарида» шудаст. Баъдтар офтобро дар «Ясно» «чашм»-и Аҳуромаздо меноманд. Умуман, офтоб на танҳо ба Ҷам, Меҳр (Митро) ва Ормузд нисбат пайдо кардааст, ҳамчунин, бисёр эзадҳои авестоӣ низ ба офтобу оташ алоқамандӣ доранд [9, 15].

Дар такя ба гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки бештари гӯрҳои ба асп тааллуқдоштаи Помири Шарқӣ ба маросими қурбонӣ ба бузургдошти офтоб алоқамандӣ доранд.

Адабиёт:

1. Андреев М.С., Половцов, А.А. Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии: Ишкашим и Вахан [Текст] / М.С. Андреев, А.А. Половцов. – СПб, 1911. – С.35.
2. Бабаев А.Д. Древние земледельцы «Крыши мира» [Текст] / А.Д. Бабаев. – Худжанд: Ношир, 2006. – С.80.
3. Витт В.О. Лошади Пазырыкских курганов [Текст] / В.О. Витт // Советская археология. – М., 1952. – №16. – С.163-205.
4. Каландаров Т.С. Шугнанцы [Текст]: историко-этнографическое исследование / Т.С.Каландаров. – М., 2004. – С.292.; Писарчик, А. К. К вопросу о припамирско-кавказских параллелях / А.К. Писарчик [Текст] // Памяти Александра Александровича Семенова. – Душанбе, 1980. – С.263-264.
5. Кубарев В.Д. Конь и всадник: в эпосе, погребальной традиции и в наскальном искусстве Алтая [Текст] / В.Д. Кубарев // Древние и средневековые кочевники Центральной Азии: сборник научных трудов / отв. ред. А.А. Тишкин. – Барнаул: Азбука, 2008. – С.143.
6. Литвинский Б.А. Древние кочевники «Крыши Мира» [Текст] / Б.А. Литвинский. – М.: Наука, 1972. – С.150.
7. Лившиц В.А. Иранские языки народов Средней Азии. – Народы Средней Азии и Казахстана [Текст] / В.А. Лившиц. – М., 1962. – С.153.
8. Шоинбеков А.А. Традиционная погребально-поминальная обрядность исмаилитов Западного Памира (конец XIX-начало XXI вв.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук: 07.00.07 / Шоинбеков Аловиддин Абдуллобекович. – СПб., 2007. – С.81.
9. Якубов Ю. Таърихи пайдоиши этноним ва забони тоҷик [Матн] / Ю. Яқубов. – Душанбе, 2018. – С.12-13.
10. Gershevitch I. TheAvestanHymntoMithra [Text] / I. Gershevitch. – Cambridge: UniversityofCambridgeOrientalPablications, 1959. – №4. – P.47-58.
11. Widengren G. Die Religionen Iran [Text] / G. Widengren. – Stuttgard, 1965. – P.127-130.

АННОТАЦИЯ

В статье рассматривается традиция конных захоронение у саков Памира. В результате археологических раскопок на Шаймакском могильнике Б.А. Литвинский нашли могилу, принадлежавшую лошади. Согласно исследованиям ученых, традиция конных захоронений совершался с целью прославить солнце. Традиция конных захоронений и жертвоприношение в честь солнца сохранилась на Памире до недавнего времени.

ANNOTATION

The article examines the tradition of horse burial among the Sakas of the Pamirs. As a result of archaeological excavations at the Shaimak burial ground, B.A. Litvinsky found a grave that belonged to a horse. According to scientific research, the tradition of horse burials was carried out with the aim of glorifying the sun. The tradition of horse burials and sacrifices in honor of the sun survived in the Pamirs until recently.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шоинбеков Фируз Нағзибекович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 501149991; E-mail: **Shoinbek85@mail.ru**

Сведения об авторе: Шоинбеков Фируз Нагзибекович - Таджикский национальный университет, к.и.н., старший преподаватель кафедры древней, средневековой истории и археологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 501149991; E-mail: **Shoinbek85@mail.ru**

About the author: Shoinbekov Firuz Naghzibekovich - Tajik National University, Senior lecturer at the Department of ancient, medieval history and archeology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 501149991; E-mail: Shoinbek85@mail.ru

НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Маҳмудов Давлатшоҳ *– муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Мақом ва манзалати зан – модар, ҳанӯз аз оғози таърих дар фарҳанги тоҷикон мартабаи шоистаеро соҳиб буд. Аммо, бо ҳуҷуми араб ва ҷорӣ шудани дини ислом мутаассифона, нисбати зан ва мақому ҳуқуқҳои он аз тарафи рӯҳониёни гумроҳ ва идеолоияи ҳукмрони хилофати Умавиҳою Аббосиҳо, ки он аслан аз ҳамон фаҳмиши арабҳои ҷоҳил сарчашма мегирифт, маҳдудиятҳои зиёд ҷорӣ гардид. Ин фаҳмиш пасон дар давраҳои ҳукмронии сулолаҳои хурофотии турктабори асримиёнагӣ то ибтидои асри XX идома ёфт. Мутаассифона, баъзе чунин андешаҳои муғризона ҳанӯз ҳам дар байни қишре аз ҷомеаи мо, ба назар мерасад.

Ҳукмронони замон зери таъсири иддае аз рӯҳониёни ҷоҳил давоми муддати зикршуда, занро ҳамчун манбаи айшу ишрат қарор доданду нақши ӯро дар ҷамъият маҳдуд намуданд. Ҳамин тавр, зан ҳамчун як нафар инсон аз бисёр озодиҳои хеш маҳрум шуда, дар оила мутеъ шуда монд ва дар муносибатҳои ҷамъиятӣ натавонист ба таври зарурӣ ҷойгоҳи худро пайдо кунад. Ҳатто, шоирони классики тоҷику форс қариб, ки дар васфи зан – модар ба ҷуз чанд марсия (ба монандӣ Масъуди Саъди Салмон, Амъақи Бухоройӣ, Низоми Ганҷавӣ, Ҳоқонии Шервонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва чанде дигарон) ҳеҷ шеъре эҷод накарданд.

Дар аксар маврид, зан вазифааш дар хона нишастан ва чун ғулом ба кори хона банд шудан ва ҳамон тавре, ки зикр намудем ба манбаи ишрат қарор гирифтан буду халос. Дар ин маврид яке аз олимони асримиёнагӣ Ҳаким Тирмизӣ чунин менависад: «Салоҳи кӯдак дар рафтан ба мактаб, ҷавон дар касби илм, пирамард дар пойбандӣ ба масҷид ва зан дар хонашинӣ аст». [23, 791 - 792]

Бо вуҷуди чунин маҳдудиятҳо дар фарҳанги хонаводагии тоҷикон махсусан, тоҷикони куҳистон зан-модар азизу муҳтарам буд. Чаро? Зеро, ки манотиқи куҳистони тоҷик мантиқан ҳеҷ гоҳ зери султаи ҳукуматҳои арабию туркӣ ва муғулӣ набудааст. Ҳамин буд, ки чун гузаштагони тоисломӣ эҳтироми зан – модар ба гунае дар мо пойбарҷо монд. Гузашта аз ин, нарму мулоим будан ба зан-модар таърихан дар вуҷуду сиришти таърихии ниёгони мо нуҳуфта аст. Тавре ховаршиноси рус Михаил Андреев қайд менамояд: «тоҷикон бо занон нарммуомилаанд...». [7, 58] Махсусан, дар манотиқи кӯҳистони тоҷикнишин занон назар ба занони шаҳрҳою водиҳо хело озодтар буданду дар зиндагӣ баробари мардон нақш мегузоштанд. Чи тавре, ки М. Андреев менависад: «Дар ҷомеаи тоҷикони кӯҳистонӣ зан ёвари ҷиддии шавҳар аст. Ҳама корҳои рӯзгор ба дӯши ӯст ва ғайр аз ин дар корҳои саҳро ширкат меварзад: дар баъзе маҳалҳои кӯҳӣ занон дар баробари мардон ғалла медараванд, хирман мекӯбанд (ба тарзи муқаррарии осиёимиёнагӣ: ҳайвонотро ба рӯи дарзаҳои хирман ронда) ва баъзе корҳои дигарро низ ба субут мерасонанд». [7, 57]

Воқеан, гузаштагони хело дури мо, бо назардошти офаранда будани зан, ӯро ҳамрадифу ҳампояи замин медонистанд. Ба андешаи донишманди тоҷик Зафари Мирзоён аз миёни ориётаборон тоҷикон яке аз қадимтарин мардуме ҳастанд, ки ниёгонашон заминро модар меномиданд.[13] Дар яке аз қадимтарин ва муътамадтарин сарчашмаи таърихии миллати тоҷик китоби муқаддаси “Авесто” зан ҳамчун офаранда ва манбаи меҳр дар радифи замин дар якҷо оварда шудааст. Тавре аз ин китоб мехонем: «Инак заминро меситоем; замине, ки моро дар бар гирифтааст.

Эй Аҳура Маздо!

Занонро меситоем. Занонеро, ки аз они ту ба шумор оянд ва аз беҳтарин Аша бархурдоранд, меситоем». [4, 123] Аз рӯи тадқиқи академик Ю. Яъқубов худи вожаи зан аз калимаи замин реша мегирад ва ба монанди замин боровар мебошад. Аз ин лиҳоз дар китоби "Авесто" фариштаи Исфандормуз ҳомии дӯшизаҳо, занону бонувон низ дониста мешавад. [36] Аз ин ҷост, ки заминро ниёгони мо модари дуюм меҳисобиданд. Ибораи шиоргунаи бештари халққои имрӯзаи ҷаҳон: «Модар – Ватан!» аз ҳамин фарҳанги зебои ориёӣ сарчашма мегирад. Зан – модар ҳамзамон дар ниёгони мо олиҳаи покӣ ва обҳои равон, дониста мешуд.

Дар асари «Ригведа»-и ҳиндуҳо ҳам замин чун модар ва осмон падар арзёбӣ мегардид. Аз рӯи навиштаи академик Бобоҷон Ғафуров ин фаҳмиш дар оини ниёгони мо низ таъсири худро гузошта буд. Ҳамон тавре, ки муаррих аз забони М. Андреев меорад: «... асотири Падар –Осмон ва Модар – Замин, «ду волидаи бузург»-и «Ригведа» то ҳол дар тасаввуроти тоҷикон боқӣ мондааст. Аз ҷумла, дар Язғулом осмонро ҳоло ҳам дед – падар, заминро нан– модар меноманд. Ба фаслҳои мардона ва занона ҷудо кардани сол низ бо ҳамин алоқаманд аст. Фаслҳои солро низ бо ҳамин тасаввурот тақсим намудаанд. Чунончи, тирамоҳу зимистонро, ки айёми боришот ва борваршавии замин аст, фаслҳои мардона ва баҳору тобистонро, ки дар ин айём табиат бор меорад, фаслҳои занона донистаанд». [9, 42] Имрӯз ҳам, дар забоҳои шуғнӣ, вахонӣ, рӯшонӣ (модаркалон) ва яғнобӣ истилоҳи нан ба маънии модар истифода мешавад.

Ҳамзамон, гузуштагони дури мо ҷашнҳое ҳам ба хотири бузургдошти зан ихтисос додаю ба мерос гузоштаанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ мехонем, ки ҷашне бо номи Спандармадрӯз (рӯзи панҷум)-и моҳи Спандармад (Исфанд) миёни ориёиҳо таҷлил мешудааст. Аҷиб аст, ки он то оғози аҳди ислом дар Эрону Хуросон будааст. Тавре донишманди асримиёнагии тоҷик Абурайҳони Берунӣ менависад: «Ва ҳанӯз ин расм дар Исфаҳону Рай ва дигар кишварҳои Паҳла боқӣ мондааст». [3, 252] Ба навиштаи муҳаққиқи эронӣ Моҳрух Ҳасанзодагони Рӯдсарӣ ин ҷашн то ҳанӯз дар баъзе аз қисматҳои Эрон пойбарҷост. Ҳар сол дар ин ҷашн занон либосу кафши нав ба бар мекунанд, занони покдоману парҳезгор амалашон ба ҷомеа чун намунаи ибрат ташвиқ мешавад. Занон дар ин рӯз аз корҳои хеш фориғ мешаванд ва мардон ба ҷои онҳо дар хона кор мекунанд. [20]

Бинобар маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ ин ҷашн вижаи занон будааст ва дар он аз шавҳарони хеш ҳадя дарёфт мекардаанд ва аз ин рӯ онро ҷашни «Муждагирон» (Муздгирон) низ мехондаанд. [3, 252] Бояд қайд намуд, ки Спандармад ё Исфанд номи моҳи дувоздаҳуми солшумории ҳиҷрии шамсӣ (мутобиқи ҳут) аст, ки ба 21 феврал-21 март рост меояд. Дар гузашта ба ифтихори ин ҷашн моҳи Спандармад (ё Исфандормузмоҳ) моҳи идона, махсуси занон дониста мешудааст. [2, 252]

Анъанаи таҷлили он то ҳуҷуми араб шукӯҳ доштааст. Ба хусус дар аҳди Сосониён ҷашни хонаводагии ҳама ориёитаборон буд. Мисли дигар ҷашнҳои бостонии мо ҷашни занон дастурхони худро дошт. Шоири тоҷик Масъуди Саъди Салмон бо шодмони аз ин ҷашн чунин ёд кардааст:

Сипандормуз рӯз хез, эй нигор,
Сипанд ор морову май ор. [15]

Дар ин рӯз, оши махсусе мепухтанд, ки ба таври рамзи номи «Оши оштӣ»-ро дошт. [12] Ба ин далел, ки дар ин рӯз ҳарки ба ҳам носозгор буд оини оштишавиро ба ҷо меоварду аз саодат пайғом медод. Ибораи маъмули «Оши оштӣ»-и тоҷикон баргирифта аз ҳамин оини қадимаи аҷдодӣ мебошад.

Андешаҳое, ки вобаста ба ҷойгоҳи зан дар таърихи тоисломии тоҷикон дар баъзе аз сарчашмаҳои асримиёнагии исломӣ касиф арзёбӣ шудааст, аслан асоси воқеӣ надорад. Бо кадом далел? Бештари ин гуна фаҳмишҳо дар зери таъсири идеологияи хурофотии замон шакл гирифта, баъдан дар миёни ҷомеа доман паҳн намуданд, ки то имрӯз баъзан аз забони аксар рӯҳониён шунида мешавад.

Яке аз ҳамин гуна назари туҳматангез ин гӯё ҷой доштани никоҳи маҳорим (маҳрам) дар ойини зардуштӣ будааст. Дар сарчашмаҳои муътамади тоисломӣ ориёиҳо чунин назарҳоро

умуман вохӯрдан имкон надорад. Дар «Авесто» ситоиши занро зиёд мушоҳида намудан мумкин аст, ки ишораи дар боло овардашуда яке аз далелҳои раднопазири он аст.

Донишманди асримиёнагии тоҷик Абурайҳон Берунӣ вобаста ба ҳамин гуна назарҳои дурӯғин таваҷҷуҳ намуда, дар асари худ «Осор – ул - боқия» менаваисад, ки аз рӯи хабари Марзбон ибни Рустам Зардушт ин амалро ҷорӣ накардааст. [3, 220]

Инчунин, дар китоби «Таърихи Систон» муаллиф аз нармхӯй ва садоқатмандии халққои ориёитабори аҳди қадим нақл карда, вобаста ба масъалаи мавриди назари мо чунин мегӯяд: «Духтару хоҳару модарро ба занӣ накардандӣ». [29, 37] Яке аз дигар осоре, ки мақоми занони ориёиро дар аҳди қадим хело шоиста инъикос кардааст ин «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ мебошад. Дар асари мазкур симои чандин занон чун мазҳари покию муҳаббат, сарбозу сарлашкар, модари мушфиқу меҳрубон, донишвару фариштасурат тавсиф шудааст.

Гузашта аз ин, дар асоси бозёфтҳои зиёде, ки аз ёдгориҳои қадимаи таърихӣ аз ҷониби бостоншиносон пайдо гардидааст баръало маълум мешавад, ки занони тоисломии мо аз манзалату мақоми баланд бархурдор будаанд. Яке аз ин гуна ёдгориҳо ин Саразми бостонӣ мебошад. пайдо шудани гӯри «Маликаи Саразм» [14, 73] гувоҳи ин гуфтаҳост.

Дар давраи мавҷудияти давлати Сосониён (224 – 651) нақшу мақоми зан баланд буд. Ин агар аз як тараф чун одати ниёгонашон бошад аз тарафи дигар таълимоти инсонсозӣ зардуштия инро барои ҷомеаи Сосониён талқин менамуд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳанӯз аз аҳди Ардашери Бобакон (224 – 241) дини зардушти ба сифати дини давлатӣ пазируфта шуд ва тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси қонун ва қоидаҳои зардуштия танзим мешуд. Таълимоти зардуштия дар ҷаҳон аввалин таълимоте ба шумор меравад, ки ахлоқи инсониро ба сатҳи олӣ бардошт.

Албатта, дар ҳама ҷомеаҳо каму костагиҳо ҳастанд, зеро худи инсон маҷмӯаи бешу камист. Аммо дар умум, тибқи шариати маздаясно, афкори ҷамъиятӣ ва сиёсати давлатӣ нисбат ба мавқеи зан нигоҳи манфӣ вуҷуд надошт.

Дар ин замон занони шуҷоъу хирадманд хело зиёд буданд, ки ҳам дар идораи давлат, ҳам дар кори таълиму тарбия ва ҳам дар майдони набардҳо корнамоиҳо намудаанд.

Дудмони Сосониён зери роҳбарии Ардашер дар соли 223 – 224 қудратро аз дасти охирин намояндаи сулолаи Ашкониён – Ардавон (Артабони V) гирифтанд. Дар замони ҳукмронии Ардавон дар дарбори ӯ канизе бо исми Гулнор иқомат мекард, ки дар иффату покӣ ва зебогӣ назир надошт. Аз рӯи маълумоти «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ Ардашер бо дидани ӯ ба вай сахт дил мебандад ва ҳарду паймон баста ба ҳам меоянд. [11, 386 – 390] Гулнор дар ишқе, ки ба Ардашер дошт содиқ монд. Бо ишора ба исми Гулнор мехоҳам таъкид намоям, ки вай дар саргаҳи давлатдории Сосониён чун рамзи самимият ва муҳаббат баромад намуд.

Яке аз нахустин заноне, ки зимоми давлатдориро ба даст дошт ин модари Шопури II мебошад. Исми ин зан ба таври эҳтимолӣ дар манбаъҳои интернетӣ Ифра номида шудааст. Сабаби ҳокимиятро ба даст гирифтанаш чунин буд: Соли 309 шоҳи Сосониён Ҳурмузди II (301 – 309) дар ҷанги зидди арабҳои Баҳрайн, ки марзҳои Сосониёнро убур карда буданд, кушта шуд. Пас аз ӯ Озарнасрӣ, ки хело марди тундхӯю бадкирдор буд ба тахт нишаст, аммо аз сабаби чунин аъмоли зишташ ҳамон сол аз ҷониби афроди алоҳида кушта мешавад. Дигар аз дудмони шоҳаншоҳ нафари лоиқ намонд.

Бо такя ба навиштаи муаррихи тоҷик Ҳамза Камол, ба ҳангоми марги Ҳурмузд занаш ҳомиладор буд. Мунаҷҷимону мубадон тавлиди писарро пешгӯй карданд, ки он Шопури II буд. Бинобар ин тоҷи шоҳиро ба хонаи зани Ҳурмузд бурда гузошта, ҳоло писари таваллуднашударо шоҳ эълон намуданд. Вобаста ба ин муаррих ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ ручуъ намуда, менависад: «нахустин ва вопасин подшоҳест, ки дар шиками модар шоҳ шуд ва ҳамаи рӯзгораш аз зодан то мурдан ба подшоҳӣ гузашт». [31, 97]

Муддати 16 сол Ифра аз соли 309 то 315, яъне то ба синни 16 солагӣ расидани писараш, ки шоҳи қонунӣ ба шумор мерафт, давлатро идора намудааст. Агарчӣ дар таърих солҳои ҳукмронии Шопури II аз соли 309 то соли 379 дониста мешавад, аммо дар асл ҳукмронии Шопур аз соли 315 оғоз меёбад.

Бинобар маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, шоҳи маъруфи шоҳаншоҳии Сосониён Хусрави Парвиз (591 – 628) ҳамсарони зиёд доштааст. Теъдоди занону хизматгорзанони ӯро сарчашмаҳои асримиёнагии мусулмонӣ то ба 12 ҳазор [8, 97] нишон медиҳанд, ки чандон ба воқеият дуруст намеояд. Аммо ба ҳар сурат, Хусрав дар ин масъала бар хилофи аҳкоми зардуштӣ пойбанди якканикоҳӣ набуд.

Занони Хусрав дар идораи давлат ба ҳайси мушовир ҳамеша дар паҳлӯи шавҳари хеш буданд. Дар набардҳо завҷааш Гурдия шоҳро роҳнамоӣ мекард, ки атрофи корномаи ӯ поёнтар ибрози назар мекунем. Аз занони шоҳ, ки дар дарбор мақоми махсусеро соҳиб буданд ин Марям ва Ширин ба ҳисоб мерафтанд. Марям духтари императори Рум Маврикий мебошад, ки ӯро Хусрав барои ба такягоҳи сиёсии худ табдил додани император ба занӣ мегирад. Тавре, ки ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ менависад:

Яке духтараш буд Марям ба ном,
Хирадманду бо рою бо сангу ком.
Бидодаш ба Хусрав ба оину дин,
Ҳамехост аз кирдгор офарин. [2, 130]

Аммо, Хусрав бештар ба Ширин таваҷҷӯҳ дошт. Зеро вай хело зани оқила ва зебо буд. Ҳамин буд, ки шоҳ барои завҷаи дӯстдоштааш қасре бунёд намуд, ки дар зебогӣ ҳамто надошт ва дар таърих бо номи «Қасри Ширин» маълум аст.

Бинобар маълумотҳои таърихӣ Ширин (номи аслиаш Сира) дар адолтпарварии шавҳари худ нақши калон бозидааст. Вай румидухтари насроние мебошад, ки соли 592 ба никоҳи Парвиз медарояд. [5, 68] Дар бораи миллат ва зодгоҳи вай байни донишмандон боз дигар андешаҳо низ ҷой доранд, аммо бо мақсади ба дарозо накашидани матлаб аз баррасии он худдорӣ мекунем.

Ишқи Ширин ба Хусрав хело аз рӯи садоқат ва муҳаббати самимӣ буд, ки ишқи Фарҳодро рад намуд. Қиссаи ишқи Ширин то ҳадде машҳур шуд, ки пасон дар асрҳои IX – XII образи таърихии вай ба образҳои адабӣ мубаддал гардид ва дар адабиёти тоҷику форс маъруфият пайдо намуд. Тибқи ривоятҳо Ширин то охири умр ба шавҳари хеш содиқ монд. Ҳатто, пас аз вафоти шавҳараш ӯ тамоми дорогии худро ба бенавоён тақсим намуда, дар паҳлӯи тобути шавҳараш бо ханҷар худро кушт. [33, 136]

Инчунин, давоми солҳои 630 – 631 ду нафар духтарони шоҳи Сосониён Хусрави Парвиз (590 – 628), бо номҳои Бӯрондухт ва Озардухт (Озармидухт) муддатҳои кӯтоҳ шоҳаншоҳи Сосониён буданд. [34, 446] Айёми ҳукумати онҳо давраи таназзулёбии давлати Сосониён буду бесарусомонӣ. Аз ин рӯ, чандон дар идораи давлат муваффақ нашуданд. Ба навиштаи Абӯсаид Гардезӣ муддати ҳукмронии Бӯрондухт 1 солу 4 моҳ ва Озардухт 6 моҳ будааст. [8, 354]

Номдортарин зан дар аҳди Сосониён, ки дар паҳлавонию донишмандӣ ва зиракию ботадбирӣ назир надошт ин Гурдия буд. Гурдия духтари Баҳроми Гушнасп ва хоҳари сарлашкари номдори форс Баҳроми Чӯбина буда, ҳангоми муборизаҳои бародараш ба муқобили туркҳою румиҳо (асри VI) корнамоиҳои зиёде нишон додааст. [17] Дар достонҳои ҳамосӣ, аз ҷумла «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ аз ӯ ба некӣ ёд шудааст.

Солҳои 588 – 590 қӯшунҳои лашкари Ҳоқонии Турк ба қаламрави давлати Сосониён ҳуҷум оварданд. Бинобар навиштаи Табарӣ туркҳо бо теъдоди 300 ҳазор сарбоз, 200 фили ҷангӣ ва 300 шери одамхӯр бо сарварии ҳоқон Шоба ба ҷанг даромаданд. Шоҳи Сосониён Ҳурмузди IV (579 – 590) ба муқобили онҳо сарлашкар Баҳромро мефиристад ва қӯшуни Сосониён туркҳоро дар ин ҷанг шикаст доданд. [37, 16] Дар ин набард Гурдия – хоҳари Баҳром корнамоии зиёд нишон дода, дар таъмини ғалаба саҳм мегузорад. [19, 53]

Дар ин давра боз Чин сар бардошта ҳаваси тасарруфи заминҳои ориёинишинро намуд. Қайд намудан зарур аст, ки Чин дер боз, аниқтараш аз асри III п.м., ин орзуро мепарварид. Бо ҳамин мақсад лашкареро бо сарварии Тувруг ба давлати Сосониён мефиристонад. Баландтарин корнамоии Гурдия дар инҷо маълум мегардад. Вай тавонист дар яке аз набардҳо бо Тувург ғолиб омада, ӯро ба қатл расонад. [10, 599]

Гурдия дар баробари ин ба бародари худ ҳамеша чун мушовир хидмат мекард. Ӯ борҳо бародарашро, ки пас аз ғалаба аз болои туркҳо ҳавою ҳаваси тахтро менамуду бо шоҳзода

Хусрави Парвиз дар ҳарб буд, маслиҳатҳои муфид медод. Бародарро доим ба сабурию маърифатпешагӣ даъват менамуд. Донишманди тоҷик М. Диловаров доир ба хислатҳои баланди инсонии Гурдия чунин менависад: «Аксари атрофиён Гурдияро чун зани покдоман, нексухан эътироф мекарданд ва гуфторашро мувофиқ ба дафтари ниёгон медонистанд». [10, 599] Гурдия бо миёнаравии яке аз дигар бародаронаш бо номи Гурдӯй (хидматгори дарбори Хусрави Парвиз) ба дарбор наздик мешавад. Ба иборaи дигар бо шоҳ оштӣ мекунад. Қаблан бояд зикр намоем, ки азбаски марги Баҳроми Чубина дар натиҷаи рақобатҳои ӯ бо шоҳ сурат гирифта буд, то ҷое Гурдия пас аз марги бародар худро аз дарбор канор мегирифт.

Пас аз ба дарбор омадан Хусрав бо Гурдия созиш намуду ӯро ба никоҳи худ даровард. Ҳамсарони Хусрав зиёд буданду таваҷҷуҳи шоҳ бештар ба маҳбубтарин ҳамсараш Ширин буд. Гурдия дар дарбор мисле, ки нағунҷид ва ҳамеша бо ҳар баҳона талош мекард, ки ба шоҳ фаҳмонад то вай ҳукмрони шаҳри аҷдодиаш Рай шавад. Бо такя ба нигоштаи Диловаров: «Боре ӯ гурбаеро зебо оро дода, ба зини асп нишонд. Гурба дар боли зин чун кӯдаке ба назар мерасид. Ӯ ин аспро бо гурба аз пеши Хусрави Парвиз гузаронд. Хусрав аз ин манзара ба завқ омада, бисёр бихандид ва ба Гурдия ҳукмронии шаҳри Райро бахшид». [10, 599]

Ҳамин тавр, минбаъда Гурдия дар зодгоҳи хеш ҳаёти боқимондаи хешро сипарӣ намуд. Истилоҳи “Гурдия” баргирифта аз калимаи “гурд” аст. Истилоҳи «гурд» ба маънии паҳлавонӣ, далерӣ истифода мешавад, ки ин маънӣ дар кору пайкори артишҳое бо номи гордиҳо дар таърихи ориёиҳо дида мешавад. [18, 108] Аз он, ки Абулқосим Фирдавсӣ «Зи гурдони шоистаи корзор...» [1, 166] мегӯяд, ҳамин далерию паҳлавонии гурдонро зери назар дорад. Бо назардошти ин, хулоса намудан мумкин аст, ки номи Гурдия бо эҳтимоли зиёд номи ифтихории вай буда, исми асосиаш фаромӯш шудааст.

Аз таърих барои мо маълум аст, ки дар замони ҳукронии Сосониён ҷараёни илоҳотхоҳонае зери роҳбарии Маздак зуҳур карду давоми 38 сол бо нияти амалии ормонҳои хеш мубориза бурд. Оқибат ҳукуматдорони замон ҳукми қатлашро доданду пайравонашро мавриди таъқиб қарор доданд. Пас аз марги Маздак дар соли 529 завҷаи ӯ Хурамма духти Потак (ё Фода) [32, 162] дар шаҳри Рай паноҳ ёфта кори шавҳарашро идома дод. Ба навиштаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Онҳо дар Рай (Хуррама ва ҷонибдоронаш. Д. М) фирқаи пинҳонии худро созмон дода, ба тарғиботи оини иҷтимоиву динии Маздак пардохтанд, ки дар таърих бо номи пайравони хуррамия ё худ хуррамдинон ёд мешаванд». [34, 390]

Дигаре аз занони номдори Сосониён ин Шаҳрбону – духтари охирин шоҳи Сосониён – Яздигурди III (632 – 651) мебошад. Ҳанӯз, пас аз забти пойтахти давлати Сосониён, шаҳри Тайсафун шоҳ фирорӣ шуду фарзандонаш парешон. Аз рӯи навиштаи муаррихи тоҷик Ҳамза Камол шоҳ Яздигурд се духтар, бо исмҳои Ардак, Шаҳрбону ва Мардованд доштааст, ки арабҳо онҳоро асир гирифта ба шаҳри Мадина мебаранд. [31, 113]

Он замон Шаҳрбонуи 16-сола буда, дар ҳусну ҷамол беҳамто ва дорои хиради баланд. Бинобар навиштаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Арабҳо чун пай мебаранд, ки духтари шоҳаншоҳи Сосонӣ асираи онҳо гаштааст, ӯро раҳо мекунанд ва мефармоянд, ки аз мардони болиғи аҳли Мадина шавҳар ихтиёр намояд. Шоҳдухтар Шаҳрбону аз миёни онҳо оқибат Ҳусайн ибни Алиро интихоб менамояд, ки бар асари ин издивоҷ насли дудмони Сосониён бо хонадони хулафои араб омезиш меёбад». [34, 494] Ҳамин тавр, яке аз чеҳраҳои намоёни хонадони паёмбари ислом Муҳаммад – Ҳусайн, ки набераи паёмбар буд, Шаҳрбонуи форсро ба никоҳи худ даровард. Ин никоҳ ба Ҳусайн баракат оварда. Аз никоҳи онҳо яке аз фарзандони номдор – Зайнулобиддин (имоми чоруми аҳли шиа) тавлид шудааст. Ҳоло дар ҳудуди ноҳияи Дӯстӣ (собиқ Ҷиликӯл) мақбарае бо номи “Мақбараи Имом Зайнулобиддин” ҷойгир аст, ки бисёри мардуми калонсоли ноҳия ба ин бовaранд, ки қабри Зайнулобиддин мебошад. [22, 72 – 73] Аммо ин масъала ба таври илмӣ пурра тадқиқ нашудааст.

Пас аз қатли Имом Ҳусайн дар дашти Карбало (соли 680) Шаҳрбону дар ватани аҷдодӣ паноҳанда мешавад. Муҳақиқи тоҷик З. Юсупов дар ин маврид чунин менависад: «Баъд аз шаҳид шудани шавҳараш дар дашти Карбало метавон тахмин кард, ки Шаҳрбону завҷаи имом Ҳусайн ва модари имом Зайналобиддин дар Эрон паноҳ бурда бошад. Зеро дар ҷануби Теҳрон,

дар наздикии шаҳри қадимаи Рай кӯҳест ба номи бибӣ Шаҳрбону, ки мардон дар он ҳаққи рафтанро надоранд. Дар домани кӯҳ мақбараест, ки онро мансуб ба Шаҳрбону медонанд». [35]

Дар низоми таълим ва тарбияи аҳди Сосониён ба мисли давраҳои гузашта духтарон баробари писарон ба таълим дар дабистону дабаристонҳо фаро гирифта мешуданд. Ҳунару амалҳое, ки барои зан хос аст аз ҳамин муассисаҳо ба духтарон омӯзонида мешуд. Табиист, ки чунин ҳунарҳоро ба онҳо занони мударис меомӯзониданд.

Ба ғайр аз ин, занону духтарони аъёну ашроф санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, адабиёт ва мусиқиро меомӯхтанд ва баъзеи онҳо дар ин боб аз мардон пешдаст буданд. [26, 18] Мо намунаи чанде аз онҳоро инҷо барои хонанда маълум намудаем, аммо боз садҳо нафарони дигаре ҳастанд, ки барои ошноии бештар пажӯҳиши амиқтаре тақозо мешавад.

Дар фарҳанги оиладорӣ низ баробарҳуқуқии занону мардон таъмин буд. Занон дар баробари мардон дар ҳама корҳои рӯзгордорӣ ҳуқуқи баробар доштанд. Инро ҳуҷҷатҳои аз Қалъаи Муғ пайдо шуда, собит мекунанд. [24, 280]

Ҳамон тавре, дар боло ишора намудем ҳанӯз ҳам андешаҳои муғризонаи ғайримантиқӣ дар миёни ҷомеаи мо нисбати ҳуқуқи занони тоисломии мо ҷой дорад. Ин гуна фаҳмишҳоро бархе аз рӯҳониён дар ҳалқаҳои муайян ба таври худ ва дар асоси баъзе сарчашмаҳое, ки аз рӯи хусумат таҳия шудаанд ба баррасӣ мекашад. Ба ин васила афкори ҷомеаро нисбати гузаштаи хеш заҳролуд менамоянд. Ин раванд аз ҳар ҷониб барои пойдории фарҳанги миллӣ ва рушди давлатдории миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Соли 2004 аз тарафи як нафар рӯҳонӣ бо номи Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ рисолае бо номи «Таърих ва моҳияти ойини зардуштӣ» ба нашр расид. Ин китобча аслан як туҳматномае ба муқобили фарҳанги бой ва инсонсози ниёгони мо мебошад. Муаллиф вобаста ба масъалаи мавриди назари мо ҳам таваҷҷуҳ намуда, қайд мекунад, ки гӯё дар аҳди Сосониён занон мисли барда (ғулом) аз тарафи мардон истифода бурда мешуданд. Занон мисли мол ё чорво байни мардон бе розигии худи зан доду гирифт мешудаанд. [21, 57 – 59] Манбаъҳои истифодашуда, асосан хело ноқис ва бо таҳрифу мақсадҳои лозимӣ ё ин ки андешаҳои собитнашудаи муаллифони гуногун мебошад. Сад афсӯс, ки ин рисолаи ғайриилмӣ, бо хоҳиши раиси вақти Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо теъдоди 500 адад нашр шудааст.

Ингуна андешаҳо, албатта дар зери таъсири ақидаҳои хусуматпарваронаи арабҳо, ки бо мақсади густариши ислом ба сарзамини мо омаданду ҳамаро ба ғорат бурданд, шакл гирифт. Аммо дар асл мисле, ки сарчашмаҳои муътамади илмӣ собит мекунанд вазъ чунин набудааст. Баръакс дар миёни арабҳо, ҳам дар давраи ҷоҳилият ва ҳатто ҳам дар давраи пас аз густариши ислом беҳуқуқии занон зиёд ба мушоҳида мерасид ва мерасад. Барои исботи ин андеша таваҷҷуҳ фармоед ба ду иқтибоси зер: Исломшиноси машҳури турк Усмон Нури Туббош вобаста ба ҳуқуқи занони то ислом чунин менависад: «Зан дар замони ҷоҳилият шоҳиди муомилае, ки шоистаи ҷинси латиф бошад, набуд. Мардуми қабл аз ислом бо ақидаи он ки соҳиби духтар будан орият бошад, бидуни раҳму шафқат духтарони худро зинда ба гӯр мекарданд». [30, 72] Албатта, ин сухани нав нест ва ин гуфтаҳоро ҳамаи рӯҳониёни ислом дар маъвизаҳои хеш то ҳанӯз пайваста такрор мекунанд. Гарчанде ин андеша ҷои баҳс низ дорад, аммо ин ҷо дунболи он намеравем.

Ба иддаои рӯҳониён пас аз ислом мақому ҷойгоҳи занро шариати ислом боло бардошт ва зан худро чуни инсон меҳисобид. Аммо, хело аҷиб аст, ки дар аъмоли мусалмонон ва ҳатто пешвоёни дини ислом чӣ дар замони гузашта ва чӣ имрӯз бархе аз аъмоли зишт нисбати занон мушоҳида мешавад, ки бадтар аз замони ба ном ҷоҳилияти арабист. То имрӯз ҳеҷ наметавонам бипазирам, ки паёмабари ислом Муҳаммад бо духтари ҳанӯз ба синни 7 сола нарасида никоҳ кунад замоне, ки синни 9 солагиро пур кунад бо вай ҳамхоба шавад. Ин ҳам дар ҳолест, ки як моҳ қабл аз ин вай бо духтари Замаъ – Савда никоҳ намуда буд. Тавре дар китоби «Сирату – л - яқин» оварда мешавад: «Як моҳ баъд аз никоҳ кардани он ҳазрат (с) Савдаро Оиша духтари дӯсташ Абӯбакрро издивоҷ намуд. Он ҳолат Оиша (р) ҳатсола буд... Аммо ҳамхоба шудани Расул (с) бо Оиша дар Мадина баъди нӯҳсола гаштанаш ба вуқӯъ пайваст». [27, 94] Ҳамин анъана минбаъд чун «суннати Расулуллоҳ» аз ҷониби баъзе аз сарватмандону шоҳони

мусулмони асримиёнагии мо низ то оғози асри XX риоя мешуд. Охирин меросбари ин «суннат» амир Олимхони манғит буд.

Паёмабари ислом Муҳаммад дар маҷмуъ соҳиби 12 зан ва чандин канизҳои соҳибҷамоли дигар буданд. [6, 535 – 539] Ин амали паёмбарро имрӯз мубаллиғони ислом ба маънии мусбаташ шарҳу тавзеҳи зиёд медиҳанд.

Бисёрзанӣ ва аз худ намудани занони қабилаҳои душманро бе розигии зан ва шавҳаронашон ислом расман иҷозат дод. Масалан, дар ояти 24, сураи Нисо чунин гуфта мешавад: «Ва (ҳаром карда шуданд;) занони шавҳардор, магар он, ки дасти шумо молики ӯ шудааст. Инҳо ҳукмҳое аст, ки Худо бар шумо лозим сохтааст;...». [16, 82] Тафсири ояти мазкур дар шабакаи «DONISH.su» чунин нишон дода шудааст: «... Аммо дар сурати истисноӣ, мешавад занҳои шавҳардорро ба никоҳ даровард. Сураташ чунин аст: дар вақтҳои ҷанг байни давлати мусалмон ва давлати куффор, занҳои онҳо ба асорат афтанд, агарчӣ дар ватани худ шавҳар дошта бошанд ҳам, баъди ҳайз диданашон имон оранд, бо соҳиби худ ҳамбистар шаванд, ҳалол аст. Зеро асоарт афтодан ҳукми талоқро дорад». [28]

Агар зане ба асорат меафтаду нисбати вай аз рӯи хоҳиш амал мекунӣ ва дар ин ҷо розигии зан ва шавҳару ақрабои вай ба эътибор гирифта намешавад, пас зан чун ғулом истифода мешавад. Ҳуқуқу хоҳишоти аслии зан ба инобат гирифта намешавад ва поймол мегардад. Дар ин ҳолат шояд зан аз тарсу ҳарос ба ризогии хеш вонамуд кунад, аммо дар асл ва ё ботинан вай умед ба шавҳару фарзандон ва пайвандонаш дорад. Аз ин дидгоҳ, нигоштаҳои Муллои Қаротегинию думравонаш ва ёвагӯиҳои чунин афрод дар бораи занони то исломии таърихи форсу тоҷик асос надорад, баръакс гуфтору андешаи эшон хоси арабҳои то исломӣ ва исломӣ мебошад.

Ҳоло агар зан дар аҳди Сосониён ва қабл аз он аз ҳуқуқу манфиатҳош дур мебуд ба ҳеҷ ваҷҳ чеҳраҳое ба мисли Шаҳрноз, Арнавоз (хоҳарони шоҳи Пешдодиён – Ҷамшед), Фаронак (модари шоҳи Пешдодиён Фаридун), Рӯдоба (модари сарлашкари бузурги ориёиҳо Рустами Наримон), Таҳмина (завҷаи Рустам ва модари паҳлавони тӯронӣ Сӯҳроб), Манижа (духтари шоҳи Тӯрон Афросиёб), Дуғдуға (модари нахуст паёмбари ориёиҳо Зардушт), Ҳвова (зани Зардушт), Мадюманга (хоҳари Зардушт), Фаренӣ, Тритӣ, Поуручиста (духтарони Зардушт), Гурдофарид (сарбози шуҷоъи ориёиҳо дар аҳди Каёниён) Заррина (маликаи бузурги сакоиҳо дар замони Модҳо), Мондоно (модари Куруши Кабир), Томарис (маликаи массагетҳо), Косондон (завҷаи оқилаи Куруш), Отсо (духтари Куруш), Статира (духтари Дорои III), Обона (Апама), Рухшона (зани порсои бохтарӣ), Ютоба (сарбозани шуҷоъ, ки зидди Искандар ҷангидааст), Гурдия, модари Шопури II, Марям, Сира (Ширин), Бӯрондухт, Озардухт, Шаҳрбону, Хуррама, Хутак (маликаи Бухоро) ва ҳаорҳо нафарони дигар, дар таърихи ориёиҳо зуҳур намекард. Бостоншиносон дар натиҷаи ҳафриётҳои бисёрсолаи хеш аз ҳудуди ёдгориҳои таърихӣ маводи зиёди археологӣ пайдо намуданд, ки аз баланд будани мақоми зан дар ҷомеаҳои ориёӣ дарак медиҳанд.

Ба ин монанд теъдоди зиёди занони майдондору маърифатпеша дар миёни ҷомеаи Сосониён нуфуз пайдо карда буданд. Ҳуқуқу манфиатҳои занон дар низоми ҳуқуқӣ ва таълимоти динии замон дар қатори мардон ҳифз мешуд. Инро дар баробари маъхазҳои таърихӣ инчунин, як қатор ёдгориҳои бостонӣ низ собит мекунанд.

Дар ҳама давру замон занон дар пойдории сулҳу субот, таъмини фазои муҳаббату самимият ва тарбияи насли нав нақши босазо доранд. Тавре роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми охирини хеш ба Маҷлиси Олӣ гуфтанд: «Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст». [25]

Ҷои ифтихор аст, ки дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мақому манзалати зан – модар дубора баланд бардошта шуд ва алорағми идеологияи нодурусти давлат ва халқҳои алоҳидаи минтақа имрӯз дар Тоҷикистон ба ҷойгоҳи зан эҳтиром гузошта мешавад. Бо

назардошти ин ва эҳёи дигар арзишҳои таърихию фарҳангии таърихи қадимаи ориёиҳо метавон Тоҷикистонро барҳақ меросбари асосии тамаддуни ориёиҳо дар замони нав донист.

Адабиёт:

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 6. Душанбе, 1989. – 480 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 9. Душанбе, 1991. – 480 с.
3. Абурайҳон Берунӣ. Осор – ул – боқия. –Душанбе, 1990. – 432 с.
4. Авасто. Ҷилди І. – Душанбе, 2014. – 784 с.
5. Алиев Г. Ю. Легенда о Хосрове и Ширин в литературах народов Востока. –М., 1960. – 190 с.
6. Алихонтӯра Соғунӣ. Таърихи Муҳаммадӣ. –Хуҷанд, 2019. – 576 с.
7. Андреев М. С. Этнографияи тоҷикон. // Андар шинохти тоҷикон. –Душанбе, 2016. – 224 с.
8. Абӯсаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну – л – ахбор. –Душанбе, 2014. – 416 с.
9. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. (Дар ду ҷилд). Ҷилди І. –Душанбе, 1998. – 704 с.
10. Диловаров М. Гурдия. // Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 4. –Душанбе, 2015. –С. 599.
11. Достонҳои Шоҳнома (нигориши С. Улуғзода). –Душанбе, 2011. – 504 с.
12. Зафари Мирзоён. Зан, замин ва обҳои пок. // Самак, 18 марти соли 2015.
13. Зафари Мирзоён. Ситоиш. // Ҷумҳурият, 6 марти соли 2020.
14. Исҳоқов А. Саразм – оғози тамаддуни тоҷикон. –Душанбе, 2018. – 280 с.
15. Қаҳҳори Расулиён. Испандорҷашн. // Ба қуллаҳои дониш, 5 марти соли 2014.
16. Қуръони карим. –Душанбе, 2007. – 616 с.
17. Маҳмудов Д. Мақоми зан дар таърихи тоисломии тоҷикон. // Маорифи Тоҷикистон, № 6, июни с 2023.
18. Маҳмудов Д., Негматов Д. Низоми артишдории шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо. // Артишимиллӣ – сипари боэътимоди ватан. (Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 феврали соли 2023). – Душанбе, 2023. –С. 106 – 115.
19. Маълумоти мухтасар аз таърихи тоҷикон. Мурратибон: Маҳмудов Д., Ғуломшоев С., Исломов Ф. – Душанбе, 2024. – 144 с.
20. Моҳрух Ҳасанзодагони Рӯдсарӣ. Аз таърихи гиромидошти мақоми зан дар Эрони бостон. // Ба қуллаҳои дониш. 5 марти соли 2013.
21. Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ.Таърих ва моҳияти ойини зардуштӣ. –Душанбе, 2004. – 104 с.
22. Муҳаммадалӣ М., Ҳамза К., Зайниддин Н. Ҷойҳои муқаддаси Тоҷикистон. Қисми 2. – Душанбе, 2007. – 176 с.
23. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. –Душанбе, 2011. – 1295 с.
24. Набиева Р. Нақши ҷамъиятии зан дар «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров. // Академик Бобоҷон Ғафуров муҳаққиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 1999. – С. 277 – 285.
25. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 28 декабри соли 2023. // Ҷумҳурият, 28 декабри соли 2023.
26. Раҳмонов А. А., Расулов А. Б., Қодиров Қ. Б., Афзалов Х. С. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – 184 с.
27. Сирату-л-яқин тарҷумаи Нуру-л-яқин (зиндагиномаи Паёмбари Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам). – Душанбе, 2007. – 452 с.
28. Сомонаи «DONISH.su». 23 июни соли 2022. Санаи мурочиат: 14 апрели соли 2024.
29. Таърихи Систон. –Душанбе, 2014. – 350 с.
30. Усмон Нурӣ Туббош. Муҳаммад Расулулоҳ (с). –Москва, 2010. – 170 с.
31. Ҳамза Камол. Насабшиносӣ. –Душанбе, 2017. – 213 с.
32. Ҳазрати М., Саидиён И. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он. –Душанбе, 1992. – 224 с.
33. Ширин. // Энциклопедияи совети тоҷик. Ҷилди 8. –Душанбе, 1988. –С. 136.
34. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. –Душанбе: Ирфон, 2016. – 704 с.
35. Юсупов З. Тоҷикон дар фарҳанги ориёӣ. Густариши ислом дар Аҷам - Баҳори Аҷам. № 1 (17). - С. 2000.
36. Яъқубов Ю. Рӯзи озодии занон дар тақвими Авесто. // Ҷумҳурият, 6 марти соли 2020.
37. Яъқубшоҳ Ю. Таърихи халқи тоҷик. (Ибтидои асрҳои миёна). Китоби дарсӣ барои синфи 6. – Душанбе, 2022. – 232 с.

НИГОҲЕ БА МАСЪАЛАҲОИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ СОСОНИЁН

Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович *– унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Академик Бобоҷон Ғафуров таърихи давлатдории Сосониёнро таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки навоварӣ дар сохтори ҷамъиятиву давлатии онҳо аз он иборат буд, ки муносибатҳои феодалӣ босуръат инкишоф ёфтанд, мақоми ҳокимияти марказӣ ва таъсири мубаду ҳирбадон дар ҷамъият ва идоракунии давлатӣ баланд бардошта шуда, зардуштия ба мартабаи дини давлатӣ расонда шуд [6, с. 258].

Ҳамин тавр, яке аз падидаҳои асосии сиёсати дохилии Сосониён он буд, ки идоракунии мамлакат мутамарказ ва дар сохтори дохилии давлат тағйироти ҷиддӣ ба амал омада буданд. Яке аз вазифаҳои асосие, ки назди ҳокимони нави Эрон меистод, ин мустаҳкам намудани дастгоҳи идоракунии ҳокимияти марказӣ буд. Аммо Сосониён равнади мазкурро ба таври ниҳоӣ дар замони Хусрави Анушервон (с. 531 – 579) ба анҷом расонданд.

Асосгузори давлати Сосониён Ардашери Бобакон барои наслҳои ояндааш пандномаи сиёсии худ – «Аҳд Ардашер» - ро мерос монд, ки нусхаи аслии паҳлавии он то ба мо нарасидааст, лекин тарҷумаи арабиаш бошад ба замони мо расидааст. Андарзномаҳои сиёсии Сосониён, аз чумла «Аҳд Ардашер»-ро арабҳо дар умури идории худ ба таври васеъ истифода карданд. Муҳаққиқ Д. Е. Мишин зикр менамояд, ки андарзномаи мазкур дар замони Хусрави Анушервон тартиб дода шуда, ба Ардашер нисбат додани он воқеияти таърихӣ надорад [16, с. 4]. Новобаста ба баҳси мазкур, мазмуни пандномаи Ардашер қимати илмӣ-адабӣ ва дастури хуб дар умури идорӣ буда, таҳлили илмии он ба манфиати кор хоҳад буд. Дар андарзномааш Ардашер ба шаҳриёрони баъдинаи Эрон дуруду тандурустӣ ирсол карда [29, с. 62], хитоб менамояд, ки “бидонед, пешомадҳое, ки пас аз ман бо онҳо рӯ ба рӯ хоҳед буд, ҳамонҳост, ки ман бо онҳо рӯ ба рӯ будаам ва бар шумо ҳамон рӯй хоҳад дод, ки бар ман рӯй додааст. Дар кишвардорӣ осудагӣ ва ранҷ аз ҳамон роҳе, ки бароям пеш омадааст, барои шумо пеш хоҳад омад [29, с. 63].” Дар андарзномаи худ Ардашери Бобакон оид ба ваҳдати дин ва давлат таъкид менамояд. Ӯ эълон менамояд, ки “подшоҳиву дин ду бародарони ҳамзоданд”[11, с. 118].

Зарур аст, таъкид карда шавад, ки он замоне буд, ки дар ғарбтар аз империяи Сосониён дини насрония андак-андак нуфузашро мустаҳкам намуда, сонӣ дар империяи Рим мақоми давлатиро касб карда буд. Ғайр аз ин ҳаргуна ҷараёнҳои динӣ низ намоён шудан гирифтанд. Ардашери Бобакон барои мустаҳкам намудани мавқеи дини миллии эрониён мумкин аз ин хотир зардуштияро давлатӣ эълон карда буд. Нависанда ва муаррихи англис Герберт Ҷорҷ Уэллс менависад, ки ба монанди Ардашери Бобакон, ки дар асри III такя ба ташкилоти динӣ карда, ҳокимияташро мустаҳкам намуда буд, Константини Бузург низ дар империяи Рим айнан дар асри IV ҳамин усулро истифода бурд. Онҳо дар умури ирода ва идораи мардум дар дин такягоҳи навро ёфтанд [7, с. 251 – 252]. Бауэр Сюзен Уайс низ менависад, ки дар пайрави ба Шопур Константин низ дар империяи Рим ислоҳоти диниро гузаронда, аз парастишҳои бисёрхудоӣ даст кашид ва насронияро дини давлатӣ эълон намуд [3, с. 943]. Аммо, зарур аст зикр намоем, ки зардуштия, ки яке аз динҳои қадимаи Ҷаҳон ба шумор мерафт, дар замони Ҳахоманишиҳо ва Ашкониён низ мақоми давлатиро дошт [5, с. 4]. Ҳамин тавр хулоса баровардан мумкин аст, ки дар пайравӣ аз эронинажодон империяи Рим аввалин қудрати ғарбӣ гардид, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ ба дини яктопарастӣ такя карда, ин низом дар муносиботи байналмилалии мамолики Ғарб то Ҷанги Сисола идома ёфт.

Ба назари Ардашери Бобакон омма бояд ба корҳои динӣ дахолат накунанд, роҷеъ ба дин ва муқаррароти ҷоринамудаи он баҳс наварзанд, зеро табақаи мазкур, ки аз

ҷониби ҳокимият танг карда шудааст, дар чунин ҳолат шояд байни онҳо пинҳонӣ доҳиёни динӣ зуҳур карда, оқибат ба давлат зарари худро расонда метавонанд. Дар дигар ҷойи андарзномаи худ Ардашер оид ба зуҳури ҳар гуна ҷараёнҳои динӣ ҳушдор дода, хитоб менамояд, ки онҳо бояд зуд ошкор ва ба мулҳидӣ айбдор карда шаванд. Ардашери Бобакон ба рӯҳониён низ маслиҳат медиҳад, ки танҳо ба корҳои динӣ машғул шаванд, зеро мардум ба ёрии дин дастёб шуда, метавонанд ҳокимиятро сарнагун намоянд [29; 2].

Дар васъиятномаи ӯ оид ба чор табақаи ҷамъиятӣ: 1) сипоҳиён; 2) хизматгорони дин; 3) дабирон, мунаҷҷимон, табибон; 4) пешагарон (кишоварзон, пешаварон ва бозаргонон) сухан рафта, гузариш аз як табақа ба табақаи дигар манъ карда шавад [11, с. 119].

Дар «Корномаи Ардашери Бобакон» низ оид ба табақаҳои ҷамъиятии Эрон ба мисли меҳмардону муғмардон, артишдорону сипоҳбадон ва шубонону барзгарон ишора шудааст [15, с. 255].

Ҳамин тавр, тибқи хулосаи мутахассисон Сосониён танҳо дар замони Хусрави Анушервон (с.531 – 579) ислоҳоти идоракуниро ба таври комил ба анҷом расонда буданд. Вай мамлакатро ба ба чор қисм (кост, куст) тақсим намуд: ғарбӣ, шарқӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ. Кустҳо ба марзбонҳо ва остонҳо, ки аз тосуҷҳо иборат буданд, тақсим мешуданд. Кустҳоро шахсони бовариноки шоҳаншоҳ идора мекарданд, ки аз ҷониби ӯ таъйин мегардиднд ва онҳо тамоми ҳокимиятро дар музофото дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Маҳз тавассути онҳо идоракунии музофотҳо ба роҳ монда шуда буд.

Мувофиқи хулосаи Ричард Фрай дар натиҷаи васеъ гардидани ҳудуди империяи сосонӣ дастгоҳи бюрократии он низ мустаҳкам гардид ва дар ин самт низ такякунӣ ба анъанаҳои қадим ба назар мерасид [27, с. 296]. Ардашер на танҳо сарфармондеҳи асил, боғайрат, балки дар корҳои идоракунӣ низ ташаббускор, моҳиру зирак буд. Баробари ин, мубади мубадони ӯ Тансар (Тосар) низ пурра ба сифатҳояш, ҳам аз нигоҳи қобилияташ ва ҳам аз ҷиҳати ғайрату ташаббускорӣ комилан мувофиқ буд. Мэри Бойс менависад, ки сиёсати Ардашери Бобакон аз ҷониби Тосар комилан дастгирӣ ёфт. Агар Аршакиён ҳокимиятро гирифта, ба мақоми муборизон дар роҳи этиқод бар зидди бединони Селевкиён даъво мекарданд, пас барои Сосониён зарурат пеш омад, ки аз тахт барканор кардани ҳамдинонашон – Аршакиёнро қонунан асоснок намоянд. Маҳз дар ин самт Тосар ба Ардашер хизмат карда, аз номи вай дар яке аз номаҳояш ба ҳокими Табаристон Гушнасп, ки аз ӯ талаб кард итоатро пазирад, менависад, ки этиқод, баъди ба он расондани зарар аз ҷониби Искандари Мақдунӣ, чунон хароб гардид, ки дар замони Аршакиён мо «қонун ва маросимҳо» - ро дақиқ намедонистем, барои ҳамин этиқод бояд аз ҷониби инсони ҳақгӯ ва солимақл барқарор карда шавад. Ҳамин тавр, Ардашер ва Тосар ҳамаи маъхазҳои дини зардуштиро ҷамъоварӣ намуда, аз миёни онҳо маълумоти саҳеҳдоштаро интихоб карда, боқимондаро аз қонунҳои динӣ партофтанд. Бо ҳамин усул матнҳои дини зардуштиро аз нав ба тартиб даровардаанд [5, с. 125 – 127]. Ҳамин тавр, зардуштия низ дар мутамарказ гардондани давлату ҳокимият хизмат кард.

Дар сари давлат шоҳаншоҳ – намояндаи авлоди ҳукмрон меистод. Жан-Пол Ру менависад, ки тибқи анъанаи эрониён шоҳ ҳокимияти худро аз Офаридигор мегирифт ва қудрати ӯ худовандӣ ба ҳисоб мерафт [24, с. 162]. Абулқосим Фирдавсӣ ҳам қайд менамояд, ки шоҳаншоҳӣ авлодӣ буда, фарри эзидӣ онро нигаҳбон аст.

Шоҳ аз ҳокимияти мутлақ бархӯрдор буда, ваколатҳои номаҳдуд дошт. Тақдири мамлакат дар дасти шоҳаншоҳ буд, ирода ва хоҳиши вай дар нияти кор ҳамаи масъалаҳоро ҳал мекарданд [21, с. 213].

Дар давраи аввали идоракунии Сосониён низоми додани тахт ба таври меросӣ ба ворис дақиқ муайян нагардида буд, барои ҳамин ба хотири он ки аз сар задани низоъҳо дурӣ ҷӯянд, кӯшиш мекарданд, ки вориси тахтро дар вақти зинда будани шоҳ интихоб намоянд. Аз асри V бошад сар карда, тахт аз падар ба писар мегузашт. Вобаста ба ин дар тамоми муддати мавҷудияти давлати Сосониён тасаввурот дар бораи тахтро

метаовнанд ҳар касе аз хонаводаи шоҳӣ соҳиб шавад, дар бисёр вақтҳо дасисаҳои дарбориро ба вуҷуд меовард [22, с. 45 – 46]. Аммо тибқи одати деринаи эронинажодон тахт аз шоҳаншоҳ ба писари аз ҳама калонӣ мерасид. Қонун ҳам ҳукми писари калонсолтари шоҳро аз болои дигарон таъмин мекард [16, с. 69].

Агар мерсхӯри мустақим намебуд, пас баъди марги шоҳ Шӯрои ашрофон ҷамъ шуда, шоҳи навро муайян мекарданд. Ҳокимияти шоҳи нав аз лаҳзаи интихоб ҳукми қонунро мегирифт, аммо ба таври тантанавӣ ба тахтнишинии шоҳ дар рӯзи аввали соли нав – Наврӯз доир мегардид. Ба тахт нишаста, шоҳ ҳамон рӯз нутқи барномавии худро ироа карда, нусхаро аз он ба музофотҳо мефиристонданд. Агар синну соли шоҳ ҳоло хурд мебуд, барои ӯ регент таъйин мекарданд, модари шоҳ метавонист вазифаи мазкурро иҷро намояд [8, с. 42].

Тибқи андарзномаи Ардашери Бобакон агар шоҳ исёни тобеини худро бартараф карда натавонад, бетараш, ба хотири ҳифз нигоҳ доштани шарафу номи неки хонадон аз тахт даст кашад [2, с. 6].

Ҳамин тавр, асосгузори давлати Сосониён – Ардашери Бобакон дастур додааст, ки ҳар шоҳаншоҳ дар вақти зарурӣ вориси худро интихоб намуда, дар номаи мӯҳрдоре сабт кунад ва он номаро дар ихтиёри мубади мубадон гузорад. Бо даргузашти шоҳаншоҳ мубади мубадон ҳирбади ҳирбадон (сарвари оташкадаҳо) ва эрондабирбаз (сардори умури идории шоҳ)-ро даъват намуда, мӯҳрномаро боз мекард ва мазмуни онро баён медошт. Баъзан мувофиқ наомадани фикру иродаи подшоҳи даргузашта бо мулоҳизаи шӯрои сегона, мувофиқат накардан бо манфиати яке аз онҳо ва бо сабабҳои дигар боис мегардид, ки онҳо номзадии дигареро ба тахти шоҳӣ пешбарӣ мекарданд [23]. Ин расм мумкин тибқи "Аҳд Ардашер" сурат мегирифт, ки дар он роҷеъ ба масъалаи мазкур чунин зикр ёфтааст: "Шоҳ бояд ҷонишини худро ошкоро эълон накунад, то ин боиси сар задани душманӣ миёни шоҳу ҷонишин нагардад. Ӯро зарур аст, ки номи ҷонишинро дар чаҳор нома бинвисад ва онҳоро мӯҳр карда, бар чаҳор тан аз баргузидагони кишвар бисупорад ва як нусха аз он нома бо мӯҳри худ дар хазина нигоҳ дорад. Пас аз марги шоҳ бояд он номаҳоро кушоянд ва дар ҳолати мувофиқати онҳо номи шоҳро эълон намоянд" [11, с. 119]. Бауэр Сюзен Уайс дар асоси сиккаҳои сосонии давраи охири ҳукмронии асосгузори давлат, ки дар онҳо Ардашер тасвир ёфта, ба шоҳзодаи ҷавон Шопур нигоҳ мекунад ва дар асоси нақли муаррихи машҳур Масъудӣ, ки ба сайёҳат баромада, ривояту қиссаҳои қадимро ҷамъоварӣ намуда, асарашро навиштааст, ба хулосае меояд, ки Ардашер бо дастонаш тоҷашро ба сари Шопур гузошта, ба тахт шинондааст ва сонӣ канор рафтааст, то ки Шопур мустақилона идора кунад [3, с. 931]. Аз ин гуфтаҳо муайян мешавад, ки Ардашер вориси худро дар қайди ҳаёт буданаш интихоб кардааст.

Дар назди дарбори шоҳаншоҳ маъмурияти ӯ ҷойгир буд, ки як қатор мансабҳоро фаро мегирифт. Дар дарбор этикети сахт ҷорӣ карда шуда буд, агар бо шоҳ наздик меомаданд, зарур буд, ки тибқи русум таъзим фуровард, иҷрои расм ҳатмӣ буд. Мақоми махсусро дар давлат мубади мубадон ишғол мекард, ки ҳокимияти воқеӣ дар даст дошт, ки ба ӯ имконият медод баъзан вақтҳо бо шоҳаншоҳ рақобат намояд ва баъзан мешуд, ки табаддулоту сӯиқасдҳоро ба вуҷуд оварда, равиши муътадили ҳаёти сиёсии мамлакатро халалдор мекард. Барои ҳамин, ҳар шоҳаншоҳи нави Сосонӣ кӯшиш мекард, ки таъсири мубадонро дар давлат маҳдуд намоянд. Дар воқеъ бошад ин амал танҳо ба Яздигурди I (с. 399 – 420) муяссар гардид.

Намояндагони авлоди шоҳӣ мақомҳои олиро ишғол мекарданд. Масалан, дар замони Ардашери Бобакон ва Шопури Ардашер мансабдорони олӣ *бидахш* ва *ҳазорбод* ҳисоб мешуданд, ки ҳар ду мансаби зикршуда ҳарбӣ ба ҳисоб мерафтанд [16, с. 76].

Мақоми махсусро дар мамлакат шаҳрдорон, яъне ҳокимони мустақили вилоятҳо, шоҳоне, ки зери итоати Сосониён буданд, масалан хиёниҳо ва албаниҳо ва марзбонон – ҳокимони ҳарбии музофотҳо, ки ба шоҳаншоҳ итоат мекарданд, ишғол мекарданд. Чор то аз онҳо ҳатто унвони шоҳиро доштанд. Зинаи навбатиро дар табақабандии ҳокимият васпурон – визургон (виспурон – шоҳзодагон) ишғол мекарданд, ки аз ҳуқуқи бевоситаи мерос бархӯрдор буданд. Вобаста ба мақоми олии худ ва имтиёзҳои доштаашон онҳо

мансабҳои асосии ҳарбӣ ва давлатиро соҳиб мегаштанд. Дар бархе манбаъҳо бошад ба васпур танҳо шоҳзодагони сосонӣ дохил мешаванд. Масалан, дар як матни паҳлавӣ пус-и-васпур ба таври муайян вориси тахт, шоҳзода аз авлоди ҳукмронро ифода менамояд [16, с. 75]. Дар сангнавишти Шопури Ардашер аз Ҳоҷиобод низ виспурон ҳамчун шоҳзодагон маънидод карда шудаанд [25, с. 381]. Баъди онҳо дар раддабандии давлатӣ визургҳо (бузургзодагон): ашрофоне, ки ҳиссаи калони замин доштанд – ҳафт авлоди бонуфузи форс, ки аз ҳуқуқи бевоситаи мерос бархӯрдор буданд, қарор дошта, онҳо низ мансабҳои асосии ҳарбӣ ва давлатиро соҳиб мегаштанд, инчунин ҳокимони шаҳрҳо – шаҳробҳо (сатрапҳо) меистоданд [22, с. 46].

Таърихи мансабу унвони вузург - фрамадор чунин аст, ки он вазифаи маъмуриро иҷро мекард. Баъдтар таъсири фрамадор – идоракунанда баланд гардид. Аллакай дар ибтидои асри V ба унвони фрамадор «бузург» илова мегардад, ки дар маъхазҳои мусулмонӣ баробар ба вазир дониста шудааст. Аввалин вазир (вазург - фрамадор) - и Сосониён яке аз шахсиятҳои наздик ба Ардашери Бобакон – Апурсам интихоб гардидааст.

Аз ҳама зиёд дар табақабандии мазкур ашрофон - заминдорони миёна ва хурд – озодагон қарор доштанд, ки аз ӯҳдадории ҳарбӣ бархӯрдор буда, дар давраи ҷанг яке аз қисмҳои асосии артиши савораи Сосониёнро ташкил медоданд. Дар замони портҳо ва сосониён саворанизомҳо ашрофи хурдро дар чорчӯбаи табақаи ҳарбии соҳибимтиёз намояндагӣ мекарданд, ки аъзои он номи эронии “озодагон” доштанд. Онҳо аз номи шоҳаншоҳ ва ашрофи бонуфуз ҳиссаи заминро якумра ба иҷора гирифта, ба ивази он бошад ӯҳдадории ҳарбиро дар қисмҳои саворанизомҳои вазнин – катафрактҳо адо мекарданд [18, с. 118].

Муаррихи номӣ Аммиан Марселлин хабар медиҳад, ки форсҳо аз ҳама бештар дар набардҳо ба ҷасорати савораҳояшон боварӣ доранд, ки дар ин артиш аз таҳти дил тамоми ашрофон ва баргузидагони онҳо хизмат мекунанд [1, XXIII. 6, 83.].

Табақаи *кадхудоён* – соҳибони мулки хосса, аз рӯи анъанаи пешин шоҳон (ҳокимон)-и мулкҳои хосса, ки пеш аз барқарор гардидани ҳокимияти Сосониён идора карда буданд, ташкил медоданд. Дар анъанаи арабӣ мулуки тоифаҳо қабул шудааст. Зарур аст шарҳ дода шавад, ки дар рафти муттаҳид намудани Эрон зери ҳокимияти худ Ардашери Бобакон ба ҳокимони мулкҳои ҷудогона муроҷиат намуд, ки ихтиёрона тобеият ва ҳокимияташро пазируфта, ба ӯ ҳамроҳ шаванд. Дар натиҷа бархе аз ҳокимони хосса ба Ардашер ҳамроҳ шуда, бо ҳамин ҳокимияти худро дар мулки қаламравиаш нигоҳ доштанд [16, с. 90]. Мансаби дигар аркобод – комендант (назоратчии) дижҳо буд. Дар давраҳои минбаъда мансабҳои олии давлатӣ зина ба зина ба дасти ашрофзодагон гузаштанд.

Табақаҳои мазкур болоӣ ба шумор рафта, кишоварзон, ҳунармандон, савдогарон, ба табақаи андозсупоранда шомил мешуданд, ки аз онҳо даромади асосии хазинаи шоҳӣ – андоз синтонида мешуд. Ба ғайр аз андози замин, инчунин андози сарикасӣ вуҷуд дошт, ки онро ҳам мардҳо ва ҳам занони калонсол пардохт мекарданд. Ашрофзодагон ва дигар табақаҳои имтиёзнок аз пардохти ин гуна ӯҳдадориҳои молӣ озод буданд.

Дар умум империяи Сосониён аз худ давлати махсуси барои замони худ табақавиро таҷассум мекард, ки дар қаламрави он аҳолӣ ба чор *пешак (г)* (табақа)-и асосӣ тақсим мешуд:

Коҳинон – ки аз хизматгорони динии мартабаи гуногун: мубадон, коҳинон-додгустарҳо, муғон ва ғайра иборат буданд. Роҷеъ ба вазифа ва мақоми диндорони зардуштӣ дар ҷомеаи сосонӣ Мэри Бойс муфассал баён намудааст [5]. Дар “Достони Мину хирад” омадааст, ки “вазифаи диндорон динро (пойдор) доштан ва парастишу ситоиши эзидонро хуб ва бо андеша кардан. Фатвову ҳукм ва оинро чунон ки аз беҳдинии поки маздиснон пайдост, ба ростӣ доштан ва мардумро аз накӯкорӣ ва гуноҳ огоҳондан ва роҳ ба биҳишт ва биму парҳез аз дӯзахро намудан” иборат мебошад [10, с.

232]. Рӯҳониён дар давлати Сосониён нақши муҳимро ишғол мекарданд. Сухани коҳинони дини зардуштӣ барои аҳолии зардуштии мамлакат дар ҳаёт, иҷрои анъана ва расму русуму маросимҳои динию мардумӣ мақоми махсусро дошт. Абурайҳон Берунӣ меорад, ки “шахсе, ки дар мазҳабҳои Зардушт олим ба “Авесто” шавад, бояд уламои дин коғазе бинависанд ва ба дасти ӯ бидиҳанд, ки чунин иҷозае ба ӯ дода шудааст, ки агар касе бар ӯ эрод гирад, коғазро чун ҳуҷҷат нишон диҳад”[4, с. 222].

Дар мақоми аввали динӣ мубадон меистоданд, ки на танҳо матнҳои диниро ба мардум фаҳмонда мерасонданд, маросимҳоро мегузаронданд, инчунин вазифаҳои муайяни ҷамъиятиро низ иҷро мекарданд, ки муҳимтаринашон байни онҳо мурофиаи судӣ буд [20]. Баъзе муҳаққиқон ба ин назаранд, ки вазифаи мубадон меросӣ будааст, зеро ки дар “Бундаҳиш” низ омадааст, ки ҳамаи мубадон аз тухми шоҳ Мануҷеҳранд [26, с. 130 – 131].

Табақаи дигари диниро ҳирбадон ташкил медоданд, ки онҳо фақат вазифаи диниро иҷро мекарданд. Ба сари ҳирбадон ҳирбади ҳирбадон меистода, танҳо писари ҳирбад метавонист ба ин вазифа интихоб гардад. Рад ва даствар (дастур) низ мансабҳои динӣ буда, рад дар ҷомеа корҳои диниро пеш мебурд. Порйоткиш – таълимдиҳандаи дин, шахсе, ки ба таври комил метавонад, Авесто ва Зандро ҳифз нигоҳ дорад, ҳақиқати онҳоро ба мардуми оддӣ расонда тавонад, онҳоро тафсир дода тавонад, гумроҳии шахсоне, ки ҳангоми баҳси динӣ аён мегардад, муайян карда тавонад;

Ҳарбиён (артишдорон). Дастаҳои савора аз ҳисоби намояндагони табақаҳои болоӣ ташкил карда мешуд, қисмҳои ҳарбии пиёдагард бошад аз шумораи табақаҳои поёнӣ бунёд меёфт. Артишдорон ё сарфармондеҳон аз ҳисоби ашрофзодагон таъйин мегардиданд. Шарқшиноси рус К. А. Иностранцев такя ба ахбори Масъудӣ карда, менависад, ки дар китоби паҳлавии «Оиннома» 600 рутбаи форсҳо оварда шудааст, маъхази мазкур ва “Аййоткори Зарирон” оид ба корҳои ҳарбӣ дар давлати Сосониён маълумоти фаровон пешкаш менамоянд [14, с. 43]. Вазифаи ҳарбиёну сипоҳиён дар “Достони Мину хирад” дақиқ нишон дода шудааст, ки он аз “душманро задан ва шаҳру буми хеш бебиму осуда доштан” иборат мебошад [10, с. 232]. Тибқи таҳлили илмии маъхазҳо як қатор мутахассисон ба хулосае меоянд, ки то замони ҳукмронии Хусрави Анушервон ҳокимияти ҳарбӣ дар мамлакат дар дасти як шахс, аз ҷумлаи ҳафт авлоди бонуфуз ғун карда шуда будааст. Ваколати ӯро танҳо ҳокимияти шоҳаншоҳ маҳдуд мекардааст, инчунин маъхазҳо хабар медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо дигар мансабдорони калон низ амалиётҳои ҳарбиро роҳбарӣ карда будаанд. Дар замони Хусрави Анушервон бошад вазифаи Сарфармондеҳ барҳам дода шуда, ба ҷои он вазифаи чор сарфармондеҳ таъсис дода шудааст, ки дар ихтиёри худ лашкари чор қисмати давлатро доштаанд. Дар баъзе ҳолатҳо аз болои сарфармондеҳ шахсе монда мешуд, ки аз боварии махсуси комили шоҳ бархӯрдор буда, аксаран ба ин мақом аз авлоди шоҳӣ таъин мешуданд [14, с. 55 – 56].

Таъин намудани чор сарфармондеҳ ба ислоҳоти маъмурии Хусрави Анушервон рабт дорад. Чуноне ки қайд карда будем ӯ мамлакатро ба чор қисм (кост, куст) – ғарбӣ, шарқӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ тақсим намуда буд, ки онҳо ба марзбон ва остонҳо, ки аз тосуҷҳо иборат буданд, тақсим мешуданд. Қисмати асосии лашкарро саворагон ташкил дода, сипоҳи пиёданизом бошад аз кишоварзон, ки ӯҳдадории ҳарбӣ доштанд, иборат будааст. Ғайр аз ин, дар ҳайати лашкар дастаҳои зиёди ёрирасон аз ҳисоби халқҳои гуногуни дар минтақаҳои сарҳадӣ сукунат дошта дохил мешуданд. Тибқи оиннома аз сарфармондеҳон донистани дониши ҳарбӣ, ҷасорат ва аз сарбозон бошад риояи низоми ҷорӣ талаб карда мешуд. Тибқи анъанаи худ форсҳо дар аввали саршавии муҳориба ба сӯӣ душман бо шиори ба “шоҳаншоҳ” таслим шавед ва дини Зардуштро қабул кунед, муроҷиат мекарданд [14, с. 56]. Оид ба табақаи ҳарбиён ва корҳои ҳарбӣ як қатор олимон таҳқиқот анҷом додаанд, ки дар он маълумот оид ба сохтору низоми лашкар, ҳайати этникии он оварда шудааст [9];

Табақаи котибон (дабирон) хизматчиёни давлатии зинаҳои гуногун ва шахсоне, ки касбашон ба ин корҳо мувофиқ бударо дар бар мегирифт: котибон, шарҳиҳолнависон, ҳуҷҷатгузорон ва мактубот, тарҷумонҳо ва ғайра. Як қисми хизматчиён метавонистанд артишро ҳамроҳӣ намоянд, қисми дигар дар назди дастгоҳи ҳокимони маҳаллӣ ё шоҳаншоҳ амал мекарданд. Дар давлати Сосониён нақши ҳукумати марказӣ мустаҳкам гардонда шуда буд, барои ҳамин нақш, мақому мартабаи хизматгорон дар мамлакат хеле баланд буд;

Ба табақаи охирон, чорум *мардуми оддӣ*: тоҷирон, савдогарон, кишоварзон (вастриошан) ва ҳунармандон (хутухшан) шомил мешуданд [19].

Сохтори ҷамъиятии Эрон дар ин давра пурра муайян нест. Тибқи хулосаи бархе аз олимон дар Байнайннаҳрайн ва Хузистон аз меҳнати ғуломон истифода мешудаст. Ҳамин тариқ, ҷамоаи озоди деҳот гарчанде дар мамлакат тантана ҳам кунад, аммо боқимондаи муносибатҳои сохти ғуломдорӣ низ ба чашм мерасидааст. Маълумот дар бораи побанд будани як қисми деҳқонон аз заминдорони калон ҳам дар баъзе ҳуҷҷатҳои охири V сабт гардидааст, ки тамоми аҳолӣ ба шаҳрвандон (аъзоёни комилҳуқуқи ҷамъиятӣ) ва шахсони ҳуқуқҳояшон маҳдудкардашуда – ғайришаҳрвандон тақсим гардида будааст.

Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷамъияти Сосониён ба хулосае меояд, ки «таҳқурсии ҷомеаи эронии даврони сосониро ду рукни асосӣ ташкил медод: моликият ва хун. Бино ба «Номаи Тансар», дар аҳди поягузории давлати сосонӣ Ардашери Бобакон миёни ашроф ва авом фосилаи зиёде вуҷуд дошт. Онҳо аз ҷиҳати «либос, маркаб, сарою бӯстон ва зану хизматгор» имтиёз доштанд. Табақаҳо аз ҳайси мартабаи иҷтимоӣ дорои дараҷаҳо буданд. Дар ҷомеаи сосонӣ мақому манзалати дар шахс собиту мустаҳкам буд. … Ба иборати дигар, дар Эроншаҳри бостон мавқеи табақа ва дараҷаҳои иҷтимоъ аз бисёр ҷиҳат ба кастаҳои ҳиндуён шабоҳат дошт. Табақаҳои поён, бахусус деҳқонон ва косибон аз ҳукукҳои оддӣ маҳрум буда, мавриди истисмори шадиди чандҷониба қарор мегирифтанд. Табақаи баландтарини ашроф, ки наздикону атрофиёни подшоҳ, марзбонон ва шоҳзодагони сосонӣ буданд, барои худ расму анъанаҳои махсуси ашрофӣ тадвин намуда, дар ҷалолу шукӯҳи хосса зиндагӣ мекарданд» [23].

Ҷамъияти ашрофи давлати Сосониён на танҳо аз рӯи табақа, балки аз нуқтаи назари баромади хунӣ, масалан, форсӣ ё портӣ низ тақсимбандӣ мешуд. Ин расман дар навиштаҷоти Нарси омадааст, ки он ҷо форсҳо ва портҳо ба таври алоҳида ёд мешаванд. Қонунҳои мамлакат покии хуни хонадонҳо, ба хусус хонадонҳои ашроф ва моли ғайриманқули ононро муҳофизат мекард. Масалан, дар яке аз маъхазҳои паҳлавӣ омадааст, ки "бештар ошӯбу зиёне, ки ба офариниши Ҳурмузд омад, аз он рӯй буд, ки духтари хешро берун аз пайванд доданд ва барои писари хеш духтари касон ба занӣ хостанд, то нажод табоҳ гардид" [28, с. 118]. Дар бораи ҳифзи хуни хонадони салтанатӣ «Форснома»-и Ибн Балхӣ низ маълумот медиҳад [12].

Анъанаи омезиш наёфтани хун ба ҷомеаи ориёиҳои бостон мерасад. Масалан, сиёсатшинос ва муаррихи машҳур Ҷ. Неру роҷеъ ба ҷамъияти Ҳиндустони Қадим сухан ронда, менависад, ки заминаи низоми кастагии мамлакат ин буд, ки ҳиндуориёиҳо намехостанд, ки бо намояндагони дигар нажод омезиш ёбанд [17, с. 59].

Табақаи ҳоким бахусус ашрофи сосонӣ аз тамоми табақаҳои дигар духтар мегирифтанд, вале ба ягон табақаи поёнӣ духтар намедоданд. Қонуни мамлакат фурӯши амволи ашрофро ба табақаи поён манъ мекард. Агар касе тасодуфан чизе аз моли табақаи ашрофро харидорӣ кунад, мол пас гирифта шуда, шахси харида ба маҳкама кашида мешуд [23].

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ бошад ҳамаи ашрофзодагони бонуфуз дар пойтахт хонаҳои боҳашамат доштанд, аммо дар бисёр маврид онҳо дар мулкҳояшон – *дасткардаҳ* ҳаёт ба сар мебурданд. Мулкҳои онҳо меросӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Муносиботи шоҳ бо ашрофон масъалаи асосии таърихи сиёсии Сосониёнро дар бар мегирад. Ҳатто зиёде аз ашрофзодагони портӣ низ ба хизмати Сосониён даромаданд ва ба ин тарз мавқеи ҷамъиятии худро ҳифз нигоҳ доштанд. Дар солҳои аввали ҳукмронии Сосониён дар пойтахт барои муборизаи бурдан барои ҳокимият ашрофон кӯшиш накарда буданд, гарчанде ки дар баъзе музофотҳо он рух дода буд. Аммо таъсири ашрофзодагон дар пойтахт ҳам ба таври равшан намудор буд. Масалан

тибқи ахбори маъхазҳои таърихӣ ба тахтнишинии шоҳаншоҳи нави сосонӣ бо маросими пазироии ашрофон доир мегардид, ки дар он шоҳаншоҳ ва ашроф бо сухан муколамаи афкор доир мекарданд [16, с. 93 – 95].

Аз давраи ҳукмронии Шопури дуввум сар карда, ашрофон ба таври доимӣ дар мубориза барои қудрат иштирок мекарданд ва як шоҳро аз тахт фуроварда, дигарро ба тахт мешинонданд.

Дар миёнаи табақаҳои мардум тафовути зиёд вуҷуд дошт. Масалан, дар табақаи косибон ҷою мақоми ҳар фард дақиқан муайян шуда буд. Ҳирфаю касб меросӣ буд. Ба касе, ки маҳорату лаёқати лозим надошта бошад, ҷиддан манъ шуда буд, ки бо он касаба машғул шавад. Дар «Достони Мину хирад» ин масъала чунин зикр шудааст: «вазифаи муздурон ин (аст), ки кореро, ки надонанд, даст бад-он набаранд ва он чи донанд хуб ва ба андеша кунанд ва музди одилона хоҳанд. Чи касе, ки (кореро) надонад ва ба анҷоми он даст занад, мешавад, ки он кор табоҳ ва нокарда бувад. Ва агар он мардеро, ки кор аз они ӯст, бисёр хушнуд кунад ҳам, бо ин он гуноҳ бо ӯ бувад» [10, с. 232].

Дар ҷомеа ва давлати сосонӣ нақши коҳинон низ хеле баланд буд. Ҳанӯз аз даврaҳои пеш, махсусан дар давраи идоракунии портҳо мақоми диндорон баланд буда, онҳо аъзои Шӯрои олии Ашкониён буданд. Дар замони идоракунии Сосониён бошад боз ҳам нақш ва таъсири коҳинон дар ҷомеа ва давлат баландтар гардид. Худи асосгузори давлат Ардашери Бобакон низ мақом ва мартабаи дини зардуштӣ ва коҳинони онро баланд бардошта буд. Ҳамин тавр, гарчанде ки мубадон ба шоҳаншоҳ итоат мекарданд, аммо ҳамзамон таъсири худро ба ӯ мерасонданд. Мақоми нигоҳдорандаи донишҳои муқаддас ва худовандӣ, ки ба табақаи болоии ҷамъият низ дастнорас буд, ба онҳо имконият медод, ки аз номи Худованд гап зада, шоҳону ашрофонро низ барои иҷрои амри муқаддасоти динию ҷамъиятӣ даъват мекарданд [16, 116].

Оид ба мақоми занон дар давлати Сосониён низ муҳаққиқон фикру назарҳои худро пешниҳод кардаанд. Жан-Пол Ру менависад, ки мақоми онҳо дар ҷомеа баланд будааст, масалан, дар асоси намояндагони ҷинси латифи дарбор ӯ қайд менамояд, ки онҳо метавонистанд дар базмҳои дарборӣ ҳузур ёбанд, тахтро ишғол намоянд ва вазифаи регентро иҷро кунанд, унвони маликаи маликаҳоро қабул намоянд [24, с. 164 – 165].

Дар империяи Сосониён расман тибқи қонун байни Эрон (Эроншаҳр) ва ғайри Эрон фарқият гузошта, тасдиқ карда шуда буд. Ба ин масъала ҳанӯз дар сангнавишти аз Шопури Ардашер боқӣ монда ишора шудааст, ки шоҳаншоҳ аз Эрон ва Анерон (ғайриэрон) зикр кардааст [25, с. 381]. Агар Ардашери Бобакон унвони «шоҳи шоҳони Эрон» дошт, пас Шопур унвони «шоҳи шоҳони Эрон ва ғайри Эрон» -ро гирифт, ҳамчунин тафовутгузориро миёни эрониён ва ғайриэрониён таҷассум мекард [27, с. 285].

Дар ибтидо фарқияти мазкур хусусияти диниро дошт, ки форсҳо ва дигар қавмҳои эронӣ, ки зардуштияро пайравӣ мекарданд ва худро дар муқобили халқҳои ғайриэронӣ ва қабоили кӯчӣ, ки парастишҳои барои эрониён бегонаро пайравӣ мекарданд. Эрондӯстдорӣ дар замони Сосониён як тамоюли махсус буд, ки зери таъсири дини зардуштӣ ва рӯҳониёни он сурат мегирифт. Барои ҳифз нигоҳ доштани анъанаҳои миллӣ намояндагони дини давлатӣ дар созишкорӣ бо мардум расму маросимҳои қадимаи эрониёнро нигоҳ медошт [13, с. 2]. Баъдтар ин фактори тафовутгузошта барҳам дода шуд ва ба Эрон тамоми музофотҳо ва мамлакатҳои тобеъшуда ва ба ҳайати Сосониён ҳамроҳ карда шударо марбут донистанд.

Давлати Сосониён ба ҳамаи табақаҳои ҷамъиятӣ, ҳатто аз ҳама поёнӣ низ ҳуқуқҳои муайян, масалан ҳуқуқи судиро кафолат медод. Аммо, албатта, тақсимоти ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо аз мақоми дар ҷомеа ишғолкарда вобаст буд. Масалан, ғулом метавонист барои зарари ҷисмонӣ аз болои хӯҷаини худ ба суд шикоят барад, ҳамзамон одаме, ки дороиаш аз 30 дирҳам поёнтар буд, наметавонист даъвои молу мулкӣ пешниҳод намояд. Табаияти ғайризардуштии Эрон бошад аз мухторияти ҳуқуқии дохилидавлатӣ, хусусан дар масъалаҳои молу мулкӣ (шаҳрвандӣ) барҳӯрдор будааст.

Яҳудиён ва насрониён низ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дар назди шоҳ намояндагии худро доштаанд.

Дар ҷамъияти онвақтаи Эрон ашрофзодагон ва мардуми оддӣ аз ҳамдигар бо тарзи либоспӯшиашон, шумораи занони никоҳӣ, хизматгорон, тарзи хона, ҳатто зини бастагии ҳайвони савора фарқ мекардаанд. Ҳатто фарқиятҳои тибқи қонун муқарраргардида низ амал мекарданд, ки ба таври мисол ҷавонони ашрофзода наметавонистанд, ки аз оилаҳои оддӣ духтарро ба занӣ гиранд ва никоҳи зани озод бо ғуломро бошад метавонистанд бо даъвои пешниҳоднамудаи хешовандонаш бекор намоянд [8, с. 40].

Зинаи асосии ҷамъиятии Сосониён ин оила буд, ки дар асоси анъаноти миллӣ ва дини зардуштӣ бунёд карда мешуд. Ҳуқуқи оила барпо намудан бо ба синни балоғат расидан иҷозат дода мешуд, ки меъёри муқаррарнамудаи он аз 15 солагӣ ба ҳисоб гирифта мешуд.

Забони давлатии Сосониён форсӣ (порсик) эълон гардида буд, ки дар муносибатҳои ҷамъиятии мамлакат нақши муҳимро иҷро карда, мақоми махсусро дошта, онро дарӣ (забони дарбор) номиданӣ шуданд. Забони порсӣ мавқеи истифодабарии дигар забонҳоро дар муносибатҳои маъмурӣ ва фарҳангӣ танг карда бароварда. Дар умум бошад, ба мисли замони Ҳахоманишиҳо ва Аршакиён давлати Сосониён низ аз шоҳигариҳо ва мулкҳои гуногуни тобеъ карда шуда таркиб ёфта буд.

Аммо дар фарқият аз портҳо Сосониён барои мустаҳкам гардондани ҳукумати марказӣ саъю кӯшишҳои зиёд намуда буданд ва мустақилияти аз ҳад зиёди мулкҳои вассалии худро аз байн бардоштанд. Империяи Сосониён низ бисермиллата буда, хусусиятҳои фарҳунандаи забонӣ, хоҷагидорӣ ва фарҳангии халқҳои қаламрави худро доро буд.

Ҳамин тариқ, дар замони Сосониён дар Эрон муносибатҳои феодалӣ пурра ташаккул ёфтанд, низоми давлатдорӣ мутамарказ гардонда шуда, сохтори ҷамъиятии давлат бошад тибқи анъаноти дини зардуштию расму русуми ниёгони форсу тоҷик равиш доштааст.

Адабиёт:

1. Аммиан Марцеллин. Римская история. СПб.: Алетейя, 2000. 576 с.
2. Ахмад Тафаззоли. Наука управления государством в Сасанидском Иране // Иран-наме. Научный востоковедческий журнал. Алматы. № 2 (6). 2008. С. 5 – 12.
3. Бауэр Сьюзен Уайс. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. 988, [4] с.
4. Берунӣ А. Осор - ул - боқия. Душанбе: Ирфон, 1990. 432 с.
5. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. Пер. с английского И. М. Стеблин-Каменского. М.: Наука, 1987. – 303 с. с ил.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. Душанбе, 1998. 704 с.
7. Герберт Джордж Уэллс. История цивилизации. Перевод с английского А. Тетеркина. М.: Издательство АСТ: Астрель, 2011. 473, [7] с.
8. Дашков С. Б. Цари царей Сасаниды. Иран III – VII вв. в легендах, исторических хрониках и современных исследованиях. М., 2008. 352 с: ил.
9. Дмитриев В. А. «Всадники в сверкающей броне»: Военное дело сасанидского Ирана и история римско-персидских войн. СПб.: Петербургское востоковедение, 2008. – 368 с.
10. Достони Мену хирад // Мероси хаттии бостон. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби II. Ҷ. 1. Душанбе: Бухоро, 2014. С. 214 – 246.
11. Зоҳидӣ Н. Ш. «Аҳдномаи Ардашер» дар қарнҳои нахусти Ислом // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. № 5 (72). Душанбе, 2017. С. 117 – 121.
12. Ибни Балхӣ. Форснома. Душанбе: Дониш, 1989. 158 с.
13. Иностранцев К. А. Персидская литературная традиция в первые века ислама // Записки Императорской Академии наук. По историко-филологическому отделению. Т. VIII. № 13. СПб., 1909. 40 с.
14. Иностранцев К. А. Сасанидские этюды. СПб., 1909. 140 с.
15. Корномаи Ардашери Бобакон // Мероси хаттии бостон. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби II. Ҷ. 1. Душанбе: Бухоро, 2014. С. 255 – 271.
16. Мишин Д. Е. Хосров I Ануширван (531 – 579), его эпоха и его жизнеописание и поучение в истории Мискавейха. М.: ИВ РАН, 2014. 696 с.

17. Неру Дж. Села-республики Древней Индии // Взгляд на всемирную истории. Письма к дочери из тюрьмы, содержащие свободное изложение истории для юношества. Часть 1. М., 1981. С. 58 – 61.
18. Никоноров В. П. К вопросу о парфянском наследии в сасанидском Иране: военное дело // Центральная Азия от Ахеменидов до Тимуридов: археология, история, этнология, культура. Материалы международной научной конференции, посвященной 100 - летию со дня рождения Александра Марковича Беленицкого (Санкт-Петербург, 2 – 5 ноября 2004 года). СПб.: Институт истории материальной культуры РАН, 2005. С. 141 – 179.
19. Периханян А. Г. Общество и право Ирана в парфиянский и сасанидский периоды. М.: Наука, 1983. 384 с.
20. Периханян А. Г. Сасанидский судебник. Книга тысячи судебных решений (MATADAN I HAZAR DATASTAN). Ереван: Изадельство АН Армянской ССР, 1973. 572 с.
21. Пигулевская Н. В. Византия и Иран на рубеже VI – VII веков. М. – Л., 1946. 292 с.
22. Пигулевская Н. В., Якубовский А. Ю., Петрушевский И. П., Строева Л. В., Беленицкий А. М. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII века. Л.: Издательство ленинградского университета, 1958. 390 с.: ил., карт.
23. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёй. Душанбе, 2006. 372 с.
24. Ру Жан - Пол. История Ирана и иранцев. От истока до наших дней. Перевод с французского Некрасов М. Ю. СПб.: Евразия, 2015. 432.
25. Сангнавиштаи Шопури Ардашер (дар Ҳоҷиобод) // Мероси хаттии бостон. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби II. Ҷ. 1. Душанбе: Бухоро, 2014. С. 381.
26. Фарнбағ Додагӣ. Бундаҳиш. Душанбе: Эҷод, 2006. 196 с.
27. Фрай Р. Наследие Ирана. Издание второе, исправленное и дополненное. М.: Восточная литература, 2002. 463 с.: ил. – (Культура народов Востока: Материалы и исследования: Осн. в 1969 г.).
28. Чанд вожаи Озарбоди Маҳраспандон // Мероси хаттии бостон. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби II. Ҷ. 1. Душанбе: Бухоро, 2014. С. 118 – 122.
29. عهد اردشیر. پژوهنده عربی احسان عباس. برگرداننده بفارسی محمد علی امام شوشتری. - تهران، 1348. 174 ص + ف.

САЙРИ ТАЪРИХИИ ИСТИЛОҲИ “ПАҲЛАВОН” (БАР АСОСИ МАВОДИ “ШОҲНОМА”)

Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович *– дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Аз ҷумлаи бартариҳои забони тоҷикӣ (форсӣ) дар он аст, ки ин забон ҳазору чандсад сол аст, ки дигаргунии назаррасе наёфтааст ва ин нуктаро далел душворие надоштани фаҳми забони «Шоҳнома» барои тоҷикони имрӯза мебошад. “Шоҳнома” бо нақли ҳаводиси таърихӣ хеле аз калимаҳои таърихӣ ва бозмонда аз даврони бостон ва миёнаи таърихи ташаккули забони моро то ба мо расонида ва умри ҷовидонӣ бахшидааст. Яке аз вожа ва истилоҳҳое, ки дар замони Сосониён ва аз тариқи “Шоҳнома” дар замони муосир устувор ва серистеъмол аст, вожаи “паҳлавон” мебошад. Дар он рӯзгороне, ки забону фарҳанги арабӣ бо қудрати ҳангуфти худ забони зебову шевои тоҷикиро фишор меовард, Фирдавсӣ «Шоҳнома» - и ҷовидонаи худро офарида, дар 60 ҳазор байти он, ба истиснои якчанд вомвожаҳои арабӣ, танҳо аз гӯйишҳои ноби забонамон кор гирифт. Яке аз шартҳои дар забони адабӣ ба кор бурдани вожаеро, бо ҷой доштанаш дар шеваи гӯиши мардумӣ ва ҳамзамон дар осори адибони пешина (классикӣ), муҳим донистаанд. Яъне агар вожае дар забони зиндаи мардум ва ҳамзамон дар забони адабиёти классикӣ ҷой дошта бошад, онро метавон дар забони адабӣ ба кор бурд. Чунон ки забоншиноси бузурги Шуравӣ И. М. Оранский навиштааст: «Зодаи Тӯси Хуросон, Фирдавсӣ ба он забоне гуфугӯ мекарду асар меофарид, ки Рӯдакӣ - таваллудшудаи Панҷаканд ва бошандаи Бухоро бо ҳамон забон сухан меронду сухансароӣ мекард. Агар дар забони зиндаи тоҷикии (форсии) Бухоро ва Нишопур, Қубодиён ва Балх, Тӯс ва Шероз, Ҳирот ва Ғазна тафовутҳои каму беш ба чашм ҳам бихӯранд, дар забони адабӣ дигаргуниҳо хеле ночизанд.» [8, с. 280].

Мо тоҷикон ва форсизабонони олам дар бахши азиме аз забон ва фарҳанг ва ҳувияти милли худ мадюни “Шоҳнома”-и Фирдавсии Тӯсӣ ҳастем. “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ шиносномаи забон ва фарҳанги эронӣ-ориёӣ мебошад. Шояд агар асрҳо қабл ҳаким Фирдавсӣ ба навиштани ин шоҳасар оғоз намекард, имрӯз мо чизе аз забони форсӣ-тоҷикӣ ва бисёре аз одобу русуми куҳани ориёнӣ намедонистем.

Дар даврае, ки арабҳо ба тавассул ба зӯр ва шамшер саъй доштанд, забони худро ба мардумони эронитабор таҳмил кунанд, Фирдавсӣ барои ҳифз ва зинда нигоҳ

доштани забони порсӣ[1] ба сурудани ашъоре ба забони форсӣ-тоҷикӣ шуруъ кард, ки дар замони муосир табдил ба як асари ҳамосӣ ва асотирии беназир дар ҷаҳон шудааст. Ӯ дар солҳое, ки забон ва адабиёти Эрон дучори ошуфтагии фаровоне дар низоми луғавӣ ва сарфиву наҳвӣ шуда буд, бо сурудани "Шоҳнома" монеъи аз байн рафтани забони форсӣ-тоҷикӣ шуд. Забони "Шоҳнома" зеботарин ва саратарин шакли забонии он рӯзгор буд, аммо ба далели он ки забони зиндаи он даврон порсии адабӣ набуд, барои он ки ашъораш барои тамоми мардум қобили фаҳм бошад, ночор аз бархе вожаҳои арабӣ низ дар достонҳояш истифода кардааст, ки теъдоди ин вожаҳо ба 865 калима мерасад, ки бархе аз онҳо иборатанд аз шамъ, садаф, ятим, яқин, аҷам, тилисм, ошиқ, акс, ғул, қимат, мадҳ, муқаддас, наҳс, нишот, ваҳшӣ, назм, хароб.

Забони форсӣ-тоҷикӣ танҳо забоне аст, ки иртиботи худ бо асли худ (форсии миёна<форсии бостон)-ро аз тариқи осоре мисли "Шоҳнома", "Дарахти асуриг" "Динкард", "Бундаҳишн", "Корномаи Ардашери Бобакон" ва амсоли онҳо нигоҳ доштааст. Дар дунё ягон забоне бо чунин решаи густурда дар аъмоқи қарнҳо ва ҳазораҳои таърих надорад, ки забони форсӣ-тоҷикӣ дорад. Бино бар ин, ин реша, ки аз ҷону равони ниёкони мо баҳра мегирад, ҳамеша пойдор аст ва Фирдавсӣ бо сурудаи худ ин забонро дар давраи нав устувортар кардааст. Дар тули ҳазораи охир ягон китоб ба андозаи "Шоҳнома" калимаҳои аслии форсӣ-тоҷикиро нигаҳдорӣ накардааст. Агарчи таркиби луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ аз калимаҳои иқтибосӣ (бавижа арабӣ) лабрез аст, вале фонди луғавии забони тоҷикӣ асосан аз калимаҳои аслии тоҷикӣ шакл гирифтааст, ки он аз ҷону равони ниёкони мо баҳра мегирад ва ҳамеша муқтадир аст ва Фирдавсӣ ин забонро устувортар кардаст. Вобаста ба ташаккул ва таҳаввуле, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меояд, забон низ тағйир ва такмил меёбад ва тағйирот дар сохтор ва маънои вожаҳо падид меояд. Бино бар ин, дар бисёре аз вожаҳои аслии забон дар як шакле тағйирот (аммо қонунмандона ва муназзам) мушоҳида мешавад. Нуктаҳои андешидании бисёр ва гиреҳҳои кушудании бисёр дар достонҳои маъруф ва забонзади "Шоҳнома" мавҷуд аст, ки дар аксар китобҳое, ки дар ин замина навишта мешаванд, мавриди таваҷҷуҳи кофӣ қарор намегиранд. Забони "Шоҳнома" забоне аст олӣ ва умри ҳазорсола дорад. Пас аз замони тулонӣ таҳаввулоти фарҳангии мухталиф миёни мо ва он миқдоре фосила эҷод шудааст, ҳазор сол замони каме нест. Хушбахтона, ҳанӯз ҳам мо "Шоҳнома"-ро мехонем ва мефаҳмем, аммо на ба ҳадди ҳамасрони ӯ.

Ҷои тааҷҷуб нест, агар касе "Шоҳнома"-ро бори аввал мутолиа кунад ва вожаҳое мисли "баргуствон", "кӯтвол", "зубин" ва "дужогоҳ"-ро надонад. Инҳо вожагонеанд, ки хонандаро ба пурсиш аз мутталеъон ё муроҷиат ба фарҳангҳо раҳнамун мекунанд.

Бисёре аз вожаҳои ошно ва сохтҳои грамматикии роиҷ агар дурусттар ва амиқтар баррасӣ карда шаванд, маъниҳое, ки то паш аз он корбурди одӣ ва қолибӣ дошт, зинда ва ҷондор мегардад ва инкишофу зудудани ибҳомҳо ба хонанда завқ ва ҳаловат мебахшад.

Вожаи **паҳлавон** яке аз вожаҳои серистеъмол ва калидии адаби ҳамосии мо, бавижа, "Шоҳнома" мебошад, ки имрӯз низ яке аз калимаҳои фаъоли забон мебошад.

Он "паҳлавон", ки аксари мо бо он ошно ҳастем ва дар зеҳн дорем, шахсе аст, неруманд, қавӣ ва азимҷусса ва дорои маҳоратҳои варзишиву мавсуф ба футувват ва шуҷоат мебошад. Мафҳуми "паҳлавон" дар тавсифоти "Шоҳнома" бо ончи гуфтем, бегона нест, лекин бо он мувофиқати том низ надорад. "Паҳлавон" дар дунёи "Шоҳнома" мақоме дар мартабаҳои маъмурӣ-сиёсии даврони куҳан мебошад. Дар дунёи "Шоҳнома" идораи ҳукумат ва ҷомеа бар уҳдаи касоне аст, ки асоситарини онҳо яке шоҳ аст ва дигаре паҳлавон. Ин ду дар канори якдигар ва ба тавре мукаммили калидитарин мансабҳои идории даврони куҳани достонҳои "Шоҳнома"-ро ба уҳда дорад.

Шахсиятҳои "дугона"-и шоҳ ва паҳлавон борҳо ва борҳо дар канори ҳам дар "Шоҳнома" намудор мегарданд. Амире, ки ба мардӣ ва сипоҳкашӣ аз ӯ беҳтар набошад; сипаҳбади лашкар:

[1] форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ ва порсӣ ҳама дар як маънӣ ва муродифи якдигаранд.

Ҳамоно ба фармони шоҳ омадӣ,
Гар аз паҳлавони сипоҳ омадӣ [2, 5830]
Варо паҳлавон кард бар лашкараш,
Бад-он то баойин бувад кишвараш [2, 5830]
Биёмад сӯйи кох достонфароз,
Яли паҳлавон, Рустами сарфароз [2, 5830]
Чу ту шоҳ бошиву ман паҳлавон,
Касеро ба тан дарнабошад равон [9, 1009].
Чунин аст ойини чархи равон,
Агар шаҳриёрему гар паҳлавон.
Бузургӣ ба фарҷоми ҳам бигзарад,
Шикор аст маргаш ҳаме бишкарад [8, 1097].
Агар тоҷдор аст, агар паҳлавон,
Ба зан гирад ором марди ҷавон [8, 1290].

“Паҳлавон”-и “Шоҳнома” нақши муҳимме дар давлатдорӣ ва сомондиҳии умури сиёсӣ ва иҷтимоии кору бори шоҳ дорад. Чунончи, Рӯзбеҳ дар ҷое, ки аз таъсири фавқулъодаи сухан ва зарурати санҷидани гуфтор сухан ронда мегӯяд:

Сухан беҳтар аз гавҳари номдор,
Чу бар ҷойгаҳ барбарандаш ба кор.
Хирад шоҳ бояд, забон паҳлавон,
Чу хоҳӣ, ки беранҷ монад равон [9, 1329].

“Паҳлавон” дар “Шоҳнома” гоҳе коргузор (пешкор) аз тарафи шоҳ ва фармондеҳ аст. Баъзан ин коргузор дар мақоми солории сипоҳ ва баъзан дар мақоме чун вазорат аст:

Ки эй паҳлавони рад, Афросиёб!
Гирифт андар ин дашт моро шитоб [9, 665].
Гирифтанд гурдон ба посух шитоб,
Ки эй паҳлавони рад, Афросиёб [9, 713].

Ба назар мерасад, яке аз маъонии вожаи “паҳлавон” дар “Шоҳнома” ҳамин ҳоким ва фармонравои маҳаллии вобаста ба шоҳи аслӣ ва ҳукумати марказӣ аст. Дар бораи диловарии Авлод, ки паҳлавони яке аз марзҳо дар қаламрави Мозандарон аст, мехонем:

Бад-он марз Авлод буд паҳлавон,
Яке номҷӯи далеру ҷавон [9, 201].

Унвони “паҳлавон” баъзан ба таври фарогир бар бузургони кишвар итлоқ мегардад, ба таъбири дигар, паҳлавонон ҳамон бузургон ва сардамдорон ва соҳибмансабонанд дар муқобили кеҳтарон:

Чунон буд, ки ҳар шаб ду марди ҷавон,
Чи кеҳтар, чи аз тухмаи паҳлавон.
Хуришгар бибурдӣ ба айвони шоҳ,
Ҳамесохтӣ роҳи дармони шоҳ [9, 27].

Вақте “паҳлавон” аз маънои шуҷоъи зӯрманд фаротар меояд ва ба унвони як мансаби расмӣ мегардад, табиӣ аст, ки ҳамчун мақоми расмии мансаб низ дар перомуни он мақом пайдо мекунад. Ҷаҳонпаҳлавон Сом хитоб ба Манучеҳршоҳ мегуфт:

Маро паҳлавонӣ ниёи ту дод,
Диламро хирад меҳру ройи ту дод [9, 84].
Варо паҳлавон кард бар лашкараш,
Бад-он то баойин бувад кишвараш [9, 1316].

Ҳамин вожаи ба ҳамагон ошнои «паҳлавон» фақат дар китобе чун “Шоҳнома” дар маъонӣ ва корбурдҳое зоҳир мешавад, ки ба тасаввури ибтидоии як тоҷикзабони муосир тафовутҳои маънидор ва боаҳаммият дорад ва бидуни таваҷҷуҳ ба ҳамин нозукиҳо ифодаи порае аз байтҳо ва ибораҳои “Шоҳнома” яке аз истилоҳоти калидии ҳамосаи миллии ақвоми ориё ба ҳеҷ ваҷҳ равшан намешавад. Вале барои касе, ки аз

забон ва адабу фарҳанги замони то “Шоҳнома” хабардор мебошад, фаҳмидан осонтар аст, зеро “Шоҳнома” нақли ахбори гузашта ва баёнкунандаи таърихи мо ҷиҳати ибрат ва созандагӣ мебошад. Бисёре аз калимаҳо, ки аз даврои бостон ва миёна то ба мо расидаанд, чизе дар ҳудуди маъноии онҳо ё афзудааст, ва ё костааст, ки мо онро фақат бо мутолиаи дақиқназарона аз осори мансуби даврaҳои гуногун дармеёбем, чунончи дар мисоли “паҳлавон” дидем.

Адабиёт

1. Баҳор М. Сабкшиносӣ (талхиси Сайидабӯтолиби Миробидинӣ) / М. Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
2. Деҳхудо А. Луғатномаи Деҳхудо / А. Деҳхудо. – Теҳрон, 1931. – 67235с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексика). – Душанбе, 1981. – 191 с.
4. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 234 с.
5. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х). Ҷилди 1 / Н. М. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 566 с.
6. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. - Душанбе, 2011. - 385 с.
7. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ / А. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 342с.
8. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома / А. Фирдавсӣ. – Теҳрон: Интишороти Ҳирмис, 1390 ҳ.ш.
9. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои Х-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. – 2013. – 344 с.
10. Ҳасандӯст Муҳаммад. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ, ҷилди 1 / Муҳаммад Ҳасандӯст. – Теҳрон: Осор. – 1393. – 585 с.

ИСТОРИЧЕСКАЯ РАЗВИТИЕ ТЕРМИНА «ПАХЛАВОН» (НА МАТЕРИАЛЕ «ШАХНОМА»)

Некоторые слова в книге «Шахнома» Абул Касима Фирдоуси появляются таким образом, что имеют содержательные и важные отличия от современного восприятия носителей персидского языка, и, не обращая на них внимания, выражения некоторых стихов и фраз «Шохнома» узнать нельзя. Автор пытается проанализировать значения слова «борец», которое является одним из наиболее часто употребляемых слов в «шахнома» и эпической литературе и живом языке народа.

Согласно этому, упоминая свидетеля, он приводит примеры из текста «Шахнома» и тем самым показывает читателям некоторые значения слова «палаван».

Ключевые слова: *«Шахнома», Фирдоуси, язык «Шохнома», значение слова, значение словосочетания, эпическая литература, борцы, персидский язык.*

Сведения об авторе: Рахмонов Б.- кандидат филологических, наук, доцент кафедрой теории и практики языкознания ТГПУ па имени С. Айни. Телефон: 938701720 zobit@list.ru

HISTORICAL DEVELOPMENT OF THE TERM “PAKHLAVON” (BASED ON THE MATERIAL OF “SHAHNOMA”)

Some words in the book "Shohnoma" by Abul Qasim Firdousi appear in such a way that they have significant and important differences from the modern perception of native speakers of the Persian language, and, without paying attention to them, the expressions of some verses and phrases of "Shohnoma" The author is trying to analyze the meaning of the word "fighter", which is one of the most frequently used words in "Shohnoma" and epic literature and the living language of the people.

According to this, mentioning a witness, he gives examples from the text "Shohnoma" and thereby shows some meanings of the word “palavan” for readers.

Key words: *“Shohnoma”, Firdowsi, “Shohnoma” language, meaning of the word, meaning of the phrase, epic literature, wrestlers, Persian language.*

About the author: Rahmonov B. – candidate of philology, docent of the Departament of theory and Practice of Linguistics of Tajik State Pedagogical University by named after S. Aini. Phone: 938701720, zobit@list.ru

САДА- ИДИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН

Ғафурова Гулсара *– дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»*

Эркаев Сафар Абдулхайрович *– дотсенти кафедраи Археология, этнография ва дониишиосии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», E-mail: safar.erkaev@mail.ru*

«Дар замони соҳибистиқлолӣ мо ҷашни ***Садаро*** *ба ҳайси маросими кишоварзону богдорон ва дар маҷмӯъ, ҳамчун ойини сирф мардумӣ таҷлил менамоем ва дар таблиғи гояҳои неку моҳияти арзишманди он, аз қабили садоқат ба Ватан, осоишу ваҳдати инсонҳо, дӯст доштани табиат ва заҳмат ба хотири баракату фаровонӣ саъю талош меварзем».* **Эмомалӣ Раҳмон**

Сада яке аз ҷашнҳои қадимаи мавсимии халқиятҳои ориёинажод ба шумор меравад, ки рӯзи 10-уми моҳи Баҳмани солшумории шамсӣ таҷлил мегардид ва мутобиқи солшумории мелодӣ ба поёни шаби 30-юм ва оғози рӯзи 31-уми январи солшумории мелодӣ рост меояд. Дар таърихи Ватан ба мероси таърихи тоҷикон эътибор дода шудааст. Дар адабиётии классики тоҷик, хусусан дар эҷодиёти *Унсурии Балхӣ, Фирдавсӣ, Фаррухии Систонӣ, адиб Собири Термизӣ, Мануҷеҳрии Домғонӣ ва дигарон қасидаҳо, дар асарҳои Наршахӣ, Абу Райҳон Берунӣ, Байҳақӣ, М.С.Андреев, Н.А.Кисляков* ва дигарон дар васфи Сада бисёранд[1,3].

Метавон гуфт, ки Сада пас аз 40 шабонарӯзи омадани Шаби Ялдо (дарозтарин шаби аввали моҳи Дай) ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро расида, чун гиромидошти ойини оташпарастӣ ва бузургдошти Меҳр истиқбол гирифта мешуд. Ин ҷашнро барои он Сада меноманд, ки аслан аз шумораи сад гирифташуда, аз 10-уми моҳи Баҳман то омадани Наврӯз 50 шабу 50 рӯзро фаро мегирад. Ба қавли Абурайҳони Берунӣ аҷдодони барӯманди мо шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд, ки он дар якҷоягӣ то расидани Наврӯз 100 шабу рӯзро ташкил менамуд. Иди Сада дар поёни чиллаи калон чун рамзи гузаштани сардиҳои зимистон одатан муждае аз наздик расидани баҳор меовард. Мардум, бахусус деҳқонон дар шаби Сада бори дигар бузургдошти Худои гармию фурӯғи миноӣ Митра (Меҳр)-ро ёдоварӣ намуда, ба поси он гулханҳои бузург меафрӯхтанд ва шодиву хушҳолӣ менамуданд. Сада моҳиятан пирӯзии рӯшноиро бар торикӣ ифода намуда, бо тантанаи оташафрӯзӣ омадани фасли баҳору муждаи пешакии Наврӯзро мерасонд.

Сарчашмаҳои таърихӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бузургдошти оташ ва ойини Меҳрпарастӣ дар миёни гузаштагони тоҷикон ва дигар халқҳои форсизабон тақрибан даҳ-дувоздаҳ ҳазор сол пеш, дар сарзамини паҳновари «Аирйанам Ваеҷаҳ» («Фарохнои Ориёно») падид омадааст. Дертар дар ҳамин замина ҷашнҳои мавсимии Шаби Ялдо ва Сада зимни мушоҳидаҳои бурҷҳои фалак, ҳаракати Офтоб ва дигар ҷирмҳои кайҳонӣ маълум гардидааст. Аз рӯйи пиндори олимон тақрибан ёздаҳ ҳазор сол пеш дар қисмати шимолии Осиё, яъне ватани бумии қабилаҳои сершумори ориёӣ давраи яхбандиҳои тӯлонӣ ва сардиҳои даҳшатнок омада, зиндагии осудаҳолонаи онҳоро сахту душвор намудааст. Рӯдҳои паҳновари Об ва Енисей, ки дар маркази ватани нахустини онҳо қарор дошт, бар асари сардиҳо ях баста, хунукиҳои зимистон то даҳ моҳ тӯл мекашид. Чарогоҳҳои сарсабз зери барфҳои абадӣ монданд, ҷангалзорҳои анбӯҳ ва дарахтони ёбоӣ дигар ҳосил намедоданд ва мурдану талаф ёфтани чорво меафзуд. Метавон тахмин зад, ки дар замони яхбандии ёздаҳ ҳазор сол пеш рӯйдода ориёиҳо аз паҳноҳои Сибир ва доманкӯҳҳои Урал сарозер шуда, дар канораҳои баҳри Хазар ва Осиёи Миёна сокин гаштаанд. Дар «Авесто» аз маҳали сукунати минбаъдаи қабилаҳои ориёӣ, аз ҷумла бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиён, сакоиҳо маълумоти нодире маҳфузанд, ки бо номи қаламрави зисташон зикр шудаанд[2,21].

Ориёиҳо аз ғояти сармо ва хунукиҳои шадид маҷбур мешаванд, ки «Аирйанам Ваеҷаҳ»-и беамсолро тарк карда, дар саргаҳи «Гава, макони суғдиён», «Моуруи (Мари) тавоною ростипараст», «Баҳдӣ (Бохтар) зебо бо дирафшҳои афрошта», «Нисайа, ки байни Моуру ва Баҳдӣ воқеъст», «Ҳарайва» (Ҳирот) ва кишварҳои дигар то мавзеи Ҳинд, «кишвари Гургониён ва Роғ» (шимоли шарқии Мод) паҳн шуда, дар ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна, Афғонистони кунунӣ маскан бигиранд. Дар «Меҳр Ашт» (Яшти 10) омадааст, ки сипаҳбадони мағлубнашавандаи онҳо корзорҳои беададе месохтаанд, кӯҳҳои баланди пурчарогоҳаш ба касони парастори чорпоён хизмат мекардаанд. Кӯлҳои булӯринаш ба масоҳати бузург паҳн шуда, дарёҳои васеи пуробаш сӯйи Ишкату Нарут, Ҳироту Марв, Ғави Суғд ва Хоразм равон буданд». Абулқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” пайдоиши ҷашни Садаро ба подшоҳи дуюми пешдодӣ Ҳушанг нисбат медиҳад. Мувофиқи нигориши ӯ Ҳушанг ба мардум тарзи афрӯхтани оташро омӯзонид ва ҷашни Садаро бунёд гузошт. Ҳушанг рӯзе ҳамроҳи ёронаш ба шикор рафт. Дар шикоргоҳ мори сиёҳи дарозеро дучор омад, ки ба одамон ҳамла меовард. Санги калонеро бардошта, сӯйи мор ҳаво дод ва он санг ба санги дигаре бархӯрда, шарора афканд. Ӯ аз шарора афкандани ду санг ба ҳайрат монда, онро чун шуои фурӯғи яздонӣ пазируфт ва аз ҳамон рӯз бузургдошти оташро ба ҷо овард. Ин маросим ҷашни Сада номида шуд, ки онро халқҳои

ориёинажод пос дошта, дар арафаи фаро расиданаш гулханҳо меафрӯхтанд. Баъди кашфи оташ Ҳушанг нахустин касе буд, ки ба истеҳсоли филизот аз санг оғоз намуд ва онро гудохта, бар зидди аҳриманзодаҳову деву дадҳо аслиҳа сохт[3,9]. Фирдавсӣ пазироии ҷашни Садаро аз ҷониби Ҳушанг чунин менигорад:

Шаб омад, барафрӯхт оташ ба кӯҳ,
Ҳамон шоҳу дар гирди шоҳон гурӯҳ.
Яке ҷашн кард он шабу бода хӯрд,
Сада номи он ҷашни фархунда кард.
Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.

Дар ҳақиқат, агар Хуршед бо нури гармии худ ва фурӯзонии хеш ба зиндагии одамон гармӣ ворид карда бошад, пас оташу рӯшноӣ барои мунаввар сохтани қалби онҳо ва идомаи зиндагиашон асос гузошта, баъдҳо онҳо ба ду ҷавҳари муқаддас табдил ёфтаанд, ки дар устураҳо ҷанбаи парастишӣ пайдо кардаанд ва баъдҳо аз ҷониби мӯъбадон ситоиш ва ниёиш ёфтаанд. Ба таври дигар, пас аз садсолаҳо, он намои Ҳурмузд маҳсуб ёфта, дар оини зардуштӣ ҷойгоҳи хос дошт ва бо усулҳои мухталиф парастиш мегардид. Дар баробари ин ниёгони пешини мо рӯйи худро ба сӯйи оташ намуда, дастони худро ба сӯйи Хуршед мебурданд ва барои беҳбудии рӯзгори хеш аз оташу Хуршед мадад металабиданд. Ҳадаф аз ин ниёиш расидан ба Наврӯз ва омадани соли хуб барои кишту кор буд, ки дар давраи ибтидоӣ мақом ва ҷойгоҳи хос дошт. Ҳамин боварҳо буд, ки дар замонҳои хеле дури пеш аз мелод қавмҳои гуногуни одамӣ барои рӯзгори худ маросимҳо меофариданд ва хушҳоливу зиндагии баъдиашонро бо ин ҷашну маросим пайванд менамуданд, ки ҷашни Сада яке аз онҳост. Дар ин бора Пешвои миллат дар навиштаҳои худ ишорати ҷолибе доранд, ки чунин аст: "*Дар миёни қувваҳои сершумори бадӣ дар дашту ҷангалҳои Осиёи Марказӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва таҳлука меандохт, бахусус хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфта буданд, ки бар зидди неруҳои номбаршудаи бадӣ, озар ё оташ ва раъду барқ муассир буданд. Бар зидди торикӣ бошад, Хуршед чун унсури тавоно муқаддас дониста мешуд. Нисбати ҳамин аст, ки Хуршед дар миёни нажоди қавмҳои зиёди олами бостон ситоиш ва парастиш шудааст*».

Ҳамин хусусиятро инсонҳои замони бостон эътироф намуда, аз гармии Хуршед баҳра мебурданд ва алоҳида онро ниёиш карда, пасон рӯшноӣ ва оташро ба он нисбат дода, ин унсурҳои табииро кашф карданд ва ба онҳо эътиқод оварда, ба парастишашон оғоз намуданд, ки баъдҳо муҷиби пайдо шудани ҷашни Сада гардидааст. Дар фарҳанги суннатии ниёгони мо муборизаи равшанӣ ва торикӣ ҳамчун ҷавҳари маънавӣ нақши калидӣ доранд, ки он ба ҷашни Сада низ алоқаманд мебошад. Дар доираи ташаккули ҳамин унсурҳои ба ҳам зид гузаштагони мо, аз ҷумла қавмҳои ориёӣ ду фасли сол доштанд, ки ин ҳамон муборизаи Аҳурамаздову Аҳриман ва муборизаи равшанӣ бо торикиро ба ёд меорад. Якеро тобистони (ҳама [hama]) бузург меномиданд, ки он ҳафт моҳро дар бар мегирифт ва аз оғози Фарвардин (баробари 21-ум ва гоҳе 22-юми марти тақвими мелодӣ) шурӯъ шуда, то охири моҳи Меҳр (баробари 22-октябри тақвими мелодӣ) идома меёфт. Дуюмиро зимистони (зайана [zayana]) бузург мегуфтанд, ки аз аввали моҳи Обон (баробари 23-октябри тақвими мелодӣ) сар мешуд ва то поёни моҳи Исфандро (баробари 20-марти тақвими мелодӣ) дар бар гирифта, 150 рӯз идома меёфт.

Сада дар забони авастоӣ ба маънои "баромадан ва тулуъ кардан"-ро доро будааст. Дар забонҳои эронии бостон ба гунаи «sadok» ва дар форсии миёна ба гунаи«sadag» будааст. Агар нахустин рӯзи зимистонро (пас аз Шаби ялдо) тавлиди дигаре барои Хуршед ё Меҳр бидонем, метавон онро ҳамоҳанг дар ҷашн гирифтан дар даҳумин ва чиҳиллумин рӯзи тавлиди ойини куҳан ва зиндаи эронӣ донист (дар ҳамаи остонҳои кишвар ва сарзаминҳои эронӣ дониста мешавад). Оид ба истилоҳи «Сада» низ фикрҳои гуногун мавҷуд бошанд ҳам, онҳо ба ҳамдигар умумият дошта, қадимияти ин ҷашнро тасдиқ менамоянд[4,3]. Масалан, донишманди маъруфи эронӣ Ҳошими Ризоӣ дар бораи вожаи сада менависад, ки: "*Ҷашни Садаро дар байни мардуми форсизабон ба тарзи гуногун истиқбол мегирад. Яке аз усулҳои идгузаронӣ чунин аст: Дар даҳумин рӯз ё Обонрӯз аз баҳман моҳ бо афрӯхтани ҳезуме, ки мардум аз пагоҳӣ бар боми хонаи худ ё бар*

баландии кӯҳистон гирд оварданд, ин ҷашн оғоз мешавад. Дар ишорати таърих ин ҷашн ҳамеша ба шакле дастаҷамъӣ ва бо гирдиҳамойии ҳамаи мардумони шаҳр, маҳалла ва русто дар якҷо ва бо барпойи як оташе бузург баргузор мешудааст. Мардумон дар гирд овардани ҳезум бо якдигар мушоракат мекунанд ва ба ин тартиб ҷашни Сада ҷашни ҳамкорӣ ва ҳамбастагии мардумон аст. Аз шаби таваллуди Хуршед пас аз чил рӯз барои гарму сӯзон шудани офтоб ниёгони мо ҷашни Садаро гиромӣ медоштанд".

Дар ҷашни Сада маросими афрӯхтани оташ ва паридан аз болои он ривоҷ доштааст. Ин расм дар миёни насрониҳо, ба вижа русҳо, ҳамчун ҷашни"масленница" роиҷ аст. Ҳамин тавр чилрӯзагии Хуршедро дар рӯзи даҳуми баҳман (30-юми январ) чун Сада ҷашн мегирифтанд ва пас аз 50 рӯз, яъне 21-уми март замони ба балоғат расидани онро ба таври густурда ҷашн мегиранд, ки он рӯз Наврӯз аст. Ҷашни Садаро дар даҳумин рӯзи моҳи Баҳман (баробари 29-30-юми январ) баргузор мекарданд, ки аз зимистон сад рӯз (обон, озар, дай ва даҳ рӯзи баҳман) мегузашт. Ба ақидаи ориёиҳои қадим сармо ба авҷи баланди худ мерасид ва баъдан ҳаво тадриҷан ба самти беҳбудӣ, нармӣ ва гармӣ мерафт. Аз ин рӯ, барои он ки ба кишту кори онҳо зарар нарасад ва чорвоҳояшон аз сардӣ эмин нигаҳдорӣ гардад, оташро ҳамчун рамзи Ҳурмузд меафрӯхтанд, то дар он қуввахои бадӣ сӯзанду нобуд гарданд. Ба гуфти бархе аз донишмандон ҳамин ки аз зимистони бузург сад рӯз мегузашт, мардум ҷашни оташ, яъне Садаро барпо менамуданд. Онҳо бовар доштанд, ки лаҳзаҳои сармои ҷонкоҳ гузаштаасту нармию гармӣ вориди рӯзгори мардум шудааст. Аз гузаштани сармои шадид, ки неруи аҳриманӣ аст, хушҳолӣ карда, аз дашту саҳро ҳезум, бутта, хошок ҷамъ оварда, хирмани бузург месохтанд. Баробари расидани торикӣ он хирмани ҳезуму хасу хошокро оташ мезаданд, ки аз ин оташ ҳама ҷо фурӯзон мегашт ва дар гирди он рақсу бозию хушҳолӣ менамуданд. Дар он рӯзгорони қадим ниёгони ориёиҳо бар он бовар буданд, ки ин гулхан ҳамчун неруи Ҳурмузд бозмондаҳои сарморо, ки марбути Аҳриман аст, нобуд месозад.

Дар замони Истиқлолият ҷашни Сада баробари дигар маросиму суннатҳои миллии мо умри дубора пайдо карда, таҷлили ҳарсолаи он ба ҳукми анъана даромад ва дар радифи ҷашнҳои миллиамон ба қонунгузории мамлакат ворид гардид. Боиси ифтихори ҳар яки мост, ки ба шарофати соҳибистиқлолӣ анъанаву суннатҳо ва ҷашнҳои миллии мардуми куҳанбунёди мо эҳё гардида, арҷгузорӣ ба онҳо сол ба сол бештар шуда истодааст. Зеро ин ҷашнҳо ёдгоре аз ниёгони ориёии мо буда, мардуми тоҷик онҳоро, аз ҷумла маросими Садаро бо вуҷуди нодида гирифтану монеа эҷод карданҳои зиёд ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири хотираи фарҳангии чандинҳазорсолаи худ ва ба сифати дурдонаҳои гаронбаҳои маънавӣ ҳифз намуд.

Дар замони Истиқлолият ҷашни Сада баробари дигар маросиму суннатҳои миллии мо умри дубора пайдо карда, таҷлили ҳарсолаи он ба ҳукми анъана даромад ва дар радифи ҷашнҳои миллиамон ба қонунгузории мамлакат ворид гардид[5,3]. Боиси ифтихори ҳар яки мост, ки ба шарофати соҳибистиқлолӣ анъанаву суннатҳо ва ҷашнҳои миллии мардуми куҳанбунёди мо эҳё гардида, арҷгузорӣ ба онҳо сол ба сол бештар шуда истодааст. Зеро ин ҷашнҳо ёдгоре аз ниёгони ориёии мо буда, мардуми тоҷик онҳоро, аз ҷумла маросими Садаро бо вуҷуди нодида гирифтану монеа эҷод карданҳои зиёд ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири хотираи фарҳангии чандинҳазорсолаи худ ва ба сифати дурдонаҳои гаронбаҳои маънавӣ ҳифз намуд.

Мардуми ориёӣ давоми ҳазорсолаҳо ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва Садаро ботантана таҷлил мекарданд. Мутаассифона, бо ғасби арабҳои бодиянишин ва нуфуз пайдо кардани дини ислом таҷлили ҷашнҳои мазкур, ба ҷуз Наврӯз аз миён рафтанд. Вале Наврӯз ҳам бо дигаргуниҳои зиёде боқӣ монд. Дар ин самт саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст. Ҳаминро ёдовар гардидан бамаврид аст, ки тавассути ин марди хирадманд Наврӯзи Аҷам – Наврӯзи тоҷикон тавонист ба иди байналмилалӣ табдил ёбад. Акнун иди мазкур ҳамчун оғози соли нав, оғози фарорасии кишту кор, зиндашавии табиат дар аксарияти мамолики ҷаҳон ботантана қайд мегардад. Баробари иди Наврӯз идҳои дигар – Меҳргон, Тиргон ва Сада низ аз нав эҳё гардида, ба таври пуршукӯҳ таҷлил мегарданд. Ҳарчанд дар маъхазҳои таърихӣ дар бораи рӯзу баргузории ҷашни Сада ба таври мукаммал чизе гуфта нашуда бошад ҳам, баъзе

маълумот оварда шудаанд. Аз ҷумла, зикр гардидааст, ки ҷашни Сада сад рӯз қабл аз Наврӯз барпо гардида, мардум ин рӯзро бо фараҳу хурсандӣ истиқбол менамоянд. Гулхан афрухта, болои он меҷаҳанд. Ва ба ин васила гӯё бори гуноҳ, кина, ҳасаду дурӯғи худро сӯзонида, бо тани пок ба зиндагии нав ворид мегарданд. Бархе ба он ақидаанд, ки сад рӯз ин 50 рӯз ва 50 шаб аст ва дар якҷоягӣ садро ташкил менамояд. Ва дар ин рӯз мардум дастовардҳои меҳнатии худро ба намоиш бароварда, базму тараб доир мекунанд, гулхан афрӯхта, гирди он суруд мехонанду мерақсанд. Хуллас, бо шарофати истиқлолияти давлатӣ, соҳибихтиёр гардидани миллати тоҷик бо сарварии Пешвои муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд сол боз ин ҷашни таърихӣ низ тавҷлил мегардад. Мувофиқ ба гуфтаи муаррихон ҷашни Сада ба 29-30-уми январ рост меояд ва қайд кардаанд: *«Ниёгони мо панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯзро то ҷашни Наврӯз ҳисоб карда, Садаро тавҷлил мекарданд. Яъне Сада ҷашни омодагӣ ба Наврӯз буда, ин ду ҷашни қадимӣ бо ҳам тавъам мебошанд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ сабаби Сада номгузорӣ шудани ин ҷашн низ дар ҳамин аст».*Ҷашни сада яке аз бузургтарин суннатҳои волои мардумони ориёитабор маҳсуб мешавад[6,3]. Пайдоиш ва решаи иҷтимоии ин ҷашн бештар ба корҳои кишоварзӣ, бо рӯзгори қадимаи ин мардумон пайванди ногусастанӣ дорад. Бояд тазаккур дод, ки Сада вожаи форсии тоҷикӣ аст. Дар форсии миёна, форсии бостон ва Авесто вожаи “сат” ба маънии “сад” яъне адади “сад” корбаст шудааст. Маъхазҳои адабии таърихӣ ва манбаъҳои бостонӣ собит месозанд, ки ҷашни Сада дар даврони ибтидоии ҷамъияти инсонӣ дар байни қавму қабоили мардумони эронитабор, ки ба корҳои зироатдорӣ барвақт шуғл варзидаанд, пайдо шудааст. Аз рӯйи иттилои гоҳшуморон ҷашни Сада ба муносибати “аз хонаи зимистониаш убур намудани хуршед” ва ба баҳор майл кардани он ҷашн гирифта мешудааст, ки ин ҳолати табиат дар натиҷаи баробар шудани шабу рӯзи зимистонӣ ба амал меояд. Аз рӯйи гуфтаи Абурайҳони Берунӣ инсон гӯё ҷашни Садаро ба муносибати “аз дӯзах ба рӯйи олам баромадани зимистон” оташ афрӯхта, ҷашн мегирифтаанд. Дар ин ҷашн моддаҳои хушбӯйро бухор мекардаанд, ки зимистон ба хубӣ сипарӣ гардад ва ба мардум осебу зиёне нарасад.

Дар баъзе ривоятҳо пайдоиши ҷашни Садаро ба шоҳ Фаридун ва даврони салтанати ӯ нисбат медиҳанд. Заҳҳок, ки шоҳи ҷоҳил ва одамхӯр буд, ҳар рӯз барои морони ӯ ду нафар шахсони бегуноҳро қатл намуда, аз мағзи сари онҳо барои моронаш ғизо таҳия мекарданд. Армоил, вазири Бевараспи – Заҳҳок яке аз ин одамонро дар кӯҳи Дамованд пинҳон карда, ба ҷойи онҳо гӯсфандеро кушта, аз мағзи сари он ба морони Заҳҳок медиҳад. Вақте ки Фаридун Заҳҳокро нобуд кард ва бар тахт нишаст, хост Армоилро низ ҷазо диҳад. Ӯ қазияро ба шоҳ баён кард. Барои рост будани гуфтаҳои Армоил шахсони аз марг наҷотёфтаи ӯ шабонгоҳон ҳар кадоме дар кӯҳи Дамованд оташ афрӯхтанд, ки ҳисоби онҳо ба сад мерасид. Ҳамин тавр, ба сабаби аз марг наҷот ёфтани сад нафар одамони бегуноҳ ҷашне баргузор намудани Фаридун ва номи онро Сада гузоштанд, ба расмият даромадани онро манбаъҳои адабии таърихӣ собит сохтаанд.

Мувофиқи иттилои Ибни Мискавайҳ ҷиҳати баргузории ҷашни Сада шоҳони эронитабор дар талу пушта ва ҷойҳои баланди шаҳрҳо ҳезуми бисёреро болои ҳам чида, онҳоро бо тасмаҳои оҳанин мебастанд. Дар болои онҳо зоғ ва ҳар гуна парандаҳоро аз пояшон баста мемонданд. Дар пой ва нӯлҳои паррандагон чормағзро кофта, дарунашро бо пахтаи нафтолуд пур мекарданд ва бо ресмоне ба пойҳову гардани паррандагон овезон менамуданд. Дар базмгоҳ сутунҳои аз шамъҳои ранга озинбастаро мегузоштанд. Баробари фаро расидани вақту соати ҷашни Сада оташро дар як вақт, ҳам дар базмгоҳ ва ҳам дар талу теппа фурӯзон мекарданд. Чормағзҳоро даргиронда, паррандагонро раҳо медоданд. Шаби тор мисли рӯз равшан мегардид.Ҷашни Сада то ҳамлаи муғул ва ба сари қудрат нишастани шоҳони бегонанажод дар дарбор ва байни халқ чун ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон бо анъаноти деринаи ориёӣ тавҷлил мегардид. Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд, ки диндорони мутаассиб буданд, бо мақсади боз ҳам тақвият бахшидани дини Ислом бисёр анъанҳо доранд.

Ҷашни Сада то ҳол дар байни зардуштиёни Ҳинду Эрон баргузор мегардад. Мардумони Варорӯд онро бо номҳои дигар чун ҷашни “Ҳут”, “Чаҳоршанбеи охирон”, “Чаҳоршанбеи сурӣ”, “Аловпарак” ва “Оташафрӯз” тавҷлил менамоянд. Тоҷикон ҳеҷ гоҳ ба оташ беэътиноӣ

намекунанд. Нур ва оташ яке аз муқаддасоти мардумони ориёӣ аст. Ҳамин тавр, ҷашни Сада муждадиҳандаи Наврӯз арзёбӣ гардидааст.

Ҷашни Сада ҳар сол дар даҳуми баҳмани солшумори ниёгони мо, баробар ба 30-юми январ ҷашн гирифта мешавад. Аз рӯйи тақвими халқӣ баъди поён ёфтани сардтарин рӯзҳои зимистон дар табиат тағйироте ба вуҷуд меояд ва, ба қавли Абӯрайҳони Берунӣ, «Офтоб аз хонааш берун мебарояд ва ба баҳор майл менамояд». Деҳқонон аз ҳамин айём ба корҳои кишоварзӣ омодагӣ мебинанд ва ин ҳолат панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб пеш аз ҷашни Наврӯз сурат мегирад. Аз ин рӯ ин ҷашнро «Сада» гуфтаанд, ки маъноаш адади сад аст.

Дар ин бора шоир Манучеҳрии Домғонӣ гуфтааст:

Инак, биёмадаст ба панҷоҳ рӯз пеш,
Ҷашни Сада талоши Наврӯзи навбаҳор.

Шоир Фаррухии Сиистонӣ низ ба ин ишора кардааст:

Сада омад, ки туро мужда диҳад аз Наврӯз,
Мужда бипазиру бидеҳ хилъату корам бигирад.

Дар ҷашни Сада деҳқонон рӯз то бегоҳ оташ меафрӯзанд. Ҳамагон дар гирди оташ ҷамъ шуда, рақсу сурудхонӣ мекунанд. Аз ҳамин рӯз иборат деҳқонон ба киштукори баҳорӣ омодагӣ дида, боғу дарахтонро ба тартиб меоваранд. Ба заминҳо яхоб мемонанд, тухмии серҳосил ҷустуҷӯ менамоянд.Ҷашни Сада дар замони мо ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин ҷашн мардум ҳар гуна озмунҳо ташкил мекунанд. Деҳқонону боғдорон анъанаҳои гузаштагони худро идома медиҳанд.Ҷашни Сада ба оини Меҳргарой (Митрой) дуруст меояд, ки аз оини Зардуштӣ 3000-то 5000 пеш мавҷуд буд. Дар оини Зардуштӣ муқаддасоти ҷашни Сада нигоҳ дошта шуд[7,13]. Пешгузаштагони мо дар ин рӯз ҷашн ороста, тамоми шаб гулхан меафрӯхтанд ва дар гирди он рақс мекарданду суруд мехонданд. Сада то асри 12 ҷашн гирифта мешуд, лекин баъдҳо аз байн рафт, вале нишонаҳои он - гулхан афрӯхтан, дар гирди он базм оростан ҳанӯз ҳам дар байни мардуми тоҷик ба назар мерасад.

Сада яке аз ҷашнҳои бостонии мардуми эронинажод,ки рӯзи даҳуми моҳи ёздаҳуми солшумории шамсӣ-Баҳман барпо мешуд. Азбаски даҳуми Баҳман то ҷашни Наврӯз панҷоҳ шабонарӯз аст, ин рӯзро Сада ном ниҳоданд. Зеро ба гуфти Абӯрайҳони Берунӣ, форсиён шабу рӯзро алоҳида ҳисоб мекарданд. Мардумон дар гирд овардани ҳезум ба якдигар кумак мекарданд. Аз ин рӯ Садаро ҷашни ҳамкорӣ ва ҳамбастагии мардумон меноманд. Аз шаби таваллуди хуршед, пас аз чил рӯз барои гарму сӯзон шудани офтоб, ниёкони мо ҷашни Садаро гиромӣ медоштанд. Дар ҷашни Сада маросими афрӯхтани оташ ва паридан аз болои он ривоҷ доштааст. Ин расм дар миёни насрониҳо, ба вижа русҳо, ҳамчун ҷашни “масленнитса”, роиҷ аст.

Ҳамин тавр чилрӯзагии хуршедро дар рӯзи даҳуми баҳман чун Сада ҷашн мегирифтанд ва пас аз 50 рӯз, яъне 21 март Наврӯз мешуд. Аҷдоди мо дар ин рӯз ҷашне меоростанд ва тамоми шаб гулхан афрӯхта, дар гирди он рақсу бозӣ мекарданд ва ба сӯи осмон кабӯтарҳо сар медоданд. Аз рӯи одат ба муносибати ҷашни Сада шоҳону амирон ҷамъ меомаданд ва шоирон дар васфи Сада чакомаҳо месуруданд ва тавасути ангориши анъанаҳои неки аҷдоду мадҳи сарварони замон мамдуҳонро ба саховатмандию мурувват даъват мекунанд[8,21]. Сада то асрҳои 10-11 ҳар сол ҷашн гирифта мешуд,лекин баъдтар,тадриҷан аз байн рафт.Баъзе унсурҳои ҷашни Сада монанди афрӯхтани оташ дар байни халққои форс-тоҷик,хусусан дар эҷодиёти Фаррухии Систонӣ, Унсурии Балхӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва дигарон ва қасидаҳо дар васфи сада бисёранд. Аз ҷумла, Фаррухӣ дар “Ҷашни сада” гӯяд:

Равшанӣ дар осмон з-ин оташи ҷашни Сада-ст,
К-аз сари хоҷа бо гандум ҳаме ҳамсар шавад.

Адабиёт:

1.«Ҳақиқати Суғд» 4 феврали соли 2020 №15 (18164).
2. «Маърифати омӯзгор» №1,2021,
3. «Боҷу хироҷ» -№5(1360),02 феврали соли 2023.
4. Эркаев С.А. Сада древний праздник таджиков. –«Согдийская правда» № 9 (17135) 2 февраля 2023 г.
5. Эркаев С.А. Сарчашмаҳо бозгӯи таъриханд-Сада.-«Тирози ҷаҳон» №8 (2817) 25 феврапли соли .2020.
6. «Ҳақиқати Суғд» №12 (18473), 27 январи соли 2022.

7. «Ҷавонони Тоҷикистон» № 4 (9690) 28 январи соли 2021.
8. .Маҷаллаи “Фируза” №1-2, 2021.

АРЗЁБИИ СОХТОРИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ СУЛОЛАИ СОСОНИЁН

Қодиров Довар Саидаллоевич *– номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33, Тел.: (+992) 987103625, E-mail: Dovar7061988@gmail.com*

Дар арафаи ҳуҷуми арабҳо авзои сиёсӣ-иҷтимоии сулолаи Сосониён бисёр печида боқӣ монда буд. Маҳз дар ин давра ихтилофи шадиди табақотӣ ҷомеаи Сосониёнро фаро гирифт. Аз ҷониби дигар, дар ин давра мулкҳои тасарруфгардида молиёти зиёде ба Сосоёниён ворид месохтанд, ки ин сиёсати пешгирифтаи ҳокимони сосонӣ вилоятҳоро бештар дилсард сохт. Дар баробари дини Зардуштия дар ин давра Монавия ва Маздакия зуҳур намуданд, ки то ҷое ба ҷомеаи Сосониён таъсиргузор буданд.

Баъд аз шоҳаншоҳии Яздигурди I ашрофону заминдорони калон барои паст кардани нақшу мақоми шоҳаншоҳ ва баланд бардоштани ҳуқуқ ва имтиёзҳои худ дар ҷомеаи эронӣ муқобилияти шадид нишон доданд. Миқдори зиёди шоҳоне, ки пас аз Яздигурди I ва Фирӯз ҳукмронӣ намуда буданд, аз сабаби ноуҳдабарой вазъи иҷтимоии мардумро ба табоҳӣ оварда буданд. Дар аҳди ҳукмронии Фирӯз дар баробари ихтилофоти мазҳабӣ, қаҳтӣ ва хушксолии ҳафтсола ба харобшавии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давлат сабаб гардиданд[10,574]. Хушксолии ҳафтсолае, ки дар замони ҳукмронии Фирӯз ба амал омад, вазъияти иҷтимоию иқтисодии кишварро сангин сохта, хазинаи давлатро холӣ намуд.

Лашкаркашиҳои бебарори Фирӯз ба муқобили Ҳайтолиён хазинаи давлатро комилан холӣ намуда, бар дӯши халқ, бахусус кишоварзону пешоварон бори гарони андозро афзуда, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии дохилӣ ва хориҷии давлатро ба касодӣ овард. Дар натиҷаи заиф шудани давлат қисмати шарқии империяи Сосониён Марву Нисо, Ҳирот то ҳудудҳои Сарахсу Машҳад аз тарафи Ҳайтолиён тасарруф карда шуд [7,110]. Инчунин, дар ин давра мавқеи ашрофон ва саркардаҳои руҳонӣ, мулкӣ ва низомии кишвар ниҳоят баланд гашта, ба умури идории дастгоҳи ҳукумат ва сохти давлатдории Сосониён мудохила мекарданд.

Дар чунин вазъияти мураккаби сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии баамаломада, ки саросари давлатро буҳронҳои доманадор фарогир буд, писари Фирӯз Қубод ҳамчун шахси ҷиддӣ ва масъулиятшинос қудрати давлатро ба даст гирифта, мавқеи ҳукуматро мустаҳкам намуд ва ба рушду инкишофи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат мусоидат кард[5,114].

Пас, аз кушта шудани Фирӯз тамоми сарзамини Сосониёнро парокандагии сиёсӣ, буҳрони азими иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мазҳабӣ фаро гирифта, сабаби сар задани ҷунбиши азими иҷтимоӣ дар қаламрави Сосониён гардид. Ин ҷунбиш зери ливои наҳзати Маздак сурат гирифта, ҳадафи он аз байн бурдани руҳониёни мутаассиби зардуштӣ, заминдорони калон ва соҳибмансабони давлатӣ буд, зеро худсарӣ ва худхоҳии табақаҳои аъёну ашроф ба ҳадде расид, ки онҳо на танҳо ба ҳукумат итоат намекарданд, балки ҳукуматро ба бозичаи дасти худ табдил дода буданд[5,122-123].

Аз ин рӯ, бо мақсади поён бахшидан ба худсарии айёну ашрофи давраи Фирӯз, Қубод ба сари ҳокимияти Сосониён омада, дар аввал аз ҷараёни Маздакия пуштибонӣ намуд. Маздакиён аз ҳисоби мардумони мазлум ҷонибдорони зиёд пайдо намуда, баробарии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоиро тақозо менамуданд. Аммо минбаъд Маздакиён аз ҷониби Хусрави Анӯшервон ба таъқиби сахт гирифтор шуданд.

Дар маҷмуъ монавиён ва махсусан маздакиён на танҳо нуктаҳои сусту заифи зардуштияро ҳамчун дини расмии кишвар кашф карданд, балки нуқсонҳои сохти иҷтимоию сиёсии Эрони сосониро дар доираи далелу бурҳони раднопазир ошкор сохтанд. [1,141].

Ба тахти салтанат нишастани Хусрави I Анӯшервон (531-579) давраи азамат ва шукуҳи дубораи Сосониён ба шумор меравад. Хусрави Анӯшервон охирин ситорае буд, ки дар Эрони бостон дурахшид. Ислоҳотҳои Хусрави I давлати аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ касоду

заифгардидаи Сосониёнро нақот бахшид, ки дар натиҷа идоракунии мулк рӯ ба беҳбудӣ оварда, бухрони иҷтимоиву иқтисодии баамаломада бартараф гардид.

Баъд аз Хусрави Анӯшервон, Ҳурмузи IV (579-590) ва Хусрави Парвиз (590-627) шоҳони минбаъдаи империяи Сосониён ба шумор мерафтанд. Онҳо низ бо империяи Рум,Туркон ва Ҳайтолиён дар мубориза буданд. Аммо авзои сиёсии давлати Сосониён рӯз аз рӯз баъд мегардид. Дар ин бора муҳаққиқи эронӣ Ҳасани Пирниё дар бораи салтанати Хусрави Парвизи сосонӣ чунин андеша дорад: «Хусрави Парвиз шоҳе буд заъифу-н-нафс, худписанд, ситамкор, шаҳватрон ва ҳақношинос, салтанати ӯ тамоман ба ҷанг гузашт ва ҷангҳои ӯ на фақат чизе ба Эрон надод, балки онро беандоза заиф намуда, босуръати ҳайратовар ба тарафи инҳитот бурд»[6,222-223].

Дар мақмуъ, ба андешаи муаррихон ҳукмронии беадолатонаи Хусрави Парвиз сабаби он шуд, ки дар соли 628 баъд аз марги ӯ, дар таърихи Сосониён замони бесарусомонӣ оғоз гардида, дар тули чаҳор сол (628-632) аз 10 то 12 шоҳаншоҳ ба саҳнаи сиёсии ин давлат омаданд, ки натавонистанд, мудирияти солимонаро ташкил диҳанд.

Дар бораи хиёнати баъзе аз ашрофон ва суқути давлати Сосониён донишманди тоҷик Т.М.Ғуломов чунин назар доранд: «Ҳар қавму хонадонҳои бузург, ки суқуту заволи Сосониёнро ногузир мешумурданд, барои нигаҳдории ҳайсият ва қудрати хеш дар фурсати мувофиқ ба Сосониён хиёнат мекарданд. Ҳамон воқеаи сарнавишти охирин шоҳи Ҳахоманишӣ дар марҳилаи фурӯпошии он ба вуқуъ пайваста буд, дубора дар замони Яздигурди III такрор ёфт. Дар ҳамон минтақае, ки Дорои III ба қатл расида буд, охирин шоҳаншоҳи Сосонӣ низ бо дасти марзбонони худ кушта гардид» [2,92].

Бояд гуфт, ки тартиби табақабандии сиёсиву иҷтимоии давлати Сосониён бисёр печида буда, усулҳои зиёди онҳо аз давраи Ашкониён ба мерос монда ва қисми дигари онҳо маҳсули замони Сосониён буданд.

Бо назардошти ҳунару шоистагии ҳар шахс руҳониён ва дабирон ба шоҳ пешниҳод мекарданд ва баъд аз мувофиқаи шоҳ онҳо ба табақаи руҳониён ва агар қувват ва шуҷоат медоштанд, ба табақаи ҷангиён ва агар дорои ақл ва ҳофизаи мумтоз мебуданд, ба табақаи дабирон ворид мегаштанд[9,629].

Ба ақидаи олимон ҷомеаи эронии аҳди Сосонӣ бар асоси маълумоти «Авасто» ба се табақа Руҳониён (Асурон), Ҷангиён (Артишдорон), Кишоварзон (Вастрю-Фашиянт) тақсим мешуданд, ки ин табақабандӣ бевосита аз Ашкониён ба Сосониён боқӣ монда буд.

Масъудӣ дар китоби «Ат-танбеҳ ва-л-ашроф» дар такя бар «Гоҳномак» сарварони гуруҳҳои сиёсиву иҷтимоии замони Сосониёнро чунин табақабандӣ кардааст: Муъбади муъбадон (Сарвари руҳониён); Бузургфармадор (Сарвазир); Сипаҳбад (Сарлашкар); Дабирбад (Сардабир); Ҳутахшбад (Сарвари муҳофизон) [4,286].

Яъқубӣ сарварони табақоти иҷтимоии давлати Сосониёнро илова бар табақабандии Масъудӣ ду табақаи дигар – Ҳирбади ҳирбадон (Муҳофизи оташкада) ва Марзбонон (Волиёни вилоятҳо)-ро низ ёдовар шудааст [9,675].

Мувофиқи мулоҳизаҳои муаррихи рус Л.С. Василев сохтори болоии ҷамъият ва мансабдорони олимақоми давлатӣ, ки сохтори дохиливу маъмурии Сосониёнро идора мекарданд, аз табақаҳои бузургфармадор, муъбадон муъбад, сипаҳбад, марзбон, ҳирбадон ҳирбад, дабирбад иборат буданд[1,141].

Умуман сохтори сиёсӣ ва иҷтимоии Сосониёро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он мураккаб буда аз чунин табақот иборат буд:

Бузург-фармадор. Дар сафи сохтори марказии давлати Сосониён сарвазир қарор дошт, ки дар оғоз ҳазорпатий, ҳазорбад ва бузург-фармадор номида шуда, баъд аз шоҳаншоҳ шахси дуюми мамлакат дониста мешуд ва умури идории давлат дар дасти вай қарор дошт. Илова бар ин фаъолияти тамоми сохторҳои сиёсиву иҷтимоии дохилии давлатро ба низом медаровард.

Руҳониён (асурон), табақаи болоии иҷтимоии Сосониён ба шумор рафта, аз синфҳо ё табақаҳои нисбатан хурди дигар ба монанди: 1) додварон (додвар), 2) уламои динӣ (пасттарин мартабаи уламои динӣ табақаи муғон буд), 3) муъбадон, ҳирбадон (руҳониён шуғлу вазифаҳои гуногун дошта), 4) дастурон ва муаллимон (охирин намояндаи ин синфро андарзбад мегуфтанд)

иборат буда, раисии ин табақаро муъбади муъбадон ба уҳда дошт. Аз сабабе, ки баромади хонадони Сосонӣ аз ин табақа буд, табақаи руҳониён дар миёни табақоти дигар ҷойгоҳи махсусро ишғол мекард;

Ҷангиён (артишдорон). Табақаи ҷангиён аз ду синф - савора ва пиёда иборат буда, вазифаҳои гуногуни муҳофизатиро ба уҳда доштанд ва раиси ин табақа «эронсипаҳбад» хонда мешуд. То замони Хусрави I ҳудудҳои шоҳаншоҳии Сосониён аз ҷониби як сипаҳпад идора гашта, пас аз васеъшавии ҳудудҳои шарқиву ғарбии кишвар шумораи сипаҳбадон ба чаҳор нафар расид;

Мустахдимини идорот (дабирон). Унвони раиси ин табақа «эрондабирбад» ё «дабирон-маҳишт» буд, ки синфҳои дигареро ба монанди муншиён, муҳосибон, нависандагон, аҳкоми додгоҳҳо, таҳриркунандагон, иҷозаномадиҳандагон, қарордоддиҳандагон, муаррихон, пизишкон ва мунаҷҷимонро идора мекард.

Тудаи миллат, «вастриюшон» «бозаргонон, рустоиён, кишоварзон, санъатгарон, пешоварон ва шаҳриён»-ро идора намуда, раиси он «вастрюшонсолор» маҳсуб меёфт. Ҳамаи раисони табақаҳои зикршуда як нафари бозрас дар ихтиёри худ доштанд, ки маъмур ба саршумори умумии табақа буд. Инчунин як нафар омӯзгор дар ихтиёри онҳо қарор дошт, то ҳар кӯдакро илм ё пеша биёмӯзонад ва ӯро дар зиндагӣ барои соҳиби маош шудан омода созад.

Шаҳрдорон. Пас аз зуҳури табақаҳои дигари иҷтимоӣ, махсусан дар давраи Хусрави I, вилоятҳои тобеи марказ ва дурдасти кишвар аз ҷониби шаҳрдорон идора шуда, баъдан аз сабаби заиф гардидани робита бо марказ, саъй мекарданд истиқлолияти худро ба даст биёранд. Маҳз ин сабаб шаҳрдорон низ дар зинаи олии ҷамъият қарор доштанд;

Бузургон. Яке аз табақаҳои иҷтимоии дигари бонуфуз, ки дар низоми ҳукумати Сосониён нақши муҳим мебозад, бузургон ба шумор мераванд. Дар ин давра соҳибмансабони бузурги давлат ва намояндагони олии идораҳову вазоратҳо ба ин табақа шомил буданд. Ин табақа қишри болоии ҷомеаро ташкил намуда, имтиёзҳои зиёд дошта, дар доираи онҳо ҳатто ҳуқуқ доштанд шоҳаншоҳро аз тахт сарнагун намуда, ба ҷои ӯ шоҳи дигареро ба қудрат биёранд. Ҳамин гурӯҳи бузургон Шопури II-ро ба қатл расонида, Яздигурди I-ро аз подшоҳӣ маҳрум сохтанд ва дар муддати чаҳор сол бо дастёрии муғон дувоздаҳ подшоҳро ба қатл расониданд ва ё сабукдӯш сохтанд ва намояндагони ҳамин табақа Эронро ба арабҳо таслим намуданд; [8,97].

Озодагон. Маънии луғавии «озодагон» – наҷибзодагон (аристократҳо) ва озодагон мебошад. Муҳаққиқи эроншинос Артур Кристинсен табақаи ҷомеаи онвақтаи Эронро ҳамчун озодагон муаррифӣ менамояд, ки «дар раванди мағлуб намудани мардумони бумӣ бо дигар халқҳо омехта нагашта буданд ва ҳамин озодагон идораи ноҳияҳову вилоятҳоро баъдан ба дасти худ гирифтанд»; [3,131].

Деҳқонону кадхудоён. Шоҳони аввали Сосонӣ идораи сиёсии кишварро дар вилоят ба дасти наҷибзодагон дараҷаи дувум, яъне деҳқонону кадхудоён супурда буданд, ки онҳо ба шоҳаншоҳ ва давлат вафодор буданд. Ҳамин табақаи хоси ҷомеа ниҳодҳои ҷосусии қадимаро устувор ва муассир намуда буданд, ки ин амал боиси нерумандии давлат гардид [3,131].

Аз ин тавзеҳоти сохтори сиёсӣ-иҷтимоии Сосониён маълум мешавад, ки чунин табақабандии иҷтимоию сиёсии сулолаи мавриди назар, ҳар замон тағйироти ҷузъиро дар пай доштааст.

Ҳақ бар ҷониби Саид Нафисӣ мебошад, зеро дар давраи Сосониён сохти табақотӣ, ки пас аз забткориҳои Искандар ва Селевкиён дар Эрон заиф гардида буд, аз нав қувват гирифта, ба авҷи аълои худ расид. Шоҳони Сосонӣ ба хотири ҳифзи манфиатҳои худ кӯшиш мекарданд сохти табақавӣ, мақому мавқеияти табақаҳо ва наҷибону ашрофон боз ҳам мустаҳкам гардида, оммаи мардум дар фақру гуруснагӣ умр ба сар бурда саркашӣ накунанд. Дар натиҷаи чунин табақабандии иҷтимоӣ рустоиён беҳуқуқтарин мардумони аҳди сосонӣ ба шумор мерафтанд. Дар он давра ҳатто байни ғуломон ва рустоиён аз нигоҳи ҳаққу ҳуқуқ ва сатҳи зиндагии иҷтимоию иқтисодӣ тафовути зиёд вуҷуд надошт[9,648].

Ҳамин тариқ, шикасти пурраи эрониён дар ҷангҳои Қодисия ва Наҳованд ҷомеаи эрониро ба як бесарусомонӣ оварда расонд, ки дар чунин вазъияти мураккаб як зумра аз ашрофони табақаҳои болоии ҷамъият ба истисмори мардумони маҳаллӣ даст заданд. Дар солҳои 20-30-юми садаи VII бошад, буҳрони шадиди иҷтимоиву иқтисодии дохилӣ ва ошӯбҳои халқӣ алайҳи

Сосониён ривоҷи бештар пайдо намуд.. Дар чунин ҳолат, буҳрони идорӣ давлати Сосониёнро ба суқут ва заифӣ оварда буд, ба ҳуҷумҳои пайдарпайи арабҳо ва пирӯзии онҳо ба Сосониён мусоидат намуд. Дар ниҳояти кор ҷангҳои солҳои 30-40 на танҳо ба барҳамхӯрии сулола, балки ба ворид шудани ойини нав ва ба ислом гаравидани эрониён боис шуд.

Адабиёт

1. Васильев, Л.С. История Востока. – М.: История, 1998. – Т.I.
2. Ғуломов Т.М. Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X. /Дисс. док. илм. таърих. Ихтисос: 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.-Душанбе, 2023.
3. Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён. /тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332.
4. Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат- Танбеҳ ва-л-ашроф. /тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ.
5. Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон. – Душанбе: Пайванд, 2005.
6. Пирниё Ҳасан. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён. – Теҳрон: Хайём, 1370.
7. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3.
8. Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2.
9. Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1.
10. Табарӣ. Таъриху-русули ва-л- мулук /тарҷумаи Абулқосим Поянда; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: ЭМТ, 2014. – Ҷ.I.

НАВРӮЗ – ҶАШНИ МИЛЛӢ ВА МЕРОСИ ТАЪРИХӢ

Ғайбуллоева Моҳира Абдуқаюмовна *– н.и.т., дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"*

Дар замони авали истиқлол таҷлили ҷашни Наврӯз рангу бӯи тоза гирифт. Он шукӯҳу шаҳомати даврaҳои пурбортарин ва саршортарин густариши давлатдориву тамаддуни тоҷиконро бо накҳати тоза, бо ҷилваи тоҷикона аз нав барқарор намуд. Мулоқоти анъанавии сарвари миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиёни кишвар дар остонаи ҷашни Наврӯз ба машварату маслиҳатҳои ӯ бо равшанфикрони тоҷик намунаи равшани бозгашт ба расу ойинҳои давлатдории ориёии мост.

Баъд аз қабули қарори ЮНЕСКО оид ба ҷашни байналмиллали эълон шудани Наврӯз воситаҳои ахбори кишварҳое, ки Наврӯз таҷлил мекунанд, Наврӯзро моли худ ва пешниҳод оид ба ҷаҳонишавии онро низ ташаббуси худ эълон намуданд.

23 феврали соли 2010 дар иҷлосияи навбатии 64-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Фарҳанги ҷаҳон» бо аксарияти овозҳо дар мавзӯӣ «Рӯзи байналмиллалии Наврӯз» қатънома қабул карда шуд.

Лоиҳаи қатъномаро ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамроҳи намояндагони Озарбойҷон, Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон, Туркманистон ва Туркия тайёр карда, ба Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод намуд.

Дар қатънома гуфта мешавад, Ассамблеяи Генералии СММ 21 мартро ҳамчун Рӯзи байналхалқии Наврӯз эътироф карда, ҷидду ҷаҳди давлатҳоеро, ки дар онҳо иди Наврӯз маъқул дониста, давлатҳои аъзои созмонро даъват менамояд, то дар бораи Наврӯз бештар маълумот пахш намуда, дар мавриди зарурат барои таҷлили иди Наврӯз тадбирҳо андешанд.

Ҳар як ҷашн зоида ва парваридаи макону замони мушаххас мебошад ва аз ин маънӣ инъикоси тариқи ҷаҳоншиноси ва идеалҳои иҷтимоию фарҳангии қавме, халқе ё миллатест, ки онро ҳастии маънавӣ бахшида. Наврӯз ҳам як навъ холи модарзод дорад: рангу рахти муҳити фарҳангие ки бостонитарин иди соли навро маони масдаки хоси рӯҳонию равони бахшида аст, дар чеҳраи маънавии вай нақш бастааст.

Бисёрии таърихнигарони фарҳангшинос ба хулоса омаданд, ки зардуштия қадимтарин дини тавҳиди ё яккахудои буда дар Тӯронзамин то ба арсаи таърихи ҷаҳон гузаштааст. Ба ҳар ҳол дар байни афкори мухталиф боварбахштаринаш ақидаи антиқашиноси маъруфи рус И. В. Пиянков мебошад, ки дар ҳошияи таҳлилу танқиди назарияҳои пешини илми баён намудааст.

Суғд ватани таърихии Зардушт буда, Бохтар ҷоест, ки зардуштия мавриди эътирофу эътибор қарор гирифтааст. (2,44).

Бино ба далолати таърихи аҳди бостон, фаро расидани соли наве, ки аз рӯзи эътидоли баҳори сар мешавад, андар як 3-4 ҳазор сол пеш дар қадимтарин тамаддунгоҳи рӯи замин – Байнаннаҳрайн ҷашн гирифта мешуд. Ва агар дар назар гирем, ки дар аҳди Ҳахоманишинҳо эрониён Бобулистонро забт карда буданд, балки эрониён ҷашн гирифтани эътидоли ҳориро аз сокинони ҳамаҷойи омӯхта бошанд?

Валекин барои баровардани чунин хулосаи таърихи далели муътамади илми нест. Албатта, дар таърихи башар таъсири мутақобили фарҳангҳо ва одату суннатҳо як падидаи маълуму машҳур аст. Дар таърихи одамизод тақлид ҳам як амру амли маълумист. Вале тақлиди таърихи мисли кучатшиноси барои дар ҷои нав реша гирифтану сабзидани ниҳол хоку иқлими мусоид лозим аст.

Ё аз қавли фалсафаи Абӯалии Сино ҳарчанд офтоб сабаби пазондани мева аст, ҳам он ҷо қуввати табии бояд, ки бо вай ёр бувад. Дар баробари ин боз ду далели дигарро ҳам ба назар гирифтан даркор аст, ки ба ҷиҳатҳои хоси масъала рӯшанӣ меандозад.

Пайванди таърихи фарҳангии Наврӯзро ду далели таърихи мушаххас мекунад. Аввалан, чӣ ҷашни Наврӯз ва чӣ кеши Маздаясна, ки иди соли нави хуршедиро рӯҳи равони тоза бахшидааст, аз ҳамон бахши Ориёи замин бархостаанд, ки зодгоҳи аҷдоди тоҷикон буду авлодашон дар ҳамон ҷо то кунун зиндагӣ мекунанд.

Сониян ойину суннатҳои Наврӯзи пояҳои ҳуввияти миллии ориёитаборони эронизабон буда, ба ҷумлаи шиносномаи таърихию фарҳангии мардумони бумии Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Ӯзбекистон мебошанд.

Далели фарҳангшинохтаи ҷашни Наврӯз аз идҳои солинавӣ ҳамсоягони дуру наздики ниёгони мо аз рӯи на фақат расму оинҳо балки махсусан фалсафааш фарқ мекунад. Гуфтан кофист, ки гузаштагони бостони мо соати баробар шудани шабу рӯзро натанҳо баҳор, балки дар тирамоҳ низ ид мекарданд, ки ҷашни Меҳргон ном дошт. Эътидоли баҳорӣ, ки наврӯзӣ моро ҳусни оғоз бахшидааст, кашфиёти виҳайи ягон ҷади тоҷику эрон нест. Оғози сол ҳисоб кардани соати баробар шудани шабу рӯз ҳам пешниҳоди ягон фарди ориёнажод набуд [3,44].

Лекин маҳз ниёгони тоҷику эронӣ буданд, ки эътидоли баҳориро дар таркибу суннати маънавиашон рӯҳу равони тоза бахшида, ба танаш ҷомаи зарбофти фалсафию динӣ пӯшониданд. Гузашта аз ин фақат дар қаринаи фарҳанги суннатии қавмҳои ориёнажоди Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ эътидоли табиӣ маънию маслаки хоси динию ахлоқи ва нуфузи маънавию иҷтимои пайдо намуд, ки агардартаърихиҷаҳон беназир аст гӯем муболиға нахоҳад буд.

Наврӯз бо унвони ҷашни эҳёи табиату тамаддун дар заминаи рӯҳони Маздаясно таъбир ва таъин шуд. Ин ҷиҳати таърихи Наврӯз маълуму мафҳум аст. Вале аҳли таҳқиқ ақлона мегӯянд, ки ки дар Авесто аз Наврӯз ному нишоне нест. Пас мо бо як навъ хорики (парадокс) - и таърихи бармехӯрем, балки Ҷашни Наврӯз аз китоби Авесто дида ҷавонтар аст. Ҷашнҳои Наврӯз васлгари дирӯзу имрӯз, ҳимоятгари суннатҳои волои ниёгон, решапайванди наслҳо, бозгашт ба асли хеш ва беҳтарин расму оин ва анъаноти миллист. Гузаштагони мо Наврӯзро бо шодиву хурами ва тантанаи бузург истиқбол намуда беҳтарин орзуву омол ва таманниёти хешро ба он вобаста мекунанд, беҳтари ояндаи дурахшон ва созандаву бунёдгори нақшаҳо таҳияҳо менамояд.

Ҷашни Наврӯз аз оғоз то интиҳо баҳрӣ гиромидошти урфу одат ва маросимҳои халқӣ таъмини ҳамоҳангии муносибати табиат ва инсон, ҳифз ва афзун, гардонидани зебоӣ ва боигарии табиат, ободонӣ ва кабудизоркуни муҳити атроф, гиромидошти меҳнат ва қадру манзалати инсон равона карда шудааст. Наврӯз ҷашни умумихалқист ва аз каъри асрҳо то замони мо расидааст, садсолаҳо инҷониб дорад ва бо мурури замон такмилу ривоҷ ёфтааст. [4,56]

Таърихи ташаккули Наврӯз бо эҳё гардидани табиат дар баҳорон, ки пас аз зимистон фаро мерасад, вобаста кардаанд. Доир ба пайдоиш ва хусусияту нозукиҳои ҷашни миллии Наврӯзи бостон сароғози иди таърихи пурғановати мо буда, ҳамчун суннати пуразриш ба фарҳангу

тамаддуни миллӣ ва тору пуди зиндагии на танҳо мардуми тоҷику форс, балки кулли халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он омезиш ёфтааст.

Ҷашни Наврӯз даричае ба сӯи баҳори саҳромӯз ва фурсате ғанимати тамошои наққошиҳои бузурги табиат ҳисобида мешавад ва аз ин рӯ мардуми орёӣ айёми чашнро барои сайру саёҳат дар даштҳои махмалин ва боғу бӯстонҳои нозанин фурсат медонанд. Дар рӯзҳои эҳёи дубораи табиат, ки замину замон ба рӯи ҳамаи шефтагони муштоқони мӯъҷизаҳои олам лабханд мезанад, шоиста бувад, ки аз хонаҳо бадар оему дар оғӯши меҳрпарвари табиати Ватан таскину оромиш ёбем. Худованди мутаол сафарро як рохи худшиносӣ ва ҷаҳонфаҳмӣ анвон кардааст: “Эй Расул, бигӯ ба мардум, ки дар замин гардиш кунед ва бубинед, ки Худованд чӣ гуна халқро офарид”. [8,78].

Дар Наврӯз сафар кунем, ки сафарҳои наврӯзӣ фасли тоза кардани дидор ва боз намудани дари ошноҳои нав ва поягузории дӯстиҳо ва унсу улфатҳои бештари мардум бо якдигар аст. Наврӯз ҷашнест, ки беҳтарин хусиятҳои мероси фарҳанги бадеиву эстетикии тоҷикон (халқҳои Эронӣ), инчунин мардумони дигари Осиёи Марказиро дар худ инъикос кардааст. [5, 251].

Омӯзиши Наврӯз дар маҷмӯ ба омилҳои гуногуни таърихиву фарҳангӣ ва арзишҳои маънавию эстетикӣ ҳамчун бахши муҳими фарҳанги маънавии тоҷикон (халқҳои Эронӣ), ба раванди таърихӣ вобаста буда, ягона манбаи ирсии урфу одатҳои халқҳои Эронӣ мебошад. Ин ҷашн таърихи зиёда аз сеҳазорсола дорад ва куҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Дар баъзе аз матнҳои куҳан аз ҷумла «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсии Тусӣ, Таърихи Табарӣ, «Ал-тафҳим», «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳон Берунӣ ва «Наврӯзнома»-Умари Хайём, шоҳ Ҷамшед ё ин Каюмарс ба унвони поягузори Наврӯз муаррифӣ шудаанд [8,63].

Падидоварии Наврӯз дар Шоҳнома, ба ин гуна ривоят шуда аст, ки Ҷамшед дастур дод то дар онҷо барои ӯ тахте бигузоранд ва худаш бо тоҷи зарин бар рӯи тахт бинишаст. Бо расидани нури хуршед ба тоҷи заррини ӯ, ҷаҳон нуронӣ шуд ва мардум шодмонӣ карданд ва он рӯзро Наврӯз номиданд. Бархе аз ривоёти таърихӣ оғози Наврӯзро ба Бобулиён нисбат медиҳанд. Бар тибқи ин ривоётҳо, ривоҷи Наврӯз дар сарзамини Форс ба соли 538 пеш аз мелод, яъне замони ҳамлаи Куруши Кабир ба Бобул боз мегардад, ки маҳз ӯ Наврӯзро ҷашни миллӣ эълон кард. Вай дар ин рӯз барномаҳоеро барои сарбозон, поксозии маконҳои ҳамагон ва хонаҳои шахсӣ ва бахшиши маҳкумон иҷро менамуд. Дар аҳди Сосониён Наврӯз ҷашни давлати буд, яъне ҳамаи шаҳрвандони кишвари Эронро мебоист, онро ид карданд Абурайҳони Берунӣ донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби машҳури худ «Осор-ул-боқия» аз забони Али Бинни Яҳё навиштааст, ки «Рузи Наврӯз ягона рузест, ки тағйир нопазир аст» ва дар китобаш «Ал-тафҳим» менигорад, ки «нахустин рӯз аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро ки нишонии соли нав аст». Ҳикояту ривоятҳо дар бораи иди Наврӯз хеле бисёранд [9,125]

Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Ал-тафҳим» овардааст, ки чун Ҷамшед ба подшоҳи расид, динҳоро аз нав кард ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тоза буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз он ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд. Ҳамчунин дар ҷои дигари ин китоб чунин овардааст, ки аз расмҳои подшоҳон Наврӯз чист? Нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ нав аст ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст[1,34].

Маросими Наврӯзӣ дар Хаҳоманиши ҳам бисёр ноқису маҳдуд аст вале дар ин ки шоҳони ин силсила ба иҷрои ободу ташрифоте дар Наврӯз мепардохта ва идро мешинохтанд. Дорюш-шоҳи Хаҳоманиши (486-521 пеш аз милод) чунон ки аз осори Бобул бармеояд дар Наврӯз хар сол ба маъбади Баълмардуқ раббуннуи бузурги Бобул мерафт ва дасти онро мегирифт. Чун ки подшоҳ аз шоҳони дигари Хаҳоманиши барои таҳкими бунёди қудрати худ маъмулан дар анзори ҳар як миллат худро тарафдори мазҳабӣ эшон муаррифӣ мекарданд ва мутобиқи мазҳабии онон рафтор менамуданд.

Зинда шудани Наврӯзро Муҳҳаммади Мавлоирӣ яке аз осори барҷастаи дабирони Эрони медонад. Ӯ ҳамчунин қайд карда, ки пас аз сукути давлати Сосониён иди Наврӯз ҳам монанди бисёре аз осори Эрони аҳамияти худро дар дастгоҳи расми аз даст дод.

Вале ин як ҳодисаи муваққати маҳсуб мешуд, зеро Наврӯз дар аҳди Аббосиён нафаси тоза ба даст овард, дубора дар хилофат равнақ ёфт ва ҳамаҷониба қайд карда мешуд.

Дар ин давра Эрониён натанҳо дар дарбори хилофат ҷашн мегирифтанд балки Наврӯз ба ҷашнҳои умуми табдил ёфта буд, ки худи хулафаҳо низ дар он фаъолона иштирок мекарданд. Дар адабиёти араб дар аҳди Аббосиён шерҳо ва номаҳои таҳниятие пайваста интишор мешуд ба иди Наврӯз бахшида шуда буданд.

Ҳадя фиристонидан ва номаи табрики навиштан яке аз одоби иди Наврӯз буда, ки дар ин давра байни табақаи донишмандон махсусан дабирону вазирон ривоҷ ёфтааст. Ашъори зиёде базабони араби дар ин давра навишташудаанд, ки арбоби завқу ҳунар онҳоро ба шакли китобҳои алоҳида ҷамъовари намуданд. Аз баёни онҳо «Ан Наврӯз ва-л-Меҳҷон» и Али ибни Ҳорун ва «Алибот ва – н-Навориз»и Мусо ибни Исои касравиро ном бурдан мумкин аст. Ҳамзаи исфаҳони низ маҷмӯи бономи «Алашор-уз-Соира фи-н-Наврӯз ва –л-Меҳрҷон» таълиф намуда, ки дорои беҳтарин шеърҳои ба муносибати Наврӯзу Меҳргон сурудашуд вирди забони мардум қарор гирифташуда ҷой гирифта шуданд.

Дар яке аз номаҳои ҳамин давраи Аббосиён дар таҳнияти Наврӯзи навишта шудааст: «Ин рӯзест, ки Эрониён сарфарози мекунанд ва Аббосиён низ барои бузург доштани ин ид ва ҳам чунин барои пайрави кардан аз аҳди он иқтисод намудан ба суннати эшон худро ҳамранги Эшон месозад [4,25].

Эрониён дар таҳсилу давлату иззат пойгоҳи баланд доштанд, ки орзуро ҳам бад-он ҷо роҳ набуд ва касе ҳам чашми баробари ба онҳо дошта натавонист. Эшон пас аз заволи давлаташон боз ба воситаи осори ҳамида ба номи некашон зарбулмасал гардиданд, дигарон аз рафтори эшон пайрави намуданд, идҳояшонро ҷашн гирифтанд ва барои он аз пеш тадорукҳо диданд». Ба қавли қалқашанди пеш аз ҳама дабирони давлати Аббосиён ба нубуғи эронии худ барои пойдории ҷашнҳои миллии эрони, аз ҷумла Наврӯз ба онҳо рангу тоби исломию соми медоданд ва ба он бодидаи бузург менигаристанд. Ҷашни Наврӯз он қадар ба фарҳанги исломи муносиб шуд ва ҷой гирифт, ки дар баъзе рисолаву тадқиқотҳо онро исломи ба қалам дода ривояти ҳикоятҳо низ иншо намуданд.

Муҳҳаммад Боқири Маҷлиӣ дар китоби «Асомеъ-ва-л-илм» навишта буд, ки ба ривояти Имом ҷаъфари содиқ, дар рӯзи Наврӯз Ҳазрати Муҳҳаммад (С) дар дашти ғадири ҳум барои ҳазрати Алӣ аз мардум байъат гирифт ва дар ҳамин рӯз ҳазрати Алӣ бар мардуми наҳовид пирӯз шуд ва дар ҳамон рӯз имоми дувоздаҳум, ки феълан аз дидаҳо пинҳон аст, муҷаддан зоҳир мешавад. Фарҳангмеҳр дар «фалсафаи зардӯшт» ном асараш ба овардани маълумоти фавқ ҳамвора қайд карда, бино ба нақли имом ҷафар ва салмони форси, Одам дар оғози фарвардин, ки ҳамон иди Наврӯз офарида шудааст [5,69].

Ба ҷуз ин омӯзиши як сисила асотир ва нақлу ривоятҳои эронию соми дар заминаи ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон ба вуҷуд омаданд ва тағйири номҳои тахти Ҷамшед ва тахти Сулаймон, оромгоҳи куруши кабир ба қабри Ум-ун-Нисо ё мақбараи модари Сулаймон ва ғайра нишони омезиши унсурҳои фарҳанги мебошад.

Идҳои Нарӯзу Меҳргон дар замони Дайламиён, Ғазнавиён ва Салчуқиён низ ҷашн гирифта мешуд ҷашнҳои мазкур хусусиятҳои мушаххаси худро доштанд. Дар аҳди хилофоти араб ҷашни Наврӯз на танҳо тамоми Эрон, балки дар дарбори хулафо низ ба маросиму шукӯҳи хосе ҷашн гирифта мешуд, ва мардуми Бағдод ва Миср дар бузургдошти ин ҷашн муболиға мекарданд.

Бояд гуфт, ки Наврӯз рамзи бузургии фарҳангии мардуми ориёинажодаст, ки дар паҳнои азиме аз кӯҳҳои осмонбӯси Помиру халиҷи Форс то Ҳинду Чин, Покистону Мисру Аврупо ба сар бурда, дар таърихи тамаддуни башарият рамзу нақши бузурги он қавм аст, ки ба фарҳанги ҷаҳонӣ ворид Наврӯз дар раванди ҳазорсолаҳои ҷаҳонишавӣ дигаргуниҳоеро аз сар гузаронида, навгониҳоеро пазируфта, ки дастраси мо гардида, хазинаи фарҳангиамонро ғанитар хоҳад гардонд.

Дар сиёсати фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, мӯҳтарами Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз ҳамчун рукни муҳими худшиносии миллӣ, василаи муҳимми пайванди наслҳо, робитаи гузаштаю имрӯз, эҳёи анъанаҳои зебопарастӣ, инсондӯстӣ, дур сохтани кинаҳо ва ҳамдигрбахшӣ рамзи дӯст доштан ва расидан ба қадри зиндагии хушу хуррамона аст [6,1].

Адабиёт:
1.Абӯбакрӣ Нархашӣ. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Адиб, 2007.
2.Азизи Ф. Азизи Фарҳанг ва истиқлол. Душанбе: Адиб, 2011.
3.Берунӣ А. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 26.
4.Бобо Назар. Зодгоҳи Зардушт ва Наврӯз //Ҷумҳурият № 44-45. аз 10.04.2012.
5.Раҳимов М.Р. Земледельческий народный календарь и счет времени у таджиков соха. – Душанбе:Дониш, 1985.
6.Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе: Ирфон, 1999.
7.Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Душанбе, 2005.
8.Хайём У. Наврӯзнома.- Душанбе:Адиб, 2012. – С. 63.
9.Рӯзии А. Наврӯзи Ҷаҳоноро. – Душанбе: Ирфон. 2012. – С. 125.
10.Фарҳанги тафсирии забони тоҷики ҷилди 1. - Душанбе, 2008. – С. 251.

САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН

Соҳибзода Муҳиддин Соҳиб – *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара Тел:+992883081101*

Дар шароити мусоир сарчашмаҳои асосии омӯзиш ва баррасии таърихи давлатдории Сосониён маҳдуд буда, аксарияти навиштаҷотҳо то ба мо нарасидаанд. Метавон қайд намуд, ки пас аз ғасби империя аз тарафи арабҳо, аксарияти навиштаҷотҳо ва китобҳову асарҳои нодир нобуд карда шуданд. Ба ҳар ҳол, як қатор навиштаҷотҳо қисман то ба мо омада расидаанд, ки метавон дар асоси маълумоти онҳо вазъияти умумии давлатдории Сосониёнро тасаввур намуд.

Ба сифати сарчашмаҳои таърихии омӯзиши давлати Сосониён, пеш аз ҳама, навиштаҷотҳои паҳлавӣ баромад менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор навиштаҷотҳо бо фармони шоҳони сосонӣ, масалан, Ардашери I, Шопури I тартиб дода шуда, бо ду забон – паҳлавӣ ва юнонӣ навишта шудаанд. Илова бар ин, навиштаҷотҳои паҳлавӣ, ки ба ҳокимони бузурги давлатӣ, ашрофзодагон тааллуқ доранд, то ба имрӯз омада расидаанд[3.178].

Дар дарбори шоҳони сосонӣ солномаи расмӣ мавҷуд буд, ки дар он тамоми ҳодисаву воқеаҳои муҳим дарҷ карда мешуданд. Ин солномаҳо сарчашмаи асосии китоби паҳлавии “Худойнома” (аз паҳлавии хватай – шоҳ ва номак – нома), асари таърихӣ ва адабист, ки тақрибан дар асри VII ба забони паҳлавӣ таълиф шудааст) ва ки дар нусхаи асл ҳифз нагардидааст, ба ҳисоб мераванд. Солномаҳо, қарордодҳо, қонунҳо дар бойгонӣ нигоҳ дошта мешуданд. “Худойнома” аз тарафи Ибн-ал-Мукаффа, ки аз зардуштия ба ислом гузаштааст, ба забони арабӣ тарҷума карда шудааст. Илова бар ин Ибн-ал-Мукаффа дигар китобҳои паҳлавӣ, аз он ҷумла “Ҳаёти шоҳони форс”-ро ба забони арабӣ тарҷума намудааст. Китоби “Худойнома” аз тарафи дигар муаллифон низ ба забони арабӣ тарҷума гардида, аз тарафи таърихнигорони араб ва форс мавриди истифода қарор дода шудааст.

Асари Фирдавсӣ “Шоҳнома” яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихи давраи ҳукмронии Сосониён ба ҳисоб меравад. Фирдавсӣ аз сарчашмаҳои мухталиф, аз он ҷумла “Худойнома” (Китоби шоҳон) – эпоси расмӣ ва таърихи Эрон, ки дар давраи Сосониён навишта шудааст, васеъ истифода намудааст. Қисмҳои алоҳидаи “Шоҳнома” ба шакли назмӣ нигоҳ накарда, қариб пурра ба асарҳои қисман боқимонда мувофиқ аст. Масалан, дар “Шоҳнома” тақсимоти куҳнаи аҳолии озоди Эрон ба руҳониён, аристократияи ҳарбӣ, заминдорон ва чорводорон, косибон таҷассум гардидааст. Чунин тақсимот, ки ба таври расмӣ, ҳанӯз дар асри V то милод амал менамуд, дар дигар сарчашмаҳои динӣ таҷассум гардидааст. Дар “Шоҳнома” ба даври мухтасар ин тақсимнамоӣ аз нуқтаи назари дунявӣ таҷассум гардидааст. Намояндагони қишри сеюм – заминдорон ва чорводорон ҳамчун одамони озод ва мустақил тасвир шудаанд, ки ба тасаввуроти расмӣ оид ба ин гурӯҳ дар марҳилаи тофеодалӣ мувофиқ аст[6.212].

Қонунномаи Сосониён ягона мероси халқи тоҷику форс мебошад, ки аз давраи сулолаи Сосониён ба мо омада расидааст. Ба забони паҳлавӣ бо услуби ҷамъоварии қарорҳои судӣ навишта шудааст. Чунин маҷмӯаҳо ба сифати роҳнамо барои амалияи судӣ тартиб дода

мешуданд ва таъйиноти онҳо на танҳо дар асоси доираи масъалаҳои фарогиранда, балки сарчашмаҳо, ки муаллифон истифода менамуданд, муайян карда мешуд. Қайд намудан зарур аст, ки асоси Қонуннома – роҳнамоҳо барои судяҳо бояд сарчашмаҳое бошанд, ки дар мурофиаи судӣ обрӯву эътибори хосса дошта бошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳудуди империяи Сосониён сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқӣ амал менамуданд. Сарчашма ва заминаи асосии ҳуқуқӣ Авесто ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра ба он миқдори муайяни иловаҳо ворид карда шуданд, ки дар "Хурд Авесто" таҷассум гардидаанд. Меъёрҳои Авесто ба пайдоиши дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ки дар услубҳои мухталиф пайдо шудаанд, таъсири ҷиддӣ расонидаанд, масалан, "Китоб оид ба амалҳои Ардашер", "Китоб оид ба ҳукмронӣ", "Мактуби Тансар" ва ғайраҳо.

Зери мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ шакли вазъи зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда фаҳмида мешавад. Гурӯҳе аз олимон онро ба иродаи давлат, дигарон бе мавҷудияти чунин ирода, тасниф намудаанд. Умуман, дар доираи илм шаклҳои мухталифи ин навъи сарчашмаи ҳуқуқ пешниҳод гардидаанд, ки дар натиҷаи такя намудан ба асосҳои гуногун пайдо шудаанд.

Сарчашмаи ҳуқуқ бо маънии ифодаёбии зоҳирии меъёр чунин намудҳоро доро аст: одатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, амсоли судӣ, шартномаи меъёрӣ. Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки олимон дар муайян намудани навъ ва шаклҳои ҳуқуқ асосан, ба он навъ ва шаклҳое такя менамоянд, ки дар низоми ҳуқуқии кишварҳои муосири дунявӣ мавҷуданд. Дар асоси ин гуфтаҳо, Авесто ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, зиёда аз ҳазор сол дар таърихи давлатҳои Осиёи Миёна ва Эрони бостон тимсоли шакли зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои амалкунанда баромад кардааст, комилан метавон ба сифати яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ ба маънои шаклӣ шинохта шавад[1.34].

Яке аз сарчашмаҳо, ки дар он меъёрҳои муайяни сохтори иҷтимоӣ–сиёсӣ дарҷ гардидааст, "Мактуби Тансар" ба ҳисоб мерад. Тақрибан дар асри VI дар услуби андарз тартиб дода шудааст, ки дар ин марҳилаи ҳукмронии Сосониён яке аз услубҳои паҳнгардида ба ҳисоб мерафт. Ин сарчашмаи ҳуқуқӣ дар асри VIII аз тарафи таърихнигор Ибн-ал-Мукаффӣ ба забони арабӣ тарҷума карда шудааст, лекин то ба мо омада нарасидааст. Таърихнигори форс Муҳаммад Ибн-ал-Ҳасан ибн Исфандиёр тарҷумаи арабии онро дар асари худ "Таърихи Табаристон" дар асри XIII истифода намудааст. Маҳз тариқи ин асар "Мактуби Тансар" ба мо омада расидааст.

Мактуби мазкур ба ҳокими Табаристон фиристода шудааст, ки ҳокимияти шоҳи шоҳонро эътироф надошт. Муаллифи мактуб яке аз намояндагони коҳинӣ – Тансар ба ҳисоб меравад. Ӯ ба Гуштопс нисбат ба идоракунии давлат, ки ба масъалаҳои сохтори дохилӣ ва таърихи кишвар, тартиботи идоракунӣ, ҳамкории байни шоҳи шоҳон, рӯҳониён ва коҳинон дахл доштанд, якчанд маслиҳат пешниҳод менамояд. Дар ин мактуб диққати асосӣ ба сохтори табақавии Эрон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар як қишр, инчунин як қатор меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, молиявӣ ва ҷиноятӣ равона карда шудааст.

Дар тартиб додани Қонуннома аз маҷмӯаи ҳуқуқии ҷойдошта васеъ истифода карда шудааст, ки номи онҳо дар он зикр гардидаанд. Дар асоси таҳлили матни Қонуннома, асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳои тартибдиҳии он ҷудо карда мешавад. Гурӯҳи якуми сарчашмаҳо муқаррароти анъанавии ҳуқуқӣ, ки дар наскҳои ҳуқуқии Авесто, махсусан, дар шарҳу эзоҳоти паҳлавӣ ба ин наскҳо қайд гардидаанд; гурӯҳи дуюми сарчашмаҳо – маҷмӯаҳои ҳуқуқии мавҷуда, амру фармони шоҳон, ақида ва мавқеи ҳуқуқдонони шинохтаи замони Сосониёнро таҷассум менамоянд.

Ақидае ҷой дорад, ки Сосониён нисбат ба Ашкониён бештар ба зардуштия алоқаманд буданд, пайгирии динҳои дигарро маҳз бо ангезаҳои динӣ мавриди истифода қарор намедоданд. То дини насрониро қабул намудани император Константин насрониёнро ташвиш намедоданд[10.43]. Ин нуқтаи назар дар ҳамон давра гуфта шуда буд, ки ҳанӯз навиштаҷотҳои барвақтии давраи Сосониён ва сарчашмаҳои мухталиф чоп нашуда буданд. Аз ин хотир,

метавон қайд намуд, ки ин нуқтаи назар дар шароити имрӯза воқеияти таърихи марҳилаҳои аввали ҳукмронии Сосониёнро таҷассум карда наметавонад.

Аввалан, Сосониён на танҳо бо зардуштия алоқаи қавитар доштанд, балки дар оғози асри III гузаштагони онҳо худ вазифаҳои коҳиниро иҷро менамуданд, ки ба ин далел анъанаҳои арабиву форсӣ ва тангаҳое, ки аз тарафи ҳокимони Форс Бобак Шопур сикка зада шудаанд, нишон медиҳанд. Шоҳи аввалини империяи Сосониён ба таври возеҳ зардуштияро ба сатҳи дини давлатӣ қабул намуда, пайравии худро ба Аҳурамаздо дар унсурҳои унвони расмӣ дар дирҳамҳои тоҷгузорӣ ва минбаъда баён намудааст. Ардашери I (224-241) садоқату вафодории худро ба зардуштия дар навиштаҷотҳои рӯи санг баён намудааст, ки унвони монархи ҳукмронро ифода менамуданд. Дар таърихи Ашкониён чунин амалияи расман эълон намудани зардуштия дар сатҳи давлатӣ ҷой надошт[5.29,30].

Ҳамин тариқ, китоби Авесто китоби муқаддаси зардуштиён, аввалин асари динӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии мардуми тоҷику форс аст, ки дар ибтидои ҳазорсолаи якум таҳия шудааст. Гимнҳо ва сурудҳои Авесто дар ибтидо ба таври шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон мегузаштанд, баъдтар таҷрибаи навиштани он пайдо шуд. Ин сарчашма дар тӯли таърихи дароз ба шакл дароварда шудааст, аз ин рӯ, мувофиқи андешаи олимон меъёрҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии он ифодагари таърихи чандҳазорсолаи қавмиятҳои авестоӣ аст[1.25].

Профессор А.Ғ. Холиқзода мафҳуми материалӣ – моддии сарчашмаи ҳуқуқ Авесторо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ – ҳуқуқӣ таҳлил намуда, қайд менамояд, ки он ба талаботҳои сарчашмаи ҳуқуқ пурра ҷавобгӯ аст:

- Авесто ҳамчун китоби динӣ дар баробари меъёрҳои динӣ, дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Он ҳамчун иродаи Худованд Аҳуро Маздо ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро барои тамоми зардуштиён муқаррар намудааст. Ин сарчашма саршори ғояҳои адолатнок аст, ки имконияти ташаккули ҳуқуқро таъмин менамоянд;

- Меъёрҳо ва ғояҳои Авесто на танҳо бевосита манбаи ҳуқуқи амалкунанда буданд, балки сарчашмаи ташаккули низоми ҳуқуқии давлати Каёниён, Ҳахоманишинҳо, Ашкониён, Сосониҳо, бохтариён, суғдиҳо ва ғайраҳо буда, фармонҳо, амрҳо ва қонунномаҳои судии давлатҳои бостон ва асрҳои миёнаи Эрон ва Осиёи Миёна қатъиян дар партави муқаррароти Авесто ва ойини зардуштӣ эҷод мешуданд;

- Авесто сарчашмаи воқеии ҳуқуқ дар даврони тӯлонии таърихӣ баромад менамуд. Талабот ва муқаррароти он ҳамчун манбаи ҳуқуқи амалкунанда ба ҳисоб мерафт. Дар давраи ҳукмронии Сосониён ва Портҳо, зардуштия ҳамчун дини расмии давлатӣ эътироф шуд, неруи бевоситаи Авесто ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар байни дигар манбаъҳои ҳуқуқ бесобиқа буд[1.32,33].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили мазкур, метавон қайд намуд, ки Авесто ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи амалкунандаи давраи Сосониён баромад намудааст. Инчунин, тамоми маҷмӯаҳои судӣ, аз он ҷумла Қонунномаи Сосониён бо истифода аз ин сарчашмаи ҳуқуқӣ тартиб дода шудааст, яъне меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи Авесто дар ин маҷмӯа ҷой дода шудаанд.

Ин сарчашмаи маҷмӯавии ҳуқуқ талаботи ҳуқуқии ҷомеаи тағйирпазирро ба идоракунии давлатӣ фарогир аст, аз ин хотир метавонем қайд намоем, ки ин сарчашмае аст, ки дар давраи то ташкили давлатии ҷомеа ташаккул ёфта, дар марҳилаи ташаккули сохтори давлатӣ–ҷамоавӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Ҳамин тариқ, таърихи ташаккул ва рушди сохтори давлатӣ–ҷамоавӣ, баъдтар ташаккули типи нави давлат дар ҳудуди Тоҷикистон бевосита бо Авесто алоқаманд аст. Мураккабгардӣ ва рушди сохтори ҷамъиятӣ ва ҳуқуқии тоҷикон дар муддати асрҳо маҳз дар асоси ин сарчашмаи ҳуқуқӣ муайян карда шудааст[7.9,14].

Меъёрҳои дар Қонуннома овардашуда дар асрҳои VI-VII мавриди истифода қарор дода шудаанд, лекин оғози мавҷудият ва марҳилаи амали ин меъёрҳо ба замони ҳуқуқи Эрон ва Тӯрони бостон, даврони авестоӣ, ба марҳилаи ҳукмронии Ҳахоманишинҳо рафта мерасад. Аксарияти меъёрҳои Қонуннома аз китоби Вандидод – Қонуни зидди бадӣ – қисмати ҳуқуқии Авесто гирифта шуда, аз ҳазорсолаи дуюм ва якуми пеш аз милод сарчашма мегирад. Дар ин

самт, муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳи подшоҳзан, ситарзан ва чокарзанӣ, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, навъҳои шартнома, ҳуқуқи ворисон мувофиқи мақоми зан дар оила аз назари шаклҳои никоҳ ва ғайраҳо то умқи таърихи бостон мерасад.

Дигар аз меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ – урфу одат ва анъанаҳои зиндагии мардум, махсусан бардагон, истилоҳоти ҳуқуқӣ ва коргузории давлатӣ бо мурури замон ба маданият ва анъанаи юнониён омезиш ёфта, рӯ ба таҳаввул ниҳод, ки нишони он дар баъзе меъёрҳои Қонуннома мушоҳида карда мешавад[7.10,11].

Обрӯву нуфузи Авесто дар мурофиаи судӣ решаҳои таърихӣ дорад. Ҳуқуқи қадима қисми этикаи динӣ ба ҳисоб мерафт, дар мардуми тоҷику форс алоқаи ногусастании байни дин ва ҳуқуқ дар шароити рушди ҳаёти давлатӣ ва шабакаҳои васеи муассисаҳои дунявии судӣ нигоҳ дошта шуда буд. Лекин, он муқаррароте, ки дар қоидаҳои авестоӣ таҷассум гардида буданд, аллакай дар оғози давраи паҳлавиён дигар наметавонистанд ба сатҳи рушди ҷомеа ҷавобгӯ бошанд. Илова бар ин мушкилоти дарки забони авестоӣ зарурати шарҳу эзоҳи наскҳоро дар самти муқаррароти ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ, ки дар асоси таҷрибаи ҷамъиятӣ коркард гардидаанд, ба миён овард. Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дар мурофиаи судӣ аҳаммияти муайянро маҳз тарҷумаи шарҳу эзоҳдодашуда касб намуд.

Муаллифи Қонуннома ба обрӯву эътибори шарҳдиҳандагон такя намуда, қариб чил номи шарҳдиҳандагони маъруфро номбар намудааст. Ҳуқуқшиносони машҳур мисли Мороспанд, Баҳром, Озодмард, Сиёвахш, Моҳёр Моҳвандон, Ҷомосп ва дигарон чандин маротиба дар матн ёдоварӣ шуда, аз номи онҳо тартибу усули дуруст ва адолатноки ҳалли масъалаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст[9.8].

Дар Қонуннома ҳолатҳое вомехуранд, ки як шарҳдиҳанда ё ҳуқуқшинос ба ақидаи ҳуқуқшиноси дигар такя менамояд, ки пештар ба масъалаи мазкур равшанӣ андохтааст. Илова бар ин, ҳуқуқдони дуюм, дар ҳалли масъалаи мушаххас ба нафари сеюм такя намудааст, ки имконият медиҳад пайдарпайии хронологии як қатор шарҳҳо муайян карда шаванд.

Оид ба сарчашмаи дуюми мурофиаи судӣ “картак”, Қонуннома маълумотҳои зиёдеро пешниҳод менамояд, зеро муаллиф онро васеъ истифода намудааст. Яке аз бобҳои он “Боб оид ба як қатор дастурамалҳо дар амалияи судӣ” ном дорад, ки дар “Китоби қонунҳо” низ қайд шудааст. Дар ин боб меъёрҳо бидуни нишон додани сарчашма баён шудаанд: дар ин ҷо муаллиф, эҳтимол маводро аз дасти дувум, маҳз аз “Китоби қонунҳо” гирифтааст, ки дар давраи Хусрави I тартиб дода шудааст. Лекин такя намудан ба матнҳои расмӣ дар Қонуннома кам нестанд. Масалан, чандин маротиба дастурамали “Ёддошт” (асяткар) магупати асосии Беҳ–Шапур хотиррасон карда шудааст. Дар он оид ба фаъолияти магупатҳои асосӣ дар соҳаи умумии ташкили мурофиаи судӣ сухан меравад. Дар ин дастурамал ҳатмӣ будани протоколи судӣ дар баррасии як қатор ҷиноятҳо ё қонунвайронкуниҳо, махсусан ҳамон қонунвайронкуниҳо, ки ҷазои пурра ва устуворро талаб менамоянд, ҳамроҳ намудани протокол ба ҳуҷҷат, ки матни ҳукмро дарбар мегирад, нишон дода шудааст. Дар ин дастурамал муҳр гузошта, сипас ба тамоми шаҳрҳо фиристода шудааст ва маҳз яке аз чунин дастурамалҳои муҳрдорро, ки дар бойгонии шаҳри Ғур гузошта шудааст, муаллифи Қонуннома мавриди истифода қарор додааст[5.346].

Дар нимаи дуюми давраи ҳукмронии Сосониён барои кӯмак ба дастгоҳи давлатӣ ва муассисаҳои судӣ маҷмӯаҳои роҳнамои махсус тартиб дода шудаанд, ки дар он маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ин ё он муассиса, дараҷа ва шахсони мансабдор, инчунин иқтибос аз фармон ва қарорҳои расмӣ ворид гардида буданд. Дар Қонуннома аз “Китоб оид ба уҳдадориҳои шахсони мансабдор” фармон ва дастурамали мусодираи молу мулки пайравони монизм ба хазинаи шоҳ оварда шудааст. Матни ин фармон ба тамоми шаҳрҳои империя фиристода шудааст[5.352].

Дар Қонуннома аз “Китоб оид ба уҳдадориҳои магапутҳо” низ иқтибос оварда шудааст. Барои амалияи судӣ арзиши чунин маҷмӯаҳо на танҳо бо мавҷудияти иқтибосҳо аз ҳуҷҷатҳои расмӣ, балки танзим намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони мансабдор ва рӯҳониёнро дар мурофиаи судӣ муайян карда мешавад. Мавҷудияти боби махсус “Боби салоҳияти шахсони

мансабдор” шаҳодати ин гуфтаҳост. Дар ин қисмат оид ба салоҳияти шахсони мансабдор, ки бо мурофиаи судӣ бевосита муносибат надоранд, масалан, остандар ва амаркар сухан меравад[5.356].

Дар Қонуннома як қатор амру фармонҳои шоҳон, масалан фармонҳои Кават ва Хусрави I оид ба муҳрҳои мансабии магупатҳо, мансабдорони молиявии амкарон ва судяҳо таҷассум ёфтаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки фармони Хусрави I оид ба шахсони мансабдор нисбати танзими мурофиаи судӣ дар вилояти Арташаҳр-Хварре диққатҷалбкунанда аст. Ин фармон бандҳои характери маъмурӣ –ташкилнамоӣ, ба монанди муассисаи судӣ дар ҳар як деҳаи вилоят бо муқаррар намудани котибот аз чор нафарро дарбар гирифтааст. Лекин диққати асосӣ дар ин фармон ба тафтиши дубораи қарорҳои судӣ ва оид ба мурофиаи судӣ равона шудааст, ки риояи намудани онҳо ҳатмӣ аст. Гарчанде фармон ба вилояти Арташаҳр-Хварре тааллуқ дорад, бешубҳа метавон қайд намуд, ки он дар асоси ислоҳоти умумии судӣ, ки аз тарафи Хусрав амалӣ гардидааст, ба роҳ монда шудааст.

Қонуннома аз як қатор таълифотҳои ҳуқуқии сосонӣ тартиб дода шудааст, ки то ба мо нарасидаанд ва танҳо номи онҳо машҳуранд. Одатан, барои ҳолатҳои монанд якчанд роҳи ҳал, ҳатто роҳҳои бар ҳам мухолиф пешниҳод карда шудааст, ба обрӯву эътибори ин ё он ҳуқуқшинос такя карда шудааст. Дар Қонуннома меъёрҳое таҷассум ёфтаанд, ки аз тарафи мактабҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳукмронии Сосониён қабул карда шудаанд. Қонуннома асосан қарорҳоеро дарбар мегирад, ки ба ҳуқуқи оилавӣ ва молумулкӣ дахл доранд. Пас аз шикасти империяи Сосониён ин қисматҳои Қонуннома дар ҷамоаҳои зардуштии Ҳиндустон ва Эрон мавриди истифода қарор дода шудаанд[2.279].

Лекин қайд намудан зарур аст, ки сарчашмаи асосии тартиб додани Қонуннома қарори мақомоти расмии ҳокимият, ки неруи ҳуқуқии худро нигоҳ медоштанд, ақидаи судяҳои ботаҷриба ва обрӯманд ба ҳисоб меравад.

Меъёрҳо ва назарҳои ҳуқуқии дар Қонуннома зикргардида на танҳо хулосаи мӯбадон ва ҳакомону дигар шахсиятҳо, ки вазифаи судиро иҷро менамоянд, балки хулосаи нафароне низ мебошад, ки таҷрибаи ҳалли масъалаҳои ҳуқуқиро ба монанди мӯбадон дар дӯш доштанд. Аксарияти онҳо ҳуқуқшиносони шинохта, олимони илми ҳуқуқ ва муфассирони қонун ҳастанд.

Аз таҳлил ва хулосаи матнҳо бармеояд, ки нақш ва нуфузи онҳое, ки ба казусҳои ҳуқуқӣ алоқамандии таҳлилӣ доштанд, дар ҷомеа хеле баланд буд. Гуфтор ва хулосаи онҳо аз ҷониби шахсони расмӣ татбиққунандаи ҳуқуқ эътироф мегардид. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки меъёрҳо ва ақидаҳои ҳуқуқии онҳо ҳанӯз хулоса ва ҳукми мубад ва ҳакам нест. Ин ақида ва хулосаҳо ҳамчун сарчашмаи ҳукм ва роҳи ҳалли масъала баромад менамоянд. Зеро муаллифи Қонуннома бо ҷамъоварӣ ва муттаҳид намудани ин ақида ва хулосаҳо роҳи дурусти ҳалли масъаларо пешниҳод менамояд[8.8].

Дар Қонуннома фикру мулоҳизаи ҳар як ҳуқуқшинос, ки оварда шудааст, роҳи воқеан дурусти ҳалли масъала ва муаммоҳои ҳуқуқиро дар пояи баланд пешниҳод менамояд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки онҳо ҳамчун шахсиятҳои ҳуқуқӣ ба монанди ҳуқуқшиносони римӣ Ситсерон, Юстиниан, Гай ва дигарон дар рушди илм ва ҳаёти ҳуқуқии салтанатҳои форсӣ нақши муассир бозидаанд. Азизу гиромӣ будани онҳо дар дарбори салтанатҳои форс, ёдоварӣ аз онҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ худ ба сифати меъёри ҳуқуқ пешниҳод шудани афкори ҳуқуқӣ ва хулосаҳои меъёрии онҳо гувоҳи ин гуфтаҳост[8.9].

Муаллифи Қонуннома ба обрӯву эътибори шарҳдиҳандагон такя намуда, қариб чил номи шарҳдиҳандагони маъруфро номбар намудааст. Ҳуқуқшиносон ва радони машҳур мисли Мороспанд, Баҳром, Озодмард, Сиёвахш, Моҳёр Моҳвандон, Ҷомосп ва дигарон чандин маротиба дар матн ёдоварӣ шуда, аз номи онҳо тартибу усули дуруст ва адолатноки ҳалли масъалаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст[8.8,9].

Дар Қонуннома ҳолатҳое вомехуранд, ки як шарҳдиҳанда ё ҳуқуқшинос ба ақидаи ҳуқуқшиноси дигар такя менамояд, ки пештар ба масъалаи мазкур равшанӣ андохтааст. Илова

бар ин, ҳуқуқдони дуюм, дар ҳалли масъалаи мушаххас ба нафари сеюм такя намудааст, ки имконият медиҳад пайдарпайии хронологии як қатор шарҳҳо муайян карда шаванд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дар давраи Сосониён сарчашма ва заминаи асосии ҳуқуқӣ Авесто ба ҳисоб мерафт. Меъёрҳои Авесто ба пайдоиши дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ки дар услубҳои мухталиф пайдо шудаанд, таъсири ҷиддӣ расонидаанд, масалан, "Китоб оид ба амалҳои Ардашер", "Китоб оид ба ҳукмронӣ", "Мактуби Тансар" ва ғайраҳо.

Дар Қонуннома маҷмӯаи ҳуқуқии мавҷуда васеъ истифода карда шудааст, ки номи онҳо дар он зикр гардидаанд. Дар асоси таҳлили матни Қонуннома, асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳои тартибдиҳии он ҷудо карда мешавад: муқаррароти анъанавии ҳуқуқӣ; маҷмӯаҳои ҳуқуқии мавҷуда, амру фармони шоҳон, ақида ва мавқеи ҳуқуқдонони шинохта.

Дар нимаи дуюми давраи ҳукмронии Сосониён барои кумак ба дастгоҳи давлатӣ ва муассисаҳои судӣ маҷмӯаҳои роҳнамои махсус тартиб дода шудаанд, ки дар он маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ин ё он муассиса, дараҷа ва шахсони мансабдор, инчунин иқтибос аз фармон ва қарорҳои расмӣ ворид гардида буданд.

Адабиёт:

1.Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / Муҳаррири масъул ва мураттиб А.Холиқзода. – Душанбе, 2016. – С. 34.
2.Дьяконов М.М. Очерк истории Древнего Ирана. – М., 1961. – С. 279.
3.Луконин В.Г. Культура сасанидского Ирана. Иран в Ш–У вв. Очерки по истории культуры. – М., 1969. – С. 29-30.
4.Луконин В.Г. Сасанидская держава в III–V вв. / История Древнего мира. Упадок древних обществ. – М.: Знание, 1983. – С. 178-200.
5.Переханян А.Г. Сасанидский Судебник. "Книга тысячи судебных решений". – Ереван, 1973. – С. 346.
6.Фирдавсӣ А. "Шоҳнома": Иборат аз 9 ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 212.
7.Халиков А.Г. Общая характеристика Авесты как источника зороастрийского права // Бизнесс в законе. - 2013. - № 6. – С. 9-14.
8.Холиқзода А.Ғ. Мухтасари қонунномаи Сосониён. – Душанбе: "ЭР-граф", 2015. – С. 8-9.
9.Холиқзода А.Ғ. Мухтасари қонунномаи Сосониён. – Душанбе: «ЭР-граф", 2015. – С.8.
10.Labourt J. Le Christianisme dans empire perse sous dynastie Sassanide. – Paris, 1904. – P. 43.

МУРУРЕ БА МАФҲУМИ «ЗАБОНИ ТОҶИКӢ» ВА САҲМИ ХОНАДОНИ СОСОНИЁН ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

Валиев Ҷамшед Абдурасулович *– доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ), муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Муқаддима. Дар масири замон таърихи ташаккул ва таҳаввули инсоният боиси пайдоиши садҳо миллату халқиятҳо гардидааст. Ҳар як миллат забон, таъриху фарҳанг, адабиёту санъат, расму оин ва сиришти худро дорад ва дар заминаи он рушд меёбад. Вазифаи ҷонии ҳар як ҷавон аст, ки дар шинохти миллат ва забони худ оҷиз набошад ва аз шебу фарози роҳи таърихии тайкардаи ӯ комилан огоҳ бошад ва онро аз ҳар гуна ғаразҳо эмин нигоҳ дорад.

Мувофиқи талаботи замон ташаккул ёфтани равандҳои гуногуни сиёсиву фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир сатҳи худшиносии миллии ҷавонон аҳаммияти хосаро касб менамояд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ бисёре аз арзишҳои инсонӣ аз байн рафта, ҷойи онҳоро арзишҳое мегиранд, ки сунъию сохта ва фалаҷкунандаи мафкура, фарҳанг ва ахлоқ гардидааст. Ин раванд боиси коста гардидани сатҳи худшиносии миллии мо гардида, дар ин замина барои пойдории давлату миллат ва забон хатар эҷод мекунад.

Мо бояд фаромӯш насозем, ки миллати мо тамоми арзишҳои забонӣ, моддию маънавӣ, адабию ахлоқӣ ва фарҳангию таърихиеро, ки барои як миллати комил хос мебошад доро аст.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мо дубора ба асолати миллии худ баргаштем. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат чунин андеша дорад: «Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки бузургиву устуворӣ ва қудрату ғановати ваҳдати

миллии мо аз сатҳи худшиносии миллӣ, омӯзиш ва корбасти арзишҳои неки миллӣ, ҷанбаҳои созандаи маданияти моддӣ ва маънавии миллат вобастагӣ дорад».

Дар масири таърих нотавонбинон зиёд кӯшишҳо кардаанд, ки хотираи таърихӣ, забон, фарҳангу адабиёт ва ба ҳамин восита миллати моро нест созанд. Аммо руҳияи худшиносии миллат ҳастии онро нигоҳ доштааст. Худшиносии миллӣ ҷавҳари асосии эҳтироми шахс нисбат ба гузаштаву имрӯз ва ояндаи миллати худ аст. Мо танҳо дар заминаи хотираи таърихии худ метавонем аз хатоҳои роҳи давлатдорию давлатсозӣ воқиф бошем ва бо хираду заковати аслӣ ба пеш огоҳона қадам гузорем. Имрӯз таҳкими раванди худшиносӣ ва худогоҳӣ дар кишвари мо барои густариши тафаккури навини миллӣ замина фароҳам овард, ки ҷавҳари онро ҳифзи истиқлолу якпорчагии давлат ва сарҷамъиву ваҳдати миллӣ дар пояи андешаи миллӣ ташкил медиҳад.

Мо бояд фаромӯш накунем, ки худогоҳиву худшиносӣ танҳо ифтихор аз дастовардҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии миллати хеш нест, балки пойгоҳи устувори маънавиест, ки ҷавонони бонангу номус ва огоҳу бедордили миллатро ба қиёсу хулосабарориҳо ва созандагиву бунёдкориҳо ҳидоят месозад.

Худогоҳиву худшиносии миллӣ мо ҷавононро водор месозад, ки ба қадри модар – Ватан, муқаддасоти миллӣ – истиқлолият, озодӣ ва рамзҳои давлатӣ, инчунин арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, забони модарӣ, адабиёти оламшумул ва таъриху маданияти куҳани халқи худ бирасем ва барои ба наслҳои оянда гузоштани мероси арзанда кӯшишу талош варзем.

1. Дар бораи забони тоҷикӣ. Забони тоҷикӣ (форсӣ: تاجیکی زبان) - забоне, ки дар Эрон форсӣ ва дар Афғонистон дарӣ номида мешавад, забони давлатии кишварҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон мебошад. Дар Узбекистон, гарчанде тоҷикӣ забони ақаллият маҳсуб мешавад, вале дар ин кишвар зиёда аз 15 миллион нафар ба тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд. Ин забон ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад. Дар маҷмуъ: форсигӯёни асил (форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ) зиёда аз 122 миллонро дар сатҳи ҷаҳонӣ ташкил медиҳанд. Фақат ба гӯиши тоҷикӣ 48,6 миллион (2018) нафар ҳарф мезананд. Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бостонтарини ҷаҳон ба шумор меравад. Давраи нави инкишофи он дар асрҳои VII-VIII оғоз шудааст. Забони тоҷикӣ дар даврахои гуногун диққати бисёр олимон ва нависандагони оламро ба худ ҷалб кардааст. Ба омӯзиши забони форсӣ-тоҷикӣ яке аз асосгузорони фалсафаи материалистӣ Фридрих Энгелс, шоири немис Гёте, шоири рус Есенин, шарқшиносони маъруфи дунё Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, В.В. Бартолд ва дигарон низ мароқи зиёд зоҳир карда буданд. Забони тоҷикӣ рӯз то рӯз рушд мекунад ва садҳо вожаҳои нав ба таркиби луғавии он ворид мешаванд [2, с.53].

Пешвои миллат дар китоби худ «Забони миллат - ҳастии миллат» ишора мекунад: «Забон дар маҷмуъ як қисмати муҳим ва ё ба иборати дигар як бахши нигорандаи таърихи халқи мо буда, оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст. Аз мутолиаи он мо дар бораи бисёр ҷанбаҳо ва масъалаҳои муҳимми ҳаёти гузаштагони хеш иттилое ба даст меоварем, ки ҳатто таърихнигорон ба онҳо камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Масалан, аз рӯйи захираи вожагон ва истилоҳоти забон мо метавонем бо боварӣ дар бораи пешрафт ва ё заъфу сустии ягон соҳаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дар даврахои мухталиф қазоват кунем, аз ҷониби дигар, забон манбаи бисёр муътамад барои омӯзиши таърих ва фарҳангу тамаддуни мо мебошад. Дар он ақидаву мавқеи шахсӣ нақши муассире надорад. Вай таърихи холис, ростин ва маҳсули дастҷамъии миллат ва аломати хоси он буда, воқеияти ҳаёти ҷомеаро ҳамчунон ки ҳаст, бидуни ороишу ислоҳ инъикос мекунад. Албатта, ашхоси ҷудогона дар такмил ва афзоиши захираи луғавии он саҳми бештар мегиранд, вале ин ягона мавридест, ки «муаллифон, бидуни ҳаққи қалам» офаридаҳои худро ба забони модарии хеш мебахшанд. Забон ҳам ки довари моҳир ва сахтгир аст, танҳо коромадтарин ва баргузидатарини онҳоро дар хазинаи худ ҷой дода, сипас дар истифодаи умум қарор медиҳад» [13. с.13]. Ин забон дар давраи аввали подшоҳии Ашкониён ҳамроҳ бо забони юнонӣ ва баъдан аз давраи Меҳрдоди I (солҳои 171-132 то милод) танҳо забони расмӣ ва давлатии Ашкониёни Порт мегардад. Баъзе муҳаққиқон изҳор доштаанд, ки шояд аз ибтидои садаи III то милод забони портӣ забони расмии давлатдории Порт қарор гирифта бошад. Бозёфти навиштаи болои зарфҳо аз Нисо дар ин бора шаҳодат

медиҳад». Бояд гуфт, ки забони портӣ баъдан дар такомули забони тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) нақши муассире дошта, аз лиҳози вожагониву дастурӣ ба забони модарии мо шабоҳати зиёде дорад. Дар давраи Сосониён ҳам забони форсии миёна дар баробари забони портӣ ё паҳлавӣ забони давлатӣ ва расмиву динии шоҳаншоҳии бузурги Эрон буд ва аз он осори зиёди таърихиву динӣ ва илмиву фарҳангӣ боқӣ мондааст.

2. Саҳми хонадони Сосониён дар инкишофи «забони тоҷикӣ». Пас аз осори замони Ҳахоманишиён манобеи дигар дар мавриди номи **арйа** осори забонҳои портӣ ва форсии миёнаи ашконӣ ва сосонӣ ба шумор меравад. Таҳаввулоти овоии номи **арйа** дар даврaҳои таърихии осори забонҳои бостон ва миёна чунин аст: авестоӣ **аирйа (airya-)**, осори ҳахоманишӣ **арйа (arua)**, портӣ **арии (ari)**, форсии миёнаи сосонӣ **эр (er)** ё **ир (ir)** ба маънои ориёӣ ва ҳам эронӣ: тавассути пасванди -он: **Эрон (Eran)** баъдан **Iran** - номи кишвар. Дар матни портии ду катибаи замони Сосониён номи кишвари **Эрон** ба шакли **Арйон** мутобиқи савтиёти забони портӣ ва дар китоби паҳлавии Динкард (китоби чорум) ба гунаи **Арйастон** омадааст, ки ин далели истифодаи истилоҳи **арйа** дар баробари шакли нави он, яъне Эрон дар он даврон мебошад. Аз даврони Сосониён шакли Эрон бар ивази Ориён (Ариана) ба таври расмӣ дар осори даврaҳои баъдӣ мутадовил мегардад [13, с.32-33].

Дар замони Сосониён ва осори форсии миёна аз шакли **арйа** бо замимаи пасванди ҷамъбандии **-он** мутобиқи савтиёти забони форсии миёна номи кишвари **Eran (Эрон)** мутадовил гардид. Шакли номи Eran дар забони форсии миёна таҳаввулоти баъдии истилоҳи **Арйана** аз даврони модҳо ва Ҳахоманишиён маҳсуб мешавад. Дар замони Сосониён, бинобар осори хаттии он даврон, номи Эрон ҳам ба маънои кишвари таърихии ориёиён ва ҳам эрониён аст. Ба ибораи дигар дар номи Эрон дар аҳди Сосониён якҷо ба маънои кишвари Эрон маънои куҳани он, яъне кишвар ва ё сарзамини Ориён, низ маҳфуз мондааст. Ҳамчунин истилоҳи дигари арзӣ дар замони Сосониён – Эроншаҳр ба маънои сарзамин ва ё кишвари Эрон, ҳамчун номи расмии шоҳаншоҳии сосонӣ аз истилоҳи куҳани ориёии **Арйанам-хшасрам** ба маънои подшоҳии ориёӣ шакл гирифтааст. Истилоҳи арзӣ ва ё номи кишвари **Арйана (Ориён)** бори нахуст дар манобеи юнонӣ ба шакли **Ариана** ба маънои кишвари ориёиҳо зикр мешавад [11, с.17-19].

Таърихи муштараки забони тоҷикӣ ва осори хаттии даврaҳои таърихӣ дар анвои гуногуни хат ва алифбо гузаштаҳои дури забони моро ба воситаи осори он даврон, ки бе ҳеҷ гуна тағйирот ҳамчунон ки дар рӯйи санг, хишт, гаҷ ва ашёи дигари филизӣ кандакорӣ шудаанд, ба таври воқеӣ муаррифӣ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки таърихи забони мо на бар асоси гумону тахмин, балки дар пояи осори хаттии даврaҳои таърихӣ таъйид гардидааст. Аз ин рӯ осори маҳфуз аз даврaҳои гуногун ҳамчун далели дақиқ аз таърихи ташаккул ва таҳаввули забон дар тӯли қарнҳо ва ҳазорсолаҳо мебошад.

Ҳамчунон ки дар илми забоншиносӣ эътироф шудааст, забони тоҷикӣ дар баробари забони ҳиндӣ яке аз қадимтарин забонҳои ҳиндуаврупоӣ буда, гузаштаи он дар мисоли «Авесто» ба даврони қабл аз таърих мерасад.

Чунон ки муҳаққиқон арзёбӣ кардаанд, «Авесто» нодиртарин ва муҳимтарин манбаъ аз таъриху рӯзгор ва суннату оини мардумони ориёии эронӣ ва куҳантарин намуна ва сарчашмаи забони ин қавмҳо дар аҳди бостон маҳсуб мешавад. Бояд гуфт, ки матни «Авесто» на танҳо маҷмӯи муқаррароту фароизи динӣ, ахлоқиву ҳуқуқӣ ва фалсафиву асотириро фаро мегирад, балки он яке аз манбаъҳои муҳим дар бораи ҷуғрофия, замину кайҳон, шинохти ҷаҳон, тиб ва ғайра мебошад. Ба ибораи дигар истилоҳоти фаровоне аз замони бостон ва ё аҳди авестоӣ маҳз тавассути ин забон ҳамчун ёдгори гузаштагон то замони мо маҳфуз мондааст.

Бархе аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки пас аз замони Искандари Мақдунӣ матни «Авесто» дар замони Ашкониён аз ҷониби Валахш (Вологези 1) солҳои 51-78 милодӣ) дубора гирдоварӣ ва китобат гардид. Ин назар бино бар навиштаи чанде аз муҳаққиқон метавонад воқеияти таърихӣ дошта бошад. Зеро алифбои оромии шоҳаншоҳӣ аз даврони Ҳахоманишиён дар навишти осори забонҳои эронӣ ба кор рафта, ин суннати хаттӣ метавонист дар навиштани матни «Авесто» низ истифода шавад [11, с.78-79].

Агар ин ёдгори пароканда дар замони Сосониён (асрҳои III-VII м.) бо фармони Ардашери 1 (226-240 милод) – шоҳи сосонӣ гирдоварӣ намешуд, дар мавриди сарнавишти баъдии он дар суннати шифоҳӣ чизе наметавон қазоват кард. Ҳамчунон ки медонем, бо интиқоли «Авесто»-и

шифоҳӣ аз Шарқ ба Ғарби Эронзамин бо гузашти замон забон ва суннати авестоӣ дар сарзаминҳои нахустини мардумони ориёӣ фаромӯш ва қатъ гардид ва забони авестоӣ ҳамчун забони матрук дар суннати гуфтории дастурону мубадони ашконӣ ва баъдан сосонӣ маҳфуз монд.

Дар замони Шопури I (240-272 милод) ва шоҳони дигари сосонӣ низ «Авесто» ва бахшҳои он гирдоварӣ шуда, ҳамзамон шарҳи паҳлавии бахшҳои ҷудогонаи он низ таҳия гардид. Ҳамин тариқ, бори нахуст «Авесто» дар шакли хаттӣ дар алифбои махсус арзи вуҷуд намуд. Бинобар китоби паҳлавии «Динкард» (асри IX милодӣ), ки аз муътамадтарин манбаъ дар тафсири «Авесто» ва аҳкому оини дини маздопарастист, аз 21 китоби (наски) «Авесто» ёд мешавад. Ин 21 китоб дар навбати худ бо номҳои паҳлавӣ ба се қисм бахш мегардад, ки онҳо аз Готҳо-сурудаҳои динии Зардушт, бахши Ҳотик-Монсарик – қонунҳо ва аҳкоми динӣ ва Дотик – фиқҳ ва аҳкому одоб иборатанд [13, с.57-62].

Пас аз давраи бостон ва ё замони Ҳахоманишиён аз аҳди Сосониён (солҳои 224-651 милод) марҳилаи дувуми таърихи ташаккули забони тоҷикӣ-форсӣ, ки дар илми шарқшиносӣ бо номи забони форсии миёна маъруф аст, оғоз меёбад. Осори ин давраи забон, ки дар миёни давраи бостон ва нав қарор дорад, барои чигунагии ташаккули таърихи марҳилаҳои забон аз давраи бостон ба миёна ва аз миёна ба нав ҳамчун пули пайвандгари ҳар яке аз ин даврaҳо бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Давраи мавҷудияти ин забон пас аз аҳди Ҳахоманишиён то даврони исломӣ тақрибан то қарнҳои VII-VIII милод тахмин мешавад. Дар аҳди Сосониён ин забон бо номи порсиг (parsig) ёд мешуд, ки истилоҳи порсӣ ва шакли арабишудаи он форсӣ идомаи ин ном мебошад. Баъдан, пас аз замони Сосониён истилоҳи порсӣ ва ё форсӣ барои давраи нави забон, яъне форсии дарӣ мавриди истифода қарор гирифт. Чун порсиг ё форсии миёна ҳамчун забони матрук аз истифода хориҷ шуд, истилоҳи порсӣ ва ё форсӣ нисбат ба ин забон дигар ба кор нарафта, балки барои осори Сосониён ва забони он истилоҳи паҳлавӣ муқаррар гардид. Ҳамин тариқ, идомаи забони аҳди Сосониён ё давраи нав дар алифбои арабӣ ҷойгузини форсии миёнаи сосонӣ гардид.

Забони форсии миёна дар алифбои оромиасоси паҳлавӣ забони расмӣ ва динии давлати Сосониён буд. Дар замони Сосониён ба ин забон осори фаровони диниву фалсафӣ, ҳуқуқӣ, таърихӣ ва адабӣ ба мерос гузошта шуд, аммо бар асари ҳаводиси таърих бештари он маҳв ва ё хароб гардид.

Сангнавиштаҳои даврони Сосониён, ки куҳантарин бахши осори паҳлавӣ маҳсуб мешаванд, ба асрҳои III-VI милод мансубанд. Пӯстнавиштаҳо ва папирусҳо шомили номаҳову асноди давлатӣ буда, дар онҳо унвонҳо ва истилоҳоти низомиву номанигорӣ низ истифода шудаанд.

Аз даврони Сосониён, ба хусус адабиёти паҳлавӣ, ки шомили матнҳо ва рисолаҳои гуногун буд, дар даврони исломӣ бо сабаби таҳаввулоти забони паҳлавӣ ба форсии дарӣ ва табдили хати паҳлавӣ ба расмулхати арабӣ теъдоди зиёди осор аз миён рафт. Бархе аз рисолаҳо ва китобҳои паҳлавии динӣ, ба монанди «Динкард», «Бундаҳиш» (Нахустофариниш), «Додистони дениг» (Достонҳои динӣ ё қазоват дар бораи дин) ва чандин осори дигар, ки дар асри IX милодӣ таҳия гардидаанд, имрӯз аз манбаъҳои муҳими забонӣ дониста мешаванд.

Забони давраи миёна дорои ду марҳилаи ташаккул - осори паҳлавӣ ва монавӣ буда, бо ду навъи хат, яъне хати паҳлавӣ ва хати монавӣ китобат шудааст.

Ҳамон тавре ки муҳаққиқони забон ва осори аҳди Сосониён тазаккур додаанд, забони ба истилоҳ форсии миёна идомаи бевоситаи шакли навиштории забони катибаҳои мехии даврони Ҳахоманишиён набуда, балки як шакли ташаккулёфтаи забони гуфтории аҳди ҳахоманишӣ мебошад.

Таърихи инкишофи забони форсии миёна ба ду давра – давраи ашкониҳо ва давраи сосониҳо, тақсим мешавад. Тағйироти куллӣ асосан ба давраи охири рушди ин забон рост меояд. Азбаски хати ин забон дар давраи ашкониҳо ва сосониҳо оромӣ буда, дар он ҳузворишҳо фаровон истифода шудаанд, хусусиятҳои дастурӣ ва овоии он баъд аз ошкор шудани осори монавӣ аз Турфон, ки бо хати фонетикӣ (овоӣ) навишта шудаанд, муайян гардид.

Хулоса, забони тоҷикии мо, ки ба ивази забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ дар қаламрави густариши ин забонҳо ҷойгузини онҳо гардид, меросбари воқеии ин забонҳо мебошад [13, с.62-79].

Пас мо бо ин хониш дар охири давраи сосонӣ, яъне дар замони инқирози давлати Сосониён қарор мегирем, ки Эрон, аз як тараф бо империтории Руми шарқӣ дар ғарб ва, аз ҷониби дигар бо давлати туркон дар шарқ машғули ҷангҳои хунин буд ва бар асари ин набардҳо хеле заиф гардида буд [13, с.99].

Дар мақолаи мазкур маводи фаровон аз китоби «Забони миллат – ҳастии миллат»-и Эмомалӣ Раҳмон ба хотири баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ ва ҳисси худшиносии миллии ҷавонон ба хотири ояндабинии онҳо баҳри ҳифзи забони тоҷикӣ фароҳам оврада шудаанд, ки аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Дар ин замина, ин маводи илмии таҳиянамудаи мо сабаб шуда метавонад, ки муҳаққиқон доир ба ин мавзуъ такроран китоби зикршудаи Пешвои милатро дар ду ҷилд ба шогридон ҷиҳати мутолиа тавсиа намоянд.

Хулоса, ҳаминро зикр менамоем, ки давлати бузурги Сосониён бузургтарин хонаводаи эрониасл буданд, ки қавму сарзаминҳои зиёдро зери парчами давлати ягона муттаҳид намуда, худшиносии миллии мардуми эронитабор, тамаддуни арзишманди пешиниёни худро бо фарҳанги олмшумул ва забони тоҷикӣ омезиш доданд, барои пойдор мондани забони тоҷикӣ хизмати шоиста кардаанд, ки раванд ҷавононро водор месозад, ҳимояи забони тоҷикиро аз ҳар гуна хатарҳои рӯзафзун ҳифз намоянд.

Адабиёт:

1. Авесто. Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ (Таҳиягар Муаззами Диловар). – Душанбе: Қонуният, 2001.
2. Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Тоҷикон дар қалламрави Ориёно. – Душанбе, 2009. – С.53.
3. Бартольд В.В. К вопросу о языках сагдийском и тохарском // Иран, т.1, Ленинград, 1927.
4. Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. – Москва: Наука, 1988. – 556 с.
5. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – Москва: Наука, 1960.
6. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литературы. – М.: Наука, 1972.
7. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
8. Маҳдӣ М. Заминаҳои рушди забони форси дарӣ то асри сомонӣ. – Душанбе, 1999. – С.190-198.
9. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. – Москва: Наука, 1988.
10. Раҳмон Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе, 2006.
11. Раҳмон Эмомалӣ. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006.
12. Раҳмон Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.
13. Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби I. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 516 с.
14. Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби II. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 432с.
15. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе, 2001.
16. Хромов А.Л. К истории интерпретации этнонима «таджик» // Забоншиносии тоҷик, 1984. - С.28-39.

ИНЪИКОСИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ТАҶЛИЛИ ОН ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН

Шарипов Ш. Ш. *– н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Оиди зуҳури ҷашнгирии Наврӯзи бостон, дар сарчашмаҳо ва осори бозмондаи бузургони адабу фарҳанг гуфтори фаровоне ба ин рӯз расидааст. Аз ҷумла «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хаём, «Китоб-ал-махосин-в-ал-одоб» (китоби хислатҳои неку ва одатҳо»)-и Мусо ибни Ал-Кисравӣ ва ғайра оиди пайдоиши Наврӯз маълумотхои таърихиву чолибе додаанд . Мусо Ибни Ал-Касравӣ дар асараш Китоб-ал-махосин-в-ал-одоб» овардааст: «Нахуст, касе, ки Наврӯзро оин гузоштааст, подшоҳиро бунёд ва рамзи давлатдориро барқарор, нукраву тилло ва дигар маъданҳоро ба даст овард, аз оҳан силоҳ сохт, асп ва дигар ҳайвонотро ром кард, садафу мушку анбор ва дигар накҳатҳоро пайдо кард, қасру кушкҳо сохт, коррез ва обёрӣ кард-Ҷамшеди каёнӣ писари Виванҷаҳону, яъне нигаҳдорандаи олам, писари Арфархшод, писари Сом, писари Нуҳ буд, ки наврӯзро асос гузошт. Наврӯз оғози барқароршавии ҳокимияти ӯ буд, ки дертар шакли мувофиқ гирифта расму одат шуд .

Дар «Занд-Авасто», ки китоби муқаддаси Эрониёни қадим аст, дар бораи Наврӯз сухан меравад. Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки ба мабдаи муқаддас ва тавонотарини тавоноҳо-Ҳурмузд баъди 3000 сола подшоҳиаш аз тарафи мабдаи ҷаҳолат ва торики Аҳриман бо лашкариёнаш ҳуҷум сар мешавад. Мабдаи тозагӣ ва равшанои Ҳурмузд барои несту нобуд намудани Аҳриман равшониро эҳдо карда ба муқобили душманаш равона менамояд. Ҳамин рузи пайдоиши равшании авалин гӯё «Наврӯз» мебошад [7].

Олим ва файласуф Абурайҳонӣ Берунӣ сабабаи Наврӯз номида шудани рузи авали моҳи фарвардинро чунин шарҳ медиҳад: «чун Ҷамшед барои худ тахт сохт дар ин руз ба он савор шуд, ҷин ва шайтон онро ҳамл карданд ва дар як руз ба кухи Давоманд ва Бобул омад ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рузро ид гирифтанд» [6]. Мувофиқи маълумотҳои бархе аз олимон ҷашни Навруз таърихи 7000 сола дорад. Пайдоиши ҷашни мазкур бунёд гузоштани он одатан ба қаҳрамонони асотирии эрониён нисбат дода мешавад. Ба Ҷамшед нисбат додани ин ҷашн ва анъанаҳои наврӯзи ва хамсаву эҷодиёти даҳонакии халқ маълум аст. Маҳмуди Гардезӣ дар китоби худ «Зайн-ул-ахбор» қайд мекунад, ки ин рузро «Навруз» гуянд, зеро, ки сари сол бошад ва ба рӯз баробар бошад ва сояҳо аз деворҳо бигзарад ва офтоб аз ин рӯз ниҳони ӯ афтад. Ва аз расми муғон андар рӯзгори хеш чунин буд, ки хирочҳо андар ин рӯз иттифоқ карданд.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ васфи ҷашни Наврӯз, таърих ва анъанаҳои он қаламдод шудаанд. Абулқосим Фирдавсӣ низ пайдоиши ҷашни Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат медиҳад[1].

Яке аз китобҳое, ки ба ҷашни Наврӯз, боли истиқлол бахшидааст «Наврӯзнома»-и Умари Хаём мебоша. Дар ин китоб низ пайдоиши ҷашни Наврӯз ба Ҷамшед нисбат дода шудааст. Дар ин китоб қайд шудааст ки: сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз шабонарӯз ба аввал дақиқаи ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа битвонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидо карданд ва қиссаи он чунон аст, ки чун Гюмарт (Каюмарс) аввал аз мулуки Аҷам ба подшоҳӣ биншаст, хост ки айёми солу моҳро ном ниҳад ва таърих созад, то мардумон онро бидонанд, бинигарист, ки он рӯзи бомдод Офтоб ба аввал дақиқаи ҳамал омад, мӯъбадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз инҷо оғоз кунанд, мӯъбадон ҷамъ омаданд ва таърих ниҳоданд ҳар ки рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодиву хуррамӣ гузорад ва ин таҷрибат ҳукамо аз барои подшоҳон кардаанд [3] .

Аз мисолҳои боло оид ба пайдоиши ҷашни Наврӯз якчанд хулосаҳо баровардан мумкин аст.

Пеш аз ҳама тамоми сарчашмаҳо ба қадими будани ҷашни Наврӯз шаҳодат медиҳанд. Ташаккули ҷашни Навруз аз расми шудани он ба давраи пеш аз Зардушт тахминан ба асрҳои хх-хvii пеш аз мелод ва ҳатто дуртар аз он рост меояд. Донишмандони забардасти китоби «Авасто» ва таърихи он Пури Довуд реҷеъ ба аҳди зиндагонии Зардушт чунин таъкидро раво дониста, ки «бино ба таърихи санаде, ки ба таввасути китоби паҳлавӣ ба мо расида, ҳазрати Зардушт дар нимаи дуввуми қарни ҳафтум ва оғози қарни шашум пеш аз Масеҳ мезистааст. Аммо нависандагони Юнон ва Рум бисёр қадимтареро аз барои муассиси динаи Эрон қоил шудаанд. Маҳз аз ҳамин асос мо ҳақ дорем ақидаи олимонро дар бораи таърихи ҳафтҳазорсолаи Наруз дастгири кунем. Зеро чи тавре Мусо Ибни Исо Ал-Кисрави роҷеъ ба таърихи ҷашнҳо қайд кардааст: «Наврӯзро Ҷамшед вале Меҳргонро Афридун ҷорӣ кардааст ва Наврӯз аз духазору панҷоҳ сол муқаддимтар аз Меҳргон аст [9] .

Таърихи ҷашнгирии иди Наврӯз хело қадима мебошад ва ин ҷашни калони порсиён аст. Ин ҷашн бо вуҷуди он, ки дар баробари шоҳони Хахоманиши арзу муқаддас буд аз заминаи халқи худ канда нашуд. Яъне бо вуҷуди ба шукӯҳу шахомати баланд расидани ҷашни Наврӯз он хоси дарбор нагардида, балки дар худи аҳли дарбор низ мафкураи эҳтиромеро ба кишоварзону кулли заҳматкашон тарбия кард. Ин нуқтаро ҳам бояд ёдовар шуд, ки анъанаҳои халқии ҷашн хеле устувор буданд. Ҷашнгирии иди Наврӯз маҳз дар аҳди Сосониён ба пояи баланд бардошта шуд. Сосониён, ки дар инкишофи фарҳанг ва гум кардани сарватҳои маънавӣ

бештар мекушидаанд, ба танзими ҷашни онҳо, ба зинаи сиёсати давлатдориашон бардоштани Наврӯз онҳо корҳои бузургеро анҷом доданд. Подшоҳони Сосонӣ ҷашни Наврӯзро бисёр азизу гиромӣ доштанд ва баҳри густариши он корҳои хубро низ анҷом доданд. Дар давраи Сосониён вобаста ба соли нав ва кишту кори баҳорӣ донҳоро месабзониданд. Мардум дар ҷойҳои махсус 15 рӯз пеш аз Наврӯз ҷав, гандум, нахут, адас, наск, ва ғайраро кошта, онҳоро то Наврӯз сабз мекарданд. Омади кишти деҳқониро аз рӯи сабзидани он донҳо пешбини намуданд. Он сол ба зироатӣ бештар аҳамият медоданд, ки нисбат ба дигар донҳо то ҷашни Наврӯз кадоме беҳтар сабзидааст. Дар гузашта тоҷикон бештар ба зиротаи ҷав аҳамият медоданд [2].

Гузаштагони мо дар Наврӯз хони солинавиро бо ҳафт чиз меоростанд, ки овози аввалини онҳо бо ҳамсадои «шин» оғоз ёфта, аз шаду шир, шаробу шакар, шамъу шамшод ва мевачот иборат буданд. Дертар аҳкоми Ислом нисбати мамнуъ будани шароб «ҳафт шин»-ро ба «ҳафт син» табдил дод. Баъди исломро гароидани мардуми мо оҳиста-оҳиста «ҳафт син» дар хони Наврӯзии мо мураввач гардида, ки онҳо аз: сирко, сабза, (суманак), санҷид, сир, сумок (мева) сипанд, себ иборат мебошанд. Ҷашни Наврӯз дар тамоми Осиёи Миёна бо як тантанаи ба худ хос қайд карда мешавад. Этнографияи Наврӯз басо рангину дилпазир аст [6]. Дар замони Ҳахоманишиҳо, Ашкониён, Сосониённ, Сомониён дар байни мардуми ориёӣ ҷашни Наврӯз бо бисёр маросиму одатҳои аҷиб баргузор мегардид [1].

Чунон ки аз осори Бобул бармеояд, Дорюш- шоҳи Ҳохоманишӣ (486-521 п.аз.м.), дар наврӯзи ҳар сол ба маъбади баълмардук-раббуннӯъи бузургии Бобул мерафт ва дасти онро мегирифт. Чун ин подшоҳони дигари Ҳохоманишинҳо барои таҳқими бунёди қудрат худ маъмулан дар анзори ҳар як аз миллат худро тарафдори мазҳаби эшон муаррифӣ мекарданд ва мутобиқи одоби мазҳаби онон рафтор менамуданд. Дар ин аҳд подшоҳон дар Наврӯз ба “бори ом” менишастанд. Бори омро иморати махсус буд ва шоҳ дар айвони ин иморат ҷулус мекард ва қаровулони хоса дар атрофи вай саф мекашиданд, ва маросими Наврӯз дар камоли ҷулусу ҷабарут ичро мешуд. Дар ин руз, маъмулан аз вилояту иёлоти мухталифи мамлакат ҳадяҳое ба васили намояндагони махсус ба хидмати шоҳ фиристода мешуд ва соҳиби бор намояндагони миллии тобеъро ба навбат ба хидмати шоҳ мебурд. Ҳадяҳое, ки ба хидмат оварда мешуд, иборат буд аз асп, гӯсфанд, шутур, гов, шер, бузи кӯҳив, зарофа ва намунаҳое аз либосҳои махсуси ҳар қавму заруфи тиллоӣ ва амсоли инҳо [5].

Наврӯз дар замони Ашкониён ва Сосониён рушду болидагии бештаре дошт. Асри Сосонӣ даврони суботи манзалатҳо низ ҳаст ва ҷомеаӣ шаҳрнишинии Эрон ба ҳама талошҳои чандинҳазорсолаи хеш тасвири қонунӣ пӯшонидааст. Дар ин миён Наврӯз низ макому мавқеи хосеро дорад. Эрониён пояҳои асотири куҳани худро низ дар ҳамин даврон ниҳодаанд ва бешак, барои ниҳодҳои гуногуне, ки доштаанд, собиқу заминаи лозимро таҳия кардаанд. Муаррих Мула менависад: “Ҷомеаи Сосонӣ натанҳо барои Наврӯз барои ҳар падидаи устувору мондании рӯзгори худ низ реша ёфта буд, ки мавқеияти таърихии худро ҳифз кунад ва бо ҳамаи гузаштаҳои дури куллияи ақвоме, ки миллату фарҳанги эрониро месохтаанд, ҳамоҳангӣ ёбад”[8].

Сосониён Наврӯзро nog roz мегуфтанд. Ба муҷиби ривояти “Динкард”, ҳар подшоҳе дар ин рӯзи фархунда раияти мамолики хешро қарини шодиву хуррамӣ мекард ва дар ин ид касоне, ки кор мекарданд, даст аз кор кашида, ба истироҳату шодмонӣ мепардохтанд. Яке аз кутуби паҳлавӣ нисбатан ҷадид ҳама ҳаводиси гузаштаву ояндаро, ки Наврӯз воқеъ шудаву хоҳад, шуд, шарҳ медиҳад. Яъне аз рӯзе, ки Аҳорамаздо ҷаҳонро биофарид ва аёми фархундае, ки дар таърихи достони мазкур аст, то поёни умри олам дар он омадааст. Наврӯз иди баҳорист ва дар ин рӯз молиётҳои вусулшударо ба ҳузури шоҳ ба азлу насби ҳукком мепардохт. Чи хеле, ки донишмандони Аврупои Артур Кристенсен дар асари “Эрон дар аҳди Сосониён” овардааст” дар рӯзи аввали Наврӯз дар он замони дерин низ мардум субҳ зуд бархоста, ба канори наҳри ҷӯйборҳо рафта шустушӯ мекарданд, ба ҳамдигар ҳамчун пайғоми поки рӯшоной об мепошиданд ва ширинӣ медоданд [7] .

Яке аз муҳақиқи араб Ҷоиз дар китоби худ “ал-Маҳосин-в-ал-аздод” дар бораи Наврӯзи замони даврони Сосониён, бахусус хони наврӯзии он рӯзгорон, чунин гуфтааст: “Марди хушному хушгун бомдоди рӯи Наврӯз ба ҳузури шобор меёфт ва мизи симин рӯ ба рӯи ӯ

мениҳод. Дар канори миз кулчаҳое гузошта шуда буданд, ки аз ҳубуботи гуногуни монанди: гандум, ҷав, арзан,нахуд, биринҷ, кунҷид, лубиё пухта шуда буданд ва ҳафт дона аз ҳар як аз анвои ин ҳубуботро бардошта дар канори миз мегузоштанд. Дар васати миз ҳафт шохи дарахтро низ мениҳоданд, номи онҳоро пешгӯи мекаранд, ва шакли онҳоро ба фоли нек мегирифтанд, аз кабили: бед, зайтун ва анор, ки хар кадом ба андозаи як, ду ё се банд қатъ шуда буд ва ҳар шохае бо номи яке аз иёлот рӯи миз мегузоштанд ва бар ҷойҳои мухталиф менависанд: абзуд-абзоид-абзун-барвон-фароҳӣ, яъне афзуда хоҳад шуд. Ва ҳафт ҷоми сафед ва ҳафт дирҳами сафед , як динори нав ва як испанд мегузоштанд” [3]. Шукуҳу ҷалоли Наврӯз махсусан дар аҳди Сосониён боло рафт ва аз осору асъори шоирон бармеояд, ки ҷашни Наврӯз баёнгари бузургӣ, шукуҳӯ салтанат ва ифтихори аҷдодони шоҳони Сосонӣ буда, барои мардуми Мовароуннаҳр ва Хуросон рамзи истиқлолталабиро низ доштааст. Дар давраи Сосониён сар карда чунин таомул низ будааст, ки дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон шоҳон аз мардуми меҳнаткаш ба ғайр аз андозҳои муқарарии солона ҳамчун андоз меситониданд. Он хироҷҳо “ҳадяҳои Наврӯзӣ ва Меҳргон” номида мешуданд.Дар бораи чанд рӯз ҷашн гирифтани Наврӯз маълумотҳо мухталиф мавҷуд аст. А.Берунӣ дар аҳди Сосониён 6 рӯз ид кардани Наврӯзро хотиршинос намудааст [4]. Дар аёми Наврӯз махсусан навоҳое махсус дар хидмати шоҳ навохта мешуд, ки фақат ихтисос ба ҳамин ҷашнҳову айём дошт. Мувофиқи маълумотҳои муаллиф, шоҳ рузи аввалро ба кабули мардум ва ҳурмату эҳтироми онҳо мегузароинд. Рузи дуюм мансабдорон ва давлатмандон қабул карда, суҳбат меорост. Рузи сеюм муъбадон, олиму доноёни давр, рузи чаҳорум аҳли дарбор, рузи панҷум фарзанду хешу таборони худро мепазируфт. Рузи шашум, ки расид, худи шоҳ Наврӯзро қайд мекард. Аз ин ҷашни рузи шашумро “Наврӯзи Бузург” меномидаанд. Шоҳ дар Наврӯзи бузург пешкашҳои аз вилоятҳо омадаро қабул менамуд [4]. Дар замони Сосониён ба Наврӯз аҳамияти махсус дода мешуд. Он бо шаъну шукӯҳ баргузор мегардад. Дар ин рӯз молиёти ҷамъшударо ба назди шоҳ меоварданд. Мардум ин маросимҳоро бо нияте ба ҷо меоварданд, ки соли навашон иқбол оварад ва тамоми сол бедарду ранҷ бошанд [5] .

Ҳамин тавр, пос доштани Наврӯз ва анъанаҳои наврӯз ин эҳтироми хотираи гузаштагонамон аст. Аз ин рӯ мо вазифадорем, ки ин суннати волои ниёгонамонро арчгузори намуда, ба наслҳои оянда мерос гузорем.

Адабиёт

1. Аҳмадов Р. Наврӯзи хуҷастапай . –Душанбе, 2008.- С. 111.
2. Беруни А. Осор ул бокия . Душанбе, 1990. -С 432
3. Гардези А. Зайн ул ахбор. –Техрон, 1363.- С 365.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав.Ҷ.1. –Душанбе, 1998. –С 55
5. Забарова М., Дӯстов З. Таҷлили Наврӯз дар Ҳисори Шодмон. –Душанбе, 1992. С 121
6. Исоматов М. Ҷашни Наврӯз дар Суғд. //Шоҳрҳои Ваҳдат. №3, 2001.
7. Кристенсен А. Эрон дар аҳди Сосониён . –Техрон, 1363.С 143
8. Наршахи М . Таърихи Бухоро / М Наршахӣ. Душанбе, 2012. С 280.
9. Умари Хаём. Наврӯзнома.- Душанбе, 2006. С 81

ОТРАЖЕНИЕ НАВРУЗА В ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ И ЕГО ПРАЗДНОВАНИЕ ВО ВРЕМЕНА САСАНИДОВ

Данная статья посвящена отражению Навруза в исторических источниках и его отражению во времена Сасанидов. Действительно, одной из древнейших традиций таджикского народа является празднование Навруза. О проявлении праздника Навруз в истоках и останках великих деятелей науки и литературы до наших дней дошло множество высказываний. История празднования Навруза очень древняя, и это большой персидский праздник. Во времена Сасанидов Навруз придавал особое значение. Это было бы сделано с особой помпой. В этот день собранные финансы приносились королю. Люди выполняли эти ритуалы с намерением, чтобы их новый год принес удачу и был безболезненным в течение всего года.

К счастью, этот праздник предков 23 февраля 2010 года был принят Организацией Объединенных Наций в реестр древних праздников и стал всемирным. Так что почитание Навруза и традиций Навруза - это почитание памяти наших предков. Поэтому мы обязаны чтить эту великую традицию наших предков и передать ее в наследство будущим поколениям.

Ключевые слова: *Навруз, праздник, литература, источник, нация, предки, история, древние традиции, Чамшед, Ориен, син, шин, камин.*

REFLECTION OF NAVRUZ IN HISTORICAL SOURCES AND ITS REFLECTION DURING THE SASSANID TIMES

This article is devoted to the reflection of Nowruz in historical sources and its reflection during the Sassanid times. Indeed, one of the oldest traditions of the Tajik people is the celebration of Navruz. Many statements have survived to this day about the manifestation of the Navruz holiday in the origins and remains of great figures of science and literature. The history of Nowruz celebration is very ancient, and it is a major Persian holiday. During the Sassanid era, Navruz was given special importance. This would be done with special pomp. On this day, the collected finances were brought to the king. People performed these rituals with the intention that their new year would bring good luck and be painless throughout the year.

Fortunately, this holiday of ancestors on February 23, 2010 was accepted by the United Nations into the register of ancient holidays and became worldwide. So honoring Navruz and the traditions of Navruz is honoring the memory of our ancestors. Therefore, we are obliged to honor this great tradition of our ancestors and pass it on as an inheritance to future generations.

Key words: *Navruz, holiday, literature, source, nation, ancestors, history, ancient traditions, Chamshed, Orien, sin, shin, fireplace.*

Сведение об авторе: Шарипов Шомахмад Шарипович- Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент, кафедры истории таджикского народа. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17 Телефон 931903009.

Information about the author: Sharipov Shomakhmad Sharipovich - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Department of History of the Tajik People. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17 Phone 931903009.

ШАҲРСОЗИЮ ШАҲРДОРӢ ДАР АҲДИ СОСОСНИЁН

Равшанзод Маликфаридун *– н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Тоҷикон яке аз миллатҳои қадимаи дунё ва дорои таърихи беш аз 6000 – сола буда, ҳанӯз аз даврaҳои бостонӣ соҳиби саводу қалам, девону дафтар, илмдӯсту адабпарвар, давлатсозу давлатдор, меъмору шаҳрсоз, шаҳрдору шаҳрнишин, яъне фарҳангиву тамаддунсоз ва ободкору созанда ба шумор мераванд.

Давлати Сосониён яке аз бузургтарин давлатҳои ҷаҳон ва аввалин давлати феодалӣ буда, давраи ҳукмронии Оли Сосон аз марҳалаҳои шукуфоии таърихи мардуми форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ин давра фарҳанг, илм, санъати тасвирӣ, мусиқӣ, иқтисодиёт ва меъморӣ хеле пеш рафт.

Дар мақолаи мазкур мо тасмим гирифтем, то вежагиҳои асосӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиргузории санъати шаҳрсозӣ ва меъмории замони Сосониёнро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Яке аз вежагиҳои давраи ҳукумати Сосониён ба таври бесобиқа рушд намудани шаҳрсозию шаҳрдорист. Бунёдкорӣ барои бисёре аз шоҳони ин сулола ҳадафи якум дониста мешуд. Шаҳрсозӣ дар давраи мазкур асосан дар заминаи анъанаҳои миллӣ густариш ёфта, мутаассир аз эътиқодоти дини зардуштист. Ғайр аз ин, бинобар таҳаввуллоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давр сабки шаҳрсозӣ низ тағйир ёфта, таъсири услуби румӣ дар он ҳувайдост.

Дар замони Сосониён шаҳрҳою қасрҳо дар ду шакл сохта мешуданд.

1. **Гирдшакл** (аз рӯйи анъанаҳои портиҳо).
2. **Чоркунҷа** (аз рӯйи анъанаҳои румиҳо) [8, с. 72].

Дар натиҷаи ҷангҳо бо румиҳо ва дигар давлатҳо Сосониён ғаниматҳои зиёд бармегаштанд. Ғаниматҳо ва асирони ҳунармандро дар сохтани шаҳру қасрҳои шоҳон истифода мебурданд. Ин иншоотҳоро дар давраи Сосониён асосан шоҳону ашхоси сарватманд бунёд намуда, аксаран дар заминҳои шоҳ сохта мешуданд. Бештари шаҳрҳои замони Сосониён дар сари Роҳи Бузурги Абрешим асос ёфта, бинобар ҳамин сабаб маркази тиҷорату ҳунармандӣ ва муҳимтарин такягоҳи давлат ба ҳисоб мерафтанд. Аҳолии ин шаҳрҳоро бештар асирони румӣ ва муҳоҷирони маҷбурии маҳаллӣ ташкил медоданд. Шаҳрҳо дорои мазрааҳо буданд ва аксаран ашрофзодагон молики ин заминҳо ба шумор рафта, як қисми онҳоро ба кишоварзон ба иҷора медоданд.

Шаҳрҳо ба маҳаллаҳо (маҳҳаллаи озодон, ҳунармандон, тоҷирон ва ғайраҳо) ҷудо шуда, дорои қасрҳои калону зебо, бозорҳо, ибодатоҳҳо, корвонсаройҳо, дорои деворҳои баланду дарвозаҳои

мустаҳкам буданд. Устоҳо вобаста ба масолеҳи маҳаллӣ биноҳо месохтаанд. Дар ҷойҳое, ки санг бештар аст, аз санг, дар ҷойҳои бесанг аз хишти хом ва дар мавридҳои зарурӣ аз хишти пухта истифода кардаанд. Аз сабаби камии чӯб дарҳои даромадро бо аркҳо ва пӯшиши баъзе биноҳоро ба шакли гунбаз сохтаанд. Барои пайвастани сангҳо маҳлули гаҷро истифода бурдаанд [7, с. 42].

Шаҳрҳо аз рӯйи нақшаи пешакӣ бунёд ёфта, ба номи тасисдҳандагони онҳо номгузорӣ мешуданд. Тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, Ардашери Бобакон асосгузори давлати Сососниён нуҳ шаҳр сохт ва яке аз онҳо бо номи **Ардашерғур** дар Порс сохта шуда буд. Ардашерғур ва Доробгирд тибқи анъанаҳои миллӣ сохта шуда, нақшаи гирд доранд. Ардашерғур чор дарвозаи калон дошт, ки ба сӯйи шимол, ҷануб, шарқ ва ғарб кушода мешуданд. Дар маркази шаҳр қасрҳои зебо ҷой доштанд. Инчунин, дар маркази шаҳр манораи баланде буд, ки дар болои он оташ месӯхт. Дар давраи ҳуҷуми арабҳо ин шаҳри зебо вайрон карда шуда ба харобазор табдил дода шуд [8, с. 75].

Шоҳаншоҳи Сосониён Шопури I, ки солҳои 241 то 272 давлатро идора карда, бисёр шаҳрҳоро маъбадҳо сохтааст. Ӯ пеш аз оғози сохтмони шаҳре ё қасре аз меъморон талаб мекард, ки нақшаи онро кашида, хароҷоти сохтмонро муайян намоянд. Шопури I баъди ғалаба бар императори Рум Валериян дар соли 260 ғанимату асирони зиёдеро ба давлати Сосониён овард ва шаҳре бо номи **Бишопурро** сохт. Шаҳри зебои Бишопур 1500 м бар ва 900 м дарозиву паҳно дошт. Баландтарин нуқта дижи шаҳр ҳисобида мешуд, баъди кӯшкҳои одамони давлатманд, ибодатгоҳҳо ҷойгир буданд. Шаҳр дар асоси нақшаи пешакӣ бино гардидааст. Бишопур дар шакли чоркунҷа сохта шудааст. Шаҳр кӯчаҳои рост дошт ва хонаҳо дар ду тарафи кӯчаҳо қомат афрохтаанд. Дар маркази шаҳр ду манораи 7-метра бо ҳайкали Шопури I сохта шуда буд [3, с. 42].

Шопури I дар Хуросон баъди ғалаба аз болои Ҳайтолиён, шаҳри **Нишопурро** бино кард. Нишопур низ дар шакли чоркунҷа сохта шудааст ва он ба 60 бахш тақсим мешуд. Шаҳр деворҳои мустаҳкам дошт. Дар шаҳр аҳолии зиёд зиндагӣ мекарданд. Шаҳр дорои ибодатгоҳи зардуштӣ буда, дар он шумораи зиёди мубадони ва сарлашкарону сарбозон зиндагӣ мекарданд. Ин шаҳро баъдан арабҳо забт карданд. Нишопур дар таърихи мардуми форс-тоҷик нақши барҷаста дошта, пойтахти аввалин давлатҳои миллии тоҷикон – Тоҳириёну Саффориён ба ҳисоб мерафт [6, с. 60].

Намунаи дигари бузурги санъати меъмории аҳди Сосониён **Тоқи Хусрав (Тоқи Кисро)** мебошад. Ин ёдгорӣ аз хишти пухта сохта шуда, чанбари тоқи нимдоираи он зиёда аз 25 метр мебошад. Сохтмони чунин арки боҳашамат дар он замон маҳорати бузурги меъмориро металабид. Ин арки бузургтарин дар ҷаҳон буд. Баландии он 37 метрро ташкил медод ва то асри XIV чунин бинои азим дар ҷаҳон вуҷуд надошт. Деворҳо дар поён 7 метр ғафсӣ дошта, баробари баланд шудан борик гашта, ғафсии онро то ба 1 метр овардаанд [5, с. 52].

Бояд қайд кард, ки дар замони Сосониён қасрҳои бисёре низ сохта шуданд. Яке аз чунин қасрҳо ин **қасри Ардашер I** мебошад. Қаср соли 224 милодӣ сохта шудааст. Қаср се гумбаз дошта, боҳашамату зебо сохта шудааст. Дар ин қаср худи Ардашер бо аҳли олааш зиндагӣ мекарданд. Қаср яз якчанд хона иборат буда, дар баландӣ сохта шуда буд. Бино аз санг бунёд ёфта, бараш 56 ва дарозиаш 104 метр аст. Ғафсии деворҳо дар баъзе ҷойҳо то 5 метр мерасад. Харобаҳои ин қаср то замони мо омада расидаанд [2, с. 72].

Дигар аз биноҳои зеботарини замони Сосониён **Қасри Ширин** буд. Ин кохро шоҳаншоҳ Хусрави 2 Парвиз барои ҳамсараш – Ширин сохтааст. Қаср бо боғу роғаш 120 гектар заминро дар бар гирифта, деворҳои мустаҳками ҳимоявӣ дошт. Девори ҳимоявии қаср 6,5 м. баландӣ дошта, аз хишти пухта бино ёфтааст. Аз болои девор ҷӯйи об меомад, ки боғҳоро бо об таъмин менамуд. Дар назди қаср ҳавзи кошикорие сохта буданд, ки 550 метр дарозӣ ва 50 метр паҳноӣ дошт. Қаср дар баландии 8 метр, паҳнои 190 метр ва дарозии 370 метр ҷой гирифта, бо даҳҳо роҳравҳои равоқбандӣ, аркҳои боҳашамат, нақшу нигор, ҳайкалу расмҳо оро ёфта буд. Қаср шабистонҳои боҳашамат, толорҳои қабулу базм, ибодатгоҳ ва ғайра дошт. Дар ин ҷо Борбади Марвазӣ ва дигар ромишгарон барои шоҳу малика суруду тарона эҷод кардаанд. Дар деворaҳои қаср расми шоҳ Парвиз, занаш Ширин ва аспаш Шабдиз кашида шуда буданд. Дар қасрҳои замони Сосониён расмҳои шоҳон, занҳои онҳо, намояндагони машҳури дину давлат тасвир карда мешуданд. Ин ҳайкалу расмҳо симои аслӣ ҳастанд ва барои барқарор намудани расмҳои силсилаи шоҳони сосонӣ маводи беҳтаринанд [8, с. 78].

Инчунин дар замони Сосониён шаҳрҳои мавҷудбуда хеле калон ва ободу зебо гардиданд. Масалан, **Истахр,** ки дар давраи Ашкониён низ шаҳри пешрафтаю зебо буд, дар давраи Сосониён

равнақу густариши бештар пайдо намуд. Дар ин ҷо маъбади бузургтарини оини Зардуштӣ - Озарфарбаг фаъолият мекард. Дар шаҳри Истаҳр нусхаи аслии Авесто нигоҳ дошта мешуд ва маросими тоҷгузории шоҳон бо як шукӯҳу шаҳомати хос маҳз дар ҳамин шаҳр баргузор мегардид. Шоҳони Сосониён дар ин шаҳр қасрҳои бошукӯҳ доштанд. Атрофи шаҳрро девори ҳимоявӣ бо тиркашҳо печонида буд. Шаҳр маркази бузурги тоҷоратии давлати Сосониён низ ба ҳисоб мерафт [7, с. 83].

Пойтахти давлати Сосониён шаҳри **Тайсафун** буд. Он дар замони Ашкониён низ маркази давлат ба ҳисоб мерафт. Ардашери Бобакон низ онро пойтахти давлат эълон намуда, барои ободонияш кӯшишҳо ба харҷ дод. Дар атрофи шаҳри Тайсафун маҳаллаҳои бузурге пайдо шуданд, ки арабҳо онҳоро шаҳр номиданд. Маркази қадими шаҳр 70 гектар заминро ташкил медод. Масоҳати умумии шаҳр хеле бузург буд. Шаҳр аз Кохи шоҳон, биноҳои се-чорқабата бо боғу роғҳо, бӯстонсаройҳо иборат буда, дорои бозорҳо, кӯчаҳо, ибодатгоҳҳо буд. Қисми зиёди шаҳр ҳангоми ҳуҷуми арабҳо хароб шуда, қисме, ки аз ҳуҷуми арабҳо эмин монд, дар давраи истилои муғул тамоман ба харобазор табдил ёфт. Харобаҳои Тайсафун 30 км2-ро ташкил медиҳад ва шаҳри бузургтарини дунё ҳисобида мешуд. Шаҳр дорои дарвозаҳои бузург ва мустаҳкам буда, атрофи онро бо девори ҳимоявии дорои бурҷҳои зиёд ва тиркашҳои чандқабата мустаҳкам карда буданд. Аз ин ҷиҳат, Тайсафун таҷассумгари бузургии давлати Сосониён буд [4, с. 92].

Дар замони Сосониён ба ғайр аз шаҳру қасрҳо дигар иншоот низ сохта шуданд. Масалан, дар Хуросон байни кӯҳҳои Албурзу баҳри Хазар дар масофаи 170 км девори ҳимоявӣ сохта буданд, ки кишварро аз ҳуҷуми бодиянишинон ҳимоя мекард ва яке аз иншооти бузурги замон ба ҳисоб мерафт. Шоҳони Сосониён барои сохтмони он бисёр маблағҳои калон сарф намуданд.

Соли 260, баъди ғалаба дар ҷанги Эдесса, Шопури I императори Рум Валериан ва 70 ҳазор сарбозони румиро асир гирифт. Бо қувваи онҳо Шопури 1 иншооти обёрикунии "Банди қайсар" – ро дар руди Корун сохт. Сохтмони ин иншоот, бинобар ахбори сарчашмаҳо, 7 сол давом кардааст. Иншооти мазкур музофоти Хузистони давлати Сосониёнро бо об таъмин мекард. Ин иншоот то соли 1885 аз ҷониби аҳолӣ истифода мешуд. Иншооти мазкур аз хишти пухта ва санг сохта шудааст [5, с. 122].

Инчунин, дар замони шоҳаншоҳи Сосониён Шопури I донишгоҳ бо номи "Гунди Шопур" сохта мешавад. Бино шакли гирдшакл дошта, аз санг сохта шудааст. Дар пештоқи бино чунин навишта шуда буд: "Донишу хирад аз шамшер қавитар аст". Дар ин донишгоҳ ба ғайр аз илмҳои тиб, таърих, адабиёт, нуҷум, фалсафа ва илми суханвариро меомӯхтанд. Академияи "Гунди Шопур" китобхонаи бузург дошт, ки дар он китобҳои нодир нигоҳ дошта мешуданд. Мутобиқи ахбори сарчашмаҳо, аввалин роҳбари ин донишгоҳ – Бухтишуъ будааст. Ин донишгоҳ 300 сол арзи ҳастӣ карда, баъди забти давлати Сосониён аз ҷониби арабҳо барҳам хӯрда, аз байн рафт [1, с. 22].

Хулоса, дар замони Сосониён меъморӣ хеле пеш рафта, бисёр шаҳрҳою қасрҳо ва дигар иншоот бо санъати баланд сохта шудаанд. Баъзе аз онҳо то замони мо низ омада расида, то ба имрӯз шукӯҳу азамати худро аз даст надодаанд ва ҳанӯз ҳам таваҷҷуҳи оламиёнро ба худ ҷалб намуда, мавриди омӯзиши бостоншиносон қарор гирифтаанд. Шаҳрҳою қасрҳои замони Сосониён марказҳои бузурги тиҷорат буда, дар рушди савдои дохилию хориҷии давлат нақши муҳим доштаанд. Ёдгориҳои меъмории замони Сосониён таҷассумгари бузургию тавоноии ин давлат мебошанд.

Адабиёт:

1. Воронина В. Л. Всеобщая история архитектуры. Том I. Архитектура Древнего мира. - Москва, Стройиздат, 1970. - 298 с.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. – Душанбе, 2008. 470 с.
3. Кинжалов Р. В., Луконин В. Г. Памятники культуры Сасанидского Ирана. – Ленинград. 1960. - 260 с.
4. Пигулевская Н. В. Города Ирана в раннем средневековия. – Москва, 1956. – 190 с.
5. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2002. - 340 с.
6. Тақинажод, Муҳаммадризо Дайламӣ. Меъморӣ, шаҳрсозӣ ва шаҳрнишинии Эрон дар гузари замон. – Теҳрон: Фарҳангсаро, 1366. – 453 с.
7. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 230 с.
8. Юсуфшо Яқубшо. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2023. – 232 с.

ДАВЛАТИ СОСОНИЁН: БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ОН

Асламов Б.С. *- ходими калони илмии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВҚД Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru, тел.939225076.*
Ҳалимзода Д.О*.-муаллим-методисти шуъбаи адъюнктураи адъюнктураи Академияи ВҚД Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail.daler.9521@mail.ru тел: 987841022*
Ташрифзода Ф.Қ. *- дотсенти кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети №5 Академияи ВҚД Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел. 918818189.*

Сосониён яке аз давлатҳои қадимаи тоҷику форс ба ҳисоб рафта, дар таърихи давлатдории мо ориёиҳо нақши арзандаи худашро дорост. Чи гунае аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд Сосониён тавонист дар тӯли ҳукумронии 4 асраи худ намунаи олии давлатдориро то замони мо ба мерос гузорад.

Мувофиқи навиштаҳо дар китоби "Тоҷикион"-и Бобоҷон Ғ. дар ибтидои асри III милодӣ дар натиҷаи ҷангҳои дурударози пуртаҳлукаи зидди римиҳо ва низову хархашаҳои дохилӣ давлати Порт завол ёфт. Зиддияти синфии байни ашрофу ғуломдор ва аҳли ҷамоату ғуломон якбора тезутунд шуда рафт; дар дасти ашроф бисёр заминҳои киштбоб ҷамъ омад.

Барои барпо намудани идораи давлат чунон мубориза авҷ гирифт, ки он тавонист, ҳам истеҳсолкунандагони бевоситаро дар итоат нигоҳ дорад ва ҳам ба афзудани иқтидору сарвати ашроф мусоидат намояд: ашрофони Форс бо коҳинони зардуштия ҳамдастӣ карда, дар ин мубориза мақоми намоёнро соҳиб шуданд **[1, с. 223].**

Дар аввали соли 220 милодӣ ҳукмрони вилояти Истахр (дар Форс) Ардашери I Бобакони Сосонӣ ҳокими тамоми Форс гардид. Соли 224 Ардашери I лашкари охирин намояндаи Оли Ашкониён Ардавони 1-ро торумор намуда, ҳокимиятро ба даст гирифт ва давлате таъсис дод, ки дар тамоми сарзамини Эрон вусъат дошт.

Номи сулола ва давлати Сосониён аз исми ниёии хонадони Сосон, ки мубади оташкада (маъбад)-и Анаҳито (Ноҳид) дар Истахр маҳсуб мешуд, бармеояд. Тавре ки дар боло зикр кардем номи давлатро Ардашери (I) Бобакон асос гузошт.

Дар ҳамин давраи ба қудрат расидан Ардашери I Бобакони барои ба танзим даровардани сиёсати дохиливу хориҷии кишвар авҷ гирифта, барои васеъ намудани давлати худ ба лашкаркашиҳо ба давлатҳои ҳамсоя оғоз намуд, метавон дарҷ намуд, ки Ардашери I, ки бо Рум ҷанг оғоз кард, онро бо муваффақиятҳои гуногун анҷом дод. Сабаби асосии ин низоъҳоро миёни ин кишварҳо метавон чунин баён намуд. "Онҳо аз ҳавзаи таърихии Форс бархоста, худро вориси бевоситаи сулолаи Ҳахоманишҳо муаррифӣ намуда..." **[4, с.62]** ва пеш аз он мондааст. Дар асрҳои III-IV. дар аҳди Ашкониён муборизаи Порт бо империяи Рум барои тасарруфи Байнаннаҳрайни Боло, Сурия, Арманистон, кишварҳои Қафқоз ва бартарӣ бар роҳҳои савдои корвонӣ, ки баҳри Миёназаминро бо Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Хитой мепайвандад, бурда мешуд.

Ба ҷои портҳо омадани Сосониёнро табдили муқаррарии подшоҳон гуфтан ғалат аст. Оли Портҳо, ки «дар задухӯрдҳои зидди Рим суст гашта, дар банди зиддиятҳои мураккаби иҷтимоӣ монда, дар байни Ғарби ғуломдорӣ ва Шарқи ҷамоатию авлодӣ мекалавид, ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ таҳрик дода натавонист. Ин корро аслан давлати Сосониён кард»**[3,с.62].**

Давлати Сосониён зиёда аз 400 сол (224 ё 226–651) арзи вуҷуд дошт. Дар аҳди Сосониён чунин ҷиҳатҳо ҷолиби диққат аст. Якум, тақрибан аз асри IV милодӣ дар давлати Сосониён муносибатҳои феодалӣ босуръат инкишоф меёбад. Дувум, бар хилофи қувваҳои марказгурези волию ҳокимони алоҳидаи баъзе ноҳияҳо мақоми ҳокимияти марказӣ дар Эрон баланд мешавад, бинобар ҳамин мутафаккир немис Фридрих Энгелс давлати Сосониёнро «подшоҳии батартиб» номида буд**[3,с.322].** Севум, таъсири коҳинони Зардуштия ниҳоят баланд мешавад, дини зардуштӣ ба дарачаи дини давлатӣ мерасад ва ба Ардашери I чунин ҳикматро нисбат медиҳанд: «Тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт».

Дар аҳди писар ва вориси Ардашер шоҳ Шопури I (солҳои 242–272) Сосониён лашкари римиҳоро торумор карданд, дар як муҳориба як императори Рим кушта шуда, дар муҳорибаи дигар боз як императори Рим асир афтод. Давлати Сосониён дар аҳди Шопури II (солҳои 309-379) хеле қувват гирифта, дар шарқу ғарб дар чандин муҳорибаҳо ғолиб омад ва шаҳрҳо таъсис намуд. Шоҳ

Яздигурди I (солҳои 399-420) кӯшид, ки ба насрониён такя карда, ҳуқуқи ашроф ва коҳинони зардуштиро маҳдуд намояд; бояд гуфт ки дар давлати Сосониён насрониён бисёр буданд.

Тартиботи бераҳмонаи давлати Сосониён боиси эътирози сахти халқҳо, аз ҷумла, боиси эътирози сахти халқҳои ноҳияҳои тасхиргаштаи Осиёи Миёна ва Моварои Кавказ шуд. Шӯриши ин ноҳияҳо, таҷовузи кӯчманчиён давлати Сосониёнро ба ларза меовард ва шоҳу шоҳзодагони сосонӣ ба асирӣ меафтиданд ё гарави кӯчманчиёни Осиёи Миёна мешуданд ва яке аз ин гуна шоҳон Пирӯз (солҳои 459–484) аст. Дар Эрон неҳзати иҷтимоӣ низ ҷой дошт, ки яке аз онҳо неҳзати маздакия мебошад ва дар айни он дар зери зарбаҳои тавонои халқ қариб буд, ки давлати Сосониён вожгун шавад.

Давлати Сосониён дар аҳди Хусрави I Анӯшервон (солҳои 531–579) ба авҷи иқтидори худ расид. Хусрави I ҷангу ҷидоли бисёре карда, ҳатто Ямани Арабистонро тасхир намуд ва аз ғайри ин чанд ислоҳоти ҳарбӣ гузаронд, ки онҳо муносибатҳои навбунёди феодалиро мустаҳкам карданд ва ба инкишофи минбаъдаи он мусоидат намуданд. Ислоҳоти соҳаи андоз, ҳарбӣ ва маъмурии Хусрави I аҳамияти калон дошт. Ин ислоҳот ғайр аз ин ҳокимияти марказиро ҳам тақвият дод.

Шоҳони сосонӣ кӯшиданд, ки воҳаҳои Осиёи Миёнаро ба давлати худ ҳамроҳ кунанд ва ин кӯшиши онҳо барабас нарафт. Дар миёнаҳои асри V онҳо ноҳияҳои Осиёи Миёнаро аз даст медиҳанд ва ин ҷойҳо ба дасти кӯчманчиён мегузарад, вале сонитар ноҳияҳои Туркманистони ҷанубӣ боз ба тасарруфи Сосониён медарояд. Давлати Сосониён дар миёнаи асри VII милод аз зарбаи арабҳо суқут ёфт.

Адабиёт:

1. Б.Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. -Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.-С. 223.
2. Дьяконов М.М.Очерки истории древнего Ирана. М.: Восточная литература, 1961. - С. 260.
3. К.Маркс ва Ф. Энгельс. Асарҳо, ҷилди 28. М.: Нашриёти адабиёти сиёсӣ,1962. - С. 222.
4. Н. Ҳотамов., Д. Довудӣ С. Муллоҷонов С., М. Исоматов. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳот ва тавхеҳот. -Душанбе: "ЭР-граф", 2015. –С.62.

ЗИКРИ АВАСТО ВА БУНЁДИ МАҲЗАНИ ТИББИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН

Мирзошарифзода Иброҳим Мирзошариф *– номзади илмҳои таърих, дотсент, омӯзгори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел.: (+992) 935929878; E-mail: mim-1212mail.ru*

Манбаҳои таърихӣ бар он назаранд, ки тибби қадимаи форсу тоҷик бо комёбиҳои беназири худ дар ганҷинаи тамаддуни башарият ва хусусан дар таърихи илми тиб мақоми босазо дорад. Аз сарчашмаи нодири таърихии тоҷику форс «Авасто» бар меояд, илми тиб чун санъати дар ҳолати солим нигоҳ доштани бадан таърифу баён дошта, ду самти равияи тибб: равияи вақдония, ки худованд офарандаи бемориҳо ва шифобахшидани беморӣ дар маркази диққат аст. Равияи антропомарказӣ, ки дар он одамӣ дар маркази диққат қарор дорад. [1. саҳ. 75-90]

Хотираи таърих шаҳодат медиҳад, ки ниёгони тоҷикон дорои давлату давлатдорӣ, маданият ва фарҳанги воло буданд ва ҳамзамон ба илми тиб шиносоӣ доштанд, ки зикраш дар Авасто дарҷ ёфтааст.

Баъд аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ шоҳи ашкониён Валахши 1 Ашканан (а.1 п.м.) матнҳои парокандаи «Авасто»-ро гирд оварда, дини зардуштиро давлатӣ ва китоби «Авасто»-ро муқаддас меҳисобад, ки заминаи эҳёи илму фарҳанг ва маънавиёти форсҳо мегардад. [10.саҳ.30]

Эҳёи давлатдории миллӣ пас аз салтанати зиёда аз 300 соли беҳокмиятии мутлақ дар ғарби форс билохира ба ниёгони форсҳо Портҳо ва Сосониён имконият фароҳам овард, ки илмҳои гуногун: фалсафаву риёзиёт, нуҷуму фалакиёт, алҷабру ҳандаса, фиқҳу ахлоқ, каломи бадеъву мусиқӣ, таъриху ҷуғрофия ривоҷ ёбад, ки дар ин қатор илми тиб низ рушд ёфт. Тибқи шаҳодати манбаҳо зикр менамоям, ки илми тибби тоҷик таърихи беш аз 3000 сола дошта, дар замони Сосониён ба авҷи камолот расид. Зеро аввалин паёмбари оини ростин Зардушт ба дарбори Каёниён ба ҳайси табиб ворид шуда буд.

Дар энсиклопедияи фалсафӣ тиб чун тарзи усулу донише таълиф шудааст, ки дар мафҳумҳои аниқу дақиқ ифода ёфта, дуруст будани он бо амалия санҷида мешавад. Тиб системаи донишҳои илмӣ ва ҳам фаъолияти амалиест, ки мақсади он пешгирӣ ва муолиҷа кардани бемориҳо, ҳифз ва мустаҳкам намудани саломатии аҳолист. [6. сах.6.]

Ҳазор сол муқаддам олими оламшумули халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино баён кардааст «Тиб ба дурусти илмест, ки аз он ҳолатҳои тани инсонро аз ҷиҳати солим ва носолим будани он бишносанд, то ки тандурустӣ андар ҳоли будан нигоҳ дошта шаваду андар ҳоли аз даст рафтан баргарданда». Инчунин ҷои дигар таъкид кардааст, ки «омузиши бадани инсон аввал ба ҳифз карда тавонистани саломатӣ ва сониян, агар саломати гум шуда бошад, ба барқарор карда тавонистани он нигаронида шудааст». Тиб аввалан илмест дар бораи одами солиму бемор, дар бораи тарзҳои пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳо сухан меравад.[6. сах. 25-28] Аз гуфтаҳо бар меояд, ки тиб системаи донишҳои илмӣ ва фаъолияти амалиест, ки мақсади асосӣ ҳифзу мустаҳкам кардани аҳволи саломатии аҳолӣ, дароз кардани умри мардум, пешгири ва муолиҷаи бемориҳост.

Манбаҳо шаходат медиҳанд, ки шоҳи Каёниён Гуштоспро аспе буд каёнӣ мансуб ба аспи Сиёҳ дустдошта. Сапедадам аспбони шоҳ меояд, ки аспи сиёҳ бедасту по гашта ва дасту пои асп дар шикамаш фуру рафтааст. Гуштосп байторону табибон ва ҳукамову уламоро мехонад вале тадбире ҷуста наметавонанд, ки ин хабар ба Зардушт мерасад. Зардушт ба шоҳ Гуштосп мефармояд: ҳар гоҳ чаҳор кор аз ту барояд ва ба ин паймон кунӣ, он гоҳ чаҳор пои асп ба ислоҳ оварам. Шоҳ Гуштосп мегуяд пазируфтам, он кадом аст? Зардушт гуфт эй шаҳриёр, ҳама забону дил яке созад ва ба забон ореду ба дил гаравад, ки ман бе шубҳаву шак пайғомбар ва фиристодаи Яздонам. Гуштосп пазируфт. Зардушт ба паҳлуи рости асп даст молид, дасти рости асп берун омад. Зардушт ба дини худ имон овард ва фарзанди шоҳ Гуштосп Исфандиёрро пеш гузошт, ки шоҳзода сар напечида пазируфт. Зардушт дуо хонд пои рости асп берун омад. Зардушт бону Котобун завҷаи шоҳ Гуштоспро ба дин даъват кард. Баъд аз оне, ки бону Котобун имон овард Зардушт дуо кард пои дигари асп берун омад. [10. сах.59-60]

Тиб аз соҳаҳои қадимтарини тафаккури инсони буда, баробари тавлиди бани башар пайдошудааст. Ба қадри равнақи ҷамъият тиб ҳам такмил ёфта, тарзу усулҳои муолиҷа дар ибтидо дар шакли шифоҳӣ баён мешуд ва баъди пайдоиши хату алифбо дар санъати давою шифо мақоми муҳимро соҳиб гардид. Бо камоли ифтихор метавон гуфт, ки тибби форсу тоҷик аз замонҳои қадим арзи вуҷуд кардааст.

Зеро мувофиқи таълимоти зардуштӣ офаридгори коинот худои олии Аҳуро Маздо аст, ки таҷассуми некӣ, нур ва ҳақиқат буда, ба воситаи фариштаи Айрайаман ба бемор дасти ёрӣ дароз мекунад. Дар Авасто сабабҳои объективӣ ва субъективии бемориҳо зикр ёфта, имкон медиҳад, саромаду шабоҳат, вахдату решаи амиқи таърихии тибби халқҳои форсизабонро ошкору муқарар кунад. [1. сах. 75-90].

Зикри Авасто манбаи нодири таърихӣ ва бунёди маҳзани бузурги илмӣ, Академияи тиббии Гунди Шопур дар замони зуҳури давлатдории Шопури Сосонӣ ибтидои эҳё гардидани илми тиб ва тадриси мактабҳо дар империяи Сосониён мебошад. Дар аввалҳои асри I-и милодӣ, дар натиҷаи таъсис ёфтани шоҳаншоҳии Сосониён дар Эрони кунунӣ ва соли 425-и милодӣ таъсиси давлати Ҳайтолиён дар Вароруд тоҷикон муносибатҳои истеҳсолии феодалиро пойдор карданд, ки бисёр шаҳрҳои Вароруд дар ин замон марказҳои ҳунармандию тиҷорат, илму маданият ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин замон шоҳаншоҳии Сосониён ба авҷи тараққиёти давлатдорӣ, иқтисодиёту иҷтимоиёт, тиҷорат ва маданияти баланди илму фарҳанг расида буд, ки дини Зардушт дини давлатӣ ва китоби «Авасто» китоби муқаддас ҳисобида шуд.

Ҳамзамон, «Авасто» дар замони Сосониён се маротиба аз ҷониби Ардашери Бобакон бо сарварии Тансар, дар замони Шопури-1 Сосонӣ бо роҳбарии Кардир, дар замони Ҳукумронии Шопури -II бо роҳнамоии Озарбади Мехразпандон гирд оварда шуд ва ниҳоят дар замони Хисрави-I –и Сосонӣ бо забони паҳлавӣ (форси миёна) тарҷума гардид. Инчунин дар давраи охирин салтанати Сосонӣ миқдори зиёди китобҳои ахлоқӣ «Андарзи Хусрави Кувотон», «Андарзи Озарбади Мехраспандон», «Андарзномаи Бузургмеҳр», «Достони Минуи Хирад», «Андарзи дастурон ва беҳдинон», «Номаи Тансар», «Ардавирфнома» ва дигар асарҳо боқи мондаанд, ки аз инкишофу интишори илми замони Сосониён шаҳодат медиҳад. [9. сах.196.]

Шопури-II-и Сосонӣ (309-379) дар таълифи китоби «Авасто» ба Тансар супориш медиҳад, ки тамоми дастовардҳои илми ҷуғрофия, сиёсатшиносӣ, фалсафаи Ҳинду Юнон ва илми тибро

гирд оварад. Китоби муқаддаси «Авасто» аз ёдгорию маъхазҳои қадимтарини хаттии маданияти бани башар буда, дар он масъалаҳои тиб низ инъикос ёфтааст. Бинобар ин «Авасто»-ро саромади илми тибби халқҳои форсизабон донистан ҷоиз аст.

Баътар ба тибби Авасто, ки аз ҳудуди давлати Сосониён роҳҳои тиҷоратӣ мегузашт ва пешравии вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва тиҷорат, тибби Ҳиндустони қадим, Тибет ва Юнон пайваст мешавад. Дар аҳди қадим дар Шарқ мауссисаҳои махсуси мустаҳкил пайдо шуданд, ки онҳо бемористон ном доштанд. Ин муассисаҳо натанҳо вазифаҳои муолиҷавӣ, балки вазифаи таълимгоҳҳоро низ иҷро мекарданд. Дар баробари ин қароргоҳу паноҳгоҳи камбағалони ломакон буда, дар наздаш дорухонаҳо амал мекарданд. Марҳилаи дигари муҳими таърихи инкишофи тибби халқҳои Эрону Осиёи Миёна буда, он заминаи дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна ва Осиёи Марказӣ бунёд шудани мактабу равияҳои нави тиб гардид, ки ин давраи нашъунамои мактаби тиббии Ганди Шопур асрҳои III-VII буд.

Дар замони ҳокимияти шоҳаншоҳии Сосониён сохтумони шаҳру маданияти шаҳрдорӣ яке аз рукнҳои муҳими давлатдорӣ дониста мешуд. Шаҳрҳои Антокия, Беҳ-Ардашер, Рухо, Нисибин, Ҳаррон, Эдесса, Ахвоз, Марв, Истахр, тахтгоҳи шоҳаншоҳӣ - Тайсафун марказҳои бузурги илму фарҳанг маҳсуб меёфтанд. Шоҳаншоҳони Сосонӣ аз кишварҳои тасхиршуда, ҳунармандону табибон ва донишмандони маъруфро ҳамроҳ гирифта, дар ин шаҳрҳо ҷой медоданд. Донишмандони румию юнонӣ суриёнию ҳиндӣ дар муҳити ҳавзаҳои илмию фарҳангии эроншаҳр нуфузи беандоза доштанд.

Маҳз шоҳи Сосониён Шопури I (241-272) ҳамчун вориси Ардашери Бобаки Сосонӣ ба тахт менишинад, дар ғарбу шарқ мубориза бурда, ҳудуди давлати Сосониёнро васеъ намуд ва ба ободкории давлат даст зад. Махсусан сохтумони шаҳрҳо, кушкҳо, дарғоту купрукҳо, роҳу урдугоҳҳо, кандани наҳрҳо ва дигар сохторҳои ҳокимият. Шоҳпур ҳангоме ба қисмати ғарбии давлат, ки дар онҷо рақиби сиёсиаш Империяи Рум меистод ҳучум намуд ва бо Қайсари Рум Фил ғолиб омада, бо он сулҳ баст. Аз рӯи ахбори Ибни Қифтӣ Шоҳпур аз Қайсар Фил хоҳиш мекунад, ки духтарашро ба зани гирад. Қайсар бошад розигӣ медиҳад. Шоҳпур пеш аз оне, ки бо духтари Қайсар хонадор шавад, дар қисмати ҷанубии хоки ҳозираи Эрон ба монанди Константинопол шаҳре бунёд мекунад ва ба он Ҷунди Шопур ном мегузорад.

Мебояд зикр намуд, ки қиссаи Ганди Шопур ном гирфтани ин муассисаи тиббӣ аз рӯи ахбори Ибни Қифтӣ чунин аст: Ҷое, шаҳр бунёд мешуд, мулки яке аз заминдор Ҷунда буд. Шоҳи сосонӣ Шопур барои бунёди шаҳри оянда ба ивази замин пул додани мешавад вале заминдор рад мекунад. Шопур боз мегуяд, ки набошад изн бидиҳед токи шаҳре бисозам, вале боз ҳам рад мекунад ва ба шоҳ шарте мегузорад, ки он шаҳрро ҳамроҳ бисозад. Ҳангоми оғози сохтумон роҳгузарон аз мардикорон мепурсанд, ки ин шаҳрро кӣ месозад, дар ҷавоб мегуфтанд Ҷунда ва Шопур. Ҳамин тариқ номи Ҷунди ё инки Ҷунди Шопурро мегирад ва нахустин муассисаи тиббии форсу тоҷик ба шумор рафта, 1740 сол қабл, тахминан солҳои 242-250-и милодӣ аз ҷониби Шопур сохта шудааст. Баъд аз анҷоми сохтумони шаҳр бо дастури Шопур дар болои дарвозаи шаҳр ибораи зерин «Донишу хирад аз шамшер ҳам зӯртару буротар аст» сабт карда мешавад. [4. саҳ. 91-95]

Бунёди шаҳрҳо ва интишори андарзномаҳо ба ахлоқу маърифат ва маорифи ҷомеа таъсири амиқ гузошта, таълифи китобҳо дар боби тарвиҷи маънавиёти ҷомеа, дар шакли андарзу насиҳатномаҳо аҳли ҷомеаро ба эҳсону хирадмандӣ, саховату фазилатпешагӣ, адолату додгустарӣ, шарафмандию фуқаропарварӣ сулҳу суботи сартосарӣ ҳидоят мекард. Дар империяи Сосониён ду зинаи мактаб: дабистон, яъне мактаби ибтидоӣ, таълимгоҳи оташкадаҳо ва дабиристон, яъне мактаби олӣ амал менамуд. Дар дабистонҳо наврасон аз сини 7 то 15 сола таҳсил мекарданд. Дар ин дабистонҳо аз русумоти ҳарбӣ, аспсаворӣ, камонкашӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, иктишофчигӣ ва аз фанҳои амалӣ: ҷуғрофия, риёзӣ, навиштану хондан, русумоти давлатдорӣ, ҷаҳонгардию бозургонӣ ва аз дарси одобу ибодати динӣ ва дигар илмҳо таълим мегирифтанд. Моҳиятан бишуморем он академия ганҷинае буд, ки асосгузораш Шопур аст.

Баъдан аниқтараш дар замони Хусрави-1 Анушервон (531-579) ин мактаби оли ба Донишгоҳи бузурги тиббӣ табдил ёфта, расман кушода шуд ва ба авҷи рушту камолот расид. Дар он донишмандону табибон ва дорусозони Эронӣ бо ҳамкории пайваста бо олимони суриёнӣ, румию юнонӣ ва пизишки мебурданд. Шопур бо олимон дастур медод, ки асарҳои машҳури духтурони Юнону Ҳиндиро бо забони паҳлавӣ (форси миёна) тарҷума кунанд. Дар

замони Хусрави-1 Анушервон бо мақсади такмили илми тиб 7-нафар олимонро аз Искандарияи Миср даъват карда, ба кори Ганди Шопур ҷалб кард, ки онҳо ба кори тарҷумаи паҳлавии осори фалсафӣ ва тибби Юнони Қадим, аз ҷумла офаридаҳои Афлотуну Арасту ва Букрот пардохтанд. Дар замоне, ки Византия рӯ ба таназзул овард, император Земон соли 489 мактаби машҳури Эдес ва иператор Юстиниан соли 529 академияҳои Афина ва Искандарияро баст, ки донишгоҳи тиббии Ганди Шопур аз ҷониби шоҳ Хусрави-I и Сосонӣ Анушервон ба Академияи Ганди Шопур табдил дода шуд. Олимоне, ки аз Византия ронда мешуданд дар Эрон паноҳгоҳ меёфтанд.

Онҳо дар Академияи Ганди Шопур афкори илмӣ сарфи назар аз мансубияти миллӣ гирду фароҳам меовард. Аз ҷумла тиб мисли соҳаҳои дигари илм аслан байналмилалӣ буд. Дар давлати Сосониён ду гурӯҳи духтурон-духтурони ҷисм, ки бо ёрии дорую корд, яъне ҷарроҳӣ ва духтурони рӯҳӣ, ки бо ёрии сеҳру ҷоду, сухан, маросиму дуохонӣ беморонро муолиҷа мекарданд. Ба Академияи тиббӣ танҳо ҷавононе қабул мешуданд, ки ҳафт ҷузъи муҳимтарини илмро омухта, дар ин соҳаҳои дониши кифоя дошта бошанд. Масалан: саҳву наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диалектика, илми маонӣ, баён, мусиқӣ ва амсоли инҳо.

Дар Академияи Ганди Шопур натанҳо тибби Эрони қадим, балки тибби ҳинд, араб ва юнонию римӣ омузонида мешуд. Дар назди Академия китобхонаи калонтарин фаъолият мекард, ки дар 250 бино ҷойгир буда, китобҳо бо забони паҳлавӣ ва Юнонию Ҳиндӣ ба роҳ монда шуда, аз ҷумла китоби машҳури тибби ҳинд «Калила ва Димна» бо забони паҳлавӣ (форси миёна) тарҷума шуда буд. Достони Барзуяи табиб ёдовар шудааст, ки ӯ дар навишаҳояш аз ахлоқ, дин ва табиат дар ҷомеа баҳс мекунад. Ба қавли муаррихон аввалин ректори Академияи Ганди Шопур духтур Бахтишо будааст, ки ба ин мансаб метавонист сардухтури дармонгоҳ (клиника) дар як вақт таъин гардад. Сардухтур ё ректор шахси пуртаҷрибаву дониши назариявиашон мукамал бошанд таъин мегарданд. Академия дар вақтҳои лозимӣ маҳалли баргузории бисёр ҷамъомадҳои олимон ба шумор мерафт. Масалан: бо фармони шоҳ Хусрави-I Анушервон соли 561 аввалин конгресси олимони тибби донишгоҳҳои қариб ҳамаи давлатҳои мутараққии он замон даъват карда шуд, ки раисии садри ҷамъомадро беҳтарин духтури дарбори Хусрави-1 Анушервон, Ҷабраил Друстабд ба ӯҳда доштааст.

Дар асри V-VI дар Академияи тиббӣ илмҳои ҷуғрофия, риёзӣ ва ахтаршиносӣ тарвиҷ ёфта буд. Дар таърихи афкори илмӣ ин аввалин марказе буд, ки дар он ҳар олим сарфи назар аз ихтисосу миллат ва эътиқоди диниашон дар соҳаи дилхоҳи илм кор карда метавонист. Академияи Ганди Шопур беш аз 300 сол вуҷуд дошта, аз нуқтаи назари таърихӣ аввалин мактабе буд, ки дар омӯзиши тиб аҳамияти бевоситаи амалиро ноил буд. Вазифаи ин муассиса анҷоми тадбирҳои муолиҷаю пешгирии бемориҳо, кори таълимию омӯзгорӣ ва илмӣ, тарҷумаи асарҳо, тартиб додани маҷмуаҳои қомусӣ ба шумор мерафт. Ин муассисаи олии тиббӣ дар ҷаҳон нахустин Донишкадаи тиббӣ ва ё Академияи тибби Ганди Шопур аст, ки заминаи махсуси муолиҷавию профилактикӣ ва шуъбаи дорусозӣ дошт. [6.саҳ. 31-33.]

Аз рӯи нақшаи таълимоти ин муассисаи олӣ ба духтурон ғайр аз омӯзиши фанҳои тиббӣ фанҳои адабиёт, таърих, илми нуҷум, санъати сухан, фалсафа ва ғайра омӯзонида мешуд. Таҳсил бо ду забон паҳлавӣ ва юнонӣ ҷараён ёфта, савияи дониши табибони ҷавон дар сари бистари бемор санҷида мешуд. Ё инки донишҷуён таҷрибаҳои тиббиро одатан дар ҷисми шахсони гунаҳгори ҳукми қатл меозмуданд. (Ибни Сиддиқ-1342). Ба ин муассисаи олӣ ҷавононе дохил мешуданд, ки ҳафт ҷузъи муҳимтарини илм (саҳву наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диолектика, илми маонӣ, баён ва мусиқиро) омухта, дар ин соҳа дониши кифоя дошта бошад. Баъд аз итмоми ин муассиса донишҷӯ аз бахшҳои гуногуни илми тиб имтиҳон супорида, соҳиби шаҳодатномаи тиббӣ мегардид. Дар тақвияти ин гуфтаҳо мо метавон гуфт, ки ин муассиса дар асоси омӯзиши фанҳои дақиқ саҳву наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диолектика, илми маонӣ, баён ва мусиқӣ, натанҳо мактаби олии тиббӣ, балки маркази илму фарҳанг ва маънавиёти мардуми тоҷику форс ба ҳисоб мерафт. Дар назди ин муассиса беморхонаи бузурги дорои шӯъбаҳои алоҳидаи ҷарроҳӣ, иллатҳои дарунӣ, бемориҳои пуст, чашм ва дигар бемориҳо амал мекарданд. Ин маҳзани илм бо ақидаи муаррихон нахустин донишгоҳи тиббии ҷаҳон буд, ки заминаи махсуси муолиҷавию профилактикӣ ва шуъбаи дорусозиро низ доро буд. [6.саҳ. 31-33.]

Пас аз оне, ки давлати бузурги Сосониён ба таъқибу зулми хилофати араб дар замони охирин намояндаи шоҳаншоҳии Сосониён Яздигурди-III соли 651 монд, суръати ташаккули

илму фарҳанги Сосониён суст гардид. 1300 сол муқаддам арабҳо шаҳри Ганди Шопурро ишғол карда, амволашро ба яғмо бурданд. Баъд аз пойдор шудани ҳокимияти хилофати араб ва дини мубини ислом дар Эрону Хуросон китобхонаи калон, бозёфту кашфиётҳои ғуншудаи илмӣ ва қисми муаяни олимон ба пойтахти хилофати Аббосиён шаҳри Бағдод фиристода шуданд, ки дар он ҷо халифа Ҳорунар-Рашид ҳокимият меронд. Дар Бағдод пойтахти Хилофат баъдтар тимсоли донишгоҳи тиббии Ганди Шопур бунёд шуд. Ҳамон вақт дар Бағдод даҳҳо бемористон кор мекарду бисёр духтурони донишгоҳи тибби Ганди Шопур ба монанди Абдулло ибни Мукаффа, Абу Муслим, Бармакӣ, Рӯзбеҳ донишмандони бузург ба Бағдод бурда шуданд. Бояд тазаккур дод, ки ин анҷоми илми тибби тоҷик набуда, пас аз суст шудани ҳокимияти сиёсии хилофат дар Хуросону Мовароуннаҳр давлатҳои маҳалии форсию тоҷикӣ Тоҳириён, Саффориён ва давлати бузурги Сомониён бар пояи илму фарҳанги тоҷикон, аз ҷумла илми тибби тоҷикон заминаи воқеӣ гузошт.

Адабиёт.

1. «Авесто» (избранные гимны), Душанбе, 1990 г, 175 сах.
2. Абубакр ар-Розӣ «Духовная медидсина» Душанбе, соли 1990, 88 саҳифа.
3. Муҳаммади Рашод «Фалсафа аз оғози таърих» Душанбе, ҷилди 1-2 соли 1990, саҳ 91-95.
4. Журнали «Илм ва ҳаёт» Душанбе, соли 1992. сах 20-22.
5. Ю. Б. Исхаки, Я. Т. Таджиев «Краткая история таджикской медицины» Душанбе, ТГМУ 1993 г, 128 с.
6. Абуали ибни Сино. Қонуни тиб. Китоби 1, Душанбе, 1984, 384 сах.
7. Исхаки Ю. Б. Таджиев. Я. Т. «Очерки истории медидцинии таджикистана» Душанбе, ТТМУ- 1993, 136 сах.
8. Исхаки Ю. Б. «Ибни Сино и медидцинская наука». Душанбе, 1984г, 176 стр.
9. Н. Неъматов «Таърихи халқи тоҷик» қисми- 1 Душанбе, 2003, 368 сах.
10. Раҳмонов Э.Ш. «Тоҷикон дар оинаи таърих аз Ориён то Сомониён» китоби – 1 Лондон, 2000.

ТИРГОН – ҶАШНИ ТОБИСТОНАИ МАРДУМОНИ ОРИЁӢ

Эркаев Сафар Абдулхайрович *– дотсенти кафедраи Археология, этнография ва динишиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», E-mail: safar.erkaev@mail.ru*

"*Мардуми мо, ҳамчунин, имкон пайдо намуданд, ки расму ойинҳои миллӣ ва маросиму идҳои динӣ-ҷашнҳои наврӯзу Меҳргон,* ***Тиргону*** *Сада ва идҳои Рамазону Қурбонро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳё карда, онҳоро бо иштироки оздонаи хурду бузурги мамлакат ва бо ифтихор аз таърихи беш аз шашҳазорсооаи миллати тоҷик таҷлил намоянд*". **Эмомалӣ Раҳмон**[1,с.2].

Истиқлоли давлатӣ мо – миллати тамаддунсози тоҷик- имкон фароҳам овард, ки расму ойинҳои миллӣ ва маросиму идҳои динӣ, чашнҳо васетар таҷлил намоем. Ин ҳама аз баракати муқаддастарин неъмати зиндагии халқамон истиқлолу озодӣ ва дунёвӣ будани давлатамон аст, ки барои пайравони хамаи халқҳо имкониятҳои баробар ва шароити озоду созгори фаъолиятиро фарҳам оварданд. Ҷашнҳои миллии тоҷикон: ҷашнҳои Наврӯз, Сада ва Меҳргон ва **Тиргон** падидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангие мебоанд, ки ба ҳодисаҳои табиат иртибот дошта, дар масири пурталотуми таърих аҷдоди мо ин ҷашнҳоро чун василаи пайвандгари байни инсону табиат, фарду ҷаиъият ва ҳамчун омили тақвиятдиҳандаи худогоҳӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан шинохтаанд ва гиромӣ доштаанд. Дар ҳақиқат, арҷгузорӣ ва эҳтироми об баробари оташу хоку бод дар байни халқҳои эронитабор аз даврони қадтиьарин ибтидо мегирад, ки ошораву тасвири онро дар сарчашмаҳои таърихию бадеӣ - китоби «Авесто», «Шоҳнома», адабиёти паҳлавӣ, бозмондаҳои асотири бостон, осори санъат ва намунаҳои фолклорӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Оиди ҷашни Тиргон дар сарчашмаҳои кадимаи шарқ маълумотҳои гуногунро ёфтан мумкин.

Дар ҳақиқат, об дар таърихи табиат ва ҷамъият пойдевори асосии хаёт мебошанд. Об дар устураҳои Эрони қадим марбут ба Аҳурамаздо ва эзадони не каст, зеро бунёди офарини ба об вобастааст. Дар мазмуни устураҳо баён шудааст, ки *офаридаҳои аҳуроӣ аз обу чашмаву дарё ва борон пуштибонӣ мекунанду махлуқони аҳриманӣ обҳоро шӯру гандидаву касиф месозанд. Аз* ин рӯ, дар Авесто таъкид мегардад, ки *махлуқоти зиштқирдори аҳриманӣ бояд аз сари обҳо дур карда* шаванд. Инчунин дар устураҳои қадимии эронӣ Тиштар номи эзади борон буда, дар

Авесто дар шакли Тиштрйа, дар паҳлавӣ – Тиштар ва дар форсии навин бо номҳои Тиштр ва Тир зикр шудааст. Вазифаи Тиштар об гирифтан аз дарёи Фарохкарт ва онро дар шакли борон ба заминҳои кишоварзон резонидан аст. Ҷашни Тиргон ба ҳамин фаришгаи бостонӣ – Тиштар марбут мебошад. Тиргон аз куҳантарин ҷашнҳои мардумони ориёнтабор ба шумор рафта, мутобиқи солшумории қадимаи эронӣ дар рӯзи 13-уми моҳи Тир, ки он рӯзро низ Тир меномиданд, баргузор мегашт. Бо ривояти дигар, оғози моҳи Тир рӯзи дарозтарини сол ва ё ба истилоҳи нуҷумӣ – «инқилобӣ тобистона» аст. Агар ҷашни Сада марбут ба зимистон бошад, Наврӯз – иди баҳорӣ ва Меҳргон дар тирамоҳ ҷашн гирифта шавад, пас Тиргон ҷашни тобистонаи мардумони ориёинабор буд, ум мутобиқ ба 3 ё 4-уми июли тақвими ригорианӣ тачлил мешуд. Номи Тиргон бешубҳа ба бовару тасаввуроти асотири марбут ба фаришта ё эзади бостонӣ – Тир (Тиртар) реша меандозад.

Дар қиссаҳои эронӣ, ки Абурайҳон Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» овардааст, дар ин рӯз мавзеи Табаристон шоҳи пешдодӣ Манучеҳр аз Афросиёб шикаст хӯрд ва Афросиёб Манучеҳршоҳро дар Табаристон ба муҳосира даровард. Ин муҳосира муддате давом ёфт, чунон ки шоҳу сипоҳонаш аз норасоии хӯрок азият мекашидаанд. Дар гуфтугӯе, ки барои сулҳ миёни Афросиёб ва Манучеҳр воқеъ шуд, шоҳи Эрон пешниҳод кард, ки сарз байни ҳар ду кишвар ба андозаи масофаи партоби як тир аз сӯйи тирандозе аз сипоҳаш таъйин шавад. Шоҳи тӯрониён ин пешнҳодро қабул кард[2,с.72]. Ба фармони шоҳ мардеро, ки Ораш ном дошт, ҳозир карданд. Марде буд, диндору неккирдор, Манучеҳр мақсадро ба ӯ фаҳмонида, гуфт: бояд ин чӯбаи тирро бо ин камон партоб кунӣ. Ораш омода гашт, пӯшок аз тан бадар оварда ва бо хитоб ба шоҳу мардумон гуфт: «Пайкари маро бубинед, ки аз ҳар захм ва айбе по каст. Медонам, ки чун бо ҳамаи неру тире бияндозам, пайкарам пора-пора хоҳад шу два хоҳам мурд. Аммо ин корро мекунам. Пас бараҳна шуд ва он камони бузургу сангинро бо неруе, ки худованд ба вай бахшида буд, ончунон кашид, ки то ниҳоят зеҳ боз шуд, тирро раҳо сохт. Он гоҳ чуноне ки гуфта буд, баданаш пора-пора шуду бимурд.

Ба фармони Худованд бод он тирро аз кӯҳи Рӯён ба дуртарин нуқтаи Хуросон, ҷое миёни Фарғона ва Табаристон бурд ва тир ба дарахти гирдуи (чормағзи) бузурге қарор гирифт. Масофат чунон буд, ки гӯянд ҳозир фарсанг мешу два Манучеҳру Афросиёб бад-ин марз бо ҳам сулҳ кардан два аз ҳамон ҷойи нишасти тир марзи эрону Тӯрон муқаррар шуд».

Таърих гувоҳ аст, ки тачлили Тиргон аз ҳамон даврон ба муносибати оштӣ миёни Эрону Турон оғоз шудааст. Дар гузашта дар рӯзи тиргон ниёгони мо маросиме бо номи «Обрезгон» баргузор мекарданд. Дар замони шоҳигарии Пирӯзи сосонӣ, ниёи Хусраву Анӯшервон дар Эрон ҳафт сол хушксолӣ рӯй дода, борон намеборид. Мардумони ҷонварон ва гиёҳон аз ин хушксолӣ маҳв мешуданд. Ин вазъро дида шоҳ Пирӯз фармон дод, ки дар оташкада барои даъвати борон ба ибодат пардозанд. Ниҳоять баъди ҳафт сол дар рӯзи Тир борон борид. Ба хотири ин борони таърихӣ Пирӯзшоҳ амр намуд, ки ин рӯзро «Обрезгон» ном гузоранд ва онро ҳар сол ҷашн бигиранд. Ачдодати мо Тиргонро дар соҳили ҳавзу рӯдҳо ва назди чашмаҳо барпо мекарданд. Дар як тараф базми мусиқию рақсу сурудхонӣ мешуд, дар тарафи дигар бозию мусобиқаҳои варзишӣ.

Дар сарчашмаҳо қаёд кардааст, ки Ҷашни Тиргон ва одобу русуми он бо ҷорӣ шудани дини ислом ва баъдтар бо ғасби эрону Осиёи Миёна аз ҷониби муғулҳо коста шуд ва он дар шаклҳои сайри чашма, сайри мозор ва баъзе расму одатҳои дигар миёни мардум идома ёфтанд. Дар байни тоҷикон дар иртибот бо об, боронталабию жола бовару эътиқод ва расму ойинҳои қадимӣ кам нестанд. Маросимҳои ашаглон, сусхотин, чиллахотун дар манотиқи мухталифи Тоҷикистон то ба солҳои наздик барои даъвати борон ичро мешуданд ва ҳануз ҳам баъзе сокинони кӯҳистон дар айёми беборонӣ онҳоро ичро мекунанд. Об ҳамчун бузургтарин неъмати табиат дар низоми офариниши оламу одам, ҳаёти гиёҳону ҷонварон а мардумон дар байни ҳамаи халқу аквом ва адёну асотир мақому манзалати олиро доро мебошад. Имрӯзҳо низ аҳамияту манзалати об дар саросари ҷаҳон афзун шуда истодааст. Бо ташаббус ва пешниҳоди Пешвои миллат, президенти кишвар Муҳтарам эмомалӣ Раҳмон СММ дар таърихи 23декабри соли 2016 дар Ҷаласаи 71-уми Маҷмаи Умумии СММ солҳои 2018-2028-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон намуд, ки Рӯзи ҷаҳонии захариҳои об, яъне 22 марти соли 2018 оғоз ёфта, дар Рӯзи ҷаҳонии захираҳо об – 22 марти соли 2028 анҷом меёбад ва ғавйраҳо. Ҷашни расму ойинҳо ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи

ҳаёти халқро ба ҳам мепайванданд ва барои вахдату ягонагӣ, сулҳу амонӣ, дӯстӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбияву ахлоқ ва мустаҳкам шудани худшиносӣ воситаи муҳим мебошанд[3,с.11].

Тиргон – ҷашни тобистонаи мардумони ориёӣ мебошад. Дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон идҳои қадимаи мардуми шарафманди шарқ, аз он ҷумла, халқи тоҷик - ҷашнҳои Наврӯз, Сада ва Меҳргон, аз ҷашни фаромӯшшудаи Тиргон ду бора зинда шуда, аз нав дар шароити истиқлолияти кишвар васетар ва тантанавор баргузор мегардад. Дар таърихи халқи тоҷик Ҷашни Тиргон низ пайвастагӣ ба рӯзест, ки киштварзон барои *дарави гандум* омода мешуданд. Он рӯз *чорчи* (нодӣ-хабарчӣ) ба мардум хабар мерасонд, ки *замони дарави гандум* фаро расидааст ва ҳама мардумони гандум кошта, дар хирманчой гирди ҳама оянд. Як пирамарди огоҳу донову поктинат, ки дар миёни мардум аз обрӯ бархӯрдор аст, маросими дарави гандумро оғоз мекунад. Пеш аз оғози дарав маросими оштӣ додани одамони бо ҳам кудратдошта сурат мегирад. Бо супориши он пирамарди огоҳ пирамарди огоҳ кишоварзӣ барӯманде бо пошидани *косаи об*, аввалин дастаи гандумро дарав мекунад ва сипас даравгарон (даравгарони кӯҳнишин бо хондани таронаи «**Мандоғ**»), ба дарав мепардозанд. Хамчунин, расм будааст, ки хонаводаи шумори писаронаш зиёд, хонаводаи писаронаш кам ё писар надошта, ёрӣ мерасондаанд. Мардумон эътиқод доштанд, ки набояд касе аз ҳосили рӯёндааш бенасиб гардад. Пас аз анҷоми дарав, маросими хурде иборат аз раксу таронасароӣ, хостгорӣ барои хонадор кардани ҷавонон, барпо мегаштааст.

Дар симпозиуми байналмилалӣ, ки соли гузашта 2019 зери шиори «*Паҷӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз*» баргузор гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди донишмандон ва меҳмонони хориҷӣ масъалаи омӯзиши густардан пешинаи таърихии ҷашнҳои миллии тоҷиконро ба миён гузоштанд. Дар ин ҳамоиши ниҳоят баландпоя, дар баробари гирмидошти ҷашнҳои Наврӯз, Сада ва Меҳргон, аз ҷашни фаромӯшшудаи Тиргон низ ёдоварӣ гардид. Ҷашнҳои куҳани мо реша дар замони Пешдодиён дошта, аз боварҳои тоҷикону ориёнтаборони бостон – оини Меҳр сарчашма гирифтанд. Воқеан, Наврӯзи имсола баробар ба соли 8579 каёнӣ, 2579 ҳахоманишӣ, 1399 хуршедӣ ва тарсоӣ рост меояд. Мебояд нуктаеро низ донист, ки ин ҷашнҳои бузурги гузаштагони мо ба замони сарварии подшоҳони давлатсозии тоҷик нисбат доранд.Ҷашни Наврӯз ба замони шоҳии *Ҷамшед*, Ҷашни Сада ба замони *Ҳушанг*, Ҷашни Меҳргон ба замони шоҳии *Фарудин*, Ҷашни Тиргон ба *Ораши* камонвар ва низ ба пиндори дигар ба замони Кайхусрав нисбат дода шудаанд. Ҷашнҳои бостони мо бештар ба гардиши Офтоб, дар зимн, ба кишоварзӣ пайвастагӣ доштанд ва мардум ҳар фоли неку арҷгузориҳое, ки анҷом медоданд, ба ҷараёни гармибахшии Офтоб, обшор сохтани киштаҳо, бардошти ҳосили фаровон ва монанди он нигаронда шудаанд.

Аз ин рӯ, дар ҷашнҳои бостони мо пеш аз ҳама , дарозии шабу рӯз, яъне замони таъсиргузории Офтоб ба замин ва киштаҳои мардумро ба назар мегирифтанд. Дар ҷашнҳои бостон, асосан **се** ҷанбаи муҳим вуҷуд дорад; *нахуст*, ҷанбаи кайҳонӣ- ситорашиносӣ(нуҷумӣ), *дуюм*, ҷанбаи достонӣ- асотирӣ ва *дигар*, ҷанбаи иқлимӣ- киштварзӣ. Дар *Наврӯз ва Меҳргон* нури Хуршед шабу рӯз баробар, яъне 12 соат рӯз ва 12 соат шаб мебошад. Дар *Тиргон* кишварро баландтарин рӯз ва кӯтоҳтарин шаб фарогир аст. Вале дар ин миён оини дигаре ҳаст, ки онро шаби *Ялдо* номидаанд ва ба баландтарин шаб ва кӯтоҳтарин рӯз ишора мекунад. Чашни Сада ба садумин рӯзи зимистон бахшида шудааст, ки оғози гармибахшии Хуршед буда, то расидани Хуршед ба нуқтаи баландтарини кайхон (бурчи Хамал) 50 шабу 50 рӯзи дигар боки мемонад (назар ба сол-гохшумории мехрпарастӣ – митроизм 150 рӯз зимистан ва 210 рӯз тобистон будааст).

Боястӣ ба ёд овард, ки ҳар кадоме аз номҳои бостонии гоҳшумории яздигурдӣ таърихе доранд, ки решааш дар боварҳои бостониамон устувор аст. Гоҳшумории бостонии мо чунин буда, ки ҳар гоҳ як бор номи рӯзи ҳафта бо номи рӯзи моҳ яке мешуд, ҷашне барпо мекарданд. Чунончи шонздаҳумин рӯзи ҳар моҳ Меҳр ном дошт ва дар моҳи Меҳр он рӯз Меҳргон ном гирифт ва ҳамин тавр, бо баробар омадани номи рӯзҳо бо номи моҳҳо чунин ҷашнҳо барпо гаштаанд: Рӯзи Фарвардин, моҳи *Фарвардин*: Ҷашни Наврӯз, дар моҳи баҳор, Рӯзи Меҳр дар моҳи Меҳр : Ҷашни Мехргон (Меҳру дӯстӣ);

Рӯзи Обон дар моҳи Обон: Ҷашни Обонгон (Ситориши об);
Рӯзи Озар дар моҳи Озар: Ҷашни Озаргон (Ситоиши оташ);
Рӯзи панҷуми моҳи Исфанд: Ҷашни Сипандормуз (Рӯзи Зан ва Замин) .

Тирмох, аз вожаи тир баргирифта шуда, ба достони пурифтихори ватанпарасти бостон – Ораши камонвар, ки дар китоби китобхо «Авасто» ва шоҳи китобҳо «Шоҳнома» омадааст, пайванд мебошад. Фишурдаи достони Ораш ин аст, ки Манучеҳршоҳ мехоҳад ба ҷангҳои ҳамвораи харобиовар бо Тӯрон хотима бахшида, роҳи осоишу оромиро пеш гирад. Бинобар ин, бо шоҳи Тӯрон Афросиёб ба қароре меоянд, ки камонвареро пайдо кунанд то аз болои кӯҳ ба машриқ тире раҳонад ва он тир ба ҳар ҷое афтад, он марзи Эрону Тӯрон дониста шавад. Манучеҳршоҳ аз миёни лашкариёни хеш Орашро пайдо мекунад. Ораш рӯйи по бархоста тан урён менамояд ва ба атрофиён намоиш медиҳад, ки ба пуррагӣ тандуруст аст,вале ба ҳангоми партоб кардани тир танаш пора хоҳад шуд. Ораш мегӯяд: *«Ман ин ҷисму ҷонро аз меҳр бар Ориёнвиҷ месупорам».* Ораш ба кӯҳ баромада, аз Худои ягона Аҳуромаздо таманно мекунад, ки нерӯи азиме бар бозувонаш барангезад, то тираш ҳарчи дуртар, то ба саҳроҳо расад. Хамон гуна, ки Абурайҳони Берунӣ овардааст *«… сипас бараҳна шуд ва ба қуввату нерӯе, ки Худованд ба ӯ дода буд, камонро то баногӯши худ каши два худ пора-пора шуд. Ва Худованд бодро амр кард, ки тири ӯро аз кӯҳи Рӯён бардорад ва ба ақсои Хуросон, ки миёни Фарғона ва Табаристон аст, партоб кунад…»* [4,с.239].

Дар ин маврид Сиёвуши Касроӣ, адиби шинохтаи Эрон, сухани зебое гуфтааст:
Ҷони худ дар тир кард Ораш,
Оре, оре, ҷони худ дар тир кард, Ораш.
Кори садҳо сад ҳазорон теғаи шамшер кард Ораш!

Ва, ҳамчунон, дар сарчашмаҳо омадааст, ки Аҳурамаздо – Худои бузург ва фариштаи Бод (Войу) фармон дод то тирро нигаҳбон боша два аз осеб нигаҳ дорад. Тир аз бомдод то нимрӯз дар осмон мерафт ва аз кӯҳу дараву дашт то дар канори рӯди Ҷайҳун бар танаи дарахти чормағзе, ки бузургтар аз он набуд, нишаст.(«Ҷайҳун», яъне рӯди серобу пурталотум.Чуноне ки араб Нилро низ « Ҷайҳун» мехонд. Дар ин ҷо аслан дарёи Сир дар назар аст. Абӯалӣ ибни Сино низ пиромуни ривояти Ораш сухан гуфтааст, ки аз рӯи гуфтаи ӯ он тир бо шуои камони *ҳафтранги* осмонӣ омехта, то ба Сайҳун мерасад. Ҳаким Фирдавсӣ родмардии Орашро бо чунин суханони зебо сутудааст:

Бузургон, ки аз тухми Ораш буданд,
Далеру сабуксору саркаш буданд.

Дар бостон тоҷиктаборон рӯзи *чаҳордаҳуми* ин моҳро, ҳамчун Тиргон ҷашн мегирифтанд бад – он сабаб, ки он рӯз хабар оварданд, тири аз камон раҳокардаи Ораш дар фаросӯи Фарғона афтодааст.Мебояд ба ёд овард, ки мардумони деҳоти мо Ҷашни Тиргонро ба рӯзи *чиллаи тобистон*, рӯзи баромади ситораи аз ҳама равшан – Тиштар пайваста медонистанд. Номи «тиштар» дар байни мардум аз ривоҷ бозмондааст ва ҷои онро номи арабии Суҳайл гирифтааст. Дар кӯҳистон ин ситораҳо «*ситораи хунукак*» ном мебаранд, ки бо баромадани он, гарчи тасфи гармин рӯзҳо паст нашуда бошад ҳам, шабонгаҳон насими сард аз худ дарак медиҳад ва онро шаббода низ гӯянд. Дар миёни киштварзон ҳанӯз ҳам гоҳ-гоҳе истилоҳи «*шабдарав*» шунида мешавад, ки ишора ба дарави гандум дар шабҳои салқини маҳтобиро дорад. Мардум дар ин ҷо ҷашн бо *пошидани об* ба якдигар, орзуи борон ва дурӣ аз хушксолӣ мекунанд. Аз ёдҳо фаромӯш нашудааст, ки аз хӯрданиҳо ба гандуми нахӯди пухта ва бирён ишора карда мешуд. Дар ин маврид ривояте вуҷуд дорад, ки ба дастури шоҳаншоҳ Кайхусрав ин навъи хӯрокиро барои сарбозони ҷанг таҳия мекарданд; ба Кайхусрав хабар мерасонанд, ки барои сер кардани сарбозон аз хӯрока чизе дигар намондааст. Шоҳаншоҳ дастур медиҳад, ҳар чи аз зироат рӯи киштаҳо мондааст, бардошта рӯи това тафт додав а ҳар мевае баро дарахтон ҳаст, бо вучуди норас будан чида, шарбат таҳия намоянд. Шояд хӯрокҳои бисёр содаи миллии мо, чун *гандумбирён, нахӯдшӯрак, гандумҷӯш* аз он замон ба ёдгор монда бошанд.

Шоиста ба гуфтан аст, ҷашни тоҷикони бостон – Тиргон ҳоло низ дар рӯзгорони мо, ҳангоме ки хушксолӣ сайёраи Заминро таҳдид мекунад ҷойгоҳи худро гум накардааст. Ба пиндори мо ба Ҷашни Тиргон бо ёдоварӣ ва суннатҳои куҳан, ташаббусҳои беҳамтои Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар мавриди гиромидошту нигаҳбонии обҳои пок, мундариҷаву муҳтавои тоза метавон бахшид. Ногуфта нагузорем, дар замонҳои нав бо баҳонаи

ҷаҳонишавии ҷаҳон кӯшишҳое ба чашм мехӯранд, ки ҷашнҳои бегонагони аврупоӣ, чун Рӯзи *Валентин, Ҳеловен* ва монанди онҳо ҷои ҷашнҳои миллиро бигиранд. Гарчи худамон ба истилоҳи аврупоиҳо *карнавалҳое* дорем, ки агар фалсафаашонро ҳама бидонанд (*мутаассифона, ҳанӯз ҳам ба фалсафаи ҷашнҳову суннатҳо омиёна ва аз зовияи диди як шахси андакхонда баҳо дода мешавад),* метавонем бо ҷашнҳои бостониамон дар назди аврупоиҳо биболем[5,с.3].

Ҳамчун мутахассиси таърихи идҳо *пешниҳод* менамоям, ки ҷашнҳои таърихии мардуми шарқ-Иди *Тиргон* (21-22 июн) дарозии шаб то 8 соат кам, дарозии рӯз то 16-18 дароз мешаванд, Иди *Ялдо* (21-22 декабр) дарозии шаб то 18 соат дароз, дарозии рӯз то 8 кам мешаванд, Иди *Сада(30-31 январ)* қайд карда шаванд, ба ҳақиқат наздик мешаванд. Таҳлили таърихи ид, ҷашнҳои таърихӣ, мавсумӣ, асотирӣ, маросимӣ, анъанавӣ, тантанавӣ ва ғайраҳо ба ҳамин *таклиф* алоқаманд мебошанд. Мумкин ин таклиф аз тарафи мутахассисони соҳа гашта боргашта мавриди муҳокима мегарданд ва бо як хулосаи дуруст меоянд.

Хулоса, ҷашни Тиргон – ҷашни тобистонаи мардумони ориёӣ мебошад. Дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон идҳои қадимаи мардуми шарафманди шарқ, аз он ҷумла, халқи тоҷик - ҷашнҳои Наврӯз, Сада ва Мехргон қайд карда мешуданд[5,с.5]. Чашни фаромӯшшудаи Тиргон ду бора зинда шуда, аз нав дар шароити истиқлолияти кишвар васетар ва тантанавор баргузор мегардад. Оиди Тиргон дар Симпозиуми байналмилалии илмии «*Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз*» соли 2019 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишорат бар он намуданд, ки ҷашнҳои бостонӣ, аз ҷумла «*Тиргон (ҷашни қадимаи фасли тобистон)… дар марҳалаи таърихи навин нигоҳи тоза мехоҳад*».Ҳар як ҷашн ва идҳои тоҷикон аҳамияти таърихӣ дошта, муаррифкунандаи халқи тоҷик мебошанд.

Адабиёт:

1. «Бочу хироҷ» №11 (1418) 14 марти соли 2024.
2. Абурайҳон Берунӣ «Осор-ул-боқия».-Душанбе, 2023.
3. «Инсон ва табиат» №6 (163) июн-июли соси 2023.
4. Абурайҳон Берунӣ «Осор-ул-боқия».-Душанбе, 1990.
5. «Ҷумҳурият»№74 (23928), 16 апрели соли 2020.
6. Эркаев С.А.Идҳои мардумӣ-тантанаи созандагии халқи тоҷик.-Хуҷанд,2020.

ТАЪРИХИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

Эркаев Сафар Абдулхайрович *– иширокчии Иҷлосияи тақдирсози миллат ХУ1, дотсенти кафедраи Археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров», номзади илмҳои таърих, 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.*
(93) 9222253; E-mail: safar.erkaev@mail.ru
Шарофова Мунаввара – *дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

«*Мо ифтихор дорем, ки Тоҷикистон, барҳақ, ватани Наврӯз, Сада, Тиргон ва Мехргон аст. Ҳар кадоме аз ин ҷашнҳо таърихи беш аз 6000 – сола дора ва ин далел низ боиси ифтихори мост, ки Наврӯз бостонӣ имрӯз ҷашни ҷаҳонӣ гардидааст».* **Эмомалӣ Раҳмон**

Ҷашни Наврӯз – дар адабиётҳои таъризхӣ ҳамчун муждаи баҳор намуда, дар барои мазмун ва моҳияти ин ҷашни мардуми маълумотҳои мухтасар баён карда шудааст Дар сарчашмаҳои таърихӣ - асарҳои Абӯҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар –«*Таъриху-р-русул ва-л-мулук*», «*Зайну-л-ахбор*»-и Гардезӣ, «*Китоб-ут-тафҳим*» ва «*Осор-ул-боқия*»-и Абурайҳони Берунӣ, Ибни Асир дар «*Комилут-т-таворих*», Масъудӣ дар «*Муруҷу-з-заҳаб*», Фирдавсӣ дар «*Шоҳнома*», Кисравӣ дар «*Ал-маҳосин вал аздод»,* Ҳофиз Шерозӣ «*Девонҳо*», дар асарҳои «*Авасто*», «*Динкарт*», «*Бундпаҳишт*», «*Бурҳони қотеъ*», Имом ат-Термизӣ дар «*Наврӯзнома*», «*Ал-аҳодис ан-наврӯзия*», Страбон, Е.С.Бертелс, Маҳмуд Қашқарӣ дар «*Девони луғати турк*», Юсуф Хос Хоҷиб «Қутатғу билиг», Абӯбакри Наршахӣ дар «*Таърихи Бухоро*», «*Наврӯзнома*»-и Умари Хайём, асари Абӯалии Балъамӣ ва ғайраҳо маълумоти мухтасар баён карда шудааст. Наврӯз оини ҷавонмардӣ ва хайру эҳсон». [1,с.46]. Дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд карда шудааст, ки иди Наврӯз ҷашни оғози баҳор ва соли нави мардуми форсутоҷик мебошад.

Наврӯз дар луғатҳо ба маънои рӯзи нав ва тоза, рӯзи нахустин, аввали рӯзҳои сол, яъне, рӯзе, ки соли нав аз он оғоз мегардад, омадааст. Дар ин маврид Абӯрайҳони Берунӣ – донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби машҳури худ «Осор-ул-боқия» аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст: «*Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст*» ва дар китобаш «Ал-тафҳим» менигорад, ки «*нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро оғози соли нав аст*». Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои нашр шудани оиди идҳои халқи тоҷик Асосгузори ваҳдати миллӣ- пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як чанд бор қаёд карданд: «*Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд дода истодаем, ки «Шашмақом», «Фалак», Наврӯз, Тирғон, Меҳргон ва Сада аз ҷумлаи онҳо мебошад*»- Эмомалӣ Раҳмон[2,с.3].Ёдовар мешавем, ки соли 2019 дар мувофиқа бо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Соли нави миллӣ тасдиқ гардид. Дар асоси хулосаи донишмандону мардумшиносон, фолклоршиносони тоҷик ва дигар олимони ҳавзаи Наврӯз аз байни рамзҳои наврӯзӣ, ки аз гулҳои бойчечак, сиёҳгӯш, лола, гули зард, шохи дарахти ғунчадор ва парандаҳои асотирии симурғу парасту иборат буданд, суманак ва гули наврӯзӣ ҳамчун рамзи истиқболи Ҷашни байналмилалии Наврӯз, Соли нави миллӣ ва пайки омад-омади баҳори файзбор дар ҷумҳурӣ қабул гардид[3,с.16]. Дар ҷашни Наврӯз ва оинҳову суннатҳои марбути он ранги сафед аҳамияти бештар доштааст.

Мардуми шарқ-тоҷик дар гузашта ранги сафедро ҳамчун *рамзи покиву беолоиш, сулҳу оромиш, осмони соф ва кушоиши кор* шуморида, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хона ба он афзалият медоданд. Деври хонаҳоро қабл аз фарорасии соли нав сафед мекарданд, ҳангоми табдили сол либосҳои сафед ва бар мекарданд. Рӯи суфраи Наврӯзи шакар, шир, ҷурғот ва хӯрокҳои аз ширу биринҷ пухта мегузоштанд. Аз маълумотҳои гирдовардаи мардумшиносону муаррихон ва пажӯҳишҳои муҳаққиқони фолклор бармеояд вам о аз ьисёр тавсирҳои мардумшиносӣ ва фолкулории пажуҳишгароне, ки роҷеъ ба Наврӯз ва расму одатҳои марбути он китобу мақолаҳо таълиф кардаанд, шоҳиди он мешавем, ки то ба ин рӯз ранги сафед яке аз муҳимтарин рангҳои рамзомези ин ҷашн мебошад. Солномаи ниёгон. [4,с.8].Вожаи Наврӯз аз забони қадимаи паҳлавии «нук-нуҷ» ё «нук-рӯз», дар забони муосири тоҷикӣ аз ду калима «нав ва рӯз» таркиб ёфта, маънои рӯзи навро ифода мекунад.

Дар забони арабӣ бошад бо номи «най-рӯз» зикр гардидааст. Дар ҳар маврид моҳияти вожаи Наврӯз дорои як маъно-рӯзи нав, яъне нахустин рӯз аз моҳи аввали солшумории хуршедӣ ва оғози фасли баҳор мебошад. Дар хусуси пайдош, ташаккул ва таҷлили ҷашни аҷдодии тоҷикон Наврӯзи хуҷастапай дар манобеи таърихии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ маълумотҳои арзишманде ба мушоҳида мерасанд. Андешаҳои арзишманде миёни ақвоми эронӣ, мусулмон ва пайравони адёни дигар аз қабили яҳудӣ ва насронӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ба пайдоиш ва шаклгирии наврӯз ҳамбастагии зич дорад. Наврӯз – азизтарин ҷашни миллӣ. Тоҷикистон-Ватани Наврӯз аст[5,с.9]. Абӯалии Балъамӣ ҷашн гирифтани Наврӯзро аз ҷониби Ҷамшед чунин инъикос кардааст: *«Ва чунин рӯзе. Ки ба подшоҳӣ расид рӯзи ҳурмузд буд аз фарвардин. Пас он рӯз Наврӯз кардан два то кунун суннат гашт. Ва ҳафтсад сол бинщаст, ки андар ин рӯзгор рӯзе дарди сараш нахост ва душмане бар вай берун наёмад ва ранҷе ва ғаме надид*».

Мутафаккири варзидаи шарқ Абӯҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар асари «Таърихур-русул ва-л-мулук» ин масъаларо равшану возеҳ шарҳ додаст: - «*Ҷамшед бифармуд, то чарҳе аз обгина барои ӯ бисозанд ва шаётинро дар он ҷой до два бар он нишаст ва дар ҳаво аз шаҳри хеш аз Данбовард (Дамованд) то Бобул ба як рӯз рафт ва он рӯз ҳурмузрӯзи фарвардинмоҳ буд ва мардум аз ин ширифтӣ, ки диданд Наврӯз гирифтанд. Ва бигуфт. То ин рӯз ва панҷрӯзи дунболи онро ид гиранд ва шодӣ ва хушӣ кунанд ва ба рӯзи шашум, ки мурдодрӯз буд, зимни мактубые ба мардум хабар дод, ки чун Худованд равиши вайро дар подшоҳӣ писандида, подоши вай ин шуда, ки мардум аз гармо ва сармо ва беморӣ ва пирӣ ва ҳасад барканор шудаанд ва мардум аз паси сесаду шонздаҳ сол, ки аз подшоҳии вай гузашта буд ба сар карданд, ки аз ин балиёт ба дур буданд…. Гёяд, ҳама маликии Ҷам аз оғози шоҳӣ то вақте, ки кушта шуд, ҳафсаду нуздаҳ сол буд*». Ин маълумоти Табарӣ нисбати ҳамаи сарчашмаҳои таърихӣ ягона буда, танҳо маълумоти «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ ба таҷлили Наврӯз монандӣ дорад. Дар баъзе маъхазҳои таърихӣ омадааст, ки чун

Заҳҳок Ҷамшедро азл кард ва подшоҳиро аз ӯ гирифт, машаққати зиёд кард ва чун Фаридун пас аз нӯҳсад сол бар ӯ ғолиб омад.

Мардум ин рӯзро ин гифтанд ва Наврӯз хонданд.Ибни Асир дар «Комилут-т-таворих» овардааст, ки «*бархе аз эрониён гумон мебаранд. Фаридун Ожидаҳок (Зарҳҳок)-ро, ки сахтӣ ва машаққати зиёд овард, дар рӯзи Наврӯз кушт ва аз ин рӯ эрониён гуфтанд «наврӯз омад», яъне ин ки рӯз ва рӯзгори навинро оғоз уврдем. Инон ин рӯзро ҷашн гирифтанд*». Аммо Масъудӣ дар «Муруҷу-з-заҳаб» меорад, ки: -«*Фаридун рӯзи банд кардани Заҳҳокро ид гирифт ва онро Меҳргон номид*".

Таърихшиноси давраи Сомониён Абӯбакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» Наврӯзро ҳамчун оғози соли суғдӣ ва оғози соли деҳқонону кишоварзон меҳисобад.- «*Наврӯз соли ҷадиди муғон, эҳтимолан дар тақвимҳои форсӣ ва сӯғдӣ яке буда, ва баъд ба муддати панҷ рӯз тафовут пайдо кардааст, соли ҷадиди даҳоқин рӯзи аввали фарвардин ва соли ҷадид муғон рӯзи шашум мебошад*». Яъне Наврӯз дар замони Сомониён ба аввали фарвардин рӯзит 21-уми март ҳамчун рӯзи оғози соли деҳқонон маънидод мешавад, ки аз наврӯзи муғон, ки ба рӯзи шашуми фарвардин рост меомад аз наврӯзи аввал бо хусусиятҳои мазҳабиву ақидавии худ фарқ мекард. Наврӯзро мизони тарозӯи сол меноманд, зеро он ҳангоме фаро мерасад ва замоне ҷашн гирифта мешавад, ки соатҳои шабу рӯз баробар мегарданд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ, асарҳои характери таърихнигорӣ дошта, саҳифаҳои матбуоти даврӣ дар бораи таҷлили ҷашни Наврӯз дар акси олам маълумотҳои гуногун баён карда шудааст.

Дар таърихи халқҳои шарқ мардуми Афғонистон, хосатан сокинони Балх ном шаҳри бомтонии он наврӯзро, ки бо номи «Гули сурх» низ машҳур аст, 40 рӯз ҷашн мегиранд. Дар Озарбойҷон Наврӯзро се рӯз- аз 20 то 23 март ҷашн мегиранд. Оростани дастурхони наврӯзӣ дар ин ҷо ҳатмист. «Бирав, бирав» суруи машҳури озариҳо мебошад, зеро моҳ бояд ҳарчӣ зудтар биравад ва офтоб барояду муждаи рӯзи нав – Наврӯзро бидиҳад. Дар Эрони бостони бошад, Наврӯз 13 рӯз идома меёбад. Соли нави шамсӣ ҳам ҳамин рӯз оғоз мегирад. Рӯзи нахустини Наврӯзро лар Покистон «Олами рӯшноӣ» меноманд. Дар ин Сарзамин Наврӯз бо ду ном шӯҳрат дорад. «Ҷашни Гули сурх» ва «Иди Наврӯз». Дар Қирғизистон Наврӯз ҳамагӣ як рӯз таҷлил мегардад: аз субҳ то шом ва расм будааст, ки бо либосҳои милливу силоҳҳои қадима дар ҷашн ширкат биварзанд. Дар Туркманистон Наврӯз 20-уми март таҷлил карда мешавад. Қазоқҳо Наврӯзро 22 март ҷашн мегиранд. Ба идгоҳ мардум бо либосҳои милӣ мераванд. Аз рӯи расму оин суманакро дар ҳарф зарфи сафед ба ҷашнгирандагон пешкаш менамоянд.

Дар Тоҷикистони офтобрӯяи мо,Ҷашни байналмилалии Наврӯз аз 21 то 24-уми март ба таври тантанавӣ ва шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил карда мешавад. Дар сарчашмаҳои таъритхӣ Парасту ва хосияти он бо баҳор ҳам маълумотҳо оварду шудааст. Дар байни парандаҳо парасту тезпар аст. Дар як соат то 200 км парвоз мекугад. Олимон исбот кардаанд, ки дар дунё 79 намуди парасту умр ба сар мебаранд, ки 7 намуди он дар Тоҷикистон низ ба қайд гирифта шудааст.Парасту ҳамагӣ 9-10 сол умр мебинад ва ҳар сол нахустин шуда, муждаи баҳорро маҳз он ба мо мерасонад.Аксар парастуҳо дигар ба кишварҳи ҳамсоя кӯч намебанданд. Басо рамзист, ки парастуҳои даҳсола охири фасли баҳор мемиранд.Ана, ҳамин тавр дар баҳор тавлид шудан, бо баҳор зистан ва баробари рафтани он тарки ин дунё намудан фақат хоси парстуҳо мебошад [6,с.4].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ баён карда шудааст, ки мазмуни ҷашни Наврӯз-пайки шодиву сурур, шукуфоиву зебоӣ, паёми эҳёи табиат, Наврӯзи тоҷикону ҳам иди тоҷикона, Наврӯз бо паёмҳои нек омад, Шогун баҳор муборак! Суманак – рамзи баҳору сулҳ (си малак, симанак, суманак, сумбалак, сумалак ва ғайраҳо). Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои ҷаҳон аст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ беш аз 5000 сол боз онро ҷашн мегиранд.

Агар дар рӯзи иди Наврӯз барф борад, фоли нек ҳисобида мешавад.Мардуми Шарқ омадани баҳорро вобаста ба маҳалли ҷуғрофии худ дар моҳҳои *феврал, март ё аввали апрел* бономҳои гуногун ҷашн мегиранд.Наврӯзро дар Эрон, Афғонистон, Осиёи Марказӣ, Покистон ва Кавказ рӯзи якуми моҳи фарвардин, мутобиқ ба 20-22 марти солшумории мелодӣ ҷашн мегиранд. Дар Қозоқистон номидуюми ин ҷашн вучуд дорад - Уластин Улй, ки маънояш «*Рӯзи бузургбарои тамоми мардум*» аст.Агар дар иди Наврӯз *барф* борад, фоли нек ҳисобида мешавад. Дар Тоҷористон мардум фарорасии баҳорро бо номи «Сабантӯй» истиқбол мегиранд.

Таърихи ҷашни Наврӯз дар сарсашмаҳои таърихи анъанаҳои ин суннати қадимаи халқи тоҷик ҳаматарафа таҳдид карда шудааст. Яке аз анъанаҳои Наврӯз ҳафтсин мебошад. *Ҳафтсин* ҳафт анвоест, ки онҳо бо ҳарфи с(син) сар мешавад: 1.Сир - рамзи саломатӣ. 2. Себ - рамзи зебоӣ ва тандурустӣ. 3.Себарга - рамзи сабзиши табиат. 4.Санҷид - рамзи ошиқӣ. 5.Сирко

- рамзи пуртоқатӣ ва хирадмандӣ.6.Суманак - рамзи муҳаббат ва боварӣ. 7.Сипанд - рамзи солимӣ ва давобахшӣ [7,с.24]. Наврӯз яке аз қадимтарини идҳои ориёист. Ривоятаст, ки ин ҷашнро Ҷамшед асос гузоштааст. Ин ҷашн дар моҳи аввали баҳор, ки Фарвардин ном дорад, баргузор мешавад. Дар ин рӯз офтоб ба хатиустувор меояд ва шабу рӯз баробар мешавад. Рӯзи якуми Фарвардинро рӯзи якуми баҳор – *саршавии киштукор, бедоршавии табиат, олами наботот, такмили дунёи н*ав меонистанд. Дартарҳони Наврӯзи ғанитарин дастарҳони идҳо буд. Дар он гул, ширинӣ, шарбат, май, нон, мевачот мугузоранд.

Рақами 7 дар урфияти гузоштагон бузург буд ва ба ин хотир дастарҳони 7-син меоростанд, аз қабили себ, санҷид, сирко, сим, сабза, сабзӣ, ки ишора ба ҳафт амшосипандон – фариштагони бузург аст. Дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд шудааст, ки дар давраи қадим ҷашни Наврӯз як моҳ - 30 рӯз давом мекардааст. Дар панҷ рӯзи *аввали* Наврӯз қабристонҳоро пок мекарданд, даронҳо қурбониҳо менамуданд. Ривоят аст, ки дар ин рӯзҳо арвоҳи гузаштагон аз осмон ба замин меоянд, аз кору бори авлоди худ огоҳ мешаванд ва барои он, ки онҳоро фаромӯш накарданд, изҳори қаноат менамоянд ва ба авлоди худ кӯмак мекунанд. Панҷ рӯзи *дуюмро* мардуми шаҳру деҳот бо тӯю тамошо ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ мебахшиданд. Панҷ рӯзи *сеюмро* мардум дар дарбори шоҳҳо ботантана ҷашн мегирифтанд ва боқимонда 15 рӯзи дигарро дар саҳро ба сайри наврӯзи мебахшиданд. Аз тарафи дигар, калимаҳои *«шамъ», «шароб» ва «шарбат»* ҳарсе арабӣ мебошанд ва то тасаллути арабҳо ин калимаҳо дар байни эрониён риоҷ набуданд. Эрониён *шаробро* «май» ва «бода» меномиданд, шамъро «чароғ»мегуфтанд. Ҳатто ҳарфи «*шин*» ҳам арабӣ аст.

Таъбири «ҳафт син» пас аз куҷо сарчашма мегирад? Ин расм дар оғоз тақрибан чунин буда, ки дар ҳафт табақ хӯришу ашёи рамзӣ гирифта, дар суфраи наврӯзӣ мегузоштаанд. Шумораи «ҳафт» дар фарҳанги мардуми эронитабор муқаддас ва серистеъмол аст. Доир ба пайдоиши он ривоятҳои гуногун мавҷуданд, аммо андешаи ба ҳақиқат наздиктар дар мавриди «ҳафт син» ин аст, ки адади ҳафт аз ҷамъи Аҳура Маздо ва шаш амшоспандон –эзадон ё фариштаҳои соҳибмақоми зардуштӣ ба вуҷуд омадааст. Маҳз дар айёми Наврӯз барои ин ҳафт нафар дар ҳафт табақ ғозову ашёи рамзӣ гирифта дар сурфа мегузоштанд. Масалан, дар як табақча тухми мурғ мегузоштанд, ки рамзи *офариниш* ба шумор мерафт. Дар косае шир мегиританд ва он ҳамчун *ифодакунандаи покманишӣ ва бегуноҳӣ* марбут ба эзиди *Баҳман* буд Табақи сабзаро ба хотири эзиди Урдибиҳишт, ки *нигаҳбони гиёҳу маргзорон* буд, мениҳоданд. Ё худ барои *Шаҳривар*, ки эзиди *нигаҳбону ҳомии маъдану физилот* буд, дар табақе чанд сиккаи нукрагин мегузоштанд. Испандро намоде аз *Спандармад* (Исфанд) мешумурданд ва ғайра.

Дар давраи қадим эрониён табақро «синӣ» меноманд, ки муарраби «чинӣ» аст, яъне лаълие, ки аз Чин оварданд, ё ба тарзи чинӣ сохта шудааст. Ба гумониағлаб, таъбири «ҳафт син» бояд аз ҳамин ҳафт синӣ, яъне ҳафт табақ гирифта шуда бошад. Ибораи «ҳафт шин» ва гузоштани неъматҳо бо ҳарфи «ш» баъдтар дар пайравии «ҳафт син» ба вуҷуд омадааст. Суфраҳои Наврӯзӣ, шумораи ҳафт ҳамчун миқдори муқаррарии ашё ва ё ғизо (ҳафт гулу гиёҳ ва сабза, ҳафт хӯша ё донаи аз ҳубубиёти мухталиф), каме қанд, ҳафт сиккаи сафеди нукра, як шоҳаи гули судоб, дар дохили ҳафт табақи сафолии сафед, ки ба тарзи зибое чида шуда бо ҳафт шоха аз дарахтони анор, биҳӣ, бодом, булут, зайтун вас еб тазйин менамуданд. Ҳафт сиккаи тилло, шамъ, миқдоре шири тоза дӯшидашуда, нони кумоч, ҳафт куочаи таҳияшуда аз бодому чормағз ва кунҷид, тухм, асал ва ҳафт ҷоми сафед, ки дохили ҳар яке ширу асалу об ва чанд қатра гулоб рехта шуда буд, дар сари суфраи идона қарор меоданд [8,с.17].

Дар сарчашмаҳои таърихи оиди Наврӯз маълумотҳои ҷолиб бисёранд: 1.«Наврӯз- рӯзи аввали моҳи фарардин, ки расидани офтоб аст бануқтаи аввали Ҳамал».-«*Гиёс-ул-луғот*». 2.«Сабаби ном ниҳодани Наврӯз аз он будааст, ки офтоб дар сесаду шасту панҷ шабонарӯз ба руъи аввали дақиқаи ҳамал боз ояд ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, рӯзинав номид ва ҷашн ойин овард».- «*Наврӯзнома*»-и Умари Хайём. 3. «Ва чанде аз ҳашвия мегӯянд, ки чун Сулаймон бинни Довуд ангуштарии хешро гум кард, салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Вале, пас аз чил рӯз бори дигар ангуштарии худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ бар ӯ баргашт ва мурғон бар даври ӯ гирд омаданд, эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!».- «*Осор-ул-боқия*»- Берунӣ.4. «Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро сари сол боша два шаб ба рӯз баробар шавад ва сояҳо аз деворҳо бигзарад».- «*Зайн – ул- ахбор*».5. «Нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ ва з-ин ҷиҳат рӯзи ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст».- *«Китоб – ут – тафҳим»* [9,с.1]. Хулоса, таърихи ҷашни байналмилалии

Наврӯз дар сарчашмаҳои таърихӣ пурра баён карда шудааст ва он дар омӯзиш, таҳлили таърихи тамаддунсози халқи тоҷик аҳамияти таърихӣ – умумиҷаҳонӣ ва илмӣ доранд.

Адабиёт:

1.Эркаев С.А. Наврӯзи оламафрӯз.-Хуҷанд: 2020.
2. «Народная газета» № 50 (20331) 22 декабря 2021 года.
3. «Қонун ва ҷомеа» №11 (722), 18.03.2023.
4. «Боҷу хироҷ». № 11 (1264) 18 марти соли 2021.
5. «Боҷу хироҷ». № 11 (1264) 18 марти соли 2021.№ 11 (1315) 17.03.2022
6. «Тирози ҷаҳон № 25(2932), 20.03.2021.
7. «Боҷу хироҷ»№11-12(1367),16.03.2023.
8. «Боҷу хироҷ»№11-12(1367),16.03.2023.
9. «Дурахшандагон» №6(166),18.03.2023.

ИНЪИКОСИ ҲАРАКАТИ МАЗДАК ДАР АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Шарипов Маликшо *– номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна *– ассистенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «Маздак дар таърихи мардуми форсизабон яке аз чеҳраҳои дурахшоне мебошад, ки номи худро дар саҳифаҳои ҳаракати озодфикрии ҷаҳон ба таври абадӣ сабт кардааст»[1].

Ҳаракат ё шӯриши Маздак дар соли 494 дар замони ҳукмронии Қубодшоҳ, (488-531), дар шароите пайдо шуд, ки зулм ва истисмори феодалони навбаромад, бар болои деҳқонон хеле афзуд. Ҳамаи харачоти ҷангҳо, маоши ҳукумат, қӯшун, ашрофони муфтхӯр ва руҳониёни зардуштӣ ба сари деҳқононе, ки ба заминҳои амалдорон вобаста карда шуда буданд, меафтад.

Қаҳтии ҳафтсола ва ғалларо пинҳон кардани заминдорони калон баҳонаи шуриш гардид. Истисморгарон ба сари халқ гуруснагӣ ва қаҳтиро оварданд. Аз ин сабаб мардуми ба дод омада ба таълимоти Маздак, ки баробар будани тамоми одамонро тарғиб мекард, пайравӣ намудаанд. Таълиноти Маздак дар зери ғояҳои динии муборизаи некӣ ва баъдӣ мегузашт.[2]

Маздак дар таълимоти хеш дар бораи барҳам задани нобаробарии иқтисодии ҷамъиятӣ, умумӣ кардани молу мулк ва барҳам задани имтиёзи табақавии ашрофон ва ҳокимонро талаб мекард. Баробари ин ӯ пешниҳод карда буд, ки занон аз ҳарамхонаи бойҳо бароварда шуда, ба одатҳои бисёрзанагӣ хотима дода шаванд. Бо ин усул хонадоршавии камбағалонро низ ӯ нишон дода буд.

Дар натиҷаи пурзӯр шудани таъсири сохти навтавлиди феодалӣ деҳқонон сахт истисмор карда мешуданд. Онҳо мехостанд, ки ба ҳаёти ҷамъияти пешинаи озоди худ, ки баробариашонро талқин мекард, баргашта, зиндагӣ кунанд. Аз ин рӯ, онҳо гурӯҳ - гурӯҳ ба таълимоти Маздак пайравӣ намуданд. Маздак бошад тарафи гуруснагонро гирифта, ба подшоҳ Қубодшоҳ маслиҳат медод, ки дари анборҳои ғалларо ба рӯи гуруснагон боз кунад.

Ҳаракати Маздак боиси он гардид, ки дар пойтахти Эрон гуруснагон ба издиҳом ҳамроҳ гашта, анборҳои ғаллаи бою ашрофонро талаву тороҷ намудаанд. Баъди он дар мудати хеле кӯтоҳ ҳаракат тамоми мамлакатро фаро гирифт. Кор ба ҷое расид, ки Маздак молу мулки бойҳоро дар байни камбағалон тақсим кард. Бисёре аз заминдорони калону бойҳои Сосонӣ кушта шуда, қисми ба мамлакатҳои ҳамсоя фирорӣ шуданд. Ҳаракати Маздак салтанати ашрофон ва давлатмандони Сосониро ба ларза оварад.[3]

[1] Эмомалии Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе; «Эр- граф», 2016. – С.114
[2] Абдусаттор Мухторов., Асламшоҳ Раҳматуллоев. Таърихи халқи тоҷик, ҷилди аввал, Москва – 2022. –С. 78
[3] Ҳамон ҷо. –С 79.

Ашрофони заминдору бойи Сосонӣ ба таълимоти Маздак розӣ шуда наметавонистанд. Аз ин рӯ, онҳо роҳи барҳам задани онро меҷустанд.

Пешвои миллат менависад, ки «Ҳаракати Маздакия, ки дар охири садаи V ва аввали садаи VI империяи бузурги Сосониро ба ларза дароварда, подшоҳони гирду атроф, аз ҷумла, Руму Юнонро ба воҳима андохта буд, аввалин ҳаракати васли иҷтимоию динӣ ва ҳатто мардумӣ мебошад, ки проблемаи нобаробарии иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли онро дар миён гузошт ва барои ҳалли он амалан талош намуд.[1]»

Дар навбати худ барои мустаҳкам намудани мавқеи ҳукумат Қубодшоҳ ночор худро пайрави Маздак эълон намуд. Сабаби ин ақидаро пеш гирифтани Қубодшоҳро муаррихон ҳар хел маънидод мекунад. Аммо ҳақиқати ҳол дар он зикр меёбад, ки Қубодшоҳ барои истифода бурдани вақт ва суст намудани таъсири заминдорони калон, ашрофону бойҳои форс маҷбуран ба ин таълимот пайравӣ намудааст.

Аммо айёну ашрофон забон як намуда, соли 496 Қубодшоҳро аз тахт вожгун намуда, ӯро ҳабс карданд. Қубодшоҳ баъди чанде бо ҳилаву найранг аз ҳабс гурехта, назди подшоҳи Ҳайтолиён, ки ба ӯ домод буд, рафт. Вай бо ёрии лашкари Ҳайтолиён соли 499 ба мулки худ баргашт. Дар аввал ӯ зидди аёну ашрофи форс мубориза бурд. Пас аз он сӯйқасди пинҳонии маздакиёнро сар кард. Вай соли 524 Маздак ва ҳазорон нафар пайравонашро бо қувваи лашкар ваҳшиёна ба қатл расонд. Дар мамлакат куштор оғоз ёфта, боқимонда тарафдорони ҳаракат ба пинҳонкорӣ гузаштанд.

Сабаби асосии шикасти ҳаракати Маздак дар он буд, ки ба муқобилияти сохти заминдорони калону феодалони навбаромад шӯришгарон истодагарӣ карда натавонистаанд. Сабаби дигари шикастаро дар он ҷустан мумкин аст, ки тарафдорони ақидаи Маздак оммаро ба ҷамъияти ибтидоӣ даъват мекарданд, ки ин назария танҳо барои камбағалон хос буду халос.

Аммо дар замони худ ҳаракати Маздак аҳамияти калону пешқадам дошт, ки оммаи бенаворо ба муборизаи зидди синфҳои доро – айёну ашрофон равона карда буд. Баробари ин ҳаракати Маздак рафти ташкилёбии форматсияи феодалиро дар Осиёи Миёна хеле тезонид. Дере нагузашта писари Қубодшоҳ Хусрави Анӯшервон (531-579), ки душмани қатъии Маздакиён буд, дар Эрон чандин ислоҳот гузаронида, бо ҳамин инкишофи муносибатҳои феодалиро боз ҳам мустаҳкам кард.

Хулоса, «бо ибораи дигар, таълимоти Маздак ва татбиқи амалии он замон тӯлоние идома пайдо карда, дар таърих ва зиндагии мардуми империяи Сосонӣ ва мардуми ҷаҳон осор ва хотираҳои фаровон боқӣ гузошт. Пирузии ин ҳаракат бо ҳамлаи арабҳо бештар гардида, заминаи муборизаҳои озодихоҳонаи мардуми ориёӣ ва сарчашма дар дини ислом падидор гардидани даҳҳо фирқаҳои оппозитсионӣ шуд.[2]

Адабиёт:

1. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оина таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, «Ирфон»; 2019.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Душанбе, 1997.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе, «Эр - граф», 2006.
4. Мухторов А., Раҳматуллоев А. Таърихи хлқи тоҷик. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди аввал. (таърихи қадимтарин, қадима ва асрҳои миёна). Москва.- 2002
5. Балъамӣ А. Таърихи табарӣ.- Душанбе, 1992.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Душанбе, 2008.
7. Набиева Р., Зикриёев Ф. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2001
8. Неъматов Н. Н., Амиршоҳӣ Н., Мирбобоев А. К., Пирумшоев Ҳ. Таърихи халқи тоҷик. Хуҷанд: Нашр, 2008.

[1] Эмомалии Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе; «Эр- граф». 2016. – С. 115

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбн, «Эр-граф», 2016. – С .128.

МАРК АВРЕЛИЙ КАР ВА ЮРИШИ Ӯ БАР ЗИДДИ СОСОНИЁН

Мирзоев Фарҳод Абдураҳмонович *– муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Раҳимзода Дилноза Мирзораҳим *– н.и.т., дотсенти калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ.*

Маркус Аврелий дар ибтидои соли 283 бо ҳамроҳии Нумериан музофотҳои Фракия ва Осиёи хурдро гузашта, ба самти Шарқ ба сарҳади Сосониён ҳаракат намуд, то ҷангро бо форсҳо, ки Пробус оғоз намуда буд, ба анҷом расонад. Марк Аврелий Кар мақсади ҳокимияти худро дар торумори давлати Сосонӣ ва ба империяи Рим баргардонидани Байнаннаҳрайн эълон намуд.[1. С. 157] Юриш ба Форс ҳанӯз дар замони ҳукумронии император Аврелиан ба нақша гирифта, аммо онро ӯ ба анҷом расонида натавонист, зеро дар роҳ ба самти Шарқ император ба қатл расонида шуд. Пробус бошад орзуи баргардонидани музофотҳои аз даст рафтаро дошт, вале вақт фурсат надод. Танҳо ба Аврелий Кар имконият фароҳам омад, ки бар зидди Сосониён лашкар кашад. Вазифаи дар назди Аврелий Кар истодаро, яъне ишғоли Байнаннаҳрайнро бенизомии дар давлати Сосонӣ дар замони ҳукумронии Баҳроми 2 ба миён овард.[1. С. 173] Бар зидди Баҳроми 2 бародараш Ҳурмуз, ки кушиши таъсиси давлати мустақилро дар қисмати шарқии давлат дошт, баромад намуда буд.

Баҳроми 2 дар бораи нақшаҳои римиҳо фаҳмида кӯшиш намуд, ки бо роҳи гуфтушунид онҳоро боз доранд, зеро шоҳи Сосонӣ имконияти бурдани ҷангро дар ду ҷабҳа надошт. Ба ибораи дигар, шароити Марк Аврелий Кар дар ин давра барои ишғоли Байнаннаҳрайн мусоид буд. Ӯ ба пирӯзии ниҳоӣ боварӣ дошт. Аз рӯи маълумоти Сидоний Аполлинарий артиши Рим зери фармондеҳии Аврелиан Кар ва Нумериан ба ҳудуди давлати сосонӣ ба воситаи Арманистон ворид гардидааст.[4. С. 342] Ӯ ба Арманистон ҳучум карда, онро ба зудӣ ба даст овард. Баъдтар Аврелиан Кар ба тавассути дарёи Фурот ба Байнаннаҳрайн ҳаракат намуда дар роҳи худ ба ягон муқовимат дучор нагардид. Дар ин вақт ба мушкилоти дохилии давлат Баҳроми 2 имконият надошт, ки бар зидди римиҳо мубориза барад.[3.] Император Тайсафун ва баъдтар шаҳри Селевкияро ба даст овард. Дар воқеъ, ин юриш бо ба даст овардани ғаниматҳои зиёд, қатлу ғорат ва ишғол намудани Тайсафун анҷом ёфт. Баъди ин Аврелий Кар ва писарони ӯ ба худ унвони Шоҳаншоҳи бузургро гирифтанд.[3.] Аврелий Кар ва Нумериан дар Шарқ сиккаҳоро бо навиштаҷоти (adventus-омадан) зарб заданд.[2. С. 110]

Аммо Марк Аврелий Кар мехост, ки аз мавриди ноқуллайи Баҳроми II бештар истифода намояд. Римиҳо ба нақша гирифтанд, ки бо ҳарифи Баҳроми 2 Ҳурмуз иттифоқ банданд.[2. С. 115] Аммо дар замони авҷи юриши худ ба Форс Аврелий Кар дар охири июл ё аввали августи соли 283 дар хаймаи ҳарбии худ вафот намуд, ки то охир сабаби марги ӯ номаълум боқӣ монд.[3.] Сарчашмаҳои қадим қайд намудаанд, ки Марк Аврелий Кар аз сабаби беморӣ фавтидааст.[5. С. 164] Якқатор мутахассисони имрӯзаи соҳа бар он ақидаанд, ки Марк Аврелий Кар аз тарафи префект Аррия Апр ба қатл расонида шудааст. Ҳамин тавр, юриши ӯ ном ҷамъбаст гардид.

Адабиёт:

1. Гиббон Э. История упадка и разрушения Римской империи. Том 2. Глава 12. - Нью-Йорк: Фред де Фау и компания, 1930.
2. Грант М. Римские императоры. Биографический справочник правителей Римской империи — М.: ТЕРРА — Книжный клуб, 1998. С. 110.
3. Ледбеттер У. Кар (282—283 гг. н.э.) (англ.). Интернет-энциклопедия римских императоров. Санаи ворид: 12 -04-2024.
4. Ешевский С.В. Аполлинарий Сидоний, эпизод из литературной и политической истории Галлии V века. Часть третья. М., 1870.
5. Кондратьева С. П. «Вестнике древней истории» (биографии Кара, Карина и Нумериана) — в № 1 за 1960. С. 164.

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ШАҲР ВА ШАҲРСОЗИИ ЗАМОНИ СОСОНИЁН ДАР АДАБИЁТИ ТАЪРИХӢ

Наҷмуддинзода Толибшоҳ Ашур- *номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
Исломов Фахриддин Шамсидинович- *ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
Исмоилов Асрор *– муаллими калони кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Масъалаи шарҳсозӣ дар замони Сосониён аз ҷониби як қатор муҳаққиқон омӯхта шудааст. Аз ҷумла дар омӯзиши фарҳанги замони Сосониён нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело бузург мебошад [14, с. 228; 15, с. 370]. Дар асарҳои хеш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита перомуни вазъи шаҳру шаҳрдорӣ ва махсусан нақши муассиси давлати Сосониён ва вориси ӯ Шопури II дар сохмони шаҳрҳои нав маълумот медиҳад. Таҳқиқи масъалаи мазкур аз мади назари академик Б. Ғафуров дур намонда, ӯ вазъи фарҳангии мулкҳои Осиёи Миёна, инчунин вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрҳои минтақаро дар асрҳои III-VII ба сарчашмаҳои антиқа, ёдгориҳои бостонӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони варзидаи сатҳи ҷаҳонӣ такя намуда, фикру андешаҳои худро пешниҳод намудааст. [15, с. 976]. Инчунин зарур аст, ки аз хизматҳои Н.В. Пигулевская ёдрас шуд. Зеро мазкура дар асарҳои хеш оид ба таърихи фарҳанги Сосониён маълумоти илмиро овардааст [7, с. 390; 8; 9, с. 363; 10, с. 98; 11, с. 188].

Муҳаққиқи дигари шуравӣ В.Г. Луконин [3, с. 244; 6, с. 297; 3; 5] ба ташаккули давлатдории эронинажодон хусусан таърих, фарҳангу дини Сосониён аҳамият додааст.

Н.В. Пигулевская қайд мекунад, ки сарчашмаҳои гуногун, аз қабилӣ арманӣ, румӣ атрофи бунёди шаҳрҳои нав аз ҷониби Ардашер, Шопури I ва Шопури II маълумот медиҳанд.

Мусаллам аст, ки намояндагони хонадони Сосониён як қатор шаҳрҳои ободу зеборо бунёд намуданд. Н.В. Пигулевская қайд менамояд, ки дар сиёсат ва фаъолияти Ардашери I ҳамчун шоҳанҳоҳи Сосонӣ шаҳрсозӣ ҷойгоҳи махсусро касб намуда буд. Сабаби бунёди шаҳрҳои нав дар нимаи аввали қарни 111 ин рушди иқтисодӣ ва тағйироти иҷтимоии ба миён омада буданд [9, с. 156-157]. Қайд кардан ба маврид аст, ки маҳз дар ҳамин айём сохти нави иҷтимоӣ, яъне феодалӣ ташаккул ёфта, ки дар ҳаёти ҳамаҷонибаи давлатҳо дигаргунии куллиеро ба вуҷуд овард.

Атрофи масъалаи шаҳрсозию шаҳрдории Сосониён бо такя ба сарчашмаҳои мухталиф махсусан румӣ, арабӣ ва арманӣ Н.В. Пигулевская қайд менамояд, ки дар рафти қиёси сарчашмаҳо маълум мегардад, ки дар масъалаи шумораи шаҳрҳои бунёд намудаи Ардашер маълумоти мухталиф мавҷуд мебошанд. Зеро бинобар маълумоти муаррихон ӯ дар фосилаи солҳои 224-241 шаш шаҳр бунёд кардааст. Яке аз аввалин шаҳрҳое, ки ӯ бунёд намуд, ин дар қисмати ғарбии соҳили дарёи Даҷла дар муқобили шаҳри Тайсафун шаҳри Беҳ-Ардашер (Хуб Ардашер) будааст [9, с. 156-157].

Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки Ардашер дар ободонии Эрон саҳм гирифтааст. Аз рӯи ахбори Табарӣ ӯ ҳашт шаҳри нав сохт: Ардашер – ҳурра, Ром Ардашер, Будо Ардашер, Ҳурмуз Ардашер, Устобод Ардашер, Рев Ардашер. Номи ду шаҳри боқимондаро Табарӣ зикр накардааст. Дар навиштаҷоти Каъбаи Зардушт се шаҳри нави бунёдкардааш Ардашер Хшнум, Вех Ардашер, Ардашер Фарр номбар шуданд. Ин ду ахбор пурра бо якдигар мувофиқ набошанд ҳам, дар маҷмӯъ фаъолияти шаҳрсозии Ардашери I-ро тасдиқ мекунанд [15, с. 196].

Баъд аз Ардашери Бобакон анъанаи шаҳрсозиро ворисони ӯ хусусан писараш Шопури I (241-272) идома доданд. Мувофиқи маълумоти Н.В. Пигулевская Шопур дар замони ҳукумронияш шаҳри Пушангро дар музофоти Ҳирот сохт ва гузашта аз ин ӯ супориш дод, ки дар он ҷо аз болои дарё купрук сохта шавад. Дар баробари ин сохтмони Гунди-Шопур ро низ ба номи шоҳаншоҳ Шопури I иртибот медиҳанд. Мисли падараш Шопур дар соҳили дарёи Даҷла шаҳре бунёд мекунад, ки Мервхабор номгузорӣ мешавад [9, с. 160].

Шоҳаншоҳи сосонӣ Шопури II низ якчанд шаҳр бунёд кардааст. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар атрофи ин масъала қайд менамоянд, ки Шопури II якчанд шаҳр сохта

буд, аз ҷумла, Эран Хвара Шопур дар харобаҳои Шуш ва Фирӯз-Шопур 40 км. дуртар аз шаҳри Байт-Зубда [15, с. 196].

Мувофиқи ахбороти сарчашмаҳои таърихӣ дар замони Сосониён шаҳрсозӣ ба авҷи баланди тараққиёти хеш расида, даҳҳо шаҳрҳои ин империя аз ҷиҳати иҷтимои-иқтисодӣ ва меъморӣ тараққӣ карда ба шумор мерафтанд. Пеш аз ҳама пойтахти давлат Тайсафун, шаҳрҳои Сакистан, (Систон), Марғелон, Кирмон, Марв ва ғайраҳо аз қабили чунин шаҳрҳо ба шумор мерафтанд.

Махсусан аз назари иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар қисмати ғарбии давлати Сосониён вилоятҳои тараққиёфта, ки дар онҳо шаҳрҳои зиёди ривоҷ ёфта буданд. Муҳимияти ин қисмат пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардид, ки роҳҳои тиҷоратӣ Эронро бо бандарҳои баҳри Миёназамин, бо Арманистон, Албания, Гурҷистон бо соҳили Халиҷи Форс ва ҷануби Арабистон мепайвандад [7, с. 39], ки ин ҳама наметавонист ба рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ бе таъсир монад.

Мусаллам аст, ки то миёнаи қарни V мулки таърихӣ-ҷуғрофии Суғди бостон ба ҳайати давлати Сосониён шомил буд. Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаҳои чинӣ дар омӯзиши вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, мавқеъи ҷойгиршавии мулкҳои Осиёи Миёна дар асри VII ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамонд. Сайёҳи чинӣ Сюан-сзан атрофи мулкҳое, ки ба ҳудуди ин минтақа дохил буданд маълумот медиҳад. аз мулкҳои Мимокия ё Мимохэ (Маймурғ), Сзебудан (Кабудон), Бухэ (Бухоро), Сзешуанна (Кеш) ва ғайраҳо ёдрас мешавад [2, с. 282-283]. Дар маҷмуъ доири ин мулкҳо ҳамин нуктаро муаллифи мазкур қайд менамояд, ки ин шаҳрҳое ободу зебо мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаҳои чинӣ ва махсусан маълумотҳои Сюан-сзан дар омӯзиши вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии, мавқеъи ҷойгиршавии ва омӯзиши вазъи шаҳрҳо дар асри VII ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамонд.

Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ин сарзамин, махсусан мулкҳои Балх, Хуталон, Самарқанд, Бухоро, Панҷакент, хело ривоҷёфта ба шумор мерафтанд. Дар инҷо истеҳсоли ашёи рӯзгор, парваришу коркарди ғалла, сабзавот, меваҷот, растаниҳои полезӣ ба таври кофӣ нашъунамо дошт [13, с. 144].

Дар асрҳои IV-V раванди ба мулкҳои хурд ҷудо шудани Осиёи Миёна ба амал омада, ба равнақу ривоҷи шаҳрҳо таъсири манфӣ расонид. Дар ин давра марказҳои тиҷоратӣ ва шаҳрҳо мавҷуд буданд, вале мавқеъ ва ҳаҷми онҳо хеле маҳдуд буд. Заиф гардидани иқтидор шаҳрҳо ва паст гардидани ҳиссаи онҳо ба ҳунармандӣ низ бе таъсир намонд. Баъзе шаҳрҳои қадима аз байн рафта, дар баробари ин дар атрофи қасрҳои феодалӣ, ки марказҳои иқтисодӣ-сиёсӣ гардида буданд, баъзе шаҳрчаҳои нави феодалии начандон калон пайдо мешуданд. Ба ин гурӯҳ шаҳрҳо Беркут (қалъаи Хоразм), Шаҳристон, Мунҷактеппа (Шаҳритус), Аҷинатеппа (Вахш) ва ғайра дохил мешуданд. Шаҳрҳои қадима-Самарқанд, Тирмиз ва Балх шаҳрҳои калонтарин ҳисоб меёфтанд. Дар асрҳои V-VI яке аз шаҳрҳои мутараққии Осиёи Миёна ин Панҷакенти бостон ба шумор мерафт. Масоҳати шаҳр 19 гектарро ишғол намуда, дар ин шаҳр қалъа, бурҷҳои девор, арк, ду ибодатхона ва ғайра мавҷуд буд [12, с. 78].

Дар асрҳои III-VII рушди шаҳрсозӣ ва санъати меъморӣ дар қиёс ба асрҳои қаблӣ инкишоф ёфт. Фақат дар асри VI дар баъзе маҳалҳо истифода бурдани хишти пухта оғоз гардид. Маврид ба зикр аст, ки қаблан аксарияти биноҳо аз хишти хому похса сохта мешуданд. Гумбазми биноҳои ин давра бештар тухмшакл буда, болои гумбазмро нузрез месохтанд. Деворҳоро бошанд, бо расмҳои ҳайкалчаҳо ороиш медоданд, ки қасрро бушукӯҳтар мекард. Чунин тарзи сохтмонро бостоншиносон дар ҳафриётҳои Панҷакент, Бунҷикат, Ҳулбук, Чилҳуҷраи Шаҳристон ва бисёр ҷойҳои дигар ёфтаанд. Масолеҳи бинокорӣ бошад аслан аз гилу санг ва чӯб буд. Чӯбро барои сутун ва пӯшонидани иморатҳо истифода мебурданд. Сутун, сақф ва болори иморатро кандакорӣ мекарданд. Қисми дохилии сохтмон мувофиқи таъиноти иморат сохта мешуд. Даромадгоҳи бино бошад аз айвон иборат буд. Пештоқи қасрҳоро бо нақшҳои гуногун оро медоданд, ки ба ин навъ қасрҳои Ҳулбук, Бунҷикат ва дигарон мисол шуда метавонад. Қасри ҳокимони Суғд, Истаравшан, Хатлон, Аҳорун, Қубодиён, Рашту Вахон на танҳо дар намуди беруна пуршукӯҳ буданд, балки қисми дохилии биноҳо бо санъати тасвирӣ нақшу нигор карда шудаанд [1, с. 51-52].

Дар асри VI сохтмони кушкҳо оғоз гардид. Кушк биноест, ки дар беруни шаҳр, назди дарёҳо, теппаҳо барои истироҳати заминдорон ва ҳокимон сохта мешуд. Биноҳои кушкҳо хело зебо ва барои мудофиа қулай ба ҳисоб мерафтанд [1, с. 51-52].

Ҳамит тариқ, бояд қайд кард, ки аҷдодони тоҷикон анъанаҳои хеле қадима ва ба дараҷаи кофӣ мутараққии фарҳангриро доро буда, Сосониён ин анъанаро идома дода, онро ба дараҷаи баландтари тараққиёт расонданд. Бо ташкили давлати Сосониён бозсозии марказҳои шаҳрҳо ва бунёди як қатор

шаҳрҳои нав ба амал омад ва шаҳрсозӣ дар сиёсати дохилии шоҳаншоҳони сосонӣ мавқеи муҳимро ишғол мекард. Дар маҷмӯъ метавон қайд кард, ки шаҳрсозӣ дар ҳаёти давлати Сосониён ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамуд.

Адабиёт

1. Аброрзода А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик. - Душанбе, 2003. - 267 с.
2. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- 976 с.
3. Луконин В.Г. Культура сасанидского Ирана. Иран в 111-V вв. Очерки по истории культура. М., 1969.- 244 с.
4. Луконин В.Г. Исскуство древнего Ирана М., 1977.
5. Луконин В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов. Очерки по истории культуры. Л., 1961.
6. Луконин В.Г. Древний и ранне средневековый Иран. М.; Наука, 1987.- 297 с.
7. Пигулевская Н.В., А.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, Л.В. Строева, А.М. Белинский. История Ирана с древнейших времен до конца XV111 века. Ленинград, 1958.- 390 с.
8. Пигулевская Н.В.Византия и Иран на рубеже V1 и V11 вв., М.-Л., 1946.
9. Пигулевская Н.В. Города Ирана в раннем средневековье. АН. СССР, М.Л., 1956.- 363 с.
10. Пигулевская Н.В. Ближний Восток. Византия. Славяне. М., Наука, 1976.- 98 с.
11. Пигулевская Н.В. Арабы у границ Византии и Ирана в 1V-V1 вв. М.Л., Наука, 1964.-188 с.
12. Раҳматуллоев А., Сатторов Х., Тоҷов Н. Таърихи халқи тоҷик (Иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1.- Душанбе: Дониш, 2009.- 271 с.
13. Ҳақназаров А. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик (аз оғоз то охири асри XV-и милодӣ). – Душанбе: Нашри Мубориз, 2021.- 408 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён (китоби сеюм).- Душанбе: Ирфон, 2006.- 228 с.
15. Эмомали Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ.- Душанбе: Ирфон, 2006.- 370 с.

ОТРАЖЕНИЕ ВОПРОСОВ ГОРОДА И ГРАДОСТРОИТЕЛЬСТВО ПЕРИОДА САСАНИДОВ В ИСТОРИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Данное исследование посвящено истории и развития городов и градостроительства в эпоху. По этим вопросам ряд отечественных и зарубежных историков и культурологов провели исследования и отмечают, что в IV-VI веках градостроительство получило большое развитие по сравнению с предыдущими веками, и роль сасанидских царей в этом вопросах велика. Автор отмечает, что начиная, с правления основателя Сасанидского государства Ардашера 1 особое место в его внутренней политике заняло градостроительство, и им было построено несколько городов.

Ключевые слова: Ардашер, сасаниды, завоевание, царь, город, градостроительство, цент, столица, исследование, культура, развитие, Центральная Азия, торговля, роль.

Сведение об авторе – Исломов Фахриддин Шамсидинович – ассистент кафедры история таджикского народа ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон (+992) 902103222. E-mail: fahriddinislomov195 @gmail.com.

Сведения об автор – Наджмуддинзода Толибшох Ашур, к.и.н., доцент кафедры всеобщей истории и международных отношении Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (985624423). tolib.t@mail.ru.

REFLECTION OF CITY ISSUES AND URBAN PLANNING OF THE SASANIDS PERIOD IN HISTORICAL LITERATURE

This research is dedicated to the history and development of urban planning during the sasanian period. Domestic and foreign researchers have studied these issues and noted that in the IV th –VII th-centuries, the role of the king of Sasani was evident in these matters. The author notes that since the time of the ruler and founder of the Sasanian state, Ardasher Babakon, the city planner has gained a special place in his internal policy, and several cities have been built by him.

Keywords: Ardasher, sasanians, conquest, ruler, city, urban planning, center, capital, study, culture, development, central Asia, trade, role.

About the authors – Islomov Fakhriddin Shamsidinovizh - teacher of the historical department the Tajik State Pedagogical University named S. Aini. Tel: (+992) 902103222. E-mail: fahriddinislomov195 @gmail.com.

The author's information - Najmuddizoda Tolibshoh Ashur, Senior Lecturer, Department of General History of TSPU by name Sadriddin Ayni, tel. (985624423). tolib.t@mail.ru.

НАЗАРЕ БА НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ СОСОНИЁН

Пирназарова П.А.- *номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

Давлати Сосониён, яке аз давлатҳои пуриқтидори асрҳои миёна буда дар тули зиёда аз 400 соли арзи вуҷуди худ намояндагони хонадони сосонӣ барои ояндагон як низоми ҳуқуқии хосро боқӣ гузоштанд, ки хоҳ нохоҳ ба ташаккули дигар низомҳои ҳуқуқи асос гузоштааст.

Шакли идоракунии давлати Сосониён яккаҳукмронии мутлақ буда, онҳо худро ворисони Ҳахоманишиҳо эълон намуда ва анъанаҳои давраи ҳукмронии Ҳахоманишиҳоро тарғиб менамуданд. Ингуна ташбеҳсози ҳатто то дараҷае расид, ки дар солҳои ҳукмронии Хусрави аввал ва Анушервон сохтори девонҳои Ҳахоманишӣ эҳё гардида вазорати сипоҳ, чопархона (вазорати алоқа), молиёт, муассисаи махсуси сикка (бароришитанга), доддабир бо девони махсус таъсис дода шуд.

Мансабдори дуюми давлатиро бузургфармондор ё фармондори бузург меномиданд, ки шоҳи Сосонӣ ба вазифа таъин ва озод менамуд. Мубади мубадон мансаби муҳимтарини давлати Сосониён ба ҳисоб мерафт. Мансабони дигари давлати Сосониён востриюшонпат, иронбадирбад, хонсолор, охурсолор, хуррамбош (ҳоҷиб), пуштибон, андарзбон (масъули меҳмонони дарбор) ва ғ. Дар вилоятҳои марзи мансабдорони махсуси марзбон идора мекарданд ва барои бурдани ҷанг салоҳиятҳои фарох доштанд.[1]

Дар давраи Сосониён сарчашмаҳои ҳуқуқӣ Авесто, Қонуннома ҳуқуқҳои азалии маҳаллӣ (минтақавӣ) ва меъёрҳои ҳуқуқии мазҳабҳои гуногун ба ҳисоб мерафтанд.

Ба он нигоҳ накарда, ки давлати Сосониён дар ибтидоӣ давраи феодалӣ арзи вуҷуд карда буд қобилияти амали ҳуқуқиро шахс аз 15 солагӣ соҳиб мегардид, ки онро “tuvanik”, яъне шахси озод, узви ҷомеа ва сарвари оила меномиданд.[2]

Қонунгузори ва қавоиди мазҳабии давраи ҳукмронии Сосониён чунин буд, ки сарвари авлод (кадхудо) дар оила ҳуқуқи бештарро соҳиб буд. Аз ҳамин лиҳоз агар дар оила сарвар намебуд пас як андоза ҳуқуқҳояшон маҳдуд карда мешуд.

Тибқи қонуннома қобилияти амали ҳуқуқии шахс метавонист маҳдуд ё тамоман бекор карда шавад. Вақте ки шахси озод дигар мазҳабро қабул мекард, яъне ғайризардуштиро тибқи қонуннома ба ҳуқуқу уҳдадориҳои дигар ҷамоаи динӣ соҳиб мегашт.

“Таҳкурсии ҷомеаи эронии даврони Сосониро ду рукни асосӣ ташкил медод: моликият ва хун. Бино ба “Номаи Тансар”, дар аҳди поягузори давлати Сосонӣ Ардашери Бобакон миёни ашроф ва авом фосилаи зиёде вуҷуд дошт. Онҳо аз ҷиҳати “либос, маркаб, сарою бӯстон ва зану хидматгор” имтиёз доштанд. Табақаҳо аз ҳайси мартабаи иҷтимоӣ дорои дараҷаҳо буданд. Дар ҷомеаи сосонӣ мақому манзалат дар шахс собиту мустаҳкам буд”.[3]

“Қонунҳои мамлакат покии хуни хонадонҳо, бахусус, хонадонҳои ашроф ва моли ғайриманқули ононро муҳофизат мекарданд. Дар бораи ҳифзи хуни хонадони салтанати “Форснома”-и Ибни Балхӣ чунин менависад. “Одати мулуки Форс ва акосира он будӣ, ки аз ҳама мулуки атроф чун Син, Рум, Турк ва Ҳинд духтарон ситондандӣ ва пайванд сохтандӣ ва ҳаргиз духтаре ба эшон надодандӣ. Духтаронро ҷуз ба касоне, ки аз аҳли байти эшон будандӣ, мувосилат накардандӣ”.[4]

Дар аҳди Сосониён миёни табақаҳои мардум фарқияти зиёд вуҷуд дошт. Гузаштани шахс аз як табақа ба табақаи дигар ба воситаи қарори Шӯрои салтанатӣ ва имзои шахсии подшоҳ сурат мегирифт. Масалан, агар шахс ба табақаи косибон дохил мешуд ҷою мақоми ӯ муайян буд. Касб меросӣ буда, шахсе, ки лаёқату малака дар як касби муайян надошт ҳақ надошт, ки ба ин касб машғул шавад.

“Табақаи ашроф аз тамоми неъматҳои зиндагӣ бархурдор буда, ҳаёти пуртаҷаммулу ашрофона доштанд. Ҳосилхезтарин заминҳо, оби руду корезҳо ба онҳо тааллуқ дошт. Теъдоди занон вобаста ба пулу дороии сардори хонавода буд. Бо вуҷуди он, ки қонунҳои дини маздаясно ҳуқуқи марду занро баробар эътироф кардааст, ба занҳо мисли амволи шахси муносибат карда мешуд. Ашрофи бузурги

[1] Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. С.66.
[2] Периханян А.Г., Общество и право Ирана в парфянский и Сасанидский периоды. Ленинград, 1973. С.7.
[3] Э.Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. С.116-117.
[4] Э.Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. С.116-117.

Сосонӣ дар ҳарами худ ҳазорҳо зану канизак нигоҳ медоштанд. Масалан дар ҳарами Хусрави Парвиз (591-628) – подшоҳи сосонӣ қариб 12 ҳазор зан зиндагӣ мекарданд. Табиист, ки вақте шахсони ҷудогонаи ҷамъият аз чунин имтиёз бархурдор буданд, садҳо ҳазор намояндагони табақаҳои поёнӣ на танҳо аз неъматҳои моддӣ, балки аз зиндагии хонаводагӣ низ маҳрум буданд".[1]

Бояд қайд кард, ки дар аҳди Сосониён талаботу меъёрҳои умумии ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқиро ба шахсияти подшоҳ қоил буданд ва ӯ онҳоро бояд иҷро мекард.

Ғуломон ҳуқуқи маҳдудро соҳиб буданд. Намудҳои гуногуни онҳо аз ҷумла "бандак" ва "бандаканшаҳрик", "бандаки оташ(када)" вуҷуд дошт.[2]

Дар аҳди Сосониён мазҳаби зардуштӣ оини расмӣ эълон гардида буд ва тибқи қонунҳои ин мазҳаб издивоҷ ва ташкили оила амали эътиборноки мазҳабӣ ва муқаддас маҳсуб мегардид. Синни никоҳӣ аз 15 солагӣ оғоз гардида хаттӣ сабт мешуд.

Ҷамъияти сосони ҷамъияти патриархалӣ буда, падар имтиёзи бештар дошта, ӯ ҳатто ҳамин хел салоҳияте дошт, ки фарзанд, фарзандхонд ё занашро ба ғуломи фурӯшад.

Дар қатъи никоҳ розигии зан ба инобат гирифта намешуд ва мурофиаи қатъи никоҳ дар асоси аризаи шавҳар баррасӣ мегардид. Санади қатъи никоҳро дар ҷомеаи сосонӣ "хилишномак" меномиданд, ки роҳҳои танзими масоили муносибатҳои баъд аз қатъи никоҳро дар бар мегирифт. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми қатъи никоҳ зан ба молумулки хонаи шавҳар ҳақ надошт. Танҳо бо ҳалномаи суд зан метавонист аз хонаи шавҳар ба чизе соҳиб гардад. Баъди талоқи мутлақ қатъи қонунии никоҳ зан ба васии дигар, падар, бародар, писар ва ғ. дода мешуд.

Дар аҳди Сосониён падидаи васӣ, таҳти истилоҳи "сардор" инъикос ёфтааст ва дар сарчашмаи ҳуқуқи се намуди васиён номбар шудаанд:

1. Васии табиӣ – сардори бутак (sardari butak). Ба ин намуд васӣ хешу ақрабоӣ наздиктарин, фарзанд, фарзандхонд, бародар ё меросхӯри сардори оила дохил мешуд.
2. Васии васиятӣ – сардори оила шахсеро ба тариқи васият ба вазифаи парастор таъин мекард, ки онро сардори кардак (sardari kartak) меномиданд.
3. Васии таъинӣ (sardari gumart) – аз ҷониби додрас таъин гардида, тибқи бандҳои қонуннома дар ҳолати набудани ду намуди дигари васиён уҳдадорӣ ба дӯши хешовандон ва ашхоси дигар вогузор карда мешуд.[3]

Ҳуқуқу уҳдадориҳои васиён аз ҳамдигар фарқ мекард. Масалан васии табиӣ метавонист бешумор ашхоси дигарро ба васигӣ таъин намояд. Аммо дигар васиён агар ба молумулки шахс зарар мерасонданд барои зарари расондаашон ба моликият ҷавобгар буданд.

Тибқи бандҳои қонуннома оид ба васоят падар метавонист фарзанди ноболиғи худро ба васояти шахси дигар муваққатӣ ё абадан гузорад. Бародар васояти хоҳарашро то вафоти худ метавонист ба дигар кас диҳад.

Бояд қайд кард, ки барои ҳуқуқи моликият пайдо кардан дар қонуннома ду шарт омадааст:

1) Иродаю хоҳиши ду тараф (харидор ва фурӯшанда);
2) Доштани ҳуқуқи имтиёздорӣ аз тарафи фурушанда ва қобилияти амали ҳуқуқи аз тарафи харидор.

Шартномаҳо дар аҳди сосонӣ гуногун буданд: яктарафа (иққа), кафолат, мубодила ва қарз.

Дар ин давра тибқи меъёрҳои Авестоӣ ва Қонунномаи сосонӣ ба падидаҳои гуногуни ҷиноят ва ҷазо меъёрҳои муқаррар гардида буданд. Чунин намудҳои ҷиноят мавҷуд буданд:

1. Ҷиноятҳо бар зидди шахсият – ҳаёт, саломатӣ, дуздии кӯдакон;
2. Ҷиноятҳои молумулкӣ – дуздӣ, ғоратгарӣ;
3. Ҷиноятҳои мазҳабӣ ва ахлоқӣ – ҷодугарӣ, яздондушманӣ, худотдушманӣ, зиндиқӣ, дуруғгӯи, шавҳарнописандӣ;
4. Кирдорҳои қазоӣ – ришва гирифтан, ҳукми ноодилона кардан;
5. Суистифода аз мансаб – аз маҳбас гурезонидани зиндонӣ, ҷинояти мансабӣ ҳисоб меёфт.

---

[1] Э.Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. С.118.
[2] И.Б.Буриев. Таърихи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе. 2014 с. С.86.
[3] Периханян А.Г., Сасанидский судебник. Ереван. 1973. С.3.

Қонуннома барои содир намудани ҷиноят намудҳои гуногуни ҷазоро муқаррар намуда буд. Ҳатто мувофиқи он барои содир намудани баъзе аз ҷиноятҳо қонуни ҷазои фардӣ набуда , барои содир гардидани ҷинояти як аъзои оила тамоми хонавода ҷавобгар шуда метавонистанд. Масалан: барои дуздӣ дар бадани ҷинояткор тамға мезаданд, аз озодӣ маҳрум мекарданд, ҷазои қатл мавҷуд буд. Ҷинояткор ба ивази ҷарима (товон) метавонист аз ҷазо озод гардад. Агар шахс зино мекард 300 дирҳам ва барои таҷовуз 600 дирҳам ҷарима муқаррар гардида буд. Агар шахс ҷинояти дуздӣ кунад, дар бадани ҷинояткор тамға мезаданд. Ҷазоҳои дигар маҳрум кардан аз озодӣ (зиндонӣ кардан) ва ҳукми қатл ҳисоб меёфт. Бояд қайд кард, ки бештари ҷазоҳо ба ғуломон тааллуқ дошт.[1]

Дар аҳди Сосониён барои ҷиноятҳоро баррасӣ кардан мурофиаҳои додрасӣ мавҷуд буд. Намуди маъруфӣ мурофиаи додрасии мазолим, ки он адолати шоҳӣ ном гирифта, асосан дар як сол ду маротиба дар Иди Наврӯз ва Иди Меҳргон гузаронида мешуд.

Суди шаҳрвандӣ датабар (датавар), суди динӣ рат ё ратав, суди одатиро вар меномиданд. Даъво асосан аз тарафи датабар баррасӣ ва ҳаллу фасл мешуд. Муфаттишро парежван меномиданд ва ӯ ба судя дар таҳқиқи масъалаҳои даъво ва ҳалли он, иҷрои қарор ва ҳукм кӯмак мекард.

Хулоса, дар аҳди Сосониён низоми ҳуқуқии мукаммале мавҷуд буд, ки барои муносибатҳои ҷомеаро ба танзим даровардан хизмати бузурге намудааст.

Адабиёт:

1. Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе. 2014 с. С.86.
2. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. С.66.
3. Периханян А.Г., Общество и право Ирана в парфянский и Сасанидский периоды. Ленинград, 1973. С.7.
4. Периханян А.Г., Сасанидский судебник. Ереван. 1973. С.3.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. С.118.

МУНОСИБАТҲОИ СОСОНИЁН ВА ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ V–VI ВА БОЗТОБИ ОН ДАР «ШОҲНОМА»-и ФИРДАВСӢ

Масъудов М. Ф. *– мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Осиёи Миёна ё ин ки Варзруди қадим ё Мовароуннаҳр, ки як қатор ҷуғрофидонони арабу форс онро ҳамчун «Мулки Ҳайтал» ёдовар шудаанд, аз қадим саҳнаи тохтутозу набардҳо будааст[2]. Ин минтақа дар асрҳои II–I-и пеш аз милод аз ҷониби қабилаҳои кӯшонӣ идора мегардид, ки дар ин бора бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд. Марҳилаи муҳимми сарнавишти Осиёи Миёна ба замони салтанати Сосониён рост меояд. Дар рафти равобити дуҷонибаи дипломатӣ ва ҷангҳои тӯлонӣ бо империяи сосонӣ, қудратҳои минтақаи Осиёи Миёна, ҷойгоҳи сиёсии худро амалан аз даст доданд.

Тақрибан дар солҳои 80-90-уми асри IV дар қисмати шарқии Тахористон ва Бадахшон давлати наве зуҳур кард, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номи Ҳайтолиён ёдовар мешавад.

Зуҳури давлати Ҳайтолиён барои империяи Сосониён як хатари ҷиддӣ буд ва акнун онҳо дар сарҳадоти шимолу шарқии худ бо як давлати абарқудрат бояд ҳамкорӣ менамуданд.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ зуҳури ин қавм тақрибан ба соли 425 рост меояд. Ин мардум бо юэҷҳо қаробат доштаанд. Чиниҳо онҳоро юзоу румиҳо Ҳифтолит ва муаррихони эронӣ Ҳаётала номидаанд[3]. Нисбати Ҳайтолиён дар сарчашмаҳо истилоҳи Ҳоқони турк, Ҳоқон, Ҳоқони Чин низ истифода намудаанд. Ин ҳолат ба хусус дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ баръало мушоҳида мешавад. Инчунин, дар осори дигари ҳамасри Фирдавсӣ, аз ҷумла, дар «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ низ дида мешавад. Дар марҳилаи баъдии таърих аз ҷониби Фирдавсӣ ва Балъамӣ истилохи Ҳайтолиён васеъ истифода мегардад.

Перомуни Ҳайтолиён ривоёти бисёр мавҷуд аст ва тибқи сарчашмаҳи таърихӣ ҳайтолиён мардуме будаанд, ки хеле қавӣ ва тозанафс. Зуҳур ё худ пайдоиши ҳайтолиён ва ишғоли Осиёи

[1] И.Б.Буриев. Таърихи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе. 2014 с. С.95.
[2] Исоматов М.М. Ирано-Среднеазиатские взаимоотношение по «Таърих-и Табари» Балъами. Душанбе-Бишкек, 2006. – С.76.
[3] Таърихи Эрон қабл аз ислом. – Теҳрон, 1388. – С. 198.

Миёна аз ҷониби онҳо ваҳшате дар Шарқ тавлид намуда буд. Сосониён аз тохтутози ин қабоил дар изтиробу таҳлука афтода буданд. Ин замоне буд, ки зимоми салтанат дар империяи Сосониён дар дасти БаҳромиV маъруф ба Баҳроми Гӯр (421-439) расид. Тибқи ривояти Фирдавсӣ дар Шоҳнома Баҳром як муддате саргарми айшу ишрат будааст, ки аз ин фурсат қудратҳои минтақа истифода бурда, дар пайи ғорат ва тохтутоз ба мулки Эрон гардидаанд:

Пас огаҳӣ омад ба Ҳинду ба Рум,
Ба Турку ба Чину ба ободбум,
Ки Баҳромро дил ба бозист бас,
Касеро ба гетӣ надорад ба кас.
Талоя наю дидбон низ на, марз
Ба марз андарун марзбон низ на,
Ба бозӣ ҳаме бугзаронад ҷаҳон,
Надонад ҳаме ошкору ниҳон.
Чу ҳоқони Чин ин суханҳо шунид
Зи Чину Хутан лашкаре баргузид,
Дирам доду сар сӯйи Эрон ниҳод,
Касеро наомад зи Баҳром ёд[1].

Дар робита ба ин масъала Балъамӣ низ дар «Таърихи Табарӣ» қайд менамояд, ки «Ва чун ҳафт сол баромад, малики туркон номи ӯ Ҳоқон, бо дувисту панҷоҳ ҳазор савор ва сипоҳи турк ба ҳадди Аҷам андар омад ва вайронӣ кард бисёр ва ба Порс наздик омад. Пас мубади мубадон ва меҳтарон пеши Баҳром омаданду ӯро маломат карданду гуфтанд «Ту машғул ба бозӣ шуда ва сайд намекунӣ, то мамлакат ба бод додӣ ва малики турк омаду атроф бигирифт ва куштану ғорат кардан гирифт ва фасодҳо бисёр шуд. Акнун чора нест аз гирд кардани сипоҳ ва пеши ӯ шудан ба ҷанг. Баҳром гуфт, Худой раҳим аст ва Моро ба дасти душман насупоред»[2].

Баъд аз ин воқеа, ки империяи Сосониён дар изтироб афтода буданд, Баҳром дар садади гардонидани ҳуҷуми Ҳайтолиён мешавад. Баҳром барои он ки ҳаракати худро ба тарафи шимолу шарқии Эрон пинҳон дорад, аввал мутаваҷҷеҳи Озарбойҷон шуд ва ва дар охир шабонгоҳ ҳаракат карда, ба суръати ҳайратангез худро ба Ҳайтолиён расонид ва дар тулуи субҳ ҷанге бо онҳо намуда, ҳоқони ҳайталро кушт ва ғанимати зиёде бигирифт. Баъдан ӯ ҳайтолиёнро то Ҷайҳун таъқиб намуда, аз рӯди мазбур гузашта, зарбаи сахте ба онҳо зад ва таъсири зарбаи Баҳром он қадар сахт буд, ки дар давоми ҳукумати ӯ дигар ба тарафи Эрон ҳамла намуданд. Ин воқеа ё худ набарди Баҳромро бештари сарчашмаҳо тазаккур додаанд. Аммо рафти мубориза ва натиҷаи онро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» чунин нишон медиҳад:

Чу огаҳӣ омад ба Баҳромиоҳ,
Ки Ҳоқон ба Марв асту чандон сипоҳ,
Биёвард лашкар ба Озаргушасп,
Ҳама бебуна ҳар яке бо ду асп.
Або ҷавшану турку румӣ кулоҳ,
Шабу рӯз чун бод тозон ба роҳ.
Ҳаме тохт тозон чу аз кӯҳ сел,
Ба Ому гузашт аз дари Ардабил.
Зи Омул биёмад ба Гургон кашид,
Ҳаме ранҷу дарди бузургон кашид.
Ба кӯҳу биёбони бероҳ рафт,
Шаби тира то рӯзи бегоҳ рафт.
Ба рӯз андарун дидбон доштӣ,
Ба тирашабон посбон доштӣ.[3]

Дар идомаи достони хуб Фирдавсӣ мавриди шабохун задании Баҳром ба Ҳайтолиёнро баён дошта, раванди муборизаро чунин менависад:

[1] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 7. – Душанбе, 1989. – С. 545.
[2] Балъамӣ Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ. Ҷилди .1Теҳрон 1352.. – С. 513.
[3] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 7. – Душанбе,1989. – С. 552.

Ба Марв андар чиниён бас намонд,
Бикуштанду аз ҷангиён кас намонд[1].

Ҳамин тариқ, дар давраи ҳукумати Баҳроми Гур Ҳайтолиён дигар фикри тохтутоз ба мулуки Сосониёнро аз сар дур сохтанд. Дар ин давра равобити Сосониён бо Ҳинд хуб ба роҳ монда шуд, чун Ҳинд низ аз хатари ҳуҷуми Ҳайтолиён дар изтироб буд ва бо Сосониён дар робита бо ин масъала ба тавофуқ ҳам расида буд. Фирдавсӣ дар фасли марбут ба ҳукумати Баҳроми Гӯр сарлавҳае дорад таҳти унвони «Куштани Баҳроми Гӯр Карагро дар Ҳиндустон», ки лашкаркашии Баҳром ба самти Ҳиндро зикр мекунад[2].

Баъд аз марги Баҳроми Гур Яздигурди II, ки писари Баҳром буд, ба сари тахт менишинад. Подшоҳии ӯ 18 сол будааст (439-457). Дар масъалаи равобит бо Ҳайтолиён ҳаминро бояд гуфт, ки дар дар аҳди Яздигурди II ӯ ҳамон сиёсати падарашро дар муносибат бо Ҳайтолиён идома додаст. Дар ин хусус мутаассифона, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» чизе нагуфтааст. Ба салтанати ҳаждаҳсолаи Яздигурди II Фирдавсӣ ҳамагӣ 26 байт ихтисос додааст, ки хеле кам мебошад. Аммо тибқи ривоятҳои таърихӣ байни Сосониён ва Ҳайтолиён аз соли 441 то 451 ҷангҳое ба вуқуъ пайвастааст ва Сосониён тавонистаанд, ки як муддати дигар худро аз ҳуҷум ва ғорати Ҳайтолиён эмин доранд.[3]

Баъд аз марги Яздигури II дар соли 457 писари хурди ӯ Ҳурмуз сари қудрат меояд. Бояд ёдовар шуд, ки аслан бародари бузурги ӯ Пирӯз валиаҳд мешуд, вале аз сабаби он, ки ӯ дар вилояти Сиистон қарор дошт ва аз пойтахт дур буд, Ҳурмуз аз ин истифода намуда пешдастӣ менамояд. Подшоҳии ӯ то соли 459 давом ёфтаст. Дар аҳди ӯ кашмакашиҳо барои тахт миёни ӯ ва Пирӯз давом доштанд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки ин айёме буд, ки нуфузи Ҳайтолиён ҳамчун қудрати минтақа меафзуд.

Дар робита бо масъалаи нуфузи ҳарбию сиёсии Ҳайтолиён дар Осиёи Миёна дар миёнаҳои асри V ахбори сарчашмаҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, ки тибқи он сараввал Ҳайтолиён бо мақсади барқарор намудани равобити дипломатӣ бо салтанати Тоба-Вэй дар соли 455-457 бори аввал сафорати худро ба Чин фиристоданд ва баъдан дар набардҳои байниҳамдигарии дарбори Сосониёну Ҳайтолиён фаъолона дар умури дохилии империяи Сосониён дахолат намуданд. Ҳайтолиён ба Пирӯз кӯмаки ҳарбию сиёсӣ намуданд, ки саранҷом ӯ дар соли 459 шоҳаншоҳи империяи Сосониён гардид[4]. Ин воқеиятро ҳодисаҳои минбаъда низ таъйид мекунанд.

Ин далелро Абулқосим Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» оварда шудааст:

Чу Ҳурмуз баромад ба тахти падар,
Ба сар барниҳод он каӣ тоҷи зар.
Чу Пирӯзро вижа гуфтӣ зи хашм,
Ҳаме оби рашк андаромад ба чашм.
Сӯйи шоҳи Ҳайтол шуд ногаҳон,
Або лашкару ганҷу чанде меҳон[5].

Тибқи ривояти Фирдавсӣ Пирӯз аз Ҳайтолиён сӣ ҳазор нафар лашкар кумак мегирад, то бародараш Ҳурмуз писари Яздигардро аз тахт дур созад. Ба навиштаи Фирдавсӣ номи ҳокими ҳайтолӣ аз мулки Чағониён Фағониш будааст. Дар идомаи баҳс омадааст, ки Фағониш ба Пирӯз мегӯяд, ки ман дар Висагирду Тирмиз ҳукумат мекунам ва ин мулкҳоро бо ризояти падари ту (Яздигурд) ба даст овардаам. Сипас Фиғониш:

Бад-ӯ дод шамшерзан сӣ ҳазор,
Зи Ҳайтолиён лашкаре номдор.
Сипоҳе биёвард Пирӯзшоҳ,
Ки аз аз гард торик шуд чархи моҳ...
Саранҷом Ҳурмуз гирифтор шуд,
Ҳама тоҷҳо пеши ӯ хор шуд[1].

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 553.
[2] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Вироиши Ф. Ҷунайдӣ. – С. 333-336.
[3] Таърихи Эрон. Қабл аз ислом. – Теҳрон, 1388. – С. 201.
[4] Балъамӣ. Таърихи Табари. – С. 234; Муручу-з-заҳаб. – С. 289.
[5] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. – Душанбе, 1990. – С. 8.

Ҳамин тариқ, Пирӯз бо ёрии сипоҳи ҳайтолӣ дар соли 459 сари қудрат меояд. Ин ҳодиса дар таърихи равобити Эрону Осиёи Миёна барои сад соли дигар таъсиргузор буд. Пас аз як муддат, ки кишвари Эрон ба субот омада, вазъи дохилии кишвар ӯ беҳтар гашт, Пирӯз дар фикри идомаи сиёсати гузаштагони худ дар қиболи Ҳайтолиён гардид. Яъне саркӯбии онҳо ва ба чизе пойбанд набудан. Пирӯз чунин андеша дошт, ки акнун ба авҷи қудрати худ расидааст ва чизе монеи ӯ намегардад.

Бояд гуфт, ки маншаи аслии ҷангҳое, ки минбаъд миёни Сосониён ва Ҳайтолиён сар мезананд, ин масъалаи сарҳад аз як тараф, ва зиёдшавии қудрати Ҳайтолиён аз тарафи дигар, буд.

Тибқи ривоёти Фирдавсӣ Пирӯз баъд аз ба эътидол даровардани вазъи кишвар дар пайи рахна задан ба Ҳайтолиён мегардад:

Яке порсе буд бас номдор,
Ки Сархоби хондӣ ҳаме шаҳриёр.
Бифармуд Пирӯз, к-«эдар бибош
Чу дастури покиза пеши Балош».
Ҳаме ронд бо лашкару ганҷу соз,
Ки пайкор ҷӯянд бо Хушнавоз[2].

Ҳангоме ки Пирӯз бо лашкари худ ба наздикии Балх мерасад, миёни ӯ ва Хушнавоз дашти Балх меистод. Воқеоте, ки дар ин ҷо ба вуқуъ мепайвандад, аз чӣ сабаб дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зикр наёфтаанд. Балъамӣ шарҳи муфассали ҷанги Сосониён бо Хушнавоз ва бо истифода аз ҳилла ба биёбони беоб ва ба ҳалокат расонидани сипоҳи Пирӯзро нишон медиҳад, ки дар дигар сарчашмаҳо ин ба назар намерасад.[3]

Воқеоти минбаъда ин будааст, ки Пирӯз озими ҷанг бо Хушнавоз мегардад ва мулкро ба Суфрой ном шахсе гузошта, бо сипоҳиёни худ ба он сарҳади муайяннамудаи Хушнавоз (манора) мерасад. Фиравсӣ ин қиссаро чунин дунбол мекунад:

Чу бошад манора ба пеши Тарак,
Бузургон ба пеши мо оранд чак.
Бигӯям, ки ин кард Баҳроми Гӯр,
Ба мардиву доноиву фарру зӯр.
Намонам ба ҷое пайи Хушнавоз,
Ки Ҳайтал турк аз нишебу фароз»[4].

Тибқи ривоёти Балъамӣ ба хотири нашикстани савганди Пирӯз, ӯ фармон медиҳад, ки садд ё худ манораро аз сари роҳ баркананд ва сипас ӯ аз хати муайяншудаи сарҳад убур мекунад. Хушнавоз – малики Ҳайтолиён аз ин огаҳӣ меёбад ва назди Пирӯз расул мефиристад ва аҳдномаи басташуда миёни Сосониён ва Ҳайтолиёнро ёдовар мешавад:

Чунин гуфт к-«аз аҳди шоҳони дод,
Ба гурдӣ нахонам-т хусравнажод.
На ин буд расми ниёкони ту,
Гузида ҷаҳондору покони ту.
Чу паймони озодагон бишканӣ,
Нишони бузургон ба хок афканӣ[5].

Аз матни мактуби фиристодаи Хушнавоз маълум мегардад, ки хостори ҷанг бо Пирӯз нест ва ҳатто ба ӯ таъна мезанад, ки дар қиёс бо гузаштагони худ, паймоншиканӣ намуда истодааст, ки ин амр хосси онон набуд. Ҳамзамон, ӯ аз рафторҳои некӯи худ нисбати Сосониён ёдовар мешавад, вале аз ин Пирӯзро хуш намеояд ва мактуби ҷавобии худро ба Хушнавоз мефиристад:

Чу он нома бархонд Пирӯзшоҳ,
Барошуфт аз он номвар пешгоҳ.

---

[1] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. – Душанбе, 1990. – С. 8

[2] Ҳамон ҷо. – С.14.

[3] Исоматов М. Ирано-Среднеазиатские взаимоотношение по «Таърих-и Табари» Балъами. – С.100.

[4] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. Душанбе. 1990. – С. 14.

[5] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. Душанбе. 1990. – С. 14.

Фиристодаро гуфт: «Бархезу рав,
Ба наздики он марди бемоя шав.
Бигӯяш, то пеши руди Тарак,
Шуморо фиристод Баҳроми чак.
Кунун то лаби руди Ҷайҳун турост,
Баландиву пастиву ҳомун турост.
Ман инак биёрам сипоҳе гарон,
Сарафроз гурдону ҷанговарон.
Намонам ҳаме сояи Хушнавоз,
Ки бошад бар рӯйи замин – бар дароз»
Фиристода ба кирдори гард,
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.
Чу гуфтор бишниду нома бихонд,
Сипоҳи парокандаро барнишонд[1].

Хушнавоз аз нав расул назди Пирӯз мефиристад ва мегӯяд, ки аз ин ҷанг Пирӯз шикаст хоҳад хурд чун сипоҳиёни ӯ барои савгандшиканӣ аз ӯ рӯй хоҳанд тофт:

Набошӣ дар ин ҷанг пирӯзгар,
Наёбӣ ҳамон з-ахтари нек бар.
Аз ин пас нахоҳам фиристод кас,
Бад-ин ҷанг Яздон маро ёр бас[2].

Баъд аз шунидани ин суханҳо Пирӯз ба хашм меояд ва пайғоми навбатии худро тариқи ин расул мефиристад.

Миёни тарафҳо соли 484, яъне соли охирони ҳукумати Пирӯз ба вуқуъ пайваст. Хушнавоз баъд аз он ки аз Пирӯз посухи рад гирифт, дар ҳарос буд, ки дар ин ҷанг шикаст хоҳад хӯрд. Тибқи ахбори сарчашмаҳо ӯ чоҳе меканад ва боли онро аз хасу чуб пӯшонда, бо сипоҳи худ ба назди Пирӯз меравад. Тибқи ахбори Балъамӣ пеш аз ҷанг Хушнавоз ба Пирӯз муроҷиат мекунад ва бори дигар аз гузашта ёдовар мешавад. Ва баъдан ба лашкари ӯ рӯ меорад ва аз носипосиву савгандшикании Пируз чанд сухани дигар мегӯяд. Дар ин айём Пирӯз ба ҳучум мегузарад, Хушнавоз ба самти чоҳи кандаи худ рӯ ба гурез меорад, то Пирӯзро ба дом афтонад.

Воқеаи ба чоҳ афтодани Пирӯз ва кушта шудани ӯро Фирдавсӣ ба таври зайл нишон медиҳад:

В-аз он ҷойгаҳ шоддил Хушнавоз,
Ба наздикиш канда омад фароз,
Баровард аз он канда ҳар кас, ки зист,
Ҳаме тахт бар бахти эшон гирист.
Шикаста сару пушти Пирӯзшоҳ,
Сари номдорони бо тоҷу гоҳ.
Зи шоҳон набуд зинда кас ҷуз Қубод,
Шуд он лашкару подшоҳӣ ба бод[3].

Фирдавсӣ қайд намудааст, ки Пирӯз бо сипоҳи худ, ки Хушнавозро таъқиб менамуд, ба чоҳ меафтад ва аз ҷониби Ҳайтолиён сипоҳи ӯ ҳама сар бурида мешаванд ва худи ӯ низ ба қатл мерасад. Фирдавсӣ бавижа қайд менамояд, ки бо он ки бо он мубад он ба Пирӯз маслиҳат доданд, ки аз ин амалиётҳои худ зидди Ҳайтолиён даст кашад, вале ӯ саранҷом ба ҷанг моил гардид ва оқибат шикаст ҳам хурд. Ин рухдод яке аз саҳифаҳои торики таърихи Эрон шумурда шуда, оқибатҳои ногувор барои Эрон дошт. Прокопий Кесарий низ дар бораи ба чоҳ афтодани Пирӯз ва кушта шудани ӯ хабар додааст. Таъсири ин воқеа садсолаҳо барои Эрон ва минтақа боқӣ монд[1].

[1] Ҳамон ҷо.– С.16.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 17.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 19.
[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Душанбе., 1972– С. 298.

Тибқи ақидаи Б.Ғафуров аз нигоҳи худи Фирдавсӣ шоҳаншоҳони Сосонӣ, қаҳрамонони «Шоҳнома», аз ҷумла Пирӯз, ҳеҷ вақт ҷанги ноодилонаро шуруъ накардаанд ва ҷангҳои онҳо ҳамеша одилона будаанд, новобаста аз он, ки рақибони онҳо хоҳ тӯрониён бошанд ва хоҳ Ҳайтолиён ё ин ки дигар халқиятҳо бошанд[1].

Баъд аз шикаст ва қатли Пирӯз бародараш Балош ба сари қудрат меояд. Подшоҳии ӯ аз соли 484 то 488 тӯл кашидааст, вале аз чи сабаб бошад, ки Фирдавсӣ подшоҳии ӯро дар «Шоҳнома» панҷ солу шаш моҳу як рӯз гуфтааст, ки шубҳаовар мебошад. Баъд аз он ки ӯ ба тахт мешинад, ҳокими Сиистон – Суфройро вазифадор менамояд, то масъалаи баъдиҷангиро бо Ҳайтолиён баррасӣ намояд. Суфрой дар як муддати кӯтоҳ сипоҳ ҷамъ менамояд ва озими ҷанг бо Хушнавоз мегардад. Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» масъалаи баъдиҷангии Сосониён ва Ҳайтолиёнро дар нома навиштани Суфрой ба Хушнавоз шарҳу тавзеҳ додаст.

Яке нома бинвис зи Хушнавоз,
Ки «эй бехирад рубаҳи девсоз.
Гунаҳгор кардӣ ба Яздон танат,
Шавад мӯягар бар ту пироҳанат.
... Ман инак ба Марв омадам кинаҷӯй,
Намонам зи Ҳайтолиён рангу бӯй.
Асирону он хоста ҳар чӣ ҳаст,
К-аз ин размгоҳ омадастат ба даст
Ҳама боз хоҳам ба шамшери кин,
Ба Марв оварам хоки Тӯронзамин[2].

Тибқи қарордоди сулҳ миёни Сосониён ва Ҳайтолиён ҳамасола Сосониён ба Ҳайтолиён маблағи пулӣ ба ҳайси товони ҷанг мепардохтанд, ки барои империя хеле гарон буд. Сарчашмаҳои дигари румӣ ва арманӣ низ паёмади ин шикасти Сосониёнро хеле ваҳшатнок хондаанд. Фирдавсӣ мудҳиш будани ин хабарро барои мардуми Эрон ин тавр баён кардааст:

Ҷу огоҳӣ омад ба Эронсипоҳ,
Аз он кандаву разми Пирӯзшоҳ,
Хурӯше баромад зи кишвар ба дард,
Аз он шаҳриёрони озодмард[3].

Бо он ки ба тахт Балош менишинад, Қубод, ки писари Пирӯз буд, аз асирии Ҳайтолиён озод гашта, дубора ба назди Ҳайтолиён фирор менамояд ва аз онҳо паноҳгоҳ металабад.

Дар аҳди Балош (484-488), ки сарчашмаҳо ӯро шахси оромтабиат ва шоҳаншоҳи сулҳдӯст муаррифӣ намудаанд, равобити Сосониён ва Ҳайтолиён дӯстона будааст.[4]

Дар тули чор соли ҳукмронии Балош, Қубод дар назди Ҳайтолиён буд. Тибқи ахбори Балъамӣ баъд аз чор соли ҳукумати худ Балош мефавтад ва из ин Қубод огаҳӣ ёфта, ба Эронзамин бармегардад ва дар соли 488 тоҷи шоҳаншоҳӣ ба сар мениҳад [5].

Тибқи ахбори сарчашмаҳо амсоли Табарӣ ва бахусус «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Қубод шоҳаншоҳе буд, ки тавассути Ҳайтолиён сари қудрат омад ва дар замоне, ки кишварро мавҷи ҳаракати Маздакия фарогир буд ва ба хотири равобити наздик бо маздакиён, ӯ зиндонӣ гардид ва мулк ба дасти бародараш Ҷомосп афтид.

Бикуштанду бурданд аз айвон кашон,
Зи Ҷомосп ҷустанд аз он пас нишон.
Ки кеҳтар бародар буду сарфароз,
Қубодаш ҳаме паровардӣ ба ноз.
Варо баргузиданду бинишонданд,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд.

---

[1] Гафуров Б. Избранные труды. -М., Наука, 1985. – С. 488.
[2] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди VIII. – С. 27.
[3] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Вироиши Фаридуни Ҷунайдӣ. – С. 402-403.
[4] Исоматов М. Ирано - Среднеазиатские взаимоотношение по «Таърих-и-Табари». – С.111.
[5] Балъамӣ Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ. – С. 530.

Ба оҳан бубастанд пойи Қубод,
Зи фарру нажодаш накарданд ёд[1].

Ҷомосп баъд аз он ки сари қудрат меояд (496-498) Қубод аз зиндон фирор намуда назди Ҳайтолиён меравад ва кумак металабад. Аз сабаби он ки Ҳайтолиён барои дар сари қудрат будани Қубод манфиатдор буданд, ӯро ба хушӣ мепазиранд ва ба ӯ теъдоди муайяни сипоҳиёнро медиҳанд, ки бо мусоидати онҳо Қубод аз сари нав дар соли 498-499 касби қудрат менамояд[2].

Баъд аз дубора ба сари қудрат омадани дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар таъғироти куллӣ ба амал омад. Ӯ ҳамасола ба Ҳайтолиён хироҷ месупорд ва маоши сипоҳиёне, ки ӯро ҳимоя менамуданд, таъмин менамуд. Дар мубориза бо рақибони худ ӯ ба ин сипоҳиён такя менамуд[3]. Тибқи ахбори Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ҳангоме, ки Қубод дар назди Ҳайтолиён паноҳ мебурд, ӯ ба малики Ҳайтолиён ваъда дода будааст, ки ҳангоми бозгашт ва дубора ба тахти шоҳаншоҳӣ нишастан, мулки Чағониёнро ба Ҳайтолиён туҳфа менамояд. Ва далели ин гуфтаҳо суханони Хушнавоз ба Қубод шуда метавонанд, ки Фирдавсӣ ин суханонро ба таври зайл овардааст:

Бари шоҳи Ҳайтолиён шуд Қубод,
Гузашта суханҳо бар ӯ карда ёд.
Бигуфт он чӣ карданд эрониён,
Бадиро бубастанд яксар миён.
Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Аз бади Хушнавоз,
Ҳамоно бад-ин рӯзат омад ниёз.
Ба паймон супорам туро лашкаре,
Аз он ҳар яке бар сарон афсаре.
Ки гар боз ёбӣ ту ганҷу қулоҳ,
Чағонӣ маро бошаду ганҷу гоҳ[4].

Ҳамин тариқ, бо он ки Қубод тавассути Ҳайтолиён сари қудрат омад равобити дӯстонаи худро бо Ҳайтолиён идома бахшид. Дар ин давра сиёсати хориҷии Сосониён дар самти Шарқ бобарор буд. Дар соли 502-506 дар ҷанги Қубод бо Рум сипоҳиёни ҳайтолӣ ба ҳайси як қисми лашкари Сосониён ширкат намуданд. Баъд аз ғалабаи Сосониён сиҳоҳиёни ҳайтолӣ дар баробари сипоҳиёни сосонӣ соҳиби ғанимати бузург гардиданд[5].

Равобити Эрону Осиёи Миёна дар замони Хусрави Анӯшервон ба нуктаи авҷ мерасад. Фирдавсӣ низ дар ин бора маълумот додааст. Сарлавҳаи яке аз бахшҳои марбут ба замони Хусрави Анӯшервон «Разми Хоқони Чин бо Ҳайтолиён» ном дорад. Сипас аз барқарории равобити Эрону туркҳо сухан меравад, ки онро Фиравсӣ хоқони Чин меномад. Инҷо манзур на сарвари Чин, балки хоқони турк аст аст, ки аз асри VI дар сарнавишти Осиёи Миёна нақши калидӣ мебозад[6]. Натиҷаи ин гуфтушунид ва фиристодани номаву сафирон бастани ақди никоҳ байни духтари хоқон ва Хусрави Анӯшервон мегардад.

Пас аз тезутунд шудани робитаи туркҳо ва Ҳайтолиён, ки ба миёнаи асри VI рост меояд, Сосониён аз фурсати мусоид истифода карда, бо туркҳо алайҳи Ҳайтолиён иттиҳод мебанданд. Мо аз матни «Шоҳнома» мефаҳмем, ки ҳокими Ҳайтолиён дар ин давра Ғотифар ном доштааст. Ӯ аз ҷамъоварии лашкар ва кӯшиши муҳориба кардани лашкари Ҳайтолиён ёдовар шуда менависад:

Зи Балху зи Шукнону Омею Зам,
Силеҳу сипаҳ хосту ганҷу дирам.
Зи Хатлону аз Тирмизу Висагирд,
Зи ҳар се сипаҳ андаровард гирд[1].

---

[1] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. – С. 47.
[2] Симокатта. История. Перевод С. Кондратьева. – М-Л., 1957. – С. 51-52.
[3] Гиршман. Эрон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи М.Муин. – Теҳрон, 1336. – С. 304.
[4] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. – С. 50.
[5] Пигулевская Н. Сирийские источники по истории народов СССР. –М.- Л., 1941 С. 65.
[6] Гафуров Б.Г. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Душанбе., 1972. С. 232-235.
[1] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. Душанбе, 1990 – С. 79.

Муҳорибаи асосии байни Ҳайтолиён аз як тараф ва лашкари муттаҳидаи туркҳову Сосониён дар шаҳри Бухоро иттифоқ меафтад. Дар ин бора Фирдавсӣ чунин менависад:

Бухоро пур аз гурзу купол буд,
Ки лашгаргаҳи шоҳи Ҳайтол буд,
Ба ҷанг андаромад зи ҳар се сипоҳ
Зи тангӣ бубастанд бар бод роҳ[1].

Санаи ҷанги ҳалкунандаро муаррихон, аз ҷумла Б. Ғафуров байни солҳои 563-567 навиштаанд. Натиҷаи ин ҷанг аз байн рафтани давлати Ҳайтолиён ва тақсим гаштани сарзамини онҳо байни Сосониёну туркҳо буд. Ҳамин тавр, руёруӣ ё худ конфронтатсияи ин ду қудрат ба мавҷудияти давлати муқтадири Ҳайтолиён хотима бахшид.

Адабиёт:

1. Исоматов М.М. Ирано-Среднеазиатские взаимоотношение по «Таърих-и Табари» Балъами. Душанбе-Бишкек, 2006.
2. Таърихи Эрон қабл аз ислом. – Теҳрон, 1388.
3. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 7. – Душанбе, 1989.
4. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8. – Душанбе, 1990
5. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Вироиши Ф. Ҷунайдӣ. – Теҳрон, 1358
6. Таърихи Эрон. Қабл аз ислом. – Теҳрон, 1388.
7. Балъами. Таърих-и Табари//Рукопись НБТ им. Фирдоуси- №161. -Л. 139б; ал.-Йакуби. Таърих/Пер. на перс.яз. М.И. Ояти. -Тегеран, 1347. -Т. I.
8. Гафуров Б. Избранные труды. -Москва., Наука, 1985
9. Гафуров Б.Г. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Душанбе., 1972
10. Симокатта. История. Перевод С. Кондратьева. – М-Л., 1957. .
11. Гиршман. Эрон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи М.Муин. – Теҳрон, 1336.
12. Пигулевская Н.В. Сирийские источники по истории народов СССР. М.-Л., 1941.

ТАЪРИХИ БЕМОРИСТОНИ ҶУНДИШОПУР ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Қаҳҳоров Умед Ашӯраҳмадович *– муаллими калони кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

Дар давоми таърихи дурандарози қавмҳои ориёинажод аз сафарномаҳои содда оғоз намуда, аз тарафи дигар асарҳои илмии соҳаҳои гуногун ба табъ расидаанд. Дар онҳо доир ба таърих, корномаҳои зиёд, тамаддун ва фарҳанги мардуми мо маълумотҳои зиёд оварда шудааст. Аз ҷума дар қисмате аз онҳо доир ба риштаи илми тиб ва бемористонҳои давраи асримиёнагӣ маълумотҳои гаронбаҳое сабт гардидаанд. Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда, пайдоши илми пизишкӣ аз давраи қадим шурӯъ гардида, дар давраи асримиёнагӣ инкишофу такомул ёфтааст. Дар ҳофизаи таърих бемористон нақши муҳимеро иҷро намудааст. Бемористон дар давраи асримиёнагӣ яке аз муҳимтарин муассисаи дармонӣ ба шумор рафта, барои беҳдошти саломатии мардум ва такомули илми пизишкӣ хизмати босазо намудааст.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ ба мо маълум мегардад, ки дар сарзаминҳои аҷдодии форсу тоҷик даҳҳо бемористонҳои хурду бузург то ба вуқӯъпайвандии истилои муғулҳо вуҷуд доштаанд, ба монанди “бемористони Ҷундишопур”, “бемористони Язди Шероз”, “бемористони Нишопур”, “бемористони Марв”, “бемористони Хоразм”, “бемористони Бухоро”, “бемористони Самарқанд”, “бемористони Заранги Сиистон”, “бемористони Исфаҳон”, “бемористони Фирӯзобод”, “бемористони Тӯроншоҳ салҷуқии Кирмон” ва ғайраҳо мебошанд.

Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҳудуди давлати Сосониён бемористонҳои зиёде вуҷуд дошта будааст, ки дар байни онҳо аз ҳама машҳуртаринаш дар шаҳри Ҷундишопур, шаҳре ки дар Хузистони Эрон мебошад ва он дар миёни шаҳри Басраи Ироқу вилояти Форс қарор дорад, бо фармони Шопури I сосонӣ дар соли 271 [7] мелодӣ бунёд ёфтааст, воқеъ гардида

[1] Ҳамон ҷо – С. 81.

будааст. Ин муассиса бо номи академия ё ин ки донишгоҳ низ дар ҳофизаи таърих сабт гардидааст.

Шаҳри Ҷундишопур ҳамчун маркази бузургтарини тиббии давлати Сосониён ба шумор рафта, муҳимтарин маркази таълимию пажӯҳишии илми тиб дар ибтидои асримиёнагӣ маҳсуб меёбад. Сабаб дар он аст, ки ба қавли Абулфазл Хубайш Тифлисӣ "Академияи машҳури тиббии Ҷундишопур дар асри VI" [1,с.57] вуҷуд доштааст.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки донишгоҳ ва бемористони Ҷундишопур дар асрҳои панҷ то ҳафти мелодӣ, яке аз марказҳои илмӣ таҳқиқотӣ ва дармонӣ дар саросари ҷаҳон будааст, аз ҷиҳати сохтор, чорчӯбаи илмӣ ва мудирият дар сафи пеш қарор доштааст.

Ногуфта намонад, ки дар бемористони Ҷундишопур низоми таълиму табобат ва назорат дар дасти мубадони зардуштӣ қарор доштааст[5,с.42]. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, дар бемористонҳои замони сосонӣ шахсони бемор, сокинон ва ё ғарибҳову бебизоатро низ нигаҳдориву парастории мекардаанд ва пизишкон ба муоина ва муолиҷаи онҳо машғул мешуданд. Илова бар ин ба ақидаи И. Иброҳимӣ бештари бемористонҳо бар мардона ва занона ҷудо мегардидаанд[5,с.42]. Дар қисмати занонаи бемористон занҳои пизишк хизмат мерасонидаанд. Барои беҳбудии хизматрасонӣ шахсони масъул барои назорат аз ҷониби ҳукумат фиристода мешудаанд.

Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, зикр намудан ба маврид аст, ки Хусрави 1 Анушервон (531-579) дар соли 561 аввалин маротиба конгресси олимони тибби донишгоҳҳои давлатҳои мутарққиро дар донишгоҳи Ҷундишопур даъват намуда, барои таҷрибаиавзнамоиву баҳсҳои илмӣ ва инкишоф минбаъдаи илми тиб саҳми худро гузоштааст[6,с.32]. Дар ин масъала Сирил Элгуд низ дар асари худ таърихи пизишкии Эрон ва сарзаминҳои хилофати Шарқӣ ишора менамояд "воқеаи тиббии ҷолибе, ки нимаи даврони салтанати Анушервон рӯй дод ин буд, ки ба дастури вай анҷумани умумии пизишкон ба манзури баҳс ва мутолиа дар бораи масоили пизишкӣ дар Ҷундишопур ташкил шуд" [9,с.74]. Раёсати ин анҷуманро пизишки дарборӣ Ҷабраил ба зиммаи худ гирифта будааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки дар давраи ҳукмронии Сосониён баҳрнавардӣ ба дараҷаи баланд пешрафта будааст, ки он ба арабҳо ва аз онҳо ба баҳнавардии Аврупо низ таъсиргузор будааст[4]. Аз ин рӯ дар донишгоҳи Ҷундишопур нахустин бор дар ҷаҳон бемориҳои хусусияти баҳрнавардидоштаро низ ба навъҳо ҷудо намуда, пизишкони ин соҳаро омода менамудаанд. Ба навиштаи олими эронӣ И.Иброҳимӣ «дар замони сосонӣ дар донишгоҳи Ҷундишопур бахше ба гирдоварии иттилоот дар бораи бемориҳои дарёнавардон (маллоҳон) ва роҳҳои дармони онҳо ихтисос доштааст»[5,с.41].

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо дар ин донишгоҳ ва бемористон пизишкони эронӣ, юнонӣ, масеҳӣ, насронӣ, ҳиндиву суриёӣ ба тадрис ва таҳқиқу дармон машғул будаанд ва тибби хосси форсҳоро, ки дар зардуштӣ муҳимият дошт ҳосили пажӯҳишҳои пизишкон дар ин донишгоҳи байналмиллалии тиббӣ такмил мегардид ва омезаҳое аз тибби ҳиндӣ, юнонӣ ва зардуштиро падид меовард, ки ба пизишки хосс мактаби Ҷундишопур мавсум аст[5,с.7].

Табибони Ҷундишопур, бо истифода аз донишу малакаи табибони юнонию ҳиндӣ ва ба иловаи таҷрибаи тиббии худ як қатор китобҳои дарсиро низ дар ин замина омода намуда будаанд[2,с.56]. Чуноне ки Сирил Элгуд дар асари худ Таърихи пизишкии Эрон ва сарзаминҳои хилофати Шарқӣ фикри Қифтиро меоварад: Пизишконе, ки дар донишгоҳ ва бемористони Ҷундишопур фаъолият мекарданд дар риштаҳои илми тиб босуръат пеш мерафтанд. Аз ҷумла бо истифода аз дорушиносӣ равишҳои бадеӣ дар дармони бемориҳо таъсис карданд, ки аз равишҳои юнониён ва ҳиндуҳо бартару олитар буд. Ин пизишкон ҳамчунин равишҳои улуми дигаронро иқтибос ва онҳоро бо кашфиёти худ таъдил ва такмил доданд. Ба иловаи қавонин ва усули тиббиро танзим ва корҳоеро, ки анҷом дода буданд сабт мекарданд[9,с.68].

Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда, дар бемористони Ҷундишопур китобхона вуҷуд доштааст, ки дар он китобҳои зиёд оид ба илми тиб вуҷуд доштааст. Дар китобхонаи мазкур китобҳое, ки аз забони суриёнӣ ба забони форсӣ бо ибтикори табибони бемористон тарҷума

гардида буданд вуҷуд доштаанд, ки аз он табибон истифода мекардаанд[9,с.122] ва бештари инҳо бо ибтикори табибони бемористон баргардон мешуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои олимони эронию муҳаққиқони кишварҳри Ғарб номи як қатор раисону табибони машҳури Ҷундишопур ба мисли Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ, писари вай Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис, Иброҳим (шогирди Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ), Сирҷис, Исо ибни Шаҳлоно [Шаҳлофо], Ҷабраил ибни Бухтайшуъ, Бухтайшуъ ибни Ҷабраил, Шопур ибни Саҳл, Мосуя, ва даҳҳо нафарони дигарро ном бурдаанд. Ба навиштаи ин муҳаққиқони Шарқию Ғарбӣ яке аз чунин табибони маъруф, раиси бемористони Ҷундишопур Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ будааст, ки ӯ аз рӯи маълумотҳои дақиқ халифаи Аббосӣ - Абӯҷаъфари Мансурро табобат намуда будааст.

Бештари муҳаққиқони соҳа бар он назаранд, ки Ҷундишопур дар асри худ қисми бузургтарини маркази илмии ҷаҳон ба шумор рафта, барои чандин қарн донишҳои пизишкии эронзаминро пойдор нигоҳ дошта, бар наслҳои оянда интиқол додааст[5,с.40].

Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда халифа Мансур дар тӯли ҳаёти худ аз бемории дарди меъда ранҷ мекашидааст. Пизишки шахсии ӯ Ибн ал-Ҳалоҷ, ки дар сафари Макка халифаро ҳамроҳӣ мекард, ба дарди ӯ дармон ёфта наметавонад, гарчанде ки аз маслиҳатҳои утабои атроф низ истифода мекард. Ба гӯши халифа номи Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ ҳамчун табиби ҳозик раида буд. Дар ин муддат ба писари ӯ Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис табиб ва сарпарасти мадраса ва бемористони тиббии Ҷундишопур бо фармони халифа вогузор карда шуда будааст. Ҷирҷис бо ҳамроҳии ду нафар шогирдонаш Иброҳим ва Исо ибни Шаҳло азми Бағдод шуд. Ин ҳайъатро хуб истиқбол гирифтанд ва ба муолиҷаи беморӣ шурӯъ намуданд ва муолиҷа хуб анҷом пазируфт. Билохира аз Ҷирҷис хоҳиш ба амал оварда шуд, то ки ҳамчун сарпизишки халифа дар дарбор боқӣ бимонад[9,с.97].

Пас аз ин воқеаҳо дар дарбори хилофат пизишкони эронӣ барои дармони бемориҳои гуногун ҷалб гардиданд. Мувофиқи сарчашмаҳо Халифа Мансур барои чунин корнамоӣ ба Ҷирҷис ҳадя, ки аз сӣ канизи юнонӣ иборат будааст тӯҳфа менамояд, аммо Ҷирҷис онро комилан рад намуда будааст. Ҷирҷис дар дарбор то охири умри халифа Мансур адои хизмат намудааст. Дар охири умр халифа аз Ҷирҷис хоҳиш менамояд, ки дини ислом қабул намояд, аммо Ҷирҷис инро қабул намекунад ва аз халифа хоҳиш менамояд, то ки ба макони аслии худ Ҷундишопур баргардад. Халифа рози мегардад ва аз ӯ хоҳиш менамояд, то ки касеро ба унвони табиби дарбор пешниҳод намояд. Ҷирҷис ба ин вазифа Исо ибни Шаҳлоро, ки дар давоми умр бо ӯ буд пешниҳод менамояд, халифа ин таклифро мепазирад ва Исоро табиби дарбор эълон менамояд[9,с.98].

Лозим ба ёдоварист, ки мувофиқи маълумотҳо Ҷирҷис на фақат бо дониши тиббии худ дар байни омма машҳур гардида будааст, инчунин дар тарҷума низ шӯҳрати зиёд ба даст оварда будааст. Ӯ нахустин касе буд, ки ба тарҷумаи китоб ва осори тибби ба забони арабӣ машғул шудааст[2,с.20-21].

Аз олимон ва донишмандону пизишкон чунон мероси гаронқадре, пас аз зуҳури ислом ва омезиши тамаддуни ҷаҳонии ин оин, ситорагони дурахшонеро ба олами тиб арзи ҳастӣ карданд, ки барои қарнҳо муҳимтарин муроҷиати тиббӣ ҷаҳон маҳсуб мегарданд. Аз ҷумлаи онҳо Олӣ Бухтайшуъ (силсилаи ин хонадон шаш насл, муддати 250 сол дар Ҷундишопур ба тадрис ва дармон машғул будаанд)[8], Ибни Мосуя, Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Алнақурӣ, Маҷусии Аҳвозӣ, Раббан Табарӣ, Ҳаким Майсарӣ, Аховайни Бухорӣ, Абӯсаҳл Масеҳии Ҷурҷонӣ, Абӯмансур Муваффақи Ҳиравӣ, Ибни Қорани Розӣ, Абӯмансури Қамари Бухорӣ, Ибни Сино, Саид Исмоили Ҷурҷонӣ, Айназзамон Қаттони Марвазӣ, Ибни Мансури Ҷимонӣ, Маҳмуди Чағминӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Муҳаммадҳусайн Ақили Шерозӣ, Муҳаммад Акбар Арзанӣ, Юсуфи Ҳиравӣ, Рустами Гургонӣ, Нуриддин Шерозӣ, Шифои Кошонӣ ва дигаронро номбар намудан мумкин аст, ки аз афроде мебошанд, ки дар пешбурди донишҳои пизишкӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон осори мондагор ва қобили эътибор аз худ боқӣ гузоштаанд. Ҳатто осори Розӣ, Ибни Сино ва Ҷурҷонӣ ба унвони маъхази илмӣ мавриди истифодаи бисёре аз донишкадаҳо ва ҳавзаҳои илмӣ аз давраи офариниши асар то имрӯз мебошанд. Дар натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии олимони замон илми тиб рӯ ба тараққӣ ниҳода буд, ба қавли Сирил

Элгуд пизишкии эронзамин, ки баъдан дар Ҷундишопур ва пас аз он дар Бағдод тавсеъа ёфтаанд умуман бар рушди илми тиб онҳ поягузорӣ шуда будаанд[9,с.52].

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки пас аз ҷорӣ гардидани дини ислом дар Эронзамин шукуҳ ва шаҳомоти Ҷундишопур на танҳо паст нагардид, балки нуфузу эътибори он дар олами ислом, дар давраи хилофати Аббосиён ба маротиб баланд гардид. Ба хусус дар замони хилофати Ҳорунаррашид, ки ӯ Ҷабраил писари Бухтайшуъро аз Ҷундишопур барои дармони бемории худ даъват намуда буд, аз рӯи баъзе маълумотҳо пас аз шифо ёфтанаш барои вай дар Бағдод бемористонеро бо номи Рашид дар соли 787 таъсис медиҳад, ки он аввалин бемористони ба мисли Ҷундишопур дар давраи исломӣ будааст[3].

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ бемористонҳо ва дармонгоҳҳои пойтахти хилофат (Бағдод) дар муҳити арабӣ шакл гирифта бошад ҳам аммо сарпарасторон, сохтор ва равиши дармонӣ таҳти назари фарҳанги форсҳо-эрониҳо ва махсусан таълими донишгоҳ ва бемористони Ҷундишопур будаанд[3].

Яке аз охирин хизматҳои ба ҷо овардаи донишгоҳи Ҷундишопур он аст, ки нигориши китобе дар бораи дорусозӣ ба василаи Собур ибни Саҳл дар соли 829 буд, ки дар саросари қаламрави хилофати шарқӣ пазируфта шуда ва шояд нахустин китоби дорушиносии ҷаҳон бошад. Исмоил ибни Ҳасани Ҷузҷонӣ дар “Захираи Хоразмшоҳӣ” ки дар соли 1120 нигошта шудааст, истеъмоли доруҳое, ки дар бемористони Ҷундишопур қоидаи аввал будааст ёд мекунад[9,с.69-70].

Ҳамин тавр, аз қадимулайём барои рушди илми тиб ва дар ибтидои асрҳои миёна ба бунёди бемористонҳо қавмҳои ориёӣ нақши муҳими худро гузоштаанд. Ҳатто пас аз ҷорӣ шудани дини ислом системаи идори, табобати ин бемористони Ҷундишопур пойдор монда, пизишкони бемористони мазкур ҳамчун пизишки дарбори хилофат ва дар ҳайъати бемористонҳои хилофат ба хизмати пизишкӣ падохтаанд.

Адабиёт:

1. Абулфазл Хубайш Тифлисӣ. Описание Ремесел. (перевод с персидскоговведение и комментарий Г.П. Михалевич) Москва: 1976. С. 57 .
2. Аҳмад Исобак. Таърихи бемористонҳо дар Ислом. Тарҷумаи доктор Нуруллоҳ Кисоӣ.Теҳрон 1371. - с.20-21.
3. Доктор Ҳасан Тоҷбахш. Таърихи бемористонҳо корномаи дурахшони Эрониён //http://ensani.ir/file/download/article/20120426105617-4034-514.pdf (санаи мурочиат: 03.04.2024)
4. Заходер Б. Иран при Сасанидах // Исторический журнал. Декабр 1936. //http://libmonster.ru/m/articles/view/ИРАН-ПРИ-САСАНИДАХ (санаи мурочиат: 05.04.2024).
5. Иброҳимӣ И. Таърихи дармонгоҳ ва бемористон дар Эрон баъд аз ислом. – Табрез, 1394. с. 41.
6. Исҳоқӣ Ю.Б., Тоҷиев Я.Т. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. Душанбе: ДДТТ, – с.32.
7. Муҷтабо Гарованд, Баширӣ Озарҷӯ. Ҷойгоҳи илми пизишкӣ дар Донишгоҳи Ҷундишопур ва таъсири он бар марокази илмии тамаддуни исломӣ. //http://ensani.ir/file/download/article/2017020807 2547-10066-113.pdf (санаи мурочиат: 08.04.2024).
8. Муҳаммадбоқир Ояталилоҳӣ. Ҷундишопур аз тулуъ то уфул. //http://ensani.ir›fa/article/author/126183 (санаи мурочиат: 09.04.2024).
9. Сирил Элгуд. Таърихи пизишкии Эрон ва сарзаминҳои хилофати Шарқӣ. Тарҷумаи доктор Боҳир Фурқонӣ. Теҳрон: 1356. с.68.

СИККАҲОИ КУШОНӢ-СОСОНӢ ВА СОСОНӢ ДАР ОСОРХОНАИ МИЛЛӢ

Каримдодов Миралӣ Замонович *– муовини сардори раёсати фондӣ ва бақайдгирии Осорхонаи миллии Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Муассисиаи давлатии “Осорхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҷамъоварӣ ва ҳифзу муаррифии осори нодири таърихӣ, ҳамзамон ба ҷамъоварӣ ва нигаҳдории сиккаҳои қадим ва асримиёнагӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ҳамин аст, ки то имрӯз коллексияи нумизматии осорхона ба беш аз 21 ҳазор расидааст[6. 83-87]. Барои муайян намудани муомилоти пулии ҳудуи имрӯзаи Осиёи Миёна,

махсусан Тоҷикистон дар асрҳои III-VI м. сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ маводи муҳим ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин, дар Осорхонаи миллӣ шумораи муайяни чунин сиккаҳо ҳифз мешаванд, ки дар ин мақола таърихи ҷамъоварӣ ва мушаххасоти илмии онҳо ба таври фишурда пешкаши хонандагон мегардад.

Дар байни сиккаҳои давраи баъди Кушониён, ки дар Тоҷикистон бозёфт шудаанд, қисми муҳимми онҳоро сиккаҳои мисии кушонӣ-сосонӣ ташкил медиҳад. Ин навъи сиккаҳо аз ҷониби ҳокимони маҳаллие, ки онҳоро шоҳони сосонӣ дар минтақаҳои забтгардидаи Кушониён таъёин карда буданд, бароварда мешуданд.

Таҳқиқу омӯзиши сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ зиёда аз 180 сол боз аз ҷониби сиккашиносони ҷаҳонӣ идома дорад. Ин навъ сиккаҳо дар аввал бо номи ҳинду–сакоӣ [13. 472], сакоӣ-сосонӣ [11. 93-128] ва сипас кушонӣ-сосонӣ[12.] омӯхта шудаанд. Дар омӯзиш ва даврабандии сиккаҳои кушонӣ–сосонӣ бештар саҳми сиккашиносон Э. Ҳертсфелд, А. М. Вилсон, Р. Гёбл, О. И. Смирнова, Е. А. Давидович, А. Наймарк, Ж. Батай, Р. Куре, А. Бивар ва Е. В. Зеймал назаррас мебошад. Назарияҳои мухталиф ва баҳсу фарзияҳои доманадор миёни олимону муҳаққиқон оид ба истилои давлати Кушониён аз ҷониби кадом шоҳи сосонӣ ва ба муомилот баровардани сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ дар сарзамини Кушониён таи ду садда боз давом дорад, аз ин лиҳоз муҳаққиқон ва сиккашиносон чунин навъи маскукотро вобаста ба назария ва натоиҷи таҳқиқоти худ ба шоҳони сосонӣ нисбат медиҳанд. Муҳаққиқи варзидаи аврупоӣ А. Неймарк чунин навъ сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ, ки дар руйи онҳо тасвири ростои шоҳ бо тоҷи баланди зинадор аст ба Ардашери I нисбат медиҳад. Ба андешаи В. Г. Луконин оғози зарби сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ дар шарқи Эрон ба замони охирин солҳои ҳукумронии шоҳаншоҳи сосонӣ Шопури II (солҳои 309-379) рабт дошта, аз муомилот баромадани онҳо ба асри V. м. рост меояд[9. 16-33]. Баъд аз омӯзиши сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва андешаҳои олимону сиккашиносон метавон чунин хулоса кард, ки дар замони Ардашери I давлати Кушониҳо вуҷуд дошт ва сиккаҳои шоҳони кушонӣ дар муомилот буданд, вале дар мавриди муомилоти сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ дар Бохтар омӯзиш ва таҳқиқи васеътарро талаб менамояд.

Дар такя ба омӯзиши навъҳо (тип) сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ метавон ҳадс зад, ки онҳо дар се зарбохона бароварда шуданд. Сиккаҳои сосонӣ-кушониро ба се гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи аввал сиккаҳои сосонӣ-кушонӣ, ки аз тилло, нуқра ва мис зарб шудаанд. Дар рӯйи сиккаҳо тасвири анъанавии сосонӣ нимтанаи шоҳ бо тоҷи шахсӣ ва бо хати паҳлавӣ ва бо забони порсии миёна ҳакк гардидааст. Ба ақидаи Е. В. Зеймал ин навъ сиккаҳо дар заробхонаҳои Марв ва Ғайрат зарб шудаанд[4. 258-259].

Гурӯҳи дуюм бо номи сиккаҳои Кубод машҳуранд. Ба ин гурӯҳ сиккаҳои мисии ғавсиашон 3-4 мм ғавстар аз сиккаҳои гурӯҳи якум дохил мешаванд. Дар рӯй ва пушти сиккаҳо тасвири нимтанаи шоҳ бо тоҷи шахсӣ ва оташдон тасвир ёфтаанд. Дар ин навъ сиккаҳо мисли сиккаҳои гурӯҳи аввал тасвири анъанвии сосонӣ дида мешавад, аммо дар баробари хати паҳлавӣ хати бохтарӣ низ мушоҳида мешавад[4. 259].

Сеюм гурӯҳ сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ мебошанд, ки ба сиккаҳои Васудева шабоҳат доранд. Ин навъ сиккаҳо аз тилло ва мис зарб шудаанд. Дар рӯйи сиккаҳо тасвири ростои шоҳи охирони кушонӣ Васудева назди оташдон ва дар пушти он тасвири Шива назди говмеш Нандӣ ҳаккокӣ шудааст. Дар сиккаҳои гурӯҳи сеюм хати бохтарӣ дида мешаванд, аммо ба ақидаи В. Г. Луконин барои интишори катибаҳои Порсии Миёна мувофиқ карда шудаанд. Сиккаҳои тиллоӣ гурӯҳи сеюм бештар ба сиккаҳои аслии Васудева шабоҳат доранд, аммо сиккаҳои миси бошад аз рӯйи сохт ва тунук будан, бештар ба сиккаҳои сосонӣ-кушонӣ ва сосонӣ хеле монанд мебошанд. Сиккаҳои гурӯҳи сеюм дар заробхонаи Балх зарб шудаанд.

Сиккаҳои Кубод бештар дар Таксилаи Ҳиндустон ва дар водии дарёи Своти (Буткара) Покистон ёфт шудаанд, ки баъзе аз сиккашиносон бар онанд, ки сиккаҳои Кубод махсус барои шоҳони Гандҳара (Ҳиндустон) зарб мешуданд. Ин навъ сиккаҳо дар Осиёи Миёна ва Афғонистон низ ёфт шудаанд. Бозёфти сиккаҳои Кубод аз Осиёи Миёна аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин вақт низ муомилоти тиҷоратӣ байни Ҳиндустон ва Осиёи Миёна идома дошт[4. 259].

Дар Осорхонаи миллӣ дар қатори дигар сиккаҳо 18 адад сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва 38 адад сосонӣ-кушонӣ ҳифз ва муаррифӣ мегарданд[8.], ки аз рӯйи тақсимбандии В. Е. Зеймал ба

гурӯҳи якум ва сеюм дохил мешаванд. Аз ин миқдор 17-адад ба Фирӯз I, 4-адад ба Фирӯз II, 18-адад ба Ҳурмузд I, 2-адад ба Шопур II тааълуқ доранд. Ҳамзамон, 15-адади дигар аз сабаби суфта шуда номуайян боқӣ монданд. Сиккаҳо ҳама аз ҳудуди Тоҷикистон ёфт шуда, оид ба муомилоти пулии Тахористони шимолӣ дар асрҳои III-V м. маълумот медиҳанд. Бештари сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ, ки дар Осорхонаи миллӣ ҳифз мешаванд, аз ҷануби Тоҷикистон дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ якҷоя бо сиккаҳои пайравонаи шоҳони кушонӣ ва бозёфтҳои тасодуфӣ ёфт гардидаанд.

Соли 2006 ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз ҷониби шаҳрванд Илёсов И. истиқоматкунандаи ноҳияи Қубодиён деҳаи Гузари Боло ганҷинаи сиккаҳои мисӣ пешниҳод шуда буд. Бо эҳтимоли зиёд ганҷина аз худи ноҳияи Қубодиён ёфт гардидааст. Аксари онҳоро сиккаҳои пайравонаи шоҳони кушонӣ ташкил медиҳанд. Ганҷинаи мазкур аз 199 сиккаи мисӣ ва як сиккаи нуқрагӣ иборат мебошад. Аз шумораи умумӣ 7-адад онро сиккаҳои сосонӣ-кушонӣ ташкил медиҳанд[5].

Чуноне, ки дар боло зикр намудем, бештари сиккаҳоро пайравонаи шоҳони кушонӣ ташкил медиҳанд ва маълум аст, ки ганҷина дар замони аз байн рафтани империяи кушониҳо дар замони дар муомилот будани сиккаҳои пайравона ҷамъоварӣ шудааст. Дар таркиби ин ганҷина 5-адад сиккаи сосонӣ-кушонӣ низ ёфт гардидааст, ки шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ин минтақаҳо махсусан дар ҷануби Тоҷикистон сиккаҳои пайравонаи кушонӣ ҳамроҳ бо сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ дар муомилот қарор доштанд.

Ҳамзамон дар соли 2020 дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ дар ёдгории Ҳалқаҷар ҳамроҳ бо сиккаҳои пайравонаи кушонӣ як адад сиккаи сосонӣ-кушонӣ низ ёфт шуда буд, ки ин ҳам шаҳодат аз он медиҳад, ки сиккаҳои сосонӣ-кушонӣ чанд муддат дар муомилот бо ҳамроҳии сиккаҳои пайравонаи шоҳони кушонӣ қарор дошанд[7. 95-100].

Дар асоси сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ-кушонии Осорхонаи миллӣ ва дигар бозёфтҳо аз ҳудуди ҷумҳурӣ метавон гуфт, ки дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон пас аз сиккаҳои кушонӣ ва пайравонаи кушонӣ маҳз сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ-кушонӣ қарор доштанд. Яъне ҷойивазкунанадаи сиккаҳои кушонӣ ва пайравонаи кушонӣ дар ин сарзамин сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ мебошанд, ки мардум доду гирифти худро маҳс бо ин сиккаҳо то ба муомилот баромадани сиккаҳои сосонӣ ва ҳайтолӣ идома додаанд.

Шоҳони сосонӣ барои сиккаҳои худ аз ном ва воҳидҳои маскукоти Ашкониҳо (ва румиҳо) васеъ истифода намудаанд, масалан: сиккаҳои тиллоӣ- динор аз истилоҳи румии denarius aureus гирифта шудааст. Дар рӯйи сиккаҳои шоҳони сосонӣ ба мисли сиккаҳои ашкониҳо нимрухи шоҳ тасвир ёфтааст, аммо симои шоҳон ба самти рост нигаронида шуда тоҷҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Пушти сиккаҳо бештар барои тасвири эътиқодоти динӣ истифода мешуд.

Симои шоҳаншоҳон тавассути тоҷҳо ва катибаи сиккаҳо шинохта мешавад. Дар пушти сиккаҳо оташдон ва оташи фурӯзон, сипас баъдтар дар сиккаҳои сосониҳо боз як нимрух дар болои оташдон изофа мешавад. Баъди ислоҳоти пулии Қубоди I дар асри V дар пушти сиккаҳо соли барориш ва номи зарбхонаи шаҳр бо хатти паҳлавӣ навишта мешавад.

Истилоҳоти сиёсӣ- динӣ дар даври сиккаҳо навишта мешуданд. Сиккаҳои шоҳони сосонӣ ба мисли сиккаҳои баъзе сулолаҳои пешин аз маводи нуқраи баландсифат сохта мешуданд. Арзиши асосии воҳиди сиккаҳо драхма буд.

Сиккаҳои мисии Сосониҳо бештар дар муъомилоти рӯзмарраи савдогарони маҳаллӣ истифода мешуд. Ҳамчунин сиккаҳои зарбзадаи ашкониҳо низ дар муъомилот истифода мешуданд. Сараввал сиккаҳои тиллоӣ- динорҳо барои нуфузи баландро нишон додан зарб мезаданд. Ин гуна сиккаҳо хело кам зарб шудаанд.

Шоҳаншоҳии сосониҳои бузург ва хоки он паҳновар буда, аз сарзамини Евфрат то наздикиҳои Арабистони имрӯза дар ғарб, то Ҳиндустон дар шарқ, аз укёнуси Ҳинд то ҷануби Қафқоз, Баҳри Хазар, Бохтар ва шаҳрҳои Суғдро дар шимол дар бар мегирифт.

Аз ин лиҳоз дар шаҳрҳои гуногуни империя зарбхонаҳо вуҷуд доштанд, ки аз номи шоҳаншоҳони сосонӣ аз ҷинсоти тилло, нуқра, мис ва биринҷӣ бо миқдори зиёд сикка бароварда, муъомилоти пулии дохилӣ мамлакатро тараққӣ дода, онро дар низом нигоҳ

медоштанд. Ҳамчунин маскукоти тиллоӣ- динорҳо берун аз давлат дар гардиш буда, тоҷчирон онҳоро барои хариду фурӯши байни мамлакатҳо васеъ истифода мекарданд.

То кунун зиёда аз 45 номи шаҳр аз рӯйи сиккаҳо муайян шудаанд, аммо тардиде нест, ки ин феҳраст ҳанӯз ноқис аст. Инчунин дар сиккаҳо рамзҳо гузошта шудааст, ки заробхонаҳоро метавон аз рӯйи онҳо аз якдигар ҷудо намуд.

Дар асри IV дар аҳди ҳокимияти яке аз шоҳаншоҳони маъруфи сосонӣ- Шопури II зарб задани сиккаҳо бо миқдори зиёд мушоҳида мешавад. Шубҳае нест, ки чунин иқдом бо мақсади пардохт намудани ҷанговарони артиши сосониҳо нигаронида шуда буд. Баъзан барои пардохти маблағи ҳарбиён зарбхонаҳо дар наздикиҳои майдони ҷанг, (барои осонтар шудани пардохт) месохтанд. Аммо ин гуна зарбхонаҳо муваққатӣ буда, дер амал намекард, балки пас аз хотимаи ҷанг(ва ё шояд каме дертар) фаъолияташон қатъ мегардид.

Шумораи умумии шоҳаншоҳони сосонӣ 39 нафар мебошанд. Дар миёни онҳо шоҳаншоҳони номдори сосонӣ Ардашери Бобакон (224-241), Шопури I (241-272), Баҳроми I (274-277), Шопури II, (309-379), Яздигурди I (399-420), Баҳроми V (420-438), Пируз (459-484), Қубод (499-531), Хусрави I, Анушервон (531-579) ва Яздигурди III ба шумор мераванд.

Шоҳаншоҳони сосонӣ сар карда аз Ардашери Бобакон то охарин ҳукуматдори онҳо Яздигурди III аз номи худ сиккаҳо зарб задаанд.

Дигаркунии типологияи сиккаҳо дар аҳди Қубоди I ва Хусрави I ислоҳоти пардохти боҷи давлатӣ ва пардохт барои молҳои воридотиву содиротӣ бо дирҳам- драхма оварда расонд.

Ҳукуматдорони сосонӣ бо сабабҳои номаълум аз фулузоти тилло ва мис ниҳоят кам сикка зарб задаанд. Онҳо бештар сиккаҳои нуқрагӣ мебаровардаанд, ки баробар ба вазни сиккаҳои атиқа- драхма 4.25 гр буд. Аммо дар аҳди шоҳони охарини сосонӣ вазни сиккаҳои мазкур боз кам карда мешавад. Сосониҳо дар воҳидҳои тетрадрахма (16-17 гр), драхма (4-4.25 гр), нимдрахма (2-2.10 гр), диобол(1/3 драхма) ва обол(1/6 драхма) бо миқдори ниҳоят зиёд сикка зарб задаанд.

Дар Осорхонаи миллӣ 48 адад сиккаҳои нуқрагии сосонӣ ва як адад сиккаи мисӣ ҳифз ва муаррифӣ мегарданд[8]. Сиккаҳо ҳама аз ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ ба даст омада, дар мавриди муомилоти пулӣ ва савдои сосониҳо дар ин минтақа маълумот медиҳанд. Бештари сиккаҳои сосонӣ, ки дар Осорхонаи миллӣ ҳифз мегарданд, дар таркиби ду ганҷина вориди осорхона гардидаанд.

Ганҷинаи аввал аз 40 сиккаи нуқрагӣ иборат буда, соли 2014 аз ноҳияи Ҷайҳун (собиқ Қумсангир) тасодуфан ёфт гардидааст. Ганҷинаро сиккаҳои се шоҳи сосонӣ Хусрави I, Ҳурмузд IV ва Хусрави II ташкил медиҳанд[2. 20].

Ганҷинаи дуюм соли 1950 ҳангоми кофтани канал дар шаҳри қадимаи Душанбе пайдо гардида буд. Таркиби ганҷинаро сиккаҳои шоҳони сосонӣ Яздигурди I (1-дона), Баҳроми V (28-дона) ва Яздигурди II (10-дона) ташкил медиҳанд.

Соли 1952 ганҷина бори аввал аз ҷониби Н.Н. Забелина таҳқиқ шуда[3. 73-85], дар шакли кӯтоҳ маълумот нашр намудааст. Мутобиқи навиштаи муаллиф ганҷина аз 39 сиккаи сиҳат ва якчанд сиккапора таркиб ёфтааст. Такя ба нашри Н. Н. Забелина бостоншинос ва сиккашиноси дигар Е. А. Давидович низ дар китоби худ дар мавриди ин ганҷина мақола ба нашр расонидааст[1. 61]. Соли 2011 маълумоти бештар дар мавриди ин ганҷина аз ҷониби А. Гариболдӣ ва А. Шарифзода ба нашр расидааст[10. 127]. Мутобиқ ба навиштаи онҳо ганҷина аз 26 сиккаи сиҳат ва 12 сиккапора таркиб ёфтааст. Ҳамзамон соли 2018 ганҷина аз ҷониби Д. Довудӣ низ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифта, шумораи сиккаҳои сиҳат 10 адад ва 11 адад сиккапораҳо нишон дода шудааст[2. 19]. Айни ҳол ганҷина дар фонди Осорхонаи милии Тоҷикистон таҳти рақами КП-1345, инв-1479 ҳифз ва муаррифӣ мегардад. Баъд аз таҳқиқи дубора маълум гардид, ки таркиби ганҷинаро 8–адад сиккаи сиҳат, 7–адад пораи калон ва 18–адад сиккапора ташкил медиҳанд[5.]. Сабаби кам шудани сиккаҳо ин ба дигар Осорхонаҳо супоридани онҳо мебошад[1]. Инчунин, 3-адад сиккаи таркиби ин ганҷина соли 2010 аз

[1] Тибқи санади содиротии Осорхонаи миллӣ аз 12.07.2022 аз ҷониби собиқ сардори раёсати фондӣ ва бақайдгирӣ Боймуродова З. 52-адад экспонат ба Осорхонаи шаҳри Душанбе “Майдони Истиқлол” супорида шудаанд, ки дар

Осорхонаи миллӣ ба номи К. Беҳзод дуздида шудаанд. Ҳамзамон, як сиккаи миси дар таркиби дигар сиккаҳо ба осорхона ворид гаридааст, ки мутасифона ҷойи аниқи ёфт шудани он маълум нест. Бояд зикр намоям, ки соли 2021 аз ҷониби як шаҳрванд сиккаи нукрагии Шопури I барои ташхис ба устод Д. Довудӣ пешниҳод шуда буд. Мутасифона ҷойи аниқи бозёфти он сикка низ муайян набуд аммо бо эҳтимоли зиёд аз ҳудуди Тоҷикистон ёфт шудааст. Яъне бо ин далел ман мехоҳам гӯям, ки дар замони аввалин шоҳони сосонӣ аллакай дар ин минтақаҳо гардиши сиккаҳои ба мушоҳида мерасад вале ба авҷи тараққиёт расидани муомилоти пулӣ ва гардиши сиккаҳои сосонӣ ба замони ҳукумронии Баҳроми V, Хусрави I, Ҳурмузд IV ва Хусрави II рост меояд.

Такя ба сиккаҳои қадими Осорхонаи миллӣ ва умуман Тоҷикистон ва дигар сиккаҳои минтақа метавон зикр кард, ки муомилоти пулӣ ва гардиши сиккаҳо дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аллакай дар замони империяи Ҳахоманишинҳо оғоз гардидааст. Сиккаи Лидя низ аз ин ҳудуд ёфт шудааст. Яъне аллакай дар асрҳои VI-V п.м дар ҳудуди Тоҷикистони имруза гардиши сиккаҳо ва муомилоти пулӣ ба роҳ монда шуда буд. Рушди муомилоти пулӣ ва гардиши сиккаҳо дар замонӣ қадим ба асрҳои 3-2 п. м. ба замони ҳукуматдории Юнону–Бохтар рост меояд. Дар замони Кушониён муомилоти пулии ин минтақаҳо ба авҷи тараққиёти худ мерасад. Баъд аз кушониҳо гардиши сиккаҳо дар ин минтақа каме коҳиш меёбад. Яъне дар аввали запткориҳои сосониҳо сиккаҳои шоҳони аввали сосонӣ дар ин минтақаҳо кам дар муомилот карор доштанд. Ва баъдан дар миёнаи ҳукумронии сосониҳо дар ин минтақаҳо муомилот дубора рушд мекунад.

Адабиёт:

1. Давидович Е. А. Клад древних и средневековых монет Таджикистана/ Е. А. Давидович.–Москва: “Наука”, 1979.–462 с.
2. Довудӣ Д. Бухархудатские, сасанидские и омейядские дирхамы Таджикистана / Д. Довудӣ.– Душанбе: “ЭР-граф”, 2018. – 172 с.
3. Забелина Н. Н. Обзор древнейших монет из коллекций Республиканского историко-краеведческого музея Таджикской ССР. / Н. Н. Забелина. Сообщения Республиканского историко-краеведческого музея Таджикской ССР. Вып. I. Археология. Сталннабад. 1952, с. 73 -85.
4. Зеймал. Е. В. Древние монеты Таджикистана /Е. В. Зеймал. - Душанбе: Дониш, 1983. -344 с.
5. Каримдодов М.З., Шарифзода А.А. Ганҷинаи сиккаҳои қадими Осорхонаи миллӣ / М.З Каримдодов., А.А. Шарифзода. –Душанбе: “Шинос”,-2023.-204 саҳ.
6. Каримдодов М. Ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии сиккаҳо дар МД ОМТ/ М. Каримдодов. Ахбори МД ОМТ №4. Душанбе: ЭР-граф, 2021. Саҳ-83-87
7. Каримдодов М. Бозёфти сиккаҳои қадим дар ёдгории Ҳалқаҷар дар соли 2020 /М. Каримдодов. – Душанбе, Ахбори МД ОМТ № 5 С-2022. Саҳ-95-100.
8. Китобҳои воридотии “Осорхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
9. Луконин В. Г. Кушано-сасанидские монеты/ В. Г. Луконин.— ЭВ. Вып. XVIII. 1967, с. 16—33.
10. Шарифзода А., Гарибольди А. Сасанидский клад из Душанбе / А. Шарифзода, А. Гарибольди. Мероси ниёгон № 13, Душанбе, 2010, саҳ-127
11. Cunningham A. Later Indo-Scythians/ A. Cunningham. NC. 3rd ser. Vol. XIII. 1893. P. 93-128, 166-202;
12. Herzfeld E. Kushano-Sasanian Coins. («Memoirs of the Archaeological Survey of India», No 38)/ E. Herzfeld.–Calcutta, 1930
13. Wilson H. H. Ariana Antiqua. A descriptive account of the antiquities and coins of Afganistan/ Wilson H. H. London, 1841.–472 p.

КУШАНО-САСАНИДСКИЕ И САСАНИДСКИЕ МОНЕТЫ В НАЦИОНАЛЬНОМ МУЗЕЕ

Аннотация: Основу статьи составляют пояснения и описание 56 кушано-сасанидских монет и 49 сасанидских монет Национального музея. В статье монеты классифицированы по годам, а также представлено полное описание их аверса и реверса. В данной статье автор также постарался предоставить информацию о торговых и денежных операциях в Средней Азии в IV-VI веках. Вместе с тем в статье представлены мнения отечественных и зарубежных нумизматов о кушано-сасанидских и сасанидских монетах. В статье автор приводит собственные размышления и исследования об этих монетах. В результате на основе исследований нумизматов кушано-сасанидских и сасанидских монет Национального музея определено денежное обращение Средней Азии и особенно Таджикистана в IV-VI веках.

Ключевые слова: *чеканка, божество, Национальный музей Таджикистана, изображение, клад, сасанидские цари, валюта, нумизмат, исследования, торговля, Средняя Азия, кушано-сасанидские монеты.*

таркиби онҳо 11 сиккаи сосонӣ мебошад. Аз ин миқдор 7-адад аз таркиби ганҷинаи Душанбе ва 4-адад аз таркиби ганҷинаи Ҷайҳун мебошанд.

KUSHANO-SASANIAN AND SASANIAN COINS IN THE NATIONAL MUSEUM

Annotation: The article is based on explanations and descriptions of 56 Kushano-Sasanian coins and 49 Sasanian coins of the National Museum. The article classifies the coins by year, and also provides a full description of their obverse and reverse. In this article, the author also tried to provide information about trade and monetary transactions in Central Asia in the 4th-6th centuries. At the same time, the article presents the opinions of domestic and foreign numismatists about Kushano-Sasanian and Sasanian coins. In the article, the author provides his own thoughts and research about these coins. As a result, based on the research of numismatists of Kushano-Sasanian and Sasanian coins of the National Museum, the monetary circulation of Central Asia and especially Tajikistan in the 4th-6th centuries was determined.

Key words: *coinage, deity, National Museum of Tajikistan, image, treasure, Sasanian kings, currency, numismatist, research, trade, Central Asia, Kushano-Sasanian coins.*

Сведения об авторе: Каримдодов Мирали Замонович - заместитель начальника отдела фонда и регистрации "Национального музея" - Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр, Сино . E–mail: mkarimdodov@mail.ru

Information about the author: Karimdodov Mirali Zamonovich - Deputy Head of the Fund and Registration Department of the "National Museum" - of Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue, Sino. E–mail: mkarimdodov@mail.ru

БОЗТОБИ АХЛОҚ ВА БАРРАСИИ МАСЪАЛҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ЁДГОРИҲОИ ХАТТИИ ЗАМОНИ СОСОНИЁН

Каримов Қ. *- унвончӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

Дар давраи Сосониён мероси хаттӣ дар шакли достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо ва қитъаҳо таълиф карда шуда, пурра тамоили ривоятӣ ва асостирӣ надоранд, балки фарогири рукнҳои фалсафаи амалӣ мебошанд. Масалан, «Бундаҳиш» аз зумраи осори хаттии аҳди Сосониён ба ҳисоб рафта, аз 22 бахш иборат мебошад. Ёдгории мазкур мазмунан тамоили фалсафӣ-ахлоқӣ ва ривоятӣ дорад. Аввалан, дар он ҷанбаи онтологии масъалаи офариниш, яъне офаридгори неруи рӯшноӣ, некӣ, накукорӣ, саховат, адолат, фазилат, пиндор, гуфтор ва рафтори нек Ҳурмузд ва холиқи бадию торикӣ, зулму ранҷ, фисқу фасод, кибру дурӯғ ва ғайра Аҳриман баррасию таҳлил ёфтаанд. Дуюм, масъалаи дигари баррасишавандаи асарро чигунагии офариниши кишварҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, рудҳо, баҳру даманҳо, гиёҳҳо, мардумон, мубадон ва ғайра ташкил медиҳанд.

Аз мазмуни асар маълум мегардад, ки аз офаридагони моддӣ нахуст осмон, дуюм об, сеюм замин, чаҳорум гиёҳ, панҷум гусфанд, шашум мардум, ҳафтум худи Ҳурмузд ба вуҷуд омадааст. Яъне, «Ҳурмузд офаринишро ба ёрии войи диранг-худой фароз офарид, зеро, ҳангоме ки ӯ войи диранг-худойро фароз офарид, он вой афзоре шуд, ки вайро барои офариниш дарбоист. Аҳриман бад-он патёрагӣ аз камоладевон нахуст Акаманро фароз сохт, сипас Андар, сипас Совул, сипас Ногаҳис, сипас Тарумад, сипас Тарезу Зареза, сипас дигар девон, ҳафтум худи Аҳриман буд. Аҳриман ҳаргиз чизе некӯ наандешид, нагӯяду накунад. Ӯро некӯии офаридагони Ҳурмузд боиста набуд. Ҳурмуздро нобудгарии офариниши Аҳриман боиста набуд. Ҳурмузд он чизро наандешад, ки онро натавонад кард, Аҳриман онро, ки натавонад кард, андешад, таҳдид низ фароз барад».[1]

Дар бахши дуюми асар низ масъалаи ҳастишиносӣ, силсиламаротиби офариниш баррасӣ шуда, қайд мегардад, ки Ҳурмузд аз равшании бекарон оташ, аз оташ бод, аз бод об, аз об замину ҳамаи ҳастии моддиро фароз офарид.[2]

Дар бахши ёздаҳуми асар андар ситоиши сифатҳои сарварӣ ё роҳбарӣ маълумот дода шуда, бахши дувоздаҳуми он дар бораи бадкирдориҳои Аҳриман бахшида шудааст, ки алайҳи некиву хайр тарғибгари амалҳои норавою зишт мебошад. Умуман, асар мазмунан фалсафӣ-ахлоқӣ буда, яке аз сарчашмаҳои муътамади мардумони тоҷику

[1] Бундаҳишн. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - Ҷ.1. - Душанбе, 2014. -С. 18.

[2] Ҳамин асар… - С.19.

форс дар мавриди баррасии масъалаи ҳастишиносӣ, бахусус, офариниши олам, набарди байни қуввахои некию бадӣ, ки минбаъд барои ташаккули афкори фалсафӣ-ахлоқии мардуми тоҷику форс нақши хосса бозид, ба ҳисоб меравад.

Достони «Менуи хирад» аз ёдгории дигари хаттии мардуми тоҷику форс буда, мазмунан тамоили фалсафаи ахлоқӣ дорад ва асари ривоятии соф нест бо вуҷуди он ки дар он ишорахо ба асотиру достонҳои офариниш дода мешавад. Достони мазкур аз пешгуфтор ва 62 пурсиши Доно аз Менуи хирад ва ҷавобҳои Менуи хирад ба онҳо иборат мебошад. Мавзуи пурсиш ва посухҳоро матолиби ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ин достон аз шумори андарзномаҳои паҳлавӣ маҳсуб ёфта, дар замони Сосониён, дар давраи шаҳриёрии Хусрави якум (Анушервон) нигошта шудааст.

Нуктаи асосии андешаҳои маърифатпазирӣ, ахлоқгустарии Менуи хирад бо он далел асоснок карда мешавад, ки ба ақидаи ӯ барои инсон хирад беҳтарин гавҳар ва некӣ аз беҳтарин парҳезкориҳо мебошад. Барои тасдиқи ин андешаи худ талқин мекунад, ки инсон дар зиндагии иҷтимоӣ «бояд ростиро ихтиёр кунад, бадгӯй набошад, зеро он гаронтар аз ҷодугарист. Хашмгин набошад, чӣ мард хашм гирад, он гоҳ корҳои нек ва намозу парастиши эзидон фаромӯшаш бувад ва ҳар гуна гуноҳу базаҳ ба андешааш афтад ва то нишастани хашм амалҳои нораво иҷро карда, суханҳои ноҷо баён кунад. Андӯҳ нагирад, чӣ андӯҳбарро хушии гетиву мену нопайдо бувад ва коҳиш ба тану равонаш афтад. Аз барои нанг гуноҳ накунад, чӣ некиву оростагӣ ва неруву ҳунар ва шоистагӣ ба кому кирдори мардумон нест, балки сарнавишти сипеҳр ва коми эзидон бувад. Беш аз андоза махобад, то корҳои неке, ки кардан бояд, нокарда намонад. Зани богуҳар бигзин, чӣ беҳтар он аст, ки ба фарҷом некномтар аст. Аз зани касон бипарҳез, чӣ ин ҳар се чизат шояд нопайдо шавад: ҳам дороӣ, ҳам тан ва ҳам равон. Аз марди бадгӯҳар қарз маситон ва ғайра.[1]

Дигар мавзуи ахлоқие, ки дар достони “Менуи хирад” ба баррасии он аҳамияти махсус дода шудааст ин масъалаи фармонравоӣ ё сарварӣ аст. Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда Ҳурмузд барои нигаҳбонии офариниш фармонравои нек офарид ва Аҳриман фармонравои бадро дар муқобили фармонравои нек офарид. Фармонравои нек он сарваре аст, ки кишварро ободон ва мардумро осуда дорад, ситам ва азиятро нисбат ба мардум раво набинад, аз амалҳои нодуруст мардумро боз дорад, оташкадаҳоро обод дошта, Яздонро парастиш ва кори некро бар худ раво бинад. Фармонравои бад бошад, он бувад, ки доду оини росту дурустро барҳам занад, дар кишвар ситаму дӯздӣ ва бедодиро ривоҷ диҳад.

Ин андеша ҳарчанд хусусияти асотирӣ дорад, вале ба он мақсад баён гардидааст, ки подшоҳон дар низоми давлатдорӣ ва иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ адлгустар бошанд, раиятро бе асос ранҷу азият надиҳанд, баҳри ободӣ ва шукуфоии кишвар, осудаҳолии мардум ҷаҳд намоянд ва ғайра. Акси ҳол беадолатӣ ва зулму ситам низоми давлатдориро заиф гардонида, боиси бенизомии ҷомеа, нохушнудии мардум мегардад.

Дар баробари масъалаҳои фавқуззикр дар достони мазкур истеъмоли май яке аз мавзуҳои асосии тамоили ахлоқидошта ба ҳисоб меравад. Бо тавсияи Менуи хирад истеъмоли май барои одамон манъ карда нашудааст, вале ӯ қайд мекунад, ки май ҳам зарар ва ҳам фоида дорад. Манфиати он дар риояи андозаи он мебошад. Зеро, барои ҳазми ғизо мусоидат мекунад, оташи баданро меафрӯзад, ҳушу ёд ва тухму хунро меафзояд ва ранҷро дур мекунад. Чашмро бино, гӯшро шунаво ва забонро гӯё намояд ва ғайра. Зарари истеъмоли беандозаи май он бувад, ки андӯҳро зиёд кунад, ҳушу ёд ва тухму хунро коҳиш диҳад, ҷигарро табоҳ кунад ва маризиро дар бадан ба вуҷуд орад. Чеҳраро бикоҳонад, зуру тавоноиро заиф кунад. Биноии чашму шунавоии гӯш ва гӯёии забонро кам кунад.[1]

Хусусан, Менуи хирад истеъмоли майро ба марди некгуҳар тавсия медиҳад, зеро баъди истеъмоли май марди некгуҳар худро хуштабъ ҳис мекунад, андешаву гуфтор ва

[1] Менуи хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - С.215-216.

[1] Менуи хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С.226.

кирдораш нектар мешавад. Нисбати зан, фарзандон, ёру дӯстон нармтару ширингуфтортар мешавад ва ба иҷрои ҳар як кори нек кӯшотар. Баръак, истеъмоли майро барои марди бадгуҳар тавсия намедиҳад. Зеро, баъди истеъмол ӯ худро аз андоза бештар пиндорад, бо ёрон набард барад ва чирагӣ намояд, мардуми некро таҳқир кунад, дар маҷмуъ, оштиро бибарад ва хашмро оварад, хешу пайвандонро азият диҳад ва душманонро хушнуд созад.

Амалҳои бим ва дурӯғгӯӣ дар "Менуи хирад" сифатҳои бад ҳисобида мешаванд. Дар ин маврид Менуи хирад ба саволи ба бим ва сухани дурӯғ зистан бадтар аст ё марг? - ҷавоби воқеӣ медиҳад, ки "ба биму сухани дурӯғ зистан аз марг бадтар аст. Чӣ барои зиндагии ҳар кас шодиву хушии гетӣ бояд. Чун ӯро шодиву хушии гетӣ нест ва биму сухани дурӯғ бо ӯст, чунин зиндагӣ аз марг бадтар аст".[1]

Дар тақвияти андешаи қаблӣ Менуи хирад зимни иҷрои умури давлатдорӣ ва ҳаллу баррасии масъалаҳои ҷомеадорӣ ба подшоҳон маслиҳату машваратро бо доноён ва донишмандон амали нек ва судманд мешуморад, аммо баръакс машварат бо зиёнкорону дурӯғгӯёнро тавсия намедиҳад. Зеро, онҳо дар низоми корҳои идоравӣ, таъмини меъёрҳои адолати иҷтимоӣ, дастгирии ниёзмандону ҳоҷатмандон бо сухани беасос ва нораво монеъа эҷод мекунанд.

Доир ба ҳолатҳои содир кардани амалҳои ношоиста ва мушаххас кардани бадтарин гуноҳҳо, ки аз ҷониби инсон дар фаъолияти рӯзмарра рух медиҳанд низ Менуи хирад аҳамияти вижа дода, дар сӣ банд[2] онҳоро гурӯҳбандӣ мекунад, ки истифода набурдани онҳо барои танзими муносибатҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ташаккули рафтору кирдори писандида ва ғайра мусоидат мекунанд. Хусусан, беасос азият додани мардум; зинокориро пеша кардан; ба қатли марди порсо даст задан; чизеро, ки барои нигоҳдорӣ гирифтаӣ, бихӯрӣ ва мункир шавӣ; он ки ба сабаби гунаҳкорӣ эътимод ба дурӯғгӯӣ кунад; он ки кор накунад, аммо носипосона ва бедодгарона бихӯрад; дӯздӣ ва ё майл ба дӯздӣ кардан; паймоншикан будан ва ғайра.

Дар маҷмуъ, достони мазкур асари тамоили ахлоқидошта буда, ҳар як савол ва ҷавоби ба он додашуда, ба баррасӣ ва ҳалли як масъалаи муҳим, ки ба ҳаёти рӯзмарра ва фаъолияти амалии инсон иртибот доранд, бахшида шудаанд. Пешниҳоду тавсияҳои Мену хирад имрӯз низ барои ҳалли масоили ахлоқӣ дархӯри ҷомеаи муосир буда, барои ҳар як инсон новобаста аз мақоми иҷтимоӣ ва ҷойгоҳе, ки дар ҷомеа дорад, судманд ва баманфиат мебошанд.

Осори дигари хаттии аҳди Сосониён "Ёдгории Бузургмеҳр" - аз зумраи мероси хаттие ба ҳисоб меравад, ки онро бо амри шоҳ Бузургмеҳри Бухтагон - сарпарасти ҳарами шаҳриёри шуҳратманд Хусрав таълиф мекунад. Бузургмеҳр дар кушодани сирру дарёфти нозуки бозии ҳиндӣ – шоҳмот донишу заковати фавқуллода зоҳир кардааст. Мувофиқи маълумоте, ки Абӯмансури Саолибӣ медиҳад, баъди ошкор кардани сирри бозии шоҳмот шоҳи Ҳинд дар қатори хироҷи солона ба Анушервон як даста асбоби бозии шатранҷ тақдим мекунад. Муҳтавои ин ҳикмат ин аст, ки "Сафири Ҳинд ба Анушервон мегӯяд: "агар маънии онро фаҳмидӣ ва ба истихроҷи он муваффақ шудӣ хироҷи солонаи мамлакатро мегирӣ, вагарна ман хироҷе ба ту мадиюн нестам. Бузургону руҳониёну донишмандони дарбор ноилоҷ монданд. Бузургмеҳр пас аз фикру диққати бисёр ба рамуз ва нақши ҳар муҳраи он дар муҳориба бо дигаре воқиф гашта, гуфт: ин бозӣ аз назари ҷанг сохта шуда, ба муҳраи аслӣ самти шоҳ додаанд ва он ки баъд аз ӯст вазир. Ба муҳраҳои бузург унвони руасои қушун барои анҷоми корҳои муҳим ва ба пиёдаҳо сарбозӣ додаанд ва ҳаракати онҳо муқобалаи майдони ҷангро муҷассам месозад. Подшоҳи Ҳиндустон аз фатонати ӯ муаҷиб шуд ва хироҷро бипардохт".[1]

---

[1] Менуи хирад. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». - С.227.

[2] Менуи хирад… - С.233-234.

[1] Саолиби Абӯмансур. Шоҳнома. Тарҷумаи Маҳмуди Деҳлоият. – Теҳрон, 1385. – С.299-300.

Инчунин, ба иттилои Саолибӣ, Бузургмеҳр дар ҷавоби бозии шатранҷи ҳиндуҳо бозии нардро ихтироъ карда, онро назди подшоҳи Ҳинд мефиристад. Аммо донишмандону ҳакимони ҳиндӣ асрори ин бозиро ошкор карда наметавонанд. Баъдан бо амри Анушервон, ки аз ӯ подшоҳи Ҳинд хоҳиш мекунад Бузургмеҳр сирри нардро ба ӯ мефаҳмонад. Умуман, дар он давра ин ду бозӣ дар зоҳир ҷуз ду шуғли вақтхушию вақтгузаронӣ чизи дигаре набуданд, аммо ошкор кардани асрори онҳо аз сатҳи донишу заковат, ҳикмати амиқи ақлии ин ду халқи аз лиҳози таърихӣ-маънавӣ ба ҳам наздик, гувоҳӣ медод.

“Ёдгории Бузурмеҳр” бо вуҷуди он ки доир ба назму тартиби давлатдорӣ бахшида шудааст, аммо асари пурра таърихӣ набуда, балки мазмунан ахлоқӣ мебошад. Одоби муносибат, риояи тартиби давалатдорӣ дар асоси адолат ва баробарии иҷтимоӣ, ки аз категорияҳои муҳими ахлоқ ба ҳисоб мераванд, мавзуи меҳварии баҳси он аст.

Ба андешаи Бузургмеҳр умури давлатдорӣ абадӣ нест ва муътақид бар он аст, ки рӯзе мерасад, ки он таназзул меёбад. Аз ин рӯ, тавсия медиҳад, ки дар айёми давлатдорӣ шоҳ бояд адлгустар, некандеш ва растагор бошад, то номаш аз хотираҳо наравад ва давлаташ дар забонҳо боқӣ монад.

Мазмуни асари мазкурро 132 саволе, ки подшоҳ ба Бузургмеҳр дода ва ба ҳар кадом аз он ҷавоби мувофиқе мегирад, ташкил медорад. Масалан: ба саволи пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек чист ва пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад чист? – чунин посух медиҳад: “Пиндори нек – паймон дар андеша, гуфтори нек – родӣ ва кирдори нек – ростӣ. Пиндори бад – фирефтори дар андеша, гуфтори бад – пастӣ ва кирдори бад дурӯғгӯй” мебошанд.

Доногӣ ва хирадро Бузургмеҳр ҳунари беҳтар, бегуноҳиро орзуи некутар, кирдори бадро барои инсонҳо душмани ситамгортар меҳисобад. Шаҳриёри неруманду пирӯзгари некхоҳро арҷмандтарин дар олам мешуморад. Меҳрубонтарин инсонро он шахсе меҳисобад, ки хушумед ва бегуноҳ бошад. Беҳтарин ва солортарин подшоҳ ба андешаи Бузургмеҳр ҳамон подшоҳе мебошад, ки ба мардум дӯсттар ва дар баргузиниши замон беҳтар ва он кӣ некӣ ба одамон аз рӯйи дод кунад.[1]

Инчунин, мувофиқи андешаҳои муаллиф нектарин чиз ин нишастан бо некон, дӯсти ҷовидонӣ - кирдори нек, душмани ҷовидонӣ - кирдори бад, нерумандтарин чиз – забони ростгӯён, бадтарин чиз – чашми ҳарисон ва ғайра мебошанд.

Ба андешаи Бузургмеҳр шахси саховатманд он касе аст, ки порсою равони роҳи ҳақ бошад. Роҳи ҳақ, ба андешаи Бузургмеҳр ҳамон таълимоти сегонаи ахлоқии зардуштӣ - пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек мебошад. Аммо бар хилофи аҳкоми зардуштӣ Бузургмеҳр хангоми тавзеҳи ин ақидаи сегона онҳоро ба ҳаёти воқеӣ қиёс мекунад. Масалан, ӯ пиндори нек гуфта, роҳ надодан ба беаҳдӣ ва садоқат ба масъулияти вазифаро мефаҳмад. Зери иборai гуфтори нек – адолат, вафо, ростӣ, ки аз сифатҳои ҳамидаи инсонӣ мебошанд, тасвир мекунад. Кирдори нек аз назари ӯ баландҳиммatӣ, саховат, дилкушодӣ ва ғайра аст. Дар баробари тавсифи масоили фавқуззикр ӯ моҳияти сифатҳои муқобилро шарҳу тавзеҳ дода, зикр медорад, ки андешаи бад – ин нодурустандешӣ, гуфтори бад – фурӯмоягӣ, бадалӣ, разилӣ, сифлӣ ва рафтори бад ба равиши дурӯғ рафтан аст. Бо таъкиди ӯ шахси оқилу порсо дар ягон ҳолат ба омезиши унсурҳои равонию моддӣ роҳ намедиҳад.

Ҳамзамон, арзиши баланди ахлоқии асар дар он ифода меёбад, ки мувофиқи фаҳмиши Бузургмеҳр дониш бахт меоварад, ба олам сахою ҳиммат мебахшад ва донишманд соҳиби сифатҳои олӣ аст. Беҳтарин ҳунарҳоро доноӣ ва хирадмандӣ мешуморад. Ба ақидаи ӯ хирад ин шиносоии кор ва дониш писанди кор аст. Инчунин, таъкид мекунад, ки инсонро на танҳо дониш нексиришту шарафманд месозад, балки маҳинӣ, фурӯтанӣ, хоксорӣ, беҳӣ, ки аз сифатҳои ҳамида мебошанд нақши хоссае дар тинати инсон доранд. Яъне, кӯшиши марди соҳибфикр тамаллуқ, қаҳру ғазаб,

[1] Ёдгории Бузургмеҳр. Аз китоби «Мероси хаттии бостон». Душанбе, 2014.- С.201 - 207.

интиқомро барҳам зада, дар ҳолати фалокатбор боварӣ меорад. Шахси оқил ва порсо дорои ҳиммати бештар аст ва дар тинати ӯ нексиришт ва шафқати зиёд ба назар мерасад.

Умуман, Бузургмеҳр ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои давлатдорӣ, кӯшиш мекунад, ки ба хирад такя кунад. Аз ҷониби ӯ нуқсҳое, ки дар тинати инсон мавҷуданд ба чаҳор қисм тақсим карда мешаванд: 1) бо тарсу ҳарос ба муҳориба баромадан; 2) шафқату меҳрубони зоҳир карда, ба касе ба дилтангӣ чизе инъом додан; 3) маслиҳати ҳакими доноро рад кардан; 4) меҳнати саросема бо ихтилои истироҳату хоб. Аммо нуқси аз ҳама азимро майли риёю тазоҳур, дурӯғ, хасисӣ, бадкорӣ, бо фиреб ба ҳадаф расидан, худнамоӣ ва худситоӣ мешуморад.

Дар маҷмуъ, ба ақидаи Бузургмеҳр саодатманд он касест, ки шараф, фаҳм, дониш, амал, таҷрибаро сайқал дода, ёвари сазовор интихоб мекунад, қобилияти тафриқаи некию бадиро дорад ва барои некӣ амал мекунад. Зеро кору амали санҷидаю оқилона ба худи кас ва ба дигарон зарар намеорад ва амал беҳтарин некӣ барои одамон аст. Ҳокими беҳтарин онест, ки бо раият адлро риоя мекунад, вақтро хуб мефаҳмад.

Ҳамзамон, ин ёдгории арзишманди таърихӣ дар марҳилаҳои баъдинаи рушди афкори ахлоқӣ барои таълифи асарҳои ахлоқӣ хизмати бориз намуд. Ақидаҳои мухталифи Бузургмеҳр дар таълифоти Абӯлҳасани Масъудӣ, Ибни Исфандиёр, Саъдуддидини Варовинӣ, Низомулмулк, Байҳақӣ ва дигарон истифода ва вобаста ба талаботи замон такмил дода шуданд.

Дар баробари осори хаттӣ, аз ҷумла достонҳои таърихии хусусияти ахлоқидошта, анъанаи андарзнависӣ ва пандофарӣ, ки мазмунан ва моҳиятан ифодакунандаи фалсафаи ахлоқӣ, танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ мебошанд, дар фарҳанги ғании маънавии мардумони тоҷику форс таърихи беш аз 3000-сола дорад. Андарзномаҳо аз лиҳози мавзуъ ва мазмун пурра инъикосунандаи ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи амалӣ, аз ҷумла ахлоқ, таълиму тарбия, таблиғи худшиносию худогоҳӣ ва ғайра мебошанд. Аз ҷумла “Андарзномаи Озарбоди Маҳраспандон” ,“Андарзи Хусрави Каводон”, “Андарзи марди доно ба писари хеш” ва ғайра.

Дар давраи қадим катибаҳо низ навъи дигари мероси хаттии мардумони тоҷику форс ба ҳисоб рафта, ба шакли мухтасар ё муъҷаз навишта мешуданд. Дар онҳо сифатҳои нек ва бад, амалҳои писандидаю нораво, корнамоиву бедодгариҳои шоҳон, адлгустарӣ ва сиёсати ғасбкунии онҳо ва ғайра нигошта мешуд.

Ниҳоят, дар ҷамъбаст месазад зикр дошт, ки ёдгориҳои хаттии мардумони тоҷику форс достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо, қитъаҳо ба ҳисоб рафта, ба таври комил хусусияти асотирӣ надоранд. Ахлоқ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ мавзуи баррасии ин ёдгориҳои таърихӣ мебошанд. Хусусан, катибаҳо ба таври ниҳоят муъҷаз, кутоҳ нигошта шуда, инъикоскунандаи мавзуҳои мухталифи ахлоқӣ-фалсафӣ мебошанд, ки аз рӯзгори куҳан ба насли имрӯзи ҷомеа мерос мондаанд ва арзиши баланди илмӣ доранд.

Адабиёт:

1. Авеста: Избранные гимны. Из Видевдата. [Текст]: /Пер. С авест. И.И.Стеблин-Каменского. – М.1993. - 205с.
2. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – 792с.
3. Бундаҳиш //Мероси хаттии бостон. Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - 478с.
4. Ёдгории Бузургмеҳр //Мероси хаттии бостон. – Душанбе, 2014. 478с.
5. Менуи хирад //Мероси хаттии бостон. Ҷ.1. - Душанбе, 2014. - 478с.
6. Саолиби Абӯмансур. Шоҳнома. Тарҷумаи Маҳмуди Деҳлоият. – Теҳрон, 1385. – С.299-300.

ХРИСТИАНДЫҚТЫҢ АНТИКАЛЫҚ БАҒЫТТАРЫ

Мамырбаев Д.Ж. *– Абай атындағы ҚазҰПУ, аға оқытушы, тел.: 87478511318 dmamyrbaj@mail.ru*

Негізгі бөлім: Христиан тарихының алғашқы кезеңі өте қайғылы және азапты болды, осы тұста христиандар сенімдерін жасырын ұстанды, дін баяу дамыды һәм бағыттар пайдаболабастады. Христиандықтың Рим империясы мен еврей дінбасылармен қуғындалуы себепті дін доктринасын бастапқыда қабылдай алмады, догмаларды Иса пайғамбар хатқа жазып қалдырмаған сол себептіде кейінгі діни топтар бағыттарға айнала бастады. Екінші себеп антикалық монотеистік христиандыққа апостл Павел екі құдайлық (Әке Құдай мен Ұл Құдай) идеясын әкелген. Ғалымдар тарих кітаптарын ақтарумен, жиырма ғасыр уақыттың ішіндегі христиан дінінің бағыттарын көрсетуге тырысты. Християндықты обективті зерттейтін ғалымдар: «Христиан дінінің зерттеушілері және басқа дін ғалымдары, күніміздегі Христиандық ақиқат христиандықтан Павел арқылы өзгертілген. Шығыстың полетеистік діндері мен философиялық ойларын Хрисиандыққа сіңіріп дінді политеистік бағытқа айландырды»,- деген [3, 54-б.].

Алғашқы уақыттарда әртүрлі қауымдарда әр түрлі евангелиялар, жеке тұлғалар туралы еңбектер пайда бола бастады. Сонымен қатар топтардың атымен аталатын евангелиялар нұсқалары пайда болды. Дінтану негіздері атты еңбекте «Сол уақыттарда белгілі болған жазулар: Петр, Андрей, Варфоломей, Лука, Иоанн евангелиялары, аталған Матввейден келген евангелиялардың әртүрлі нұсқалары болған. Сондай-ақ топтардың атауымен аталатын, сол топтарда қадір тұтылған евангелиялар да, мысалы назорейлер, эбионитер, еврейлер евангелиялары да пайда болды. Бұдан басқа Петр Апокалипсисі, Павелдың лаодикейліктерге, александриялықтарға арналған хабарлары, оның Сенекамен алысқан хаттары, Петр уағыздары, 12 апостлдар ілімі «Дидахе», Герма «Пастрі» сияқты аян алу жанырына жататын кітаптарда кездеседі»[2, 132-б.] – делінген. Діннің бір орталықтан басқарылмауынан Христиандық күйреуге беталған. Христиан дінінің алғашқы бағыттары, сенімге және діни үкімдерге байланысты бөлінген. Олар: сенімге байланысты бөлінген топтар Иудеохристиандар, Ариандар, Несторияндар (бұл топтар Құдайды жалғыз деумен қатар Исаны адам деп, құдайлығын мойындамағандар) Монофиситтер. Философифлық және діни құқықтық бағыттар Гностиктер. Авелиттер, Пелагиандар, Богомилдар.

Иудеохристиандар: Христиан тарихында ең алғаш бөлініп шыққан топ. Бұл топ яхудилердің дінін толық мойындаумен қатар, Исаның жаңадан әкелген дінін толықтай қабылдағандар болатын. Христиан діні алғашында иудайзімнің бір сектасы сияқты пайда болған, сондықтан да алғашқы сенушілерінің көбі еврейлер болды. Антикалық христиан тарихында, көпқұдайшылдардың бірі христиан дінін қабылдағысы келсе, алдымен Мұсаның Тауратына иман келтіріп, бұйырған рәсімдерін атқару керек болған. Сонда дінді қабылдаушы иудаизмді толығымен қабылдап барып, христиандықты қабылдайтын болған. Ибраһим діндерінің жолын ұстаған бұл ағымның жаулары, көпқұдайшылдықтан құралған, христиан дінінің бір бағыты неофиттер көбейіп иудеохристиандарды ығыстыра бастады. Әсіресе неофиттердің басшысы (Саул) Павелдің өз идеясын христиандықпен байланыстырып уағыздай бастауы, иудехристиандарды әлсіретіп жіберді. Дәл осы уақытта Павел көпқұдайшылдардың апостылы деген атқа ие болды.

Павел христиан діні барлығына жеңіл болуы үшін, прозелитолиз әдісімен христиандықты көпқұдайшылдыққа ұқсатып өзгертті. Павел өз уағыздарында христиан болу үшін, Таураттың заңдарын ондағы кашрутаны (белгілі тамақтағы, киімдегі, діни сенімдегі бұйырылған тазалықтар), мойындаудың қажеті жоқ, Таураттағы тиымдар тек христиандықты қабылдаған яхудилерге ғана жүктелген. Тіпті Таураттағы сүндеттеу үкімін суға шомылдыру арқылы өтеуге болады деп ауыстырды. Павел өз жақтастарын Кипр, Македония, Греция, Кіші Азия сияқты елдерден өз сеніміне ерушілерді аз уақытта жинап алды. Павел мен Иудеохристиандардың арасында талас-тартыстар Исаны құдай ету мәселесі мен Мұсаның дініндегі рәсімдерді мойындау-мойындамаудан тұрды, нәтижесінде Апостылдар саборында (50ж-51ж) компромистік шешім қабылданды яғни Таураттың заңдарынан Павелдің христиан (көпқұдайшыл) ерушілері босатылды. Ал иудеохристиандардың басында Исаның тікелей шәкірттері апостл Петр мен Иаков тұрды. Олар Павелға мүлдем қарсы болатын [1, 611-б.]. Иерусалимдегі собордың шешімінен кейін, иудеохристиандар біржола жалпы

христиан диаспорасынан бөлінді. Өзара бұл топ Иерусалим шіркеуін құрып Рим империасына қарсы әскер жинап баскөтерген болатын, бірақ шабуылдары сәтсіз аяқталып (68) жылы Иорданиядан әрі асады. Б.з 133 жылы Бар-Кахба иудехристиандардың қолбасшысыда Римге шабуыл жасап, Римдіктерден Исаның өшін алып, ақиқат дінді орнатамыз деген аяқалыстары да сәтсіз аяқталды. Кейіннен осы топтың ішінен ***эбиониттер*** *(иврит. қайршылар),* ***назареилер*** *(аскет)* ***эссеев*** *(рухани түрдегі қайыршылар)* ***кумраниттер,*** деген сопылық бағыттар пайда болды. Бұл бағыттар Иса пайғамбардың жолымен жүріп, өзінің материалдық дүниелерінің бәрінен ерікті түрде бастарту идеясын ұстанды, осылайша монотеистік христиандар аскеттік өмірін жалғастыраберген. Олар аз және көбеюіне түрлі кедергілер болды.

а) Эбионитттер Исаны адам, әрі Мариямның баласы, құрметті пайғамбарлардың бірі деп сенді. Павелды Құдайдан безген, Шайтан әрі жалған пайғамбар деп айыптады. Бұл кішігірім бағыт жайлы, көне тарихшы Патриарх Александр баяндап кеткен: «Бұл топ 70 - жылы кемелденді. 326 - жылы шіркеуге қарсы шықты». С. Павел (200-275) Исаның құдайлық сипатын мойындамаған, осы ісі үшін кейін сотталып еретик атанды.

ә) Назареилер Павелдың идеясына еріп, Исаны Құдай әрі Құдайдың ұлы деп мойындаған топ. Ал Қасиетті Рух Евангелияда арамей тіліндегі әйел тегінде келгендіктен, Құдай дәрежесіне лайық емес деп Қасиетті Рухтың Құдайлығына күмәнмен қараған.

Иудехристиандарды алғашында Христиан шіркеуі адасқан бауырларымыз десе, кейіннен150 жылы толығымен еретик деп айыптады.Ал яхудилер иудехристиандарды мүлдем адасқандар деп білді. Осылайша иудехристиандар қоғамнан алшақтатылды. Бұл бағытты XVIII-XX ғасырларда қайта оралып, еврейлердің ішінде бір секта болып танылған болатын [4, 616-б.].

Гностиктер: Гностик *(гр.білу)* – эклектикалық діни-фелософианы антикалық христиандықтың соңына қарай ұстанушы ағым. Гностиктер христиандықты ежелгі мифтермен, эллинистика (Аристотил филасофия мектебінің дүние танымы), иудайзім, зоростризм, вавилонның мистериальды ілімдерімен әрлеп толықтырған ағым. Христиан мәтіндерін, адамның мәнін, тарихты түсіндіруде Павелдің зерттеуінен туындаған ориентальды-эллинистикалық әдіс ұстанды. Гностиктер ерисдеп қудаланған ағымдардан бөлек Наг-Хаммад пен Фаюмда (Мысыр), Турфан (Қытай), Өлі теңіз маңында, Палестинада таралды. Гноститсизм жәй топ емес бәлкім кең ауқымды цевилизация құра алды.

Иудаизм мен гностицизмнің діни көзқарастары, дүние танымы және идеологиялары бір болып келген. Христиан дінінің жаңадан туындап келе жатқан мәдени санасына гностиктердің ықпалы тиді. II ғасырдағы гностиктер үшін Исус Христос – парадигмалық Құтқарушы-Мессия, қасиетті жазбаларды ашып түсіндіруші, сондықтан гностиктер христиандықтағы шоқындыру сияқты сакральды мәтіндердің астарына үңіліп мағынасын ашуға тырысады. Неміс протестант теологы А. Фон Гарнак «ортодоксалды христиан шеңберін және ерісті айқындау жобасын жасағандар гностик ғалымдары Маркиона мен Василида», - деп келтіреді [3,619-б.].

Қазіргі замандағы дінтанушы зерттеушілер гноститцизмді «діни экзистенциализм» яғни адамның Құдайды білуге деген құштарлығы, құдайдың адамдарға жасырған жұмбағы мен құпиясын, ашу мақсатында діндегі сакральды сөздерден, мәтіндерден іздеп сырын ашуға тырысу, сол арқылы Құдайдың ақиқатына жету....? Гностиктер үшін қасиетті жазулар, сөздер, бейнелер және толық мәтін тек символдар ғана емес, бәлкім адам өмірінің мәнін ашатын Құдай құпиясы.

Өздерінің ұстанымдарының дұрыс екендігіне көздері жеткеннен кейін, гностиктер өздерін тәрбиелеу мақсатында қараңғы үңгірлерге (шіркеулер) кіріп, өз бойларындағы надандық қалдықтарымен күресті. Олар адамдарды «тәндік» және «рухтық» деп екі топқа бөлді. Рухани адамға ғана – гнозис құпиясы мен мистикалық ілім ашылады деп топшылайды. Дүниені тануда дуалистік көзқараста болды және материялды дүниенің барлығы жауыздық, құтылу жолы қараңғылықта өзіңді тәрбиелеу деген сезімді алға тартты. Құтылу жолының бірі аскетизм, дұғалар, митикалық ретуалдарға қатысу, Құдайдың жасырын есімдерін білу. Гностицизм Христиан Шіркеуінің қолдауын таппай қудаланған алғашқы ағымдардың бірі болатын.

Ариандар: Император Константин тұсында пайда болған топ, бұл топтың басшысы Арий (256-336) Александрияның священнигі әрі пресвитері болған. Оның ұстанымында Исаны Құдай жаратты әрі Иса адам, Исаға Құдайлық күш пен керемет дарыған. Ал Қасиетті Рухтың дәрежесі Иса

пайғамбармен тең екеуіде сенімді елші. Сондай-ақ Иса жаратылған жаратылыс, ол Құдаймен бірге әуелден болмаған және мәңгі емес дейді. Бұл пікірі сол уақыттағы биліктің және қарсылас діни топтардың көз қарастарына мүлдем қайшы болатын. Манси Йуханнаның «История Коптской церкви» атты еңбегінде: «Ұл Әкеге бастапқыда ешкім тең болмағандай, мәңгілікте де ешкім тең емес. Әуелі Әке басталусыз бар. Ал ұл Әкенің қалауымен пайда болды. Құдайды ешкім көре алмайды, сол сияқты суреттей де алмайды, себебі: басталуы бар жаратылған нәрсе Жаратқанды көре алмайды және түсіндіре де алмайды. Ұл Әкенің қалауымен ғана құдіретті болды».

Асад Рустам болса Арий туралы өзінің «Церковь великого Божьего града» атты еңбегінде: «Арий ғалым, сопы, уағызшы сондай-ақ ұстаз еді, оған діниқызметкерлер мен сенушілер ерген».

Тарихшы Ибн әл-Батрик Арилықтардың Мысыр жерінде көп болғандығын келтіреді. Ал священник Джеймс Энис «Арийді құдалағандар дұрыс етпеді, Арийді билік құдаласа да ерушілері көп болатын». Ариандықтар Арийдің кезінде одан кейінде, орталық шіркеуге едәуір қарсылық көрсетіп отырған. Исаны Құдай деуші Афанасиді ылғи айыптайтын. Афанаси билікпен бірігіп бірінші дүние жүзілік соборда Арийді шіркеу қызметтінен босатты.

Ал Папа Александр, сондай-ақ христиан дінінің рәміздерін жасаған Афанаси Александрдың пікірлерінше Исаның басталуы жоқ, ол Әкемен бірге ежелден бар Құдай дегенді шығарды. «Мейлі Исаның жеке ипостасы (адам тұлғасы) болса да, ол шексіз және мәңгілік. Исаның адам тәнінде келуі, адамдарды күнәдан құтқарып, тура жол көрсету үшін»,-деген.

Ариандар алғашқы соборда сотталып қуғындалды. 381 жылы Константинопол соборында «Ерись» (дінбұзар),- деп аталды [6, 199-б.].

Император шіркеу әкейлерін Никей соборына жинап, Соборға өзі жетекшілік жасады. Соборда 2048 свещенник қатысты, жиын пікір – таластармен үш айға созылды, бірақ әкейлер дін негіздерін жүйелеуде ортақ шешімге келмеді.

Никей соборына дейінгі жалғызқұдайшылдар бір Құдайға сиынып Исаны пайғамбар деп білді, Бұл сөзімізге зерттеуіміздің алдында кетіріп өткен Евангелия хабарлары дәлел болады. Біз тарихтағы алғашқы христиандар осы жолды ұстанғанын білеміз, себебі: Исаны 325 жылы Никей соборына жиналған 2048 дінқызметкерлерінің ішіндегі 318-і ғана Исаны Құдайландырды. Сондай-ақ «Луга рассказов о жизни праведных» атты еңбекте «Петре и Марке: «Они отвергали Божественность Иисуса». Ғалымдардың Исаның жақын шәкірттеріне берген сипаттамалары осындай болды. Император Константин 318 священикке қосылып Исаның Құдайлығын толық мойындап қолдады. Ал қалған топтар мен Арияндықтар өз дегендеріне жете алмады. Осы 318 дін қызметкерлер Никей соборында Исаны Құдай дәрежесіне көтерді және басқа да догмаларды орнатты. Орнаған догмаларға қарсы келген Евангелиялар мен діни еңбектерді Император түгел жаққызып жіберді. Арияндықтарды құдалау туралы Исаның айтып кеткен сөздері де бар. Ионнан келген ізгі хабарда(16:2-3): «Сондай қиын уақыттар келеді, сол кезде сендерді құлшылық үйінен қуып,тура жолдағыларды өлтіреді және бұл істерімен Құдайға қызмет еттік деп ойлайды. Бұлайша істеулерінің себебі: Құдай мен Мені толық танымаулары» делінген.

Ариандарды басқарған Арий Александрский мен Евсевий Никомедийский болды, бұлардың ойларын алғашында мыңдаған священниктер қолдаған. Онымен қоса христиандықтағы лауазымды тұлғаларда Арийдың артынан ерген болатын. А.А Грицанов, Т.Г Румянцева өздерінің «Религии мира Христианства» атты еңбектерінде «К арианам присоединились Лукиан, галава Антиохийской богословской школы, а также ряд иных авторитетных христианских богословов того времени», - деп баяндайды.

Арий 336 жылы дүние салды, артынан ерген шәкірттері ілімін жандандырды. Олар туралы профессор Хусни әл-Атйар өзінің «Убеждения христианских сект, исповедовавших Единобожие»: «Арилікті жолмен христиандық тарағанда, бұл дінді бүкіл әлем қабылдайтын еді. Бірақ оны құдалап шіркеу қызметкерлері түбімен жойып жіберді»,-деген.

Рим императоры Афанасиді Папалық билікке қойды, бірақ Арийлықтар қарсы болып алғызып тастады. Сол кезде Александрияда епископ Арийлық Георгий Каппадокиец болды. Тарихта император Канстонтиннің өзі халықтың қолдауы үшін арийлікті қабылдағандығын айтады. Арийлыққа императордың бір шама көмегі тиеді, өмірінің соңында император тәубесіне келіп жалғызқұдайлық христиандықты қабылдап ари сеніміндегі діндарларды билікке әкелді. Сол жылы

билікке бір себептермен Юлиан келіп Афанаси мен оның жақтаушыларын әкеліп дін істерін қайтадан тапсырды. Юлиан өзі көп құдайшыл еді. Одан кейінгі император Юлиян христиан дініне жаңалықтар енгізіп, арийандықтарды аяусыз қырды. Әбден Христиан дінін бұрмалатып бекітті, сосын халықтың алдында «Егер менің император болғанымды қаласаңдар, маған ұқсаған христиан болыңдар»,- деген. Христиан дінің басына Афанасиді қойып, одан Никей соборындағы талаптарды орындауын және арилықтарды құртуға әмір берді. Жалпы арийлықтарды түгел жойылуды қолға алды.

Ал «Американдық энциклопедиясында»: «Расында христиандықта жалғыз Құдайға табыну, Үштіктен қарағанда ондаған жылдар бұрын болған»,-деп жазады. Ондаған жылдар десек қате болады. Философиялық көзқараспен қарағанда, бір құдайға табыну Адам атадан бастау алған. Иса пайғамбарлардың жалғастырушысы ретінде бір құдайға табынуды реттеп әкелді.

Француз ғалымы Ларуссаның айтуынша: «Көне өсиетте Үштік туралы ешнәрсе жоқ, Үштікті алғашқы шіркеу қызметкерлері мен Христостың жақын шәкірттері білмеген еді. Ал қазіргі уақыттағы католиктер мен протестанттар Үштіктің негізі дінмен бірге болған деп таласуда. Ал Исаға иланған Еврейлер бұрынғы діндерінде де, миссияны адам деп күткен.

Христиан ғалымы Ауд Саман: «Исаның көп Құдайшылыққа қатысы жоқ»,-деп: «Иса мен шәкірттерінің арасындағы әңгімелерді, терең зерттесең Исаның айналасындағылар Исаны тек адам деп қана білгендігін көреміз. Иә алғашқы христиандар, еврейлер сияқты Құдай адам бейнесіне кірмейді деген сенімде болған. Иса ешқандай Құдай емес керісінше елші деп мойындаған».

1966 жылдың 15 шілдесінде «Таймс» газетінде көне христиан құжатын жариялады. Ол құжатта Исаның елші(адам), Назареттық әрі еврей ұлтынан екендігін жар сала хабарлады. Евсевий Кесариски (240) Өзінің тарихын жазып қалдырған. Сол тарихында өзінің ата-бабаларының Иса туралы түсінігін жазды. Онда «Біздің аймақтағы адамдар Исаны пайғамбар ретінде, жәй адам ретінде білген. Ол басқа адамдардан адамдық қасиеттерімен ғана ерекшеленген»[1, 243-б,].

Ағылшын философы А. Бертранд Расселдің (1872-1970) айтуынша: «Бертард Рассел неге христиан емес деп сұрасаңдар? Мен бұл сұраққа: Алғашқы ақиқаттағы христиан мен соңғы ақиқаттағы христиан он тоғыз ғасыр бұрын өліп кеткен, солармен бірге ақиқаттағы керемет пайғамбар әкелген христиан діні де өлді» [5,136-б]. Христианды шынайы зерттеген ғалымдардың тұжырымы өте салмақты. Алғашқы христиандық әлсіз әрі қиын жағдайда болғандықтан, Павелдің философиялық және пұтқа табынушылықты таратуына қарсылық білдіре алмай, таза дінді лайлап алды. Алғашында діни мораль, этика нормалары дінді толықтырулары сияқты көрінді, кейін сенім жүйесін толықтыру мақсатында шығыс діндерінің және грек-рим мәдениеттерін араластырып дінді әбден құртқандығын айтқысы келді.

ПАЙДАЛАНЫЛҒАН ӘДЕБИЕТТЕР ТІЗІМІ

1 Антонов Н. Б. Иудаизм от А до Я, Восток – Запад, 2007. -288с
2 Батенова Н.Ж, Дінтану негіздері, -Алматы: Қазақ университеті, 2011. -327 б.
3 Мункыз ибн Мухмуд ас-Саккар, Бог Единый или Троица, Первое русское издание 2009. -302 с.
4 Үсенова М,Үсенов С. Дінтану, Алматы, Қазақстан 1995.
5 Данильян О.Г, Тараненко В.М, Религиоведение, -Москва: Эксмо 2005. -480с.
6 Грицанов А.А, Румянцева Т.Г, Религии Мира, Христианство, Мн.: Книжный Дом, 2006 .
7 Иким В, По стопам апостола Фомы. Христианство в Центральной Азии, - Москва: М.сканрус, 2011. -752 с.

Аннотация. В статье рассматривается античное мировоззрение христианства, рассматриваются правовые аспекты возникновения ортодоксального современного христианства. Автор проанализировал историю христианских монотеистических, эристических направлений, религиозные мировоззрения, Божественные идеи, рассмотрел личности, способствовавшие Божественному почитанию пророка Иисуса.

Ключевые слова: *Христианство, апостол Павел, Иерусалим, несторияны, монотеизм, полетеизм, гностики. авелиты, пелагианты, богомилы.*

Annotation. The article examines the ancient worldview of Christianity, examines the legal aspects of the emergence of orthodox modern Christianity. The author analyzed the history of Christian monotheistic and eristic trends, religious worldviews, Divine ideas, and considered the personalities who contributed to the Divine veneration of the prophet Jesus.

Key words: *Christianity, the Apostle Paul, Jerusalem, Nestorian, monotheism, polytheism, the Gnostics. ability, pelagiana, bogomils.*

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТОИНҚИЛОБИИ ДУШАНБЕ

Исломов Фахриддин Шамсидинович- *ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Муссалам аст, ки миллати тамаддунофари тоҷик бо фарҳанги шаҳрсозӣ шӯҳрати оламгир пайдо намудааст. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки “миллати соҳибфарҳанги тоҷик бо оинҳои деринаи шаҳрсозиву шаҳрдорӣ ва бунёди марказҳои бузурги илмиву фарҳангӣ шуҳрати оламгир ёфтааст” [10, с. 8].

Шаҳрсозию шаҳрдорӣ дар замони ҳукмронии давлати Сомониён ба авҷи баланди тараққиёти хеш расидани шаҳрҳои таърихии тоҷикон Бухоро ва Самарқанд далели ин гуфтаҳост. Дар давраи муосир низ ин анъанаи нодири шаҳрсозию шаҳрдории тоҷикон идома дошта, пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба яке аз шаҳрҳои мутараққии минтақа мубадал гардидааст. Имрӯзҳо тавассути сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иқдомҳои созандаи Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ Душанбе ба авҷи баланди тараққиёти хеш расида, мавқеи марказии он чун пойтахти Тоҷикистон ва аҳамияти он ҳамчун маркази муҳими тамаддуни тоҷикон ва маркази таҳкими сулҳ ва истиқрори кишвар боз ҳам қавитар гардидаст.

Омӯзиши таърихи ин шаҳр яке аз масъалаҳои мубрам дар таърихнигории ватанӣ ба ҳисоб меравад. Доир ба матлаб ҳамин нуктаи муҳимро қайд кардан ба маврид аст, ки бостоншиносони машҳури шуравӣ В.А. Ранов ва В.С. Соловев дар натиҷаи таҳқиқи бозёфтҳои бостоншиносие, ки дар ҳудуди шаҳр ба даст омаданд, исбот карданд, ки сокин шудани одамон дар қаламрави шаҳри Душанбе таърихи чандинҳазорсоларо доро мебошад [11, с. 176]. Академик Ю. Яқубов ба ин назар аст, ки одамон дар инҷо аз асри санг ҳаёт ба сар мебаранд ва ҳудуди шаҳр аз корхонаи семент то 9-ум км. ҳеҷ гоҳ аз одамон холӣ набуд [16, с. 4].

Мазкур навиштааст, ки Душанбешаҳр дар замони Юнону Бохтар ва Кушониён маркази маъмурӣ, ҳунармандӣ, савдои дохилӣ ва байналмилалӣ дар роҳи бузурги Абрешим будаст [14, с. 4]. Нахустин маълумоти таърихӣ роҷеъ ба шаҳри Душанбе ва атрофи он дар асари Маҳмуд ибни Валӣ “Баҳр-ул-асрор” оварда шудааст [2, с. 4]. Маротибаи дуюм номи Душанбе дар мактуби хони Балх Субҳонқулихон Баҳодур ба шоҳи рус Федор Алексеевич ёд мешавад [14, с. 4]. Дар охири асри XVI Душанбе ҳамчун ҷузъи таркибии мулки Ҳисор дохил шуда, солҳои минбаъда дар ҳайати давлатҳои Шайбониён ва Аштархониён дохил мешуд [14, с. 4].

Агар ба таърихи Душанбеи нимаи дуюми асри XIX назар афканем пас, дар ҷои Душанбеи имрӯза деҳаҳои Душанбе, Шоҳмансур, Сари Осиё, Ғофилобод, Мири Шикор, Хуҷамбиёи боло ва Хуҷамбиёи пойн, Қаримашикор, Чармгарон ва Заргар ҷойгир буданд. Ҳамин тариқ, дар байни деҳаҳои дар боло зикр шуда Душанбе-деҳаи калонтарин ба шумор рафта, дар нимаи дуюми қарни XIX дорои 500 ҳавлӣ ва 6-8 ҳазор аҳолӣ будааст [14, с. 4].

Баъд аз забт шудани Осиёи Миёна аз ҷониби Россия ба инҷо як қатор сайёҳон ва муҳаққиқони рус омаданд, доири Душанбе ва дар маҷмӯъ аморати Бухоро асарҳои таърихӣ навиштаанд. Дар ин росто метавон аз муҳаққиқон, аз қабили Н. А. Маев, В. И. Липский, А. В. Нечаев, Б. Н. Литвинов, Д. Н. Логофет, Н. Бурдуков ва ғайра ёдрас шуд. Аз таҳлили осори муҳаққиқони тоинқилобии рус, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Душанбе дар охири асри XIX-ибтидои асри XX макони бозори асосӣ буда, дар муносибатҳои тиҷоратӣ нақши муҳимро доро будааст [1,5,6,7,8,11].

Доири шумора ва ҳайати этникии аҳолӣ ва худи шаҳр Гулшанӣ чунин менависад, ки ин вилоят ниҳоят сераҳолӣ ва ободу зебо мебошад. Дар Душанбе, дар водиҳои кӯҳсор деҳаҳои калону обод бисёранд [9, с. 116]. Олими рус В.И. Липский, ки дар охири асри XIX ба Душанбе омада буд, менависад, ки дар ин ҷо рузҳои душанбе бозор доир гардида одамон аз тамоми Бухорои Шаркӣ ба бозор меоянд [6, с. 398]. Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаи мазкур аз рушди

муносибатҳои молию пулӣ ва аҳамияти Душанбе ҳамчун яке аз марказҳои савдои Бухорои Шарқӣ дар ибтидои садаи бист гувоҳӣ медиҳад. Чи тавре ки муҳаққиқи тоҷик Ш. Юсупов қайд мекунад, дар ибтидои асри XX дар майдони бозори Душанбе зиёда аз сесад дуконҳои хурд мавҷуд буданд, ки дар онҳо маҳсулоти гуногуни ҳунармандони маҳаллӣ ва молҳои саноатии аз хориҷ воридшударо ба фуруш мебаровардаанд [15, с. 51].

Дар бозори Душанбе бошад, 12 чойхона сохта шуда буд, ки дар рӯзҳои бозор умдатан туҷори шаҳр ва тоҷироне, ки аз манотиқи дурдасти вилоят меомаданд, истиқбол мекарданд. Ҳамин тавр, дар рафти таҳлили адабиёти илмӣ аҳамияти Душанбе ҳамчун яке аз марказҳои савдои Бухорои Шарқӣ дар охири асри XIX-ибтидои асри XX равшан мегардад. Маълум мегардад, ки дар муносибатҳои молию-пулӣ дар ибтидои асри XX дар Бухорои Шарқӣ марказҳои асосии савдо Ҳисор, Душанбе, Янгибозор, Қаратоғ ва Сарой Қамар ба шумор мерафтанд ва ба ақидаи аксарияти тадқиқотчиёни тоинқилобии рус Душанбе дар муносибати тиҷоратӣ дар байни шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ ҷойгоҳи пешқадамро ишғол мекард.

Яъне Душанбе дар байни шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ аз ҷиҳати савдо беш аз пеш фарқ карда, ҳатто то андозае аз Регар (феълан Турсунзода), ки яке аз марказҳои тиҷоратии Бухорои Шарқӣ ба шумор мерафт, пеш гузашт. Масъалан, Д.Н. Логофет, қайд мекунад, Душанбе нуқтаи тиҷоратие буд, ки қисматҳои шарқӣ ва ғарбии Бухороро бо ҳам мепайвандад [7, с. 479]. Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин, ки Душанбе ҳамчун маркази пайвасткунандаи манотиқи Бухорои Шарқӣ мавқеи муҳимро ишғол карда буд.

Дар охири асри XIX-ва ибтидои асри XX, дар зери таъсири муносибатхои молию пулӣ на танҳо нақши бозор ҳамчун воситаи тамоми савдо афзуд, балки онҳо объектҳои асосии тамоми фуруши молҳо ва инчунин барои иҷора додани нуқтаҳои савдо манбаи асосӣ гардида буданд. Мисол, соли 1905 бозорҳои Душанбе, Янгибозор, Файзобод ва Ёвон дар дасти як соҳибкор қарор дошт, ки барои иҷорапулӣ ба ӯ 8500 рубл мепардохтанд, пас аз як сол бошад маблағи иҷора афзуда ба 10500 рубл расид [4, с. 217]. Иҷоракор шумораи зиёди коргарон дошт, ки ҳатто як муомилоти тиҷоратӣ аз мади назари онҳо дур монда наметавонист. Дар арафаи барқарор гардидани Ҳокимияти шуравӣ бозори Душанберо шахсе бо номи Ёрматбой ба иҷора гирифта буд, ки аз иҷора он даромади калоне ба даст меовард [4, с. 218].

Дар нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX дар Душанбе ҳунармандӣ ривоҷ ёфта. Дар инҷо кулолгарони моҳир мезистанд. Ашёи кулолгарӣ аз ҷониби мардуми шаҳр ва деҳот дар ҳаёти рӯзмарра васеъ истифода мешуданд. Пас аз хароб шудани Қаратоғ (1907) дар натиҷаи заминларза ба Душанбе кӯчидани кулолгарони Қаратоғ ба рушди ин навъи ҳунармандӣ мусоидат намуд. Мувофики маълумоти ҷойдошта навъҳои гуногуни ҳунармандӣ аз қабили кулолгарӣ дар Душанбе тараққикарда ба ҳисоб мерафт [3, с. 39].

Дигар навъи ҳунармандӣ, ки дар Душанбеи тоинқилобӣ ривоҷ ёфта буд, ин оҳангарӣ маҳсуб меёбад. Коркарди оҳан то ин ё он дараҷа қариб дар тамоми шаҳру деҳоти Бухорои Шарқӣ мавҷуд буд. Бо вуҷуди примитивӣ будани усули истеҳсолот маснуоти металлие, ки аз тарафи устоҳои моҳири Ҳисор, Каратог ва Душанбе офарида шуданд берун аз ҳудуди аморат машҳур гашта буданд. Сайёҳ ва муҳаққиқи тоинқилобии рус Н. Маев дар бораи сифати хуб ва талаботи зиёд ба корду теғҳои Ҳисори устоҳо ва оҳангарони Қаратоғ маълумот додааст.

Дар байни шумораи бештари устоҳо устоҳои моҳир, монанди Бурӣ, Салим, Голиб, Саид, Комил, Абдул ва дигарон шӯҳрат пайдо карда буданд. Онҳо аз зарфҳои оддии рӯзгор сар карда, то маҳсулоти аълосифат ки ба табъу завқи нозукиҳои маҳсулоташон ва доираҳои олимартабаю сарватманд мувофик аст, маснуоти гуногун тайёр мекарданд. Ҳамаи устохонаҳои оҳангарӣ дар яке аз кӯчаҳои асосии Душанбе дар назди бозор ҷойгир буданд [4, с. 200-201].

Дар тамоми шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ намуди бофандагӣ хеле ривоҷ ёфта, дар деҳаҳои гирду отроф низ ин навъи ҳунармандӣ вусъат пайдо карда, вале шаҳрҳо ҳанӯз марказҳои бештар тараққикардаи истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ба шумор мерафтанд. Аз тамоми шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ дар ин соҳа маъмултаринаш Қаратоғи Ҳисор ба ҳисоб мерафт. Аллачаи абрешимии дар ин ҷо таёр карда шуда, берун аз ҳудуди аморати Бухоро шӯҳрат пайдо карда буд. Баъди заминларза ва дар натиҷаи он хароб шудани Қаратоғ маркази асосии

истеҳсоли ин маҳсулот ба Душанбе кучида шуд. Бояд тазаккур дод, ки гарчанде, ки пеш аз ин ҳам маҳсулоти бофандагони Душанбе дар тамоми аморат ва берун аз он низ шӯҳрати пайдо карда буд, вале акнун дар ин бобат ӯ мавқеи асосиро ишғол мекард [4, с. 95].

Пас аз заминларзаи Қаратоғ 8-уми сентябри соли 1907 беки Ҳисор Шоҳимардонқул барои таъмини бехатарии худ бо оилааш ба Душанбе мекӯчад ва онро қароргоҳи тобистонаи хеш интихоб мекунад. Аз ҳамин вақт сар карда, Душанбе ба маркази маъмурии водии Ҳисор табдил меёбад ва якбора аҳолии он низ афзоиш меёбад. Мувофиқи маълумоти Ғ. Ғоибов то соли 1920 аҳолии Душанбе 14-16 ҳазор нафарро ташкил медод [2, с. 4].

Агар ба таърихи Душанбе аз дидгоҳи маъмурӣ-идорӣ дар ибтидои қарни XX назар кунем пас Амлокдории Душанбе ба бекигарии Ҳисор тобеъ буд. Мувофиқи маълумоти ҷойдошта охирин амлокдори Душанбе Элҷон буд ва ӯ дар як вақт вазифаи ҷонишини беки Ҳисорро низ ба уҳда доштааст [14, с. 4].

Боғу токпарварӣ дар Душанбеи тоинқилобӣ ва гирду атрофи он низ хеле тараққӣ карда буд. Ин навъҳои маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аҳолии маҳаллӣ бо озуқа ёрии калон мерасонид. Аксари сокинони Душанбе заминҳои наздиҳавлигӣ доштанд, ки дар онҳо боғҳо бунёд мекарданд, навъҳои зиёди дарахтони мевадиҳанда парвариш мекарданд, ки дар байни онҳо дарахтони себ, шафтолу, нок, анор, олу, зардолу, анҷир бартарӣ доштанд ва инчунин дар боғҳои мазкур токзорҳои зиёд мавҷуд буданд. [4, с. 195].

Кирмакпарварӣ низ дар Душанбе хеле ривоҷ ёфта, мавҷудияти дарахтони зиёди тут, барои рушди он мусоидат мекард [4, с. 195].

Ҳамин тариқ, шаҳри Душанбе таърихи қадимиро доро буда, дар ибтидои асри гузашта нақши он ҳамчун маркази тиҷоратӣ назаррас буда, воқеан, яке аз марказҳои тиҷории Бухорои Шарқӣ ба шумор мерафт. Сарфи назар аз он, ки Душанбе дар ибтидои асри XX калонтарин маркази сиёсию маъмурӣ ба шумор нарафта бошад ҳам, вале аз ҷиҳати тиҷорат дар Бухорои Шарқӣ мавқеи махсусро ишғол мекард.

Адабиёт

1. Бурдуков Н. Гончарные изделия Средне Азии / Н. Бурдуков.- СПб., 1904.
2. Ғоибов Ғ. Пайдоиши Душанбе // Паёми Душанбе, 27 феврал, 1990.-С.4.
3. Душанбе дар масири таърих // Маҷмӯи мақолаҳо. - Душанбе, 2005. - 120 с.
4. История города Душанбе (с древнейших времен до наших дней) // Под. ред. М. Убайдуллоева.- Душанбе, 2004.- 295 с.
5. Липский В. И. Горная Бухара: Результаты трехлетних путешествий в Среднюю Азию в 1896. - 1897 и 1899 годах. – Ч. 2. – 1905. – С. 398.
6. Липский В. И. Горная Бухара: Результаты трехлетних путешествий в Среднюю Азию в 1896, 1897 и 1899 годах. – Ч. 3 / В.И. Литвинов.- 1905. – 735 с.
7. Логофет Д.Н. На горах и равнинах Бухары /Д.Н. Логофет.- Спб., 1913. – С. 479.
8. Литвинов Б.Н. Через Бухару на Памир // Исторический вестник. №11,- СПб., 1904.
9. Мухаммад Садик Гулшани. Тарих-и хумайун. (Счастливая дата).- Душанбе, 2016.- 116 с.
10. Мирсаидзода М. Душанбе қалби Тоҷикистон. - Душанбе: Эр-граф, 2019. – 216 с.
11. Нечаев А.В. По горной Бухаре / А.В. Нечаев.- СПб.,1914, 107 с.
12. Пиров Т.Т. Душанбе / Т.Т. Пиров, Н.М. Назаршоев. - Душанбе: Муждунар. Отношения, 2003. - 120 с.
13. Ранов В.А., Соловьев В.С. Душанбе- город древний. - Душанбе: Дониш, 1993.- 176 с.
14. Шарифзода А., Ғафуров А. Шаҳри дӯстию меҳмоннавоз (Аз таърихи шаҳри Душанбе) // Садои мардум, №122 (3268), 17 октябр, 2014.-С.4.
15. Юсупов Ш. К истории дореволюционного Душанбе (конец Х1Х – начало XX вв.) / Ш. Юсупов. - Душанбе: Дониш, 1988. - 113 с.
16. Якубов Ю. Душанбе // Паёми Душанбе №60 (2840), 26 октябр, 2023.- С.4.

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ДОРЕВОЛЮЦИОННОГО ДУШАНБЕ

Статья посвящена дореволюционной истории Душанбе и включает вопросы древней истории города, его местоположения, а также развития товарно-денежных отношений в Душанбе во второй половине XIX - начале XX вв. Автор отмечает, что в начале XX века в торгово-денежных отношениях в Восточной Бухаре основными торговыми центрами являлись Гиссара, Душанбе, Янгибазора, Каратога и Сарая Камара, а по мнению большинства дореволюционных русских исследователей Душанбе являлся одним из важнейшим торговым центром среди городов Восточной Бухары и занимал лидирующие позиции, что указывает на развитие торговли и его значение как одного из торговых центров Восточной Бухары.

Ключевые слова: *Душанбе, Восточная Бухара, рынок, торговля, исследование, центр, город, бекства, сделка, торговля, развитие, археологические находки.*

Сведение об авторе – Исломов Фахриддин Шамсидинович – ассистент кафедры история таджикского народа ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон (+992) 902103222. E-mail: fahriddinislomov195 @gmail.com.

THE HISTORY OF DUSHANBE BEFORE THE REVOLUTION

The article explores the post-revolutionary history of Dushanbe, delving into ins ancient roots, geographical significance, and the evolution of financial and monetary dynamics during the late XIX the and early XX the centuries. The author highlights Dushanbe's prominence in commercial activities, particularly within Eastern Bukhara, citing it as a pivotal hub alongside Hisor, Dushanbe, Yngibazar, Karatog, and Sarai Kamar. Russian sholars post-rtvolution affirm Dushanbe's pivotal role in trade relanions within Eastern Bukhara, attributing in to the city's flourishing trade scene and ins status as a key business center in the region.

Keywords: *Dushanbe, Eastern Bukhara, market, trade, research, center, city, bekstva, deal, trade, development, archaeological finds.*

About the authors – Islomov Fakhriddin Shamsidinovizh - teacher of the historical department the Tajik State Pedagogical University named S. Aini. Tel: (+992) 902103222. E-mail: fahriddinislomov195 @gmail.com.

ОСОРИ ХАТТИИ ПАҲЛАВӢ

Хушвахтова Мавҷигул Амоншоевна *– коргузори кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Осори хаттии паҳлавӣ ёдгорӣ ва намунаи бориз аз соҳибфарҳанг ва соҳибтамаддун будани гузаштагони халқи ориётабор маҳсуб гардида, дар баланд бардоштани ҳисси худшиносиву хештаншиносӣ ва бедории ҳуввияти фарҳангии насли имрузу фардо таъсири амиқи маънавӣ дорад. Сосониён, бо ҷамъ кардани аҳли фазлу адаб дар дарбор тавонистанд, ки барои ояндагон аз худ осори бою рангин ба ёдгор гузоранд, ки имрӯз дар китобхонаҳои далатҳои мутамаддини ҷаҳон маҳфуз гардидааст.

Дар замони Сосониён, осори паҳлавӣ аз сабабе, ки суннати шифоҳӣ дар Эрони пешазисломӣ дошта, аксаран китобат нашуданд, бархе аз он ба сурати мактуб дароварда шуданд, аммо бо иллатҳои мухталиф аз байн рафтанд. Дар баррасӣ кардани осори паҳлавӣ нақши мусташриқони хориҷӣ ва эронӣ ниҳоят калон аст. Натиҷаи заҳамоти онҳост, ки мо аз арсаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, таърихӣ, адабӣ, ҳунарӣ ва фарҳангии гузаштагони хеш огоҳӣ пайдо мекунем ва аз он ҷойе, ки бахше аз ҳуввияти фарҳангӣ ва адабии Эрони таърихӣ дар гузашта мебошад, ногузир порае ҷудонопазир аз фарҳангу адаби муосири се кишвари форсизабон- Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон аст.

Дар замони Сосониён забони форсии миёна (Parsig) дар мақоми забони давлатӣ ва забони осори динии ин шоҳаншоҳӣ қарор дошт. Аз ин рӯ ҳам дар даврони Сосониён ва ҳам дар қарнҳои аввали ислом ба ин забон осори гуногуни диниву фалсафӣ, ҳуқуқиву сиёсӣ ва таърихиву адабӣ офарида шудааст. Осори паҳлавӣ аз сабабе, ки суннати шифоҳӣ Эрони пешазисломӣ шинохта мешуд, аксаран китобат нашуданд, бархе аз он ба сурати мактуб дароварда шуданд, аммо бо иллати мухталиф аз байн рафтанд.

Осори паҳлавӣ аз тарафи муҳаққиқони аврупоӣ ва эронӣ тарҷума ва таҳия шудааст. Яке аз манобеи ҷамъбастӣ ва арзишманд дар мавриди таснифоти хутути забони эронӣ аз ҷумла осори форсии миёна дар эроншиносӣ пажуҳиши В.Б.Ҳеннинг маҳсуб мегардад [9, 20]

Дар Тоҷикистон аввалин маротиба аз ҷониби доктор Додихудо Саймиддинов дар шакли китоби "Адабиёти паҳлавӣ" бо тавзеҳот ва бо хатти сирилик таълиф гардидааст[1, 1].

Осори форсии миёна дар якчанд анвои хат маълум аст:

I. Алифбои паҳлавӣ ва навъҳои он – катибаҳои паҳлавӣ; навиштаҳои рӯи сиккаҳо, муҳрҳо, сафолнавиштҳо, навиштаҳои рӯи фулузот, пӯстнавиштаҳо ва папирусҳо, осори паҳлавии китобӣ, алифбои забури паҳлавӣ;
II. Алифбои монавӣ;
III. Позанд-овонавишти матнҳои паҳлавӣ дар алифбои авестоӣ;
IV. Порсӣ –баргардон ва ҳарфнавишти пораҳои ҷудогонаи матнҳои паҳлавӣ дар алифбои форсии арабӣ.

Дар миёни осоре, ки ба забони паҳлавии сосонӣ ба ҷо мондааст осори адабии сирф дида намешавад ва бештар осори динии зардуштӣ аст[1, 1]. Бояд гуфт, ки аксар осори динии паҳлавӣ дар авоили қуруни исломӣ бознависӣ гардида буд, аммо теъдоди зиёди он бар асари ҳамлаи муғул ва дигар ҳаводиси таърихиву иҷтимоӣ нобуд гардидааст. Имрӯз теъдоди ниҳоят ками ин осори нодир то ба замони мо омада расидааст. Дар манобеи давраи исломӣ забони форсии миёна ва осори замони Сосониён дар расмулхати паҳлавӣ таҳти номи паҳлавӣ (дар форсии миёна Pahlawig) паҳлавонӣ (форсии миёнаи монавӣ Pahlavanig) ёд мешавад. Чун дар даврони пас аз сосониён истилоҳи порсӣ (аз форсии миёнаи Parsig) ва ё гунаи муарраби он форсӣ барои забони форсии нав ё форсии дарӣ дар расмулхати арабӣ истифода шуд, он гоҳ барои тафовути забон ва осори ин ду давраи гуногун барои забони форсии миёна номи паҳлавӣ татбиқ гардид. Ин аст, ки забон ва осори давраи Сосониён ба номи паҳлавӣ хонда мешуд. Назар ба осори ғайридинӣ осори динӣ зиёдтар маҳфуз гардид ва сабаб он аст, ки дар суннати шифоҳӣ достону ривоятҳои асотириву таърихӣ бештар ҳифз гардиданд. Мазмун ва муҳтавои чанде аз рисолаҳои паҳлавии то ба замони мо расида , аз қабили “Корномаи Ардашери Бобакон”, “Ёдгори Зарирон”, “Шатранҷнома”, “Ёдгори Бузургмеҳр” ва ғайра аз тариқи худойномаҳо ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ворид шудаанд.

Навиштаҳои паҳлавӣ ин бахши хеле мухтасар буда, шомили ному насаб ва унвонҳои шоҳону бузургон ва соҳибмансабони даврони Сосониён мебошанд. Аз замони Сосониён теъдоди зиёди сиккаҳо ба даст омадааст. Қадимтарин сиккаҳо ба забони форсии миёна ба шаҳрёрони порс мансубанд. Таърихи ин сиккаҳо ба асри II-и пеш аз милод мутааллиқанд. Ин сиккаҳо куҳантарин намуна аз забони форсии миёнаи қабл аз замони Сосониён дониста мешаванд[9, 25-43].

Куҳантарин намуна аз осори форсии миёна ин катиба ва сангнабишаҳои сосонӣ мебошанд, ки ба асрҳои III-VI-и м. мансубанд. Дар ин осор бахши муҳимро унвонҳо ва ному насаби шоҳон ташкил медиҳанд. Дар мавриди катибаҳо, ҳарфнавишт, тарҷумаву нашри онҳо, ҳамчунин пажуҳиши ин осор маводҳои зерин аз аҳамият холӣ нестанд. Катибаҳои санги мазор, дахмаҳо ва оромгоҳҳо бо хатти шикаста навишта шуда, ба асри VI –м. ва чанд асри баъдӣ мутааллиқанд. Бештари ин катибаҳо аз вилояти Форс ва навоии атрофи он ба даст омадааст. Чанде аз катибаҳои дигар аз Истамбул, Туркистони Чин ва маҳаллоти дигари Эрон пайдо шудаанд [7, 11-12]; [10, 102-107].

Бахши дигари осори паҳлавӣ ин сиккаҳо, мӯҳрҳо, сафолнавиштаҳо ва навиштаҳои рӯи фулузот мебошанд. Дар ин бахш ному насаб ва унвони соҳибмансабони даврони Сосониён дарҷ гардидааст. Қадимтарин сиккаҳо бо забони форсии миёна ба шаҳрёрони Порс мансубанд, ки таърихи ин сиккаҳо ба асри II-и пеш аз м. тааллуқ дорад. Ба андешаи шарқшиноси машҳури аврупоӣ Ҳеннинг. В. Б “ин сиккаҳо куҳантарин намуна аз забони форсии миёнаи қабл аз замони Сосониён дониста мешаванд” [9, 25-43] .

Дар сиккаҳо шоҳони сосонӣ ҳангоми ба тахт нишастан таърихи ба тахт нишастанро дарҷ мекарданд. “Дар баъзе сиккаҳо таърихи салтанат ва маҳали зарб зикр шуда, дар иддаи дигар ин таърих ёд нашудааст”[5, 155-173].

Ёдгории дигаре, ки аз ин даврон то ба замони мо омада расидааст, ин навиштаҳои рӯи фулузот мебошад. Навиштаҳои рӯи фулузот, аз ҷумла ҷомҳои сосонӣ шомили номи дорандаи он бо баёни вазни ҷом аст. Дар чанде аз ҷомҳо мартабаи ашхос зикр мешавад. Пажуҳишгарон ин навиштаҳоро ба охири аҳди сосонӣ мансуб донистаанд [5, 55-64]; [6, 171]; [10, 107-108].

Қадимтарин намунаи пустнавиштаҳо ва папирусҳо аз Дура-Эвропос ба даст омадааст. Дар онҳо нома оиди тиҷорати маҳсулоти марбут ба асри III.м. дарҷ гардидааст. Бештари пустнавиштаҳо ва папирусҳои паҳлавӣ аз Миср пайдо шудаанд ва замони китобати онҳоро ба тасарруфи Миср аз ҷониби сипоҳиёни Эрон дар аҳди салтанати Хусрави Парвиз нисбат медиҳанд.

Оиди таърихномаҳову солномаҳои сосонӣ таърихшиноси юнонӣ Агафий (асри VI м.) маълумот овардааст, ки маҷмуаи он дар китобе бо номи “Худойнома” маъруф аст. Баъдан онро Ибн –ал-Муқаффаъ (с. 721-757 м.) аз форсии миёна ба арабӣ тарҷума кардааст, аммо баъдан бо сабабҳои дар боло зикргардида, ҳам матн ва ҳам тарҷумаи он аз байн рафтааст.

Дабири Шопури II Хуруҳбуд дар асри IV-и милодӣ бо фармони шоҳ таърихномаеро таҳти номи “Рост сухун” аз юнонӣ ба форсии миёна (паҳлавӣ) тарҷума кардааст[5, 211].

Дар нигоҳдории матнҳо ва номаҳои паҳлавӣ дастурону мубадон низ хидмати фаровон кардаанд. Бо заҳмати эшон дастнависи матнҳо ва китобҳо интишор ва маҳфуз гардиданд. Онҳо навиштаҳои паҳлавиро дар дафтарҳои ҷудогона ҷилдбандӣ карданд ва ин шеваи нигориш байни наслҳо идома ёфт.

Муаррихи асри IX Аҳмад ибни Абӯ Тоҳир Тайфур-муаллифи бағдодӣ маълумоти ҷолиберо дар мавриди як идда китобҳои паҳлавии маҳфуз дар китобхонаи Марв , ки Яздигурди III - охирин шоҳи сосонӣ, ҳангоми фирор бо худ ба он ҷо оварда буд, баён доштааст[2, 195].

Бинобар қавли Масъудӣ дар соли 303 ҳ. (баробар ба 915-916 м.) вай дар Истахр дастнависеро дида, ки дар он аз таърихи Сосониён ва он ҳама бисту ҳафт шоҳи ин хонадон , ки тибқи ҳамон сарчашма чаҳорсаду сиву се солу се моҳу ҳафтдаҳ рӯз салтанат кардаанд, нақл рафтааст. Аз чунин дастхат Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ ёд мекунад [5, 210].

Аз намояндагони Аврупо Ж.Шарден ҳангоми иқомат дар Исфаҳон нақлеро аз шуниди габрҳо, ки дар китобхонаи шоҳони Сафавӣ нигоҳдорӣ мешуданд, дар асараш овардааст[3, 213].

Аз куҳантарин дастнависи китоби “Динкард”, ки соли 1020 аз Бағдод ба даст омада будааст, ҷуз зикри нусхаҳои баъдӣ ҳеҷ гуна иттилои дигаре мавҷуд нест. Яке аз нусхаҳои ин дастнавис соли 1659 дар Туркободи Язд рӯйнавис шудааст. Ҳамин дастнависро с 1783 мубад Баҳман писари Баҳром аз Язд ба вилояти Сурат бурда ва онро дар ихтиёри порсҳои Ҳинд қарор медиҳад. Баъдан ин дастнавис гум мешавад. Хушбахтона, пас аз гузашти замоне чанд , дар охири асри XIX ин авроқи гумшуда , ҷуз шаш варақи он пайдо мегардад, ки баъдан дар такмили матн истифода шудаанд[11, 91].

Дастнависҳои даврони паҳлавӣ аз тарафи тадқиқотгарони хориҷӣ мавриди омӯзиш ва тарҷума қарор гирифтаанд. Аз ҷумла чанде аз дастнависҳои Копенҳаген ҳанӯз қабл аз чопи акси аз ҷониби К.Г.Залеман рӯйнавис гардиданд. Бояд тазаккур дод, ки қайду шарҳи К.Г.Залеман бар ҳошияи ин нусхаҳо то ба имрӯз низ арзишманду ҷолиб мебошад [4, 91-93].

Таваҷҷуҳи донишмандони Ғарб низ ба ин осори пурғановат кам набуда, саҳми донишманди Ғарб Анкетил Дюперрон низ дар ин ҷода назаррас аст. “Осори паҳлавӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XVIII мавриди таваҷҷуҳи донишмандони Ғарб қарор гирифтааст ва нахустин пажуҳишгар дар ин роҳ Анкетил Дюперрон дониста мешавад”[1, 183-187].

Имрӯз дастнависи китобҳову матнҳои паҳлавӣ дар китобхонаву колексиюнҳои ҷаҳон аз ҷумла дар Бомбей, Сурат, Навсорӣ, коллексиюнҳои ҷудогонаи порсҳои Ҳинд, институти ховаршиносии Кама дар Бомбей, китобхонаи донишгоҳи Оксфорд, китобхонаи донишгоҳи Кембриҷ, китобхонаи миллӣ дар Порис, Санкт-Петербург(китобхонаи М.Е.Салтыков –Щедрин ва институти Ховаршиносӣ) гирдоварӣ ва нигаҳдорӣ мешавад.

Аз ҷумла корномаи “Ардашери Бобакон” яке аз шинохтатарин ва ҷолибтарин навиштаҳои адабиёти паҳлавӣ буда, он дар чандин дастнависҳо маҳфуз мебошад. Корнома аз шумули он осори паҳлавӣ, ки беш аз дигар осор таваҷҷуҳи донишмандонро ҷалб кардааст. Матн бори нахуст соли 1853 дар Бомбай ба забони гуҷаротӣ тарҷума шудааст. Соли 1896 матни корнома бо тарҷумаи гуҷаротӣ аз ҷониби К.А.Нушервон ба табъ расид. Ҳамин сол чопи дигари он дар овонавишти лотинӣ ва тарҷумаҳои гуҷаротиву англисӣ бо кушиши Д.П.Санҷана дар Бомбай нашр гардидааст. Соли 1900 матни “Корнома” бо тарҷумаи гуҷаротӣ ва русӣ тавассути Е.К.Антиа чоп гардидааст. Нахустин тарҷумаи форсии матни “Корнома” аз ҷониби Х. Ирониӣ соли 1899 анҷом гирифтааст. Тарҷумаи русии се бахши нахустини “Корнома”аз ҷониби И.С.Брагинский соли 1972 анҷом гирифтааст. Мазмуни “Корнома” дар осори таърихнависони арманиву румӣ ва форсу араб низ нақл гардидааст[1, 21].

Адабиёти паҳлавии китобӣ умдатарини бахши осори форсии миёна маҳсуб мегардад. Ин осор шомили рисолаҳову матнҳои гуногун буда, дар онҳо мавзуъҳои гуногуни диниву фалсафӣ, ҳуқуқиву ахлоқӣ, таърихиву адабӣ ва мавзуоти ҷудогона дар мавриди заминшиносиву кайҳоншиносӣ, ҳандасаву тиб , ҷонваршиносиву гиёҳшиносӣ ва дигар матолиби марбут ба фарҳангу адаб ва суннатҳои эрони аҳди Сосониён ва даврони бостон баён гардидааст. Дар осори паҳлавӣ бисёр мавзуҳои таърихиву асотирӣ , ки дар онҳо аз гузаштагони дури зиндагии

мардумони эронӣ нақл меравад, дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ навиштаҳои паҳлавӣ дар ин бобат ягона манбаъ дониста мешаванд.

Бештари рисолаҳову матнҳои паҳлавӣ дар давраи Сосониён, дар қарнҳои аввали ислом таълиф гардидаанд. Пас аз нимаи дуюми асри XIX гирдоварӣ ва табъу нашри матнҳои паҳлавӣ аз рӯи дастнависҳо оғоз мешавад. Ин давра яке аз марҳалаҳои бисёр самарабахш дар чопи осори паҳлавӣ дар Ҳинду Аврупо маҳсуб мегардад. Омӯзиш ва баррасии адабиёти паҳлавӣ , яке аз мавзуъҳоест, ки маротибае чанд мавриди таваҷҷуҳи эроншиносон қарор гирифтааст. Э. Уэст нахустин донишмандест, ки дар оғози асри XX дар асоси дастнависҳо ва манобеи чопшуда дар мавриди адабиёти паҳлавӣ пажуҳиш анҷом додааст [11, 75-129].

Дар китоби “Адабиёти паҳлавӣ”-и доктор Додихудо Саймидинов ҳаждаҳ рисолаи паҳлавӣ ва даҳ андарзнома оварда шудаанд. Чун дар ҳаҷми мақола оиди ҳар яки онҳо маълумот овардан имкон надорад, тасмим гирифтем,ки дар бораи гаронарзиштарин достонҳои осори паҳлавӣ маълумоти мухтасар оварда бошем.

Андарзи Озарбрди Маҳраспандон

Озарбоди Маҳраспандон –мубади мубадони замони Шопури II (309-379 м.) маҳсуб мегардад. Номи Озарбод аз ду бахш таркиб ёфта “atur”- оташ ва “bad”- аз решаи эронии “ра”- ба маънои “поидан” аст. Озарбод – яъне поянда ва нигаҳбони оташ. Маҳраспанд гунаи паҳлавии вожаи авастоии mansraspanta-буда, маънои он “сухани аҳуроӣ” ва ё “каломимуқаддаси изадист”. Озарбоди Маҳраспандон дар густариши оини зардуштӣ ва суннатҳои он нақши бузург дошта, гаравишҳои зурвониро чун гунае аз бидъат ва зандиқа рад кардааст. Вай дар танзим ва ташреҳи матни Авесто ба паҳлавӣ саҳм гирифта, дар кори тасҳеҳи он ширкати фаъол доштааст. Аз ин чеҳраи шинохтаи мазҳабӣ дар чанде аз китобҳои динии паҳлавӣ чун “Бундаҳишн”, “Динкард”, “Шойаст на шойаст” ёд шуда, ривоятҳо низ оварда шудаанд. Аз ҷумла дар китоби “Шойаст на шойаст” омадааст, ки гӯё бар синаи вай миси гудохта рехтаанд, аммо ӯ бе ҳеҷ гуна осеб аз ин озмуни басо мушкил раҳоӣ ёфтааст. Куҳантарин дастнависи ин маҷмӯа нусхаи Мирабон Хусрав буда, он дар Бомбай дар китобхонаи хусусии донишманди порс Ҷамасп –Асана нигаҳдорӣ мешуд. Колофони ин дастнавис ба забонҳои паҳлавиву санскрит ва форсӣ мебошад. Э. Уэст матни ин андарзномаро шомили 3000 вожа тахмин кардааст.

Матни “Андарзи Озарбоди Маҳраспандон”маротибае чанд мавриди омӯзишу нашр қарор гирифта , ба чандин забонҳо тарҷума шудааст. Ин андарзро Озарбоди Маҳраспандон барои парваришу омӯзиши фарзанди хеш Зардушт навиштааст. Дар андарзнома беҳтарин ва писандидатарин суннатҳои ахлоқӣ дар гуфтору пиндор ва кирдори инсони бофарҳанг баён шудааст, ки чанде аз анҳоро метавон ёд кард: одоби сухан ва муошират, ростгуфторӣ, ростпиндорӣ ва росткирдорӣ, некандешӣ, некномиву некзистӣ ва порсоӣ, оини интихоби дӯст ва ҳамроҳу ҳамнишин ва ҳамрози нек, хирад ва манфиати омӯзишу фарҳанг, эҳтироми падару модар ва бузургону сарварони шаҳриёрон , додхоҳӣ ва парҳезу парҳезкорӣ, бунёди хонумон, интихоби зан ва интихоби домод, оини қарз гирифтан, манфиати саҳархезӣ ва ғ. ҳамчуниндар ин андарзнома оиди чигунагии ҳар як рӯзи моҳ бар асоси суннат ва бовариҳои куҳан хосияти ҳар яке аз си рӯзи моҳ аз рӯи тартиб ба гунаи андарз баён шудааст.

Озарбодро фарзанди танизод набуд ва пас аз он,ки умед ба Яздон кард , дере нагузашт , ки Озарбодро фарзанд шуд ва аз росткирдории Зардушти Спитамон ӯро Зардушт ном гузошт. Дар умум ин андарзнома 124-панди судманд дорад, ки монанди “Бустон ” ва “Гулистон”-и ҳаким Саъдӣ Шерозӣ шахсе,ки ин суханонро пайравӣ кунад, дар ҳаёташ хориро нахоҳад дид. Озарбоди Маҳраспандон ҳангоми даргузашт чанд вожаро ҳамчун ёдгор ба ҷаҳониён гуфтааст. Аз ҷумла омадааст дар панди дуюм омадааст : “Писарам некандеш бош, на гуноҳандеш, чӣ мардум то замони ҷовидон зинда набошанд ва чизи менуӣ бештар бояд хостан”.

Дар панди сенздаҳум чунин омадааст: Зану фарзанди хеш ҷуз аз фарҳанг берун магузор , то тимору андӯҳи гаронат нарасад ва пушаймон нагардӣ! “Ҳар гоҳ некӣ расад, бисёр шод мабош! Ва ҳар гоҳ бадбахтӣ расад , бисёр андӯҳгин мабош!” чун некӣ замоне ба бадбахтӣ [бадал гардад]ва бадбахтӣ замоне ба некӣ ва ҳеҷ фарозе нест,ки аз пеши он нишебе нест (набувад) ва ҳеҷ нишебе нест, ки аз паси он фарозе (набвад).

Достони дигари хеле гаронарзиши адабиёти паҳлавӣ ин “Менуи хирад” аст. Онро “Менуи хирад” ё “қазовати ақл” мегӯянд. Дар он матолиби ахлоқиву фалсафӣ ва диниву асотирӣ якҷоя бо мавзуоти дигари ҷаҳоншиносӣ баррасӣ гардидааст.Нависанда ва замони навиштани достон дар ҳеҷ кадом аз дастнависҳо ёд нашудааст. Аммо бештари донишмандон бар онанд,ки он дар замони шоҳи сосонӣ Хусрави I маъруф ба Хусрави Анӯшервон навишта шудааст.Ин сабки нигориш дар дигар достонҳо аз ҷумла дар достони “Йуишти Фриён”, “Ёдгори Бузургмеҳр” аз пурсишу посух иборат аст. Вожаи мену муродифи вожаҳои “ҷон” ва “равон” буда , аммо ҳамчун истилоҳи фалсафӣ ба маънои “рӯҳ”ва “ҷаҳони рӯҳонӣ” ё “маънавӣ” ба кор рафтааст.

Матни паҳлавии ин достон бори нахуст бо кӯшиши Ф.Андреас ба табъ расидааст. Дар нусхаҳои форсӣ онро бо номи “Васфи хирад” ёд мекунанд. Маънои мухтасари достон қаҳрамони достон “доно” ба хостории хирад кишвар ба кишвар ва ноҳия ба ноҳия рафта, аз бештар кешҳову гаравишҳо, ки мардумонаш дар доноӣ бартар буданд, огоҳӣ ёфтааст. Пас аз ин пажуҳишҳо вай дар меёбад, ки аз ҳама некиҳо дар поиши тан ва раҳоиши равон хирад беҳтару бартар буда, ороиши гетӣ ва идораи менуро низ ба ёрии неруи хирад метавон кард. Пас “доно” менуи хирадро ба паноҳандагии худ гирифта, дар парастишу ниёиши он бештар мекӯшад. Дар анҷом менуи хирад тани хешро ба “доно” ошкор намуда, ба пурсишҳои ӯ посухҳо медиҳад. Ҳамин тариқ достон шомили пешгуфтор ва 62 пурсишу посух аст. Нависанда дар пешгуфтор худро ҳамчун сеюм шахс намудор сохта , ҳамин шахсияти тахайюлӣ ба номи “доно” аз “менуи хирад” пурсишҳо кард ва посухҳо хостааст. Дар достон бузургӣ ва марбутаву нерӯи хирад ва суди он барои осоиши тану ҷон дар ҳар ду ҷаҳон тавсиф гардидааст. Масалан дар пурсиши даҳум чунин омадааст:

Хирад беҳтар аст ё ҳунар?

Менуи хирад посух кард, ки хираде, ки бо он некӣ нест онро хирад набояд донист. Ва ҳунаре,ки бо он хирад нест онро ҳунар набояд донист.

Пурсиши 14-ум пурсид Доно аз Менуи хирад, ки дарвешӣ беҳтар аст ё тавонгарӣ ё фармонравоӣ?

Менуи хирад посух кард,ки дарвешӣ бо некӯӣ беҳтар, ки тавонгарии аз дороии касон. Чӣ гуфта шуда, ки дарвештарин ва бенавотарин кас чун андешаву гуфтору кирдораш нек бувад ва онро дар кори Яздон дорад, аз ҳар кори неке, ки мардумон дар ҷаҳон кунанд , ӯро низ ба доду адл баҳрас бувад. Ва низ марди тавонгари бас доро чун дороӣ аз дурустӣ гирд накарда бошад, агар онро дар кори нек ва хайр низ сарф кунад , он кори нек аз ӯ набвад.

Ва дар бораи фармонравоӣ гӯянд, ки касе, ки дар дехе фармонравои нек аст, бартар аст аз касе, ки дар кишваре фармонравои бад аст. Чӣ офаридгор Ҳурмузд барои нигаҳбонии офариниш фармонравоии некро офарид. Ва Аҳримани бадкор фармонравоии бадро дар муқобили фармонравоии нек офарид.

Ҳамин тариқ тамаддуни ориёӣ дар давраи давлатдории паҳновари Сосониён, ҷанбаи иҷтимоии собиту арзишманд, фарҳанги пешрафтаи дорои хатту забон ва арзишҳои волои маънавӣ, афкори созандаи ахлоқӣ ва таъсири мутақобилаи ҳамгироии минтақавию қавмиро соҳиб буда, дар ташаккули оини давлатдории ориёӣ ва бунёди ҷомеаи нисбатан пешрафта ба дастовардҳои назарраси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардида буд.

Адабиёт:

1. Додихудоев Саймиддинов. Адабиёти паҳлавӣ. Душанбе -2003.
2. Бартольд В.В. К истории Мерва // Сочинения .-М., 1966.Т.IV
3. Бойс М. Зороастрийцы . Верования и обычай /Пер.с английского и примечания И.М.Стеблин-Коменского /М.,1979.
4. Залеман К.Г. О результатах поездки совершенной летом 1889г.в Копенгаген// ЗИАН III , 1890. Т.41-с.91-94.
5. Луконин В.Г. Иран в III веке. Новые материалы и опыт исторической реконструкции .-М., 1979.
6. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию.-М., 1988.
7. Растаргуева В.С., Молчанова Е.К.Среднеперсидский язык // ОИЯ.-М., 1981.-с.6-147.
8. Andreas F.C. The book of Mainyo-I khard, also on old fragment of the Bundahesch.-Kiel, 1882.
9. Henning
10. Tafazzoli A. Ta’rix-e adabiyat-e pis az Islam.-Tehran, 1376.
11. West E.W. Pahlavi Literature // GIPh .-1896-1904/-Bd II.-p.75-129.

ANNOTATION

Since during the time of the Sasanids , the Middle Persian language (Parsig) was the state language and the language of religious works of this dynasty, therefore, both during the Sasanid era and in the first centuries of Islam, various religious and philosophical, legal, political, historical and literary works were created in this language. The article provides general information about this Pahlavi work. At the same time, there is information about the types of writing, inscriptions, manuscripts, coins, seals, ceramics, inscriptions on metal, manuscripts and papyri, chronicles and annals, as well as in which libraries and collections of the world these works are preserved today also, brief information about the most famous and interesting writings of Pahlavi literature such as "Kornomai Ardasheri Bobakon", "Andarzi Azarbodi Mahraspandon", "Menui Hirad" is presented.

The attention of Western scholars to this work, its translation into different languages of the world, and the role of foreign and Iranian scholars in examining the Pahlavi works are described in detail.

Key words: *The Sasanids, Middle Persian language, inscriptions, manuscripts, libraries, collections, Kornomai Ardasheri Bobakon", Western scholars, Iranian scholars.*

АННОТАЦИЯ

В статье представлены сведения о рукописях Пехлеви на основе исследований отечественных и зарубежных авторов. Поскольку во времена Сасанидов государственным языком и языком религиозных произведений этой династии был среднеперсидский язык (парсиг), то и в эпоху Сасанидов, поэтому и в эпоху Сасанидов, и в первые века ислама на этом языке создавались различные религиозные, философские, юридические, политические, исторические и литературные произведения.

При этом имеются сведения о видах письменности, надписях и каменных надписях, рукописях, монетах, печатях, керамике, надписях на металле, рукописях и папирусах, летописях, а также в каких библиотеках и собраниях мира эти произведения сохранились и сегодня.

Также представлены краткие сведения о наиболее известных и интересных произведениях пехлевийской литературы, таких как «Корномаи Ардашери Бобакон», «Андарзи Азарбоди Махраспандон», «Менуи Хирад».

Подробно описано об внимание западных ученых к этому богатому труду, его перевод на разные языки мира, а также роль зарубежных и иранских ученых в изучении произведений Пехлеви.

Ключевые слова: *Государство Сосонидов, среднеперсидский язык , рукописи, рукописи и папирусы , «Корномаи Ардашери Бобакон», иранские ученые, зарубежные ученые .*

ҶАШНИ НАВРӮЗ АЗ ИБТИДО ТО ҶАҲОНИШАВӢ

Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич *– ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

«***Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, орзую ормон, расму ойн, ҷаҳонбинию ҷаҳонишиносии миллатмон буда, дар тӯли мавҷудиятаи арзишҳои фарҳангию миллиро моро дар таркиби худ ҳифз кардааст*».

Эмомалӣ РАҲМОН

Ҳар як ҷашни миллии тоҷикон таърихи худро доро буда, бо як шукӯҳу шаҳомати хоса тавлил мегарданд. Яке аз ҷашнҳои асосии тоҷикон Наврӯз ба ҳисоб меравад, ки таърихи зиёд дошта, ба ҳазораи VI–VII пеш аз мелод рост меояд.

Дар хусуси пайдоиши Наврӯз ривоятҳои зиёде мавҷуданд, ки қисме аз онҳо тавассути осори олимону донишмандони тоҷик то замони мо расидаанд. Муаллифи асари «Бӯҳрони қотеъ» дар шарҳи истилоҳи Наврӯз ва сабаби пайдоиши он чунин навиштааст: Наврӯз ба маънои рӯзи нав аст ва он ду бошад: яке рӯзи омма ва дигаре наврӯзи хоса ва наврӯзи омма рӯзи аввали фарвардинмоҳ аст, ки омадани офтоб ба нуқтаи аввали ҳамал бошад ва расидани ӯ ба он нуқта аввали баҳор аст».

Ҷашни Наврӯзи ҳуҷастапайро аксари маъхазҳо ва сарчашмаҳои фарҳангии чи аҳди бостон ва чи асрҳои миёна ба Ҷамшеди пешдодӣ нисбат додаанд. Умари Хаём дар «Наврӯзнома» овардааст, ки чун Каюмарс ба подшоҳӣ биншаст, хост, ки айёму солу моҳро ном ниҳад ва таърих бисозад, то мардум инро бидонанд. Бингарист, ки он рӯз бомдод офтоб ба аввалин дақиқаи ҳамал омад, мубадонро ҷамъ овард ва бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд. Аммо боварии ҳамагон бештар бар ин аст, ки ҷашни Наврӯзи бостонӣ дар аҳди Ҷамшеди Пешдодӣ бори нахуст баргузор гардидааст [10, с.6].

Наврӯз дар замони империяи Ҳахоманишинҳо бо суннатҳои хоси худ ҷашн гирифта мешуд. Дар замони ҳукмронии Дорои I маросими Наврӯз дар тахти Ҷамшед баргузор мешуд.

Албатта, дар сангнавиштаҳои аз даврони Ҳахоманишинҳо ба таври мустақим ишорае ба баргузории Наврӯз нашудааст, аммо баррасиҳо бар рӯи ин сангнавиштаҳо нишон медиҳад, ки мардум дар даврони онҳо бо ин ҷашн ошно будаанд ва Ҳахоманишиён Наврӯзро бо шукӯҳи бузурге таҷлил менамуданд [9, с.11].

Баргузории ҷашни Наврӯз дар замони Сосониён на камтар аз шаш рӯз тӯл мекашид ва ба ду давра тақсим мешуд. Наврӯзи кӯчак ё Наврӯзи омма, ки панҷ рӯз буд ва аз якум то панҷуми моҳи фарвардин гиромӣ дошта мешуд ва рӯзи шашуми фарвардин (хурдодрӯз) ҷашни Наврӯзи бузург ё Наврӯзи хоса барпо мегашт. Дар ҳар яке аз рӯзҳои Наврӯзи омма табақае аз табақоти мардум (деҳқонон, рӯҳониён, сипоҳиён, пешоварон ва ашроф) ба дидори шоҳ меомаданд ва шоҳ ба суханони онҳо гӯш медод ва барои ҳалли мушкилоташон дастур медод [9, с.11].

Баъди забткориҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр ва ба сари қудрат омадани намояндагони Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён фарҳангу суннатҳои миллии тоҷикон аз нав эҳё гардиданд.

Дар замони ҳукмронии Тоҳириёну Саффориён ҷашни Наврӯз таҷлил мегардид. Дар ин бора академик Бобоҷон Ғафуров дар асари бузургаш «Тоҷикон» чунин овардааст: «Сарбозони Саффориён дар ҳар се моҳ маош мегирифтанд. Ҳар вақт дар айёми Наврӯз тафтиши қӯшун ба амал меомад. Аз сарбоз то сардори қӯшун ба амалдори махсус аспу силоҳи худро намоиш медод ва сипас пул мегирифт» [2, с.378].

Дар аҳди давлатдории Сомониён ҷашни Наврӯз бо оинҳои суннатии худ бо шеваи қадимааш эҳё гардида, дар бузургтарин шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Истаравшан, Ҳисору Зарафшон, Хатлону Бадахшон, Марву Ҳирот ва Нишопур бо шаҳомати бузург таҷлил мегардид.

Амирони хирадпарвари Сомонӣ хуб дарк мекарданд, ки Наврӯз на танҳо ҷашни кишоварзӣ, балки ҷашни хирадпарварӣ ва инсонсолорию инсонсозист. Ин буд, ки дар давраи салтанати амирони Сомонӣ, қатъи назар аз он ки неруҳои миллӣ тавассути ҷашнгирии саросарии Наврӯз дар манотиқи қаламрави давлат таҳкиму тақвият меёфт. Маҳз дар замони салтанати Сомониён дар арафаи Наврӯз, бо такя ба суннати даврони Сосонӣ оташ меафрӯхтанд, мутрибон оҳангҳои ҷашнӣ навохта, ҳофизон суруду таронаҳои Наврӯзӣ месароиданд [6, с.117-118].

Абӯбакри Наршахӣ дар асари худ «Таърихи Бухоро» ҳақиқати суннатҳои Наврӯзро зимни иттилоъ дар мавриди бозорҳои идона дар рустое аз атрофи Бухоро ба унвони Вархша чунин тавзеҳ додааст: «Ва ин деҳаро дар понздаҳ рӯзе бозор аст ва чун бозори охирини сол бошад, бист рӯз бозор кунанд ва бисту якум рӯз Наврӯз кунанд ва онро «Наврӯзи кишоварзон» гӯянд. Ва кишоварзони Бухоро аз он ҳисобро нигоҳ доранд ва бар он эътибор кунанд. Ва «Наврӯзи муғон» баъд аз он панҷ рӯз бошад [1, с.19].

Баъд аз сукути давлати Сомониён дар аҳди Ғазнавиён, Қарахониён, Ғуриён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва ҳатто баъди истилои муғул Наврӯзро заҳматкашон бо тантана ҷашн мегирифтанд. Мардум ба шарафи Наврӯз пешакӣ тайёрӣ медиданд. 25 рӯз пеш аз Наврӯз дар зарфҳои махсус гандум сабзонида, дар рӯйи хони наврӯзӣ мегузоштанд ва омади кишти зироатро аз рӯйи ҳолати сабзиши онҳо пешбинӣ менамуданд.

Дар замони Салҷуқиён бошад, бо дастури Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ теъдоде аз ситорашиносон бо сарварии Умари Хайём барои ислоҳоти тақвим гирди ҳам омаданд. Ин гурӯҳ Наврузро дар рӯзи якуми баҳор қарор доданд ва ҷойгоҳи онро собит намуданд. Ислоҳоти дар асоси мушоҳидаҳои дақиқи илмӣ ва ҳисобу китоби аниқ гузаронидаи Умари Хайём дар асари ӯ «Зиҷи Маликшоҳӣ», ки дар таърих бо номи «Тақвими Ҷалолӣ» маъруф аст, бомуваффақият ҷамъбаст карда мешавад. Ҳазорсолаҳост, ки қавму миллатҳои гуногун дар ҳар кучо ва дар ҳар ҳоле ки бошанд, Наврӯзро бо ҳама расму русумаш дар хонаву кошонаҳои хеш ҷашн мегиранд. Иди Наврӯз дар замонҳои тозиён, туркон, муғулон ва дигар фармонравоён низ бо шодӣ баргузор мешуд [9, с.12].

Иди Наврӯз то ғалабаи инқилоб дар аморати Бухоро ва Бухорои Шарқӣ бо тантана таҷлил мегардид. Устод Садриддин Айнӣ дар бораи чӣ тавр ҷашн гирифтани Наврӯз дар асарҳояш ёдовар мешавад. Ӯ дар қисми дуюм ва чоруми «Ёддоштҳо» ба ин мавзӯъ бобҳои алоҳидаро бахшидааст [4, с.17].

Дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ба анъанаҳои миллӣ, инчунин халқи тоҷик, ки таърихи дуру дарози беш аз ҳазорсола доштанд, бо баҳонаи идҳои динӣ ё урфу одатҳои феодалӣ таъқиб гардида, кӯшишҳои аз байн бардоштани расму ойин ва анъанаҳои миллӣ дида мешуд.

Моҳи январи соли 1978 бо қарори ҳукумат ҳар сол 21–22 март дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ иди Наврӯз бо тантана ҷашн гирифта мешуд [3, с.13].

Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба миллати тоҷик имконият дод, ки дар фазои истиқлолу сулҳу ваҳдати миллӣ ба эҳё намудани фарҳангу суннатҳои миллӣ ноил гардидем. Дар амалӣ намудани чунин ҳадафтҳо нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои аввали истиқлолият бо фидокорӣ тавонист, ки аҳли илму фарҳанг ва тамоми нерӯҳои солими ҷомеаро атрофи ғояҳои муттаҳидсозанда, пешбаранда ва эҳёи фарҳанги миллӣ гирд оварда, ҷашнҳои миллии тоҷикон, аз ҷумла Наврӯзи оламафрӯзро аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ ба оламиён муаррифӣ намояд.

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо собиқ Директори генералии ЮНЕСКО Коичиро Матсуура тирамоҳи соли 2002 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷаҳонишавии Наврӯз муҳокима гардид. Зимни ин мулоқот сарвари давлат ба директори генералии ЮНЕСКО дар бораи анъанаҳои миллӣ ва кӯҳан будани фарҳанги кишоварзии тоҷикон, ҷашнҳои миллии меросмонда сухан намуд. Аз он ҷумла дар бораи фарҳанги моддӣ, яъне ёдгориҳои таърихӣ ва мадании тоҷикон, фарҳанги ғайримоддӣ аз қабили мусиқии классикии шашмақом ва ҷашни Наврӯз бо ифтихор ёдовар гардид. Дар мавриди Наврӯз ҳамчун ёдгории ғайриморрдии тоҷикон соли 2003 ҳангоми мулоқоти ҳайати Комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО бо Коичиро Матсуура дар бораи ба феҳристи ёдгориҳои ғайриморрдӣ дохил кардани Шашмақом ва Наврӯз масъалагузорӣ намуданд [7, с.9].

Қадамҳои устувор барои ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз дар Конфронси байналмилалии Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид, ки дар шаҳри Абу Дабӣ аз 28 сентябр то 2 октябри соли 2009 баргузор гардида буд, гузошта шуданд. Дар ин ҷамъомад аз 30 сентябри соли 2009 Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи ёдгории ғайриморрдии фарҳангии башарият, ки дар доираи барномаи ин ташкилоти бонуфуз тартиб дода мешавад, дохил карда шуд [8, с.44].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари анҷумани тоҷикону форсизабонони олам баҳри эҳёи анъанаҳои шӯҳратманди тамаддуни ориёӣ, тарғибу ташвиқи он дар ҷаҳони имруза саҳми арзанда гузоштааст.

Бо ташаббусу ибтикороти нақибонаи Сарвари давлат дар ин роҳи пурифтихор аз ҷониби роҳбарият ва давлатҳои Озарбойҷон, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустону Покистон, Қазоқистон, Туркманистон ва дигар кишварҳо дастгирии ҳамаҷониба ёфта, 19 феврали соли 2010 Сессияи 64-уми генералии Ассамблеяи Созмони Милали Мутаҳид дар моддаи 49-и рӯзномаи ҷаласа таҳти унвони «Фарҳанги ҷаҳон» дар бораи ҳамчун «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» дар 21 март ҷашн гирифтани Наврӯз қарор қабул кард. Ҳамчунин, Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид кӯшишҳои давлатҳо аъзоҳоро, ки дар ҳудуди онҳо Наврӯз ҷашн гирифта мешавад, ҷиҳати нигоҳ доштан ва ривоҷу равнақ додани фарҳангу анъанаҳои бо Наврӯз алоқамандро дастгирӣ карда, даъват ба он намуд, ки дар ҳолати зарурӣ ҷамъомадҳои ҳамасола бобати таҷлили ин ҷашн ташкил намоянд. Таърихи пайдоиш ва анъанаҳои ин ҷашн бо мақсади паҳн кардани маълумот дар бораи аҳамияти Наврӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд [11, с.6].

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди ҷаҳонишудани Наврӯз чунин андешаронӣ менамоянд: «Наврӯзи аҷдодии мо дар роҳи ташаккули таърихии худ мушкилию монеаҳои зиёдеро паси сар намуда, чун суннати воло ва расми деринаи миллии тоҷикон ба бисёр мамлакатҳои Машриқзамин роҳ ёфт ва тадриҷан арзиши умумибашарӣ пайдо кард» [5, с.4].

19 марти соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиён изҳор дошт, ки «Ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз барои ривоҷи табодули фарҳангҳо, густариши ҳусни тафоҳуми байни миллатҳо ва таҳкими сулҳу суботи халқҳо нақши

муаассир мегузорад ва барои муаррифии боз ҳам бештари фарҳангу тамаддуни мардуми ориёитабор мусоидат менамояд».

Соли 2011 дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе бузургтарин ҷашнгоҳ «Наврӯзгоҳи пойтахт» ба истифода дода шуд. Ин иншоот дорои 8000 ҷойи нишаст, толори варзиши, меҳмонхона, маҷлисгоҳ, қаҳвахона ва дигар утоқу биноҳои ёрирасон буда, барои баргузории ҳама гуна корҳои варзишӣ ва фарҳангиву фароғатӣ тамоми шароити заруриро дорост ва имрӯз дар хизмати мардум қарор дорад [7, с.10].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиат бо зиёиёни эҷодкор муроҷиат намуданд, ки «Баргузории Наврӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ моро вазифадор менамояд, ки расму ойинҳои неки Наврӯзии замонҳои куҳанро аз нав эҳё намуда, ба онҳо шукӯҳу шаҳомати тоза бахшем».

Соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мизбони ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе шуданд. Ба ин муносибат дар пойтахти кишвар Конфронси байналмилалии Наврӯз-2012 ва тантанаҳои бошукӯҳи идона баргузор гардид. Барои иштирок дар ин тантана сарони давлатҳои Афғонистон, Эрон ва Покистон Ҳомид Карзай, Маҳмуди Аҳмадинажод, Осиф Алӣ Зардорӣ ва дигар меҳмонони олимақом зиёда аз 40 кишвар ва 35 созмони минтақавию ҷаҳонӣ ҳузур доштанд [7, с.10].

Яке аз суннатҳои бисёр неку шоистаи Наврӯз он аст, ки одамон ба истиқболи ин ҷашни фархунда на танҳо макони зисту ашёи рӯзгор ва сару либоси хешро нав ё тозаву озода мегардонанд, балки қалбу ботини худро низ аз кинаву адоват ва хушунату бадбинӣ пок месозанд, ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду оғӯши пурмеҳр истиқбол мегиранд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳамасола дар арафаи ҷашни Наврӯз аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маросими шинондани ниҳол ва бунёди боғу маидонҳои истироҳати оғоз мегардад. Бо ин мақсад 19 марти соли 2014 дар шаҳри Душанбе бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғи нави Наврӯзгоҳ мавриди баҳрабардории умум қарор гирифт. Ин боғ дар миёни Қасри миллат ва майдони «Наврӯзгоҳи пойтахт» қарор гирифтааст [7, с.11].

Бо мақсади арҷгузори ва ҷаҳонишудани ҷашни Наврӯз имрӯзҳо ба мушоҳида мерасад, ки дар ҷумҳурӣ кӯчаву хиёбон ва деҳа, як қатор иншоотҳои фарҳангӣ, маидони боғу истироҳатгоҳ, чоихонаву қаҳвахона ва дигар иншоотҳо Наврӯз номгузори карда шудааст.

Ҳамин тавр, Наврӯз аҷам яке аз қадимтарин идҳои мардумӣ аст, ки аз оғози пайдоиши худ дар қаламрави қавмҳои ориёӣ ҷашн гирифта мешуд. Бо гузашти айём фазои ҷашнгирии Наврӯз густариш ёфа, ҳудуди аксари давлатҳои Авруосиёро фаро гирифта, дар тули таърих монеаҳои зиёдеро паси сар намуда, бо рангу тобиши нав таҷлил мегардид ва то замони мо чунин анъанаи неки ниёгон омада расид.

АДАБИЁТ:

1. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар Наршахӣ. Таърихи Бухоро. / А. М. Ҷ. Наршахӣ.–Душанбе: дониш, 1979.–74 с.
2. Ғафуров Б. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. / Б. Ғафуров.–Душанбе:Нашриёти муосир, 2020–976 с.
3. Қосими С.А. Наврӯзномаи Саъдӣ. / С.А. Қосими.–Душанбе, 2020.– 193 С.
4. Муллоев А. Наврӯз–ҷашне куҳану ҷовидон. / А. Муллоев // Масъалаҳои Маориф.–2011.–№2.–С.12–18.
5. Наврӯз пайвангари дилҳост. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон андар ситоиши Наврӯзи оламафрӯз. Маорифи Тоҷикистон.–2013.–№ 1.–С.4–6.
6. Нурзода Н. Ҷойгоҳи наврӯзи бостонӣ дар таҳкими раванди худшиносии миллӣ. / Н. Нурзода // Илм ва ҷомеа. – 2019.–№ 2 (15).– С.113-118.
7. Раҳмони Р. Таҷлили иди Наврӯз дар даврони истиқлолият. / Р. Раҳмони // Тоҷикистон.– 2022.–№ 3-4 (11992) –С.9–11.
8. Раҳмон Ҳ. Наврӯз рамзи офаринишу ороиш ва инсонпарварист. / Ҳ. Раҳмон // Сарзамин.–январ–марти 2010.–С.44–45.
9. Таърихи пайдоиши иди наврӯз. Маорифи Тоҷикистон.–2013.–№ 1.–С.9–13.
10. Ҳазратқулов М. Наврӯз ва Ҷамшед. / М. Ҳазратқулов // Дин ва ҷомеа. – 2019.–№ 3.–С.6–9.
11. Шарипов Ҷ. Нигоҳе ба таърихи ҷашни Наврӯз. / Ҷ. Шарипов // Ронанда ва нақлиёт.– 2020.–№ 4.–С.5–6.

РАЗВИТИЕ НАУКИ В БУХАРЕ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ САМАНИДОВ

Умаров Бахтишод – *базовый докторант кафедры археология и история Бухары Бухарского государственного университета, b.b.umarov2019@buxdu.uz ;*
ORCID ID: ***0000-0002-0501-3789***

Введение. Древняя и современная Бухара, великий город, который внес большой вклад в материальную и духовную культуру Центральной Азии, прославился в восточном и западном мире именем «Куббат ул-Ислам». За проникновением исламской религии в регион в VIII веке Бухара постепенно становилась важнейшим религиозным центром, а позже была признана одним из благороднейших (Шариф) городов исламского мира. При правлении Саманидов Бухара прославилась как грандиозный центр, в котором широко развивались культура и искусство, зодчество и ремесло, светские и религиозные науки, а также место, где собрался большой ряд ученых, мыслителей, улема и талибов (учащихся).

Анализ литератур по теме. При освещении данной темы, которая изучается в рамках отдельного исследования, были использованы следующие:

1. Переводы средневековых арабских и персидских источников.
2. Результаты исследований, проведенных в годы независимости.

Методология исследования. В статье применены такие методы, как историко-сравнительный анализ, историчность, объективность, систематизация данных.

Анализ и результаты.

Бухара была в ряду священных городов за время до прихода и распространения ислама, в котором просуществовали многочисленные храмы буддизма и зороастризма. Основные места собрания священников поначалу находились в Сурханском оазисе до того как перевелись в Бухару. Хасанходжа Нисари подчеркнул, что Бухара была пунктом, где каждое столетие собирались религиозные ученые, улема того периода [2, с.27]. Собрание религиозных представителей, деятельность образованных людей и библиотек означает, что в этот период стали формироваться и развиваться эмпирические знания. Развитие науки в Мавераннахре связано с завоеванием региона арабами и широким распространением исламской религии.

При этом в Бухаре мечети выполняли функции образовательных учреждений наряду с распространением исламской религии. Для того чтобы бухарцы приняли участие в пятничных молитвах, подробно изучили основы и учения ислама наместник Хорасана Кутейба ибн Муслим в 713 году построил первый мечеть в городе [1, с.47]. Более того, с целью поощрения населения и привлечения его в мечеть, давали 2 дирхама пришедшему в мечеть, чтобы совершить пятничную молитву. Садриддин Салим Бухари пишет о том, что эта мечеть служила храмом, школой и медресе для бухарских мусульман [8, с.27]. В свою очередь, рост числа мусульман в городе увеличил потребность в мечетях и медресе.

В конце VIII – начале IX вв. Бухара превратилась в научный центр в ряду других центров на Востоке. В этом надо отметить то, что Абу Хавс Кабир аль-Бухари внес огромный вклад в распространении ханафитского мазхаба (правовая школа или течение) и развитии калама в Мавераннахре. В том числе, благодаря ему, Бухару прозвали и прославили названием «Куббат ул-Ислам» [1, с.53; 10, с.36-37]. По сведениям, Абу Хавс Кабир попытался благоустроить города и пропагандировать исламскую науку среди народа, построив несколько мечетей и медресе. Связи с этим, первое из медресе Бухары называлось «медресе Абу Хавса Кабира аль-Бухари» [9, с.36]. С целью учёбы в нем многочисленные учащихся и нуждающихся в исламском правоведении (фикх) приехали из разных стран.

Кроме того, при правлении Саманидов особое внимание было уделено на развитие школ и образование. При таких условиях, правители, должностные лица, богачи, знаменитые полководцы стали покровителями развития науки и культуры, в том числе, с целью обучения и воспитания своих детей, а также приобретения ими религиозных и светских знания проводили вечеринки и пиршество, собрав учёных, мыслителей и поэтов в своих домах, приняли их как воспитатели.

В частности, среди бухарских воспитателей самым знаменитым считался Абу Исмаил ибн Ахмад аль-Бадихуни, с которого Абу Мухаммад Абдулазиз ибн Мухаммад ан-Нахшаби аль-Хофиз получил воспитание и образование. Ас-Самъони называл Исмаила аль-Бадихуни «Шейхом необразованных» (Омилар шайхи). Известный бухарский правовед Абу Бакр Абдулла ибн Мухаммад аль-Будайли, обучавшийся у Абу Абдурахмана ибн Абу Лейса был одним из ведущих шейхов ханафитского мазхаба [3, с.21-22]. В том числе, Имам ас-Суюти подчеркнул о Абу Хавсе Мухаммаде ибн Мусе аз-Зами ан-Навхи то, что «он поднялся от позиции воспитателя до прочной должности в почтовой канцелярии Бухары» [13, с.196]. Исходя из этого, можно судить то, что деятельность воспитателей и учителей было не только обучение всего народа, но и основным фактором в повышении роль Бухары как научный центр.

Более того, эмир Исмаил Самани тоже нанял воспитателя для своих детей и относился к нему с особым уважением. Известно, что знаменитые визиры (министры) династии Саманидов Абулфазл Марвази, Абу Али Мухаммад Балъами занимались с деятельностью воспитателя. Такие главные визиры как Абу Фазл Мухаммад ибн Абдуллах Балъами, Абу Абдуллах Ахмад ибн Мухаммад Жайхани, Абу Али Мухаммад ибн Мухаммад Балъами внесли свой вклад в развитие науки и культуры во время династии Саманидов.

По историческим источникам, медресе считались основным местом распространения знаний в период правления Саманидов, и особенно их учебный план включил такие занятия как чтение, фикх (исламское правоведение), лексика, а также религиозные и светские науки того времени [7, с.69]. Способные, хорошо обученные выпускники, продолжив обучение в крупных медресе, таких как Фарджак, Калобадия, Гарибия, Кулартегин, достигли высших степеней науки и созрели как купцы, ученые, мударрисы (учителя), поэты и писатели.

Бухара, расположенная на перекрестке Великого шелкового пути, в IX-X веках превратилась в один из наиболее развитых городов Востока как столица правителей государства Саманидов. Чтобы получить знание и иметь исламскую науку нуждающийся люди в науке приехали в Бухару из таких городов как Багдад, Басра, Балх, Герат, Мерв, Нишапур. Помимо учащихся (студентов), с целью преподавания прибыли учителя (мударрис) из далеких городов как Багдад, Санад, Андалус. Мухаммад ибн Салих аль-Куртуби аль-Андалузи – широко известный с трудом под названием «История шейхов Андалус» был одним из таких преподавателей [13, с.198]. Также Абу Ишак Ибрагим ибн Али аль-Фарси, Абул Фазл Мухаммад ибн Ахмад ибн Абдуллох аль-Балхи, Абу Ахмад Мухаммад ибн Хасан ан-Насави, Саид ибн Халаф аль-Балхи, Абул Фазл ибн Мухаммад ибн Ахмад аль-Марвази [1, с.15] и другие знаменитые преподаватели воспитав детей бухарцев, преподав им, служив искренне и усердно приобрели большие должности получая в городе особое уважение и внимание.

Абу Мансур ас-Саолиби в своем произведении под названием «Ятимат ут-Дахр» написал, что 25 из 119 поэтов, творивших в регионе приехали из Западного Ирана и разных районов халифата. Примечательно, что двое из прибывших в Мавераннахр поэтов были представителями династии Аббасидов [12, с.4-6]. Основываясь на вышеизложенных сведениях, можно отметить, что Бухара в X веке могла конкурировать с Багдадом в качестве центра науки, образования и воспитания.

В IX – X веках наряду со всеми исламскими знаниями стала развиваться и активизироваться наука тафсир. При этом Мухаммад ибн Хурайс ибн Абдурахман ибн Хашид аль-Бухари, Абу Хавс Кутейба ибн Ахмад ибн Шурайх аль-Бухари, Абу Саид аль-Катиб аль-Алоий и Мухаммад ибн Сулейман ибн Мухаммад ас-Салуки являлись наиболее выдающимися учеными.

По сведениям нам известно, что в то время в Бухаре развивались и исторические науки. В частности, Абу Бакр Наршахи (899-959) оставил после себя книгу «История Бухары», которая даёт ценные сведения о появлении города Бухары, прилегающих ему территориях, а также подробно освещает события с проникновения исламской религии в оазис до периода правления Саманидов. Можно сказать, что во всех исследованиях, относящихся к истории Средней Азии VIII-XII веков, упоминается произведение Наршахи. Книга написана на арабском языке с подробным охватом политической, социально-экономической и

культурной жизни, связанной с Бухарой. В дополнение надо упоминать то, что географ Абу Зайд ибн Сахл Балхи, проживший в Бухаре в начале IX века, уроженец Балха по происхождению, написал около 60 произведений, например, его труды «Сувар ул-Аколим» и «Китаб фи фазилати илм ил-ахбар» содержат описание некоторых исторических процессов.

Визирь (министр) Саманидов Абу Абдуллах Ахмад ибн Мухаммад Джайхани наряду с государственными делами занимался наукой и оставил труд под названием «Ашкол ул-Олам» [4, с.4]. А также проживший в тот период современник Ахмада аль-Джайхани ученый, географ Абу-Дулаф написал книги «Рисалат ул-аввал» и «Рисалат ул-ухро», которые дают ценные сведения [6, с.95]. Необходимо показать то, что ещё одним ярким примером развития исторических наук в Бухаре является перевод произведения «Тарих ут-Табари» с арабского языка на персидский язык в 964 году с целью повышения осведомленности народа об истории. И это грандиозная работа выполнена визирем Саманидов Абу Али аль-Балами по просьбе эмира Мансура ибн Нуха [5, с.217]. Примерно в тот же период произведение под названием «Тарихи валлоту Хуросон» (История вали Хорасана) было написано Абул Хусайном Абдуллохом ибн Муса ибн Карид ас-Салами. Кроме того, Абу Наср Мухаммад ибн Абдулджаббар Утби, служивший во дворцах Саманидов и Газневидов, считается выдающимся историком того периода, который оставил труд под названием «Тарихи Ямани» (История Ямани), собравший информацию по истории X-XI веков.

Одним из важнейших сфер, которая быстро и высоко развивалась в период правления Саманидов в Бухаре, была сфера медицины. Два знаменитых лекаря исламского мира Абу Бакр ар-Рази и Абу Али ибн Сина со своей плодотворной деятельностью внесли большой вклад в развитие различных сфер медицинской науки не только Бухары, но и всего человечества. По нашим данным, до нас дошли такие произведения Абу Бакра ар-Рази как «Ал-Мансури фит-тиб», «ат-Тиб аль-Мулуки», а Ибн Сины «Аль-канун фит-тиб», «Кита баш-шифо». Согласно сведениям, Абу Али ибн Сина являлся мыслителем энциклопедистом, оставившим после себя 80 произведений по философии, 26 трудов по психологии, 23 книг по медицине [11, с.21].

Более того, Бухара прославилась во всем мире как научный центра периода развития Ислама, где наблюдался большой прогресс в более десяти областях религиозных и светских наук, например, суфизм, хадис, калам, литература, география, арифметика, геометрия, приготовление лекарств (фармацевтика).

Заключение. В своей работе «Реннесанс Ислама» ученый, востоковед Адам Мец отмечает, что в IX-X веках начался подъем в жизни мусульман, усовершенствовались различные области науки. В такой период развития значительно развились Багдад как центр науки, города Нишапур и Марв с областями литературы и исламского правоведения (фикх). За переходом власти в Моваруннахре Саманидам и переносом центра в Бухару прогресс начинается и в этом регионе. Сначала город был назван «Куббат ул-Ислам» в честь Абу Хавса Кабира аль-Бухари, а во времена великого мухаддиса Имама аль-Бухари в Бухаре начался золотой век хадисоведения. Реформы Исмаила Самани и его преемников, направленные на развитие науки и культуры, а также создание многочисленных медресе послужили основными факторами развития культуры в Мавераннахре. Таким образом, в этот период в Бухаре широко развились различные области науки как калам, хадис, тафсир, история, медицина, литература, география, математика, превратив Бухару в сященное место в исламском мире, куда прибыли многочисленные учащихся (толибы, студенты) из разных стран, которые жаждали знаний.

Литература

1. Абу Бакр Муҳаммад ибн Жаъфар Наршахий. Бухоро Тарихи. –Т.: Шарқ баёзи, 1993. –122 б.
2. Ҳасанхўжа Нисорий. Музаккири аҳбоб. Форс тилидан таржима ва изоҳлар муаллифи Исмоил Бекжон. –Тошкент. Халқ мероси нашриёти, 1993. –343 б.
3. Абу Саъд Абдулкарим ибн Мухаммад ибн Мансур ат-Тамимий ас-Самъоний. «Насабнома» (ал-Ансоб). (VIII-XII асрда яшаган Ўзбекистонлик олимлар ҳақида маълумот). –Тошкент: “Hilol-nashr” нашриёти, 2017. -335 б.

4. Абу Абдулло Муҳаммад бинни Аҳмад ал-Жайҳоний. Ашкол-ул-олам. – Бухоро: “Sadriddin Salim Buxoriy” нашриёти, 2022. -56 б.
5. Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. –Душанбе: “Сурушан”, 1999. – 288 с.
6. Madraimov A., Fuzailova G. Manbashunoslik. – T.:O‘zbekiston faylasuflari milliy jamiyati nashriyoti, 2008.-264 б.
7. Халимов А. Развитие науки и школы в период Саманидов. Душанбе, «Шуджоиён», 2009. – 119 с.
8. Садриддин Салим Бухорий. Бухоронинг табаррук зиёратгоҳлари. –Бухоро.: “Дурдона”, 2012. – 291 б.
9. Раҳимов К. Мовароуннаҳр тасаввуфи тарихи: таълимотнинг шаклланиши ва тизимлаштирилиши (VIII-XI асрлар). – Тошкент: Akademnashr, 2020. – 400 б.
10. Казаков Б. Хазрати Имам – Абу Хафс Кабир Бухари. // Бухоро мавжлари. 2007 г. №4. - с.36-37.
11. Маматова Н.М. Буюк донишманднинг маънавий мероси // Научное наследие Ибн Сины и актуальные проблемы современной медицины, VIII-Международные Авиценновские чтения. –Бухара, 2015. –С.21.
12. Кадиров А.М. Развитие науки и литературы в государстве Саманидов // Вестник Чувашского государственного института культуры и искусств. –2017. –№.12. –С.4-6.
13. Рахимов К. VII-XII асрларда Бухорода илф-фан ривожи // Бухоронинг жаҳон маданиятидаги ўрни мавзусидаги илмий-амалий анжуман, 2020 йил 27 апрел. –Бухоро. –Б.195-211.

Abstract: this article provides information on the comprehensive development of the city of Bukhara, one of the centres of Islamic civilization, famous with the name «Qubbat ul-Islam» during the Samanid period, where religious, historical and medical sciences were developed, turning Bukhara into one of the important scientific centres of the caliphate.

Keywords: *Bukhara, Islam, science, history, medicine, Samanid period.*

ДАВЫДОВ АМНУН СОЛОМОНОВИЧ – ВЫДАЮЩИЙСЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ РЕМЕСЛЕННЫХ ТРАДИЦИЙ ТАДЖИКОВ ВЕРХНЕГО ЗАРАФШАНА

Бакиева Мадина Курбоновна *– докторант (PhD) Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша*

Давыдов Амнун Соломонович (род. 9 января 1935г.) в Шахрисабзе Узбекской ССР. В 1957г. он окончил с отличием т исторический факультет Таджикского Государственного университета. В 1957-58 гг. работал в Республиканском Историко-краеведческом музее в должности старшего научного сотрудника, в 1959г. был принят в сектор этнографии Академии наук Таджикской ССР сначала на должность младшего научного сотрудника , а затем старшего научного сотрудника91973г.).В 1970г. он защитил кандидатскую диссертацию «Селение и жилище Верхнего Зеравшана»(руководитель А.К.Писарчик)[6,62-64].

Начиная с 1958г. он активно изучал этнокультуру таджиков Верхнего Зарафшана и выезжал в различные его поселения почти каждый год, о чем свидетельствуют документы этнографического архива Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Тадижкистана (далее ИИАЭ НАНТ). Так, он входил в состав этнографической экспедиций под руководством М.Р. Рахимоваи посетил деха Сангистон, Пакшиф, Рогиф, Тобуш, Мадрушкат, Ярм и Пастигав, Зосун, Рарз, Ревомутн, Рог. Палдорак, Хидгифи боло(ИИАЭ НАНТ.ед.хр.39). Сохранились его дневники **в**108л. (ИИАЭ НАНТ Ед.хр. 267).В 1959г. экспедиция в составе М.А. Хамиджановой (начальник отряда) вела свои исследования в деха Магиан, Газани боло, Газани Поён, Рашнаи поён, Киёкли, Панджруд, Падруд., Фароб,Шинг(ИИАЭ НАНТ. Е.хр.№42).Полевые работы А.С. Давыдова сохранились в виде 2-х переплетенных общих тетрадей (110л.).

В 1960г. экспедиция под руководством М.Р. Рахимова (начальник отряда), в которой участвовал и А.С. Давыдов, провела полевые работы в деха Анзоб, Такфон, Ремон, Шурмашк, Пормин, Джиджик, Сараток, Нарват, Хайронбент, Канте, Пиньён, Урметан, Пасруд, Маргузор, Дар-Дар, Зеробод, Зиндакон, Габирут, Макшеват.(ИИАЭ НАНТ Ед.хр.№57) В этнографическом архиве сохранился машинописный экземпляр его дневника в переплете (131с.)

В 1961г. экспедиция в составе М.Р. Рахимова(начальник отряда) вновь вела полевые работы в Зарафшане, но уже в деха Сартак, Панджруд, Мазори Шариф, Ёри, Негнат, Зимтут. Съемки вели З.А. Широкова и Л.И. Соловьева, А.С. Давыдов. Их снимки составили фотоколлекцию № 58 (319

снимков), которая была создана во время полевых работ.В архиве сохранился машинописный экземпляр текста дневника А.С. Давыдова в переплете (88л.). (ИИАЭ НАНТ Ед.хр.№58)

В 1962г. А.С. Давыдов работал уже как начальник отряда, который провел свои изыскательские работы в деха Урметан, Рарз и Сангистон. Из 65 снимков фотоколлекции № 62 сохранилось только 28 фотографий, которые подготовил лично А.С. Давыдов. В 1965, 1966г. А.С. Давыдов вместе с З.А. Широковой и М.А. Хамиджановой провели этнографические исследования в Верхнем Зарафшане. Фотоколлекция №81 1965г. состоит из 393снимков, которые были сделаны членами экспедиции в Пенджикенте, деха Колхозчиён, Шинг, Зосун, Шамтуч, Джиджик, Гусар, Мадм, Маргидар. Фотоколлекция №83 включает 206 фотографий 1966г., которые отражают быт и ремесла деха Вору, Газа Мури, Газарни Боло, Сор, Урметан, Даштти Кози, Падруд, Анзоб, Искодар, Дарг, Пиньён, Такфон, Чоре, Миндона, Шинг, Ёри, Хушкат, Дарг.

В 1971году М.А.Хамиджанова начала свои изыскания в местах переселения ягнобцев и матчинцев, куда она совершила поездку вместе с А.С. Давыдовым. Фотограф Кильягаров подготовил фотоколлекцию из 93 снимков, в котором отражен быт пересленцев на новом месте В 1973 г. М.А. Хамиджанова, А.С. Давыдов, О. Муродов вновь исследовали места переселения ягнобцев и матчинцев.

В целом архивные документы этнографического архива Национальной академии наук Таджикистана свидетельствуют о том, что далеко не все полевые материалы Зеравшанских экспедиций XX века были отражены в публикациях. Фундаментальным изданием до настоящего времени считается коллективная монография сотрудников этнографического отдела Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша А.С. Давыдова, М.А. Хамиджановой и З.А. Широковой « Материальная культура таджиков Верховьев Зеравшана»1973 г. [5],а также отдельные публикации их авторов в различных изданиях.

Каждый из авторов сборника представил свое исследование тех или иных аспектов материальной культуры указанного региона. А.С. Давыдов изучил жилище, М.А. Хамиджанова - пищу горцев, а З.А. Широкова посвятила свой очерк одежде зарафшанцев. Каждый раздел книги начинается с указания того, что специальных обобщающих работ по конкретной тематике автора пока не подготовлено, хотя существовал ряд публикаций выдающихся этнологов, в которых приводились определенные сведения по предмету изучения. [5,.7-8, 138,182.] Все три автора в своих исследованиях основывались на полевых материалах, собранных ими в 1958-1961гг.

Помимо отдельных дневников, отчетов таджикских этнографов XX-начала XX1веков, фотоколлекций, которые сопровождали их тексты, в архиве сохранилось несколько работ А.С. Давыдова, которые непосредственно касаются ремесла таджиков Верхнего Зарафшана. Но они не были опубликованы. Судя по тексту, документов автор основывался в своем исследовании исключительно на полевых материалах и блистательно отразил собранные сведения в своей работе, которая так и не увидела свет. Среди них надо особо выделить такие машинописные копии работ А.С. Давыдова как «Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана», «Зеравшанская этнографическая экспедиция 1958 года», «Сведения о селениях, жилищах и ремеслах таджиков Зеравшана». [1;2;3]

Первый очерк включает в себя следующие разделы: ткачество, кожевенное и кузнечное дело, гончарство, деревообработка. Последняя достаточно объемная часть посвящена охоте. Именно она вкратце в 1985г. была опубликована А.С. Давыдовым в сборнике «Этнография Таджикистана» под названием «Некоторые представления таджиков, связанные с животным миром». В архивных материалах автор широко рассматривает охоту, охотничьи принадлежности Верхнего Зарафшана, а также бытующие здесь представления о животных, связанные с ними обрядах и обычаях. В своей публикации он останавливается лишь кратко на отдельных понятиях таджиков, связанных с животным миром.

В данной работе А.С. Давыдов рассматривает воззрения местного населения на разные темы: происхождение диких животных от домашних, значимость чистоты горных козлов, медведя-лекаря, птиц, осла, лошади, покровителей охоты, магических животных, которые снимают порчу с оружия и пуль.

В своем неопубликованном исследовании «Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана» А.С.Давыдов указывает, что основными изделиями мастеров Верхнего Зарафшана были

следующие :топор *табар,* топор с согнутым лезвием *теша*, серп *дос,* кирка для обработки земли *чок* или *метин*, ножницы для стрижки овец и коз *кайчи молтароши*, нож *корд* , лопата *оханбе,* щипцы для углей *оташгирак,* дверная цепочка *занчиру зулфин*и другие предметы. Некоторые образцы, требующие большого мастерства, изготовляются только отдельными опытными мастерами, как, например, нож, *пойтеша* - топор с согнутым лезвим больших размеров, применяемая мастерами строителями для об чистки и стругания бревен и некоторые другие. Чаще такие изделия население привозили из городов. В советское время колхоз или отдельные организации, иногда и сами заказчики выдавали мастеру материал, привозили железо, чаще сталь. [1,37].

Мастерская *корхона,* принадлежности и инструменты кузнецов Верхнего Зеравшана, как и оборудование их мастерской, ничем не отличались от таких же в городах. Более того ее конструкция сохранилась до сих пор в различных деха. Вот как А.С. Давыдов описывал ее в советское время. Под рабочее место 4-5 в длину с сырцовыми (раньше каменными) стенами отводится часть мастерской, расположенная у входа, и в этом случае открытая дверь является основным источником освещения. Перекрытие крыши бывает чаще двойным с центральном прогоном по середине. Напротив входа, у стены располагается гори с мехом. Перед горном, ближе к двери, вкопан в землю деревянный чурбан, который выступает 60-70 см. Посредине него установлена наковальня. С двух сторон деревянного чурбана сделаны небольшие углубления, в которых кузнец или его ученик *шогирд* стоят во время работы. Все инструменты мастера делали сами. Топливом служил древесный уголь, а отливали мастера в основном котлы.[1,38]

История чугунолитейного дела в Верхнем Зарафшане, как признается А.С. Давыдов, не была выяснена в советское время[1,39]. В селения Верхнего Зарафшана часто приходили мастера-литейщики из Каратегина и других мест. В деха Магиан до революции было несколько мастеров, обладающих квалификацией литейщиков, однако, по свидетельству информаторов, тогда в кишлаке не было организовано это дело, и мастера работали в основном в городах. Поэтому местное население выезжало в города Самарканд, Ургут, долину Ферганы, чтобы заказать подобные работы.

А.С. Давыдов считает, что « существование этого промысла в отдельных кишлаках не играло никакой роли для всего района, распространение его изделий ограничивалось населением кишлака, в котором оно существовало». Даже в городе Пенджикенте, по-видимому, мастера работали только на население самого города и близлежащих деха. А о чугунолитейном деле, существовавшем в некоторых вышеназванных деха Матчи, никаких сведений ему собрать не удалось. [1,36]

В советское время, как указывал А.С. Давыдов, чугунолитейное дело существовало в Пенджикенте и деха Магиан с середины XX века. В городе оно было представлено отдельным цехом в системе промкомбината, а во втором - мастерской колхоза "Коммунизм" .Их оборудование было исключительно современным по тем временам. Эти литейные центры обязаны были обеспечивать сельскохозяйственные районы региона наконечниками сохи амача для пахоты. [1,37]

По свидетельству потомственного мастера усто Раззока в начале Х1Хвека его дед усто Шариф переехал из Шахрисабза в Пенджикент, где стал заниматься литейным делом. На рубеже Х1Х-ХХвеков в городе работали уже три мастера-литейщика, которые изготавливали в основном котлы. Этнографическая экспедиция, в которой участвовал А.С. Давыдов, собрала также сведения о том, что в деха Рог и Рарз также существовали подобные мастерские, но их производство прекратилось в первые года после присоединения района к России. Однако, в начале 30-х годов в ряде деха Матчи (Полдарак, Рог, Мадрушкат) было налажено отливание лемехов. [1,39]

Опросные сведения, которые получил А.С. Давыдов во время этнографических экспедиций 60-70-х гг. XX века, позволили ему проследить значительные изменения и модернизацию традиционного ремесла «в составе оборудования, инструментов и принадлежностей, а также в приемах и технике работы кузнецов Верхнего Зеравшана». Так, он отмечал, что из важнейших новшеств в кузнечном деле было появление меха фабричного изготовления, называемого *русский мех -дами уруси.*

Во второй половине XX века стал применяться и электроточильный станок, но в большинстве же мест широко был распространен точильный станок, приводимый во вращательное движение при

помощи природного ремня другим человеком. Появился ряд новых инструментов и принадлежностей, усовершенствовались приемы и техника работы и т.д.Как рассказывал А.С. Давыдову потомственный кузнец Хамид Курбанов из деха Рарз, его дед не знал этого станка и точил свои изделия на камне.

А.С. Давыдов подробно описал подготовку овечьей и козьей шерсти к ткачеству. Он указал, что стрижка животных производилась мужчинами при помощи специальных ножниц *кайчи молтароши* один раз в году, весной в мае, тогда как ягнят стригут только осенью. Лучшим исходным материалом не только по качеству, необходимым не только для прядения пряжи и изготовления ткани, но и для употребления, в Зарафшане считается баранья шерсть.

А.С.Давыдов особо подчеркивал, что в Верхнем Зарафшане изготовление деревянной посуды местными мастерами не было широко распространено, оно существовало только в сельских поселениях. В маленьких деха местные мастера на водяном токарном станке изготавливали различную деревянную посуду. Это ремесло называлось *косата роши.* К 30-м годам XX века из-за широкого потребления фабричной поосуды это ремесло почти исчезло, хотя кое-где мастера продолжали работать, поскольку существовал спрос на их изделия. А.С. Давыдов также подробно описал процесс изготовления гончарных представил систему изготовление печей: изделий в Урметане. [1,55-59]

Исследование архивных материалов, которые представлены в указанной рукописи выдающегося исследователя А.С. Давыдова, показало, что он детально провел свои изыскания в области отдельных ремесел и домашних промыслов второй половины XX века в Верховьях Зарафшана по следующим сферам : социальному 4статусу ремесленника, хозяйственно-бытовому и производственного назначению ремесел, а в отдельных случаях указал на образцы прикладного искусства региона.

Таким образом, архивные документы А.С. Давыдова, посвященные ремеслам Верхнего Зарафшана, являются важным источником по истории ремесленного производства этого региона. В них сохранены многие сведения, которые автор собрал во время комплексных полевых работ в данном крае, живого наблюдения и опросов. Однако большая часть текстовых и фотографических документов архива, касающаяся развития ремесленного производства в регионе, остается неизученной. Специальных работ, исследующих ремесленное производство Зарафшана в XX-XX1 веках, пока не издано в Таджикистане. Лишь в 2021г. вышла в свет монография Л.Н. Додхудоевой «Народное искусство Верховий Зарафшана», где были представлены различные изделия ремесла и промыслов данного региона.[4]

Традиционная культура Зарафшана обладает устойчивым статусом благодаря стабильности самого местного социума, что вызывает острую необходимость изучения его духовного и материального наследия, особой среды обитания и человеческого потенциала в будущем. Однако, проблема возрождения и сохранения ремесленного производства остается весьма острой, как в стране, так и в Зарафшане. Для ее решения задействованы различные возможности, в том числе связь с туризмом и развитие сети обучающих программ, помощь спонсоров.

Литература:

1. Давыдов А.С. Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана. Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд А.С. Давыдова. Опись №1, Ед. хр. №15.
2. Давыдов А.С. Зеравшанская этнографическая экспедиция 1958 года. Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд А.С. Давыдова фонд.Опись №1, Ед. хр. №267. (тадж. яз.).
3. Давыдов А.С. Сведения о селениях, жилищах и ремеслах таджиков Зеравшана. Зеравшанская этнографическая экспедиция 1961 года. ИИАЭ НАНТ. Личный фонд А.С. Давыдова. Опись №1, Ед. хр. №19 (тадж. яз.).
4. Додхудоева Л. Народное искусство Верховий Зарафшана/ Ред.Н.К.Убайдулло. Душанбе, 2020.
5. Материальная культура таджиков Верховьев Зеравшана/Ред. А. К. Писарчик, Н. Н. Ершов. Душанбе, 1973.
6. Писарчик А.К. Этнографическая наука в Таджикистане(1920-1990гг.)/Под. к печати Н-Бабаева. Душанбе, 2002

About the author: Bakieva Madina Kurbonovna, *- PhD candidate at the Institute of History, Archaeology, and Ethnography named after Ahmad Donish, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33.*

ОБЩЕСТВЕННАЯ РОЛЬ ДЕПУТАТОВ ИЗБРАННЫХ В ГОСУДАРСТВЕННУЮ ДУМУ ОТ СТЕПНОГО ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРСТВА: ЭФФЕКТИВНЫЙ ДИАЛОГ ВЛАСТИ И ОБЩЕСТВА

Жуматай Самат *– докторант Евразийский национальный университет имени Л.Н. Гумилева, Астана, Казахстан. Тел. 87763011111 kopeev95@mail.ru*

1. Введение. В начале XX века произошли большие изменения в политической системе Российской империи. Одним из них можно назвать создание народного представительства в системе власти. Деятельность народного представительства связана с историей Государственной Думы. Госдума стремилась урегулировать отношения между народом и властью. В связи с этим решением царского правительства в Государственную Думу были избраны представители различных национальностей в составе империи. Этот исторический процесс оказался одним из ярких политических прогрессов в истории России.

В первый и второй созыв Государственной Думы постоянно избиралась интеллигенция казахов Степного края. Они стремились внести свой вклад в конструктивное решение социально-бытовых проблем населения края в структуре власти. Среди депутатов, избранных из Степного края, были русские, казаки и казахи. Роль русских депутатов также сыграла в поднятии хозяйственных вопросов кочевых казахов на уровне власти. Это свидетельствует о том, что Государственная Дума стала площадкой для обсуждения общего общественного вопроса.

2. Материалы и методы. Анализируя данные и материалы в рамках темы, делим их на две части по содержанию: 1. Данные архивов. 2. Сборник материалов.

– Данные архива составляют документы Центрального государственного архива Республики Казахстан (Казахстан, г. Алматы). В нем хранятся документы, характеризующие ход и результаты выборов, проведенных в областях Степного генерал-губернаторства.

– К сборникам материалов относим материалы по обследованию переселенческого хозяйства в Степном крае, Тобольской, Томской, Енисейской и Иркутской губерниях (Материалы по обследованию…, 1905). Данный сборник материалов содержит важные статистические данные, характеризующие особенности хозяйства и быта казахов Степного края.

При написании статьи были использованы методы исторической науки и междисциплинарные методы. С помощью ретроспективного метода мы можем понять политическую роль избранных в Государственную Думу лиц в современной историографии. Метод исторического сравнительного анализа позволил оценить результаты деятельности казахских депутатов, избранных в Думу первого и второго созывов. С помощью структурного метода мы можем определить уровень влияния избирательных процессов на внутреннюю структуру общества.

Типологический метод способствовал разделению хозяйственного и бытового характера казахов Степного края по административному расположению. С помощью объективного метода мы с научной точки зрения принимаем причины политико-социальных предпосылок, повлиявших на созыв Государственной Думы.

3. Обсуждение. Эту тему в контексте историографического подхода можно разделить на 3 этапа: 1. Дореволюционный. 2. Советский. 3. Постсоветский. Среди вышеперечисленных периодов особую роль играет постсоветская историография. Потому что именно в этот период были осуществлены публикации, раскрывающие историческое научное значение темы. А в советский период Государственная Дума относилась к числу исторических вопросов, которые среди дореволюционных тем имели меньшее значение. Дореволюционная историография не имеет большого объема из-за короткого периода. Но в дореволюционных исследованиях отражены предпосылки, способствовавшие созыву Государственной Думы, и исходные данные относительно хода ее избирательного процесса.

Концепции процесса развития права в государственном устройстве России впервые систематически рассматриваются в исследованиях Б.Н. Чичерина [1; 2]. Автор стремился дать последовательную оценку роли права в укреплении механизмов российской государственности. Условия становления и развития парламентаризма в Российской империи подробно обсуждались в труде А.Д. Градовского [3]. Данный автор, как правовед, стремился дать оценку изменениям новых

политико-правовых формаций в империи, которые могли бы способствовать положительному развитию государства. Г.Г. Савич [4] связывает формирование государственной думы с формированием нового государственного устройства.

В научном труде Н.М. Коркунова сделана общая характеристика истории права российской государственности. Он дал обширный обзор процессов становления и развития системы российского права в XVI-XVIII вв. Кроме того, он придавал значение условиям вызревания правовой реформы в государственной системе начала XX века. Н.И. Палиенко [5; 6] в своих публикациях обращал внимание на результаты функционирования форм правления и основных законов в России. Автор дал научную оценку конституционным особенностям первого и второго созывов Государственной Думы.

В научной работе В.М. Гессена [7] дается объяснение роли, сессии в России, которая занимает в конституционном праве. Ученый сделал правовой анализ недостатков, совершенных в Госдуме первого созыва, и конкретизировал их сильными аргументами.

А.С. Алексеев [8] провел сравнительный анализ отличия развития сферы права в Российской империи от других европейских стран. С.А. Котляревский [9] акцентировал внимание на юридических предпосылках основных законов империи. С.А. Корф [10] придавал значение на влияние законов, принятых во второй Государственной Думе, на социально-экономические процессы.

В целом исследования по дореволюционной тематике отличаются анализом истории Российского государственного права и проблем текущей правовой системы. Есть основания полагать, что историография этого периода мало интересовалась объективной оценкой деятельности Государственной Думы. Это связано с тем, что авторы хорошо понимали невидимую пропасть между Государственной Думой и основной политической властью.

Понятно, что в историографии советских времен был сделан односторонний научный подход к деятельности Государственной Думы. Хотя в основном политико-идеологическая направленность государственной думы была близка к целям и интересам большевиков, советские историки стремились оценить депутатов Думы как молчаливых компромиссов с империей. Их обвиняли в низкой активности в политической борьбе.

В исследовании В.П. Семенникова [11] отражены переписки депутатов Государственной Думы. Автор также стремился проанализировать письма между императором Николаем II и министрами, касающиеся Думы. В.П. Семенников стремился определить некоторую слабость российской правовой системы на основе писем политических деятелей.

Н.А. Лапин [12] дал оценку ситуации развития правовой сферы в России в 1915-1917 годах как прогрессивного изменения. В 1960-1970-е годы в концепции советской историографии произошел ряд позитивных изменений. В нем появились исследования первой русской революции 1905 года и ее влияния на формирование первой Государственной Думы. Советские историки сосредоточились на том, чтобы охарактеризовать созыв Государственной Думы как самое позитивное изменение времен имперской России. Значительное значение в этом направлении имеют исследования В.С. Дякина [13, 14]. Данный автор пытается обосновать вынужденное согласие властей империи на создание Государственной Думы. Тем временем советский историк не скрывает, что в России совершению государственной думой радикальных юридических изменений препятствовали трусливые депутаты из разряда буржуазии.

А.Я. Аврех [15] проанализировал политико-идеологические условия, повлиявшие на роспуск второй Государственной Думы. Н.Г. Думова [16] дала оценку созданию кадетской партии и ее вкладу в развитие правовой системы. Также автор акцентировал внимание на определении целей и интересов представителей других народов в составе Российской империи, которые были членами партии кадетов.

Советская историография приложила усилия к обсуждению политико-правовой роли Государственной Думы с точки зрения социалистического научного принципа в целом. В то время как одна группа советских историков оценивала создание Государственной Думы как политико-правовой прогресс, другая группа пыталась осудить ее компромиссность и не смелость.

Уничтожение научных шаблонов политико-идеологического характера и широкое использование архивных данных, несомненно, повысит ценность постсоветской историографии. Формирование государственной думы и исторические аспекты ее политико-правовой, социальной роли широко обсуждались российскими, казахстанскими авторами.

С.С. Ольденбург [17] приводил аргументы в пользу влияния создания Государственной думы на ослабление политико-идеологической системы Российской империи. Эта исследовательская работа оказалась одной из первых, в которой объективно оценивались отношения между Государственной Думой и политической властью. Ф.А. Головин [18] проанализировал взгляды и политические действия императора Николая II при Государственной Думе. В публикации С.Е. Крыжановского [19] описывается научное определение политических позиций консерваторов, избранных в Государственную Думу.

Исследования С.В. Куликова [20, 21, 22] направлены на всестороннее научное определение истории деятельности Государственной Думы России, существовавшей в 1906-1917 годах. Данный ученый внес большой вклад в науку, введя в научный оборот новые сведения, касающиеся истории IV Государственной Думы, работавшей в 1914-1917 годах.

В историографии Казахстана вопрос Государственной Думы Российской империи после 2000-х годов получил большое рассмотрение. Авторы проявили интерес к изучению исторической деятельности казахских депутатов, избранных от Степного края и Оренбургского генерал-губернаторства. Они ввели в оборот новые документы в архивах Казахстана, России. В этих документах определены факты, касающиеся процесса участия казахов в выборах и роли депутатов в решении общественных вопросов в Степном крае и Оренбургском генерал-губернаторстве.

Ю.П. Родионов [23] дал научную оценку процессу участия казахов Акмолинской области в Государственной Думе I и II. В исследовательской работе А.П. Толочко, Р.С. Буктугутова [24] были опубликованы материалы, определяющие развитие и направление общественных движений в Степном крае в 1895-1917 годах. Р.С. Буктугутова [25] обратила внимание на краткую биографию и историческую роль казахских депутатов, избранных из Степного края.

В публикации З.Г. Сактагановой, Ю.Г. Попова [26] исторически обсуждалась жизнь и деятельность одного из избранных в Государственную Думу казахских депутатов Жакыпа Акбаева в Санкт-Петербурге. В статье Султана Хана Аккулы [27] дана всесторонняя оценка исторической деятельности казахских депутатов, избранных в I и II Государственные Думы. Автор стремился к объективному мнению о роли депутатов в продвижении общественных вопросов в системе власти и их решении.

В целом постсоветская историография отличается широтой своей фактической базы и разнообразием теоретико-методологических принципов.

4. Результаты

Степной край включал Семипалатинскую и Акмолинскую области. Выборы в I Государственную Думу начались в Степном крае в конце апреля 1906 года [25, с.57]. В этот период был определен список кандидатов и избирателей. Но тем временем I Государственная дума уже начала свою работу. Основная предвыборная борьба развернулась в городах Степного края Омске, Акмолинске, Семипалатинске, Петропавловске, Усть-Каменогорске. В ходе предвыборной кампании первого созыва Государственной Думы в Семейпалатинской области победу одержал журналист, публицист А. Н.Букейханов [25, с.15]. Для участия в работе Думы он прибыл в Санкт-Петербург 3 июля 1906 года [31].

А.Н. Букейханов в своей предвыборной кампании пообещал обществу активное участие в решении вопросов справедливого распределения земли, совершенствования образовательного дела, регулирования здравоохранения и др. По мнению А. Н. Букейханова, регулирование аграрного вопроса в Семипалатинской области приобрело первое значение среди намеченных плановых работ [25, с.57]. На последующих местах были предусмотрены задачи по обеспечению начального образования детей кочевых казахов и совершенствованию сферы здравоохранения [25, с.57].

Большую роль в организации избирательных кампаний в Семипалатинской области и выполнении установленных порядков сыграла местная царская администрация. Соответствующие поручения были даны уездным, волостным управлениям со стороны генерал-губернатора края и губернатора области для проведения выборов в рамках определенной системы.

Избирательная кампания среди казахов Акмолинской области Степного края прошла в непростом состоянии. В Акмолинской области на выборах в Государственную Думу изъявили желание баллотироваться 6 казахов и у всех были свои достоинства в обществе. Основной день

выборов прошел в Кокшетау 15 июня 1906 года [27]. Из кандидатов на выборах победил 36-летний мулла Шаймерден Косшыгулов (1874-1932). Ш. Косшыгулов был известным религиозным деятелем казахов Акмолинской области. 15 августа 1906 года принял участие в Третьем Всероссийском мусульманском съезде в Нижнем Новгороде в качестве делегата [27].

Он активно принял участие в разработке проектов постановлений по делам религий в ходе съезда. В результате съезда был создан «Союз мусульман России», и Ш. Косшыгулов был избран членом Центрального комитета этой организации. Вернувшись со съезда, он превратил свой дом в школу в Акмолинской области и занялся религиозным просвещением [28, с.70]. Просветительскую деятельность вел в соответствии с правилами союза мусульман России. В осуществлении своих идей он стремился наладить конструктивные отношения с местной царской администрацией и таким образом, хотел принести пользу обществу.

В предвыборную программу Шаймердена Косшыгулова вошли вопросы урегулирования переселенческих вопросов, увеличения государственной помощи крестьянам области и организации мусульманских образовательных учреждений. Но Ш. Кошыгулов не успел приступить к работе Думы. В связи с досрочным роспуском I Государственной Думы результаты выборов в Акмолинской области остались не утвержденными [29, л.23].

В целом депутаты, избранные в I Государственную думу от имени казахов Степного края, не успели приступить к своим мандатам. Это было вызвано деятельностью Думы, которая просуществовала недолго под влиянием различных политических давлений.

Но есть основания полагать, что предвыборная работа первой Государственной Думы сблизила диалог между простым народом и властью. С помощью депутатов царская администрация смогла услышать ряд важных вопросов населения в социально-хозяйственной и образовательной сферах. Очевидно, что это возложило на органы власти дополнительную ответственность.

Вскоре начались выборы во вторую Госдуму. В январе-феврале 1907 года началась избирательная кампания во внутренних губерниях России. Именно в этот период избирательные работы шли параллельно в областях Степного края. Отличительной особенностью работы по организации I Государственной Думы от II Государственной Думы было то, что избирательные кампании осуществлялись разрозненно в разных регионах империи. А избирательные мероприятия II Государственной Думы осуществлялись одновременно [28, с.71].

В ноябре 1906 года были утверждены избирательные комиссии в городах и уездах Степного генерал-губернаторства. В декабре началась работа по регистрации кандидатов на выборы [25, с.58]. Таким образом, подготовительная работа к выборам во II Государственную Думу приобрела комплексный характер. По правилам выборов в зависимости от количества жителей в каждой области депутаты стали кандидатами от русской и казахской национальностей. В Акмолинской области выборы депутатов, представляющих русских жителей, прошли 16 февраля 1907 года, а выборы депутатов, представляющих казахов, прошли 20 февраля [30, л.2].

Результаты выборов в Степном крае показали следующие результаты: От имени казахского населения Акмолинской области во II Государственную Думу был избран Ш. Косшыгулов, от русского населения социал-демократ А.К. Виноградов [28, с.74].

От казахского населения Семипалатинска второй области Степного края были избраны управляющий Сейтеновской волостью Т. Норекенов, от русского населения Н.Я. Коншин, от Сибирского казачьего войска И.П. Лаптев [24, с.9]. Вышеназванные депутаты, избранные из Степного края, в свое время вступили в должность II Государственной Думы.

Среди казахских депутатов, избранных из Степного края, политической активностью отличился Ш. Косшыгулов. Ш. Косшыгулов установил связи политико-идеологического назначения с представителями разных национальностей, избранными в Государственную Думу II. За счет собственных средств удалось издать газету «Серке» [25, с.11]. В этой газете были опубликованы статьи, рассказывающие о литературе и культуре казахского народа. Кроме того, Ш. Кошыгулов вошел в состав редакции газеты «Ульфат», которая издавалась в Санкт-Петербурге на татарском языке [27]. В ней он опубликовал статьи, которые определяли его политические взгляды. Ш. Косшыгулов, выстраивая тесные отношения с администрацией царского правительства, рассматривал пути решения хозяйственных и социальных проблем казахов Степного края [27].

II Государственная дума была разделена на различные фракции и группы с точки зрения политико-идеологических взглядов. Среди них широкую популярность приобрели трудовая группа, мусульманская фракция и группа сибирских депутатов. Депутаты, избранные из Степного края, стали членами мусульманской фракции и группы депутатов Сибири [27]. Ш. Косшыгулов и Т. Норекенов, считавшиеся членами мусульманской фракции, имели общие интересы и с группой сибирских депутатов. Представители группы сибирских депутатов и мусульманской фракции проявили активность в разработке законопроектов, предусматривающих решение аграрного вопроса [28, с.129].

В отношении юридических особенностей регулирования аграрной сферы Степного края были высказаны мнения Ш. Косшыгулова, Н.Я. Коншина [32, с.116]. Хорошо разбираясь в образе жизни кочевого казахского общества, Ш. Косшыгулов и Т. Норекенов предложили провести аграрную реформу не только в сфере земледелия, но и в регионах кочевого хозяйства [27]. С этой целью они посетили начальника управления расселения и земледелия князя А.И. Васильчикова и высказали свои мысли. Данная встреча повлияла на руководство царского правительства, на восприятие ряда деталей из особенностей социально-хозяйственной жизни народов окраинных регионов.

В начале XX века около 80% казахского населения Степного края жили кочевым хозяйством [24, с.12]. Разделение и регулирование их зон перекочевки постоянно вызывало дополнительные вопросы для царской администрации. В связи с этим между кочевыми родами постоянно происходили конфликты за землю. Его профилактика и борьба с последствиями потребовали уточнения законодательных постановлений о земле. Депутаты Степного края пообещали поднять данный вопрос в Думе [24, с.10]. Местное население выразило уверенность в том, что вопрос будет решен на высших ступенях власти [32, с.124] .

Но, несмотря на то, что земельный вопрос по ряду политико-идеологических причин не был решен в Думе, мы не исключаем, что в последующих аграрных реформах царского правительства он немного был урегулирован.

II дума начала свою работу 20 февраля 1907 года [23, с. 77]. Известно, что на ней было избрано 518 депутатов. Среди предложенных к принятию в Думе законов преимущественно обсуждался аграрный вопрос. Кроме того, в Думе созданы комиссии по различным вопросам [23, с.78]. В эти комиссии вошли депутаты Степного края. К примеру, избранный из Акмолинской области А.В. Виноградов вошел в комиссию по вопросам о неприкосновенности личности [29, л.18]. Избранный из Семипалатинской области Н.Я. Коншин был принят в состав комиссии по местному суду. Необходимо отметить наличие у Н.Я. Коншина общего юридического образования. В связи с этим он стал консультантом по разработке законодательных проектов в сибирской группе депутатов [26, с.16] .

Н.Я. Коншин является одним из инициаторов совершенствования правовых норм в отношении жителей Степного края. Он поддержал утверждение специальных правовых постановлений для русского и казахского населения края с учетом их образа жизни [23, с.79].

Депутаты, избранные в Госдуму, были одним из политических механизмов, способствовавших достижению народом и властью общего согласия. Не вызывает сомнений тот факт, что, несмотря на неполную осуществлению предложенных депутатами законов, царские власти учли пути его решения в ходе последующих реформ.

5. Заключение. В начале XX века царская администрация открыла возможность избрания народных представительств в системе власти. Ожидалось, что народные представительства будут способствовать диалогу власти и общества. Объективное проведение выборов показало заинтересованность правящей власти в выборе настоящих народных представительств. Итоги выборов в Степном крае обосновывают нашу точку зрения. Депутаты, избранные от казахского и русского населения Степного края, приняли активное участие в разработке законопроектов, регулирующих хозяйственно-социальные вопросы края. Потому что они проявляли всесторонний интерес к выполнению обещаний, данных перед народом.

Литература:

1. Чичерин Б.Н. Курс государственной науки / Социология. Ч. 2. Москва, 1896. С. 207
2. Чичерин Б.Н. Курс государственной науки / Политика. Ч.3. Москва, 1898. С. 404-405.
3. Градовский А.Д. Начала русского государственного права // О государственном устройстве. Ч.1. СПб., 1907. С. 26.

4. Савич Г.Г. Новый государственный строй России: справочная книга. СПб.: Тип. Акционер. о-ва Брокгауз-Ефрон, 1907. 602 с.
5. Палиенко Н.И. Суверенитет. Историческое развитие идеи суверенитета и ее правовое значение. Ярославль: Тип. Губ. прав., 1903. 586 стр.
6. Палиенко Н.И. Основные законы и форма правления в России. Ярославль: Тип. Губ. прав., 1903. 586 стр.
7. Гессен В.М. Основы конституционного права. СПБ.: Изд. юрид. кн. склада Право, 1911.
8. Алексеев А.С. Министерская власть. Харьков: Тип. и литогр. М. Зильберг и Савовья, 1912.
9. Котляревский С.А. Юридические предпосылки русских основных законов. Москва, 1912 г.
10. Корф С.А. Русское государственное право. Ч.1. Пг., 1915.
11. Семенников В.П. Монархия перед крушением 1914-1917: бумаги Николая II и другие документы: статьи В.П. Семенникова. Москва, 1927.
12. Лапин Н.А. Особенности истории российского права. Ленинград: Кн. мост, 1932.
13. Дякин В.С. Чрезвычайно-указное законодательство в России (1906-1914 гг.) / Вспомогательные исторические дисциплины. Л., 1976. С. 7.
14. Дякин В.С. Буржуазия, дворянство и царизм в 1911-1914 гг. Разложение третьеиюнской системы. Л., 1988.
15. Аврех А.Я. Распад третьеиюньской системы. М.: Наука, 1985. 259 с.
16. Думова Н.Г. Кадетская партия в период первой мировой войны и Февральской революции. М.: Наука, 1988. 244.
17. Ольденбург С.С. Царствование императора Николая II. Москва: Петрополь, 1991.
18. Головин Ф.А. Николай II // Николай II: Воспоминания. Дневники / Сост. Б.В. Ананьич и Р.Ш. Ганелин. СПб., 1994. С. 86.
19. Крыжановский С.Е. Записки русского консерватора // Вопросы истории. № 37. 1997. С. 121-139.
20. Куликов С.В. IV Государственная дума и формирование высшей исполнительной власти в годы Первой мировой войны (июль 1914-февраль 1917) / Россия в XIX–XX вв. СПб., 1998. С. 258-259.
21. Куликов С.В. Ораторы России в Государственной думе (1906—1917). Сост. совм. с М.А. Буланаковой и О.А. Патрикеевой. В 2-х тт. СПб., 2004;
22. Куликов С.В. Кривенко В.С. в Министерстве Двора. СПб.: ИРН, 2006;
23. Родионов Ю.П. Выборы в I и II Государственные думы от казахского населения Акмолинской области // Ва¬лихановские чтения-5. Материалы Республиканской научно-практической конференции. Т.2. Кокшетау, 2000. С. 77-79.
24. Толочко А.П., Буктугутова Р.С. Общественное дви¬жение в Степном крае в 1895-марте 1917 гг. Хроника, материалы, документы. Омск, 2004. С. 9.
25. Буктургутова, 2007 – Буктургутова Р.С. Общественное движение в Степном крае в конце XIX–начале XX вв.: автореф. дис. … д-ра ист. наук. Спец. 07.00.02 - «Отечественная история» / Р.С. Буктургутова. Омск, 2007. 51 с. Буктугутова Р.С. Представительсво населения степного края в Государственнной Думе // Вестник КазНУ. 2010. № 2. С. 56-63.
26. Сактаганова З.Г., Попов Ю.Г. Жакып Акбаев – годы в Санкт-Петербурге // Вестник КарГУ. 2009. №1. С. 14-19.
27. Султан Хан Аккулы. I, II Дума және қазақ депутаттары. 2019. URL: https://e-history.kz/kz/news/show/1132. (Дата обращения: 18 октября 2022 г.)
28. Мусульманские депутаты Государственной думы России. 1906–9017 гг.: сб. док. и материалов / Сост. Л.А. Ямаева. Уфа: Китап, 1998. 384 с.
29. ЦГА РК. Ф.64. Оп.1. Д.126.
30. ЦГА РК. Ф.64. Оп.1. Д.125.
31. Государственная Дума в России (1906—1917): Обзор. / Ред.: Твердохлеб А.А., Шевырин В.М. М.: Наука, 1995.
32. Усманова, 2005 – Усманова Д.М. Мусульманские представители в Российском Парламенте (1906–1916 гг.). Казань, 2005. 584 с

ХУРРАМАИ ИСЛОҲОТГАР ВА ПАЁМАДИ КОРИ Ӯ

Маҳмудов Давлатшоҳ *– муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*
Маҳмудов Ҳасан *– директори МТМУ № 17, ноҳияи Варзоб*

Ноадолатиҳои замонро таърих зиёд ёд дорад, ки гаронии он доим болои ақвоми бебизоат бор аст. Ба хотири рафъи он аз миёни мардуми ом бештар муборизоне зуҳур мекунанд, ки баъзан то қурбон шудан мерасанд. Таърихи насли башар ин зумра шахсонро хеле зиёд медонад.

Дар таърихи халқи тоҷик аз ҳисоби занон низ чунин чеҳраҳоро дарёфт намудан мумкин аст. Яке аз ин гуна симоҳои намоён Хуррама, завҷаи Маздак мебошад.

Тавре аз саҳифаҳои таърихи тоҷикон бароямон маълум аст, давоми асрҳои V – VI дар сарзамини Эрон ва қисман Хуросон зимоми ҳокимият дар дасти сулолаи Сосониён буд.

Мутаассифона, дар ҳамин муддат мубадон, ки раҳнамои маънавии халқу давлат ба ҳисоб мерафтанд аз таълимоти инсонсози паёмбар Зардушт дур рафта, афкори носолими хешро ба хотири байни мардум ҷонибдорӣ пайдо намудан, бо истифода аз боварҳои ҷомеа, паҳн мекарданд. Мубадону ҳукуматдорон дини зардуштиро ҳамчун як воситаи қонеъкунандаи манфиатҳои сиёсию иҷтимоии хеш истифода мебурданд. Чунин амалҳои беҷо оқибат дини зардуштиро дар назари мардум ба як дини махлуқу ашрофпараст табдил доду манзалаташро поин кард.

Таҷрибаи таърихӣ борҳо нишон додааст, ки дар чунин ҳолат, қуввахое пайдо мешаванд, ки барои ислоҳи ҷомеа ва таъмини саодати рӯзгори мардум мубориза мебаранд. Аммо, зикри нуктаи дигаре ҳам зарур аст, ки баъзан аз ингуна вазъ афроди алоҳида, бо нияти нуфуз пайдо намудан ва дар зери шиорҳои халқпарварона баромад мекунанд.

Дар аввалҳои ҳукронии дудмони Сосониён (224 – 651) яке аз ин гуна ҳаракатҳо зери сарварии Монӣ (216 – 277) рух дод. Бо таъсири ин чанде аз ҷараёнҳои гуногун ва афроди алоҳидаи бо ном адолатхоҳ зуҳур карданд. Лекин дар ин миён аз ҳама ҷараёни машҳур ин неҳзати Маздак буд. Ҳаракати динию иҷтимоии маздакия таи солҳои 491 – 529 дар ҳудуди Эронзамин амал кардааст. Азбаски таълимоти таҳия намудаи Маздак ба манфиати мардуми оддӣ буд, тарафдоронаш хело зиёд шуданд. Маздак мехост, бо таълимоти худ дар низоми давлату давлатдории Сосониён ислоҳоте ворид созад, то адолати иҷтимоӣ барқарор шавад. Аммо ин муборизи роҳи ҳақиқат ба нокомӣ дучор шуда, аз ҷониби писари шоҳ Қубод (488 – 531) Хусрави Анушервон бо ҳукми шоҳ дар соли 529 ба қатл расид. Баъди ин таъқиби пайравони Маздак зиёд гардид ва ҳар нафаре дастгир мешуд ҳатман қатл мегардид. Тибқи маълумоти ададбиёти таърихӣ беш аз 12 ҳазор ҷонибдорони Маздак баъдан ба қатл расиданд. [7, 198]

Бо ба вуҷуд омадани чунин ҳодиса тарафдорони собиқи Маздак гоҳ ошкору гоҳ пинҳон ташвиқоту тарғиботи хешро миёни мардум пеш мебурданд. Пас аз қатли Маздак роҳбариро ба ҳаракати маздакия завҷаи Маздак – Хуррама ба дӯш мегирад. Аз он вақте, ки Хуррама пешвои ин ҳаракат мешавад, ҳаракат дар таърих бо номи Хуррамия шинохта мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки то имрӯз атрофи ин ҳаракат маълумотҳои хаттӣ хело кам боқӣ мондааст. Он чизе, ки боқӣ мондааст дар шакли номунтазам метавон аз китобҳои «Форснома»-и Ибни Балхӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Муруҷ-уз-заҳоб»-и Масъудӣ ва «Таърихи Табарӣ»-и Табарӣ пайдо намуд. Сарчашмаи асарҳои зикршуда танҳо ду асари қадим «Маздакнома» ва «Занди Ваҳуман-ясн» мебошанд. [4]

Мувофиқи сарчашмаҳои зикршуда, Хуррама зодаи шаҳри Истахр буда, дар оилаи мубади Зардуштӣ Потак (ё Фода) таваллуд шудааст. [4] Баъдан бо Маздаки Бомдод никоҳ мебандаду бо ӯ ҳамтақдир мегардад. Ҳангоми тазоҳуроти бузурги маънавию иҷтимоии Маздак завҷааш Хуррама доим бо ӯ ҳампаҳлӯ буд ва дар тарғиби андешаҳои Маздак мақоми асосӣ дошт. Хуррама, ки дар оилаи мубад таваллуд ёфта буд, донандаи хуби қавонини дини маздаясно ба ҳисоб мерафт. Ӯро амалҳои зиддидинии мубадону мансабдорони ҳукумати вақт ба шӯр меовард. Пас аз вафоти шавҳараш фаъолияти Хуррама, бо назардошти ҳасос будани авзоъ пинҳонӣ сурат мегирад. Чунки қотили Маздак шоҳзода Хусрави Анушервон пас аз фавти падар дар соли 531 ба сари ҳокимият омада, аввалин коре, ки анҷом дод қатли маздакиён буд.

Нуктаи дигарро ҳам бояд қайд намуд, ки баъзе аз намояндагони маздакия дар самти амалии оромонҳои хеш то ҳадди ифрот расиданд. Ҳатто баъзе аз гурӯҳҳои дузду ғоратгар зери номи маздакӣ даст ба ғорати аҳолӣ заданд. Ҳамаи ин ба носуботиву бенизомии кишваре, ки худ аллакай ба бӯҳрони сиёсӣ гирфтор буд, оварда расонд.

Бо вуҷуди фишорҳои пай дар пайи ҳукуматдорон фаъолияти Хуррама аз байн нарафт. Хуррама ба он муваффақ шуд, ки дар шаҳрҳои Дайламон, Гургон, Экботан, Исфаҳону Қафқоз тарафдорони зиёде пайдо кунад. Маҷмӯи таълимоти Маздак ва Хуррамаро бисёр ҷонибдорони онҳо ҳамчун дини мустақил пазируфтанд. Аз ин сабаб буд, ки эшонро пайравони дини маздакия

ё хуррамдинон низ меномиданд. Ба ақидаи муаррихи дини ислом Абдулқоҳири Бағдодӣ, тарафдорони Хуррама ибни Фодаро метавон ба ду даста тақсим намуд. Якум, хуррамияи тоисломӣ ва дуюм, хуррамияи пас аз исломӣ, ки онро бобакияву мозёрия низ меномиданд. Номи муштараки ҳардуи дастаи Хуррамияро баъзе аз муаллифон муҳаммария номидаанд. Сабаби чунин ном гирифтани ин ҳаракат дар он буд, ки ҳангоми хурӯҷҳои худ Хуррама алайҳи рақибон дар даст алам (парчам)-и аҳмар (сурх) дошт. [11, 166]

Имрӯз дар қисми ҷанубу ғарбии Эрон шаҳре бо номи Хуррамашаҳр дар наздикии резишгоҳи дарёи Корун ба дарёи Шаттулараб мавҷуд аст, ки он дар гузашта Муҳаммара ном дошт. [10, 42] Ин номи ҷуғрофӣ шаҳодатгари корномаи Хуррама ва фаъолиятҳои пайравони ӯ мебошад.

Бархе аз муаррихон ба ин назаранд, ки пас аз густариши дини ислом ҷонибдорони Хуррама таълимоти пешвои худро дар доираи шариати ислом азнавсозӣ намуда, инкишоф додаанд. [11, 165 – 166] Ба гумони яқин, хуррамия агарчӣ дар доираи таълимоти ислом дар ин давра ҳамчун як ҷараёни динӣ шакл гирифта бошад ҳам, аммо муқобили исломи расмӣ, ҳамчун идеологияи хилофати араб баромад мекард.

Мувофиқи таълимоти Хуррамия, ки давоми таълимоти Маздак буд, неъматҳои табиатро Кирдугор барои ҳамаи одамон баробар офаридааст. Ба ақидаи эшон, дороён аз ҳисоби нодорон доро шудаанд. Он чизеро, ки онҳо доранд, аз роҳи фанду фиреб ба даст оварданд. Онҳо ду рукни асосии таълимоти Маздакия – нуру зулматро эътироф менамуданд. Хуррама таълим медод, ки рӯҳ абадию азалист, ҷисм бошад муваққатӣ аст. Ҳамаи масъалаҳои сазову ҷазо ба рӯҳ вобаста мебошад. Ба андешаи хуррамиён рӯҳи мушрикон ба ҳайвоноту ҳашарот интиқол меёбад. Дар бадани инсон рӯҳ ё осоиш меёбад ва ё азоб мекашад. Ҳамин роҳату азобро онҳо ба ҷаннату дӯзах баробар дониста, қиёмат ва паёмадҳои онро рад мекарданд. Хуррамиён ҷонибдори ахлоқи ҳамида буда, вайронкунандагони ин чаҳорчӯбаро сахт маҳкум мекарданд. Онҳо айшу ишратро танҳо дар он сурат раво медонистанд, ки ба касе зараре расонида нашавад.

Пас аз омӯзиши таълимоти хуррамия кас ба хулосае меояд, ки танҳо назарияи умумияти мол ё неъматҳои табии ин ҳаракат таваҷҷуҳи мардуми зиёдеро, ки аз дасти ноҷуриҳои замон қашшоқ шуда буданд, ба худ ҷалб сохтааст. Яъне, ҳамин назария сабаб шуду Хуррама ҷонидорони зиёде пайдо кард.

Мутаассифона, оқибати кори Хуррама ибни Фода чандон рӯшан нест. Ба андешаи ғолиб, бояд ӯ аз тарафи Хусрави Анушервон дар солҳои ҳукуматдориаш кушта шуда бошад. Чунки дар давраи ӯ ҳазорҳо нафар хуррамиён қатл шуда, баъд аз соли 579 номи Хуррама ҳамчун шахси зинда дар ҳеҷ сарчашмаи таърихӣ ёд намешавад. [6, 54] Аммо тарафдорони ӯ то қарибиҳои асри XV дар Эрон ва гирду атрофи он ҳаёт ба сар бурдаанд. Пайравони Хуррама аз соли 816 то соли 838 бо номи бобакия амал намуданд. Зеро давоми муддати зикршуда ин ҳаракатро яке аз тарафдорони ақидаҳои Хуррама – Бобаки Хуррамӣ роҳбарӣ менамуд. [5]

Пайравони Хуррама пас аз суқути давлати Сосониён муқобили зулму истибдоди арабҳо ҳам талош намудаанд. Хуррамиён дар симои ҳукумати нав низ пуштибоне наёфта, дар рӯ ба рӯи онҳо ба ҷанги ҷисмонию маънавӣ истоданд. Сабаби асосии созиш накардани хуррамиён, агар аз як тараф номувофиқ будани ормонҳояшон бошад аз тарафи дигар аъмоли ғоратгарони араб дар Тоҷикзамин онҳоро водор ба муқовимат намуд. Ба қавли донишманди тоҷик, Абдулло Ориёнур: «Аъроб кишваркушоии худро ба ниқоби густариши оини нави илоҳӣ пӯшиданд ва ҳамин ниқоб беш аз силоҳи арабӣ Эроншаҳро гирифт ва хароб кард». [8, 56]

Тарафдорони ақидаҳои Хуррама дар замони ҳукмронии арабҳо бо шеваҳои гуногун муборизаҳояшонро пеш мебурданд. Аз як тараф мисли шуубиҳо бо роҳи ташвиқу тарғиби маърифати ориёиҳо бошад аз тарафи дигар даст ба ошӯбҳои рӯи рост мезаданд. Инчунин, ба шӯришҳои зиддиарабӣ, ки дар қаламрави Тоҷикзамин ба вуҷуд меомад ҳамроҳ мешуданд. Масалан, мувофиқи навиштаи академик Бобоҷон Ғафуров ҳангоми исёни Синбоди Муғ хуррамиҳо аз ӯ ҷонибдорӣ карда ҳамроҳ муқовимат менамуданд. [3, 437] Ба навиштаи ин муаррихи машҳур таъсири кори хуррамиҳо ҳанӯз аз замони Маздак берун аз Эрон ва ҳатто ҳудудҳои Осиёи Миёнаро низ фаро гирифта будааст. Дар Осиёи Мина ҷонибдорни Маздак кам набудаанд. [2, 76 – 77]

Ҳаминро ба назар гирифта олимон ба ин ақидаанд, ки аслан сарчашмаи ба вуҷуд омадани аксари шӯру ошӯбҳои зиддиарабии тоҷикон ҳамин ҷараёнҳои маздакия ва хуррамия мебошад. Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин менависанд: «Пайравони бобакия ё худ хуррамдинон дар се набарди шадид ба қӯшунҳои араб зарбаи ҳалокатовар зада, дар Хуросони шимолӣ ва Озарбойҷону Арманистон нуфузи зиёде пайдо карданд. Наҳзати Абумуслими Хуросонӣ ва исёни Муқаннаъ низ аз сарчашмаи инқилоби иҷтимоии маздакиён ғизо гирифта, ба афкори истиқлолхоҳии зидди аҷнабиён ва ошӯбҳои муқобили сарватмандон дар Хуросону Мовароуннаҳр, алалхусус қиёмҳои Пайканд, Бухоро, Самарқанд ва муборизаи қаҳрамононаи мардуми Хуталон илҳом мебахшид». [12, 390]

Тавре дар боло ишора намудем, дар аҳди ислом ақидаҳои хуррамия бо он то ҷое омезиш ёфт. Бо таъсири ҷараёнҳои нави исломӣ хуррамиҳо низ имоматро эътироф карда боварӣ доштанд, ки имоми онҳо низ ба сифати Маҳдӣ бармегардад ва дар рӯи замин адлу инсофро барқарор мекунад. [9, 42]

Шуруъ аз аввали асри IX хуррамиҳо бо номи бобаия зуҳур карданду дар қаламрави хилофати араб таҳаввулоти бузургеро ба бор оварданд. Аз нуфуз пайдо кардани онҳо халифаи араб Муътасим (833 – 842) бисёр ба ташвиш омад ва ба қавли Абӯсаид Гардезӣ, ҳокими Бағдод Исҳоқ ибни Иброҳиро барои шикасти эшон фиристод. Исҳоқ бо лашкари гарон болои онҳо ҳуҷум кард ва беш аз 60 ҳазор нафар бобакиро ба қатл расонд ва боқимондаи эшон дар қаламрави Арманистону Озарбойҷон панаҳ ёфтанд. [1, 139 – 140]

Аслан, муборизаҳои бобакиҳо низ мисли хуррамия муқобили зулму истибдоди араб равона шуда буд. Дар воқеъ, тохтутози арабҳои бадавӣ бузургтарин шаҳрҳои ободи Тоҷикзаминро ба хок яксон намуда, ба хотири зудуда шудани хотираи таърихии халққои ориёитабори Эрон ва Хуросону Ворорӯд онҳо садҳо китобхонаҳою шаҳрҳо, донишмандону ҳунармандонро несту нобуд намуданд. Ин амалҳои золимони арабҳо баръакс суръати ҳаракати хуррамияро тезонид. Онҳо дар ҳама шаҳру вилоятҳо бо номи ҳаракатҳои гуногун зидди Хилофати Араб муборизе мебурданд. Дар ин давра бештар макони хурӯҷи хуррамиён Арманистону Озорбойҷон ва Кошону Исфаҳон ба ҳисоб мерафт.

Дар маҷмуъ хуррамдинон як ҷунбиши васеъро ба вуҷуд оварда, Хилофати Арабро ба ларза оварданд. Зери таъсири ақидаҳои Хуррама дар асрҳои минбаъада ба хотири тантанаи адолати иҷтимоӣ чандин шӯру ошӯбҳои дигар сар задааст.

Аз ин хулоса намудан мумкин аст, ки нақши зан дар аҳди Сосониён то чӣ андоза баланд буд, ки вай дар баробари иҷрои дигар корҳои вобаста ба ҳар зан инчунин, метавонад мисли мардон дар майдонҳои набарди ҷисмонию зеҳнӣ майдондорӣ кунад. Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки Хуррама яке аз чеҳраҳои намоён ва муборизи роҳи озодию истиқлол ба шумор меравад ва ифтихор доштан аз чунин чеҳраҳо дар таҳкими ҳувият ва худшиносии миллӣ нақши муассир мегузорад.

Адабиёт:

1. Абӯсаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну – л – ахбор. –Душанбе, 2014. – 416 с.
2. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. –Сталинобод, 1947. – 384 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. (Дар ду ҷилд). Ҷилди I. –Душанбе, 1998. – 704 с.
4. Маҳмудов Д., Насруллоева Р. Хуррамаи ислоҳотгар. // Самак, 23 январи соли 2012.
5. Маҳмудов Д. Ҳаракати Бобакия. // Омӯзгори ҷавон, 11 январи соли 2013.
6. Маълумоти мухтасар аз таърихи тоҷикон. Мурратибон: Маҳмудов Д., Ғуломшоев С.,Исломов Ф. – Душанбе, 2024. – 144 с.
7. Неъматов Н.Н., Носирова Ф.Ю. Бобомуллоев С., Довутов Д., Исоматов М.М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2003. – 368 с.
8. Ориёнур А. Аз рӯзгори Борбади ромишгар. –Душанбе, 1989. – 88 с.
9. Султонов М., Назаров У. Хуррамия. // Энциклопедияи совети тоҷик. Ҷилди 8. –Душанбе, 1988. –С. 42.
10. Хуррамшаҳр. // Энциклопедияи совети тоҷик. Ҷилди 8. –Душанбе, 1988. –С. 42.
11. Ҳазрати М., Саидиён И. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он. –Душанбе, 1992. – 224 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. –Душанбе: Ирфон, 2016. – 704 с.

ҶАШНИ САДА ДАР ОСОРИ АБӮРАЙҲОН БЕРУНӢ

Алимов Давлаталӣ Халилович *– д.и.т., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав*
Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич, Қодирзода Хушбахти Сафар*–ассистентони кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Ҷашни Сада яке аз ҷашнҳои қадимаи мардуми ориёитабор, аз ҷумла тоҷикон ба ҳисоб рафта, ба яке аз фаслҳои сол, яъне замистон рост омада, то ба имрӯз аз он истиқбол мегиранд. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ҷашни Сада дар даҳумин рӯзи моҳи баҳман, баробар ба 29-30-юми январи солшумории мелодӣ рост меояд. Тибқи пажӯҳиши муҳаққиқон ҷашни Сада таърихи беш аз 5-6 ҳазор сола дорад.

Оид ба ҷашнҳои миллии халқи тоҷик аз қабили ҷашни, Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада як қатор донишмандони асримиёнагӣ дар осорашон маълумоти хеле ҷолиб овардаанд.

Воқеан ҳам, дар байни тадқиқоти илмӣ–таърихии донишмандони тоҷик оид ба ҷашни Сада эҷодиёти Абӯрайҳони Берунӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Абӯрайҳони Берунӣ ҳамчун муаррихи барҷаста, таърих ва пайдоиши ин ҷашни муборакро омӯхта, ба анъанаю таъсири он ба фарҳанг ва маданияти мардум аҳамияти хосса зоҳир намудааст.

Вобаста ба ин, нобиғаи асримиёнагӣ Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби худ «Китобу-т-тафҳим ли авоили саноъати-т-танҷим» дар фасли алоҳида «Дар бораи моҳу сол ва таърихҳову рӯзҳои умматон» оид ба ҷашни Сада чунин қайд менамояд: «Обанрӯз аст аз баҳманмоҳ. Ва он даҳум рӯз бувад. Ва андар шабаш, ки миёни рӯзи даҳум аст ва миёни рӯзи ёздаҳум оташҳо зананд ба гавзу бодом ва гирд бар гирди он шароб хӯранд ва лавҳу шодӣ кунанд. Ва низ гурӯҳе аз он бигзаранд, то ба сӯзонидани ҷонварон. Ва аммо сабаби номаш чунон аст, ки аз ӯ то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб»[1, с.266].

Маврид ба зикр аст, ки ҷашни Сада аз адади сад гирифта шуда, миёни мардум шӯҳрат ёфтааст. Аз маълумоти овардаи Абӯрайҳон Беруни маълум мегардад, ки дар ин давра одамон шабу рӯзро алоҳида ҳисоб менамуданд. Зеро миёни ҷашни Сада ва Наврӯз сад рӯзи пурра аст, ки аз омодагии деҳқон ба кишту кори баҳорӣ дарак медиҳад. Мардум ба сардии чиллаи хурдак нигоҳ накарда, ҳатто дар рӯзҳои сарди зимистон, ки саросари кӯҳистон барфпӯш мегашт, хона ба хона рафта, ҳамдигаро аз омадани Сада хабар мекарданд. Либосҳои нав ба бар карда, оташ афрӯхта гирди он ҷам омада, хушҳоли мекарданд. Ҳамчунин Абӯрайҳон Берунӣ дар ин бора низ ишора дорад.

Бояд қайд намуд, ки пайдо шудани оташ дар рӯзгори одамони қадим аҳамияти бениҳоят бузургро касб намуда, барои доим фӯрузон нигоҳ доштани он талош менамуданд. Мардум оташро ба хотири гармӣ, рӯшноӣ, пухтани хӯрок ва ба хотири амалӣ намудани дигар мақсадҳо истифода мекарданд. Аз ин ҷост ки оташ дар рӯзгори инсон ҷойгоҳи олиро соҳиб гардида, онро муқаддас ва гиромӣ медоштанд.

Аз ин рӯ дар ҷашни Сада маросими афрӯхтани оташ ва паридан аз болои он аз давраи қадим роиҷ ва расм будааст. Ва то ба имрӯз миёни мардум маросими «аловпарак» боқӣ мондааст. Ҳарчанд, ки аҷнабиён ба сарзамини тоҷикон борҳо ҳуҷум карда, дар баробари ба даст овардани ғаниматҳои зиёд талош менамуданд, ки ҷашну оинҳои қадимаи миллати тоҷикро аз байн баранд, аммо ба мақсад нарасиданд. Зеро, ин ҷашнҳо дар байни мардум густариш пайдо намуда, давра ба давра рушд ва эҳё шуда, ба наслҳои баъдӣ беолоиш ба мерос гузоштаанд. Аз зумраи ҳамин гуна нафарон донишманди асримиёнаги Абӯрайҳони Берунӣ ба ҳисоб меравад, ки дар осораш аз таърихи пайдоиши ҷашнҳои миллӣ аз қабили Сада маълумоти ҷолибро пешкаши хонанда намудааст.

Абӯрайҳони Берунӣ доир ба гиромидошти оташ ва дар ҷашни Сада афрӯхтан ва ҷоигоҳи олӣ доштани он дар китоби худ «Осор–ул–боқия» чунин қайд менамояд: «Рӯзи нӯҳум, рӯзи озарид аст, ки онро барои тавофиқи ду ном «Озарҷашн» меноманд. Ва ин рӯз иди оташ аст. Ва ба номи фариштае, ки ба ҳама оташҳо муваккал аст, мавсум аст. Ва Зардушт амр кардааст, ки дар ин рӯз оташкадаҳоро зиёрат кунанд ва дар корҳои олам машварат кунанд»[2, с.246].

Абӯрайҳони Берунӣ оид ба анъанаи таҷлили ҷашни Сада ва дар он афрӯхтани оташ поёнтар дар ҳамин асараш қайд намудааст: «Ва дар ин шаб бар кӯҳ гови сафеди аъзимҷуссае

дида мешавад. Ва агар ин гов ду маротиба садо бароварад, соли фаровонӣ мешавад ва агар як маротиба садо кунад, хушксолӣ хоҳад шуд. Ва дудандозӣ мекунанд, ки то зарарҳои онро бартараф кунанд. То ин ки дар хонаи мулук дар ин шаб расм шуда, ки оташ биафрӯзанд ва чун шӯълавар гардад, ҳайвонҳои ваҳширо ба оташ меандозанду мурғҳоро дар шуълаи он мепазонанд. Ва дар канори ин оташ менишинанд ва ба ҳазлу шӯхӣ машғул мешаванд»[2, с.248].

Ҳамчунин, дар баробари Абӯрайҳони Берунӣ Абулқосими Фирдавсӣ низ дар шоҳасари ҷовидонаи худ «Шоҳнома» бунёд ниҳодани ҷашни Садаро ба Ҳушанги Пешдодӣ марбут дониста, чигунагии пайдоиши онро ба риштаи назм кашидааст.

Яке рӯз шоҳи ҷаҳон сӯи кӯҳ,
Гузар кард бо чанд кас ҳамгурӯҳ.
Падид омад аз дур чизе дароз,
Сияҳрангу тиратану тезтоз.
Ду чашм аз бари сар чу ду чашма хун,
Зи дуди даҳонаш ҷаҳон тирагун.
Нигоҳ кард Ҳушанги бо ҳушу ҳанг,
Гирифташ яке сангу шуд пешчанг.
Ба зӯри каёнӣ биёзид даст,
Ҷаҳонсӯз мор аз ҷаҳонҷӯ бичаст.
Баромад ба санги гарон санги хурд,
Ҳам ону ҳам ин санг бишкаст хурд.
Фурӯзе падид омад аз ҳарду санг,
Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.
Нашуд мор кушта, валекин зи роз,
Падид омад оташ аз он санг боз.
Бугуфто: «Фурӯғест ин эзадӣ,
Парастид бояд, агар бихрадӣ»,
Шаб омад, барафрӯхт оташ чу кӯҳ.
Ҳамон шоҳ дар гирди ӯ бо гурӯҳ,
Яке ҷашн кард он шабу бода х (в) ард,
Сада номи он ҷашн фархунда кард.
Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр[3, с.53-54].

Абулқосим Фирдавсӣ дар ҳикояи овардаи худ ба он назар аст, ки Ҳушанг поягузори ҷашни Сада ва оташ буда, дар рӯзгори одамони қадим гарму рӯшноӣ ва муҳаббат ва дилгармӣ ба зиндагиро дар ҳаёти дирӯзу имрӯз ба вуҷуд овардааст.

Абурайҳон Берунӣ як нуқтаи муҳими дигарро дар асараш «Осор–ул–боқия» қайд кардааст, ки сабаби барниҳодани ҷашни Сада Фаридун аст. «Гуфтаанд: сабаб ин ки дар ин шаб оташ бардошта мешавад, ин аст, ки чун Заҳҳок қарор гузошта буд, ҳар рӯз ду нафар биёваранд ва барои море, ки ба дӯши ӯ буд, димоғи онҳоро ғизо қарор диҳанд. Ва шахсе муваккал ба ин кор буд. Пас аз омадани Заҳҳок ба Эрон, Измоил ном дошт. Ва ин шахси муваккал яке аз ин дуро озод мекард ва тӯшае мебахшиду ӯро амр мекард, ки ба қисми ғарбии кӯҳи Дамованд сокин шавад. Ва дар он ҷо бираваду барои худ хонае бисозад. Ва дар ивази ин шахси озодшуда ба ду мори сари китфи Заҳҳок димоғи кӯчқоре мехӯронид. Ва ин димоғро бо димоғи як нафари дигар, ки кушта мешуд, маҳлут мекард. Ва чун Фаридун Заҳҳокро гирифт, Измоилро ҳозир кард ва хост, ки ӯро подош бахшад. Измоил шахсеро аз қатл боздошта буд, Фаридунро хабардор кард. Ва як расул аз Фаридун хост, ки ба кӯҳи Дамованд биравад, ки то ҳақиқати масъаларо ба Фаридун бирасонад. Ва чун Измоил ба кӯҳи Дамованд расид, озодшудагонро амр кард, ки бар пушти бомҳои худ ҳар як оташе биафрӯзанд, то шумораи эшон зиёд ба назар ояд. Ва ин воқеа дар шаби даҳуми баҳманмоҳ буд. Ва фиристодаи Фаридун гуфт: «Чӣ қадар хонаводаҳо, ки ту озод кардӣ!» Фиристода аз он ҷо баргашту Фаридунро аз он чӣ дида буд, хабардор кард. Ва Фаридун аз шунидани ин воқеа хеле масрур шуд ва худи ӯ ба кӯҳи Дамованд рафту озодшудагонро дид. Сипас Измоилро ҷузви наздикони худ гардонид. Ва Дамованро тобеи ӯ кард ва ӯро ба тахте заррин нишонид. Ва номашро Масмағон гузошт»

Ҳамин тавр, ҷашни Сада дар тӯли таърих ташаккул ёфта, ба таълимоти мазҳабиву миллӣ пайванд гардида, байни халқ маҳбубият касб карда будааст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки Сада дар давраи давлатдории Пешдодиёну Каёниён, Ашкониён, Сосониёну Сомониён яъне то замони зиндагонии Абурайҳон Берунӣ густариш пайдо намуда, аз он таҷлил менамуданд.

Адабиёт:

1. Абӯрайҳони Берунӣ. Китобу-т-тафҳим ли авоили саноъати-т-танҷим. / Б. Абӯрайҳон.–Душанбе: Дониш, 2022.–
2. Абӯрайҳон Берунӣ. Осор–ул–боқия. / Б. Абӯрайҳон.–Душанбе: Ирфон, 1990.– 432 с.
3. Абулқосими Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1. / Ф. Абулқосим.–Душанбе: Адиб, 2007.–480 с.

БАРРАСИИ ҲОЛАТҲОИ СЕГОНАИ САНЪАТИ ТАШБЕҲ ДАР АШЪОРИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ

Мирзо Муҳаммад Рустоӣ – *узви илмии маркази забонҳо ва адабиёти Академияи улуми Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Ташбеҳ ки аз муҳимтарин аркони балоғат ва марбут ба ҳавзаи илмӣ баён мешавад, дар воқеъ ҳокии авзоъ ва аҳволи муҳити зиндагӣ ва баёнгари тиҷорату хостаҳои дарунии гӯянда ва сароянда буда, ба сабаби аҳаммият ва барҷастагии он дар сухан, бо пораи дигаре аз мабоҳисаи марбут ба маъонӣ, то ҳанӯз дар бахши саноеъи бадеӣ, ба баррасӣ гирифта мешавад ва бар ҳамин мабно, дар густураи улуми балоғӣ ташбеҳро метавон аз истилоҳоти муштараки фанни баён ва бадеъ донист. Бад-ин лиҳоз сазовор медонем то корбурди ин санъати ҷомеъи адабиро дар лобалои ашъори девони ғазалиёти шоир Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба баҳсу таҳлил бикашонем.

Ташбеҳ ки худ масдар аст, дар луғат шабеҳсозӣ, қиёс, муқоиса ва монанд карданро маъно медиҳад ва дар истилоҳ чизеро ба чизе шабеҳ ва монанд кардан ба сурате аз суратҳо ва ё ба сифате аз сифатҳо мебошад, ба он шарт, ки ин ду чиз аз як ҷинс набошанд (1, 142) ва ё ташбеҳ он аст ки муштарикати ду чизро дар як маъно нишон бидиҳад, ки аз он ду он чи ташбеҳ мешавад, мушаббаҳ ва он чи ба он ташбеҳ мешавад, мушаббаҳ биҳи ном дорад дорад ва ин ду чиз “мушабаҳ ва мушабаҳ биҳи ” ду рукни аслии ташбеҳ маҳсуб мешавад (2, 50).

Ташбеҳ ду рукни дигар ба номҳои “ваҷҳи шабаҳ ва адоти ташбеҳ”- ро низ дар худ дорад, ки яке аз он яъне ваҷҳи шабаҳ, сифати муштарак байни мушабаҳ ва мушабаҳ биҳи ва дигараш, калимоти далолаткунанда бар ҳаммонандиро мерасонад.

Аз ҷумлаи ин чаҳор рукн, дуи аввалӣ он “мушабаҳ ва мушабаҳ биҳи” аркони аслӣ ва ё тарафайни аслии ташбеҳ ва дуи баъди он (ваҷҳи шабаҳ ва адоти ташбеҳ) аркони фаръӣ гуфта мешавад, ки дар сурати ғайри ҳузури онҳо дар ашъор ва сухани адабӣ ташбеҳ сохтмони аслии худро аз даст намедиҳад.

Дар ташбеҳ ки бар хилофи истиора ва маҷоз, лафз дар маънои ҳақиқӣ ба кор бурда шуда ва ҷонмояи аслии онро муболиға, иғроқ ва хаёлангезӣ дар мадҳу замм ё баёни моҳияти касе ва ё чизе ташкил медиҳад (3, 85) аз назари заъфу қувват ба се ҳисса тақсим мешавад:

ташбеҳи заиф, ташбеҳи мутавассит ё миёна ва ташбеҳи аъло ва инак саъйе меварзем, то ин ҳолотро бо овардани мисолҳое аз сурудаҳои нағзи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ташхис ва ба барасӣ бигирем:

А) Ташбеҳи адно ва ё заиф:

Ташбеҳи адно ба ташбеҳе дар як сухан гуфта мешавад, ки илова аз ҳузури тарафайни ташбеҳ, ваҷҳи шабеҳ ва одоти ташбеҳ низ дар он ҳузур дошта бошад, мисли ин байт:

Писаре буд оразаш чун моҳ,
Балки маҳро намуда нома сиёҳ (4,105).

Дар ин ҷо "ораз ва ё рухсор" бо "Моҳ ё Маҳтоб" ташбеҳ шуда, ки ораз “мушаббаҳ” ва моҳ "мушаббаҳ биҳи" ба тарафайни ташбеҳ буда ва бо доштани адоте "чун" дар мисраи аввал ва "номасиёҳ ё сиёҳии саҳифа", ки сифати муштарак миёни аркони аслии ташбеҳ мебошад, ташбеҳи адноро сохтааст.

Ё: ***Ёр бо мани мискин сахт чун адӯ печид,***
Ҳарф то баланд омад, сар зӣ гуфтугӯ печид (4, 45)

Дар ин байт, ҳам тарафайни аслии ташбеҳ ва ҳам аркони заъифи ташбеҳ, дар маҷмӯъ ҳузур доранд, калимаҳои "ёр" ва "аду" аркони аслӣ ва ҳарфи "гуфтугӯ ва печидан" ваҷҳи шубҳ ва ва “чун” адоти ташбеҳ буда ва бад-ин гуна ташбеҳи заъиф ва адно сохта шудааст.

Дар ашъори Саййид Надршоҳи Каёнӣ ҳолатҳои мутанаввее аз ташбеҳоти адно вуҷуд дорад, ки гоҳе ҳам ҳузури арконҳои аслӣ ва фаръии ташбеҳро дар каломаш метавон дучандон ва сечандон дид, мисли:

Партави оразаш буд чу суроҷ,
Ҳаст гӯйӣ ду зулфи ӯ шаби доҷ (4,27).

Бодиққат ба ин байт, ба роҳатӣ дармеёбем, ки ҳар мисрае дар худ як мушобаҳ ва як мушаббаҳ биҳи ва ҳамчунон як ваҷҳи шубҳ ва як адоти ташбеҳро дар худ дорад; ба ин гуна: "ораз ва суроҷ" дар мисраи аввал ва калимоти "зулф ва шаб" дар мисраи дуюм, аркон ва ё тарафайни аслии ташбеҳ ва "партаву доҷ " ба ҳайси вижагии тарафайни ташбеҳ дар ҳар ду мисраъ ва ҳамчунин мавҷудияти “чу ва гӯӣ” дар мақоми адоти ташбеҳ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, дар байти зер, касрати ҳузур аркони ташбеҳотро метавон ба хубӣ мушоҳида намуд, ки дол бар қариҳаи баланд ва дасти бози шоъир дорад;

Чашмаш чу наргисест пур аз оби нимхоб,
Зулфаш чо сунбулест сияҳ пур зӣ печутоб (4, 15).

Б) Ташбеҳи мутавассит ё миёна:

Ба ташбеҳе гуфта мешавад, яке аз тарафайни ғайраслии ташбеҳ (ваҷҳи шубҳ ва ё одоти ташбеҳ) дар он ҳузур дошта бошад, мисли ин байти шоир:

Нависад дилбари дилдор қоғаз,
Фиристад бо парирухсор қоғаз (4, 49).

Дар ин мисол, вожаҳои "дилбар" ва "парӣ" биттартиб мушабаҳ ва мушаббаҳ биҳи ё ҳамон аркони аслии ташбеҳ ва вожаҳои “дилдор ва рухсор” ки авсофи муштарак миёни “дилбар ва парӣ”-ро мерасонад, ваҷҳи шубҳ ва он чи дар ин байт аз он зикре ба амал наёмада, адоти ташбеҳ аст.

Ё: ***Хуш аст шеъри ту ширинтар аз шакар Ҳофиз,***
Навишта назми ту ҳар котибе ба зар Ҳофиз (4, 68).

Дар ин ду мисраъ, "шеър ва назм" ҳар яке ба "шакар ва зар" ташбеҳ шуда ва "ширинӣ ва котибӣ" ҳам ба унвони ваҷҳи шубҳ ё сифати муштарак миёни тарафайни ташбеҳро сохта ва боз ҳам дида мешавад, ки пойи адоти ташбеҳ дар ин миёна нест.

Лозим ба ёдоварист, ки бо ҳузури "ваҷҳи шубҳ" дар сухан, ташбеҳи муфассал ва бо ҳазфи он ташбеҳи муҷмал сохта мешавад.

Ва ё :

Нақши девор чун ту бисёр аст,
Дидаам ман ба хомаи Монӣ (4, 116).

Дар ин байт бар хилофи мисолҳои боло таркиби ”нақши девор ” ба “хомаи Монӣ ё нақши андешамандон” ташбеҳ шуда ва бо зикри адоти ташбеҳи “чун” дар мисроъи аввал ва дар набуди ваҷҳи шубҳ дар ин мисроъ ташбеҳи муҷмал ба вуҷуд омадааст. Ҳамчунон, гоҳе ташбеҳ ба сурати таркиби изофӣ навишта мешавад. Мисол: таркиб “нақши девор” ва “хомаи Монӣ” ([1]*) дар ин байт, ки ба онҳо “ташбеҳи фишурда” ё “изофаи ташбеҳӣ” низ мегуянд.

Дар мисоли баъдӣ ҳамчунон дида мешавад, ки ба ҷуз аз тарафайни ташбеҳ ва адоти ташбеҳи “ҳамчу” дар мисраи аввал ва “чу” дар мисраи дувум дигар нишонае аз ваҷҳи шубҳ вуҷуд надорад.

Мани хаста ҳамчу Маҷнун назаре ба ҷуз ту бо кас
Накунам,ки Лайлӣ ин дам, чу ба чашми мо нишаста (4, 104).

[1] *Монӣ, ки дар луғат андешаманд маъно медиҳад, аз решаи авастоии (мон) ба маъноӣ андеша ва вожаи авастоии (моно) ба маънои андешидан гирифта шудааст, баъдҳо шахсияте аз як модари ашконӣ зуҳур кард, ки дар фанни наққошии замони худ беҳамто буд ва ҳамон шахс пайравонашро монавиён, яъне андешамандон ном ниҳод.

Гуфтанист, ки бо зикри адот дар калом “ташбеҳи мурсал ё сареҳ” ва бо ҳазфи он ташбеҳи муаккад сохта мешавад, аммо каломе, ки орӣ аз “вачҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ) бошад, ташбеҳи балеғ гуфта мешавад, ки зеботарин ва расотарин ташбеҳ ҳам ҳамин аст.

Ҷ) ташбеҳи аъло:

Ташбеҳи аъло ба ташбеҳе итлоқ мешавад, ки сирф аркон ё тарафайни асли ташбеҳ (мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи) дар он зикр шуда ва вачҳи шубҳи адоти ташбеҳ дар он дахолате надошта бошад, мисол:

Рухи ёрам гулситон аст, имрӯз,
Лабонаш шаккаристон аст имрӯз (4, 59).

Ҳузури “мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи” ба унвони тарафайни асли ташбеҳ дар ин ду мисраъ мушаххас ва ошкор аст, аммо “вачҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ” дар он вуҷуд надорад ва ба қавли донишмандони аҳли ришта, орӣ шудани сухан аз аркони фаръии ташбеҳ (вачҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ) ташбеҳро таъсирнок ва нерӯманд месозад, чун мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи, ба содагӣ айният пайдо намуда ва ташбеҳи олӣ ба даст меояд. Ҳарчанд ки мани (нигоранда) баръакс ташбеҳи адноро дар ҷои ташбеҳи олӣ меписандам ва бар ин боварам, ҳар сухане ки дарёфти таъаллуқот ва муносиботи даруниаш ниёз ба диққати бештар дошта ва ҳадафаш ба сахтӣ ва душворӣ ба даст ояд, бояд ба ӯ ташбеҳи аъло гуфта шавад... хуб, метавонад ин ҳам фақат як назар бошад на ангушти эътироз бар адибону донишварон! Ҳоло ин ҳам чанд мисоли дигар аз бадани ашъори Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ:

Шоҳи хубон туро, мабод завол,
Оразат бадру абруи ту ҳилол (4, 75).

***

Аз самими дил нигоре доштам,
Боиси ғам ғамгусоре доштам (4, 83).

***

Дилбари болобаландам хушнамосат,
Дилкашу шаккарлабу соҳибҳаёст (4, 25).

***

Надидидам чанд рӯзе рӯят эй моҳ, дӯстӣ кам шуд,
Маро васли ту иду фурқатат моҳи муҳаррам шуд (4, 37).

Дар байти аввалӣ “ораз ё чеҳра” ба “ бадр ё моҳи чаҳордаҳ” “абрӯ ба ҳилол ё моҳи нав ”- дар байти дуввумӣ “ нигор ” ба “ ғамгусор ” - дар байти савум “дилбари боло баланд ” ба “хушнамо, дилкаш шаккарлабу соҳиби ҳаё ” ва дар байти чаҳорумӣ “ру ба маҳ”, “васл ба ид” ва “фурқат ба маҳрам ” ташбеҳ шуда ва бад-ин шакл, дар адами мавҷудияти “вачҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ ” ташбеҳи аъло шакл гирифтааст.

Ногуфта намонад, ки ташбеҳоти боло, ҳолати таркибҳои изофӣ ва ё ташбеҳи фишурдаро ба худ доранд.

Ташбеҳи аъло аз назари қувват ва зебоӣ ба ду шакл, яъне ташбеҳи балиғ ва ташбеҳи музмар ё зимнӣ тақсим гардидааст:

А) Ташбеҳи балиғ:

Дар ташбеҳи балиғ мисли ташбеҳи аъло, ба ҷуз аз тарафайни аслӣ ташбеҳи дигар “вачҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ” дар он аслан вуҷуд надошта ва комилан ҳазф мешавад, масалан:

Лабат лаъл ораз аст хуршед Носир,
Илоҳӣ умри ту ҷовид Носир (4, 53).

Чун дар ин байт ба истиснои тарафайни аслии ташбеҳ, ки “лабу лаъл ” ва “оразу хуршед” аст, дигар кадом вачҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ вуҷуд надорад, пас дар ин ҷо ташбеҳи балиғ рух додаааст.

Лозим ба зикр аст, ки манзур аз шахси мамдуҳ ба номи Носир, дар ин байт “Сайидшоҳ Носир Нодирӣ” писари аршади Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ аст, ки бисёр мавриди тавачҷуҳ ва тарафи лутфи оқо Саййид Нодиршоҳ (падараш) қарор доштааст ва алъон ҳам ӯ дар қайди ҳаёт буда ва ба ҳайси як тан аз вузаро ва ё мушовирони хоси Шаҳзода Карим Оқохон роҳбари исмоилиёни ҷаҳон дар Лондон ба сар мебарад.

Ё: ***Ду чашмаи нигарист ҷодуст моро,***
Ҳилолаи бандаи абруст моро (4, 11).

Бо ташбеҳи “чашм” ба “наргиси ҷоду” ва “ҳилол” ба “бандаи абрӯ” ташбеҳи балиғ ба даст омадааст, бо ин тафовут, ки дар мисраи аввал “мушаббеҳ” пеш аз “мушаббаҳ биҳи” омада ва аммо дар мисраи дуввум “мушаббаҳ биҳи” қабл аз “мушаббаҳ” зикр шудааст ва ҳамчунон мушаббеҳ биҳии “ наргиси ҷоду” дар мисраи аввал ва мушаббаҳи “банди абру ё бандаи абрӯ” бо доштани касраи изофат, ба шакли таркиби изофӣ ё изофати ташбеҳӣ омада ва истеъмол шудааст.

Ва ё :

Имрӯз лаъли дилбари ман пур зи шаккар аст,
Ҳар тори зулфи тӯдае аз мушку анбар аст (4, 16).

Дар ин ҷо ҳам мушаббаҳ бо изофаи ташбеҳӣ омада ва ҳам мушаббаҳ биҳии; мисли – “лаъли дилбар”, ки мурод ҳамон лаби дилбар аст, ба “шаккар” ва “тори зулф” ба “тудаи мушку анбар” ташбеҳ гардида ва дигар аз ваҷҳи шубҳ ва аз адоти ташбеҳ ҳеҷ суроғе нест.

Дар мисоли зер ҳамон гуна, ки дида мешавад, бо васфи адами мавҷудоти тарафайни ғайри аслӣ ташбеҳ дар баробари як мушаббаҳ, чандин мушаббаҳ биҳи зикр гардида ва ба ин шакли ташбеҳи балиғро ба бор оварда ва суханро марғуб гардидонидааст.

Баҳор омад, баҳор омад, нигори гулъизор омад,
Гул омад, сабза омад, сарв омад, лолазор омад (4, 39).

Б) ташбеҳи музмар ё зимнӣ:

Ташбеҳи музмар ба ташбеҳе гуфта мешавад, ки иловае аз набуди тарафайни ғайриаслӣ (ваҷҳи шубҳ ва адоти ташбеҳ) дар он тарафайни аслӣ ҳам дар он ғайри ошкор ва мустатар буда ва фақат аз қаринаҳои маъноӣ ташхис ва фарочанг меояду бас, масалан:

Нигорам шона созад, тори зулфи анбаринбӯро,
Мушавваш менамояд дар Хутан он нофи оҳуро (4, 8).

Бо як нигоҳи гузаро дар ин байт, ҳатто намешавад аркони аслии ташбеҳро ҳам ташхис дод. Чӣ бирасад ба ташбеҳи тарафайни ғайри аслӣ; аммо аз қаринаҳои маъноӣ дармеёбем, ки мумкин миёни “тори зулфи анбаринбӯ” ва “ нофи оҳу” кадом иртиботе вуҷуд дошта бошад... бале; нофи як гунае аз оҳувон, машҳур ба оҳувони Хутан, мушкзо буда ва ба ин ном бисёр машҳуранд, в-агарна шона шудани торҳои зулфи як нигор дар як ҷуғрофиёи аз ин бекарона чи гуна метавонад бӯйи хушоянди мушки нофи оҳувони Хутани Чинро бишканад ва онро нигарону камранг созад. Пас, ба ҳар ҳол, “хушбуйии зулфи ёр” ба “хушбуйии усораи нофи оҳувони Хутан” ба гунаи пӯшида ва мактум ташбеҳ шуда ва ба ин тартиб ташбеҳи музмар ва ё зимниро ба вуҷуд овардааст.

Ё ***Дилбарам дар бари ман омаду ханҷар заду рафт,***
Ба ҳарифон ба чунин шуъбада соғар заду рафт (4, 23).

Ба калимоти афтода дар мисраъе, ки дида шавад, андар миёнашон зоҳиран кадом силк ва ришташҳои мушобеҳат дида намешавад, магар ин ки “ханҷар задан” ва “шуъбадабозӣ” -ро он ҳам ба таври ғайри аланӣ, ба унвони тарафайни аслӣ бипазирем ва қиёс кунем, ки “ёр ё дилбар” бо вуруд ба маҳфили ёрон ва ҳарифон, даст ба “ханҷарнамойӣ ва найрангбозӣ” зада ва дар воқеъ бо ин “тарфанд ва шуъбада” ҷоми шароберо ба даст оварда ва сар кашидааст.

Дар байти баъдӣ, Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ боз ҳам афкори одамеро ба водии маҷҳулот кашонида ва ҳарф аз “хат ва хиттаи райҳонӣ” ва аз “ чашм барҳамзани имон” дар меоварад ва бад-ин сон дастрасӣ ба ҳадафро, ки ҳамоно дарёфти ташбеҳот ва робитаи ташбеҳоте аст, мушкил мегарданд.

Хатти райҳонӣ, ки дар асл яке аз ақсоми хутути машҳур миёни нависандагон аст, ба сабаби зарифӣ ва кӯчакиаш, ҳамвора ба гулу барг ва шоха ва райҳон ва дар ин ҷойгоҳ ба хутути тозаи риш, ки аз рухсори ҷавонон зуҳур мекунад, ташбеҳ шудааст. Ва аз зовияи дигар, хиттаи райҳон ё ҳамон “риши наврастаи рухсор”, ки бидун аз “зебоӣ” аз иборати “бе чизе нест” дигар истинботе намешавад кард. Асарнокии ҷуз “барҳамзани имон” -ро дар канор надорад, яъне “зебоии хиттаи райҳон ё решаи тозадами рухсор” ба “падида ё чашм барҳамзани имон” ташбеҳ шудааст.

Хати он хиттаи райҳони ту бе чизе нест,
Чашм барҳамзани имони ту бе чизе нест (4, 22).

Бад ин тавр, намунаҳои зиёде дар миёни ашъор ва сурудаҳои Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки як шай ба шайи дигар, чунон рабт дода шуд, ки дар зоҳири амр ташхиси он ба унвони мушаббеҳ ва мушаббеҳ биҳи, мушкил ба назар мерасад, аммо аз назари қаробат ва наздикии маъноӣ ва мафҳумӣ, манзури аслӣ аз нафси сухан ба даст меояд.

Адабиёт:

1.Ҳасан, Амид. Фарҳанги Форси Амид. Виростор Азизуллоҳ Ализода.- Теҳрон: Интишороти роҳи рушд, 1389 .-1088с.
2.Қавим, Абдул қаюм. Фунуни адабӣ.- Кобул, 1382 .- 105 с.
3.Комил, Аҳмаднажод.- Фунуни адабӣ.-Теҳрон: Интишороти поё, 1382.- 182 с.
4.Каёнӣ, Сайид Нодиршоҳ. Девони ашъор.- Ҳиндустон-Бомай: Чопхонаи Раҳимӣ,1374.- 153 с

МАҚОМИ ТАЪЛИМОТИ ЗАРДУШТИЯ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Зунунова М. К. *– муаллимаи кафедраи таърихи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"*

Салтанати беш аз 400 солаи Сосониён барои муташаккилии қавмҳои форсзабон ва инкишофи минбаъдаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданияти онҳо аҳамият дошта, мисли дигар империяҳо дар ҷангҳои истилогарона фурӯ нишонидани шӯришҳои қавму тоифаҳои гуногуни дохили мамлакат вусъат пайдо кардааст.

Оини зардуштӣ дар аҳди Сосониён дини давлатӣ буд. Ҳанӯз дар замони Ҳахоманишиҳо вай ба Эрон ва боз дертар ба тарафҳои ғарб паҳн шуда, баъдҳо ҳамчун мазҳаби давлатии эрониҳо қарор гирифт.

Зардуштия дар тӯли асрҳо дар натиҷаи тағири шароити иҷтимоӣ мазмунан дигар шуд. Зардуштия дар давраи ҳукмронии Сосониён пурра ба дини давлатӣ табдил ёфт. Зардуштия ҳамчун сохтори динӣ барои сосониён таълимоти нав набуд. Танҳо характери расми давлатӣ пайдо намудани он ва аз лаҳзаҳои ташкили он падидаи нав буд. Хосияти асосии аҳкоми зардуштия дуализми мутлақ - имон ба ду холиқ- худои хайру нур Аҳура Маздо ва худои шарру зулмот Аҳриман аст. Мазмуни ҷараёни оламро, ки дар шаш давр офарида пгудааст, муборизаи ин ду қувваи тазод ташкил медиҳад [3, с.355].

Мутобиқи таълимоти зардуштия одами махлуқи Аҳурамаздо бошад, ҳам озод ва ороми мухтор аст. Ӯ метавонад мувофиқи иродаи худ дар муборизаи байни нуру зулмат ширкат варзад. Вай масъулият барои интихоби қувваҳои некию бадӣ ба зимаи худи одам мебошад.

Дар давраи Сосониён танҳо ба хотири аз ҷиҳати идеологӣ мустаҳкам намудани оини зардуштӣ рӯҳониёни намоёни зардуштия қоидаю қонунҳои шарҳи Авасторо кор карда баромада ба Авасто илова намудаанд. Аз ин сабаб ҷилди аввали Авастои то замони мо расида ё худ Готҳо, ки гуфтаҳои худи Зардушт мебошад ва барои барқарор кардани матни аслии он қувваю ҳофизаю хотираи тарафдорони зардуштия истифода шудаанд, аммо ҷилдҳои дигари Авасто, ки бо наср навишта шудаанд дар даврақои ашконию сосонӣ иншо шуда тадриҷан ба Авасто қамроқ карда шудаанд.

Дар замони Ардашери Бобакон матни Авасто бо сарварии мӯъбади мӯъбадон Тансар барқарор ва тақрир карда шуд. Тансарро баъзе муқаққиқон таблиғотчӣ мешумориданд, ки гӯё тамоми умрашро барои ҷамъоварию омӯхтани қисмқои парокандаи Авасто сарф намудааст.

Дар замони Сосониён дини зардуштӣ ба дараҷаи дини давлатӣ густариш ёфта ва аз ин ҷиқати мавқеи коқинони зардуштӣ хеле баланд гардид. Ардашери Бобакон ба писараш чунин васият намудааст: «Бидон эй писар, ки мулк ва дин ҷуфт ва ҳамзоди якдигар ҳастанд ва ҳар якеро бояд нигаҳбонӣ дигаре донист» [8, с.68].

Муғон акнун соҳиби бойигарии зиёд буданд. Онқо ҳатто ба тоҷгузориҳои подшоҳон иштирок мекарданд ва аз худ таъсире мегузаштанд. Дар навиштаҷоти Дорои 1 дар кӯҳи Бесутун ва нақши Рустам чунин порчаҳое оварда шудаанд, ки алоқаи дину давлатро акс кунониданд.

Дорои 1 гуфтааст: “Ҳар, ки диндор буд, ӯро муҳофизат мекарданд ва ҳар, ки бедин буд, ӯро танбеҳ менамуданд” [7, с.53]. Дорои 1 ҳокимият ва ғалабаҳои худро аз дастгирии Аҳура Маздо медонад. Маълум мешавад, ки яккахудоӣ дар ин замон низ барқарор буд.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар асари «Тоҷикон» се ҷиҳати императории Сосониёнро, зиёда аз 400 сол идома дошт, чунин муайян кардааст: “Якум, тақрибан дар асри IV милодӣ дар давлати Сосониён муносибатҳои феодалӣ бо суръат инкишоф меёбад. Дуюм, бар хилофи марказгурези волию ҳокимони алоҳидаи баъзе ноҳияҳо, мақоми ҳокимияти марказӣ дар Эрон баланд мешавад. Сеюм, таъсири коҳинони зардуштӣ ниҳоят баланд мегардад, дини зардуштӣ ба дараҷаи дини давлатӣ мерасад” [2, с.191].

Дар давраи Сосониён дини давлатӣ барои мустаҳкам кардани ҳокимияти феодалон нақши муҳим бозид. Шоҳон фармон доданд, ки муғони мӯъбадон динро ба идеологияи давраи сосонӣ мувофиқ карда, онро аз ҷиҳати назариявю амалӣ такмил диҳанд ва ба дини ҳукмрони давлатӣ мубаддал гардонанд. Дар аҳди Ардашери Бобакон чунин вазифаи ниҳоят мушкил ба зиммаи Тансар, Ардвиров, Картир Беҳнак, Озарподмеҳрсипандон барин мӯъбади мӯъбадон гузошта шуд [14, с.312]. Онҳо ба тадаввули ин оин мусоидат намуда, онро ба дини расмии давлатӣ мубадцал сохтанд.

Бо мақсади танзими қоидаву оини зардуштӣ, бахусус барои бемураттаб намудани қисми фиққҳи он ҷамъомаде дар оташкадаи Озарфаронбари «Фурӯғар»-и Луристон бо иштироки сафи мӯъбади машҳури давраи сосонӣ ташкил карда шуд ва онҳоро аз байнашон Ардвировро масъули ин вазифа таъин карданд. Ардвиров қоидаю қонунҳои зардуштиро мураттаб намудааст. Картир низ дар кори давлатӣ гардонидани зардуштия дар давраи Сосониён нақши муҳим бозидааст. Ӯ дар давраи подшоҳони Сосонӣ - Шопури I, Ҳурмузи I, Баҳроми I ва Баҳроми II беш аз чиҳил сол вазифаи олии рӯҳониро ба ӯҳда дошт.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Картир се китоби рӯй санг, ки аз давраи Сосониён боқӣ мондааст, маълумот медиҳанд. Инҳо Тахти Ҷамшед, Нақши Раҷаб ва Каъбаи зардушт (наздики Машҳад) мебошанд [4, с.12].

Маълум мешавад, ки ӯ дар аввал унвони аз ҳама пасти рӯҳониёни зардуштияро дошт ва дар давраи Шопури I фаъолияташро густариш дода ба дараҷаи мӯъбади мӯъбадон расид. Дар ин китобҳои рӯи санг фаъолияти минбаъдаи Картир оиди шоҳони сосониро тарафдори оини зардуштӣ карданаш ва таъқиб намудани буддоиёну масеҳиён сабт гардидааст [6, с.89].

Озармеҳрсипандон дар зардуштия яке аз номҳои мӯътабаре ба шумор меравад. Ӯро дар китоби «Динкард» некпарвар ва дар китоби «Ҳуваман Ясен» пирӯзбахт номидаанд. «Озарпанд ва Меҳрсипанд» аз решаи авастоии «Мантраспапа» ба маънои «Каломи муқаддас» гирифта шудааст [9, с.103]. Бархе аз муҳаққиқон ӯро «зардушти сонӣ» меноманд. Бо дастури Шопури II ислоҳоти нави зардуштияро анҷом дода, Авасто ва худи Авасторо дар 21 наск тартиб додааст.

Ҳамин тавр, ин чор нафар озармеҳрсипандон, Арвиров, Картиру Тансар- рӯҳониёни олии зардуштӣ буда, ҳамаи онҳо дар якумин аср салтанати зиёда аз 400 солаи Сосониён дар кори аз нав тартиб додани Авастои пароканда ва ташаккули идеологияи расмии давлатӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳими вобаста ба таълимоти динӣ дар замони давлатдории Сосониён ин муборизаи мӯъбадони зардуштӣ ба таълимоти дигар мебошад. Дар замони Сосониён фирқае дар дини зардуштӣ вуҷуд дошт, ки дар «Милалу ниҳал»-и Шаҳристонӣ ва дигар манобеъ аз он ба номи Зарвония ёд шудааст.

Дар бораи боварҳои ин фирқа навиштаанд, ки инон Аҳура Маздо ва Аҳриман – ҳар дуро – аз офаридагони Зарвон медонистанд. Шаҳристонӣ ривоятеро меоварад, ки бинобар он Зарвон бузургтарин офаридаи нур буд ва ӯро дар чизе шак пайдо шуд ва аз он шак Аҳриман падид омад. Ҳам ӯ ривояти дигареро нақл мекунад, ки ба мӯчиби он, Зарвони бузург нуҳҳазору нуҳсаду наваду нуҳ сол ба ниёиш истод то ӯро писаре ояд ва чун орзуи ӯ барнаёмад, бо худ андешид, ки шояд ин ҷаҳон ҳеч бошад. Аз ҳамин таваҳҳуми ӯ Аҳриман падид омад ва Ҳурмазд аз олами яқин бархост ва ҳарду дар шиками модар буданд. Ҳурмазд наздики дар буд, аммо Аҳриман ба найранг шиками модарро бардарид ва пеш аз он ба берун шитофт ва ҷаҳонро бигрифт [1, с.680].

Дар Авасто «Зарвони акаронӣ» ба маънои замони бекарон буда, худои марг ва посбони пули чинут (пули сироти зардуштиён) аст, ки аз он рӯзи қиёмат руҳи мурадгон мегузаштанд. Пас Зарвон дар Авасто, аз ҷумлаи худоёнест, ки ӯро парастиш мекарданд.

Калимаи Зарвон дувоздаҳ аср пеш аз милод вомехӯрад маълумотҳо дар бораи Зарвон ва писарони ӯ аз Авасто оғоз ёфтааст. Аммо номи ӯ дар Ясно 30-юм ва банди 5-уми Готҳо, ки дар бораи ду гавҳораи аввала худоёни ҳамзод бародарони шавъам Урмузд ва Аҳриман сухан меравад, ёд карда нашудааст, вале татқиқотчиён таҳлил мекнанд, ки Зарвон падари онҳост [10, с.208]. Мовсес Хоренаси – муаррихи арманӣ ривоятеро дар бораи Зарвон аз Сибил Лобаруси нақл мекунад, ки "...бинобар он Зарвон ба иттифоқи ду бародари худ Титан ва Ҳапатуста, ки ҳамон Сому КомуҲобит буданд, пеш аз сохтмони бурҷи Бобул бар рӯи замин фармонраво шуданд ва баъд Зарвон бар ду бародари худ чира шуд ва саранҷом Зартушти муғ подшоҳи балхиҳо, яъне модҳо Зарвонро мабдаъ ва падари худоён номид" [13, с.30].

Мӯъбадони зардуштӣ зарвонияро ба бединӣ айбдор карда, ба таркиби таълимоти ӯ дигаргунӣ даровардаанд. Қарор доданд, ки ақидаи пешинагон аз китобҳои динӣ бароварда шавад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки аз чор се ҳиссаи «Авасто»-и давраи Сосонӣ бештар қисми назариявии он хароб карда шудааст.

Зарвониҳо дар замони Шопури сосонӣ хеле қувват гирифтанд ва бо воситаи тарҷумаҳо аз Ҳинду Рим ҷаҳонбинии худро такмил медоданд. Вақте, ки дар асри III дину оинҳои ғайри зардуштӣ қувват мегирифтанд, Баҳроми I бо воситаи мӯъбади мӯъбадон худ характер аввал монро ба илқод айбдор карда, ба марг маҳкум менамояд ва баъд ба мазҳабҳои дигар ҳамла меоварад.

Зарвониёни атеист ва материалист, ки «Зандик» номида шудаанд, таъқиб карда шудаанд. Аммо шохаи мазҳаби Зарвония ва пайравонашро бо Маздо Ясно ҳамкорӣ доштанд. Дар ҳамин давр бошад, ки Зарвон як муддат худои дуюмдараҷа шуморида шудааст. Ин ҳол на сабаби суст шудани дини «Зарвония» балки аз он сабаб, ки китобхонаи расмии динию оини зардуштии собит қадам ба завониҳо ва ақидаи зарвония назарияи душманонӣ доштанд, бинобар ин онро бад мекарданд ва беаҳамият нишон медоданд. Ҳатто подшоҳи сосонӣ Яздигурди Базагар ба ин таълимот наздик шудааст [11, с.12]. Мӯъбадони зардуштӣ ӯро гунаҳкор ва муршад эълон кардаанд. Вазири ӯ Меҳр Нарса рисолаи бо усули Мозда нависанд, ки аз нуқтаи назари Зарвониро ба эътибор грифтааст. Номи писарашро Зарвон офарида гузошт ӯро дар «Авасто»-и баъдтар навишташуда гумроҳ (состор) номидаанд.

Яздигурди II ҳам асарҳои зарвониёнро мехондааст ва рӯзи қиёматро афсона мешуморидааст. Аммо Анӯшервон (531-579), ки қувваҳои иртиҷоӣ такя карда ва дини Маздо Ясноро ба асос мешуморид. Баъд аз сарсуб кардани маздакҳо Зарвониёнро, ки худо шинохтан мумкин нест мегуфтанд таъқиб мекарданд.

Муборизаи шиддатнок ва душманони мӯъбадои зардуштӣ аз ифҷаи, ки Мардон Фаррух дар китоби худ «Ишкандгумонии вичар» тарафдорони зарвон мавҷудияти худро инкор менамоянд, худро ичроиё урфу одатҳои динӣ озод меҳисобиданд. Барои мисол баъзе аз муҳокимаҳои беасоси онҳоро меоварем онҳо тасдиқ менамоянд, ки ин ҷаҳон бо ҳамаи ҳодисаҳо таркиби ҷисмои чизҳои зиддиятнок ва унсурҳои омехтааш арсаи тазоҳуроти замони боинтиҳо (Зарвон анаронак) мебошад. Онҳо ба ҷаннат ва дӯзах ҷазо ва мухолифати илоҳӣ боварӣ падарону онҳо ба рӯҳи абадзинда иқрор нестанд, ғайр аз модда чизи дигареро ҳақиқӣ намешумориданд [12, с.120].

Аз ҳамин сабаб, яъне аз сабаби душмани ғоявӣ ва хиёнат бо фоидаи ислом, зарвониҳои атеист ва материалистӣ аз зарвониҳои мазҳабӣ ва зардуштӣ тамоман ҷудо шудаанд ва ҷараёни нави давраи исломро ин ки даҳрия ном дошт ташкил доштанд [11, с.14].

Дар аҳди Шопури 2 Константинопол дини масеҳиро, ки аслан дар Шарқ, пайдо шуда, анъанаҳои шарқиро низ дар худ таҷассум намуда буд, расман пазируфт ва дар Эрону Осиёи Миёна пайравони зиёдеро ба вуҷуд овард. Ба ғайр аз ин силсилаи шоҳони кушонӣ дар Шарқ ба дини буддоӣ гароида буданд ва зардуштия байни ду рақиби динии худ қарор гирифта буд. Нарсай барин олимони эронӣ таълимоти равияю ҷараёнҳои мазкурро бо афкори ҷомеаи сосонӣ омезиш медоданд. Аз ин ру, омилону ҳомилони дини зардуштӣ, махсусан муғон ва дигар мутаваллиёни оташкада бо сардории мубади мубадон барои ҳифз намудани мақоми зардуштия

ва идеологияи расмии давлати Сосониён бо дигар ҷараёнҳои нисбат ба он оппозитсонӣ вориди баҳсу мунозираи динӣ мешуданд.

Ҳамин тавр, чунин вазъият муғону мубадони зардуштияро маҷбур мекард, ки аз доираи афсонаю асотири куҳан берун баромада, бисёр ҷиҳатҳои таълимоти оини мазкурро аз ҷиҳати мантиқӣ асоснок намоянд. Масъалаҳои сифатҳои Аҳура маздо, мабдаю маншаи ҷаҳон, масъалаи хилқати олам ва ғайраро амиқтар таҳқиқ кунанд. Мақсади асосӣ аз ин амал мустаҳкам кардани мақоми дини зардуштӣ ҳамчн дини давлатӣ буд.

Адабиёт:

1. Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 784 с.
2. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва даврои нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
3. Луконин В.Г. Культура сасанидского Ирана. - М.: Главная редакция восточной литературы 1969. – 154 с.
4. История религии. Под общей ред. И. Н. Яблокова. - 2-е изд., испр. и доп. - М.: Высш. шк., 2004. - 464 с.
5. Маковельский А.О. Авеста. - Баку, 1987. – 70 с.
6. Мирзоев Е.Б. Шапур I. Триумф над Римом. - СПб.: Нестор-История, 2016. - 352 с.
7. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби якум. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.
8. Мэри Бойс. Зороастрийцы. Верования и лобычаи. – М.: Наука, 1987. – 165 с.
9. Никитина В.Б. Литература древнего Востока. - М.: Изд-во МГУ, 1971. – 412 с.
10. Оранский И.И. Введение в иранскую филологию. -- М.: Издательство восточной литературы, 1960. – 490 с.
11. Струве В.В. Родина зороастризма // Советское востоковедение, 1949, №5. - С.10-18.
12. Фрай Р. Мероси Осиёи Марказӣ. - Душанбе, 2000. – 274 с.
13. Хоренаси М. История Армении. Ереван: Изд-во Ереванского униерситета, 1984.
14. Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе, 2006. – 580 с.

ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ЗАНОН ДАР ДАВЛАТИ СОСОНИЁН

Соҳибзода Ҳабиба Сулаймон *– унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

Дар таърихи давлатдории тоҷикон Истиқлолияти давлатӣ оғози марҳилаи сифатан нав барои шинохти арзишҳои тамаддун ва фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 9-уми сентябри соли 1991 ба Истиқлолияти давлатӣ расид, аммо ойини давлатдории аҷдоди мо аз ҳазорсолаи пеш аз милод оғоз гардидааст. Яке аз намунаи бостонии он давлати Сосониён мебошад, ки соли 2024 аз замони таъсиси он 1800 сол мегузарад. Ин давлат зиёда аз 400 сол (224 ё 226 - 651) арзи вуҷуд кардааст. Давлати Порт дар натиҷаи ҷангҳои дарозмуддати зидди римиҳо ва низоҳои дохилӣ дар ибтидои асри 111 милодӣ завол меёбад. Ҳокими вилояти Истахр Ардашери 1 Бобакони Сосонӣ соли 220 милодӣ ҳокими Форс мегардад ва соли 224 охирин намояндаи Ашкониён Ардавони У - ро шикаст дода, давлати Сосониёнро таъсис медиҳад. Таърихнигорон давраи якуми ташаккули давлатдории халқи тоҷикро маҳз ба замони ташаккул ва инкишофи давлати Сосониён дар ҳудуди шимолу шарқии Хуросон маҳсуб медонанд [1]. Дар ин маврид Эмомалӣ Раҳмон низ қайд менамояд, ки тоҷикон халқи ориёиасл буда, аз қадимулайём сокинони аслии Осиёи Марказӣ мебошанд. Ва таърихи онҳо бо таърихи кулли мардуми эронинажод пайванди ногусастанӣ ва решаи қавӣ дорад [2].

Масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбия дар давраи Сосониён ба ҷараёни умумии таърихии инкишофи ҷомеаи он иртибот дорад. Инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ба раванди ташаккулёбии илм ва ҳаёти маънавӣ таъсир мерасонад. Дар ин радиф асосгузорони коммунизми илмӣ К.Маркс ва Ф.Энгелс давлати Сосониёнро ҳамчун “давлати форсии ботартиб (ки корвонҳо бехатар ҳаракат карда метавонанд)”[3],

[1] Фаттоҳзода С. Мақоми олии қонунгузории Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе.2021. Саҳ.265.

[2] Эмомалӣ Раҳмонов. Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ. Душанбе. 1999. Саҳ.45.

[3] К.Маркс и Ф.Энгельс. Сочинения. Издание второе. Том 28. Москва 1962. Стр. 222

номидаанд. Бобоҷон Ғафуров қайд менамояд, ки “аз асри 1У милодӣ дар давлати Сосониён муносибатҳои феодалӣ босуръат инкишоф меёбад, бархилофи қуввахои марказгурези волию ҳокимони алоҳидаи баъзе ноҳияҳо мақоми ҳокимияти марказӣ баланд мешавад”[1]. Нақши муҳими фаъолияти марказгарои давлати Сосониён дар таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар асари “Чеҳраҳои мондагор”-и Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидаанд[2].

Мавриди тазаккур аст, ки дар раванди давлатдории ниёгон хусусияти устувори фарҳанг ва ҳифзу ворисият ба тамаддуни ориёӣ ба мушоҳида мерасад. Махсусан сулолаи Сосониён пуштибонии тамаддун ва фарҳанги ориёиро бар дӯш гирифтанд [3]. Дар робита ба он муаррихон давраи ҳукмронии Сосониёнро давраи эҳёи тамаддун ва густариши фарҳанги ориёӣ маънидод намудаанд. Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон нақши давлати Сосониёнро дар офаридани як тамаддуни мутараққӣ арзанда дониста чунин қайд менамояд: “Ин тамаддун идомаи мантиқии тамаддунҳои қадими халққои ориёӣ, алалхусус Ҳахоманишиён ва Портиён буд”[4]. Ба андешаи муаррихи тоҷик З.Юсупов эҳёи тамаддуни ориёӣ боиси густариши фарҳанги зардуштӣ мегардад: “Таърихи кӯҳан он гунае ки буду ҳаст, бо чархишҳои ногаҳониаш ба ҷойи давлати Ашкониёни Порт дудмони Сосониёнро ба ҷабҳаи сиёсат ва ойини давлатдорӣ оварда, ба эҳёву растохези тамаддуни ориёӣ ва густариши фарҳанги зардуштӣ мусоидат мекард. Мӯътақидони ин ойин ба ҳангоми гаравидан ба зардуштия ба сар тоҷ ё бар ангуштони хеш ангуштарӣ меандохтанд. Ба ин сабаб онҳоро тоҷикон, тоҷакон ё тожикон ном бурдаанд”[5]. Баъди ба сари ҳокимият омадани Сосониён хати форсии миёна - порсик маъмул шуд[6]. Аксар ёдгориҳои адабиёти паҳлавӣ дар ибтидо ба забони портӣ (“паҳлавӣ”) мураттаб гардида буданд, вале баъдан котибон онҳоро ба забони форсии миёна (“порсик”) мувофиқ карда таҳрир кардаанд ва дар ҳамон шакл онҳо то замони мо расидаанд. Аз ин ҷост, ки адабиёти паҳлавӣ мероси муштараки ниёгони халқи тоҷик ва форсҳо ба шумор меравад”[7].

Дар аҳди Ардашери Бобакон оини зардуштия дини расмии давлатӣ гардида буд. Зардуштия нахустин дини яктопарастӣ дар ҷаҳон буда, дорои сохтори мушаххас ва аҳкоми динӣ бар пояи ахлоқ мебошад. Китоби муқаддаси ин дин “Авесто” ном дошта, ҳамчун қонун, дастур, раҳнамои динӣ тарҷума гардидааст[8]. Таҳрири аввалини дар давраи Сосониён анҷомёфтаи “Авесто” ба асри 111 мансуб аст. Дар ин мавриди, муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки матнҳои китоби муқаддаси зардуштиён аз замонҳои қадим дар забону ҳофизаи рӯҳониён ва мардум ҳифз гардида, дар даврони Сосониён сабт карда шудаанд[9].

Мутобиқ ба дастури “Авесто” фарзанд барои мардуми ориёинажод бузургтарин неъмат маҳсуб меёфт. Онҳо аз Худо хоҳиш менамуданд, ки фарзандони хирадманд барояшон ато намояд. Дар ин бора дар яке аз бахшҳои “Авесто” - Ясно омадааст: “Эй Аҳурамаздо, ба ман фарзанде ато фармо, ки аз ӯҳдаи анҷоми вазифа нисбат ба хонаи ман, шаҳри ман ва мамлакати ман барояд ва подшоҳи додгари маро ёрӣ кунад”[10]. Дар боби “Замияд - Ашт” муроҷиати зардуштиён қайд гардидааст: “Эй, Аҳурамаздо ба ман фарзанд ато фармо, ки бохирад ва доно буда, дар ҳайати ҷомеа дохил шуда, ба вазифаи худ масъулона рафтор намояд - фарзанди рашид ва муҳтараме, ки ҳоҷати дигаронро барорад, фарзанде ки битавонад дар пешрафт ва саодати хонавода, шаҳр ва кишвари худ бикӯшад”[11]. Баъди

[1] Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. Душанбе. 2020. Сах.223.
[2] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. 2023. Сах. 220.
[3] Эмомалӣ Раҳмонов.Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён.(китоби дуюм). Душанбе:Ирфон.2002.Сах.85.
[4] Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе:Ирфон, 2009.Сах.260.
[5] Юсупов З. Тоҷикон дар фарҳанги ориёӣ.Ҳафтавори “Баҳори Ачам”, № 6,сентябри 1999.
[6] Афсаҳов А.,Қаҳоров Ҳ.Хат ва пайдоиши он.Душанбе, 1994.Сах.16.
[7] Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1. Душанбе.1988.Сах.71.
[8] Разӣ Ҳ. Донишномаи Эрони бостон.Ҷилди 1. Сах.418.
[9] Крюкова В.Ю. Зороастризм. Санкт-Петербург, 2005. Стр.31.
[10] Х.Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Душанбе, 1987.Сах. 61.
[11] Х.Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Душанбе, 1987.Сах. 62.

таваллуди фарзанд дар наздаш се шабонарӯз оташ месӯзонданд ва то чиҳил рӯз ӯро танҳо намегузоштанд, ки мабодо осебе нарасад. Тибқи ақоиди динӣ Аҳурамаздоро сарчашмаи фазлу дониш, Аҳриманро манбаи ҷаҳлу нодонӣ медонистанд. Бо орзуи доштани фарзандони паҳлавон, хушзабону хушсухан мардуми ориёӣ ба таълиму тарбияи фарзандон, аз ҷумла духтарон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуданд. Таълиму тарбия нахуст аз оила ибтидо мегирифт. Волидайн, махсусан модар, фарзандро дар рӯҳияи риояи дастури динӣ, ростқавлӣ, тозагӣ, эҳтироми калонсолон ва расонидани ёрӣ ба ниёзмандон тарбия менамуданд. Тарбияи волидайн бо шиори "Гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек", ки аз китоби муқаддаси ниёгон "Авесто" сарчашма мегирад, равона шуда буд. Дар баробари он таъкид гардидааст, ки "агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки фурӯғи дониш, чашми равшан ва биност"[1]. Аз ин рӯ падару модар барои омӯзиши илму ҳунар ба мактаб равон кардани фарзандро вазифаи муҳим медонистанд. Тарбияи дабиристонии кӯдак аз ҳафтсолагӣ сар мешуд. Донишмандони юнонӣ Ҳеродот ва Страбон ин синро аз панҷсолагӣ, вале Афлотун ва Фирдавсӣ синни ҳафтсолагиро зикр намудаанд. Баъди понздаҳсолагӣ таҳсил ба охир расида, инсон аъзои ҳақиқии ҷамъият мегардид. Синни таҳсили ашрофонро Ҳеродот то бистсолагӣ ва Страбон то бистучорсолагӣ зикр намудаанд[2]. Омӯзгорро донишманд меномиданд, зеро ӯ шахси донишманд, покахлоқ ва заҳматкаш мебошад. Ба ин маънӣ дар бахши "Ясно"-и "Авесто" омадааст: "Бишнавӣ, он некмарде, ки роҳи ростӣ ва дурустиро ба мо нишон дод ва дар ҳар ду ҷаҳон подоши нек ёбад"[3]. Омӯзгор ба шахсияти ҳар донишомӯз эҳтиром гузошта, ба онҳо таълим медод.

Барномаи таълиму тарбия дар баробари омӯхтани хондан, навиштан ва ҳисоб кардан, аз тарбияи ахлоқӣ, динӣ ва ҷисмонӣ иборат буд. Тарбияи ахлоқӣ яке аз намудҳои асосии тарбияи атфол ба шумор рафта, ростгӯйӣ, адолат ва покӣ унсурҳои муҳими он ба шумор мерафт. Тарбияи ахлоқӣ бо тарбияи динӣ алоқаи мустаҳкам дошт. Зеро мардуми ориёинажод дини худро ойини ростӣ меномиданд. Аз ин рӯ, ростгӯйӣ ва ростқавлӣ ҷанбаи асосии тарбиявии онҳо ба шумор рафта, онро сароғози саодат, сарчашмаи файзу баракат ва ободонии замин медонанд. Ин андеша дар "Ясно"- яке аз бахшҳои "Авесто" ба тариқи зерин қайд гардидааст: "Ростӣ, андешаи нек, садоқат, ки хосиятҳои амшоспандон (ёварони Аҳуромаздо), мазҳари Аҳуромаздост. Худованд ҷаҳони зебо ва чунин хусусиятҳоро, ки сарчашмаи файзу баракат ва хушрӯзию хушбахтии инсон аст, барои пайравони дини маздаясно падид овардааст. Андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек сароғози даромад ба он сарзамини саодатбор мебошанд. Душмани аз ҳама хатарноки инсон дурӯғ ва дурӯғгӯйист. Инсони воқеӣ худро ҳамеша аз он дур нигоҳ медорад"[4]. Дар Меҳряшт ("Яштҳо"-яке аз қисматҳои "Авесто") шадидтарин ҷазо барои дурӯғгӯ муайян шудааст. Мувофиқи он эзиди Меҳр дурӯғгӯ ва аҳдшиканро ба доғи фарзандонаш менишонад, хонаашро вайрон мекунад, хайру баракатро аз хонумонаш мебардорад, аз хушиҳои зиндагӣ маҳрум менамояд[5]. Мувофиқи таълимоти "Авесто" инсон комилан озод ба дунё омада, дар ҷараёни ҳаёти худ дар интихоби хубу бад дар зиндагӣ аз чунин озодӣ бархурдор аст. Дар зиндагӣ интихоби рост ё дурӯғ вобаста ба виҷдон ва гирифтани тасмим вобаста ба равон (рӯҳ) аст, дар рӯзи охират низ, чунон ки дар ҳоти 31-и "Ясно", банди 20 ишора шудааст, даёна ё виҷдон ба ҳамроҳии равон амал карда, дар таъини биҳишту дӯзах ва дар бахшидани подоши неку сазои зишт муносибати бевосита хоҳад дошт[6].

Ҳамин тариқ, дар таълиму тарбия мӯбадон бо таблиғи арзишҳои авестоӣ ба донишомӯзон ниёишҳо, қироаткунӣ ва покизагии ахлоқро меомӯзонданд. Дар байни аз ҳафт то понздаҳсолагӣ рӯзеро барои бастани камарбанди муқаддаси зардуштӣ интихоб менамуданд. Мӯъбад ба хуршед рӯ оварда, бо хондани дуо аз китоби "Авесто" камарбанди

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. 2023. Саҳ.79.
[2] maorif.tj,tarih.talimu-tarbiya
[3] Эмомалӣ Раҳмон. "Авесто" ва бахшҳои он. (Чеҳраҳои мондагор). Душанбе. 2023. Саҳ.73.
[4] Эмомалӣ Раҳмон. "Авесто" ва бахшҳои он. (Чеҳраҳои мондагор). Душанбе. 2023. Саҳ.74.
[5] Кристенсен А. Мулоҳизот дар бораи қадимтарин худои оини зардуштӣ. Теҳрон, 1336. Саҳ.80.
[6] Эмомалӣ Раҳмон. "Авесто" ва бахшҳои он. (Аз тарҷумаҳои Пури Довуд ва Ҷалили Дӯстхоҳ). Душанбе. 2023. Саҳ.87.

муқаддасро се давр бо аломати пиндор, гуфтор ва рафтори нек ба миёни донишомӯз мебаст. Аз ин рӯз сар карда, барои донишомӯз зиндагии нав, ҳамчун узви ҷамъият оғоз мегардид. Минбаъд тарбияи динӣ дар оташкада мегузашт. Дар баробари ин ширкат дар ҷашнҳои Меҳргон ва Наврӯз ба тарбияи ахлоқии наврасон муассир буд. Дар ин ҷашнҳо онҳо ҳунари омӯхтаи худ - гӯштингирӣ, шиноварӣ, аспсаворӣ, найзазанӣ, шеърхонӣ, донистани ахлоқу рафтори ниёгонро дар назди аҳли ҷамъият нишон медоданд.

Тарбияи маънавӣ бо тарбияи ҷисмонӣ алоқаманд гардида, якҷоя баргузор мегардид. Зеро мардуми ориёинажод бовар доштанд, ки саломатии рӯҳу равон бо саломатии ҷисмонӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, аз Аҳурамаздо саломатӣ ва рӯҳи боқувват таманно менамуданд. Дар қисмати "Вандидод"- и "Авесто" роҳҳои мубориза бар зидди палидиҳо ва бемориҳое, ки рӯҳи палид Аҳриман дар ҷаҳон паҳн намуда, зиндагии ободкунандаи инсонро зери хатар мегузорад, зикр гардидааст. Дар ин раванд мақсади тарбияи ҷисмонии наврасон аз он иборат буд, ки онҳо ҷисми худро дар ҳама ҳолат - гармову сармо, гуруснагиву ташнагӣ тобовар карда тавонанд. Барои обу тоби ҷисмонӣ ба онҳо ҳунари аспсаворӣ, тирандозӣ, шиноварӣ, чавгонбозӣ ва паҳлавонӣ омӯзонида мешуд.

Тарбияи меҳнатӣ ва муносибат ба замин дар таълимоти зардуштӣ мавқеи махсус дорад. Ба наврасон таъкид мегардад, ки замин дар он ҷой ва аз он касоне шод аст, ки аз ҳама бисёртар ғалла, алаф ва дарахтони мевадор рӯёнида шуда, заминҳои хушк обёрӣ ва ботлоқҳо ба киштзор мубаддал шудаанд. Ин маъноро аз порчаҳои "Авасто", ки муроҷиати Зардушт ва ҷавобҳои Аҳуромаздоро дар бар мегирад, дидан мумкин аст: "Эй одаме, ки ту маро бо дасти чапу рост ва росту чап меронӣ ва кишт мекунӣ, ман ба тарзи доимӣ ба ту ёрӣ мерасонам, хӯрокворӣ ва ғалладона ва ҳар чизе, ки тавонам, ба ту хоҳам дод. Он касе, ки ғалла мекорад, кори муқаддас ба ҷо овардааст"[1]. Тарбияи меҳнатӣ дар "Ясно" банди 10, Ҳоти 33 ба тариқи зерин зикр ёфтааст: "Сарчашмаи хушию саодат бошад, кору заҳмати фаъолона, ибтикор, ташаббус ва ободкунии ҷаҳон аст"[2].

Барномаҳои муҳими дигари таълимӣ хондан, навиштан ва ҳисоб кардан буд. Омӯзгорон дар ҷараёни таълим афсона ва ҳикояҳо нақл карда, ба наврасон санъати суханварӣ меомӯзонданд.

Тараққиёти илм ва таҳсилоти олӣ дар байни мардуми ориёинажод аз давраи Сосониён оғоз мегардад. Дар ин давра дар байни арбобону рӯҳониён гирифтани таҳсилоти олӣ ва мазҳабӣ, омӯзиши илму ҳикмат, табиат ва тиб анъана гашта буд. Махсусан, дар давраи Хусрави Сосонӣ (531 -579) китобҳои илмӣ ва бадеӣ аз забонҳои юнонӣ ва ҳиндуӣ ба забони форси тоҷикӣ тарҷума гардиданд. Мактабҳои инфиродӣ, мактабҳои ашрофзодагон ва коҳинон ташаккул меёбад. Аввалин Академияи улуми Гунди Шопур, ки асосашро шоҳ Шопури аввал гузошта буд, дар шаҳри Тайсафун таъсис ёфта, соли 550 ифтитоҳ мегардад. Олимони гуногунзабон аз шаҳрҳои маркази фарҳангию тамаддуни Шарқу Ғарб ба ин даргоҳи илму фарҳанг ҷамъ омада, ба густариши фарҳанги мардуми ду минтақа мусоидат менамоянд. Шиори муқаддаси ин донишгоҳ "Донишу ҳикмат аз шамшер пурзӯр аст" буда, дар пештоқи донишгоҳ сабт ёфта буд. Дар ин ҷо корҳои тадқиқотии илмӣ оид ба фалсафа ва тиб гузаронида шуда, инчунин илмҳои адабиёт, мантиқ, таърих, ҳуқуқ, математика, астрономия, тиб, дорусозӣ, гиёҳшиносӣ, мусиқӣ ва ғайра таълим дода мешуданд.

Ҳамин тариқ, таълиму тарбияи мардуми форсу тоҷик зина ба зина тараққӣ ва такмил меёбад. Дар ин замина мавриди тазаккур аст, ки мардуми форсу тоҷик ба таълиму тарбияи занону духтарон аҳамияти махсус медоданд. Зеро фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ бо занмеҳварӣ ба арсаи тамаддун қадам ниҳодааст. Устураи Симурғ, ки дар маркази он Модар - Симурғ қарор дорад, ҳазорҳо сол қабл аз ойини зардуштӣ ҳамчун рамзи бузургӣ, асолат, шарофат, некхоҳӣ, меҳрпарастӣ ва адолатпарварӣ миёни мардуми форсу тоҷик чун мафкураи фарҳангӣ - маданӣ арзи ҳастӣ намудааст. Дар қисмҳои "Вандидод" ва "Яштҳо"-и "Авесто" ин мурғи пурасрор дар шакли "Сенамурғ" зикр гардидааст, ки рисолати он ҳифзи зиндагӣ ва наҷоти инсонӣ

[1] Мирзозода Холиқ.Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII). Китоби I. Душанбе, "Маориф". 1987.Сах.23.

[2] Эмомалӣ Раҳмон. "Авесто" ва бахшҳои он. (Аз тарҷумаҳои Пури Довуд ва Ҷалили Ҷӯстхоҳ). Душанбе. 2023. Сах.90.

мебошад. Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ низ он чун рамзи наҷотбахшанда, ки дар мавридҳои ба хатар дучор шудани инсон ҳозир мегардад, тасвир ёфтааст[1]. Шаҳомати фарҳангии Симурғ дар низоми давлатдории Сосониён ба унвони Олиҳа зикр мегардад[2]. Фарҳанги мардуми ориёинажод эҳтиром ба занро муҳим дониста, ба Олиҳаи меҳр, ки оташи ситези хашми мардро хомуш месозад, мақоми барҷаста медиҳанд. Ҳатто дар “Яштҳо” дин, виҷдон ва равони мард дар пайкари духтаре намудор мегардад [3]. Ба ин тариқ, дар катибаҳои Сосонӣ ва адабиёти зардуштӣ меҳвари зиндагии зан - бону меҳрпарварӣ ва меҳроварӣ буда, ростину покдоман, некӯройю некандеш ва бо пиндор, гуфтор ва рафтори нек инсон ба дунё меоварад, ба воя мерасонад, тарбият мекунад. Аз ин рӯ, дар даврони Сосониён аввал аз ҳама ба занону духтарон санъати хонадориро омӯзонида, онҳоро ба анҷоми вазифаи модарӣ омода менамуданд. Занону духтарони ашроф санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, адабиёт ва мусиқиро меомӯхтанд ва баъзеи онҳо дар ин маврид ҳатто аз мардон пешдаст буданд. Ин гуна зиракӣ ва ҳунармандии занони ориёӣ аз ҷониби хамосасароёни форсу тоҷик, ба монанди Фирдавсӣ, Низомӣ ва ғ. мавриди мадҳу ситоиш қарор гирифтаанд. Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ образҳои занонро дар “Шоҳнома” ҳамчун модар,ки тавонистаанд паҳлавононро тарбия намоянд: Рудоба- модари Рустам; Таҳмина - модари Суҳроб; Фаронак - модари Фаридун, ки бо таваллуд ва тарбияи қаҳрамон аз насли Ҷамшед барои наҷоти Эрон аз зулми Заҳҳок тасвир намуда, дар баробари он донишмандӣ ва қаҳрамонии занонро дар симои Синдухт - ҳамсари Меҳробшоҳ ва модари Рудоба, ҳамчун зани ватандӯсти оқилаи ғамхори бахти фарзанд ва шавҳару кишвари худ, ки бо роҳи дипломатӣ ва музокирот пеши роҳи ҷангро гирифта душманро ба дӯст мубаддал менамояд; Гурдофарид - духтари сардори қалъаи сарҳади Гаждаҳам ҳамчун ҷанговари ватандӯст, пурҳунар ва ҷангдида; Гурдия - хоҳари Баҳроми Чӯбина, ки дар баробари ба бародар панд додан, худ низ дар ҷанги тан ба тан Тувург - бародари ҳоқони Чинро шикаст медиҳад, ситоиш намудааст[4].

Донишу заковат ва ҷуръату ҷасорати занон дар даврони Сосониён онҳоро дар ҷомеа соҳиби ҷойгоҳ ва мақоми баланд кардааст. Тавре ки аз таърихи силсилаи сосонӣ маълум аст, дар соли 496 табақи ашрофи бузурги сосонӣ ва уламои зардуштӣ аз иттиҳоди Қубоду Зардушт, бахусус аз тағйироти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба ташвиш афтода, Қубодро аз тахти шоҳӣ барканор карда, дар маҳбаси ашрофии Анӯшбурд зиндонӣ намуданд. Дар фирор намудани ӯ аз зиндон ва дубора ба даст овардани тахт маҳз занон - хоҳар ва ҳамсари ӯ бо ҷасорату далерӣ кумак мерасонанд. Дар ин маврид Эмомалӣ Раҳмон дар китоби “Чеҳраҳои мондагор” қайд менамояд: “Қубод аз зиндон бо кумаки хоҳар ва зани худ фирор карда, ба назди подшоҳи эфталитҳо дар Осиёи Миёна паноҳ бурд. Дар соли 498 ё 499 бозгашта, тахти шоҳиро дубора ба даст оварда”[5].

Шариати маздаясно ҳуқуқи марду занро баробар эътироф кардааст, аммо бо ҳусни ният ва эҳтиром онҳо духтарони худро ба издивоҷи аҷнабиён намегузоштанд. Дар ин бора Ибни Балхӣ менависад, ки “одати мулуки Форс ва акосира он будӣ, ки аз ҳама мулуки атроф чун Син, Рум, Турк ва Ҳинд духтарон ситондандӣ ва пайванд сохтандӣ ва ҳаргиз духтаре ба эшон надодандӣ. Духтаронро ҷуз ба касоне, ки аз аҳли байти эшон будандӣ, мувосилат накардандӣ”[6]. Ба ин тартиб, дар даврони Сосониён занон мавриди эҳтироми хосу ом қарор доштанд ва ба ҷойгоҳи зан дар рушди давлатдорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардид. Ҳумо, Данёк ва Ортамис аз ҷумлаи заноне буданд, ки фармондеҳии сипоҳиён ва гоҳе зимоми подшоҳиро ба даст гирифта буданд. Дар набард бо румиён теъдоди зиёди сарбозони зан, ки мисли мардони ҷанговар либос пӯшидаву мусаллаҳ буданд, дар артиши форсҳо ба мушоҳида расидааст[7]. Ин ҳузуру нуфузи занонро дар ҳавзаҳои сиёсию ҳарбӣ ва интизомӣ тасдиқ

[1] Х.Мирзозода. Образҳои мифологӣ ва рамзӣ дар “Шоҳнома”. Душанбе, “Маориф”-1987.Сах.454.
[2] Пурдовуд Иброҳим. Таърихи фарҳанги Ирон.Теҳрон, 1326 хуршедӣ. Сах.296.
[3] Эмомалӣ Раҳмон. “Авесто” ва бахшҳои он. (Пури Довуд.Яштҳо.Ҷ.1.Сах.162-168). Душанбе. 2023. Сах.90.
[4] Мирзозода Холиқ.Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII). Китоби I. Душанбе, “Маориф”. 1987. Образи занон дар “Шоҳнома”, -С. 413-444.
[5] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. 2023. Сах. 140.
[6] Ибни Балхӣ. Форснома.Душанбе, 1989. Сах.374.
[7] Е.Б.Мирзоев. Шапур 1. Триумф над Римом.Нестор - История. Санкт-Петербург. 2016. Стр.39.

менамояд. Духтарони Хусрави Парвиз Бӯрондухт ва Озармидухт тавонистанд ба салтанати Сосонӣ бирасанд. Шарқшинос Артур Кристенсен махсусан, дар маснади подшоҳии Сосонӣ нишастани Бӯрондухт, ки дар баробари мардум рӯҳониёни сосонӣ низ бо ҳусни эътимод ба ҳайси шоҳи кишвар фаъолият намудани ӯро эҳтиром менамуданд, қайд намудааст[1].

Ҳудуди ҳукумати Бӯрондухт дар қиёс бо замони кунунӣ даҳ кишвари осиёиро фаро мегирифтааст. Ӯ дар айёми хеле вазнини иқтисодию сиёсӣ, ки дар дохили давлат норизогии халқ бо сабаби андозҳои зиёд, нооромӣ аз сиёсати ноустувор, минтақаҳои зиёди харобгашта бар асари ҷангҳо вуҷуд дошт, султонии чунин империяи бузургро ба ӯҳда мегирад[2]. Бӯрондухт тағйироти бузурги сиёсӣ ва иқтисодӣ ба мамлакат ворид менамояд. Мулк обод ва андозҳо мӯътадил мегардад. Барои ҷилавгирӣ аз ҷангҳо ба дигар мамолик сафирони худро фиристода, ҳамаи муноқишаҳоро ба таври дипломатӣ ҳал менамояд. Дар замони ҳукмронии ӯ ягон муноқишаи ҳарбӣ ба қайд гирифта нашудааст. Симои Бӯрондухт дар “Доробнома” - и Абдутоҳири Тартусӣ ҷасуру ботадбир ва адолатпарвар дар муколама ва разм бо Искандар ифода ёфтааст: “Номи ман Бадунаст, аз вилояти Порсам, ки басо мардон аз он вилоят ҳастанд...Нахуст ман ба майдон омадам... Полшоҳ чӣ мард бошад, чӣ зан, бояд сарзаминашро нигоҳ дорад ва бо адлу инсоф рафтор кунад”[3].

Далелҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар замони Сосониён дар баробари писарон духтаронро низ аз овони хурдӣ бо таълиму тарбия фаро гирифта, дарси шуҷоату матонат, размоварию ватандӯстӣ омӯзонда, бо хисоли наҷибу инсондӯстона ороста буданд.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ, пас аз 1800 соли сипаригаштаи давлатдории ниёгон, Ҳукумати Тоҷикистон дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду демократӣ нақши маорифро калидӣ дониста, барои дастрасии баробари занону мардон ба зинаҳои гуногуни таҳсилот, бо риояи таъмини баробарҳуқуқӣ ва инкишофи муътадили иқтисодиёт тамоми чораҳои заруриро меандешад. Зеро маориф манбаи асосии иҷтимоӣ дар бартараф кардани нобаробарии гендерӣ мебошад. Саҳми занон ва ба назар гирифтани ҷанбаҳои дорои ҳассосияти гендерӣ ба ташаккули мутаносиби ҷомеа, пешгирии муноқишаҳои иҷтимоӣ ва ташаккули иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Адабиёт:

1.Абдутоҳири Тартусӣ. Достони Бурондухт ва Искандар. Душанбе. Адиб.1991. Саҳ.13.
2. Афсаҳов А.,Қаҳоров Ҳ.Хат ва пайдоиши он.Душанбе, 1994.Саҳ.16.
3. Бобочон Ғафуров. Тоҷикон. Душанбе. 2020. Саҳ.223.
4.Е.Б.Мирзоев. Шапур 1. Триумф над Римом. Нестор-История. Санкт-Петербург. 2016. Стр.39.
5. Ибни Балхӣ. Форснома.Душанбе, 1989. Саҳ.374.
6. Крюкова В.Ю. Зороастризм. Санкт-Петербург, 2005. Стр.31.
7. Кристенсен А. Мулоҳизот дар бораи қадимтарин худои оини зардуштӣ. Теҳрон, 1336. Саҳ.80.
8. К.Маркс и Ф.Энгельс. Сочинения. Издание второе. Том 28. Москва 1962. Стр. 222.
9. Мирзозода Холиқ.Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII). Китоби I. Душанбе, “Маориф”. 1987. Образи занон дар “Шоҳнома”,С. 413-444.
10.Пурдовуд Иброҳим.Таърихи фарҳанги Ирон.Теҳрон, 1326 хуршедӣ. Саҳ.296.
11.Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе:Ирфон, 2009.Саҳ.260.
12. Разӣ Ҳ. Донишномаи Эрони бостон.Ҷилди 1. Саҳ.418.
13.Фаттоҳзода С. Мақоми олии қонунгузории Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ.Душанбе.2021. Саҳ.265.
14. Х.Мирзозода. Образҳои мифологӣ ва рамзӣ дар “Шоҳнома”. Душанбе, “Маориф”-1987.Саҳ.454.
15.Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе. 2023. Саҳ.79.
16.Эмомалӣ Раҳмонов.Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби дуюм). Душанбе:Ирфон.2002.Саҳ.85.
17.Эмомалӣ Раҳмонов. Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ. Душанбе. 1999. Саҳ.45.
18. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1. Душанбе.1988.Саҳ.71.
19. Юсупов З. Тоҷикон дар фарҳанги ориёӣ.Ҳафтавори “Баҳори Ачам”, № 6, сентябри 1999.

[1] https://fa.wikipedia.org/wiki

[2] Борандохт-первая царица Ирана, первая императрица в мире. Мехди Санаи. 2019. Электронный ресурс: sanaei.livejournal.com

[3] Абдутоҳири Тартусӣ. Достони Бурондухт ва Искандар. Душанбе.Адиб.1991. Саҳ.13.

ОДОБ ВА РУСУМИ СУННАТИИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ДАВРАИ СОСОНИЁН

Носирова Парвона Хайриддиновна *– унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Дар замони давлатдории Сосониён ҷашни Наврӯз яке аз муҳиммтарин ҷашнҳои суннатӣ ва мазҳабии он замона шинохта мешавад. Ин ҷашн намоде аз шукуфоиву тозагии табиат пас аз фасли замистон буда, ба муносибати оғози соли нав ва фасли баҳор ҷашн гирифта мешуд. Одоб ва русуми марбут ба ин ҷашн дар давлати Сосониён шомили тадбирҳои мухталифе буд, ки аз пешинаи фарҳангӣ ва мазҳабии он аз гузашта ба ирс гузошта шуда буданд. Илова бар ин, маросимҳои мазҳабии махсус ба ин рӯз, аз ҷумла рафтан ба ибодатхонаҳо ва ойинҳои мазҳабӣ баргузор мешуд, ки нишондиҳандаи иртиботи амиқи ин ҷашн бо эътиқодот ва боварҳои динии мардумони он буд.

Дониши мо аз оғози ҷашн гирифтани Наврӯз бисёр маҳдуд аст. Манбаъҳои хаттӣ дар таърихи гузашта, то пеш аз садаи аввали пас аз мелод ёде аз Наврӯз намекунанд. Ҳарчанд, ки бисёре аз пажӯҳишгарон бар ин бовар ҳастанд, ки яке аз далелҳои сохтмони маҷмӯаи тахти Ҷамшед, ҷашнгирифтани Наврӯз буда, аммо набуди ҳеҷгуна нишонае аз вуқӯъи ин маросим дар даврони ҳахоманишӣ, барои бархе аз донишмандон ин суолро пеш оварда, ки оё Наврӯз дар даврони бостонӣ ба унвони як маросими давлатӣ ҷашн гирифта мешуд ё на?

Чунонки медонем дар бораи тақвимшиносӣ дар Эрони бостонӣ таҳқиқоти гуногуне анҷом додашуда ва мо феълан вориди баҳс дар ин мавзӯъ намешавем фақат бо салоҳияти Теодор Нёлдеке ишора менамоем[2].

Номбурда ин назарро қабул накардааст, ки рӯзи соли нав дар аҳди Сосониён ба ин ҷиҳат «Наврӯз» номида мешуда, ки ҳамеша ин калима ба муносибати иди баҳор ва танҳо дар ин мавриди истифода мешудааст. Тақвими сосонӣ бо вуҷуди ин ки шамсӣ буда, интиқолӣ ҳам буда ва ба ин ҷиҳат оғози соли давлатӣ, ҳамеша бо рӯзи эътидоли баҳорӣ, ки иди миллӣ – Наврӯз бошад мутобиқат намекарда, вале ин амр ҷанбаи тақвимии идро аз байн намебурдааст[7]. Нақси тақвим таъсире дар усули муқаррар надошта, моҳи аввал, яъне Фарвардин мумкин буд аз рӯзи эътидоли баҳорӣ хеле фосила пайдо бикунад, вале “падидаҳои зиндагӣ, ки вобаста ба усули махсусе буда, вуҷуди назму тартиби комилро эҷоб менамуда ва барои таъмин ин манзур пас аз ҳар чанд соле як моҳ ба тақвим афзуда мешудааст” [2, 102-103].

Ҷашни Наврӯз, ки дар дарбори Сосониён чунонки мебинем, бошукӯҳ баргузор мешуда ва дар тақвими миллии Эрони авестоӣ унвони таҷдиди ҳаёти баҳорӣ ва аҳамияти фаровоне доштаву дорад. Ҷашнгирифтани Наврӯз аз тарафи порсиён ва пайравони мазоҳиби дигар дар Осиёи Миёна, яъне дар тамоми нуқтаҳое, ки эрониён ё фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ густариш пайдо кардаанд, аҳамияти ин ид ва ҷанбаи миллии онро собит мекунад.

Катибаҳои сосонӣ, пандномаҳо ва дигар адабиёти гузашта, аз баргузори ҷашни соли нав дар дарбори сосонӣ ба мо маълумот медиҳанд.

Таърихи иттилооти мо дар мавриди боварҳои қавмҳои ҳинду-эронӣ ва пас аз он эронӣ, дар дараҷаи нахуст кӯҳнатарин бахшҳои “Авесто” ва дар ҳолати дувум, муқоисаи боварҳои дигари мардуми ҳинду-аврупоӣ, бавежа ҳинду-ориёиҳо бо боварҳои эрониён бостон аст. Регведо, кӯҳнатарин бахши Ведоҳои ҳинду-ориёӣ, яке аз беҳтарин сарчашмаҳои мавҷуд барои пай бурдан ба усули боварӣ ва ҷашнҳо ва маросим қавмҳои ориёӣ (ҳинду-эронӣ) аст. Боварҳои қавмҳои дигар ва мардуми эронизабоне, ки дар Мовароуннаҳр ва манотиқи ховари кӯҳҳои Помир зиндагӣ мекарданд низ метавонанд намунаи мо барои фаҳмидан боварҳои эрониҳои бостон бошанд[6].

Дар Авесто, бахусус дар “Госоҳо” ва бақияи “Ясноҳо”, ки кӯҳнатарин бахшҳои ин китоб ҳастанд, ҳеҷгоҳ сӯҳбате аз Наврӯз ва ҷашнҳои вобаста ба он нашудааст. Маросими авестоӣ ба таври усули ниёишҳои ба Амшоспандон мухталиф ва “Фарравашиҳо” ҳастанд. Ясноҳо сурудҳое ҳастанд, ки барои ситоиши Митро, Оноҳито, Варуно, Ҳавм ва дигар Амшоспандон навишта шудаанд, ки дар ҷашнҳои вобаста ба онҳо бояд хонда шаванд. Дар натиҷа, дар бахшҳои куҳани Авесто ёде аз ҷашнҳои Наврӯз, чаҳоршанбе сурӣ, сездаҳ бадр ва ё ҳатто Сада надорем. Нахустин нишона аз Наврӯз дар

Авесто, дар Фарагард дувумии «Видеодот» аст, ки дар зимни тавзеҳи зиндагӣ «Яйм» (Ҷамшед), ба дастури баргузории Наврӯз низ ишора шуда, ин ривоятро Фирдавсӣ низ ёд мекунад [8].

Абулқосим Фирдавсӣ тавсифе аз шукӯҳ ва иқтидори Ҷамшед ва шодии мардум дар замони ҳукумати ӯ тавсир намуда, аз Ҷамшед ба тахти подшоҳӣ ва омодасозии мардум барои пазириши ӯ. Ҷамшед тавоноии беназире дорад. Ин тахт монанди хуршеди дар миёни осмон устувор аст ва шоҳи фармонраво бар он нишастааст.

Аммо Видеодот аз вопастарин бахшҳои Авесто аст, ки ба эҳтимол зиёд ё дар даврони Сосонӣ навишташуда ва ё дар он даврон ба таври комил бознависишуда ва бисёре аз боварҳои зартуштии сосонӣ дар ин китоб ворид шудааст.

Бо нигоҳ кардан ба боварҳои дарҷшуда дар Ригведо низ асаре аз маросиме монанди ҷашнҳои боло намебинем. Ҷашни оғози сол дар назди ин ақвом аҳамияти зиёде надошта ва ё ед вежае аз баргузории маросими вежае барои он намекунанд.

Аз тарафи дигар, бо нигоҳ кардан ба тарзи зиндагии ақвоми ҳинду-эронӣ ва муқоиса он бо ақвоми сокини Эрон ва миёни ду вед, метавонем ба натиҷае дар мавриди решаҳои таърихии Наврӯз ва ҷашнҳои дигар марбут ба он бирасем. Ақвоми ҳинду-эронӣ ба таври умумӣ, аз роҳи кишоварзӣ ва парвариши асп зиндагӣ мекарданд ва зиндагии онҳо бар пояи кӯчнишини бино шуда буд.

Аз ҷашн гирифта шудани оғози баҳор дар Бобили бостон далели бисёре овардан мумкин аст. Дар рӯзи оғози баҳор, подшоҳ ба сӯи маъбади Мардук, Худойи Бобил мерафт ва бо дар даст гирифтан дастҳои ин Худо, ҳимояти ӯро аз салтанати худ нишон медод. Баъд аз ин маросим, подшоҳ ба кохи салтанатӣ боз мегашт ва дастур медод, ки ҳамаи мардум метавонистанд ба мулоқоти подшоҳ биёянд. Аҳамияти ин маросимро дар онҷое метавонем бубинем, ки баъд аз тасхири Бобил аз тарафи Куруш, подшоҳони Порсӣ то замон Хашёршо низ ҳарсола ин маросимро анҷом медоданд. Поёни ҷашнҳои баҳорӣ дар рӯзи сездаҳум баҳор, ки аввалин бор дар афсонаҳои Бобилӣ ба унвони адади шум шинохта шуд, бо рафтани ҳамаи аҳолии шаҳр, аз ҷумла шахси подшоҳ, ба тарафи даштҳои хориҷ аз шаҳр эълом мешудааст[5, 131].

Аз тарафи дигар, бисёре аз фарҳангҳои ҷаҳон, аз Бобил бостон гирифта то султаҳои аврупоӣ, маросиме монанди барафрӯхтани оташ дар поёни фасл бардошт доранд.

Ба таври хулоса, мешавад ҳадс зад, ки ҷашни оғози баҳор ва маросим равшан кардан оташ ва хориҷ шудан аз шаҳр, аз оинҳои ҷавомеъ кишоварзи муқим Эрон будааст. Аммо ақвоми эронӣ баъд аз муҳоҷират ба ин кишвар ва сокин шудан дар он, ба иқтибос ин маросим пардохтанд ва бо ворид кардан бархе аз боварҳои худ, онро табдил ба ҷашне ба таври комил эронӣ карданд. Ин ҷашн, ки шояд аз давроне ҳатто пеш аз замони Ҳахоманишӣ ба василаи ин мардум баргузор мешуда, то муддатҳо ҷашни мардумӣ буда, ки тавониста ба далели табиати ғайри динӣ ва ғайрисиёсии худ, ба ҷашни умумӣ барои ҳамаи мардум табдил шавад ва кам-кам ба сурати ҷашне дарояд, ки ҳатто дастгоҳи давлати Ашконӣ ва Сосонӣ низ онро ба унвони маросими расмии худ интихоб кунад.

Дар замонҳои куҳан, ҷашни Наврӯз дар нахустин рӯзи Фарвардин (21 март) оғоз мешуд, вале мушаххас нест, ки чанд рӯз идома мекардааст. Дар бархе аз дарборҳои салтанатӣ ҷашнҳо як моҳ идома дошт. Мутобиқ бархе аз аснод, ҷашни умумии Наврӯз то панҷумин рӯзи Фарвардин барпо мешуд ва ҷашни вежаи Наврӯз то охири моҳ идома дошт. Метавон гуфт, дар тайи панҷ рӯз аввал Фарвардин ҷашни Наврӯз ҷанбаи миллӣ ва умумӣ буд, дар ҳоле ки тай боқимондаи моҳ, ҳангоме ки подшоҳон мардуми одиро ба дарбори шоҳашоҳӣ мепазирфтанд, ҷанбаи хусусӣ ва салтанатӣ дошт.

Манбаи муҳимме хабари муҳимме дар хусуси баргузории ҷашни Наврӯз дар Эрони бостон таълифоти арабист ва муҳиммтарин онҳо китоби машҳури Абурайҳони Берунӣ – «Осор-ул-боқия» буда, ки роҷеъ ба таърихи вуқӯъи ҳаводиси марбут ба давраи бостонӣ дар соли якҳзори мелодӣ навишта шудааст. Ин таълиф тибқи назари Карл Эдуард Захау, ки онро тарҷума ва чоп кардааст сарчашмаи аслӣ ва дар қисмати марбут ба тақвим ва аъёди тақвими аҳоли Осиёи Миёна, ки дорои аҳамият махсус аст. Нависандагони мутааххир монанди Қазвинӣ ва Димишқӣ ҳар чанд матолибе бо он чӣ Берунӣ навиштааст изофа кардаанд, вале аз лиҳози ҷомеъият ва сиҳати ахбор мусалламан ба пойи Берунӣ намерсанд роҷеъ ба тақвимҳои эронӣ ва суғдӣ ва хоразмӣ, Берунӣ аз ду маъхаз истифода мекрдааст, ки яке шифоҳӣ ва дигаре катбӣ будааст[3].

Мусаллам аст, ки Наврӯз ҷузъе аз ақоиди бисёр қадимаи мо тоҷикон мебошад. Он аз замони Кайхисрав поя гирифта ва касе, ки Наврӯзро бино гузошт ва кохҳои подшоҳон бунён ва пояи

подшоҳиро устувор карда, симу зар, филиз бароварда ва аз оҳанолот сохт ва сутурро роҳвор кардаву марворид бароварда ва мушку анбар ва бӯйи хуш ба кор бурд ва кохҳо сохт ва саноеи омӯхт ва ҷӯйҳои равон сохт[6]. Кайхусрав ибни Парвиз, Ҷаҳон ибни Арфахшад, ибни Сом, Ибни Нӯҳ буд ва дар он замон дар рӯзи нав, рӯзи аҳолими Эроншаҳр ободон шуд.

Ҳамчунин, замоне муайян шуд барои хидмат кардан ба подшоҳ ва наздикони ӯ, ки дар маҷмӯъ сӣ рӯзро дар бар мегирифт: панҷ рӯз барои ходимони шоҳӣ, панҷ рӯз барои афроди мухтор дар дарбор, панҷ рӯз барои лашкариён ва панҷ рӯз барои табақоти поинтар, ба наҳве, ки кулли ин муддат ба сӣ рӯз мерасид[3].

Бархе аз донишмандони мо ақида доранд, ки номгузории ин рӯз ба Наврӯз ба замони Таҳмурас мерасад. Вақте Ҷамшед ба салтанат расид, динро навсози кард ва Наврӯз, ки рӯзи навбударо ба унвони ҷашне баргузид. Ҳамчунин, достонҳое вуҷуд дорад, ки дар онҳо Ҷамшед, пас аз гирифтани гӯсолае ва савор шудан бар он, тавассути ҷин ва шаётин дар як рӯз аз Дамованд ба Бобил расид, ки ин ҳоидса боис ба ҷашн гирифтани он рӯз тавассути мардум шуд. Дигар ривоёт баён мекунанд, ки Ҷамшед, ҳангоме, ки мехост вориди Озарбойҷон шавад, бар тахте аз зар нишаст ва тавассути мардум бурда шуд. Бо тобиши хуршед бар ӯ ва мушоҳидаи ин саҳнаи тавассути мардум, ӯро бузург доштанд ва ба шодӣ пардохтанд ва он рӯзро ҷашни Наврӯз номиданд. Ин рӯз ба унвони ойине миёни мардум ҷой гирифт, ки бо якдигар шукргузорӣ мекарданд[5, 107].

Маълум мешавад ҳангоми баргузории соли нав дар бештар хонаҳо ҳафт син мечинанд ва он иборат аз сини бузургест бо ҳафт навъ чизҳое, ки ба ақидаи эрониён ҷузви зиндагӣ дар ҳар хонаводааст ва ҳарфи аввал он бо син шурӯъ мешавад ин одат шабоҳат комил ба Эрон бостон дорад ва низ маълум мешавад, ки тибқи ақидаи эрониён тамоми корҳое, ки инсон дар Наврӯз анҷом медиҳад дар муддати сол ба он корҳо машғул хоҳад буд ва ин ақида мутобиқ аст бо одати подшоҳони сосонӣ, ки метарсиданд дар Наврӯз роҷеъ ба коре ба машварат бипардозанд, ки дар давраи бостонӣ дар иди Наврӯз ҷузъи маросим будааст.

Дар интиҳо, баҳсе дарбораи эътиқоди Ҷамшед ба тавоноӣ ва фармонҳояш сурат мегирад. Ӯ ба худ мепиндорд, ки тамом хубиҳо ва бузургиҳои ҷаҳон ба василаи он аст ва ҳамаи мардум муваззаф ба итоат аз фармонҳои ӯ ҳастанд.

Хулоса, Наврӯз, аз дарбоз ба унвони яке аз ҷашнҳои асил ва таърихии мардуми форсу тоҷик шинохта мешавад. Ин ҷашн бо вуҷуди фарозу нишебҳои бисёр, шукӯҳ ва азамати худро ҳифз карда, ба унвони намоде аз фарҳанг ва тамаддуни ғании форсу тоҷик ба наслҳои баъдӣ гузаштааст.

Дар гузари замон ва дар бархурди тамаддунҳо, бисёре аз фарҳангҳо ва русуми ақвоми заифтар ба дасти фаромӯшӣ супурда шудаанд. Аммо хушбахтона Наврӯз аз ин қоида мустасно буда ва натанҳо дар миёни кишварҳои Шарқӣ, балки дар Ғарб низ ҷойгоҳи худро пайдо кардааст. Ин амр нишондиҳанда қудрат ва асолати ин ҷашни бостонист, ки тавониста дар баробари ҳаҷмаҳои фарҳангӣ, ҳувияти худро ҳифз кунад.

Наврӯз ба унвони як мерос арзишманд, гувоҳе бар таърихи пурбор ва фарҳанги ғании мардумони форсу тоҷик аст. Посдошти ин ҷашн, посдошти ҳувият ва асолати миллат аст ва нишондиҳандаи тааллуқи хотири мо ба решаҳо ва пешинаи худмон мебошад.

Адабиёт

1. Chronologie orientalischer Völker, 1878, English translation. Chronology of Ancient Nations, 1879 – Translation of Abū l-Rayḥān al-Bīrūnī's al-Āthār al-bāqiya ʿan al-qurūn al-ḫāliya (Vestiges of the Past, 1000).
2. Nöldeke Th. Geschichte der Perser und Araber zur Zeit der Sasaniden. Leyden, 1879. S. 347. Anm. 1.
3. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
4. Иностранцев К. А. Древнейшие арабские известия о праздновании Науруза в Сасанидской Персии. – СПб., 1904. – 164 с.
5. Иностранцев К. А. Мутолиоте дар бораи Сосониён. Тарҷумаи Козим Козимзода. – Теҳрон: «Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб», 1348. – 216 с.
6. Иностранцев К.А. Материалы из арабских источников для культурной истории Сасанидской Персии. Приметы и поверья. – Санкт-Петербург: Типография Императорской Академии Наук, 1907. – 124.
7. Умари Хайём. Наврӯзнома. – Душанбе: «Адиб», 2012. – 352 с.
8. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ба чоп тайёркунандагон Камол Айнӣ, Зоҳид Аҳрорӣ, Баҳроми Сирус. Ҷилди 7. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 485 с.

БОРБАДИ МАРВАЗӢ АСОСГУЗОРИ САНЪАТИ МУСИҚИИ ШАРҚ

Шарофова Мунаввара *– номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Мансурхонов Ҷаббор Турабозхонович *– унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

Борбади Марвазӣ яке аз нобиғаҳои бузурги санъати мусиқии Машриқзамин буда, ҳаёт ва фаъолияти ӯ ба замони шоҳаншоҳии Сосониён рост меояд. Ӯ дар замони шоҳаншоҳи Хусрави Парвиз, (591 - 628) дар дарбор ҳамчун саркори ромишгарон фаъолият мекард, инчунин ӯро «Сарвар», ё «Шоҳи ромишгарон» низ меномиданд [6, с.2].

Борбади Марвазӣ шеъру мусиқиро аз падараш, ки мусиқидону фарҳангсолори шинохтаи замони худ омӯхтааст.

Чун мӯъҷизаи замони Хусрави Парвиз ёдовар шудани ҳунари Борбад, ҳуҷҷатан аз шеъри Холиди Файёз (вафот 718) сар карда дар шонздаҳ маъхази арабизанон, ки то асри XIII таълиф ёфтааст [5, с.112]. Бояд гуфт, ки ҳарчанд ба шаҳодати Ёқути Ҳамавӣ (1179 - 1229) ва Закариёи Казнавӣ (1203 - 1283), ки бе шубҳа ба маълумоти «Китоб ал - булдон» - и Ибни Фақиҳи Ҳамадонӣ (соли таълифаш 903) такя мекунад, «оҳангҳои Фаҳрбаз дар Исфаҳон реша давонд», Борбадро пеш аз ҳама ва беш аз ҳама ҳамдиёрони ӯ бузург медоштанд. Бино ба маълумоти Абӯ Исҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ал – Форсӣ ал – Истахрӣ дар «Китоб ал – масолиқ ва – л - мамолик» (солҳои таълифаш 930 – 933) «дар ҳама рузгори гузашта мардуми Марвро бар мардуми ҳамаи Эронишаҳр тафзил ва тақдим будӣ. Чуноне, ки Барзӯияи табиб бар ҳамаи табибони Аҷам муқаддас будааст, ва Борбад, ки навоҳо ва рӯдҳо сохтааст ва инчунин ба вай иқтидо мекунанд» [6, с.1]

Ин намуди санъатро Борбади Марвазӣ ҳанӯз дар зодгоҳаш Марв (Марвиҷаҳон), ки яке аз бузургтарин марказҳои фарҳангии замони Сосониён буд, хело хуб ёд гирифта буд. Вожаи «Борбад» аз забони паҳлавии асримиёнагии форсӣ гирифта шуда маънояш «Ба мартабаи бузург ё ба бузург расидан» мебошад. Борбади Марвазиро бо лақабҳои Борбади Ромишгар, Паҳлапат, Фаҳлбад ва Фаҳлбаз низ мешинохтанд [1, с.80].

Образи ромишгари базморо дар масири санъати ҷаҳонӣ образи классикӣ ба шумор меравад. Таърихи зуҳури онро дар ёдгориҳои қадим ва асримиёнагии сарзамини Шарқ омӯхтан мумкин аст. Образи Борбади Марвазӣ дар минётури Шарқи Наздик ва Миёна ҳама тасаввуроти пешиниёнро роҷеъ ба ҳунар ва оҳангсози нобиғ дар худ гирд оварда, аммо василаҳои дигар ифода гардид. Бо мурируи замон ҳунару ҳунармандии ӯ то рафт мушахас гардида, ҳамзамон бо ин тарзҳои тафсири он гуногунтар, нозуктар ва мушахастар шудааст.

Мусиқии аҳди Сосониён дар замони Борбади Марвазӣ ба дараҷаи баландтарини рушду нумӯи худ расида буд. Ӯро ромишгарони дигар устоди бузурги созу наво эътироф мекарданд. Баъзе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки санъати мусиқии Шарқ аз ҷумла сарзамини паҳновари форсу тоҷик низ аз Ӯ сарчашма мегирад.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ ва дигар манбаъҳои хаттии арабизабонон, форсиву тоҷикӣ ва арманӣ аз қабили Ал-Ҷоиз, Ибни Хурдодбеҳ, Масъудӣ, Ибни Муқаффаъ, Абулфарҷи Исфаҳонӣ ва дигарон бар он ақидаанд, ки хонадони Борбади Марвазӣ тақрибан солҳои (588 - 90) ба ин шаҳр кӯчида омаданд вале асли ватани Борбади Марвазиро онҳо шаҳри Ҷаҳрам (шаҳрест дар рустони форс) меҳисобиданд. Борбади ромишгар аз овони ҷавонӣ яке аз донандагони шеъру мусиқӣ овозхонӣ, сознавозӣ ва асосҳои назарияи мусиқиро омӯхта, дар асоси «Готҳо», «Яшт», «Ясно» таронаҳои гуногунмавзуи мавсимиву маросимӣ дар шаклҳои шеърию мусиқӣ аз қабили «Транак», (tranak – тарона) Чикамак (chikamak – Чакома), «Срут» srut – Суруд, «Патвожа» (patwajak) ва ғайраҳо аз қабили эҷодиёти ӯ ба шумор мераванд [4, с. 4].

Борбади Марвазӣ инчунин силсилаи дигари мусиқиро бо номи «Сраишник» - Srayishnik сохтааст, ки дар сурудҳои он табиат, сиришту тақдири инсон, корнамоии паҳлавонон ва ғайраҳо ситоиш гардидаанд. Дар манобеи хаттӣ («Китобу - т - тоҷ» - и ал Ҷоҳиз) ин силсила бо

номи «Сарвар Ҳунавак» – Sarwad hunawak (Сурудҳои хушоҳоҳанг, замзамаи сохту таркибан ситоиш) бештар ёд шуда дар ташаккули маҷмӯи мусиқ ии тавсифии оянда нақши муассир доштааст [5, с.112].

Силсилаи «Хусравонӣ», ки дар манобеи адабиву таърихӣ ва мусиқӣ бо номҳои «Дастони Хусравонӣ», «Роҳи Хусравонӣ» ва дар забони арабӣ бо унвони «Тариқату – л – мулукия»- и ӯ яке аз таҳаввулоти бузурги эҷодӣ ва иҷрокунандагиро асос гузошта, муҳимтаринаш он аст, ки ном ва тавсифи аксари таснифоташ дар осори илмӣ – адабӣ, таърихӣ ва мусиқӣ сурат гирифта, инчунин бетағйир дар санъати волои мусиқии мардумони эронинажод ва ғайриэронӣ побарҷо мондааст [7, с. 2].

Борбад дар таърихӣ мардуми Эрон ва Шарқ дар баробари сарояндагӣ инчунин истеъдоди баланди навозандагӣ, оҳангсозӣ, инчунин ба сифати мусиқидони номвар дар тартибу танзим додани пояҳои назарии он хидмати нотакроре кардааст.

Образ, шахсият ва мероси ғании Борбади Марвазӣ дар осори хаттии шоирону олимони форсию арабизабон зиёд ба қалам омадааст махсусан дар достонҳои Абулқосими Фирдавсӣ, Низоми Ганҷавӣ, Амир Хусрави Делавӣ, Насриддини Тусӣ, Қайси Розӣ ва дигарон ба нақши ӯ дар поягузории мусиқии классикии мардуми Шарқ баҳои баланд додаанд [6, с.2].

Мувофиқи баёни Фирдавсӣ Борбад дар дарбори Хусрав қаробат мечӯяд. Ин замон соли бистуҳаштуми шоҳии Хусрав буд. Аммо саркаш монеъ мешавад ва ба «солори бор» дираму динор «чанде нисор» карда, мегӯяд, ки пушти дар ромишгаре ҳаст, ки «аз ман ба соли ҳунар бартар аст» ва «набояд, ки дар пеши Хусрав шавад». Ин ҷо ба он эътибор бояд дод, ки Саркаш намехоҳад, ки вай «кӯҳна гардаду» Борбад «нав шавад» [6, с.3].

Борбади Марвазӣ ба дарбори Хусрав меояд, аммо посибон ӯро намегузорад. Ин лаҳзаи ногувори Борбадро Абулқосими Фирдавсӣ хеле нозуку моҳирона да ду байти зерин ба қалам додааст:

Зи Саркаш чу бишнид дарбони шоҳ,
Зи ромишгари сода барбаст роҳ.
Чу гуфтӣ ба наздики ӯ Борбад,
Ҳам – аш кор бад буд, ҳам – аш бор бад.

Ин чунин Фирдавсӣ образи Борбади Ромишгарро чунин тасвир намудааст [2,с. 130].

Ҳаме ҳар замон шоҳо бартар гузашт,
Чу шуд сол шаҳд бар бистуҳашт.
Касеро набуд бурдаш кард,
З – даргоҳаш огоҳ шуд Борбад.
Баду гуфт ҳар касе, ки шоҳи ҷаҳон,
Гузидааст ромишгарон аз меҳмон.

Шоири форсу тоҷики дигари ин давра Фаррухи Сиистонӣ низ доир ба истеҳдоди баланди ӯ дар чандин ашъораш баён намудааст, ки қобили зикр мебошад:

Суруди соқиву моҳи руднавоз,
Парда ба дарбаста дар раҳи шаҳноз.

Дар ҷои дигар бошад, шоир чунин ишора кардааст:

Гар сухан гӯяд бошад сухани ӯ роҳи рост
Зуд дилороми дилангез бояд хос
То ҳазор асару бар орад овоз,
Гӯяд ӯро мазам ай Борбади рӯднавоз.

Низоми Ганҷавӣ маҳорати баланди Борбадро дар достони «Хусрав ва Ширин» чунин тасвир кардааст:

Суруди паҳлави дар нолаи чанг,
Фиканда сӯзи оташ дар дили санг.
Талаб фармуда кардан Борбадро,
В-аз ӯ дармон талаб кардан худро.

Дар як ҷойи дигаре боз Низоми Ганҷвӣ Борбадро чунин ситоиш карда буд:

Аз ин сӯ Борбад чун булбули маст
Зи дигар сӯ Накисо чанг бар даст.

Шоир Муҷалладаи Гургонӣ (асри XII) чунин қайд карда буд: «дар таърихи мардуми Эронинасл ду сулола - Сосониёну Сомониён ва аз аҳди ҳунар Борбаду Рӯдакӣ барои минбаъд мояи ифтихору шаҳомат шудаанд».

Аз он чандон наими ин ҷаҳонӣ,
Ки монд аз оли Сосон в – оли Сомон.
Саноӣ, Рӯдакӣ мондасту мадҳаш,
Навои Борбад мондаасту дастон.

Чуноне, ки мебинем дар ин рубоӣ «Санои Рӯдакӣ» бо «навои Борбад» дар як радиф гузошта шудааст. Ба назар мерасад, ки муаллифи қитъа ба ин восита ба Борбад, ҳамчунин мусиқанавози моҳир баҳои баланд додааст.

Борбад аз ҷумлаи маъруфтарин чеҳраҳои ҳунар аст. Ӯ шахсиятест, ки назирашро таърихи башарият ёд надошта, ҳам месуруд, ҳам менавохт ҳам оҳанг эҷод менамуд ва бузургтарин базмҳои шоҳонаро обод мекард.

Хулоса, оид ба фаъолияти эҷодии Борбади Марвазӣ дар сарчашмаҳои хатии тоисломӣ, давраи исломии асримиёнагӣ тавсифоти зиёд зикри ёфтааст. Ӯро муалифи 30 лаҳн 365 оҳангу тарона, 7 достони «Хусравонӣ», бунёдгузори сабки «Марвисрашних» (Марвихонӣ), муассису танзимгари «Таквими мусиқӣ» дар тамаддуни Шарқи Миёнаву наздик танзимгари аввалин мактаби мусиқии форсу тоҷик меноманд.

Соли 1989 дар Дар Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон бахшида ба 1400- солагии Борбади Марвазӣ Конфренсия баргузор гардид [3, с.68] ва доир ба ҳаёту фаъолияти Борбад дар маҷалаи «Садои Шарқ» 14 мақола нашр гардиданд. Инчунин яке аз марказҳои бузурги фарҳангии шаҳри Душанбе ва як хиёбон ба номи Борбад номзузорӣ карда шудаанд. Ин маркази фарҳанги бо номи «Кохи Борбад» маъруф мебошад.

Дар замони истиқлолият доир ба ҳунарҳои нотакрори ин нобиғаи машриқзамин, олимону донишмандони тоҷик аз қабили А. Мухторов, А.Раҷабов, Л. Додихудоева А.Юлдошев, С.Ҳалимшоев ва дигарон маълумот доданд.

Адабиёт:

1.Энсеклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2014. -Ҷ. 3. – С. 675.
2.Раҷабзода А. Борбад ва замони ӯ (матн форсӣ). – Душанбе, 2004. – С.195.
3.Ҳотамов Н, Довудӣ Д, Исоматов М., Муллоҷонов С. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. - С. 644.
4.Мухторов А. Борбад // Адабиёт ва санъат. – 1989. -9 сент. (№ 45). - С. 4
5.Садои Шарқ. – 1989. - № 9. – 140 с.
6.tg.m.wikipedia/org. Pitfl.tj

ИСТОРИЯ ГУНДЕШАПУРСКОЙ АКАДЕМИИ И ЕЁ НАСЛЕДИЕ В МЕДИЦИНЕ

Занджирбекова Гулноз Исломбековна *– старший преподаватель, заведующая кафедрой истории и религиоведения Хорогского государственного Университета имени М.Назаршоева, email: mdikh@mail.ru*

Сайданоева Хушолбегим Мамадбокиевна *– ассистент кафедры истории таджикского народа и право Хорогского государственного университета, email:khusholsaidanoeva@gmail.ru*

Исторические документы показывают, что Иран имеет 3000 летную историю, в которой медицина высоко ценилась. Особенно в период правление Сасанидской империи развитие медицине отведено значительная роль, где несомненно важное место занимало Гундешапурская Академия. Гундешапурская Академия считался важнейшим медицинским центром на протяжение VI-VII вв., и привлекла массу выдающихся учёных из Греции, Египта, Индии, Китая, Рима и других стран. В ней преподавали медицину, философию, теологию и другие

науки. Здесь студенты знакомились с зороастризмом и персидскими традициями. Это был один из трёх Сасанидских центров образования, наряду с Ктесифоном и Рас-ель-Айн.

Точная дата открытие этой кладезей знаний неизвестно. Но история создание Академии тесно связанно с правлением Сасанидского царя Шапура I- сына Ардашира Папакана. После победы Сасанидского царя Шапура I над войсками римского императора Валериана в битве при Эдессе, шахиншах основал Гундешапур «город-гарнизон» в котором поместили императора Валериана и высокопоставленных римских пленных. С годами Гундешапур стал столицей Сасанидской империи. Город Гундешапур находился в провинции Хузестан на юге – западного Ирана вблизи города Сузи.

Позднее сам Шапур женился на дочери римского императора Аврелиана. Именно вместе с Аврелианой были привезены в Гундешапур два греческих врача. Вскоре эти врачи поселившийся там, организовали в городе обучение медицинским наукам, основываясь на трудах великого Гиппократа и Галена. Его медицинские методы копировались в Дом мудрости в Багдаде, основанном в 832 году халифом аль-Мамуном.

Золотой век Академии следует считать годом правления Хосрова Ануширвана. Позднее при его правление Гундешапур прославился своими врачами и учёными на всю империю. В 529 году под давлением императора Юстиниана была закрыта Афинская Академия с целью христианизации школ, закрытие языческих школ и не до пускание преподавание классической философии[1,с.205-210]. Шаханшах Хосров I как гуманный и правдивый шах в этой ситуации предоставлял убежище семи греческим философам и ассирийским -несторианом, которые бежали из Византийской империи по причине преследование со стороны церкви и византийского императора Юстиниана. Персидский царь приветствовал их и сделал учителями в Гундешапуре. По просьбе царя они переводили греческие и сирийские тексты на пехлевийский (среднеперсидский) язык. Среди приводимых текстов были трактаты по медицине, астрономии, астрологии, философии и прикладные искусства. Хунаян ибн Исхак(808-873 АД) который был известен под именем Джоханитус родился в городе Ал-Хира в Ираке изучал медицину в Гундишапуре, затем в Александрии. Он был одним из активных переводчиков книг Галена на арабский язык. Юханна сын Мусуе ранее был известный врач в Багдаде. Эти учёные не только переводили медицинские тексты, но также написали множество книг по медицине. Как говорил учёный М.М. Сайломез: «Академия Гундешапур функционировало согласно выгравированному заявлению на его портале: «Знание и добродетель превосходят меч и силы» [4, с.20].

Под давлением Хосрава, Византийский император Юстиниан в конце гарантировал безопасность этих философов и они вернулись в свою страну. Также по приказу Хосрова 1 Анушервон в Индию и Китай были посланы знаменитые персидские медики, чтобы пригласить учёных оттуда в Гундешапур. Этих персидских медиков возглавлял известный персидский медик Барзуя, который был личным врачом Сасанидского царя Хосрава Ануширвана. Из Индии он принёс медицинские учебники. Вскоре они занимались переводами индийских текстов по астрономии, астрологии, математике и медицине, а также китайских работ о траво лечении и религии. Барзуя перевёл книгу «Панчатантра» из санскрита на язык пехлеви, также добавил к её предисловии один из первых текстов по медицинской этике. Кроме того, в 550 году нашей эры был проведён первый медицинский симпозиум по заказу Анушервона, где присутствовали врачи и учёные из разных стран и где происходило обмен знаниями. В VI веке нашей эры школа Гундешапур рассматривалась как самый важный медицинский центр древнего мира. Как международный центр оно также привлекло неиранских студентов, которые также были зачислены в медицинский факультет Гундешапура, включая первого арабского врача Ориф ибни Калдеха, который был из Таифа(Саудовская Аравия). Вначале в Академии студенты обучались на греческом и сирийском языке, но потом уже в VI веке нашей эры язык пехлеви также был добавлен в учебную программу, особенно для преподавание фармакологии. Так как для развитие этой части медицине, существовала база, которая ссылалась на древнее наследие персов. [5,с.673-675].Следует отметить что один из важных и первых учебников по медицине был написан профессорами «Хузи» с названием «Джейм-аль-Хуз»(Сводная книга Хуза)

Древние перси, которые жили на обширной территории с большими вариациями климата и растительности, вскоре познакомились с различными лекарственными растениями. Несколько

лекарственных трав такие как базилик, цикорий, сладкая и фиолетовая и перечная мята упоминаются в Авесте, а названия тридцати священных лекарственных растений и Бундахишне [6, с. 147]

По словам египетского историка Ибн-Кефти (568-648) терапевтические подходы врачей Гундешапура считались более продвинутыми, чем греческие и индийские методы, из-за разработки новой системы диагностики и лечения, которая была разработана там. В Гундешапурской академии развивались древние методы лечения и хирургия. Учёные этой академии внесли значительный вклад в развитие медицины, включая работу над психиатрией и офтальмологией. Гундешапур стал первым академическим центром мира и по своей форме и структуре был близок к современной концепции «университета».

Нужно отметит, что в Академии ссылались на наследство античных учёных Греции Гиппократа и Галена вместе с индийско-китайской и персидской медицины и в конце эти знания перешли в Исламский мир. В этой Академии также примкнули медики из Египта и Сирии.

Если рассмотреть само структуру медицинского уклада, то нужно отметить что в Сасанидском государстве были различные типы врачей. После царя главный священник отвечал за социальное здоровье. Он руководил работой мансара Бешазишних, или врачей которые лечили священными словами(психиатры). Такие врачи выбирались из числа зороастрийских священников. В государстве Сасанидов существовал медицинский совет, члены которых были врачи и они отвечали за политику страны в области здравоохранения. Среди них был специалист который издавал лицензии на работу врачам. Также шаху служил специалист по ядам, известен как захр-картар (ядовытий мастер)

В Сасанидском династии врач считался важным специалистом и поэтому врач перед лечением больных должен был получать специальную лицензию. Для сдачи соответствующие экзамены, тесты и получение учёных степеней при правление Хосрова Анушервана были созданы несколько специальных организаций, занимавшихся делами врачей. Источники подтверждают, что, закончивший академию доктор должен был пройти специальный экзамен и лишь тогда получил право заниматься лечебной практикой.

В результате в Гундешапур был построен старейший в мире медицинский центр(с подобием больницы) куда также входил университет и библиотека, чье собрание составляло около 4000.000 томов.

Древнейшими письменными источниками наших знаний об иранской медицины являются Авеста и другие религиозные зороастрийские тексты включая Денкарт и Бундахишн. Они указывают на значение древних медицинских убеждений среди зороастрийской общины, которые были в основном сосредоточены на личной гигиене, здравоохранении и профилактики заразных заболеваний.

Самые выдающиеся врачи Гундешапура принадлежали к членом двух семей: иранская семья Бухктишу и христианская Мусуйех. Семья Бухктишу практиковалось более двух веков. Однажды в 765 году Джурджис Бухктишу который был начальник больницы Гундешапур вызвали в Багдад лечить Аббасидского халифа ал-Мансура и таким образом связь между Гундешапурскими врачами и Багдадом были установлены в первый раз. Они играли важную в развитие исламской медицины[3,с.83].

Больница Гундешапур засвидетельствована некоторыми авторами как первая больница в истории медицины. Доктор С. Элгуд (1892-1970) писал: «в очень большой степени кредит для всей системы больницы должен быт предоставлен Персию». Так как после этой больницы в исламском мире на основе модели больницы Гундешапура были построены другие больницы. Например, в VIII веке в Багдаде был открыт медицинский центр с названием «маристон» [2, с.150]. По существу, даже этот термин короткая форма персидского слова «бимаристон». Академия пережила смену правителей, когда Сасанидская империя пала перед арабо-исламскими армиями в 638 году нашей эры и просуществовало в течения нескольких столетий, позиционируя себя как мусульманское высшее учебное заведение. Итак, нужно сказать, что деятельность Гундешапурской больницы достигла своей кульминаций в VI веке и продолжалась вплоть до 869 года н.э. и в итоге полностью подавлено миграцией большинства врачей в Багдад [6, с.149].

В заключение нужно подчеркнуть, что Гундешапурская академия оставила неизгладимый след в истории медицины. Её вклад в развитие медицинской науки неоценим. Благодаря академии были

сделаны значительные шаги в области анатомии, фармакологии, диагностики и лечения различных заболеваний. Наследие Гундешапурской академии продолжает вдохновлять учёных и врачей по всему миру, напоминая о важности интеграции знаний и инноваций в медицинской практики.

Литература:

1. Болгова А.М. К вопросу о закрытие Афинской Академии в 529 г//Известия УрФУ. Серия 2. Гуманитарные науки. 2016.Т.18.№ 3(154)С.205-214
2. Mackenzie DV. A Concise Pahlavi Dictionary. Tehran. Institute for Humanities and Cultural Studies,1999,157 p
3. Najmabadi M. History of Medicine in Ancient Iran in Persian. Tehran.University Press, 2001, 86 p.
4. Soylemez M.M. The Gondershapur school, its history, structure, and functions.2005, 22 p.
5. Farshad M. History of Science in Iran. First ed. Vol.2. Tehran. Amir Kabir Publication.1986,670-673 p.
6. Shahravini M. University of Gondishapour in the Cradle of History. Tehran. Pourshad Publication. 2002,100-101 p.

О МУЗЫКАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТАХ КИТАЙСКОГО НАРОДА

Ахматова Айнура Найматовна *– Директор ДОЦ г. Сулюкты, аспирант КГУ им. И. Арабаева +996 770 16 84 78 axmatovaainura78@gmail.com*

Шеранова Нуржамал Нурбековна *– ст. преподаватель Института Конфуция при Ошском Государственном Университете, +996 0553-828-207 nurjamalsher@gmail.com*

В мировоззрении китайского народа важным в жизни считаются: обряды, долг, бескорыстие и стыд, которые именуются четырьмя устоями – *сы вэй.* В обрядности одним из важных компонентов выделяют традиционную музыку, которая непосредственно связана с – *ли* (обряды, нормы поведения), определяющим социальные границы человека в обществе. Роль музыки призвана воздействовать на чувства людей, сближать их духовно, и тем самым поддерживать единство общества. В толкованиях китайских мудрецов говорится: «Когда правление государя утвердилось и дела успешно завершены, обряды и музыка расцветают», и способствуют сближению различных общественных слоёв в государстве [1, с. 327].

Музыка, как этикет, каллиграфия, счёт, управление лошадью и стрельба из лука, входит в комплекс шести искусств – *лю и.* Они известны в Поднебесной как шестикнижие: *шицзин, шуцзин, ли цзин, юэ цзин, чунь-цю и ицзин.* Под китайской традиционной музыкой понимается не только сама народная музыка. Сюда можно включить и религиозную, дворцовую и классическую музыку. Выделяется комплекс *юэ*, где одним из важных составляющих является игра на музыкальных инструментах. Существуют восемь категорий инструментов в зависимости от материала изготовления: шёлк, бамбук, дерево, металл, камень, тыква-горлянка, кожа и глина именуемых *ба инь* – восемь звуков. В китайской музыке бытует система *люй-люй* (строй-мера), в основе которой лежат двенадцать звуков, где каждый имеет свой магический смысл. Нечётные звуки воплощают светлые, активные силы Неба, в то время, как чётные, тёмные, пассивные силы Земли. Отсюда в народных поверьях избегание чётного числа «4» – *си*, которого считают воплощением смерти.

В общественной организации придворных чиновников Китая имелся глава музыкальных дел – *тайши*, который отвечал за культуру и внешнюю изысканность. Обязательным было наличие советника, гармонизирующий тоны звукоряда, которого именовали – *селюйдувэй.* Одним из важных музыкальных произведений был *сун* – ода, гимн, восхваление правителя. Другим являлась мелодия – *инь*, которая связывалась с жертвоприношениями Небу.

Бытовали отдельные классы музыкальных инструментов: звенящие, струнные, духовые, ударные. Среди звенящих музыкальных инструментов, можно выделить колокола, каменные пластины и костяные изделия, которые были первыми музыкальными инструментами человечества. Культурологические исследования показывают, что примитивная музыка, звукоподражание в виде песни, пляски первобытного человека, как и его игры появляются до появления самого понятия культуры, который зарождается на определённой ступени исторического развития человечества, и возможны лишь при определённых условия социализации общества. В то время, как выразился

голландский культуролог Й. Хёйзинг: «Человеческая культура возникает и разворачивается в игре, как игра». [2, с. 25].

Исследователями выдвигаются различные гипотезы относительно первого музыкального инструмента человечества. По археологическим данным ими являются ударные инструменты, которые могли быть деревянными, костяными, каменными. Простые выстукивания являлись первой формой доисторической музыки. К музыкальным инструментам доисторического периода, относятся ударные приспособления, называемые также мембранофонами и идиофонами: звучащие, шумные и грубые ударные инструменты. В китайской культуре к ним относятся: *пэнфоу* – глиняный таз, по которому народы цинь барабанили в такт песням. [3, с. 544]. *Цзе (юй)* – трещотка в форме тигра со вставленными в его спину металлическими пластинками-клавишами. [3, с. 555]. *Цян (чжу)* – один из ударных музыкальных инструментов. Выделяются несколько видов барабанов – яйцевидный продолговатый барабан длиной до 155 см, которого называют – *я.* Небольшой барабанчик, имеющий два названия – *сян* и *фу.* [4, с. 554]. Одной из разновидностей является барабан под названием *фу,* вовнутрь которого насыпают горох. [5, с. 555].В военных условиях применялись различные виды ударных инструментов, которого требовала сама военная организация, для управления многотысячной армией, одним из них был военный барабан – *пи.* [6, с. 553]. Также бытовал китайский ударный музыкальный инструмент, под названием – *тангу*. [7, с. 545]. В этот ряд можно отнести традиционный древнекитайский самозвучащий, ударный музыкальный инструмент – *цин*, подобие гонга. [8, с. 557].

К духовым инструментам, которых иначе можно назвать аэрофонами, относится поперечная флейта с шестью игровыми отверстиями, называемая – *ди*. [9, с. 551]. В этот же ряд можно поставить китайскую флейту – *чи*, с 10 отверстиями, длиной до 35 см. [10, с. 558]. Ещё одним видом духового язычкового инструмента является – *гуань*, прообраз флейты или гобоя. [11, с. 551]. *Шэн* губной музыкальный инструмент с замысловатым устройством, насчитывает более чем двухтысячелетнюю историю. [12, с. 559]. Он схож с волынкой и состоит из 13-19 трубочек. На нём можно извлекать звуки и во время вдоха, и на выдохе. *Шэн* состоит из трех частей: корпуса, трубки и трости с отверстием для губ. В старинных инструментах, корпус делался из тыквы горлянки, поэтому данный инструмент относится к этой категории. В Китае считают, что аккордеоны и орган произошли от *шэн.*

Одним из язычковых музыкальных инструментов является – *сона*. Также к духовому музыкальному инструменту имеющий подобие волынки, относится – *юй*, с 36 трубочками. [13, с. 559].

Важным в традиционной музыкальной культуре народа является музыкальный инструмент созданный на основе шёлка и бамбука, который называется – *сяо*. [14, с. 554]. Это большая продольная флейта или свирель, длиной до 40 см, с числом пальцевых отверстий от 16 до 24. На верхнем торце флейты – наклонённое внутрь отверстие, в которое исполнитель направляет воздух. Изначально у инструмента было только четыре пальцевых отверстия, позднее к ним добавились ещё два: пять на лицевой стороне и одно – на тыльной. Его длина варьируется, и в разных регионах разная, от 50 до 75 сантиметров, может быть и длиннее.

Китайская культура, как и почти все народы мира имеет струнные музыкальные инструменты, которые в научной литературе называются хордофонами. Одним из них является струнный щипковый музыкальный инструмент под названием – *жуань*. [15, с. 551]. Собиравшийся из нескольких частей, верхней и нижней деки и обечайки, имеющий деревянный корпус музыкальный инструмент – *юэцинь*. [16, с. 559]. В этот же ряд можно поставить *кунхоу* – 23-струнный щипковый музыкальный инструмент, типа лютни. [17, с. 552]. *Пипа* – 4-струнный щипковый музыкальный инструмент, также имеющий тип лютни. [18, с. 553]. *Саньсянь* – струнный щипковый музыкальный инструмент. [19, с. 554]. *Сэ* – струнный щипковый музыкальный инструмент, род гуслей, длиной более 1,5 м, шириной до 40 см, с числом струн от 15 до 50. [20, с. 553]. *Цинь* – струнный щипковый музыкальный инструмент, род цитры или гуслей более 1 м. [21, с. 547]. *Цисяньцинь* – 7-струнный щипковый музыкальный инструмент. [22, с. 557]. *Чжу* – струнный музыкальный инструмент. [23, с. 545]. *Эрху* – старинный струнный смычковый инструмент. [24, с. 559]. *Янцинь* – струнный музыкальный инструмент наподобие цимбал. [25, с. 559]. 550×367

Abstract: *The article is about the ancient musical instruments of China, divided into: ringing, string, wind, and percussion. They are directly connected with the worldview of the people, with their culture, which is*

based mainly on an agricultural basis. And at the same time, it borrowed a lot from nomadic and other types of civilizations. Eight categories of tools related to the material of manufacture have been identified: silk, bamboo, wood, metal, stone, gourd, leather and clay, called ba yin. There is a system of twelve sounds. In the social court hierarchy, there is the head of musical affairs - taishi, and the adviser who harmonizes the tones of the scale - selyudwei.

Key words: musical instruments, manufacturing materials, court hierarchy, scale tones.

Литература:

1. Сыма Цянь. Ши цзи (Исторические записки). Избранное, Т. 1. – М., 2006. – 558 с.
2. Хёйзинг Й. Homo ludens: (пер. с нидерландского) / Й. Хейзинг, Общ. Ред. Г.М. Таризян. – М.: Прогресс, 1992. – 464 с.
3. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том II. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
4. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том I. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
5. Там же.
6. Там же.
7. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том II. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
8. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том I. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
9. Там же.
10. Там же.
11. Там же.
12. Там же.
13. Там же.
14. Там же.
15. Там же.
16. Там же.
17. Там же.
18. Там же.
19. Там же.
20. Там же.
21. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том II. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
22. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том I. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
23. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том II. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
24. Сыма Цзянь. Ши цзи (истор. записки). Избранное. В 2-х тт. – Пер. с кит. и коммент. Р.В. Вяткина. – Том I. – М.: Наталис, 2006. – 560 с.
25. Там же.

О ЛОКАЦИИ РОДОВОЙ ОБЩИНЫ ОТУЗУУЛ

Илебаев Арстанбек Касенович *– ОшГУ, к.и.н., доцент +996 700 03 40 06; +996 995 03 40 06; ilebaev@yandex.ru*

Айтикеев Токтосун Кенешбекович *– директор Института Конфуция при ОшГУ, доцент, к.и.н. + 996-707-887-788; taitikeev@oshsu.kg*

Байкожоев Жолчубай *– аспирант 3 года обучения, КГУ им. И. Арабаева ОО «Элдүйнө-Этномир», научный сотрудник + 996-777-360-554 etnomir@gmail.com*

«Кыргызы не делятся на племена и роды,
Кыргызы состоят из родов и племён».
Илебаев А.К.

В изучение сложной и запутанной истории одного из «древнейших народов Средней Азии», где до сегодняшнего дня много белых пятен. [1, с. 1]. И возможно, из-за этого в советские годы в

академических изданиях Кыргызстана даже предлагалось раздельное понятие, внедрившие в вузовское и школьное образования, как «История киргизов и Киргизстана», которое категорически нельзя было делать из-за того, что: «история киргиз и история Киргизстана по существу две разные исторические проблемы, связанные с разными видами источников». [2, с. 1]. И, невозможно рассматривать историю народа без той территории, на которой сформировался народ, а также писать историю страны без народа. Эти понятия требуют более тщательного и глубокого научного подхода.

Следует отдать дань зарубежным, и в особенности российским учёным, которые создали научный фундамент в изучении истории кыргызов. К ним относится и Чокан Валиханов, который смог собрать данные о родоплеменном делении киргизов. [3, с. 7-147]. Из его архивов также извлечены незаконченные рукописи, посвященной киргизам, не вошедшие в изданные ранее его «Сочинения». В последующие годы взгляды Ч.Ч. Валиханова по этому вопросу широко развивал и обосновывал А.Х. Маргулан, который сделал свой вывод, что центр киргизского политического союза в IX-X вв., возможно, находился в районе г. Урумчи, к северу от Турфана. [4, с. 352]. Здесь надо подчеркнуть, что это одна из многочисленных исторических гипотез. Опираясь на теоретические разработки учёных, и коррелируя с их данными, следует обратить внимание на «глас народа», его мысли, которые сохранились в *болмуш* (народные сказания), *өтмүш* (былины), *санжыра* (генеалогия), эпосы, сказки. Это мнение высказывали многие учёные – Н.А. Аристов, С.А. Аттокуров и др. С.М. Абрамзон предлагал особо обратить внимание и шире исследовать генеалогию народа, которая поможет в разрешение вопроса центра формирования самого народа. Он подчёркивал: «Сложность изучения кыргызов в его кочевой форме, которая динамична в своей хозяйственной основе». [5, с. 73].

Как известно, с этапом доместикации животных в далёком первобытном обществе, на определённом историческом отрезке времени, появилось новое форма быта и жизни опиравшаяся на скотоводство. В отличие уже существовавщих земледельческих цивилизаций. И с момента своего возникновения новая форма хозяйствования, которая в своей основе являлось экстенсивной, и постоянно требовала новые пастбища и водоёмы, порождало столкновения от малого родового конфликта, до больших войн охватываших весь Евразийский континет. Кочевое хозяйство влияло и на общественную жизнь, на его структуру. Зарождались множество родов, которые объединялись в племена, племена объединялись в союзы племён. Основой всего движения были малые родовые яйчейки, которые в силу объективных причин то объединялись, то разобщались. Одни роды присоединялись к другим более крупным, теряя своё название и идентичность. Другие уничтожались не оставив и следа о своём существование. Перемещение родов и племён по огромной территории, которая охватывала почти всю Центральную Азию, длилась почти до XX в.

Решение данных проблем, кроется и в исследование перемещения родов и племён, которое закончилось в конце XIX и начала XX вв. В более позднее время принявших статический характер, из-за массового оседания населения. Это было связано с советизацией края, созданием коллективных форм хозяйствования.

Рассматривая перемещение этносов на примере родоплеменного объединения *отузуул*, хотелось бы обратить внимание на происхождение самого этнонима. Как известно, род *отузуул* является одним из ветвей кыргызов. В XVI в. киргизские племена делились на *он канат* (правое крыло) и *сол канат* (левое крыло). *Он канат* в свою очередь подразделялось на группу *отуз уул* и группу племён, именуемых потомками одного из прародителей кыргызов Булгачи. В более поздний период под названием *отуз уул* объединялись оба крыла *он канат* и *сол канат*. Группа племён потомков Булгачи получила название *ичкилик* – внутренний. (Возможно, название происходит от географического расположения этих племён. По другой версии, представители данных родов, были в близком окружении с управителями гостударств).

Данные по родоплеменным объединениям кыргызов в Кызыл-Суйском районе КНР, наоборот, *отуз уул* относят к левому крылу, а группу *ичкилик* к правому крылу. Здесь прослеживается субъективный фактор при предоставлении информации. Как известно, издревле правая сторона считается более привилегированной, по отношению к левой стороне. Так и китайские источники сообщают о жителях живущих с правой стороны от главных ворот крепости, занимавшие более почётное место и звание в иерархии государства. [6, с. 61]. В кочевой жилище юрте, также правая сторона от места *төр*, считается более почётным.

По одной из версий *отуз уул*, как родоплеменной состав входит в группу *сары кангы.* По генеалогическим преданиям родоплеменная структура кыргызов издревле делилась на две ветви. Это *отуз уул – ичкилик, отуз уул – булгачы, отуз уул – он уул, он канат* (правое крыло) и *сол канат* (левое крыло). Родоплеменные названия *булгачы* и *он уул* подразумевали группу *ичкилик.* Сведения аналогичного характера встречаются в персоязычном сочинении XVI в. «Шажарат ал-атрак», в котором есть легенда о происхождении кыргызов и делении на две ветви: *кыргыз* и *отуз уул.* Также в сочинении XVI в. «Маджму ат-таварих», Сейф ад-Дина Ахсикенти [7, с.206-207], можно увидеть деление кыргызов на *он канат*, и *сол канат.*

Рассматривая перемещения родоплеменного объединения *отузуул (отуз уул)* опираясь на теоретические разработки учёных, в данной статье впервые привлекли сообщения информаторов, из различных регионов республики. Одной из задач было, сделать попытку уточнения место локации формирования данной группы. Информаторами стали: Абыл Абдылда уулу, 1928 г.р., житель с. Отуз-Уул, Иссык-Кульской обл. Шакитов Шаршенбай, 1936 г.р., кандидат философских наук, житель г. Каракол, родившийся в с. Отуз-Уул, Иссык-Кульской обл. Карымшаков Ракым, доктор физико-математических, 1932 г.р., житель города Бишкек, родившийся в с. Отуз-Уул. Байкожоев Жолчубай, 1949 г.р., житель с. Биринчи-Май, Кара-Кульжинского района, Ошской области. Доронов Маматсейти, 1947 г.р. житель с. Кожоке , Нокатского района, Ошской области.

В настоящее времяв в с. Отуз-Уул, Ак-Суйского района, Иссык-Кульской обл., проживает родовое объединение, входящий в состав племенного объединения *арык-тукум*, как *тоңду уул* (пришлый род), который с родом *белек* в свою очередь является одним из подразделений большого племенного объединения *бугу*, занимающую почти всю Иссык-Кульскую котловину, и далее некоторые восточные районы, вплоть до границ Синьцзяня.

Различаясь в маленьких деталях, сообщения информаторов говорят о родоплеменной группе *отузуул*, имеющий корни южного происхождения и волею судьбы оказавшиеся на территории Иссык-Кульской котловины, где издревле проживают потомки племени *бугу*, упоминаемые у многих исследователей. Н.А. Аристов в своих работах их называл *пугу*, введя в некоторое заблуждение читателей. [8, с. 57]. По их словам род *отуз-уул* проживал возле местечка Андижан-Арка и окрестностях одного из древних городов. По второй версии информаторов, они жили в местечки Коргошун-Талаа, в настоящее время, локация данного места не определено. Для жителей Иссык-Куля под названием Ош подразумевалось не только город Ош, в современном понимании, но и весь южный регион. Информаторы как южного региона, так и Иссык-Кульской котловины рассказывают: «в конце XVII века, на земли родов *арык-тукум* и *белек*, к баю Күчүкү, пришли две юноши по имени Алыке и Жаныке, сыновья покойного Кылыч бия, потомка рода *отуз уул*. Зная знатное происхождение пришельцев, им дали достойное занятие и нарекли новыми именами Күнтө и Түнтө». По воле судьбы в последующем один из братьев совместно с *жеңе* (с женой убитого брата), оказывается в районе современного г. Кокчетав, на землях казахского хана Абылая. Күчүк бий под давлением своего народа, просит Абылай хана вернуть сына. Он возвращает, с наказанием: «Молодая женщина на сносях, если родится мальчик назовите Отузуул». Поминая, что достойные люди всегда справедливы, мальчика назвали Отузуул. Предание гласит, отцом Отузуула является выходец из Анжиян-Арка, а матерью наследница славных традиций Иссык-Куля.

Рассматривая сообщения информаторов, отбросив фольклорный вымысел, можно увидеть, что род переместился из южных регионов, из местности Анжиян-арка, по другой версии из местности Коргошун-Талаа. Анжиян можно считать, современный город Республики Узбекистан – Андижан. Под *арка* здесь понимается как *«за хребтом»* т.е. за Терской Ала-Тоо, в районе Ферганской долины. В настоящее время это выражение *арка* упоминается в обратном направлении, т.е. в районах Чуйской долины, Иссык-Куля и Нарына. Связывание с регионами Казахстана, также имеет своё обоснование. С.М. Абрамзон в своих разработках упоминает, что род проживающий в с. Отуз-Уул, пришёл именно из Казахстана.

Следует сказать, многолетние исследования учёных разных направлений: филологов, тюркологов, этнографов, археологов дали свой результат в исследование происхождения и зарождения кыргызского этноса. Современные научные достижения по истории кыргызского народа покоятся на разработках учёных многих стран, в том числе российских. В дальнейших исследованиях

нерешённых проблем киргизской историографии, следует шире привлекать фольклорные материалы, которые могут стать дополнительным источником, в случае их корреляции с научными разработками.

Abstract: *Using the example of the Otuzuul tribal association, the article reveals the movements of the Kyrgyz people, which ceased during the process of Sovietization and collective farm construction. Currently, the clan subdivision, under the name otuzuul, lives in the Issyk-Kul basin. According to the research of scientists, this name belongs to a larger association of ethnic groups that make up the right wing of the people. In the article, correlating the theoretical assumptions of scientists and reports of old-timers of the older generation who know the genealogy of the people, an attempt was made to clarify the area of formation of the Otuzuul clan.*

Key words:tribal association, nomadic economy, legends, genealogy, right and left wing, ethnic group, Anzhiyan-Arka, Kokchetav.

Литература:

1. Бартольд В.В. Киргизы. (Исторический очерк). – Фрунзе, 1927. – 57 с.
2. Бернштам А.Н. История кыргыз и Кыргызстана с древнейших времен до монгольского завоевания. Т. II Сост.: К. Ташбаева, Л. Ведутова. - Б.: Айбек, 1998. - 140 с.
3. Валиханов Ч. Ч. Дневник поездки на Иссык-Куль // Валиханов Ч. Ч. Собрание сочинений в пяти томах. Том 1. – Алма-Ата, 1984. – 432 с.
4. Валиханов Ч. Ч. Записки о кыргызах. Смерть Кукотай-хана и его поминки (текст и факсимиле) // Собр. Соч. в пяти томах. – 2-е изд. Доп. и переработанное. – Алматы: 1985. – Т. 2. – 416 с.
5. Абрамзон С.М. Киргизы и их этногенетические и историко-культурные связи. – Л.: Наука, 1971. – 403с.
6. Сыма Цянь. Ши цзи. (Исторические записки). Т. 1. – М., 2006. – 559 с.
7. Сайф ад-Дин Аксикенди. Извлечения из Маджму ат-Таварих / Ромодин В. А. – Материалы по истории кыргызов и Кыргызстана. – М.: Наука, 1973. – 210 с.
8. Аристов Н.А. Усуни и кыргызы или кара-кыргызы. – Бишкек: Илим, 2001. – 582 с.

ТАЪРИХИ ФАЪОЛИЯТИ ХОНАДОНИ ОЛИ БУХТАЙШУЪ

Қаҳҳоров Умед Ашӯраҳмадович *– муаллими калони кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

Саидов Бахтиёр Латифович *– муаллими кафедраи таърихи халқи тоҷики МТД "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Дар ҳофизаи таърих чандин хонадонҳое сабт гардидаанд, ки дар давоми чандин насли хеш барои рушду такомули илм ва соҳаҳои гуногун нақши худро гузоштаанд. Яке аз чунин хонадонҳое, ки дар рушди илми тиб, табобати беморон, ташкили сохти идории бемористонҳо саҳми босазои хешро гузоштаанд, хонадони Оли Бухтайшуъ ба шумор меравад.

Хонадони Олӣ Бухтайшуъ, ки шаш насли онҳо дар муддати 250 дар бемористони Ҷундишопур ба тадрису дармон машғул будаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиётҳои илмӣ оварда мешавад, ки Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ, Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис, Сирҷис ибни Бухтайшуъ, Ҷабраил ибни Бухтайшуъ, Бухтайшуъ ибни Ҷабраил машҳуртарин намояндагони хонадони мазкур мебошанд. Мавриди тазаккур аст, ки дар низоми таълиму табобат дар қатори мубадони зардуштӣ инчунин мӯътақидони динҳои дигар низ ҷалб мегардидаанд.

Ҷирҷис ибни Бухтайшуъ (ваф. 771) яке аз намояндагони машҳури хонадони болозикр ба шумор меравад. Дар давоми фаъолияти хеш ӯ вазифаҳои раиси пизишкони бемористони Ҷундишопур ва пизишки дарбори халифа Мансурро ба ӯҳда доштааст.

Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда халифа Мансур (ҳукм. 754-775) ба бемории дарди меъда гирифтор мегардад. Барои давои дарди ӯ пизишки шахсиаш Ибн ал-Ҳалоҷ хеле кӯшиш менамояд, аммо ба ӯ муяссар намегардад, ҳатто ки аз маслиҳатҳои утабои атроф низ истифода мекард. Машҳурии Ҷирҷис то ба дараҷае буд, ки ҳатто халифа низ аз пизишки ҳозиқ будани ӯ хабар доштааст. Бинобар ин бар ӯ одам мефиристад, Ҷирҷис бо ҳамроҳии ду нафар шогирдони хеш Иброҳим ва Исо ибни Шаҳло роҳ басӯи Бағдодро мегирад. Мувофиқи маълумотҳо ҳайъати

мазкурро хуб истиқбол гирифтанд ва ба муолиҷаи беморӣ шурӯъ намуданд. Натиҷаи муолиҷа хуб анҷом пазируфт. Билохира аз Ҷирҷис хоҳиш ба амал оварда шуд, то ки ҳамчун сарпизишки халифа дар дарбор боқӣ бимонад[8,с.97].

Лозим ба ёдоварист, ки мувофиқи маълумотҳо Ҷирҷис на фақат бо дониши тиббии худ дар байни омма машҳур гардида будааст, инчунин дар тарҷума низ шӯҳрати зиёд ба даст овардааст. Ӯ нахустин касе буд, ки ба тарҷумаи китоб ва осори тибби ба забони арабӣ машғул шудааст. Дар байни шогирдонаш, яке писари маъруфаш Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис буд ва дар муддати иқомати Ҷирҷис дар Бағдод сарпарасти бемористони Ҷундишопур бо таин фармони халифа таин гашта буд. Шогирди дигари ӯ Исо ибни Тоҳирбахт, ки ӯ низ дар охири умри Ҷирҷис сарпарастии бемористони Ҷундишопурро дар даст доштааст.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда, дар ин давра Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис дар шаҳри Бағдод будааст, аммо дар он ҷо беш наистода, ба Ҷундишопур баргаштааст. Бояд ишора фармуд, ки Бухтайшуъ ибни Ҷирҷис ба мисли падараш табиби ҳозиқ будааст, ки халифаи панҷуми аббосӣ Ҳорунаррашид (ҳукм.786-809) раёсати Ҷундишопурро ба ӯ месупорад[1, с.20-21]. Дере нагузашта, Ҳорун ба беморие дучор мегардад ва вазири ӯ Яҳё ибни Холиди Бармакӣ (вазир 750-754) ба Хорунаррашид гуфт, ки Абӯқурайш табиби падар ва модари ӯ дар дармони сардард маҳорати комиле дорад. Аммо Ҳорун пешниҳоди ӯро қабул намекунад. Пас аз ин Яҳё Бухтайшуъро муаррифи кард. Халифа дар бораи ӯ маълумоте надоштааст. Ба ин нигоҳ накарда фармон, ки ӯро дар зери назари худ ба кор биоранд. Аз ин лиҳоз Бухтайшуъ зуд ба дарбор оварда шуд ва худро ба халифа муаррифи намуд. Мувофиқи ақидаи Сирил Элгуд халифа моил набудааст, ки бо ӯ сӯҳбат кунад ва Яҳёро ба мусоҳиба бо вай маъмур намудааст, Яҳё низ чун худро барои қазоват дар шоистагии Бухтайшуъ солеҳ намедид Абӯқурайш Тайфурӣ ва Ибни Саробиюнро маъмури ин кор сохт[8,с.101]. Аммо бо вуҷуди ин обрӯ ва шӯҳрати Бухтайшуъ ба қадре зиёд буд, ки Абӯқурайш низ бартарии ӯро эътироф намудааст. Ба гуфтаи Ибни Абӣ Асибаъ Абӯқурайш чунин изҳор намудааст: “Эй Амиралмуъминин дар ин ҷо касе нест, ки шоистаи сӯҳбат бо ин мард бошад, зеро ӯ устоди мантиқ ва мунозира аст. Ӯ ва падару тамоми хонаводааш ҳама аҳли фалсафа ҳастанд”[8,с.101]. Бинобар ин Ҳорунаррашид маҷбур шуд, ки имтиҳонро худ гирад ва дастур медиҳад, идрори як қотирро ҳозир кунанду барои ташхис диҳанд. Абӯқурайш дар ҳолати дастрас намудани идрор ба Бухтайшуъ қасам мехӯрад, ки ин идрори яке аз канизак аст. Бухтайшуъ он идрорро бо оромӣ ташхис менамояд ва маълум менамояд, ки духтар гирифтори сеҳру ҷоду шудааст, зеро фақат аз қотир метавон чунин идроре ба даст овард. Баъдан савол медиҳанд, ки чунин шахсеро чигуна дармон кард, ҷавоб медиҳад, ки барои чунин касе ҷав беҳтарин ва муносибтарин ғизо хоҳад буд. Ин ҷавоби ӯ ба Ҳорун писанд омад ва ба ӯ молу сарвати бисёр бахшида вайро сарпарасти пизишкони шахсии худ таин намуд ва дигаронро бар ӯ итоат фармуд[1,с.40].

Пас аз ин Бухтайшуъ аз вазифаи худ дар Ҷундишопур даст кашид ва ба хидмати халифа пардохт. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда Бухтайшуъ бо Ҷаъфари Бармакӣ низ ошноӣ доштааст, вале баъди чанд сол Ҷаъфар бемор мегардад ӯ маъзарат хоста ба ҷои худ писарашро, ки пизишки беназире буд мефиристад[2]. Бухтайшуъ дар соли 801 бандагиро ба ҷо меоварад.

Дар такя ба сарчашмаҳои мавҷуда ма мо маълум мегардад, ки писари Бухтайшуъ Ҷабраил дар дарбори халифа хизмат менамояд ва дар давраи ӯ шӯҳрат ва сарвати хонадони онҳо афзош меёбад. Яке аз муваффақиятҳои назарраси ин хонадон, халифа вақте ба бемории фалаҷ гирифтор шуда буд, ки табобати онро табибони дарбор ба зимма нагирифта буданд, бомуваффақият иҷро намуд. Сарвати хонадони Бухтайшуъ рӯз ба рӯз баракат пайдо менамуд, аммо афроди он донишу таҷрибае, ки дар Ҷундишопур доштанд арбобони илм маҳсуб намеёфтанд. Яке аз хусусиятҳое, ки ин хонадон аз даст дод, ҳурмату эҳтироми пешина, ки дар давраи падари Ҷабраил Бухтайшуъ вуҷуд дошт. Илова бар ин дар дасисаҳои дарбор низ ин хонадон ворид гардид ва то ҳатто ширкат меварзид. Ҳамаи ин ҳодисаҳо бар зарари дониши илмии ин хонадон буд. Тамоми дониши илмӣ ва амалиро Бухтайшуъ аз падараш омӯхта буд. Сирил Элгуд дар ин бора чунин баён менамояд: “Вале ҳеҷ як аз фарзандони ӯ наметавонист

чунин иддаое бикунанд ва бо вуҷуди ин ки яке аз афроди хонадони Бухтайшуъ то замони зуҳури Изудуддавла дар дарбори халифа ба хидмат идома медод”[8,с.102]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки бартарӣ ва фазилати ин хонадон, ки бо сурат ва шахсияти фавқулоддаи Ҷабраил ба даст омада буд, аз байн рафт.

Ҷабраил ибни Бухтайшуъ дар давоми хидмати худ ҳамчун табиби шахсии Бармакиён низ ба ҳисоб мерафтааст, ки мувоқи маълумотҳои таърихӣ 13 солро фаро мегирад. Ҳатто эшон бар воқеаи ба қатлрасии намояндагони ин хонадон шоҳид будааст.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз байн бардошта шудани хонадони Бармакиён кору пайкор ва эътибори халифа бар хонадони Бухтайшуъ тағир наёфта, ҳамчунин ҳадяҳои зиёд барои Ҷабраил мефиристод ва ҳатто ӯро ҳамроҳи худ ба зиёрати Ҳаҷ мебарад. Ҷабраил дар охири ҳаёти Ҳорун мавқеи худро аз даст дода взифаи пизишти дарбориро низ холӣ намуда буд, ки ин мавқеи худро дар давраи ҳукмронии халифа Амин дармеёбад ва пизишки дарбор интихоб мегардад.

Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда, дар соли 828 ҳангоме, ки Маъмун омодагии худро барои лашкаркашӣ бар Юнон медид Ҷабраил аз ҳамроҳи намудани Маъмун даст мекашад ва ба ҷои худ писараш Бухтайшуъро фиристод ва баъди чанде даргузашт, ки дар хонақои суннатии Сарҷиюс ба хок супурдаанд[4,с.47].

Мувофиқи ақидаи Сирил Элгуд Ҷабраил ибни Бухтайшуъ осроеро аз худ боқӣ гузоштааст, ки яке аз он дар бораи ғизоҳо ва нӯшобаҳо хитоб ба Маъмун ва дигар китоби ӯ дар хусуси илми мантиқ будааст[8,с.109].

Ғайр аз ин хонадони Бухтайшуъ инчунин боз яке аз кормандони бемористони Ҷундишопур ба самти Бағдод кашида шуд. Ин шахс дорусоз Маъсуя буд, ки падари ду табиби машҳур Микоил ва Юҳанно аст.

Мувофиқи ақидаи Сирил Элгуд рӯзе яке аз хизматгорони Фазл ибни Рабиъ (вазири халифа Қ.У.) ба бемории чашм дучор мегардад, ки табибон аз табобати он ноилоҷ монда буданд ва ғуломи вазир бар ҷустуҷӯи Маъсуя рафта, ӯро дармеёбад ва хоҳиш менамояд, ки илоҷи дарди ӯро гӯяд. Маъсуя пас аз чанд рӯзи ҷустуҷӯ ва таҳлили хотиротҳои хеш, ки барои чашмпизишкони беморхонаи Ҷундишопур доруҳои месохтаашро ба пеши чашм овард ва ба бемории ғулом шифо бахшид. Овозаи шифои ӯ дар байни дигарон паҳн гардида, рӯзе Фазл ҳам бемориичашм гирифтор мегардад ва Маъсуя онро даво мебахшад[8,с.110].

Зикр намудан ба маридаст, ки дар ин давра Халифа Ҳорунаррашид ба бемории чашм мубтало мегардад ва Маъсуяро барои табобат ба назди худ даъват намуд. Ӯ халифаро бомуваффақият табобат намуд ва халифа вайро ҳамчун табиби чашмпизишки хеш таин намуд, ки аз ҷиҳати мавқеъ нуфуз бо Ҷабраил баробар гардид. Инчунин мавриди тазаккур аст, ки Маъсуя табобати хоҳари халифаро низ дар ӯҳда доштааст ва дар ҳамин маврид байни Ҷабраил ва Маъсуя низоъ бархест ва Маъсуяро ба зиндон ахдохтанд. Пас аз исботи бегуноҳии Маъсуя ӯро аз зиндон озод намуданд.

Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда, ду писари Маъсуя ҳамчун табибони машҳури замона гардидаанд. Яке аз фарзандони ӯ Исо ном дошта, дар натиҷаи таҳсили зиёд ба молихулё дучор гардида буд. Дигаре аз писрони ӯ Микоил буд, ки дар натиҷаи фаъолияти фавқуллодаи худ маъруф гардидааст. Чуноне ки Сирил Элгуд менависад “ҳеҷ доруеро масраф намекард магар ин ки лоақал пас аз 200 сол масрафу таҷрибаи асри он ба исбот расида бошад ва ҳамчунин аз хӯрдани муз (банан) истиноъ меварзид ба ин далел, ки аз гузаштагон шоҳидӣ дар бораи муфид будани он ба даст наёварда буд”[8,с.111]. Дар он давроне, ки ҳоло Маъмун ба сари хилофат наомада буд, аллакай Микоил ба пизишки шахсии ӯ табдил ёфта, чуноне маълумотҳо мавҷуданд, ки назариёти пизишкии ӯ аз назариёти Ҷабраил ибни Бухтайшуъ муқаддамтар будааст.

Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда, аз байни се писарони Маъсуя аз ҳама машҳуртараш Юҳанно будааст, ки бо шарофати ин шахс наслҳои оянда, хонадони Маъсуяро бартар аз хонадони Бухтайшуъ мешуморидаанд. Мувофиқи маълумотҳои Лео Африканиюс ва дигар маълумоҳои мушаххаси таърихи дар соли 777 мелодӣ ба дунё омадааст[6]. Минбаъд ӯро халифа Ҳорунаррашид мефармояд, ки китоб ва осори тибби юнониро ба забони арабӣ баргардон

намояд. Ҳатто ақидае аст, ки Юҳанно барои мутолиаи зиёди китобҳо юнониён шахсан ба юнон рафта бошад.

Мавриди таваҷҷӯҳ аст, ки аз ҷониби масеҳиён, яҳудиён ва донишҷӯёни донишгоҳи Ҷундишопур бештар асарҳои бо забони суриёнӣ навишташуда, дар муқоиса бо забони арабӣ мавриди истифода қарор дода мешудаанд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дар ин бобат халифа Маъмун низ кори шоистеро ба иҷро расонида, дар соли 830 поя ва асоси мадрасаи мутарҷимонро гузоштааст. Дар ин мадраса машҳуртарин мутарҷимони араб хидмат мекардаанд[8, с.112]. Ба гуфтаи Ибни Абӣ Асибаъ Ҷирҷис (Ҷирҷиси дуввум писари Бухтайшуъи дуввум) ном мутарҷиме будааст, ки яке аз аввалин мутарҷимони китоби тиббӣ ба забни арабӣ будааст.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки дар қатори дигар намояндагони Оли Бухтайшуъ Синон, Бухтайшуъи чаҳорум писари Юҳанно ва Нуҳ Бухтайшуъи саввум будаанд.

Хулоса, бемористони Ҷундишопур дар омода намудани пизишкони баландихтисос нақши муҳими худро гузоштааст. Дастпарварони муассисаи мазкур аз ҷумла хонаводаи Олӣ Бухтайшуъ нафақат дар ҳудуди эронзамин балки дар тамоми олам обрӯ ва эътибори баланди хешро дошта, дар пешрафти илми тиб, тарҷимаи асарҳои илмӣ, роҳҳои дарёфти табобати бемориҳо ва ғайра саҳми босазои хешро гузоштаанд.

Адабиёт:

1. Аҳмад Исобак. Таърихи бемористонҳо дар Ислом. Тарҷумаи доктор Нуруллоҳ Кисоӣ.Теҳрон 1371. – 240 с.
2. Доктор Ҳасан Тоҷбахш. Таърихи бемористонҳо корномаи дурахшони Эрониён //http://ensani.ir/file/download/article/20120426105617-4034-514.pdf (санаи мурочиат: 03.04.2024)
3. Заходер Б. Иран при Сасанидах // Исторический журнал. Декабр 1936. //http://libmonster.ru/m/articles/view/ИРАН-ПРИ-САСАНИДАХ (санаи мурочиат: 05.04.2024).
4. Иброҳимӣ И. Таърихи дармонгоҳ ва бемористон дар Эрон баъд аз ислом. – Табрез, 1394. 137 с.
5. Исҳоқӣ Ю.Б., Тоҷиев Я.Т. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. Душанбе: ДДТТ, – 128 с.
6. Муҷтабо Гарованд, Баширӣ Озарҷӯ. Ҷойгоҳи илми пизишкӣ дар Донишгоҳи Ҷундишопур ва таъсири он бар марокази илмии тамаддуни исломӣ. //http://ensani.ir/file/download/article/2017020807 2547-10066-113.pdf (санаи мурочиат: 08.04.2024).
7. Муҳаммадбоқир Ояталилоҳӣ. Ҷундишопур аз тулуъ то уфул. //http://ensani.ir›fa/article/author/126183 (санаи мурочиат: 09.04.2024).
8. Сирил Элгуд. Таърихи пизишкии Эрон ва сарзаминҳои хилофати Шарқӣ. Тарҷумаи доктор Боҳир Фурқонӣ. Теҳрон: 1356. 697с.

ХУСУСИЯТИ АНТРОПОЛОГИИ АҲОЛИИ ИБТИДОИ АСРИМИЁНАГИИ ВАРОРӮД (ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ ПАЛЕОАНТРОПОЛОГӢ)

***Наврузбеков Маснав**–Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Масъалаи пайдоиши симои антропологияи аҳолии вилояти таърихӣ-ҷуғрофии Вароруд бисёр баҳснок буда, диққати муаррихон, мардумшиносон ва симошиносонро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст. Барои омӯзиши масъалаи мазкур маводи палеоантропологӣ аз гӯристонҳои давраи ибтидои асрҳои миёна аз қаламравии имрӯзаи Осиёи Марказӣ ҳамчун сарчашмаи муҳим ба ҳисоб мераванд. Дар таълифоти мазкур маводи палеоантропологии ибтидои асрҳои миёна, ки аз қаламрави имрӯзаи Осиёи Марказӣ дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ ба даст омадаанд, мухтасар таҳлилу барассӣ гардидаанд. Таҳлили маводҳо палеоантропологӣ нишон медиҳанд, ки дар ташаккули аҳолии ибтидои асримиёнаги Вароруд қабилаҳои муқимии кишоварз ва кучии чорводор иштирок доштанд.

Муҳаққиқони соҳаи антропологияи ҷисмонӣ/биологӣ маводи краниологии замони ибтидои асрҳои миёнаро аз ҳудуди Осиёи Марказӣ омӯхта, якчанд хусусияти нажодиро дар ин минтақа ҷудо мекунанд: нажоди омехтаи аврупоӣ-муғулӣ (ҷанубии Сибирӣ) дар минтақаи шимоли шарқӣ, нажоди зебои аврупоӣ дар водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё ва нажоди

аврупоии мезокранӣ (сари миёна ва паҳн) дорои ҷеҳраи баланду борик дар Туркманистони Ҷанубӣ, Хоразм ва водии Зарафшон паҳн шуда буданд.Ғайр аз ин ду гунаи нажоди Варорӯдӣ (Помиру Фарғонагӣ бо истилои Ярхо) дар таркиби аҳолии асри ибтидои асримиёнагии болооби руди Ому ва ҷануби Фарғона бартарият доштанд [1, 68-69].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили маводи антропологӣ муайян шуд, ки симои аҳолии ибтидои асримиёнагӣ Варорӯд нисбат ба замони антиқӣ бештар аврупоӣ ва яктаркиба мегардад. Аврупоишакл ва яктаркиба шудани аҳолии Варорӯди асри миёнагӣ асосан дар натиҷаи раванди омехташавии фаъоли навомадагон бо аҳолии таҳҷоии шаҳрӣ ба вуҷуд омадааст.

Адабиёт:

1.Ходжайов Т.К.Антропология Средней Азии// Российский журнал физической антропологии.№1.-М., 2023.С-68-69.

ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ТИРГОН ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОН

Зубайдуллоев Саидҷон Хайруллоевич – *ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*
Мирзоашрафов Пайрав *– дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев*
Мирзоев Мирзо Низомудинович *– муаллими калони кафедраи умуми ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Ҷашни Тиргон ба қатори Сада, Наврӯз ва Меҳргон яке аз ҷашнҳои қадимтарини гузаштагони мо тоҷикон яъне ориёиҳо ба шумор меравад. Агар ба таърих назар андозем маълум мегардад, ки миллати тоҷик дар тули таърих дар чаҳор фасли сол чаҳор ҷашни қадима доштанд, ки ҳар яки он хоси мавсими солу табиати зебои сарзамини Тоҷикистон мебошад.

Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳои таърихи муайян кардан мумкин аст, ки ин чаҳор ҷашни миллӣ ба ягон дин ё мазҳаб манбус набуда, пайдоиш ва ҷавҳари ин ҷашнҳо чихеле, ки дар боло гуфта гузаштем, ба чаҳор фасли сол ё ин ки ба чаҳор унсур яъне об, оташ, замин ва ҳаво, ки дар фарҳангӣ ориёиҳо муқадас дониста мешуд марбут медиҳанд. Барои таҷлили ҳар яки ин ҷашнҳо мардум омодаги мегирифтан, манзилҳои худро тоза намуда, дастархони идона ороста, ҳамдигаро табрик гуфта, базму тараб менамуданд.

Агар ҷашни Сада ба оташ мансуб бошад ва рамзи гузаштани сардиҳои зимистон, муждае аз наздик расидани баҳор, ҷашни Наврӯз оғози баҳор, зинда шудани замин, табиат ва шуруъи деҳқон ба кишти баҳорӣ бошад, пас ҷашни Меҳргон ҷашни тирамоҳи буда, деҳқон заҳмати бо ранҷ кишт намудаашро ҷамъовари намуда, пешкаши мардум менамояд. Дар баробари ин ҷашни Тиргон ҷашни тобистона буда, ба 21 июн–21 июл рост омада, таъмини зироат бо об ва заминагузорӣ барои ҳосили навбатист. Дар ин давра ғалла, меваву сабзавод ва дигар маҳсулотҳо мепазад. Деҳқонон ҷамъоварии ғалла ва дигар зироатҳои худро оғоз намуда, кишти такрории худро идома медод, ки барои он об низ аҳамияти калон дошт, бо ниёиш аз эзидони худ талаб менамуданд, ки кишварро аз хушксолӣ нигоҳ дорад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки оиди ҷашни Тиргон дар фарҳангномаҳо ва сарчашмаҳои таърихи маълумотҳои зиёде оварда шудааст, ки қисми зиёди он то замони мо омада расида, зери омӯзиши олимон қарор доранд.

Яке аз бузургтарин донишманди олами илми Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки дар асри X–XI ҳаёт ба сар бурда, дар соҳаҳои гуногуни илмҳои дақиқ, таърих, этнография ва адабиёт асарҳои гаронбаҳои пуразриши зиёде навишта дар бисёр соҳаҳои илм аввалин раҳкушо буда, ба рушди илмҳои замони худ ҳиссаи басо арзанда гузоштааст Абӯрайҳони Берунӣ ба ҳисоб меравад. Имруз илми тоҷикро бидуни тадқиқотҳои бунёдӣ, китобу рисолаҳо ва андешаҳои пуразриши Берунӣ наметавон тасаввур кард [7, с.10].

Дар байни тадқиқотҳои илмӣ–таърихии донишмандони тоҷик оиди ҷашни Тиргон эҷодиёти Абӯрайҳони Берунӣ мавқеи калонро ишғол менамояд.

Абӯрайҳони Берунӣ ҳамчун муаррихи барҷаста таърих ва пайдоиши ин ҷашни муборакро омӯхта, ба анъанаю таъсири он ба фарҳанг ва маданияти мардум аҳамияти хосса зоҳир намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Нобиғаи асримиёнагӣ Абӯрайҳони Берунӣ дар осори мондагораш, ба хусус дар робита ба одобу русум ва ҷашну рӯзҳои маъруфи гузаштагон: ҷашни Сада, Наврӯз, Тиргон, Меҳргон маълумот овардааст. Аз ҷумла дар бораи яке аз ҷашнҳои миллии миллати тоҷик Тиргон ва таърихи пайдоиши он маълумоти ҷолиб ва қобили мулоҳизаро пешкаши хонанда намудааст.

Ситораи дурахшонтарини илми ҷаҳони Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби худ «Осор–ул–боқия» дар яке аз фаслҳо «Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст», чунин қайд менамояд: «Рӯзи сездаҳуми он рӯзи тир аст ва идест, ки «Тиргон» ном дорад, барои иттифоқи ду ном. Ва барои ин ид ду сабаб аст: Яке он аст, ки Афросиёб чун ба кишвари Эрон ғалаба карду Манучеҳрро дар Табаристон дар муҳосира гирифт. Манучеҳр аз Афросиёб хоҳиш кард, ки аз кишвари Эрон ба андозаи партоби як тир дар худ ба ӯ бидиҳад. Ва яке аз фариштагон, ки номи ӯ Исфандормуз буд, ҳозир шуд ва Манучеҳрро амр кард, ки тиру камон бигирад ба андозае, ки ба созан- даӣ он нишон дод, чунон ки дар китоби «Авесто» зикр шуда ва Орашро, ки марде бадиёнат буд, ҳозир карданду гуфт, ки «ту бояд, ин тиру камонро бигирӣ ва партоб кунӣ». Ва Ораш барпо хосту бараҳна шуд ва гуфт: «Эй подшоҳ ва эй мардум, бадани маро бубинед, ки аз ҳар захмеву ҷароҳатею иллате солим, аст. Ва ман яқин дорам, ки чун бо ин камон ин тиро бияндозам, пора- пора хоҳам шуд ва худро талаф хоҳам намуд, вале ман худро фидои шумо кардам». Сипас бараҳна шуд ва ба қуввату нерӯе, ки худованд ба ӯ дода буд, камонро то баногуши худ кашид ва худ пора-пора шуд. Ва худованд бодро амр кард, ки тири ӯро аз кӯҳи Руён бар- дорад ва ба аксои Хуросон, ки миёни Фарғона ва Табаристон аст, партоб кунад. Ва ин тир дар мавқеи фурӯд омадан ба дарахти гирдуи баланде гирифт, ки дар ҷаҳон аз бузургӣ монанд надошт. Ва баъзе гуфтаанд: «Аз маҳали партоби тир то он ҷо, ки афтад, ҳазор фарсах буд». Ва Манучеҳру Афросиёб ба ҳамин миқдор замин бо ҳам сулҳ карданд. Ва ин қазия дар чунин рӯзе буд ва мардум онро ид гирифтанд» [1, с.240].

Аз рӯи маълумотҳои овардаи Абӯрайҳон Берунӣ муайян кардан мумкин аст, ки ҷашни Тиргон дар баробари дигар унсурҳояш таранумгари ваҳдату дӯстӣ ва якдили буда, аз оғози муносибатҳои неки Манучеҳру Афросиёб дарак медиҳад.

Дар баробари Беруни дигар донишмандони тоҷик дар осорашон оид ба таърих ва ойинҳои ҷашни Тиргон маълумотҳои зиёде овардаанд, ки дар мақола оварда шудааст.

Яке аз донишмандони пурмаҳсул ва фалклоршиноси варзида Раҳимов Дилшод дар китоби худ «Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии тоҷикон» дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо ва осори олимон қайд менамояд, ки тир номи эзади борон дар мифологияи Эрони бостон буда, дар Авасто дар шакли Тиштарйа, дар паҳлавӣ – Тиштар ва дар форсии навин бо номҳои Тиштар ва тир зикр шудааст. Вазифаи Тиштар об гирифтан аз дарёи Фарохкарт ва онро дар шакли борон резонидан ба заминҳои аҳуроӣ мебошад. Тиштра инчунин номи сулолаи он–Сириус ҳамреша аст [2, с.58].

Дар яшти ҳаштуми Авесто («Тир–яшт») Тиштар ситораи сапеду дурахшон ва тавоно мебошад, ки сиришти обро дораду нажодаш аз Апам Напат (эзади обҳо) аст. Тиштар ба колбадҳои марди ҷавони неруманд, аспи сафеди заррингӯш ва гови зарриншоҳ дармеояд ва бо деви хушксолию бебаронӣ – Апаошо, ки мехост ҷаҳонро аз беоӣ табоҳ созад, мубориза мебарад. Дар набарди аввал Апаоша ғолиб меояд ва пеши дарёи Фарохкартро мебандад, абрҳои бороноварро пора – пора мекунад, аммо дар набарди дуюм Тиштар неру гирифта, деви хушксолиро шикаст медиҳад. Аз он пас абрҳо пурбор шуда, боронҳои фаровон ба кӯҳу дашту даман меборанд ва табиат сарсабз гашта, ҳаёти осудаву хуррам оғоз мешавад [2, с.58-59].

Сабаби дуюми оғози тақлили ҷашни Тиргонро Абӯрайҳон Берунӣ дар асори худ Осор–ул–боқия дар ҷои дигар чунин ба қалам додааст: ««Даҳуфазия», ки маънои он ҳифзи дунё ва нигаҳбонии он аст ва фармонравоӣ дар он ва деҳқанат, ки маънои он иморати дунё ва зироату қисмати он аст бо ҳам тавъаманд, ки имрони дунёву қивоми олам бад-онҳост ва фасоди олам бад онҳо ислоҳ мепазирад. Ва китобат дар пайравии он ва наздик бо ин ду мебошад. Аммо «даҳуфазия» аз Хушанг содир шуда ва деҳқанатро бародари ӯ Вигард расм намудааст. Ва номи ин рӯз Тир аст, ки Уторид бошад, ки ситораи нависандагон аст. Ва дар ин рӯз буд, ки Хушанг номи бародари худро бузург гардонид ва деҳқанатро ба ӯ дод. Ва деҳқанату китобат як чиз аст. Ва ин рӯзро аз роҳи ҷалолияту иъзом ид гардониданд. Ва дар ин рӯз Хушанг мардуми дунёро амр кард, ки либоси котибӣ бипушанд. Ва деҳқононро низ бар ҳамин кор амр кард. Ва аз ин рӯз мулуку деҳқонон мӯбадон ва ғайри эшон ин либосро пӯшиданд. Ва то

рӯзгори Гуштосп аз роҳи ҷалолияти китобат ва афзалияти деҳқонон ин расм боқи бувад [1, с.240].

Дар натиҷаи таҳлили китоби «Осор–ул–боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ маълум мегардад, ки ҷашни Тиргон ба давраи сулолаи Пешдодиён ва шоҳаншоҳии Манучеҳру Афросиён мансуб аст. дар тӯли таърих мардум қаҳрамониҳои ин ду шоҳро фаромуш карда наметавонан, ки ин ду тан тавонистанд бо роҳи созиш сулҳу амониро дар марзи худ барқарор намуданд. Аз ин ҷост, ки ин рӯз дар таърих ҳамчун ҷашни Тиргон боқи мондааст.

Фалклоршинос Раҳимов Дилшод Як нуқтаи муҳими дигарро оиди ҷашни Тиргон чунин қайд менамояд. «Дар гузашта дар рӯзи Тиргон дар байни ақвоми ориёӣ маросими дигаре бо номи «Обрезгон» баргузор мешудааст. Дар замони шоҳигарии Пирӯзи сосонӣ Хусрави Анӯшервон дар Эрон ҳафт сол хушксолӣ рӯй дода, борон намеборид. Ин вазъро дида шоҳ Пирӯз фармон дод, ки дар оташкада барои даъвати борон ба ибодат партозанд. Ниҳоят баъди ҳафт сол дар рӯзи Тир борон борид. Ба хотири ин борони таърихӣ Пирӯзшоҳ амр намуд, ки ин рӯзро Обрезгон ном гузоранд ва онро ҳар сол ҷашн бигиранд [4, с.12].

Он амалҳоеро, ки мардум дар вақти муҳосираи Эрон аз ҷониби Афросиёб иҷро намудаанд ва он баъдан ҳамчун ойин дар ҷашни Тиргон боқи монд, ки мардум ҳар сол дар рӯзи Тиргон ҷашн мегирифтанд. Ин нуқтаи назаро Абӯрайҳон Берунӣ дар асори худ Осор–ул–боқия чунин, ба қалам додааст: Манучеҳру эрониёнро дар ин **ҳисор** кор сахту душвор шуда буд, ба қисме, ки дигар **ба орд** кардани гандуму пухтани нон намерасиданд, **зеро тӯ**л мекашид. Ва гандуму меваҳои ғурраро, ки ҳанӯз нарасида буд, мепухтанд**.** Ва бад-ин ҷиҳат пухтани **меваю** гандум дар **ин рӯз расм шуда аст.** Ва **баъзе** гуфтаанл, ки рӯзи **партоб кардан»** тир ин рӯз буда, ки **рӯзи тир мебошад, ки тиргони** кучак аст. Ва рӯзи чордаҳуми он, ки шаш рӯз аст, ки тиргони бузургтар бошад. Ва **дар** ин рӯз хабар **оварданд,** ки тир ба кучо афтодааст. Ва дар ин рӯз **мардум** олоти табҳу танурҳоро мешикананд, зеро дар ин **рӯз буд, ки** онҳо аз Афросёб раҳоӣ ёфтанд. **Ва ҳар як ба кори** худ **машғул** шуданд [1, с.240].

Аз рӯи омӯзиши осори Абӯрайҳон Берунӣ ва дигар навиштаҳои муҳақиқон роҷеъ ба зарфшиканӣ чунин нуқтаро қайд намудан мумкин аст, ки Ин амал як навъ пора-пора шудани тани Ораши камонгир аст, ки барои озоди ва соҳибистиқлолии мардум тани худро пора-пора намуд. чун худ гуфта буд: «Эй подшоҳ ва эй мардум, бадани маро бубинед, ки аз ҳар захмеву ҷароҳатею иллате солим, аст. Ва ман яқин дорам, ки чун бо ин камон ин тиро бияндозам, пора-пора хоҳам шуд ва худро талаф хоҳам намуд, вале ман худро фидои шумо кардам» [1, с.239-240-]

Дар ин ҷашн эрониёни қадим даруну беруни хонаро об пошида, мерӯфтанд, либоси тоза мепӯшиданд. Сипас аз ришатаи абрешимии ҳафтранг ресмоне ба шакли дастпона мебофтанд ва «Тиру бод» меномиданд. Баъди дах рӯз дар рӯзи Бод онро кушода ба бод медоданд. Дар ин рӯз мардумони эронӣ аз хонаҳои худ баромада, хурсандиҳо мекарданд, ба якдигар об мепошиданд. Ҳоло ҳам дар баъзе минтақаҳои эронинишин ин ойни бо каме тағйирот маъмул мебошад [2, с.61].

Дар Мозандарон ҳоло ҳам расми «Сенздаҳшаби тирмоҳ» мушоҳида мешавад, ки идомаи ҷашни Тиргон аст. Мардум шоми сенздаҳуми тирмоҳ пас аз шустушӯи хонаву дар ва обтанӣ суфраи идона мекушоянд. Дар он меваю ширинихо ва хӯришҳои гуногун мегузоранд. Пас аз тановули хӯрданиҳо аҳли хонавода бо девони Хоҷа Ҳофиз фол мекушоянд. Бачаҳо гурӯҳ шуда, дар кӯчаҳо суруду таронахонӣ мекунанд ва ба дари хонаҳо рафта, ин ҷашнро табрик мекунанд. Аз хонаҳо ба онҳо меваю ширинихо медиҳанд [6, с.19].

Профессор Равшан Раҳмонӣ дар мақолаи худ бо номи «ҷашни Тиргон ва устураҳои он» оид ба яке аз оинҳои ҷашни Тиргон, ки оини «Дастбанди тир ва бод» ном дорад чунин нуқтаи ҷолиби тавоҷҷӯҳро қайд менамояд, ки ҳоло ҳам дар байни зардуштиёни Кирмон маълум аст. Мардуме, ки ба ҷашн ширкат доранд бандеро, ки аз ҳафт тор ришатаи ҳафтранги мисли тиру камонро ба дасти худ мебанданд. Номи ин бандро дар ҳама ҷо «Тир ва бод» мегӯянд. Ин ришатаи ҳафтранги дар банди даст бударо то 9-10 рӯз, то рӯзи бод, нигоҳ медоранд. Баъди гузаштани 10 рӯз, гӯё рӯзи бод мерасад. Дар рӯзи бод гурӯҳ-гурӯҳ, ё чанднафарӣ ба баландие, ки маъмулан дар он ҷо вазиши бод аст баромада он бандро аз банди дастони худ кушода ба бод, ба ҳаво сар медиҳанд. Дар ин амал ду боварӣ нуҳуфта аст: яке ҳар орзуе, ки дар дил доранд аз яздон таманнои онро доранд, ки амалӣ шавад; дигаре он аст. Ки бо ёрии эзиди бод аз ҳаво гузаштани тири Орашро ба ёд меоранд [5, с.23].

Раҳимов Дилшод фолклоршинос бар он нуқтаи назар аст, ки дар байни тоҷикон дар иртибот бо об, боронталабию қатъи боду борон ва жола бовару эътиқод ва расму ойинҳои қадимӣ кам нестанд. Маросимҳои ашаглон, сусхотун, чиллахотун дар манотиқи мухталифи Тоҷикистон то ба солҳои наздик барои даъвати борон иҷро мешуданд [2, с.62].

Истиқлолияти давлати имконият дод, ки дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихи ҷашнҳои қадимаи миллӣ эҳё гардида, ҷаҳони шудаанд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар ин давра нақш ва мавқеи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле болост.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ аз рӯзҳои аввали ба арсаи сиёсат омаданаш ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асарҳои мондагораш аҳли илму адабро ба омӯзиши таърих даъват намуда, тавонист дар як мудати кутоҳ як қатор ёдгориҳои таърихи ва ҷашнҳои миллиро дар арсаи ҷаҳон эҳё ва ҷаҳони намуд, ки ин худ қаҳрамонист.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019 дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз» ишорат бар он намуданд, ки ҷашнҳои бостонӣ, аз ҷумла «Тиргон (ҷашни қадимаи фасли тобистон)... дар марҳалаи таърихи навин нигоҳи тоза мехоҳад» [5, с.3].

Ҳамин тариқ дар раванди талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ дар эҳёи ҷашни Тиргон муҳаққиқонро зарур мебояд,ки ҳарчи бештар пажуҳишҳои илмии худро дар омӯзиши ҷашни Тиргон зиёд намоянд.

Адабиёт:

1. Абӯрайҳон Берунӣ. Осор–ул–боқия. / Б. Абӯрайҳон.–Душанбе: Ирфон, 1990.– 432 с.
2. Раҳимов Дилшод. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии тоҷикон. / Д. Раҳимов. – Душанбе: Истеъдод, 2011.– 96 с.
3. Равшан Раҳмонӣ. Ҷашни Тиргон ва устураҳои он. / Р. Раҳмонӣ // Дин ва ҷомеа. – № 7 – июл – 2020. – С.18 – 23.
4. Раҳимов Дилшод. Тиргон-ҷашни тобистонаи ниёгон. / Д. Раҳимов // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 24 июл. – №30 (1741).– С.12.
5. Равшан Раҳмонӣ. Тиргон-ҷашни умеду бовар. / Р. Раҳмонӣ // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 23 июл. – № 30 (2053). – С.3.
6. Султонов Сулаймон. Эҳёи ҷашни Тиргон дар Тоҷикистон. / С. Султонов // Сафо – № 6 – 2020. – С . 19.
7. Ҳоҷӣ Ҳ. Нобиғаи илм дар машриқзамин. / Ҳ. Ҳоҷӣ // Сафо. – № 4. – 2022. – С.10.

НАЗАРЕ БА ВАЗЪИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН ДАР АРАФАИ ҲУҶУМИ АРАБҲО

Акбарӣ Маҳиноз *– ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Академик Бобоҷон Ғафуров дар мавриди рушд, пешрафт ва қудрати давлати Сосониён чунин қайд мекунад: «Давлати Сосониён зиёда аз 400 сол (224 ё 226–651) вуҷуд дошт. Дар аҳди Сосониён чунин ҷиҳатҳо ҷолиби диққат аст. Якум, тақрибан аз асри IV милодӣ дар давлати Сосониён муносибатҳои феодалӣ босуръат инкишоф меёбад. Дувум, бар хилофи қувваҳои марказгурези волию ҳокимони алоҳидаи баъзе ноҳияҳо мақоми ҳокимияти марказӣ дар Эрон баланд мешавад. Севум, таъсири коҳинони зардуштия ниҳоят баланд мешавад, дини зардуштӣ ба дараҷаи дини давлатӣ мерасад ва ба Ардашери I чунин ҳикматро нисбат медиҳанд: «Тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт» [3, с.223].

Давлати Сосониён дар замони Хусрави I Анӯшервон, ба дараҷаи азамат ва шукӯҳи баланди худ расид. Шаҳомати Сосониён дар ин давра аз марзҳои худ берун рафта, таваҷҷуҳи ҷаҳони он даврароба худ кашида буд. Марказҳои бузурги илмиву фарҳангӣ аз қабили академияи фарҳангистони Гунди Шопур, ки шуҳрати ҷаҳони касб карда буд, ки олимону донишмандони ҷаҳонро дар атрофи худ гирд оварда буд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди шукуҳу шаҳомати давлати Сосониён дар замони Хусрави I Анӯшервон чунин қайд мекунад: «Хусрави Анӯшервон сиёсатмадори зирак, сарвари дурандеш ва шахсияти оқилу тавоно буда, парокандагии сиёсӣ ва

зиддиятҳои иҷтимоии мамлакатро тадриҷан барқарор намуд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ Хусрави Анӯшервон низоми андозситониро одилона кард. Низоми андозситонии нав нисбат ба пештара сабуктар буда, боиси ривоҷу равнақи соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии деҳқонии озод мегардид» [8, с.391].

Ҳамингуна рушду тараққиёти давлати Сосониён то охири асри VI идома ёфт. Аммо дар ибтидои асри VII дар ҳаёти сиёсӣ иқтисодию иҷтимоӣ Сосониён бо шиддат ихтилофи дохилӣ суръат гирифт. Ин ихтилофҳо байни сарватмандону феодалони заминдор ва деҳқонони озодии худро аз даст дода шиддат гирифт. Рӯҳониён ва деҳқонон мехостанд як давлати пуркудрати подшоҳиро нигоҳ доранд ва суқути давлатро пешгирӣ кунанд. Баръакс, табақаи аҳолии ҳарбӣ ва рӯҳониён ба захираҳои бойи заминҳои худ такя намуда, на танҳо ба ҳокимияти марказӣ аҳамият намедоданд, балки дар баъзе ҳолатҳо кӯшиши нигоҳ доштани истиқлолиятро низ намекарданд [5, с.72].

Дар мавриди ҳуҷуми арабҳо ба сарзамини Сосониён аллома Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари худ «Тоҷикон» чунин қайд мекунад: «Истилогарон қӯшуни худро қариб дар як вақт, ҳам ба муқобили Рум (Византия) ва ҳам ба муқобили давлати Сосониён ҳамлавар сохтанд. Саъю кӯшиши лашкаркашони охирин намояндаи сулолаи сосонӣ – Яздигурди III (632–651), ки пеши ҳаракати қӯшуни арабро гирифтанӣ мешуданд, натиҷае набахшид. Дар муҳорибаҳои назди Қуддусия (Қадисия) ва Наҳованд (солҳои 636 ва 642) қӯшуни араб қувваи якҷояи форсҳоро торумор намуда, ба мавҷудияти тақрибан панҷ асраи давлати сосонӣ хотима дод» [3, с.343-344].

Намояндаи охирини хонадони Сосониён Яздигурди III (632-651) 10 сол бар зидди арабҳо мубориза бурда, натиҷае ба даст оварда натавонист ва соли 651 дар шаҳри Марв кушта шуд, ки ин ҳолат лашкари форсҳоро заиф сохт [6, с.98].

Аз ҷумла, аллома Бобоҷон Ғафуров қайд мекунад, ки Соли 651 охирин подшоҳи сосонӣ Яздигурди III аз таъқиби дастаҳои араб гурехта, ба Марв расид. Хост дар ин ҷо паноҳгоҳе пайдо кунад, вале бо хиёнати дастнишондаи худ волии Марв кушта шуд (бар тибқи яке аз ривоятҳо қотил осиёбонест, ки подшоҳи гуреза ба хонаи ӯ паноҳ бурданӣ шудааст) [3, с.345].

Сабаби бо осонӣ ғалаба ба даст овардани арабҳо дар он буд, ки шоҳони Сосонӣ дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ бо Ҳайтолиён, туркҳо ва румиҳо оҷиз шуда, аҳволи ҳунармандону барзгаронро табоҳ карда буданд. Мардумозорӣ, кашмакашиҳои дарборӣ, парокандагии феодалӣ, ва ғайра боиси аз баин рафтани давлати пуриқтидори Сосониён гардид.

Дар ин мавриди академик Бобоҷон Ғафуров нуқтаи назари худро дар китоби «Тоҷикон» чунин овардааст: «Оммаи асосии аҳолии давлати сосонӣ барзгарону ҳунармандон аз тарафи амалдорони сосонӣ, феодалон ва рӯҳониёни зардуштӣ зулму ситам дида, илова бар ин, дар натиҷаи маҳдудиятҳои табақавии азият мекашиданд. Ҷангҳои дуру дарози Сосониён бо Ҳайтолиҳо, туркҳо ва румиҳо аҳволи бе ин ҳам вазнини меҳнаткашонро табоҳ гардонида буданд. Ҳамаи ин боиси норозигии оммаи халқ гардид ва онҳо дар мубориза бар зидди арабҳо тарафи Сосониёнро нагирифтанд» [3, с.344].

Адабиёт:

1. Абулқосими Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1-9 / Ф. Абулқосим.–Душанбе: Адиб, 1964-1966.– 1203 с.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. / Б.афуров–Душанбе: Нашриёти муосир,2020–976 с.
3. Пигулевская Н.В., Якубовский А.Ю., Петрушевский И.П., Беленицкий А.М. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII века. / Н.В. Пигулевская., А.Ю. Якубовский., И.П. Петрушевский., А.М. Беленицкий – Ленинград. Издательство Ленинградского университета, 1958.
4. Раҳматуллоев А.З., Сатторов Х.С., Тоҷов Н.Т. Таърихи халқи тоҷик. Москва, 2002. – 384 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар ойнаи таърих. Аз ориён то Сомониён. / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 704 с.

ХАТ ВА ХУШНАВИСӢ ҶУЗЪИ ТАМАДДУН АСТ

Саидолим Комилҷон Саидмирзо – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар тамаддуни мо шарифтарин ҳунари басарӣ ҳунари хушнависист, ки бо ҳуруфу калимот иртиботи ногусустанӣ дорад.

Қалам василае буд, ки бори дониши гузаштагонро ба ояндагон дар тайи қарнҳо ба дӯш кашид ва риштаи таълиму таъаллум бо хатти нигориш аз гузаштаи бисёр дӯр ба замони мо пайванд хурд.



Устоди азал нақши донишро бо қалами сунъаш бар лавҳи вуҷуд кашид ва одамиён низ аз ин роҳгузар баҳраҳо бурданд, то бад-ин ҷо расиданд.





Ҳуруфу калимот бо маъониву мафҳум иртибот доранд ва хат муҳимтарину комилтарин василаи интиқоли ҳақоиқ, маъонӣ, ишорот ва рамуз аст. Ҳунаре, ки иртиботи он бо рамзҳову ҳақиқатҳо бештар аст, хуш нигоштани он низ тобеи шараф ва фазилати муҳтавост.





Ин ҳунари асил аз фарҳангу тамаддуни мо реша гирифта, дар хидмати маънавиёт нуфӯз пайдо кардааст, ки сурати феълии хушнависӣ маҳсули сайри китобати осори ирфонӣ ва марҳилаҳои таҳаввулу татаввури он аст.

Қабл аз оини ислом, ин ҳунар вуҷуд надоштааст ва ривоҷу густариши он низ дар партави китобати Қуръон будааст. Ин ҳунар асилтарин ҳунарест, ки ҳамвора дар хидмати маънавиёт будааст ва ба таъбири дигар, ҳеҷ гоҳ беарзиш набуда ва нашудааст ва ҳеҷ гоҳ аз хидмат канор нарафтааст.






Хушнависӣ сарчашмаи ҳунарҳои тачассумӣ ба ҳисоб меояд. Донишҳо низ ба далолат бо се шакл шинохта мешаванд:


1. Ишораву аломат.

2. Лафз.

3. Хат (хушнависӣ, хаттотӣ).


Дар воқеъ, вожаии тоҷики“хушнависӣ” дар муқобили калимоти арабии “хаттот” ва “котиб” нишастааст, аммо дар умум, *илми хат иборат аст аз маърифати тасвири алфоз ба ҳуруф ҳиҷо ва кайфияти таркиб ба аҳволе, ки ба эътибори китобат бар он ҷорӣ аст.*





Вожаҳои дигари назири қалам, хома ва килк дар масири китобат қарор доранд. Китобате, ки ваҳйи Илоҳӣ бо навиштани “ءارقا” шуруъ ва бо “**ن و ملقلا نورطسيامو**” идома меёбаду тавассути он китобу китобат дар биёни мардум арзиш пайдо мекунад ва котибу хаттот бар садр менишинаду таваҷҷуҳ ба хушнависӣ мунтазам авҷ мегирад.





Хушнависӣ ба унвони таклифе барои таҷлили мутуни классикӣ ба кор меравад ва аз сарчашмаҳо бармеояд, ки аввалин китобати Қуръон бо хатти кӯфӣ шакл мегирад ва саранҷом дар қарни нуҳи мелодӣ хутути тозае амсоли настаълиқ, шикастаи настаълиқ ва девонӣ ба дасти форсизабонон эҷод мешавад. Дар садри ақломи ситта (қаламҳои шашгонаи муҳаққақ, райҳон, сулс, насх, таълиқ, настаълиқ) “муҳаққақ” қарор дошт, ки он дар ибтидо ҷиҳати китобати Қуръон истифода гардидааст.

Пас аз қарни даҳуми мелодӣ барои китобати Қуръон ғолибан аз хатти муҳаққақ, райҳон ва сулс ва дар порае аз мавридҳо хатти насх дар канори хатти кӯфӣ истифода мешавад. Куҳантарин мусҳафи бақомонда ба хатти насх асари Ибни Баввоб[1] аст, ки дар соли 391 ҳичрӣ дар Бағдод китобат ва дар китобхонаи Честер-Биттии Дублин нигаҳдорӣ мешавад. Дар замони Ибни Баввоб се қалам ривоҷ доштааст:

1. **Муҳаққақ, ки муназзам ва дурусттар аз хатти райҳон аст**.

2. **Хатти райҳон.**

3. Хатти риёсӣ, ки чанд шакл аз ҳуруфи сулс дар он дида мешавад.

Аз муҳимтарин вижагиҳои хатҳои муҳаққақ, райҳон ва сулс дар китобати Қуръон, хонотар ва ба шакли даврӣ навиштани ҳуруф ва калимот аст.

Чун ба собиқаи хатти арабӣ, ки заминаи ташаккули хушнависист, таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки он аз хатти набатӣ ва набатӣ аз хатти оромӣ эҷод шудааст. Хатти арабӣ ончунон ки дар давраи ибтидои зуҳури ислом маъмул буд, аз ду қавм гирифта шуд: аз набатиҳо (дар Ҳурон – ҷанубу ғарбии Шом то шимоли ғарбии Урдун) ва суриёниён (аз тариқи Ҳира - наздики Куфа). Ин ҳар ду хатти сомӣ барои арабҳо қобили тақлид буд. Хатти набатӣ маншаи хатҳои насху кӯфӣ буд, ки баъди ислом миёни мусулмонон то кунун боқӣ мондааст.

Хати Кӯфӣ, аз вожаи Кӯфа гирифта шуда, қаблан бо номи Ҳиро машҳур буд. Пас аз он ки Кӯфа ба сурати шаҳре бузург даромада, ба яке аз марказҳои фарҳангӣ табдил гашт, ин хат манзараи беҳтаре пайдо намуд ва ба кӯфӣ машҳур гашт.

[1] **Ибни Баввоб**, номи аслиаш Абулҳасан Алоуддин Алӣ бинни Ҳилол, маъруфтарин хушнависи форстабор, зодаи Ирок, дар даврони Аббосиҳо (охири қарни даҳи мелодӣ) умр ба сар бурдааст.

Он нахуст дар шаҳри Куфа равнақ ёфта, минбаъд симои беҳтаре пайдо кард ва ба Кӯфӣ машҳур шуд. Ин хат асл ва равиши хатҳои дигари арабист. Аз намунаҳое, ки аз садри оини Ислом ва даврaҳои баъд то кунун мушоҳида мешавад, ба навъҳо тақсим мешавад:

а) ***Кӯфии таҳрирӣ ва ё китобатӣ***, ки ба сурати содда ва мувашшаҳ дида мешавад.

б) ***Кӯфии биноӣ ё маъқил***, ки ба сурати осон, мутавассит ва мушкил дар биноҳои бостонӣ фаровон дида мешавад.

Тавассути кӯфии содда аксар Қуръонҳо китобат мешуданд, ки дар он шаклҳои мушобеҳ ва яксон барои ҳуруфи гуногун мушоҳида гардида, хонандаро дучори ҳайрат ва иштибоҳ мекунад ва бар касе, ки имрӯз бихоҳад Кӯфӣ бинависад, лозим аст аз онҳо эҳтироз ҷӯяд.



Тамаддуни набатиҳои бостон, ки ба Урдун, ҷануби Канъон ва шимоли шибҳи ҷазираи Арабистон шомил мешуд, дар садаи 6-уми п.а.м. шакл гирифт қавме буданд, ки таҳти нуфӯзи давлатҳои Ошӯриёну Ҳахоманишиҳо ва баъдан Миср қарор доштанд ва ҳатто маъхазҳо шаҳодат медиҳанд, ки Куруши кабир ононро аз молиёт афв карда буд. Онҳо аслан аз рӯи нишонаҳои тамаддун ва сарзамин арабиасланд. Тасаллути Ошӯриён ва наздикӣ бо сӯриҳо боис шуд, ки тамаддун ва махсусан хатти оромӣ миёни онон густариш ёбад. Азбаски набатиҳо миёни сарзамини юнониҳову румиён низ қарор доштанд, ночор таҳти таъсири онҳо низ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, сиккаҳову тасвиру муҷассамаҳое, ки аз набатиҳо боқӣ мондааст, ба сабки румӣ аст.

Ҷуз мардуми шимоли араб, нависандагони ибриву насоро низ ба иллати осониву соддагӣ аз он истифода мекарданд. Китоби Қуръон нахуст тавассути ин хат тадвин шудааст.

Хатти набатӣ дар саҳрои Сӯрия, дар минтақаи давлати Бани Ғассон байни туҷҷор мутабодил гардидаву тағйир пазируфтааст ва тавссути тоҷирон ба марказҳои тиҷоратии Ҳиҷоз интиқол ва паҳн гаштааст. Муҳимтарин сангнавиштҳо бо ин хат аз ҷазираи Сино (бахше аз Мисри кунунӣ) ва Патро (шаҳре дар Урдун) ёфт шудаанд. Ин хаттест, ки аз хатти оромӣ эҷод шудааст.

Забон ва хатти оромӣ узве аз забонҳои сомӣ аст, ки собиқаи 3000-сола дорад ва он забони идории императориҳо ва коҳинону кутуби илоҳӣ будааст. Муддате забони расмии Ошӯриҳо, Бобулиҳо ва Форсҳо низ будааст(садаи 2-и п.а.м.).

Бо иқтибос аз алифбои финиқӣ ташаккул ёфтааст. Он намунаи аввалияи хатти бараҳманони Ҳинд ва падари тамоми хутути ҳиндӣ буда, шаклҳои бисёре аз ҳуруфи бараҳманӣ таъсири возеҳи хатти сомиро нишон медиҳад. Ин интиқоли нуфузи хатти сомӣ ба тамаддуни Ҳинд эҳтимолан дар қарни 7-уми п.а.м. анҷом ёфтааст. Ин хат барои нигориши забонҳои юнониву ҳиндӣ, хӯриву қибтӣ ва сурёнӣ низ ба кор рафтааст. Дар нигориши хатти паҳлавӣ низ нақши бориз гузоштааст.

Пас аз суқути Сосониён, хатти оромӣ рӯ ба инқироз оварда, дар ин замина хатҳо ва гӯишҳои маҳаллӣ зуҳур карданд. Аз ҷумла, хутути ибрии мураббаъ, набатӣ, палмирӣ. Набатиҳо қавмҳои оромизабон буданд, ки дар шибҳи ҷазираи Сино (бахше аз Миср)-и шимоли Арабистон (Ироқ, Урдун, Кувайт) зиндагӣ мекарданд. Хатти мардуми ин ноҳия пеш аз вуруди набатиҳо навъе аз хатти арабии ҷанубӣ буд, аммо аз қарни чоруми пеш аз мелод набатиҳо забону хатте муштақ аз аз забону хатти оромиро ба кор бурда, хатти набатиро шохае аз арабӣ низ медонистанд, зеро катибаҳои бозёфтшуда дар се минтақаи арабнишин шаҳодат медиҳанд, ки Урдун, Сино ва Арабистон, макони зуҳури ин хат буданд.

Ба воситаи хатти оромиасос бештарин осори хаттии даврони миёна нигошта шудааст. Дар давраи Ҳахоманишиҳо забону низоми хатти оромӣ дар идораи давлатӣ васеъ истифода мегардид ва дар ҳамин давра талошҳои нахустин барои ба ин хат нигоштани забони форсии қадим ба вуқӯъ пайвастаанд. Пас аз инқирози давлати Ҳахоманишӣ ва аз байн рафтани

мехнависҳо, хатти оромӣ дар ҳудуди давлати Сосониён васеъ истифода мегардид. Хатти оромиасл дар Эрон, Осиёи Миёна, Бохтар, Ҳиндустони шимоли ғарбӣ, Моварои Қавқоз (Арманистон, Гурҷистон), Осиёи Хурд (Каппадокия) ва Миср ба кор бурда мешуд.

Тамоми навъҳои хутути оромиасл, гарчанд пайдоиши умумӣ доранд, вале аз рӯйи сабки навиштории худ дар ҳар забон аз ҳам тафовут доштанд. Як ҳарф метавонист вобаста ба он ки бар санге ҳаккокӣ шуда ё дар рӯйи сиккае зарб шуда ё дар баданаи зарфи филизие канда ва ё бо ранге дар рӯйи чарму сафолпорае навишта шуда бошад, шакли гуногунро ба худ мегирифт. Тарзи навишти ҳарф вобаста ба хусусияти санад низ аз ҳам фарқ мекард: ҳарфе, ки наққош ҳунармандона ба рӯйи чизе ҳаккокӣ кардааст, албатта аз ҳарфе, ки котиб саросемавор рӯйи чарме навиштааст, тафовут дорад[1].

Хат ва алифбои финиқӣ. Финиқиҳо чордаҳ қарн пеш аз мелод ба гумони бисёр қавӣ нахустин касоне буданд, ки ифтихори сохтани алифбои ҳақиқиро доранд, ихтирое, ки таҳаввули азимеро ба вуҷуд овард ва бархе аз муҳаққиқони Аврупо бар он назаранд, ки алифбои лотиниву юнонӣ низ бар мабнои ин хат ва алифбои аксари кишварҳои ғарбӣ ташаккул ёфтаанд. Қадимитарин намунаҳои он дар шаҳри Булуси Лубнон (Ҷибили кунунӣ) пайдо шудааст.

Қаламҳои шашгона (Ақломи ситта): собиқа ва ташаккули онҳо

Дар оғози қарни сеюми ҳичрӣ (1Хм.) ба хотири печидагии шаклҳо ва қироати хатти куфӣ, хутути тозае рушди ногаҳонӣ ёфтанд. Ин хатҳо, ки аз маншаи муштараке бархоста буданд, ба ақломи ситта (қаламҳои шашгона) маъруф шуданд, ки иборатанд аз: **муҳаққақ, райҳон, сулс, насх, тавқеъ, риқоъ**. Ривоёти гуногуне дар мавриди таҳаввулу ташаккули инҳо вуҷуд дорад, аммо, ба ҳар ҷиҳат, инҳо поя ва асоси хатту хушнависии форсии арабиасосро муҳайё карданд. То ибтидои зуҳури хатти таълиқу настаълиқ ва шикастаи настаълиқ, ки ба дасти мардумони форситабор дар фосилаи қарни ҳафтум то ёздаҳуми ҳичрӣ сурат гирифт, ҳар чи гузашт ва ҳар он чӣ нигошта шуд, дар ҳамин ҳудуди кулли қаламҳои шашгона сурат пазируфт. Аммо сарманшаи ҳамаи ин қаламҳои шашгона ***хатти муҳаққақ*** аст, ки ба хотири шукуҳу азамат, намуди дурушт, фосилаҳои муназзам, якдаст ва содда будан ба ин ном шинохта шудааст. Дар ин хат ҳар ҳарф шакли собит ва муайяне дорад ва бо ҳуруфи дигар иштибоҳ намешавад. Бад-ин ҷиҳат, хаттест возеҳу равшан.

Дар ин дарс осори хушнависии хатти муҳаққақ, райҳон ва сулс баррасӣ ва ба ҷанбаҳои тафовутҳо ва ташобеҳоти се хатт: **муҳаққақ, райҳон ва сулс** ва бартарии хатти муҳаққақ ҳадафи аслист, ки фаро ва пурсишҳои он ба тартиби зер аст:

1. ***Вижагии аслии хатти муҳаққақ чи гуна аст?***
2. ***Омили таъсир ва таҷаллии хатти муҳаққақ бар ду хат: райҳон ва сулс чист?***

Равиши таҳқиқ бар асоси торихӣ, тавсифӣ, мабнои маводди илмӣ ва мушоҳидоти хатҳо баррасӣ шудааст, ки натиҷа таҳқиқи намоёнгари таъсири хатти муҳаққақ бар ду хат: райҳон ва сулс аст. Натиҷа ин ки, **хатти муҳаққақ мустақиман аз хатти куфӣ гирифта шудааст ва дар дараҷаи эътибор баъд аз хатти кӯфист**. Сурати зоҳирии ҳуруфи хатти *райҳону сулс* (чи дар муфрадот ва чи дар таркиб) *таҳти таъсири хатти муҳаққақ қарор дорад* ва ба ҳамин лиҳоз, хатти муҳаққақ дар китобати осори динӣ-ирфонӣ бар ду хат райҳон ва сулс таҷаллӣ намудааст.

Аз навиштаи муаррихон ва донишмандон дар бораи хутути пешин чунин бармеояд, ки бархе аз хутути вижа навиштани номаҳои идорӣ, дархостҳо (тақозоҳо) ва ғайра аз тарафи мардум ба подшоҳон ва ҳукком буда, бархе барои нигориши фармонҳо ва дастуроти ҳукуматӣ мавриди истифода қарор мегирифта ва бархе низ барои китобати Қуръони Карим чи бо қалами дурушт ва чи ҷаллӣ (тӯмор ва ҷалил) чи бо қаламҳои нозуктар монанди сулс ба кор гирифта мешуданд. Ҳар як аз хушнависон ва котибони он рӯзгор ба нигориши бархе аз хутут шуҳрат ёфтанд. Монанди *Юсуфи Саҷзӣ - бародари Иброҳими Саҷзӣ, соҳиби қалами риёсӣ ваҷҳул нуъча дар қалами ҷалил, Маҳмуд ибни Саъдон дар қалами нисф ва Аҳмад ибни Ҳафис* дар қалами сулс, аммо дар ҳақиқат ҳамаи анвоъи хутуте, ки аз хатти кӯфӣ истихроҷ шуда буданд,

[1] Муфассалан ниг.: Henning W.B. Mitteliranisch // Handbuch der Orientalistik. Bd. 4.Iranistik. Abschnitt 1.Linguistik. – Leiden-Köln, 1958, c. 20-130; нашри дигар – 1963.

натавонист шева ва сабки мондагор барои китобати Қуръони карим пайдо кунад, то ин ки дар қарни севуми ҳичрӣ Ибни Муқла по ба арсаи ҳунари хушнависӣ ниҳод.

Ибни Муқла Абуалӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Абдуллоҳи Шерозӣ, адиб, хушнавис, (ركتبم) ва мубдеъи хутути мухталиф ва вазири Аббосиён (272–328 ҳ.).. Ибдоъ ва танзими хутути шашгона ва усули дувоздоҳгонаи хушнависиро ба ӯ нисбат медиҳанд, ки таҳаввули азиме дар сайри нигориши ҳуруф ба самти хушнависии ҳунармандона ба шумор меравад ва нуқтаи азиме дар хушнависии ислом аст. Ибни Муқла дар аҳди халифа Аббосӣ Ал–Муқтадир ба вазорат баргузида шуд (Фазоилӣ, 48:1340). Ибни Муқлаи вазир хатти муҳаққақро аз хатти кӯфӣ ва нусахи қадимӣ берун кашид ва онро қоидабандӣ кард. Сипас, хатти райҳонро эҷод кард. Баъд аз он хатти сулсро аз хатти райҳон ахз карда ва қоидаманд сохт. Баъд аз он ба шакл додан ва маназзаҳ кардани хатти насх пардохт. Ибни Муқла 12 қоида барои зебоии хат таъйин кард, ки ба усули дувоздаҳгонаи хушнависӣ маъруф шуд. Акнун бо гузашти беш аз 1000 сол, эътибори худро ҳифз кардааст. Ин қавоид иборатанд аз: таркиб, курсӣ, нисбат, заъф, қувват, сатҳ, давр, суъуди маҷозӣ, нузули маҷозӣ, усул, сафо ва шаън.

Аксар муҳаққиқон Ибни Муқларо аввалин падидоварандаи хушнависии исломӣ ба масобаи як ҳунарманд медонанд. Пас аз ӯ Абулҳасан Алӣ ибни Ҳалол маъруф ба Ибни Баввоб, як қарн пас аз Ибни Муқла тамоми хутутеро, ки ӯ падид оварда буд, такмил дод. Сипас дар қарни ҳафтуми ҳичрӣ Ёқуби Мустаъсамӣ (даргузашт ба соли 498 ҳичрӣ) хаттоти соҳибном дар хатти Ибни Баввоб таҳқиқ ва татбеъ кард.

Хатти муҳаққақ

Хатти муҳаққақ аз шеваҳои муҳими хушнависии исломӣ ва аз ҷумлаи хутути шашгона аст, ки ибдоъ ё сомон додани онҳоро ба ибни Муқла нисбат додаанд. Хати муҳаққақро падари хутути арабӣ гуфтаанд. Аз хутути асили исломӣ ба шумор меравад. Хатти муҳаққақ наздиктарин хат ба Кӯфии содда аст, Дар ин хат ашколи ҳуруф якдаст, якнавохт ва дуруштандом аст, ки бо фавосили муназзам ва бидуни тадохили ҳуруф аст. то оғози давлати Аббосӣ мардум ба ҳамон шеваи қадим (яъне Кӯфӣ , қалами ҷалил ва мутафариоти он ки хутути мавзун мегуфтанд) менавиштанд.

Тафовути хатти муҳаққақ аз хатҳои дигар

Пайвастагии китобати осори ирфонӣ бо ақломе чун муҳаққақу райҳон ва сулс дар шуруи қарни савуми ҳичрӣ се хатти ба ҳам мушобеҳро ба вуҷуд овард. Осори китобати ирфонӣ бар пояи нигориши “расмул мусҳаф” ва “расмул имло” бо се хатт: муҳаққақ, райҳон ва сулс вижагиҳои гуногуне дорад. Бисёре аз осори мактуб дар китобҳои таърихӣ ба ҷои калимаи муҳаққақ райҳон ва ё сулсу райҳонӣ муаррифӣ шудааст. Бо мутолеаи муқаддамотӣ ин фарз шакл мегирад, ки бар хилофи шабоҳатҳо ва иштирокоти зоҳирӣ тафовутҳое, низ дар андоми ҳуруф ва калимот эъробгузорӣ ва мутадохил будани ҳуруф ва калимоти Қуръонӣ вуҷуд дорад, ки танҳо аҳли фан ин тафовутҳоро тамиз медиҳанд. Ва бар асари шабеҳи шаклаи аслҳои хат (шакли зоҳири хатти муҳаққақ) аз таърихи китобати Қуръони карим ба унвони хатти муҳаққақ ҳазф мегардад. Вижагиҳои хатти муҳаққақ: салобат, соддагии зоҳирӣ ва ритми оромбахши он аст ва чун хатти райҳон ба сурати резтар ба гунае намоён мешавад, ки онро муҳаққақи нозук меноманд.

Тазкиранависон ва варроқони мактаби Ибни Муқилла падидоварандаи “ақломи ситта” ва муҳаққақро яке аз қаламҳои шашгона ва аз муштақоти хатти кӯфӣ донистаанду хатти муҳаққақро маркази таҳаввул ва пайдоиши қаламҳои дигар. Ба далели шабоҳатҳои бисёр наздик ин се хат дар осори мактуби Қуръонӣ дар бисёре мавориди хатти “муҳаққақ”-ро райҳон ва дар мавориде сулс ва ё ҳар ду (муҳақақ ва райҳон)-ро хатти сулс номиданд.

Баррасии тафовутҳо мушобеҳоти хатти муҳаққақ бо ду хатти райҳон ва сулс бартарии он ҳадафи аслии мақола аст ва пурсишҳои он ба тартиби зер аст:

1. ***Вижагии аслии хатти муҳаққақ чӣ гуна аст?***
2. ***Омили таъсир ва таҷаллии хатти муҳаққақ бар ду хат: райҳон ва сулс чист?***

Дар ин мавриd вижагиҳои ҳунарӣ ва қавоиди ҳоким бар се хат: муҳаққақ, райҳон ва сулс, бо равиши таърихӣ-тавсифӣ навишта шудааст, равиши ҷамъоварии иттилоот бар мабнои гирдоварии мавод ва мушоҳидоти майдонӣ сурат гирифтааст. Дар ин пажӯҳиш бо таваҷҷуҳ ба таъсири муҳаққақ бар ду хат: райҳон ва сулс ва бо ду расмулхатту расмулимло ва расмулмусҳаф табақабандӣ ва ироа шудааст.

Дар мавриди китобати мероси хаттӣ ва аз ҷумла, Қуръони карим бо хатти муҳаққақ, райҳон ва сулс ба фосилаи се қарн (нимаи қарни шашум то нуҳуми ҳичрӣ-12-14м.) пажӯҳишҳои гуногуне сурат гирифтааст, ки бархе аз онҳо дар қолаби китоб ва мақолоти илмӣ нашр ёфтааст. Аз ҷумла, китоби “Килки қудсӣ”, таҳқиқи Саидкамол Ҳоҷӣ Саиди Ҷаводӣ (1379ҳ.), “Мусҳафи равшан”, (муаррифии бархе аз нусхаҳои Қуръон дар мавзеъҳои Шероз, қарни ҳафтум то нуҳуми ҳичрӣ) - навиштаи Маҳдӣ Саҳрогирд (1378ҳ.), Катибаҳои ёдмони Форс (биноҳои қарни ҳафтум то даҳуми ҳичрӣ) - навиштаи Муҳаммад Содиқ Мирзо Абулқосимӣ (1379ҳ.), “Хушнависии исломӣ” - тарҷумаи Асадуллоҳи Озод (1370ҳ.), “Пажӯҳише дар хушнависии котибони бузурги Қуръони карим ” - навиштаи Муҳаммад Маҳдии Ҳиротӣ (1392), “Оинаи муаассир” (гузидае аз осори ганҷинаи марказии Доиратулмаорифи инсоншиносӣ ва муассисаи таҳқиқотии тамаддуни Шарқ) - навиштаи Муҳаммад Содиқ Маҳфузӣ ва Муҳаммадтақии Ҳошимиён (1387ҳ.), “Гулчине аз Қуръонҳои хатти мавзуни даврони исломӣ”- мавзуи миллии Эрон (1375). Ҳунари қалам (таҳаввул ва танаввуъ дар хушнависии исломӣ) ва ғ. гирдоварии Носир Халилӣ (1380), “Ҳунари хат ва тазҳиби Қуръонӣ” - навиштаи Мортин Лингиз, тарҷумаи Меҳрдод Қаюм (1377), “Хушнависии исломӣ (маҷмуаи осори ҳунари исломӣ) - навиштаи Ҳамид Сафодӣ, тарҷумаи Маҳноз Шоистафар (1381) - “Шоҳкориҳои хаттотии исломӣ” - навиштаи Адбулкарим Хатибӣ, Муҳаммад Саҷалмосӣ, тарҷумаи Мижгон Ҷоиз, Муҳаммад Ризо Абдулалӣ (1393), “Истилоҳоти хушнависӣ дар шеъри шоирони бузурги Эрон” - гирдоварии Озода Маҳмудӣ (1387), “Зарафшон” (Фарҳанги истилоҳот дар таркиботи хушнависӣ ва китобороиву нусхапардозӣ дар шеъри форсӣ) - навиштаи Ҳамидризо Қаличхонӣ (1392), “Даромаде бар хушнависии Эронӣ” - навиштаи Ҳамидризо Қаличхонӣ (1492).

Дар заминаи шинохт ва фосилаи китобати Қуръон бо хатҳои муҳаққақ, райҳон ва сулс дар Эрон низ мутолеоти фаровоне сурат гирифтааст, аммо ҳеҷ як ба наҳваи китобат, тафовутҳо ва ташобаҳоте аз назари шаклӣ ва қиёсӣ напардохтаанд.



Калимаи муҳаққақ исми мафъул аз боби قحق قحقي قيقحة аст. Калимаи муҳаққақ дар “Фарҳанги Нафисӣ” ба **маънои сухани устувор ва ҷомаи муҳкамбофт** ва номи хатте аз шаш хат аст, ки ибни Муқла вазъ кардааст ва чунончи ошкор аст, маъонии муҳкам ва устувор низ бар ин хат содиқ аст. Бисёре аз нависандагони мутааххири аимма аз хаттотӣ ва маншаи мақолот ва тазкираҳо хатти муҳаққақ ва райҳонро ба иллати шабоҳате, ки дар миён аст, номи сулс ниҳода ва сулс муаррифӣ кардаанд. Аз ҷумла соҳиби китоби “Пайдоиши хат ва хаттотон”, ки хатти муҳаққақро сулси қадим ном ниҳодааст. Гарчӣ муҳаққақ ва райҳонро ба сулс мабсут ҳам метавон васф кард, лекин чун усулан ва интисобан муҳаққақ бар сулс муқаддам аст, шоиста нест, ки онро бо вуҷуди номи муайян номи дигар бидиҳем ва сулси мабсут биномем, зеро муҳаққақ ва райҳон фи нафсиҳи хатти мустақиланд. Ба илова ончӣ аз калимаи муҳаққақ бармеояд, он аст, ки аз назари навиштан нуқсоне надорад ва ҳаққи ҳуруф чунонки бояд адо мегардад ва абҳом ва иштибоҳ дар он роҳ намеёбад ва аз лиҳози хондан ва қироат ҳам ҷойё барои ашкол ва тардид нест (тасвири 4 : тасовири 16:17:18).

Вижагиҳои хатти муҳаққақ

1. Хатти муҳаққақ наздиктарин хат ба кӯфӣ ва маъқилӣ (биноӣ) ва аз аввалин хаттест, ки аз кӯфӣ истихроҷ шудааст.

2. Аз дастаи ақломи мавзун нест ва мустақилан аз ноҳияи вараққони ироқӣ, ки эҳтимоли дахолати завқи Эронӣ дорад, ба вуҷуд омадааст.

3. Дар оғози давлати Аббосиён ва замони Маъмун ин хат худро нишон дода, зуҳур ёфтааст.

4. Аввалин хаттест, ки мавриди таҳзиб ва ҳандасӣ шудан аз ҷониби Ибни Муқла қарор гирифтааст. Лизо, аз ду назар оғози пайдоиш, ки ҳамзамон ё муқаддам бар хатти мавзун буда ва дигаре аз лиҳози таҳзиб ва ислоҳи ибни Муқла.



Хатти муҳаққақ мустақиман аз хатти кӯфӣ гирифта шуда, бар асоси асноди мактуб ва Қуръонҳои бақомонда метавон исбот кард, ки Ибни Муқла ибтидо ба таҳзиб ва ҳандасӣ кардани ин хат пардохт ва соири хутутро бар поя ва асоси он қарор додааст. Дар ҳар сурат пас аз кӯфӣ хатти муҳаққақ дар мартабаи аввал қарор дорад. Муҳаққақ аҳсанул хутут ва мушкилтар ва ахтарини онҳо барои китобат аст. Нисбати райҳон ба муҳаққақ мисли қалами ҳаввошӣ ба насх аст ва вазъи ҳуруфи райҳон дуруст бар асоси ҳуруфи муҳаққақ аст ҷуз инки дар қалами райҳон нозукӣ ва зарофат низ малзум гашта ва ба тамоми арзи қалам нигошта мешавад. Муҳаққақ ва райҳон дар бодӣ амр ба сулс шабоҳат дорад, аммо диққат тафовути онҳоро ошкор месозад. Сурати зоҳири ҳуруфи хатти райҳон ва сулс (чи дар муфрадот ва чи дар таркиб) таҳти таъсир ва танготангӣ ва ҳамнишини хатти муҳаққақ қарор дорад ва ба ҳамин лиҳоз, хатти муҳаққақ дар ду хатти райҳон ва сулс таҷаллӣ карда мешавад.

Хатти райҳон

Ин хат номи шевае аз хушнависӣ ба хатти арабӣ ва форсӣ аст, ки бо фосилаи як қарн баъд ва шабеҳи хатти муҳаққақ ба вуҷуд меояд, ба наҳве, ки онро **борики муҳаққақ** ном мебаранд. Дар ин хат ҳам монанди хатти муҳаққақ хусусиёте аз хатти сулсро низ метавон ёфт. Хатти муҳаққақ ва райҳон, дар назари аввал, шабеҳи як хатти сулс ҳастанд, аммо бар асари диққат тафовутҳои возеҳе дар шакли ҳуруфи онҳо дида мешавад. Ин ду хат то қарни ёздаҳуми ҳичрӣ (ХУ1м.) барои китобати Қуръони карим дар соири кишварҳои мусалмоннишин ривоҷ дошта, ба хотири хоно будан, яке аз муҷиботи ба кор рафтани ин хат

будааст.

Хатти райҳон муштақ аз хатти муҳаққақ ва хаттест зариф ва тамоми вижагиҳои хатти муҳаққақро дорад, вале зарифтар аст ва ба ҳамин ҷиҳат, онро ба гул ва баргу райҳон ташбеҳ карданд. Ин хат барои осонӣ дар нигориш эҷод шудааст. Райҳон: навъи зарифтаре аз муҳаққақ аст, ки аз он хориҷ шуда, ривоҷ ёфтааст. Қуръонҳо собиқан барои хоно будан бо муҳаққақ ва райҳон навишта мешуданд, вале баъдҳо райҳонӣ барои навиштани матолиби кутоҳ ва навиштаҳои таҷаллӣ мунҳасир шуд. Райҳон худ низ аз муҳаққақ муштақ шудааст. Дар номгузории бештар ба омехта муҳаққақ ва сулс шинохта мешаванд. Хатти райҳон фаръи муҳаққақ ва муштақ аз он аст. Хатте зариф ва хурд аст, барои равонӣ ва осонӣ бештар ибдоъ шуда ва равшан дар хулосанависӣ ва резтар нишон медиҳад, лизо хатти райҳон тамоми хусусиёти муҳаққақро бо андоми хурдтар дорост ва ба воситаи зарофат ва латофате, ки дорад онро ба гул ва барг, райҳон ташбеҳ карда райҳон ва райҳонӣ номиданд.

Ин хат аз камоли вузуҳ ва зебоӣ ба қадри кифоят баҳравар буда , навъи райҳонии он бар бисёре хутути бартарӣ дорад. Райҳонӣ гарчӣ умраш аз муҳаққақ дарозтар шуд, аммо ба андозаи сулс давом накард. Қуръонҳо собиқан барои хоно будан бо муҳаққақ ва райҳонӣ навишта мешуданд, баъдҳо райҳонӣ ҳам барои навиштани матолиби кутоҳ ва навиштаҳои таҷаммулӣ маъмул гашт.

Дар барои райҳон чунин гуфтаанд: райҳон, нозбӯ ва ҳар гиёҳи хушбӯй ва атроф ва шохи гиёҳи хушбӯй ва барги он ва яке аз хутути шашгонаи Ибни Муқла фарзанд, ризқ, раҳмат ва роҳат. Гуфтаанд: қалами райҳонро аз он ҷиҳат райҳон гуянд, ки рангу бӯи

райҳон дорад ва ба ҳақиқат исме бо мусаммо аст, зеро ки ин хат дар зарофату латофат ва дар бисот ба масобаи гулу барг зебо ва хушбӯй аст, ки бинандаро шод медорад.

Нисбати райҳон ба муҳаққақ ҳамчун нисбати қалами ҳавошӣ ба насх аст ва вазъи ҳуруфи райҳон нозуки ва зарофати мулозим гаштааст ва ба тамоми арзи қалам нигошта мегардад. Райҳон ба сулс шабоҳат дорад, аммо диққат фарқи онҳоро ошкор месозад. Дар ин хат костаҳо мураттабтар ва кушодтар, қавсҳо аз сулс камтар ва чашмҳо бозтар аст. алиф дар муҳаққақ росту кулфат дар райҳонӣ рост ва борик дида мешавад. Андозаи алиф дар хатти райҳон кутоҳтар аст.

Хатти сулс ва ҳуруфи он

Дар бораи нахустин вазъи хатти сулс иттифоқи назар вуҷуд надорад. Рисолаҳои мухталиф ғолибан ибни Муқла, Байзовии Шерозӣ (даргузашт 228ҳ.) ва гоҳ Ибни Баввоб (даргузашта 413ҳ.) ё Ёъқуби Мустаъсамӣ (даргузашта 698ҳ.)–ро вазъи хатти сулс муаррифӣ кардаанд. Ин абҳом имрӯз низ дар байни муҳақиқон боқӣ аст, вале бештар бар ин бовараанд, ки Ибни Муқла нахустин касест, ки хутути шашгонаи исломиро қоидаманд кард ва дар такомули аввалияи ин хутут ва ба вижа сулс таъсири басазое доштааст ва пас аз вай Ибни Баввоб ва Ёқуби Мустаъсамӣ бештарин саҳмро дар муназзаҳ кардан ва такомули ин хат ба худ ихтисос додааст. Ёқуб ба вижа таъсири бисёре дар такомули ин хат доштааст. Ба вижа пас аз ӯ буд, ки хатти сулс ба унвони хатти тазйинӣ ва шоистаи катибанигорӣ табдил шуд ва дар ин замина гуи сабқатро аз хатти Кӯфӣ рабуд. Ёқуби Мустаъсимиро ба унвони бузургтарин хушнависи хатти сулс ситудаанд. Давраи шукуфоиии хатти сулс дар Эрон пас аз асри Сафавӣ, бино ба далоили монанд равнақи хатти настаълиқ ва ҳарақ ва мараҷҳои бузург Сафавӣ ва Усмонӣ ин хат роҳи хушнависони Бағдод ва ба вижа Ёқуби Тӯлонӣ сиёсӣ, иҷтимоӣ сайри нузули ёфт, ончунон ки то поёни асри қоҷор фақат як сулснависи барҷаста (Муҳаммадбоқири Шарифи Шерозӣ) маҷоли зуҳур ёфт.



Намунаи хатти сулс

Аммо дар даврони усмонӣ аҳаммияти хатти сулс сайри саъудӣ дошт ва он диёр ба тадриҷ ба сулснависӣ мубаддал гашт. Шеваҳои роиҷи сулс дар ин навоҳӣ, ба рағми бархе тафовутҳо, ҳамон шеваҳои давраи Сафавӣ ва Усмонӣ аст, алифҳои кашида ва баланд ва давоири нисбатан камумқ ва боз аз хусусиёти ин хат аст. Ин хат аз нигоҳи зоҳирӣ бе шабоҳат ба хатти муҳаққақ нест бо ин тафовут, ки дар ин хат бар хилофи муҳаққақ даври ҳуруф бештар ва андозаи он кучактар аст. Дар сулс, ҳуруф ва калимот дурушт, вале ҷамътар аз муҳаққақ буда, ҳалқаҳо ва гиреҳҳо боз дар бархе маворид баста ва гиреҳ мегарданд. Ин хат бо вуҷуди бархе шабоҳатҳо бо хутути муҳаққақ ва насху тавқеъ дар муфрадот ва мураккабот бо онҳо тафовутҳое дорад аз ҷумла дар тӯли алиф, катъи қалам, давр ва сатҳ, маддот (кашишҳо) ва навҳи пайвастагӣ ва иртиботи калимот бо якдигар сулс аз лиҳози қавоид ва усул аз душвортарин ва комилтарин хутути исломӣ аст. Ритме, ки дар асари такрори зарбаҳои амудӣ ва баландии ҳуруф дар ин хат эҷод мешавад, илқокунандаи қудрат, азамат ва бузургӣ аст. Интиҳои ҳуруф мунтаҳо ба дунболаҳо ва риштаҳои борик ва нозукест, ки ба шакли печида ё раҳо шуда (ирсол), ё ба сурати қавсҳо ва доираҳои гуд ҳастанд.

Намунаи ҳуруфи хатти насх



Намунаи хатти насх (дастхат)

Гоҳе авқот ба осмун нигоҳ мекунам, лабханде мезанам ва мегум: Худоё, медунам кори ТУ буд, мамнунам.

Одамҳои камҳарф фақат бо касоне, ки дӯсташон доранд, зиёд ҳарф мезананд




Хатти таълиқ

Нависандагони қадими Хуросон (аз қарни 6-уми ҳичрӣ – 12 м.) дар хати риқоъ тасарруфоте карда, хати тозае барои фармонҳо, аҳком ва номаҳо падид овардаанд, ки ба номи таълиқ шуҳрат пайдо кард. Хоча Тоҷ онро ба сурати беҳтару хубтар даровард ва аз он пас шеваи таълиқ роиҷ шуд. Имрӯз он хат матрук ва номаъмул аст. Лекин чун фаръ ва муштақи он ба номи девонӣ дар мамолики арабӣ ривоҷ дорад, лозим аст, ки ба он назаре дошта бошем, ба хусус ки хаттотони эронӣ, то ҳанӯз гоҳ-гоҳ аз боби танаввуъ ва тафреҳ онро менигаранд ва дар маҷмуаҳои хаттӣ аз он гуфтугӯ мешавад.


Хатти риқоъ ва намунаҳои он



Руқаъа луғатан ба маънои ***нома*** ва ***пораҳое аз порча*** аст. Хатест омехта ва махлут, ки хаттотон онро таҳти таъсири хати насх ва девонӣ ба вуҷуд оварда, дар сарзамини усмонӣ ривоҷ доданд ва аз он ҷо ба бисёре аз мамолики мусулмонӣ равон гардидааст. Имрӯз ин хат дар мамолики арабӣ, дар навиштаҳои фаврӣ ва ёддоштҳо ва номаҳо ба кор бурда мешавад ва дар кишвари Эрон низ мавриди истифода қарор дорад.



Намунаҳои хатти тавқеъ



Хулоса, хат аз замони таҳаввулу ташаккули худ то имрӯз дар рушду нумуи фарҳанг ва тамаддуни инсоният нақши бориз гузоштааст ва минбаъд низ метавонад дар такомули донишу малака ва завқи зебоишиносии мардум мусоидат намояд.

Адабиёт:

1. А. Афсаҳов ва Ҳ. Қаҳҳоров. Хат ва пайдоиши он. Душанбе, 1997.
2. Усмон Каримов. Таълими хат, имло ва матни классикии тоҷик. Душанбе, 1993.
3. Мукаррама Қосимова. Хат ва имлои матни классикии тоҷик. Душанбе, 1989.
4. Усмон Сулаймонӣ. Алифбои забони форсӣ-тоҷикӣ. Душанбе, 1990.
5. Ш. Кабиров ва Ҷ. Орзумуродов. Алифбо ва имлои ниёгон. Душанбе, 2000.
6. Ҳилол Каримов. Забони форсӣ. Душанбе,1991.
7. Байзоев А.М. ва Ҷӯраев Н. Забони форсӣ. Душанбе, 1996.
8. Байзоев А.М. Мушкилоти имлои форсӣ Душанбе, 2010.
10 . Фазоилӣ Ҳабибуллоӣ. Таълими хат (ба хати форсӣ). Теҳрон, 1347.
11. Исмоил Нажодфард. Тамрини настаълиқ қадам ба қадам (4 ҷилд). Теҳрон, 1383.
12. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ (ба хати форсӣ ва кириллӣ).
13. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Девони ғазалиёт (ба хати форсӣ ва кириллӣ).
14. Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ. Фиҳи мо фиҳи (ба хати форсӣ ва кириллӣ).
15. Ҳофизи Шерозӣ. Ашъори баргузида (бо хати форсӣ ва кириллӣ). Душанбе, 1991.
16. Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпур. Ғиёс-ул-луғот (иорат аз 3 ҷилд). Таҳияи А.Нуров.
17. www.kalliqrafi
18. Персидская каллиграфия.
19. Саъдии Шерозӣ. Ғазалиёт (бо хати форсӣ (Ганҷур).
20. Соиби Табрезӣ. Ғазалиёт. Ганҷур(бо хатти форсӣ.
21. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ганҷур(бо хатти форсӣ.
22. www.خط نستعلیق
23. Henning W.B. Mitteliranisch // Handbuch der Orientalistik. Bd. 4.Iranistik. Abschnitt.
24. 1.Linguistik. – Leiden-Köln, 1958, c. 20-130; нашри дигар – 1963.
25. Дьяконов И.М., Лившиц В.А. Документы из Нисы I в. до нашей эры. Предварительные итоги работы. – М., 1960;
26. Дьяконов И.М., Лившиц В.А. Новые находки документов в Старой Нисе // Переднеазиатский сборник. 2. – М., 1966.
27. Дьяконов И.М., Дьяконов М.М., Лившиц В.А. Документы из древней Нисы // Материалы ЮТАКЭ, вып.2. – М.-Л., 1951.
28. Кузьмина Е.Е. В стране Кавата и Афрасиаба. – М., 1977.
29. Зеймаль Е.В. Амударьинский клад, Каталог выставки. – Л., 1979.

НАЗАРЕ БА МЕРОСИ ИЛМИВУ ФАРҲАНГИИ СОСОНИЁН

Сиддиқов Амиршоҳ *– ассистенти кафедраи таъхрихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Дар замони Сосониён фарҳанг, маориф, илму адабиёт, санъат рушд ёфта, бо фармони Шопури I фарҳангистони (Академия) Гунди Шопур кушода шуда, он баъдтар ба Донишгоҳи бузурги тиббӣ табдил ёфат.[1]

Дар давлати Сосониён мактаби ибтидоӣ, таълимгоҳи оташкадаҳо ва дабиристон, яъне мактабҳои олӣ амал мекарданд, ки намунаи беҳтарини он мактаби олӣ – Гунди Шопур буд. Дар дабистонҳо наврасон аз 7 то 15-солагӣ таҳсил карда, аз русумоти ҳарбӣ: аспсаворӣ, камонкашӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, аз фанҳои амалӣ: ҷуғрофия, риёзиёт, навиштану хондан, русумоти давлатдорӣ, ҷаҳонгардиву бозаргонӣ ва аз дарси одобу ибодати динӣ, таълим мегирифтанд.

Шопур ҳангоми ифтитоҳи ин донишгоҳ чунин изҳор карда буд: «Шамшери мо марзҳоро мекушояд, дониш ва фарҳанги мо қалбҳо ва мағзҳоро тасхир мекунад».[2]

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти Гунди Шопур дар замони Хусрави Анӯшервон васеъ карда шуд ва ҳамзамон ин боргоҳи илмӣ ба авҷи фаъолияти худ расид. Дар ин донишгоҳ олимони тоҷику форс дар якҷоягӣ бо донишмандони юнонӣ, римӣ ва ҳиндӣ ба тадрис машғул буда, корҳои илмӣ-татқиқотии худро анҷом медоданд.[3]

[1] Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию. Душанбе: Д о н и ш , 1989, С. 20-21.

[2] *Балъамӣ*, *Абӯалӣ Муҳаммад* ибни *Муҳаммад*. *Таърихи Табарӣ*. (Аз силсилаи. «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ»). - Ҷ. *1*. – Душанбе: Ирфон, 1992, с. 593.

[3] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Душанбе: Адиб, 2009, с. 224-225.

Дар назди ин Донишгоҳ бемористони махсус барпо карда шуда буд, ки дар пайравии он баъдан дар Бағдод ва мамлакатҳои Аврупо бемористонҳо сохта шуда буд, ки тарзи муолиҷа ва ташхиси беморон дар пайравии бемористони Гунди Шопур барпо карда шуда буд, ки саромади хидмати тиббии замони мо ба шумор меравад.

Китобхонае, ки дар назди Донишгоҳи Гунди Шопур таъсис шуда буд, дар навъи худ беназир буд. Маҷмуи китобҳои илмӣ ба забонҳои суриёнӣ, ҳиндӣ, паҳлавӣ ва юнонӣ дар утоқҳои махсус алоҳида-алоҳида чида шуда буданд. Ин китобхонаи бузург ва боҳашамат 259 утоқи фарохро дар бар мегирифт. Ин махзани илму фарҳанг дар асари ҳуҷуми арабҳо ба тамом аз байн бурда шуд.

Маркази илмӣ ва фарҳангии Гунди Шопур на танҳо ба таҳқиқ ва тадриси илми тиб, балки рушду инкишофи тамоми илмҳои маъмули замона, аз қабили фалсафа, нуҷум, риёзиёт ва ғайра, дар маркази диққат ва эътибори он қарор гирифта буд. Дар давлати Сосониён ба ҳаракати сайёраҳо ва ситораҳо ва таъсири онҳо ба тақдир ва сарнавишти инсон сахт мӯътақид буданд.[1]

Дар аҳди салтанати Хусрави Парвиз 360 мунаҷҷим ба омӯхтан ва таҳқиқи хатти ҳаракати сайёраҳо ва ситораҳо машғул будаанд. Таъбири ҳафт ва 12 ишора ба ҳафт сайёра ва 12 бурҷ аз истилоҳоти маъмули ин давра ба шумор меравад. Ситорашиносӣ яке аз соҳаҳои бисёр рушдкардаи илми замони сосонии қадим ба шумор мерафт, ки дар давраи ислом ба пояҳои баланди инкишофи худ расида буд.

Дар Академияи Гунди Шопур ба толибилмон илмҳои тибб, адабиёт, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, таърих, риёзиёт, астрономия, мантиқ, мусиқӣ ва ғайра, омӯзонида мешуд. Дар баробари ин, дар донишгоҳ китобхонаи калоне мавҷуд буд, ки хонандагонро бо китобҳои нави дарсӣ таъмин менамуд.

Фарҳанги мусиқии сосонӣ низ, дар рушду инкишофи бештар қарор дошта, дар зиндагии ҳамарӯзаи мардум мақоми махсус дошт. Асосгузори мактаби мусиқии форсу тоҷик – Борбади Марвазӣ (585–630), дар дарбори Хусрави Парвиз зиндагию эҷод кардааст. Борбад ба ҳар рӯзи моҳ як мақоме меофарид, аз ин рӯ ба ӯ офаридани 365 лаҳн, яъне оҳанг - таронаро нисбат медиҳанд. Мактаби мусиқии Сосонӣ боз номҳои мутрибону қавволони (мутрибон) дигар: Бомшод, Гесӯи Навогар, Накисои Чангӣ, Саркаб, Саркаш, Ромтин ва Фитна, ҳамзамон асбоби олотҳои мусиқӣ – тор, уд, чанг, арғун, карнай, даф, бук, қӯшнай, най, ғижжак, камонча, танбӯр, дутор, доира, нақора, таблак ва ғайраро медонад.

Аз осори хаттии замони Сосониён, ки то замони мо омада расидаанд, махсусан Авасто, Худойномак, Динкарт, Бундаҳиш, Оиннома, Корномаи Ардашери Бобакон, Ихтиёрнома ва ғайра, мебошад.[2]

Ибни Надим муҳимтарин адабиёти илмии замони Сосониёнро, ки дар аҳди Анӯшервони Одил (531-579) таълиф шудаву бо забони арабӣ тарҷума шуда буданд ба 70 адад расонида, онҳоро ба 5 қисм ҷудо намудааст:

1. Тиббу байторӣ; 2. Умури мазҳабӣ; 3. Фунуни ҷангӣ; 4. Сиёсат ва мамлакатдорӣ; 5. Қисса ва ҳикоёт.[3]

Манбаҳои таърихиву шарҳиҳолии ниҳоят муҳим «Достонҳои минуи хирад» ва «Ардавинома» мебошанд, ки таърихи давлатдории шоҳон ва таълиму тарбияи ҷомеаи он давраро дар бар мегирад. "Худойнома" бошад дар замони Яздигурди Шаҳриёр ҷамъоварӣ ва таълиф шуда, аз тарафи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ тарҷума шуда, ба он

Соли 505 дар Гунди Шопур ҷаласаи умумии донишмандони соҳаи тиб барпо карда шуда буд ва ба ҷаласаи мазкур табибон аз тамоми гӯшаю канори мамлакат даъват карда шуда буданд. Дар ҷаласот шахси шоҳ ҳузур дошта буданд ва бо диққат ба назариёти донишмандон эътибор медоданд ва расидагӣ намуда, ба пешравӣ ва инкишофи тиб ва дигар илмҳо мусоидат мекарданд.

---

[1] *Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад* ибни *Муҳаммад. Таърихи Табарӣ.* (Аз силсилаи. «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ»). - Ҷ. *1*. – Душанбе: Ирфон, 1992, С.595.

[2] Фрай Р. Мероси Осиёи Марказӣ. Душанбе , 2000, С. 97.

[3] *Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад* ибни *Муҳаммад. Таърихи Табарӣ.* (Аз силсилаи. «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ»). - Ҷ. *1*. – Душанбе: Ирфон, 1992, С. 587-590.

Ногуфта намонад, ки дар Донишгоҳи Гунди Шопур донишмандони ҳар дину ойин аҳлона кор ва фаолият мекарданд.

Хулас, сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шоҳони Сосонӣ, дар инкишофи илму фарҳанги ниёгон хизмати арзандае анҷом дода, шаҳомат ва азамати хонадони худро хеле боло бурданд.

Осори гаронбаҳое, ки аз ин давра боқӣ монда буд, имконият медиҳад, ки таърих ва мероси илмиву фарҳангии давраи Сосониён хубтар ва возеҳтар таъбир ва тафсир карда шавад. Дар ихтиёри бостоншиносон ва муҳаққиқони ғарбу шарқ чунин манобеи пуразриш қарор гирифт ва имконият дод, ки дар бораи мероси илмиву фарҳангии Сосониён таҳқиқоти пуразрише анҷом дода шавад ва мақому манзалати Сосониён дар таърих ва тамаддуни ҷаҳон ба хубӣ арзёбӣ гардад. Ба туфайли хидмати фидокоронаи муҳаққиқону бостоншинос ҳоло ҷойгоҳи давлати Сосониён дар таърихи олами мутамаддин хеле равшан тасвир шудааст.

Адабиёт:

1. *Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад* ибни *Муҳаммад. Таърихи Табарӣ.* (Аз силсилаи. «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ»). - Ҷ. *1*. – Душанбе: Ирфон, 1992, 656 с.
2. Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию. Душанбе: Д о н и ш , 1989, 145 с.
3. Фрай Р. Мероси Осиёи Марказӣ. - Душанбе , 2000, 269 с.
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. — Душанбе: Адиб, 2009, 480 с.

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ПАНДУ АНДАРЗ ВА МАҚОЛУ ЗАРБУЛМАСАЛ ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН

Қаюмов Саидмурод Рустамович, Муҳиддинова Хуршеда Иномҷоновна *– кафедраи педагогикаи умумии МДТ "ДДХ баноми академик Б .Ғафуров"*

Давлати Сосониён зиёда аз 400 сол (224 - 651) арзи ҳасти намуда, дар ин давра китобати панду андарзҳо сурат гирифтааст. Андарзҳои пахлавӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа гуногун буда, аз мазмунҳои динӣ, ахлоқию мазҳабӣ ва тарғиби ҷаҳонбинӣ иборатанд.

Панду андарз ва зарбулмапсалу мақолҳо, ки ганҷинаи бойи адабиёту фарҳанги моро дар бар мегирад аз инкишоф ва пешрафти тафаккури инсон вобаста буда, ба инкишофи минбаъдаи тафаккури инсон таъсири амиқ ва дақиқ мерасонад. Дар адабиёти хаттӣ суннати андарзнависӣ ва пандофаринӣ, ки ҳамчун "андарзнома " машҳур аст, ҳануз дар давраи Солсониён оғоз ёфта буд. Нахустин намунаҳои панду андарз дар бахши готҳои "Авесто" зуҳур намуда, дар адабиёти паҳлавии замони Сосониён (224-661мелодӣ), хусусан, давраи подшоҳии Хусрави Парвиз (531-579) , ки бо лақаби Анӯшервони Одил маъруф аст, басе ривоҷ пазируфта, дар таърихи аҳди Сосониён "Андарзномаи Анӯшервон " ва "Пандномаи Бузургмеҳр "чунон машҳур будаанд, ки ҳатто дар дабистонҳо омӯзонида мешудаанд. [1;3]

Андарзҳое, ки то имруз омада расидаанд, «Андарзи пешинагон», «Андарзи доногону маздаяснон», «Андарзи Қубодон», «Андарзи Адурбоди Маҳраспандон», «Андарзи Беҳзод Фаррух Пируз», «Нихиши тизи гетиг», «Аудюри Вузургмихр», «Андарзи дастварону вехдидон», «Абар панҷ хети асрунон», «Доруги хансандик», «Абар хем удхради фаррух мард» мебошанд [3; 10 -11].

Дар замони Сосониён ҳам нақши тарбияи оилавӣ дар ҷамъият бузург буд. Вақте ки тифл ба дунё меомад, аввал ба ӯ нӯшокии динӣ « Хаома», ки зардуштиён аз растании эфедра тайёр мекарданд, нӯшонида мешуд. Зеро зардуштиён чунин мепиндоштанд, ки хаома қобилияти нигоҳ доштани саломатӣ ва дарозумриро дорад.[3: 125] Аммо аз ҳама қаблтар оила ташкил карда мешуд. Дар интихоби ҳамсари мувофиқ ба ҷавонон падару модарон ва хешу наздикон кӯмак мекарданд. Барои ҳамин дар осори хатии тарбиявии паҳлавӣ то рӯзҳои мо андарзҳое расидаанд, ки дар онҳо падару модарон ва устодон ба ҷавонон насиҳат мекарданд, ки дар интихоби ҳамсар - зани хуб хато накунанд. Роҷеъ ба ин масъала дар «Андарзи пешинагон» гуфта шудааст: («Бо зани нек зистан беҳ аст») [3;78] Дарҷойи дигар омадааст: («Касе, ки зан надорад, ранҷур аст»). Дар «Андарзи Анӯшервон Адурвади Маҳраспандон» гуфта мешавад, ки («Зани фарзона ва шармгинро дӯст дошта, ӯро ба занӣ хоҳ».[3; 78]

Дар бораи дар давраи Сосониён ба мактаб додани кӯдакон дар андарзномаҳои паҳлавӣ ишораҳои зиёд мавҷуданд. Аз ҷумла, дар «Андарзи Анӯшервон Адурбоди Маҳарспандон» дар ин бора чунин омадааст: («Бимон то ба ту ман дониш омӯзонам»). Дар ҷойи дигари ҳамин андарз гуфта мешавад, ки («Зану фарзанди хешро маълумот биёмуз то пушаймон нашавӣ) .

Онҳо чунин ҳисоб мекарданд, ки таълиму дониш воситаи таъмини рӯзгор, роҳнамо дар душвориҳои зиндагӣ ва ёрирасон дар рӯзи бадбахтию камбағалӣ мебошад. Чунончи, роҷеъ ба ин масъала дар «Абар панҷ хати асрумон» («Панҷ хислати андарздеҳон») гуфта мешавад. «Дар роҳи таълим кӯшиш кунед, зеро таълим (донишомузӣ) дар зиндагӣ -рӯзирасон, дар мушкилӣ – ҳомӣ дар бадбахтӣ, ҳунаромузӣ ва дар камбағалӣ - ёрирасон аст) .[3;63]

Дар замони Сосониён муаллимонро «фароҳангиён» на «андарзбадон» мегуфтанд. Андарзбадону фарҳангиён дар таълиму тарбияи кӯдакон масъулияти зиёд доштанд, лозим буд, ки муаллим воиз, аҳли тақозо ва шоистаи андарз дода бошад. Ба корҳои таълимию тарбиявии мамлакат мӯбади мӯбадон рохбарӣ мекард. Ғайр аз ин, мӯбад аҳди тақво ва авлиёи диниро, ки дар таҳти итоати ӯ буданд, барои тарбияи омма рохбарӣ менамуд».[4;61]

Вобаста ба ҳамин масъала дар «Андарзи Бузургмеҳр» аҳамияти таълим чунин арзёбӣ шудааст: («Барои мардумон таълим, хислат ё хирад хуб аст? Аз таълим рӯҳ, аз хислат рафтор, аз хирад ҳам рафтору ҳам хислат афзоиш ёфта, хомии тану рӯҳ мешавад»).[3;78]

Маъхазу сарчашмаҳое омада расидаанд, ки то ҳол аҳамияти тарбиявии худро гум накардаанд. «Минуи хирад», «Фарханги паҳлавик», «Матакдани ҳазор датестан», «Манзумаиӣ дарахти Асурик» аз ҷумлаи маъхазу сарчашмаҳо мебошанд.

Анушервони Одил дар пандномаи худ таъкид мекунад, ки хирадмандиву донои аз илму дониш ва ақл вобастагии ногусастани дорад;

Ҷу дониш бувад бо хирад, беҳтар аст,
Ки кон дониш асту хирад гавҳар аст!..

Панду андарзҳо ва зарбулмасалҳову мақолҳо доманаи васеи соҳаҳои таълиму тарбияро дар бар мегиранд. Агар дурӯсттар назар андозем ҳамаи равияҳои тарбия дида мешавад. Масалан тарбияи хештаншиносӣ дар Пандномаи Анушервон чунин шарҳ дода шудааст, ки омӯзгор бояд ҳангоми шарҳи мавзӯҳои таърихӣ аз он истифода барад:

Касе, к-у тани хештанро шинохт,
Ба майдони ком аспи иқбол тохт...
Яке достон гуфт марди палос,
Ки камтар каси хештанро шинос!.[5;10.]

Муаллифи “Андарзномаи Анӯшервон” аз гуфтаҳои Ардашери Бобакон “Зардуштнома”, ”Синбоднома”, “Офариннома” ва бузургони таърих иқтитбос оварда , ситам, зулм, кина, ҳасад , ғазаб, лавҳу лаъаб, шитобзадагӣ , аҷала, адоват, суханчинӣ, бухл, дурӯғ, хашм ва дигар падидаҳои аъмоли ношоистаро зери тозиёнаи танқид қарор дода, талқин менамояд, ки инсони нек бояд ҷавониву тандурустӣ ва қудрату тавоноиро ғанимат шуморад, ба қадри неъматҳои Парвардигор бирасад, аз бадӣ, ҳаром, ғайбату бӯҳтон ва кибру ғурур дурӣ ҷӯяд , ҳеҷ гоҳ дар амонате хиёнат нанамояд:

Мадеҳ, чун сухан зишт бошад ,ҷавоб,
Ки зиштӣ ба зиштӣ бувад носавоб!
****
Биёмӯз дониш,к-аз омӯхтан,
Раҳони тани хеш аз сӯхтан! [5;83]
****
Ҷу хоҳӣ, набошад туро кор бад,
Ба мардум ҳамон хоҳ, ки хоҳи ба х(в)ад.[5;92]
****
Ҷу боши ҷавон кори пири бисоз,
Ки андар ҷавони намоний дароз! [5;94]

Ҳамаи ин матолибро гӯяндаи “Андарзномаи Анӯшервон” бо таҳрири шево ва сабки салису зебо ба ришгаи назм кашида , ҳадяи пурарзиши худро ба толибони фазл арза намудааст , ки беш аз ҳазор сол боз арбоби таълиму тарбия ва ҳамагон аз он файз мебаранд ва баҳра мебароранд.

Чунон дон, ки ҳар кас ки дорад хирад ,
Ба дониш равонро ҳаме парварад.

Андарзхо одатан дар шакли саволу чавоб, муколамахои кутох, панду хикмат навишта шудаанд.Мисли «Гуфтам: Кадом айб аст, ки наздики мардум муътабар нанамояд? Гуфт; «Ҳунари худ гуфтан», Ё «Гуфтам: аз мардумон ки оқилтар аст»? Гуфт: «Он, ки кам гуяд ва беш шунавад ва бисёр донад». Ва ё «Гуфтам: Хорй аз чист? Гуфт: «Аз кохилӣ ва фасод». [6;37, 39] Дарки моҳияти зиндагиро метавон танҳо ба воситаи омӯзиш аз бар намудани арзишҳо ва тачрибаҳои чандинҳазорсолаи инсоният, ки дар ибтидо дар ривоятҳои асотирӣ ва баъдан дар китобҳои муқаддас гирд оварда шудаанд, яъне дар каломи худованд инъикос шудаанд ва ҳамчунин файласуфон донишмандони гузаштаву имрӯз, ки дар асоси онҳо панду ҳикматҳои зиндагӣ меофаранд, ташкил меёбад. Андарзҳои зер намунае чанд аз тарҷумаи «Андарзҳои Озарбади Маҳраспандон» - и Диншоҳи Эронист: «Эй писари ман, некукор бош, на бадкор, зеро зиндагонии инсон ҷовидон нест ва ҳеҷ чиз аз кирдори нек лозимтар намебошад»; «Сухан бамавқеъ бигу, зеро басе хомушӣ беҳтар аз такаллум ва басо такаллум беҳтар аз хомушист» «Саҳархез бош, то кори худро ба некӣ ба анҷом расонӣ»; «Бо ҳеч кас ва ба ҳеч оин паймоншиканӣ макун, ки осеб ба ту мерасад»; «Нисбат ба падару модари худ фармонбардор бош, зеро мард то падару модараш зиндаанд...»; « мабош, зеро марди асабонӣ чун оташ аст, ки агар дар беша барафрузад, тару хушкро бо ҳам бисузад» [2].

Андарзҳо дар замони Сосониҳо ба забони паҳлавӣ иншо гардида, аксар дар асри IX-и милодӣ торафт дар рузгори тунду асабонӣ маънавии мардум, хусусан дар урфу одат, ахлоқ, илму адаб ва тамоми ҷанбаи зиндагии фарҳангии халқ нуфуз пайдо кардаанд.

Чуноне, ки маликушшуаро ва шоири бузург Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гуфта буд :

Дониш андар дил чароғи равшан аст ,
В –аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст .

Мавзӯи меҳвариро дар “Шоҳнома”- и Фирдавсӣ беш аз ҳама хирад ишғол мекунад .Фирдавсии бузург мефармояд:

Хирад беҳтар ҳарчи эъзидат дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.
****
Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.
****
Касе к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш. [1;26,27]

Адабиёт:

1.Андарзи” Шоҳона” Душанбе , “ Адиб “ 1994
2.Дуктур Рахим Афифй. Ардовирофномаи манзуми Зардушт. Машхад, 1342 х.
3.Изведать дороги и пути и пути праведных. Пехлевиские назидательные тексты. Введение, транскр. текст, перевод. Коммен. и глоссарий О.М.Чунаковой. М., «Наука», 1991.
4. Пила М.JI. Кохи Дориюши бузург. Тарчумаи Хонмалики Яздй. Техрон, 1338 хичрӣ
5.Пандномаи Анушервон Душанбе маориф-2016
6.“Фарҳанги зарбулмасал , мақол ва афоризмҳои форсӣ “ М . Фозилов.Ҷилди 1, Душанбе “ Ирфон “ 1976

ПАЙДОИШ ВА РУШДИ РОҲСОЗӢ

Айнулозода Н. А. *– номзади илмҳои таърих, дотсент, проректор оид ба корҳои таълимии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Роҳҳо дар замонҳои қадим дар ҳоле пайдо шуданд, ки одамон гурӯҳ-гурӯҳ барои шикор ё моҳидорӣ рафта, пайроҳаҳоеро интихоб мекарданд, ки дар қад-қади ҷойҳои барои ҳаракат мувофиқ қулай, одатан дар қад-қади обанборҳо мегузаштанд, зеро мавзеъҳои пасту ҳамворҷойҳо аксар вақт ботлоқзор ва барои гузаштан хеле душвориҳо ба миён меовард. Дар натиҷаи гаштугузорҳои сершумор дар баромадгоҳҳои маҳалҳои аҳолинишин аввалин пайраҳаҳо пайдо шуданд. [3, с. 13] Бояд қайд намуд, ки роҳҳо яке аз самтҳои муҳими ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҳама гуна давлат ба шумор рафта, нишондиҳандаи сатҳи инкишоф, иқтидори иқтисодии дохилӣ ва робитаҳои хориҷӣ ба шумор мераванд. Танҳо бо нигоҳ доштан ва рушди роҳҳо вазъи иҷтимоии аҳолиро беҳтар кардан мумкин аст. [1, с. 4] Ягон давлат ё маҳалли аҳолинишинро дар рӯи замин бе мавҷудияти роҳҳо тасаввур кардан мумкин нест. Роҳҳо дар ҳамаи давраҳои ҷамъиятӣ нақши муассир дошта, такомули онҳо боиси беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мегардад. [4] Ташаккули роҳҳо таърихи тӯлонӣ дорад. Дар сарчашмаҳои таърихӣ вақти дақиқи пайдоиши роҳҳои заминии махсус сохташуда зикр наёфтааст. Аммо бо дақиқии кофӣ тахмин кардан мумкин аст, ки онҳо чӣ гуна ва чаро пайдо шуданд.

Дар робита ба пайдоиши шаклҳои ибтидоии роҳҳо зикр кардан ба маврид аст, ки роҳҳои гузари ҳайвоноти гуногуни ваҳшӣ нисбат ба аввалин роҳҳое, ки одамон бунёд кардаанд, қадимӣ мебошанд. Бинобар ин роҳҳоро дар қадим ба ду гурӯҳ тақсим кардан зарурат дорад: а) роҳҳои табиӣ, ки тавассути ҳаракати мунтазами ҳайвонот ҳосил шудаанд; б) роҳҳои сунъӣ, ки ба воситаи меҳнати бошууронаи инсонҳо пайдо шуда, ҷиҳати таъмини талаботи одамон сохта шудаанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки роҳҳо баробари дар гурӯҳҳо муттаҳид шудани одамон ва пешбурди зиндагии дастаҷамона ба вуҷуд омадаанд. Чунин шакли ҳаёт ба давраи ҷамоаи ибтидоӣ рост меояд. Бо пайдо шудани давлат ба роҳҳо ва роҳсозӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Бо мурури вақт роҳҳо таъиноти махсус пайдо мекунанд. Маълум аст, ки роҳҳои сунъӣ дар замонҳои қадим сохта шуда буданд. Онҳо ҳамчун нишонаи тамаддун ва қудрати давлат хидмат мекарданд. Бояд қайд намуд, ки аввалин роҳсозон сокинони Байнаннаҳрайн буданд, ки дар иқлими мусоид ва заминҳои ҳосилхез ба дараҷаи баланди тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ноил гардида, дар ҷаҳон яке аз аввалин давлатҳоро ба вуҷуд оварданд. Атрофи дарёҳои Даҷла ва Фурот кайҳо боз макони ҷангҳои шадид қарор гирифта, бо ҳаракати қӯшунҳо ва техникаи ҳарбӣ боиси муҳоҷирати оммавии халқҳо гардида буд. Дар он замон барои давлатҳо роҳҳое лозим буд, ки ба руҳияи замон мувофиқ бошанд. Нахустин роҳҳо дар давлати Ошур сохта шуда, баъдтар дар давлати Бобул такомул ёфтанд. Масалан, дар Ошури қадим яке аз аввалинҳо шуда артиши касбӣ ташкил карда шуд. Ошуриён дар артиши худ аслиҳаи пӯлодиро васеъ истифода бурда, ду навъи аскарон - аскарони савора ва пиёдагардонро ташкил карданд. Ҷанговарони савора, ки дастаҳои аробасаворонро иваз мекарданд, бо қувваҳои хурд аксар вақт бо зарбаҳои тезу ногаҳонии худ дар ҷангҳо муваффақият ба даст меоваранд. Дастаҳои аскарони пиёдагард бошад, бештар ба сохтмони роҳҳо ва гузаргоҳҳои нав сафарбар карда мешуданд. Ин имкон медод, ки минтақаҳои барои қӯшунҳои дастаҳои савора мушкилгузар ба осонӣ паси сар карда шуда, мошинҳои деворкӯбӣ ва дигар техникаҳои ҳарбӣ аз як ҷой ба ҷои дигар бурда шаванд [3, с. 13].

Дар байни ҳамаи халқҳои қадим дар соҳаи роҳсозӣ румиён дар навбати аввал ба комёбиҳо ноил гардиданд, ки онҳо ҳам барои алоқаи тиҷоратӣ ва ҳам барои мақсадҳои ҳарбӣ роҳ месохтанд. Аксар вақт инҳо роҳҳои нисбатан мустақими байни маҳалҳои муҳимми аҳолинишин буданд, ки имкон медоданд борҳо ва мусофирон, аскарон ва хаткашонҳо ба ҷои зарурӣ зуд интиқол дода шаванд. Роҳсозон дар заминҳои ноҳамвор нишебиҳои роҳҳоро кам карда, теппаҳоро канда, водиҳои байни онҳоро ҳамвор мекарданд, то ки бехатарӣ ва осонии ҳаракат

бештар таъмин карда шавад. Қисматҳои гардиши роҳҳоро нисбатан васеътар месохтанд, то ин ки аробаҳое, ки аз ду самт ба сӯи ҳамдигар ҳаракат мекарданд, ба ҳамдигар монеа нагарданд.

Дар аввал роҳҳо дар Рум барои мақсадҳои ҳарбӣ сохта шуда буданд. Хоҳиши васеъ кардани ҳудуди давлат ва дар ҳама ҷо баркарор намудани гегемония ба он оварда расонд, ки аввал ҷумҳурии Рум ва баъд дигар императорҳо карор доданд, ки шабакаи роҳҳои сангфаршро то мамлакатҳои забтшуда бурда расонанд. Бояд қайд намуд, ки фарши роҳҳо аз масолеҳи сангин бо маҳлули оҳак сохта шуда, ғафсии онҳо қариб як метрро ташкил медоданд. Аммо ин гуна мукаммал ва сифати хуб танҳо дар вақти сохтмони роҳҳои асосӣ мушоҳида карда мешуд. Аксари роҳҳо танҳо дар ҳудуди шаҳрҳо ва ё канори онҳо сангфарш карда шуда, дар онҳо асосан регу санг ва ё шағали аз конҳои дар наздикӣ кашфшуда пӯшонда мешуд [2, с. 15].

Дар тули ин муддат тоҷирон аз роҳҳои заминӣ барои мақсадҳои худ истифода мекарданд. Баръакси дигар давлатҳо, ки асосан тиҷорати баҳрӣ ва дарёиро пеш мебурданд, румиён ба рушди савдо аз роҳҳои хушкӣ бештар истифода мебурданд. Ин ба онҳо имкон дод, ки бо сокинони давлатҳои Аврупо, Осиё ва Африқо тиҷорати худро рушд диҳанд. Аммо, рушди соҳаи роҳсозӣ на танҳо боиси пешрафти мамлакат, балки сабабгори таназзул ва барҳам хӯрдани империя низ гардидааст, зеро қабилаҳои сарҳадии бераҳм маҳз ба воситаи ин роҳҳо ба музофотҳои империя сар даровардаанд. Пас аз барҳам хӯрдани Империяи Рум роҳҳои бунёдёфта боз тақрибан ҳазор соли дигар истифода мешуданд ва дар баъзе мавридҳо ҳоло ҳам, гарчанде ки онҳо ҳоло бо асфалт пӯшонида шудаанд [2, с. 16].

Дар қисмати Осиёи Марказӣ, алалхусус дар қаламрави Тоҷикистон роҳҳо ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои алоқа дар замонҳои қадим, вақте ки роҳҳои корвонгузар вуҷуд доштанд, пайдо шуданд. Гузаштагони халқи тоҷик ҳанӯз дар асрҳои 7-4 пеш аз милод дар бораи истифодаи нақлиёти чархдор маълумот доштанд. Дар байни экспонатҳои «Хазинаи Амударё» (Тахти сангин), ки аз Қубодиён ёфт шудааст, макети хурди заррини аробае, ки бо ду асп, аробакаш ва ашроф кашида шудааст, мавҷуд аст [5, с. 9].

Дар асри II пеш аз милод дар давраи Кушониён савдои байнидавлатӣ хеле инкишоф ёфт. Ба Осиёи Марказӣ аз Ҳиндустон, Эрон ва ҳатто аз Мисру Рум тавассути роҳҳои корвонӣ мол меоварданд. Дар навбати худ молҳои Осиёи Марказӣ низ ба бисёр кишварҳо тавассути роҳҳои зиёди тиҷоратии байнидавлатии қаламрави Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, содир мешуданд. Роҳи абрешими корвонгард аз пойтахти Чин ба воситаи пойгоҳҳои Туркистони Шарқӣ ба Осиёи Марказӣ мегузашт.

Дар замони ҳукмронии сулолаи Сосониён роҳҳое сохта мешуданд, ки барои беҳтар намудани коммуникатсия дар империя хизмат мекардаднд. Дар ин давра пулҳо ва сарбандҳои зиёде низ сохта шуданд, ки нишонаҳои баъзеи онҳо то ба имрӯз боқӣ мондаанд. Бузургтарин чунин иншоотҳо пули Дизфул ва сарбанди Шуштар мебошанд. Пули Дизфул 400 метр дарозӣ дошт ва бо 22 арк мустаҳкам гардида буд. Дарозии сарбанди Шуштар, ки дар дарёи Карун ҷойгир буд ба 550 метр мерасид. Тибқи баъзе маълумотҳо, онҳо аз ҷониби асирони румӣ дар соли 260-уми мелодӣ сохта шудаанд.

Дар асрҳои IX-X роҳҳои калони корвонгард аз Бағдод, Ҳамадон, Нишопур, Балх, Марв, Бухоро, Самарқанд, Истаравшан, Чоч ва ғайра мегузаштанд [5, с. 9].

Аз асрҳои XVI-XVIII равобити тиҷоратии байни Осиёи Миёна ва империяи Русия вусъат ёфт. Роҳи корвон ба ду самт: Астрахан ва Сибир тақсим мешуд. Дар шаҳри Бухоро 38 корвонсарой мавҷуд буд, ки ҳар сол ба Бухоро тақрибан аз 12 то 15 ҳазор корвони шутурон омадурафт мекард.

Дар ибтидои асри XIX дар байни хонигариҳои Бухоро ва Хева ҷангҳои тӯлонӣ барои ҳуқуқи соҳибихтиёрии Ҷиззах, Ӯротеппа ва Хуҷанд сар зад. Ин ба он оварда расонид, ки тамоми сохторҳои роҳ тамоман корношоям шуда, ба рушди тиҷорати дохиливу хориҷӣ ва рушди иқтисодии минтақа монеа гардад [1, с. 8].

Баъд аз он ки Русияи подшоҳӣ заминҳои аз аморати Бухоро гирифтаашро ба ҳудуди худ дохил намуд, ҳукумати подшоҳӣ сиёсати мустамликадориро пеш гирифта, ба беҳтар шудани вазъи роҳҳо ва нақлиёт диққати ҷиддӣ дод, зеро муваффақияти забткориҳояш аз он вобастагии калон дошт, чунки минтақа бо назардошти ҷанбаҳои сиёсӣ инчунин ба рушди иқтисодии

мамлакат таъсири худро гузошта, алоқаи минтақаҳои гуногуни Тоҷикистонро ба вуҷуд овард [7, с. 10].

Дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза, чун дар дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, дар давраи то Шуравӣ намуди асосии нақлиёт ин ҳайвоноти саворӣ ва боркаш ба монанди шутур, асп, хар, қутос ва ғайра буд. Ҳар кадоми онҳо таъиноти худро ҳам дар иқтисодиёти аҳолии маҳаллӣ ва ҳам дар бахшҳои алоҳидаи хоҷагии халқи минтақа бар дӯш доштанд. Ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин давра роҳҳои маҳаллӣ ва нақлиёт дар ҳолати номусоид қарор дошта, танҳо эҳтиёҷоти дохилии худро таъмин мекарданд. То ҳамроҳ шудани Бухорои Шарқӣ ба аморати Бухоро, дар ин ҷо ҳаракати муқаррарии нақлиётӣ набуд. Роҳҳои кӯҳӣ, ки мардум дар тули асрҳо истифода мекарданд, низ дар ҳоли хароб қарор доштанд. Барои сохтани роҳ амалдорони амир маҷбуран деҳқононро аз деҳаҳои гирду атроф ва бекигариҳои кӯҳистон бе музд кор мефармуданд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои бек дар ягон қонун дар Бухоро умуман муайян карда нашуда буд [6, с. 21]. Аз ин рӯ маблағҳои барои ин мақсад ҷудошударо бек ва мансабдорони маҳаллӣ ба манфиати худ истифода мебуданд.

Аз ин бар меояд, ки вобастагии бек аз амири Бухоро дар ирсоли андозҳо ва туҳфаҳо ифода ёфтааст ва боқимонда ҳукмрони комили сарзамини худ ба ҳисоб мерафт.

Баъд аз мустаҳкам намудани ҳокимияти худ дар Бухорои Шарқӣ амири Бухоро зарурати такмил додани муносибатҳои савдо, сари вақт ситонидани андозҳо аз аҳолӣ ва назорати самаранок аз болои фаъолияти шахсони мансабдори маҳаллӣ ва бекҳо сохтани воситаҳои нисбатан муносибро ба миён гузошт. Дар роҳҳои душвору мушкилгузари кӯҳҳо ва дараҳо, на ҳама вақт шутурҳо ва харҳо бо бор гузашта метавонистанд ва баъзан одамон маҷбур буданд, ки дар пушти худ борҳоро гузаронанд, ки боиси талафоти ҷонӣ низ мегардид.

Яке аз намудҳои асосии нақлиёти маҳаллӣ аробаи дучарха буд, ки дар тули солҳои дароз дар Осиёи Марказӣ ягона воситаи нақлиётии чархдор ба ҳисоб мерафт. Бо пойдор шудани ҳукумати шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ дар ин ҷо аробаҳои чорчарха пайдо шуданд, ки нисбат ба аробҳои дучарха самараноктар буданд. Онҳо бештар дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон, ки дар он ҷо шаҳракҳои русӣ ташкил ёфта буданд, истифода мешуданд. Онҳоро ҳам мардуми рус ва ҳам маҳаллӣ истифода мекарданд [1, с. 10].

Сохтмони роҳҳо бо истифодаи сангу шағал дар ҷануби Тоҷикистон аз солҳои 20-уми асри XX оғоз ёфт. Бо пешбарии Артиши Сурх дар Тоҷикистон, қисмҳои ҳарбии роҳсозӣ дар Осиёи Марказӣ ба сохтмону азнавсозии роҳҳо шуруъ намуданд. Барои барқарор кардани иртиботи байни ноҳияҳо ва шаҳракҳо, пешгирии ихтилофоти онҳо, махсусан ба сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои заминӣ диққати махсус дода шуд.

Ба ҳамин тариқ, роҳҳо ҳамчун рагҳои хунгарди инсон бо мақсади ба вуҷуд овардани робита дар байни аҳолии як кишвар ва ё қавму қабилаҳои кишварҳои гуногун асосан ҷиҳати таҳкими тиҷорат ва баргузории амалиётҳои ҳарбӣ хизмат мекарданд.

Адабиёт

1. Айнулозода Н. А. Аз таърихи рушди роҳсозӣ дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 20-80-уми асри XX). - Душанбе, 2022. - 143 с.
2. Бойко В.П., Ефименко В.Н., Кадесников А.П. Очерки истории строительства сухопутных путей сообщения (дороги и их строительство как средство хозяйственного и социокультурного развития общества и государства). - Томск, 2010. - 136 с.
3. Бойко В.П., Ефименко В.Н., Кадесников А.П. и др. Исторические очерки строительства дорог и мостов. 2-е издание, переработанное и дополненное. – Томск: Издательство ТГАСУ. – 2012. - 150 с.
4. История появления первых дорог [Электронный ресурс]. – URL: https://mir-znaniy.com/istoriya-poyavleniya-pervyh-dorog/ (Дата обращения: 03.11.2021).
5. Назруллоев С. История дорог и дорожников Таджикистана. – Душанбе, 2019. - 391 с.
6. Пирумшоев Х. Город Куляб в конце XIX - начале XX вв. // Аз таърихи шаҳри Кӯлоб. Маҷмуи мақолаҳо. - Душанбе, 2006. - С. 21.
7. Юсуфи Ш. История путей сообщения и транспорта Таджикистана во второй половине XIX века - начале XX века: автореф. дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 1992. - 23 с.

САСАНИДЫ-НАСЛЕДНИКИ АХЕМЕНИДОВ (СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)

Шарифов Рахмонали Ятимович *– доктор исторических наук, профессор,*
Таджикский национальный университет, Республика Таджикистан, 734025,
г. Душанбе, Главный корпус: проспект Рудаки, 17

Возникшая в 550 г. до н.э. Ахеменидское государство стало первой в истории империей, которая благодаря своей высокоразвитой организации и структуре просуществовала более 200 лет и оказала огромное влияние на весь древний мир и в дальнейшем были приняты последующими правителями Востока, как образец существования могущественного государства в последующие эпохи. Она стала не только первой империей в мировой истории, а также распространили персидское могущество, культуру и искусство на огромной территории. После её разрушения Александром Македонским в течении долгого времени не было могущественного государственного объединения подобного ему. Пока в 224 г н.э. правитель Персии Ардашир сын Папака из рода Сасанидов основал новую династию и возродил былое величие Персидской империи. Оба государства являются империями, возникли на одной территории и Сасаниды считали себя наследниками Ахеменидов. Какие же общие признаки имели обе империи и как они различались.

Во-первых, обе империи возникли не на возникла на пустом месте, а сформировались на фундаменте предыдущих могущественных и развитых государств, Ахеменидское государство н месте таких как Ассирия, Мидия, Элам, Лидия. Это первая в истории мировая держава, которая объединила под властью персидских царей десятки стран и народов и уже в начале своего правления в VI в. до н.э. имела территорию от Египта до Северо-Западной Индии. Сасанидское государство разрушило могущественную Парфянское государство, которое долгое время воевало с могущественной Римской империей. Держава Сасанидов раскинулась на обширном пространстве Ближнег7о и Среднего Востока. В отличие от Ахеменидкой Империи границы, которой почти не изменялись в течении 250 лет, основную территории Сасаниды удерживали вплоть до арабского завоевания [Большаков, 2000, с.11]. Вместе с тем время существования Ахеменидской державы - важный период, когда возникли социально-экономические и политические институты, а также культурные традиции, сыгравшие большую роль в мировой истории.[1] Ахеменидские цари, покоряя соседние государства, придавали своим завоеваниям характер «союза с народами этих стран, короновались по их местным обычаям и пользовались традиционными системами датировки и методами управления».[2] В то время как в Сасанидской империи указывается на завоевательный характер империи, о чем свидетельствует триумфальная надпись Шапура I на цоколе храма Кааба Зороастра которая гласит, что власть его (т. е. Шапура I.) признали многие народы «вплоть до гор Кал (Кавказ) и «Албанских ворот» (Дербент) и всей горной цепи…» [Луконин, 1987 с. 138], Следуя примеру месопотамский царей, основатель государства Ахеменидов Кир Великий называл себя «царём мира, великим царём, могучим царём, царём Вавилона, царём Шумера и Аккада, царём четырех сторон света» т.е. власть Кира противопоставляется власти его предшественников, которые именуются только великим царями и царями городов. Впервые возникает понятие императора - «царь царей» («шоханшох» на перс.яз.) как элемент титулатуры станет официальным титулом империи Ахеменидов и затем станет использоваться последующими восточными правителями.[3] Так и в продолжении традиции Ахеменидов Сасаниды называют себя преемниками Ахеменидов также использую титулатуру «шахиншах».

Во-вторых, основное различие наблюдается и в экономической составляющей обоих государств. Очевидно, что об государства возникли в различные исторические эпохи. В Ахеменидском государстве была развития рабовладельческая система восточного типа. Для обработки земли и других работ помимо рабов широко использовался также труд наемных работников.

---

[1] Дандамаев М.А. Политическая история Ахеменидской державы. М., 1984. С.30.

[2] Дандамаев М.А. Ахеменидская держава. История Древнего Востока: от ранних государственных образований до древних империй. Под ред. А.В. Седова. М., Вост.лит. 2004, с. 627.

[3] Yamada S. Inscriptions of Tiglath - pileser III; Chronographic-Literary Styles and the King`s Portrait// Orient, 49, 31-50.

В то время как Сасанидское государство было первым на территории которого развивались феодальные отношения и где получили особое значение отношения между землевладельцами-дехганами и теми, кто обрабатывал эту земли. И при этом также незначительную роль играл и труд рабов.

Во-третьих, успешная завоевательная политика Ахеменидов привела к тому, что в состав государства входило огромное количество народностей и племен, весьма различных по уровню своего развития, хозяйству, быту, языку и культуре, которое отмечено в многочисленных надписях персидских царей. Ахеменидские цари ещё со времён правления Кира II показали себя как весьма деятельные дипломаты и большие мастера пропаганды. Согласно вавилонским, египетским и другим текстам Кир II вёл миролюбивую и толерантную политику к завоёванным народам и не притеснял их по религиозному или национальному признаку. По мнению некоторых исследователей, Ахеменидская империя, была первым и, пожалуй, единственным государством на древнем Востоке провозгласившим вполне терпимое и доброжелательное отношение к культурным традициям и религиям подвластных народов.[1] Персидская империя Сасанидов была довольно сложным, полиэтническим и многоукладным государством. Государственной религией Ирана был зороастризм. Во главе зороастрийского жречества стоял верховный жрец – мобедан мобед. Он также являлся духовным наставником царя и наследника престола. Зороастрийское жречество, так называемые «маги», было одним из самых влиятельных сословий империи и играло в жизни государства большую роль, что приводило его к конфликтам с шаханшахом [Куликов, 2021, 799-806]. Параллельно на окраинах продолжало существовать множество древних арийских культов, а также неортодоксальных течений самого зороастризма, таких как маздакизм, манихейство и т. д. этих условиях христианство, начавшее распространяться со II в., показало себя в качестве популярной религии. Скорее всего, это было связано с тем, что христианство распространялось торговцами, и оно в тот период было религией городской цивилизации, чем противостояло официальному зороастризму высшей знати, маздакитству и манихейству персидской оппозиции, а также архаичным культам кочевников и селян окраин огромного иранского мира. Рост численности христиан воспринимался персидскими царями как прямая угроза. Источники знают несколько крупных гонений, происходивших в царствование шахов Шапура II и Ардашира II, которые прекращались в правление их преемников. В историографии существует точка зрения, что причиной гонений послужило принятие христианства Римом и подозрительность шаха Шапура, видевшего в христианах агентов римского влияния [Селезнев, 2001]. Однако, историки считают, эти гонения происходили по причине множества внутренних проблем внутри персидского государства, таких как борьба элит, этнокультурный фактор и сам характер христианского вероучения, резко противоречащий традиционному зороастрийскому богословию.

В-четвертых, это форма управления государством. Около 518 г. до н.э. Дарий I создал уникальный административно-финансовый аппарат, а именно устойчивую систему государственного управления и контроля над завоеванными странами, упорядочения сбора налогов и поддержки контингента войск. Государство было разделено на административно-податные округа, которые назывались сатрапиями, во главе которых стояли наместники-сатрапы (букв. «хранители царства»). Должность сатрапа (греческая передача древнеиранского слова xšaçapāvan – «блюститель царства»), согласно Геродоту, впервые была введена Дарием I.[2] Они были наделены почти неограниченными полномочиями: в их руках сосредоточивалась как военная, так и гражданская власть. Сатрап должен был прежде всего обеспечивать поступление подати и осуществлять судебные функции. Он же осуществлял и набор войск, а также мог чеканить серебряную и медную монету.[3] Как правило, сатрапами были знатные персы. Для наблюдения за сатрапами существовали специальные чиновники-шпионы, которых называли “око” или “ухо царя”, тайно сообщавшие о его действиях царю, но в остальном сатрапы фактически были предоставлены самим себе. В рамках отдельных сатрапий входили более мелкие области. Наместники, которых также назывались сатрапами. В некоторых сатрапиях сохранялись традиционные местные системы управления (например, номы в Египте). В

[1] Егизарян Э.М. Декрет Артаксеркса I Лонгимана от 457 г. до н.э./ История. Политология.2022. 49, №4, с. 737-745.

[2] Дандамаев М.А. Политическая история Ахеменидской державы. М., 1984. С.30.

[3] Золотую монету-дарик, мог чеканить только царь. Для покрытия нужд области исходя из имеющиеся ресурсов сатрапы чеканили серебряные и медные монеты.

Иудее во главе администрации Иерусалимской общины стояли первосвященники, постепенно превратившие её в теократическое государство.[1] Полуавтономные городские и храмовые общины, мелкие династии (как, например, карийские «князья» Галикарнасская) существовали в Малой Азии, на Кипре и в Финикии.

Для управления государством и покорёнными народами в империи важное значение имела обязательная войсковая повинность: необходимость по требованию "царя царей" предоставлять в его распоряжение военные контингенты для несения гарнизонной службы в разных концах державы (как правило, вне пределов своей сатрапии) и для участия в завоевательных походах. Персы же образовывали основной костяк государственного и военного аппарата, из их числа комплектовалась и десятитысячная гвардия "бессмертных" – ударный корпус ахеменидской армии). В завоеванных странах были размещены войска для предотвращения восстаний. Состав этих войск был пестрым, но в них обычно отсутствовали жители данной области. Например, в Египте персидские цари держали армию в 10—12 тыс. человек. Приблизительно такое же количество воинов насчитывали гарнизонные войска в Вавилонии.

Главой Сасанидского государства являлся шаханшах (царь царей), обязательно происходящий из рода Сасанидов. Большую роль в политической и экономической жизни Ирана играли старинные знатные иранские роды Суренов, Каренов, Варазов, Спандиад, а также представители новой знати, выдвинувшиеся при Сасанидах. Влияние знати – вузурган – на судьбу иранского государства особенно возросло в IV-V вв. Из ее числа формировалась высшая государственная администрация, во главе которой стоял хазарпат или вазург-фрамадар. Знати принадлежали крупные имения – дасткарты, на нее работало большое число рабов. Так, Михр Нарсе, возглавлявший правительство при Бахраме V (421-439 гг.), носил прозвище Хазарбандак – "имеющий тысячу рабов". Многочисленной была служилая знать – азаты, она составляла основную часть конного войска. В социальной структуре государства Сасанидов значительная роль принадлежала большесемейной домовой общине[4]. Пожалуй, на самой низшей ступени иранского общества стояли рабы. Основной их контингент состоял из военнопленных; существовало также наследственное рабство и самопродажа в рабство. Из письменных источников известно, что средняя цена взрослого мужчины-раба равнялась 500 драхмам[5].

Таким образов, подытоживая всё вышесказанное следует отметить, что Ахеменидская империя по праву является первой в истории империей, преемницей которого является Сасанидская империя. Обе империи имели обширную территорию и вели успешную завоевательную политики. Обе оставили большой след в истории в виде мировой истории, культуры и искусства.

Аннотация. *В настоящей статье приводится анализ двух важнейших империй не только Востока, но и мира, на примере сравнительного анализа, а именно Ахеменидской и Сасанидской империй. Использованные источники и литература показывают особое отличие Ахеменидского государства и Сасанидского государства.*

Ключевые слова. *Ахемениды, империя, Кир Великий, Дарий I, Сасаниды, Ардашир Папакан, зороастризм, Ктесефон.*

Литература:

1. Вейнбег И.П. Гражданско-храмовая община в западных провинциях Ахеменидской державы. Автореферат дис. д-р.ист.наук. Тбилиси, 1973, с.31.
2. Большаков О.Г. История халифата. Т.1. М, 2000.
3. Грачев Н.И. Империя как форма государства: понятия и признаки/Вестник Волгоградского государственного университета. Сер. 5. Юриспруденция. 2 (17), 2012, с. 18-28.
4. Дандамаев М.А. Политическая история Ахеменидской державы. М., 1984. С.30.
5. Дандамаев М.А. Ахеменидская держава. История Древнего Востока: от ранних государственных образований до древних империй. Под ред. А.В. Седова. М., Вост.лит. 2004, с. 627.
6. Дандамаев М.А. Ахеменидское государство и его значение в истории Древнего Востока. История Иранского государства и культуры. М.: Наука, 1971, с. 38.
7. Дандамаев М.А. Ахеменидская империя: социально-административное устройство и культурные достижения / РАН. Ин-т вост. рукописей. – СПб.: Петерб. лингв. о-во, 2013. С. 329
8. Егизарян Э.М. Декрет Артаксеркса I Лонгимана от 457 г. до н.э./ История. Политология.2022. 49, №4, с. 737-745.
9. Куликов А.О. Политика сасанидского шаха Йездигерда в отношении христианской общины. // Via in tempore. История. Политология. 2021. Том 48, № 4 (799–806)
10. *Луконин В.Г.* Древний и раннесредневековый Иран. – М., 1987.

[1] Вейнбег И.П. Гражданско-храмовая община в западных провинциях Ахеменидской державы. Автореферат дис. д-р. ист.наук. Тбилиси, 1973, с.33.

11. Рунг Э.В. Имперская идея в государстве Ахеменидов. / Проблемы истории, филологии, культуры.2015, №4, с. 130-140.
12. Пигров К.С. Империя как инновация, или как императив империй/Вестник СПбГУ, Сер.6, 2004, Вып. 2. Ч.I, с.3-12.
13. Селезнев Н.Н. 2001. Ассирийская Церковь Востока. Исторический очерк. М., АЦВ, 105.
14. Швейцер А. Письма из Ламбарене/ Пер. и прим. А.Шадрина, С.А. Тархановой, В.А. Петрицкого. 2-е изд., доп. Л., 1989.
15. Хардт М., Негри А. Империя. / Пер с англ. Под общей редакцией Г.В. Каменской, М., 2004. -с.
16. Finkel I. The Cyrus Cylinder; the Babylonian Perspective// The Cyrus Cylinder; The King of Persia's Proclamation from Ancient Babylon/ London. 2013, p. 4-7/ 130-133.
17. Yamada S. Inscriptions of Tiglath-pileser III; Chronographic-Literary Styles and the King`s Portrait// Orient, 49, 31-50.

ТАШАККУЛИ НОМҲОИ АШХОСИ АСЛИИ ДАВРАИ МИЁНА

Холназаров Р.М.- *н.и.ф. и.в. дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Чи тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, миллати тоҷик аз нажоди ориёӣ ба шумор рафта, «...дар сарзамини ориёиҳои шарқӣ - Ориёно (Осиёи Миёна ва Афғонистони кунунӣ, ҳамчунин шарқи Эрони имрӯза) мардумони шарқии ориёӣ низ дар даврони модҳо ва Ҳахоманишиён ҳамоно худро ба номи нажоди ориёӣ ёд мекарданд. Бинобар бозёфтҳои солҳои охир аз Афғонистон дар як сангнабиштаи бохтарӣ забони ин матни «арйа», яъне ориёӣ гуфта шудааст. Ин далели таърихӣ собити он аст, ки гузаштагони тоҷикон - мардуми бохтарӣ, забони худро ориёӣ меномидаанд» [3, с. 31-32].

Дар китоби «Забони миллат-ҳастии миллат» (2016) оварда шудааст, ки «Номи *арйа*, *арйана* ҳамчун истилоҳи этникӣ дар таркиби номҳои ашхос ва номҳои ҷуғрофии сарзаминҳои таърихӣ ва ё ватани мардумони ориёӣ ҳам дар «Авесто», ҳам дар осори замони Ҳахоманишиён, ҳам дар манобеи юнонӣ ва исломӣ корбурди фаровон дорад, ки ин ҳама далели мансубияти ин ашхос ва ҷойҳо ба нажоди ориёист» [3, с. 32].

Азбаски номҳои ашхос бисёр далелҳои таърихиро, ба мисли, «номи нажоди ориёӣ - *арйа* дар таркиби номҳои хоси ориёӣ дар осори таърихнависони юнонию румӣ зиёд ба кор рафтааст, ки он далели шинохти номи ин нажод дар он даврон дар миёни дигар мардумон мебошад: Ариабигнес, Ариамнес, Ариападҳес, Ариантас, Арибарзанес, Арибазос, Ариамазес, Ариарамнес, Арифарнес, Ариаменес ва ғ.» [3, с. 32], маҳфуз медоранд, яке аз сарчашмаҳои муҳими боэтимод маҳсуб мешаванд.

Таҳқиқи қиёсии забон, ойин, урфу одат, дину мазҳаби қадимии эрониён ҳамгунӣ ва ягонагии онҳоро собит менамояд. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳо гувоҳи он аст, ки забонҳои эронӣ дар ибтидо ҳам аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ва ҳам аз ҷиҳати захираи асосии луғавӣ то чӣ андоза умумият доштаанд. Забонҳои дунё, хусусан, забонҳои эронӣ ҳамеша дар як ҳолат намондаанд. Тағйироте, ки дар забонҳои эронӣ муддати зиёда аз ҳазор соли инкишофи онҳо, хусусан дар қисмати фонетика, лексика ва грамматика рух додааст, бо бисёр омилу рӯйдодҳои таърихию фарҳангӣ шарҳ дода мешавад. Аз ин лиҳоз, забонҳои қавмҳои эронӣ дар асоси ҳамин гуна тағйирот ба се марҳилаи такомул - давраи бостон (қадим), миёна ва нав ҷудо шудаанд.

1. Давраи забонҳои эронии бостон (аз замони ҷудошавии забонҳои эронӣ аз «умумияти забонҳои ориёӣ» дар оғози ҳазораи II пеш аз милод то асрҳои IV-III пеш аз милод);

2. Давраи миёна ё давраи асримиёнагии рушди забонҳои эронӣ (аз асрҳои IV- III пеш аз милод то садаҳои VIII- IX милодӣ)

3. Давраи нав ё давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ (аз асрҳои VIII- IX баъди милод то имрӯз) [3, с. 47-48].

Забонҳои давраи бостон ё қадими халқҳои эронинажод қариб аз ҳама гуна омехтагӣ бо забонҳои бегона орӣ буда, асоси онро забонҳои Эрони қадим, ки яке бо номи забон ва хати авестоӣ дар китоби муқаддасу қадимтарини Осиёи Миёна «Авесто» ва дигаре бо номи забони форсии бостон (қадим), ки бо хати мехӣ дар осори давраи Ҳахоманишиҳо - кӯҳи Бесутун, Тахти Ҷамшед сабт гардидаанд, ташкил медиҳанд. Забонҳои давраи миёна низ дар асоси забонҳои мардуми эронинажод - портӣ (порсӣ), суғдӣ, хоразмӣ, сакоӣ, бохтарӣ, тахорӣ, хутанӣ ва хати оромиасос ба вуҷуд омада, тадриҷан бо рӯйдодҳои ҷамъиятию таърихӣ забонҳои хоразмӣ,

тахорӣ, бохтарӣ, сакоӣ, суғдӣ қисман аз байн рафта, қисман бо забони порсӣ омехта мегарданд. Аз ин лиҳоз, забони форсии миёна бо номи забони паҳлавӣ (порсӣ) низ зикр мешавад. Ба эътибор пайдо намудани забони порсӣ, пеш аз ҳама, 500 соли давлатдории портҳо сабаб гардидааст [1, с. 54]. Дар ин давр ба забони форсӣ дохил шудани баъзе калимаҳои юнонӣ ва юнонишавии баъзе калимаҳои форсӣ мушоҳида мешаванд, ки он ҳам ба рӯйдодҳои таърихӣ - лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ, ташкилшавии давлати Юнону Бохтар алоқаманд мебошад [1, с. 137].

Муҳимтарин аз забонҳои нави халқҳои эронӣ - забони порсӣ буда, он дар охири аҳди Сосонӣ ва аввалҳои асри исломӣ бо забони суғдӣ ва бохтарӣ пайваста, дар аҳди Саффориён, Тоҳириён, Сомониён, Ғуриён, Ғазнавиён ва дигарҳо забони умумии адабӣ ва қавми оринажод гардида, бо номи умумӣ - забони порсии нав шинохта мешавад. Ба забони форсии нав бо рӯйдодҳои таърихиву иҷтимоии асрҳои VII-XX миқдори зиёди луғатҳои забонҳои хориҷӣ - арабӣ, туркӣ, русию аврупоӣ ворид гардида, таркиби луғавии забони мазкурро бой гардонидаанд.

Номҳои ашхос (антропонимия) низ ҳамчун як ҷузъи муҳимми таркибии луғавии забон ин се давраи рушду такомули таърихи забони тоҷикиро (форсӣ) аз сар гузаронида, дар таркиби худ асрори давраи тулонии ҳаёти гузаштаи халқро нигоҳ доштаанд. Номҳои ашхоси давраи бостон, миёна ва нав, ки дар антропонимияи тоҷик хусусияти умумиистеъмолӣ касб намудаанд, дар номгузории сокинони ноҳияи Лахш низ мавриди истифода қарор доранд.

Ҷойи таъкид аст, ки дар миёни бахшҳои гуногуни забоншиносӣ қисмати решашиносӣ (этимология), ошкорсозии манзараи пайдоиши калима ва сайри таърихии он мавқеи муҳимро дар бар мегирад. Зеро маҳз соҳаи мазкури забоншиносӣ қодир аст, ки умқ ва сайри таърихӣ, сохти ибтидоӣ ва равобити таърихии аносири луғавиро, ба вижа, номҳои ашхосро ва тарзу роҳҳои ба шаклу маъноҳои имрӯза расида омадани онҳоро таҳлилу таҳқиқ намояд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки номҳои ашхоси давраи миёнаи рушду такомули забонҳои эронӣ аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба забони форсии нав наздик мебошанд. Номҳои ин давр асосан бо ҷузъҳои *бахт, беҳ, меҳр, рам // ром, фар, шаҳ // шоҳ // шо // шаҳр* ба вуҷуд омада, аз ҷиҳати сохтор калимасозӣ номҳои сохтаву мураккабро дар бар гирифтаанд. Чунончи:

Ануш < ф.м.Anušak // Anuš // Anuša, ф.н. Anōš // Anōša // Anušo «ҷовидон», номи духтари Меҳрдоди VI, дар маъхазҳо бо номи Анушак, Ануш, Анушо зикр ёфтааст. Дар антропонимияи ноҳия шакли Ануш // Анӯш (мардона) ва Анушо // Ануша // Анӯша (бо иловаи пасвандҳои -о ва -а дар номҳои занона) ба маънии «ҷовидон», «хушбахт» вомехӯранд.

Анушервон // Нушервон // Анушер // Шервон < ф.м. Anušakrvān // Anuširvān // Noširvān // Nušinrvān, ф.н. Anuširvān // Nušervon // Anušer // Šervon «равони ҷовидон», «рӯҳи ҷовидон», номи подшоҳи Сосонӣ - Анушервон Хусрави Парвизи I (534-579), ки дар таърих бо номи Кайхисрави Анушервон ва дар достони «Шоҳнома» Кисрои Нушинравон, инчунин дар бисёр достонҳо бо номи Нуши(е)рвони одил низ тасвир ёфтааст. Дар антропонимияи ноҳия Анушервон ва шаклҳои кӯтоҳшудаи он Нушервон, Анушер бештар роиҷанд.

Бахтёр // Бахтиёр < ф.м. Baxtyār, ф.н. Baxtyor // Baxtiyor «хушбахт», номи испаҳбуде дар «Таърихи Систон».

Бахтовар < ф.м. Baxtāvar, ф.н. Baxtāvar // Baxtovar «оварандаи бахт», номи ходиме аз дарбори Аврангзеб (шоҳи Ҳинд).

Бежан < ф.м. Vežan, ф.н. Vižan // Vijan // Vikan // Vežan [2, с. 37] «мубориз», «ҷанговар», номи писари Гев, хоҳарзодаи Рустам, ошиқи Манижа дар «Шоҳнома» [7, ҷ. IV, с.289-376; ҷ.V, с. 61-70]. Дар номгузории тоҷикони ноҳияи мавриди назар шакли Бежан вомехӯрад.

Гул // Гул < ф.қ. varda (аз гузариши «v» ба «g» ва «rd» ба «l» [8, с. 8]. Баромади **гул** ҳарчанд аз давраи қадим маншаъ мегирад, вале он ба ҳайси номи шахс дар ягон осори хаттии давраи қадим зикр нашудааст. Дар осори хаттии давраи миёна чун ҷузъи асосӣ дар номҳои Гулбод (дар ноҳия дар шакли Гулбода низ ба назар мерасад) (яке аз писарони Виса - паҳлавони теҳронӣ), Гулнор (канизи Ардавон, ки бо Ардашер гурехтааст) ва Гулшаҳр (зани Пирон) дар «Шоҳнома» истифода мегардад [7, ҷ. III, с. 133].

Гурдофарид < ф.м. ва ф.н. Gurdāfarid // Gurdofarid «гурдзода», «зодаи паҳлавон», номи духтари Гаждаҳам дар «Шоҳнома» [7, ҷ. III, с. 212-220]. Ин ном дар антропонимияи ноҳия камистеъмол аст.

Манижа. Назар ба қавли Ф. Юстӣ ин ном шакли занонаи номи мардонаи Manič мебошад, ки яке аз ашрофзодагони парфиянӣ соҳиб буд [2] , дар шакли Манижа номи духтари Афросиёб, ҳамсари Бежан дар «Шоҳнома» [7, ҷ. IV, с. 303-309]. Дар номгузории занонаи ноҳияи мавриди таҳқиқ, ба мисли аксарияти минтақаҳои дигар шакли Манижа маъмул мебошад.

Озод(**а**) < ав., ф.қ. azata, ф.м. Āzād, ф.н. Ozod(a) «асилзода», «асил», «родмард», «наҷиб», «оне, ки банда нест» [1, с. 75] дар шакли azata - номи нажоди ориёӣ, Āzād - номи яке аз пайравони Озаргушасп, Озода - номи бонуе дар аҳди Баҳроми I Сосонӣ.

Дар антропонимияи ноҳияи Лахш Озод ба нудрат истифода шуда, Озода дар номҳои занона серистеъмол мебошад.

Орзу < ф.қ. Arza, ф.м. Ārzu, ф.н. Ārzu // Орзу «хоҳиш», «майл», духтари шоҳи Яман, зани Салм дар «Шоҳнома», духтари Меҳройи гуҳарфурӯш, ки бо зебоӣ ва ҳунарвариаш мақбули Баҳроми Гӯр гашта буд.

Парвиз < ф.м. Aparvēč > Parviz, ф.н. Parviz «музаффар» [2, с. 37], «азиз», «арҷманд», «шакарин», номи подшоҳи Сосонӣ - Хусрави Парвизи II (579-590) [4, с. 162].

Пирон < ф.м. Pir**ān,** ф.н. Pir**ān //** Piro**n**, ҷамъи пир; «доно», «хирадманд», номи мушовир ва сипаҳсолори Афросиёб дар «Шоҳнома» [7, ҷ. III, с. 131-137].

Пулод // Пӯлод < ф.м. Pul**ā**d, ф.н. Pulod // Pūlod «филиз», маҷ. «матин», «устувор», номи 3 тан аз паҳлавонҳои туронӣ ва эронӣ дар «Шоҳнома» [7, ҷ. IV, с. 209].

Ромин < ф.м. R**ā**min, ф.н. Romin (аз **rām** «мутеъ» ва пасванди мансубии **-in**) «фармонбардор», «омӯхта», «ромшуда», номи ошиқи Вис дар маснавии «Вис ва Ромин.

Фарангис. Баромади номи Фарангисро Ф. Юстӣ аз шакли забони паҳлавии Vispanfriya ба маънии «азизи ҳама», «ба ҳама азиз» нишон додааст, номи духтари Афросиёб, зани Сиёвуш дар «Шоҳнома». Дар номгузории ноҳия дар шаклҳои Фарангис ва Фарангиз ба маънии «ангезандаи нур», «ҳуснбахш», «нурбахш» омадааст. Дар лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Лахш ба сурати Фарангиз низ мустаъмал аст.

Фарҳод < ф.м. Frahāt, ф.н. Farhod (аз **fra** «нур», «шукӯҳ», «зебо» ва **hāt** «додан») «нурдиҳанда», «шукӯҳбахш» [6, с. 24], номи панҷ тан аз подшоҳони Порт [1, с. 198].

Фаррух < ф.м. ва ф.н. Farrux, айн. «хушбахт», «зебо», «нурчеҳр».

Фируз(**а**) // Фирӯз(а) < ф.м. Piruz // Pirōz, ф.н. Piruz // Pirōz // Firůz «ғолиб», «музаффар», номи 18-умин шоҳи Сосонӣ (459-484) [1, с. 265-266]. Инчунин номи санги кабудранги қиматбаҳост, ки рамзи музаффарият мебошад. Дар антропонимияи ноҳия дар шакли Фируз (Фирӯз) (мардона) ва Фируза (Фирӯза) (занона) ба маънии «ғолиб», «музаффар» истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, номҳои ашхоси давраи миёна, ки аксарият хусусияти ягонагӣ ва умумитоҷикӣ доранд, аз ҷиҳати маъно ва сохтори овозӣ ба номҳои давраи муосир мутобиқат менамоянд. Номҳои ашхоси ноҳияи Лахш низ ҳамоҳанги онҳо мебошанд.

Адабиёт:

1. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон. -Китоби I. -Душанбе: Ирфон, 1983. -704 с.
2. Кузмина, А.Н. Современная персидская антропонимия. Личные имена. // ДК. -М., 1985, 61:86 -10/88 -4.
3. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат - ҳастии миллат. Китоби якум.-Душанбе: «Эр- граф», 2016.- 516 с.
4. Ромпурӣ, М.Ғ. Ҷилди I.-Душанбе: Адиб, 1987. - 480с.
5. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна. -Душанбе, 2001.
6. Суперанская, А. В. Имя и эпоха (к постановке проблемы). // В кн.: Историческая ономастика. -М., 1977. -308 с.
7. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд).-Душанбе: Адиб, ҷ.I, 1980, 480 с.; ҷ. II, 1987, 320 с.; ҷ. III, 1988, 528 с.; ҷ. IV, 1989, 496 с.; ҷ. V, 1989, 496 с.; ҷ. VI, 1989, 552 с; ҷ. VII, 1989, 565 с.; ҷ. VIII, 1990, 616 с.; ҷ. IX, 1991, 495 с.
8. Ҷӯраев, Р. Этимологияи 100 калима.-Душанбе: Маориф, 1985. -28с.

ТОПОНИМИКАИ ТАЪРИХИИ ВОҲАИ БУХОРО ДАР АСАРИ “ТАЪРИХИ БУХОРО”- И АБӮБАКРИ НАРШАХӢ

Олимов Дилшодҷон Рӯзибоевич-*муаллими калони донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ) (dilshod.olimov.2018@bk.ru +992-98-884-34-34, +992-92-993-32-31)*

Барои таърихшиноси комил будан, дар айни замон донистани кули илмҳои ёрирасони таърих аз қабили сиккашиносӣ, илми тақвим, метрология, топонимика, палеография, антропонимика ва дигарҳо басо муҳим аст. Омӯзиши номҳои географӣ аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ доранд. Масалан аз таҳлили номҳои қадимӣ ва ҳозираи маҳалҳо доир ба кӯчи қавму тоифаҳо, маскангирӣ ва муносибати онҳо бо қавмҳои дигар хулосаҳои дақиқи илмӣ баровардан мумкин аст. Тарзи талаффуз, сохти граматикӣ, маънои луғавии топонимҳои зиёди забон аз ҳодисаҳои забоние дарак медиҳанд, ки дар даврaҳои гузаштаи таърихии забон вуҷуд доштаанду бо мурури замон аз байн рафтаанд. «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакри Наршахиро аз ҷумлаи нодиртарин таърихномае, ки дар худ маълумоти фаровон оид ба топонимикаи асримиёнагии тоҷикро нидорад номидан мумкин аст. Яке аз хусусияти маълумоти муаллифони асримиёнагӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ҳангоми шарҳи ягон топоним якчанд варианти маънии онро меоранд. Абӯбакри Наршахӣ бо ҳамин усул маънии топонимии Бухороро таҳлил намуда, онро дар шакл Нумиҷкат, Бумискат, «Мадинат-ус-Суфрия» (Шаҳристони руин), Фохира ёд кардааст. [18, с. 72]

Аввалин деҳае ки дар китоби «Таърихи Бухоро» навишта шудааст, ин деҳаи Наршах мебошад, ки он дар наздики шаҳри Бухоро ҷойгир шудааст. [1, с. 63] Ба Бухоро аз сӯи Самарқанд бо воситаи рӯди Мосиф об меомадааст. Дар соҳили рости Аму ду деҳае будааст, ки хеле қадим будааст. Яке аз онҳо Битик дигарӣ Фараб ном дошта наздики деҳаи Битин ҷойгир шудааст ва ин деҳаро бо номи «Деҳаи Алӣ», «Работи Тоҳир бинни Алӣ» низ меномидаанд.

Дар наздики шаҳри Самарқанд деҳаи Нур буд, ки ҳозир яке аз ноҳияи вилояти Самарқанд ба шумор рафта номи ҳозирааш Нурпошо мебошад. [15, с. 130.] Аз Зарафшон ба сӯи Бухоро канали калоне об меовардааст, ки онро Ҳарқонруд мегуфтанд. Дар соҳили ин рӯд деҳае будааст бо номи Ҳарқона ва ин деҳа яке аз деҳаҳои қадим ба шумор меравад. [19, с. 129]

Вардона – яке аз деҳаҳои қадимаи назди Бухоро ба шумор рафта, соли 1868 ин деҳаро пахш карда аст. [4, с. 14] Номи имрӯзаи он Қӯрғони Вандозӣ мебошад. Таровча яке аз қадимтарин деҳаи ҷанубу ғарбии Бухоро ба шумор рафта ҳозир бо номи Тароб маълум аст. [4, с. 14] Сафна ва Исвона деҳаҳое мебошанд, ки дар бораи онҳо маълумот ёфта натавонистам. Яке аз калонтарин деҳаҳо ин деҳаи Байканд – Пайканд мебошад, ки ин деҳа дар байни Арабу Аҷам бо савдогарони худ машҳур буд ва тамоми хилофат ин деҳаро медонист. [16, с. 8] Дар давраи пеш аз ислом дар ин деҳа шоҳон қасрҳои худро бино карда буданд ва аз ин ҷой дигар минтақаҳоро идора мекарданд. Ин деҳа дар ҷанубу ғарбии Бухоро ҷойгир буда харобаҳои он ҳоло ҳам боқӣ мондааст.

Дар наздикии Байканд қалъаи Дабусӣ ҷойгир шудааст, ки мутобиқи сарчашмаҳо ин қалъаро Абрӯӣ ном шоҳи ин ҷой бунёд кардааст. [4, с. 15] Ин қалъа ҳозир дар наздикии истгоҳи роҳи оҳани Зиёваддини Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷой гирифтааст. Вақте, ки Абрӯй ба бузургони ин минтақа зулм пеш гирифт, он шахсон ба тарафи Туркистон гурехтанд ва шаҳри Тироз бунёд карданд ва имрӯз ин шаҳрро Ҷамбул ном мебаранд.

Мутобиқи маълумотҳо як вақт Шерикишвар писари ҳокими турк ба Бухоро ҳоким буд ва ӯ деҳаҳои Мамостин, Сақматин, Самтин ва Фароб бино кардааст. Мамостин – деҳа дар ғарби Бухоро ҷойгир шуда он деҳаро Мастин низ мегӯянд. [7, с. 169] Сақматин – деҳа дар соҳили дарёи марказии Бухоро ҷойгир буда ҳозир онро Чобарк меноманд. [20, с. 499] Самтин низ яке аз деҳаҳои Бухоро ба шумор рафта ҷойгиршавии ин деҳа ҳоло маълум нашудааст.

Яке аз деҳаҳои калонтарин Бухоро деҳаи Искаҷкат мебошад, ки ин дар назди Бухоро ҷойгир шуда ба деҳаи Шарғ наздик мебошад. Ромитин ном деҳае дар Бухоро мебошад, ки имрӯз ин деҳаро Ромитан ном мебаранд. Севанҷ яке аз деҳаҳои Бухоро ба ҳисоб рафта В.В. Бартолд ин деҳаро ба Исвона нисбат додааст. [7, с. 170]

Кармина низ яке аз ноҳияҳои Бухоро буда, ҳокимони ин ҷо ба ҳокими Бухоро андоз месупориданд. Бо ин сабаб олимони асримиёнагии арабу форс ва тоҷик минтақаро ба гурӯҳе ба вилояти Суғд, гурӯҳе ба Бухоро мансуб медонанд. Дар аҳди Сомониён ин шаҳр ба Бухоро ҳамроҳ буд ва яке аз шаҳракҳои машҳури бофандагӣ ба шумор мерафт. Дар давраи аморати Бухоро Кармина яке аз бекигариҳои бонуфузи аморат ба ҳисоб мерафт. Ҳоло шаҳраки Кармина дар ҳайати вилояти Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор дорад. [21, с. 246]

Яке аз ҷойҳои бузург ва муқаддаси асримиёнагии Бухоро ин навоҳии Нур аст. [4, с. 15] Дар Нур масҷиди ҷомеъ ва якчанд қабристонҳо мавҷуд буд. Дар дигар вилоятҳо ин ҷойро мардум «Нури Бухоро» мегуфтанд. Имрӯзҳо ин шаҳракро Нурато ном гузоштаанд. Нурато шаҳр дар вилояти Навоии Ҷуҳурии Ӯзбекистон мебошад.

Яке аз деҳаҳои Бухоро Тавоис мебошад. Таърихи пайдоиш ва Тавоис ном гирифтани ин деҳа чунин аст: Ва аз тачаммули ҳар касе дар хона як ва ё ду товус медоштанд. Ва араб пеш аз ин товус надида буданд, чун дар Бухоро товус бисёр диданд он деҳаро «Тавоис» гуфтанд. [4, с. 15] Номи қадимаи деҳа Арқуд мебошад. Дар айёми қадим дар ин ҷо бозори бузурге барпо мешудааст ва дар фасли тирамоҳ даҳ рӯз бозор мекарданд.

Искаҷкат яке аз деҳаҳои Бухоро ба шумор рафта он қалъаи кӯҳнаи бузург дорад ва мардумонаш бо тиҷорат машғул будаанд. [4, с. 16] Деҳаи Искаҷкат рӯ ба рӯи деҳаи Шарғ воқеъ гардида будааст ва аз баёни он дарёчае бо номи Шарғ ва ё Ҳаромнон мегузаштааст, ки дар қадим онро Самҷун меномиданд. Деҳаҳои Искаҷкат ва Шарғ деҳаҳои бисёр ҳам зебои шаҳри Бухоро ба ҳисоб рафта дар он ҷой кишоварзӣ хеле пеш рафта будааст.

Вардона – яке аз бузургтарин деҳаҳои Бухоро буда атрофи он қалъаи қадимаи устувор дошт. [4, с. 17] Дар Вардона шоҳони пеш аз ислом менишастанд. Мутобиқи ахбори Наршахӣ ин деҳа аз Бухоро ҳам қадим будааст. Вардонаро бо номҳои Вардона. Вардончӣ низ ном мебаранд. Дар охирҳои асрҳои VII аввали асри VIII дар ин ҷо шоҳигарии Вардона мавҷуд буд, ки шоҳи онро Вардонхудот ном мебурданд. Дар Вардона ҳафтае як маротиба бозор мешудааст.

Дар асри VI Вардона яке аз шаҳрҳои тараққӣ карда ба шумор мерафт. Дар асри X ин шаҳр хеле обод гашта тоҷирон бо воситаи Вардона ба Қазоқисто Сибир барои савдо мерафтанд. Вардона дар шимолу ғарбии вилояти Бухоро ҷойгир шудааст. Аз ёдгориҳои қадима харобаи Қӯрғони Вардончӣ боқӣ мондааст. [21, с. 584]

Афшана – яке аз деҳаҳои Бухоро ба шумор рафта аҳолии зиёд доштааст. Дар ин ҷо низ ҳафтае як маротиба бозор мешудааст ва арки мустаҳкам доштааст. [4, с. 18] Ин деҳа зодгоҳи Абӯалӣ ибни Сино мебошад.

Баркад яке аз деҳаҳои қадим буда, қалъаи қӯҳнаи калон дорад. [4, с. 19] Исмоили Сомони ин деҳаро харида ба алавиён вақф мекунад ва бо ин сабаб номи Баркади Алвиёнро мегирад.

Яке аз шаҳракҳое, ки аз Бухоро низ қадим аст, Ромитан буда, дорои қалъаи қадима будааст. [14, с. 7-18.] Аз пайдоиши шаҳр дар минтақаи Бухоро шаҳраки Ромитан ҷойгоҳи шоҳон будааст. Мувофиқи гуфтаи Напшахӣ ва дар рӯ ба рӯи он деҳаи Ромушро Афросиёб бино кардааст.

Варахша – яке аз шаҳри қадима дар шимолу ғарбии Бухоро ҷойгир шуда, ба воситаи 12-ҷӯйбор бо об таъмин карда мешудааст. Ин шаҳрро дар қадим Рақфандун меномиданд. Ин шаҳр қароргоҳи шоҳон буда, дар он ҷо арки шоҳи сохта шудааст, ки то ба рӯзгори амирони сомонӣ низ устувор будааст. Ин шаҳр дар давраи давлати Кушониён хеле ривоҷу равнақ меёбад. [4, с. 19] Ҳафриёти шаҳри Варахша соли 1937 ба роҳбарии В.А. Шишкин сар шуда то соли 1954 давом кардааст. Аз Варахша тасвирот ва дигар намунаҳои санъати меъморӣ, санъати ҳайкалтарошӣ ба даст омада аз маданияти баланди точикон гувоҳӣ медиҳад.

Дар Бухоро коргоҳе будааст, ки онро Байтуттироз меномиданд. Маънои калимаи Байтуттироз хонаи пур аз нақшу нигор мебошад. Дар ин коргоҳ аз матоҳоии нафис нақшу нигор кор карда мебаровардаанд. Матоъҳои ин коргоҳ хеле машҳур шуда буд, ҳатто андозситонандаи халифаҳои Араб ба ҷои андоз аз ин либосҳо гирифта мерафтанд. Либосҳои ин коргоҳ пур аз нақшу нигор буда дар асрҳои миёна дар Хуросон ҳеҷ кас ин хел либос дӯхта наметавонистанд. Ранги ин либос сурху сафед ва сабз будааст. Матоъҳои коргоҳи Байтуттирозро бо воситаи роҳи Абрешим савдогарон бо Мисру Византия гирифта мерафтанд. [4, с. 21]

Дар маркази шаҳри Бухоро бозоре бо номи Моҳ мавҷуд будааст. Дар бозори моҳе дар як сол ду бор бозор мешудааст. Дар ин бозор бут мефурӯхтанд. Ин бозорро шоҳ бо номи Моҳ бунёд кардааст. Баъди забти Бухоро аз тарафи арабҳо ба ҷои бозор масчиди ҷомеъ бо номи моҳ бунёд карданд. [4, с. 22]

Ҷӯи Мӯлиён - яке аз мавзеъҳои Бухоро буда дар наздики қалъаи кӯҳна ва Регистон ҷойгир шудааст. Ҷӯи Мӯлиён дар қадим мулки авлоди Тағшода будааст. Исмоили Сомони ин ҷойро барои маволиён харида ва кор карда буд ва номи Ҷӯи Маволиёнро гирифт. Мардум инро Ҷӯи Мӯлиён гуфтанд. [4, с. 27] Ҷӯи Мӯлиён яке аз мавзеҳои хушманзараи Бухоро ба ҳисоб рафта шоҳони Сомонӣ дар ин мавзеъ қасрҳо бунёд кардаан ва бесабаб нест, ки якчанд шоирон дар бораи ин мавзеъ шеърҳо гуфтаанд. Мисол Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бораи Ҷӯи Мӯлиён ба амир Насри II чунин шеър гуфта буд:

Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Эй Бухоро шод бошу дер зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.

Дар назди қалъаи Бухоро дар назди мавзеи Ҷӯи Мӯлиён як мавзеи дигар бо номи Даштак мавҷуд будааст. Аз сабаби он ки пеш аз харидани Исмоили Сомонӣ ин ҷой саҳрое буд онро Даштак ном дода будаанд.

Шамсобод – маҳаллае дар Бухоро мебошад, ки ин ҷойро Шамсулмулк ном шоҳи Қарохони дар нимаи дуюми асри XI сохтааст ва Шамсобод аз номи ӯ гирифта шудааст. Ҳудуди ин маҳалла 3-4 км буда атрофи он бо девор иҳота карда шуда буд ва як дарвоза дошт. Шамсулмулк ин ҷойро харида дар ин ҷо боғ, бӯстон ва як мамнӯъгоҳ бо номи Ғӯруқ сохт. Дар мамнӯъгоҳ тамоми паррандаю ҳайвонҳои он вақтаи Мовароуннаҳр ва гирду атрофи он ҷамъ оварда шуда буд. Шамсобод дар давраи ҳукмронии Аҳмадхон хароб гардид. [21, с. 101]

Кӯшки муғон – мавзее берун аз шаҳри Бухоро аст. Номи ин мавзеъ аз ду реша иборат буда кӯшк – маънои навъи хонае ки дар атрофаш боғ дорад ва муғон – ин намояндагони дини зардушти мебошад. Вақте, ки арабҳо Бухороро забт мекунанд ва дини исломро ҷорӣ карданд. Намояндагоин дини зардушти аз шаҳри Бухоро баромада аз беруни шаҳр замин харида дар он ҷо ҳафтсад кӯшк бунёд мекунанд. [4, с. 29] Ва ин мавзеъро Кӯшки муғон меномидагӣ мешаванд.

Кампирдевор – девори гириди Бухоро буда, онро дар солҳои 782-783 бо фармони ҳокими Хуросон Абулаббос бинни Фазл бинни Сулаймони Тӯсӣ ба бунёдаш оғоз мебахшанд ва то рӯзгори Исмоили Сомони идома меёбад. Исмоили Сомони азоби мардумро ҳангоми тармими ҳарсолаи ин девор ба назар гирифта, андоз барои тармими онро бекор мекунад ва мегӯяд: «То ман зинда бошам бораи вилояти Бухоро ман бошам». [4, с. 32]

Наршахӣ ба ғайр аз деҳаҳои Бухоро дар бораи дигар шаҳрҳои он вақт маълумот додааст. Шаҳри Кеш яке аз шаҳрҳои қадима ба ҳисоб рафта дар қадим онро Сух ё Сус меномиданд. Дар асри VII шаҳри Кеш пойтахти Суғд буд. Дар асри VIII барои нест кардани арабҳо аз Кеш ба Бухоро сарбозон равона карда мешуд. Шаҳр яке аз марказҳои доимии ҳаракати зидди арабҳо буда дар ин шаҳр якчанд шӯришҳои калон мешавад, ки роҳбарии яке аз онҳоКешро маркази худ интихоб карда буд. Дар давраи Сомониён ин шаҳр обод мешавад. [21, с. 299]

Нахшаб – Насаф яке аз шаҳри қадимаи Мовароуннаҳр буда Насаф ва Кеш дар вилояти Қашқадарё ҷойгир будааст. Аз ҳардуи ин шаҳрҳо барои зидди арабҳо лашкари калоне ба Бухоро меомаданд. Дар асри XIV Кибекхон дар ин ҷо қаср бунёд мекунад ва номи он қаср Қаршӣ буд. Қарши аз забони муғули қаср мебошад ва аз он давр то имрӯз шаҳри Қаршӣ мебошад. [21, с. 101]

Вақте, ки Қутайба бинни Муслим Бухороро забт мекунад дар он ҷой якчанд масчидҳо месозад ва дар маркази шаҳри Бухоро намозгоҳи ид бунёд кард. Он намозгоҳ як дарвозаи калон дошт, номи ин дарвозаро Мӯъбад мегӯянд. Барои он ки ҳокими Бухоро Мӯъбад ул-Хайл буд. [4, с. 32]

Сомон – деҳа дар Балх мебошад. Аршак номи аслии Сомонхудот мебошад. [17, с. 115] Ӯ дар Балх деҳае сохт ва номи Сомонро гузошт. Аз ин сабаб лақаби Сомонхудотро гирифт. Дар солҳои 80-уми асри VII душманони Арсак ӯро таъқиб мекунанд. Амири Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ ба ӯ аз Марв ҷой дода ҳамоят мекунад. [4, с. 52]

Соли 651 арабҳо Марвро забт карда, ба соҳили чапи Ому юриш оғоз кардан два Варазрудро Мовароуннаҳр номиданд. Дар ин бобат Маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гуфтааст:

Паҳлавонӣ надонӣ гар ту забон,
Варазрудро Мовароуннаҳр дон.

Ҷойҳои то дарёи Аму забт кардаашонро Хуросон номидаанд. То омадани арабҳо дар Мовароуннаҳр шаҳр-давлатчаҳои хурд мавҷуд буд.

Сӯбах деҳа дар шаҳри Кеш буда аввалин шуда дини Муқаннаъро дар ин деҳа қабул кардаанд. [4, с. 8]

Сом кӯҳ дар шаҳри Кеш мебошад. Муқаннаъ дар ин кӯҳ ҳангоми кофтукови амири Хуросон паноҳ мебурд.

Нишопур – яке аз шаҳрҳои калонтарини асримиёнагӣ дар Хуросон буд. Ин шаҳр дар асри III бунёд мешавад. Ин шаҳрро ба Шопури II шоҳи Сосониён мансуб медонанд.

Дар давраи давлати Тоҳириён маркази давлат дар давраи давлати Сомониён маркази вилояти Хуросон буд. [21, с. 202] Имрӯз Нишопур яке аз шаҳрҳои Эрон буда дар шимолу шарқии ин давлат ҷойгир аст.

Нумиҷкат – Лумиҷкат _ Исказкат деҳа дар шаҳри Бухоро мебошад, ки ман дар боло гуфта гузаштам.

Ҳарӣ – Ҳирот – шаҳри калони асри миёнаги Хуросон ба шумор меравад. Мутобиқи сарчашмаҳо ин шаҳрро Искандари Мақдунӣ бунёд кардааст. Дар давраи Сомониён яке аз шаҳрҳои калони Хуросон ба шумор мерафт. Асосан аз шаҳри Ҳирот ба шаҳри Бухоро чорво ва пашм меоварданд. [21, с. 391] Шаҳри Ҳирот имрӯз дар ҳайати давлати Афғонистон ҷойгир аст.

Арбинҷон ва Зармон номи деҳаҳое мебошанд, ки байни шаҳри Самарқанд ва Бухоро ҷойгир шудаанд. [7, с. 147] Омул яке аз шаҳрҳои вилояти Хоразм буда, дар манбаҳо бо номҳои Омул, Ому, Омӯй, Омуя омадааст. Ин шаҳр дар соҳили дарёи Аму ҷойгир аст, барои ҳамин ин номро гирифтааст. Шаҳри Омул дар соҳили чапи дарё қарор гирифта дар тарафи дарё қалъа дорад. Омул шаҳри қадима буда дар замони юришҳои Искандари Мақдунӣ низ вуҷуд дошт. Тавассути ин шаҳр роҳи байни Мовароуннаҳру Хуросон мегузашт, ки ин боиси дар Омул инкишоф ёфтани савдои берунию дарунӣ, иқтисодиёту маданият ва обод шудани шаҳр гардид. Дар давраи Темуриён Омул Чорҷӯй ном гирифт. [21, с. 344]

Зармон деҳа дар Ҷӯи Мӯлиён. Яке аз деҳаҳои хушманзари Бухоро мебошад. Қароргоҳи шикории Исмоили Сомонӣ буда, маҳз дар Исмоили Сомони баъди касали вафот мекунад. [4, с. 79-80]

Дар Бухоро бозори Саррофон мавҷуд буд. Ин бозор нақши мубодилаи асъорро нигоҳ медошт яъне бозори пул буд. Аз дигар давлатҳо савдогарон оянд дар ин бозор пулҳои худро ба пулҳои маҳалли иваз мекарданд.

Дар назди бозори Саррофон як қатор дӯконҳои Кафшгарон мавҷуд буд. Дар ин ҷой яъне дар атрофи масчиди Моҳ ки ман дар боло дар бораи ин ҷой маълумот дода будам мадрасаи Форчан, бозори Саррофон, Кафшгарон соли 937 пурра сӯхта нобут шудааст. [4, с. 22]

Топонимҳои дар боло зикршуда нишон доданд, ки онҳо ба гурӯҳҳои мухталиф тааллуқ доранд. Масалан номи иншоотҳои сунъӣ ва табии обӣ, номи боғҳо, номи ҷузъҳои мухталифи шаҳр ба монанди монанди бозор, қаср, масҷид, дарвозаи шаҳр, девор ва ғайра. Муаллиф кӯшидааст, ки ба қадри имкон таърихи ба вуҷуд омадан, мазмуну моҳият ва сабаби тағйир ёфтани топонимҳоро муайян кунад ва бо тарзи хеле соддаю фаҳмо дастраси хонанда намояд.

Адабиёт:

1. Абу Рейхан Бируни. Избранные произведения. Т. II. Индия // Пер. А.Б. Халидова и Ю.Н. Завадовского. Комментарии В.Г. Эрмана и А.Б. Халидова. Отв. ред. В.И. Беляев. – Ташкент: Изд. АН УзССР, 1963.
2. Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам// Сомониён дар оинаи таърих.Ҷ.2.-Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1998.
3. Абӯалии Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ.-Иборат аз 2 ҷилд // Таҳияи матн М.Умаров, Ф.Бобоев, Д.Қаноатов.-Теҳрон: Замон, 2001.
4. Абӯбакр Муҳаммад ибн Ҷаъфар Наршахӣ. Таърихи Бухоро //Подготовитель издания, введения, примечаний, словаря, и приложений Н. Касымов, Отв. ред. А. Мухтаров. – Душанбе: Дониш, 1979.

5. Абӯрайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. //Ба чоп тайёркунандагон А. Девонақулов, М. Исо, О. Ҳамид, М. Бақо. – Муҳаррири масъул М. Диноршоев, А. Деванқулов. – Душанбе: Ирфон, 1990.
6. Аюбов А. Топонимы Уструшаны, истоки их происхождения и значения. - Санкт-Петербург, 2009.
7. Бартольд В.В. Сочинения. – Т. I. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. – Москва: Издательство Восточной литературы, 1963.
8. Гафуров А.Г. Имя и история. Имена арабов, персов, таджиков и тюрков. Словарь.-Москва: Наука, 1987
9. Гафуров А.Г. Таджикская антропонимия. Личные имена в прошлом, настоящем и будущем. - Москва, 1970.
10. Гафуров А.Г.Лев и Кипарис. О восточных именах.- Москва, 1971.
11. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон (таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав)// Муҳаррири масъул – А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 1998.
12. Гоибов Г. Ранние походы арабов в среднюю азию.-Душанбе: Дониш, 1989.
13. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар. - Душанбе, 1989.
14. Ибни Хурдодбеҳ. Ал-масолик ва-л-мамолик//Сомониён дар оинаи таърих.Ҷ.2.-Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1998.
15. Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз__Мунтахабот.-Душанбе: Адиб, 2008.
16. Мирбабаев А.К. Арийские легендарные цари и герои в названиях древних городов Центральной Азии//О.К.Каримов, А.К.Мирбабаев, Н.Н.Усмонов. Очерки истории средневековой культуры таджиков. Пособие по культурологи.-Худжанд: Ношир, 2011.
17. Н.Турсунов, Дж. Исомитдинов «История таджиков» Худжанд, 2001.
18. Хасанов Х. Беруни и топонимика //Беруни и гуманитарные науки. Ташкент: Фан, 1972.
19. Ҳудуд-ул-олам__ Мунтахабот.-Душанбе: Адиб, 2008.
20. Таърихи РСС Ӯзбекистон Ҷ.1 к.1. Ташкент, 1956.
21. Энсиклопедияи советии тоҷик// Иборат аз 8 ҷилд.-Душанбе, 1978-1988.

БОЗТОБИ МАХСУСИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДИЯ ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ

Шоқурбонова Ҷ.Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар охири асри XIX -ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ ҷараёни наве бо номи ҷадидия ба вуҷуд меояд. Маҳз дар ҳамин давра болоравии аҳли илму фарҳанги халқи тоҷик ба назар мерасад, ки дар он хизмати маорифпарварон ва ҷадидҳо бағоят калон аст. Аз ибтидои асри XX бошад, дар байни халқи тоҷик аҳли илму фарҳанг хеле зиёд гардида буд. Аммо ин ҳаракат қисми зиёди аҳолиро дарбар гирифта натавонист. Ҷадидия ҷараёни ҷамъиятию сиёсӣ, адабию фаҳангӣ буда, сабабҳои қафомонии кишварро муайян намуд ва роҳҳои наҷоти миллатро пешниҳод кард:

1) бо роҳи паҳн намудани маърифат (ташкили мактабҳои усули нав, паҳн намудани адабиёти нав, нашри рӯзномаҳою маҷаллаҳо) аҳволи мардумро беҳтар бояд кард;

2) тарзи идоракуниро иваз намуда, ба давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонӣ баробар бояд шуд;

3) бетартибию ғоратгариҳо, беадолатӣ ва зулму ситам бояд барҳам дода шаванд;

4) бо роҳи ислоҳоти динӣ исломро ба талаботи замони нав- инкишофи муносибатҳои молию пулӣ мутобиқ бояд гардонид;

5) барҳам додани харочоти зиёдатӣ, беҳтар намудани аҳволи мардум ва ғайраҳо.

Ҷадидон аз бесаводию қафомондагии ҷомеа сахт андӯҳгин буда, мехостанд ҳарчӣ зудтар ин камбудиҳоро ислоҳ намоянд. Мақсади асосии ҷадидия ислоҳ кардани мактабу маориф, паҳн намудани матбуот, адабиёти нав, рушду нумӯи кишвар ва бедории сиёсиву фарҳангии мардуми он замон буд. Ҷадидон эҳсос мекарданд, ки бо роҳандозии таълиму тарбияи дуруст метавон ба бесаводию нодонӣ хотима гузошт. Онҳо бар зидди зулму ситами мардум, ноинсофӣ ва ҷаҳолат муборизa мебурданд.

Манбаъҳои ташаккулёбии ҳаракати ҷадидия чунинанд: Манбаи аввал- ақидаҳои маорифпарварии фарзанди барӯманди халқи тоҷик Аҳмади Дониш, фарзандони халқи ӯзбек Зокирҷон Фурқат, Муҳаммад Аминхоҷа Муқимӣ, Завқӣ ва дигарон. Манбаи дуюм- таъсири ҳаракати ҷадидияи тоторҳо, ки ҳанӯз солҳои 80-уми асри XIX ташаккул ёфта буд. Манбаи сеюм

- таъсири инкишофи муносибатҳои нави молию пулӣ. Манбаи чорум- таъсироти матбуоти даврӣ ва дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна ба вуҷуд омадани мактабҳои русии маҳаллӣ. Маҳз ҳамин манбаъҳо асоси ташаккулёбии ҳаракати ҷадидияи Осиёи Миёна гардиданд. Ҳамаи ин дигаргуниҳо барои бедорӣ ва тағйир ёфтани афкори зиёиён бетаъсир наемонд. [4, с. 258]

Ҳаракати ҷадидия дар шаҳрҳои калонтарини сарзамини Осиёи Миёна, аз он ҷумла Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Қӯқанд, Хуҷанд ва ғайра ба амал омад. Дар қаламрави Тоҷикистони ҳозира бошад, пеш аз ҳама қисми шимолии он, яъне музофоти Хуҷандро фаро гирифт. Дар хусуси таъсири ҳаракати ҷадидия ба Хуҷанд ва гирду атрофи он адабиётшиноси шинохта Атахон Сайфуллоев соли 1988 навишта буд: “Дар Хуҷанд “Мактаби Беҳбудӣ” насли наврасро бо усули нав таълим медод, ки аз нуфузи Маҳмудхоҷаи Беҳбудии Самарқандӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин шаҳр то ҳол кӯчае бо номи Ҷонбухориён ҳаст, ки шакли кӯтоҳи ҷавонбухориён буда, алоқамандии Хуҷандро бо озодфикрони Бухоро нишон медиҳад”. [3, с. 134]

Тарафдорони ҷунбиши ҷадидия ҳамчунин тараққиёту пешрафтро ҳадаф қарор дода буданд. Бинобар ҳамин, дар баробари истилоҳи ҷадид номи дигари пайравони ин ҳаракат- “тараққипарвар” буд. Аз назари ҷадидон тараққӣ ба маънои комёб ва пешрафта будан дар роҳи дониш буд. Ин тараққипарварон дар роҳи ташкил намудани мактабҳои усули нав, матбуот, театр ва китобхонаҳо дар сарзамини тоҷикон ҳамаи имкониятҳои ақлонӣ ва молиявии хешро истифода мебурданд. Сараввал ҷадидони Бухоро худро “ҷадид” наномидаанд. Ин номро ба онҳо гӯё чун калимаи таҳқиркунанда муносиб медонистанд. Барои гузоштани чунин ном аз тарафи ҷадидон ташкил намудани мактабҳои усули нав (ё худ усули ҷадидӣ ҳам мегӯянд) сабаб шуда буд. Калимаи “ҷадид” арабӣ буда, ба форсии тоҷикӣ маънои “нав”, “тоза”-ро дорад ва дар он ягон ифодаи таҳқиркунанда ё худ таҳқиркунӣ дида намешавад. Ҳамчунин, ҷадидон дар марҳилаи аввал худро “ҷавонон”, “ҷавонфикрон”, “маорифпарварон”, “тараққипарварон”, “ислоҳотхоҳон”, “навпарастон” ва ғайра меномиданд. Ба ғайр аз ин ҷадидони Бухоро, ба ҷавонтуркони Туркия пайравӣ намуда, худро “ҷавонбухориён”, ҷадидони Хева бошанд, худро “ҷавонхевагиҳо” меномиданд. [4, с. 257]

Ҷадидон дар кишвари Туркистон то андозае озодона фаъолият мекарданд. Ҳукуматдорони подшоҳӣ ба корҳои онҳо чандон аҳамият намедоданд. Аз ҳамин сабаб, ҷадидони кишвари Туркистон, ҷавонони маҳаллиро бештар ба илму маърифат ва корҳои тиҷорату саноат даъват менамуданд. Дар шароити аморати Бухоро бошад, фаъолияти ҷадидон тамоман дигар буд. Ҳукумати амирӣ ҷонибдорони ин ҳаракатро ҳамеша таъқиб намуда, фаъолияти мактабҳои усули нави онҳоро манъ кард. [4, с. 260]

Яъне, мақсади асосӣ ва ҷавҳари ҳаракати ҷадидия фарҳанггустарӣ, эҳёи маънавӣ, ислоҳи мактабу маориф ва рушду камоли кишвар ба ҳисоб мерафт. Ҷадидҳо ба инкишофи таъриху фарҳанги халқҳои дигар, махсусан аврупоиён шинос гардида, барои аз хоби гарон бедоркунии халқи худ кӯшиш мекарданд. Мехостанд, ки мардуми Осиёи Марказӣ аз мустамликаи русҳо озод бошанд, мехостанд, ки кишварашон тараққӣ намуда, аз фарҳанг ва тамаддуни Аврупо бархӯрдор гардад. Ҷадидон фикри яхшудамондаи мардумро бо нури матбуот, илму дониш ва маърифатомӯзӣ об кардан мехостанд. Ин мунавварфикрону таҷаддудхоҳони тоҷик ба ибораи устод Айнӣ баҳри “инқилоби фикрию илмӣ” саъю талош доштанд. [3, с. 122]

Баҳсу мунозираҳо доир ба ҳаракати оғози садаи бистуми тоҷик, ки бо номи ҷадидия маълуму машҳур аст, дар матбуот мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд. Намунаи осори эшон баъди 70 солу 80 сол аз нав таҳия ва бо хати сирилик дастраси хонандагони тоҷик гардонида шудааст. [5, с. 110]

Дар ташаккули илму фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна нақши мардуми рус бағоят калон аст. Ҷадидон кӯшиш мекарданд, ки ба мардуми худ забони русиро омӯзонанд. Чунки тавассути ин забон онҳо метавонанд, ба дастовардҳои илмию фарҳангии на танҳо мардуми рус, балки бо асарҳои зиёди ҷаҳониён шинос шаванд. Роҳи асосии расидан ба истиқлолияти маънавӣ дар баробари ислоҳи мактабу маориф, инчунин омӯзиши илмҳои замонавӣ ва бохабар будан аз дастовардҳои илмию техникии мамлакатҳои пешрафта ба ҳисоб мерафт. Ҷадидон тарафдори ҳамин ақидаҳо буданд. Тамоми саъю талоши ҷадидон баҳри беҳбудии ҷомеа ва огоҳӣ ёфтани мардум аз дастовардҳои илмию техникии замона буд. Аммо дарбориён ва мансабдорон бо ҳар роҳ мехостанд онҳоро бадном намуда, ақидаҳояшонро дар байни мардум нодуруст нишон медоданд. Аммо таъсири ин ҳаракат дар ҷомеа баръало намоён буд. [2, с. 4]

Намояндагони ҳаракати ҷадидия- Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ (1875-1919), Абдуқодир Шакурӣ (1875-1943), Мунаввар Қорӣ (1878-1931), Сиддиқии Аҳзӣ (1864-1927), Садриддин Айнӣ (1878-1954), Абдулвоҳиди Мунзим (1875-1934), Аҳмадҷон Ҳамдӣ (1875-1937), Абдуррауфи Фитрат (1886-1938), Мирзо Сироҷи Ҳаким (1877-1914), Ҳомидхоҷа Мехрӣ (соли 1918 ба қатл расид), Раҳмат Рафиқ (1886-1930), Мирзоҷалол Юсуфзода (1862-1931), Абдулқодир Муҳиддинов (1892-1934), Мукаммил Бурҳонов (соли 1937 ба қатл расид), Мӯсо Саидҷонов (1893-1938), Саидбобохон Аҳрорӣ (1893-1974), ҳамчунин Тошхӯҷа Асирӣ (1864-1916), Домулло Икром (1847-1925), Саидаҳмади Васлӣ (1869-1925), Абдулло Файёзи Хуҷандӣ (1847-1934), Садри Зиё (1867-1932), Муҳиддин Мансуров (соли вафот 1937) ва дигарон буданд, ки дар ташаккулу инкишофи мактабу маорифи усули нав ва матбуоти даврӣ, дар омӯзиши илму аз худ кардани фарҳанг ва интибоҳи фикрии халқҳои Осиёи Миёна саҳми калон гузоштаанд. [3, с. 126]

Ҷадидон роҳи наҷот ёфтан ва ба шоҳроҳи тамаддуни умумибашарӣ дохил шуданро, пеш аз ҳама дар ислоҳи мактабу маориф медиданд. Таъсис ёфтани мактабҳои “усули ҷадид” дар сарзамини тоҷикон дар ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии мардум инқилоби фикриеро ба вуҷуд овард. Нахустин мактаби усули ҷадид дар кишвари Туркистон соли 1893 бо кӯмак ва дастгирии И. Ғаспаринский дар Самарқанд ташкил ёфт ва дар як муддати кӯтоҳ дар шаҳрҳои Фарғона, Тошканд, Андиҷон, Қӯқанд, Хуҷанд ва ғайра мактабҳои навусул ба вуҷуд омаданд. Асосгузорони ин мактабҳо Саидаҳмади Васлӣ, Сиддиқии Аҳзӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Мунаввар Қорӣ, Муҳаммадшариф Сӯфизода, Ҳоҷӣ Муин Шукрулло, Саидбобохон Аҳрорӣ ва бисёр дигар маорифпарварон буданд. Минбаъд дар аморати Бухорро мактабҳои ҷадидии Мукаммил Бурҳонов, Мулло Абдулқосим, Усмонхӯҷа Пӯлодхӯҷаев, Ҳомидхоҷа Мехрӣ, Мирзо Исмоил, Мирзо Вафо, Эшон Ҳомидхоҷа, Муҳаммад Азим, Қорӣ Юлдоши Пӯлод, Ғулом Қодир ва дигарон таъсис меёбанд. Қайд намудан лозим аст, ки бештарини соҳибони мактабҳои усули нав ва умуман намояндагони ҳаракати ҷадидия шоиру нависанда буданд. Онҳо фикру ақидаҳои худро ошкору пардапӯшона дар асару мақолаҳояшон баён мекарданд. [3, с.145]

Яке аз роҳбарони ҳаракати ҷадидия нависанда ва рӯзноманигор Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ (1875-1919) буда, ба Қазон, Уфа, Мисру Туркия сафар карда, китобҳои дарсӣ навишта, ҳамзамон, муҳаррири рӯзномаи Самарқанд ва маҷаллаи Оина буд. [1, с. 224]

Дар пайдоишу ташаккули афкори ҷадидони тоҷик асосгузори ҷунбиши ҷадидия дар Россия Исмоил Ғаспаринский (1851-1914) ва эҷодиёти маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш (1827-1897), махсусан асари машҳури ӯ “Наводир-ул-вақоеъ” тасири бузург расондаанд.

Адабиётшинос Абдулҳай Маҳмадаминов доир ба таъсири ақидаҳои Исмоил Ғаспаринский ибрози ақида намуда, таъкид месозад, ки ин шахсияти бузурги фарҳангӣ “ҳам бо фаъолияти пурсамари иҷтимоӣ, ҳам бо асарҳои ахлоқиву барҷастаи бадеӣ ва махсусан тавассути рӯзномаи таъсиркардааш “Тарҷумон”, ки муддати 31 сол (1883-1914) муҳаррири он буд, дар бедории фикрии зиёиёни Россия ва Осиёи Миёна нақши босазое гузоштааст”. Роҷеъ ба таъсири рӯзномаи “Тарҷумон” дар бедории фикрии зиёиёни тоҷик яке аз дастпарварони мактабии ҷадидии Самарқанд Вадуд Маҳмудӣ ёдоварӣ намудааст, ки “Ҳарчанд сарзамини мо дар он рӯзҳо дар хоби гарони ғафлат печида ва аз дунё бехабар хобида буд, рӯзномаи ягонаи он рӯзгор (Тарҷумон), ба ин сарзамин аз он воқеаҳо каму беш огоҳӣ медод. Мардумро ба бедорӣ ва тараққипарварӣ мехонд...”.

Ба андешаи муҳаққиқи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор Муртазо Зайниддинов, “рӯзномаи “Тарҷумон” дар Бухорову Самарқанд ва Хуҷанду Қӯқанд мухбирон ва муштариёни худро дошт ва навиштаҳои ба бедорӣ даъваткунандаи маорифпарварон тавассути ҳамин рӯзнома паҳн мегардид”.

Дар афкори маънавии муҳаққиқон, адабиёти ҷадидия ҷойгоҳи арзанда дорад. Бо пайдоиши осори називу насрии ҷадидон дар адабиёти тоҷик дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳатто истифодаи вожаи “Модар-Ватан” низ аз ҷадидон сарманша мегирад. Китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии ҷадидон барои мактабҳои усули ҷадид таҳия ва нашр гардида, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум равона шуда буданд. Дар баробари ин, ҷадидон дар зери таъсири матбуоти дигар халқҳо аз паи нашри маҷаллаю рӯзномаҳо ба забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ шуданд. Дар Осиёи Миёна нахустин нашрияҳои ҷадидӣ, ба монанди “Тараққӣ”, “Хуршед”, “Шӯҳрат”, “Туҷҷор” ба вуҷуд омаданд. Баъдтар боз як қатор маҷаллаю рӯзномаҳои ҷадидӣ- “Оина”, “Бухорои Шариф”, “Садои Туркистон”, “Садои Фарғона”, “Самарқанд”,

“Тӯрон” ва ғайра интишор ёфтанд. Мавзуҳои асосии матбуоти ҷадидия-ватан, миллат, дин, маориф ва тараққӣ буданд. Ҷадидон ба воситаи матбуоти хеш бар зидди зулму беадолатӣ ва бесаводӣ мубориза бурда, ҳамватанонро ба илму дониш даъват менамуданд.

Тарғибу ташвиқи театр низ дар фаъолияти ҷадидон ҷойгоҳи амиқ дошт. Онҳо дар Тошканд, Самарқанд, Бухоро ва Қӯқанд театри ҳаваскори миллиро таъсис доданд. Соли 1913 бо ташаббуси Мунаввар Қорӣ дар Тошканд ҷамъияти мусулмонии дӯстдорони санъати драммавӣ ба унвони “Тӯрон” ташкил меёбад. Соли 1911 Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ бори нахуст асари саҳнавии “Падаркуш”-ро менависад, ки он соли 1913 дар Тифлис ва Самарқанд ба табъ мерасад ва муаллифи он якумин шуда, номи драматургро сазовор мешавад. Бино ба маълумоти мачаллаи “Оина”, ин пйеса маротибаи аввал дар Самарқанд 15 январи соли 1914 дар толори “Қироатхонаи исломия” ба саҳна гузошта мешавад, ки ба тамошобинон таъсири ниҳоят амиқ мерасонад. [3, с. 156]

Ҷадидон ҳақиқатан ҳам давомдиҳандагони фаъолияти маорифпарварони асри XIX буданд. Бинобар ин онҳоро низ маорифпарварон номидан хато нест. Вале ин ҳаракатро нисбат ба маорифпарварони асри XIX “як қадам қафо” гуфтан хатост. Баръакс ҳаракати ҷадидия нисбат ба маорифпарварии гузашта як қадам ба пеш аст. Зеро, маорифпарварони аввал норасоиҳои замонро дар асарҳо, сӯҳбатҳо, шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, худ барои амалии онҳо чандон корҳои назаррасе накардаанд. Ҷадидон бошанд, дар даврои аввал аксаран фаъолияти худро бо кори амалӣ- ташкили мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи усули таълим дар мадрасаҳо ва ғайра сар карданд. [4, с. 262]

Ҳамин тавр, ҳаракати ҷадидия бо вуҷуди каму костагиҳояш дар ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна ҳодисаи басо муҳим ба ҳисоб мерафт. Ин ҷунбиш дар бедорӣ, худшиносии миллӣ ва ташаккули ҳисси ватандории тоҷикон дар ибтидои асри XX нақши муайяне гузошт. Намояндагони ин ҳаракат бо тамоми ҳастӣ барои пешрафту беҳбудии ҷомеа, рушду нумӯи кишвар, ривоҷи илму фарҳанг ва равнақи мактабу маориф кӯшиш намуданд.

БОЗТОБИ МАХСУСИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДИЯ ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ

Ҷараёни ҷамъиятию сиёсӣ ва адабию фаҳангие, ки дар охири асри XIX -ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ пайдо шуд, бо номи ҷадидия маълуму машҳур мебошад. Баҳсу мунозираҳо доир ба ҳаракати оғози садаи бистуми тоҷик, ки бо номи ҷадидия маълуму машҳур аст, дар матбуот мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд. Бинобар ҳамин, ин масъала дар осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баръало намоён мешавад. Намунаи осори муҳаққиқон таҳия ва нашр шуда, дар омӯзиши мавзуву масъалаҳои ҳаракати ҷадидия мавқеи назаррас доранд.

Калидвожаҳо: ҷадидия, ҳаракат, ҷараён, ҷунбиш, муҳаққиқон, мактаб, маориф, адабиёт, илм, маънавиёт, осор, фарҳанг, аҳамият.

ОТРАЖЕНИЕ СПЕЦИФИКИ И ЗНАЧЕНИЯ СОВРЕМЕННОГО ДВИЖЕНИЯ В ТРУДАХ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

Общественное, политическое, литературное и культурное движение, возникшее в Средней Азии в конце XIX - начале XX века, известно и известно как модернизм. Именно в этот период можно увидеть подъем знаний и культуры таджикского народа, в котором очень велика заслуга просветителей и новаторов. Поэтому данная проблема отчетливо просматривается в работах отечественных и зарубежных исследователей. Разработаны и опубликованы выборочные труды исследователей, которые занимают значительную позицию в изучении тем и проблем современного движения.

Ключевые слова: новаторство, движение, поток, движение, исследователи, школа, образование, литература, наука, духовность, артефакты, культура, значимость.

REFLECTION OF THE SPECIFICITY AND IMPORTANCE OF THE MODERN MOVEMENT I N THE WORKS OF DOMESTIC RESEARCHERS

The social, political, literary and cultural movement that emerged in Central Asia in the late 19th and early 20th centuries is known and known as modernism. It was during this period that one can see the rise of knowledge and culture of the Tajik people, in which the merit of educators and innovators is very great. Therefore, this problem is clearly visible in the works of domestic and foreign researchers. Selected works of researchers who occupy a significant position in the study of themes and problems of the modern movement have been developed and published.

Key words: innovation, movement, flow, movement, researchers, school, education, literature, science, spirituality, artifacts, culture, significance.

Маълумот дар бораи муалиф

Шоқурбонова Чаҳоноро Шарифхоновна *– унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Сурога 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 988252194*

Сведение об авторе

Шокурбонова Джахоноро Шарифхоновна *– соискатель кафедры история таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Адрес: 734003 Республики Таджикистан проспект Рудаки 121, Тел: (+992) 988252194*

About the author

Shokurbonova Jahonoro Sharifhonovna *– applicant for the Department of History of Tajik People of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Address: 734003 Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 121, Phone: (+992) 988252194*

АДАБИЁТ

1. Арбобзода А. зери таҳрири д.и.т.проф. Набиева Р.А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик / А. Арбобзода. - Душанбе 2003. - 346 с.
2. Расулиён Қ. Перомуни афкори ҷадидия / Қ. Расулиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2013, №3.
3. Ғаффоров Н. Ҷадидия ва шинохти он (Маҷмӯаи мақолаҳо ва гузоришоти илмӣ) / Н. Ғаффоров. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 160 с.
4. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. - Душанбе, ЭР-Граф, 2015. - 96 с.
5. Гулмуродзода П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон / П. Гулмуродзода. – Душанбе: “Ирфон”, 2006. - 160 с.

ИНЪИКОСИ МАРОСИМИ ПАЗИРОИИ САФИРОН ВА БАЗМОРОӢ ДАР ДАРБОРИ ТЕМУР ДАР «РӮЗНОМАИ САФАР БА САМАРҚАНД БА ДАРБОРИ ТЕМУР ДАР СОЛҲОИ 1403-1406)»

Ҷонмуродов Ш.М. *- н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Ахборе, ки Клавихо дар асараш дар бораи пазироии ҳайати испанӣ дар қаламрави давлати Темур дар тӯли сафараш ва дар Самарқанд дар дарбори ӯ баён мекунад, хеле муҳим буда, аксари он матолибро дар дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр пайдо намекунем. Клавихо, ки рисолати ҷиддии сафорат дошт, ҳодисаҳои ба чашм дида ва дар онҳо ҳузур пайдокардаашро чи тавре ки буданд, тасвир кардааст. Агар дар баёни номи баъзе ашхос ва маконҳо, ки зикри онҳо ба забони испанӣ барояш осон набуд, ба мушкил гирифтор шуда бошад, дар дигар ҳолат метавон ба ахбори ӯ эътимод кард. Дар ин мақола мо бештар ба маълумоти Клавихо такя намуда, онҳоро тавзеҳ медиҳем ва танҳо маросими базмороиҳои Темурро, ки дар дигар сарчашмаҳои ин давр низ ба андозаи каму беш баён шудаанд, бо ахбори Клавихо қиёс мекунем.

Бино ба ахбори Клавихо дар вилоятҳо ва шаҳру деҳоти давлати Темур, ки дар сари роҳи сафари ҳайати испанӣ ба Самарқанд қарор доштанд, бо фармони Темур фиристодагони испаниро бо маросим ва одатҳои хоси меҳмонпазироӣ, ки дар он ҷойҳо вуҷуд дошт, қабул мекарданд.

Темур дастур дода буд, ки дар ҳама шаҳру вилоёте, ки ин ҳайат муваққатан буду бош менамоянд, онҳоро бо лавозими зарурӣ таъмин намоянд ва ҳамчунин ба ҳайати испанӣ ҳамарӯза аспҳои неруманди давандаи шоҳӣ дода мешуд, зеро бо амри Темур дар тӯли ин роҳ то Самарқанд таваққуфгоҳҳо–саисхонаҳое, ки онҳоро чопорхонаҳо мегуфтанд, сохта шуда буданд, ки пас аз ҳар рӯзи сафар аз ин ҷо аспҳои давандаи тозанафас барои идомаи сафар гирифта мешуданд.

Клавихо дар бораи ин муқаррароти пазироӣ дар қаламрави давлати Темур менависад, ки ҳар гоҳ сафире аз ҷониби ӯ гусел шавад ё намояндае, ки аз кишвари хориҷ ба дарбори Темур биёяд, бояд аз аспҳои ин чопорхонаҳо истифода кунад. Аз ҷумла Клавихо чи гуна дар шаҳри Ҷоҷарм (онро Ягаро мегӯяд) аз онҳо пазироӣ карданд, чунин менависад: «Чун онҳо (ба Ҷоҷарм) расиданд, ба онҳо хӯрок дода, аспҳо (-и тозанафас) оварданд, то ба роҳ идома диҳанд» [12, с.199].

Дар идома Клавихо зикр мекунад, ки Темур шахсеро ба роҳбаладии ин сафирон таъйин карда буд, ки ҳама ҷо барои сафирон хӯрок ва он чи зарур доштанд, тадорук медид ва ин буд, ки рӯзона манзил ба манзил аспҳои тозанафасро ба сафирон медоданд ва ба ин минвол онҳо пеш мерафтанд [12, с.199]. «Дар ҳама тӯли роҳ шоҳ (Темур) фармон дода буд, ки аспҳое дар чопорхонаҳо нигаҳ доранд ва дар ҷойе гоҳе сад ва дар дигар ҷой дусад асп пайдо мешуд ва ин ҳолат то Самарқанд ҳамчунин буд», - менависад Клавихо.

Ба нигаҳдорӣ ва парвариши ин аспон, менависад Клавихо, – гурӯҳе вазифадор шудаанд, ки онҳоро «анчо» (ёмчин) мегӯянд [12, с.200]. Клавихо усули корбарии ёмчинҳоро тавзеҳ дода, зикр мекунад, ки дар ҳар чопорхона як ё ду ёмчин барои иваз кардани аспҳо ва зину афзори онҳо кор мекард. Онҳо вазифаи роҳбаладии мусофиронро аз ҷойе ба ҷойе доштанд ва ҳангоми расидан ба макони таъйиншуда, онҳо бо аспҳои худ ба макони аввалӣ бармегаштанд. Агар дар роҳ аспе аз хастагӣ натавонад дигар пеш равад, онҳо вазифадор буданд, ки аспи ҳар касеро, ки дучорашон мешуд, аз пешаш гиранд ва роҳашонро идома диҳанд, аммо аспҳои шоҳиро барои эҳтиёт нигаҳ медоштанд.

Дар ҳақиқат расми умумие ҷорӣ шуда буд, ки ҳар касе, ки ба роҳе меравад, чи аз бузургон бошад ва чи бозаргону марди омӣ, агар ба сафире бирасад, ки ба дарбори Темур равона буд ва ӯ агар дархости асп мекунад, фавран бояд савории хешро ба ӯ вогузор намояд. Дар ин кор ҳеҷ истисное вуҷуд надошт, зеро рад кардани ин дархост баробар ба марг буд. Дар чунин ҳолатҳо ҳатто аспҳои лашкариёнро низ метавонистанд бигиранд. Клавихо ин матлабро идома дода, мегӯяд, ки ин ҳайати испанӣ аз ин расм низ бархӯрдор шуда, аспони лашкариёнеро, ки бар сари роҳ диданд, гирифтанд ва онҳо маҷбур шуданд пиёда ба дунболи ин ҳайат то чопорхонаи наздик раванд ва аспҳои худро бозгардонанд. Агар барои расонидани ягон хабари муҳим аспҳои ин ёмчинҳо камӣ кунад, онҳо ҳуқуқ доштанд ҳатто аспи писар ва ҳамсари Темурро низ бигиранд[12, с.200-201]. Клавихо менависад: «Ба сафирон нақл карданд, ки боре писари калонии шоҳ (Мироншоҳ) ногузир шуд аспҳои худро ба сафироне, ки ба назди шоҳи бузург (Темур) равон буданд, вогузор кунад» [12, с.201].

Ин усули корбариро, чуноне ки зикр шуд, Темур дар тамоми қаламрави давлаташ ҷорӣ намуда буд. Зеро бо ин роҳ имкон дошт Темур аз тамоми воқеаю ҳодисоти қаламрави худ дар кӯтоҳтарин муддат хабардор шавад.

Клавихо таъкид мекунад, ки Темур вақте огоҳ мешавад, ки нафаре ба хотири расонидани паёме дар як шабонарӯз роҳи серӯзаро тай карда, дар ин муддат ду аспро ба ҳалокат расонидааст, хеле хушнуд мешуд. Бо чунин тезҳаракатӣ баъди чанд рӯз ба Темур ахбор аз тамоми қаламрави давлаташ мерасид. Дар зимн Клавихо ишора мекунад, ки баъд аз он ки шаҳри Ҷоҷармро 22 июли соли 1404 тарк карданд, аксар тамоми рӯз ва тамоми шаб роҳ мерафтанд ва вақте мехостанд истироҳат кунанд, иҷозат надоштанд ва фақат барои хӯрок додани аспон таваққуф мекарданд[12, с.202-203].

Дар гузаштаҳо чунин хадамот дар миёни хонҳои муғулӣ хуб ба роҳ монда шуда буд[8, с.473]. Баъд аз он ки доманаи кишварҳои ишғолкардаи Чингиз густариш ёфт ва лашкариён, сафирон ва тоҷирон доимо дар рафту омад буданд, ба дастури ӯ дар сари роҳҳо корвонсаройҳое бо номи ём сохтанд ва дар он ҷойҳо лавозими мусофирон ва лашкарҳо аз алаф то чопорхона ё саисхонаи аспонро доштанд. Ҳамаи харҷи онҳоро лашкари муғул аз ҳисоби ғоратҳои худ мепардохт ва ҳамасола ин ёмҳоро тафтиш мекарданд ва камбудиҳои онҳо рафъ менамуданд. Аспоне, ки барои расонидани сафирон ва фиристодагон дар ин ёмҳо нигаҳдорӣ мешуданд, улоғ меномиданд[1, с.107].

Бояд гуфт, ки ин усули хидматрасонӣ дар Эрон, Хуросону Мовароуннаҳр собиқаи қадим дорад ва Чингизу Темур аз он истифода карданд. Дар тӯли салтанати Сосониён барои Эрон расонидани муросилоти давлатӣ, ҳамзамон назорати махфӣ бар ҳокимони маҳаллӣ ва мақомдорон девони махсусе машғул буд. Сомониён дар дастгоҳи идораи марказии худ аз ин таҷрибаи давлатдории Сосониён истифода карданд. Хадамоти расонидани номаҳо дар низоми идории Сомониён бо номи соҳибу-л-барид зикр мешуд. Ин девон дар тамоми қаламрави давлати Сомониён кормандони маҳаллии худро бо аспҳо ва номарасонҳо дошт. Тамоми кормандони маҳаллии ин муассиса ба девони бариди марказӣ итоат мекарданд[13, с.28]. Баъд аз он ки дар Хуросон Ғазнавиҳо ҳукумати Сомониёнро тасарруф карданд, дар масъалаи низоми идории давлат ба Сомониён тақлид намуданд[7, с.922].

Дар аҳди Ғазнавиён хадамоти давлатии ҷосусӣ мавҷуд буд. Дар замони ҳукумати Маҳмуди Ғазнавӣ илова ба маъмурони хадамоти махфие, ки ба ҳар ҳоким вобаста буд, ҳамчунин маъмури махсусе буд, ки ҷамъоварии иттилооти марбут ба вазъияти дохилии кишвар ва фаъолияту рӯҳияи ҳоким аз вазифаҳои аввалиндараҷааш ба ҳисоб мерафт. Ҳатто девони махсусе барои расидан ба ин ҳадаф таъсис ёфт[2, с.92].

Аз нигоштаҳои сафари Клавихо маълум мешавад, ки ҳар шахси хонадони Темур ва ё наздик ба ӯ, ки дар ин ва ё он вилоят ва ё шаҳр ҳоким буд, мехост бо пазироии хуби сафирон ва ё фиристодагони ӯ дар назди Темур имтиёзе ба даст биёварад. Аз ҷумла дар шаҳри Султония 27 июни соли 1404 ҳайати сафорати испаниро писари калонии Темур Мироншоҳ, ки мунтазир буд, бо вуҷуди ин ки аз ҳукумати вилоятҳои ғарби Эрон дур карда шуда буд ва барои ба даст овардани ризоияти падараш, пазироӣ кард[12, с.175]. Дар ин кишвар, -менависад Клавихо, - чунин расм аст, ки агар касе ба назди ҳокиме даъват шуд, бояд ба ӯ чизе туҳфа намояд. Бинобар ин, мо ҳангоми ба ҳузури Мироншоҳ рафтан матои пашминеро, ки дар ин ҷойҳо муштариён бисёр дорад, ба ӯ туҳфа бурдем ва дар навбати худ Мироншоҳ ба ҳар як аз узви ҳайат хилъати зарбоф пӯшонид[12, с.175-176].

Аз дигар акрабои Темур – Сулаймоншоҳ, ки шавҳари духтари калонии Темур – Султонбахтбегум, ҳокими Шибирғон ва Андхӯй буд ва баъди марги Темур дар муборизаҳои Шоҳрух ва Халил султон ба ҷонибдории Шоҳрух мубориза кардааст[3, с.82], аз ҳайати испанӣ дар наздикии шаҳри Рай 10 июли соли 1404 пазироӣ мекунад.

Бино ба ахбори Клавихо Сулаймоншоҳ аз наздиктарин одамони Темур буд ва қудрати азиме дошт. Ӯ баъд аз оростани зиёфат дар рӯзҳои 10 ва 11 июл аз ҳайати испанӣ тақозо кард, ки туҳфаҳое, ки барои Темур мебаранд, ба ӯ намоиш диҳанд. Баъд аз шиносоӣ бо туҳфаҳо Сулаймоншоҳ гуфт, ки бояд ин туҳфаҳоро ба ӯ диҳанд, то ба василае ба назди Темур бибаранд. Ҳайати испанӣ ба ин пешниҳод ризоят кард ва Сулаймоншоҳ ба гурӯҳе аз мардони ҷангияш фармон дод, то ҳадяҳоро ба шутурҳо бор карда, бидуни таъхир ба урдугоҳи Темур дар ҳар куҷое, ки бошад, бирасонанд. Дар идома Клавихо зикр мекунад, ки Сулаймоншоҳ дастур дод, то барои сафирон аспҳо биёваранд ва ба ҳар кадоме аз онҳо хилъати зарбоф дод ва ба Клавихо кулоҳ ва як асп бештар ҳадия кард, ки аспи тарбиятёфта аз зоте буд, ки дар назди ин мардум эътибори баланде дошт[3, с.85].

Клавихо ба тавсифи сафари ҳайати испанӣ идома дода, менависад, ки дар ҳудуди нимфарсахии шаҳри Нишопур шахсе аз фармондеҳони сипоҳи Темур, ки номи ӯро Мелиалиорга зикр мекунад ононро пазироӣ карда, ба онҳо хабар медиҳад, ки бо фармони махсуси Темур ба ин ҷо омада, то ҳамаро маҷбур кунад, ки аз ҳайати испанӣ муҳтарамона ва ба таври комил пазироӣ кунанд ва он чи мавриди ниёзи ҳайати сафорат аст, барои онҳо омода намояд[12, с.205].

Ин замон яке аз узви ҳайат Гомес де Салазар бемор шуда буд ва аз ин ки нерӯи нишастан дар болои аспро надошт, ӯро дар деҳи наздики Нишопур монда буданд. Чун шахси фиристодаи Темурро аз ин ҳол огоҳ сохтанд, фавран ба аспаш савор шуда, ба он деҳ рафт, то коре барои омадани ӯ анҷом диҳад. Чун Гомес де Салазар неруи аз бистар бархостан надошт, ба дастури ин фиристодаи Темур барояш тахти равоне омода карданд ва чаҳор кас онро бардошта, то Нишопур оварда, фавран ҳама гуна шароити осоишро барояш фароҳам карда, табибони номоварро, ки дар он шаҳр бисёр буданд, ба наздаш оварданд, аммо суде набахшид ва Гомес дар ин шаҳр вафот кард

Ҳайат ба ҳар маконе, ки мерасид, шахсони посбонеро, ки шабу рӯз аз сафирон ва аспу молҳои онҳо нигаҳдорӣ мекарданд, аз ҳисоби сокинони маҳал интихоб менамуданд. Дар сурате ки чизе аз онҳо гум мешуд, ҳокимони маҳаллӣ ночор буданд, ки ин хисоротро ҷуброн кунанд[12, с.210].

20 июл Клавихо ва ҳамсафаронаш ба шаҳри бузурге бо номи Васкал (Бистом) расиданд. Дар ин ҷо шахси соҳибэҳтироме бо номи Еннакор онҳоро пешвоз мегирад. Роҷеъ ба шахсияти ӯ дар тавзеҳи худ мутарҷими форсӣ М.Рачабниё тахмин мезанад, ки ин шахс шояд аз Оқуйюнлуҳо – туркманҳое бошад, ки дар ғарби Эрон ҳукумат доштанд ва баъди тасаллути ин минтақа аз ҷониби Темур тобеи ӯ шуда, Темур ба онҳо дар Осиёи Сағир ҳукумат дод ва аз эҳтимол дур нест, ки Клавихо номи ӯро иштибоҳ зикр кардааст[10, с.182].

Чун ин ҳайат аз роҳ хеле хаста расида буд, даъвати ӯро барои меҳмонӣ напазируфт ва ин шахс дастур дод, то барои истироҳати онҳо хонаеро муҳайё кунанд ва хӯроку меваҳои фаровон ба манзили онҳо фиристод. Баъдан кас фиристода, ҳайатро даъват кард, ки ба назди ӯ биёянд. Сабаби ин даъват фармоне буд, ки Темур содир карда, ӯро масъул қарор дода буд, ки аз ин ҳайат дар кохе воқеъ дар он макон пазироӣ кунад ва ба онон хилъат пӯшонад. Клавихо дар идома менависад, ки ба фиристодаи ӯ гуфтем, ки бемор ҳастем ва наметавонем аз бистар

бархезем ва хостем то моро маъзур дорад. Аммо вай дигар касро фиристод ва аз онҳо хост, то ба назди ӯ раванд ва чунон исрор кард, ки онҳо ногузир шуданд ба наздаш раванд. «Расм бар ин ҷорист, ки, – менависад Клавихо, – дар ин гуна маврид он кас, ки аз ҷониби Темур дар пӯшонидани хилъат вазифадор аст, зиёфати бошукӯҳ барпо намояд ва чун аз суфра бархостанд, хилъатро ба меҳмон пӯшонад ва меҳмон низ барои баёни изҳори сипос се бор ба замин зону занад» .Вақте ин маросим поён ёфт, Еннакор барои ҳайат зуд аспҳои тозанафас фиристода, исрор кард, ки фавран ба сафар идома диҳанд. Ҳайат хостори чанд рӯз истироҳатро кард, аммо ин шахс рад намуда, сабаб пеш овард, ки агар Темур хабар ёбад, ки онҳо дар ин шаҳр барои муддате мондаанд, бидуни шак сари ӯро аз тан ҷудо хоҳад кард. Ҳайат ба ночор роҳро идома медиҳанд[12, с.196-198].

30 июл Клавихо ва ҳамроҳонаш ба шаҳри Бушанҷ мерасанд ва аз ҳайат бо камоли эҳтиром пазироӣ карда, зиёфатҳо дода ва тибқи одати мавҷуда хилъати зарбоф пӯшониданд.

Ба хотири риоя кардани муқаррароти пазироии сафирон, ба ин шаҳр шахсе аз ҷониби Шоҳрух – писари Темур, ки ҳокими Ҳирот буд, мерасад ва онҳоро аз номи Шоҳрух ба Ҳирот даъват карда, ба намояндагӣ аз Шоҳрух қавл медиҳад, ки аз ин ҳайат ба хубӣ, бисёр муҳтарамона пазироӣ мекунанд ва дар саросари қаламрави вай ҳама он чи мавриди ниёзи ҳайат аст, фароҳам месозанд. Чун Ҳирот дар роҳе, ки ҳайат ба Самарқанд мерафт, қарор надошт ва инчунин шахси роҳбалади онон низ намехост, ки ин ҳайат аз роҳи Самарқанд берун шавад, ба ишораи ӯ гуфтанд, ки чун Темур фармон додаст, ки ҳайат ҳар чи зудтар ба Самарқанд расад, бинобар ин аз рафтан ба назди Шоҳрух узр хостанд[12, с.207].

2 августи соли 1404 Клавихо ва ҳайати ҳамроҳонашро дар маҳалле дар назди рӯди Таҷандоб расиданд ва дар ин ҷо шахси дигаре бо номи Мирабосар, ки фиристодаи Темур барои роҳбаладии сафорат омада буд, онҳоро пешвоз гирифт. Вай вазифадор буд, ки ҳама гуна шароитро барои сафирон муҳайё созад ва роҳнамои қаблии онҳо – Мелиалиорга дар ин ҷо аз вазифаҳое, ки дошт, озод шуд ва ба фармони Темур Мирабосар ҷойи ӯро гирифт, вале бо вуҷуди ин Мелиалиорга ва ҳамроҳонаш ҳамчунон ин ҳайатро ҳамроҳӣ мекарданд[12, с.210].

Клавихо таъкид мекунад, ки дар ин кишвар чунин расм аст, ки дар ҳар манзиле аз деҳ ё шаҳр, ки сафирон мерасиданд, фавран бисёр гӯшт барои онҳо ва ҳамроҳонашон меоварданд. Ҳар ҷое, ки ҳайат мерасид, агар сокинони он маҳал зуд он чи ниёзи сафирон буд, омода намекарданд, ононро бо асо ва қамчин ончунон бераҳмона мезаданд, ки «сабаби камоли ҳайрати мо мешуд», –менависад Клавихо. Ҳамчунин Клавихо дар идома зикр мекунад, ки ҳангоме дар шаҳр ё деҳе таваққуф мекарданд ва онҳоро касе пешвоз намегирифт, он касе, ки раҳнамои онҳо буд, ба дунболи раис ё сарвари он мегашт. Барои пайдо кардани раис нахустин касеро, ки дар кӯча ба онҳо вомехӯрд, маҷбур мекард, ки хонаи раисро ба онҳо нишон диҳад ва дастори ӯро аз сараш гирифта, ба даври гардани ӯ андохта, онро ба аспи хеш баста, лагадкӯб менамуд, то хонаи раисро нишон диҳад. Чун раисро пайдо мекард, бе он ки сухане бигӯяд, ӯро бо асо ва ё қамчини дасташ мезад, зеро ӯ аз фармони Темур сарпечӣ карда, аз меҳмонони фарангӣ пазироии шоиста накардааст. Барои ин кӯтоҳӣ ва фаромӯшкорӣ аҳли маҳал маблағи ҳангуфте ҷарима медоданд, то дар оянда аз сафирон беҳтар пазироӣ намоянд. Ба ҳамин сабаб мардуми деҳу шаҳрҳои сари роҳ чун аз омадани чунин ҳайатҳо бо роҳбаладии фиристодагони Темур, ки бераҳмии онҳо барои онон маълум буд, огоҳ мешуданд, чунон бо суръат фирор мекарданд, ки «гӯӣ иблис ба дунболи онон равон аст»-, мегӯяд Клавихо. Дар ин лаҳза бозаргонон дуконҳои худро фавран баста, дар хонаҳои худ пинҳон мешуданд. «Онҳо, –зикр мекунад Клавихо, –зимни гурез ба якдигар бо овози баланд мегуфтанд: «Элчӣ!», яъне «Сафирон». Чун медонанд, ки бо омадани сафирон рӯзи онон сиёҳ мешуд, бо ин тартиб мардум чунон мегурезанд, ки пиндори аҳриман шахсан ба дунболи онон равон аст. Ба ростӣ инҳо (роҳбаладони Темур) чун ба ҳар ободие дохил мешаванд, чунон ҷанҷоле ба роҳ меандозанд ва чунон бераҳмона ва ситамгарона рафтор мекунанд, ки гӯё лашкари ваҳшиён ба он ҷо омадааст» . Клавихо зикр мекунад, ки ин роҳбаладон чун раиси он маҳалро пайдо мекарданд, ӯро дашномҳои қабеҳ дода, маҷбур менамуданд, ки пеш–пеши аспҳои онҳо давида, ҳама чизро барои онҳо муҳайё намоянд. Ӯ вазифадор буд, ки то поёнии пазироӣ бояд рост истода, ба ҳайат хидмат кунад ва иҷозати ба ҷое рафтан надошт[12, с.213].

Ин ҳолатҳо барои Клавихо ва ҳамсафаронаш саҳнаи тамошо ва ҳайрате буд, ки дар саросари ин кишвар ҳама кас аз ин маъмурони хос ва пайконҳои Темур дар ҳарос буданд, ба ҳар

касе, ки аз онҳо ситам мерасид, хомӯш мемонд, ҳар касро, ки бихоҳанд, мекуштанд ва касе бо онон мухолифат намекард. Онҳо ҳатто фармондеҳи сипоҳро ба хидмати худ во медоштанд.

Дар идомаи баёни ин бераҳмиҳои маъмурони Темур Клавихо менависад, ки ҳангоме ки ба минтақаи биёбоние, ки чодарнишинон он ҷо сукунат доштанд, расиданд, ин кӯчиёнро аз чодарҳояшон берун ронда, чодарҳоро дар хидмати худ ва ҳайат қарор доданд. Илова бар ин онҳо кӯчиёнро маҷбур ба расонидани ғизо ва об барои аспҳояшон карданд, агарчи дар шароити сахти биёбонӣ бисёр душвор буд, то ин ки кӯчиён худашонро бо маводи зарурӣ таъмин намоянд.

Ин роҳбаладони Темур на танҳо замоне ки сафиронро ҳамроҳӣ мекарданд, чунин амал менамуданд, балки ҳангоме ки касе ба дастури худи Темур сафар дошт, низ ҳамин корро анҷом медоданд ва ҳақ доштанд ҳар касеро, ки аз ин фармон сарпечӣ мекунад, ӯро ҷазо диҳанд ва ё қатл намоянд.

Клавихо дар бораи кӯчиёне, ки дар боло зикрашон шуд (мутарҷими форсӣ ононро ҷағатоиён ном мебарад) иттилои ҷолибе медиҳад. Бино ба ахбори Клавихо ин кӯчиён дорои галаҳо ва рамаҳои зиёде аз шутур, асп ва гӯсфанд буда, аммо гов кам доранд. Чун Темур ба лашкаркашие биравад ин кӯчиён ҳамроҳи гала ва рамаҳои худ, инчунин бо зану фарзанд, бо ӯ якҷо мешаванд. Зану фарзандони онон аз дунболи сипоҳ меоянд ва ҳар куҷо, ки Темур хайма зад, ин галаҳо, ба хусус гӯсфанду шутурон ва аспон сарфи ғизои ӯ ва сипоҳиёнаш мешаванд. «Бо ин мардум,-дар идома менависад Клавихо, – шоҳ корҳои бузурге карда, ғалабаҳои зиёд ба даст овардааст» [12, с.214].

Клавихо дар идомаи зикри пазироиҳо дар роҳи сафари онҳо, аз меҳмондории зане дар маконе бо номи Салугар Суҷасса (пеш аз расидан ба Андхӯй) дар таърихи 9 августи соли 1404 сухан мегӯяд. Бино ба ахбори Клавихо ин зани кашише буд, ки ин макон ба ӯ тааллуқ дошт ва чанде қабл вафот карда, аз ӯ ду писар монда буд. Темур, ки даҳ рӯз пеш аз ин ҷо гузашта буд, ин ду писарро бо худ ба Самарқанд бурдааст, то онҳоро зери тарбияи худ гирад. Манзури Клавихо аз кашиш ин ҳамон дарвеш ҳаст, ки сайёҳони масеҳӣ бо ҳамин ном рӯҳониёни мусалмонро ном мебурданд. Ҷолиб ин аст, ки ин зан баъди вафоти шавҳараш соҳиби ин ободиҳо гардида, бо риоя накардани қавонини шариати исломӣ, ки иҷозат намедиҳад зани бешавҳар бо мардони бегона вохӯрад, ҳайати испанӣ ва роҳбаладонашро дар хонааш меҳмондорӣ карда, ҳамроҳи онҳо ғизо мехӯрад[12, с.218].

Клавихо менависад, ки ҳангоми пазироиҳо дар шаҳрҳое, мисли Нишопур, Андхӯй, Балх, Тирмиз ва ғайра то расидан ба Самарқанд илова бар ғизоҳое, ки асосан аз гӯшт иборат буд, ба ҳайат шароб низ медоданд. Албатта шароб хӯрдан дар қаламрави давлати Темур, ки дар лашкаркашиҳояш шиори ғазавотро медод, як чизи маъмулӣ буд. Бо вуҷуди ин ки хӯрдани шаробро шариати исломӣ манъ карда, барои назорати он вазифадоре бо номи муҳтасиб масъул шуда буд, аммо чуноне ки Клавихо менависад, шаробхӯрӣ дар меҳмондориҳои Темур ва ҳамсафонаш як чизи маъмулӣ будааст.Аз ҷумла Клавихо пазироии ҳайатро дар шаҳри Андхӯй, ки дар байни Мурғобу Амударё ва шимолу ғарби Шопургон воқеъ аст, тасвир карда, мегӯяд, ки фиристодагони испаниро (як ҳафта, то 14 августи соли 1404) дар ин шаҳр бо шукӯҳу ҷалол меҳмондорӣ карданд: «Ин шаҳр (Андхӯй) дар он сӯи марзи Мод (Эрон) воқеъ аст, дар қаламраве, ки Тоҷик (Таджикиния) ном дорад. Забони ин ҷо андаке бо забони форсӣ тафовут дорад, аммо бахши асосии он форсист. Дар ин шаҳр фиристодагонро хуб пазирой карданд…Онҳоро бо гӯшту шароб бисёр хуб зиёфат доданд, ки дар ин ҷо хеле зиёд аст», – менависад Клавихо[12, с.220].

18 август ҳайати сафорати испанӣ ба шаҳри Балх мерасад. «Дар ин шаҳр, –мегӯяд Клавихо. – ба фиристодагон бо эҳтироми тамом пазирой карданд ва барои онҳо гӯшти фаровон ва шароби бисёр оварданд ва низ ба онҳо аспу хилъати зарбоф доданд».

Дар шаҳри Тирмиз монанди ҷойҳои дигар аз фиристодагони испанӣ ба хубӣ пазирой карда, ҳама лавозими заруриро барояшон таҳия намуда, ба ҳар яке хилъате аз ҳарир тақдим карданд. «Ба ин шаҳр, менависад Клавихо, – саворе аз ҷониби шоҳ ба назди фиристодагон расид; вай ба онҳо гуфт, ки шоҳ (ба ӯ) дастур дод, то онҳоро хушомадед гӯяд ва омадааст то фаҳмад роҳе, ки тай кардаанд чи гуна буд ва низ пурсид, ки оё ҳама ҷо аз мо хуб пазирой шудааст ва чи вақте онҳо (ба ҳузури Темур) мерасанд» [12, с.98].

Тибқи русуми ҷории он сарзамин ҳайати испанӣ ба фиристодаи Темур қабл аз рафтанаш ба Самарқанд туҳфае бояд медод. Зеро чун Темур фиристодае ба назди касе ирсол мекунад, аз он шахс интизор мерафт ва аз вазифаи ӯ буд, ки ба фиристодаи Темур пешкаше дар баробари ифтихоре, ки ба ӯ дода шудааст, бидиҳад. Арзиши пешкаше, ки ба фиристодаи Темур дода мешуд, мизони эҳтиром ва сипосеро, ки он шахс нисбат ба Темур дорад, мерасонад ва дар назари Темур қадру арзиши он шахс ҳам бо пешкашест, ки фиристодаи ӯ медиҳад.«Пас хилъате аз ҳамон хилъатҳои зарбоф ба ӯ (фиристодаи Темур) додем», –менависад Клавихо ва низ пироҳане аз матои флорентӣ ба он касе, ки дар Хуросон ҳайати сафоратро роҳнамоӣ кард, медиҳанд[12, с.229].

Ҳайати испанӣ пеш аз он ки вориди Самарқанд шаванд, онҳоро дар боғе макони истиқомат медиҳанд ва аз 31 август то 8 сентябри соли 1404 дар он ҷо ба интизори қабули Темур менишинанд. Клавихо таъкид мекунад, ки Темур ҳаргиз сафиреро зуд иҷозати қабул намедод ва сафирон панҷ–шаш рӯз маътал мешуданд, то онҳоро қабул намояд. Ҳар қадар ҳайати сафорат аҳамияти бештар дошта бошад, муддати интизории онҳо низ зиёдтар мешуд[12, с.246].

Бори нахуст Темур ҳайати испаниро 8 сентябри соли 1404 дар касри Дилкушо қабул менамояд. Клавихо маросими пазироиро хеле муфассал ва дақиқ тасвир карда, аз ҷумла менависад, ки вақте ба қасри Темур ворид шуданд, ду нафар аз дарбориён омада, ба ҳайати испанӣ гуфтанд, ки он чи аз туҳфа ва пешкашҳо ба Темур доранд, ба онҳо диҳанд, то мулозимон онҳоро ба пеши Темур бибаранд. Баъдан мулозимони дарбор омада, зери бағали ҳар як узви сафоратро гирифта, ба назди Темур роҳнамоӣ карданд. Онҳоро ҳамчунин фиристодаи Темур, ки аз Анқара ба назди подшоҳи Испания рафта ва дар тӯли ин сафар ҳамроҳи ҳайати испанӣ буд, ҳамроҳӣ мекард. Дар ин маросими пазироӣ ӯ ба мисли испаниягиҳо либос пӯшида буд, ки сабаби хандаи ҳозирин гардид. Чун ба назди қабулгоҳи Темур наздик мешаванд, боз ду нафари дигар, ки мақоми хоси роҳнамоӣ ба назди Темурро дошт, зери бозуи онҳоро монанди гузашта гирифта, ба тарафи тахтнишини Темур мерафтанд, ки дар баландие марди солхӯрда, ки хоҳарзодаи Темур будааст, менишаст. Ба ӯ таъзим карда, роҳро идома доданд, ки дар баландии дигар чанд ҷавони истодаро диданд, ки ҳама наберагони Темур буданд ва ба онҳо низ таъзим карданд ва ин ҷо аз онҳо хоҳиш карданд, ки номаи шоҳи Испанияро, ки барои Темур овардаанд, ба се нафар шоҳзодагоне, ки он ҷо буданд, бидиҳанд. Яке аз онҳо набераи Темур Халил султон (писари Мироншоҳ) буд, ки номаро аз ҳайати испанӣ мегирад ва ҳайат аз паси ин се шоҳзода ба назди Темур мераванд. Чун ҳайат Темурро дар баландие, ки нишаста буд ва ба болиштҳо такя мезад, диданд, таъзим карда, зонуи ростро ба замин ниҳода ва дастҳоро ба сина гузоштанд. Онҳо қадам ба қадам ба тарафи Темур пеш рафта, боз таъзим мекарданд ва бори севум низ сар фурӯд оварда, ин бор ба замин зону зада ва ҳамчунон монданд. Он гоҳ Темур фармон дод, ки бархезанд ва се нафар, ки дар назди ӯ рост меистоданд (Шоҳмалик мирзо, Юрундой мирзо ва Нуруддин мирзо) пеш омада, аз зери бозуи ҳар як аз сафиронро гирифта, онҳоро ба он ҷое, ки Темур нишаста буд, наздик сохтанд[12, с.250].

Клавихо дар идома менависад, ки чун онҳо ба Темур наздик шуданд, ӯ дастҳои худро барои дастбӯсӣ ба онҳо дароз накард, зеро ин расмро онҳо зишт меҳисобиданд. Баъдан Темур аз ҳоли подшоҳи онон мепурсад ва чун ҷавоби шоиста мешунавад, сафири испанӣ паёми подшоҳи Испанияро баён мекунад ва Темур ба диққат ба суханони сафир гӯш медиҳад ва рӯй ба надимоне, ки дар пойини пояш нишаста буданд, оварда, мегӯяд, ки «Ман паёми ҳусни ният ба подшоҳи Испания хоҳам фиристод. Ҳамин кофӣ буд, ки ӯ танҳо сафироне бо номае ба назди ман равона мекард ва туҳфа ва пешкашҳо намефиристод. Барои ман ҳамин бас буд, ки аз тандурустӣ ва хушҳолии ӯ огоҳ шавам ва туҳфае аз ӯ намехостам» [12, с.251].

Ин суханони Темур ҷуз ҳарфҳои ташрифотӣ нестанд, зеро ба туҳфаҳои фиристода тавассути сафирон ва арзиши онҳо дар ҳар дарбори асримиёнагӣ таваҷҷуҳ мекарданд ва вобаста ба қимати онҳо эҳтироми ҳокимони давр муайян мешуд.

Клавихо дар идомаи тавсифи нахустин пазироии Темур аз ҳайати испанӣ менависад, ки дар ин ҳангом яке аз наберагони Темур (Халил султон) дар баробари чашмони ӯ номаи шоҳи Испанияро нигоҳ дошт. Дар ин вақт узви ҳайати испанӣ Фра Алфонсо Паэс де Санта Мария – устоди калом (магистр богословия) ва мутарҷим пеш омаданд. Темур аз дасти набераш номаро мегирад ва пас аз боз кардани он мегӯяд, ки беҳтар аст дар фурсати муносибтар ин нома хонда

шавад ва идома медиҳад, ки мехоҳад Фра Алфонсоро маҳрамона ба ҳузур пазирад ва ӯ номаро қироат кунад[12, с.251].

Саҳнаи дигареро, ки дар ин маросим Клавихо тасвир мекунад, хеле ҷолиб аст. Баъд аз он ки суҳбати Темур бо ҳайати испанӣ хотима меёбад, он надимоне, ки онҳоро то назди Темур роҳнамоӣ карда буданд, хостанд то ин ҳайатро дар ҷойгоҳи пойинтар аз сафири Чин бинишонанд. Ин сафир, – менависад Клавихо, – ахиран ба дарбори Темур омада буд, то хироҷи ҳарсоларо, ки Темур ба давлати Чин медод, талаб кунад. Дар ин лаҳза Темур дид, ки надимон мехоҳанд сафирони Испанияро поёнтар аз сафири Чин бинишонанд. Дар ин ҳолате ки сафирони испанӣ поёнтар аз сафири Чин мехостанд бинишинанд, шахсе аз назди Темур омада, ба сафири Чин гуфт, ки амир дастур дод, то сафирони испанӣ дар мақоми болотар аз ӯ бинишинанд, зеро «ӯ сафири шахси дузд ва душмни ашадии ӯст. Агар Худо хост ӯ (Темур) дар андак замон ӯ (императори Чин) –ро ба дор хоҳад зад, то ҳаргиз касе бо чунин сафорат ба назди ӯ наояд» [12, с.252].

Дар иртиботи ин мавзӯъ метавон ин матлабро зикр кард, ки дар марҳилаҳои аввал муносибот байни Темур ва империяи Мин сулҳомез ҷараён дошта, миёни онҳо сафоратҳо табодул мешуд. Ахбори муносиботи Темур бо императори Хитой Чжу Юанчжан дар сарчашмаи таърихии чинӣ «Мин ши» («Таърихи дудмони Мин») муфассал баён шудааст. Соли 1387 аз ҷониби Темур сафорате бо сарварии мавлоно Ҳофиз ба дарбори императори Хитой меояд, ки рисолаташ овардани «боҷ»-и иборат аз 15 асп ва ду шутур буд. Баъд аз ин ҳамасола ин боҷ ба дарбори императории Хитой фиристода мешуд. Соли 1392 аз Хитой сафорате ба Самарқанд меояд, ки туҳфаҳое аз порчаҳои матоъҳои хитоӣ ва беш аз 1200 мусулмон аз музофоти Гансу, ки ҳангоми ҳукумати муғулҳо дар ин ҷо сокин шуда буданд, бо худ ҳамроҳ дошт. Хонадони императории Хитой Мин ин замон сиёсати берун кардани мусулмонон аз қаламрави зери ҳукумати худро пеш мебурд. Соли 1394 Темур 200 асп ба хонадони императории Хитой фиристод ва ҳатто теъдоди аспҳои фиристонидашуда ба Хитой то 1000 сар мерасид. Дар ҷавоби он императори Хитой ба Темур сангҳои қиматбаҳо ва пулҳои коғазӣ мефиристод, ки ин пулҳоро ба гумони ғолиб ҳайати сафорати темурӣ дар қаламрави Хитой масраф мекард[3, с.196].

Бояд гуфт, ки аввалин ҳайати сафорати чинӣ ба дарбори Темур соли 1395 меояд, аммо Темур ин ҳайатро зимистони соли 1397, ки дар соҳилҳои Сирдарё буд, қабул мекунад. Сарчашмаҳои таърихии ин давр, ки таърихи давлати Темур дар онҳо инъикос шудааст, бештар аз ин маълумоте намедиҳанд. Академик В.В. Бартолд менависад, ки бино ба ахбори манобеи чинӣ сафорат ба хотири он маътал шуд, ки миёни онҳо баҳс дар бораи миқдори боҷ мерафт. Номи ин сафирон Ан–Ҷи–дао ва Го Сэи буд, ки баъд аз марги Темур (18 феврали соли 1405 дар Утрор) онҳо иҷозати ба Чин баргаштанро мегиранд.Аммо ба андешаи дигар Темур аз сафорати Хитой аз он хашм гирифт, ки ба ногаҳ фаҳмид, ки ӯ боҷдеҳи императори хонадони Мин– Тайсзу будааст ва ин ба далели дар тарҷумаи таҳтулафзӣ ба таври тасодуфӣ дар номаи расмии хитоӣ хостори додани боҷ иттифоқ афтодааст[14, с.224].

Ба эҳтимоли зиёд Темур далелҳои кофӣ барои хашм гирифтан аз сафорати Хитойро дошт. Роҷеъ ба ин масъала сарбози баварӣ Иоганн Шилтбергер, ки ба мусулмонон асир афтода буд ва дар бисёре аз кишварҳо сафар дошт, менависад, ки императори Хитой ба Темур сафорате бо 400 саворанизом фиристода, аз ӯ боҷ талаб кард. Зеро ба назари императори Хитой Темур тӯли панҷ сол аз ӯ боҷ қарздор шуда буд. Темур сафирро аз Самарқанд бо номае ба Чин бозгардонид ва дар номаи хеш императори Хитойро сарвари олӣ надониста, баръакс боҷдеҳи худ меҳисобид. Пас аз ин дастур дод, то ба лашкаркашии Хитой омодагӣ гиранд[14, с.29].

Клавихо дар идома зикр мекунад, ки Темур ба тарҷумон амр медиҳад, ки ба сафирони испанӣ бигӯяд, ки ин дастурро ӯ ба эҳтироми онҳо додаст. Ҳамин тавр баъдҳо дар ҳамаи меҳмониҳо ва ҷашнҳое, ки Темур барои сафирони дар Самарқанд будаи давлатҳои хориҷӣ барпо мекард, ҳамеша ҷойгоҳи нишасти сафирони испанӣ аз чинӣ болотар буд.

Ахбори Клавихо иттилооти манобеи таърихии чиниро дар бораи бархурди таҳқиромези Темур нисбат ба сафирони чинӣ тасдиқ мекунад ва аз муносиботи душманонаи ин амир нисбат ба сафирони чинӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар асоси масъалаи пардохти боҷ ба амал омадааст.

Клавихо баъд аз тасвири муфассали нахустин пазироии Темур, ки бо ғизоҳои мухталиф сафирон меҳмондорӣ мешаванд, менависад, ки намоиши туҳфаҳо, ки ҳайати испанӣ ва сафорати мисрӣ барои Темур оварда буданд, оғоз мешавад. Дар дасти ходимони дарбор туҳфаҳои шоҳи Испания ва султони Миср –Насируддини Фарач (1399– 1412), ки сафирони ӯ

дар шаҳри Хой (ҷануби Озарбойҷон, шимолтар аз шаҳри Урмия) бо сафирони испанӣ ҳамроҳ шуда, то Самарқанд ҳамсафар буданд, дида мешуданд[12, с.254].

Пас аз он ки ин маросим хатм шуд ва сафирон ба макони зисташон рафтанд, Темур бори дигар фармон медиҳад, ки туҳфаҳо ва пешкашҳои ҳайати испаниро бори дувум намоиш диҳанд ва ӯ ошкоро хушнудиашро аз пазируфтани онҳо нишон дода, чанд пора матои сурхро ба дастури ӯ бурида, дар байни ҳамсаронаш тақсим карданд ва аз ин миён пораи бузургтарро ба ҳамсари калониаш – Кано(Сароймулкхонум), ки ин замон дар боғи Дилкушо ҳамроҳи Темур буд, доданд. Дар идома Клавихо зикр мекунад, ки туҳфаҳои султони Миср ва бархе дигар аз пешкашҳоро ба хидматгорон супурд, ки баъд аз се рӯз онҳоро бори дигар ба ӯ нишон диҳанд.«Ин аз русуми вай (Темур) аст, –дар идома менависад Клавихо, – ки ҳеҷ туҳфаеро напазирад, магар ки се рӯз нагузашта бошад» [12, с.256].

15 сентябри соли 1404 пазироии дувуми Темур аз ҳайати сафирони ба назди ӯ омада, аз ҷумла ҳайати испанӣ сурат мегирад. Клавихо менависад: «Дар ин зиёфат аз номи шоҳ (Темур) фиристодагон (–и испанӣ) даъват шуданд. Вақте ки барои даъват ба макони истиқомати онҳо омаданд, тарҷумон ҳозир набуд ва ӯро интизор шуданд. Вақте (ҳайати испанӣ) омаданд, шоҳ хӯрокашро хӯрда буд ва фармон дод, то ба онҳо (ҳайати сафорати испанӣ) бигӯянд, ки дигар бор агар онҳоро даъват намуд, тарҷумонро интизор нашуда, онҳо ҳамон соат ҳатмӣ бояд бирасанд; ин бор онҳоро мебахшад, зеро ин ҷашнро ӯ ба ифтихорои онҳо тадорук дидааст, ки дарбор ва кохии хешро ба онҳо нишон диҳад» [12, с.260].

Темур дар ҳақиқат аз хидматгоронаш, ки масъули сафирони испанӣ буданд ва дар сари вақт меҳмононро ба зиёфати ӯ ҳозир накарданд, хашмгин шуда буд. Ин хидматгорон, ки оқибати хашми Темурро медонистанд, ба дунболи тарҷумон рафта, ӯро пайдо карда, хостанд ҷазояшро бидиҳанд. Клавихо ин саҳнаи бозпурсии тарҷумонро тасвир карда, менависад, ки ба ӯ гуфтанд, ки барои ту шоҳ аз мо хашм гирифт, ки дар назди сафирони фарангӣ набудӣ ва ба хотири он ки дигар ин иштибоҳро накунӣ, фармон медиҳем то биниатро сӯрох кунанд ва аз он ресмоне бигзаронанд ва дар урдугоҳ бигардонанд, то ту ислоҳ шавӣ. «Ҳанӯз онон суханашонро поён надода буданд, ки –зикр мекунад Клавихо, – чанд тан ӯро гирифтанд ва яке биниашро гирифт ва хост онро сӯрох кунад, аммо бузурге, ки ба дастури шоҳ моро ин ҷо оварда буд, аз онон хост то ба ӯ раҳм кунанд ва ӯро наҷот дод» [12, с.260].

Клавихо меафзояд, ки Темур ходимеро ба макони зисти ҳайати сафорат мефиристад, то бигӯяд, ки чун онҳо дар ин зиёфат ширкат надоштанд, ӯ хостори он аст, ки насибаашонро аз ин зиёфат бигиранд ва панҷ гӯсфанду ду кӯзаи бузурги шароб ба манзили сафирони испанӣ ирсол мекунад.

Рӯзи душанбеи 22 сентябри соли 1404 сафирони испаниро бори севум Темур дар Боғи нав қабул мекунад. Клавихо менависад: «Дар ин ҷо шоҳ ҷашни бузурге осрост, ки ҳайати сафорат даъват шуд ва низ мардумони зиёде ҷамъ омада буданд. Дар ин ҷашн амр фармуд, то шароб нӯшанд ва худ низ нӯшид, чун онҳо наметавонанд дар ҷомеа ва дар хонаҳояшон бе иҷозати ӯ бинӯшанд…Шаробро пеш аз сарфи ғизо он қадар зиёд ва зуд–зуд медиҳанд, ки маст мегарданд ва онон ҷашнро ҷашн ва хурсандиро хурсандӣ намеҳисобанд, агар онҳо аз нӯшидан маст нашаванд. Ононе, ки шароб меоварданд, ба зону мезананд ва чун ҷом холӣ мегашт, дигарашро медоданд, гӯё ҷуз ин дигар коре надоштанд. Аммо вақте ки аз шаробрезӣ хаста мешуданд, дигаре меомад… Агар касе нӯшидан нахоҳад, мегӯянд, ки ӯ шоҳро таҳқир мекунад, зеро ҳама ба хоҳиши ӯ менӯшанд. Ҳатто бештар аз ин амал мекунанд: ҷомҳоро пур аз шароб менамуданд ва касе наметавонист то охир нанӯшад, вале агар касе шароб дар ҷом мегузошт, ҷомашро пас намегирифтанд ва водараш месохтанд, ки то қаъраш бинӯшад…Агар пешниҳод мешуд, ки барои саломатии шоҳ (Темур) бинӯшанд, ҳама маҷбур буданд то охирин қатра бинӯшанд. Агар касе бисёртар шароб менӯшид, ӯро баҳодур ном мебурданд. Аммо агар касе аз нӯшидан сар мепечид ва ҳатто агар намехост, маҷбур мекарданд то бинӯшад»[12, с.260].

Клавихо меафзояд, ки он рӯз (22 сентябр), то вақте ки ҳайати сафорат ба назди Темур биёяд, ӯ ба макони буду бошашон хидматгори худро ҳамроҳ бо кӯзаи шароб фиристода, хоҳиш кардааст, ки бигӯяд, ки ин шаробро то миқдоре бинӯшанд, ки сархуш ба назди ӯ ҳозир шаванд[12, с.263].

Аз маросими пошидани сиккаи нукра дар ин зиёфат ба сари сафирон ва дигар меҳмонон аз тарафи яке аз мирзоёни Темурӣ Клавихо ёд мекунад ва менависад, ки баъдан ҳама он чи аз сиккаҳои

нуқра дар косаи дасти ин мирзо бокӣ монда буд, дар рахту қабои мо сафирон, ки ба тан доштем, ба унвони пешкаш рехт. Дар навбати худ Темур дар ин зиёфат ба сафирон хилъати зарбоф туҳфа менамояд ва дастур медиҳад, ки рӯзи дигар ба зиёфати навбатӣ ҳозир шаванд[12, с.264].

Дидорбинии чаҳоруми ҳайати сафорати испанӣ бо Темур рӯзи 23 сентябр дар боғи Давлатобод, ки дар наздикии қасри Дилкушо буд, доир мегардад. Дар ин зиёфат одамони зиёде аз лашкари амир, ки дар ҷойҳои дигар буданд, даъват шуда, хаймаҳои зиёде заданд. Баъд аз он ки хаймаи Темур барафрошта гардид, –менависад Клавихо, –касони даъватшуда хаймаашонро вобаста ба мақому вазифаашон дар дарбор дар фосилае аз хаймаи Темур мезаданд ва ҳамин тавр дар муддати се-чаҳор рӯз тақрибан бист ҳазор ҳайма дар кӯчаҳо ва дар атрофии хаймаи Темур барафрошта шуд [12, с.266].

Ба хотири ба ин урдугоҳ наздик шудани ҳайати сафорати испанӣ Темур дастур медиҳад то хонае дар ин боғ барои онҳо омода созанд.

Ҳамин тавр Клавихо аз ҷашну зиёфатҳое, ки рӯзҳои 2, 6, 7, 8, 9, 13, 16, 23 ва 30 октябри соли 1404 Темур барпо карда буд ва ҳайати сафорати испанӣ дар онҳо ҳузур доштанд, муфассал ёдовар шуда, ин маросимҳоро бо хурдтарин ҷузъиёташ тасвир мекунад.

Яке аз ин зиёфатҳо ба иртиботи ҷашни арӯсии наберагони Темур: Улуғбек, Иброҳим султон (писарони Шоҳрух), Эҷил (писари Мироншоҳ), Аҳмад мирзо ва Бойқаро (писарони Умар Шайх) 9 октябри соли 1404 барпо шуда буд, аз он Клавихо чунин ёд мекунад: «Дар он рӯз, ки панҷшанбеи нуҳуми октябр (-и 1404) буд, шоҳ дастур дод, то суре ба ифтихори арӯсии набераҳояш омода созанд. Боз мо сафиронро хонданд. Ин меҳмонӣ дар яке аз маконе, ки атрофаш баста буд ва чодарҳои зебо дошт, барпо гашт. Ба ин ҷо ҳамсари калонии шоҳ Кано (Сароймулкхонум) ва Хонзода (ҳамсари Мироншоҳ) ва бузургону дигар одамон омада буданд…Миқдори гӯшти гӯсфанд ва асбе, ки дар он рӯз ба сарф расид, бар ҳасби одати ҳамешагӣ фавқулодда буд ва бисёр шароб хӯрданду сахт хушҳолӣ карданд»[12, с.282].

Шарафуддини Яздӣ низ аз ин маросими арӯсӣ ёд мекунад: «содот ва айимма ва ҷуҷиён ва умарои бузург ва элчиён, ки аз чаҳор гӯшаи ҳафт иқлим омада буданд» ва соҳибҷашн «дар табақҳои тилло ва нуқра муҳайё ва омода ва анвоъи машрубот ва аз бодаву қимиз ва болу мусаллас ва арақу шарбат муҳайё дошта». Шарафуддини Яздӣ меафзояд: «бар тибқи хӯрданӣ анвои ошомиданӣ мураттаб ва муҳайё гашта…аз барои аҳли ихтисос ҷиҳати ишрати ом дар мавозеи он ҷашнгоҳ бо издиҳоми хумҳои мутааддиди пур аз бодаи саргушода омода ниҳода буданд ва салои тарабу айш дардода ва аз ҳар тараф соқиёни симинсоқи зуҳрачабин ҷомҳои заррин ба гардиш дароварда… ва барои итмоми сур ва ҳузури ҷумҳур фармон судур ёфт, ки дар он сур ҳар кас ҳар чӣ хоҳад иртикоб намояд, ҳеҷ офарида ба манъу зачр нагарояд»[16, с.1267].

30 сентябри 1404 Темур охирин бор ҳайати испаниро дар масҷиди Муҳаммад султон – набераш, ки мадфани ӯ дар хонақоҳи мадрасаи сохтааш буд, дар маросими ёдбуди Муҳаммад султон пазируфтааст. Баъд аз ин аз 1 ноябр то 21 ноябр, ки ҳайати сафорати испанӣ Самарқандро тарк гуфт, онҳоро дигар Темур қабул намекунад. Клавихо таъкид мекунад, ки ҳайати сафорати испанӣ аз масъулини дарбори Темур борҳо тақозо кардаанд, то Темур онҳоро қабул кунад ва ҷавоби номаи шоҳи Кастилия ва Леон Генрихи III де Трастамар аз ӯ бигиранд. Аммо ҳар бор надимони хосси Темур баҳонае пеш оварда, ин хоҳиши сафиронро рад мекунанд. Клавихо сабаби қабул накардани Темурро дар бемории ӯ медонад ва менависад, ки ин надимон ба онҳо дастур доданд, ки онҳо ба хонаашон раванд ва дар хона интизори даъвати Темур бошанд[16, с.323].

Дар ин муддат, ки онҳо қабули Темурро дар манзили истиқоматиашон интизор буданд, ҳеҷ нафаре барои даъвати онҳо намеояд. Онҳо тасмим гирифтанд, ки бори дигар ба дарбори Темур раванд. Дар ин ҳангом надиме (ӯро Калавихо ҷағатоӣ ном мебарад) аз дарбори Темур ба назди онҳо омада, ба онҳо иттилоъ медиҳад, ки ҳамроҳи сафирони Миср ва Туркия бояд ба сафар бароянд. Аммо онҳо рад карда, ба дарбори Темур мераванд ва ба масъулони дарбор суҳбат мекунанд. Онҳо ба ҳайати сафорати испанӣ машварат медиҳанд, ки ҳар чи зудтар Самарқандро тарк гӯянд.

Клавихо ва ҳайати ҳамроҳи ӯ ба худ хулоса мекунанд, ки «шоҳ бисёр бемор будааст, аз гуфтор мондааст ва дар остонаи марг қарор дорад» ва шояд ба ин сабабҳо ходимони дарбори Темур баҳонаҳо пеш меоваранд, зеро пирӣ ва нотавонии ӯро ба чашми сар дида буданд. Вале далели напазируфтани ин ҳайатро В.В.Бартолд на дар нотавон будану нирӯи сухан гуфтан

надоштани Темур дида, балки ба назари ин донишманд Темур ба ҳуҷуми Чин, ки солҳо ғорати ин кишвар ва қатли мардумонашро дар қалбаш мепарварид, омодагӣ мегирифт ва ба ин далел ҳеҷ касро қабул намекард[5, с.67].

Аммо профессор Ҳ.Камол ин назари академик В.Бартолдро саҳеҳ намеҳисобад ба ин далел, ки Темур ҳамеша дар мавсими гармо, замоне, ки барфҳо аз роҳҳои кӯҳии мушкилгузар об мешуданд ва мушкилоти убуру мурур барои лашкар рафъ мешуд, ӯ лашкар мекашид. «Дигар ин ки, –менависад ин муҳаққиқ, – аз нигоҳи тактикаи низомӣ, баръакс, бояд Темур аз пазириши ҳар ҳайате, ки тақозои бор ёфтан ба даргоҳашро мекард, иҷтиноб намеварзид, то боиси овозаҳои мухталиф нашавад ва дар тарҳи амалиёти ҷангияш ихлол ворид нагардад. Бинобар ин асли матлаб ҳамон аст, ки Клавихо баён карда. Ба назар мерасад, ки ихтиёри давлату лашкар дигар аз дасти Темури ҳафтодсолаи фартут ва шаробӣ бурун ҷаста буд ва ӯ зери таҳмили иродаи атрофиёнаш, ки аз заъфи ӯ ба ваҳшат афтода буданд ва ҳирси ганҷу моли дигарон, ки дар рагу пайвандашон муҳкам шуда буд, ӯро водор сохтанд, дар он айёме, ки ба қавли Ибни Арабшоҳ «сармо бедод мекард», ғайри мутараққи ба тасмими лашкаркашӣ ба сӯи Чинро иттихоз кунад. Зеро атрофиёнаш хуб медонистанд, ки ҳузури Темур дар ҳар набард на танҳо ба лашкар нирӯ мебахшид, балки танҳо хабари лашкаркашии он ҷаррор кифоят мекард, то ҷаҳон биларзад» [5, с.20].

Баъд аз он ки ҳайат умедашро аз қабули Темур меканад, онҳо омодагӣ ба сафар мегиранд. 18 ноябр ба назди онҳо масъулони дарбори Темур чағатоиеро, ки бояд онҳоро дар сафари баргашт роҳнамоӣ мекард, мефиристанд. Ин чағатоӣ чаҳор нома дар даст дошт, ки ба ҳокимони чаҳор шаҳри қаламрави давлати Темур навишта шуда буд, ки роҳи сафари ҳайати испанӣ аз он ҷойҳо мегузашт, то ба онҳо мусоидат ва кумак намоянд[12, с.324].

Хулоса, сафаргуфтаҳои Клавихо дар бораи муқаррароти маросими пазироии сафирон дар қаламрави давлат ва базморӣ дар дарбори Темур арзиши бисёр муҳими илмӣ ва таърихӣ доранд. Дар ин мақола саъй шуд, то нуқтаҳои муҳими ин маросимҳо зикру тавзеҳ ёфта, бо имконоти мавҷудбуда ин матолиб бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ қиёс гардида ва ба ин восита ба доираи илмӣ ворид хоҳанд гардид. Клавихо, ки худ шоҳиди ҳол буд, аз зулму ҷабре, ки маъмурони давлати Темур ба мардумони шаҳру вилоятҳо барои пазироии сафирон ва дигар фиристодагони темурӣ раво медиданд, ошкоро менависад. Ҳамчунин аз тасвири ҷашну базмҳои Темур, ки Клавихо онҳоро хеле муфассал баён мекунад, хулоса мешавад, ки Темур чун шахси фурсатталаб ба баҳонаи ғорати Ҳиндустон ҷанги муқаддас барои ислом- ғазавот эълон мекунад, аммо ба ҳангоми барпо намудани базму ҷашнҳо ёсои чингизиро ба шариати исломӣ тарҷеҳ медиҳад ва бо ҳамин симои воқеии худро ошкор месозад.

АДАБИЁТ:

1. Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Таърихи муғул. Теҳрон: Нигоҳ, 1387 (-616 с.) – 107 с.
2. Босворт К.Э. Таърихи Ғазнавиён. Тарҷумаи Х.Ануш. Нашри дувум. Ҷ.I. Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1363. – 192 с.
3. Бартольд В.В. Улугбек и его время. С.53. Примеч. 122.– 182 с.
4. Бартольд В. В. Улугбек и его время. В: Бартольд В. В. Сочинения. Т. II, ч. 2. М.: Наука; 1964. С. 23–196.
5. Бартольд. В.В. Сочинения. Т.2., часть 2.-Москва,1964. – 167 с.
6. Bretschneider E. Mediaeval Researches from Eastern Asiatic sources. Fragments Towards the Knowledge of the Geography and History of Central and Western Asia from the 13 th to the 17 th century. Vol. 1–2. London: Trübner & CO, Ludgate Hill, 1888. P.258-261.
7. Гардези. Зайну-л-ахбор. Ба нашр омодакунанда. Хабиби. Теҳрон, 1363. – 922.
8. Греков Б.Д. Якубовский А.Ю. Золотая орда и его падение. М.-Л., 1950. – 473 с.
9. Камол Ҳ. Шаробхорагӣ мӯҷиби марги Темурланг // Фарҳанг №5-6. 2004. – 120 с.
10. Клавихо. Сафарнома. Тарҷума ба форсӣ М. Рақабниё. – 182 с.
11. Клавихо. Сафарномаи Клавихо.Чопи дувум. Теҳрон, 1366 (–387 с.). – 196 с.
12. Клавихо. Дневник путешествия, 1881. – 199 с.
13. Негматов Н.Н. Государство Саманодов. Душанбе: Дониш, 1977. – 128 с
14. Fletcher J. F. China and Central Asia, 1368–1844. In: Fairbank J. K. (ed.) The Chinese World Order: Traditional China's Foreign Relations. Cambridge, MA: Harvard University Press, 1968. P. 206-224.
15. Шильтбергер И. Путешествие по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год. Баку: Элм; 1984. – 129 с.
16. Шарафуддини Яздӣ. Зафарнома. Ҷ.2. – 1266 с.

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ – CONTENTS

1. **ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛО.** МАҚОМИ СОСОНИЁН ДАР ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ НИЁГОН 3
2. **РАВШАН РАҲМОНӢ.** ҶАШНҲОИ БОСТОНӢ ДАР ЗАМОНИ СОСОНӢ 6
3. **РАДЖАБОВ А.** МУЗЫКАЛЬНО-ЭСТЕТИЧЕСКАЯ МЫСЛЬ ЭПОХИ БОРБАДА В КОНТЕКСТЕ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКОВ (VI -VII вв.) 16
4. **ҲАҚНАЗАРОВ А.** ВОҚЕЪИЯТИ ТАВЛИДИ ТАМАДДУНИ ТАВҲИДИИ ОЗОДАГӢ ВА МАҚОМИ ФОРСҲО ДАР ОН 24
5. **РАСУЛИЁН Қ. Р., УМАРОВ А. Қ.** САБАБҲОИ ШИКАСТИ СОСОНИЁН АЗ ҶОНИБИ АРАБҲО 28
6. **ҲУСАЙНОВ А. Қ.** ЮРИШИ ФЛАВИЙ КЛАВДИЙ ЮЛИАН БА ЭРОНИ СОСОНӢ (СОЛҲОИ 361-363) 33
7. **КОСИМОВА М. С., РАХИМОВ Н. Т.** К ИСТОРИИ ВООРУЖЕНИЯ САСАНИДСКОЙ АРМИИ: ЛУК И СТРЕЛЫ 38
8. **СОБИРОВА Қ.** АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ СОСОНИЁН ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ 42
9. **САЙФУЛЛОҲИ МУЛЛОҶОН.** АВЗОИ МАЗҲАБИИ РӮЗГОРИ СОСОНИЁН АЗ ХИЛОЛИ ЯК ҲИКОЯТИ БАЙҲАҚӢ 47
10. **КАРИМОВ М. Б.** СОХТОРИ ИДОРИИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН 52
11. **ХОДЖАЕВА Н.** КРАТКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ПИСЬМЕННЫХ ИСТОЧНИКОВ ПО ИСТОРИИ САСАНИДОВ 54
12. **АЛИЗОДА Б. П.** ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ИМПЕРИЯИ БУЗУРГИ СОСОНИЁН 57
13. **АЮБОВ А.Р.** МУНОСИБАТИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН БО ИМПЕРИЯИ РИМ 61
14. **EMZAR KAKHIDZE.** SASSANIAN ARTIFACTS DISCOVERED AT THE FORT OF PETRA-TSIKHISDZIRI 64
15. **КУРБАНОВА З. И.** ПРАЗДНИК НАВРУЗ В СОВРЕМЕННОЙ КУЛЬТУРЕ КАРАКАЛПАКОВ 65
16. **ҚОСИМӢ С. А.** НИГОҲЕ БА БАЪЗЕ РАСМУ ОИНҲОИ ДАВРОНИ СОСОНӢ 68
17. **SUTEEVA KH. A., MURATKAZIN M. M.** STUDY OF THE HISTORY OF SEMIRECHYE IN PRE-REVOLUTIONARY RUSSIAN HISTORIOGRAPHY 70
18. **ЭРКАЕВА Н. С., ЭРКАЕВ С. А.** ҶАШНҲОИ СУННАТӢ - ҶАШНИ “САЙРИ ГУЛИ ЛОЛА” 75
19. **ҶОНИБЕКИ АСРОРИЁН.** ЛАШКАРДОРӢ ВА МАРЗБОНӢ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН .. 78
20. **ГАССИЕВА М. А.** САСАНИДСКИЙ СЛЕД В ЮЖНОЙ ОСЕТИИ 84
21. **ИСАМИТДИНОВ Ж. Б.** ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН 87
22. **АХМАТОВА А. Н., ИЛЕБАЕВ А. К., ТОРОКЕЛЬДИ А.** ВОЗРОЖДЁННЫЙ ПРАЗДНИК САДА 91
23. **ЗАРИФОВ Н. Ҳ.** НАҚШИ ОЛИМОНИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ТАЪСИС ВА РУШДИ АКАДЕМИЯИ БАЙТУЛҲИКМА 94
24. **ЭРКАЕВ С. А., ҶӮРАЕВА М.** МЕҲРГОНРО ДАР ДАВРАИ СОСОНИЁН БО ТАНТАНА ҶАШН МЕГИРИФТААНД 101
25. **БЕРДИЕВ Ш. П.** АВЕСТО - САРЧАШМАИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АДОЛАТ ВА ИДЕЯИ БАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ АҲДИ СОСОНИЁН 105
26. **МУРОДЗОДА А.** ИНЪИКОСИ ЛАШКАРКАШИҲОИ ТЕМУР БА ХУРОСОН ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИИ АҲДИ ТЕМУРИЁН 110
27. **АСОЕВ С. У.** ТОХАРИСТАН - АРЕАЛ СТОЛКНОВЕНИЕ ТРЁХ ДЕРЖАВ: САСАНИДЫ, ЭФТАЛИТЫ И ТЮРКИ В V-VI вв. 115
28. **АБДУЛХОНОВ Ф. М.** ТАШАККУЛИ ИСТЕҲСОЛОТИ СУДӢ ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ СУЛОЛАИ СОСОНИЁН 123
29. **ҒУЛОМОВ Т. М.**ВАЗЪИ СИЁСИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН ВА АВОМИЛИ ТАНАЗЗУЛИ ОН ДАР АРАФАИ ҲУҶУМҲОИ АРАБ 126
30. **ХОДЖАЕВ М. П.** ИСТОРИЧЕСКОЕ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ВЕЛИКОГО ШЕЛКОВОГО ПУТИ МАВЕРАННАХРА И ХОРАСАНА В XIV-XV вв.136

31. ШАРИПОВ Ҷ. С. БОЗТОБИ НИЗОМИ ИДОРИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН 139
32. ҒУЛОМШОЕВ С. АКАДЕМИЯИ ГУНДИ ШОПУР ВА РУШДИ ИЛМУ ФАРҲАНГ ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН 145
33. ГАНҶАКОВА М. Г. НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ШАҲРСОЗИИ ЗАМОНИ СОСОНИЁН.....150
34. ЮСУПОВ Ш. Р. НАҚШИ ЗАБОНИ ПАҲЛАВӢ ДАР НИЗОМИ КОРГУЗОРИИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН..... 153
35. ШОИНБЕКОВ Ф.Н. ГӮРОНИДАНИ АСП ДАР УРФИЯТИ САКОИҲОИ ПОМИР..155
36. МАҲМУДОВ Д. НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР АҲДИ СОСОНИЁН 158
37. САЙНАКОВ С. П., НАҶМУДДИНОВ Ш. М. НИГОҲЕ БА МАСЪАЛАҲОИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ СОСОНИЁН 166
38. РАҲМОНОВ Б. Н. САЙРИ ТАЪРИХИИ ИСТИЛОҲИ “ПАҲЛАВОН” (БАР АСОСИ МАВОДИ “ШОҲНОМА”) 174
39. ҒАФУРОВА Г., ЭРКАЕВ С. А. САДА- ИДИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН 177
40. ҚОДИРОВ Д. С. АРЗЁБИИ СОХТОРИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ СУЛОЛАИ СОСОНИЁН 183
41. ҒАЙБУЛЛОЕВА М. А. НАВРӮЗ – ҶАШНИ МИЛЛӢ ВА МЕРОСИ ТАЪРИХӢ 186
42. СОҲИБЗОДА М. С. САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН.....190
43. ВАЛИЕВ Ҷ. А. МУРУРЕ БА МАФҲУМИ «ЗАБОНИ ТОҶИКӢ» ВА САҲМИ ХОНАДОНИ СОСОНИЁН ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН 195
44. ШАРИПОВ Ш. Ш. ИНЪИКОСИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ТАҶЛИЛИ ОН ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН 199
45. РАВШАНЗОД М. ШАҲРСОЗИЮ ШАҲРДОРӢ ДАР АҲДИ СОСОСНИЁН 203
46. АСЛАМОВ Б. С., ҲАЛИМЗОДА Д. О., ТАШРИФЗОДА Ф. Қ. ДАВЛАТИ СОСОНИЁН: БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ОН.....206
47. МИРЗОШАРИФЗОДА И. М. ЗИКРИ АВАСТО ВА БУНЁДИ МАҲЗАНИ ТИББИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН 207
48. ЭРКАЕВ С. А. ТИРГОН – ҶАШНИ ТОБИСТОНАИ МАРДУМОНИ ОРИЁӢ.....211
49. ЭРКАЕВ С. А., ШАРОФОВА М. ТАЪРИХИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ 215
50. ШАРИПОВ М., ДАРВОЗИЕВА Ҳ. Ш. ИНЪИКОСИ ҲАРАКАТИ МАЗДАК ДАР АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН.....219
51. МИРЗОЕВ Ф. А., РАҲИМЗОДА Д. М. МАРК АВРЕЛИЙ КАР ВА ЮРИШИ Ӯ БАР ЗИДДИ СОСОНИЁН 221
52. НАҶМУДДИНЗОДА Т.А., ИСЛОМОВ Ф. Ш., ИСМОИЛОВ А. ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ШАҲР ВА ШАҲРСОЗИИ ЗАМОНИ СОСОНИЁН ДАР АДАБИЁТИ ТАЪРИХӢ..... 222
53. ПИРНАЗАРОВА П. А. НАЗАРЕ БА НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ СОСОНИЁН.....225
54. МАСЪУДОВ М. Ф. МУНОСИБАТҲОИ СОСОНИЁН ВА ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ V–VI ВА БОЗТОБИ ОН ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ..... 227
55. ҚАҲҲОРОВ У. А. ТАЪРИХИ БЕМОРИСТОНИ ҶУНДИШОПУР ДАР АҲДИ СОСОНИЁН 234
56. КАРИМДОДОВ М. З. СИККАҲОИ КУШОНӢ-СОСОНӢ ВА СОСОНӢ ДАР ОСОРХОНАИ МИЛЛӢ..... 237
57. КАРИМОВ Қ. БОЗТОБИ АХЛОҚ ВА БАРРАСИИ МАСЪАЛҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ЁДГОРИҲОИ ХАТТИИ ЗАМОНИ СОСОНИЁН 242
58. МАМЫРБАЕВ Д. Ж. ХРИСТИАНДЫҚТЫҢ АНТИКАЛЫҚ БАҒЫТТАРЫ 247
59. ИСЛОМОВ Ф. Ш. НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТОИНҚИЛОБИИ ДУШАНБЕ.....251
60. ХУШВАХТОВА М. А. ОСОРИ ХАТТИИ ПАҲЛАВӢ..... 254
61. ЗУБАЙДУЛЛОЕВ С. Ҳ. ҶАШНИ НАВРӮЗ АЗ ИБТИДО ТО ҶАҲОНИШАВӢ 259
62. УМАРОВ Б. РАЗВИТИЕ НАУКИ В БУХАРЕ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ САМАНИДОВ.....263

63. БАКИЕВА М. К. ДАВЫДОВ АМНУН СОЛОМОНОВИЧ – ВЫДАЮЩИЙСЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ РЕМЕСЛЕННЫХ ТРАДИЦИЙ ТАДЖИКОВ ВЕРХНЕГО ЗАРАФШАНА....266
64. ЖУМАТАЙ САМАТ. ОБЩЕСТВЕННАЯ РОЛЬ ДЕПУТАТОВ ИЗБРАННЫХ В ГОСУДАРСТВЕННУЮ ДУМУ ОТ СТЕПНОГО ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРСТВА: ЭФФЕКТИВНЫЙ ДИАЛОГ ВЛАСТИ И ОБЩЕСТВА....270
65. МАҲМУДОВ Д., МАҲМУДОВ Ҳ. ХУРРАМАИ ИСЛОҲОТГАР ВА ПАЁМАДИ КОРИ Ӯ....275
66. АЛИМОВ Д. Х., ЗУБАЙДУЛЛОЕВ С. Х., ҚОДИРЗОДА Х. С. ҶАШНИ САДА ДАР ОСОРИ АБӮРАЙҲОН БЕРУНӢ....279
67. МИРЗО МУҲАММАД РУСТОӢ БАРРАСИИ ҲОЛАТҲОИ СЕГОНАИ САНЪАТИ ТАШБЕҲ ДАР АШЪОРИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ....281
68. ЗУНУНОВА М. К. МАҚОМИ ТАЪЛИМОТИ ЗАРДУШТИЯ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН....285
69. СОҲИБЗОДА Ҳ. С. ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ЗАНОН ДАР ДАВЛАТИ СОСОНИЁН. ..288
70. НОСИРОВА П. Х. ОДОБ ВА РУСУМИ СУННАТИИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ДАВРАИ СОСОНИЁН....294
71. ШАРОФОВА М., МАНСУРХОНОВ Ҷ. Т. БОРБАДИ МАРВАЗӢ АСОСГУЗОРИ САНЪАТИ МУСИҚИИ ШАРҚ....297
72. ЗАНДЖИРБЕКОВА Г. И., САЙДАНОЕВА Х. М. ИСТОРИЯ ГУНДЕШАПУРСКОЙ АКАДЕМИИ И ЕЁ НАСЛЕДИЕ В МЕДИЦИНЕ....299
73. АХМАТОВА А. Н., ШЕРАНОВА Н. Н. О МУЗЫКАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТАХ КИТАЙСКОГО НАРОДА....302
74. ИЛЕБАЕВ А. К., АЙТИКЕЕВ Т. К., БАЙКОЖОЕВ Ж. О ЛОКАЦИИ РОДОВОЙ ОБЩИНЫ ОТУЗУУЛ....304
75. ҚАҲҲОРОВ У. А., САИДОВ Б. Л. ТАЪРИХИ ФАЪОЛИЯТИ ХОНАДОНИ ОЛИ БУХТАЙШУЪ....307
76. НАВРУЗБЕКОВ М. ХУСУСИЯТИ АНТРОПОЛОГИИ АҲОЛИИ ИБТИДОИ АСРИМИЁНАГИИ ВАРОРӮД(ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ ПАЛЕОАНТРОПОЛОГӢ). .310
77. ЗУБАЙДУЛЛОЕВ С. Х., МИРЗОАШРАФОВ П. И., МИРЗОЕВ М. Н. ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ТИРГОН ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОН....311
78. АКБАРӢ М. НАЗАРЕ БА ВАЗЪИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН ДАР АРАФАИ ҲУҶУМИ АРАБҲО....314
79. САИДОЛИМ К. С. ХАТ ВА ХУШНАВИСӢ ҶУЗЪИ ТАМАДДУН АСТ....316
80. СИДДИҚОВ А. НАЗАРЕ БА МЕРОСИ ИЛМИВУ ФАРҲАНГИИ СОСОНИЁН....325
81. ҚАЮМОВ С. Р., МУҲИДДИНОВА Х. И. ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ПАНДУ АНДАРЗ ВА МАҚОЛУ ЗАРБУЛМАСАЛ ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН....327
82. АЙНУЛОЗОДА Н. А. ПАЙДОИШ ВА РУШДИ РОҲСОЗӢ....330
83. ШАРИФОВ Р. Я. САСАНИДЫ-НАСЛЕДНИКИ АХЕМЕНИДОВ (СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)....333
84. ХОЛНАЗАРОВ Р.М. ТАШАККУЛИ НОМҲОИ АШХОСИ АСЛИИ ДАВРАИ МИЁНА. 336
85. ОЛИМОВ Д. Р. ТОПОНИМИКАИ ТАЪРИХИИ ВОҲАИ БУХОРО ДАР АСАРИ “ТАЪРИХИ БУХОРО”- И АБӮБАКРИ НАРШАХӢ....339
86. ШОҚУРБОНОВА Ҷ.Ш. БОЗТОБИ МАХСУСИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДИЯ ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ....343
87. ҶОНМУРОДОВ Ш.М. ИНЪИКОСИ МАРОСИМИ ПАЗИРОИИ САФИРОН ВА БАЗМОРОӢ ДАР ДАРБОРИ ТЕМУР ДАР «РӮЗНОМАИ САФАР БА САМАРҚАНД БА ДАРБОРИ ТЕМУР ДАР СОЛҲОИ 1403-1406)»....347

ҶОЙГОҲИ СОСОНИЁН ДАР ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ УМУМИҶАҲОНӢ

(Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён, Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024)

МЕСТО САСАНИДОВ В МИРОВОЙ ИСТОРИИ И ЦИВИЛИЗАЦИИ

(Материалы международной научно-теоретической конференции по теме «Место Сасанидов в мировой истории и цивилизации», посвященное 1800-летию со дня основания государства Сасанидов, Душанбе: ТГПУ имени С. Айни, 26 апреля 2024 г.)

Ба мазмуни мавод, дурустиву дақиқии аснодӣ истифодашуда муаллифони мақолаҳо масъулият доранд.

Ба чопаш 24.04.2024 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 45. Адади нашр 50 нусха.
Супориши № 84.

Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 121.